

Садриддин

Айнӣ

С. Айни. с. 1949.

Нашриёти
„Ирфон"

Садриддин

АЙНӢ

куллиёт

Нашриёти «Ирфон»
Душанбе
1·9·7·6

Садриддин

АЙНӢ

ҷилди
12

Нашриёти «Ирфон»
Душанбе
1·9·7·6

Тоҷик 2
А 40

Государ [illegible] Р
160325

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*М. Осимӣ, М. Турсунзода, Х. Айнӣ,
Р. Ҳошим, Ҳ. Аҳрорӣ*

БА ЧОП ТАЙЁРКУНАНДАГОН:
К. Айнӣ ва Ҳ. Рауфов

МУҲАРРИР
Раҳим Ҳошим

7—3—2—2
5—76

© Нашриёти «Ирфон», 1976.

ДАР БОРАИ ЛУҒАТИ С. АЙНӢ ВА ЧИГУНАГИИ НАШРИ ОН

Устод Садриддин Айнӣ ба таълифи луғати тафсилии тоҷикӣ чандин сол вақт сарф карда, корро ба анҷом расонида буд. Ҳангоми тайёрӣ ба нашри куллиёти осори Садриддин Айнӣ дар архиви вай мусаввадаҳои он луғат пайдо шуд. Арзиши ин кори бузурги устодро ба назар гирифта, ҳайати таҳририя дохил намудани онро ба куллиёт лозим донист.

Дар натиҷаи ҷустуҷӯ ва кофтукови архивҳо дигар маълум гардид, ки нусхаи аслии дастнависи ин луғат, ки соли 1938 ба Нашриёти давлатии Тоҷикистон супурда шуда буд, аз байн рафта ва варақаҳои бо нусхаи аслӣ татбиқ ва тасҳеҳшудаи он низ, ки ҳамон вақт барои таҳрир ба профессор Е. Э. Бертельс фиристода шуда буд, аз архиви профессори марҳум гум шуда, фақат нусхаи дуйӯми варақаҳои ба алифбои лотинӣ-тоҷикӣ гузаронидашудаи он боқӣ мондааст, ки ба мавҷуд будани он варақаҳо диққати моро рафиқон А. Деҳотӣ ва Я. И. Қалонтаров ҷалб карданд.

Дар бораи принципҳои асосие, ки муаллиф ҳангоми тартиб додани луғат ба назар гирифтааст ва инчунин барои истифодаи киҳо таълиф шудани он дар муқаддимаи махсуси муаллиф қайд шудааст, ки нусхаи дар архив маҳфуз мондаи он дар ин ҷо дарҷ мешавад.

Профессор Е. Э. Бертельс, ки ин луғат соли 1938 барои таҳрир ба вай фиристода шудааст, пас аз мутолиаи дастнавис баъзе мулоҳизаҳои худро дар мактуби ҷудогона ба муаллиф баён кардааст. Ин мактуб аз ҷиҳати баҳо додан ба ин луғат аз тарафи як донишманди мӯътабари забон ва адабиёти тоҷик хеле муҳим мебошад ва бинобар ин ҷой дода шудани он мактуб дар ин нашр лозим дониста шуд.

Баъд аз итмом ва таҳрири охирини луғат онро чи хел номидани муаллиф маълум нест. Фақат дар яке аз варақаҳои мусаввада, ки дар архив боқӣ мондааст, ин асар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» номида шудааст.

Чун нусхаи комиле аз луғати С. Айнӣ дар даст набуд, ҳайати таҳририя роҳи ягонаеро писандид — роҳи такмили мусаввадаҳо ва варақаҳои тасҳеҳшудаи қисми луғат, ки дар сектори луғати Институти забон ва адабиёти Академияи фанҳои Тоҷикистон аз замони пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ боқӣ монда буд ва дар фаъолияти амалии онҳо ба кор бурда мешуд. Аммо такмили ин луғат ҳам фақат як роҳ дошт, роҳи истифодаи комили қайдҳои С. Айнӣ роҷеъ ба маънои калимаҳо, ки дар осори нависанда ҳарҷо-ҳарҷо мавҷуд аст ва дақиқан дида баромадан ва муқоисаи материалҳо бо фарҳангҳои кӯҳани форсӣ-тоҷикӣ. Ба ин ҷиҳат, кори ба чоп тайёр кардани луғати С. Айнӣ дар чанд марҳала анҷом дода шуд.

Дар марҳалаи аввал, соли 1957 материали мавҷудаи луғат, ки ба алифбои ҳозираи тоҷикӣ гузаронда шуда буд, дар асоси манбаъҳои мӯътабари лексикографӣ тафтиш карда шуд.

Баробари ин аз чандин асари С. Айнӣ ва чопҳои осори классикон, ки ӯ таҳия намудааст ва ё аз дасти ӯ гузаштааст («Рӯдакӣ», «Фирдавсӣ», «Ибни Сино», «Лайлӣ ва Маҷнуни» Низомӣ, «Бӯстон»-и Саъдӣ, «Ҳофиз», «Бедил», Куллиёти осори С. Айнӣ ҷилдҳои 1, 3, 4, 6, 7; «Ёдгорӣ», «Ҷанги одаму об»), луғат ва эзоҳоти муаллиф ҷамъоварӣ шуд. Ин қисмати кор, ки бо кӯшиши тартибдиҳандаи Куллиёт—Камол Айнӣ анҷом дода шуда буд, дар марҳалаи дуввуми кор аз тарафи Ҳ. Рауфов такмил гардид.

Дар марҳалаи дуввум — ҷамъоварии бақияи луғатҳо аз осори С. Айнӣ ва ба тартиб даровардани тамоми материалҳо аз назари қоида ва қонунҳои техникии луғатсозии имрӯза, тартиб додани мифтоҳи арабӣ ва навишти калимаҳои асосӣ ба алифбои арабӣ ба зиммаи Ҳафиз Рауфов гузошта шуд, ки вай аз соли 1966 то ин вақт ин қисмати корро анҷом дод.

Корҳое, ки барои такмили материалҳои луғат анҷом дода шуд, ба тарзи зерин аст:

Материали луғат мувофиқи талаботи лексикографияи имрӯза аз ҷиҳати фарқи маъноии худ ба моддаҳои алоҳидаи луғавӣ ҷудо карда шуда, омонимҳо—яъне маъноҳои мустақили калимаҳо дар тахти рақамҳои римӣ, ҳамчун моддаи луғавии ҷудогона дода шудаанд. Аммо тобишҳои маъноии ҳар як калима дар дохили моддаи луғавӣ аз ҳамдигар бо рақамҳои арабӣ ҷудо карда шудааст.

Дар луғат омонимҳо ҳамчун моддаҳои яговаи луғавӣ дучор мешуданд. Масалан:

Сабоҳат I гузаштан аз об бо буридани он. 2 хушрӯӣ, сафедрӯӣ.

Ин моддаи луғавӣ ба тарзи зер дода шуд:

Сабоҳат I سباحت гузаштан аз об бо буридани он [шиноварӣ].

Сабоҳат II صباحت хушрӯӣ, сафедрӯӣ.

Чунон ки маълум аст, устод Айнӣ дар асарҳои бадеии худ ба калимаҳои халқии корфармудааш дар поварақӣ ё дар матн тафсилоти хеле равшанӣ додааст. Тамоми ин қабил калимаҳо бо эзоҳоташон аз осори устод ҷамъ оварда шуда, дар сурати дар луғат набудан, бо ишораи махсус ба он илова карда шудаанд. Масалан:

Саноч * سناچ халтаи мешингест, ки дар замони қадим ба вай нақдина меандохтанд. *(Ҷ. 3.)*

Устод Айнӣ барои асарҳои таҳқиқотӣ ё асарҳои ба чоп тайёркардааш луғатномаҳое тартиб додааст. Ин қабил калимаҳо ва эзоҳоти онҳо низ, дар сурати дар луғат набуданашон, дар тахти ишорати махсус илова карда шудааст ва аз куҷо гирифта шудани онҳо зимнан бо ҳарфи аввали манбаъҳо ё ба тарзи ихтисор қайд ёфтаанд. (*Бӯс.* — «Бӯстон»-и Саъдӣ, *Л. М.* — «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ, *Б.* — Бедил, *Н.* — Алишер Навоӣ ва ҳоказо. *Масалан:*

Саид * سعید хушбахт.



لغت نیم تفصیلی تاجیکی

برای

زبان ادبی تاجیک

ترتیب وتفصیل دهنده

ص. عینی

نشریات دولتی رس تاجیکستان

Унвони луғат.

Саид оварад қавли Саъдӣ ба ҷой,
Ки тартиби мулк аст тадбиру рой. (*Бдл.*)

Сайфур * سیفور як навъ матои *абрешимини* нозук. **Сайфури сиёҳ** *кинояи аз шаб.*

Чун рӯзи сапед рӯй бинмуд,
Сайфури сиёҳ шуд [illegible]. (*Л. М.*)

Самар * **II** سمر 1. афсона. 2. [illegible] (*маънии дуйум* [illegible]).

Гурезад раият зи бедодгар,
Кунад номи зишташ ба гетӣ самар. (*Бдл.*)

Устод дар осори шоирони ҷудогона дар мавридҳои махсус маънои маҷозӣ ва истиорӣ пайдо намудани *баъзе* калимаҳоро қайд мекунад. *Дар ин хел* мавридҳо маҷозӣ будани он маъно қайд карда шуда, он байт низ оварда шудааст. *Масалан:*

Санг سنگ 1. моддаи кӯҳии маълум. 2. вазни маълум дар кӯҳистони Тоҷикистон. 3. санге, ки бо вай тегҳоро тез мекунанд. * 4. *мақом*, мартаба, қадру қимат.

Бас кун ҳавас, ки пеш бурдӣ,
Ҳ[illegible] шаву санги хеш бурдӣ

яъне, ҳам обрӯи мо ва ҳам қадру қимати худро рабудӣ (*Л. М.*).

Баъзе маъниҳои асосӣ ва илмгии калимаҳо, ки дар моддаҳои луғатии ҳамин калимаҳо дида намешуданд, дар вақти мураттибӣ илова карда шудаанд. *Масалан:*

Саво سوا 1. *баробарӣ*. 2. *баробар* [3. ҷуз, ғайр, магар, *муқ.* **сиво**]

Баъзе маъниҳои калимаҳо, ки дар моддаҳои *луғавии* онҳо дида намешуданд, аз асарҳои дигари устод ба моддаҳои мутааллиқи худ бо мисолҳои мутобиқашон илова карда шудаанд. **Масалан:**

Салим * سلیم 1. дуруст, беайб, * тандуруст, саломат.

Чу душман ба ҳам бин [illegible] бин,
Равад дар миён [illegible] салим. (*Бдл.*)

2. софқалб, дурустниҳод.

Сухане кунад тоза ҷони қадим,
Ба [illegible] салим. (*Бдл.*)*

Маънои баъзе луғатҳо ба воситаи мисолҳои асарҳои таҳрир ва ба ҷои шеърҳо иваз карда устод тақвият карда шудаанд. Дар ин мавридҳо низ мисолҳои иловашуда бо аломати махсус таъкид гардидаанд. *Масалан:*

Садр صدر 1. сина. 2. аввал ва сари ҳар чиз. 3. пешгоҳи хона ва *маҷлис*.

* ... Ба ҳамон хона даромад ва дар садри *бангала бар* замин нишаст. (*Бедил*)*. 4. *болонишин*, сардори ягон ҷамъ. 5. амалдоре, ки мансаби **садорат** дошта бошад.

* Ки дар ҷой [illegible] бошад ба қадр,
Ҷароҳат ба [illegible] ба қадр. (*Бдл.*)

Сайҳа صیحه бонг, фарёди даҳшатангез, фиғон.

* **Ки дар он сайҳаи** [illegible]
Ҳамин шуд [illegible] (*Бедил*)

Дар сурати қайд шудани шакли ҷамъи калимаҳои арабӣ шакли танҳои онҳо дар моддаҳои луғавӣ аҳьёнан зикр мешуданд. Барои тамоман риоя шудани ин принцип шакли танҳои калимаҳои ҷамъ дар қавси мураббаъ зикр карда шуд. Масалан:

Савобиқ سوابق [ҷамъи **собиқа**], гузаштаҳо.

Савотеъ سواطع [ҷамъи **сотеа**]; 1. баландиҳо [бардошташудаҳо 2. чизҳои мунаввар ва тобон].

Азбаски луғат аз рӯи принципи моддаи луғавии асосӣ тартиб ёфтааст, дар мавридҳое, ки муаллиф калимаҳои таркибӣ ва ибораҳоро меоварад, (масалан: **Сабзи гулбасар** — бодиринге, ки ҳанӯз гулашро напартофтааст) моддаи луғавии асосиро ҷудо намуда ва дар асоси маънидоди муаллиф маънои ҷудогонаи онро зикр кардан лозим омад. (Масалан: барои таъбири мазкур шарҳи калимаи асосии он — **сабз** илова карда шуд: * **сабз** سبز ба ранги алафи тар ва барги тари дарахтон, кабуд*). Ин қабил тавзеҳот ба аломати махсус ишора карда шуд.

Дар мавридҳои даркорӣ фарқи фонетикии калимаҳои ҷудогона илова карда шудаанд. Масалан:

Садма//садама صدمه 1. якбора ба ҳам сахт бархӯрдани ду чиз. 2. осеб, алам.

Сайлон//саялон سیلان ҷоришавии об ва чизҳои обакӣ.

Ин луғат бештар барои истифода аз адабиёти классикӣ тартиб дода шудааст, дар паҳлӯи калимаи асосӣ додани тарзи навишти он ба алифбои арабии тоҷикӣ низ лозим дониста шуд. Барои осон шудани истифода аз луғат дар охири ҷилд мифтоҳи арабӣ — феҳристи моддаҳои луғавӣ ба тартиби алифбои арабӣ дода шудааст.

Дар охир вазифаи худ медонем, ки ба муҳаррири ин ҷилд рафиқ Раҳим Ҳошим ва инчунин мутахассисони луғатшинос В. Маҳмудӣ, Н. Маъсумӣ, В. Капранов, М. Фозилов ва М. Шукуров, ки бо фикрҳои пурарзиши худ дар кори ба чоп тайёр намудани ин луғат кӯмак намуданд ва дар муҳокимаи он фаъолона ширкат варзиданд, ташаккур баён намоем.

Қ. Айнӣ
Ҳ. Рауфов

Душанбе, моҳи июни соли 1969.

УСТОДИ ДОНИШМАНДИ МУАЗЗАМ!

Дар ин рӯзҳо рафиқ Зингер дар шӯъбаи Ленинградии Нашриёти тоҷик шоҳкори нави Шуморо ба ман нишон додааст, яъне «Луғати забони адабии тоҷик»-ро. Баъзе қисматҳои онро хонда баромадам ва гуфта метавонам, ки ғайр аз Шумо, ҳеҷ каси дигар аз ӯҳдаи чунин коре наметавонист барояд. Ин китоб як ганҷинаест аз ҷавоҳири гаронбаҳои моломол, як асарест, ки ҳазорон мардум метавонанд солҳои дароз аз он истифода кунанд. Ман, ки чанд сол аст кор мекунам, то як луғатчаи тоҷикӣ ба русӣ тартиб кунам, хуб метавонам ташхис кунам, чӣ қадар маълумот ва чӣ ранҷ боист бурда шавад, то чунин асаре ба анҷом расад.

Бо он ҳама, баъд аз хонда баромадани он баъзе шубҳаҳо пайдо шуд, ки мехоҳам Шуморо аз он иттилоъ бидиҳам. Рафиқ Зингер гуфта буд, ки ман бояд ин китобро таҳрир (редакция) кунам. Ба назарам ин таҳрир аз тарафи ман ғайр аз рафъ кардани ғалатҳои чопӣ ҳеҷ чизе дигар нахоҳад буд, чунки маълумоти ман дар соҳаи забони тоҷикӣ назар ба маълумоти Шумо маълумоти як бачаи ҳафтсола барин мебошад назар ба маълумоти Ҳаким Абуалӣ Ибни Сино. Он чӣ Шумо навиштаед, ман бояд фақат тасдиқаш кунам, ки дар ин ҷо албатта ҳеҷ ҷои эътироз нест. Вале мехостам бигӯям, ки ин шубҳаҳо иборат аз чист: дар луғати Шумо бо он ҳама сарват, ки дорои он аст, калимаҳои советӣ ва интернационалӣ ҳеҷ ёфта намешавад. Агарчи ман шояд сабабашро мефаҳмам, вале метарсам, ки агар ин китоб дар ҳамон шакли ҳозирааш аз чоп мебарояд, баъзе танқидчиёни мӯшикоф як ҳойҳуе хоҳанд бароварда, ки он сараш нопайдо хоҳад буд. Хоҳанд гуфт, ки Шумо мухолифи дохил кардани чунин калимаҳо дар забони адабии тоҷик ҳастед ва дигар ҳамин хел муҳазрафот. Агарчи Шумо албатта метавонед ба чунин танқид чунин як ҷавоби қатъӣ бидиҳед, вале ба назарам аз ин қисм гуфтугӯҳо ҳеҷ касро хушаш намеояд. Аз ин сабаб ман фикр кардам, ки бояд роҳе пайдо карда шавад, то барои чунин эътирозот дигар роҳ дода нашавад.

Шояд мумкин мебуд як луғати иҷтимоӣ-сиёсӣ гирифта аз он китоб луғати Шумо такмил карда шавад? Мо метавонем барои як мутахассис супориш кунем, ки муҳимтарини терминҳои русӣ аз як луғатчаи сиёсии русӣ интихоб кунад бо шарҳи он терминҳо ба забони русӣ. Баъд аз он ин ҳама луғатҳоро бо шарҳи он як мутарҷими забардаст аз қабили Улуғзода ба забони тоҷикӣ тарҷима кунад. Ин калимаҳо барои Шумо фиристода хоҳад шуд ва агар Шумо ба дохил кардани он ба китоби Шумо ризоят диҳед, он вақт ба китоб илова карда шавад.



Мактуби Е. Э. Бертельс ба С. Айнӣ.

Тасаввур мекунем, ки дар ин сурат хеҷ касе ёрои он нахохад дошт, ки чизе бар хилофи ин китоб бигӯяд. Ин назари ман аст, ки хеле майл дорам акидаи Шумо(ро) дар бораи он бидонам. Бояд такрор кунам, ки хули ман албатта ба хеҷ ваҷх чунин ҷасорате надорам, ки барои Шумо, устоди донишманди мӯхтарам, як пешниходе ва ё чизе мисли он кунам. Ман фақат хохиш мекунам, ки ин асари пурбахо зудтар чоп шавад ва хеҷ касе натавонад монеи чопаш шавад.

Хеле маъзарат мехохам, ки бо ин когази дуру дарози ба чунин забони хароб навишта вақти гиромии Шуморо зоеъ мекунам, вале масъалаи чопи ин китоб ба назарам як масъалаи хеле мухим мебошад, чунки ин китоб албатта яке аз мухимтарин васоили пешрафти адабиёти тоҷик хохад шуд. Ман натавонистам худдорӣ кунам ва мехостам раъйи Шуморо дар ин бора бидонам.

Бо саломи самимона ва хохишхои офият ва саломатӣ дӯсти мухлиси Шумо

Е. Бертельс

23-IV-39.

Луғати
нимтафсилии
тоҷикӣ
барои
забони
адабии
тоҷик

ЯК-ДУ СУХАН АЗ ТАРАФИ ТАРТИБДИҲАНДА

Ман вақте ки ба тартиб додани «Луғати нимтафсилии забони адабии тоҷик» даромадам, аз ҳама пештар эҳтиёҷи оммаи босаводшудаи Тоҷикистон ва ҷавонони таҳсили ибтидоӣ, миёна ва олӣ дидаистодаи тоҷикро ба назар гирифтам. Имрӯз забони адабии тоҷик он забон нест, ки пеш аз Революцияи Кабири Октябрь котибони қозӣ ва ҳокимон бо ҷамъ кардани нусхаи панҷоҳ нишони гуногуншакли рангинмазмуни пайро дарбар мегирифтанд, имрӯз забони адабии тоҷик он забон нест, ки муллоҳои мадраса ба воситаи дар тоқчаи ҳуҷра гузоштани «Ғиёс-ул-луғот» ва «Мунтахаб-ул-луғот» «Забонилмидон» мешуданд ва инчунин имрӯз забони адабии тоҷик он забон нест, ки пеш аз Революцияи Социалистӣ шоиртарошон ё ин ки шоиршавандагон бо ёд кардани панҷ-шаш ғазал ва навиштани се-чор мувашшаҳ «устоди забон» мегардиданд.

Имрӯз забони адабии тоҷик ба дараҷае ки Тоҷикистони Советӣ дар бобати хоҷагӣ, экономика, маданият ва умуман дар бобати сохтмони социалистӣ пеш рафтааст — васеъ шудааст ва васеъ шуданаш лозим аст. Имрӯз бояд олимони советии тоҷик бо тарҷима кардан аз забони интернационали советӣ — забони русӣ ва бо навиштани асарҳои оригиналӣ китобҳои гуногуни илмӣ дар бораи ҳар фан ба вуҷуд оранд. Имрӯз бояд шоирон ва нависандагони советии тоҷик дар асарҳои адабии худ ҳаёти оммаи хуррамӯ шодмонро ифода кунанд, тараққиёти ҳайратбахши имрӯзаро тасвир намоянд ва картинаҳои аз ин пеш ба хаёл нагузаштаи ҳақиқиро ба пеши чашми аҳли дунё ҷилва кунонанд. Имрӯз бояд донишмандони политикии тоҷик классикҳои марксизм—асарҳои Маркс, Энгельс, Ленинро ба забони тоҷикӣ тарҷима карда ба ҷавонон расонанд ва ба ин восита онҳоро бо рӯҳи коммунистӣ тарбия карда ба роҳи коммунизм пеш ронанд.

Имрӯз барои васеъ кардани забони илмӣ ва адабии тоҷик ва барои фаҳмида хондани оммаи босаводшудаи тоҷик ва ҷавонони таҳсилдида ва таҳсилдидаистодаи ӯ ба китобҳои луғати гуногун муҳтоҷем; мо бояд дар ҳар фан луғатҳои алоҳидаи илмӣ ва барои таъмин кардани талаби ҷавонони бодониш шудаистодаи тоҷик ҷомусҳо дошта бошем; инчунин мо китоби луғате дошта бошем, ки хазинаи забони халқро дарбар гирифта бошад ва забони зиндаи халқро ба пеши коркунони илмӣ ва адабӣ мисли материал тайёр карда монад...

Аммо мо бо ин ҳама эҳтиёҷҳои гуногун — дар дасти худ як китоби луғати тоҷикӣ ҳам надорем, аз китобҳои луғати кӯҳна «Ғиёс-ул-луғот» ва «Бурҳони қотеъ» барин як чанд луғат бо нусхаҳои бисёр кам дар байни мардум ё дар китобхонаҳо бошанд ҳам аз он-



Сарсухани С. Айнӣ ба луғати нимтафсилии тоҷикӣ. Сах. 1.







хо фоида бурдани ҷавонон мумкин нест, зеро, якӯм ин ки онҳо бо алифбои араб ва бо тартиби алифбои араб навишта шудаанд. Дуввӯм, аз нима зиёди мундариҷаи онҳо он луғатҳоеанд ки тамоман мурда ва аз истеъмол баромада рафтаанд ва инчунин қисме аз онҳо маъниҳои аввалӣ ва дар он луғатҳо баёншудаи худро гум карда, дар адабиёти имрӯзаи точик ва забони зиндаи тоҷик маъниҳои дигар пайдо кардаанд.

Саввӯм, тартиби баёни онҳо чунон бетартиб ва вайрон аст, ки барои касе ки алифбои арабро медонад, дар ёфта дидани як луғат аз онҳо бояд як соат, хатто зиёдтар вақт сарф кунад.

Ман вақте ки тартиб додани «Луғати нимтафсилии забони адабии тоҷик»-ро ният кардам, адо кардани як қисми хурди он эҳтиёҷҳоеро, ки дар боло ном бурда шуд, ба худ мақсад карда гирифтам. Ман хостам ба оммаи меҳнаткашони босаводшудаи тоҷик ва ҷавонони советии таҳсили ибтидоӣ, миёна ва олидидаи ӯ китобе диҳам, ки барои мутолиаи онҳо адабиёти нафисаи тоҷикро ва ҳам барои истифода кардани онҳо аз адабиёти классикии тоҷик, кам ҳам бошад, ба онҳо ёрмандӣ расонад ва инчунин барои ҷавонони ҳаваскори нависандагӣ хидмати материали забониро адо кунад. Бинобар ин мақсад ман ба ин китоб як қисми луғатҳоеро ҷамъ кардам, ки онҳо барои фоида бурдан аз адабиёти классикӣ ёрӣ медиҳанд ва қисмеро даровардам, ки онҳо барои фаҳмида хондани адабиёти нафисаи имрӯза заруранд ва инчунин як қисм луғатҳоеро ғун кардам, ки онҳо дар хазинаи забони зиндаи имрӯзаи тоҷик буда то ба ҳол ба ҷое ғун нагардида ва дар навиштаҷоте кор фармуда нашудаанд, ё ин ки бисьёр кам кор фармуда шудаанд. Ин қисм бештарин барои он касоне лозим аст, ки ҳаваси нависандагӣ доранд, аммо забони зиндаро камтар медонанд.

Агар мо мундариҷоти ин китобро, ки бештар аз ёздаҳ ҳазор луғат мебошад[1], ба қисмҳои дар боло нишон додашуда тақсим намуда, нишон диҳем, тақрибан ба ҳамин натиҷа меоем: 50% ин луғатҳо аз забони зиндаи халқи тоҷик гирифта шудаанд; 50% дигарашон аз китобҳои луғат ва адабиёт гирифта шудаанд; нимаи ин 50% он луғатҳоеанд, ки барои фоида бурдан аз классикҳои тоҷик даркор мешаванд ва нимаи дигар он луғатҳоеанд, ки феълан ба адабиёти нафисаи имрӯзаи тоҷик кор фармуда шудаанд, аммо маъноҳои онҳо ба омма ва ҷавонон равшан нестанд.

Манбаъҳои ин китоб дар 50 проценти охирӣ аз китобҳои луғати кӯҳна: «Ғиёс-ул-луғот», «Бурҳони қотеъ» ва китобҳои классикии форсу тоҷик буда, дар 50 проценти якӯм забони зиндаи халқ аст, ки дар ин умри он қадар кӯтоҳнабудаи худам дар дафтари хотири худам ғун шудаанд.

Албатта ин китоб ба сабаби таҷрибаи аввалин буданаш хатоҳо ва норасоиҳои ҷиддиро доро хоҳад буд. Лекин умедворам, ки дар чопҳои оянда бо ёрмандии оммаи васеи хонандагон, хусусан бо ёрии ҷавононе, ки ҳаваскори забон ва адабиёт мебошанд, хоҳ аз тарафи ман бошад, хоҳ аз тарафи дигарон пурра ва мукаммал хоҳад шуд.

---

[1] Муаллиф дар китоби «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» дар ин бора чунин қайд намудааст: «Аз соли 1936 то соли 1938 як луғати забони адабии тоҷикиро тайёр кардам, ки 15000 луғат дорад» (*Ниг.* Куллиёт, ҷилди 1, саҳ. 99).

АЛОМАТ ВА ИХТИСОРОТИ ШАРТӢ

Аломати * (ситорача) монда шудааст:

а) баъд аз моддаҳои луғавие, ки аз истеъмол дигар монда шудаанд.

б) пеш аз тафсир ва мисолҳое, ки ба моддаҳои луғавии пештара илова шудаанд.

в) аз ду тарафи материали иловашуда, ки дар байни матни моддаи луғавӣ омадааст. Агар пас аз материали иловагӣ боз сарсатр қайд шудааст.

Дар қавсайн ( ) — тафсирҳои иловагии муаллиф.

Дар қавси мураббаъ [ ] — иловаҳои зарурӣ, ки ба матни луғат аз тарафи ба чоп тайёркунандагон илова карда шудааст.

Б. (Бедил). — С. Айнӣ, *Мирзо Абдулқодири Бедил*, 1954.

Бӯс. (Бӯстон, Саъдӣ). — Шайх Саъдӣ, *Мухтасари «Бӯстон»*, тартиб ва хошиядиҳандаи С. Айнӣ, 1945.

Ёд. ... — «Ёддоштҳо», қисми I-II, 1954, қисми III-IV, 1955.

И. М. — Ибодин Муҳаммадъ, чилди 10.

И. С. (Ибни Сино) — Шайхурраис Абӯалӣ Сино, чопи дуюм, бо ислоҳ ва иловаҳо, Ленинград, 1941.

Л. М. (Лайлӣ ва Маҷнун). — Низомии Ганҷавӣ, Достони «Лайлӣ ва Маҷнун». Ба чоп тайёркунанда А. Деҳотӣ. Зери таҳрири С. Айнӣ, 1947.

Мис. — мисолан.

Муқ. — муқоиса кунед ба...

Н. (Навоӣ). — С. Айнӣ, Алишер Навоӣ, 1948.

Нигоҳ кун. ба... — нигоҳ кунед ба...

Р. (Рӯдакӣ) — Устод Рӯдакӣ, тартибдиҳандагон С. Айнӣ ва А. Деҳотӣ, 1940.

Ф. (Фирдавсӣ). — Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ, Ленинград, 1940.

Ҳ. (Ҳофиз) — Ҳофизи Шерозӣ, Мунтахабот, тартибдиҳанда А. Болдырев, таҳрири С. Айнӣ, 1951.

Ҷ. О. О. — С. Айнӣ, Ҷанги одаму об, 1940.

Ҷ. — — Куллиёти С. Айнӣ, ҷилдҳои I-II ва тайёр-

А

АБ اب падар. **Абу ум*** — падару модар *(Б.)*.

АБАД* ابد ҳамеша, ҷовид.

АБАДУЛАБАД* ابدالابد абадулобод, ҳамеша. *(Л. М.)*

АБАР ابر бар *(дар форсии қадим)*.

АБГОР ابگار *нигоҳ кун.* **ба афгор.**

АБД* عبد банда, ғулом *(Бӯс.)*.

АБДОЛ* ابدال гурӯҳе аз рӯҳониёни мавҳумии афсонавӣ. *(Бӯс.)*

АБДОН ابدان *ҷамъи* **бадан**; баданҳо.

АБЗОЛ ابزال *нигоҳ кун.* **ба афзор.**

АБИР* عبير хушбӯӣ; навъе аз хушбӯиҳо.

Гарди садафаш чу дур зудуданд,
Бозаш чу садаф абир суданд.

Яъне ҷасади ҷонаш баромадаи Маҷнунро, ки мисли садафи сафед холӣ шуда ва дар зери гарду ғубор монда буд, пок гардонда ба ӯ хушбӯӣ заданд. *(Л. М.)*

АБКАМ ابکم гунг.

АБКОР I ابکار *ҷамъи* **бикр**; духтарони шавҳарнадида.

АБКОР II ابکار *ҷамъи* **букр**; бомдодҳо.

АБЛАҲ ابله беақл, аҳмақ; нодон.

АБНИЯ ابنيه *ҷамъи* **бино**; биноҳо.

АБНО ابنا *ҷамъи* **ибн.** 1. писарон. [2. *маҷозан* мардум, халқ.]* **Абнои дувал** — хукмдорон, ҳокимон, подшоҳон. *(Б.)*. **Абнои гетӣ** а) фарзандони ҷаҳон. б) *ба маънои* арбоби замона (Ёд. 3—4). **Абнои замон** — одамони ҳамаср, ҳамзамон. *Ҳозиқ* гуфта:

Дилам аз бетамизиҳои абнои замон хун шуд,
Набудӣ кош лавҳи хотирамро нақши идроке.

АБО I ابا бо *(дар форсии қадим)*.

АБО* II ابا ош, шӯрбо, таом.

Чун ман ба куличаи гиёе
Қонеъ шудаам зи ҳар абое.
(Л. М.)

АБР ابر 1. бухори ҳавоест, ки аз он барф ва борон меборад. 2. алочае, ки нақшҳояш рост набуда, монанди абрҳои баҳорӣ парча-парча аст.

АБРА ابره тарафи рӯи либосҳои дуқабат дӯхташуда, тарафи рӯи ҳар чизе ки дуқабата дӯхта шуда бошад (кӯрпа, кӯрпача ва монанди инҳо).

АБРАПӮСТИН ابره پوستين пӯстини аз мӯйинаи аъло дӯхташуда, ки бар рӯи вай абраи аъло кашида шуда бошад (ин *ба* **аждар**. 2. одами бисёр коркун, 3. одами бисёр гапзан ва гапзан, 4. одами бисёр ришвахўр ва ҳаққи мардумро хўранда *(се маънии охирӣ маҷоз аст).*

АЗ* از пешоянди маъруф. **Аз дари он ки** — *барои он ки. (Л. М).* **Аз по даромадан** — *мағлуб шудан,* **Аз ҷо даромадан** — *ба ҳаяҷон омадан. (Б.)* **Аз даст рафтан** — нобуд шудан.

АЗАБ عزب муҷаррад, безан. *(Бис.)*

АЗБАР ازبر 1. ёдакӣ, аз ёд, 2. ёд. **Аз бар кардан** — ёд кардан, ҳифз кардан *(шеърро, дарсро).*

АЗЕРО ازیرا зеро *(дар форсии қадим)*; аз ин роҳ, аз ин сабаб. Дар ин маънӣ *Ҳайрат* гуфта:

Гузорам ба зорӣ пеши марг азеро,
Гузорӣ қадам бар мазорам ту зорӣ.

Аз ин роҳ ки... аз он сабаб ки...

АЗИЗ عزیز изатманд, қадрнок.

АЗИЯТ اذیت озор, ранҷ.

АЗЛ* عزل аз кор гирифта партофта шудан. (Ҷ. 10).

АЗЛОЪ اضلاع ҷамъи **зилъ**; паҳлуҳо, гўшаҳо.

АЗМ* عزم ирода, қасд, ният. (Ҷ. О. О.)

АЗМОН ازمان [ҷамъи **замон**]; вақтҳо, замонҳо.

АЗНОБ اذناب ҷамъи **занаб**; думҳо.

АЗРАҚЛИБОС* ازرق لباس маллапўш; *киноя аз зоҳид. (Х.)*

АЗЪАФ اضعف заифтар, сусттар.

АЗЪОФ اضعاف дучандҳо.

АЗЬЁЛ اذیال ҷамъи **зайл**; доманҳо.

АЗҒИЧ ازغج гиёҳест печанда, ки ба ҳар гиёҳ ва дарахт печида онро хушконад.

АЗҒИЧПЕЧОН ازغج پیچان 1. *нигоҳ кун. ба* **азғич**; 2. одами вофорами аз кас ҷудонашаванда *(маҷоз).*

АЗҲАР اظهر 1. равшантар. 2. намоёнтар.

АЗҲОН اذهان [ҷамъи **зеҳн**]; зеҳнҳо.

АЗҲОР ازهار [ҷамъи **заҳрат**]; шукуфаҳои дарахтони мевадор.

АЙБА* عیبه ҷомадони *(ҷамадони)* чармин.

Аз айба кушода кисвате нав,
Пўшид дар ў он шаҳ ту мав.
(Л. М.)

АЙВОН ایوان нишастгоҳест, ки сақфнок ва се тарафаш девор дорад, аммо як тарафаш кушода аст.

АЙДУН ایدون акнун, ин замон. *(дар форсии қадим).*

АЙЁМ ایام ҷамъи **яум**; 1. рўзҳо 2. *умуман ба маънои вақт, хоҳ шаб бошад, хоҳ рўз.* Дар ин маънӣ *Салим* ном шоир гуфта:

Чун шоҳ, Салим, ояд айёми надаҳнузул.
Файзи надиҳад дар рўзи сияҳ чу гули шаббў.

Айёми таътил* — тобистон. (Ҷ. 6)

АЙМАН ایمن 1. муборактар; 2. дасти рост.

АЙН* عین чашм. *Шоир дар ин ҷо калимаи «айн»-ро ҳам ба маънои «худ» ва ҳам ба маънии «чашм» кор фармудааст:* Чашми масташ айни ноз, абрўи мушкин айни мадд. *(Бедил)*

АЙСАР ایسر 1. осонтар. 2. ҷониби чап.

АКБАР اکبر калонтар. (ҷ. 6)

АКВОН I اکوان [ҷамъи **кавн**]; мавҷудот ва махлуқот;

АҚВОН II اکوان номи девест, ки Рустам бо ӯ мубораза карда буд *(афсонагӣ).*

АКЗАБ* اکذب дурӯғтарин.

Дар шеър мапечу дар фани ӯ
Чун акзаби ӯст аҳсани ӯ.

Маънии байт: чунки дурӯғтарини (акзаби) шеър хубтарини (аҳсани) он мебсшад. Ба хотир биёрем, ки дар замони Низомӣ шеър ҳар қадар муболиғаноктар бошад, ҳамон қадар хубтар ҳисоб меёфт. *(Л. М.)*

АККОЛ اکال чӯбест ба̄ дарозии чор ангушти даври нӯгаш тез тарошидашуда, ки вайро бо чӯби дигар зада парронда, бачагон бозӣ кунанд.

АККОЛБОЗӢ اکال بازی бозии махсуси бачагонааст, ки акколро бо акколдаста зада парронанд.

АККОЛДАСТА اکال دسته як чӯби тахминан якоршинист, ки акколро бо вай зада парронанд.

АКМАЛ اکمل комилтар.

АКОЗИБ اکاذیب [*ҷамъи* **укзуба** اکذوبه]; суханҳои дурӯғ.

АКФО اکفا [*ҷамъи* **куфв**]; ҳамсарон, ҳамҷинсон.

АКҲАЛ اکحل 1. сурмачашм; 2. одами сурмакашида [**акҳалу** اکحلو сиёҳчашм].

АЛАДДАВОМ* علی الدوام доим ва ҳамеша. *(Ҳ.)*

АЛАМ علم 1. байрақ. 2. нишона ва аломат.

АЛАН علن ошкоро, ошкор шудан.

АЛАНГА النگه шӯълаи оташ.

АЛАСТ* الست *нигоҳ кун.* *ба* **рӯзи аласт.** *(Ҳ.)*

АЛАФ* علف хӯрокворӣ, озуқа. *(Л. М.)*

АЛАҒДА الغده намуди бетартиб ва баҳамомехтаи чизе.

АЛАҚАРАҚ* الهقرق кӯраки хом аст, ки дар ҳолати табиӣ нашукуфта, пас аз пояашро хунук задан бо таъсири офтоб шукуфтааст. *(Ҷ. З.)*

АЛБУРЗ* البرز номи кӯҳе дар Қавказ

Бар ҳар ки задӣ кадинаи гурз
Бишкастӣ агарчи буд Албурз *(Л. М.)*

АЛВАНД* الوند кӯҳест баланд дар вилояти Ҳамадони Эрон.

Қизил Арслон қалъае сахт дошт,
ки гардан ба Алванд бармефарошт.
(Бӯс.)

АЛВОН الوان *ҷамъи* **лавн**; 1. рангҳо. 2. газвори яккаранги сурх. 3. ангури ранга *(дар ду маънии охирӣ маҷоз аст).*

АЛВОНҶ الوانج 1. ҷои хоби овезаасг, ки дар он бачагонро хобонда меҷунбонанд, 2. ресмони дуқат карда аз ҷое овехта, ки дар вай нишаста, ё истода бачагон ба ҳар сӯ ҷунбиш хӯранд. **Алвонҷ хӯрдан** — ҷунбиши дутарафаи як чиз аст, ки бо таъсири чизи дигар пайдо мешавад (масалан, ҷунбиши киштӣ дар об бо таъсири мавҷ, ҷунбиши пояи овеза бо таъсири бод).

АЛВОР* الوار лурҳо; номи тоифае (Ҷ. 10).

АЛВОҲ الواح [*ҷамъи* **лавҳ**]; лавҳҳо [лавҳаҳо, ки дар рӯи онҳо чизе навишта ё кашида мешавад].

АЛИМ* (бо алиф — ҳамза) الیم аламовар, аламангез. *(Бӯс.)*

АЛМОС الماس санги қиматбаҳои шишаранги бағоят сахт аст, ки бо вай шишаҳоро буридан мумкин аст.

АЛО ألا бидон; огоҳ бош!

АЛОЛО علالا ғалоғула.

АЛОНИЯ علانیه ошкорӣ.

АЛОЧА* الاچه чизи (матои) сурху сафед ва сабз. (Ч. 10)

АЛТАФ الطف нозуктар, латифтар.

АЛТОФ الطاف [ҷамъи **лутф**]: лутфҳо.

АЛФ الف ҳазор.

АЛҲАҚ* الحق рост (*Н. С.*)

АМАЛ* امل орзу, умед. **Риштаи амал** — орзуҳо. (Б.)

АМДАН* عمداً қасдан (*Х.*)

АМЗИҶА* امزجه [ҷамъи мизоҷ]: мизоҷҳо (мизоҷ дар луғат «омезиш» буда дар тиб кайфиятест, ки аз омехтани чизҳо дар табиати одам пайдо мешавад). (*Б.*)

АМИН امین 1. амониятнигоҳдор. 2. одами рост, ки дар ҳеҷ чиз хиёнат накунад. 3. як мансаби замони амирӣ аст, ки ба ин мансаб аз миёнаи деҳқонони бой таъин мекарданд ва ӯ ҳамон хиёнатро дар ҳаққи деҳқонон мекард.

АМЛОК املاک [ҷамъи **мулк**]: мулкҳо.

АМЛОКДОР املاکدار 1. ҷамъкунандаи андози заминҳо дар замони амир; *Маъмуре ки ба заминҳои амлок андоз таъин мекард* (Ч. 3); 2. мулкдори калон.

АММ عم бародари падар.

АМН امن беҳаросӣ, бехавфӣ; осудагӣ.

АМОМ امام пеш, рӯбарӯ.

АМОМА* عمامه салла. (*Л. М.*)

АМОНАТ امانت чизе ба дасти касе супурдашуда ба ваъдаи боз гашта гирифтан, ки он кас аз он чиз фоида намебарад.

АМОНАТКАССА امانت کسه сандуқи амонат нигоҳдории ҳукуматист, ки мардум пул ва чизҳои пурқимматашро дар он ҷо ба амонат мегузоранд ва дар вақти даркорӣ боз пас мегиранд.

АМОНАТНИГОҲДОР امانت نگهدار касест, ки чизҳои амонатиро нигоҳ медорад.

АМОНӢ امانی 1. бехавфӣ; 2. орзуҳо.

АМОРАТ امارت 1. ҳукмронӣ ва тарзи амирӣ. 2. аломат ва нишона. 3. ҷое, ки як амир дар он ҷо ҳукмронӣ кунад.

АМОСИЛ اماثل [ҷамъи **амсал**]: нигоҳ кун, ба **амсал**.

АМОҶ اماج асбоби замин шудгоркунии чӯбини деҳқонон.

АМР* امر 1. ҳукм, фармон. 2. кор. **Амри маъруф** — а) панду насиҳати динӣ ва ахлоқӣ. (*Бус.*) б) амр кардан ба корҳои нек (Ч. 6).

АМРУД امرود мурӯд.

АМСАЛ* امثل бемислтарин, беҳтарин.

АМТИА امتعه [ҷамъи **матоъ**]; матоъҳо, чизҳо.

АМЪО امعا рӯдаҳои шикам.

АМҶАД امجد бузург.

АНБАР* عنبر як навъ моддаи муаттар, ки дар хушбӯйҳо кор фармуда мешавад. **Анбари бобон**—анбари бо бон омехта. «**Бон**» номи дарахте ва меваи он аст, ки бағоят хушбӯ мешавад.

АНБАРИН* عنبرين гарданбанди занон, ки дар забони ҳозираи тоҷикони Бухоро «анбарича» номида мешавад.

Иқди занах—аз хаи ҷабинаш
В-аз ҳалқаи зулф — анбаринаш.
(*Л. М.*)

АНБОЗ أنباز шарик.

*Магӯ душмани тезаи бор дар аст,
Ки анбози душман ба шаҳр андарест.
(*Бдс.*).

АНБОН أنبان халтаи чармини фақирон, халтаи чармини машкмонанд, ки дар кӯҳистони Тоҷикистон кулвор мегӯянд («саг донаду кӯҳнадӯз дар анбон чист?»

АНБОР أنبار хонаест, ки дар он ғалла, матоъ ва дигар чизҳоро ҷамъ кунанд.

АНБОРБОН أنباربان касе, ки дар анбор посбонӣ мекунад.

АНБОРДОР أنباردار касе, ки чизҳои хӯрокӣ ва рӯзгориро харида ба нияти бо нархи баланд фурӯхтан дар анбор захира мекунад.

АНБОШТАН* أنباشتن пур кардан.

Нақде ки ақл дошт
ба ғоратгари шак рафт
Ганҷе ки зар анбошт
ба ташвиши маҳак рафт.
(*Бедил*)

АНБӮР أنبر оҳангирак.

АНБӮРӢ أنبوری роҳи обгузари зери деворӣ («анбӯрӣ аз боғ калон шуд» *аз ҳамин калима гирифта шудааст*).

АНБӮҲ أنبوه бисьёр (*хоҳ мардум бошад, хоҳ дигар чиз*).

АНВОР أنوار 1. шукуфаҳо, 2. ҷамъи нур; равшаниҳо.

АНГАБИН* انگبین асал. (*Бдс.*)

АНГАЛ انگل 1. каси дилгиркунанда, монеи хушҳолӣ. 2. *нигоҳ кун.* ба ангала.

АНГАЛА* انگله тугмаи гиребон, тугма.

АНГЕЗ انگیز шӯрон, бархезон! (*ба ин маънӣ амр аст*); 2. шӯронанда, бархезонанда (*ба ин маънӣ бо исм меояд, чунончи:* фитнаангез, шӯрангез), 3. қасд (*дар забони ҳозира*).

АНГЕЗА انگیزه сабаб ва боиси коре.

АНГЕХТАН انگیختن 1. шӯронидан, хезонидан; 2. оташи карда ба ҷанг андохтан.

АНГИШТ انگشت сӯхтаи сиёҳшудаи чӯб, зуғол.

*Бари подшаҳ пейкарам зишт кард
Фурӯзанда ахгар чу ангишт кард (Ф.)

АНГИШТСАНГ انگشت سنگ ангишти сангест, ки аз замин мебарояд.

АНГОР I أنگار бифаҳм, ба фикри худ дарор, фарз кун, гумон кун! (*сиғаи амр*).

АНГОР II أنگار ҷои киштукор, ки баъди ғундошта гирифтани ҳосилот дар он ҷо ҳайвонотро мечаронанд.

АНГОРА أنگاره нақши нотамом.

АНГОРИДАН* أنگاریدن *нигоҳ кун.* ба ангоштан.

АНГОШТАН أنگاشتن фаҳмидан, ба фикри худ ҷой додан [тасаввур кардан, пиндоштан, гумон кардан].

АНГУБИН انگبین асал, шаҳд. *Нигоҳ кун.* ба ангабин.

АНГУЛА انگوله сӯрохчаи курта ва камзӯл аст, ки дар он тугмаро гузаронида банд мекунанд (*муқ.* ангала).

АНГУР أنگور меваи маълум.

АНГУШТ انگشت лелаи даст ва

по. **Ангушт ба дандон газидан** — а) таъаҷҷуб кардан; б) ҳасрат, афсӯс, пушаймонӣ. **Ангушт бар чашм ниҳодан** — қабул кардани коре. ***Ангушт кашидан** — маҳв кардан.

Лабҳош, ки ханда бар шакар зад,
Ангушт кашида бар табарзад (Л. М.)

лабаш наботро ба ҳеҷ мебаровард.

АНГУШТАРИН انگشترین *нигоҳ кун.* ба **ангуштарӣ**.

АНГУШТАРӢ انگشتری ҳалқаи филизист, ки барои зинат ба ангушти даст мегузоранд.

АНГУШВОНА انگشوانه *нигоҳ кун.* ба **ангуштпона**.

АНГУШТКАШ* انگشت کش ангуштнамо, машҳур.

Лайлӣ, ки ба хубӣ шӯҳра буд,
Ангушткаши вилояте буд. (Л. М.)

АШГУШТНАМО انگشتنما чиз ва ё каси бисёр машҳур, ки ҳар кас ӯро бо ангушташ нишон медиҳад.

АНГУШТПОНА انگشتپانه хуккаи мисӣ ё биринҷист, ки дар вақти дарздӯзӣ ба сари ангушт мегузоранд, то ки сӯзан ба ангушт нахалад.

АНД اند ба маънои «чанд» аст, ки бар адади номаълуми кам [аз се то нӯҳ] кор фармуда мешавад.

АНДАК اندك хурд кардашудаи «анд» аст, ки ба адад ва миқдори бисёр ками ҳар чиз кор фармуда мешавад.

АНДАКТАР* اندكتر 1. камтаракак (*Р.*) [2. баъд аз андаке...].

АНДАЛЕБ* عندليب булбул. (*Е.*)

АНДАР اندر дар (*мисолан*, ба ҷои **дар хона** — «андар хона» гӯянд). ***Андар шудан** ба даруни даромадан. (*Н. М.*)

АНДАРЗ* اندرز панд, насиҳат.

Сахиро ба андарз гӯянд: бас.
Ки фардо ду дастат шавад пешу пас?
(Бӯс.)

АНДАРМОН اندرمان ба ҷое бандшуда. **Андармон шудан** а) ба ҷое банд шуда мондан; б) ба дом афтодан.

АНДАРМОНӢ اندرمانی машғулӣ ба коре.

АНДАРУН اندرون ҳавлии дарун, ҳарамсарой.

АНДАРХУР اندرخور лоиқ, сазовор.

АНДАРХУРД اندرخورد *нигоҳ кун.* ба **андархур**.

АНДЕША اندیشه фикр, хаёл; фикру хаёле, ки аз ваҳму тарс пеш ояд.

АНДОВА انداوه олатест оҳанин, ё фӯлодин, ки бо вай лой ва гаҷи бому деворро ҳамвор кунанд. **Андова кардан** а) *нигоҳ кун.* ба **андовидан**; б) кори нописандидаи касеро пӯшонда гузаштан; в) касеро бардурӯғ хушомад гуфтан (*ба ин ду маънӣ маҷоз аст*).

АНДОВИДАН انداویدن лой гаҷро ба бому девор бо андова ҳамвор кардан.

АНДОЗ انداز 1. миқдор. 2. миқдори муайяни мол ва пул, ки аз тарафи ҳукумат ба мардум андохта мешавад, масалан, молиёти замин (*маҷоз*). 3. ҳаракати писандида («**Андози хиромаш дили ушшоқ аз ҷо бурд**»).

АНДОЗА اندازه 1. миқдор. 2. намунаи ҳар чиз, ки аз рӯи вай он чизро тайёр кунанд, чунончи кафшдӯзон ва мӯзадӯзон андоза доранд (*«ҳандаса»-и арабӣ аз ҳамин калимаи «андоза» гирифта шудааст*).

АНДОИДАН اندائیدن *нигоҳ кун.* ба **андовидан**.

АНДОМ اندام 1. бадан ва узви одамӣ. 2. шакли зебо (**баандом**— зебошакл).

АНДОХТАН انداختن 1. паррондан (**тир андохтан**). 2. рехтан (**ба даст об андохтан**). 3. чизеро ба чизе даровардан (**ба ҷувол орд андохтан**). 4. партофтан (**корро пас андохтан**).

АНДУД اندود чизе молидашуда (*ин калима танҳо намеояд, балки бо исм меояд, чунончи: «зарандуд» мегӯянд*, зар молидашуда гуфтан аст).

АНДУДА* اندوده рӯйкаш кардашуда, аз рӯи чизе молидашуда, андова кардашуда, андовидашуда. (*Бӯс.*)

АНДУДАН اندودن чизеро ба чизе молидан, масалан, ғаҷро ба девор, ё зари гудохтаро ба мис.

> *Дар ишқ шикеб кай кунад суд?
> Хуршед ба гил нашояд андуд.

рӯи хуршедро лой молида пинҳон кардан мумкин нест. (*Л. М.*)

АНДӮЗ اندوز 1. фароҳам ор, ҷамъ кун (*сиғаи амр*). 2. фароҳамоваранда, ҷамъкунанда (*ба ин маънӣ бо исм ҳамроҳ меояд, чунончи: «фазилатандӯз», ки «фароҳамоварандаи фазилат» гуфтан аст*).

АНДӮХТАН اندوختن фароҳам овардан, ҷамъ кардан.

АНДӮҲ اندوه ғам, дилгирӣ.

АНЗОР انظار [*ҷамъи* **назар**]; назарҳо.

АНЗУРАТ//АНЗАРУТ انزروت шилимест талх, ки дар марҳамҳо ҳамроҳ кунанд аз онро «анзурати гӯштхӯру гӯштбарор» ҳам гӯянд.

АНИН انين нолиш.

АНИС انيس ҳамдам.

АНМУЗАҶ//УНМУЗАҶ انموذج намунаи чизе (*ин калимаро арабҳо аз «намуна»-и форсӣ сохтаанд*).

АНО* عنا ранҷ, машаққат. (*Р.*)

АНОР انار меваест маълум.

АНПОШТАН انباشتن пур кардан [*муқ.* **анбоштан**].

АНСОР انصار [*ҷамъи* **носир**]; ёридиҳандагони касе дар коре.

АНУД* عنود инодкор. (ҷ. 1).

АНФАҲА انفحه панирмоя.

АНФИЯ انفيه давои хонагист, ки барои атсадиҳӣ ба бинӣ мекашанд.

АНФОС* انفاس [*ҷамъи* **нафас**]; нафасҳо. (*Б.*)

АНФУС* انفس [*ҷамъи* **нафс**]; дар ин ҷо олами арвоҳ, олами хаёлӣ, олами диданашаванда.

> Лек татбиқи анфуси офоқ
> Менамояд дар ин муқаддима шоқ.
> (*Бедил*)

АНЪАНА عنعنه урфу одатҳо, сифатҳои кӯҳна, ки дар як қабила, ё дар як миллат монанди мерос аз падар ба фарзанд гузашта омадааст.

АНЪОМ انعام [*ҷамъи* **наам**]; чорпоён.

АНЬЁБ انياب [*ҷамъи* **ноб**]; дандонҳои ашкии ҳайвоноти дарранда.

АНҚО* عنقا мурғи афсонавист, ки гӯё дар пушти кӯҳи Қоф зиндагӣ мекардааст. (*Х.*)

АНҲО انحا [*ҷамъи* **наҳв**]; 1. тарафҳо; канорҳо. 2. ҷойҳо. 3. таврҳо, хелҳо. 4. грамматикаҳо.

АНҶИР انجير меваест маълум.

АНҶОМ انجام 1. охири ҳар кор. 2. асбоби рӯзгор, сафар ва деҳқонӣ (*ин маънои ахирӣ дар забони ҳозира*). **Анҷом ёфтан** тамом шудан, ба охир расидани коре.

АНҶОМИДАН انجامیدن ба натиҷае расидан, ба поён расидани коре.

АНҶУМ انجم [ҷамъи **наҷм**] ситораҳо.

Капӣ ҳама он кунад, ки мардум,
Пайдост дар оби тира анҷум.

Маймун ба кори одамон тақлид мекунад, аммо тақлиди вай кор ва худи вай одамӣ шуда наметавонад. Дар оби тира акси ситора намоён мешавад, аммо он ситора нур надорад. (Л. М.)

АНҶУМАН انجمن 1. ҷои ҷамъомади мардум 2. ҷамъ шудани мардуми бисёре дар ҷое барои машварати коре. *3. гурӯҳи бузург аз одамон (*Бус.*). **Анҷумани расадфурӯшон** — *кинояв аз ситораҳо.*

Аз анҷумани расадфурӯшон
Шуд Миср фалак чу Нил ҷӯшон.
(Л. М.)

АОДӢ* اعادی [ҷамъи **аъдо**]: душманон. (*Р.*)

АОЗИМ اعاظم ҷамъи **аъзам**: бузургтарон.

АОҶИБ اعاجیب [ҷамъи **уъҷубат**]: аҷибҳо.

АПЬЮН اپیون тарьёк.

АР ار *сабук кардашудаи* **агар**.

АРАБ* عرب номи халқ, мардуми тозӣ, тозиён.

Султони Араб ба комгорӣ,
Қоруни Аҷам ба молдорӣ.

Дар ин байт мурод аз Араб — Арабистон ва аз Аҷам Эрон аст. (*Л. М.*)

АРАЗ* عرض 1. назар ба ҳикмати қадим чизе, ки вуҷуди мустақил надошта ҳастии худро ба воситаи чизи дигар нишон медиҳад; (*Б.*) 2. беморӣ.

К-ин тоза баҳори бӯстонӣ
Дорад арази ин нотавонӣ.
(Л. М.)

АР-АР* عرعر як хел дарахти сафедор. (*Ф.*)

АРАСТОТОЛЕС ارسطاطالیس ҳакими қадимии машҳури юнонӣ.

АРАСТУ ارسطو *нигоҳ кун.* ба Арастотолес.

АРАШ ارش миқдорест аз сарангушти миёна то оринҷ.

АРБАДА* عربده ҷангаргӣ, бадмастӣ.

АРБАДАҶӮ* عربده جو ҷангҷӯ. (*Х.*)

АРБАЁН اربیان малахи обӣ.

АРБОБ ارباب ҷамъи **раб**; 1. парваришкунандагон. 2. калонон; 3. оқсақоли деҳа (**арбобро бину деҳро тоз** *ба ҳамин маънист*). 3. мулкдори калон ва соҳиби амлок.

АРДОНА اردانه гули хайрии даштӣ.

АРЗ I ارز арзиш, қимат.

АРЗ II ارض замин.

АРЗ III عرض ҳозир кардани чизе бар касе.

АРЗ IV عرض бари ҳар чиз (*муқобили* **тӯл** — *дарозӣ*)

АРЗАН ارزن бодоми кӯҳии талхдона.

АРЗИЗ ارزیز қалъӣ, қалъагӣ (*аз филизот*).

АРЗМАНД ارزمند арзишнок, қиматдор.

АРЗОН ارزان пастбаҳо.

АРЗОНӢ ارزانی 1. *мансуб ба* арзон; 2. бахшиш.

АРЗОҚ ارزاق *ҷамъи* **ризқ**; рӯзиҳо.

АРИН* عرین беша, ҷангал **шери арин**—шери беша, шери озод.

Куҳанҷома андар сафи охирин,
Ба ғурриш даромад чу шери арин.
(*Бӯс.*)

АРИШ اریش ду чӯби пешини нардбони ароба, ки аспро дар миёнаи онҳо банданд.

АРҚ ارک 1. қасри подшоҳӣ, ки дар пойтахтҳо месозанд, *2. қалъаи дарунӣ (*И. М.*), 3. ҳисор. (*И. М.*)

АРМУҒОН ارمغان тӯҳфаи роҳовард барои дӯстон ва наздикон.

АРНА ارنه шохоби наҳрҳои табиист, ки обаш паҳн ва тунук равон мешавад; *Шохобчаи дарьё, ки заминаш ҳамвор бошад. (*Ҷ. О. О.*)

АРНАБ ارنب харгӯш.

АРОЗӢ اراضی *ҷамъи* **арз**; заминҳо.

АРОИЗ عرائض [*ҷамъи* **ариза**]; аризаҳо.

АРОҶИФ اراجیف [*ҷамъи* **ирҷоф**]: овозаҳои беасил, дурӯғ.

АРРА اره олати пӯлодии дандондор аст, ки бо вай чӯб ва оҳанро мебурранд. **Арраи пушт** сари қабурғаҳои одам ва ҳайвонот аст, ки онро «мӯҳраи пушт» ҳам гӯянд.

АРСА* عرصه 1. майдон, саҳна; 2. тахтаи шоҳмот (шатранҷ). (*Бӯс.*) **Арсаи иттифоқ** киноя аз майдони ҷанг.

Бе иттилои ҳамдастони арсаи иттифоқ устухонҳои хурдгардидаро ба пушт баргардонид. (*Бедил*).

АРСЛОН ارسلان шер.

АРЧИ* ارچه агарчи (*Л. М.*).

АРҒАМЧИН* ارغمچین ресмон (Ҷ. 6).

АРҒАНУН* ارغنون *нигоҳ кун.* **Аргунун.**

АРҒУВОН ارغوان дарахти гулест ки шукуфааш сурх мешавад.

АРҒУВОНӢ ارغوانی рангест ба гули арғувон мемонад; сурх.

АРҒУНУН ارغنون номи як сози мусиқӣ, ки ба шакли сандуқ чоркунҷа аст.

АРҒУНЧАК ارغونچک *нигоҳ кун. ба маънии дуйӯми* **алвонҷ.**

АРҒУШТАК ارغوشتک рақсест, ки бар сари зону нишаста адо намоянд.

АРӮС* عروس зани домод.

АРҶ ارج арзиш, қимат.

АРҶМАНД ارجمند 1. арзманд, қиматдор. 2. азиз, баландмартаба (*маҷоз*).

АСАД اسد 1. шер; 2. номи моҳи панҷӯм аз соли шамсӣ аст, ки тақрибан аз 22 июль то 22 август аст.

АСАММ اصم кар, ношунаво.

АСАР اثر 1. нишонаи ҳар чиз ва аз ин ҷумла нишони по. 2. таълифи касе (*маҷоз*).

АСАС* عسس 1, миршаб. 2. посбон.

Рӯзе ки навола бе магас буд,
Шаб зангию ҳуҷра бе асас буд.

рӯзе ки Ибни Салом дар хона набуд, ва шаб монанди зангӣ сиёҳу ҳуҷра бе посбон буд. (*Л. М.*)

АСАФ أسف андӯҳи сахт; андӯҳ ва афсӯсхӯрӣ.

АСВОБ أثواب (*ҷамъи савб*): либосҳо.

АСДИҚО أصدقاء (*ҷамъи* **садиқ**): дӯстон.

АСИДА* عصیده як навъ ҳалво.

> Ҳар зан, ки ба дасти зӯр хоҳанд
> Нон кушку асида шӯр хоҳанд.
> (*Л. М.*).

АСЛ اصل 1. бех. *2 реша.

> Нахли файзест дар биёбоне.
> Тубиаш аслу сидра агсоне.
> (*Бедил*)

АСЛИҲА اسلحه (*ҷамъи* **силоҳ**): олатҳои ҷанг, монанди шамшер, милтиқ *ва ғайра*.

АСЛО اصلا ҳаргиз.

АСЛОФ اسلاف (*ҷамъи* **салаф**): пешинагон.

АСМАР اسمر 1. гандумгун, 2. афсонагӯй ва қиссахон.

АСМОР I اثمار (*ҷамъи* **самар**): меваҳо.

АСМОР II اسمار (*ҷамъи* **самар**): афсонаҳо.

АСНО أثنا миёна, байн.

АСНОД اسناد [*ҷамъи* **санад**]: санадҳо, тахьигоҳҳо.

АСНОМ اصنام (*ҷамъи* **санам**): бутҳо.

АСНОФ اصناف [*ҷамъи* **синф**]; синфҳо, хелҳо, гунаҳо.

АСО عصا чӯбдаст. **Асои русӣ** палка (*Ч. 6*).

АСОБЕЪ اصابع [*ҷамъи* **асбаъ**]; ангуштони хурдтар.

АСОМӢ اسامی (*ҷамъи* **исм**); номҳо.

АСОС اساس 1. асл, бунёд; 2. асбоби хона. **Асосу дабдаба** ҳашмат ва шукӯҳ.

АСОТИЗА* اساتذه *ҷамъи арабишудаи* **устоз**; устодҳо. (*Б.*).

АСОТИР اساطیر [*ҷамъи* **устура**]; афсонаҳои беасл, [ривоятҳо, ҳикояҳо].

АСП* اسپ ҳайвони хонагии маъруф. **Аспи тозӣ**—аспи арабӣ.

АСПАК اسپک 1. ҳайкали аз чӯб сохташудаи асп, ки дар сайргоҳҳо чанде аз онҳоро ба як чархи паррикдор баста, бачагонро савор карда мегардонанд. 2. як хел мӯрчаи почадароз.

АСПАКБОЗӢ اسپکبازی 1. бозии махсуси бачагон аст, ки ба аспҳои сохташуда савор шуда бозӣ мекунанд. 2. як бозии махсуси халқӣ аст, ки ба аспҳои сохта савор шуда дар сайрҳо бозӣ мекунанд.

АСПАНГЕЗ اسپ انگیز оҳанест сартез, ки ба пошнаи мӯза мебанданд ва бо он дар вақти саворӣ аспро пошна мезананд (*дар арабӣ* **маҳмез** *меноманд*).

АСРОР اسرار *ҷамъи* **сирр**; сирҳо, розҳо.

АСРУШНА اسروشنه Истаравшан, Ўротеппа (*И. М.*)

АСТАР استر хачир, ҳайвонест, ки аз ҷуфтии нархар ва аспи модиён меруяд.

АСТАРВАН استروان нозой, қисир.

АСҲОБ اصحاب [*ҷамъи* **соҳиб**]; ёрон, ҳамсӯҳбатон.

АСТОР استار [*ҷамъи* **ситр**]; пардаҳо.

АСФАЛ اسفل поёнтар, пасттар.

АСФАР اصفر зардранг.

АСФИЕ اصفیا (ҷамъи **сафӣ**); баргузидагон. *(сифати одам)*.

АСЬЁФ اسیاف (ҷамъи **сайф**); шамшерҳо

АСҚОЛ اثقال [ҷамъи **сиқл**]; гаронихо; борҳо.

АТИЯ* عطیه бахшиш.

АТЛОЛ اطلال [ҷамъи **талал**]; нишонаҳои иморатҳои кӯҳна, харобаҳо.

АТНОБ اطناب [ҷамъи **тунуб**]; танобҳо, ресмонҳо.

АТО عطا бахшиш, инъом.

АТОЛА اتاله таомест, ки ордбиръёнро бо об ҷӯшонда мепазанд. **Атола кардан** ба ҳам омехта вайрон кардани коре ва чизе. *Маҷоз ва ба ҳамин маънӣ гуфта шудааст:*

Ҷунон атола кунам ҳарфи ишқбозии хеш,
Ки майли сари агъёрро атола кунам.

АТР* عطر хушбӯй.

АТРОК اتراک ҷамъи *арабии* **турк**; туркон.

АТРОФ اطراف [ҷамъи **тараф**]; 1. канораҳо; 2. дасту по нисбат ба бадан *(термини илми тиб)*.

АТРСО* عطرسا атрпош, хушбӯйкунанда, муаттар. **Атрсои мағз**—хушбӯйкунандаи димоғ ва майна. (*Л. М.*)

АТЪИМА اطعمه [ҷамъи **таом**]; таомҳо.

АТЪОБ اتعاب [ҷамъи **тааб**]; ранҷҳо.

АФВОҲ افواه [ҷамъи **фуҳ**]; 1. даҳонҳо. 2. [суханҳои даҳонакӣ. 3. овозаҳои даҳонакӣ.

АФВОҶ* افواج [ҷамъи **фавҷ**]; фавҷҳо, гурӯҳҳои ҳарбӣ.

АФГОНА افگانه бачаи нотамом зоидашуда, чала.

АФГОР افگار реш, хаста. **дилам афгор шуд** дилам реш шуд, хаста шуд).

АФЗАЛ افضل фозилтар.

АФЗО افزا 1. фузун кун, зиёда гардон! *(сиғаи амр)*. 2. фузункунанда, зиёдакунанда. *(ба ин маънӣ бо исме ҳамроҳ шуда меояд. Чунончи:* **фараҳафзо**, *яъне фузункунандаи шодӣ)*.

АФЗОЙ افزای *нигоҳ кун.* **ба афзо.**

АФЗОР افزار 1. кафш ва мӯзаест, ки «пойафзор» ҳам мегӯянд. 2. абзол ва асбоби пешаварон аст, ки—«дастафзор» ҳам мегӯянд.

АФИФ* عفیف пок *(махсусан аз алоиши ҷинсии ғайриқонунӣ)*.

АФКОР افکار [ҷамъи **фикр**]; фикрҳо.

АФЛОТУН افلاطون номи ҳакими машҳури Юнони қадим.

АФОЗИЛ افاضل [ҷамъи **афзал**]; фозилтарон

АФОҒИНА افاغنه ҷамъи *арабии* **афғон** *ба маънои* номи қавме.

АФРОД افراد [ҷамъи **фард**]; *нигоҳ кун. ба* **фард.**

АФРОЗ افراز 1. баландӣ, 2. баланд бардор! *(ба ин маънӣ сиғаи амр)*.

АФРОС افراس ҷамъи **фарас** [аспҳо].

АФРОХТА افراخته бардошташуда, баланд гардонидашуда.

АФРОХТАН افراختن бардоштан, баланд кардан.

АФРОШТА افراشته *нигоҳ кун.* ба **афрохта.**

АФРОШТАН افراشتن *нигоҳ кун.* ба **афрохтан.**

АФРӮЗ افروز 1. равшан кун ва даргирон! *(сиғаи амр)* 2. равшанкунанда ва даргиронанда *(ба ин маънӣ ҳамроҳи исм меояд)*, чунончи **анҷуманафрӯз, оташафрӯз).**

АФРӮХТА افروخته даргирифта, истода.

АФРӮХТАН افروختن даргиронидани оташ ва чароғ.

АФСАР افسر тоҷ.

АФСАҲ* افصح фасеҳтар, суханвартар. *(И.)*

АФСО افسا ромкунанда, афсункунанда [**морафсо** афсункунандаи мор]. *Марги морафсо набошад ҷуз ба мор (Саъдӣ).*

АФСОД افساد вайрониҳо, табоҳиҳо.

АФСОЙ افسای *нигоҳ кун.* ба **афсо.**

АФСОНА افسانه ҳикояҳои беасли халқӣ, ки тартибдиҳандаи он маълум набошад.

АФСОР افسار нӯхта, нӯхтабанди асп.

АФСОН افسان санги корд ва шамшертезкунӣ.

АФСУН افسون 1. дуоҳои хурофотӣ барои ром кардани чизе ва шахсе. 2. ҳила ва найранг *(ба ин маънӣ маҷоз аст).*

АФСУРДА افسرده 1. ҷисми сардшуда. 2. ҷисми яхбаста; ҷисме, ки аз кӯҳнагӣ мулайим аз ҳам пош хӯрдан бошад.

АФСУС افسوس 1. ҳасрат; *афсӯс буванд—ҳайф аст (Л. М.)* 2. зулм.

АФТОДА افتاده оҷиз, фурӯмонда. **Афтода кардан** мағлуб кардан. *Дар ин маънӣ Ҳайрат гуфта:*

Сарви озодам [illegible] [illegible] [illegible] кард.
Аз [illegible] дар гулистон сарвро афтода кард.

Афтода шудан камбағал шудан, ба тангиҳои зиндагӣ гирифтор шудан.

АФТОДАН* افتادن 1. уфтидан. 2. даромадан.

К-афтода ба ҳуд номи дар ин кӯй.

Яъне, дар ин роҳ бо ихтиёри худ надаромадаем (Л. М.)

АФТОНУ-ХЕЗОН افتان و خیزان ба зӯр роҳравӣ, бо душворӣ роҳравӣ.

АФТУДАРАФТ افت و در رفت даст ба гиребоншавии ду кас, ё чанд кас *(хоҳ бо ҳила бошад, хоҳ бо ҷанг).*

АФТУ-ХЕЗ افت و خیز зиндагонии бо душворӣ дар ҷое *(маҷоз).*

АФШАНА افشنه номи деҳае буд дар райони Ромитани Бухоро, ки Абӯ Алӣ Сино дар он ҷо зойида шудааст.

АФШОН افشان 1. амр ба **афшондан.** 2. афшонанда. *Ба ин маънӣ бо исм меояд, чунончи «Зарафшон» (номи наҳр), зарафшонанда.* 3. ҳолати ҳамроҳ баён мекунад. Чунончи: **«Мурғ ба тарафи катак болафшон омад»,** яъне дар ҳолате, ки боли худро меафшонд, омад. 4. нақшест, ки дар сафҳаи коғаз ва девор бо пошидани рангҳои гуногун пайдо мешавад.

АФШОР افشار 1. бо зӯри даст пахш карда обашро барор! 2. азоб деҳ! *(ба ин ду маънӣ сиғаи амр аст).* 3. шарик ва ҳамроҳ. Чунончи **«дуздафшор»** шарики дузд гуфтан аст ки дар забони ҳозира «дуздафшон» мегӯянд. 4. қабилаест аз туркони Эрон, ки Нодиршоҳи афшор аз он қабила буд.

АФШУРА افشره тилфи чизест, ки пас аз пахш карда гирифтани шира, ё равғанаш мемонад.

АФШУРДА افشرده чизи пахш карда обашро гирифташуда, *масалан*, **анори афшурда**.

АФШӮРДАН افشردن 1. оби чизеро бо зӯри даст пахш карда баровардан. 2. танг кардан ва азоб додан *(ба ин ду маънӣ маҷоз аст)*.

АФЪӢ افعی мори сиёҳи заҳрдор.

АФЬЮН افیون *нигоҳ кун. ба* **апьюн**.

АФҒОН افغان 1. нола бо овози баланд. 2. номи қавми маълум.

АХ اخ бародар.

АХБОР اخبار [*ҷамъи* **хабар**]; хабарҳо.

АХГАР* اخگر оташпораи бисьёр реза, ки дар миёнаи шӯъла (аланга) ба ҳаво рафта нест шавад ва оташи кӯре, ки дар миёнаи хокистар мемонад. (*Бус.*).

АХГУЛ اخگل хасҳои сӯзанмонанди хӯшаҳои ҷаву гандум.

АХЗ اخذ гирифтан.

АХЗАР اخضر сабз, сабзранг.

АХЗАРҶАНОҲ* اخضرجناح сабзбол. Дашту дар аз сабза гашт тӯтии ахзарҷаноҳ. (*Бедил*).

АХИЛЛО اخلا (*ҷамъи* **халил**]; дӯстон.

АХИССО اخسّا [*ҷамъи* **хасис**]; хасисҳо.

АХЛОТ اخلاط [*ҷамъи* **хилт**]; ифлосиҳо, чизҳои чиркин ва партофтанӣ. 2. балғам ва монанди он ки дар димоғ ва меъдаи одамӣ пайдо шуда, сабаби беморӣ мегардад.

АХЛОФ اخلاف [*ҷамъи* **халаф**]; пасояндагон ва ҷонишинони паоянда *(фарзанди касе ё давомкунандаи кори касе халафи он кас мешавад)*.

АХЛОҚ* اخلاق [*ҷамъи* **хулқ**].

АХТА اخته одам, ё ҳайвони марлиаш барҳам додашуда.

АХТАР اختر 1. ситора. 2. *маҷозан* толеъ.

Вале чун накард ахтарам ёварӣ.
Гирифтанд гирдам чу ангуштарӣ
(*Бус.*).

АХТАРШИНОС اخترشناس нуҷумдон, мунаҷҷим.

АХТАРШУМУР اخترشمر *нигоҳ кун. ба* **ахтаршинос**.

АХТАХОНА اخته‌خانه аспхона.

АХУВВАТ اخوت бародарӣ кардан, бародар шудан; бародарӣ, дӯстӣ.

АХЬЁР* اخیار [*ҷамъи* **хайр**]; хубҳо, некҳо; одамони нек.

АШАР* عشر даҳ.

АШАРА* عشره даҳ. **Ашара масоил**—даҳ масъала, **Ашарата амнон** даҳ ман.

АШК اشک оби чашм.

АШМОН اشمان (*ҷамъи* **шаман**); қиматҳо.

АШРОР* اشرار [*ҷамъи* **шарир**]; бадҳо.

АШҶОР* اشجار [*ҷамъи* **шаҷара**]; шаҷарҳо, дарахтҳо.

АЪВАР* اعور кӯри якчашма.

АЪВОМ اعوام [*ҷамъи* **ом**]; солҳо.

АЪВОН اعوان [ҷамъи **авн**]; ёрирасонон.

АЪДОД اعداد [ҷамъи **адад**]; ададҳо.

АЪЁН* اعیان 1. бузургон. 2. *умуман мавҷудот буда дар ин ҷо инсон мурод аст*;

> Гар шикофӣ ҳақиқати аъён,
> Оламе ёбӣ аз яқину гумон.
> (*Бедил*)

АЪЗАМ اعظم бузургтар.

АЪЗО اعضا ҷамъи **узв**.

Аъзои раиса дил ва димоғ, шуш ва монанди инҳо, ки дар идораи бадани инсон раёсат мекунанд (*термини илми тиб*).

АЪЛАМ* اعلم 1. донотар. 2. дар Бухоро як мансаби расмӣ буд, ки ба калонтарини муллоҳо медоданд. Низоъҳои динии дар байни муллоҳо рӯйдодаро ӯ ҳал мекард. (ҷ. I).

АЪЛО اعلی аз ҳама баландтар.

АЪЛОМ اعلام [ҷамъи **алам**]; 1. байрақҳо; 2. нишонаҳо, 3. номҳо.

АЪМО اعما нобино.

АЪМОЛ اعمال [ҷамъи **амал**]; 1. амалҳо, корҳо. 2. деҳҳо, қасабаҳо (*дар термини маъмурии қадим*).

АЪМОМ اعمام (ҷамъи **амм**). амакҳо.

АЪМОР اعمار [ҷамъи **умр**]; умрҳо.

АЪРАҶ اعرج *ланг*.

АЪРОБӢ اعرابی араби бодиянишин.

АЪСОБ* اعصاب [ҷамъи **асаб**]; асабҳо. (*Б.*).

АҒЛАБ* اغلب аксар, бештар. (*Бдс.*).

АЪҶАМ اعجم кундзабон, ғайри фасеҳ.

АЪҶУБА اعجوبه 1. *нигоҳ кун ба аҷиб*. 2. чизе ё касест, ки ониҳоро дар таъаҷҷуб андозад (*нависандагони кӯҳна касеро ба муболиға мадҳ кардан хоҳанд аъҷубаи рӯзгор мегуфтанд*).

АҒАЗ اغز донаҳои сахт, ки дар бадан ва бештари дар по пайдо мешаванд ва озор надорад (*дар тиб ин гуна донаҳоро «пӯсти мурда» номанд*).

АҒЗИЯ اغذیه [ҷамъи **ғизо**]; ғизоҳо.

АҒЛОЛ اغلال [ҷамъи **ғул**]; занҷирҳои одамбандӣ.

АҒЛОТ اغلاط [ҷамъи **ғалат**]; ғалатҳо.

АҒНИЁ* اغنیا [ҷамъи **ғанӣ**]; бойҳо, давлатмандҳо.

АҒНОМ اغنام [ҷамъи **ғанам**]; бузҳо ва гусфандҳо.

АҒСОН* اغصان [ҷамъи **ғусн**]; шохҳои дарахт. (*Б.*)

АҚАЛЛ اقل андак.

АҚБАҲ اقبح қабеҳтар, зиштар.

АКВОМ اقوام [ҷамъи **қавм**]; қавмҳо, тоифаҳо, халқҳо.

АКВОТ اقوات [ҷамъи **қут**]; ба маънои рӯзӣ.

АҚД* عقد 1. хӯша. 2. силки марворид (Х.). 3. никоҳ. **Ақд бастан** никоҳ кардан.

АҚИДА عقیده боварӣ.

АҚИҚ* عقیق қисме аз булӯри маъданӣ. **Ақиқ суфтан** *киноя аз хун гирья кардан*.

> Аз тоқати ду наргиси ҷуфт.
> Бар суфти суман ақиқ месуфт.
> (*Л. М.*)

Ақиқи ямонӣ—ақиқи яманӣ. (*Р.*).

АҚЛОМ* اقلام [*ҷамъи* **қалам**]; қаламҳо (*Ҳ.*).

АҚОИД* عقائد [*ҷамъи* **ақида**]. 1. боварӣ, 2. аҳкоми динӣ, догма. **Ақоиди исломӣ** илми калом, ки догмаҳои дини исломро баён мекунад.

АҚОЛИМ اقالیم [*ҷамъи* **иқлим**]; иқлимҳо.

АҚОСӢ//АҚОС اقاصی//اقاص [*ҷамъи* **ақсо**]; дуртарон.

АҚРАБ I.* عقرب каждум. (*Бӯс.*)

АҚРАБ II* اقرب қарибтар, наздиктар.

АҚРАБВУСУЛ* اقرب وصول наздик. **Ҷодаи ақрабвусул** — роҳи наздик (*Б.*).

АҚРАБО//АҚРИБО اقربا [*ҷамъи* **қариб**]; наздикон, хешу табор.

АҚРОН اقران [*ҷамъи* **қирн**]; ҳамсарон, ҳамсолон ва ба ҳам монандон.

АҚСО* اقصی ҷойҳои дур, гӯшаю канорҳо. (*Бӯс.*).

АҚСОМ I. اقسام [*ҷамъи* **қисм**]; ҳиссаҳо.

АҚСОМ II اقسام [*ҷамъи* **қасам**]; савгандҳо.

АҚТАЪ* اقطع дастбурида; дузд, роҳзан. (*Б.*).

АҚТОР اقطار [*ҷамъи* **қутр**]; канораҳо. **Ақтори олам** — канораҳои олам.

АҚТОЪ اقطاع [*ҷамъи* **қитъ**]; қитъаҳои замин, ки дар замони феодализм феодали калон ба феодали хурд ва зердастони худ медод.

АҲАК اهك *нигоҳ кун.* ба **оҳак.**

АҲАМИЯТ اهمیت муҳим ва зарур шумориданӣ чизе, ё коре (*бо калимаи «додан» ва «доштан» меояд*).

АҲАММ اهم 1. дар андӯҳ андозанда. 2. муҳимтар ва заруртар (*маҷоз*).

АҲБОБ احباب [*ҷамъи* **ҳиб**]; *нигоҳ кун.* **аҳиббо.**

АҲВАЛ احول каҷчашм, ки як чизро ду мебинад ва вақте ки ба шумо нигоҳ мекунад, гумон мекунед, ки ба дигар тараф нигоҳ карда истодааст, алус.

АҲВАН اهون осонтар.

АҲВОЛ I احوال [*ҷамъи* **ҳол**]; ҳолҳо.

АҲВОЛ II اهوال [*ҷамъи* **ҳавл**]; тарсҳо ва даҳшатҳо,

АҲД* عهد 1. замон, давр, замона. 2. паймон, қавл дар бораи чизе (*Бӯс.*). **Аҳди сиғар** замони бачагӣ.

АҲЗОБ احزاب [*ҷамъи* **ҳизб**]; гурӯҳҳо.

АҲЗОН احزان [*ҷамъи* **ҳузн**]; андӯҳҳо.

АҲИББО احبا [*ҷамъи* **ҳабиб**]; дӯстон.

АҲКОМ احکام [*ҷамъи* **ҳукм**]; ҳукмҳо.

АҲЛ اهل 1. сазоворӣ. 2. сазовор (*аз сифатҳои одамӣ*). 3. ҳар кадом аъзои хонавода, 4. ҳар кадом бошандаи деҳа, гузар, шаҳр, ё мамлакат. **Аҳли дувал**— соҳибдавлатон, подшоҳ ва дарбориён. **Аҳли муҳовара** забондонон. (*Б.*)

АҲЛИЯТ اهلیت сазоворӣ ба коре.

АҲМАР احمر сурх.

АҲМАРСИЛОБ* احمرسلاب сурхҷома.

Сангу гил аз лола шуд шоҳиди аҳмарсилоб.
(Бедил)

АҲМАҚ احمق беақл.

АҲОЛӢ اهالی бошандагони як деҳ, гузар, ё шаҳр ва ё мамлакат.

АҲОР اهار нигоҳ кун. ба **оҳор**.

АҲРАМ اهرم чӯби хариса калҷкунӣ, чӯбе, ки бо он харисаро мекӯбанд.

АҲРАМАН اهرمن номи шайтон дар форсии қадим (*афсонавӣ*).

АҲРОР احرار (ҷамъи *ҳур*): озодон.

АҲСАН* احسن хубтарин (*Л. М.*)

АҲСАНТА* (аҳсант) احسنت таҳсин ба ту! офарин ба ту! (*Бӯс.*).

АҲФОД احفاد [ҷамъи **ҳафид**]: 1. наберагон. 2. умуман авлод аз фарзандони касе бо чанд восита ки бошад.

АҲШО احشا [ҷамъи **ҳашо**]: аъзои даруни одамӣ ва ҳайвонот (монанди шикамба ва рӯда).

АҲЁ احیا (зинда кардан).

АҲЁН احیان (ҷамъи ҳин): вақтҳо.

АҲЁНАН احیاناً гоҳ-гоҳ.

АҲҚАР* احقر пастар, хурдтар.

АҲҚАРӢ* احقری ночизӣ, камтарӣ. (*Б.*).

АҲҶОР احجار (ҷамъи **ҳаҷар**): сангҳо.

АҶАЗА* عجزه [ҷамъи **оҷиз**]: оҷизон, бечорагон, маъюбон. (*И.*).

АҶАЛ اجل 1. мӯҳлат. 2. мӯҳлати марг (*маҷоз*).

АҶАЛЛ اجل бузургтар (*сифати одамӣ*).

АҶАМ عجم 1. мулки ғайри араб. 2. Эрон. 3. мардуми Эрон.

АҶАМӢ عجمی *мансуб ба* **аҷам**.

АҶЗО اجزا [ҷамъи **ҷузъ**]: ҷузъҳо.

АҶИБ عجیب чизе, ки касро дар тааҷҷуб андозад.

АҶИЛЛА اجله (ҷамъи **аҷалл**): бузургон.

АҶИР اجیر муздур.

АҶЛОФ* اجلاف ҷамъи **ҷилф**]: пӯстканандагон, ситамгарон. (*Б.*).

АҶНАБӢ اجنبی бегона.

АҶНИҲА اجنحه [ҷамъи **ҷаноҳ**]: болҳои мурғон.

АҶОНИБ اجانب (ҷамъи **аҷнабӣ**): бегонагон.

АҶР اجر 1. мукофот, моҳона. 2. музди маънавӣ.

АҶРОМ اجرام [ҷамъи **ҷирм**]: ҷисмҳои фалакӣ ва кӯҳӣ (*монанди ситораҳо ва сангҳо*).

АҶСОД اجساد [ҷамъи **ҷасад**]: ҷасадҳо.

АҶСОМ* اجسام [ҷамъи **ҷисм**]: ҷисмҳо. **Аҷсоми басит** дар ин ҷо ба маънии ҷисмҳои ғайримураккаб.

Мардумоне гуфтанд, ки аз чор аҷсоми басит (об, хок, ҳаво ва оташ), ки онҳоро аносир хонанд, табдил шаванд ва мардумони дигар гуфтанд, ки аз чор як ба дигар шаванд..., (И. С.).

Б

БА* به пешоянд. **Ба сол** дар як сол. Боз омаданаш ба сол будӣ. Яъне, бозгаштанаш чунон оҳиста буд, ки гӯё як сол кашол мерафт. *(Л. М.)*.* **Ба сар бурдан** а) ба охир расонидан **(умрро ба сар бурд)**; б) гузаронидан **(зиндагиро бо вай ба сар бурд)**. **Ба ҳам баромадан**, дар ғазаб шудан.

БААМОНАТ بامانت ростқор ва дур аз хиёнат *(И. М.)*.

БАБАРДОШТ ببرداشت одами сабрнок.

БАБР ببر як хел ҳайвони дарранда.

БАВЛӢ بولی **Бавли додан** а) тез кардани ҷонвари шикорӣ ба ҷонвари дигар. б) тез кардани як кас ба ҷанги каси дигар *(маънии дуюм маҷоз аст)*.

БАВОДӢ* بوادی (ҷамъи **бодия**); бодияҳо.

БАВОР بوار ҳалокӣ, харобӣ.

БАВОСИР بواسیر решест ки дар мақъади одамӣ пайдо мешавад.

БАД* بد фосид, забун, дорои зарар; муқобили **хуб** ва **нек**.* **Бад дидан** 1. ба касе ё ба чизе ба назари бад нигоҳ кардан ва ӯро бад шумурдан. 2. **суст дидани чашм ба сабаби камқувватӣ ё** беморӣ.* **Бад рафт** кори бад шуд.

Гуфтам сухани дурӯғу бад рафт...
(Л. М.)

БАДАЛ بدل чизест ки ба ҷои чизе омадааст.

БАДАНҶОМ* بدانجام бадоқибат *(Бдс.)*.

БАДАРҒА بدرغه 1. *нигоҳ кун. ба маънии чорӯми* **бадрақа**.* 2. нафӣ. ... «ба фармони амир ба Сибирь бадарға шудаид», — гуфта... *(ч. 10)*

БАДАХТАР بداختر бадтолеъ, бадбахт.

БАДБАШАРА о بدبشره одами бадномо.

БАДБИН بدبین касе ки ба оқибати ҳар чиз ва кор ба назари бад ва ноумедӣ нигоҳ мекунад.

БАДБИНӢ بدبینی ноумедӣ аз оқибати ҳар чиз ва ҳар кор.

БАДБУРИШ بدبرش одами бадсохт.

БАДВ* بدو ибтидо *(Е. 3—4)*.

БАДГАВҲАР بدگوهر бадзот, бадасл.

БАДГУМОН بدگمان касест ки дар ҳаққи ҳар кас гумони бад мебарад.

БАДГУҲАР بدگهر *нигоҳ кун. ба* **бадгавҳар**.

БАДДИЛ بددل тарсончак.

БАДЕЪ بدیع 1. нав пайдошуда, чизи тоза. 2. аҷиб ва хушнамуд, чизи бисёр хуби бинандаро дар аҷаб андозанда. *(маънии дуюм маҷоз аст)*.

БАДЕҲА بدیهه шеър ва суханест, ки бе андеша [якбора] гуфта шудааст.

БАДЕҲАГӮӢ بدیهه‌گوئی дар ҷавоби якдигар бе андеша [якбора] шеър гуфтани ду кас, ё чанд кас.

БАДЕҲИЁТ بدیهیات чизҳоест ки донистани онҳо мавқуф ба фикр ва далел набошад (монанди ду карат ду-чор).

БАДЕҲӢ بدیهی чизе ки илми он

мавқуф ба фикр ва далел набошад.

БАДЗАХРА ه بدزهره *нигоҳ кун. ба* **безаҳра.**

БАД-ИН بدین ба ин, бо ин. *(Л. М.).*

БАДКИРДОР بدکردار касе, ки корҳои бад мекунад; одами бад.

БАДЛАГОМ/БАДЛИГОМ بدلگام бадлаҷом; *нигоҳ кун. ба* **бадчилав.**

БАДНИХОД بدنهاد одами вайронботин.

БАДНОМ I بدنام 1. одаме, ки номаш ба бадӣ баромадааст.

БАДНОМ II. بدنام бемории асп аст, ки ба сурати реш дар пояш пайдо мешавад, бемории бад ва гузаранда аст.

БАДОЕЪ بدایع бадеъҳо.

БАДОГОЗ بدآغاز касест, ки бадиро ба худ аз падару модар гузаронидааст, [бадсиришт, бадзот].

БАДПИСАНД بدپسند касест, ки ҳар бадӣ ва бадиро меписандад.

БАДР بدر 1. моҳи тамом пуршуда, моҳи 14—15 рӯза.* 2. *маҷ.* рӯй. *(Бфс.).* **Бадри комил** моҳи пурра *(Б. 4).*

БАДРА ه بدره халтаи танга ва тиллоандӣ;* ҳамёна пур аз пул. Бадре ба ҳазор бадра меҷуст. ***Маҷнуни ҷигаръ:*** *ба ҳазор [illegible] фиристанд зебои [illegible]. (Л. М.).*

БАДРАГ* بدرگ бадаст (Ф.).

БАДРАКА بدرقه 1. роҳбари қофила. 2. Роҳбари мусаллаҳ (Б.). 3. посбони бандиён, ки ба ҷое фиристода мешаванд. 4. гумашкорони, ки аз шаҳре ба шаҳри дигар фиристода мешаванд. **Бадрақа кардан*** ҳамроҳ карда фиристодан *(Н. М.).*

БАДРОМ I بدرام аспи саркаш.

БАДРОМ II* بدرام хушу хуррам ва ороста. *(Л. М.) муқ.* **пидром.**

БАДСИГОЛ بدسگال бадандеш; душман.

БАДХОҲ بدخواه касест, ки дар ҳаққи касе, ё дар ҳаққи ҳар кас хоҳиши бад дорад.

БАД-Ӯ—* بدو ба ӯ. *(Бфс.)*

БАДЧИЛАВ بدجلو *нигоҳ кун. ба* **бадром I.**

БАЁЗ بیاض 1. сафедии ҳар чиз. 2. когази соддаи нонавишта. 3. маҷмӯаи шеърҳои гуногун, ки аз шоирони гуногун ҷамъ шудааст.

БАЁН* بیان 1. шарҳ; изҳор. 2. *ба маънои мантиқаш исбот.* **Намо баён** яъне «исбот кун». *(Е. 3—4).*

БАЁР بیار ҷомаи дастбофтаи қадимӣ.

БАЁРА ه بیاره растании палакӣ, ки навдаҳояш заминрав аст *(монанди харбуза, тарбуз, каду...).*

БАЁТ I. بیات номи ҳавое аз шашмақоми мусиқӣ.

БАЁТ II· بیات номи қабилае аз ӯзбакон.

БАЗА* ه بزه гуноҳ.

В-арна гуфтан дурӯғ, к-он база аст,
Чу шавад барзӣ бемаза аст. (Н.).

БАЗАРБА بزربه бисьёр; бошиддат ва боғайрат **(фалонӣ базарба кор мекунад; ҳар ҷӯй об базарба омад).**

БАЗЗ بز пӯшокворӣ.

БАЗЗОЗ بزاز пӯшокворифурӯшӣ, [газворфурӯшӣ].

БАЗЛ* بذل бахшиш *(Бфс.)*

БАЗЛА بزله сухани хуш, ҳаза

ва шӯхиҳои ширин, ки дар маҷлисҳо ба якдигар гуфта мешаванд.

БАЗЛАГУ/Й* بزله گو(ی) 1. хушгап. (*Х.*). 2. ширинкор.

БАЗМ* بزم маҷлиси тараб, зиёфат, меҳмонӣ.

БАЗРА بذره тухми дона, [тухми ғалладона].

БАИД* بعید дур (*Б.*).

БАЙЛАҚ بيلق донаи пиёдаи шатранҷ. [*муарроби* **пиёда**.]

БАЙДО بيدا биёбон ва дашт.

БАЙЁЪ* بياع байъкунанда, фурӯшанда. (*Л. М.*).

БАЙЗА بيضه тухми мург. 2. кулоҳхӯд, ки аз оҳан, мис ва ё биринҷӣ месозанд.

БАЙЗО بيضا//بيضى равшан ва сафед.

БАЙТ بيت 1. хона. 2. ҳар ду мисраи ба ҳам пайвастаи шеър.

БАЙТОР بيطار табиби ҳайвонот.

БАЙТУЛҲАЗАН* بيت الحزن ғамхона (*Е. 3—4*).

БАЙТУТТИРОЗ* بيت الطراز хонаи зебу зинат ва нақшу нигор. (*Н. М.*).

БАЛАД I بلد шаҳр (*ба ин маънӣ арабист*).

БАЛАД II بلد 1. шиносой бо ягон кор ва чизе. (*Ҷунончи мегӯянд:* **«ман ба ин кор балад нестам»**, яъне ин корро намедонам; **«ман ба ин шаҳр балад нестам»**, яъне пасту баланди ин шаҳрро намедонам ва мардумашро намешиносам). 2. Роҳбар дар сафар (*ба ин маънӣ* **роҳбалад** *ҳам мегӯянд*).

БАЛВО بلوا 1. бало ва заҳмати умумӣ. 2. шӯриши умумӣ.

БАЛЕГӮЙ* بلى گوى муовин ва ёридиҳандаи маддоҳ аст, ки ҳар сухани ӯро «бале» гӯён тасдиқ карда меистад. (*Ч. З.*).

БАЛЕҒ//**БАЛИҒ** بليغ 1. расо (*сифати сухан*). 2. тезабон (*сифати суханвар*). 3. дар илм ба мартабаи камол расида.

БАЛИСОН بليسان як хел дарахтест, ки равғани он захмҳои тозаро зуд баҳам орад.

БАЛО بلا сахтӣ ва заҳмат.

БАЛОРАК//**БАЛОЛАК**//**ПАЛОРАК**//**ПАЛОЛАК***

بلارك // بلالك // بلارك // بلالك

1. пӯлоди ҷавҳардор, ки аз вай шамшери ҷавҳардор созанд. 2. шамшери ҷавҳардор. (*Бӯс.*).

БАЛОҒ بلاغ расонидан (хабарро).

БАЛОҒАТ بلاغت 1. расидагӣ. 2. расидагии ҷисмонӣ, бакамолрасӣ. 3. расидагии синни ҳуқуқӣ (18 солагӣ). 4. равшан, бурро, диличасп ва мувофиқи мақоми гапзанӣ (*аз сифатҳои суханронӣ ва нутқкунӣ*).

БАЛОҲАТ بلاهت камақлӣ.

БАЛЪ بلع фурӯ бурдани чизе дар гулӯ.

БАМ* بم оҳанги паст. **Баму зер** дар мусиқӣ оҳанги пасту баланд ва ғафсу борик. (*Б.*).

БАНГ بنگ чизест, ки аз шираи канабпоя месозанд ва дар чилим даргиронда дудашро мекашанд, масткунанда ва харобкунандаи димоғ ва бадан аст.

БАНГАЛА بنگله манзар (*Б.*) [ҷои баландe ки аз он ҷо атрофро менигаранд].

БАНД بند 1. чизе, ки бо вай чизеро мебанданд. 2. басташуда ба чизе. **Банд кардан** касеро дар мубоҳаса ва ё дар бадеҳагӯй маглуб кардан *(маҷоз)*. **Банд шудан** ба коре андармон шудан. 3. дастае аз алаф, гандум шох ва монанди инҳо, ки баста бошанд. 4. ҷои бо хок ва чим бастан оби равон. 5. ҷои ба ҳампайвастагии устухонҳои бадан; ҷои ба ҳампайвастани ҳар чизи баданӣ.* 6. занҷиру ишкел. 7. никоҳ.

Аммо надидаҳам ба дев фарзанд.
Девона ба банд беҳ, ки дар банд.
(Л. М.).

БАНДА بنده 1. ғулом, 2. касе, ки дар қиморбозӣ бой дода, аз ҳарифи худ қарздор мешавад ва то адо кардани қарзи худ ба дасти ҳарифи худ асир мемонад. *(Ҷ. З.)*. **Банда шудан** а) ғулом шудан. б) дар қимор бой дода аз ҳарифи худ қарздор шудан ва то ёфта додани пули бурдаи ӯ дар ихтиёри вай будан.

БАНДАГӢ بندگی 1. ғуломӣ, дар қайд будан. 2. *динӣ*. маҷбурияте ки инсон дар назди худо дорад. **Бандагии худоро ба ҷо овардан**—мурдан *(Ҷ. б)*.

БАНДАК I بندک 1. як [навъ] алафест, ки навдааш заминрав ва сербанд аст;

БАНДАК II بندک ҳарф ва калимаҳои нопурра аст, ки парчаҳои ҷумларо бар якдигар мебандад.

БАНДАР بندر 1. истгоҳи киштӣ дар баҳр. 2. шаҳре, ки дар канори баҳр бошад.

БАНДИБОН بندی‌بان нигаҳбони бандиён.

БАНДИНА بندینه чизе, ки бо вай банди алаф, гандум, шох ва монанди инҳоро мебанданд.

БАНДРУХ* بندروغ банди обе, ки бо чӯб, шох ва сим созанд (дар Бухоро «банд-варғ» мегӯянд*(Р.)*.

БАНДӢ بندی дастгиршуда; гирифтори ҳабс ва банд.

БАННО بنا устои гилкор.

БАНОГӮШ بناگوش паси гӯш; *(ин калима аз «буни гӯш» сохта шудааст)*.

БАНОН بنان [ҷамъи **банона**]; сарҳои ангуштони даст.

БАНОНА بنانه сарангушти даст.

БАНОРАС* بنارس як [навъ] бофтаи майдаиакши сиёҳу сафед аст, ки тораш абрешиму пудаш ресмон мешавад. Номи дигари ин бофта «пари пашша» аст. *(Ё. 3—4)*.

БАНОТ بنات ҷамъи **бинт**

БАНОТУННАЪШ بنات النعش ситораҳои ҳафтдодарон.

БАНЧА بنچه як қабза алаф, гандум ва монанди инҳо *(ин калима сабук кардашудаи* **бандча** *аст)*.

БАНӢ* بنی ҷамъи ибн; насл, авлод. **Банӣ асад** номи як қабилаи араб *(Л. М.)*. **Банӣ навъи башар** фарзандони одам. **Банӣ Умайя** умавиён *(И. М.)*.

БАНҶ بنج банг *(арабӣ кардашудаи* **банг**).

БАР I بر меваи дарахт; **Бар хӯрдан** *аз касе*. коми дил бардоштан *аз касе*. Бар хӯрдан аз ӯ маҳол бошад *(Л. М.)*.

БАР II بر оғӯш ва канор.

БАР III بر паҳнои ягон чиз.

БАР IV بر замини хушк *(муқобили* **баҳр**).

БАР V بر пешона. **Бар касе ё**

чизе расидан тамом кардани ӯ ва нест кардани ӯ.

БАРА بره *нигоҳ кун. ба маънии якўми* **барра.**

БАРАКА برکه *нигоҳ кун. ба маънии дуюми* **баракат.**

БАРАКАТ برکت 1. зиёд шудан, 2. зиёдатӣ; афзунӣ.

БАРАҲМАН برهمن рўҳонии ҳиндуён.

БАРБАД بربد *сабук кардашудаи* **борбад.**

БАРБАСТ بربست чизи бардурўғи дар ҳаққи касе басташуда.

БАРБАТ بربط номи як олати мусиқии торӣ; *нигоҳ кун. ба* **барбад.**

БАРГ برگ 1. барги дарахт ва дигар растаниҳо. 2. асбобу анҷом, сомон.* **Барги раҳ** *асбобу* тўшаи сафар *(Л. М.).* **Барги сабз** тўҳфаи андак *(маҷоз).* **Баргу наво** наѓмаю хониш.

Аз баргу наво ба боғу бўстон
Бо баргу наво ҳазордастон
(Л. М.).

БАРГАК برگک 1. зардолуи бедонаки хушконидашуда. 2. асбоби зинати занона, ки ба шакли барг аз зар месозанд.

БАРГРЕЗ//БАРГРЕЗОН برگریز//برگریزان фасли тирамоҳ, мавсими хазонрезӣ.

БАРГУМОШТАН* برگماشتن гумоштан.

БАРГУСТУВОН برگستوان пўшиши асп, ки ҳам вайро орояд ва ҳам аз теғи душман нигоҳ дорад.

БАРД برد сардӣ, сармо.

БАРДАМ بردم тозаву тар; бақувват.

БАРДОШТ برداشت сабр.

БАРДОШТАН* برداشتن 1. боло кардан; баланд намудан. 2. расидан. *Ин қисса ба ҳайӣи вей бардошт. Яъне ин хабарро ба истиқоматгоҳи қабилаи худ расонд. (Л. М.).*

БАРЗ برز кишт.

БАРЗАГОВ برزه گاو гови кории деҳқонӣ.

БАРЗАН برزن кўча.

Дўш пинҳонӣ ба иное дили ман бурда буд.
Ин сухан имрўз дар ҳар кўю дар ҳар барзан аст.

БАРЗАХ برزخ чизест, ки дар миёнаи ду чизи мухталиф ҷой гирифтааст; масалан, бўзина дар миёни ҳолати ҳайвонӣ ва инсонӣ ҷой гирифтааст.

БАРЗГАР برزگر деҳқон.

БАРЗГАРӢ* برزگری деҳқонӣ. *(Б.).*

БАРИД برید номабар, хабарбар, қосид, чопар. *Ҳофиз гўяд:* Бариди боди сабо дўшам огаҳӣ овард...

БАРКАРДАН* برکردن бардоштан *(Л. М.).*

БАРИН برین 1. баланд, боло. 2. *сабук кардашудаи* **бар ин** *Ҳайрат гуфта:*

Халқе, ки рухи хуби ту диданд, навиштанд.
Худдасту баринаст, бар инаду бар инам.

БАРМОСИДАН برماسیدن молидани узви бадан.

БАРНО برنا ҷавон.

БАРОАТ برائت 1. пок шудан аз айб, ё гуноҳе. 2. покӣ аз айб ва гуноҳ.

БАРОДАРАНДАР برادراندر бародари модарии падарҷудо.

БАРОЗАНДА برازنده зебоидиҳанда, ороишдиҳанда.

БАРОМАДАН* برامدن 1. Берун шудан. 2. гузаштан.

Чун як чанде бар ин баромад.
Пас аз ин ки якчанд вақт ин тариқ гузашт (Л. М.).

БАРОМУДАН* برامودن оростан, зинат додан *(Л. М.).*

БАРОТ برات 1. когази навиштаест, ки мувофиқи он аз хазина пул гирифта мешавад. 2. хати кисмат ва такдир *(динӣ)*. 3. Ҳуҷҷати озодӣ. К-он ғам ки баду барот медод... *(Л. М.)*.

БАРОҲЕХТАН* براهيختن кашидан *(масалан,* шамшерро аз ғилоф), бараҳна кардан, баровардан. *(Бӯс.)*.

БАРОҲИМА براهمه [*ҷамъи* **бараҳман**]; бараҳманҳо.

БАРОҲИН* براهين [*ҷамъи* **бурҳон**]; далелҳо. *(Б.)*.

БАРРА بره 1. бачаи гӯсфанд. 2. алаф ва сабзавоте, ки бисьёр тоза бошад *(маҷоз)*.

БАРРОҚ براق равшантар, тобонтар.

БАРТАНГ برتنگ пушти асп.

БАРТАРАФ برطرف **Бартараф шудан** дур шудан.

БАРХ برخ ҳисса, пора.

БАРХЕ* برخی порае, ҳиссае, як қисми хурд аз ягон чизи калон. *(Бӯс.)*.

БАРХУРДАН برخوردن ба ҳам сахт расидани ду чиз.

БАРХӮРДОР برخوردار баҳраманд, баҳравар.

БАРШ برش маъҷунест кайфдиҳанда ва масткунанда, ки афьюн ва доруворҳои дигарро бо асал омехта мепазанд, барои одам зарарнок аст ва баъд аз одат кардан аз вай халосӣ мумкин. нест *(Е. 3—4)*.

БАРШГОЛ/**БАРШАКОЛ*** برشگال // برشکال борони тӯфонии сахт аст, ки ҳар сол дар айёми тобистон дар як муддати муайян дар Ҳиндустон рӯй медиҳад, дар он мавсим ҳама аз сайру сафар ва кишту кор боз мемонанд. *(Б.)*.

БАРШУДА برشده болорафта. *Фирдавсӣ гуфта:*

Яке оташе баршуда тобнок.

БАРӢ* بری пок, бегуноҳ; дур аз чизе, ҷудо аз чизе. *(Бӯс.)*.

БАРӮМАНД برومند 1. борвар, ҳосилдеҳ. *(Е.)* 2. комьёб, хушбахт, соҳиби муваффақият *(Л. М.)*.

БАРҲАМАН* برهمن *нигоҳ кун. ба* бараҳман.

БАС بس 1. *нигоҳ кун ба* **басанда**. 2. бисьёр. *Дар ин маънӣ Ҳайрат гуфта:* «Шудам волаи— раҳи беҳосиле паймуда бас умре» *(яъне умри бисьёре)*.

БАСАНДА بسنده кифояткунанда, кофӣ.

БАСАР* بصر чашм. *(Бӯс.)*.

БАСЕ بسی *нигоҳ кун. ба* **басо.**

БАСЕҶ/**БАСИҶ** بسيج 1. сохтагии кор, омодагӣ.* 2. қасд, ният.

Чун сохта шуд басиҷи ёраш,
Носохта буд ҷумла кораш (Л. М.).

Басиҷ кардан қасд кардан, ба коре тайёр шудан.

Аз пешу паси қабиза ёрон
Карданд басиҷи тирборон. (Л. М.).

БАСЕҶГОҲ* بسيجگاه ҷое, ки аз он мусофират кардан лозим меояд ва дар он истиқомат кардан мумкин нест:
Мегашт ба ҳар басиҷгоҳе. (Л. М.).

БАСЕЧИДАН بسیچیدن 1. омода кардан. 2. хостан, қабул кардан.

Ӯ химмати шӯйро басечид
Печид дар ӯву сар напечид. *(Л.М.)*.

БАСИМ بسیم хандонрӯй, шукуфтарӯй, яъне касе, ки доим табассум карда меистад.

БАСИР بصیر 1. бино. 2. доно.

БАСИРАТ بصیرت биноии маънавӣ, яъне зиракӣ.

БАСИТ بسیط 1. ҷои фарох. 2. хар чизе, ки фарох бошад. 3. хар чизе, ки мураккаб набошад. 4. номи бахрест аз бахрҳои шеър дар вазни арӯз.

БАСО بسا бисьёр.

БАСОРАТ بصارت биноии чашм.

БАСОТИН بساتین [ҷамъи бӯстон]; бӯстонҳо.

БАСРА* بصره номи шахрест дар Ироқи араб. *(Бӯс.)*.

БАСТ I بست 1. навбати кор. 2. панохгохе ки аз хар гуна таарруз эмин бошад.

БАСТ II بسط фарохӣ.

БАСТА بسته 1. буқча. 2. хар чизе, ки аз холати шуррутӣ ба сахтӣ омада бошад (*масалан*, **шири баста, ширинии баста, хуни баста;**) 3. *зидди* **кушода.** 4. гирифтори ба ишқ ё ба бало; аҳддор, паймондор.

БАСТАКОР بسته کار тартибдихандаи хавое *(дар мусиқӣ)*.

БАСТАН بستن 1. пайванд кардани чизе ба чизе. 2. пӯшондан *(масалан дарро)*. 3. нигох доштани кори ягон идора, ё тиҷоратхона. 4. қарор додани аҳду паймон дар миёнаи ду кас, ё ду давлат. 5. пайванд додани касе ба коре.

БАТ بط мурғобӣ. **Бати май**—соғарест ба шакли мурғобӣ, ки дар замони пеш майнӯшони дарьёдаркаш шаробро ба хамин гуна соғар менӯшиданд. *(Б.)*.

БАТАР بتر бадтар *(аз ҳамин калима сабук карда шудааст)*.

БАТН بطن шикам.

БАТОЛАТ بطالت 1. коҳилӣ ва бекорхобӣ.

БАТТОЛ بطال 1. бекор. 2. вайронкор.

БАХ-БАХ بخ - بخ ҳай-ҳай, офарин!

БАХИЛ بخیل он касест, ки худаш аз моли худаш намехӯрад, ҳатто ба хӯрдани дигарон аз моли худхошон ҳам розӣ намешавад.

БАХС بخس зари носара.

БАХСОНИ//БУХСОНӢ* بخسانی пажмурдакунӣ, андӯҳгинкунӣ, диққунӣ, зиққунӣ (*Масалан дилро.* Решаи ин калима «бахс» (бухс) аст, ки ба маънои пажмурда, фароҳамомада, дар худ кашида, тангшуда, чинчиншуда, ғамгин бошад. *(Р.)*

БАХТ بخت бахра, насиб. **Бахти сафед** бахти нек.

БАХТВАР* بخت ور соҳиббахт, бахтнок, бахтьёр. *(Бӯс.)*.

БАХТВОЖУН* بخت واژون бахт баргашта, яъне давраш тамом шуда. *(Е)*.

БАХТИЁР بخت یار иқболманд, хушбахт.

БАХУР بخور хушбӯест, ки аз сӯхтани чизе ҳосил мешавад.

БАХШ بخش ҳисса.

БАХШИДА* بخشیده *маҷозан* номзад, арӯс *(Ч. 6)*.

БАХШИДАН بخشیدن 1. додан, инъом кардан. 2. раҳм кардан: *Бахшиду гуноҳи рафта бахшид (Л. М.)*

БАХШИШ بخشش инъом.

БАХШО بخشا *амр ба* **бахшидан** аз бахшоидан.

БАХШОИШ بخشایش аз гуноҳ даргузаштан.

БАХШУДАН بخشودن раҳм кардан.

БАХЬЁЗ بخیاز *нигоҳ кун. ба* **бахьёза** *(ин шакл шакли форсии қадим аст).*

БАХЬЁЗА ه بخیاز шириниӣ, ё пули шириние аст, ки дар вақти либоси нав пўшидан ба дўстон ва наздикон медиҳанд.

БАХЬЯ بخیه дарзест, ки дар канорҳои либосҳо ё ба рўи чокҳои онҳо дусўзана дўхтаанд. **Бахья аз рўи кор афтодан, бахья рўи кор афтодан** — фош гардидани роз *(мажоз).* **Бахья набардоштан** — *нигоҳ кун. ба* **бахья нахўрдан. Бахья нахўрдан** сухан нагунҷидан *(мажоз).*

БАЧА//БАЧЧА بچه кўдак. **Бачаи ток** кинояи аз ангур ва май *(Р.)*

БАЧКАМ* بچکم хонаи тобистонӣ, хонаи гирдогирдаш панҷара кашидашуда; айвон, суфа. *(Р.).*

БАШАР بشر инсон.

БАШАРА ه بشر намуди берунии рўи одамӣ.

БАШОРАТ بشارت хабари хуш.

БАШОШАТ بشاشت хушӣ, кушодарўӣ.

БАШШОШ بشاش кушодарў, тозарў.

БАЪЗ بعض пораи як чиз.

БАҒАЛ بغل зери ҳар ду даст бо канорҳои сина.

БАҒАЛАК بغلک доначаест, ки дар бағали одамӣ пайдо мешавад ва дер мепазад; як навъ решии ҳалоккунандаи аспу хар, ки дар бағал пайдо мешавад *(Б.).*

БАҒАЛКАШӢ بغلکشی дар бағалкашида вохўрдикунӣ.

БАҒТАТАН* بغتتاً ногоҳ, ғафлатан *(Ч. 10).*

БАҚАМ بقم як хел чўби сурхчаи сиёҳтоб аст, ки аз вай дастаи тоиайна созанд ва дар рангрезӣ ҳам ба кор равад.

БАҚАМӢ بقمی ранги сиёҳи сурхчатоб.

БАҚАР بقر гов.

БАҚИЯТУССАЙФ* بقیة السیف аз шамшер боқимондагон *(Б.)*

БАҚҚОЛ بقال сабзавотфурўш.

БАҲИМА بهیمه чорпой.

БАҲЛ* بهل ароба *(Б.).*

БАҲЛА بهله дастпўшаки чармин.

БАҲО I بها қимат ва нархи ягон чиз.

БАҲО II بها равшанӣ; равшан, зебоӣ.

БАҲОДУР بهادر далер.

БАҲОИМ بهائم [ҷамъи **баҳима**]; чорпоён, ҳайвоноти чорпо.

БАҲОНА بهانه сабаби сохта барои коре.

БАҲОР I بهار як фасл аз чор фасли сол, ки дар он фасл растаниҳо рўида сабзаҳо дамида ва шукуфаҳо шукуфтан мегирад. Дар обу ҳавои Осиёи Миёна фасли баҳор ба моҳҳои март, апрель ва май рост меояд.

БАҲОР II بهار ҳар гуна гул.

БАҲОРОН بهاران рўзҳои баҳор.

БАҲОЙ* بهائی қимат (дошта) ва гаронбаҳо. (*Ҳ.*).

БАҲР بحر 1. дарьёи шўр.* **Баҳру бар** — тарию хушкӣ (об ва хушкии рўи дуньё) (*Ё*). 2. вазн ва қофияи шеър.

БАҲРА بهره ҳисса ва насиб. 2. фоидаи видаест, ки аз коре ба даст медаровад.

БАҲРАМАНД بهره مند баҳравар, фоидабардор. **Баҳраманд шудан** фоида бурдан.

БАҲС بحث 1. кандани замин. 2. кофтуков карда дидани ягон масъала *(ин калима ҳозир танҳо ба ҳамин маънии дуюмаш кор фармуда мешавад, ки маҷоз аст)*.

БАҲТ بحت холис; тоза *(ин калима танҳо дар мавридҳои манфӣ меояд, масалан мегўянд:* «аҳмаки баҳт—тоза аҳмақ, аҳмаки холис гуфтан аст.

БАҲЧАТ بهجت шодмонӣ, хушӣ.

БЕАНДОМ بی اندام баднамо.

БЕБАР* بی بر беҳосил, бесамар. (*Л. М.*).

БЕБАРГ* بی برگ бенаво, бечиз, кашшоқ, *маҷоз.* (*Бўс.*)

БЕБАРДАРАХТ* بی بر درخت дарахти бемева. (*Бўс.*).

БЕБОДА بیباده **Бебода шудан** майли аз ҳад зиёд пайдо кардан ба айшу тараб. *Дар ин маънӣ Ҳайрат гўяд:*

> Гарчи будам чанд гоҳе фориғ
> аз майнову ҷом,
> Дид лаби лаъли майолудаш
> маро бебода кард.

(дар забони зиндаи имрўзаи Бухоро).

БЕБОК بیباک нотарс, *беибо,* густох.

БЕБУРИШ بی برش 1. каси бекатъият. 2. касест, ки аз ўҳдаи коре набарояд.

БЕВА بیوه зани шавҳараш мурда, ё шавҳараш талоқдода.

БЕГА بیگه *нигоҳ кун. ба* **бегоҳон.**

БЕГОНА بیگانه 1. ношинос. 2. ноошно. 3. ғайрихудӣ *(зидди* хеш). 4. аҷнабӣ, аз берун омада.

БЕГОР بیگار; хизмати бемузди маҷбурӣ, ки дар замони амир мардум ба заминҳои хоссаи амир ва амалдорони ў мекарданд.

БЕГОРӢ* بیگاری *нигоҳ кун. ба* **бегор** (*Ч. б*).

БЕГОҲ بیگاه *нигоҳ кун. ба* **бегоҳон.**

БЕГОҲОН بیگاهان охири рўз то фурў рафтани офтоб.

БЕДА بیده алафи юнучқаи хушконда.

БЕДАНЧИР بیدانجیر растаниест, ки аз тухми вай равғани касторка кашида мешавад.

БЕДАРМОН بیدرمان 1. бекувват. 2. дарде ки даво надошта бошад.

БЕДИМОҒ بیدماغ ношод.

БЕДИРАМӢ* بیدرمی бепулӣ (*Б*).

БЕДМУШК بیدمشک дарахтест, ки баргаш зардчаи ба сабзӣ моили сиёҳтоб ва гулаш зарди сабзтоб, ки пеш аз барг пайдо кардан мешукуфад, ки гулаш бисьёр хушбўст.

БЕДОД بیداد зулму ситам.

БЕДОНА بیدانه 1. як (навъ) паррандаи кўтоҳпарвози хушхони чангара аст, ки мардум найро барои хонишаш дар қафас ва барои ҷанг андохтан дар халта ва даруни остин парвариш мекунанд. 2. як хел чарми суфта. 3. як хел тути холдор, ки дар дидаи домдор барин менамояд, аммо дар ҳақиқат бедона аст. 4. мавизи ангури кишмиши офтобӣ.

БЕДОР بیدار нахобида, хушёр.

БЕДОРХОБ بیدارخواب аз хоб монда.

БЕЖАН/БИЗАН* بیژن яке аз қаҳрамонони афсонавии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки ба сабаби ишқ чанди сол дар чоҳе маҳбус монда азобҳо кашида буд. *(Бфс)*.

БЕЗАҲРА بی زهره тарсончак.

БЕЗИНҲОР* بی زینهار беамон *(Б.)*.

БЕЗОР بیزار 1. дуригузинанда аз чизе *(масалан, падаре, ки аз ҳаракатҳои нописанди фарзандаш норозӣ шуда, аз вай дурӣ мегузинад)*. 2. аз чизе танг шуда барои халосӣ аз вай чораҷӯӣ кунанда.

БЕКАРОН* بیکران беҳад, бепоён, беканор. *(Х.)*.

БЕКАСУКӮЙ بیکس و کوی касе, ки ёру дӯст, хешу табор, хонаву ҷо надошта бошад.

БЕЛ بیل як олати пахни дастадор аст, ки бо охани он заминро кованд ва бо чӯбинаш барф ва дигар чизҳоро рӯбанд.

БЕЛА بیله замини кушоди миёнаи об.

БЕЛЧА بیلچه бели хурдтараки оҳанин аст, ки бо вай оташ кованд ва гулзорро хишова кунанд.

БЕМАДОРО* بی مدارا носозгор, бемурувват.

> Тарк зада чархи бемадоро... (Л. М.)

БЕМАЪНӢ بی معنی 1. сухане, ки маъно надорад. 2. одаме ки ақл надорад *(маънии дуйӯм начоз)*.

БЕМАҒЗ بی مغز 1. ҳар чизе, ки мағзаш холӣ бошад. 2. одами беақл, нодон. *(маънии дуйӯм начоз)*.

БЕМОР بیمار касе нотандуруст.

БЕМОРАК بیمارک меваи сардарахте, ки пеш аз пухтан зард шуда мерезад.

БЕМОРҒАНҶ* بیمارغنج беморнок, дарднок. *(Р.)*.

БЕМОРӢ بیماری касалӣ. **Ба беморӣ андохтан** тамерӯз кардан, худро касал вонамудан *(Ҷ. 10)*.

БЕМУХОБО بی محابا 1. бемурувватона, бебокона *(ҳол, чунончи мегӯянд: «бемухобо зад»* * 2. бефурӯгузорӣ, яъне пайваста.

> Бемухобо ба тамфаш аз ҳама сӯ
> Ҳинд чун сели тира дошт ғулӯ (Б.).

БЕНАВО بی نوا 1. бесомон, берӯзӣ. 2. бекувват.

БЕНАМАК* بی نمک *маҷозан ба маънии ҳақношинос:*

> Гар ман ҷигари туам, на обам,
> Чун бенамакон макун кабобам! (Л. М.).

БЕНАМАКӢ* بی نمکی бемазагӣ, бехудагӣ *(Л. М.)*.

БЕНИЁЗ بی نیاز касе, ки мӯҳтоҷ набошад.

БЕОҲАНГ* بی آهنگ номувофиқ.

> Менамояд ба туркӣ беоҳанг,
> Рӯ ба ховаш ба рақси гесуи чанг.
> *(Бедил)*

БЕПАРАСТОР بی پرستار касе, ки ягон ғамхор ва нигоҳубинкунанда надошта бошад.

БЕПАРВО بی پروا касе, ки дар

банди чизе набошад ва ба чизе аҳамият надиҳад.

БЕПАРВОЙ بی پروائی саҳлгирӣ, фурӯгузорӣ, ба хотирнаёварӣ (кореро, чизеро).

БЕПАРДА بی پرده кушода, ошкор.

БЕРАНГ بی رنگ 1. нақшаи иморати ҳанӯз бино наёфта. 2. заминаи тасвир, ки ҳанӯз дар вай ранг дода нашудааст. 3. қоғази сӯзанзадаи заминаи нақш тайёркардаи наққошон, ки бо хокаи ангишт он заминаро ба ҷои матлуб мегузоранд.

БЕРОЙ* بی رای бефикру беандеша *(Л. М.)*.

БЕРУН* بیرون *зидди* **дарун. Берун омадан бар касе** исьён кардан ба муқобили касе *(Ч. Ю)*.

БЕРУНА بیرونه аҷнабӣ, бегона, хориҷӣ.

БЕРӮЙ بیروی бешарм, густох.

БЕРӮЙӢ بیروئی бешармӣ; густохӣ.

БЕСАТР* بی ستر бепарда; касе, ки ҷоҳои пӯшиданаш кушодааст. *(Бӯс.)*.

БЕТААЗЗУР* بی تعذر бедушворӣ *(Б.)*.

БЕТААЛЛУҚ* بی تعلق беқайд.

БЕТААЛЛУҚӢ* بی تعلقی 1. беқайдӣ. 2. бепарвоӣ *(Б.)*.

БЕТАЪДОД* بی تعداد бешумор *(Б.)*.

БЕТАҲОШӢ* بی تحاشی бе яксӯшавӣ, бе бетараф истодан **бетаҳошӣ оҳангон**—устувористандагон дар қасди худ. *(Б.)*.

БЕТОБ بی تاب бемор. **Бетобу тавон** беқувват.

БЕТӮШ* بی توش беқувват.

Чун тори қасаб заифу *бетӯш (Л. М.)*.

БЕХ بیخ 1. решаи ҳар чиз. 2. решаи як хел растанӣ, ки дар вақти ҷӯшонда лат задан оби вай монанди собуни кафк медиҳад, ки дар ҳалвогарӣ ва нишаллопазӣ ба кор меравад. 3. бехи алафи юнучқа. 4. асли ҳар чиз, бунёди ҳар чиз.

БЕХЕШТАН* بی خویشتن бехуд, бехудона. *(Бӯс.)*.

БЕХКАНКУНӢ بیخکن کنی чизеро тамоман ва ба тарзе, ки дигар рӯиданаш ва пайдо шуданаш мумкин нашавад, несткунӣ.

БЕХМЕВА بیخ میوه сабзавот, ки ҳосили вай дар решааш мешавад *(сабзӣ, пиёз, картошка ва монанди инҳо.)*

БЕХОСТ بی خواست беталаб, бефикр ва бекӯшиш.

БЕХЧАСТ بیخ جست ниҳоле, ки аз решаи дарахт мебарояд.

БЕШ بیش бисьёр.

БЕША بیشه дарахтзор ва ҷангалзорҳои худрӯи фарох.

БЕШОНБА* بی شائبه бешак; бекамбудӣ *(Б.)*.

БЕҲ به 1. *нигоҳ кун. ба* **биҳӣ**. 2. тандуруст. 3. хуб.

БЕҲИН بهین беҳтарин.

БЕҲТАР بهتر хубтар.

БЕҲУЗУРӢ بی حضوری нохотирҷамъӣ.

БЕЧИГАР بی جگر тарсончак.

БЕЧОДА I بیجاده санги пурқимати сурх, ки монанди каҳрабо коҳро ба худ мекашад.

БЕЧОДА II.* بی‌چاده бероҳ, бероҳа.

БЕЧОДАГӢ* بی‌چادگی бероҳӣ *(Б.)*

БИБИХАЛИФА* بی‌بی‌خلیفه муаллимаи мактаби духтарон *(дар шароити аморати Бухоро. Ч. 6).*

БИБӢ بی‌بی 1. номи ҳурматии занон. 2. модар. 3. модари модар. 4. зане, ки ихтиёри хона дар дасти ӯ бошад.

БИГСИЛОНИДАН بگسلانیدن кандан, аз ҳам ҷудо кардани чизеро *(масалан ресмонро).*

БИГСИСТАН بگسستن 1. кандан. 2. ҷудо шудан.

БИДАВ بدو як хел аспи тездав, ки дар кӯбкориҳо ва пойгаҳо кор фармоянд.

БИДИСТ* بدست ваҷаб.

БИДИСТВОР* بدستوار ба андозаи як ваҷаб;

Аз чарм дидон бидистворе
Бар ноф кашида чун нигоре *(Л. М.)*

БИДОЯТ بدایت аввал, оғоз ва оғозидан.

БИДОҲАТ بداهت беандеша омадани сухан ва фикр. 2. муҳтоҷ ба далел набудани муддаое *(термини илми мантиқ).*

БИДРОМ بدرام ороста, хуррам.

БИДРУД//БАДРУД//ПАДРУД//ПИДРУД* بدرود//پدرود падруд, алвидоъ. *(Л. М.).*

БИЗОАТ بضاعت молу асбоб.

БИЛМАРРА* بالمره ҳама, яккоя, якбора *(Ч. 10).*

БИЛОД بلاد шаҳрҳо *(ҷамъи балад ба маънои шаҳр).*

БИМ بیم тарс.

БИН بن *нигоҳ кун. ба ибн.*

БИНИДАРӢ بینی‌دری чӯбест, ки дар қисми пеши як табақи дар ва дарвоза аз рӯи пайвана мекунанд, то ки дар вақти пӯшонидан табақи дигарро нигоҳ дорад.

БИНО I بینا бинанда.

БИНО II بنا иморат.

БИНОӢ I بنائی хуб, нағз, *басандом.*

БИНОӢ II بینائی хуб бинандагӣ. 2. доноӣ.

БИНТ بنت духтар *(духтари як кас бинти ӯ мешавад).*

БИРБУДАН* بربودن рабудан, кашида гирифтан *(Л. М.).*

БИРИНҶ I برنج 1. донаи маълум. ***Биринҷи мӯйинколӣ барин ёзида рафта истодааст.*** Дар байни омма касеро, ки болида ва ёзида рафтан гирад, ба тарзи мақол «Биринҷи мӯйинколӣ барин ёзида рафта истодааст» мегӯянд. Чунки биринҷи мӯйинколӣ зиёдтар *оббардор* буда ва дар вақти палав пухтан бисёр меёзад. *(Ч. 4).*

БИРИНҶ II برنج як хел филизи зардранг.

БИРИНҶӢ برنجی *нигоҳ кун. ба* **биринҷ II.**

БИРИШТА برشته 1. бирён. 2. дилкаш, марғуб.

БИРКА* برکه ҳила, обанбор. *(Бдс.).*

БИРЬЁН بریان чизи дар деги хушки тафсон, ё дар равғани доғ пухташуда **(нахӯди бирьён, гӯшти бирьён).**

БИРЬЁНГАР بریانگر касест, ки нахӯд, донашӯрак ва писта барин чизҳоро бирьён мекунад.

БИРЧИС برجیس ситораи Муштарӣ.

БИСЕЧ بسیچ қасд ва ирода; *нигоҳ кун. ба* **басеч.**

БИСМИЛ* بسمل кушташуда *(Ч. 6)*

БИСОТ بساط 1. палос. 2. асбоби резураи хона (мебель). 3. умуман ашёи рӯзгорӣ ва зинатӣ. 4. дастаи пиёлаҳои дастадори қандчойхӯрӣ бо тақсимиҳояш *(маънии чорӯм махсуси Бухорост).*

БИСТАР بستر кӯрпаи ғафсе, ки дар вақти хоб ба зер андозанд. **Бистари чонгудоз—бистари ҷонканӣ,** бистари марг. *(Бӯс.).*

БИСТУРДАН بستردن чизеро аз рӯи чизе маҳв кардан, тарошида партофтан, пок карда партофтан.

БИХРАД بخرد доно, ҳушьёр, хирадманд.

БИҲИЛ بهل 1. бахшидан, афв кардан. 2. бигузор, тарк кун!; парто! *(сиғаи амр).* ***Биҳил кардан** бахшидан, аз гуноҳ гузаштан:

Вой, ар биҳилам намекунӣ, вой! *(Л. М.).*

БИҲИШТИВАРАҚ* بهشتی ورق *маҷозан* гули садбарги сурх. *(Бӯс.).*

БИҲОР بحار [*ҷамъи* **баҳр**]; дарьёҳо.

БИҲӢ بهی мевaест себмонанд, ки нопухта хӯрда намешавад.

БОБ I باب 1. шоиста, сазовор, муносиб **(фурсати боб, моли боб).** 2. (дар) ҳаққи... (дар) бораи... (*чунончи мегӯянд:* «дар боби Сангин чӣ мегӯӣ?—*дар бораи Сангин,..).* **Боби дандон** а) хӯроки нарм; б) одами фиребхӯр, в) одами гапбардор *(ду маънии охирӣ маҷоз).*

БОБ II باب 1. дарвоза, дар. *(арабӣ):* 2. қисме аз асарҳои илмӣ ва адабӣ, ки бо як сарлавҳа ҷудо мекунанд.

БОБАК* بابک 1. падарҷон. 2. номи якчанд подшоҳони қадими Эрон. 3. номи сардори як гурӯҳи исьёнчиён, ки дар аввалҳои асри IX, дар байни ҳудуди Эрон ва Озарбойҷон, ба муқобили арабҳо ва дини ислом сар бардошта буданд. Бобак 20 сол ба муқобили аскарони араб истодагӣ карда дар соли 838 (223 ҳиҷрӣ) ба даст афтод ва ба Бағдод бурданд, ки дар он ҷо кушта гардид. *(Бӯс.).*

БОБАСАР* بابصر чашмаш бино, *бар зиддӣ* **бебасар** — нобино. *(Л. М.).*

БОБАТ بابت (дар) ҳақ,..., (дар) бора...

БОБО بابا 1. падари падар ва падари модар. 2. сардори аҳли як пеша дар замони пеш *(чунончи,* **бобои кафшдӯзон, бобои бофандагон...**).

БОБОХОНА* باباخانه дар Бухорои пештара моғанди пешаварони дигар саисҳо ҳам бобо ва бобохона доштанд. Саисҳо агар бекор монанд, ба бобохона рафта мехобиданд. Бобо маҷбур буд, ки ба онҳо хӯрок диҳад. Дар вақти ба кор даромадани саис бобо ҳам аз соҳиби кор ва ҳам аз саис ҳақ мегирифт. Лекин дар вақти корпартоиҳо бобо ҳар вақт масъаларо ба манфиати соҳибкор ҳал мекард ва ба ин восита кисаи худро ҳам хуб пур мекард. *(Ч. 3).*

БОБУЛ//БОБИЛ* بابل номи шаҳрест қадимӣ дар Ироқи араб. Аз рӯи афсонаҳои динӣ гӯё дар он ҷо чоҳе будааст, ки дар он чоҳ Ҳорут ва Морут бо сеҳр маҳбус гардида азоб дода шуда будаанд. Шоир аз ҳамин афсона фоида бурда наргиси маҳбубаашро дар ҷодугарӣ аз ҷодуи Бобул зӯртар мешуморад. Азбаски дар афсона сеҳр дар чоҳ шуда буд, қобилияти «наргис»-ро бо бурдани оби ҷодуи Бобул ифода мекунад. *(Р.)*.

БОВАР باور эътибор, қабул, эътимод *(бо калимаи «кардан» ва «доштан» меояд)*.

БОВАРӢ باوری *нигоҳ кун. ба* **бовар.**

БОД I* باد *нигоҳ кун. ба* **бодо. Бодӣ озод** ҳамеша озод бошӣ! *(Л. М.)*.

БОД II باد 1. ҳаракати ҳаво. 2. бухорест, ки дар меъда, ё дар зери пӯсти одамӣ ва ҳайвонот пайдо шуда, варам мекунонад. 3. номи решест, ки онро «заҳм» ҳам номанд*. 4. Ҳеҷ; чизи холӣ ва беэътибор. **Мову туро ба бод гиранд...** *Яъне, мову туро ҳеҷ мешуморад. (Л. М.).* **Бод ба даст будан**—кинояи аз холӣ будани даст. *Яъне чизе надоштан:*

Бод аст аз ишқи ту ба дастам,
Гӯр эсту ғамам ҳамнишастам. *(Л. М.)*

Бод дамидан бар касе ӯро «куфу суф» кардан:

Боде зи дуо бар ӯ дамидӣ... *Яъне, дуое хонда ба ӯ дам медамидам—«куфу суф» мекард. (Л. М.).*

БОДА باده шароб.

БОДАНҶИР بادانجیر анҷири пешпалак.

БОДАФРАҲ بادافره *нигоҳ кун. ба* **бодафроҳ.**

БОДАФРОҲ بادافراه ҷазои бад.

БОДБАРАК بادبرک коғазест, ки бачагон ба вай ресмон баста дар вақти бод ба ҳаво мепарронанд.

БОДБЕЗАК بادبیزک чизест, ки бо вай ҳаворо ҷунбиш дода худро шамол диҳанд.

БОДБЕЗАН بادبیزن *нигоҳ кун. ба* **бодбезак.**

БОДБОН بادبان як пардаи ҷодиршабмонанд, ки дар киштиҳои бо[illegible] дӣ вайро ба муқобили [illegible] да киштиро ба ҳаракат [illegible]

БОДГИР بادگیر сӯро[illegible] хонаҳо барои тоза [illegible] вои хона.

БОДЗАН بادزن лофзан.

БОДИЁН بادیان донаест [illegible] дум хурдтар, зардча ва хушбӯй, ки дар чой ва ҳалвоҳо ҳамроҳ мекунанд ва шарбати он барои сурфаи сардӣ нофеъ аст.

БОДИЁНӢ بادیانی 1. як хел ҳалвоест, ки аз ширинӣ ва бодиён мепазанд. 2. ҳар чиз ки донистани он ба таҷриба муҳтоҷ бошад. *Дар зарбулмасали халқ ҳаст,* ки **«бодиёнӣ то нахӯрӣ надонӣ».**

БОДИНҶОН بادنجان аз ҷумлаи сабзавот аст, ки бирён карда хӯранд.

БОДИРИНГ بادرنگ маъруф аст, ки вайро **хиёр** ҳам гӯянд.

БОДИЯ بادیه дашту биёбон.

БОДКАШ بادکش *нигоҳ кун. ба* **бодгир.**

БОДО بادا *калимаи хоҳиш, чунончи мегӯянд* «умраш дароз бодо».

БОДПАЙМО بادپیما 1. касест, ки пайи хаёлоти беҳуда мегардад; беҳудакор, хомтамаъ *(Бҳс.)*. 2. олатест, ки бо вай дараҷаи бодро мепаймоянд.

БОДПАРАК بادپرک *нигоҳ кун. ба* **бодбарак.**

БОДПО بادپا тезрафтор.

БОДРЕСА بادریسه тахтаи гирдаи миёнсӯрох, ки дар сақфи хайма ниҳанд.

БОДСАНҶ بادسنج *нигоҳ кун. ба маънии якӯм ва дуйӯми* **бодпаймо.**

БОДХУРА بادخورده номи решест, ки вайро захм ҳам номанд ва бадани одамро хӯрда рафтан мегирад.

БОДӢ بادی лофзан ва худситой.

БОЗ I باز 1. *асоси замони ҳозира аз* **бохтан.** 2. бозӣ кунанда; *ба ин маънӣ бо исм ҳамроҳ меояд. Чунончи,* **зочабоз, кафтарбоз.**

БОЗ II باز 1. кушода, *чунончи:* **дар боз шуд**—... кушода шуд.

БОЗ III باز 1. дубора, такрор; *чунончи ба касе ки омадааст, мегӯянд:* **боз биё!** 2 *ба маънии* ҷониб;—муддат, *чунончи:* **як моҳ боз туро надидам.**

БОЗ IV باز номи як паррандаи шикорӣ.

БОЗБУРДАН بازبردن 1. хамирро барои нон, ё барои ягон оши хамирӣ тайёр кардан. 2. чизеро дубора бурдан.

БОЗГУНА//БОЖГУНА بازگونه، باژگونه чаппа.

БОЗДОДАН بازدادن гардонда додан.

БОЗДОШТАН بازداشتن 1. нигоҳ доштан. 2. манъ кардан.

БОЗИЛ باذل бахшанда, сахӣ.

БОЗИСТОДАН* بازاستادن истодан, худро нигоҳ доштан. (*Л. М.*).

БОЗИЧА بازیچه чизе, ки бачагон бо вай бозӣ кунанд.

БОЗКАРДАН بازکردن кушодан.

БОЗОР بازار ҷоест, ки мардум дар он ҷо хариду фурӯш кунанд.

БОЗОРГОН بازارگان савдогар. (*Бӯс.*)

БОЗУ بازو 1. аз сари шонаи одамӣ то оринҷ. 2. сарпанҷаи дарахт, ки аз танаш ҷудо мешавад.

БОЗУРГОН بازرگان савдогар.

БОЗХОСТ بازخواست 1. ба ҷавобгарӣ кашидан. 2. гирифтугир (кардан).

БОЗШУДАН* بازشدن *ба маънии* баргаштан:

Ҷуз бозшудан даре надиданд. (*Л. М.*).

БОЗЬЕФТ بازیافت фоида ва манфаат аз коре.

БОЗӢ بازی фиребу найранг (*бо калимаи* **додан** *ва* **хӯрдан** *меояд*).

БОИМҶОН بایمجان *нигоҳ кун. ба* **бодинҷон.**

БОИС باعث сабаб ва тайёркунандаи коре.

БОИСТ بایست зарурӣ ва даркорӣ

БОИСТА بایسته *нигоҳ кун. ба* **боист.**

БОЙБУРДАН بای بردن *нигоҳ кун. ба* **бурдан.**

БОЙДОДАН بای دادن дар қимор, шатранҷ ва ё дар ягон мусобиқа мағлуб шудан.

БОК باک тарс ва ибо.

БОКИРА باکره духтари шавҳарнодида.

БОЛ I بال *амр ба* **болидан** яъне хурсандӣ кун, шодӣ кун!

БОЛ II بال 1. бозуи мурғон, ки ба воситаи вай парвоз кунанд. 2. аз сари бозу то нӯги панҷаи одамӣ.

БОЛИДАН بالیدن 1. хурсандӣ кардан, шодӣ кардан. 2. кушода шуда рафтани одам аз хурсандӣ. 3. балидан (*Б.*).

БОЛИН بالین нигоҳ кун. *ба* **болиш**.

БОЛИНҶ بالنج нигоҳ кун. *ба* **болиш**.

БОЛИШ بالش чизи нармест, ки дар вақти хоб дар зери сар мемонанд.

БОЛИШТ بالشت нигоҳ кун. *ба* **болиш**.

БОЛИҒ بالغ расида.

БОЛО بالا 1. баланд. 2. забар. 3. қади одамӣ, қомат. *Дар маъниш сеюми Ҳофиз гӯяд:*

Болобаланди ишвагари нақшбози ман...

Боло гирифтан а) баланд шудан. б) тараққӣ кардан ва пеш рафтан. в) лоф задан.

БАЛОГАРАВ * بالاگرو чизест, ки дар болои бозии чанги ҳайвонот ва мусобиқаҳо гарав мешавад. *Масалан ду картишбоз (бедонабоз) картишҳои худро бо гаравҳои муайян ҷанг меандозанд. Томошобинон ҳам аз болои картишҳои онҳо дар байни худ гарав мебанданд. Ана ҳамин гаравҳои дуюмро бологарав мегӯянд* (ч. 1).

БОЛОДАРӢ بالادری чӯбест, ки қисми болои дар ва дарвозаро аз вай мегузоранд.

БОЛОДАСТӢ بالادستی ғолибӣ.

БОЛОР بالار чӯбҳои сақф, ки дар сақфи хона мемонанд.

БОМДОДОН بامدادان субҳгоҳ.

БОНГ بانگ 1. фарёди баланд. 2. садои чеғи хурӯс, садои гов ва монанди инҳо.

БОНУ بانو зан ва ё духтари соҳибихтиёри хона.

БОНӢ بانی бинокунанда.

БОР I بار 1. гаронӣ, ҳамл. 2. ҳамли ҳайвон. **Бор ниҳодан** — зоидан (*Б.*).

БОР II بار меваи дарахт, ҳосили дарахт (*таркиби* **буду бор** *чаппаи он таркибест, ки ҳозир дар забони зинда ба шакли* **бору буд** *кор мефармоянд. (Р.)*).

БОР III بار карат, дафъа.

БОР IV بار калимаи басёрӣ ва анбӯҳӣ (*монанди* **дарьёбор, Зангбор**).

БОР V بار боранда, чунончи **мушкбор, шакарбор** (*дар ин маъно танҳо намеояд*).

БОР VI بار рухсат ба даромадан, чунончи: **Рақиб бар дари ту бор ёфт, ман маҳрум.** Ё ин:

Сари агар пеш ниҳад дар ин гулзор,
Ба қабулаш назари надорад бор. (Ҳ.)

БОРА I باره карат ва дафъа. *Ба ин маъно ба адад ҳамроҳ шуда меояд*, чунончи: **якбора, дубора, сабора**... .

БОРА II باره бобат, ҳақ... чунончи *мегӯянд*: **дар бораи фалонӣ**, *ба ҷои* **«дар ҳаққи фалонӣ»**, ё **дар бобати фалонӣ**.

БОРА III باره нигоҳ кун. *ба* **бору(2)**.

БОРАГӢ بارگی асп.

БОРБАД باربد 1. номи созандаи Хусрав. 2. як навъ сози мусиқии қадимӣ.

БОРБАНД باربند касест, ки борҳоро мебандад.

БОРГИР * بارگیر ҳайвони боргир (*бештар дар бораи асп гӯянд*). (*Бӯс.*); ҳайвони боркаш ва саворӣ.

БОРГОҲ بارگاه 1. дарбори подшоҳон. 2. хаймаи подшоҳнишин.

БОРДОН باردان ҷуволест аз лух, ё наи бофта, ки дар вай ғалладонаро захира кунанд.

БОРЕ * باری 1. лоақал, ҳеҷ набошад; *чунончи, Саъдӣ мегӯяд:*

Гирифтам ки душман накӯбӣ ба санг!
Макун боре аз ҷаҳл бо дӯст ҷанг! (*Бӯс.*)

Шамшер задан чарост, боре?! *яъне, лоақал шамшерзаниро тарк кунед. (Л. М.).*

БОРИД بارد сард ва сардӣ.

БОРИЗ بارز 1. ошкор. 2. пайдошаванда.

БОРИКБИН باریک بین зирак.

БОРИҚ بارق равшан, тобон.

БОРИҚА بارقه [*шакли муаннаси бориқ*]; дурахшанда.

БОРКАШ * بارکش кашонандаи бор. **Боркашраҳонӣ**—раҳо намудани боркаш:

Бори ҳама мекаш ар тавсанӣ
Беҳтар чӣ зи боркашраҳонӣ.

Яъне, дар дуньё коре беҳтар аз халос кардани мардум аз боркашӣ нест. (Л. М.)

БОРНОМА * بارنامه 1. рухсатнома, иҷозатнома барои даромадан. 2. асбоби ҳашамат ва бузургӣ; тафохур. 3. *дар ин ҷо ба маънии* миннат:

Ҷоне ба ҳазор борнома
Маъзул кунаш зи корнома:

яъне, ҷони маро бо ҳазор миннат аз кори ҷасадам гир (Л. М.).

БОРОНӢ بارانی ҷомаи боронногузар, ки дар рӯзҳои борон пӯшанд.

БОРУ بارو девори қалъа.

БОРУТ باروت доруи милтиқ.

БОРФУРОР * بارفرار *ба истилоҳи Бухоро* далларо *мегӯянд. (Ҷ. 2.)*

БОРӢ I* باری бо бор.

БОРӢ II * باری яке аз номҳои худо.

БОСГУНА باسگونه чаппа. *нигоҳ кун. ба* **божгуна.**

БОСИТ باسط фарохидиҳанда.

БОСМАЧИЁН باسمچیان гурӯҳи мусаллаҳи аксиинқилобии буржуазияи миллӣ, капиталистӣ, феодалӣ ва амирӣ буданд, ки баъд аз Революцияи Октябрь ба муқобили Ҳукумати Советӣ ва самараҳои аз революция ба даст даровардаи меҳнаткашони Осиёи Миёна силоҳ ба даст гирифта мубораза карданд ва дар охир мағлуб шуданд.

БОСМАЧӢ باسمچی ҳар кадоми иштироккунандагони ҳаракати босмачигарӣ.

БОСТОН باستان гузашта, қадим.

БОТИЛ * باطل бекора, беҳуда (*И. С.*).

БОТИН باطن 1. аҳволи дарунии одамӣ (*муқобили* **зоҳир**). 2. *умуман* даруни ҳар чиз.

БОФАРҲАНГ* بافرهنگ бодониш (*И. М.*).

БОХТАН باختن 1. чизи худро дар қимор бой додан, 2. қиморбозӣ кардан.

БОХТАР باختر 1. машриқ (замин). Меҳрро якрӯза роҳ аз бохтар то ховар аст *(Н.)*. 2. номи калъаи вилояти Балх.

БОХТАРИЁН باختریان қавми пештараи бошандагони вилояти Балх.

БОША باشه 1. сарсутун. 2. як хел паррандаи шикорӣ.

БОҒБОН * باغبان хӯшаҳои хурди ангур *(Ч. О. О)*.

БОҒӢ باغی саркаш ва аз итоат берун рафта.

БОҚИЛО باقلا донаест лӯбиёмонанд, ки аз орди вай нон пухтан мумкин аст.

БОҲИР باهر равшан, зоҳир.

БОҶ باج андозе, ки аз моли тиҷоратии хориҷӣ мегиранд.

БОҶА باجه шавҳари хоҳаршӯӣ *(ду кас ҳарду хоҳаронро ба занӣ гирифта бошанд, ба якдигар боҷа мешаванд)*.

БРИГАДА بریگده дастаест, ки дар як қисми ягон соҳаи кор ҳамаи вазифаро бо ҳам адо мекунад.

БРИГАДИР بریگدیر роҳбари бригада.

БУБ * بوب палос; гилем, қолин

БУД I بود 1. калимаест, ки дар нақли воқеаи замони гузаштаи дур меояд. *Чунончи:* **Одина пештар дар колхози «Ударник» раис буд.** 2. ҳастӣ; *чунончи:* **буди кор ҳамин аст.** 3. тамом шудани як корро мефаҳмонад, *чунончи:* **иморати кӯҳна буд шуд.**

БУД II بود чора, илоҷ (**лобуд** — ночор, ноилоҷ гуфтан аст).

БУЗ * بز ҳайвони хонагии маъруф. **Бузи бойчок** хари сафеди ҷавони пурқувват.

БУЗДИЛ بزدل тарсончак.

БУЗОҚ بزاق оби даҳон.

БУЗУРГ بزرگ 1. калон. 2. мақомест дар шашмақоми мусиқа.

БУЗУРГВОР بزرگوار бузург *(«вор» ба зиёдат аст)*.

БУЗҒОЛА بزغاله бачаи буз.

БУЗҒУНҶ بزغنج пистаи пуч аст, ки дар рангрезӣ ба кор равад.

БУКО بکا гиръя.

БУКТАР بکتر бастаи пушти зина аст.

БУЛАҶАБ بوالعجب чизи бисёр таъаҷҷубовар.

БУЛБУЛ بلبل паррандаи гунҷишкмонанди хушовоз.

БУЛЛУР بلور нигоҳ кун. ба булӯр.

БУЛФУЗУЛ * بوالفضول донотарош, маҳмадоно *(Б.)*.

БУЛҒОР بلغار як хел чарми хушбӯй аст.

БУЛУР بلور ойнаи ғафси бисёр шаффоф.

БУЛУРИН * بلورین 1. ҳар чизе, ки аз шишаи булӯр сохта шуда бошад. 2. ҳар чизе, ки дар софӣ ва шаффофӣ ба шишаи булӯр монанд бошад *(маҷоз)*. *(Ғиёс.)*

БУЛӮРӢ بلوری ҳар чизи маъдании шаффоф.

БУМ I بوم 1. замини киштукорнашуда. 2. бошишгоҳ ва ҷо (**мардуми бумӣ** — мардуми маҳаллӣ *гуфтан аст*). 3. Замин, сарзамин, мамлакат: Овоза рафта шуд ба ҳар *бум* *(Л. М.)*.

БУМ II بوم паррандаи бадфол аст, ки аз чуғз калонтар мешавад. **Бум карда нишастан** сару рӯи худро турш карда бум барин шуда нишастан.

БУН بن 1. қисми зерини ҳар чиз. 2. бех *(Бӯс.)*.

БУНА بنه 1. ҷои хоб, рахти хоб. 2. асбоби сафарӣ.

БУНАҚ بنك маблағест, ки барои коре, ё ҳосили кишти пешакӣ медиҳанд *(ин калима аз калимаи «бун» сохта шудааст)*.

БУНАФШ بنفش — ранге, ки ба ранги гули бунафша монанд бошад.

БУНАФША بنفشه гулест нозукнавдаи даврабарги бепоя, ки шукуфааш нофармонранг ва хушбӯй мешавад.

БУНАФШАРАНГ بنفشه رنگ *нигоҳ кун. ба* **бунафш.**

БУНДУҚ بندوق тири милтиқ ва таппонча.

БУНИЯ بنيه сохти бадан.

БУНЬЁДРӮИН* بنیاد روئین бунёди оҳанин, бунёди металлӣ. *(Бӯс.)*.

БУНЬЁН بنیان таҳкурсии хона.

БУР بور 1. ранги сурхчаи тираи сиёҳтоб. 2. аспи ба ҳамин ранг.

БУРДА برده 1. чизест, ки дар қимор бурда мешавад. 2. умуман манфаати ғайри чашмдошт.

БУРДАН بردن дар қимор, дар шатранҷ, ё дар ягон мусобиқа ғолиб омадан.

БУРДБОР بردبار тоболаранда, сабркунанда.

БУРДБОРӢ بردباری сабр, бардошт, таҳаммул. *(Бӯс.)*.

БУРЗ برز 1. қадр ва шукӯҳ. 2. баландии қомат. 3. танаи дарахт.

БУРОНИШ برانش 1. андоза гирифта буридани либосворӣ барои либосдӯзӣ. 2. қатъият, иродаи сахт.

БУРРАНДА برنده [1. сифати феълии замони ҳозира аз **буридан.** 2. тез, дамтез]. **Буррандаву дӯзанда** зани кордон.

БУРРО برا 1. ҳар чизе, ки нағз бурранда бошад. 2. сухани равшан ва дилчаспи ботаъсир.

БУРС برس дарахти арча.

БУРУДАТ برودت сардӣ, хунукӣ.

БУРУЗ بروز берун омадан, ошкор шудан.

БУРУН برون берун (*сабук кардашудаи* **берун**).

БУРУТ بروت мӯйлаб. **Бурути парчамҳо** киноя аз кокулҳои сари байрақ. *(Б.)*.

БУРҚАЪ * برقع парда, рӯйпӯш. *(Л. М.)*

БУРҲОН برهان ҳуҷҷати равшан ва далели қотеъ (бурранда), ҳуҷҷат, далел (барои исботи муддао) *(Бӯс.)*.

> Эй ҳузури маҷдамат дар зиндагӣ
> бурҳони ман *(Б.)*.

Ба бурҳон анҷомидан — исбот шудан *(Б.)*.

БУРҶ برج 1. гӯша. 2. гӯшаҳои қалъа, ки гирда карда баланд мебардоранд. 3. биноест ба шакли манора, ки дар биёбонҳо ва дар канорҳои баҳрҳо месозанд (барои дидбонӣ ё барои ба болояш баромада тамошо кардани атроф). 4. гӯшаҳои фалакист, ки аз рӯи тулӯъ ва ғуруби офтоб дар як сол ба 12 тақсим меёбанд.

БУССАД * بسد марҷон *(Р.)*.

БУССАДДИН * بسدین *мансуб ба* **буссад;** марҷонӣ *(Р.)*.

БУТ بت 1. суратест, ки мардум

мепарастиданд. 2. маъшуқа (*маҷоз*). **Бути Кашмар** — киноя аз маҳбубаи ҷилвагар (*Р.*).

БУТКАДА بتكده бутхона.

БУТПАРАСТ بت پرست касе, ки ба бут ибодат мекунад.

БУТТА بته ҳар як донаи растаниҳои кӯтоҳпоя; ҷунончи, **буттаи гул**, **як бутта гул** мегӯянд. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст;*

Як бутта гул аз таълия шиноя биёред.
Дар мадраса хеле нагузорад тубакро.

БУХЛ بخل бахилӣ (*Б.*).

БУХОРХУДОТ بخارخدات подшоҳи Бухороро **Бухорхудот...** мегуфтанд. *Нигоҳ кун.* ба **худот** (*И. М.*).

БУХС بخس 1. пажмурдагӣ. 2. ба худ печидани пӯст аз ҳарорати оташ. 3. танг шудани дил (*чунончи, «дилам бухс кард» мегӯянд*).

БУХТӢ بختی шутури қавии пайкарсурхранг.

БУХУР بخور чизҳои хушбӯи сӯхтанӣ (*монанди уд, сандал, сунбул*).

БУҒ بوغ 1. бухор. 2. гирифтагии гулӯ, ки аз беморӣ, ё бо фишори касе пайдо шавад. 3. *нигоҳ кун.* ба **бук**. **Буғ додан** обро ҷӯшонда дар бухори вай чизеро нигоҳ доштан. **Буғ кардан** бо ресмон, ё бо даст гулӯи ҷондореро фишор дода, нафаси ӯро буридан, фишор додан.

БУҒЧА بغچه бастаи пӯшокиҳо.

БУҒЧА بغچه буғчапеч, нофармонӣ, аз итоат барой.

БУҒЧОМА بغچامه 1. чодирест, ки кӯрпа ва кӯрпачаҳоро дар вай баста мемонанд. 2. дастаи кӯрпа ва кӯрпачаи дар чодир бастамонда.

БУҚЪА * بقعه 1. заминест, ки аз заминҳои дигар ҷудо карда шуда бошад. 2. хона, сарой, бино. (*Бур.*).

БУҲУР بحور баҳрҳо (*хоҳ ба маънии дарё бошад, хоҳ ба маънии авзони шеър*).

БУҶУЛ بجول/بجل устухонест, ки бо вай қиморбозӣ кунанд.

БУҶУЛАК بجولك устухони бароманда истодаи байни пошна ва соқи по.

БУ بو 1. *нигоҳ кун.* ба **бӯй**. 2. аз **будан** *аст*: Шояд, бувад. *Ҳофиз гӯяд:* «Бӯ ки бӯе бишнавам аз хоки айвони Шумо» (*шояд ки... бувад ки... гуфтан аст*).

БӮЁ بویا хушбӯ.

БӮЗ بوز 1. аспи нилгуни ба сафедӣ моил. 2. ҷавони паҳлавони далери бебок, тавоно, бардам. 3. замини кӯр; дамнадидашуда. (*Дар сифати одам ва ҳайвоноти саворӣ ин калима байни «Шоҳнома» ва забони зиндаи тоҷикӣ муштарак аст. Аммо дар сифати замини пурқувват ва надам махсуси забони тоҷикӣ аст*). (*Ф.*).

БӮЗА بوزه шаробест, ки аз шираи арзан созанд.

БӮЗИНА بوزینه маймун.

БӮЙ بوی бухор, ё ғубори нозук, ки бо назар нонамоён аст, ки аз чизҳо ба димоғ мерасад, баъзеи он хуш ва баъзеаш бад мешавад. **Бӯй бурдан** аз ягон сирри пинҳоние андаке огоҳӣ ёфтан.

БӮР * بور аспи бӯрранг.

Бӯре ба ҳазор зӯр меронад,
Байте ба ҳазор дард мехонад.

Яъне, бо ҳазор машаққат аспи худро меронад (ва ин ҷиҳат аст аз хеле суст роҳ гаштани Маҷнун). (Л. М.).

БУРА بوره як чизи маъдании намакмонанди талхмаза.

БУРЬЕ بوریا палосест, ки аз наи кӯфта бофанд.

БУРЬЁКУБӢ بوریاکوبی зиёфатест, ки ба муносабати манзил кардан дар хонаи наве ба дӯстон диханд.

БӮСТОН بوستان/بستان боғест, ки дар он ҳар гуна меваҳо, гулҳо, сабзавот ва полиз бошад.

БӮСТОНАФРӮЗ بوستان افروز гули тоҷихурӯс.

БӮСТОНПИРО بوستان پیرا 1. боғбон. 2. касе, ки дарахт ва токҳоро пироиш медиҳад.

БӮСТОНСАРОЙ بوستانسرای боғи пеши хона, рӯйдарича.

БУТА بوته косаи гилӣ аст, ки дар он тилло, нуқра ва дигар фулузотро гудозанд.

БӮҚ بوق 1. карнаи калони бадовоз. 2. карнаи сафолин, ки пештар дар осиёҳо ва ҳаммомҳо барои хабар додани сар шудани кор менавохтанд.

БУҚАЛАМУН بوقلمون 1. паррандаест, ки ба рангҳои гуногун метобад. 2. ҳарири мавҷдор. 3. одами бесабот ва беқарор, ки дар як рӯз ба чандин фикрҳои зидди ҳамдигар меафтад (*маҷоз*).

БӮҲРОН بحران тағйири азими фаврӣ, ки дар беморӣ рӯй медиҳад. 2. *умуман* тағйироти азими фаврӣ (*дар ғайри беморӣ* маҷоз аст).

БӮҲТОН بهتان 1. айби надоштани касеро ба вай нисбатдиҳӣ. 2. айби надоштан ба вай нисбат додашудани касе.

В

ВАБО وبا муромурии умумӣ.

ВАДИАТ* ودیعت амонат. (*Б.*).

ВАЗЪ* وضع 1. гузориш. 2. Вазъият, ҳолат. **Вазъи муроқаба сар ҳам карда, чашм пӯшида фикр кунӣ.** (Б).

ВАИД* وعید ваъдаи ҷазои бад, ваъдаи азоб.

ВАЙ وی 1. ӯ. 2. *сабук кардашудаи* **вой** (*нигоҳ кун ба* **вой**).

ВАЛӢ* ولی 1. дӯст. 2. қариб, одами муқаддас (*динӣ*). 3. соҳибкаромат (*ҷ. б*).

ВАРАЪ* ورع покӣ, парҳезгорӣ (*Бӯс.*).

ВАРЗИДАН* ورزیدن 1. шуғл кардан, касб кардан.

Ишқе ки дил инчунин наварзад.
Дар мазҳаби ишқ, ҷав наварзад. (*Л. М.*)

2. машқ кардан; ба худ пеша кардан (*Бӯс.*).

ВАРНА* ورنه вагарна (*Л. М.*).

ВАРОЪ* وراء берун, он сӯ (*Ҳ*).

ВАРТА* ورطه 1. ҷои пурбим. 2. гирдоб.

Дар вартаи хаёл фитода сафинаҳо (*Н.*).

ВАРҒБАНД* ورغبند банди чӯбин ва чимин (*Ч. О. О*).

ВАРҚОНӢ* ورقانی Дар тарафҳои Бухоро харбузаро дар замини ҳамвор мекоранд. Баъд аз хишова ва таноб партофтани палаки он, як об медиҳанд. Пас аз он, ки замин расид, ҷои ҷӯяшро бо каланд гардонида хокҳояшро нарм карда гирифта ба зери палакҳо мепошанд. Ана ҳамин амалиёти чӯякашии баъдаобдиҳиро «варҷонӣ» меноманд *(Ч. 3.)*.

ВАСАТ وسط 1. миёна. 2. чизе, ки дар ягон сифат дар миёна бошад *(на гарм, на сард, на фарбеҳ, на лоғар, яъне миёна)*.

ВАСАХ وسخ чирк, рим, ки аз реш барояд.

ВАСИЛА وسیله чизе, ки барои ба даст даровардани чизе ба кор ояд.

ВАСИЯТ وصیت супориши одами ғоибшаванда ба боқимондагон *(одами ба сафарраванда ё касе, ки вақти мурданаш наздик расидааст мегӯяд, ки «баъд аз ман чунин кунед, чунин кунед»)*.

ВАСИҚА وثیقه 1. ҳаргуна ҳуҷҷат, ки чизеро устувор кунад. 2. ҳуҷҷати замин, қавлӣ *(ба ҳамин маънӣ дар забони халқ зинда аст)*.

ВАСЛ وصل пайвандъёбӣ, бахамрасӣ.

ВАСОЁ وصایا [ҷамъи **васият**]: васиятҳо.

ВАСОИТ وسائط [ҷамъи **восита**]: воситаҳо, василаҳо.

ВАСОТАТ وساطت дар миёнҷигӣ, воситашавӣ барои коре.

ВАСОҚ وثاق банд, қайд.

ВАСӢ وصی касе, ки ба вай васият карда шудааст. 2. сарпарастӣ кунандаи фарзандҳои сағири одами мурда.

ВАТАД وتد мехи чӯбин.

ВАТАН وطن ҷои пайдоиши ягон одам, ё ягон ҷонвари дигар ва растанӣ.

ВАТВОТ وطواط фароштурук.

ВАТИРА وتیره роҳ, равиш, дастур.

ВАХШ وخش 1. аввал, овел, нахуст. 2. номи шаҳре аз вилояти Хатлон (Кӯлоб), *(ин ду маънӣ аз «Бурҳони Қотеъ» ҷилди 2, саҳифаи 42)*. Аз оби Вахши ҳозира ҳукм кардан мумкин аст, ки «Вахш» шаҳре буд дар вилояти Кӯлоб, дар баромадгоҳи оби Вахш аз кӯҳистон ба водӣ. Он шаҳр хароб шудааст ва номи он ба обе, ки вайро обьёрӣ мекард, мондааст *(Р.)*. 3. номи обе, ки аз кӯҳистони Кӯлоб гузашта ба дарёи Панҷ мерезад.

ВАҒО* وغا ҷанг, ғавғо *(Бҷс.)*.

ВАҚТ* وقت гоҳ, ҳангом, як ҳисса аз замон. **Вақти хуфтан** баъд аз як соат аз шаб гузаштан *(Ч. 6)*.

ВАҚҚОД * وقاد фурӯзанда *(Н.)*.

ВАҲ وه 1. калимаи таъаҷҷуб. 2. калимаи таҳсин. 3. калимаи афсӯс.

ВАҲАЛ وحل [лой, *лойқа*]: лойдон, ки равандагон дар вай дармемонанд.

ВАҲБӢ وهبی бахшидашуда *(зидди* **касбист**, *ки он бо кор ва меҳнат ба даст дароварда мешавад)*.

ВАҲДАТ وحدت ягонагӣ, танҳоӣ; якшавӣ.

ВАҲИД وحید ягона, танҳо.

ВАҲЛА وهله карат, навбат. **Дар ваҳлаи аввал** дар навбати аввал. *(Ба ҳамин маънӣ дар адабиёт зиндааст)*.

ВАҲМ وهم 1. гумони бедалел. 2. тарси беасос.

ВАҲН وهن сустӣ.

ВАҲШ وحش (ҷамъи **ваҳшӣ**): ҳайвоноти ваҳшӣ.

ВАҲШАТ وحشت рамандагӣ; [тарс, бим, ҳарос, ҳавл].

ШИНИХЕБ وحشی‌نهیب тар- андаи ваҳшиён (Ҷ. О. Ӯ.).

ШИЙ وحشی 1. ҷонвари сах- и раманда. 2. одами ибтидоии сронишин, ки ҳанӯз ба зин- гонии маданӣ ром нашудааст аънии дуюм маҷоз).

ҲОҶ وهاج афрӯхта, фурӯ- , равшан, дурахшон (аз си- тҳои шамъ, чароғ ва монанди).

АБ وجب 1. Панҷаи даст дар сти кушода шудани ангуштон. миқдори масоҳа ё масофае, ба панҷаи даст дар вақти шода шудани ангуштон баро- р ояд.

АНОТ وجنات [ҷамъи ваҷ- т]; ҷоҳои барҷастаистодаи рӯй- , рухсораҳо.

АЪ وجع дард.

Д* وجد 1. ҳолати завқ ва дӣ. (Б.) 2. ҳаяҷони девонавор Л. М.).

ЕҲ وجیه 1. шиносо. 2. со- ҷоҳ. 3. хубсурат, хушнамо.

НА(Т)* وجنة рӯй, рухсора.

ОҲАТ وجاهت намуди рӯи мӣ (*маънии ҳозирааш ҳамин т*).

Ҳ وجه 1. рӯй. 2. сӯй. 3. да- л, иллат, *сабаб*. 4. он чи, ки вай зиндагӣ карда шавад (*пул, мин, моҳона*).

КА ویژه 1. хусус, хосса. холис, хулоса.

ОД* وداد дӯстӣ (*Б.*)

ОДА وساده *болиш, болин*.

ОЛ وصال пайвастан.

ОҚ وثاق 1. банд, қайд. 2. хо-

ОҚ* وفاق иттифоқ, муваффи- т, созгорӣ, созиш (*Б.*).

ВИҚОР* وقار оҳистагӣ, оромӣ, вазинӣ (*бо маъниҳои ҷӯбии ин калимаҳо*). (*Бӯс.*).

ВИҚОЯ* وقایه ҳар чизе, ки дар он чизеро нигоҳ дорад; *маҷозан* хиргоҳ.

К-он рӯз, ки Нуфал он зафар ёфт,
Лайлӣ ба виқоя—дар хабар ёфт (*Л. М.*).

ВИҶДОН وجدان 1. ёфтани чизи гумшуда (*ин маънӣ мурдааст*). 2. дарёфт. 3. дарёфти қалбе дар бораи чизе. 4. инсоф.

ВО I وا *боз*, кушода (**дар во**— дар боз, дар кушода (аст).

ВО II وا 1. *боз*, пас (*префикси феълӣ*): **водеҳ!** — боз пасдеҳ, **водеҳ!** — *боздеҳ*).

ВО III وا 3. *кӯтоҳ кардашудаи* **вой** аст, ки дар вақти афсӯс ва дар ҳангоми аламрасидагӣ гӯянд.

ВОАҶАБО واعجبا калимаест, ки дар вақти тааҷҷуб *бо* афсӯс гӯянд.

ВОДОР وادار маҷбур.

ВОДӢ وادی 1. замине, ки дар миёнаи вай раҳгузари об бошад (**водии Вахш, водии Зарафшон**). 2. дашту биёбон (*дар ин маънӣ бештарин бо маҷоз меояд*: «**водии ишқ, водии расвой**» — биёбони ишқ, биёбони расвой).

ВОЖУН واژون 1. нагун. 2. сар зеру по боло. 3. номуборак, шум.

ВОЗЕЪ واضع 1. ниҳандаи чизе ба ҷое. 2. асосгузоранда ба чизе, эҷодкунандаи чизе, дастуреро.

ВОЗЕҲ واضح равшан.

ВОЙ وای калимаест, ки дар вақти озори сахт, ё дар вақти тааҷҷуби афсӯсомез гӯянд.

ВОЛА واله шефта, ҳайрон (*дар ишқ*).

ВОЛИД* والد соҳиби фарзанд, падар.

ВОЛИДАЙН* والدین падару модар (*Б.*).

ВОЛӢ والی 1. дӯст. 2. ҳаким.

ВОМ وام қарз.

ВОМОНДА وامانده пасмонда. (*Бӯс.*).

ВОМОНДАН واماندن 1. кушода мондан, бозмондан (*масалан, даҳон*). 2. бе пасмондан, ҷудо шуда дар қафо мондан.

В-ОН* وان ва он.

ВОНАМУДАН وانمودن 1. кушодан. 2. ҳоли худ ё ягон чизро бар хилофи будаш сохт карда нишон додан. **Бемор вонамудан** дар ҳолати тандурустӣ худро бемор нишон додан.

ВОР وار (*суффикс*) 1. монанд (**одамвор кор кун** — одаммонанд кор кун). 2. лоиқ, сазовор (**шоҳвор** — арзанда ба шоҳ, лоиқ ба шоҳ). 3. миқдори ягон чиз, ки аз вай чизе сохта шавад (**як ҷомавор чит биёр** — яъне як миқдор чит, ки аз вай як ҷома дӯхта шавад, биёр). 4. калимаи нисбат (**газвор** — мансуб ба газ, яъне чизе ки вайро бо газ паймуда хариду фурӯш мекунанд, *чит, сатин ва монанди инҳо*).

ВОРА واره гӯшти бунн дандон, ки решаи дандонро нигоҳ медорад.

ВОРАСТА وارسته озод, фориғбол.

ВОРАСТАГӢ* وارستگی озодӣ (*Б.*).

ВОРУН وارون вожгун, чаппа, сар зеру по боло.

ВОРУНА* وارونه вожуна, вожгун, чаппа, сарнагуну поболо (*Бӯс.*).

ВОСИҚ* واثق устувор (*Ҳ.*).

ВОСӮХТ واسوخت 1. боз сӯхт, дубора сӯхт. 2. сӯзиши пайдарпай. 3. шеъре, ки дар вай ҷудоии қатъии аз маҳбуб баён карда шавад.

ВОСӮХТАН واسوختن 1. дубора сӯхтан. 2. пайдарпай сӯхтан.

ВОТ وات канори замини кишт, ки барои ҷудо кардан аз дигар замин ва обёрӣ қадре баланд мекунанд.

ВОФУРӮШ وافروش касе, ки маҳсулоти пешаварони дастӣ коркунандаро (*масалан, маҳсулоти кафшдӯзҳоро*) харида мефурӯшад.

ВОФӢ وافی 1. бовафо. 2. кифоякунанда, тамом, комил.

ВОХ واخ калимаест дар вақти дидан ё шунидани ягон чизи хуб ё он ки дар вақти лаззат бурдан аз чизе гӯянд.

ВОЯ وایه 1. камол (**ин дарахт ба воя расидааст** — яъне ба камол расида, вақти мевадиҳиаш омадааст). 2. миқдори муайяни аз чизҳои нашъадиҳанда, ки гирифторони вай ҳар рӯз он миқдорро хӯранд (*кӯкнор, барш, афюн ва монанди инҳо*).

ВОЯКАШ وایه کش нашъаманде, ки чизи нашъадиҳандаро бо худ намедорад ва ба вай пул сарф намекунад, аммо аз нашъамандони дигар гирифта кор мефармояд (*масалан, папироскаши бепапирос*).

ВОҚЕА* واقعه ҳодиса ва пешомад.

ВОҚЕАНАВИС* واقعه نویس мушоҳидачии воқеа. **Воқеанависони амир**—ҷосусони амир (*Ҷ. 6*).

ВОҚЕАТАЛАБ واقعه‌طلب 1. низоъангезанда дар миёни мардум. 2. дӯстдорандаи ҷанҷолу хархашаҳои байни мардум.

ВОҚИФ واقف хабардор.

ВОҲИБУЛАТИЙЕТ* واهب‌العطیات *бенизбахшандаи бахшишҳо (Б.).*

ВОҲИМА واهمه қувватест дар одам, ки чизҳои набударо монанди буда нишон дода одамро дар тарс андозад.

ВОҲӢ* واهی 1. суст. 2. *дар адабиёт:* суханҳои беасл, беасос ва бемаънӣ.

Гоҳ, гуфтӣ ва олами воҳӣ,
Гоҳе омадам чӣ мехоҳӣ? (Б.).

ВОҶИБ واجب 1. доим, ҳамеша. 2. лозим ва зарур.

ВОҶИБСАДАҚА* واجب‌صدقه касе, ки ба зердастон садақа доданаш лозим бошад (Л. М.)

ВУБОЛ وبال 1. сахтӣ, гаронӣ, азоб. 2. нақс (*дар нуҷуми афсонавӣ*).

То боз раҳад моҳ аз вуболаш.
(Л. М.).

ВУЗУ* وضو таҳорат, ки бо об мешавад. (Б.).

ВУСЛА وصله парчае аз чизҳои бофта ё коғаз, ки бо вай ягон ҷои дарида, ё чокшударо пайванд диҳанд, пайванд, ямоқ. **Вусла кардан** — ямоқ кардани чоку вораи пӯшокӣ *ва монанди инҳо.*

ВУСЛАТ وصلت 1. пайванд. 2. пайвастагӣ, ба ҳам пайвастагӣ. 3. никоҳ, хешӣ. (*Бӯс.*).

ВУСТО وسطی 1. миёна. 2. ангушти миёна.

ВУСУҚ وثوق 1. устуворӣ. 2. эътимод.

ВУСЪ وسع 1. фароҳӣ. 2. гунҷоиш (*Б.*). 3. тавоноӣ.

ВУСЪАТ وسعت фароҳӣ.

ВУШОҚ وشاق пешхизмат, ғулом (*Бӯс.*).

ВУҲУШ وحوش ваҳшиҳо, ҳайвоноти ваҳшӣ (ҷамъи *дар* ҷамъи ваҳшӣ).

ВУҶУД وجود ҳастӣ.

ВУҶУҲ وجوه [ҷамъи ваҷҳ]: ваҷҳҳо, далелҳо, иллатҳо, сабабҳо.

Г

ГАБЗ گبز ғафс.

ГАБР گبر оташпараст, маҷусии оташпараст.

ГАВ گو 1. *сабуқ кардашудаи* **гов**. **Гави бешох** одами бад, ки ба ҳар кас зарар расонад. 2. паҳлавон, далер, пурзӯр. Чунин гуфт мӯбад ба пеши гавон (Ф.). 3. бузургҷусса, тануманд.

Дар Бухоро ва Самарқанд одатан одамони тануманд ва пурзӯрро **гав** *лақаб медиҳанд:* **Маҳмуди Гав, Муллошоҳи Гав, Махдуми Гав**).

ГАВАЗ گوز *кӯтоҳ кардашудаи* **гавазн** *(нигоҳ кун. ба* **гавазн**).

ГАВАЗН گوزن гови кӯҳист, ки ҳарду шохаш монанди дарахт шохҳои бисёр ҷудо мекунад.

ГАВАК گوک **Гавак кардан** зонуҳо ва дастҳоро бар замин монда роҳ рафтан (*монанди рафтори бачагони ҳанӯз пой кабароварда—қадам партофта натаво-*

нанда). **Гавак кашидан** *нигоҳ кун. ба* **гавак кардан.**

ГАВАКҒАЛТАК گوک غلتک галтакчаест беэзибар ва ростдаста, ки бачагон дар вақтҳои гаваккашии худ (*дар вақтҳои қадам партофта натавонистан*) ба дастаи вай такья карда роҳ мераванд.

ГАВГУМ گوگم *нигоҳ кун. ба* **говгум.**

ГАВГУН گوگن *нигоҳ кун ба* **говгум.**

ГАВД گود чуқурӣ.

ГАВДАНТАБИАТ* گودن طبیعت кундзеҳн (*Б.*).

ГАВДАР // ГАВДАРА گودر // گودره як хел мурғобиест, ки гӯшташ бадбӯй аст.

ГАВОН گوان 1. говҳо. 2. паҳлавонон, далерон. *Дар ин маънӣ Фирдавсӣ гуфта:* Хушо шаҳри Эрону фаррухгавон... .

ГАВОРА گواره *кӯтоҳ кардашудаи* **ҷонвора.**

ГАВОРАҶУНБОН گواره جنبان *нигоҳ кун ба* **гаҳвораҷунбон.**

ГАВРАЙҲОН گوریحان як хел райҳони дарозпояи калонбарг.

ГАВҒАЛТАК گوغلتک *нигоҳ кун. ба* **гавакғалтак** (*сабук кардашудаи он аст*).

ГАВҲАР گوهر 1. асл ва зоти ягон чиз. *Дар ин ҷо:*

Чун ишқ сиришта шуд ба гавҳар,
Чӣ бими падар, чӣ бими модар?

ба маънии моҳияти инсон (*Л. М.*). 2. ҳар санге, ки қиматбаҳо бошад. (**ҷавҳар** *арабӣ кардашудаи он ва* **гуҳар** *сабук кардашудаи он аст*).

ГАДЕВАР گدیور гадоикунанда.

ГАДО گدا 1. касе, ки зиндагонии худро бо садақаи мардум мегузаронад. 2. бечиз, бенаво; *зидди* **бой, тавонгар.**

ГАДОЙ گدائی 1. садақа талабкунӣ аз мардум барои зиндагонӣ. 2. бенавоӣ, бечизӣ. **Гадоӣ кардан** аз мардум садақа гирифта зиндагонии худро гузаронидан.

ГАДЬЯ گدیه *нигоҳ кун. ба маънии якуми* **гадой.**

ГАЗ I گز *сиғаи амр аз газидан,* яъне бигаз.

ГАЗ II گز як миқдори муайян аст (аз сарпанҷаи одамӣ то сари сина), ки бо вай замин, чизҳои бофта ва монанди инҳоро андоза кунанд. **Гази карбос** андозаест аз сарпанҷаи одам то сарпанҷаи дасти дигар. Бо ин газ, карбос, алоча ва қаламӣ барин чизҳои камбари бофтаи маҳаллиро андоза кунанд, ки ҳар чор гази инҳо як либос мешавад. **Газ кардан** андоза кардан бо газ.

ГАЗ III گز дарахтест паттагии худрӯи сурхчӯби сахт, ки бештарин дар кӯҳистон рӯяд.

ГАЗАК گزک 1. бадшавии захм ва ё реш ба сабаби ҳаво расидан ё об гирифтан. 2. чизе ки барои нӯшидани обакиҳои тунд, талх ва бадмаза аз паси вай ё бо вай хӯранд (*қанд бо чой, гӯшт, бирён ё ягон чизи дигар бо шароб*) (*нигоҳ кун. ба* **ҳалқосо**). *Дар ин маънӣ Наҷиб гуфта:*

Маст аз маи рақибу газак аз Наҷиб хоҳ,
Соғар ба ғайр гиру дили мо кабобкун

(*яъне кабобкунанда*). **Газакро даво нашудан** ба коре кор наёмадан (*маҷоз*).

ГАЗАНД گزند офат, осеб, ранҷ; зарар, зиён.

ГАЗАНДА گزنده 1. ҳар ҷонваре, ки одамро газида ё неш зада зарар расонад (**саги газанда, аспи газанда, мори газанда,** *занбӯр ва монанди инҳо*). 2. одаме, ки аз забони худ (бо шикоят, бо иғвогарӣ, бо талхгӯӣ) ба одам зарар мерасонад (*маънии дуюм маҷоз*).

ГАЗАР گزر сабзӣ (зардак).

ГАЗБОР گزبار *нигоҳ кун. ба* газвор.

ГАЗВОР گزوار чизҳои бофтае, ки бо газ ё метр андоза карда хариду фурӯш намоянд.

ГАЗИД گزید 1. канди майдае, ки бо чой газида хӯранд. 2. *сиғаи замони гузаштаи* **газидан** (**саг газид**).

ГАЗИДАН گزیدن 1. ба дандон сахт гирифтан. 2. неш задан (**каждум газид** ... неш зад).

ГАЗИНА گزینه путки дарози мисгарон аст, ки бо вай даруни кӯза ва дегҳои калонро шаклдор созанд.

ГАЗИТ گزیت 1. хироҷест, ки дар замони феодализми ислом аз ғайри ҳамдини худ мегирифтанд. *Дар ин маънӣ Низомӣ гуфта:*

Гаҳаш хоқон хироҷи Чин фиристад,
Гаҳаш қайсар газити дин фиристад.

ГАЗЛАК//ГИЗЛИК گزلک кордчаи қаламтарош.

ГАЗМ گزم дарахти газ.

ГАЗМОЗАК گزمازک меваи дарахти газ.

ГАЗМОЗУ گزمازو *нигоҳ кун. ба* газмозак.

ГАЗМОЛ گزمال *нигоҳ кун. ба* газвор.

ГАЗНА گزنه растаниест давоӣ, ки як номи вай **анҷара** аст.

ГАЗО I گزا 1. газанда. 2. зарарасонанда.

ГАЗОИДАН* گزائیدن 1. газидан. 2. зарар расидан (*Ё*).

ГАЗОЙ گزای *нигоҳ кун. ба* газо.

ГАЗОФ I گزاف 1. суханҳои беҳуда. 2. дурӯғ. 3. *маҷозан* ҳазил.

Куфри чу мане газофу осон набувад.
Маҳкамтар аз имони ман имон набувад
(*И. С.*).

ГАЗЧӮБ گزچوب чӯби чоррахи суфтаи ғилкорон, ки дар вақти андовидан бо вай дар зери девор ва пеши дарҳо раҳ бароранд.

ГАЛА گله 1. якчандто аз ягон якҷинсаҳо (**галаасӣ, галачӯӣ**). 2. гурӯҳе аз чорпоён ё паррандагон (*дар мисоли сонӣ деҳқонбачагон дар вақти рондани паррандагон аз киштзор «гала-гала ҳой!» мегӯянд*). **Гала кардан** ғун кардани чанд чизи якҷинса дар як ҷой (*дар ин маънӣ «гала куну сара кун» масали халқ аст*). **Гала шудан** бисёр шудани ягон чиз дар ҷое. *Дар ин маънӣ Ҳайрат гуфта:*

Ду рӯз шуд, ки асират набуд ҷуз
дили ман.
Кунун хунобахӯри наргиси ту як
гала шуд.

ГАЛАБОН گله‌بان нигаҳбони галаи чорпоён.

ГАНДА گنده бад.

ГАНДАБАҒАЛ گنده‌بغل касе, ки бағали ӯ бӯи бад диҳад.

ГАНДАГӢ گندگی 1. бадӣ. **Гандагӣ кардан** бадӣ кардан. 2. саргини одамӣ.

ГАНДАНО گندنا сабзаест монанди сабзаи ҷав, аммо сербартар ва бӯқувваттар аз он, ки мазаи барги пиёз дорад, бо ошҳо, гоҳо бо нон хӯранд.

ГАНДАПИР گنده‌پیر пиразани бадатвор.

ГАНДИДАН گندیدن вайрон шуда бӯи бад овардани чизе (*масалан, гӯшт*).

ГАНДУМ گندم донаи маълум аст, ки вайро орд карда нон пазанд. **Гандум ҳама ҷо, пазанда ҷо-ҷо** *масали халқ аст*, ки лозим будани мутахассисро барои ҳар кор ифода мекунад.

ГАНДУМГУН گندمگون одамест, ки рангаш ба гандум монанд бошад.

ГАНҶ گنج зар ва ҷавоҳири бисьёри захира кардашуда. **Ганҷи бодовард** а) моле аз ҷое муфт ба даст афтода (*маҷоз*); [б) номи ганҷи дуйӯм аз ҳашт ганҷи Хисрави Парвез]. в) номи оҳанге аз оҳангҳои сигонаи Борбад]. **Ганҷи равон** а) гӯсфанд. (*дар ин маънӣ халқ гуфтааст:* «Анбори ҷаҳон гандум, ганҷи равон гӯсфанд, хоҳӣ, ки шавӣ толон, ду асп гиру барбанд». *Бастани асп-парво кардани асп;* [б) номи ганҷи Қорун, ки аз рӯи афсонаҳо пайваста дар зери замин ҳаракат мекардааст]. **Ганҷи шойгон** а) ганҷи фаровон; б) ганҷи сазовор; в) ганҷи беранҷ ба даст афтода; г) *нигоҳ кун. ба* **ганҷи бодовард** «*б*»)

ГАНҶИНА گنجینه 1. хазина (*Бӯс.*). 2. хонаҷаест дар пешгоҳи хона ё ҳуҷра, ки дар он ҷо чизҳои қиматдорро нигоҳ доранд.

ГАНҶИНАДОР* گنجینه دار хазинадор (*Бӯс.*).

ГАНҶУР گنجور хазинадор (*асли ин калима* **ганҷвар** *аст*).

ГАП گپ 1. сухан. 2. сухани беасл, лоф (*масалан, дар ҷавоби даъвои касе мегӯянд:* «гап-гап», *яъне сухани беасл ё ин ки лоф*). 3. гаштак *нигоҳ кун. ба* **гаштак.**

ГАП-ГАП گپ - گپ 1. сӯҳбат, гуфтугузор (*Дар ин маънӣ гуфта шуда:* «То нимаи шаб бо ғайр гап-гап кардай, ки хуфтӣ то баъди пешин...»). 2. овоза дар ҳаққи касе ё чизе (**дар бораи фалонӣ аз фалон хусус бисьёр гап-гап шуд, аммо ҳамагӣ беасл баромад**).

ГАПДОН گپدان ҳозирҷавоб.

ГАПДУЗД گپ دزد касе, ки дар маҷлисҳо гап намезанад, аммо гапҳои ба худаш даркориро чида мегирад.

ГАПЗАН گپزن суханвар, нотиқ.

ГАПФУРӮШ گپ فروش касе, ки гапи корро бисьёр мезанад, аммо кори амалӣ намекунад, ё ин ки бисьёр кам мекунад.

ГАПФУРӮШӢ گپ فروشی бисьёр гапзада камкоркунӣ ё корнакунӣ.

ГАПЧИН گپ چین касест аз маҷлисе ба маҷлисе, аз одаме ба одаме гап чида бурда мегӯяд ва барои вайрон кардани миёнаи мардум кӯшиш мекунад.

ГАПЧӢ گپچی шиквагар, касе ки аз думболи ҳар кас гап мезанад ва шикоят мекунад.

ГАР I گر 1. *сабук кардашудаи* **агар;** (*нигоҳ кун. ба* **агар**).

ГАР II گر 1. кунанда (*сабук кардашудаи* **гор; коргар**—коркунанда). 2. созандаи чизе (**мисгар, заргар, оҳангар**). 3. соҳиб (**тавонгар**—соҳиби тавоной).

ГАР III گر реш, хориш.

ГАРАВ گرو 1. нигоҳдории чизе дар бадали чизе. 2. чизе, ки барои коре шарт бастаанд. 3. кафил, зомин (*масалан мегӯем:* **бо трактор заминронӣ кардан гарави ҳосилоти баланд аст**). **Гарав бастан** барои шудан ба нашудан ё ин ки карда тавонистан ва натавонистани коре бо касе шарт бастан. **Гарав бохтан** а) шарти бо касе бастаро бой додан; б) аз касе дар коре пас мондан, мағлуб шудан. **Гарав бурдан** а) шарти (бо касе) бастаро бурдан; б) (аз касе) дар коре пеш гирифтан, ғолиб омадан.

ГАРАВГИР گرو گیر *нигоҳ кун. ба* **гаравдор.**

ГАРАВГОН گروگان одам ё одамоне, ки душман ба ҷои асирафтодагони худ то озод шудани онҳо нигоҳ медорад; [гаравӣ].

ГАРАВДОР گرودار касе, ки чизеро дар бадали чизе нигоҳ медорад.

ГАРАВӢ گروی чизе ё касе, ки дар бадали чизе ё касе нигоҳ дошта шудааст.

ГАРАНГ گرنگ сустфаҳм.

ГАР-ГАР گر - گر суханҳои бемаънии лофомези баланд гуфташуда *(дар ҳаққи ингуна гапзананда «бисёр гар-гар накун» мегӯянд).*

ГАРГИН گرگین 1. бемории хоришдор. 2. чиркинӣ, ки чиркаш монанди решҳои хориш хушкида ба даст маълум шавад *(маҷоз аст ва дар забони зиндаи тоҷикӣ ба ҳамин маънӣ меояд).*

ГАРД I گرد 1. *амр ба* **гардидан (аз ин роҳ гард!).** 2. гарданда **(ҳавогард, дарьёгард, шабгард).** 3. гардиш. Булбул ба ҳавои гул ба гард аст... *яъне, булбул аз ишқи гул дар гардиш аст (Л. М.).*

ГАРД II گرد 1. зарраҳои майдаи ҳар чиз **(гарди коҳ, гарди ангишт). Гарди хазина** шишаи бисёр резааст, ки ба шилшилаҳои миёнбандҳо гузаронанд ва ба каллапӯшҳо дӯзанд.

ГАРДА گرده хокаи ангишт, ки наққошон ба кор мебаранд (хокаи ангиштро ба як латтаи тунук баста, коғази бо сӯзан сӯроx карда нақш баровардаро ба девор ё санг гузошта он латтаро ба рӯи он коғаз мемоланд ва бо ҳамин нақш ба зер мегузарад).

ГАРДАК گردک шубушбачаи нав аз тухм баромада.

ГАРДАН گردن 1. ҷои байни сару тани ҷондорон. 2. ҷои танге, ки дар байни даҳан ва шиками зарфҳо ҳаст **(гардани кӯза, гардани хум).** * **Гардан додан** — таслим шудан *(Ҷ. б).* * **Гардан задан** касеро сар бурида куштан. **Гардан ниҳодан** а) таслим шудан баъд аз ҷанг; б) фармонбардорӣ кардан баъд аз нофармонӣ; в) розӣ шудан ба душворие.

ГАРДАНА گردنه 1. чӯби дусари бориki миёнғафс, ки бо вай хамирро тунук кунанд. 2) ҷои борики ду кӯҳ, ки ҳар ду кӯҳро ба ҳам пайванд медиҳад. 3. ҷои борики ду хушкии дар об воқеъшуда, ки ҳарду хушкиро ба ҳам пайванд медиҳад.

ГАРДАНБАНД گردن بند 1. чизе, ки ба гардани асп ва дигар ҳайвонот барои зинат банданд. 2) зинати занона ки **ғафабанд** ҳам номанд.

ГАРДАНДА گردنده 1. гардишкунанда *(ба маънои сайр).* 2. гирдгарданда *(қисми чарх)*; 3. аз ҳоле ба ҳоле гарданда.

ГАРДАНКАШ گردنکش одами саркаш, фармоннобардор.

ГАРДАНПЕЧ گردن پیچ парчаест, ки барои нигоҳдорӣ аз сармо ё аз гарду хок печонанд.

ГАРДАНТОБӢ گردن تابی кори фармударо қабулнакунӣ.

ГАРДАНШАХ گردنشخ *нигоҳ кун. ба* **гарданғафс.**

ГАРДАНҒАФС گردن غفس одами кинакор, гапнодаро.

ГАРДИДАН گرديدن 1. чархиш ва ҳаракат кардани чизҳои гирда (чарх, гардиш). 2. аз ҳоле ба ҳоле дигаргун шудани чизе (*масалан орд бо об хамир мегардад*).

ГАРДИШ گردش 1. гирдагардӣ. 2. сайру гашти кӯтоҳмуддат (**гардиши шаҳр, гардиши боғ**). 3. як чизи ҳалқамонанд, ки бо ҳам кардани тахтаи тунуктар яклухт месозанд (**гардиши дойра, гардиши ғалбер, гардиши ордбезак**). **Гардиши сар** бемориест, ки сари одам гирд мегардад ва вазъияти баданро нигоҳ дошта наметавонад.

ГАРДКАМ* گردکم истилоҳи қиморбозон аст, ки дар мавриди бой кардани ҳамаи сармоя мегӯянд (*Ч. З.*).

ГАРДОН I گردان *амр ба* **гардонидан (бигардон!)**.

ГАРДОН II گردان 1. гардонанда; ба ҳамаи маъноҳои **гардондан (чархгардон, обгардон, барқгардон)**. 2. ҳолати гардандагӣ **(осиёи гардон, чархи гардон)**.

ГАРДОНДАН گرداندن 1. аз ҳоле ба ҳоле овардани чизе. 2. чизеро гирд ҳаракат кунондан (*масалан чархро*). 3. касеро аз роҳе нигоҳ доштан.

ГАРДУН گردون 1. осмон. 2. ароба, *нигоҳ кун*: ба **гардуна**.

ГАРДУНА* گردونه ароба (*Ч. Ғ. Ғ.*)

ГАРДУНАК* گردونك чарх (*Б.*).

ГАРДӢ* گردی чити тунук (*Ч. Ғ.*).

ГАРМ گرم *зидди* **сард. Гарму сӯзон** як чизи гарм, ки дараҷаи гармиаш ба дараҷаи сӯзанда бошад (*масалан, нони аз танӯр кашида*). **Гарму сардро дида** касе, ки душворӣ, осонӣ, беморӣ, тандурустӣ, шодмонӣ ва ғамгинӣ, хулоса ҳама чизҳои зиндагиро аз сар гузаронидаст. **Гарму ҷӯшон** а) чизҳои обакии гарм, ки гармиаш қариб ба дараҷаи ҷӯшиш бошад; б) муомила бо муҳаббат ва хушӣ (**воҳӯрдии гарму ҷӯшон, қабули гарму ҷӯшон, пурсиши гарму ҷӯшон**—*пурсуков*). **Гарм ҷӯшидан** бисёр изҳори муҳаббат кардан (*ба касе*).

ГАРМАК گرمك як зоти харбузаи зардусурхи хушбӯй, ки аз ҳамаи харбузаҳо пештар пазад.

ГАРМО گرما ҳавои гарм; *зидди* **сармо**.

ГАРМОБА گرمابه ҳаммом.* Гармоба шуд ба ҳаммом рафт.

ГАРМОВА* گرماوه гармоба, ҳаммом (*Бӯс.*).

ГАРМОГАРМ گرماگرم 1. ҳолати гармӣ (**гармогарм об нанӯш!**) 2. ҳолати суръат ва тезии кор (**дар гармогармии кор ин корро ҳал кардан даркор аст**).

ГАРМРАВ گرم رو 1. тезрав. 2. ошиқ.

ГАРМРАФТОР گرم رفتار тезрафтор.

ГАРМСЕЛ گرم سيل боди гарм, ки ба одам ва растаниҳо бисёр зарар мерасонад.

ГАРМСЕР گرم سير вилоятҳое, ки ба хатти устуво наздиканд ва дар бештарини фаслҳои сол гарм мешаванд.

ГАРМХУН گرم خون 1. одами боғайрати тезкор. 2. одами дилтанги оташмизоҷ.

ГАРМӢ گرمی *мансуб ба* **гарм**.

ГАРОИДАН گرائیدن майл кардан; рағбат кардан *(ба чизе)*.

ГАРОН گران 1. вазнин; *зидди* **сабук.** 2. нархи баланд; *зидди* **арзон.** 3. пур. Дар ин маънӣ Ҳофиз гуфта:

Ратли гаронам деҳ, эй муриди хароботт...

ГАРОНГӮШ گرانگوش одаме, ки гӯшаш хуб намешунавад.

ГАРОНМОЯ گرانمایه пурқимат, пурқадр *(хоҳ одам бошад, хоҳ чизи дигар)*.

ГАРОНСАНГ گرانسنگ 1. одами соҳибтамкин, соҳибвиқор. 2. чизи пурқимат.

ГАРОНСАР گرانسر калонгир *(ин ба маънои* **саргарон** *аст)*.

ГАРОНӢ* گرانی вазнинӣ, ботамкинӣ *(Л. М.)*.

ГАРОНҶОН گرانجان одами нофорам ва бадсӯҳбат.

ГАРОНҶОНӢ گرانجانی нофорамӣ *(сифати одам)*; бадсӯҳбатӣ. Дар ин маънӣ гуфта шудааст:

Бо сабукруҳон чу бардоред хуш
ратли гарон,
Гар гаронҷонӣ кунад зоҳид,
бурун аз дар кунед!

ГАРЧАНД گرچند *сабуккардаи* **агарчанд.**

ГАРЧИ گرچه *кӯтоҳкардашудаи* **агарчи.**

ГАШНИЗ گشنیز *нигоҳ кун. ба* **кашниз.**

ГАШНИЧ گشنیچ *нигоҳ кун. ба* **кашнич.**

ГЕСӮ* گیسو мӯи занон, кокул. **Гесувон** кокулҳо *(Ҷ. 10.)*. **Гесӯи чанг** киноя аз шилшилаҳои даври чанг аст, ки ҳамеша ба тарафи замин овезонанд *(Б.)*.

ГЕТӢ* گیتی *дунъё (Ҳ.)*.

ГИЗОФ//ГАЗОФ* گزاف 1. беҳуда, бемаънӣ, беасл *(дар сифати сухан)*.

Ӯро сӯи мо кучо тавоф аст?
Девонаву моҳи нав? гизоф аст!

Ба ақидаи мардум ба девона моҳи нав ё умуман моҳро нишон додан хатарнок аст (Л. М.). **Гизофи ёвагӯён** суханҳои беҳудаи ҳарзагӯён *(Л. М.)*.

ГИЗОФГӮ* گزافگو беҳудагӯ, ғайбатчӣ *(Л. М.)*.

ГИЗОФКОР* گزاف کار одами беҳудагӯй; одами беҳудакор *(Л. М.)*.

ГИЗОФКОРӢ* گزاف کاری беҳудакорӣ *(Л. М.)*.

ГИРД* گرد 1. доирашакл, мудаввар. 2. ҷамъ, фароҳам.* **Гирд омадан** ғун шудан, ҷамъ шудан. 3. шаҳр.

ГИРДАК گردک чизи ҳалқамонанди хурд.

ГИРДАКОН* گردکان чормағз.

ГИРДАҒУНД گرده غند 1. чизи фароҳамомада. 2. чизи хурди ба як ҷо ҷамъистода.

ГИРДБОД گردباد боди аз ҳар тараф сахтвазанда, ки бар якдигар бархӯрда хоку хасу хошокро гирд занонда монанди манора боло мебардорад.

ГИРДОБ گرداب 1. як вазъияти оби равон аст, ки дар поёни шаршараҳо ва дар ҷоҳои хамгашти роҳи об пайдо мешавад ва об гирд гашта ба дарун фурӯ меравад *(ин вазъияти об дар обҳои калон таҳлуканок аст)*. 2. ҷой ё кори пуртаҳлука, ки одам беихтиёр ва нофаҳмида дар он ҷо гирифтор шудааст ё мешавад (**гирдоби фалокат;** *Маънии дуйӯм маҷоз аст)*.

ГИРДОГИРД گرداگرد тамоми атрофи ягон чиз.

ГИРДУҒУН(Д) گردوغون **Гирдуғуни кардан** ҳар чизро ҷо ба ҷои худ гузоштан; гирдуғуни хона.

ГИРДӮ گردو *нигоҳ кун ба* **гирдакон**.

ГИРЕБОН گریبان ҷои ба гардан ростояндаи курта, ҷома ва дигар пӯшокиҳо.

ГИРЕБОНГИР گریبان‌گیر орзуи чизе, шавқ ба чизе, ё ягон ҳолати дигар, ки ба одам рӯй додааст ва ҳеҷ аз вай ҷудо намешавад *(маҷоз)*.

ГИРЕБОНӢ گریبانی 1. порчае ки бар гиребони либос дӯзанд. 2. гиребон *(дар ин маънӣ «и» барзиёд аст)*.

ГИРЕВА/ГАРЕВА* گریوه пушта, тал.

Мерафт—ҷунон, ки об дар ҷоҳ,
Меомад—сад гирева дар роҳ.
(Л. М.).

ГИРЕҲ گره 1. банди ресмон дар бастани чизе, 2. ҷин **(гиреҳи абрӯ, гиреҳи пешонӣ)**. 3. чигил, **(гиреҳи мӯй)**. 4. ҳаргуна банд, **гиреҳи най, гиреҳи ангуштон)**. 5. як қисм аз шонздаҳ қисми аршин, ки дар забони русӣ «вершок» гӯянд. **Гиреҳ ба гиреҳ** а) печдарпеч, душворӣ бар сари душворӣ; б) банд бар болои банд дар ресмонбандӣ. **Гиреҳ кардан** пул ғундоштан ва харҷ накардан *(маҷоз)*.

ГИРЕҲКУШО گره کشا касе, ки душвориҳоро осон мекунад. 2. баҳомонӣ ба чизе ба тарзе, ки харидани он мумкин шавад.

ГИРИСТАН گریستن гиря кардан. *Дар ин шакл маънӣ суфта шудааст:* ... Хандидан аз ту бошаду аз ман гиристан.

ГИРИФТ I گرفت сиғаи замони гузаштан гирифтан **(фалонӣ фалон чизро гирифт)**.

ГИРИФТ II گرفت дармонӣ, тангшавӣ **(гирифти овоз, гирифти дил, гирифти меъда)**. **Гирифти хотир** ранҷиш *(аз касе)* **Гирифт кардани дил** андӯҳнок шудан.

ГИРИФТАН گرفتن 1. ба даст гирифтани чизе. 2. буридан **(гирифтани нохун)**. 3. банд кардан **(дарро гирифтан, сари роҳро гирифтан)**. 4. сар кардан **(ба даст гирифтани коре)**. *5. пиндоштан, фарз кардан:

Гирам, дилат аз сари вафо шуд,
Он даъвии дӯстӣ куҷо шуд?

Фарз кунем, ки дилат аз фикри вафодорӣ баргашт. (Л. М.). **Новард гирифтан** давидан.

Ман гирди ҷаҳон **гирифта новард**.
Ман дар гирди ҷаҳон метозам. (Л. М.). **Чизеро ба чизе гирифтан** чизеро чизе пиндоштан:

Морову туро ба бод гирад...
Мову-туро ҳеҷ мешуморанд
*(Л. М.).**

ГИРИФТОР گرفتار ба банди чизе афтода **(гирифтори дард, гирифтори ғам, гирифтори ишқ, гирифтори нашъа)**.

ГИРИФТОРӢ گرفتاری дар банди чизе афтиш.

ГИРИФТУГИР گرفت و گیر дар зери тафтиш гирифтан *касеро*. **Гирифтугир кардан** дар зери тафтиш гирифтан касеро, таъна кардан, сарзаниш кардан, дар бораи коре ҷавоб талаб кардан.

ГИРО I گیرا 1. некгиранда, бисьёргиранда *(сифати одам ва ҷонварони шикорӣ)*. 2. олатест дар оҳангарӣ ва мисгарӣ, ки дар вай чизҳои сохтаниро банд карда, бо сӯҳон сайқал медиҳанд ё тез мекунанд.

ГИРОГИР گیراگیر қариб баробар (ин ду гӯсфанд гирогири якдигар меояд).

ГИРОИШ گیرایش майл, рағбат (*ба чизе*).

ГИРОН گیران гирифта (*ҳол*; **гирон омад** гирифта омад).

ГИРСТАН گرستن *нигоҳ кун.* ба **гиристан**; (*сабук кардашудаи он*).

ГИРУДОР گیرودار 1. ҳукмронӣ, фармонфармоӣ. 2. ҷанг. 3. ҳашамат ва дабдаба.

ГИРЬЕН گریان гирьякунон (*ҳол*).

ГИРЬЯ* گریه ашкрезӣ.* **Гирьяи абр** борон.

ГИҶ گیج 1. дар ҳайрат афтода. 2. шахшудамонда. 3. гарангшуда. **Гиҷ шудан** а) шах шудан (гиҷ шудани дандонҳо—бо ҳам часпида шах шуда мондани дандонҳои болову поин), б) чизеро нафаҳмидан (гиҷ шудани майна—гарангшуда чизеро нафаҳмидани майна); в) ба ҳайрат афтода беҳаракат мондан (гиҷ шудани одам—ба ҳайрат афтода беҳаракат мондани одам бо дидани ягон чиз ё ҳодисаи бисьёр аҷиб ё ягон чизи бисьёр хуб).

ГИҶҶА گجه *нигоҳ кун. ба* **киҷҷа**.

ГОВ گاو чорпои ширдеҳи маълум.

Гови гардун бурҷи савр. **Гови дӯшой** модаргови ширдеҳ. **Гови замин**—гови афсонавист, ки гӯё заминро бардошта меистодааст. **Гови корӣ** нарговест, ки бо вай замин меронанд ва бор мекашанд. **Гови ҷӯшой** гови дӯшой; *вайроншудаи «гови дӯшой», ки дар забони зинда ба ҳамин шакл аст*).

ГОВБОЗ گاوباز паҳлавоне, ки говро бардорад.

ГОВГУМ گاوگم торикии аввали шаб, ки гови дуртар рафтаро дидан ва шинохтан мумкин набошад (*маҷоз*).

ГОВГУН گاوگن *нигоҳ кун ба* **говгум** (*вайроншудаи он аст, ки дар забони зинда ба ҳамин шакл меояд*).

ГОВДУМ گاودم як хел карнай, ки ба думи гов монандӣ дорад.

ГОВДӮША گاودوشه зарфест даҳанфарохи гӯшадори сафолини, ки дар вай говро дӯшанд.

ГОВЗАБОН گاوزبان растаниест, ки баргаш ба забони гов монандӣ дорад (гули вай ба давоҳо ҳамроҳ шавад).

ГОВЗӮР گاوزور одами бисьёр зӯр.

ГОВМЕШ گاومیش 1. гови калони серширии ваҳшӣ. 2. гови сершири хонагӣ (*маҷоз*).

ГОВОҲАН گاوآهن поза аст, ки ба амоч андохта бо вай замин ронанд.

ГОВПАЙКАР گاوپیکر одами калонҳайкал.

ГОВРИШ گاوریش аҳмақ; хаёлпараст.

ГОВСАР گاوسر гурзе, ки сараш ба сари гов монанд буда шоҳдор буд (*аз силоҳҳои ҷангии Эрони қадим*).

ГОВСОР گاوسار *нигоҳ кун ба* **говсар**.

ГОВҶИГАР گاوجگر одами нотарс ва далер дар корҳо.

ГОЗ گاز 1. миқрозест, ки бо вай пилтаи шамъро бурранд.* 2. дандонзанӣ, хоиш.

Бурда сари уштуре ба гозе (*Л. М.*).*

3. сангмайда ё хиштмайдаест, ки дар вақти иморат дар байни сангҳои калон ва хиштҳои пур-

ра дар чоҳи холӣ гузоранд. 4. касе ки аз касе фиреб хӯрда пули худро муфт ба ӯ медиҳад. *Дар ин маънӣ Ҳайрат гуфта:*

Зоҳидо, таъна чӣ бо мо? Ту ҳам
пакир рӯзе.
Муфти ӯ гардину таъни шавону
гоз шавӣ.

Гоз кардан пули касеро бо фиребе муфт гирифтан. **Гоз шудан** бо фиреби касе пули худро муфт додан.

ГОЛ گال фиреб. **Гол додан** фиреб додан.

ГОЛАК گالک *нигоҳ кун*. ба **гол**.

ГОМ گام қадам; масофати байни ду по дар роҳ рафтан.* **Аз гоми нахуст** аз қадами аввалин, аз аввал ва ибтидо.

Қ-аз гоми нахуст агари гом буд
(Л. М.).*

ГОН گان 1. лафзи ҷамъ аст, ки дар охири исмҳои чандор, ки бо «а» тамом шавад, дар вақти ҷамъ кардан меояд (**истодагон, фиристодагон**). 2. лафзест, ки дар охири адад омада вайро такрор мекунад (*масалан мегӯем:* **дар мамлакати советӣ ягон (якгон) одами бекор нест.** *Лек ояндаи «гон» дар паси адад ғайр аз адади «як» дида нашуд*).

ГОНА گانه лафзест барзиёд, ки дар охири адад барои такрор ва таъкиди он меояд (**чоргона, панҷгона** *ва монанди инҳо*).

ГОР گار кунанда (*аммо танҳо намеояд, чунончи* **хизматгор**—хизматкунанда, **ситамгор**—ситамкунанда...).

ГОҲ گاه 1. тахти подшоҳӣ; тахти хоб. 2. хайма). 3. ҷой, макон (**ҷангоҳ**—ҷои ҷанг). 4. вақт (**шабонгоҳ**—вақти шаб). **Гоҳу бегоҳ** ҳар вақт, ҳамеша.

ГОҲВОРА گاهواره 1. катчаи чӯбинадаӣ, ки дар вай бачагона навзодро хобонда мебандаид ва онро ҷунбонда бачаро мехобонанд. 2. тарбиятгоҳи касе ё чизе (*масалан мегӯем*, **дар мамлакати советӣ гаҳвораи инсоният ва маданият аст.**).

ГОҲ-ГОҲ گاه-گاه вақт-вақт, баъзе вақт.

ГОҲО گاها баъзе вақт.

ГОЧ گاچ аҳак.

ГУВО گوا *кӯтоҳкардашудаи* **гувоҳ**.

ГУВОЛ گوال *арабӣ кардашудаи* ҷувол.

ГУВОР گوار гуворост, ки дар вақти нафӣ ба шакли «нагувор» меояд.

ГУВОРИДАН* گواريدن хуш форам омадан.

Чун ташна хӯрад ба чӣ гуворад...
Яъне, ба ҷонаш роҳат мебахшад.
(Л. М.)

ГУВОРИШ گوارش хушмазагӣ. 2. номи маъҷунест хушмаза, ки барои ҳазми таом хӯранд (**ҷавориш**—*арабӣ кардашудаи ҳамин калима ба ҳамин маънӣ аст*). **Гуворишн зира** ҷавориши зира аст, ки кӯфтаи зираро бо асал омехта пазанд ва барои ҳазми таом ва қуввати меъда хӯранд.

ГУВОРО گوارا 1. хушмаза. 2. ба табъ хушоянда.

ГУВОҲ گواه тасдиқкунандаи кореро, ки ба чашми худ дидааст.

ГУВОҲӢ گواهی баёни ростӣ ва дурустии ягон кор ё ягон ҳодисаи ба чашмдида. **Гувоҳӣ додан** а) баён кардани ростӣ ва дурустии ягон кор ё ягон ҳодиса; б) боварӣ кардан ва эътимод кардан ба чизе. *Дар ин маънӣ Ҳофиз гуфта:*

Бий сокӣ, он май ки шоҳӣ диҳад,
Ба покии ӯ дил гувоҳӣ диҳад—

(ба мон деҳ ки...).

ГУДОЗ گداز тапиш, беқарорӣ, ки одамро ба сабабе рӯй диҳад.

ГУДОИШ گدایش холатест дар занон, ки дар аввалҳои ҳамл бардоштан пайдо мешавад ва занони гудоишшуда толиби чизҳои турш мешавад.

ГУЗАР I گذر *амр ба* **гузаштан (гузашта рав! аз даъвои худ гузар!)**

ГУЗАР II گذر 1. маҳаллаи шаҳр. 2. гузаргоҳи об, ҷое ки аз он ҷо аз обҳои калон гузаранд.

ГУЗАРГАҲ گذرگه *нигоҳ кун. ба* гузаргоҳ.

ГУЗАРГОҲ گذرگاه ҷое ки мардум аз он ҷо бисьёр гузаранд. **Гузаргоҳи об** а) ҷои обгузар, роҳи об. *Дар ин маънӣ Мушфиқӣ дар таърихи пули Меҳтар Қосим гуфта:*

Зи тахт ӯ гузарад,
мо зи фавқи ӯ гузарем,
Аз ин сабаб шуда таърихи ӯ
гузаргаҳи мо.

б) ҷое ки аз он ҷо аз обҳои калон гузаранд.

ГУЗАРО گذرا ҳар чизе ё одаме, ки дар ягон сифат аз ҳад даргузашта бошад **(донои гузаро, аҳмақи гузаро, сармои гузаро)**.

ГУЗАРОНИДАН گذرانیدن 1. касеро ё чизеро аз ҷое гузаронидан (ходисаеро аз сар, одамеро аз ҷое ба ҷое, расмоне ё чӯберо аз сӯрохе). 2. пешкаш кардани чизе ё шеъре ба касе.

ГУЗАРӢ گذری 1. мешини сафеди бисьёр нарм. 2. *мансуб ба* **гузар (гузарии мо**—аҳли гузари мо, ҳамгузари мо).

ГУЗАШТ گذشت 1. *сиғаи замони гузаштаи* **гузаштан (он рӯзҳо гузашт)**. 2. тарккунии ҳаққи худ ба манфиати касе. **Гузашт кардан** гузаштан аз ҳаққи худ ба манфиати касе.

ГУЗАШТА گذشته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **гузаштан**. 2. касе ё чизе, ки аз ҷое гузаштааст. 3. ходисаи дар замони пеш воқеъшуда, замони гузашта.

ГУЗАШТАГОН گذشتگان падару *бобоҳои* мурдарафта.

ГУЗАШТАН گذشتن 1. аз пеши чизе ё касе гузашта рафтан [гузар кардан]. 2. аз даъвое, чизе, ё ҳаққе гузаштан (чизе вайро тарк кардан, бахшидан).

ГУЗИДА گزیده *нигоҳ кун. ба ду маънии аввалини* **гузин**;* интихоб карда, чида-чида гирифташуда *(Л. М.)*. 2. *сиғаи замони гузаштаи нақлии* **гузидан (фалон чизро гузидааст)**.

ГУЗИДАГОН* گزیدگان одамони мӯътабару мӯҳтарам *(Л. М.)*.

ГУЗИДАН گزیدن 1. писандидан. 2. аз даруни чизи бисьёре якеро хостан,* интихоб кардан, чида гирифтан; ихтиёр кардан *(Бӯс)**.

ГУЗИН گزین 1. *асоси замони ҳозира аз* **гузидан**. 2. интихобшуда, хосташуда, мумтоз. 3. *маҷозан* сазовор, лоиқ.

ГУЗИР گزیر 1. чора, илоҷ (**ногузир**—ночор, ноилоҷ). 2. гузариш. **Аз ҷон гузир ҳасту зи ҷонон гузир нест.** *(Ин калима ба маънии аввал ҳамеша манфӣ—ба шакли* **ногузир** *меояд)*.

ГУЗОИШ گزایش сазовор, лоиқ, дархӯрд.

ГУЗОР گزار 1. *амр ба* **гузоштан**; (раҳо кардан ва адо кардан;—**(бигузор)**. 2. адокунанда. 3. раҳокунанда, тарккунанда *(дар* *ин маъниҳо дар таркиб истеъмол мешавад).*

ГУЗОРИДАН گذاریدن адо кардан.

ГУЗОРИШ گذارش 1. адокунӣ. 2. гузаштани чизе (**гузориши аҳвол** гузаштани аҳвол).

ГУЗОШТАН گذاشتن 1. ниҳодан. 2. тарк кардан.

ГУЛ* گل 1. шукуфаи дарахтон ва гиёҳҳо.* 2. Растаниест, ки вайро танҳо барои ранг ё бӯяш мекоранд. **Гули бутта** гулест бунафшаранг, ки дар атрофи киштҳо худрӯ барояд. **Гули бӯстонафрӯз** тоҷи хурӯс. **Гули говзабон** гули растаниест, ки баргаш ба шакли забони гов аст, дар давоҳо ба кор равад. **Гули замин** а) қитъаи беҳтарин ва ҳосилхезтарини замин (**ин чизе, ки шумо мегӯед, дар гули замин нест**—*дар рӯи замин нест*). **Гули кӯза** як хел гули сафеди худрӯ.* **Гули маҳзар** барги гулест тор-тори заъфаронмонанд, ки аз заъфар сурхтар ва бӯяш пастар аст (ман тари ин гулро надидаам. Ин тасвири хушкидаи он аст, ки атторони Бухоро мефурӯхтанд *(Е. 3—4)*.* **Гули раъно** гулест таксурхи зардчатоб. **Гули садбарг** гули саркалони сербарг. **Гули сари сабад** касе, ки дар маҷлисе, дар миёни гурӯҳе ё тоифаите аз ҳама донотар ва соҳибқадртар бошад (*маҷозаст аз ин ки гулфурӯшон беҳтарини гулҳоро бар сари сабад ниҳанд*). **Гули худрӯ** растании гулдор аст, ки ба худ аз қайри кишт ва парвариш мерӯяд. **Гули ҳамешабаҳор** а) номи гулест, ки аз баҳор то тирамоҳ пай дар пай мешукуфад, агар дар ҷои гарм нигоҳ доранд, зимистон ҳам мешукуфад; б) рӯи маҳбус (*маҷоз*). **Гули ҷаъфарӣ** растаниест, ки баргаш монанди барги мажмачунорӣ ва гулаш зарди хушбӯ мешавад. **Гул буридан** дар кори маҳорати аз одат берун нишон додан (**дар гап задан гул буррид, дар шеър гуфтан гул буррид, дар каландкунии пахта гул буррид** *ва монанди инҳо: Маҷози халқӣ*). **Гул кардан** а) шукуфтани дарахти мевадор ва дигар растаниҳо; б) пеш рафтан ва боло гирифтани чизе ё кор (**саноат гул кард, хоҷагии кишлоқ гул кард.** *Маҷоз*). **Гул рехтан** а) хазон шудани гулҳо; аз гул баромадани меваҳо; б) рехтани шукуфа ва гул аз дарахт ва гулбутта. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Бэа шиву бешиний дар тахти
дарахти гул,
Ҳар бод, ки бовазад,
гул бар сари гул резад.

3. Шумгиёҳ аст, ки агар дар замини харбуза ё кунҷид барояд, ҳосилро хароб мекунад. 4. обилаест ки дар бадани бачагон мебарояд ва бисьёр пурхавф аст. Барои фоли нек номи вайро «гул» ниҳоданд. 5. бемории чашм аст, ки ба тарзи доғ дар чашм пайдо мешавад ва агар илоҷ накунанд, кӯр мекунад.

ГУЛА گله олатест аз риштаи дутобасохта, ки дар бофандагӣ дар вақти кор торҳоро боло-поён бурда, дар байни онҳо барои пуд роҳ мекушояд.

ГУЛАБОФ گله‌باف касе, ки гулаи бофандагиро мебофад.

ГУЛАНДОМ گل‌اندام гулрӯ.

ГУЛАНОР گلانار як хел парчаи бофтаи фабрикист, ки гулҳояш сурхи баланд мебошад.

ГУЛАФСОР گل‌افسار нӯхтаи нозук ва нӯхтабандаш чармин аст, ки бар сари асп аз болои лаҷом андохта муваққатан бо вай банданд.

ГУЛАФШОН گل افشان бемории пӯстӣ аст, ки дар бадани одам бештарин дар рӯй пайдо шавад (бемории гузаранда ва дер беҳшаванда аст).

ГУЛБАНД گلبند банди филизии корд, шамшер ва дигар теғҳост, ки дар ҷои пайвастани теғ ба даста меандозанд *(ин калима аз* **гулӯбанд** *сабук карда шудааст).*

ГУЛБАСАР گل بسر бодиринги навҷавон, ки ҳанӯз гули дар сар доштаашро напартофтааст.

ГУЛБОДОМ گل بادام аспи сафедчаранге, ки сар то пои баданаш холҳои бодомшакли сиёҳчаи сурхтоб дорад.

ГУЛБОНГ گلبانگ хониш ва суруди пурҷӯшу хурӯш (монанди хониши қаландарон, булбулон ва дигар хонишҳои чандкаса, ки бо шодмонӣ бошад ва умуман садои пурҷӯшу хурӯши мусиқӣ). *Ҳофиз гуфта:*

Муғаннӣ куҷоӣ ба гулбонгу руд,
Ба ёд овар он хисравонӣ суруд.

ГУЛБУН گلبن дарахти гул, ки хордор ва паттагӣ мебошад.

ГУЛБУР گل بر 1. касе, ки аз коғаз, ё парча ва монанди инҳо гул месозад. 2. касе ки дар ягон ҳунар ва пеша маҳорати аз одат берун нишон додааст. (**устои гулбур.** *Маҷози халқӣ*).

ГУЛБУТТА گل بوته *нигоҳ кун. ба* **гулбун.**

ГУЛГАШТ گلگشت 1. сайру гашт дар ҷоҳои дилкушо. 2. ҷои дилкушое, ки мардум дар он ҷо сайру гашт кунанд. *Дар ин маънӣ Ҳофиз гуфта:*

Бидеҳ, соқӣ, май боқӣ, ки дар ҷаннат
нахоҳӣ ёфт.
Канори оби Рукнободу гулгашти
Мусаллоро.

Гулгашти Мусалло номи тафарруҷгоҳе наздики Шероз.

ГУЛГАЧ گل گچ гачи бисёр сафед ва нарм аст, ки бо вай хонаҳоро сафед карда кандакорӣ кунанд.

ГУЛ-ГУЛ* گل - گل *маҷозан* шукуфон, хандон. **Гул-гул шукуфтан** аз ҳад зиёд хурсанд шудан, хушбахт шудан *(маҷоз).*

ГУЛГУН گلگون 1. сурхранг. 2. аспи сурх. 3. номи аспи Ширини афсонавӣ, ки маъшуқаи Фарҳод буд. 4. аспи нағз *(маънии чорӯм маҷоз).*

ГУЛГУНА گلگونه ранги сурхест, ки занон бар рӯй моланд (ин рангро «сурхӣ» ҳам гӯянд).

* Гулгуна-зи хуни ширпарвард,
Сурма-зи саводи модар овард

*гулгунаи рухсораш сурхии табиии он рухсор ва сурмаи чашмонаш сиёҳии модарзоди он чашмон буд ва ба гулгунаю сурма эҳтиёҷ надошт. (Л. М.)**

ГУЛДАСТА گلدسته 1. дастаи бастаи гул. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Барои зеби дастат, моҳи ман,
гулдаста овардам,
Ба хубӣ лоф мезад гул, ба пешат
баста овардам.

2. баромадагиҳои манорашакл аст, ки дар гӯшаҳои биноҳои калон ва канораҳои пештоқҳо созанд. 3. ҷои дастагузоронии теша ва каланд, ки аз рӯи онҳо қадре баланд меистад.

ГУЛДОН گلدان зарфест шишагӣ ё чинӣ, ки дар вай об андохта гул ниҳанд.

ГУЛДОР گلدار ҳар чизе, ки дар вай нақше бошад (**косаи гулдор, газвори гулдор**).

ГУЛДӮЗӢ گل دوزی 1. порча ё либосе, ки дар вай бо зари тор ё абрешим гул дӯхта шудааст (*муқ.* **такдӯзӣ**, *ки ҳама ҷои парчаро медӯзанд*). 2. кори касе, ки дар парча ва либосҳо гул медӯзад).

ГУЛЗОР گلزار ҷоест, ки дар он ҷо гули бисёре коштаанд; [гулистон, гулшан].

ГУЛИСТОН گلستان ҷое, ки дар он ҷо гул бисёр бошад.

ГУЛКОРӢ گلکاری хона ва бинои накқошӣ кардашуда.

ГУЛЛА گله тири милтиқ ва таппонча, гулӯла.

ГУЛМЕХ گل‌میخ мехи оҳанин, ки дар бинокорӣ бакор равад.

ГУЛНОР گلنار рангест ки ба гули анор монандӣ дорад.

ГУЛОБ گلاب арақи гули атрӣ.

ГУЛРЕЗ گلریز [1. гулпош, гулафшон]. 2. тарфест, ки дар вақти оташ додан ба атроф гулҳои гуногун мепошад. *Нигоҳ кун.* ба **тарф**.

ГУЛФОМ گلفام гулранг.

ГУЛХАН گلخن 1. ҷои махсус, ки дар он ҷо оташ сӯхта, гарм шуда менишинанд. 2. гӯлахи ҳаммом.

ГУЛХАНТОБ گلخن‌تاب оташмони гӯлахи ҳаммом.

ГУЛХОНА گلخانه хонаи дар офтобрӯи сохтаи шифт ва деворҳои пеш ва ду паҳлуяш шишагӣ, ки дар вай дар зимистон гул ва дигар растаниҳоро парвариш кунанд ва сабзонанд.

ГУЛШАКАР گلشکر *нигоҳ кун* *ба* **гулқанд**.

ГУЛШАН* گلشن гулзор, гулистон, ҷои гул киштшуда. **Ба сайри гулшани ҳақиқӣ шитофтан** — вафот кардан (*Б.*)

ГУЛҒУНЧА گلغنچه ғунчаи гул.

ГУЛҚАНД گلقند маъҷунест, ки гули хушбӯи атриро бо қанд сӯда дар офтоб тайёр мекунанд.

ГУЛӢ گلی *нигоҳ кун.* ба **гул**;— **гули анор**.

ГУЛӮ گلو роҳи хӯрок ва нафас, ки дар миёнаи даҳон ва танаи ҷондорон аст. **Гулӯ хоридан** ишорат ба талаби ришва кардан бо лат додани коре, аз касе чизе хӯрдани шудан (*Ҷ. Б.*).

ГУЛӮБАНД گلوبند *нигоҳ кун*, *ба* **гарданбанд**.

ГУЛӮГИР گلوگیر 1. зани ҷодугар, ки аз гулӯи дардманди бачагон гӯё чизеро гирифта дуруст мекунад. 2. гиръя ё гуссе, ки аз шиддат гулӯи одамро гирифта ба гап задан ва нафас кашидан роҳ намедиҳад.

ГУЛӮГОҲ گلوگاه оби борике, ки ду оби калонро ба ҳам пайванд медиҳад.

ГУЛӮСӮЗ گلوسوز 1. ҳар чизе, ки ширинаш баланд бошад, ба дараҷае, ки гулӯи хӯрандаро сӯзонад. 2. зебоии аз ҳад зиёди маҳбубон (*маҷоз*).

ГУМ I گم бедарак, номаълум. **Гум кардан** а) як чизро ба тарзи номаълум аз даст додан (*масалан*, ҷома гум кардан); б) умуман аз даст додан (қувваи худро гум кардан, сиҳҳати худро гум кардан). **Гум шав** дафъ шав, аз назар дур шав! **Гум шудан** бедарак барҳам хӯрдан, ки чи шудани ӯро намедонанд.

ГУМ II گم ҷои чуқури об, ки дар паси шаршараҳо ва дар ҳамгаштҳои роҳи оби равон пайдо мешавад. *ҷои бисёр чуқури дарё ва наҳр (*Ч. О. О.*).*

ГУМ-ГУМ گوم-گوم садои бо мушт задани девор, садои накбкании ва монанди инҳо.

ГУМГУРС گوم گورس **Гумгурс афтодан** бехуд шуда ё ин ки сахт бемор шуда якбора афтодан. *Дар ин маънӣ Ҳайрат гуфта:*

Гумгурс уфтодан дил зи хиромаш сари...

ГУМНОМ گمنام 1. одами беному нишон, ғайри машҳур (*ин калимаро ҳар кас барои шикасти нафс дар ҳаққи худ кор фармояд*). 2. номи ишоратии ҳашароти газанда (мор, каждум).

ГУМОН گمان 1. шак, шубҳа; *зидди* **яқин. Г[illegible]ании ин кор гумон аст** яъне эҳтимол шавад, эҳтимол нашавад. [2. фарз, тасаввур, пиндошт].

ГУМОНБАР گمان‌بر касе, ки дар бораи дуздидани чизе ё ягон ҷинояти дигар дар ҳаққи ӯ шубҳа пайдо шудааст (*ин калима аз* **гумонбурдашуда** *кӯтоҳ ва вайрон карда гирифта шудааст*).

ГУМОРИДАН* گماریدن вогузоштан; таъин кардан. **Магмор гӯш!** (магумор гӯш!) — *гӯш наандоз!* (*Бӯс.*)

ГУМОШТА گماشته 1. вакили тиҷоратии пурраҳуқуқи касе ё ширкате ки бе рухсати алоҳидаи хӯҷаини худ ҳар корро кардан метавонад. 2. умуман касе, ки ӯро касе аз ҷониби худ ба коре водошта бошад.

ГУМОШТАН گماشتن касеро бар сари коре аз тарафи худ водоштан, [маъмур кардан; таъин кардан].

ГУМРОҲ گمراه касе ки дар масъалаҳои сиёсӣ ё иҷтимоӣ аз роҳи рост баромада ба роҳҳои хато афтодааст.

ГУМТАЛАБ گمطلب *нигоҳ кун. ба* **гумҷӯй.**

ГУМҶӮЙ گم‌جوی касе ки барои коре ба ҷое омада аст, аммо барои чӣ кор омаданаш маълум нест.

ГУН گون 1. ранг. [2. хел, тарз].

ГУНА گونه 1. ранг. 2. тавр. 3. услуб.

ГУНБАД گنبد *нигоҳ кун. ба* гунбаз.

ГУНБАЗ گنبذ 1. бинои гирдаи такфароҳи болоборик. 2. зарфи пурчизе, ки сари он чиз аз лаби он зарф боло шуда борик гардида рафта бошад. **Гунбази об** ҳубоб. **Гунбази гардон** осмон (*маҷоз*). **Гунбази хузро** осмони кабуд (*маҷоз*).

ГУНБАЗӢ گنبذی ҳар чизе, ки шаклаш ба гунбаз монанд бошад.

ГУНГ گنگ одаме, ки гап задан натавонад.

ГУНДА گنده чизи ғафс.

ГУНОГУН گوناگون 1. чандранга. 2. чандхела. 3. чандтарза, чандтавра (**гулҳои гуногун, аспҳои гуногун, одамҳои гуногун**).

ГУНЬЁ گونیا олатест секунҷа, ки бинокорон бо вай ростӣ ва каҷии гӯшаҳои бино, дарҳо ва тахтаҳоро муайян кунанд.

ГУНҶИШК گنجشک паррандаест, ки вайро **чумчуқ** гӯянд. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Чу гунҷишкест мурғи дил
ба дасти тифли нодоне.
Ки аз ҷон дӯстгар дорад,
валекин мекушад зудаш.

ГУППИЧА گوپپی‌چه куртаи абра-астардори серпахтаи кӯтоҳ.

ГУППӢ گوپپی 1. зарфест чӯбин

ё сафолини дароз, ки дар вай ҷурғот андохта бо чӯби паррадор лат мезананд, то ки маска ҷудо шавад. 3. куртаи абраастарноки серпахта.

ГУПСАР* گوپسر машки оббарӣ аст, ки даруншро пурбод карда ба вай савор шуда аз обҳои калон мегузаранд. (Ч. 4).

ГУРБА گربه пишак.

ГУРБУЗ* گربز фиребгар, хилагар *(асли ин калима* **гургбуз** *буд, ки дар маънии гурги ба сурати буз, яъне фиребгар кор фармуда мешуд. Баъд аз таркиб ба сабаби бисёр корфармоӣ сабук шуда шакли* **гурбуз-ро** *гирифтааст. (Бус.).*

ГУРГ گرگ ҳайвони дарандаи ваҳшии сагмонанд, ки бештари гӯсфандонро дарронад. **Гурги боронидида** одами озмудакор, ки барои ҳар эҳтимол чора мебинад ва аз ҳар таҳлука худро халос мекунад. (**гурги мо бисьёр боронидида аст** *аз масалҳои халқ аст).*

ГУРД گرد паҳлавон, далавар.

ГУРДА* گرده [яке аз узвҳои дарунии бадан, ки пешоб аз он тароида ба пешобдон ҷамъ мешавад]. **Гурда об шудан** ғам хӯрдан. *Қозӣ Қурбонкон гуфта:*

Об шуд аз ғаму дарди ҷигару гурдаи ман.

ГУРДАКАФ* گرده‌کاف тарсончак. **Гурдакаф шудан** тарсидан *(маҷоз).*

ГУРДАОЛУ گرده‌آلو як хел олуест, ки калон ва монанди гурда сиёҳи сурхчатоб мешавад.

ГУРДАШОЛ گرده‌شال ҷонварест дар миёнаи гургу шағол, ки аз ҳардуи инҳо ҳам нишона дорад.

ГУРЕЗ گریز 1. гурехтан. 2. дар шеър ё наср аз мавзӯе ба мавзӯи дигар ягон муносибат ёфта гузаштан *(масалан, дар қасидаҳо аз тасвири табиат ё аз мавзӯи ишқи ҷавонӣ ба мадҳи касе мегузаранд).*

ГУРЕЗА گریزه 1. аз ҷое гурехта (**одами гуреза, аскари аз сафи ҷанг ё аз хизмати ҳарбӣ гуреза**). 2. гурезонидашуда (**моли гуреза**).

ГУРЕЗГОҲ گریزگاه 1. ҷои гурехтан. 2. ҷоест дар шеър ё наср, ки аз мавзӯе ба мавзӯе мегузаранд.

ГУРЕХТАН گریختن 1. аз тарс ё аз душворӣ аз ҷое бо шитоб ба ҷои дигар рафтан. 2. худро аз коре канора кашидан.

ГУРЗ گرز калтаки оҳанин, [номи як навъ аслиҳаи ҷангии қадим].

ГУРЗА گرزه кафчамори калон, [навъе аз мори заҳрдор].

ГУРОЗ گراز нархук, [нархуки ваҳшӣ, хуки даштӣ].

ГУРСНА گرسنه *нигоҳ кун.* ба **гурусна.**

ГУРУНҶ گرنج биринҷ:

Ба хирвор аз он пас деҳ ду ҳазор
Гурунҷ оварид он сад ниҳад бонор. (Ф.).

ГУРУСНА گرسنه ҷондори меъдааш холишуда, ки толиби хӯрокхӯрӣ аст.

ГУРУСНАЧАШМ گرسنه‌چشم соҳиби ҳирс, бахил.

ГУРӢ گوری нишот, ишрат. (*Р.*).

ГУРӮҲ* گروه [1. даста. 2. тоифа, ҷамоа]. ***Гурӯҳи саид** номи як аз сайёҳони таҳқиқкунандаи манбаи оби Ганг. (*Б.*)

ГУРӮХА گروهه кулӯла (хоҳ аз ришта бошад, хоҳ аз гил ё кӯрғошим ва сангреза).

ГУСАСТАН/ГУСИСТАН* گسستن шикастан, пора кардан, кандан, кандани ягон чизи нарм (*масалан* ресмон).

ГУСЕЛ گسیل рухсат, узодкунӣ, видоъ. **Гусел кардан** рухсат додан касеро барои рафтан, узод кардан касеро ба роҳе, видоъ кардан касеро дар вақти сафари ӯ. **Гусел шудан** а) рухсат ёфтан барои рафтан; б) рафтан.

ГУСИЛ گسل *амр ба* **гусихтан** (*яъне* **бигсил!** канда парто; ҷудо шав!)

ГУСИХТАН گسیختن худ ба худ кандани ягон чизи нарм.

ГУСИСТАМАҲОР گسسته‌مهار худсар (*маҷоз аз чорпои нӯхтаканда*).

ГУСИСТАН گسستن *нигоҳ кун. ба* **гусастан**.

ГУСОР گسار хӯранда **майгусор, ғамгусор.** (*Лекин ин калима ба ҳамин маънӣ ғайр аз ҳамин ду мисол дар ҷои дигар дида нашуд*).

ГУСТОХ گستاخ 1. беҳаё. 2. безбо. 3. беадаб.

ГУСТУРДА* گسترده паҳн карда. (*Ч. О. О.*)

ГУСТУРДАН گستردن паҳн кардан (*масалан, ҷомадро, кӯрпаҷаро*).

ГУФТАН* گفتن 1. сухан кардан, гап задан. 2. шумидан, шуморидан. 3. *дар ин ҷо ба маънии гумон кардан:*

Даранд ба ҷою сар фурӯ бурд,
Дур аз ту ҷунон, ки гуфтаӣ ӯ мурд.
(*Л. М.*)*

ГУФТУГӮ* گفت و گو муколима, сухапронӣ. **Гуфтугӯи мабҳаси олам** — масъалаи қадим ё ҳадис будани дунё, ки сармояи мадрасаи кӯҳна аст. (*Б.*)

ГУФТУШУНУФТ* گفت و شنفت гуфтушунид, сӯҳбат (*Ҳ.*).

ГУШНА گشنه гурусна. *Дар ин шакл ва маънӣ Бусҳоқи Шерозӣ гуфта:*

Як ҷоште ки мӯҳлати айёни кашкак аст,
Дар ҳалқи гушнагон ба такаббур ҷаро равад

(*Дар забони зиндаи тоҷикӣ ҳам ба ҳамин шакл аст*).

ГУШНАПУРЗӮР گشنه پرزور касе, ки аз гушнагӣ ба дороҳо дармеафтад (*дар замони амир камбағалони исёнкорро «гушнапурзӯр» гӯён ҳақорат медоданд*).

ГУҲАН گهن кирми чӯбхӯрест, ки хӯрдаи вай монанди орди маҳиншуда аз чӯб резад.

ГУҲАР گهر *сабук кардашудаи* **гавҳар.**

ГУҶУМ گجوم дарахти сада аст, ки ду хел мешавад: норвон ва чинӣ. *нигоҳ кун. ба* **норвангуҷум** ва **чинигуҷум.**

ГӢ گی 1. *лафзест, ки дар охири исмҳои бо «а» ё «и» тамомшаванда дар вақти нисбат ояд* **(қаршӣ-қаршигӣ, мева-мевагӣ).** 2. дар охири исмҳои сифатии бо «а» ё «и» тамомшаванда омада онҳоро исми феъл гардонад **(дарранда-даррандагӣ, қорӣ-қоригӣ)**

ГӮ گو *нигоҳ кун. ба маънии сеюми* **гӯй.**

ГӮГИРД گوگرد 1. яке аз моддаҳои маъданист, ки пайро **олтингӯгирд** номанд. 2. чӯбчаҳои ба сарҳошон бо амали химиёӣ моддаи гӯгирдӣ молида, ки бо вай оташ даргиронанд.

ГӮЁ I گویا 1. сухангӯянда. 2. равшан ва ба назар намоён (*масалан хат ё нақш*).

ГӮЁ II گویا 1. калимаест, ки дар ҳақиқат воқеъ нашудани ҳукми дар пайи худбударо ифода мекунад (**ба назар чунон менамояд, ки гӯё замин дар як ҷо истодааст**). 2. мисли ин ки..., монанди ин ки... *дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Бо ӯ ҳаваси шароб кардӣ,
Гӯё дили ман кабоб кардӣ.

ГӮИЁ گوئیا 1. *нигоҳ кун. ба* **гӯй.** 2. *нигоҳ кун. ба маънии дуюми* **гӯё II.**

ГӮЙ I گوی 1. *асоси замони ҳозира аз* **гуфтан.** 2. *амр ба* **гуфтан (бигӯй!).**

ГӮЙ II گوی 1. ҳар чизи кулӯла (**гӯи замин**). 2. ҳаппак ё ягон чизи кулӯла, ки бо пой бо даст ё чӯб бозӣ кунанд. *Дар замони пеш ин ҳаппакро дар майдон андохта ҳар қавм аз тарафайни бозӣ бо чӯби саркаҷ мехост, ки онро зада ба тарафи худ барорад ва ҳар кас ки зада барорад, ӯ дар мусобиқа ғолиб меомад (*Бӯс.*). 3. тукмаи либос. *Гӯи гиребон** тукмаи лӯндаест, ки ба гиребон дӯзанд. **Гӯй бурдан** а) пеш кардан дар мусобиқа; б) ғолиб омадан дар коре ба касе; в) маҳорати аз одат берун пайдо кардан дар илм, ҳунар ва санъате.

ГӮЙАНГАЛА گوی انگله сӯрохи тукмагузаронӣ.

ГӮЙБОЗӢ گوی بازی ҳаппакбозӣ.

ГӮЛ گول 1. аҳмақ, нодон. 2. фиреб. **Гӯл додан** фиреб додан. **Гӯл задан** *нигоҳ кун ба* **гӯл додан. Гӯл кардан** аҳмақ кардан, фиреб додан.

ГӮЛАХ گولخ оташхонаи ҳаммом, гулхан.

ГӮЛАХӢ گولخی 1. касе ки дар гӯлах хизмат мекунад ва дар он ҷо зиндагӣ мекунад. 2. одами ҷиркин (*маҷоз*).

ГӮПОЛ گوپال 1. гурзи оҳанин. 2. тахти подшоҳӣ.

ГӮПОН گوپان чӯпон.

ГӮППОН گوپان падавон, хӯрмана.

ГӮР I گور 1. чуқуриест, ки баъд аз мурдан одамро дар он ҷо гӯронанд. **Гӯри кӯҳнаро кофтан** воқеаҳои гузаштаро бо ёд оварда бо касе ҷанҷол ва даъво сар кардан (*маҷоз*). **Гӯр кардан** *нигоҳ кун. ба* **гӯронидан. Гӯр шудан** пур шудани ҷӯй, ҳавз ё ягон чуқурии дигар бо хок, рег ва монанди инҳо. 2. дашт, саҳро, биёбон:

*Ба гӯру кафан майли он гӯр...

*Дар охири мисраъ ба маънии дашт (Л. М.)**

ГӮР II گور харгӯр, гӯрхар, хари ёбоӣ, як навъ ҳайвони даштии шикоршаванда.

Гӯри ду-се карда мӯниси гӯр...

*(***Гӯри** *аввал ба маънии харгӯр ва* **гӯри** *дуюм ба маънии дашту саҳро. Яъне, эй он ки ду-се харгӯрро ба худ мӯнису ҳамдами дашт кардаӣ (Л. М.).*

ГӮРАШ گورش зӯрозмоии ду кас бо ҳам дар ғалтондани якдигар. **Гӯраш гирифтан** зӯрозмоӣ кардани ду кас бо ҳам дар ғалтондани якдигар.

ГӮРГИЁҲ گورگیاه гиёҳест худрӯй, ки найро гӯрхар дӯст дорад, дар хоидан мазаи қаланфур диҳад.

ГӮРКОВ گورکاو касест, ки барои мурдагон гӯр мековад. 2. касест, ки ҳар чизро ва ҳар ҷоро кофта меёбад (*маҷоз аст*).

ГӮРМОСТ گورماست ҷуғроти шири гӯрхар.

ГӮРОНДАН گوراندن *нигоҳ кун. ба* **гӯронидан**.

ГӮРОНИДАН گورانیدن 1. дар зери хок пинҳон кардани ягон чиз (хоҳ одам бошад, хоҳ чизи дигар). 2. пур кардани ягон чуқурӣ бо хок.

ГӮРХАР گورخر хари ваҳшӣ, ки гӯшташ хӯрданӣ аст ва шикор кунанд.

ГӮСОЛА گوساله 1. *бачаи гов.* 2. *бачаи нодон.* **Гӯсола аз болои меҳ мепаррад** *масали тоҷикист, ки дар мавриди ғурур кардани касе ва бо таъна кардан ба ӯ мегӯянд.* **Гӯсола бо гӯсола, ошнои садсола** *масали тоҷикист, ки дар мавриди ба ҳам наздик шудани ду аҳмақ ё ду одами бадкирдор гӯянд.* **Гӯсола каҳдон холӣ мекунад, бача нондон** *масали тоҷикист, ки дар мавриди бисёр нон хӯрдани бачагон гӯянд.* **Гӯсолаҳо гов шаванд, ҷигарҳо хун шаванд** *масали тоҷикист, ки дар мавриди душвории тарбия дода расондани ҷавонон гӯянд.*

ГӮСПАНД گوسپند *нигоҳ кун. ба* **гӯсфанд** *бо ҳамаи хелҳояш.*

ГӮСФАНД گوسفند ҳайвони хонагии маълум аст, ки аз вай шир дӯшанд, гӯшт, равған, пӯсту пашми вайро ба кор баранд. **Гӯсфанди арабӣ** гӯсфанди қарокӯлӣ. **Гӯсфанди дӯстбой** гӯсфанди қарокӯлӣ (**Дӯстбой** *ном қарокӯлӣ аввалин бор ҷинси кабӯди ин гӯсфандро аз Шероз овардааст ва баъд аз он аз он ҷинс рангҳои дигарро рӯёндаанд*). **Гӯсфанди сур** гӯсфанди қарокӯлӣ, ки ранги пӯсти баррааш сурхчаи сиёҳтоб мешавад ва бағоят қиматбаҳост. **Гӯсфанди шерозӣ** гӯсфанди қарокӯлӣ, ки ранги пӯсти баррааш кабудчахокистарранг мешавад. **Гӯсфанди қазоқӣ** гӯсфанди сурхранги думбадор аст, ки гӯшту равғани миёна мебардорад. **Гӯсфанди қамар** гӯсфанди қарокӯлӣ, ки ранги пӯсти баррааш сурхи тиллоӣ мешавад ва аз дигар барраҳои қарокӯлӣ қиматбаҳотар аст. **Гӯсфанди қарокӯлӣ** як хел гӯсфанди думдор аст, ки бо додани манфиатҳои гӯсфандҳои дигар баррае медиҳад, ки пӯсташ бағоят қиматбаҳост (**қарокӯлӣ** *барои он гуфтаанд, ки ин ҷинс гӯсфанд аввал аз Қарокӯл ном райони Бухоро ба дигар районҳо паҳн шудааст*). **Гӯсфанди қарокулоқ** гӯсфанди хурди думдор аст, ки аз Афғонистон меояд ва бисёр кам фоидадиҳанда аст. **Гӯсфанди ҳисорӣ** гӯсфанди сиёҳи калони думбадор аст, ки бисёр пӯсту равған медиҳад (*зиндаи гӯсфанди ҳисориро то ду сад килограмм баркашидаанд*).

ГӮСФАНДТАРОШ گوسفندتراش касе, ки бо дукорд пашми гӯсфандонро метарошад.

ГӮШ گوش узви шунавоии одам ва ҷонварҳои дигар. **Гӯши гарон** гӯшест, ки суханҳои бо овози паст гуфтаро намешунавад. *Дар ин маънӣ Сират гуфта.*

Раҳми минчати гӯши гарони хештанам,
Ки то баланд набошад, сухан
намешунавам.

Гӯш андохтан *нигоҳ кун. ба* **гӯш додан. Гӯш додан** а) сухан шунидан; б) сухан ва фармудаҳои касеро қабул кардан. **Гӯши касеро тофта мондан** а) *нигоҳ кун. ба* **гӯши касеро тофтан;** б) ба касе гап зада ӯро барои коре тайёр карда мондан (*ҳар ду маънӣ ҳам маҷоз*). **Гӯши касеро тофтан** а) касеро барои кори шиносандаш сарзаниш карда аз он кор боздоштан (*маҷоз*). б) касеро барои фош накардани сирре ва нагуфтани суханҳои пинҳоние таъкид кардан (*маҷоз*). **Гӯш кардан** *нигаҳ кун.* ба **гӯш додан**. **Гӯш наандохтан** *нигаҳ кун.* ба **гӯш накардан**. **Гӯш накардан** қабул накардани сухан ва фармон (*маҷоз*). **Гӯш сих кардан** ягон чизи *бешинокро пай бурда ба рӯй додани вай тайёр шуда истодан (маҷоз аст аз ин, ки хар дар вақти пай бурдани ягон чизи ба худаш хавфнок гӯши худро сихмонанд рост карда меистад).*

ГӮША گوشه 1. кунҷи ягон чиз (**кунҷи хона, кунҷи гилем**). 2. канори ягон чиз (**гӯшаи биёбон, гӯшаи кишт**) *Рӯдакӣ гуфта аст:*

Зарӯ ангеханд дар бӯстони биҳишт,
Зарӯ киштагӯ зарӯ гӯшаи кишт.

3. ҷои танҳо, хилват, ҷои аз мардум дур.

ГӮШАГИР گوشه‌گیر *нигоҳ кун.* ба **гӯшанишин**.

ГӮШАК گوشک номи якчанд олат аст, ки бо вай олати дигарро ба кор медароранд: **гӯшаки ҳалочӣ** — чизест, ки бо вай ҳалочиро гардонанд; **гӯшаки танбӯр** чӯбест, ки вайро тофта тори танбӯр ва тори созҳои дигари тордорро соз кунанд.

ГӮШАКОРӢ گوشه‌کاری ҷоҳои нозук ва аз назар дури ягон ҳунар ва санъат, ки дар хуб шудани кор дахли калон дошта бошад.

ГӮШАКӢ گوشکی суханҳои пинҳонӣ, ки даҳонро ба гӯши якдигар бурда мегӯянд. **Гӯшакӣ кардан** даҳонро ба гӯши якдигар бурда бо овози паст гап задан.

ГӮШАНИШИН گوشه‌نشین касе, ки аз мардум дур шуда дар хилвате нишастааст.

ГӮШВОРА گوشواره ҳалқаест ки барои зинат аз гӯш овезанд.

ГӮШЗАД گوش زد 1. сухани аз он пеш шунидашуда. 2. сухане ки ба касе гӯянд, то ки шахсе ба вай ё ба дигаре бовар ояд. **Гӯшзад кардан** огоҳ кардан бо сухан.

ГӮШКАШАК گوش کشک бозии бачагон аст, ки аз гӯши якдигар гирифта кашанд.

ГӮШМОЛ گوشمال сарзаниш, таъдиб, танбеҳ (*ба тарзи ҷазо*). **Гӯшмол додан** сарзаниш кардан, таъдиб додан, танбеҳ кардан. **Гӯшмол хӯрдан** сарзаниш дидан, зарба хӯрдан (*бо сухан*).

ГӮШМОҲӢ گوشماهی пӯсти як хел ҷонвари обист, ки ба гӯши моҳӣ монандӣ дорад (*ин ҷонварро* **садаф** *ҳам гӯянд*).

ГӮШМӮШ گوش موش райҳонест, ки баргаш ба гӯши муш монандӣ дорад.

ГӮШПЕЧ گوش پیچ салласи бисёр хурдест, ки бо вай танҳо гӯши худро печонда аз сармо нигоҳ доранд.

ГӮШТ گوشت маълум аст. **Гӯшти нахарт** гӯшти пахлӯи гӯсфанд (Ҷ. 6). **Гӯшти хару дандони саг** *масали тоҷикист ки дар мавриди бо ҳам дарафтодан ва хусумат кардани ду одами бад гӯянд.* **Гӯшту нохун** *масали тоҷикист, ки дар бораи сахт ба ҳам пайваста будани ду одам гӯянд.*

ГӮШТИГИРӢ گوشتی گیری *нигоҳ кун.* ба **гӯрош**.

ГӮШТИН گشتین، گوشتین 1. *нигоҳ кун.* *ба* **гӯраш. Гӯштин гирифтан** *нигоҳ кун. ба* **гӯраш;— гӯраш гирифтан.** 2. *мансуб ба* **гӯшт** (*масалан,* **санбӯсаи гӯштин).**

ГӮШТОБ گوشت آب шӯрбоест, ки дар вай гӯштро танҳо ҷӯшонида бошанд (бе сабзавот ва дигар чизҳо).

ГӮШТӢ گوشتی 1. *нигоҳ кун. ба* **гӯраш.** 2. *мансуб ба* **гӯшт** (*масалан,* **ҳайвони гӯштӣ).**

ГӮШХАЗАК گوش خزک кирми хазорпо.

ГӮЯНДА گوینده 1. гапзананда. 2. зане, ки ба азохона омада овоз меандозад, навҳагар.

ГӮЙ گوئی гумон кунӣ, пиндорӣ. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

> Шудӣ бар ҳаво аз замин хоку дуд,
> Ту гӯӣ заминро ҳаво даррабуд.

Д

ДААВОТ دعوات [*ҷамъи* **даъват**]; дуоҳо.

ДАБ دب: **Даб кардан** а) пошна задан бар асп барои давондан; б) ба касе дӯғ задан.

ДАББА I دبه зарфи равғандони кӯзамонанди аз чарм сохта.

ДАББА II دبه 1. Касе, ки дар зери нофи ӯ бод фуромада бошад. 2. моли аз ҷиҳати нобобӣ ба фурӯшнарафта. 3. моле ки харидор вайро бо айбе ба фурӯшгор баргардонда бошад. **Дабба кардан** а) моли харидаро ба фурӯшгор баргардонидан; б) ба касе кори аз тоқаташ зиёд фармудан (*маънии дуввум маҷоз аст аз маънии якӯмӣ* **дабба II).**

ДАББАДУЛЧА دبه دولچه асбоби нодаркорини рӯзгорӣ.

ДАББУС//ДАБУС دبوس 1. гурзи оҳанин. 2. номи қалъаи Зиёуддин, ки дар миёнаи Каттақӯрғон ва Кармина воқеъ аст.

ДАБДАБА دبدبه садои табл, нагора ва монанди инҳо, ки ғулғуладор бошад. 2. намоиши ҷоҳ, ҳайбат ва дастгоҳи бузургӣ (*маҷоз*).

ДАБДАЛА دبدله 1. вайрон (**барои иморат хонаҳои кӯҳнаро дабдала карда партофтанд.** 2. тороҷ (**дузд ба ҳавлии фалонӣ даромада дабдала карда рафт.** 3. пароканда, парешон (**аз муромурӣ хонадони фалонӣ дабдала шуд).** 4. Поймол (**гов ба полиз даромада палакҳоро дабдала кардааст).**

ДАБИР دبیر 1. иншонавис, дафтарнавис. 2. котиб. *(*Уторудро «котиб» номидан ба асоси нуҷуми афсонагист, ки ин ситораро* **дабири фалак** *мегуфтанд. Р.*). 3. *ба маънии* муаллим, мактабдор:

> Додаш ба дабири донишомӯз
> (*Л. М.*)

ДАБИРИСТОН دبیرستان 1. дафтархона. 2. мактаб.

ДАБИРӢ* دبیری котибӣ. (*Л. М*).

ДАБИСТОН دبستان мактаб (*ин калима аз* **адабистон** *сабук карда шудааст*).

ДАБУС دبوس *нигоҳ кун. ба даббус.*

ДАБУСА دبوسه хонаи паси кӯшкӣ.

ДАВ I دو ҷаҳонидани асп аз ҷое.

ДАВ II دو навбат (*дар забони омма*).

ДАВАРОН دوران 1. гирд гардидани чизе. *2. гардиши* **сар** (*бе-морӣ*).

ДАВЛАТ دولت 1. бахт, иқбол.

*Давлат талабӣ, сабаб нигаҳ дор.
Бо халқи худо адаб нигаҳ дор.

Яъне, агар хушбахт шуданро хоҳӣ дар назди халқ бо адаб бош, ки сабаби хушбахтӣ ҳамин аст (Л. М.). 2. мол, неъмат.

ДАВЛАТМАНД دولتمند бой, соҳиби сарват.

ДАВЛАТӢ* دولتی 1. *мансуб ба* **давлат**. 2. (одамони) хушбахт, зеро давлат дар ин маврид ба маънии бахт аст.

Бо давлатиён нишину бархез
(*Л. М.*).

ДАВО دوا ҳар чизе, ки беморие бо вай беҳ шавад. [дору, дармон].

ДАВОБ دواب [ҷамъи **добба**]; 1. ҷунбандагони рӯи замин. 2. ҳайвоноти чорпои саворӣ ва боркаш (*маънии охирӣ маъмули зиндааст.* *Дар асл ин сухан ба ҳар ҷунбандаи рӯи замин рост меомад. Аммо дар адабиёт ба як қисми ҳайвонот махсус шудааст. (*Бӯс.*).

ДАВОДАВ دوادو ба ҳар тараф давидани як кас ё чанд кас.

ДАВОЛ دوال 1. тасмаи чармин. *2. тасмаи таблкӯбӣ. 3. *киноя аз* риш. Ба табли шикам мерасидӣ давол. (*Бедил*).

ДАВОН دوان давонда (*ҳол*).

ДАВОТ دوات сиёҳдон. *Камоли Хуҷандӣ гӯяд:*

Гуфтам: давои дарди диламро наме-
кунӣ,
Гуфто: агар давот нависам давои
туст.

(*Як маънии «давот»-и дуюм сиёҳдон аст.*)

ДАВОЙ I دوائی 1. *мансуб ба* **даво**. 2. даво, бо зиёдатии «й». *Дар ин маънӣ Ашраф гуфта:* Бода дар хум кӯҳна чун гардад давоӣ мешавад... (**давоӣ** *дар ин байт ба маънии* **даво** *аст*).

ДАВОЙ II دواعی [ҷамъи **доия**]; 1. хоҳишҳо. 2. боисҳо, сабабҳо.

ДАВОҲӢ دواهی ҳодисаҳо, сахтиҳо (ҷамъи **доҳия** داهیه *ки ҳодиса аст*).

ДАВОҶ دواج *болопӯш*.

ДАВР دور 1. Як замони муайян, ки бо коре аз пеш ва паси худ ҷудо мешуда бошад. (*Масалан,* **даври феодализм, даври капитализм)** [2. гардиш, чархзанӣ]. **Давр задан** а) гирд гардидан; б) гардиш кардан барои тамошо ва ҳавохӯрӣ. **Давр рондан** ҳукмронӣ кардан дар замони муайян.

ДАВРА دوره 1. гирда, доира. 2. маҷлиси дӯстон.

ДАВРОДАВР دورادور ҳамаи гирди ягон чиз.

ДАВРОН دوران замони ҳукмронии касе ё давлате. *Исмати Бухорӣ гӯяд:*

Кай шавад, Исмат, ба олам то ба
даврони Халил,
К-ин бутонро, ки пинҳон мепарастам,
бишканам.

(*Исмат дар ин байт даврони ҳукмронии Султон Халилро арз мекунад*).

ДАВЧА دوچه зардолуи хом. **Давча** нашуда ғӯлунгшуда аз *масалҳои халқист,* ки **ғулунг** *зардолуи пухтаи хушконидашудааст.*

ДАВҲА دوحه дарахт.

ДАД دد ҳайвоноти ваҳшии дарранда (*шер, гург, паланг* ва *монанди инҳо*).

ДАДА دده падар. *Ҳайрат гуфта:*

Зи ишваҳои нигоҳешу ҷилваҳои қадеш,
Бирафт ҷони ман, эй ҷӯраҷон,
ба гӯри дадеш.

(*яъне ба гӯри падараш*).

ДАЖ دژ кӯшк. 2. болохона [*нигоҳ кун. ба* **диж**].

ДАЖАМ دژم 1. афсурда, андӯҳгин, ранҷур, ошуфта. 2. хашмгин, тайёр ба ҷанг (*маънии дуввӯм маънии ҳозираи тоҷикист, ки мегӯянд:* **фалонӣ дажам шуда омад,** *яъне оташин шуда ба задухӯрд тайёр шуда омад*).

ДАЖХАМ//ДАЖХИМ دژخم зишт, бадхӯ. 2. ҷаллод, хунрез.

ДАЖХИМ دژخم *нигоҳ кун. ба* **дажхам.**

ДАЖҒОЛ* دژغال санг ва маъданиёти сӯхта ва ё ба сабаби дигаре аз кор баромада (*Ҷ. О. О.*).

ДАЗ دز *нигоҳ кун. ба* **диз.**

ДАЙ دی 1. моҳи ҷадӣ аст, ки аввали зимистон ва вақти шиддати сармост. 2. зимистон (*маҷоз*).

ДАЙЁР دیار бошандаи диёр, хона ва мамлакат, — истиқоматкунанда.

ДАЙЛАМ* دیلم номи шаҳрест дар Эрон. **Дайламон** аҳли Дайлам ном тоифае, ки мӯяшон печ дар печ аст. (*Л. М.*).

ДАЙМОҲ دی ماه моҳи ҷадӣ.

ДАЙН دین 1. қарзе, ки вақти адои он муайян карда шуда бошад. 2. ҳар вазифае, ки адои вай лозим бошад (*маънии дуйӯм маҷоз аст*).

ДАЙР دیر ибодатгоҳи роҳибон.

*На бар дари дайри худ паноҳе...
(*Мурод аз* **дайри худ** *манзилу макони худ аст*. (*Л. М.*). **Дайри муғон** а) ибодатгоҳи оташпарастон. б) ҷои майнӯшӣ. (*Ҳ.*)

ДАЙҲИМ دیهیم тоҷ, тахт.

ДАЙҶУР دیجور торикӣ; шаби бисьёр торик.

ДАККА دکه расидан ба чизе дар вақти ҳаракат. **Дакка задан** дар вақти ҳаракат ба чизе қасдан задан **Дакка хӯрдан** дар вақти ҳаракат баногоҳ ба чизе расидан.

ДАК-ДАК دک ـ دک садои ҳаракати ароба дар роҳҳои ноҳамвор.

ДАКОКӢ دکاکی иҷораи замини дӯкони чизфурӯшӣ, ки ба подшоҳӣ дода мешавад.

ДАЛАМА دلمه 1. панири тар. 2. фаллаи монанди атола карда пухташуда.

ДАЛВ دلو 1. зарфест, ки ба вай аз чоҳ об кашанд. 2. номи як моҳи шамсист, ки аз 21 январь то 20 февраль баробар ояд.

ДАЛЕЛ I دلیل 1. чизе, ки чизеро исбот кунад; ҳуҷҷат.

ДАЛЕЛ II دلیل роҳбар, раҳнамо дар сафар. Далели корвони ашкам оҳи сардро монам. (*Бедил*).

ДАЛҚ دلک бо даст молидани бадан (масаж).

ДАЛЛА I دله миёнаравикунанда дар корҳои ношоиста (*ба истилоҳи Бухоро* **борфурор** *мегӯянд*). (*Ҷ. 2*).

ДАЛЛА II دله гурбаи саҳроӣ.

ДАЛЛОК دلاک 1. ходимчӣ. 2. сартарош (*маҷоз*).

ДАЛЛОЛ دلال миёнаравикунанда дар хариду фурӯш.

ДАЛОИЛ دلایل [*ҷамъи* **далел I**]: далелҳо, ҳуҷҷатҳо.

ДАЛОЛ دلال ноз, ғамза, ишора бо чашму абрӯ ба тарафи маҳбуб.

ДАЛОЛАТ* دلالت раҳнамоӣ.

Далолат кардан *(касеро)* ба кардани коре далолат кардан; раҳ нишон додан *(ба касе)*.

ДАЛҚ دلق ҷомаи пашмин, ки дарвешон пӯшанд.

ДАМ I دم 1. нафас **(ҳамдам—** ҳамнафас). 2. хомӯш **(дам шин —** хомӯш нишин). **Дами вопасин** нафасҳои охирини умри одамӣ. **Дами гармӣ** таоми гарм; таоми гарми соддаи обакӣ. **Дами сард** оҳи дарози ноумедӣ. **Дам гирифтан** истироҳат кардан, мондагии худро баровардан. **Дам додан** ором гузоштан *(ҳайвонро аз кор, заминро аз кишт)*. **Дам задан** а) гап задан; б) хӯрдагирӣ кардан, в) пуф кардан. *Ба ду маънии охирӣ Сират гуфта:*

Ман шамъи маҳфилам, ки ба ман
ҳар кӣ дам занад,—
Хомӯш монда тира кунам рӯзгори ӯ.

Дам истодан а) хомӯш истодан; б) беҳаракат истодан. **Дам кардан** а) варам кардан *(масалан шиками гов)*; б) хомӯш кардан *(одамро аз сухан)*; в) буғ додан *(масалан, оширо дар дег, чойро дар чойник)*, г) бо хас ё тахта пеши оби равонро гирифтан. **Дам фурӯ бастан** хомӯш мондан. 3. бӯй. **Дам овардан** бӯй пайдо кардан **(гӯшт дам овардааст**—*бӯи бад пайдо кардааст)*. 4. куфу суф, дуо, афсун. **Дам андохтан** дуо хонда ба касе ё чизе пуф кардан *(аз одатҳои хурофотӣ)*. 5 олати чармини ба кӯра бодфиристонии оҳангарон.

ДАМ II* دم канори тези чизҳои бурранда **(дами корд, дами каланд, дами табар...)**.

ДАМ III دم хавф *(ба ин маънӣ арабист)*.

ДАМАН دمن хасрӯба ва хокрӯбаҳо; ахлотхона *(Ҷ. О. О)*.

ДАМГАҲ دمگه пеши ҳавлӣ, пеши кӯча, пеши бозор *ва монанди инҳо*.

ДАМДАМА دمدمه 1. макр, фиреб, 2. (ғулғула) нағора.

ДАМДОР دمدار фавҷе, ки дар вақти шикастан ё ақибнишинии лашкар ба муқобили душман истодагӣ мекунад, то ки гурез ва ақибнишинии лашкар аз интизом берун наравад.

ДАМДУЗД دمدزد одами донои нодонгароиш камгап аст, ки дар маҷлисҳо чизе намегӯяд ва аз гуфтугузори мардум, ба қадри ният, ки бошад ҳисса мебарорад (ин гуна одам танҳоидӯст буда, хислати индивидуалистӣ дорад, ки дар ҷамъият аз ӯ фоидае нест).

ДАМИДАН I دمیدن бод фиристодан бо нафаси худ *(масалан ба най)*.

ДАМИДАН II دمیدن 1. баланд шуда баромадани ҳар чиз аз ҳолати аслиаш **(дамидани хамир, дамидани об)**. 2. рӯида баромадани растаниҳо аз замин (сабза дамида даштро, майса расида киштро)...

ДАМНА دمنه номи шағолест, ки қаҳрамони романи «Анвори Суҳайлӣ» аст.

ДАМОБА دمآبه *обе*, ки аз кушодани дами *болои* ҷӯй *ба пойи* ҷӯш зада меояд ва дар андак фурсат ба ҳолати аслиаш мефурояд.

ДАМОДАМ دمادم ҳар замон, ҳаргоҳ.

ДАМОМА دمامه 1. нақора, 2. ҳар бонги нофорам.

ДАМОН دمان 1. аз бод баландшаванда. 2. фарьёдкунанда (*аз шодӣ ё ғазаб*). 3. бо тундӣ ҳамлакунанда (*ба ду маънии охирӣ сифати шер, бабр ва монанди инҳост*). 4. аз замин баландшаванда (*масалан, гиёҳ; ба маъниҳои якум, дуюм ва чорум ба маънии ҳол аст*).

ДАМОНДАН دماندن бо даҳони бод фиристода чизеро варам кунондан (*масалан, машкро*).

ДАМСОЗ دمساز рафиқи мувофиқ.

ДАМЪ دمع оби чашм, ашк.

ДАН دن хуми калон.

ДАНГ دنگ 1. аблаҳ, аҳмақ. 2. танбал.

ДАНГОЛА دنگاله шушаи яхи оби аз боло поин резанда (*монанди яхи оби аз нова резанда*).

ДАНД دند *нигоҳ кун. ба* **данда**.

ДАНДА دنده устухони паҳлуст, ки қабурға гӯянд.

ДАНДОН دندان 1. аъзои маълум дар даҳони одамӣ ва ҳайвонот аст, ки бо вай хӯрокро хоянд. 2. ҳар чизе, ки чизеро хоида бурад (**дандони арра, дандони каҷкорд**), дандона. **Дандон ба дандон ниҳодан** сабр кардан дар сахтие. **Дандон доштан** шикор доштан *ба касе*. **Дандон тез кардан** ба хусумат тайёр шудан.

ДАНДОНА دندانه 1. сихмола аст, ки бо вай хоки замини рондашударо нарм ва ҳамвор кунанд. 2. ҳар чизе, ки ба қатори дандон монандӣ дошта бошад (**дандона—кунгураи қалъа, дандонаи саҳни хиштин** ва *монанди инҳо*).

ДАНДОНБАР دندانبر [касддор]. **Дандонбар шудан** касддор шудан *ба касе*.

ДАНДОНКОВ دندانکاو *нигоҳ кун.* **ба дандонхилол.**

ДАНДОННАМОЙ دندان نمائی хандаи тамасхур. *Мирзо Азими Сомӣ гӯяд:*

> Дандонаҳои қалъа ба ҳоли сипоҳ
> Хандаи дандоннамо мекард.

ДАНДОННОГУЗАР دندان ناگذر [1. сахт, маҳкам. 2. устувор, гирифтанаш ё ҳал карданаш мушкил]; масъалаҳои илмии душворфаҳм (*маҷоз*).

ДАНДОНХИЛОЛ دندان خلال як асбоби чӯбӣ, устухонӣ ва ё маъданист, ки бо вай байни дандонҳоро аз бақияи таом пок кунанд.

ДАНДОНШИКАН دندانشکن 1. оби бисьёр сард. 2. хӯроки бисьёр сахт.

ДАНОАТ دنائت *нигоҳ кун. ба* **диноат.**

ДАНОНИР دنانیر [ҷамъи **динор**] динорҳо (тиллоҳои сикказада).

ДАНӢ دنی паст, хасис (*аз сифатҳои бади одамӣ*).

ДАНҚАР دنقر шӯраест, ки барои тайёр кардани борут—доруи милтиқ ба кор меравад.

ДАР I در *пешоянд*. 1. дарун; ба дарун ишора мекунад. (**ба хона дар шуд**—дарун шуд). 2. калимаест, ки дар аввали ҳар феъле, ки ояд, давоми онро мефаҳмонад (**дар рафтан аст**—рафта истодааст; **Завод дар кор аст**—завод кор карда истодааст). 3. берун; ба берун ишора мекунад. *Ҳофиз гуфта:*

Ҳофиз макун андеша, ки он
Юсуфи Мисрӣ
Боз ояду аз кулбаи эҳзон бадар ой.
Яъне, ба берун ой.

Дар дил гирифтан аз ягон кор ё сухани касе озурда шуда кина гирифтан. **Дар миёни обу оташ мондан.** а) дар офатҳои зидди якдигар гирифтор шудан, ки дафъи яке қувват гирифтани дигареро сабаб мешуда бошад; б) ба машаққатҳои тоқатгудоз гирифтор шудан.

ДАР II در *префикс.* 1. калимаест, ки дар аввали баъзе феълҳо барзиёд оянд (**дарнавардидан** — навардидан).

ДАР III در 1. асоси замони ҳозира аз даридан. 2. дарранда, поракунанда (*ба ин маънӣ бо исм меояд:* **пардадар**).

ДАР IV در 1. тахтаи кушода пӯшида шудание, ки дар хонаҳо шинонанд. 2. даромадгоҳи ҳар чиз. **Дари хона** а) *нигоҳ кун. ба* **«даргоҳ»**, б) дари ҳар хонае ки бошад. **Дари қафо задан**

То забонат дари қафо назанад.

Яъне, то ки забонат кашида нашавад. (*Б*). 3. боб, бобат (**ба фалонӣ аз ҳар дар гап задам** — аз ҳар боб, аз ҳар бобат).

ДАР V در дара (*кӯтоҳ кардашудаи* **дара, ки дару дашт** гӯянд, яъне дараву дашт)

Гузаргоҳи сел аст ин дашту дар...
(*Л. М.*).

ДАРА دره чуқурӣ ва роҳи байни кӯҳҳо.

ДАРАВГАР دروگر [1. даравкунанда]. 2. касе, ки гандум ва ҷави мардумро бо музд даравида медиҳад.

ДАРАВИДАН درویدن аз бех бурида гирифтани гандум, алаф ва гиёҳҳои дигар.

ДАРАК درک 1. хабар (**фалонӣ ба хонааш рафта буд, як моҳ боз аз вай дарак нест** — *хабар нест*). 2. нишона, асар (**ҳар чанд кофтам, даракашро наёфтам** — нишонаашро, асарашро наёфтам).

ДАРАКОТ درکات [*ҷамъи* **дарак ва дарака**; чуқурӣ ва қаъри чизе; табақаи дӯзах] чуқуриҳо ва нишебиҳо, ки дар вай поя-поя фуроянд (*зидди* **дараҷот**).

ДАРАНГ درنگ 1. фурсат, мӯҳлат. 2. сустӣ, оҳистагӣ.

Гавҳар ба даранг метавон ҷуст [illegible]

3. таъхир, дермонӣ (*Бус.*).

ДАРАНДОЗ درانداز [illegible]
(**дарандоз рафт** — бошитоб [illegible]
дарандоз омад — бошитоб [illegible]

ДАРАНДУДА* دراندوده [illegible] кардашуда, андовидашуда. (*Бус.*)

ДАРАФТОДАН درافتادن даст ба гиребон шудан бо касе.

ДАРАФШ* درفش *нигоҳ кун. ба* **дурафш.**

ДАРАҶА درجه 1. поя (*монанди пояи нардбон,* **зина**) 2. мартаба (**фалонӣ дараҷа ёфт** — мартаба ёфт).

ДАРАҶОТ درجات [*ҷамъи* **дараҷа**]. 1. мартабаҳое, ки ба вай дараҷа ба дараҷа бароянд. *Ҳофиз гуфта:* ...Хоки ӯ гаштаму чандин дараҷотам доданд. 2. пояҳои болобарой.

ДАРБОР دربار қасри подшоҳӣ.

ДАРБОРИЁН درباریان аҳли қасри подшоҳӣ.

ДАРБОХТАН درباختن бой додан.

ДАРВЕЗА درویزه *нигоҳ кун. ба* **дарьюза.**

ДАРВЕШ درویش 1. гадо. 2. касест, ки аз паи молу пул наафтода қалландарона мегардад.

ДАРВОЗА دروازه 1. дари калоне, ки дар даромадгоҳи ҳавлиҳо ва қалъаҳо шинонанд. 2. тахтаварги наҳрҳои калон.

ДАРВОХ* درواخ 1. сиҳатьёбӣ. 2. далер (*Р.*).

ДАРГИРИФТАН درگرفتن афрӯхтани оташ. Дар биёбон най нишохтам, хирмани гул даргирифт (*аз шеърҳои халқӣ*). 2. мувофиқ омадан. **(Сӯҳбати ман бо фалонӣ дарнагирифт,** *яъне мувофиқ наомад*).

ДАРГИРОНДАН درگیراندن 1. афрӯхтан (*шамъро, оташро*). 2. гарм кардан (*сӯҳбатро;—маҷоз*).

ДАРГОҲ درگاه 1. ҷойи одамони калон. 2. *нигоҳ кун. ба* **дарбор.**

ДАРД درد 1. озор, алам (*чунончи аз задан, аз ҷароҳат, аз беморӣ пайдо шавад*). 2. ғаму андӯҳ **(бо фалонӣ дарди дил гуфта нишастем**—*яъне ғаму андӯҳи дили худро гуфтем*). 3. эҳтиёҷ **(фалонӣ омад, дардашро гуфт**—*эҳтиёҷи худро гуфт*).

ДАРДАМ* دردم дарҳол, даррав. (*Бӯс.*).

ДАРДЗАДА دردزده дарднок, гирифтори дард.

> Бигзор маро ту дар чунин дард.
> Ман дардзадам ту бозмегард!

Яъне—ман дардзадаам, ту аз ман дур шуда парҳез кун! (*Л. М.*)

ДАРДО دردا афсӯс, дареғо. *Ҳофиз гуфта:*

> Дардо ки рози пинҳон хоҳад шуд
> ошкоро...

ДАРДОДАН دردادن [1. додан]. 2. оташ задан ба чизе.

ДАРЕВОС* دریواس чорчӯби дар (болодарӣ, паҳлударӣҳо ва остона).

> Дарвозу даревос фурӯ гашту баромад.
> Бим аст, ки якбора фурӯд ояд девор.
> (*Р.*)

ДАРЕҒ دریغ 1. афсӯс. 2. ҳайф. **Дареғ доштан** ҳайф шуморидан **(Ин китобро аз ман дареғ доштӣ**—*яъне ба ман ҳайф шуморидӣ*).

ДАРЕҒО دریغا афсӯс! воасафо! ҳайфо!

> Дареғо, ки умри гаронмоя рафт.
> Надидем судеву сармоя рафт.

ДАРЗ درز 1. ҷои пайванди ду чиз. 2. кафидагии андак (*дар санг, дар девор ва монанди инҳо*).

ДАРЗА درزه тӯдаи алаф, пуштаи хору хошок.

ДАРЗДӮЗ درزدوز либосдӯз.

ДАРЗӢ درزی дарздӯз.

ДАРИЧА دریچه *нигоҳ кун. ба* **дарча.**

ДАРК درک дарьёбӣ, фаҳмиш.

ДАРКАШИДАН درکشیدن 1. нӯшидан. 2. чизеро ба чизе кашидан (*монанди кашидани пӯст ба гардиши доира, порчаи ордбезӣ ба гардиши ордбезак*).

ДАРКОР درکار зарур, лозим.

ДАРКОРӢ درکاری зарурӣ, чизе, ки лозим аст.

ДАРМАНА درمنه як хел растании худрӯи давоӣ.

ДАРМИЁН درمیان 1. касе ки дар миёна истода аз касе ба касе пул қарз гирифта медиҳад. **(дармиёни аз миён**—*аз масалҳои тоҷикист*). 2. воситае шуда касеро аз машаққате халоскунанда. *Қозӣ Қурбонхон гуфта:*

> Эй зулф хор пойи ту омад, чӣ мешавад.
> Афтӣ ба зери ру маро дармиён шавӣ.

3. ҳар чизе ё касе ки дар миёна бошад.

ДАРМОН درمان 1. илоҷ, даво **(дареғо дарди ман дармон надорад**—*даво надорад)*. 2. қувват **(дармон надорам**—*қувват надорам)*.

ДАРМОНДАН درماندن 1. ба чизе банд шуда мондан **(лаби доманам ба дар дармонд** — *банд шуд)*. 2. ҳайрон шуда мондан, чораи кори худро н донистан **(ман чораи ин корро наёфта дармондам)**.

ДАРНАВАРДИДА* درنوردیده ғундошта ва печонда тамомкарда *(Н.)*.

ДАРНАВАРДИДАН* درنوردیدن 1. ғундоштан, ғундошта мондан; печондан, печонда мондан. 2. тай кардан.

ДАРНАВАШТАН* درنوشتن 1. ғундошта партофтан; печондан. 2. тамом кардан, бас кардан *(кореро) (Бӯс.)*

ДАРО I* درا 1. *асоси замони ҳозира аз* **даромадан**. 2. амр ба даромадан **(ба хона даро)**.

ДАРО(Й) II درای зангӯлаи шутур.

Дарои корвони дашти яъсем *(Б.)*.

ДАРОЗ دراز *зидди* **кӯтоҳ, (дарозбур, бозбур). Дароз кашидан** а) ёзида хобидан; б) *нигоҳ кун. ба маънии дуввӯми* **дароз шудан. Дароз шудан** а) ёзидани қади ҳар чиз; б) кашол ёфтани ягон кор.

ДАРОЗГӮШ درازگوش хар, маркаб.

ДАРОЗДАСТ درازدست [*маҷозан*] пулдор, сарватдор.

ДАРОЗДАСТӢ درازدستی [1. *маҷозан* дорой, тавоной]. 2. зулм, тааддӣ *(ба ҳаққи касе)*.

ДАРОЗӢ درازی [дароз будан, *зидди* **кӯтоҳи**]; қади ҳар чиз *(зидди* **бар)**.

ДАРОМАДАН درامدن 1. ба даруни чизе дохил шудан. 2. берун шудан, баромадан аз ҷое.

ДАРПАРДА* درپرده 1. пардаи дар. 2. тирезаи коғазӣ, коғазгир *(Ҷ. 6)*.

ДАРРА دره чанд қабат тасмаи чармини боҳам бахия зада дӯхтаи дастадор, ки дар замони амир гунаҳкорони диниро бо вай зада ҷазо медоданд; *олати чармине, ки бо он одамҳоро зада таъзир мекарданд *(Ҷ. 3)*.

ДАРРАВ درو зуд, фавран.

ДАРРОҶ دراج навъе аз кабк, ки бо хушнамудиаш машҳур аст. *(Л. М.)*.

ДАРС درس сабақ, ки шогирд пеши устод хонад. ***Дарси дарсхонагӣ**—дар мадрасаҳои Бухоро дарсе, ки талаба онро дар пеши ягон муллои калонтар мехонд. *(Ҷ. 6)*.

ДАРСОАТ درساعت ҳозир, ҳамин вақт.

ДАРСОХТАН* درساختن созиш кардан, мувофиқат намудан *(Л. М.)*.

ДАРТОЗ درتاز *нигоҳ кун. ба* **дарандоз.**

ДАРУБАСТ دروبست иҳотаи боғ, ҳавлӣ.

ДАРУН درون *(зидди* **берун)**; ҷои ба назар нонамоёни ҳар чиз. ***Ҳавлии дарун**—ҳавлии дохил, ҳавлии даруна. ***Дарун рафтан** а) *нигоҳ кун. ба* **дарун шудан,** б) исҳол шудан. **Дарун шудан** ба дарун даромадан.

ДАРУНДОР دروندار кинавар, бадтинат.

ДАРУНРАВӢ درون روی беморӣ исҳол.

ДАРХОСТ درخواست илтимос, пурсиши чизе.

ДАРХУР درخور *нигоҳ кун. ба* **дархӯрд.**

ДАРХУРД درخورد лоиқ, муносиб, сазовор. **Ин кор дархӯрди шумо нест**—*ба шумо сазовор нест).*

•Ханда ки на дар мақоми хеш аст,
Дархӯрди ҳазор гирья беш аст.

хандаи бемаҳал — лоиқи бештар аз ҳазор гирья аст. (Л. М.)

ДАРЧА درچه дари хурд.

ДАРЬЁ دریا 1. баҳре, ки гирдогирди заминро иҳота карда гирифтааст. 2. баҳрхое, ки ба баҳри муҳит мепайвандад, 3. кӯлҳое ки дар калонӣ ба баҳрҳо монандӣ доранд (кӯли Орол, Кӯли Хазар). 4. наҳрҳо ва рӯдҳои калон (*монанди* Аму, Сир, Зарафшон, Вахш) *(ин маҷоз аст, ки махсуси забони тоҷикист).*

ДАРЬЁБ دریاب [1. *асоси замони ҳозира аз* **дарьёфтан**]. 2. ёб! *(амр ба* **ёфтан**). Бедил гуфта:

...Тарки ҳама кардему қаландар гаштем,
моро дарьёб!

ДАРЬЁБОД دریاباد замини канори наҳрҳо ва рӯдҳои бузург (*монанди* канори Зарафшон, Амуя, Сир).

ДАРЬЁБОР دریابار 1. мамлакате, ки дар канори баҳр воқеъ шуда бошад. 2. дарьёи бузург.

ДАРЬЁГАРД دریاگرد *нигоҳ кун. ба* **дарьёнавард.**

ДАРЬЁДАРКАШ دریادرکش бисьёр нӯшандаи шароб.

ДАРЬЁДИЛ دریادل 1. касе, ки ҳар гуна ғаму андӯҳро дар дили худ роҳ надиҳад. 2. ҳимматбаланд, пурбахшиш.

ДАРЬЁНАВАРД دریانورد 1. киштибон. [2. дарьёгард, бисьёр шинокунанда].

ДАРЬЁФТ دریافت 1. фаҳмиш. 2. кашф. 3. ихтироъ.

ДАРЬЁФТАН دریافتن 1. кашф кардани чизе; [дарк кардан] 2. ихтироъ кардани чизе. 3. расидан ба чизе.

ДАРЬЁЧА دریاچه кӯли киштигарде, ки он қадар калонӣ надошта бошад.

ДАРЬЮЗА دریوزه овехтан аз дарҳо, *яъне* гадоӣ.

ДАРӢ دری 1. як шӯъбаи забони форс *(дар замони қадим);* 2. умуман забони форсӣ *(дар забони ҳозира). Ба ин маънӣ Шоҳин дар тавсифи «Бадоеъуссаноеъ» ном асари худ гуфта:*

Ин нусха ки аз шонбаи айб барист,
Маъҷуни мураккабе зи тозию дарист...

(Яъне мураккаб аз забони арабӣ ва форсӣ).

ДАРҲАМ درهم ба ҳам омехта.

Носири бухороӣ гуфта:

Дар ҳам шавад зи баҳри дирам
ҳоли одамӣ.
Оре тамоми сурати дарҳам чи дарҳамаст.

ДАРҲАМ-БАРҲАМ درهم-برهم бетартиб, баҳамомехта.

ДАРҶ* درج 1. коғаз; тӯмор. 2. печидани чизе дар чизе. 3. ҳаму печи мактуб ва нома, ки дар вақти ба ҷое фиристодан мепечонданд. 4. печониши коғаз ва мактуб. 5. коғазе ки шоир, ё нависанда асари худро дар вай навишта бе худ гирифта мегардад. *(Бӯс.)*. **Дарҷ кардан** печидани чизе дар чизе *(шеърреро дар девон, мавзӯеро дар китоб, суханеро дар мактуб).*

ДАСВАРДА دسورده чӯби мӯътадили ду тараф борики лӯла, ки бо вай хамирро барои санбӯса ва дигар чизҳо пахн кунанд.

ДАСТ دست 1. яке аз аъзои одамӣ. 2. ғалаба (**даст ёфт**—ғалаба кард, ғолиб шуд). 3. *Миқдори як чанд чиз, ки ба як кор ё ба ягон пеша ба кор равад* (**як даст рахти хоб**—кӯрпа, бистар, болиш, чойпӯш; **як даст асбоби сартарошӣ**—қайчӣ, поку, лӯнги *ва монанди инҳо*). ***Аз ин даст** аз мошинҳо ҳаминҳо. (*Б.*). ***Даст болои даст** кардани як кас ё чанд кас кореро бо зудӣ ва шитоб (*маҷоз*). ***Дасти хуш** *нигоҳ кун. ба* **дастхуш.**

Дасти хуш ононро чӣ бошӣ? (Л. М.)

аз даст шудани чизе аз даст рафтани чизе, аз ихтиёр берун шудани чизе.

Аз чашмрасидагӣ, ки ҳастам,
Шуд чун ту расидан аз дастам.

дар натиҷаи ин, ки ба ман чашми бад расид, ту барин меваи расида аз дастам рафт. (Л. М.). ***Даст андохтан** ба ҳаққи касе таҷовуз кардан. **Даст ба домани (и касе) задан** а) ба касе илтиҷо бурдан; б) аз касе додхоҳӣ кардан (*ба ҳар ду маънӣ ҳам маҷоз аст*). **Даст дароз кардан** таҷовуз кардан. **Даст додан** а) муяссар шудан; б) пайдо шудан; воқеъ шудан; в) бо касе бо даст вохӯрдӣ кардан. **Даст ёзидан** ба ҳамла ва ҳуҷум тайёр шудан. **Даст ёфтан** ғалаба кардан, зафар ёфтан (*ба касе, ба чизе, ба коре*). ***Дасти таассуф бар ҳам судан**—афсӯс хӯрдан (*Б.*). ***Даст кашидан** даст бардоштан аз коре ё чизе. **Даст мондан** а) имзо кардан; б) тасдиқ кардан (*ҳар ду маънӣ ҳам маҷоз аст*). **Даст надодан** а) гурехтан, назлик намудан, б) муяссар нашудан. ***Даст раҳо кардан** *аз чизе*—даст кашидан аз чизе, тарк кардан чизеро.

Дигар ба туам таваққӯе нест,
К-аз шафқатӣ раҳо кунӣ даст.

Аз ту чашмдорам, ки аз ин девонагӣ даст кашӣ. (Л. М.). ***Даст шустан** касе ё чизеро тарк кардан, (аз вай) умед кандан. **Дасту по гум кардан** саросема шудан, дар изтироб афтодан. **Дасту по задан** бо ҷидду ҷаҳд кӯшиш кардан.

ДАСТА دسته 1. ҷои дастгирии корд, шамшер, табар, кӯза *ва монанди инҳо*. 2. Тӯдаи дар як ҷо басташудаи гул, райҳон *ва монанди инҳо*. 3. даҳ донаи як чиз дар як ҷо (масалан, як даста пӯсти қарокӯлӣ даҳ дона мешавад). 4. гурӯҳе аз мардум.

ДАСТАБАНД دسته‌بند касест, пӯстҳои қарокӯлиро хел-хел карда даҳдонагӣ мебандад.

ДАСТАБАНДӢ دسته‌بندی пӯстҳои қарокӯлиро хел-хел карда даҳдонагӣ бастан. 2. мардумро гурӯҳ-гурӯҳ карда бо якдигар ҷанг андохтан (группабозӣ).

ДАСТАВВАЛ دست‌اول аз ҳама пештар.

ДАСТАК I دستک 1. чӯбе ё мӯли хиштинест барои нигоҳ доштани девор ё чизи дигар аз афтодан. 2. касе ё далелест, ки ба вай такя карда кореро кунанд ё муддаоеро исбот намоянд. 3. дастгирии дар, ки аз вай гирифта дарро кушода пӯшонанд.

ДАСТАК II* دستک коғази ба ҳам часпонидаи дароз буд, ки дар он рӯйхати номгӯйҳои молҳоро менавиштанд ва онро монанди бозубанд лӯлашакл мепечонданд (*Ч. 8*). Рӯйхати ҳаққи подшоҳӣ (*Ч. 10*).

ДАСТАНБӮЙ دستنبوی зонуча-

ест ба қадри себ, ки танҳо ба бӯидан ба кор меравад. *Ба ин маънӣ гуфта шудааст:*
Ёр дастанбӯ ба дастам дод, дастам бӯ гирифт.

ДАСТАНДОЗ دستانداز тааддикунанда.

ДАСТАНДОЗӢ دستاندازی тааддӣ.

ДАСТАРРА دستاره арраи хурд, ки як кас бо як даст кор мефармояд.

ДАСТАФРОЗ دستافراز абзолҳои корҳои дастӣ (арра, теша, қайчӣ, поку).

ДАСТБАНД دستبند порчаи тасмадори бахиязада, ки бо вай дастони кӯдакони навзодро ба гаҳвора банданд.

ДАСТБАСАР دستبسر афсӯскунанда, ҳасратхӯранда.

ДАСТБАСАРӢ دستبسری раҳм, шафқат, меҳрубонӣ. **Дастбасарӣ кардан** *(ба бачае)* меҳрубонӣ кардан, тарбия намудан *(ӯро)*.

ДАСТБУРД دستبرد 1. чизе ки аз қимор бурда шудааст. 2. тороҷ, ғорат ва дуздии чолокона.

ДАСТВОНА دستوانه 1. *нигоҳ кун.* *ба* дастпона. 2 остинаи оҳанин аст, ки дар ҷангҳои қадим вайро ба банди даст мепӯшиданд.

ДАСТГИР دستگیر 1. мададгор. 2. асир, бандӣ. **Дастгир кардан** ба банд гирифтан, ба ҳабс гирифтан. **Дастгир шудан** ба даст афтодан, ба банд афтодан, ба ҳабс афтодан.

ДАСТГИРАК دستگیرک 1. дастаки дар. 2. чӯб ё оҳане, ки бар канори зинаҳо барои дастгирӣ ба дарозии зина банд карда монанд.

ДАСТГИРӢ دستگیری ёрмандӣ.

ДАСТГОҲ دستگاه 1. ҳашмат, асбоби бузургӣ. 2. маҷмӯаи асбоби кардан ё ба ҷо овардани коре **(дастгоҳи идора, дастгоҳи корхона)**.

ДАСТГУЗИН دستگزین интихоб карда гирифташуда, ҷудо карда гирифташуда.

ДАСТКАШ دستکش 1. бо даст кашидагирии чизе аз замин. 2. бо даст молишдиҳии чизеро. **Дасткаш кардан** а) аз даруни киштзор алафҳои бегонаро бо даст кашида гирифтан; б) бо даст молиш додан *(масалан ришро ё мӯи сарро)*.

ДАСТКОЛА دستکاله олатест оҳанини саркаҷ, ки бо вай шохҳои ток ва дарахтро буррранд, токбур.

ДАСТКУШОДА دستکشاده касе, ки ҳар чи ёбад харҷ кунад ва ба касе диҳад.

ДАСТЛОФ دستلاف аввали ҳар кор.

ДАСТМОЛ دستمال порчаест, ки бо вай дегу табақро шуста пок кунанд.

ДАСТМОЯ دستمایه 1. сармояи савдо ва тиҷорат. 2. захираҳои илмӣ ва адабӣ *(маънии дуввӯм маҷоз)*.

ДАСТМУЗД دستمزد музди корест, ки бо даст карда мешавад.

ДАСТНИШОН دستنشان касест, ки ӯро касе бар сари коре нишондааст.

ДАСТНОРАС دستنارس муяссарнашуданӣ.

ДАСТОВЕЗ دستآویز чизе, ки дар меҳмонӣ тӯҳфа гӯён ба мизбон баранд. 2. ҳуҷҷат ё касест, ки ба вай такья карда кореро кунанд.

ДАСТОМӮЗ دست‌آموز паррандаи ваҳшии ба даст омӯхташуда, ки аз даст парад ва боз омада ба даст нишинад (*зоғча, саъва барин паррандаҳо дастомӯз мешаванд*).

ДАСТОН I دستان 1. дастҳо.

ДАСТОН II دستان 1. нағма, суруд. 2. қисса, афсона. 3. номи Зол—падари Рустами афсонавӣ (*ба ин се маънӣ сабуккардашудаи* **достон** *аст*).

ДАСТОР دستار саллаи калонест, ки бо даст баста ба сар гузоранд.

ДАСТОС دست‌آس ос, яъне осиёчаи дастест, ки бо даст гардонанд. *ярғучоқ (*Л. М.*).

ДАСТПАРВАРД دست‌پرورد касест, ки ӯро касе ба хонаи худ тарбия карда расондааст.

ДАСТПЕЧ دست‌پیچ як тарз аз тарзҳои гӯштингирӣ аст, ки ҳариф дасти хасми худро печонда гирифта ӯро меғалтонад.

ДАСТПОККУН دست‌پاک‌کن порчае, ки бо вай дастро баъд аз шустан пок кунанд.

ДАСТПОНА دست‌پانه халқаи тиллоӣ ё нуқрагӣ аст, ки занон ба банди дасти худ кунанд.

ДАСТПОЧА دست‌پاچه саросема, музтариб.

ДАСТПӮШАК دست‌پوشک чизест, ки барои нигаҳдории даст аз сармо ё аз ягон чизи нописанд ба даст пӯшанд.

ДАСТРАНҶ دسترنج 1. меҳнати сиёҳи дастӣ; *ҳунари дастӣ, коре ки бо даст иҷро карда мешавад (*Бӯс.*) *2. музди меҳнат.

ДАСТРАС دسترس 1. муяссар, ба даст даромада. 2. чизе, ки ба даст даровардани вай осон бошад.

ДАСТРАСӢ* دسترسی 1. ба ихтиёри худ ба чизе расидан, (*Л. М.*) [муяссар шудагӣ].

ДАСТРӮМОЛ دسترومال рӯмолест, ки бо вай бинӣро пок кунанд.

ДАСТУР دستور 1. вазир.

*Хотираш [illegible]
Дошт дастури [illegible] (Бедил)*

2. иҷозат, рухсат. 3. қоида, қонун, тарз, равиш.

ДАСТУРӢ دستوری рухсат, иҷозат; *рухсати даромадан.

Ба ӯ чи ғам [illegible]
Бе дастурӣ касе [illegible] (*Л. М.*)*

ДАСТХУШ دست‌خوش касе ки ӯро ҳар кас масхара кунад, мардум ӯро бозӣ дошта хандонад; *бозичаи дигарон; оҷиз, зулмдида, зердаст (*Л. М.*) *муқ.* **дасти хуш.***

ДАСТХУШК دست‌خشک бахил, касе ки аз вай ба касе фоидае нарасад.

ДАСТЧИР* دست‌چیر ғолибият, ғалаба. (*Бӯс.*).

ДАСТЬЁБ دست‌یاب ғолиб, зафарьёфта.

ДАСТЬЁР دستیار хизматгорест, ки ба корҳои хонагӣ ва майда ёрмандӣ мекунад.

ДАСТӢ دستی 1. *мансуб ба* **даст.** 2. ҳар чизе ки бо дасти соҳибаш тайёр шуда бошад (**оши дастӣ, боғи дастӣ, гуллори дастӣ**). 3. ҳар чизе ки бо абзолҳои дастӣ дар хона ва дар санъат сохта шуда бошад (**кори дастӣ**—*зидди* **кори фабрикӣ ва заводӣ**).

ДАФ دف гардиши чӯбини пӯсткашидашуда, ки дар мусиқа вайро навозанд, дойра.

ДАФИН دفین пӯшида, пинҳон.

ДАФИНА دفینه чизҳои дар замин пинҳон кардашуда.

ДАФН دفن дар замин пинҳонкунӣ.

ДАФОТИР دفاتر [*ҷамъи* дафтар]; дафтарҳо.

ДАФТА دفته шонаи бофандагон.

ДАФТАИН دفتهئین *нигоҳ кун. ба* дафта.

ДАФТАР دفتر 1. китоби ҳисобнависӣ. 2. коғазҳои нонавиштаи муқова кардашуда, ки дар вай шеър ва ё чизҳои дигарро нависанд.

ДАФТАРДОР* دفتردار ҳисобчӣ. *(Ч. 10)*.

ДАФЪ دفع 1. радкунӣ. 2. дуркунии чизе ё касе. **Дафъ шудан** дур шудан.

ДАХИЛ دخیل шарик, дахлдор ба амал ва кори касе.

ДАХЛ دخل 1. даромад, *зидди* **харҷ**; 2. даромадан, дохил шудан. 3. нуктагирӣ ба кори касе. **Дахл кардан** а) нуктагирӣ кардан ба кори касе; б) расидан ва бархӯрдан ба ҳуқуқи касе; в) шӯхӣ кардан *(маънии саввӯм маҷоз аст)*. **Дахл надоштан** бемуносабат будан, оид набудан.

ДАХЛДОР دخلدار оид, бомуносабат.

ДАХМА دخمه гӯрхонаи бузург, мақбара.

ДАШНА دشنه ханҷар, [корди нӯгаш тез].

ДАШНОМ دشنام ҳақорат, хорӣ *(дар лаҳҷаи эронӣ* **душном** *аст)*.

ДАШТ دشت биёбон, саҳро.

ДАЪБ دأب хӯ, хислат; равиш, одат.

ДАЪВАТ دعوت 1. хондан (ҷеғ зада овардан) *касеро ба меҳмонӣ ё ба коре*. 2. ташвиқ кардан *касеро ба коре*. *3. *маҷозан* зиёфат.

Меҳмонони даъвати мурдан
Сер гаштанд аз баҳам хӯрдан.
*(Бедил)**.

ДАЪВО دعوا 1. иддаои дониш. 2. чизе ва ҳақест, ки ба воситаи маҳкама аз касе талаб карда мешавад. ***Даъвои нони қоқ.** Дар Бухоро даъвои беасосро мегуфтанд. *(Ч. 6)**. **Даъво кардан** а) ба гардани касе бор кардани чизе ва ҳаққеро хостан; б) дар масъалаҳои илмӣ ва адабӣ фикри ҷудогонаи мӯхтоҷ ба далелро баён кардан; в) донистани чизе ва кореро иддао кардан.

ДАЪВОГАР دعواگر касе, ки ба воситаи маҳкама аз касе ҳаққеро талаб мекунад *(термини адлиягӣ)*.

ДАЪВӢ دعوی *нигоҳ кун. ба* даъво.

ДАЮС//ДАЙЮС دیوس беҳамият, беномус.

ДАҒ دغ 1. замини беобу алаф, ки дар вай ҳеҷ гоҳе гиёҳе нарӯида бошад. 2. сари бемӯе, ки дар забони омма **тос** мегӯянд.

ДАҒАЛ دغل 1. макру ҳила. 2. каси бадмуомила. 3. чизи дурушт, ки ба даст ва бадан бад расад.

ДАҒДАҒ دغدغ ҳолати ларзиш, ки аз тарс ё аз сармо пайдо мешавад.

ДАҒДАҒА دغدغه 1. тарс, бим, ташвиш. 2. майл ба чизе намудан. 3. ангуштзанӣ ба зербағал ва кафи пои касе барои хандондан (қитиқ). 4. лофи зӯроварӣ *(маънии чорўм—маънии зиндаи тоҷикист, ки мегўянд:* **ту хеле дағдаға дорӣ,** *яъне лофи зўроварӣ дорӣ).*

ДАҒЕЧ دغیج занони бародарон ба якдигарашон дағеч мешаванд.

ДАҒО دغا 1. одами норосткор. 2. зару нуқраи носара.

ДАҒОБОЗ دغاباز фиребгар, ҳилагар.

ДАҚ دق 1. кўфтан. 2. гадой *(маънии дуюм маҷоз аст, ки гадо дари мардумро мекўбад).** 3. зарба (таъна):

Ки рангу бўш занад рангу бўи
гулро дақ *(И. С.)**

ДАҚИҚ I دقیق ҳар чизе, ки борик ва ба даст овардананш душвор бошад (**фикри дақиқ** аз ҳамин аст).

ДАҚИҚ II دقیق орд.

ДАҚИҚА I دقیقه 1. чизи бисьёр борик.

ДАҚИҚА II دقیقه 1. як ҳисса аз шаст ҳиссаи соат. 2. як ҳисса аз шаст ҳиссаи дараҷаи бурҷҳои фалакӣ *(бурҷҳои фалакӣ 12 буда, ҳар бурҷ ба 30 дараҷа тақсим меёбад. Ба ин ду маънӣ дар русӣ* **минут** *гўянд).*

ДАҚИҚАСАНҶ دقیقه‌سنج борикбин, зирак, доно.

ДАҚИҚАШИНОС دقیقه‌شناس касе, ки вақт ва ҳолли ҳар корро медонад. [нуктасанҷ].

ДАҚЬЁНУС دقیانوس номи як подшоҳи афсонавии қадим. [Деция].

ДАҚЬЁНУСӢ دقیانوسی асбоб ва абзолҳои бисьёр қадимӣ *(масалан, инҳоро метавон* **дақьёнусӣ** *гуфт).*

ДАҚҚОҚ دقاق шустагар.

ДАҲ ده адади маълум [ду бор панҷ].

ДАҲАН دهن *нигоҳ кун. ба* **даҳон. Даҳани амак** касе, ки худ фикри мустақил надорад ва бо гуфтаи дигарон гап мезанад ва кор мекунад *(маҷози халқӣ).* **Даҳани бефаровез** пургўй, ҳарзагўй *(маҷози халқӣ).* **Даҳани дарида** *нигоҳ кун. ба* **даҳони бефаровез. Даҳани фаранг** як чизи маъдании рангоранг аст, ки аз кони мис ҳосил мешавад ва дар марҳамҳо ба кор мебаранд. ***Чу гов даҳан баста** будан дар хирманкўбӣ ҳамеша даҳони чорпоёни хирманкўбро мебанданд. Шоир дар ин байт ҳамин ҳодисаи ҳаёти деҳқононро ба назар гирифта ташбеҳи томе ба вуҷуд овардааст:

Пои тадбир бар сари хирман
Лек масар чу гов баста **даҳан.**
(Бедил).

ДАҲАНА دهنه 1. ҷои обгирии ҷўи хурд аз ҷўи калон ё замини аз ҷўй. 2. даромадгоҳи бозорҳои деҳот. 3. ҷои ба даҳон андохташавандаи лаҷоми асп.

ДАҲАНБАНД دهن‌بند ресмонест, ки бо вай даҳони ҷувол ва халтаи бордорро банданд.

ДАҲАНКАЛОН دهن‌کلان *нигоҳ кун. ба* **даҳанмард.**

ДАҲАНМАРД دهن‌مرد касе, ки бо калонгапӣ мардумро зердаст мекунад.

ДАҲДАҲӢ* دهدهی тиллои ҳолиси комьёр; (*муқ.* **даҳпанҷӣ)**

То даҳдаҳии зарамбат ҳаст,
Даҳпанҷаи раҳо кун аз даст.

Вақте, ки гуфтани суханҳои баланд аз дастат меояд, ба гуфтани суханҳои камқимат **машғул** *нашав (Л. М.).*

ДАҲЗАБОН دهزبان гули сапсан.

ДАҲЛЕЗ دهلیز хоначаест, ки аз вай ба хонаи аслӣ дароянд.

ДАҲМАРДАГӮЙ* دهمرده گوی касе, ки баробари даҳ кас гап мезанад, пургӯй. (*Бдс.*)

ДАҲО دها зиракӣ, тезӣ ва софии фикр.

ДАҲОН دهان 1. узви маълуми одамӣ ва ҳайвонот аст, ки ба воситаи вай хӯрок хӯранд. 2. ҷои даромад—баромади ҳар чизи миёнковок (**даҳони ғор, даҳони кӯза, даҳони танӯр**)... **Даҳ ангушт бар даҳон ниҳодан** ба мақсади даромад чанд корро ба даст гирифтан (*маҷози халқӣ*).

ДАҲОҚИН* دهاقین [ҷамъи **деҳқон**]; деҳқонон. (*Б.*).

ДАҲПАНҶӢ* دهپنجی тилои калби филизоти дигар омехта; (*муқ.* **даҳдаҳӣ**).

ДАҲР دهر дунё.

ДАҲРА دهره токбури калони бисьёр тез, ки ба ҷои шамшер ҳам ба кор меравад.

ДАҲСЕР* دهسیر ду пуд (*Ҷ. 3*).

ДАҲШАТ دهشت ҳайрат, саросемагӣ.

ДАҲШАТАНГЕЗ دهشت انگیز чизе, ки касро дар ҳайрат ва саросемагӣ андозад.

ДАҲЬЯК* دهیک [1. аз даҳ як ҳиссаи ҳар чиз. 2. хироҷе, ки аз даҳ як ҳиссаи ҳосил гирифта мешуд, ушр]. 3. ҳазор мукофоти ҳар калонаш соле 120-тангагӣ буд, ки онро ба муллобачагони қариб ба хатми кутуб расидаи дар дарс «пешравӣ нишондода» медоданд. Ин мукофот бо мурдани соҳиби мукофот ё бо расидани ӯ ба вазифаи сердаромадтар аз дасти ӯ мерафт ва ба дигаре дода мешуд. (*Ҷ. 1*).

ДАҶЛА دجله 1. номи рӯди шаҳри Бағдод (*дар Ироқ*)*. 2. *умуман* дарьёи равон (*Бдс.*)

ДАҶОҶ دجاج мурғи хонагӣ.

ДАҶОҶА دجاجه як мокиён.

ДЕ//ДӢ دی дирӯз.

ДЕБО دیبا ҳарири рангдор,* порчаи абрешимин. **Ҷомаи дебо** матои абрешимин (*Н. М.*)*.

ДЕБОЧА دیباچه сарсухани китоб.

ДЕБОҶ دیباج *нигоҳ кун.* **ба дебо** [*муарраби* **дебо**].

ДЕВ دیو як ҷонвари бадҳайбати афсонавист, ки гӯё ба одам бисьёр зарар мерасонад.* **Девони сафед**—киноя аз аспон

Шерони сиёҳ дар даридан.
Девони сафед дар давидан (*Л. М.*)

ДЕВБОД* دیوباد гирдбод. (*Л. М.*).

ДЕВДИЛ دیودل нотарс, далер (*маҷоз*)

ДЕВКОР دیوکار коргарест, ки беруи аз одат зиёда кор кунад. (*маҷози халқӣ*).

ДЕВОЛ دیوال девор (*«р» бо «л» бадал шудааст*).

ДЕВОН دیوان 1. маҳкама. 2. вакили харҷу дахл. 3. нишастангоҳи одамони калон (*нимкати мармаро, ки дар забони русӣ* **диван** *мегӯянд, аз ҳамин маънӣ гирифта шудааст*). 4. дафтари ҳисобот. 5. китоби ғазалиёти ягон шоир.

ДЕВОНА دیوانه бемори рӯҳии аз ақл бегонашуда.

ДЕВОНАБАЧА* دیوانه‌بچه коргари устохонаҳои ҳунармандӣ дар Бухорои тореволюционӣ. (*Е. 3—4*).

ДЕВОНАФАШ* دیوانه‌فش девонамонанд.

Девонафашу чу дев дар банд (*Л. М.*).

ДЕВОР* دیوار иҳотаи аз лой, хишт ё чизи дигар сохташуда, ки гирдогирди чизеро ё ҷоеро гирифтааст. **Девори ҳисор**—девори қалъа (арк, *Ҷ. 10*).

ДЕВСОР دیوسار девмонанд. *Саъдӣ гӯяд:*

Дев бо одам наёмезад, матарс.
Бад битарс аз одамони девсор.

ДЕВҶОМА دیوجامه 1. пӯстинест, ки тарафи мӯйдорашро бар рӯй карда дӯхтаанд. 2. ҷомаи пашминест, ки ба тарафи рӯяш торҳои мӯй ва пашм овезон аст.

ДЕР دیر 1. зидди зуд *(дар сифати замон, вақт меояд)*. 2. дур *(масали халқ:* **«Шикам сер шуд, ғамҳо дер шуд»**, *яъне дур шуд)*. **Дер бипоӣ*** дер пойдор боши (умри дароз бинӣ) *(Е.)*. **Дере баромад**—хеле вақт гузашт. *(Ҷ. 10)** **Дер боз** бисьёр вақт боз... **Дер напояд** замони бисьёр пойдор намонад.

ДЕРАНД* دیرند дунё, олам *(Р.)*.

ДЕРИНА دیرینه кӯҳна, қадимӣ (**ошнои дерина**).

ДЕРПОЙ دیرپای замони дароз пойдор бошанда.

ДЕҲ I ده 1. *асоси замони ҳозира аз* **додан**. 2. *амр ба* **додан** (яъне бидеҳ!).

ДЕҲ II ده қишлоқ.

ДЕҲА دیهه *нигоҳ кун. ба* **деҳ II**. *Дар ин маънӣ Низомӣ гуфта:*

Надида чу рӯбоҳ чаро дигар,
Ба шаҳдиш он деҳа карда гузар.

ДЕҲКАДА دهکده хонаи деҳагӣ.

ДЕҲОТ دهات қишлоқҳо.

ДЕҲХУДО دهخدا арбоби деҳа,* соҳиби деҳа *(Буҳ.)**.

ДЕҲҚОН* دهقان заминдори калон ва соҳиби деҳ; *арабӣ кардашудаи «деҳгон» аст, ки дар забони тоҷикии қадимӣ «соҳибдеҳ» ва «соҳибдеҳа» гуфтан аст. Аммо дар замонҳои охир ин калима умуман ба маънои касони ба кишткор машғулшаванда ва аз ҳосили замин фоидабаранда кор фармуда шуд... (Ҷ. 10.)*.

ДИБОҒАТ دباغت пӯст ошлоқӣ.

ДИД دید таҳмин бо чашм (**диди шумо чист, ин гӯсфанд ба чанд меарзад**).

ДИДА I دیده *сифати феълии замони гузашта аз* **дидан**.

ДИДА II دیده чашм

Ин дида басе дидаву мисли ту надида—*(дидаи якум чашм, дуюм ва сеюм—феъл)*.

ДИДБОН دیدبان посбони болои қалъаҳо, киштиҳо ва сарҳадҳо, ки дар як ҷои баланд истода ба ҳар тараф назар мекунад, то ки аз душман ва ё таҳлука дар сари вақт хабар ёбад.

ДИДДОР دیددار ҳайвони хушпайкар, хушнамо.

ДИДОР دیدار 1. дидани рӯи касе. 2. рӯй.

ДИЁР دیار [ҷамъи **дор**]; мамлакат, шаҳр. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Меравам з-ин шаҳру дар дил
дарди ёр мебарам.
Дарди ёре аз диёре
бар диёре мебарам.

ДИЖ I دژ қалъа.

ДИЖ II دژ зишт, бадхӯ.

ДИЗ دز қалъа. *муқ.* **диж I**.

ДИЗБОНУ* دزبانو бону ва маликаи қалъа *(Л. М.)*.

ДИЛ دل 1. узви маълуми дарунист, ки ҳаракати хунро идора мекунад. 2. миёнаи ҳар чиз *(маҷоз)*. **Дил бурдан** дили касеро бо хубӣ ба тарафи худ моил кардан;

Дил додаму сухан нашунидам
гуноҳи ман.
Дил бурдаӣ нигоҳ накардан
гуноҳи кист?
(Ноиб)

Дил додан а) далер кардан *касере; б) ба кас бо муҳаббат дил* бастан*, дӯст доштан:

Гар дил диҳӣ, эй писар бад-ин панд...

*агар ин пандро писандӣ, дӯст дорӣ (Л. М.).** **Дил накардан** ҷасорат накардан *(ба коре).** **Дил об хӯрдан** дил пур шудан ва амният пайдо кардан; **Дил об нахӯрдан**—эътимод накардан ва эмин набудан.

Нахӯрад дилам об аз ин раҳгузар.

Шоир дар ин мисра ин таъбирро ба ду маънӣ ҳам ба маънои луғавиаш ва ҳам ба маънои маҷозӣ ва урфиаш кор фармудааст (Н.).

ДИЛБАР دلبر 1. ҳар чизе, ки бо хубии худ дили одамро мебарад. 2. маҳбуб *(маҷоз)*.

ДИЛБАСТАГӢ دلبستگی алоқаи маънавии сахт.

ДИЛГАРМ* دلگرم меҳрубон, дилбаста.* **Дилгарм шудан** ба касе ё ба коре муҳаббат мондан.

ДИЛГИР دلگیر кори ба дил зананда, нофорам. 2. одаме, ки аз коре нафрат карда бошад. **Дилгир шудан** аз *коре* рӯй гардондан ба сабаби нофорамии вай.

ДИЛДОР دلدار маҳбуб, маъшуқ.

ДИЛКАШ دلکش чизе, ки бо хубии худ дили одамро ба тарафи худ мекашад.

ДИЛОВЕЗ دلاویز ҳар чизе, ки ба дил хуш ояд.

ДИЛОРОМ دلآرام 1. сифати маҳбуб аст, ки ба дили ошиқони худ ором мебахшад. 2. ҳар чизе, ки сабаби оромӣ шавад.

ДИЛОШӮБ دلآشوب 1. сифати маҳбуб аст, ки дили ошиқони худро ошуфта мегардонад. 2. маҳбуб *(маҷоз)*.

ДИЛПАЗИР دلپذیر ҳар чизи марғуб ва дилкаш.

ДИЛПУР/Р.Ӣ دلبری эътимод ба касе ё чизе барои кардани коре.

ДИЛСАРД* دلسرد дилхунук, бепарво* **Дилсард шудан** аз *касе ё коре* рӯй гардондан.

ДИЛТАНГ دلتنگ касе, ки аз ҳар чиз андӯҳнок мешуда бошад. **Дилтанг шудан**—андӯҳнок шудан, ғамгин шудан.

ДИЛХОҲ دلخواه чизи марғуб.

ДИЛШУДА* دلشده дилдода, ошиқ. *(Л. М.)*.

ДИЛШУДАГӢ* دلشدگی дилбохтагӣ, ошиқӣ. *(Л. М.)*

ДИМАН* دمن хокрӯба ва ахлотӯдон. *(Л. М.)*

ДИМОР دمار 1. ҳалок. 2. дуд. **Димор аз рӯзгори касе баровардан** дудашро баровардан, яъне гӯё, ки сӯзонда шуда бошад, тамомии маҳв кардан *(маҷоз)*.

ДИМОЪ دماء хунҳо, (ҷамъи дам(ӣ) *ба маънои хун*.

ДИМОҒ دماغ 1. мағзи сар. 2. биниӣ. **Димоғ сӯхтан** *аз коре* ғамгин шуда, кайф паридан

ДИМОҒА دماغه хушкии ба даруни баҳр дароз шударафта *(термини ҷуғрофӣ)*.

ДИМОҒБАЛАНД دماغبلند мутакаббир, калонгир.

ДИМОҒЧОҚ* دماغچاق хурсанд, хушҳол.* **Димоғчоқ шудан** хушҳол шудан.

ДИНА دینه дирӯз, рӯзи гузашта.

ДИНГ دنگ 1. пойкӯбӣ, шоликубӣ. 2. бори ба болои хар ё асп шах ва таранг истода (*гӯладинг аз ҳамин калима гирифта шудааст, ки одами ғафси кӯндаи каму ростнашавандаро гӯянд*).

ДИНОАТ دنائت нокасӣ, забунӣ, пастӣ, хасисӣ.

ДИНОР دینار тиллои сикка задашуда, тиллои сиккадор.

ДИРАМ درم тангаи нуқрагӣ; пули танга; танга.

ДИРАФШ* درفش 1. порчае, ки ба сари байрақ банданд. 2. байрақ.

ДИРОСАТ* دراست донӣ; дарсдиҳӣ. *(Б.)*

ДИРОЯТ درایت ақл, дониш, фаросат, зиракӣ.

ДИРЪ درع зирех.

ДИРУЗ دیروز рӯзи гузашта.

ДИРҲАМ درهم *нигоҳ кун*. *ба* **дирам** (*арабӣ кардашудаи* **дирам**).* **Дирҳаму динор**—танга ва тилло *(Б.)*.

ДИФЛӢ دفلی гиёҳест заҳрдор, ки агар вайро хайвоне хӯрад, мемирад.

ДИШАБ دیشب шаби гузашта.

ДИЯТ دیت хунбаҳо, [товони хун].

ДИҚ دق бемориест, ки рафта-рафта одамро борик, заиф ва лоғар кунад.

ДИҲИШ دهش саховат, бахшиш. *Фирдавсӣ гӯяд:*

Фиридуни фаррух фаришта набуд,
Ба ӯду ба анбар сиришта набуд.
Ба доду диҳиш ёфт ин некуӣ,
Ту доду диҳиш кун Фиридун туӣ.

ДОВ داو 1. навбати қимор. 2. навбати ҳар коре, ки эҳтимоли ғалаба кардан ва мағлуб шудан дар вай бошад. 3. даъво, низоъ.

ДОВАР داور 1. ҳоким. 2. ҳакам. [3. одилона ҳукмкунанда, одил].

К-эй довари довар, бидеҳ дод! (Л. М.)

ДОВАРӢ داوری 1. ҳукуматдорӣ. 2. хусумат, низоъ. 3. шикоят. 4. муҳокима, [муҳокимаи мардум].

Ҳам бо раҳӣ ин доварихо. (Л. М.)

ДОВТАЛАБ داوطلب талабгори ихтиёрӣ (*дар ҷанг, дар гӯштӣ, дар ҳар коре, ки кӯшиши зиёд талаб мекарда бошад*).

ДОД داد 1. адл, инсоф. 2. фарёд (*ба ин маънӣ маҷоз ва махсуси забони тоҷикист, ки «бисёр дод нагӯй» мегӯянд—яъне фарёд макун*).

ДОДАН* دادن гузаштан, супурдан.

Додаи ба рӯзи ноумедӣ...

(*маро ба рӯзи ноумедӣ гузоштӣ (Л. М.)*).

ДОДАР دادر бародари аз худ хурд (*махсуси тоҷикӣ*)

ДОДГАР* دادگر одил. *(Бур.)*

ДОДОР دادار 1. одил. [2. худо (*маҷоз*)].

ДОДХОҲ دادخواه 1. одил, соҳиби инсоф. 2. яке аз мансабҳои дарбори амирӣ, ки одатан соҳиби ин мансаб бисёртар зулм мекард.

ДОДХОҲӢ دادخواهی адолатталабӣ, инсофталабӣ.

ДОЗА دازه ду чӯби аз ҳамдигар дуртар дар замин шинондашудаи бар болояш чӯби дигар басташуда, ки бар он кабӯтарон ва баъзе паррандагони дигар нишинанд.

ДОНИ دانی карзанханда.

ДОИР دائر 1. чарх. 2. оид.

ДОИРА دائره 1. хатти гирда. 2. давр шуда нишастани одамон, давра. 3. ҳудуд (**ин кор дар доираи кори ман дохил нест**—*яъне дар ҳудуди ихтиёри ман нест*). 4. гардиши чӯбинест, ки дар вай пӯсти пашмаш тарошидаро кашида ва навозанд. 5. гурӯҳи мардум. *Ба ду маънии охирӣ гуфта шудааст.*

Чун доира мо зи пӯстпӯшони туем.
Аз доираи ҳалқабагӯшони туем.
Гар бинавозӣ ба ҷон хурӯшони туем.
В-ар нанвозӣ ҳам аз хамӯшони туем.

(**Доираи** *аввал*—олати мусиқӣ, *дуйӯм* гурӯҳи ҳалқабагӯшон——*ғуломон*).

ДОЛ دال 1. навдаи борики дарахт (**долу барг**). 2. нақшу нигор, ғозаи рӯй. *Ба ин маънӣ Ҳайрат гуфта:*

Зулфу холи ту ба тороҷи дилу дин кофист,
Баҳри шикор чи бош ин ҳамаат долу гулест.

ДОЛЛ دال далолаткунанда бар чизе.

ДОЛОН دالان 1. роҳи болопӯшида. 2. роҳрави болопӯшида.

ДОМ I دام чизи маълум аст, ки бо вай ҷонваронро ба банд оранд.

ДОМ II دام ҷонварони ваҳшии алафхӯри ғайри дарранда аз қабили оҳу, бузи кӯҳӣ ва ғ.

ДОМАН//ДОМОН دامن//دامان 1. канори (қисми) поёнии *либос* (**домани ҷома, домани курта, домани камзӯл**). 2. Канори ҳар чиз (*ба ин маънӣ ба он чиз ҳамроҳ шуда меояд.* **Домани биёбон, домани кӯҳсор**).* **Доман ба дандон гирифтан** худ ва бо чобукӣ гурехтан (*Бӯс.*).* **Доман барзадан** бо ғайрату кӯшиш ба коре даромадан. **Доман бар замин кашидан** бо ғурур роҳ рафтан, худнамоӣ кардан. **Доман задан** а) доман зада оташро шӯълавар кардан; б) ба шӯр овардан, оташин кардан. *Ба ин ду маънӣ Қозӣ Қурбонхоҷ гуфта:*

Дорам диле, ки шӯълафурӯшист кори ӯ
Доман мазан, мабод, ки афтад шарори ӯ

ва Ҳайрат гуфта:

Шӯхи раққоси оташинрӯе
Гарм гардонд маҳфили моро.
Мезанад чарху мезанад доман
Оташи машъали дили моро.

Доман чидан канора гирифтан.

ДОМАНА I دامنه канори чизҳои ғайри *либос* (**доманаи кӯҳ, доманаи дашт**).

ДОМАНА II دامنه *бемориест* кушанда ва гузаранда.

ДОМАНАФШОНӢ دامن‌افشانی ғурур, ноз.

ДОМАНГИР دامنگیر 1. даъвогар ба касе барои чизе. (**Гурбаи ҳамсоя мурд. Ӯ «ту куштӣ»—гӯён аз ман домангир шуд**). 2. Касе ё алоқаест ки касеро аз сафар ва ҳаракат боздорад. (**Ашколи зиндагӣ маро домангир шуд, ки имсол ба ҷое рафтан натавонистам.**)

ДОМАН-ДОМАН دامن-دامن *бисёр. Ба ин маънӣ гуфта шудааст:*

Интизорам, вай бувад доманкашон он моҳ расад—
Лӯълӯи ашкам пайи исор доман-доман аст.

(**Доман** *дар мисраи аввал ба маънои домани либос, дар мисраи дуйӯм* (**доман-доман**) *бисёр*).

ДОМАНДОР دامن‌دار дароз, кашол (**ин кор бисёр домандор шуд,** *дароз шуд, кашол ёфт*).

ДОМАНОЛУДА* دامن‌آلوده гунаҳкор (*махсусан ба муомилаҳои ҷинсии ғайриқонунӣ. (Бӯс.)*

ДОМОД داماد 1. ҷувони нав хонадоршуда. 2. шӯи духтар нис-

бат ба хешовандони аз худ бузургаш (ба падар, модар, амак ва ғ.).

ДОМОН دامان *нигоҳ кун. ба* **доман.**

ДОМУЛЛО* داملا омӯзгори мактаби кӯҳна (динӣ) **Домуллои дарсхонагӣ** омӯзгори хурд дар мадраса. **Домуллои кунҷакӣ** домуллои дараҷаи дуюм аст ҳох дар ҷое мударрис бошад, ҳох не, ки шогирдон аввал дарсашонро пеши ӯ хонда тайёр мекунанд, пас аз он ба дарсхона ба пеши мударриси калон рафта мехонанд. *(Ч. З.)*

ДОМЬЕРӢ* دامیاری бахшиши сайёд як қисми сайди худро ба касе, ки дар вақти сайд ҳозир мешавад.

Гуфтө ки ба расми домьёрӣ
Меҳмони туям, ба-дон чи дорӣ!
(Л. М.)

ДОН I* دان 1. *асоси феъли замони ҳозира аз* **донистан** 2. *амр бар* **донистан (бидон!).**

ДОН II دان галладона ва ҳар чизе, ки хӯроки мурғон шавад.

ДОН III دان зарфи чизе. *Ба ин маънӣ дар охири калима меояд:* **қаламдон, намакдон, гулдон, каҳдон, нондон.**
Гӯсоли каҳдон холӣ мекунад, бача нондон *(аз масалҳои машҳури тоҷикӣ).*

ДОНА دانه 1. тухми ғалла-дона (гандум, ҷав, ҷуворӣ, мош ва монанди инҳо). 2. Калимаест дар шумораи чизҳои бечон, ки ягон-ягон шумурдани онҳо мумкин бошад, меваҳо, (нумератив) (харбуза, тарбуз, хишт: **Як дона харбуза, ду дона тарбуз...**) **Дона рехтан** *касеро ба фиреб кашидан, касеро бо чизе фиреб додан.* **Дона чидан** ба тарзи ғадоӣ шикам сер кардан *(маҷоз аст аз дона чидани мурғон).*

ДОНАГӢ دانگی 1. Пули тиллои сиккадода. 2. чизе, ки онро донабайъ мефурӯхта бошанд, дона-дона, якто-якто (монанди тухми мурғ).

ДОНА-ДОНА دانه ـ دانه якто-якто.

ДОНАДОР دانه دار Сифати хуб расида пухтани биринҷ аст дар палав.

ДОНАК دانک тухми зардолу, шафтолу ва монанди инҳо, ки пӯчоқи сахти чӯбмонанд дорад.

ДОНАПОШ دانه پاش донпош, донкон.

ДОНГ دانگ 1. Як вазни маълум сang, воҳиди қиёсии вазн. 2. ҳисса, як миқдори муайян аз замини кишт (аммо дар чӣ қадар будани ин вазн ва миқдор ихтилофи бисёр аст).

ДОНГОНА دانگانه зиёфати шарикии байни худ, ки пулаш пешакӣ аз шарикон ҷамъ карда мешавад.

ДОНИСТАН* دانستن 1. фаҳмидан. 2. шинохтан. 3. тавонистан.

Зад кӯкнахо мӯф бенирое,
Қай кабк, ту мечумӣ надонӣ.

ту ин тавр хонда карда наметавонӣ. *(Л. М.)*

ДОНИШ دانش 1. доноӣ. 2. илму маърифат.

ДОНИШАНДӮХТА* دانش اندوخته донишгирдоварда. *(Бфс.)*

ДОНИШВАР دانشور 1. соҳиби илму маърифат. 2. пурдон.

ДОНИШГАР دانشگر 1. пурдон. 2. дастургузоранда дар баъзе фанҳо *(дар ҳисоб, ҳандаса, тиб).*

ДОНИШМАНД دانشمند 1. *нигоҳ кун.* **ба донишвар.** 2. ҳаким.

ДОНИШОМӮЗ دانش‌آموز 1. муаллим. 2. шогирд.

ДОНИШПАЖУҲ دانش‌پژوه ҷӯяндаи илму маърифат.

ДОНО دانا бисёр донанда. **Донои кор** пуртаҷриба, пурдон. **Донои Тӯс** лақаби Абулқосими Фирдавсӣ.

ДОНОДИЛ دانادل зирак, соҳибфаросат.

ДОНХӮР دانخور касест, ки бо манфаатҳои моддӣ нофаҳмида ба доми фиреб меафтад. **Донхӯр кардан** ба нияти фиреб ба касе манфаати моддӣ расондан.

ДОНХӮРАК دانخورک зарфест, ки дар вай ба паррандаҳои қафасӣ дон медиҳанд.

ДОР I دار 1. *асоси замони ҳозира аз* **доштан**. 2. *амр ба* **доштан** (*яъне* **бидор, нигоҳ дор**). 3. доранда (*ба ин маънӣ бо исм меояд:* **молдор, пулдор**).

ДОР II دار 1. чӯби бар сари ду чӯб баста, ки дар вай дар замони амир бандиёнро овехта мекуштанд. 2. ресмонест бар сари чӯби дарозе баста кашидашуда, ки бар болои вай баромада бозӣ кунанд. 3 дарахт. **Дори баланд** орзӯи калони пурбим (*маҷоз*).

ДОР III دار ҳавлӣ, хона (**дорулфунун, дорушшифо** *аз ҳамин маънӣ аст*).

ДОРБОЗ دارباز касе, ки бар болои дор баромада бозӣ мекунад.

ДОРБӮЙ* داربوی чӯби уд, ки хушбӯя аст. (*Р.*)

ДОР-ДОР دار-دار **Дор-дор кардан** а) мадоро кардан; б) кашол кардани коре.

ДОРКИСА دارکیسه ғуррии пурпашша, ки дар баъзе дарахтон пайдо мешавад (*чунончи* **дар дарахти ғуҷум палид меояд**).

ДОРО I دارا 1. доранда. 2. тавонгар. 3. номи подшоҳи таърихӣ.

ДОРОЙ دارائی сомон, сарват.

ДОРУ دارو 1. ҳар чизе, ки ба беморие даво шавад. 2. ҳар чизе, ки таъсири фаврӣ дошта бошад (доруи милтиқ, доруи беҳушӣ).* **Доруи милтиқ** — *борут* (*Ч. 6*)

ДОРУГИР داروگیر калонгирӣ, худнамоӣ, ҳашаматнишондиҳӣ (*аз сифатҳои феодалҳо ва монанди инҳо*).

ДОРУҒА* داروغه дар асл умуман ба маънои посбон бошад ҳам, дар истилоҳи амлокдор ва иҷорадорони Бухоро касест, ки то тайёр шуда бардоштани хирман ва ҷудо кардани ҳаққи подшоҳӣ ва ё вақф онро посбонӣ мекард. (*Ч. 8*)

ДОРХОЛ دارخال 1. дарахти бепайванд. 2. қаламчаи растаниҳо. 3. ниҳоли бехчасти ба ҷои дигар шинондашуда.

ДОРЧИН دارچین растаниест хушбӯй, ки пӯсташ ба доруҳо ҳамроҳ шавад ва барои хушмаза кардани таом ба ош андозанд.

ДОС داس олатест, ки бо вай алаф, гандум ва монанди инҳоро даравад.

ДОСА داسه хасҳои сӯзанмонанди хӯшаҳои гандум ва ҷав.

ДОСҚОЛА داسکاله *нигоҳ. кун ба* **досткола**.

ДОСТКОЛА داستکاله доси токбур.

ДОСТОН داستان 1. қисса. 2. шӯҳрат. 3. лақаби Рустами афсонавӣ, қаҳрамони «Шаҳнома».

ДОСХОЛ داسخال *нигоҳ кун.* **ба дошхор**.

ДОХИЛ داخل 1. дарунраванда. 2. дарун.

ДОШ داش оташдони калоне, ки дар вай бисьёр оташ афрӯзанд,* кӯраи калон *(Р.)** **доши чармгарӣ, доши чӯянгудозӣ.**

ДОШТА داشته асбобҳои хонагии кӯҳна.

ДОШХОР داشخوار пасафкандаҳои оҳан ва чӯян, ки дар вақти гудохтан аз вай ҷудо шавад.

ДОҒ داغ 1. нишонаи чизе, ки дар чизе монад (нишонаҳои ҷароҳат ва реш дар бадан, нишонаи равған, ё чирк дар либос). 2. сахт тафсонда шуда **(равғани доғ).** 3. ҳасрати сахт кашидан **(шикори ба дом афтода аз даст рафт, доғ шуда мондам).** *Доғи фарзанд* дар мавриди мурдани фарзанд. 4. ҷои тамға, ки дар гала бар рони аспон ва дар замони ғуломдорӣ бар дасти ғуломон мезаданд. *Ба ду маънии охирӣ Бедил гуфта:*

> **Аз харошн сина дастам то**
> **ба соид суда шуд**
> **Доғи дасти худ кашам, доғам**
> **ки доғ аз даст рафт.**

(*Ду* доғи *аввал ба маънои ҳасратхӯрӣ,* **доғи** *саввум ҷои тамға).* **Доғи шустагар** а) нишонаест, ки шустагарон дар канори порчаҳо, ҷомашӯикунии дар канори либосҳо кунанд, то ки порча ва либоси ҳар касро бо он нишона ёфта диҳанд; б) айби аз одам норафтанӣ. **Доғ бар домани расидан** айбдор шудан. **Доғ шудан** ҳасрати чизеро хӯрдан.

ДОҒСАР داغسر гунҷишки нар, ки вайро бачагон дошта дастомӯз кунанд. *Ба ин маънӣ Қозӣ Қурбонхон гуфта:*

> Дар дасти тифли шӯх супурдаст
> рӯзгор—
> **Барбаста дасту пои маро ҳамчу**
> **доғсар.**

ДОҒДУ داغدو одам ё ҳайвони таҷрибакор, ки аз таҳлукаҳо ва дастгиршавиҳо худро бо ҳила нигоҳдорӣ кунад.

ДОҒУЛ داغول айёр, маккор.

ДОҒУЛӢ داغولی 1. *нигоҳ. кун ба* **доғул.** 2. номи ҷосуси машҳур Насри Сайёр аст, ки дар ҷангномаҳо бани ёфтааст.

ДОӢ داعی 1. дуокунанда. 2. хонанда. 3. талабкунанда. 4. иқтизокунанда.

ДОҲӢ داهی 1. донову зираки аз одат берун. 2. пешво *(маънии дуюм маънии ҳозирааст, ки дар адабиёти тоҷикӣ ва ӯзбекӣ қабул карда шудааст).*

ДОҶ داج 1. торикӣ. 2. торик.

ДУАСПА دواسپه шитоб, шитобон,* тез, босуръат *(маҷоз):*

К-айём дуаспа дар шитоб аст *(Л. М.)*

Дуаспа рондан шитобон рафтан *(Л. М.).**

ДУБАҲРА دوبهره 1. хонае, ки ҳам боби зимистон бошад, ҳам боби тобистон, аз он ҳам дар зимистон баҳра бурда шавад, ҳам дар тобистон (Масалан, ҳам аз ҷануб дар дошта бошад, ҳам аз шимол). 2. ҳар чизе, ки аз ду ваъияти зидди ҳамдигар баҳра гирад. (Масалан, курбоққа ҳайвони дубаҳра аст, ки ҳам дар об зиндагӣ мекунад, ҳам дар хок).

ДУББ دب хирс. **Дубби Акбар** гурӯҳе аз ситорагони тарафи Қутби Шимолӣ, ки ба сурати хирс тартиб ёфтаанд. **Дубби Асғар** гурӯҳчае аз ситорагони тарафи Қутби Шимолӣ, ки ба сурати хирс тартиб ёфтаанд.

ДУБЕЗА* دوبیزه (ордаш) ду бор бехташуда. **Кулчаи ширмоли дубеза** ноне ки ордашро ду бор бехта бо шир пухтаанд. *(Ҷ. 6).*

ДУБОЛО دوبالا дучандон, ду баробар (**нашъаи дуболо, хурсандии дуболо, ғалабаи дуболо**).

ДУБОЧА دوباجه ду бор додани қарз ё дубора идора кардани вазифае.

ДУБУР دبر пушт, пас,* |паси одам, мақъад (*Б.*).

ДУВАЛ* دول ҷамъи **давлат**. (*Б.*)

ДУВИСТ دويست дусад.

ДУГОНА دوگانه 1. ду чизи ба ҳам сахт пайваста (масалан, ду мағзи донак ё бодом, ки дар даруни пӯчок ба ҳам пайвастаанд). 2. ду зан ё ду духтари ба ҳам дӯсти наздик (*маҷоз*). 3. *умуман* ду чизи ба ҳам наздик.

ДУГОҲ دوگاه яке аз шӯъбаҳои «Шашмақом» аст (*дар мусиқӣ*).

ДУД دود он чи дар вақти сӯхтани чизе ба ранги ғубори сиёҳ мебарояд. **Дуд баромадан** *аз касе* ба ҳасрат ва андӯҳи сахт гирифтор шудани *касе* (*маҷоз*). **Дуди чароғ хӯрдан** дар роҳи илмӣ ва адабӣ бисёр кор кардан (*маҷоз*).

ДУДА I دوده дудест, ки аз сӯхтани чароғ ва монанди он ба ҳар ҷо часпида мемонад.

ДУДА II دوده кирме, ки дар даруни меъдаи одамӣ ва ҳайвонот пайдо мешавад.

ДУДА III دوده дудмон, хонавода, авлод, қабила.

ДУДАМА دودمه 1. ханҷар. 2. ҳар теғе, ки ду дам дошта бошад (**корди дудама, доси дудама...**)

ДУДБАРО دودبرا ҷое, ки аз он дуд мебарояд, дудкаш.

ДУДИЛА دودله касе, ки дар байни ду фикр ва ё кори зидди якдигар ба як қарор омада натавонад.

ДУДИЛАГӢ دودلگی беқарорӣ, беқатъиятӣ дар корҳо ва фикрҳо.

ДУДКАШ دودکش *нигоҳ кун. ба* **дудбаро**.

ДУДМОН (ДУДАМОН) دودمان хонавода, авлод, қабила.

ДУДХОНА دودخانه хонаест, ки дар зиндагонии ғайри маданӣ дар он ҷо оташ даргиронда гарм шаванд.

ДУЗА دوزه гиёҳест, ки ҳосили он ба калонии писта, аммо пурхор мешавад ва мағзаш ширадор аст.

ДУЗАБОН دوزبان мунофиқ (*маҷоз*).

ДУЗД* دزد касе, ки чизи мардумро ғорат мекунад.* **Дузди адабӣ** касе, ки шеър ё ҳикояҳои касеро айнан ё мазмунан ба номи худ мебарорад.* **Дуздро доретон! (дузд... гуфтан)** вақте ки мардум дузд мегӯянд, дуздон ҳам барои пай гум кардан «дуздро доретон» гӯён дар кӯчаю кӯй медаванд:

Дуздон чу ба кӯй дузд ҷӯянд,
Дар кӯй давонду «дузд»... гӯянд
(*Л. М.*)*

ДУЗДАФШОН دزدافشان касе, ки молҳои дуздиро фурӯхта медиҳад.

ДУЗДАФШОР دزدافشار *нигоҳ кун. ба* **дуздафшон**.

ДУЗДАФШОРӢ* دزدافشاری шарикӣ ва ёрирасонӣ ба дузд.

Ӯ дузду ман гудозам аз шарм
Дуздафшорист ин, на озарм. (*Л. М.*)

ДУЗДИДА* دزدیده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **дуздидан**. 2. пинҳонӣ, ба тарзи махфӣ, ба таври рустӣ (*маҷоз*). **Дуздида дидан (дуздида нигоҳ кардан)**—пинҳонӣ нигаристан.

З-ин пас чу ба ақл пеш дидем,
Дуздида ба рӯи хеш дидем.

баъд аз фош шудани сирри ишқашон ба ҳукми пешбинии ақл ба рӯи ҳамдигар пинҳонӣ дуздида нигоҳ мекардагӣ шуданд. (Л. М.)

ДУК دوک чӯби дар харротӣ тарошида шуда, ки вайро дар чарх гузаронида бо вай ресмон ресанд.

ДУКБАРЗА دوکبرزه дуки калон аст, ки бо вай ресмонҳои риштаро ба загӯта печонанд.

ДУКБОЗӢ دوکبازی як хел бозии халқист, ки якдигарро бо пой зананд, то ки ғолиб оянд.

ДУККОН دکان дӯкони чизфурӯшӣ.

ДУКОРД دوکارد кайчии гӯсфандтарошӣ аст, ки бо вай пашми бузу гӯсфандро тарошанд.

ДУМ دم 1. дунболаи ҳар чиз. 2. пайрави касе дар корҳои нописанд *(маънии дуйум маҷоз)*.

ДУМДОР دمدار 1. кори дароз. 2. фавҷе, ки дар вақти ҷанг паси лашкарро нигаҳдорӣ мекунад.

ДУМ-ДУМОГИР دم دما گیر қариб баробар. *Ҳайрат гуфта:*

Рӯе чӣ? — дум-думогири хуршед
дар [illegible]...

ДУМЛОБАГӢ* دملابگی хушомадгӯйӣ; мунофиқӣ *(Б.)*.

ДУМЧА دمچه думи донаҳои мева *(масалан, думчаи ангур, харбуза ва монанди инҳо).* **Думча додан** тамом пухтани харбуза ва тарбуз, ки бо онҳо даст расондан аз палак канад. **Думчааш об гирифтан** а) ба пухтан наздик расидани ягон мева; б) ба фикри саросар афтодани касе *(маҷоз)*.

ДУМГОЗА دمغازه чӯб ба усту-хон часпидаи думи ҳайвонот ва паррандагон.

ДУМӮЙ* دوموی касе, ки мӯиш сиёҳу сафед шудааст, мӯиш мошу бириҷ.

ДУМУЪ دموع ҷамъи **дамъ**; обҳои чашм.

ДУМӮӢ* دوموئی мошубиринҷмӯй будан, мошубиринҷӣ *(Б.)*.

ДУМУҲРА* دومهره ду мӯҳр дошта, бо ду мӯҳр тасдиқшуда; фармоне ки онро ҳам қозикалон ва ҳам қушбегӣ дар ду мӯҳр кардаанд.

ДУМЧУЛОНӢ دمجولانی 1. думҷунбонӣ. 2. хушомадгӯйӣ.* **Думчӯлонӣ кардан** хушомадгӯйӣ кардан ба касе монанди сагон ба соҳиби худ.

ДУН دون 1. ғайр. 2. андак. 3. зер; зидди **фавқ**. 4. паст, хасис.* **Дунон**—одамони паст *(Бфс.)**

ДУНБА دنبه равғани ба рӯи сурин ва пеши дум пайдошудаи гӯсфанд.

ДУНБАК دنبک нақораи сафолини думдарозест, ки дар зери бағал гирифта бо даст навозанд:

Гармии Гулом на ҳама одам
андозад.
Тайёр кун шарфа Аштурхони
дунбак.

ДУНБАКАШКАК دنبه کشک дунбаи карди дар он пухташуда.

ДУНБОЛ دنبال 1. дум ва охири ҳар чиз. 2. пас ва пушти ҳар чиз. *Ба ин ду маънӣ Фирдавсӣ гуфта:*

Ба дунболи чашмаш яке хол буд,
Ки чашмон худаш ҳам ба дунбол буд.

ДУНБОЛА دنباله нигоҳ кун ба дунбол.

ДУНБОЛАДОР دنباله‌دار *нигоҳ кун.* *ба* **думдор.**

ДУНБОЛАГИР دنباله‌گیر аз паси касе равида ба нияти назорат.

ДУНБОЛАГИРӢ دنباله‌گیری аз пас рафта назораткунӣ (таъқиб).

ДУНБОЛАПУР* دنباله‌پر як навъ милтиқ. **Милтиқи дунболапури яктира**—як навъ милтиқи аз қафояш тир пур карда мешудагӣ; берданка *(Ҷ. 10).*

ДУНБУРА دنبره созест танбӯрмонанди дастакӯтоҳ *(асли ин калима* **дунбаи барра** *буд, ки ба вай монандӣ дорад ва дар истеъмоли мардум ин шаклро гирифтааст.* **Танбӯр**—*арабӣ кардашудаи ин калима аст. («Бурҳони Қотеъ»).*

ДУНЬЁ دنیا ҷаҳон (ҳамаи олами мавҷудот).

ДУНЬЁВӢ دنیاوی *мансуб ба* дуньё.

ДУНЬЁӢ دنیائی *мансуб ба* дуньё.

ДУР(Р) در марворид.* **Дурри макнун** дурри хушоб ва бисёр қиматбаҳо; *маҷозан* ашк.

Мерехт зи дида дурри макнун *(Л. М.).** **Дурри ятим** марвориди калони обдор.

ДУРАГА دورگه ҳайвон ва гиёҳе, ки аз ду ҷинси мухолиф рӯяд (*масалан,* хачир, ки аз ҷуфтини хару асп мерӯяд).

ДУРАНДЕШ دوراندیش касе, ки дар воқеаҳо ва ҳодисаҳо рӯякӣ ҳукм намекунад ва баъд аз муҳокимаи дуру дарози чуқур ба як қарор меояд.

ДУРАНДОЗ دورانداز касест, ки аз дур нишонро задан тавонад *(термини ҳарбӣ ва шикорӣ).*

ДУРАР درر [ҷамъи **дурра**]; дурҳо, марворидҳо.

ДУРАФШ//ДАРАФШ درفش бигизи йӯрмадӯзӣ.

ДУРАФШИДАН درفشیدن лаппидан, монанди порчаи байрақ ларзида истодан.

ДУРАХШ درخش тобиши чашми касро баранда, фурӯғ.

ДУРАХШИДАН درخشیدن партав афгандан, тофтан ба дараҷаи бурдани чашм.

ДУРАХШОН درخشان тобон, партавафган(ӣ).

ДУРБИН دوربین 1. одаме, ки воқеаи ояндаро бо ақл ва фаросати худ пешакӣ муайян мекунад. 2. асбоби шишагин аст, ки ҷои дурро наздик оварда ба бинанда нишон медиҳад.

ДУРБОШ* دورباش найзае, ки бо вай мардумро аз роҳи подшоҳон «дурбош» гӯён дур мекардаанд *(Л. М.)*

ДУРВЕШ درویش *нигоҳ кун. ба* дарвеш.

ДУРД درد ғубор ва лое, ки аз чизҳои обакӣ ба таги онҳо менишинад (аз шароб, аз **сирко** *ва ғайра).* *лои шароб *(Ҳ.)*

ДУРДА درده ғуборҳои **сӯхта,** ки дар гудохтани баъзе чизҳо ба так менишинад *(масалан,* дурдаи равғани маска дар сӯхтани он).

ДУРДАСТ دوردست ҷои дур *(масалан,* деҳаи **дурдаст**).

ДУРДӢ دردی шароби лойолуд.

Ҳофиз гуфта:

Бар умеди ҷоми васлат
дурдношомам ҳанӯз.

ДУРЕЗГАР دریزگر устои ҷӯб.

тарош (*дар забони ҳозира аз* «**дурудгар**»-*и кӯҳна сохта шудааст*).

ДУРРА دره як дона марвориди бузург [ҷамъаш **дурар**].

ДУРРАС دوررس милтиқ ё тӯпест, ки тири вай дур равад (*термини ҳарбӣ ва шикорӣ*).

ДУРРОА* درّاعه ҷомаи аз суф дӯхташуда (*Л. М.*)

ДУРУД* درود 1. дуову сано (*Ҳ.*) **2.** салом. (*Л. М.*)

ДУРУДАН درودن даравидани гандум ва гиёҳҳои дигар:

Хори тарам, ки зода ин боғам
  дурӯдаанд.
Мардуди бӯстонаму маҳруми оташам.

ДУРУДГАР درودگر устои чӯбтарош.

ДУРУСТ درست 1. *солим* (*зидди* **бемор** (*тандуруст, зидди* **шикаста**) 2. рост, саҳеҳ. *зидди* **ғалат** ва **хато**. **Дуруст кардан** ислоҳ кардан. **Дуруст шудан** а) беҳ шудан (*аз беморӣ*); б) ислоҳ ёфтан (**кори фалонӣ дуруст шуд**).

ДУРУШТ درشت 1. дағал, сахт. *Ба ин маънӣ Ваҳшӣ гуфта:*

Хурда бар ҳарфи дурушти мани
  бехуда магир,
Ҳарфи бехуда дурушттар бувад,
  хурда магир.

2. калонҷусса.

ДУРУШТА درشته беда ё алафи реза карда ба коҳ омехташуда.

ДУРУШТӢ درشتی сахтмуомилагӣ, дағалӣ, бадгапӣ.

ДУРУЯ* دورویه 1. дутарафа, дуҷониба. 2. рӯ ба рӯ.

Дурӯя бузургон кашида рада
Ба тавқу ба занҷири заррин зада. (Ф.)*

3. одами мунофиқ. касе, ки дилу забонаш як набошад ва ба ҳар кас муофиқи табъи он муомила кунад.

ДУРӮҒ دروغ сухани норост.

ДУРӮҒЗАН دروغزن дурӯғгӯй.

ДУРҶ درج сандуқча ё қуттичаи ҷавоҳирот; сандуқчаи ҷавоҳиротандозӣ.

ДУТОҲ* دوتاه *асли ин калима* **дуто** *аст, ки дукат, ҳам ҷуфтан аст. Аммо классикҳо, ба талаби қофия ё вазни шеър* «*дутоҳ*» *ҳам кор мефармоянд* (*Н.*).

ДУХ دخ 1. дуди оташ. 2. дух, — номи як навъ растании обӣ.

ДУХАР* دوخر як шакли махсуси буҷул аст дар қимор, ки буҷули ҳар кас, ки он шакл овад, ҳарифашро мебурад. Ин шаклро дар ӯзбекӣ «олчи» мегӯянд. (*Ч. Б.*).

ДУХОН دخان *нигоҳ кун. ба* **дух**.

ДУХТ دخت *кӯтоҳ кардашудаи* **духтар** *аст, ки зидди* **писар** *бошад*.

ДУХТАР* دختر фарзанди модаини инсон; *зидди* **писар**. ***Духтари раз*** шароби ангурӣ.

ДУХТАРБИНОН* دختربینان хостгорони духтар. **Духтарбинони амир** ақуллони мутахассиси ин кор (барои амир). (*Ч. 10*).

ДУХТАРХОНА* دخترخانه хизматгордухтар. (*Ч. 6*).

ДУШ دش зишт, бад.

ДУШВОР دشوار мушкил, коре, ки кардани вай сахт ва ё масъалае, ки фаҳмидани он зӯр бошад.

ДУШМАН دشمن бадният, зиштгор.

ДУШМАНКОМ دشمنکام касе ба рӯзи баде афтода, ки аз ҳоли ӯ душманонаш хурсанд шаванд.

ДУШОХА دوشاخه чӯби ду шохдор аст, ки бо вай дастаҳои хор ва монанди инро бардоранд ва ғундоранд.

ДУҲН دهن равған.

ДУҲОТ دهات [ҷамъи доҳӣ]; доҳиҳо.

ДУҲУЛ دهل нақораи калони чӯбин ё мисини дутарафа аст, ки бо тасма ба гардан овехта аз ду тарафаш навозанд: **Овози дуҳул шунидан аз дур беҳаст** *(дар забони имрӯза* **дӯл** *мегӯянд) (Бӯс.)*.

ДУҲУЛЗАБОНӢ* دهل زبانی ваъдаҳои ботантана.

Он бод ки ин дуҳулзабонӣ
Бошад тиҳӣ аз тиҳимиёнӣ!

умед аст, ки ин дуҳулзабонӣ тиҳимиён (бенатиҷа) набарояд. (Л. М).

ДУҶО دجا//دجی торикии шаб.

ДӢ* دی дирӯз.

ДӮЛ* دول *нигоҳ кун. ба* дуҳул.

***Дӯлу валвала** ғалмағали одами бисьёр.

Ҳайрат дар «Саёҳатномаи Фарғона»-и худ гуфта:

...Ватан буду истанса буду дала,
Ҳамин дӯл буду ҳамон валвала.

ДӮЛМА دولمه гӯшти кӯфтаи дар миёнаи барги ток ё карам ва монанди инҳо печонда пухташуда.

ДӮЛОБ دولاب 1. чарх ё ғарғараест, ки бо вай аз чоҳ об кашанд. 2. *умуман* ҳар чизи мисли чарх гарданда. 3. одаме, ки корҳои ӯ бесару бун ва бетартиб бошад. 4. хона ва ё ганҷинае, ки дар вай чизҳои бетартиб гузошта шуда бошад *(ду маънои охирӣ маҷоз аст)*.

ДӮЛОНА دولانه меваи олучамонанди камоби бемаза аст, ки ҳам дар боғ ва ҳам дар кӯҳ мерасад.

ДӮЛЧА دولچه 1. зарфи чармин аст, ки машкобон бо вай дар машк об резанд. 2. кӯзачаи дастадор аст, ки бо вай аз хум ё дег об гиранд.

ДӮНГӢ دونگی ҷои нисбат ба атрофаш қадре боло бардошташуда истодаи замин.

ДӮСТ دوست некхоҳ *(зидди* **душман**).

ДӮСТКОМ دوستکام каси хушбахт, ки дӯстонаш аз хушбахтии он хурсанд шудаанд.

ДӮШ* دوش дишаб, дирӯз. *(Л. М.)*

ДӮШИЗА دوشیزه духтари ба қадрасидаи бикр.

ДӮШИНА دوشینه шаби гузашта.

Ҳилолӣ гӯяд:

Дӯшина куҷо будиву меҳмони кӣ будӣ?
Дил бе ту ба ҷон буд, ту ҷонони кӣ будӣ?

ДӮШОБ دوشاب шираи хоми ангур, хурмо ва монанди инҳо.

ДӮШОӢ دوشائی *мансуб ба дӯшидан* (**гови дӯшоӣ**).

ДӮҒ دوغ 1. чуғроте ки пас аз гирифтани равғани он боқӣ мемонад (**Ҳеҷ араб нагӯяд, ки дӯғи ман турш аст**—*масали халқӣ*). 2. суханҳои тарсовар *(маҷоз)*. **Дӯғ задан** бо сухан ба тарс андохтан *касеро*.

ДӮҒОБ دوغاب *нигоҳ кун. ба маънии аввали* **дӯғ**.

ДӮҒОБӢ دوغابی косаи калон *(маҷоз)*.

Е.

ЕМ یِیم хӯроки донагӣ, ё равғании ҳайвонот (*масалан, ҷав, ҷуворӣ, собус, кунҷара ва монанди инҳо*).

ЕРТИШ/ЙИРТИШ یِرتیش порчаи сӯф ва ё чит, ки дар вақтҳои пеш дар ҳангоми дафни мурда ба тарзи садақа ба касоне, ки ба сари қабр ҷамъ омадаанд, дода мешуд. (Ч. 4).

ЕТАК* یِتَک; **Етак кардан** кашида бурдани аспу хар ва дигар ҳайвоноти хонагӣ аз рисмонаш.

ЕТАКӢ یِتَکی аспи барзиёд ва эҳтиётӣ, ки савори дигар вайро кашида мебарад.

ЕТИМ یِتیم *шакли кӯҳ.* ба **ятим.**

Ё.

Ё یا 1. калимаест, ки барои атфи ҷумлаи поёнӣ ба ҷумлаи аввал бо як будани ҳукм дар ду ҷумла меояд (*масалан маъноӣ:* **дар вақти ҳукумати советӣ хоҷагии қишлоқ бисёр боло гирифт, колхозҳоро бинед, фабрика барин ҳосил медиҳанд ё ин ки гиред совхозҳоро, ки айнан фабрикаанд**). 2. гоҳо дар сари ду ҷумла омада зиддияти ҳукмро дар байни ду ҷумла ифода мекунад. *Саъдӣ гӯяд:*

Ё макун бо филбонон дӯстӣ,
Ё бино кун хонае дархӯрди фил.

3. гоҳо нуқтаи ҳукм.

ЁБИС یابس хушк.

ЁБОН* یابان дашт, саҳро, ҷои кишткорӣ (Ч. 6).

ЁБОӢ یابانی ваҳшӣ (*хоҳ одам бошад, хоҳ ҳайвон, хоҳ парранда бошад, хоҳ растанӣ*).

ЁБУ یابو аспи боркашӣ.

ЁВА* یاوه беҳуда, беъманӣ, харза.

ЁВАГӮӢ یاوه‌گوی беҳудагӯӣ, харзагӯӣ, сафсатагӯӣ.

ЁВАГӢ* یاوه‌گی гумшуда, гумроҳ: **Ёвагиёни** қавоим аз ҳайвонот ба Маҷнун унс гирифта (*Л. М.*).

ЁВАР یاور 1. мададгор. 2. ёрдамчии расмӣ дар корҳои идорагӣ ва ҳарбӣ; *муовин (*Ч. О. О.*).

ЁВАРӢ* یاوری ёрмандӣ. (*Л. М.*).

ЁВОН یاوان *шакли кӯҳ.* ба **ҷавон.**

ЁД یاد 1. ба хотирорӣ. 2. хотир, ҳифз. **Ёдат бахайр** офарин ба ту! *(*ибораест ки ошноӣ ё хотирро ифода мекунад*). **Ёд бод** ибораест, ки дар мавриди орзу кардани ягон чизи аз дастрафта гуфта мешавад. *Ҳофиз гӯяд:*

Рӯзи васли дӯстдорон ёд бод,
Ёд бод он рӯзгорон ёд бод.

Ёд гирифтан а) омӯхтани чизе, таълим гирифтан; б) омӯхта шудан, одат кардан, ром шудан (**он гӯсфанд ба мо ёд гирифтааст, ҳар ҷо равем аз ақибамон меояд**). **Ёд кардан** а) суханеро, ё шеърҳоро чунон такрор кардан, ки дар хотир монад; б) касеро, ё чизеро ба хотир овардан; в) писанд шудан, майл ба дидани чизе, ё касе, ки дер боз дида нашудааст, шавқ пайдо кардан. *г) ҳуш задан (*Ч. 10*).*

ЁДГОР یادگار нишонаи аз касе бозмонда, ки сабаби ба ёд овардани вай шавад (*фарзанд, иморат, асарҳои навишта ва монанди инҳо*).

ЁДГОРӢ یادگاری 1. *нигоҳ кун.* *ба* ёдгор. 2. чизе ки барои ба ёди омма нигоҳ доштани касе ва номи ӯ менависанд ва бино мекунанд (*барои ӯ ҳайкал мегузоранд, кӯчае ё биноеро ба номи ӯ мемонанд ва монанди инҳо*).

ЁДДОШТ یادداشت 1. чизи дар хотир дошташуда. 2. чизе ки барои дар хотирдорӣ ба касе гуфта, ё навишта мешавад (*ин калимаро бештарин ба чизҳои хӯрданӣ, ки дар тӯйҳои занона ба занони батӯйомада фиристода мешавад, кор мефармоянд*).

ЁЗАНДА یازنده ҳар чизе, ки қобилияти дароз шудан дошта бошад (*баъзе чизҳои бофта, ё тофта, резинка ва монанди инҳо*).

ЁЗИДАН یازیدن 1. дароз кашидан (*хоҳ одам бошад, ки дароз кашида хобад, хоҳ ягон чизи дигар; Масалан, чизҳои бофта, ё тофта*). 2. истироҳат кардан.

ЁЗОНДАН یازاندن дароз кашондан (*масалан дастро барои коре, ё муддати кореро ва монанди инҳоро*).

ЁЛ یال 1. гардан. 2. мӯи гарданаи хару асп.

*Ҳама ёли аспон пур аз мушку май
Пароканда динор дар зери пай.
(Ф.)*.

ЁМ یام хуми даҳанфарохи бегардани калон.

ЁР یار 1. ҳамроҳикунанда дар ҳаргуна кор, чӯра, дӯст. 2. маҳбуб.

Дар ин маънӣ Ҷомӣ гуфта:

Ёри ман дар мактабу ман дар сари
раҳ мунтазир
Эй муаллим, як дамак сари маро
озод кун.

ЁРА یاره дастпона.

ЁРАСТАН* یارستن тавонистан. (*Бӯс.*).

ЁРМАНДӢ یارمندی мадад. (*ин калима бештарин бо* кардан *меояд, ки* ёрмандӣ кардан *мегӯянд*).

ЁРО یارا 1. қувват, тавоноӣ, 2. тоқат, тобу тоқат.

ЁРҒУ* یارغو ҷазои нақдӣ (*Ҷ. Ю.*)

ЁРӢ یاری 1. мадад (*ин калима бо* додан *меояд, ки* ёрӣ додан *мегӯянд*). 2. ҳамроҳӣ дар ҳаргуна кор.

ЁСАМИН یاسمین як хел гул.

ЁСО یاسا *1. ҳукми подшоҳӣ; қонуннома. *2. ҷазои қатл. (*ин калимаи муғулӣ буда дар адабиёти форсӣ ва тоҷикӣ қабул шудааст*).

ЁСУМАН یاسمن *нигоҳ кун. ба* ёсамин.

ЁҒӢ یاغی ба ҳукумати қонунӣ исьёнкарда; [саркаш; исьёнгар].

ЁҚУТ یاقوت санги пуркимат аст, ки бештарин дар ангуштаринҳо аз вай нигин кунанд.

Ж

ЖАНДА ژنده 1. ҷомаи дарида, пора-пора шуда, сар то по ямоқ кардашуда. 2. ҷомаи қаландарона, ки аз порчаҳои хурд-хурд дӯхта тайёр карда мешуд.

ЖАНДАБАХШӢ* ژنده بخشی *(дар одати қаландарон)* пири қаландарони Осиёи Миёна дар қаландархонаи Самарқанд менишаст. Жандаро ҳеҷ қаландар бе бахшидани ӯ пӯшида наметавонист ва ин бахшиш ба муқобили маблағи калоне ба даст медаромад. *(Ч. 6).*

ЖАРД* ژرد пурхӯрӣ. *(Р).*

ЖАРФ ژرف чуқур.

ЖИЁН ژیان хашмок, ғазабнок *(аз сифатҳои даррандагон;* **шери жиён, бабри жиён.**).

ЖОЖ ژاژ гиёҳест сафедчабарги сахти бадмаза, ки шутур ҳарчанд вайро хоид, ба ҳалқ фурӯ бурдан натавонад.

ЖОЖХОЙ* ژاژخای бехудагӯӣ, ҳарзагӯӣ *(Б.).*

ЖОЖХОЙ ژاژخائی ҳарзагӯӣ, бехудагӯӣ *(маҷоз).*

> *Хоҳӣ зи қабули ин равоӣ
> Дур аз ману ту ба жожхоӣ.

(қасдбарандагон ба ҷои қабул кардани шеърҳои бораинаки ҷам аз дур истода жожхоӣ мекунанд). (Л. М.).*

ЖОЛА ژاله 1. яхча, ки аз ҳаво борад; 2. шабнам. *Дар маънии дуюм Саъдӣ гуфта:*

Жола бар лола фурӯ омада ҳангоми саҳар.
Рост чун ориэи гулбӯи арақкардаи ёр.

ЖУПИН//ЗУПИН* ژوپین زوپین найзаи хурди душохадор. *(Бҷс.).*

ЖУЛИДА ژولیده парешон ва дарҳам омехта.

ЖУЛИДАГӢ* ژولیدگی парешоншуда; хаму печдор *(Б.).*

ЖУЛИДАМУ ژولیده مو касе, ки мӯйҳои сару ришаш шона накарда ва дарҳам омехта бошад.

З

ЗАБАР زبر боло, рӯй *(зидди* **зер**).

ЗАБАРДАСТ زبردست 1. ғолиб. 2. моҳир дар ягон илм, ё ҳунар **(фалонӣ шоири забардаст).**

ЗАБАРТАНГ زبرتنگ пуштанги асп аст, ки чармин мешавад ва аз рӯй мекашанд.

ЗАБАРҶАД زبرجد як навъ санги қиматбаҳоест, ки сабзранги зардтоб мешавад. *зумурради зардчатоб. *(Б.).*

ЗАБИБ زبیب мавиз.

ЗАБОН زبان 1. парчаи гӯштест, ки дар даҳони ҳар ҷондор ҳаст ва одамӣ бо вай гап мезанад. 2. луғатҳое, ки ҳар қавм ва миллат бо онҳо муддаои худро мефаҳмонанд **(забони тоҷикӣ, забони русӣ). Забони гов** як хел нон аст, ки ба шакли забони гов мепазанд. **Забони гунҷишк** меваи дарахтест, ки ба шакли забони гунҷишк мешавад ва ба давоҳо ҳамроҳ мешавад. **Забон додан** а) ба давлате хиёнат карда ба душмани вай ваъдаи ёрӣ додан. *б) ваъда додан _(Л. М.)_* **Забон як кардан** иттифоқ кардани ду кас ё чанд кас дар душмании ягон кас, ё ягон давлат. ***Рози нуҳуфта бар забон додан** сирри пинҳониро ошкор кардан _(Л. М.)_*

ЗАБОНА زبانه 1. шуълаи оташ. 2. қаровулаки миёнаи шохини тарозу, ки агар рост шавад, баробарии ҳар ду палларо нишон медиҳад.

ЗАБОНБОЗ زبانباز мунофиқи ҳилагар (*маҷоз*).

ЗАБОНГИР زبانگیر ҷосусест, ки аз маҷлисҳои умумӣ ва гуфтугузорҳои рӯйрости аҳолии як давлат гапҳои ба худаш даркориро чида мегирад.

ЗАБОНДОН زباندان кордон. *Масалан мегӯянд:* **Фалонӣ забони ин корро медонад.**

ЗАБОНЗАД زبانزد ягон воқеаи машҳуршуда (**Ин воқеа забонзади мардум шуд** *яъне машҳур шуд ва ба ҳар забон афтод*).

ЗАБОНОВАР زبانآور одами ширинзабони хушмуомила, хушбаён.

ЗАБОНОВАРӢ* زبانآوری забонбозӣ. (*Бӯс.*).

ЗАБОНФУРӮШ* زبانفروش сергап, бисёргӯй.

ЗАБОНФУРӮШӢ* زبانفروشی сергапӣ; забонбозӣ.

ЗАБТ ضبط сахт нигоҳдорӣ.

ЗАБУДА زبوده хушконида, кӯфта ва бехтаи сабзавоти гуногун. (*Масалан, шибит, гашниз, пудина, [illegible] хушконида кӯфта намоянд «забуда» мешавад, ки онро дар зимистон дар таом ба кор мебаранд*).

ЗАБУН زبون 1. оҷиз, заиф, бечора. 2. сарпаст.

ЗАБУНГИР* زبونگیر дастгиркунандаи оҷизон. (*Л. М.*).

ЗАБУНӢ* زبونی зердастӣ, оҷизӣ. (*Л. М.*).

ЗАБҲ ذبح буридани сари ягон ҷондор.

ЗАВ ضو нур.

ЗАВВОР* زوار зиёраткунанда (*Ч. 6*).

ЗАВЛОНА زولانه 1 оҳанест, ки дар замони амир ба гардани бандиён мезаданд. 2. ҳар коре ва чизе, ки ба гардани касе ба нодурустӣ бор шуда бошад. (**Ин кор ба гардани ман завлона шуд. Ин одам ба гардани ман завлона шуд.** (*Маҷоз аст*).

ЗАВОБИТ* ضوابط ҷамъи зобита (*Б.*).

ЗАВОЁ زوایا ҷамъи зовия; гӯшаҳо.

ЗАВОИҚ* ذوائق [ҷамъи **зоиқа**]; қувваҳои зоиқавӣ. (*Б.*).

ЗАВОЛ زوال 1. баргаштан аз ҳоле ба тарафи пастии он. 2. дур шудан аз ҷое.

ЗАВОЛА زواله лӯндае аз хамир, ки аз вай якто нон пухта шавад.

ЗАВОНАК زوانك чор дандони пеши одамӣ.

ЗАВОТ ذوات [ҷамъи зот]; зотҳо.

ЗАВРАҚ زورق киштича.

ЗАВҚ ذوق 1. чашидани маза. 2. маза. 3. лаззат. **Завқ бурдан**— лаззат бурдан. 4. нишот, хушӣ.

ЗАВҶ زوج 1. ҷуфт (*зидди* **тоқ**). 2. шавҳар, ки нисбат ба зан ҷуфт мешавад.

ЗАВҶА زوجه зани шавҳардор (нисбат ба шавҳараш), ҳамсар.

ЗАГОЛ* زگال ангишт. (*Б.*).

ЗАЁЪ ضیاع зоеъшавӣ, нобудшавӣ.

ЗАЁН زیان *нигоҳ кун. ба* **зиён.**

ЗАИФ ضعیف суст.

ЗАЙБАҚ* زیبق симоб. (*Б.*).

ЗАЙЛ ذیل 1. доман. 2. тарз, тавр, ранг (**ҳамин зайл** — ҳамин тарз, якранг. *Маънии дуйӯм махсуси тоҷикист*).

ЗАЙН زین оростан, ороиш; *зебу зинат (*Л. М.*).

ЗАЙТ* زیت равғани зайтун. (*Бӯс.*).

ЗАЙТУН زیتون як навъ дарахти равғандор.

ЗАЙТУНӢ زیتونی ранги сиёҳи сурхчатоб.

ЗАЙФ ضیف 1. меҳмон. 2. меҳмонон.

ЗАЙҒАМ ضیغم шер, *шери дarранда (*Р.*).

ЗАКТОБ زکتاب туршии бисьёр баланд. (*Ин калима аз* **зокоб** *вайрон карда шудааст*).

ЗАЛЛА I زله таом ва ширинихое, ки дар одати кӯҳна мардум аз тӯйҳо ба хонаи худ мебурданд.

ЗАЛЛА II زله малахи чир-чирак (*Р.*).

ЗАЛЛАБАНД زله بند рӯмолест, ки дар вай заллаи аз ҷое гирифтаи худро банданд.

ЗАЛЛАТ//ЗИЛЛАТ زلت лағжиш (яъне кирдори нописанд).

ЗАЛОЛ* ضلال гумроҳӣ. (*Бӯс.*).

ЗАЛОЛА(Т) ضلاله//ضلالت гумроҳӣ, *роҳгумкунӣ (*Б.*).

ЗАЛОЛА زلاله лағжишҳо (*ҷамъи* **зиллат**).

ЗАЛОМ ظلام *нигоҳ кун. ба* **зулмат.** торикӣ.

ЗИЛОМ ظلام торикӣ. (*Ҳ.*).

ЗАЛУМ ظلوم бисьёр золим.

ЗАМ زم сардӣ.

ЗАМАН زمن замон.

ЗАМБӮРӮҒ زمبوروغ чизест қуббадор ва чағбутранг, ки дар баҳорон аз замини намнок рӯяд ва як қисми он хӯрданист; [занбӯрӯғ *аслан* **заморуғ—саморуғ**].

ЗАМБӮРӮҒЧА زمبوروغچه доначаест, ки дар растаниҳо пайдо шавад ва агар даво накунанд, растаниро хушконад.

ЗАМЗАМ* زمزم номи чоҳест, ки дар Қаъба мебошад. (*Л. М.*)

ЗАМЗАМА زمزمه хониш ва суруд бо овози паст.

ЗАМИН I زمین 1. кураест, ки мо дар вай зиндагонӣ мекунем. *Азбаски замин нисбат ба офтоб ва дигар ситорагон сард аст, вайро ба ҳамин ном номидаанд. Маънии таркибии ин калима «сармой—сармоин—сардӣ мешавад*). 2. ҳар қитъаи киштгоҳ, ки атрофашро рош кашида дар ҳар қадомаш киште мекоранд (**замини гандум, замини пахта** *ва монанди инҳо*). 3. зери ҳар чиз, ки он чиз дар вай ҷой гарифтааст. (*масалан, коғазе, ки дар вай расм кашидаанд ва порчае, ки дар вай гул ва кашида дӯхтаанд*). ***Замини дарьёобод** одоғ (*Ҷ. 6*) [як қисм заминҳои беоби соҳили дарьё]*, **Замини мурда** замини пештар кишт кардашуда, ки аз бекормонӣ қобилияти кишти худро гум карда бошад.

Заминро аз зери пой (и касе) кашидан *(касеро)* тамоман беихтиёр, беҳуқуқ ва музтар кардан *(маҷоз)*.

ЗАМИН II* زمین барҷомонда *(Бӯс.)*.

ЗАМИНА I زمینه ягон чиз, ки бар болои вай ягон чизи дигар пайдо мешавад. *Масалан мегӯем:* **Революцияи Октябрь барои сохтмони социализм замина тайёр кард.**

ЗАМИНА II ضمینه чизи бар як чизи дигар зам ва илова кардашуда.

ЗАМИНБӮСӢ زمین بوسی аз ҳад зиёд таъзимкунӣ *(касеро)*.

ЗАМИНДОР زمیندار 1. бошандаи аслии ягон деҳа, ё вилоят (маҳал). 2. соҳиби хусусии замини кишт.

ЗАМИНДӮЗӢ زمین دوزی порчаест, ки ҳама ҷои вайро тамоман бо зар, ё бо абрешим дӯхта бошанд (*зидди* **гулдӯзӣ**, ки бо зар, ё абрешим ҷо-ҷо гул медӯзанд ва замини порча кушода ва нодӯхта мемонад).

ЗАМИНКОРӢ* زمین کاری кишткор *(Ч. 10)*.

ЗАМИНПАЙМО زمین پیما 1. замин андозакунанда, танобчӣ. 2. сафаркунанда.

ЗАМИР ضمیر 1. андеша ва фикре, ки дар дил гузарад (**замири дилаш дигар аст**). 2. даруни дил. *Ҳофиз гӯяд:*

> Дар замири мо намегунҷад ба ғайр
> аз дӯст кас.

3. ҷонишини исм аст, ки дар таъбир ва гап задан аз вай исми дар боло гузашта фаҳмида мешавад. *Масалан мегӯем:* **Сангин омад, падарашро дид.** *Дар ин ҷумла «аш» замир аст, ки аз вай Сангин фаҳмида мешавад. Термини сарфу наҳв.*

ЗАМИСТОН زمستان яке аз чор фасли сол, ки одатан дар он фасл ҳаво сард мешавад. *Маънии таркибии калима* **сармо+гоҳ** *аст.*

ЗАММ I ضم фароҳам овардани чизе бар болои чизе. *Дар масали тоҷикӣ аст:* **харад замм кун, нахарад кам кун.**

ЗАММ II ذم бад карда нишон додани касе.

ЗАМОН زمان 1. миқдоре аз вақт *(хоҳ бисьёр бошад, хоҳ кам)*; 2. вақти ҳукмронӣ ва ғалабаи ягон ҳукумат, ё ягон кас. *Дар ин маънӣ Хоқонӣ гуфта:*

> ...Ки давр-даври манасту
> замон-замони манаст.

ЗАМОНА زمانه 1. урфу одати ягон ҷамъият дар ягон вақти муайян. *Ҳофиз гуфта:*

> Замона бо ту насозад, ту бо замона
> бисоз.

2. Зиндагонӣ. Рӯдакӣ гуфтааст:

> Замона панде озодвор дод маро,
> Замонаро чу накӯ бингарӣ, ҳама
> панд аст.

ЗАМОНАСОЗ زمانه‌ساز касест, ки бо ҳар кас ва бо фикрҳои зидди якдигар созиш кардан мегирад.

ЗАМОНАСОЗӢ زمانه‌سازی созишгарӣ бо ҳар кас ва бо фикрҳои гуногун.

ЗАМОРУҒ زماروغ *нигоҳ кун. ба* **замбуруғ.**

ЗАМӢ زمی *кӯтоҳ кардашудаи* **замин.**

ЗАМҲАРИР زمهریر чизи бисёр сарди ҷави ҳаво.

ЗАН I زن 1. амр ба задан, *яъне бизан!* 2. зананда; *ба ин маънӣ бо исм ҳамроҳ меояд монанди:* **гови шохзан.**

ЗАН II زن *зидди* **мард.**

ЗАНАК زنک 1. бо ин калима дар вақти ҳақорат кардани зан ба вай хитоб кунанд. 2. зани номаълум ва ношинос.

ЗАНАКА زنکه *нигоҳ кун. ба* **занак.**

ЗАНАХ زنخ манаҳ;* манаҳ, ки шоирони пештара онро *ба* себ ташбеҳ мекунанд. **Занах задан** а) бисёр гап задан, б) таъна задан. *(Л. М.)**

ЗАНАХДОН زنخدان *нигоҳ кун. ба* **занах.**

ЗАНБ ذنب гуноҳ.

ЗАНБА زنبه *нигоҳ кун. ба* **занбак.**

ЗАНБАР زنبر сабади дар ду чӯб бофта, ё тахтаи дар ду чӯб зада, ки бо вай хок ва дигар чизҳоро дукаса бардошта кашонанд.

ЗАНБАРМИЁН زنبرمیان ҳайвонҳои миёнхам (асп, хар ва гов).

ЗАНБАҚ زنبق як хел гули сафеди хушбӯ.

ЗАНБИЛ زنبیل 1. сабад ва халтаи чиркини гадоён, ки дар вай чизҳои гадоикардаи худро андозанд. 2. занбар.

ЗАНБОЗ زنباز касе, ки ҳамеша аз дунболи занони сабукпо мегардад.

ЗАНБУРӮҒ زنبوروغ *нигоҳ кун. ба* **замбурӯғ.**

ЗАНБУР زنبور орӯ, ки мардумро неш мезанад ва нешаш заҳрдор аст.

ЗАНБУРА زنبوره 1. тӯпи хурд *(силоҳи ҷанг)*; 2. тири тӯп.

ЗАНГ I زنگ 1. чизест аз биринҷ ва мис рехташудаи забонадор, ки бо ҳар ҷунбондан садо барорад. 2. кундаи ғафси бехи ток.

ЗАНГ II زنگ чирк ва пӯсидагӣ, ки дар филизот ба сабаби дар нам истодани онҳо пайдо шавад.

ЗАНГ III زنگ китоби дини оташпарастон.

ЗАНГБОЗ زنگباز касест, ки бар банди по ва зонуи худ занг баста рақс мекунад.

ЗАНГБОР* زنگبار номи вилоятест, ки мардумонаш сиёҳпӯст мешаванд. *(бур.)*

ЗАНГИБАЧА* زنگی‌بچه **зангибачагони ток** навъе аз сарҳи ангур *(Л. М.)*.

ЗАНГОР زنگار 1. ранги сабзи баланд. 2. як хел ранги сабзе, ки онро аз занги мис тайёр кунанд. 3. *маҷ.* гирифторӣ ба андӯҳи сахт (**ин бача маро зангор кард**). **Зангор бастан** ғаму андӯҳ пайдо кардан *(чунончи, мегӯянд:* **дилам зангор баст**).

ЗАНГӢ زنگی одам(он)и сиёҳпӯст, ки дар Африка зиндагонӣ мекунад(ан)д, негр(ҳо).

ЗАНГУЛА زنگوله занги хурд, ки бар гардани бузу гӯсфанд, ё чанди онро дар як тасма гузаронида бар зону ва пои зангбозон банданд.

ЗАНГУЛАДОР زنگوله دار сифати овози ҷарангосӣ ва марғуладор *(дар мусиқа)*.

ЗАНД I زند пора, дарида (порча ва бофтаҳо).

ЗАНД II* زند номи китобест, ки Зардушт дар дини оташпарастӣ навишта буд. *(Бӯс.)*

ЗАНДУСТ زندوست касе, ки зани худро бисьёр ҳурмаг мекунад.

ЗАНН ظن гумон, пиндошт. **Занни ғолиб** гумони ба ҳақиқат наздик.

ЗАНҶАБИЛ زنجبیل давоест растанигии тундмаза.

ЗАНҶИЛА زنجیله *нигоҳ кун. ба* **занҷира.**

ЗАНҶИР زنجیر ҳалқаҳои дарҳам гузарондаи оҳан, ки монанди ресмони дароз аст.

ЗАНҶИРА زنجیره як хел нақши кандакорӣ, ки ба назар монанди занҷири оҳан менамояд.

ЗАНҶИРӢ* زنجیری 1. *мансуб ба* **занҷир.** 2. бандӣ. 3. девона. *(Л. М.)*

ЗАНҶӢ زنجی *нигоҳ кун. ба* **зангӣ** *(арабӣ кардашудаи* **зангӣ** *аст)*.

ЗАР زر 1. тилло.* 2. гарди зардчаранги гул, ки дар дарунаш мебошад, **зари гул** низ меноманд:

Гул низ агар хандад аз паҳлуи
зар хандад. *(Б.)**

ЗАРАБОН ضربان тапиши дил *(беморӣ)*.

ЗАРАНГ زرنگ 1. дарахтест кӯҳӣ, ки чӯбаш мисли оҳан сахт аст. 2. замини сахтхок. 3. одами сахтирода *(ду маънии охирӣ маҷоз аст)*.

ЗАРАНДУД زراندود чизе, ки рӯи вайро бо оби зар ҳал карда бошанд, [зарҳал кардашуда].

ЗАРАР ضرر зиён, нуқсон.

ЗАРБ ضرب 1. задан. 2. омехтани чизе дар чизе *(бар ин маънӣ термини илмӣ ҳисоб аст)*. 3. садои бак-бум, ки бо вай усули нағмаро нигоҳ доранд *(дар мусиқӣ)*. 4. сикка *(масалан, пулҳои мо зарби СССР, яъне сиккаи вай аст)*.

ЗАРБА ضربه 1. сахт задани чизе бар чизе. 2. шиддат.

ЗАРБАДОР ضربه دار *нигоҳ кун. ба* **зарбдор.**

ЗАРБАФТ زربفت порчаест, ки аз торҳои зарпеч бофтаанд.

ЗАРБДОР ضربدار касе, ки гӯё мезада бошад, кореро бо шиддат ва ғайрат пеш барад.

ЗАРБУЛМАСАЛ ضرب المثل мақолҳои халқӣ *(масалан,* **гандум ҳама ҷо, пазанда ҷо-ҷо** *аз зарбулмасалҳои тоҷикист)*.

ЗАРВАРАҚ زرورق варақаи ҳалли тиллоӣ.

ЗАРД زرد ранги маълум.

ЗАРДА زرده обест, ки дар зардадони одамӣ ва ҳайвонот ҷамъ мешавад, [заҳра].

ЗАРДАК زردک сабзӣ.

ЗАРДГУШОН* زردگوشان *ки-*

ноҷ аз одамони дурӯя ва мунофиқ.

> Ҳарчанд зи чашми зарғӯшон
> Сурхаст рухам зи хуни ҷӯшон.
> (*Л. М.*)

ЗАРДОБ زرداب обест зардранг, ки аз ҷурғот, аз гӯшт ва аз решҳо ҷудо мешавад. **Зардоб шудан** *бисёр ғам кашидан* (*маҷоз*).

ЗАРДУШТ زردشت пайғамбари оташпарастон дар Эрони қадим.

ЗАРДУХИШТ زردهشت *нигоҳ кун. ба* **Зардушт**. *Дар ин маънӣ Дақиқӣ гӯяд:*

> Дақиқӣ чор хислат дӯст дорад
> Ба гетӣ аз ҳама хубию зиштӣ:
> Лаби яқутрангу нолаи чанг,
> Шароби лаълу кеши Зардуҳиштӣ.

ЗАРДӮЗӢ زردوزی пешаест, ки соҳибони вай бо торҳои зардор дар порчаҳои гуногун гул ва нақшҳо медӯзанд.

ЗАРЕА ذریعه 1. васила, воситаи ба даст даромадани ягон чиз, 2. дастовез.

ЗАРЕЪ ضریع як хел гиёҳи лабиобии бадмазаи заҳрдор аст, ки ҳайвонот ба наздикии ӯ намераванд.

ЗАРИР ضریر нобино.

ЗАРИФ ظریف зирак, доно, хуштабъ (дарёфтан ва гуфтани суханҳои хуб ва маънидор).* **Зарифон**—одамони доно ва хуштабъ (*Л. М.*).

ЗАРИҲ ضریح қабр; [даври гӯр].

ЗАРКАФИЛ* زرکفیل касест, ки дар байни қарздиҳанда ва қарзгиранда миёнравӣ мекунад ва кафил мешавад, ки агар қарздор пули қарзҳоро дар вақташ дода натавонад, худи ӯ он маблағро адо намояд. (*Ҷ. 4*)

ЗАРНИГОР زرنگار чизе, ки бо оби зар нақш карда шуда бошад. *Саъдӣ гӯяд:*

> Номи некӯ гар бимонад з-одамӣ
> Беҳ к-аз ӯ монад сарои зарнигор.

ЗАРОАТ ضراعت 1. зорӣ, 2. оҷизӣ.

ЗАРОЕЪ ذرایع [ҷамъи **зареа**]. 1. василаҳо, воситаҳо, 2. дастовезҳо.

ЗАРОФА زرافه ҳайвонест, ки вайро **шутургавпаланг** ҳам меноманд ва шутургардан, гоҳсум, палангранг, дароздаст ва кӯтоҳпо мешавад.

ЗАРОФАТ ظرافت 1. зиракӣ, доноӣ, хуштабъӣ. 2. ҳазлу шӯхӣ бо суханҳои ширин.

ЗАРРА ذره 1. чизҳои бисёр борик ва хурд, ки дар вақти даромадани нури офтоб аз равзан, ба назари одам менамоянд. 2. ҳар чизи бисёр хурд, ки ба чашми муқаррарӣ (бе ягон асбоби шишагӣ) дида нашавад. 3. кам. *Масалан, мегӯянд:* **дар пеши ҳукумати амир аҳли илму маърифат заррае қадр надошт.** (*Ба ин маънӣ маҷоз*).

ЗАРРОБ ضراب сикказан.

ЗАРТУШТ زرتشت *нигоҳ кун. ба* **Зардушт**.

ЗАРУРАТ ضرورت ҳоҷат, эҳтиёҷ. (*баъзеҳо ин калимаро ба шакли* **зарурият** *менависанд, ки хато аст*).

ЗАРУРӢ ضروری даркорӣ, (*мансуб ба* **зарурат**).

ЗАРФ ظرف чизе, ки дар вай чизеро нигоҳ доранд.

ЗАРШӮЙ زرشوی пешаест, ки сохибони вай ба тарзи махсус аз обхои зардор зарашро ҷудо карда мегиранд.

ЗАРЪ ذرع ба газ паймудан; газ.

ЗАРЪ زرع киштан; кишт,* киштзор *(Бдс.)**.

ЗАРҒУНҶ زرغنج гиёҳест бадбӯй, ки вайро ҳулбӯи чинӣ ҳам гӯянд.

ЗАРҚ زرق 1. дурӯғ, фиреб, макр, ҳила, риё. 2. бардурӯғ худро порсо нишон додан.* **Зарқу шайд**—нифоқ ва макр. *(Ҳ.)**

ЗАФАР ظفر фирӯзмандӣ дар ҷанг ва дар корҳои дигар.

ЗАФТ زفت 1. дурушт, сахт; фарбеҳ, ғафс, калон. 2. таъми тунду тез.

ЗАХИМ ضخیم одами бузургҷусса.

ЗАХИРА ذخیره чизи барои зарурати оянда нигоҳ дошташуда, эҳтиётӣ.

ЗАХМ زخم 1. решест, ки бо расидани корд, шамшер ва монанди инҳо дар бадан пайдо шавад. 2. бемории гузарандаест, ки ба тарзи реш дар бадан пайдо мешавад ва агар илоҷ накунанд, беморро халок мекунад. 3. пӯсиши талхе, ки дар харбузаҳо пайдо мешавад. 4. умуман хастагие, ки дар зоҳири ягон чиз пайдо шавад. **Захми забон** ранҷиши дил аз сухани бад ва сахти ягон кас. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Ҷароҳоти синонҳо боҳам оянд,
Вале н-оянд баҳам захми забонҳо.

ЗАХМА زخمه чизест, ки бо вай созҳоро навозанд, чӯбча ё устухончаи рубобиён, ки бо вай торро мезананд, нохунаки танбӯрчиён.

ЗАХОМАТ ضخامت ғафсӣ ва калонии тан.

ЗАХОРИФ زخارف [ҷамъи зухруф]; ороиш ва зинатҳои зоҳирии нодаркор.

ЗАЪФ ضعف сустӣ, беқувватӣ.

ЗАЪФАР زعفر гиёҳест, ки гули вай зардранги сурхчатоб аст ва бағоят хушбӯй аст, дар давоҳо ва таом ба кор равад.

ЗАЪФАРОН زعفران *нигоҳ кун. ба* **заъфар.**

ЗАЪФАРОНӢ زعفرانی рангест, ки ба ранги заъфар монандӣ дорад.

ЗАҒАН زغن зоғи калони мурдорхӯр.

ЗАҒАНД* زغند фарьёди юз ном ҳайвони дарранда, ки оҳуро шикор кунад. *(Р.)*.

ЗАҒЗАҒИЯ زغزغیه як хел халвои тари баландкиёми серравған аст, ки дар табақ варақ-варақ шуда меистад ва дар вақти хоидан овоз диҳад.

ЗАҒИР زغیر растаниест донадор, ки аз донааш равған мегиранд ва аз пояаш катон мебофанд ва ресмон метобанд.

ЗАҒОМА* زغامه гардиши чӯбин

аст, ки ба як тарафи вай пӯст мекашанд ва ба вай ҳар чиз меандозанд ва ба сифати паллаи тарозу ҳам кор мефармоянд. (*Ч. 4*)

ЗАҒОРА زغاره номи орди ҷуворӣ.

ЗАҒӮТА زغوته 1. чӯби майнсӯрохи лабдори ғарғарамонанди ҳарротӣ кардашуда, ки ба вай ресмони риштаро барои танида маҳкам кардан мепечонанд. 2. ресмони дар ҳамин чӯб печондашуда. 3. раххое, ки дар чӯбҳо ва оҳанҳои ҳарротӣ кардашуда ба шакли зағӯта баровардa мешаванд, масалан, *дар пичҳои чорпоя ва дар шамъдонҳо*.

ЗАҚУМ, ЗАҚҚУМ زقوم 1. як навъ дарахтест талхшира. 2. заҳре, ки аз дарахти зақум гиранд (вайро **заҳри зақум** гӯянд).

ЗАҲ زه намe, ки аз замин барояд.

ЗАҲАБ ذهب зар, тилло.

ЗАҲБУР زهبر *нигоҳ кун. ба* **заҳкаш** (*асли ин калима* **заҳбурор** *аст*).

ЗАҲЗАМИН زهزمين замине, ки оби зериаш ба вай наздик бошад.

ЗАҲИДАН زهيدن чакра-чакра баромадани об аз замин, аз девор ё аз зарфҳои сафолин.

ЗАҲИН ذهين хушфаҳм, зудфаҳм, зирак.

ЗАҲИР I زهير 1. дарахти пуршукуфа. 2. ранги одаме, ки аз бемории бисёр сафеди зардча шуда бошад.

ЗАҲИР II* ظهير 1. ёридиҳанда; ҳамроҳ. 2. номи хоси мард. 3. Заҳири Форьёбӣ аст, ки монанди Анварӣ дар қасидагӯии дарборӣ шӯҳрат дорад.

Маддоҳи фитратам ва Заҳирам ва Анварӣ (*Бедил*).

ЗАҲКАШ زهکش ҷӯе, ки барои гурезонидани заҳи замин кананд.

ЗАҲМАТ زحمت ранҷест, ки аз кардани коре пайдо шавад.

ЗАҲОБ I زهاب обе, ки аз зери замин ба рӯй барояд ва ҷорӣ шавад.

ЗАҲОБ II ذهاب рафтан.

ЗАҲР زهر доруи кушанда.

ЗАҲРА زهره 1. халтачае ба ҷигари одам ва ҳайвон часпида, ки дар дарунаш оби зарди талх ҷойгир шудааст. 2. оби зарди талх, ки дар даруни ин халтача ҳаст. 3. далерӣ (*маънии сеюм маҷоз аст*). **Заҳра кафидан** якбора тарсидан. **Заҳра об шудан** тарсидан.

ЗАҲРАДОР زهردار одами далери нотарс.

ЗАҲРМУҲР(А) زهرمهره чизест, ки бо вай заҳри ҳашароти газандаро аз бадани одами газидашуда кашида гиранд.

ЗАҲРХАНДА زهرخنده хандае, ки дар ҳолати ғазаб кунад.

ЗАҲҲОК ضحاک 1. бисёр хандон.

***Заҳҳоки сапедадам** *киноя* аз субҳ.

Чун шаб ба субҳ мӯҳра барояд,
Заҳҳоки сапедадам бихандад.

Вақте ки шаб охир шуда, субҳ дамид ва офтоб барояд. (*Л. М.*).* 2. номи подшоҳи золими афсонавӣ, ки яке аз қаҳрамонҳои бади «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аст.

ЗАЧР زجر 1. боздорӣ, манъ. 2. зарбу лат; сарзаниш; ҷабру зулм (*маънии дуюмӣ маҷоз*).

ЗЕБ زيب оройиш. **Зеб додан** оростан.

ЗЕБО زیبا 1. хушнамо. 2. зебанда.

ЗЕВАР زیور чизҳои ороишӣ (*ҳалқаи гӯш, ангуштарин, овезаҳои гардан ва монанди инҳо*).

ЗЕР زیر 1. таги ҳар чиз. **Зер кардан** пахш кардан. **Зер хӯрдан** зич шудан бо пахшкунӣ. 2. овоз ва садои борик дар мусиқӣ; *муқобили* бам.

ЗЕРДАСТ زیردست мағлуб.

ЗЕРҶОМА زیرجامه эзор.

ЗЕЪБ ذئب гург.

ЗЕЪФ ضعف дучандон.

ЗЕҲ I زه офарин! *Фирдавсӣ гуфта:*

Фалак гуфт таҳсин! малак гуфт зеҳ!

ЗЕҲ II زه 1. тори камон, ки бо кашидани вай тирро парронанд. 2. широзаи ҷома, гиребони курта ва монанди он. 3. чӯби чор абзолзада ё ислимӣ канда шуда, ки дар ҷои пайвастани васса ба болор ё тахтаи сақф ба девор зананд.

ЗЕҲДОН زهدان бачадон.

ЗЕҲН ذهن фаҳмандагӣ, зиракӣ.

ЗИДУДАН زدودن пок кардан.

ЗИЁ ضیا равшании офтоб.

ЗИЁБ//ЗИОБ ذئاب [ҷамъи **зайб**; *нигоҳ кун. ба* **зеъб**]; гургон.

ЗИЁД زیاد афзун.

ЗИЁДА زیاده *нигоҳ кун. ба* **зиёд** (*«а» дар охир зиёд аст*).

ЗИЁДАСАР زیاده‌سر 1. саркаш, мағрур, по аз андозаи худ берункунанда. 2. ба ҳаққи касон таҷовузкунанда (*ҳар ду маънӣ ҳам маҷоз аст*).

ЗИЁДАТ زیادة афзунӣ.

ЗИЁДАТӢ زیادتی чизи барзиёд (*дар лаҳҷаи тоҷикӣ*).

ЗИЁН زیان нуқсон.

ЗИЁФАТ ضیافت меҳмондорӣ.

ЗИЁЪ ضیاع [*ҷамъи* **зайъат**]: заминҳои кишт.

ЗИЙ زی либоси махсуси ҳар табақа (форма) (ки зийи он табақа мешавад. *Масалан, дар* **зийи уламо** *гуфтан — дар* **либоси уламо** *гуфтан аст*).

ЗИЛЛ I ظل соя. ***Зиллӣ залил** *ҳар ду ҳам бо ҳарфи «изғи»-и арабӣ* сояи дароз ва васеъ. *(Н.)**

ЗИЛЛ II* ذل равиш, тариқа.

ЗИЛЛАТ ذلت хорӣ.

ЗИМИСТОН زمستان *нигоҳ кун. ба* **замистон**.

ЗИМИХТ زمخت *нигоҳ кун. ба* **зумухт**.

ЗИММА ذمه ӯҳда, гардан (**ин корро ба зиммаи худ гирифтам** *ба ӯҳдаи худ гирифтам*).

ЗИМН ضمن 1. дарун ва зери ифода дар гуфтор, ки дар он ҷо мақсаде ғайр аз мақсади зоҳирӣ нуҳуфта бошад. 2. дарун, зер ва миёнаи ягон кор, ё ягон чиз.

ЗИМОД ضماد доруест бо об, ё рағғани сиришта, ки ба бадан моланд (*вақти беморӣ*).

ЗИМОМ زمام 1. маҳори шутур, [лаҷом, нӯхта]. 2. ҷои ба дастгирии ягон чиз (**зимоми ихтиёр, зимоми кор**, *маънии дуйӯм маҷоз аст*). *3. *маҷозан* инони ихтиёр:

Гар дар кафи ӯ ниҳӣ зимомам
(*Л. М.*)*

ЗИМОН ضمان зоминшавӣ барои коре ё чизе, *зоминӣ, ҷавобгарӣ аз тарафи касе (*Бдс.*)*

ЗИН زین чизе аз пай, ё аз чарм ва аз чӯб сохта, ки ба болои асп гузошта савор шаванд.

ЗИНА زینه зинапояи хиштин, сангин, ё тахтагӣ.

ЗИНАТ زینت чизҳои оройишӣ, зевар.

ЗИНГАР زینگر касе, ки зин месозад.

ЗИНДА زنده 1. ҷондори дар ҳаёт буда (*зидди* **мурда**). 2. ҳар чизе, ки дар амал бошад, *монанди*: **забони зинда.**

ЗИНДАГОНӢ زندگانی 1. истиқомат, бошиш (**фалонӣ дар фалон ҷой зиндагонӣ мекунад,** *яъне истиқомат мекунад*. 2. зиндагӣ.

ЗИНДАГӢ زندگی 1. ҳаёт. 2. асбоби ҳаёт аз хӯрок ва пӯшок (**фалонӣ бо деҳқонӣ зиндагӣ мекунад,** *яъне аз даромади деҳқонӣ хӯрок ва пӯшоки худро таҳийя мекунад*).

ЗИНДАРУД//ЗАНДРУД* زنده‌رود//زندرود рудест (наҳрест) дар Исфаҳон. (*Бус.*).

ЗИНДИҚ زندیق бедин, аз дин баргашта.

ЗИНДОН زندان ҷоест, ки бандиёнро дар он ҷо нигоҳ доранд.

ЗИНПУШ زینپوش порчаест, ки дар вақти саворӣ ба болои зин пӯшонанд.

ЗИНХОНА* زینخانه хоначаест, ки дар даруни саисхона меандозанд. Дар вақти амир, қозӣ, ҳоким ва амлокдорон маҳбусони муваққатиро дар ҳамон зинхона ҳабс мекарданд. Бар рӯи бомчаи ин хонача дар айёми зимистон гулхан карда саисҳо менишастанд (*Ҷ. З.*).

ЗИНҲОР زنهار 1. паноҳ, амон. 2. албатта, ҳаргиз, асло (**зинҳор наравӣ** — албатта наравӣ, ҳаргиз наравӣ).* 3. мӯҳлат. 4. аҳду паймон. (*Бус.*)*

ЗИНҲОР زینهار *бо кашиши байни «з» ва «н». Нигоҳ кун. ба* **зинҳор** (زنهار) *Дар ин шакл ва маънӣ Ҳофиз гуфта:*

Зинҳор, эй дӯстон ҷони ману ҷони шумо

ЗИНҲОРӢ زینهاری касе, ки дар паноҳ ва амони касе, ё ҳукумат истода бошад.

ЗИРА زیره тухми растаниест, ки дар кӯҳистон бисёр рӯяд аз арзан бориктар ва ҷигарранг, бӯи хуш дорад.

ЗИРАК زیرک зудфаҳм.

ЗИРАКСОР* زیرکسار соҳибфаҳм, зираксар (*ин таркиб мисли таркиби «нагунсор» аст, ки ба маънои «нагунсар» мешавад. (Р.)*.

ЗИРЕҲ زره 1. либоси оҳанист, ки аз ҳалқаҳои оҳан бофтаанд (*аз силоҳҳои ҷангии замони қадим*). 2. пӯшиши оҳанини киштӣ, поезд ва автомобильҳои ҷангӣ (*силоҳи ҷангии ҳаминзамонӣ*).

ЗИРИШК زرشک дарахтест, ки меваи он ба қадри донаи анор ва сурхранг мешавад ва дар ошҳо меандозанд. [анбарборис].

ЗИРК زرک *нигоҳ кун. ба* **зиришк.**

ЗИРНЕХ//ЗАРНИХ زرنیخ як хел моддаи заҳрдори конист, ки дар кимиё ба кор меравад ва барои сутурдани мӯи бадан бо оҳак кор мефармоянд.

ЗИРНИҚ زرنیق *нигоҳ кун. ба* **зирнех.**

ЗИРОАТ زراعت киштукор.

ЗИРОЪ ذراع газ, оринҷ.

ЗИРФУН زیرفون як хел дарахтест, ки ба дарахти санҷид монандӣ дорад, аммо мева надорад.

ЗИРЪ ذرع гӯшаи кишт. *Дар ин маънӣ Рӯдакӣ гуфта:*

Зарьу зирьанд дар баҳори биҳишт.
Зарь киштасту зирь гӯшаи кишт.

ЗИРҒОМ ضرغام шер.

ЗИФОФ زفاف фиристодани арӯс ба хонаи домод.

ЗИФТ زفت ширеи дарахти санавбар, ки вайро **зифти рум** номанд.

ЗИЧ زیچ сахт бадам часпида (ду чиз, ё чанд чизи боҳам, ё ин ки аҷзои як чиз бо ҳам часпида бошад).

ЗИШТЬЁД* زشتیاد ғайбат, бадгӯӣ ва бадъёдкунӣ *(Р.)*

ЗИҚ ضیق танг(ӣ), дилтанг(ӣ). **Зиқ шудан** дилтанг шудан.

ЗИҚҚУННАФАС ضیق النفس тангнафас *(беморӣ)*.

ЗИҲК ضحک ханда.

ЗИҲӢ زهی офарин! чӣ хуш! хушо! *(калимаи таҳсин)*. ***Зиҳӣ кор!** офарин ба корат! *(Л. М.)**

ЗИҶ زیج номи илмест дар ҳаракат ва вазъияти ситораҳо.

ЗОБИТ ضابط забткунанда, маҳкам нигоҳдоранда.

ЗОБИТА* ضابطه қонун, қоида.

ЗОВИЯ زاویه гӯша, кунҷ.

ЗОДА زاده фарзанд, авлод. **Зодаи табъ** эҷодиёти адабии ягон кас (назм, наср).

ЗОДАГОН زادگان *кӯтоҳ ва сабук кардашуда аз* **асилзодагон**.

ЗОДМАРД زادمرد озодмард, **ҷа**вонмард.

ЗОЕЪ ضایع **талаф (шуда), нобуд** (шуда)

ЗОИР زائر зиёраткунанда.

ЗОИЧА زایچه рақамҳоест, ки ситорашиносони қадим барои муайян кардани толеи кас менавиштанд.

ЗОИҚА ذائقه ҳиссест аз ҳиссҳои инсонӣ, ки ба воситаи вай мазаи чизҳоро мефаҳмад.

ЗОК زاک моддаи кониест намакмонанд, ки дар давоҳо, дар кимиё, масалан, дар рангрезӣ ба кор меравад.

ЗОЛ زال 1. номи падари Рустами афсонавӣ, ки қаҳрамони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аст; 2. ҳар пире ки ҳилагар бошад.

ЗОЛЛ ضال гумроҳ.

ЗОМУЧА* زاموچه ҳандалак.

ЗОМУЧАГӢ* زاموچگی ҳандалакӣ *(Ч. б)*.

З-ОН زان *сабук кардашудаи* аз он.

ЗОНУ* زانو банди байни устухони сон ва соқ. ***Зону задан** а) боадаб нишастан *(пеши касе)*; б) таслим шудан *(ба касе)* *(маънии дуюм маҷоз)*.

ЗОР I زار ҷои бисёр будани ягон чиз [ро ифода мекунад/суффикс] **(гулзор, лолазор, сангзор)**.

ЗОР II زار 1. хор, бемиқдор **(ошиқи зор)**. 2. бечора, заиф, оҷиз, нотавон.

Аз касе ин ҳама озор ба як бекаси зор? Бекасе чанд кашад ин ҳама озори касе. 3. бисёр **(гиряи зор, нолаи зор)** 4. нола, фарёд. 5. мӯҳтоҷи аз ҳад зиёд ба чизе (*масалан*, «дар замони амир ба як тикка нон зор будам—*яъне мӯҳтоҷ будам*). **Зор мондан** бекасу *бечора* дар роҳ мондан *Дар даври амир гуфта шудааст:*

Гулчеҳрагони даҳр ба аҳди ту хор шуд,
Озодагони шаҳр ба даври ту зор шуд.

Зор шудан а) хор шудан; б) мӯҳтоҷ шудан.

ЗОР-ЗОР زار-زار бисьёр-бисьёр (**зор-зор, чун абри навбаҳор гирист.** *Аз таъбирҳои халқӣ*).

ЗОРИДАН زاریدن нолидан.

ЗОРО زارا калимаи орзӯст, ки ба маънои **шояд** меояд. *Ҳайрат гуфта:*
Гузорӣ қадам бар мазорам ту зоро — *яъне шояд.*

ЗОРР ضار зараррасонанда, зиёновар.

ЗОРӢ زاری 1. хорӣ, бемиқдорӣ (**бисьёр хорию зорӣ кашидам**). 2. шикастагӣ, нолиш дар вақти талаб кардани марҳамат ё чизи дигаре аз касе (*масалан мегӯянд:* **ҳарчанд зорӣ кардам, ба дилаш раҳм наёмад;** *ё ки* **Ҳарчанд зорӣ кардам, маро ёд надод**).

ЗОТ ذات 1. соҳиб. 2. асл, ҳақиқати ҳар чиз.

ЗОТАН ذاتاً дар асл, аслан.

ЗОТУЛҶАНБ ذاتالجنب бемориест дар паҳлуҳои одамӣ ба сабаби варамидани пардаҳои дарунӣ пайдо мешавад.

ЗОЧА زاچه 1. бачаи навзод. 2. бозичаи бачагона, ки ба шакли бачаи навзод месозанд (*маҷоз*).

ЗОЧАБОЗӢ زاچهبازی тамошои халқӣ ва кӯчагист, ки бозигаронашро ба шакли одам аз латта, коғаз ва чӯб сохта дар чодар бозӣ медоранд.

ЗОҒ زاغ акка, паррандаест ки бештарин сиёҳ мешавад.

Чашми сиёҳи зоғатон,
Модар набинад доғатон.
(*Шеъри халқӣ*).

ЗОҒНУЛ زاغنول олатест оҳанини сарқачи нукдор, ки *бо вай* замин кованд ва санг шикананд.

ЗОҒЧА زاغچه аккаи сиёҳи хурд, ки дастомӯз мешавад.

ЗОҲИК ضاحك хандон.

ЗОҲИЛ ذاهل ғофил, фаромӯшкарда, бепарво.

ЗОҲИР ظاهر 1. равшан, баланд. 2. қисми ба назар намоёни ҳар чиз (*зидди* **ботин**).

ЗОҶ زاج зок (*арабӣ кардашудаи* **зок**).

ЗОҶИР زاجر манъкунанда.

ЗУ ذو соҳиб.

ЗУАФО* ضعفا [**ҷамъи заиф**]: заифон, бекувватон, бечорагон. (*Б.*)

ЗУБДА زبده 1. равғани маска. 2. хулосаи ҳар чиз (*маънии дуюм маҷоз*).

ЗУБОН زبان *нигоҳ кун.* **ба забон** (*лаҳҷаи қадимӣ ва лаҳҷаи имрӯзаи Бухоро ҳамин аст*).

ЗУВОН زوان зубон (*дар баъзе лаҳҷаҳо*).

ЗУГОЛ زگال *нигоҳ кун. ба* **зуғол.**

ЗУД زود шитоб; тез.

ЗУДО//ЗИДО زدا 1. поккунандаи занг ва монанди он аз чизе (*ба ин маъно бо исм меояд, масалан,* **зангзудо** — поккунандаи занг). 2. барҳамдиҳандаи ғам ва кудурат (*масалан*. **ғамзудо** — *барҳамдиҳандаи ғам. Ба ин маънӣ маҷоз аст*). 3. *амр ба* зудудан (*яъне бизудо!*).

ЗУДОЙ زدای *нигоҳ кун. ба* зудо.

ЗУДРАНҶ زودرنج касест, ки бо андак баҳона ба зудӣ аз ҳар кас меранҷад.

ЗУДУДАН//ЗИДУДАН زدودن пок карда шудан, тоза кардан. (*аз занг, чирк, кудурат ва монанди инҳо*).

ЗУДҚАҲР زودقهر касе, ки бо андак сабаб оташин мешавад ва ба ғазаб меояд.

ЗУЛИБИЁ زليبيا номи ҳалвоест, ки аз орд, шакар ва равғани зард пазанд (*ба лаҳҷаи имрӯзаи Бухоро зулбиё гӯянд*).

ЗУЛЛ* ذل хорӣ, беқадрӣ, беиззатӣ; *зидди* **изз**.

Беҳтар саги шаҳри хеш будан,
То зулли ғарибӣ озмудан. (*Л. М.*)

ЗУЛМ ظلم ситам, ҷафо.

ЗУЛМАТ ظلمت торикӣ.

ЗУЛМОНӢ ظلمانی торикӣ.

ЗУЛМОТ ظلمات [*ҷамъи* **зулмат**]; торикиҳо.

ЗУЛОЛ زلال 1. кирмест, ки дар даруни барф пайдо мешавад. 2. обе, ки дар даруни он кирм аст. 3. оби бисёр соф, оби пок.

ЗУЛУ زلو кирмест сиёҳранги обӣ ва лойқагӣ, ки аз бадан хун кашад.

ЗУЛУК زلوک *нигоҳ кун. ба* зулу.

ЗУЛУМОТ ظلمات *нигоҳ кун. ба* зулмот.

ЗУЛФ زلف мӯи пеши гӯш, гесӯ.

ЗУЛФАЙН* زلفين ду зулф. (*Ҳ.*). **Зулфайни мусалсал ду** зулфи дарози силсиладор. (*Л. М.*)

ЗУЛФИН زلفين ҳалқаест думдор, ки бар дари хона ва сандуқҳо зананд ва дар вақти бастани дар занҷирро бар вай андозанд.

ЗУЛФЧАВГОН* زلف چوگان каҷзулф (*Р.*)

ЗУЛҚАРНАЙН ذی القرنین//ذوالقرنین 1. [*дорои ду шох*]. 2. лақаби Искандари Мақдунӣ (*дар адабиёти Шарқ*).

ЗУМОМ زمام *нигоҳ кун. ба* замом.

ЗУМРА زمره гурӯҳи мардум; [тоифа; ҷумла].

ЗУМРАД زمرد *нигоҳ кун. ба* зумуррад.

ЗУМУРРАД زمرد сангест қиматбаҳои сабзранг, ки дар ангуштариҳо шинонанд.

ЗУМУХТ زمخت магорест, ки дар чоҳои нам ва дар чизҳои дар нам истода пайдо мешавад. 2. бӯи магор, ки нофорам ва гулӯгир аст.

ЗУННОР زنار таноб — камарбандест, ки бутпарастон ва оташпарастон бо худ доранд.

ЗУРАФО ظرفا [*ҷамъи* **зариф**]; зарифон.

ЗУРВА ذروه 1. баландии сари кӯҳ. 2. ҷои болотарини ҳар чиз.

ЗУРРИЯТ ذریة авлод, наберагон, насли ягон одам.

ЗУРРИЁТ* ذریات [ҷамъи **зурри**ят; авлодҳо, наслҳо].

ЗУФУНУН ذوفنون соҳиби фанҳо, касе, ки ба чандин фан доро бошад.

ЗУҒОЛ زغال ангишт. *Ба ин маънӣ гуфта шудааст:*

> Ба чеҳраи бути мастар нишаста гирди зуғол,
> Фиғон зи халқ баромад, ки офтоб гирифт.

ЗУҲАЛ زحل яке аз ситораҳои сайёра [номи дигари **Қайвон**].

ЗУҲУЛ ذهول 1. фаромӯшӣ, [ғафлат].

ЗУҶОҶ زجاج шиша.

ЗУҶРАТ//ЗАҶРАТ ضجرت тангдилӣ (аз ғам), тапиши дил.

ЗӢ I زی 1. *асоси замони ҳозираи* **зистан.** 2. *сиғаи амр аз* **зистан,** *яъне зиндагӣ кун.*

ЗӢ II زی пеш, ҷониб, тараф.

ЗӢ III ذی соҳиб *(ин калима арабист ва танҳо ба суханҳои арабӣ ҳамроҳ мешавад. Масалан:* **зӣ матонат**— соҳибматонат. ***зиҳаёт** соҳибҳаёт, ҷондор. *(Б.)*

ЗӮБИН زوبین як хел найзаи кӯтоҳ (аз силоҳҳои ҷангҳои қадимӣ) [*муқоиса кунед.* **зӯпин**].

ЗӮЛА زوله як хел паррандаест, ки вайро **зӯлак** ҳам гӯянд.

ЗӮПИН* زوپین найзаи хурди сараш душоха. *(Л. М.) муқоиса кунед:* **зӯбин.**

ЗӮР زور [1. қувва, иқтидор]. 2. бақувват. 3. душвор *(маънии сеюм маҷоз).* ***Зӯри бозуро ба мизони камон санҷидан** — Дар замони қадим қуввати паҳлавонон бо кашидани камонҳои қадимии сахт маълум мешуд. Ҳар паҳлавон мувофиқи зӯри бозуи худ камони ба худ махсус дошт ва агар паҳлавони номашҳуртар худро маълум карданӣ мешуд, камони яке аз паҳлавонони машҳури пурзӯрро мекашиду бо ҳамин ном мебаровард. Шоир ана аз ҳамин ҳол фоида бурда ин байтро (ба мизони камон санҷанд мардум зӯри бозуро, Ба даст овардаам ман ҳам зи абрӯят тарозуро) гуфтааст. *(Н.).* * **Зӯр кардан** а) қувватнок кардани касе, ё чизе *(масалан. заминро бо пору)*; б) барои кардани коре касеро маҷбур кардан.

ЗӮРМАНД زورمند соҳиби қувват, бақувват.

ЗӮРОВАР زورآور 1. зӯрманд. 2. ба ҳар кас қувват корфармоянда.

ЗӮРОВАРӢ زورآوری зӯрӣ корфармоӣ *ба касе.* **Зӯроварӣ кардан** зӯрӣ кор фармудан *ба касе.*

ЗӮРОЗМО زورآزما 1. касе, ки ба ҳар кори зӯр даст зада ё бо ҳар кас мубориза карда зӯри худро меозмояд. 2. ҳар кори душвор, ки бо кардани вай зӯри ҳар кас озмуда мешавад.

ЗӮРТАЛАБ زورطلب душвор.

ЗӮРӢ زوری қувват. **Зӯрӣ кардан** а) зӯр баровардани чизе аз чизе, ё касе аз касе; б) дар кардани коре зӯрӣ кор фармудан.

ЗӮФУНУН* ذوفنون *нигоҳ кун. ба* **зуфунун.**

ЗӮЪМ زعم 1. гумони беасоси иподкорона. 2. одами якраҳа.

ЗӮҲРА زهره яке аз ситораҳои машҳур. [сайёраи Ноҳид].

И

ИБДОЛ ابدال бадал кардан.

ИБДОЪ ابداع пайдо кардани чизи тоза.

ИБЛИС ابلیس шайтон.

ИБН ابن писар.

ИБНУЛВАҚТ ابن الوقت касе, ки бо хоҳиши вақт кор мекунад, замонасоз.

ИБНУЛҒАРАЗ* ابن الغرض соҳибғараз. *(Б.)*.

ИБО ابا худдорӣ кардан аз коре (хоҳ аз тарс бошад, хоҳ бо ягон мулоҳизаи дигар).

ИБРИҚ ابریق офтоба.

ИБРОЗ ابراز берун овардан ва зоҳир кардан.

ИБРОМ ابرام 1. бо пурсиши чизе ва коре малул кардан касеро; бо талаби шалкинона танг кардан касеро, ба сутӯҳ овардан касеро:

*Чун бад-ин сон ҳазор сол гузашт,
Кори ибром аз инфиол гузашт.
*(Бедил)**

2. сахт ва устувор кардан

ИБТИЗОЛ* ابتذال 1. аз корфармоии бисёр кӯҳна шудан, фарсудагӣ. 2. *дар ин ҷо ба маънои* ниғоҳдорӣ.

Ибтизоли боғи имкон ранги
гардидан надошт.
Ҳар гуле, к-имсол омад, дар
ҳазор порина буд.
(Бедил).

ИБТИСОМ ابتسام 1. андак ханда кардан (аз табассум). 2. шукуфтан *(маҷоз)*.

ИБТИҲОЛ ابتهال зорӣ кардан.

ИБТОЛ ابطال ботил кардан, вайрон кардан.

ИБҚО ابقا боқӣ доштан, [боқӣ гузоштан].

ИБҲОМ I ابهام 1. пӯшида гузоштан; 2. сарбаста сухан гуфтан.

ИБҲОМ II ابهام нарангушти даст.

ИД* عید ҷашн, рӯзи ҷашн. **Иди** саид — иди хушбахтӣ *(Ч. О. О.)*

ИДБОР ادبار бахт баргардидан,* бадиқболӣ, бадбахтӣ, пуштгардонӣ [и бахт]; *(муқобили иқбол)**.

ИДДИО ادعا даъво кардан.

ИДМОН ادمان варзиш, *тренировка *(Ч. 6)*.

ИДРОР* ادرار 1. равон шудан; паёпай рехтан, рехтан (и борон ва чизҳои обакӣ). 2. ҷорӣ кардан (чизеро пай дар пай), масалан, маоши ҳаррӯза, моҳона, ё вазифаҳои ҳаррӯзаро дар таълим ва тарбия *(Бӯс.)** 3. бахшиши паёпай *(маҷоз)*. 4. аз одат зиёд омадани пешоб.

ИЁР* عیار холисияти зару сим аст, ки бо маҳак имтиҳон карда мефаҳманд; зару сими холисро **комилиёр** ва ғашдорро **ноқисиёр** мегӯянд. *(Б.)*.

ИЗДИҲОМ ازدحام 1. ғуншавии мардуми бисёре дар ҷое. 2. гурӯҳи калони мардум.

ИЗЗ* عز иззатмандӣ, азизӣ. *(Бӯс.)* **Иззи ҷалол** иззати бузургӣ. *(Б.)*

ИЗЛОЛ اضلال гумроҳ намудан.

ИЗО ایذا ҳақорат *(бо калимаи*

додан меояд). **Изо кашидан** шармидан.

ИЗОМ I* عظام *ҷамъи* **азм**; устухонҳо.

ИЗОМ II* عظام *ҷамъи* **азим**; калонон. *(Бӯс.)*.

ИЗРОР اضرار зарар расонидан.

ИЗТИРОБ اضطراب ларзидан ва тапидан; парешонҳол шудан, халал ёфтан *(изтироб аз сифатҳои инсоният ва дар дигар чизҳо маҷозан меояд)*.

ИЗТИРОР اضطرار беихтиёрӣ.

ИЗЧӢ* ایزچی касест, ки ҳар ҳайвон ё инсони гумшударо аз нақши пои он меёбад. *(Ч. 3.)*

ИЗЪОН اذعان 1. фармонбардорӣ ва итоат. 2. тасдиқ *(маҷоз)*.

ИЗЪОФ اضعاف ду чанд гардонидан.

ИКЛИЛ اکلیل тоҷ.

ИКМОЛ اکمال 1. ба камол расидан (расонидан). 2. тамом кардан.

ИКРОҲ اکراه касеро бо зӯр ва ситам ба коре водоштан.

ИКСИР اکسیر кимиё; *кимиёи афсонавист, ки гӯё бо кор фармудани он мис зари холис мешудааст *(Ҳ.)**

Сими холис гашт симоби дил
аз иксири ишқ
(Навоӣ)

ИКСИРӢ* اکسیری кимиёгарӣ. *(Л. М.)*

ИКТИНОҲ اکتناه ба ҳақиқати чизе расидан.

ИКТИСОБ اکتساب касб кардан, ҳосил кардани чизе бо саъю кӯшиш.

ИЛЗОМ الزام 1. лозим гардонидан. 2. дар мубоҳаса ба ҳарифи худ ғолиб омадан. ***Илзом хӯрдан** мағлуб шудан дар мунозира ва мусобиқа.

Мурданат беҳ зи зиндагонии хом,
Хок хӯр, эй ки мехӯрӣ илзом.
*(Бедил).**

ИЛЛИИН//ИЛЛИЮН عليين//عليون аз рӯи хурофот ҳуҷраҳои баланди биҳишт; авҷи аълои осмон. *(Б.)*.

ИЛОҲИЁТ* الاهيات таълимоти берун аз табиат *(Б.)*.

ИЛТИЁМ التيام 1. ба якдигар пайвастан. 2. ба ҳам омадани реш ё ҷароҳат.

ИЛТИЗОЗ التذاذ лаззат бурдан, лаззатгирӣ *(Б.)**

ИЛТИЗОМ التزام ба худ лозим гардонидани коре.

ИЛТИМОС التماس 1. дархостан *(бо калимаи* **кардан** *меояд)*. 2. хоҳиш ва пурсиш.

ИЛТИФОТ التفات 1. бо гӯшаи чашм нигаристан. 2. лутф кардан *(ба ин маънӣ маҷоз аст)*.

ИЛТИҚО التقا бо ҳам пайвастан; [вохӯрдан].

ИЛТИҲОБ التهاب шӯълавар шудани оташ, [афрӯхта шудани оташ, шӯълаварӣ]. **Илтиҳоби пирӣ** бемории шуш аст, ки аз сармохӯрӣ пайдо мешавад.

ИЛТИҶО التجا паноҳ овардан.

ИЛҒОР* الغار 1. ҳамла, ҳуҷум. 2. гарнизон *(Ч. 10)*.

ИЛҚО القا чизеро ба фикри касе андохтан.

ИЛҲОМ الهام 1. овардани фикре дар дил. 2. дар дил омадани чизе.

ИЛҲОҲ الحاح бо зорӣ хостани чизе аз касе, * тазарруъ, зорӣ *(Б)*.

ИМДОД امداد мадад расонидан, ёрӣ кардан.

ИМЗО امضا 1. гузаронидан; иҷро кардан. 2. даст мондан ба фармон, мактуб, ҳуҷҷат *ва монанди инҳо.*

ИМКОН امکان 1. қудрат ва тавоноӣ ба коре. * 2. *маҷозан* дунъё, мумкинот:

Зи ибратгоҳи имкон чашм пӯшид.
Чу мажгон мунқатеъ шуд парфишонӣ.
*(Бедил).**

ИМЛО املاء 1. пур кардан. 2. чизеро аз ёд нависондан. 3. расми хат мувофиқи қоида.

ИМОМАТ* امامت пешвоӣ, имомӣ *(дар корҳои динӣ).*

ИМОМАТӢ* امامتی шуғли имомӣ, кори имомӣ. **Имоматӣ кардан** маросимҳои динӣ-никоҳу ҷаноза ва пеш-пеши ҷамоа намозхониро ба ҷо овардан. *(Ҷ. б).*

ИМОРӢ//АМОРӢ* عماری каҷовае, ки ба ду тарафи шутур баста ба даруни он нишаста сафар мекарданд, каҷоваи сафарии одамнишин *(Л. М.)*

ИМРОР امرار гузаронидан, [мурур].

ИМСОК* امساک мумсикӣ *(Б.)*

ИМТИДОД امتداد кашида шудан, кашол ёфтан.

ИМТИДОДКАМАНД* امتداد کمند дарозкаманд, камандаш дароз. *(Б.)*

ИМТИЛО امتلا пур шудани меъда.

ИМТИНОН* امتنان 1. мамнунӣ, миннатдорӣ. 2. бахшиш *(Н.)*.

ИМТИСОЛ امتثال фармонбардорӣ.

ИМҲОЛ امهال мӯҳлатдиҳӣ.

ИН این калимаи ишорати наздик аст: **ин одам, ин хона.**

ИНАК اینک хурдкардашудаи «ин» аст, ки ба ишорати бисьёр наздик кор фармуда мешавад. *Чунончи:* **Ту ба Аҳмад нигарон будӣ, инак меояд,** *яъне дида истодаӣ, ки меояд.*

ИНБИСОТ انبساط 1. кушодадилӣ. 2. паҳншавӣ. 3. фароҳӣ. 4. хушии табъ. *(ду маънии охирӣ маҷоз аст).*

ИНДИРОС اندراس кӯҳна шудан ва кӯҳнагӣ.

ИНЗИБОТ انضبات пайвастагӣ ва мазбутӣ [интизом].

ИНЗИВО انزوا гӯшагирӣ.

ИНКИСОР انکسار шикаста шудан, шикастагӣ.

ИНКИШОФ انکشاف 1. во шудан (чунончи гунҷа во шуда гул мешавад). 2. расида ва паҳн шуда пеш рафтани ҳар чиз *(ба ин маънӣ маҷоз).*

ИНО* انا зарф. *(Бӯс.)*

ИНОН* عنان лаҷом, ҷилав. **Инон тофтан** баргаштан, рӯйгардондан: В-аз дурталабӣ инон наметофт — *аз ин талабаш ҳаргиз худдорӣ намекард. (Л. М.).*

ИНОЯТ عنایت меҳрубонӣ; ёрмандӣ. *(Бӯс.)*

Аввал ба дуо иноятe кун
В-он гаҳ зи вафо ҳимояте кун.

Аввал ба воситаи дуохонӣ девонагии ӯро дафъ кун, баъд барои ӯ зан бихоҳ. (Л. М.).

ИНС انس мардумон,* одамиён, инсон *(Б.)**

ИНСОФ انصاف 1. ду нимаи баробар кардан. 2. бо баробарӣ муомила кардан дар корҳо *(ба ин маънӣ маҷоз аст)*.

ИНТИБОЪ انطباع нақш бастани чизе бар чизе *(чунончи дар матбааҳо ҳарфҳо ба коғазҳо нақш баста китоб ва газета мешаванд)*.

ИНТИБОҲ انتباه 1. огоҳонидан. 2. огоҳ шудан. 3. огоҳӣ.

ИНТИЗОР انتظار чизеро чашм доштан, чизеро нигарон шудан.

ИНТИСОБ انتساب нисбат доштан ба касе.

ИНТИСОХ انتساخ нусхагирӣ.

ИНТИФО انطفا фурӯ мурдани оташ ва чароғ.

ИНТИФОЪ انتفاع нафъбарӣ.

ИНТИХОБ انتخاب 1. берун кашидани чизе аз миёнаи чизҳо. 2. баргузидани чизе аз миёнаи чизҳо.

ИНТИШОР انتشار парокандa шудан, паҳн шудан.

ИНТИҚОД انتقاد 1. пули нақд ситонидан. 2. аз ҳам ҷудо кардани сараву сақати пули нақда. 3. аз ҳам ҷудо кардани сараву сақати ҳар чиз умуман ва асарҳои адабӣ хусусан *(маҷоз)*.

ИНТИҚОЛ انتقال аз ҷое ба ҷое рафтан; аз ҷое ба ҷое гузаштан.

ИНТИҚОМ انتقام ниқоргирӣ.

ИНФИЛОҚ انفلاق аз ҳам ҷудошавӣ, таркиш.

ИНФИОЛ انفعال 1. асари чизеро дар худ гирифтан, таассурот

*Ба ҷунуни дили мушавваш зад.
Ҷамъ кард инфиолу оташ зад.
(Бедил)

2. шармандагӣ, шарм.

Мо ҳамон хокем акнун инфиол аз мо ҷаро? (Бедил).

Инфиол кашидан шарм кардан, хиҷолат кашидан.

Ҳар ки тасвири ин *хаёл* кашад.
Ҷон кашад пешу инфиол кашад.
(Бедил).*

ИНФИРОД انفراد танҳо шудан, танҳоӣ.

ИНФИРОЗ انفراز 1. ҷорӣ кардан, равон кардан. 2. гузаронидан.

ИНФОҚ انفاق нафақа додан.

ИНШИРОҲ انشراح кушода шудан *(дар сифати дил ва сина ояд)*.

ИНШО انشا 1. офаридан, сохтан (**иншоот** *дар иморат аз ҳамин маънӣ аст*). 2. оғозидан (**иншоъ** *аз ҳамин маънист*). 3. аз худ чизе гуфтан *(таҳрири мактубҳо аз ҳамин маънист)*.

ИНШОД انشاد 1. шеър хондан. 2. шеър гуфтан.

ИНЪИДОМ انعدام худ ба худ нест шудан.

ИНЪИКОС انعکاس 1. чаппа шудан. 2. намудани шакли чизе дар як ҷисми шаффоф (дар оина, ё дар *об*).

ИНЪИҚОД انعقاد 1. баста шудан. 2. ҷамъ омадани одамон дар як ҷо барои қарор додан ба коре.

ИНЪОМ انعام 1. неъмат додан. 2. *умуман ба касе* чизеро бе бадал бахшидан.

ИНҚИБОЗ انقباض гирифта шудан ва гирифтагӣ.

ИНҚИЁД انقیاد фармонбардорӣ, итоат кардан.

ИНҚИЗО انقضا ба сар омадани

муддати чизе, [поён ёфтани чизе].

ИНҚИЛОБ انقلاب якбора баргардидан аз ҳоле ба ҳоле.

ИНҚИРОЗ انقراض 1. бурида шудан. 2. тамом шуда нест шудани чизе.

ИНҚИСОМ انقسام ба ҳиссаҳо ҷудо шудан, ҳисса-ҳисса шудан.

ИНҲИДОМ انهدام вайрон шудан (*масалан*, вайрон шудани иморат).

ИНҲИЗОМ انهزام шикаст хӯрдани лашкар дар ҷанг.

ИНҲИЛОЛ انحلال ҳал шуда нест шудани чизе дар чизе (*чунончи*, намак дар об).

ИНҲИНО انحنا хамидашавӣ, хамидагӣ, дутоӣ.

ИНҲИРОФ انحراف 1. хам шудан ва ба тарафе моил шудан. 2. каҷравӣ (*маҷоз*).

ИНҲИСОР* انحصار 1. иҳота шудан. 2. маҳдуд шудан. 3. дар чизе гунҷидани чизе. 4. махсус шудани чизе ба касе (*маҷоз*). 5. монополия (*Б.*).

ИНҲИТОТ انحطاط 1. фурудоӣ. 2. рӯ ба камӣ овардани чизе.

ИНҶИЗОБ انجذاب [ҷазб шудан], кашида шудан.

ИРВО اروا 1. серобкунӣ, сероб кардан. 2. равон кардан.

ИРТИБОТ ارتباط [бастани чизе ба чизе], бастагӣ, робита.

ИРТИЁБ ارتیاب дар шак афтодан.

ИРТИЗО ارتضا 1. писандидан. 2. хушнуд шудан.

ИРТИКОБ ارتکاب 1. кореро сар кардан. 2. ба кори нописандидае даромадан (*масалан*, ришвахӯрӣ).

ИРТИОШ ارتعاش 1. ларзиш. 2. бемориест, ки онро **лақва** гӯянд.

ИРТИСОМ ارتسام нақш баста шудан.

ИРТИФОЪ ارتفاع 1. баландӣ. 2. баланд шудан.

ИРТИҚО ارتقا болоравӣ.

ИРТИҲОЛ ارتحال аз ҷое ба ҷое рафтан.

ИРТИҶО *ارتجا умедворӣ.

ИРТИҶОЛ ارتجال 1. бе андеша ва ба зудӣ кардани коре. 2. бе андеша (бо ҳозирҷавобӣ) шеър ва суханҳои мавзун гуфтан.

ИРТИҶОЪ ارتجاع 1. бозгардӣ. 2. паскашӣ (*термини политикӣ*).

ИРХО ارخا суст кардан, сусткунӣ.

ИСБАЪ اصبع ангушт.

ИСКАНА اسکنه олати фӯлодист, ки барои кобиши чӯб ба кор меравад (аз олатҳои дуредгарӣ).

ИСКАНҶА اسکنجه 1. олати саҳҳофон аст, ки китобро дар даруни он гирифта сахт битобанд ва саҳифаҳоро баробар бурранд. 2. калобаест, ки баъд аз ҷӯшонидан ё шустан дар ду тарафаш ду чӯбро андохта сахт тофта бошанд (*ин калима аз ишканҷа таҳриф ёфтааст*).

ИСКОВ اسکاو сешохаест, ки деҳқонон дар хирманкӯбӣ бо вай пахоли галларо такурӯ мекунанд.

ИСЛИМӢ اسلیمی номи нақшест дар кандакорӣ, ки занҷирмонанд меравад, ин гуна нақш бештарин ба чӯб ва гаҷ канда мешавад.

ИСЛОМИЯТ* اسلامیت мусулмоншуда, мусулмонӣ (*Ҷ. 10*).

ИСМ اسم ном.

ИСМАТ عصمت худдорӣ аз гуноҳ ва хато. (*Бҳс.*) покӣ, покдоманӣ (*Б.*).

ИСНОД اسناد 1. такья додани чизе ба чизе. 2. нисбат додани чизе ба чизе (*маҷоз*).

ИСОБА* عصابه пешонабанд, сарбанд.

> Он сар, ки исобаҷои зар баст,
> Хуҷре ба исобаи дигар баст.
> (*Л. М.*)

ИСОБАТ اصابت роҳи рост ёфтан.

ИСОР* ایثار аз барои нафъи дигарон аз манфиати худ гузаштан (*Б.*), бахшиш, инъом, эҳсон (*Бҳс.*).

ИСПАНД اسپند нигоҳ кун. ба **испандона.**

ИСПАНДОНА اسپندانه ҳазориспанд.

ИСПАРАК اسپرک гиёҳест худрӯй, ки аз вай дар бофандагӣ ранги зард ҳосил мекунанд.

ИСПАҲБУД اسپهبد сардори сипоҳ, сипаҳсолор.

ИСПАҲБАД اسپهبد сипаҳсолор, лашкаркаш.

ИСПОН* اسپان нодилкаш, номаъкул (*дар Бухоро фалонӣ* **суханҳои испони ночаспон гуфт** *мегӯянд*)

> Ҳама ин сухан бар дил испон набуд,
> Чу аз хомушӣ ҳеҷ дармон набуд.
> (*Ф.*)

ИСРАВШАНА اسروشنه нигоҳ кун. ба **Истаравшан.**

ИСРАНҶ اسرنج даъличаи биринҷии пуштдастадор аст, ки дар мусиқӣ дутори онро бо вай зада садои матлубро бароранд.

ИСРОР اصرار лаҷоҷ додан ва саъй истодан дар болои сухане, ё фикре.

ИСРОФ اسراف зиёда аз ҳоҷат харҷ кардан.

ИСТАБЛ اصطبل аспхона.

ИСТАБРАҚ* استبرق нигоҳ кун. ба **ситабраҳ.**

ИСТАМ I ایستم доимӣ, бардавом (*сифати матоъ ва асбоб*).

ИСТАМ II استم шакли дигари **ситам** (*дар форсии қадим*).

ИСТАРАВШАН استروشن номи кӯҳнаи шаҳри Ӯротеппа.

ИСТАХР استخر//اصطخر 1. обгир, кӯлоб, 2. номи шаҳрест дар Форс.

ИСТЕЗА استیزه хашмгирӣ, ҷанг, хусумат.

ИСТЕЪДОД استعداد 1. омодагӣ ба коре. 2. қобилият ба коре (*маҷоз*).

ИСТЕЪЛО استعلا 1. баланд шудан, 2. мартабаи баландро талаб кардан.

ИСТЕЪЛОМ استعلام огоҳӣ хостан.

ИСТЕЪФО استعفا 1. талаби афв кардан. 2. хизмат ва касберо бо ихтиёри худ гузоштан (*маҷоз*).

ИСТЕЪҶОЛ* استعجال шитоб, (*Б.*)

ИСТЕҲЗО استهزا масхара доштан.

ИСТЕҲЗОКОРОНА* استهزا کارانه ба тарзи масхара, тамасхуркунон (*Ҷ. 6*).

ИСТЕҲМОМ استحمام ба ҳаммом шустушӯй кардан.

ИСТЕҲСОН استحسان писандидан, нек шумурдан.

ИСТЕҲҚОР استحقار 1. хор шудан. 2. хурд шумурдан, ҳақир доштан.

ИСТИБДОД استبداد 1. танҳо бар сари коре истодан. 2. манъи касеро қабул накардан. 3. ҳукмронии ба сари худ.

ИСТИБЪОД استبعاد дурӣ ҷустан. 2. дур шумурдан.

ИСТИДЛОЛ استدلال далеловарӣ.

ИСТИДЪО استدعا дархостан.

ИСТИКБОР استکبار 1. худро бузургмартаба пиндоштан. 2. гарданкашӣ кардан.

ИСТИКОНАТ استکانت фурӯтанӣ ва ҳақирӣ.

ИСТИЛО استیلا даст ёфтан (бо зӯрӣ), ғолиб шудан.

ИСТИМДОД* استمداد мададталабӣ. *(Б.)*

ИСТИМЗОҶ استمزاج 1. мизоҷдонӣ кардан. 2. замири дили касеро фаҳмидан хостан.

ИСТИМОЛАТ استمالت 1. ба сӯи худ майл додан касеро. 2. розӣ ва роғиб кардан *(маҷоз)*.

ИСТИМСОК استمساک 1. чанг задан. 2. ёрӣ ҷустан *аз касе ва чизе*.

ИСТИНКОФ استنکاف нанг доштан.

ИСТИНОС استیناس хӯ гирифтан, унс гирифтан.

ИСТИНСОХ استنساخ нусхагирӣ хостан, рӯйнавис кардан.

ИСТИОНАТ* استعانت ёрихоҳӣ, ёриталабӣ, мададҷӯӣ, ионатталабӣ. *(Бдс.)*

ИСТИОРА استعاره 1. ба орият хостани чизе. 2. лафзеро дар ғайри маънии ҳақиқии худаш бо алоқаи ташбеҳ кор фармудан *(термини забон ва адабиёт)*.

ИСТИРДОД استرداد боз пас талабидани чизе.

ИСТИРЗО* استرضا талаби ризо, ризоят хостан *(Б.)*.

ИСТИСМОР استثمار 1. мева чидан ва мева хостан. 2. аз меҳнати касе фоида бурдан. 3. *умуман* чизеро кор фармуда фоида бурдан *(ба ду маънии сонӣ маҷоз аст)*.

ИСТИСНО استثنا берун кардани як чиз аз чизҳои ҳамҷинси худаш.

ИСТИСҚО استسقا 1. об хостан, борон хостан. 2. бемориест, ки дар шикам об ҷамъ мешавад.

ИСТИТЛОЪ استطلاع огоҳӣ ҷустан, хабар пурсидан.

ИСТИТОАТ استطاعت қудрат, тавоноӣ, иқтидор.* **Вуҷуди иститоат**—иқтидори молӣ *(Б.)*.*

ИСТИФО استعفا 1. тамом фурӯ гирифтан. 2. ғундоштани андози замин *(дар истилоҳи даври амирӣ)*.

ИСТИФОЗА* استفاضه файз хостан; файз гирифтан. **Истифозаи анвори хидмат** файзрасонии нурҳои ҳузур *(Б.)*.

ИСТИФСОР* استفسار пурсиш, хабар гирифтан *(Б.)*.

ИСТИФҲОМ استفهام талаби фаҳмидани чизе; [пурсидан].

ИСТИХБОР استخبار хабар пурсидан.

ИСТИХОРА استخاره 1. беҳтарӣ хостан. 2. огоҳӣ ҷустан аз оқибати коре бо тартибҳои махсус *(ин аз одатҳои динист)*.* як навъ фолбинии динӣ, ки баъд аз идон дуо ва намозҳои махсус матлаби худро дар хоб дидан мехоҳанд *(Н.)*, барои беҳтар будан ё набудани коре аз ғайб огоҳӣ ҷустан. *(Х.)*

ИСТИХФОФ استخفاف 1. сабук шумурдан. 2. хор доштан *(маҷоз)*.

ИСТИШМОМ استشمام 1. бўидан, 2. Бўй бурдан. 3. барои фаҳмидани чизе замина кушиш кардан *(маҷоз)*. ***Истишмом кардан**—бўй бурдан (Ч. 10)**

ИСТИШОРА استشاره машварат хостан, машварат кардан.

ИСТИҒНО* استغنا номуҳтоҷӣ, бадавлатӣ. *(Б.)*

ИСТИҒОСА استغاثه фарьёдрасӣ хостан; додхоҳӣ, ёриталабӣ.

ИСТИҒРОҚ* استغراق фурў рафтан; ғарқи хаёл шудан. *(Б.)*.

ИСТИҚБОЛ استقبال 1. пешвозгирӣ. 2. замони оянда.

ИСТИҚЛОЛ* استقلال 1. соҳибихтиёри кори худ будан, худдорӣ 2. истодагарӣ. 3. истиқомат *(Б.)*.

ИСТИҚОМАТ استقامت 1. рост шудан. 2. ростӣ. 3. сўи рост. 4. иқомат кардан ва манзил кардан; побарҷоӣ. 5. тарафи таначчух.

ИСТИҚОМАТГАРАВ* استقامت گرو ба ошкибсучра хазор ё се хазор танга дода дар ҳуҷрае ҷойгир шудани талаба дар шароити мадрасаҳои аморати Бухоро. *(Ч. 6)*.

ИСТИҚРОР استقرار қарор гирифтан, собит шудан.

ИСТИҲОЛА استحاله 1. номумкин будани чизе. 2. номумкин шумурдан. 3. аз ҳоле ба ҳоле гардидан *(тарҷимаи кимиё)*.

ИСТИЧЛОБ استجلاب ба сўи худ кашидан, [чалб кардан].

ИСТИЧОЗА استجازه иҷозат хостан.

ИСФАНОХ اسفناخ алафест, ки онро дар баҳорон бирьён карда мехўранд ва аз он бичак низ мепазанд.

ИСФАНҶ اسفنج гиёҳи дарёист, ки онро **абр** низ гўянд.

ИСФАНЧА اسفنجه *нигоҳ кун. ба* **исфанҷ**.

ИСФАРАНГ اسفرنگ номи қадимии як деҳаи Самарқанд аст, ки Сайфи Исфарангии шоир аз он ҷо баромадааст.

ИСФИДБОЧ اسفیدباج *нигоҳ кун. ба* **сафедьё** *ва арабӣ кардашудаи* **сафедьёст.**

ИСФО اصغا гўш ниходан, гўш фаро додан; сомеъ будан.

ИСЬЁН* عصیان саркашӣ, шўриш. **Исьёни хитойқипчоқ.** Дар аҳди амирони манғит деҳқонони Хатирчӣ ва Миёнкол чанд бор исьён карда буданд, ки дар таърихи амирони манғит ин исьёнро «Исьёни хитойқипчоқ» меноманд. *(Ч. 3)*.

ИСҚО استقا 1. нўшонидан. 2. обьёрии замин.

ИСҲОЛ اسهال 1. равонидани шикам. 2. шикамравӣ, дарунравӣ.

ИТМИНОН* اطمینان боварӣ хосил кардан, хотирҷамъӣ. **Итминони кулли**—оромии пурра *(Б.)*.

ИТМОМ اتمام тамом кардан, пурра кардан.

ИТМОЪ اطماع дар тамаъ андохтан.

ИТНОБ اطناب 1. дарозии сухан. 2. дарозкунии сухан.

ИТОБ عتاب дар ранҷ андохтан; [сарзаниш, ғазаб].

ИТОЛА اطاله дароз кардан, [тӯл додан].

ИТТИКО اتکا такья кардан.

ИТТИЛОЪ اطلاع огоҳӣ ёфтан.

ИТТИСОЛ اتصال баҳам пайвастан, [пайвастшавӣ].

ИТТИФОҚ اتفاق 1. мувофиқ шудан ба коре (*дар ин маънӣ бо калимаи* **кардан** *меояд*). 2. воқеъ шудани коре бе сабаби маълум, (*дар ин маънӣ бо калимаи* **афтодан** *меояд*),* тасодуф.

Подшоҳе ба иттифоқи шикор
Кард бар самти он савод гузор.
(*Бедил*).*

ИТТИХОЗ اتخاذ баргирифтан; [ахз кардан].

ИТЬЁН اتیان баҷо овардан.

ИТҚОН اتقان устуворӣ, маҳкамӣ, [мукаммалӣ].

ИФЛОС* افلاس муфлисӣ, қашшоқӣ.

Зану марде зи кулфати ифлос
Мекашиданд ранҷи олами ёс.
(*Бедил*)

Ифлоси муфлис қашшоқии аз ҳад зиёд (*Н.*).

ИФЛОСӢ افلاسی 1. тамом бечиз ва бепул шудан. 2. чиркинӣ (*маънии дуюм маҷоз*)

ИФНО *افنا [фано кардан], нест намудан.

ИФО ایفا 1. ба ваъда вафо кардан. 2. додани ҳаққи касе. 3. баҷо овардани ягон вазифа.

ИФОЗА افاضه файз расондан.

ИФОҚА افاقه 1. ба ҳуш бозомадан, [беҳтар шудани саломатӣ]. 2. ислоҳ ёфтан аз ягон сифати нописандида.

ИФРОЗ افراز 1. ҷудокунии чизе аз чизе; 2. тақсими чизе дар байни чанд кас бо супурдани ҳиссаи ҳар кадом ба худи онҳо.

ИФРОТ افراط аз ҳад даргузаштан дар коре.

ИФСОД افساد вайрон кардан, табоҳ кардан.

ИФТИЗОҲ افتضاح расво шудан, расвоӣ.

ИФТИРО افترا//افتری [тӯҳмат кардан], бӯҳтон.

ИФТИТОҲ افتتاح 1. кушодан. 2. сар кардани коре.

ИФТИТОҲОНА* افتتاحانه 1. ҳаққи таълим. 2. сар кардани дарси нав (*Ч. 6*).

ИФТОР* افطار рӯза кушодан.

Ифтори ногуфт дар рамазон ба хонаи касе барои рӯзакушоӣ бехабару таклифи махсус рафтан аст, ки назар ба қавли дигарон ин кор савоби бисёр доштааст. (*Ч. 1*)

ИФШО افشا фош кардан (и сирр).

ИХБОР اخبار хабар додан.

ИХВОН اخوان (ҷамъи ах); бародарон.

ИХТИЁР اختیار хостани коре аз корҳо, баргузидани чизе аз чизҳо.

ИХТИЛОТ اختلاط ба ҳам омехтан.

ИХТИНОҚ اختناق гулӯ гирифта шудан (бемории гулӯст).

ИХТИРОЪ اختراع сохтан, [чизи наве эҷод кардан].

ИХТИСОР اختصار [мухтасар намудан], кӯтоҳ кардан.

ИХТИСОС اختصاص 1. хусусият пайдо кардан. 2. малака пайдо кардан *ба коре.*

ИЧКИЁН* ایچکیان ба истилоҳи асри XV касоне буданд, ки бо вуҷуди аъзои оила набудан, дар хонадони подшоҳ монанди як аъзои оила қабул ёфта бошанд *(Н.).*

ИШВА* عشوه 1. ноз, карашма. 2. *маҷозан* фиреб:

Хуш бош ба ишва гар чи бод аст
Бас оқил к-ӯ ба ишва шод аст.
(Л. М.)

ИШВАДЕҲ* عشوه ده *маҷозан* хушомадгӯй. *(Бӯс.).*

ИШКАМБА اشکمبه халтаи меъдаи ҳайвонот.

ИШКЕЛ اشکیل занҷири оҳанин аст, ки дар даври амирӣ ва подшоҳӣ ба пои бандиён мезаданд;* занҷири пойбанд, завлона.*

ИШТИҲОР* اشتهار шӯҳрат *(Б.).*

ИШТӢ* اشتی чизи лӯндаест калон ё хурдтар, ки аз оҳан, кӯрғошим ё санги кӯҳӣ барои бозӣ месохтанд. Гаҷини ҳамин иштиро қурутмонанд карда, аз гаҷ рехта тайёр менамуданд *(Е. 3—4).*

ИШФОҚ* اشفاق шафқаткунӣ, меҳрубонӣ кардан. **Ишфоқи рутубият**—шафқати тарбиятгарона *(Б.).*

ИШХОР اشخار сӯхтани шӯрагиёҳ аст, ки дар ҷомашӯӣ, рангрезӣ, собунгарӣ ва дигар корҳо ба кор меравад.

ИШҚОР اشقار *нигоҳ кун. ба* **ишхор.**

ИЪТИЛОФ//ЭЪТИЛОФ ائتلاف 1. боҳам омехтагӣ. [2. мусоҳибат, рафоқат. 3. иртибот, алоқа].

ИҒВО اغوا гумроҳ кардан, аз роҳ баровардан.

ИҒЛОҚ اغلاق 1. дар бастан; [пӯшидан (масалан дарро)] 2. бастагӣ.

ИҒМОЗ اغماض чашмпӯшӣ кардан аз коре.

ИҒРОҚ اغراق 1. ғарқ кардан. 2. муболағаи аз ҳад зиёд.

ИҒФОЛ اغفال 1. дар ғафлат мондан 2. фурӯ гузоштан.

ИҚБОЛ اقبال 1. рӯй овардани бахт. 2. умуман рӯй овардан ба чизе. 3. қабул кардан.* **Иқбол намудан** қабул намудан *(Б.).*

ИҚД* عقد шадда ва ҳамеле аз сангҳои қиматбаҳо; гарданбанд. *(Бӯс.).* **Иқди занах** як навъ асбоби зинати занон:

Иқди занах—аз хаи ҷабинаш
В-аз ҳалқаи зулф—анбаринаш.

Занахбандаш аз қатраҳои марворидмонанди арақи ҷабинаш ва гарданбандаш аз ҳалқаи зулфаш буд. (Л. М.)

ИҚЛИД اقلید *арабӣ кардашудаи* **калид.**

ИҚЛИДИС//ИҚЛИДУС اقلیدس номи китобест дар геометрия, ки маъниаш «калиди геометрия» гуфтан аст.

ИҚЛИМ اقلیم як ҳиссае аз рӯи замин *(аз рӯи тақсимоти географияи қадим).*

ИҚНОЪ اقناع 1. қаноат кунонидан. 2 бовар кунондан.

ИҚОЛА* اقاله савдоро вайрон карда молро гардонда ва пулро пас гирифтан (бо ризои харидор ва фурӯшгор). Назар ба эътиқоди савдогарони кӯҳна икола савоб будааст *(Ҷ. 3)*.

ИҚОМАТ اقامت мондан дар ҷое. [истиқомат кардан].

ИҚТИБОС اقتباس 1. оташпора гирифтан. 2. нур гирифтан. 3. порчаеро аз сухани касе дар байни гуфтор, ё таълифи худ бо ном бурдани гӯяндаи он овардан *(маҷоз)*.

ИҚТИРОН اقتران наздикшавӣ.

ИҚТИСОД اقتصاد 1. миёнаравӣ *(дар ҳар коре)* 2. ба хубӣ идора кардани молу мулк.

ИҚТИСОР اقتصار 1. кӯтоҳ кардан; [кӯтоҳӣ]. 2. бар як чиз истодан, [кифоя донистан *чизеро*].

ИҲОНАТ اهانت хор шумордан; [ҳақорат].

ИҶБОР اجبار касеро бо зӯрӣ ба коре водоштан. [маҷбур кардан].

ИҶЛОС اجلاس 1. нишондан. 2. маҷлиси машваратӣ ва мубоҳасагӣ *(ба ин маънӣ маҷоз аст)*.

ИҶОБ//ЭҶОБ ايجاب 1. лозим гардонидан. 2. лозим ва муқаррар кардан.

ИҶОБАТ اجابت қабул кардан.

ИҶРО اجرا ҷорӣ кардан, ба амал овардан, ба ҷо овардан.

ИҶТИМОЪ* اجتماع ҷамъ шудан.

ИҶТИМООНА* اجتماعانه (аз як қисми пули ҷамъкардаашон) талабаҳо барои худ базме ва зиёфате ташкил медоданд, ки ин маросимро «иҷтимоона» меномиданд *(Ҷ. 6)*.

ИҶТИНОБ اجتناب дур шудан ва канора гирифтан аз коре.

К

КАБ کب ҷои беустухони тарафи даруни рӯй ва тарафи даруни гирдогирди даҳон.

КАБАР کبر як хел растании худрӯст, ки мевааш туршмаза ва қобили хӯрдан аст *(дар Уратеппа бисёр мешавад ва ҳам бисёр меҳӯранд)*.

КАБАРБО کبربا оши бо кабар пухташуда.

КАБАС کبس бо пешонӣ ба чуқурӣ рафтан. 2. бо сар пеш омадан.

КАББӢ//КАППӢ* کبی//کپی маймуни сиёҳ. *(Р.)*.

КАБИД I//КАБД کبد ҷигар.

КАБИД II کبید моддаест, ки бо вай мис ва филизоти дигарро бо ҳам кафшер кунанд (пайванд диҳанд).

КАБИР کبیر бузург.

КАБИРА(Т) کبیرة гуноҳи бузург.

КАБИСА کبیسه 1. чоҳ ё ҷӯи бо хок пуркардашуда. 2. сар ба гиребонкашида. 3. вақти барзиёд, ки дар ҳисоби солона дар охири баъзе сол ё дар охири баъзе моҳ дар баъзе сол медароранд. Чунончи, моҳи февраль дар ҳар чор сол 29 рӯз меояд ва ин рӯзи 29-ум кабиса аст, ки аз вақтҳои барзиёди дар чор сол ҷамъшуда рӯидааст.

КАБИЧА کبیچه 1. чорпои зери

даҳонаш варамкарда; 2. белчаи чӯбини пуштхор, ки бо вай ҳар кас пушти худро хорад.

КАБК کبک каклик.

КАБОБ کباب гӯштбирьён (хоҳ дар оташ хушк бо сих ё дар дег таф дода бошанд, хоҳ дар равгани дог).

КАБОБА کبابه тухми як хел растаниест, ки дар баъзе ҷазираҳои Ҳиндустон рӯяд ва дар давоҳо ҳамроҳ шавад. **Кабобаи чинӣ** кабобаест, ки дар баъзе ҷазираҳои Хито рӯяд ва беҳтарини ҷинси кабоба **кабобаи чинӣ** аст.

КАБОИР کبایر (ҷамъи **кабира**): гуноҳҳои бузург.

КАБОР کبار ҳезумкаш.

КАБОРА کباره каҷоваи сабадӣ.

КАБС کبس 1. бо хок пур кардани чоҳ, ҷӯй ва монанди инҳо 2. сар ба гиребон шудан. 3. шабехун задан ба лашкари душман.

КАБШ کبش [гӯсфанди нари ахтакардаи шохдори ҷангара, тагал.

КАБЙ کبی *нигоҳ кун. ба* **каббӣ**.

КАБУД کبود ранге, ки ба ранги нил мемонад, нилгун. **Кабӯд шудан** а) нилгун шудани бадан ба сабаби задан ё дигар чиз ба ягон сабаб. б) сабзидани растаниҳо (*дар маънии дуюм кабӯд—ба маънои сабз аст, ки аз ғалатҳои омиавӣ аст*).

КАБУДГАР کبودگر рангрезе, ки чизҳоро бо нил ранг мекунад.

КАБУДЧАНБАР* کبودچنبر *киноя аз* осмон.

Чун турраи ки кабӯдчанбар
Бар ҷабҳати рӯз рехт анбар.

Яъне, вақте ки шаб шуд. (Л. М.). •

КАБУДЙ کبودی нилгунӣ. 2. сабзавот (*дар ин ҷо* **кабӯд** *ба маънои сабз кор фармуда шудааст, ки аз ғалатҳои омма аст*).

КАБУТАР کبوتر кафтар. **Кабӯтари парпо** кабӯтарест, ки почаҳояш пар дорад. **Кабӯтари хабарбар** кабӯтари дастомӯзест, ки ба пояш мактуб мебанданд ва ба масофаҳои бисьёр дур ва хатарнок мерасонад.

КАВАР کور *нигоҳ кун. ба* **кабар**.

КАВАРЗОР کورزار 1. ҷое, ки дар он ҷо кавар бисьёр рӯяд. 2. номи деҳаест дар Самарқанд, ки дар он ҷо кавар бисьёр мерӯяд.

КАВДАН کودن 1. аспи ёбуи боркашӣ. 2. одами кундфаҳм ва ақлнорасо.

КАВКАБ کوکب ситора. *Ҳофиз гӯяд:*

Кавкаби бахти маро ҳеҷ мунаҷҷим нашинохт.
Ё раб, аз модари гетӣ ба чӣ толеъ зодам.

КАВКАБА کوکبه шукӯҳ ва дастгоҳи подшоҳӣ, ки дар вақти сафар ва аз ҷое ба ҷое рафтан нишон диҳанд.* ҳашамат, шавкат.

Дар кавкабаи ҳусни ту хуршед хазида
(*Навоӣ*)*.

КАВН کون 1. бошиш, ҳастӣ (*дар ҷое*). 2. олами мавҷудот, *дуньё. **Ду кавн** *динӣ*, дуньё ва охират. (*Х.*)*

КАВНАЙН* کونین 1. ду дуньё (*динӣ*).

Болиғназари улуми кавнайн... *он ки аз омӯхтани илмҳои оид ба* *дунёи мавҷуда ва охират доираи назараш пурра шудааст.* (Л. М.) 2. дар ин ҷо дунёи мавҷудоти суварӣ-зоҳирӣ ва мавҷудоти маънавӣ:

> Дар лафзи туст маънии кавнайн мундариҷ,
> Бинад чӣ бар ҳақиқати худ пай пайғамбарӣ?

КАВОЙИФ كوايف кайфиятҳо, чигунагиҳо (**кавойифи аҳвол**—чигунагии аҳвол).

КАВОКИБ* كواكب [ҷамъи кавкаб]; кавкабҳо, ситораҳо. (Б.)

КАВОРА كواره растании сафедпӯсти сустмағзи сустпояи камбарги бадбӯй аст, ки дар регзорҳои беоб рӯяд.

КАД كد *нигоҳ кун. ба маъниҳои* 2—3—4 **кат**.

КАДА كده 1. хона (**оташкада**—оташхона); 2. деҳа (**деҳкада**).

КАДАР كدر 1. тирагӣ. 2. андӯҳе, ки дил ва вақти касеро тира дорад.

КАДБОНУ كدبانو 1. соҳибхоназан, зане, ки дар оила аз ҳама бузургтар ва соҳибихтиёр бошад. 2. хизматгорзан барои ягон зан. 3. хизматгорзани маҳалла, гузар ва деҳа барои занон. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

> Кадбонуи маҳалла, ақлӣ ту хуш шавад
> Гуфтӣ рамузи ошиқони ман ба сад гузар.

(Ду маънии охир маънии зимнии ифода аст).

КАДЕВАР كديور 1. соҳибхона. 2. арбоби деҳ. 3. деҳқон, кишткунанда, “бобон (Л. М.)”

КАДИНА* كدينه 1. тӯхмоқи кудунгарон ва шустагарон. 2. сари гурз:

> Бар ҳар кӣ задӣ кадинаи гурз,
> Бишкастӣ агарчи буд Албурз.
> (Л. М.)

КАДОМ كدام калимаи пурсиш аз ҳар чиз хоҳ шахс ё ҳайвон бошад, хоҳ чизи беҷон (**кадом кас, кадом асп, кадом ҷой**).

КАДОМИН كدامين *нигоҳ кун. ба* **кадом**. «**ин**» *барзиёд аст. Дар ин шакл гуфта шудааст:*

> Кадомин сангдила омӯхт онии тарроӣ...

Яъне, кадом сангдила...

КАДОМӢ(Е) كدامى *шакли маҷҳул—номаълуми* **кадом** (**кадомӣ омад**... *Яъне, як каси номаълум омад*... **кадоме, ки ман ба шумо гуфтам**... *як чиз ё як касе, ки ман ба шумо гуфтам*...)

КАДУ كدو бори растании полизист, ки ду хел мешавад: ошӣ ва чӯбӣ. Ошкадуро хӯранд ва чӯбкадуро ба ҷои зарф кор фармоянд.

КАДУБО كدوبا оши аз каду пухташуда.

КАДУКУБАК كدوكوبك чӯбест ба шакли кадуча миёнковока сӯрохдори дастадор ва думчадор, ки бачагон ба дастаиш ресмон печонда бозуи кушода сар медиҳанд ва дар замин гардиш карда садои гунгос мебарорад.

КАДУНИМА* كدونيمه зарфи шароб, кӯзаи шароб (*аҳли луғат ин калимаро ҳамин тарз маънӣ додаанд. Аммо аз шакли калима ба хотир мерасад, ки бояд* **кадунима** *нимкаду бошад, ки дар вай шароб резанд. Чӯбкадуро аз миён бурида нимаи зеринаш вайро ба ҷои коса корфармоӣ то замони мо давом дорад.* (Р.)

КАДХУДО كدخدا *нигоҳ кун. ба* **катхудо**.

КАДХУДОӢ* كدخدائى 1. хонадорӣ, зандорӣ. [2. сардорӣ, сардори деҳ будан].

КАЁН كيان подшоҳони Эрони қадим, ки ба номи онҳо калимаи «кай» ҳамроҳ буд (**Кайковус, Кайхисрав...**) *муқоиса кун.* **Кай II.**

КАЁНӢ كيانى *мансуб ба* **каён.**

КАЖ كژ *нигоҳ кун. ба* **каҷ.**

КАЖА كژه гӯшпораест, ки дар ҳалқ аст.

КАЖАК كژك *нигоҳ кун. ба* **каҷак.**

КАЖДУМ كژدم ҳашароти думкаҷи думаш банд-банди заҳрдор аст, ки озори нешаш хеле сахт аст, *ақраб.*

КАЖДУМА كژدمه дардест бар сари ангуштон пайдо мешавад ва дар забони зинда **ғилофак** меноманд.

КАЖДУМАК كژدمك оҳанест ду тарафаш каҷ ва тез, ки барои сахт пайванд додани чӯбе ба чӯбе, ё барои сахт кардани пошнаи мӯзаҳои пошнабаланд зананд.

КАЖИН كژين *нигоҳ кун. ба* **каҷин.**

КАЖОНА كژانه пиллаи абрешим.

КАЗЗОБ كذّاب бисёр дурӯғгӯянда.

КАЗИБ كذيب 1. *бардурӯғ.* 2. дурӯғ.

КАЗИМ كظيم хашмфурӯхӯранда (*яъне* нигоҳ доранда ғазаби худро ва худдорикунанда аз қаҳру ғазаб).

КАЗЛАК كزلك кордчаи қаламтарош. кизлик.

КАЗМ كظم хашмфурӯхӯрӣ. [хашм фурӯ нишондан].

КАЗОИШ كزايش *нигоҳ кун. ба* **казой.**

КАЗОФ كزاف *нигоҳ кун. ба* **газоф.**

КАЗОЙ كزاى лоиқ, дархӯра, сазовор. **Казой нест** — сазовор нест.

КАЙ I كى кадом вақт (*пурсиш аз замон*).

КАЙ II كى лақаби якчанд подшоҳони Эрон. *Дар ин ду маънӣ (I—II) Ҳофиз гуфта:*

Бидеҳ ҷоми маю аз Ҷам макун ёд,
Кӣ медонад, ки Ҷам кай буду Кай кай.

Кай-и *якӯм ва саввӯм — кадом вақт, дуввӯм — лақаби подшоҳ).*

КАЙВОН كيوان 1. номи тоҷикии ситораи Зуҳал. 2. ҷои баланди осмон (осмони ҳафтум), ки ҷои ситораи Зуҳал буда, бурҷи наҳс шумурда мешуд. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Айвон фалаку кунгури кайвон рафъат.

ва устод Рӯдакӣ гуфта:

Яке намонд кунун з-он ҳама
бисуду бирехт.
Чӣ наҳс буд! Ҳамона, ки наҳси
Кайвон буд!

КАЙВОНУ كيوانو хизматгорзан, хоҳ хизматгори хусусии ягон зан бошад, хоҳ хизматгори занони деҳа, маҳалла ва гузар, ки дар маъракаҳои тӯй ва азо ба онҳо хизмат кунад (*ин калима аз* **кадбону** *ба ҳамин маънӣ вайрон шудааст*).

КАЙД كيد макр, ҳила, фиреб.

КАЙЁД كياد бисёр ҳилагар, маккор.

КАЙЁЛ كيال бо кайл — ғалла баркашанда; ченкунанда.

КАЙК كيك ҳашаротест сурхчаранги хунмаки хурдтар аз арзан, ки дик-дик мепаррад ва одамро бисёр озор медиҳад. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

З-аввали шаб то саҳар бошест
дар мулки бадан
Кайк раққосиву пашша нойину ман
чангзан.

Кайк дар мӯзаи касе афтодан бекарор шудани касе аз рӯйи додани воқеае, ки эҳтимоли зарар ба ӯ ҳам дорад. (*маҷоз*).

КАЙЛ کیل 1. паймудан, баркашидани ягон чизи вазндор. 2. манак, ки дар вай чизи донагӣ ё обакиро андохта баркашанд. [ченак, андоза].

КАЙНУНАТ کینونت 1. бошиш. 2. мавҷудият.

КАЙФ(А) کیف 1. чӣ гуна (*калимаи пурсиш дар вақти пурсидани чигунагии аҳвол*). 2. ҳолати мастӣ (**кайфи фалонӣ баланд буд** — *яъне, мастиаш баланд буд. Ин маънӣ маҷоз аст*). **Кайфу кам** чигунагӣ ва чанд(ӣ) (*дар фалсафа* сифат ва миқдор). **Кайфа маттафақ** чигуна чизе, ки иттифоқ афтад (яъне тасодуфӣ).

КАЙФАР کیفر подоши амал, мукофот ва ҷазои амал хоҳ нек бошад, хоҳ бад.

КАЙФИЯТ کیفیت чигунагӣ, ҳолат, вазъият ва сифати чизҳо. **Кайфият ва камият** чигунагӣ ва чанд будани чизе (*дар фалсафа* сифат ва миқдор).

КАЙҲО کی ها дер вақт шуд, ки... хеле вақт шуд, ки...

КАЙҲОН کیهان *нигоҳ кун*. *ба* **кеҳон**.

КАКА ککه номи чизҳои ширин ва меваҳои хушк дар забони бачагона.

КАЛ کل 1. сари бемӯ. 2. касе, ки сари ӯ бемӯст. **Кал [кар] додари кӯр** *масали халқ аст, ки дар мавриди* баробар будани ду кас дар ягон сифати бад *гӯянд*.

КАЛАБАНД* کلهبند рӯйбанд, сарандоз.

Лайлӣ калабанд боз карда,
Маҷнун гилаҳо дароз карда.
(*Л. М.*).

КАЛАК کلک 1. нештари рагзанӣ. 2. забони тези бадгап (*маҷоз аст, дар ин маънӣ дар вақте, ки касе аз ҳад зиёд суханҳои тунду тез гӯяд, ба вай мегӯянд:* **калакатро кӯтоҳ кун,** *яъне забонатро дар ком каш ва бисёргап мазан*).

КАЛАЛ کلل парҳои дарози рангин (*масалан, пари товус*), ки барои зинат бар сар ниҳанд ва бар тоҷҳо шинонанд.

КАЛАНД کلند олатест оҳанини гирдарӯйи дастадор, ки бо вай замин гардонанд ва замин кованд. *Дар ин маънӣ Шоҳин гуфта:*

Забон дароз макун бар дили ман,
эй носеҳ,
Ки сад замӣ накалад дар замини
сахт каланд.

КАЛАНДГАРДОНӢ کلندگردانی 1. бо каланд гардонидани замин. 2. ҳирова. (*Ч. 6*).

КАЛАНДИДАН کلندیدن кандан ва шикофтани замин. (*«Бурҳони Қотеъ»*).

КАЛАПУШ کله پوش кулоҳи абра-астари пилтаборик, ки бар сар пӯшанд. **Калапӯш якшоҳа гузоштан** ғурур кардан (*маҷоз*).

КАЛАФ کلف доғҳои тира, ки бар рӯйи баъзе одам пайдо мешавад, доғ.

Чароғи мо фатилаҳои калаф бар
равғани партав тар кард...
(*Бедил*).

КАЛАФМОН کلفمان доғи рӯйи моҳ, ки ба чашми оддӣ менамоянд.

КАЛБ کلب саг.

КАЛБАТАЙН کلبتین *нигоҳ кун. ба* **калбатон.**

КАЛБАТОН کلبتان анбӯри калони ростсар, ки бо вай оҳани гармро аз кӯра гирифта бар сандон нигоҳ доранд.

КАЛБОҒ کلباغ боғе, ки дарахти мевадораш кам бошад, ё набошад.

КАЛИД کلید 1. олатест, ки бо вай қулфро кушоянд. 2. ҳар чизе, ки бо вай чизе кушода шавад. (*маҷоз аст*). *Дар ин маънӣ дар мадҳи касе гуфта шудааст.*

...Калида дари ганҷи дониш туӣ...

КАЛИДГАРДОН کلید گردان як хел фолбинӣ.

КАЛИДДОН کلیددان чоки берунии ғалақаҳои чӯбин, ки барои кушодани он калидро аз он ҷо андозанд (*нигоҳ кун. ба* **ғалақа**).

КАЛИЛ کلیل 1. суст, мондашуда. 2. кундзабон, нобурро гапзананда.

КАЛИЛА کلیله номи шағолест, ки яке аз қаҳрамонони китоби «Калилаву Димна» аст.

КАЛИМ I کلیم [*ҷамъи* **калима**]; калимаҳо.

КАЛИМ II کلیم сухангӯй; ҳамсӯҳбат.

КАЛИМА کلمه сухани маънидор. **Калимаи паспайрав** калимаест, ки дар паси он худи ҳамон калима бо бадал шудани ҳарфи аввалаш ба «п» ё ба «м» такрор меёбад ва калимаи такрорёфта ғайр аз таъкид кардани маънии калимаи асосӣ маънии дигаре надорад (**нон-пон, чон-мон; дил-мил; ҷаҳон-паҳон** *ва монанди инҳо*). **Калимаи пешпайрав** калимаест, ки пеш аз гуфтани он ҳиҷои аввалаш бо бадал карда шудани ҳарфи дуюмаш ба «б» ё «п» (агар ҳиҷои ҳарфи охиринаш сокин бошад) ё бо зиёд карда шудани ҳарфи «б» ё «п» ба вай (агар ҳиҷои яхҳарфаи ҳаракатдор бошад) — гуфта мешавад. *Дар ин шакл Ҳайрат гуфта:*

Як-якка дӯш дур аз он нозанинписар
Дар таппа-тори кулбаи ғам даштам макар.
Як лаҳза таб-тани ғам агар мекашид тӯл,
Меғашт теб-теган ҷон аз бадан бадар.

КАЛИСА کلیسه калисо.

КАЛИСО کلیسا ибодатгоҳи насоро. [ибодатхонаи исавиён].

КАЛКАЛ کلکل беҳудагӯй (*касе, ки гапҳои бемаънӣ бисёр занад, ба вай мегӯянд:* **«бисьёр кал-кал макун»**).

КАЛЛА کله сари одамӣ ва ҳайвонот. **Калла бар калла задан** даъвои баробарӣ ва ҳамсарӣ кардан (*маҷоз*).

КАЛЛАВАРАМ کله‌ورم кундзеҳн, нодон, бефаҳм.

КАЛЛАДОР کله‌دار чизҳои донадона, ки донаҳояш калон бошад (**харбузаи калладор, сабзӣ ва шалғами калладор, биринҷи калладор**).

КАЛЛАК کلک 1. дарахти шохаш бурида. **Каллак кардан** буридани шохҳои дарахт. 2 гандуме, ки хӯшаи вай монанди хӯшаи ҷав хорҳои сӯзанмонанд дошта бошад.

КАЛЛАМАЙНАХУР کله‌مینه‌خور касест, ки худаш шахсан ба дуздӣ намебарояд, аммо молҳои дуздиро ба дуздон об карда (пул карда) медиҳад ва ба ин «хизматаш» аз онҳо расама мегирад. (Ч. I)

КАЛЛАМЕХ کله‌میخ **мехи** чӯбини саркуаӯла, ки дар вай асп банданд.

КАЛЛАМУШ کله‌موش муши калон, ки бо заминковии худ замин ва хонаҳоро аз кор барорад.

КАЛЛАПОЧА کله‌پاچه **Каллапоча кардан** а) як корро ба зудӣ ва сар-саракӣ тамом кардан. б) як одамро ҳалок кардан (*маҷоз*). **Каллапоча шудан** саросема шудан, бесаришта шудан (*маҷоз*).

КАЛЛАХУШК کله‌خشک одами камақли девонамизоҷ.

КАЛЛАҚАНД کله‌قند қанди ба шакли маҳрутӣ рехта, ки тагвасеъ ва сарборик мешавад.

КАЛЛО کلا чунин нест.

КАЛМУРҒ کل‌مرغ каргаси сурхсар аст, ки сараш мӯй надорад.

КАЛОБА کلابه риштаи аз дук ба чарх печонда даста кардашуда.

КАЛОВА کلاوه *нигоҳ кун. ба* калоба.

КАЛОЛ کلال 1. мондагии аъзо. 2. кундӣ ва аз ин ҷумла кундии забон.

КАЛОЛАТ کلالت 1. монда шудан. 2. кунд шудан. **Калолати забон** кунд шудани забон, бурро гуфта натавонистани забон ҳарфҳоро.

КАЛОМ کلام 1. сухан. 2. ҷумлае, ки камаш аз ду калима ба ҳам расида бошад (*термини наҳв*). 3. илмест, ки дар вай аз эътиқодҳои динӣ баҳс кунанд.

КАЛОМӢ کلامی *мансуб ба* калом.

КАЛОН کلان бузург.

КАЛОНГАП کلان‌گپ лофзан.

КАЛОНПОЙ کلان‌پای тавонгар, соҳибсарват.

КАЛОНСОЛ کلان‌سال бисьёртар умрдида (*ин калима нисбатӣ буда, барои калонсол будан пир будан лозим нест. Масалан, бачаи 10 сола нисбат ба бачаи 8 сола калонсол аст, инчунин одами 70 сола нисбат ба 60 сола калонсол аст*).

КАЛОНТАР کلانتر арбоби деҳ ё маҳалла.

КАЛОПЕСА کلاپیسه гардидани чашм аз ҳолати табиӣ ба ҳоли дигар ба сабаби ғазаб ё ба сабаби игон ҳолати рӯҳии дигар.

КАЛОФА کلافه *нигоҳ кун ба* калоба.

КАЛПАТРА کلپتره гапҳои сафсата.

КАЛТА کلته 1. думбурида. 2. кӯтоҳ. 3. табе, ки дар се рӯз ё панҷ рӯз беҳ мешавад, таби кӯтоҳмуддат.

КАЛТАК کلتک чӯбдасти кӯтоҳи сарғафс.

КАЛШОХ کل‌شاخ гови бешох ё кӯтоҳшох.

КАМ I کم андак, *зидди* бисьёр; *зидди* **пур** (*масалан* **ками маро ба ҷои пур бинед**); **Кам гирифтан** тарк кардан ва нест шумурдан (*чизеро*). *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Нӯш кун ҷоми ҷаҳонсӯзу ҷаҳонро кам гир!
Бо ҷавонон биншин, пири муғонро кам гир!

Кам доданро ба ёди баққол овардан сухане гуфтан, ки одами бадкирдор аз он сухан илҳом гирифта кирдори бади худро кам кунад. *Дар ин маънӣ Ҳайрат гуфта:*

Будам танҳо шабе ба он [illegible]
Мегуфт он [illegible] дар худ фара
Бисьёр маро [illegible] хӯб [illegible].
«Кам дидаҳро бо ёди [illegible] овард».

КАМ II كم 1. чанд. 2. бисьёр *(ин ду маънӣ арабӣ аст).*

КАМАНД كمند ресмон ё абрешими тофтаи бо каму печ ва ҳалқадор аст, ки дар ҷанг вайро ба гардани душман андохта асир кунанд, ё асирро бо вай банданд, ё ин ки дар шикор ба гардани ҳайвонот, масалан, ба гардани оҳу андохта вайро ба банд гиранд. *Дар ин маънӣ Шоҳин гуфта:*

Фитод ҳалқаи гесӯ ба рӯи наргиси ту
Чунон ки гардани оҳу касе кашад
ба каманд.

КАМАР كمر 1. миён. 2. каманд. 3. камгоҳи кӯҳ. 4. ҳар чуқурии дарозрӯя, ки дар миёни ягон чиз шуда бошад *(масалан,* камари рӯд ва ҷӯй. Он ҷоест, ки дар миёнаи канори вай об кофтааст). **Камар бар камар** ҳамаи камарҳо(и кӯҳҳо). **Кӯҳҳо камар бар камар пур аз лолаву сабза буданд. Камар бастан ба коре** — қасди кардани он корро кардан. **Ба мубораза камар баст** — қасди мубораза кард; **ба хуни фалонӣ камар баст** — қасди куштани ӯро кард. **Камар кофтан** аз шиками девор, ё ҷарӣ ва ё ин ки замини чуқур рӯ ба рӯи худро кофта рафтан. **Камар шикастан** ғолиб омадан.

КАМАРБАНД كمربند миёнбанди тасмагӣ, ё бофтаи тасмамонанд, ки бар миён банданд.

КАМАРБАСТА كمربسته 1. шогирди пешаваре, ки ба камол расида ва барои ба сари худ кор кардан аз устоди худ рухсат гирифтааст. 2. касе, ки барои кардани коре омода шудааст *(дар ду маънӣ ҳам маҷоз аст).*

КАМАРШИКАН كمرشكن кори душвор, ё масъалаи душвор, ки камари шуғлкунандаи худро мешиканад, ё бори вазнине, ки камари бардорандаи худро мешиканад, яъне зӯр меоварад.

КАМБАР كمبر чизе, ки паҳнои вай кам бошад.

КАМБУДӢ كمبودى нуқсон, норасоӣ.

КАМЗАН كمزن 1. қиморбозе, ки ҳамеша ба камтари аз саркиморӣ ҷамъшуда бозӣ мекунад. 2. камҳиммат *(маънии дуюм маҷоз аст).*

КАМИН I كمين 1. қасди душман, ё сайд аз ҷои пинҳон. 2. ҷои пинҳоне ки аз он ҷо душман, ё ки шикорро дар таги чашм гиранд. **Камин кардан** қасди душман, ё сайд кардан аз ҷои пинҳон.

КАМИН II كمين камқадр, камтарин.

КАМИНА كمينه 1. камарзиш, камқадр *(дар сифати одам меояд хоҳ дар вақти шикасти нафси худ бошад, чунончи Аҳмади калла Дониш гуфта:* **Камина аҳқари худдом Дониши маҳзун...;** хоҳ дар таъзими касе бо шумурдани касони дигарро нисбат ба ӯ «камина» *чунончи гуфта шудааст.* **Камина чокару ӯ подшоҳи подшоҳон.** *2. андак, камтар, кам

Шуде, ки ба камини камина,
Суфтӣ на ман, [illegible]. *(Д. М.)**

КАМИНГОҲ كمينگاه ҷое ки дар он пинҳон шуда ба душман ё ба сайд қасд мекунанд.

КАМИЯТ كميت чандӣ ва миқдори ҳар чиз.

КАМ-КАМ كم - كم 1. оҳиста-

оҳиста, дараҷа ба дараҷа (**кам-кам дуруст мешавад** *оҳиста-оҳиста дуруст мешавад*). 2. андак-андак (**кам-кам медонам** — *андак-андак медонам*).

КАМОБ کم‌آب 1. ҷӯй, ё мамлакате, ки дар он ҷо оби равон кам бошад. 2. мевае, ки таровати вай кам бошад.

КАМОЛ کمال тамомӣ, пуррагӣ. **Аҳли камол** — одамони ба камол расида, соҳиби фазлу дониш. *Дар ин маънӣ Соиб гуфта:*

Аҳли камолро лаби изҳор хомӯшист.
Миннатпазир моҳи тамом аз ҳилол аст.

КАМОМАД کم‌آمد миқдоре, ки аз баркаши аслӣ ё аз шумор ва миқдори аслии чизе кам омада бошад.

КАМОН کمان чӯби хам ё як чизи чӯбмонанди хамдоре аз вай сохташуда, ки ба вай зеҳ баста тир андозанд. ***Камони каёнӣ** — (камони) махсуси подшоҳони Каён. (*Бдс.*) ***Камони Рустам** қавси қузаҳ, ки дар рӯзҳои абри боронии офтобдор дар ҳаво менамояд (*маҷоз*). **Камони касеро кашидан** (дар зӯрӣ, фазлу камол ва дигар сифат баробари ӯ шудан).

КАМОНА کمانه 1. камони дуредгарон, ки зеҳи вайро ба пармаи печонда бо ҳаракат додани он пармаро гардонанд. 2. камони харротон, ки зеҳи вайро ба чӯби тарошида печонда гардонанд. 3. камони наддофон, ки бо задани зеҳи вай бар болои чағбут, ё пашм онҳоро тит кунанд.

КАМОНАБРУ کمان‌ابرو касе, ки абрӯи вай монанди камон хамдор бошад.

КАМОНАК کمانک қисмҳои машинаҳо ва асбобҳои дигар, ки шакли камонӣ дорад.

КАМОНГУРӮҲА کمان‌گروهه *нигоҳ кун.* ба **камонғӯлак.**

КАМОНЧА کمانچه 1. ғижжак. 2. камони ғижжак, ки бо вай ғижжакро навозанд (*ҳар ду ҳам асбоби мусиқӣ*).

КАМОНҒӮЛАК کمان‌غولک камони чӯбин аст, ки бо вай сангчаҳои кулӯларо меандозанд.

КАМОНӢ کمانی *мансуб ба камон* (**шакли камонӣ, кори камонӣ**) *Ҳайрат гуфта:*

Чи тағдеъ аз камону тир он
сайёди дилҳоро,
Ту пайконӣ кун, эй мижгон!
Ту эй абрӯ, камонӣ кун!

КАМОТ کمات занбӯруғ, саморуғ.

КАМОЯНБАҒӢ کماینبغی чунон ки сазовор аст.

КАМОҲӢ کماهی чунон ки ҳақиқат талаб мекунад. *Дар ин маънӣ Ҳайрат гуфта:*

Ба мазмуни дамид аз сафҳаи рӯяш
хати ҳола.
Ки ба моҳияти рухсораш огоҳӣ
камоҳӣ шуд.

КАМПАЛ* کمپل матои мӯйинаи махсус, ки ҳамчун ҷойпӯш, кӯрпа ё палос кор фармуда мешавад, одеяло (Ҷ. 6).

КАМПИР کمپیر пиразани фартут; пиразан.

КАМТАР کمتر бисьёр кам.

КАМТАРИН کمترین 1. чизи бисьёр кам нисбат ба чизҳои дигар. 2. одам, ё чизи камқадр нисбат ба одам, ё чизи дигар (**камтарин-ро** *дар ҳаққи худ дар мавриди шикасти нафс кор мефармоянд*).

КАМӢ I کمی 1. кам будан, *ка-*

Будам танҳо шабе ба он нодиравард
Мегуфт он тозаварди дар худ фард
Бисьёр маро мабӯс агар хоб равам,
«Кам долларо бо ёди баққол овард».

КАМ II کم 1. чанд. 2. бисьёр *(ин ду маънӣ арабӣ аст).*

КАМАНД کمند ресмон ё абрешими тофтан бо хаму печ ва ҳалқадор аст, ки дар чанг вайро ба гардани душман андохта асир кунанд, ё асирро бо вай банданд, ё ин ки дар шикор ба гардани ҳайвонот, масалан, ба гардани оҳу андохта вайро ба банд гиранд. *Дар ин маънӣ Шоҳин гуфта:*

Фитод ҳалқаи гесӯ ба рӯи наргиси ту
Чунон ки гардани оҳу касе кашид
ба каманд.

КАМАР کمر 1. миён. 2. каманд. 3. хамгоҳи кӯҳ. 4. ҳар чуқурии дарозрӯя, ки дар миёни игон чиз шуда бошад (*масалан,* камари рӯд ва ҷӯй. Он ҷоест, ки дар миёнаи канори вай об кофтааст). **Қамар бар камар** хамии камарҳо(и кӯҳҳо). **Кӯҳҳо камар бар камар пур аз лолаву сабза буданд. Қамар бастан ба коре** — қасди кардани он корро кардан. **Ба мубораза камар баст** — қасди мубораза кард; **ба хуни фалонӣ камар баст** — қасди куштани ӯро кард. **Қамар кофтан** аз шиками девор, ё ҷарӣ ва ё ин ки замини чуқур рӯ ба рӯи худро кофта рафтан. **Қамар шикастан** ғолиб омадан.

КАМАРБАНД کمربند миёнбанди тасмагӣ, ё бофтаи тасмамонанд, ки бар миён банданд.

КАМАРБАСТА کمربسته 1. шогирди пешаваре, ки ба камол расида ва барои ба сари худ кор кардан аз устоди худ рухсат гирифтааст. 2. касе, ки барои кардани коре озмуда шудааст *(ҳар ду маънӣ ҳам маҷоз аст).*

КАМАРШИКАН کمرشکن кори душвор, ё масъалаи душвор, ки камари шуғлкунандаи худро мешиканад, ё бори вазнине, ки камари бардорандаи худро мешиканад, яъне зӯр меоварад.

КАМБАР کمبر чизе, ки паҳноии вай кам бошад.

КАМБУДӢ کمبودی нуқсон, норасоӣ.

КАМЗАН کمزن 1. киморбозе, ки ҳамеша ба камтари аз саркиморӣ ҷамъшуда бозӣ мекунад. 2. камҳиммат *(маънии дуввум маҷоз аст).*

КАМИН I کمین 1. қасди душман, ё сайд аз ҷои пинҳон. 2. ҷои пинҳоне ки аз он ҷо душман, ё ки шикорро дар таги чашм гиранд. **Камин кардан** қасди душман, ё сайд кардан аз ҷои пинҳон.

КАМИН II کمین камқадр, камтарин.

КАМИНА کمینه 1. камарзиш, камқадр *(дар сифати одам меояд хоҳ дар вақти шикасти нафси худ бошад, чунончи Аҳмади калла Дониш гуфта:* **Камина аҳқари худдом Дониши маҳзун...**; хоҳ дар таъзими касе бо шумурдани касони дигарро нисбат ба ӯ «камина» *чунончи гуфта шудааст.* **Камина чокару ӯ подшаҳи подшаҳон.** *2. андак камтар, кае

Шӯхе, ки ба ғамзаи камина,
Суфтӣ на яке, ҳазор сина. *(Л. М.)**

КАМИНГОҲ کمینگاه ҷое ки дар он пинҳон шуда ба душман ё ба сайд қасд мекунанд.

КАМИЯТ کمیت чандӣ ва миқдори ҳар чиз.

КАМ-КАМ کم-کم 1. оҳиста-

оҳиста, дараҷа ба дараҷа (**кам-кам дуруст мешавад** *оҳиста-оҳиста дуруст мешавад*). 2. андак-андак (**кам-кам медонам** — *андак-андак медонам*).

КАМОБ کم‌آب 1. ҷӯй, ё мамлакате, ки дар он ҷо оби равон кам бошад. 2. мевае, ки тароватии вай кам бошад.

КАМОЛ کمال тамомӣ, пуррагӣ. **Аҳли камол** — одамони ба камол расида, соҳиби фазлу дониш. *Дар ин маънӣ Соиб гуфта:*

Аҳли камолро лаби изҳор хомӯшист.
Миннатпазир моҳи тамом аз ҳилол нест.

КАМОМАД کم‌آمد миқдоре, ки аз баркашии аслӣ ё аз шумор ва миқдори аслии чизе кам омада бошад.

КАМОН کمان чӯби хам ё як чизи чӯбмонанди хамдори аз най сохташуда, ки ба вай зеҳ баста тир андозанд. ***Камони каёнӣ** — (камони) махсуси подшоҳони Каён. *(Бус.)* ***Камони Рустам** кавси қузаҳ, ки дар рӯзҳои абри боронии офтобдор дар ҳаво менамоянд (*маҷоз*). **Камони касеро кашидан** (дар зӯрӣ, фазлу камол ва дигар сифат баробари ӯ шудан).

КАМОНА کمانه 1. камони дуредгарон, ки зеҳи вайро ба пармӣ печонда бо ҳаракат додани он пармро гардонанд. 2. камони харротон, ки зеҳи вайро ба чӯби тарошида печонда гардонанд. 3. камони наддофон, ки бо задани зеҳи вай бар болои чағбут, ё пашм онҳоро тит кунанд.

КАМОНАБРУ کمان‌ابرو касе, ки абрӯи вай монанди камон хамдор бошад.

КАМОНАК کمانک қисмҳои машинҳо ва асбобҳои дигар, ки шакли камонӣ дорад.

КАМОНГУРӮҲА کمان‌گروهه *нигоҳ кун.* *ба* **камонғӯлак.**

КАМОНЧА کمانچه 1. ғижжак. 2. камони ғижжак, ки бо вай ғижжакро навозанд (*ҳар ду ҳам асбоби мусиқӣ*).

КАМОНҒӮЛАК کمانغولک камони чӯбин аст, ки бо вай сангчаҳои кулӯларо меандозанд.

КАМОНӢ کمانی *мансуб ба* **камон (шакли камонӣ, кори камонӣ)** *Ҳайрат гуфта:*

Чӣ тасдиъ аз камону тир он
сайёди дилҳоро.
Ту пайконӣ кун, эй мижгон!
Ту эй абру, камонӣ кун!

КАМОТ کمات занбӯрӯғ, саморуғ.

КАМОЯНБАҒӢ کماینبغی чунон ки сазовор аст.

КАМОҲӢ کماهی чунон ки ҳақиқат талаб мекунад. *Дар ин маънӣ Ҳайрат гуфта:*

Ба маҷмуи дамид аз сафҳаи рӯяш
хати ҳола,
Ки аз моҳияти рухсораш огоҳӣ
камоҳӣ шуд.

КАМПАЛ* کمپل матои мӯинаи махсус, ки ҳамчун ҷойпӯш, кӯрпа ё палос кор фармуда мешавад, одеяло (*Ч. 6*).

КАМПИР کمپیر пиразани фартут; пиразан.

КАМТАР کمتر бисёр кам.

КАМТАРИН کمترین 1. чизи бисёр кам нисбат ба чизҳои дигар. 2. одам, ё чизи камқадр нисбат ба одам, ё чизи дигар (**камтарин-ро** *дар ҳаққи худ дар мавриди шикасти нафс кор мефармоянд.*).

КАМӢ I کمی 1. кам будан, муқобили бисьёрӣ.* 2. камшавӣ (**камии об ба кишт зарар расонид**).

КАМИ(Й) II کمی диловари силоҳдор.

КАНА کنه ҳашаротест сурхчатоби лӯндаи хурдак, ки дар бадани чорпоҳо ва дар ҷои сернами чорпобандӣ пайдо мешавад.

КАНАБ کنب 1. як хел растание, ки тухмаш равғандор аст, ки аз пояаш ресмон ва риштаҳои бофандагӣ метобанд. 2. ресмоне, ки аз канабпоя тофтаанд.

КАНАБДОНА کنب‌دانه тухми канаб аст, ки аз вай равған мегиранд.

КАНАФ کنف 1. бол, қанот. 2. ҷониб; канор, канора.

* Эй дар канафи дигар хазида,
Ҷуфте ба муроди худ гузида. (*Л. М.*)*

3. ҳифз; паноҳ (**дар канафи ҳимояти касе будан** — дар паноҳи ҳимояти ӯ будан.)

КАНАХОНА* کنه‌خانه яке аз ҳабсхонаҳои сохти амирӣ. (*Ёд.*)

КАНГОР کنگار мори ба тозагӣ пӯстпартофта.

КАНД کند деҳа (*аз* **кат** *ба маънои маконӣ вайрон шудааст*).

КАНДА کنده 1. бурида, гусаста. 2. хандақ, чуқурии дастӣ кофташуда.

КАНДАГУЗОР کنده‌گذار гоҳгоҳ.

КАНДАКОР کنده‌کار наққоше, ки чизҳои сахтро кофта нақш мебарорад.

КАНДАКОРӢ کنده‌کاری нақшҳое, ки дар чӯб, санг, мис, гач ва дигар чизҳои сахт мекананд, [амали нақшканӣ дар чизҳои сахт].

КАНДАН کندن 1. буридан (**алоқаи худро кандан**). 2. гусастан (**гов ресмонро канд**). 3. рамида гурехтан (**фалонӣ бадар канд**). 4. кофтани замин ва ҷӯй (**фалонӣ ҷӯй канд, чоҳ канд**).

КАНДИР کندیر парчаест, ки аз ресмони канаб мебофанд.

КАНДУ* کندو *нигоҳ кун.* ба кунду.

КАНДУК کندوک *бозии бурдубохтии бачагона аст, ки бо донаҳои зардолу бозӣ мекунанд. Дар ин маънӣ Шоҳин гуфта:*

Дӯш бар гӯши ман омад зада
сад кинояту ниш.
Он шағолӣ писари шишагари
кандукбоз.

КАНЗ کنز 1. ганҷ (*арабикардашудаи он*), хазина. 2. номи китобе дар луғати форсӣ. 3. номи китобе дар луғати фиқҳ.

КАНИЗ کنیز 1. зани харидашудаи барои хизмат. 2. парасторзан, хизматгорзан.

КАНИЗАК کنیزک 1. духтараки барои хизмат харидашуда. 2. парасторзанак.

КАНИСА کنیسه ибодатхонаи насоро ва яҳудиён.

КАНИШ کنش кониш.

КАННОС کناس касе, ки хасу хошоки ҳавлӣ ва кӯчаҳоро рӯфта гирифта ба гулхани ҳаммом мебарад, [хаскаш, ахлоткаш].

КАНОИС کنایس [ҷамъи **каниса**]; канисаҳо, ибодатхонаҳои насоро ва яҳудиён.

КАНОР کنار 1. бағал, оғӯш. 2. лаби об, хоҳ ҳавз ва кӯл бошад, хоҳ дарьё ва ҷӯй. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Гар тамошои канори ҷӯ насиби мо
нашуд,
Аз ду чашми худ канори хеш ҷӯе
мекавем.

(*Канори аввал лаби ҷӯй, канори дуввум оғӯш*). 3. гӯшаи ҳар чиз **(канори биёбон)**. 4. тараф ва сарҳадди ягон чиз **(канори вилоят)**.

КАНОРА کناره 1. гӯша. 2. ҷониб. 3. бофтаи тасмамонанд, ки дар канори либосҳо ва бар рӯи чокҳои вай дӯзанд.

КАНОРАГАРД* کناره گرد касе ки худро аз корҳо ба канор мегирад, аз канор гарданда.

КАНОРАГАРДӢ* کناره گردی аз канор гаштан; бероҳаравӣ (*Б.*).

КАНҒОЛА کنغاله 1. хоҳиш, хостгорӣ. 2. хостгории зан, занхоҳӣ. 3. зани сабукпо («Бурҳони Қотеъ»).

КАНҒОЛАБОЗ کنغاله باز ҷавоне, ки барои ба худ зан кардани духтаре бо вай бозӣ мекунад.

КАНҒОЛАБОЗӢ کنغاله بازی диду боздиди домоду арӯс ҳамдигарро пеш аз никоҳи расмӣ.

КАНӢ? کنی куҷост? чӣ шуд?

Қозӣ Қурбонхон гуфта:

...Табақи қима канӣ?
Лангарии ӯгро ку?

КАПАНГ کپنگ либоси намадӣ, ки мардуми фақир дар зимистон пӯшанд.

КАППА کپه чодари пастаки аз латтаҳои оддӣ ё аз бӯрьё сохташуда. **Каппа сӯхтан** буду нобуд аз даст рафтан ё дар мусибати сахте гирифтор гардидан (*маҷоз*).

КАППА II* کپه як андоза аз чизи кӯфташуда, ки ба каф барои ба даҳон партофтан мегиранд.

***Каппа задан** *нигоҳ кун. ба* **каппа кардан. Каппа кардан** чизи кӯфтаеро бо кафи даст ба даҳон ҳаво дода хӯрдан.

КАППОН کپان 1. тарозуи бузурги овеза, ки бо вай ғалла, ғӯза, пахта ва дигар чизҳои калонҳаҷмро баркашанд. 2. бозори болопӯшидаи атрофкушода ё айвони калон, ки дар вай бо тарозуи калони овеза чизҳои фурӯшӣ баркашанд.

КАППӢ* کپی маймун. (*Л. М*).

КАПЧА//КАФЧА کپچه//کفچه бели хурд, хоҳ оҳанӣ бошад хоҳ чӯбин (бо оҳанинаш дар вақти деворзанӣ лой бурида диҳанд, бо чӯбинаш нишалло ва ҳалвоҳои гуногунро дар вақти пухтан қаллоқ зананд).

КАР کر 1. нашунавоии гӯш. 2. касе, ки гӯшаш садоеро намешунавад.

КАРА کره равғани маска.

КАРАБ کرب беором шудан аз андӯҳгинӣ.

КАРАМ I کرم 1. бахшиш. 2. мурувват.

КАРАМ II کرم сабзаи паҳнбарги баргҳояш ба ҳам печида ва часпида, ки дар ошҳо, хусусан дар шӯрбо, ба кор баранд.

КАРАТ کرت бор, дафъа **(як карат гуфтам, ду карат гуфтам**— *як бор гуфтам, ду бор гуфтам*).

КАРАФС* کرفس як навъ гиёҳ ва давое будааст, ки агар одами каждумгазида хӯрад, дарҳол мемурдааст.

Заҳрест ба қаҳр нафс додан,
Каждумзадаро карафс додан.
(*Л. М.*).

КАРАХ كرخ *нигоҳ кун. ба* **карахт.**

КАРАХТ كرخت 1. бехиссии баъзе аъзои бадан, ё тамоми бадан аз сармо, ё ба сабаби дигар. 2. одами камҳуш ва гаранг, ки дар корҳо сустӣ кунад (*маънии дуюм маҷоз аст*).

КАРАХШ كرخش 1. хушкӣ, ки ба рӯи реш ва ҷароҳат дар вақти ба ҳам омадани он пайдо мешавад. 2. оби часпаки хушкида, ки дар даҳон аз шиддати ҳарорат пайдо мешавад. **Карахш бастан** а) хушкидани реш ва ҷароҳат; б) хушкидани даҳон аз ҷиҳати ҳарорат.

КАРАШ كرش *нигоҳ кун. ба* **карахш.**

КАРАШМА كرشمه ишорат бо чашму абрӯ (*аз сифатҳои хубрӯён*).

КАРБ كرب андӯхи сахти гулӯгир ва беоромкунанда.

КАРБОС* كرباس 1. (*дар замони қадим*) умуман номи пӯшокворӣ. 2. порчаи сафеде, ки аз ресмони ҷӯйдорӣ дар дӯкони дастӣ бофта мешавад (*ба ин маънӣ дар замонҳои охир махсус гардид*).

КАРГ كرگ ҳайвони бисьёр калон, аммо аз фил хурдтар, ки дар пешонаи худ як шох дорад.

КАРГАДАН كرگدن *нигоҳ кун. ба* **карг.**

КАРГАС كرگس 1. паррандаест дарозболи лошахӯр.* 2. тири камони қадимӣ (*азбаски пари тирро аз пари каргас мекарданд, ба ин муносибат маҷозан худи тирро ҳам каргас гуфтаанд*). (*Бӯс.*)*

КАРД كرد кор, амал.

КАРДА كرده *сифати феълии замони гузаштаи* **кардан.** 2. ягон кори кардашуда (**ин кардаи фалонӣ**). 3. созиш, ки дар миёни ду кас пас аз даъво ва ҷанҷол оварда шудааст (**ба кардаи фалонӣ ҳар дуи шумо ҳам розӣ шавед**).

КАРИМ كريم бахшанда, соҳибмурувват.

КАРИМА* كريمه 1. *муаннаси* **карим.** 2. духтар. **Каримаи мастура** духтари ҳиҷобдор; духтари покдоман.

КАРМ كرم токи ангур.

КАРНАЙ كرني асбобест сурнайьонанди аз биринҷӣ сохташудаи баландовоз, ки дар машқҳои ҳарбӣ фавҷҳои калонро бо вай фармон диҳанд.

КАРНОЙ كرناى *нигоҳ кун. ба* **карнай.**

КАРОМАТ كرامت 1. бахшиш, эҳсон, карам; мурувваткунӣ, *карамкунӣ, эҳсонкунӣ. 2. иззатмандӣ, бузургворӣ. (*Бӯс.*)

КАРОМОТ كرامات ғайбгӯии рӯҳониён. *(*«кароmот»* [*ҷамъи* **кароmат**], *ки дар бораи шайхҳо мегӯянд, ҳарчанд аз «кароmат» бошад ҳам, маҷозан дар маънии ғайбдонӣ, ғайбгӯӣ ва корҳои аз одатберункунӣ меояд.* (*Бӯс*).*

КАРОН كران 1. канор(аи чизе)* 2. дур аз чизе. (*Бӯс.*)* **Карон то карон** ҳама ҷо.

КАРОНА كرانه 1. канора.* 2. интиҳо, ниҳоят. (*Ҳ.*). **Карона гирифтан** дур шудан.

З-ин ҷуфтаи худ карона гирад.
Бо ҷуфти худ ошьёна гирад. (*Л. М.*)*

КАРОҲАТ کراهت нописандӣ, нафратангезӣ; нафрат.

КАРОҲИЯТ کراهیت *нигоҳ кун. ба* **кароҳат.**

КАРР I کر *нигоҳ кун. ба* **кар.**

КАРР II* کر ҳамла, ҳуҷум.

КАРРА I کره доғҳои сафеди часпак, ки дар нон ва чизҳои дигар аз ҷиҳати нам ва беҳавоӣ пайдо мешавад.

КАРРА II* کره *нигоҳ кун. ба* **карат.**

КАРРАНО* کرنا карнай. (*Б.*)

КАРРАНОЙ کرهنای *нигоҳ кун. ба* **карнай.**

КАРРАТ کرت *нигоҳ кун. ба* **карат.**

КАРРОР کرار бор-бор кунандаи коре, ба такрор кунандаи коре.

КАРРОТ کرات [ҷамъи **каррат**]. 1. борҳо. 2. такрори зарби ададҳо бо худ то 10 (*маънии дуюм термини ҳисоб*).

КАРРУК کروک риштаи аз пахтаи паст, суст ва дағал тофташуда.

КАРТ کرت равғани думбаи обнакардаи бешалҳа ва бегӯшт.

КАРФАШ کرفش калтакалос.

КАРУХ* کروخ номи як деҳа. (*Р.*)

КАРҶ کرج як порчаи камоншакл, ки аз харбуза ё тарбуз ва ё аз равғани думбаи обнакарда бурида мегиранд.

КАС کس 1. одам, шахс. 2. ёр, ёридиҳанда, рафиқ. (**бекас** — беёр, беёридиҳанда, берафиқ).

КАСАЛ کسل 1. суст, мондашуда. 2. бемор (*маънии дуюм маҷоз аст*).

КАСБ کسب 1. ҳосилкунии чизе (**касби илм**); 2. ҳунар ва пеша (*маҷоз*).

КАСБӢ کسبی *мансуб ба* **касб** (*сифате, ки одам ба сабаби таҳсил ба даст даровардааст*).

КАСЕ کسی 1. як одами номаълум (**дар хона касе нест**). 2. як одами зоҳиран номаълуми ҳақиқатан ба гӯянда маълум (*дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Аз сабо бӯи касе меояд,
Магар аз кӯи касе меояд.

КАСИР I کثیر бисьёр.

КАСИР II کسیر шикаста.

КАСИФ کثیف 1. ғафс, ғализ. 2. тира, чиркин.

КАСОД کساد 1. норавоии матоъ, беривоҷӣ ва бехаридории ягон чиз. 2. бозоре, ки дар вай ба чизҳо харидор кам бошад, ё набошад.

КАСОЛАТ کسالت сустӣ, мондагӣ.

КАСОНА* کسانه аз они кас; кироя (Ҷ. 6).

КАСОФАТ کثافت 1. ғафсӣ, ғализӣ; *зидди* **нозукӣ** ва **латифӣ**. 2. тирагӣ, чиркинӣ. 3. наҳсӣ (*маҷоз*).

КАСР کسر 1. шикастан. 2. шикастагӣ. 3. амалест дар ҳисоб, ки адади ноқобили тақсим дорад.

КАСРА کسره ҳаракати зери ҳарфи ҳамсадо, ки бо «и» адо кунанд. [ба бо «и» хонда шудани он ишора мекунад].

КАСРАТ کثرت бисьёрӣ, зиёдӣ, бисьёршавӣ.

КАТ I کت тахти хоб.

КАТ II کت 1. шаҳр (**Панҷакат**). 2. деҳа. 3. хона. 4. умуман бошишгоҳ.

КАТАБА کتبه [ҷамъи котиб] котибон.

КАТАК کتک хоначае, ки дар вай мурғони хонагӣ, кабӯтарони хонагӣ ва монанди инҳоро ҷо диҳанд (*шакли хурдтараки* **кат** *ба маънои хона*).

КАТИБ کتیب навишташуда.

КАТИБА کتیبه 1. ҷое дар девор ё дар ягон ҷои дигар барои ном ё ёдгорӣ навишташуда. 2. ҷое, ки дар девори бино ё ягон ҷои дигар барои навиштан тайёр кардаанд.

КАТИРО* کتیرا самғи ғайри маҳлул. **Катирои суда** як навъи талқон. Аз захираҳои асбоби маош қадре катирои суда доштам. (*Бедил*).

КАТМ کتم 1. пинҳондорӣ, пӯшидадорӣ. 2. пинҳонӣ, пӯшидагӣ.

КАТОН/КАТТОН کتان парчаи (матои) нозукест, ки аз риштаи зағирпоя мебофанд.

*Зи меҳри содагиҳоаш бипарҳез!
Катон дорӣ, аз ин маҳтоб бигрез.
(*Бедил*)

*Ғалати машҳур аст, ки гӯё катон... дар маҳтоб пош мехӯрдааст (медаридааст). Мазмуни ин байт ба ҳамон шуҳрат асос ёфтааст. (Б.).**

КАТОРА کتاره шамшери хурди дудама.

КАТХУДО کتخدا 1. арбоби деҳа, калони деҳа. 2. хонадор, зандор. **Катхудо шудан** зандор шудан, зан гирифтан. *Ба ин маънӣ дар шеъри халқӣ гуфта шудааст:*

Хабар омад, ки ёрам катхудо шуд.
Дилам таркиду ранги каҳрабо шуд.

КАФ I کف рӯи дасту панҷа (**кафи даст, кафи пой**). **Каф бар каф шудан** афсӯс хӯрдан, пушаймонӣ кардан (*маҷоз*).

КАФ(Ф) II کف хубобчаҳои сафеде, ки бар рӯи об ва чизҳои обак пайдо мешавад (**кафи собун, кафи даҳон, кафи беҳ дар нишоллопазӣ, кафи об дар вақти ҷӯшиш, ё тезравӣ**).

***КАФА** کفه *нигоҳ кун.* ба **каффа**.

КАФАК کفک чарми сахтест, ки дар таги мӯза ва кафш дар баробари панҷаи по дӯзанд.

КАФАЛ کفل суруни одамӣ ва ҳайвонот, *сағрӣ (*Л. М.*).

КАФАН کفن парчаест, ки ба мурда дар вақти *гӯронидан* мепӯшонанд. **Кафан пора кардан** шифо ёфтан аз бемории сахти мурданӣ.

КАФГИР کفگیر олатест мисин паҳнрӯи сӯрохдори дастадор, ки бо вай аз дег ошҳои сахтро кашанд ва аз рӯи ошҳои обакӣ кафро гиранд.

КАФИДА کفیده тарқида, шикоф пайдокарда.

КАФИДАН کفیدن худ ба худ тарқиш пайдо кардани чизе.

КАФИЛ کفیل 1. касе, ки дар вақти талаб ёфта додани чизе ё касеро ба зимма мегирад. 2. ӯҳдадор ва ба зиммаи худ гирандаи коре ё вазифае.

КАФК کفک *нигоҳ кун.* ба **каф II**.

КАФЛЕЗ کفلیز ҷумчаи калон, ки бо вай ошҳои обакиро аз дег кашанд.

КАФЛЕЗА کفلیزه *бачаи кур-*

боққа аст, ки ба шакли кафлез думдор мешавад.

ҚАФЛЕЗАК كفليزك *нигоҳ кун. ба* **кафлеза.**

ҚАФОЛАТ كفالت 1. зоминшавӣ барои коре, дар ӯҳдагирӣ кореро. 2. ёфта додани касеро ба ӯҳда гирифтан (бо талаби маҳкама).

ҚАФОНДАН كفاندن 1. таркондан чизеро. 2. аз ҳам ҷудо кардан чизеро (*масалан, ҷӯбро барои ҳезум*).

ҚАФСАН* كفسن ҳаққест, ки аз хирман ғайр аз ҳаққи подшоҳӣ ва авқоф, барои одамони амлокдор ё иҷорадор бароварда мегирифтанд. (Ҷ. 3).

ҚАФТАН كفتن шикоф шудан, таркидан, кафидан. *Дар ин маънӣ Фирдавсӣ гуфта:*

Ҷуз аҳсант аз эшон набуд баҳраам,
Бикафт андар аҳсанташон заҳраам.

ҚАФТАР كفتر паррандаест аз мусича калонтар, ки рангоранг мешавад, кабӯтар.

ҚАФТОР كفتار як хел ҷонвари ваҳшии дарранда.

ҚАФФ كف худдорӣ, боздорӣ.

ҚАФФА//ҚАФА كفه паллаи тарозу.

ҚАФФОРА* كفاره садақаест, ки диндорон барои «пок кардани» гуноҳи худ медиҳанд.

Зинҳор риояти хаммор (майхӯр) маписандед, то ҷаримаи каффора набояд кашед. (*Бедил.*)

ҚАФЧА كفچه 1. сари мор. 2. *нигоҳ кун. ба* **капча.**

ҚАФШ كفش попӯши бесоқ ва бебанд. ***Қафш пеш ниҳодан*** мухайёи пӯшидан карда ниҳодан; хизмат кардан (*ба касе*). ***Қафшро монда патакро пӯшидан*** шитоб кардан барои рафтан ба ҷое (*маҷоз*).

ҚАФШЕР* كفشير *нигоҳ кун. ба* **кафшеркунӣ.* Қафшери гап** чой. (*маҷози махсуси тоҷикӣ*).

ҚАФШЕРКУНӢ كفشير كنى ба ҳам пайванддиҳӣ ва бандкунии шикоф ва сӯрохи филизот бо навшодир ва қалъагӣ.

ҚАФШҚАН كفشكن даҳлиз ё пойгаҳи хона, ки кафшро дар он ҷо кашанд.

ҚАЧА كچه 1. ангуштарини бенигин ва бенигинхона. 2. сангча, шаба, ё чизи дигар, ки вайро дар даст пинҳон карда бозӣ кунанд.

ҚАЧАБОЗӢ كچه بازى бозиест, ки сангча ё шабаро чанд кас ду тараф шуда бо навбат бо дастҳои худ пинҳон кунанд ва тарафи муқобил бояд дар як даст задан ёбад. Марраи бозиро панҷоҳ ё сад қарор медиҳанд, ҳар кадом тараф, ки дар ёфтан худро ба марра расонад, мебарад ва мукофоти шартшударо мегирад.

ҚАЧАЛ كچل 1. каҷпо. 2. бадрафтор. 3. қал.

ҚАЧКУЛ كچكول 1. каду ё косаи ба шакли киштӣ сохташуда, ки қаландарон бар синаи худ банданд ва чизҳои дар гадоӣ гирифтаи худро дар вай андозанд. 2. маҷмӯаест, ки дар вай чизҳои гуногун бошад. (*маънии дуввӯм маҷоз аст*).

ҚАЧКУЛКУНӢ كچكول كنى гадоикунӣ (*маҷоз*).

ҚАШ I كش 1. кашанда (*ба ин маънӣ ба исм ҳамроҳ меояд* **обкаш, ҷафокаш, боркаш**). 2. *амр ба* **кашидан (бикаш!).**

КАШ II* کش сина; бағал.

КАШ III* کش номи қадимаи Шаҳрисабз, ки вайро «Кеш» ҳам мегуфтанд. *(Бёс.)*

КАШАК کشک чўбест, ки бар ду сари вай ду сатилро овехта бо онҳо об кашанд.

КАШАФ کشف сангпушт.

КАШИДА I کشیده 1. *шакли замони гузаштаи нақлии* **кашидан (кашида рафт)**. 2. чизе ки вайро баркашида бошанд.

КАШИДА II کشیده ҷойпўш ё парчаи дигаре, ки дар вай гул дўхта бошанд.

КАШИДАДЎЗ کشیده دوز дўзандаи кашида.

КАШИДАДЎЗӢ کشیده دوزی дар ҷойхоб ё дар ягон парчаи дигар гулдўзӣ кардан.

КАШИДАН کشیدن 1. ба тарафи худ овардан ё наздик кардани чизе (*манфиатро, одамиро, дуди чилим ва папиросро, бароварданu об аз чоҳ ва монанди инҳо*). 2. нақл кардани чизе аз ҷое ба ҷое (боркашӣ). 3. рехтани чизҳои обакӣ ба коса ё пиёла барои нўшидан. 4. гирифтани ош аз дег бар табақ барои хўрдан.

КАШИК کشیک посбонӣ.

КАШИКДОР کشیکدار посбони шаб.

КАШИН* کشین *нигоҳ кун. ба* **қаҷин (абрешим)** *(Ч. О. О)*.

КАШИШ I کشش ба тарафи худ кашидани чизе.

КАШИШ II کشیش рўҳонии насрониён (христианҳо).

КАШИШДОР کشش دار ҳар чизе ки дар кашидан ёзад (*монанди резина*).

КАШК کشک *нигоҳ кун. ба* **кашкос**.

КАШКОС کشک آس осиёе, ки бо як хар ҳаракат кунад.

КАШКАШОН* کشکشان кашола карда, кашон-кашон. ***Кашкашон бурдан** а) кашола карда ба ҷое бурдан (*касеро ё чизеро*). б) бо зўрӣ ба ҷое бурдан (*касеро ё чизеро*).

КАШКОБ کشکاب ошест, ки аз ҷувории нокўфта пазанд ва бо ҷуғрот хўранд.

КАШКЎЛ کشکول *нигоҳ кун. ба* **качкўл**.

КАШМАКАШ کشمکش *нигоҳ кун. ба* **кашокаш**.

КАШНИЗ کشنیز сабзаест бўйдор, ки бо таомҳо хўранд.

КАШНИҶ کشنیج *нигоҳ кун. ба* **кашниз**.

КАШОВАРЗ کشاورز деҳқон.

КАШОКАШ کشاکش талош ва ҷанҷоли чанд кас бар болои чизе ё масъалае.

КАШОЛ کشال дароз. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

> То лаби гўр дилкашолам бурд
> Оқибат ваъдаи кашоли шумо.

Кашола додан дароз кардан. [ба таъхир андохтан(*и коре*)].

КАШОЛА کشاله **Кашола кардан** а) ба замин расонда кашида бурдан(*и одам ё чизе аз ҷое ба ҷое*). б) кашол додан. **Кашола шудан** *ба касе ё чизе* аз думболи касе ё чизе рафтан.

КАШОЛАКОРӢ کشاله کاری як корро ба зудӣ анҷом надода деркашонӣ.

КАШОН کشان дар ҳолати кашидан, кашолакунӣ. *Дар ин маъна гуфта шудааст.*

> ...Расан ба гарданам оранд
> бар дари ту кашонӣ.

(яъне кашолакунон).

КАШОНДАН کشاندن нақл кардани чизе аз ҷое ба ҷое ба воситаи асбобҳо (боркашонӣ).

КАШОН-КАШОН کشان ـ کشان *нигоҳ кун. ба* **кашкашон**. **Кашон-кашон бурдан** — кашолакунон бурдан; ба зӯрӣ бурдан.

КАШФ کشف 1. пардакушоӣ. 2. дарёфтани ягон чизи пинҳон *(хоҳ маъданҳо бошад, хоҳ сирҳои илмӣ ё розҳои пинҳонӣ)*.

КАШША کشه чизест, ки аз лух бофанд ва дар болои ҳар гузошта дар вай пору, хок ва монанди инҳоро андохта кашонанд.

КАШШОФ کشاف 1. бисьёр дарьёбанда, [кашфкунанда]. 2. бисьёр пардакушоянда. 3. номи тафсирест, ки Қуръонро шарҳ медиҳад.

КАШШУК کشوک *нигоҳ кун. ба* **кашша**.

КАЪБ کعب 1. буҷҷули пой. 2. умуман устухони буҷҷул, ки бо вай қимор бозанд. 3. масоҳати чор атрофи ягон чиз. 4. чилолаки табақ, коса, пиёла *ва монанди инҳо*. 5. устухони чорраҳ, ки бо вай нард бозанд.

КАЪБАТАЙН کعبتین ду донаи устухонӣ, ки бо вай нард бозанд.

КАҲ که *нигоҳ кун. ба* **коҳ**.

КАҲАНА کهنه ҷамъи коҳин; [1. рӯҳониёни бутпараст]. 2. ҷодугарон.

КАҲАР کهر рангест махсуси асп, ки зардчаи сафедтоб мешавад (самандӣ пастранг).

КАҲГИЛ کهگل *нигоҳ кун. ба* **коҳгил**.

КАҲДОН کهدان *нигоҳ кун. ба* **коҳдон**. **Гӯсола каҳдон холӣ мекунад, бача пондон.** *Аз масалҳои халқ аст.*

КАҲДУД کهدود *нигоҳ кун. ба* **коҳдуд**.

КАҲИЛ کحیل 1. сурмадор. 2. сурмакашида.

КАҲКАШОН کهکشان *нигоҳ кун. ба* **коҳкашон**.

КАҲЛ کهل марди миёнасоли ба ришаш сафедӣ афтода.

КАҲРАБО کهربا *нигоҳ кун. ба* **коҳрабо**.

КАҲРАБОРАНГ کهربارنگ 1. ранги зардча. 2. одами аз беморӣ ё аз бисьёрии андӯҳ рангаш парида.

КАҲФ کهف 1. паноҳ. 2. ғор.

КАҲҲОЛ کحال 1. сурмакаш 2. сурмасоз; сурмасой. 3. сурмафурӯш.

КАЧ کج ҳамвор, норост; *зидди* **рост**. **Кач дору марез** корҳои зидди якдигар, фармонҳои зидди якдигар, ки барои замонасозӣ кунанд. **Кач(ч)у килеб** роҳ ва ё чизи дигар, ки хаму печи бисьёр дошта бошад.

КАЧАК کجک 1. чангчаи филбонон,* ки бо вай филро идора мекунанд.

> Қишти айём кунад фили ҳаводис
> пимол,
> К-аз кафи ростӣ афтода дар ин
> арса качак.
> *(Бедил)**.

2. мӯе ки аз пеши гӯш ба рухсора фаровардаи нӯгашро кач бурида мегузоранд.

КАЧБАҲС کج‌بحث одами инодкор дар мунозара ва мубоҳисаҳо.

КАҶДАСТ کجدست дузд (*маҷоз*).

КАҶИН کجین абрешими дараҷаи дуйӯм аст, ки аз пилла мекашанд (*дараҷаи якӯмро* **ҷортор** *меноманд*).

КАҶКУЛОҲ کج کلاه 1. касест, ки аз ғурур калапӯш ё кулоҳи худро бар сар якшоха мегузорад. 2. маҳбуб (*маънии дуйӯм маҷоз аст*).

КАҶОБА کجابه *нигоҳ кун. ба* **каҷова.**

КАҶОВА کجاوه ду қуттӣ ё ду сабади бо ресмон ё тасма бо ҳам баста, ки бар болои шутур гузошта ду кас дар дуи онҳо нишаста сафар кунанд, ё мева ва чизҳои дигарро ба онҳо андохта бар хару асп бор кунанд.

КАҶФАҲМ کج فهم касе, ки маънии ҳар суханро каҷ мефаҳмад ва маъниҳои нодуруст медиҳад.

КАҶФАҲМӢ کج فهمی ғалатфаҳмӣ.

КЕБИДАН کیبیدن 1. ибо кардан (*аз тарс*) 2. тарсидан (*маҷоз*).

КЕМУХТ کیمخت чармест донадор, ки аз пӯсти сағрии хар месозанд.

КЕМУХТӢ کیمختی *мансуб ба* **кемухт (кафши кемухтӣ,** *ё ин ки кемухтмонанд. Чунонки анҷири сиёҳи пӯсташ донадорро* **кемухтӣ** *гӯянд, ба сабаби монанд будани вай ба кемухти сиёҳ*).

КЕНГАШ کینگس//کنگش машварат, маслиҳатбинии чанд кас (*туркист*).

КЕНГОҶ کینگاج *нигоҳ кун. ба* **кенгаш.**

КЕНД کند *нигоҳ кун. ба* **канд.**

КЕНТ کنت *нигоҳ кун. ба* **канд.**

КЕШ کیش 1. одат, атвор. 2. дин, мазҳаб. 3. қоида ва дастури пешгирифтаи касе ё гурӯҳе дар муомалоти иҷтимоӣ.

КЕҒ کیغ чирки гӯшаҳои чашм, ки дар вақти озори чашм, ё дар бемории дигар пайдо мешавад.

КЕҲ* که хурд, майда; *зидди* **меҳ.** **Кеҳон** хурдон. (*Бӯс.*).

КЕҲИН* کهین хурдтарин.

КЕҲИНА* کهینه *нигоҳ кун. ба* **кеҳин.**

КЕҲОН کهان ҷаҳон.

КЕҲТАР کهتر хурдтар, майдатар; *зидди* **меҳтар.**

КЕҲТАРИН* کهترین хурдтарин(и одамҳо).

КЕҲТАРӢ** کهتری хурдӣ. (*Бӯс.*).

ҚИБАР کبر [1. бузургӣ]. 2. калонсолӣ, пирӣ.

КИБОР کبار (*ҷамъи* **кабир**); бузургон.

КИБР کبر худро бузург нишондиҳӣ, [такаббур] (*аз сифатҳои одамӣ*).

КИБРИЁ کبریا бузургӣ.

КИБРИТ کبریت *1. олтингӯгирд.

> Рафт чун симоб ором аз дилат.
> Ганда чун кибрит шуд обу гилат.
>
> (*Бедил*)*.

2. гӯгирд.

КИБС کبس хоке ки бо вай чоҳ ва монанди онро пур кунанд.

КИЁ کیا 1. паҳлавон. 2. соҳиб. 3. покиза.

КИЁН کیان киҳо, кадом касҳо? *(пурсиш)*.

КИЁСАТ کیاست 1. зиракӣ 2. доноӣ.

КИЗБ کذب дурӯғ.

КИЛК کلک 1. най миёнхолии сахт, ки аз вай қалам созанд [2. қалам].

КИЛОБ کلاب [ҷамъи калб]: сагҳо.

КИМИЁ کیمیا 1. илмест афсонавӣ, ки гӯё бо вай мис ва қалъагиро тилло ва нуқра месохтаанд. 2. илмест пурманфиати ҳозира, ки бо вай аҷзо ва қисмҳои таркиби чизҳоро донанд ва бо таҳлил кардани моддаҳо онҳоро аз ҳоле ба ҳоле гардонанд.

КИМИЁГАРӢ کیمیاگری кори каммеҳнати пурманфиат *(маҷоз)*.

КИМОД کماد гарм кардани ягон узви бадан бо чизи дар оташ тафсонда, *масалан, бо сабӯси бирьён, санги тафсон ва ғайра.*

КИМХО کمخا парчаи зарбафти фабрикии дар хубӣ дараҷаи дуйӯм.

КИМХОБ کمخاب *нигоҳ кун. ба* кимхо.

КИН I کین *нигоҳ кун. ба* кина II *(кӯтоҳ кардашудаи* кина II).

*Кин аз ҳама кас фитнасамар
мебошад.
Лек аз уқало тундсар мебошад...
*(Бедил)**

КИН II کاین *сабук кардашудаи* ки ин.

КИНА I کینه дарди шиками бачагон.

КИНА II کینه душмание ки нисбат ба касе дар дил дошта мешавад.

КИНАВАР کینه ور касе, ки дар дил кина дорад, соҳибкина.

КИНАКАШ کینه کش ба бадӣ бо бадӣ муқобилаткунанда, [кинахоҳ].

КИНАТУЗ* کینه توز кинакаш, кинаҷӯй. *(Бӯс.)*.

КИНАХОҲ کینه خواه *нигоҳ кун. ба* кинакаш.

КИНГОЛА کنگاله *нигоҳ кун. ба* канғола.

КИНОС کناس ҷои хоби оҳу ва ғавазн.

КИНОЯ کنایه 1. сухане, ки дар вай мақсади ҳақиқӣ пӯшида бошад. 2. чизеро ба чизе дар зеҳн монанд карда, он чизро бар забон наёварда, чизи ба вай монанд кардашударо ба ҷои вай овардан. *Масалан:*

Лӯлӯъ аз наргис фурӯ борид-у гулро
об дод.

Дар ин мисраъ ашкро ба дурдона, чашмро ба наргис ва рӯйро ба гул монанд карда ин чизҳоро партофта, ба ҷои онҳо лӯлӯъ, дурдона, наргис ва гулро овардааст. Хулосаи маънии байт «гиря кард» гуфтан аст.

КИРД کرد *нигоҳ кун. ба* **кард.**

КИРДОР کردار 1. тарзи амал ва кор. 2. тарз ва равиши касе.

КИРМ کرم ҳашароти нармбадани беустухони хазандааст, ки дар замин, дар растаниҳо, дар лойдонҳо, дар меваҳо, дар ҷойҳои мурдор, дар гӯшт пайдо мешавад.

КИРМАК کرمک кирми пилла аст, ки баъд аз чиҳил рӯз барги тут хӯрдан аз даҳони худ тори абрешим бароварда дар гирдогирди худ пилла метанад.

КИРМАКДОРӢ کرمکداری парвариши кирми пилла.

КИРО کرا ба иҷорагирии чорпоён барои саворӣ, ё кори дигар, иҷора (*масалан, иҷораи гов барои заминронӣ, ароба ё шутур барои боркашонӣ*) ***Кирои чизе намекунад** намеарзад. ***Кирои гап задан намекунад** ба гап задан намеарзад.

КИРОКАШ کراکش касест, ки чорпоёни худро ба киро дода равандагонро аз ҷое ба ҷое мебарад. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Дидам азияте зи ҷафоаш ки рӯзи ад
Бар халқ аз ҳуҷум кирокаш намерасад.

КИРОМ کرام [ҷамъи **карим**]; 1. бахшандагон, соҳибмурувватон. 2. бузургон. 3. азиз, мӯҳтарам.

КИРОМӢ//ГИРОМӢ* کرامی // گرامی азиз.

Фарзанд — Муҳаммади Низомӣ,
Он бар дили ман чу ҷони киромӣ. (*Л. М.*)

КИРОР کرار борҳо.

КИРОЯ کرایه ба иҷора гирифтани чорпоён.

КИРОӢ کرایی 1. *мансуб ба* **киро**; ба кироя гирифташуда (**аспи кироӣ, аробаи кироӣ**). 2. арзишдор. **Кироӣ нест** арзиш надорад.

КИРЬЁ کریا тахтачаи оҳанини серсӯрох, ки сӯрохҳояш фарох ва танг мешаванд ва аз он сӯрохҳо лӯлаҳои тилло ва нуқраро гузаронда кашида ба тадриҷ борик мекунанд. *Нигоҳ. кун. ба* **кирьётахта**.

КИРЬЁС کریاس 1. болохона. 2. дарбори подшоҳон.

КИРЬЁТАХТА* کریاتخته тахтаест аз пӯлод, ки сӯрохҳои калону хурд дорад. Дар заргарӣ тилло ва нуқраро аввал гудохта ба шакли сими ғафс мерезанд ва баъд аз он симро аз сӯрохҳои ҳамон тахта гузаронида, кашида ба қадри матлуб борик мекунанд. Дар заргарӣ ана ҳамин асбобро «кирьё» мегӯянд, ё ки «кирьётахта» меноманд ва амалиёти борик гардонидани симҳои ғафси тилло ва нуқраро «симкашӣ» мегӯянд (Ч. 6).

КИСА کیسه 1. халтачае, ки дар ягон ҷои либос дӯзанд (барои пуландозӣ). 2. халтачае, ки бо вай дар ҳаммом худро пок кунанд. 3. ҷуволча (*дар забони зиндаи тоҷикӣ танҳо ба маънии якум кор фармуда мешавад*). **Кисаи касеро холӣ кардан** *ба кадом роҳе, ки бошад (бештарин бо роҳи фиреб)* пули он касро тамом гирифтан.

КИСАБУР کیسه‌بر дузде, ки дар бозорҳо ва ҷоҳои серодам чизи мардумро, бештарин, пули дар киса доштаи онҳоро, медуздад.

КИСАКАСАЛ کیسه کسل *нигоҳ. кун. ба* **кисаҳолӣ** (*маҷоз аст*).

КИСАКОВАК کیسه کاوک дар вақти гум шудани чизи хурд аз иксар кофта дидани кисаҳои гумонбарон.

КИСАСӮРОХ کیسه‌سوراخ одами бадхарҷи исрофкор.

ҚИСАХОЛӢ کیسه‌خالی одами *бепул.*

КИСВАТ کسوت пӯшокӣ, *пӯшок, *либос.*

Аз айба (ҷомадон) кушода кисвати нағз
Пӯшид дар ӯ за пой то мағз. (*Л. М.*)

Кисвати фонуси хафо пӯшидан— *киноя аз вафот намудан. (Б.)*

КИТЕБ کتیب [имолаи] **китоб.**

КИТМОН کتمان 1. пинҳондории роз; [пинҳон доштан. 2. пинҳон; махфӣ будан].

*Сирри ҳақ рафт пеши пардаи китмону зи ишқ
Ба гил андуда дури махзани асрор бимонд.
(*Навоӣ*)*

КИТОБ کتاب навиштаҷоти варақҳои ҷилдшуда.

КИТОБА کتابه *нигоҳ кун, ба* **катиба.**

КИТОБАТ کتابت навиштан.

КИТОБӢ کتابی *мансуб ба* **китоб.**

КИТФ کتف сари шонаи бадан.* *(дар «Шоҳнома» ба шакли «кифт» ба тарзи талаффузи тоҷикӣ кор фармуда шудааст, на ба шакли «китф» ба тарзе ки дар адабиёт кор фармуда мешавад. (Ф.)**

КИФОФ کفاف 1. андоза. 2. он қадар даромад ё маош, ки ба хароҷот расад ва кифоя кунад ва аз эҳтиёҷот барорад;* дороии ба қадри кифоя *(Бҷс.)**

КИФОЯТ کفایت 1. басандагӣ, [2. қобилият], ӯҳдабарой (**бекифоят — ноӯҳдабаро**).

КИХ کخ номи чизҳои мурдор дар забони бачаҳои хурд.

КИЧИРӢ کیچری ошест аз мошу биринҷ, ки монанди шӯла ғафс мепазанд.

КИШ کش 1. номи ҷонварест, ки аз пӯсташ пӯстин созанд. 2. пӯстини аз пӯсти киш сохташуда. 3. калимаест, ки дар вақти рондани мурғони хонагӣ гӯянд.

КИШВАР کشور мамлакат.

КИШОВАРЗ کشاورز *нигоҳ кун, ба* **кашоварз.**

КИШТ I کشت 1. тухмпошӣ дар замин, коштан. 2. ҷои кишташуда.

КИШТ II کشت донаронӣ ба тарафи шоҳ ба тарзе, ки агар ба ҷои шоҳ донаи дигар бошад, дар бозии дуюм зада гирифта шавад *(термини шатранҷбозӣ)*. *Аммо дар истилоҳи омма* **кишт хӯрдан** *киноя аз таъқиб* дидани касест аз тарафи касе, ё аз тарафи ҳукумат (*Ҷ. 1*).

КИШТВАРЗ* کشتورز коранда (Ҷ. 10).

КИШТГОҲ کشتگاه ҷои кишт.

КИШТЗОР کشتزار ҷое, ки дар он чизҳои кишта бисёр аст, [мазраа].

КИШТИБОН کشتی‌بان сардори киштӣ.

КИШТУКОР کشت و کار деҳқонӣ, заминкорӣ.

КИШТӢ کشتی 1. чизест, ки дар вай нишаста ба дарёҳо сафар кунанд ва аз обҳои равони калон бо вай гузаранд. 2. косаи шаробнӯшӣ, ки ба шакли киштӣ сохта бошанд. **Киштии бодӣ** киштиест, ки бо бодбон ҳаракат мекунад. **Киштии оташӣ ё бухорӣ** киштиест, ки бо бухор ҳаракат мекунад, пароход. **Киштии ҳавоӣ** аэроплан.

КИҲ که *нигоҳ кун. ба* **кеҳ**; (одами) хурд.

КИҲИН کهین *нигоҳ кун. ба* кеҳин.

КИҲИНА کهینه *нигоҳ кун. ба* кеҳин.

КИҲОН کهان *нигоҳ кун. ба* кеҳ(*он*).

КИҲТАР کهتر *нигоҳ кун. ба* кеҳтар.

КИҲТАРИН کهترین *нигоҳ кун. ба* **кеҳтарин**.

КИЧЧА کچه кирмчаи ҳалқамонанд, ки дар обҳои истодаи кӯҳна ва чиркин пайдо шавад.

КОБИН کابین пуле, ки дар замони пеш аз тарафи домод ба тарафи арӯс дар вақти никоҳ дода мешуд ва ё доданашро домод ба гардан мегирифт.

КОБУС کابوس ҳолати бимнокӣ, ки одамро дар хоб рӯй медиҳад, фарьёд кардан ва гурехтан мехоҳад, аммо наметавонад (*дар забони зинда* **сиёҳпахшкунӣ** *мегӯянд*).

КОВА کاوه оҳангаре буд, ки касаба ва майдафурӯшандагонро ғун карда ба муқобили Заҳҳок хуруҷ кард.

КОВИДАН کاویدن кофтан.

КОВИЁН//КОВИЁНӢ کاویان// کاویانی *мансуб ба* **Кова** (*нигоҳ кун. ба* **Кова**). **Ковиёнӣ дирафш//дирафши ковиёнӣ** байрақи Кова аст, ки пешгири пӯстини оҳангарии худро ба чӯбе дӯхта дар вақти шӯриш бардошта буд ва он барои Фаридун ва подшоҳоне, ки баъд аз ӯ дар Эрон ҳукмронӣ карданд, байрақи давлатӣ гардид.

КОВИШ کاوش 1. заминканӣ барои ёфтани осори атиқа ё моддаҳои маъданӣ [2. кофтан; кофтукоб].

КОВ-КОВ کاو-کاو кофтукови ҷойҳои гуногун барои ёфтани чизе.

КОВОК کاواک миёнтиҳӣ, [даруни холӣ].

КОЖ کاژ 1. каҷчашм (аҳвал). 2. як хел дарахти санавбари хурдтана.

КОЗА کازه хонае ки дар сари кишт ё боғ аз най ва ё шохи дарахт сохта бошанд, *чайла (Ҷ. 6).

КОЗАРӢ//КОЗУРӢ* کازری шустагарӣ. Козарӣ аз ҷомашӯии оддӣ, ки дар ҳар хонадон либосҳои пӯшида чиркин кардашударо мешӯянд, фарқи калон дорад. Козарӣ як касби ҷудогона аст, ки вайро дар забони ҳозираи тоҷикӣ шустагарӣ мегӯянд, на ҷомашӯӣ. Дар козарӣ либосҳои навбофтаро бо тарзҳои махсус шуста ва кӯфта (зада) сафед ва суфта мекунанд... (Ҷ. 10).

КОЗИМ کاظم фурӯхӯрандаи хашм.

КОИД کاید маккор, фиребгар.

КОИН کاین// کائن 1. бошанда. 2. мавҷуд, махлуқ.

КОИНОТ کاینات [*ҷамъи* **коин**]; ҳамаи мавҷудот ва махлуқот.

КОК کاک нони тунук.

КОКУЛ کاکل// کاکول 1. мӯи миёнаи сари одамӣ, ки дароз гузоранд. 2. мӯи миёнаи ду гӯши асп, ки ба пешониаш меафтад.

КОКУЛА کاکله// کاکوله пӯчоқи ғӯза (пахта).

МАКҲУЛ مکحول сурманок, [сурмакашида].

МАЛАКА ملکه қувватест барои кардани коре, ки аз бисьёр кардани он дар табиати одам ҷойгир мешавад.

МАЛАХ ملخ ҳашароти паррандаест, ки киштҳоро хӯрда хароб мекунад.

МАЛБУС ملبوس пӯшокӣ.

МАЛЕҲ ملیح намакин (*бештарин дар сифати одам ва сухан оид*).

МАЛИК ملك подшоҳ.

МАЛИКА ملیکه 1. подшоҳзан. 2. зани подшоҳ.

МАЛИКОНА* ملکانه шоҳона. (*Р.*).

МАЛЛОҲ ملاح киштирон.

> *Охир он машварат нашад салоҳ,
> Чун ба тадбири киштиву маллоҳ.
> (*Бедил*).

МАЛО* ملا 1. ошкоро. 2. анбӯҳи мардум.

> *Мағӯ он чи гар бар мало ӯфтад,
> Сухангӯ аз он дар бало ӯфтад.
> (Бӯс).*

МАЛОМАТ ملامت сарзанишкунӣ касеро ба сабаби ягон кори нописандаш.

МАЛОҲАТ ملاحت бонамакӣ (*бештарин дар сифати ҳусн оид.*)

МАЛҲУЗ ملحوظ 1. ба гӯшаи чашм нигаристашуда, ба назар дошташуда. 2. дар мулоҳаза дошташуда.

МАЛҶАЪ ملجأ паноҳгоҳ.

МАМАР ممر гузаргоҳ, роҳ.

МАМЛАКА مملکه як қисм заминҳо, ки дар замони амир аз ҳосилоти онҳо расман аз даҳ чор молиёт мегирифтанд (аммо дар ҳақиқат ҳамаи ҳосилоташро ба подшоҳӣ мегирифтанд).

МАМЛАКАТ مملکت як кишвари ба як давлат нигоҳкунанда.

МАМЛУ مملو пур кардашуда; [пур].

МАМЛУК مملوك ғулом, банда, ки харида гирифта бошанд (*дар замони ғуломдорӣ*).

МАМНУН ممنون 1. миннатдор (*аз неъмат, ё аз некии касе*). 2. сершавӣ аз таоми касе (*маънии дуюм маҷози тоҷикист*).

МАМОЛИК ممالك [ҷамъи **мамлакат**]; мамлакатҳо.

МАМОТ ممات марг; *зидди* ҳаёт.

МАН I من 1. ҷонишини исм аст, ки ҳар кас бо ин калима аз худ таъбир кунад (**ман омадам, ман рафтам**).

МАН II من номи баркашест, ки дар ҳар мамлакат миқдораш дигар аст (*масалан, дар Бухоро ҳар ман аз 128 килограмм андак зиёдтар*).

МАНАК منك зарфи баркашӣ, ки бо вай монанди ғалладона чизҳои пошхӯрандаро ва монанди равғани чизҳои обакиро бармекашанд (*чунончи дар деҳот гандумро бо сағун ё ғалбер ва равғанро бо кадучаи сарбурида бармекашанд, ки дар онҳо чи миқдор ғунҷидани аз ин чизҳо муайян карда шудааст*).

МАНАҲ* منه занах (*Ч. 6*).

МАНБАЪ منبع 1. чашма. 2. баромадгоҳи ҳар чиз (*маънии дуюм маҷоз*).

МАНД مند соҳиб (*ин калима ҳа-*

меша бо исм меояд: **мустаманд, ҳоҷатманд, зӯрманд, давлатманд).**

МАНДАЛ* مندل 1. доирае ки ҷодугарон ба атрофи худ кашанд ва дар миёни он нишаста хонанд 2. дар забони ҳиндӣ номи як навъ нақора. *Шоир (Бедил) дар ин ҷо ҳар дуи ин маъниҳоро ҳам дар назар гирифтааст:*

Ғулғулаш ҳар кучо дамида фусун,
Бодпаймост мандали гардун.

МАНЗАР منظر 1. ҷои назарандозӣ. 2. болохонае, ки аз даричаи вай ба рӯи хона ё рӯи ҳавлӣ назар андохта шавад.

МАНЗАРА منظره 1. намуди табиии кӯҳҳо, даштҳо, марғзорҳо ва монанди инҳо, ки ба назари одам менамояд. 2. намуди ягон воқиа, ки бинанда вайро дар зеҳни худ ба шакли як лавҳаи тасвирӣ тасаввур мекунад.

МАНЗУР* منظور 1. ба назар намоён.

Биншаст ба зери нахли манзур
Омоҷгаҳи дадон аз ӯ дур.
(Л. М.)

2. мақбул, қабулшуда, писандида.

МАНИШ* منش 1. табиат, одате, ки ба дараҷаи табиат расидааст; феъл, рафтору кирдор.

Қ-он шефтахотири ҳавасчок
Дорад манише азим нопок.
(Л. М.)

2. табъи баланд *(Бӯс.)*

МАНКУБ* منکوب бадҳол, хароб, накбатзада, сарпаст. ...Ба нафрини он манкубон забони ғайратбаён ламъаи барқ во намуд. *(Бедил).*

МАННОЪ* مناع манъкунанда, боздоранда. **Маннои хайр** манъкунандаи хайр, аз некӣ боздоранда.

Чу маннои хайр ин ҳикоят бигуфт,
Зи ғайрат ҷавонмардро раг нахуфт.
(Саъдӣ).

МАНОЛ منال ҷои чизъёбӣ (замини кишт, боғ, кон *ва монанди инҳо. Одатан ин калимаро ба «мол» ҳамроҳ карда «молу манол» мегӯянд).*

МАНОР منار *нигоҳ кун. ба* манора.

МАНОРА مناره бинои лӯлашакли аз сангу хишт сохта бисьёр баланд бардошташуда, ки роҳи болобароияш аз дарун аст.

МАНОТ* منات номи бутест, ки баъзе қабилаҳои араб пеш аз исломият вайро мепарастиданд. *(Б.).*

МАНОФЕЪ منافع [*ҷамъи* **манфаат**]; манфаатҳо.

МАНОҚИБ مناقب [*ҷамъи* **манқабат**]; 1. сифатҳои нек. 2. сифатҳои шайхони руҳонӣ *(ба ҳамин маънии дуйӯм машҳур аст).*

МАНСАБ منصب 1. ҷои барпо шудан. 2. рутба ва маъмурияте, ки аз тарафи давлат дода мешавад.

МАНСАБДОР منصبدار амалдор ва маъмури дараҷаи болои замони подшоҳӣ ва амирӣ.

МАНСАБПАРАСТ منصبپرست касе ки барои нигоҳ доштан ё баланд кардани мартабаи аз давлат додашудаи худаш аз ҳеҷ кори нописанд худдорӣ намекунад.

МАНСУБ I* منسوب нисбат додашуда, тааллуқдошта.

МАНСУБ I* منصوب 1. насб кардашуда, нишондашуда. 2. таъин кардашуда (ба кор), мансаб додашуда.

МАНСУБА* منصوبه 1. қасд, ният, 2. андеша, тадбир.

МАНСУБАКУШО منصوبه کشا тадбирандеш.

> Мансубакушои биму уммед—
> Меросситони моҳу хуршед...
> (Л. М.)

МАНСУР I منثور 1. дурри носуфта. 2. пароканда. 3. сухани ғайриманзум.

МАНСУР II* منصور нусратьёфта, ғолиб.

МАНСУХ منسوخ нест гардонидашуда.

МАНСУҶ منسوج бофташуда.

МАНТИҚ منطق 1. хуб сухангӯӣ. 2. илмест, ки донандаи он мувофиқи ақл сухан мегӯяд ва менависад.

МАНТИҚУТТАЙР* منطق الطیر маънии ин сухан «забони мурғон» буда, номи асари машҳури Фаридуддини Аттор аст, ки дар вай аз забони мурғон ҳикояҳои гуногун карда шудааст. *Шоир дар ин байт:*

> Сад забон маҳви як сабақ, гардид,
> «Мантиқуттайр» як варақ гардид.

Гуфтан мехоҳад, ки «ҳамаи мурғон» «Комде» мегуфтанд, азбаски дар ин ҷо ҳамаи мурғон дар бораи як ҳикоя — Комде гап мезананд, ҳикояҳои гуногуни «мантиқуттайр», ки аз забони мурғони гуногун нақл ёфтааст, як варақ шуд — яъне як ҳикоя шуд» (Б.).

МАНТУҚ منطوق [1. нутқшуда, гуфташуда]. 2. мазмуни сухан.

МАНУТ منوط вобаста *(ба чизе)*.

МАНФААТ منفعت нафъ, фоида.

МАНФАЗ منفذ сӯрохи гузаргоҳи чизе.

МАНШАЪ منشأ 1. ҷои пайдоиши чизе. 2. сабаб ва боиси чиз. 3. низоъ, ҷанҷол бо касе *(ду маънии охирӣ маҷоз аст ва маънии савӯм махсуси тоҷикист)*. [«*манша*» *талаффуз мешавад*].

МАНЪ* منع боздоштан; рад.

...Дар ин маслаҳат ҷуз манъ (монеъ омадан) мадад намефармуданд. *(Бедил)*.

МАНҚАЛ منقل зарфест даҳанфарохи поядор, ки дар вай оташ афрӯхта гарм мешаванд.

МАНҚАСАТ* منقصت нуқсон, айб, камбудӣ.

МАНҚУЛ* منقول нақл кардашуда; кӯчондашуда.

МАНҚУЛУН-АНҲ* منقول عنه нусхае ки аз вай нусхаи чоп бардошта шудааст *(Б.)*.

МАНҶАЛАҚ* منجلق сифати таҳқирист, ки ба занон медиҳанд. *(Ҷ. З.)*.

МАНҶАНИҚ منجنیق олати қалъакушоии замони қадим, ки бар баландие ҷӯберо шинонда ва бар рӯи вай санг монда ба тарафи девори қалъа меандохтанд.

МАОБ مآب бозгаштгоҳ.

МАОБИД معابد [*ҷамъи* **маъбад**]; ибодатхонаҳо.

МАОБИР معابر [*ҷамъи* **маъбар**]; гузаргоҳҳои об.

МАОД معاد бозгаштгоҳ.

МАОДИН معادن [*ҷамъи* **маъдан**]; маъданҳо, конҳо.

МАОЗ معاذ 1. паноҳ. 2. паноҳдиҳӣ.

МАОИБ معائب [ҷамъи маоб]; айбҳо.

МАОЛ مآل 1. бозгаштгоҳ. 2. оқибати кор, анҷоми кор.

*Ҳамчу шамъ аз домани мучгона
Огаҳӣ нестиш зи доги маол
(*Бедил*).

3. хулосаи маҷмуи ягон чизи гуфта, ё навишта.

МАОНӢ معانی [ҷамъи маънӣ]; 1. маъниҳо.

*Маънӣ ба гуҳурату гирёнӣ
Шуд овези маънаси малой.
(*Л. М.*)*

2. илмест, ки дар вай чигунагии забони фасеҳ, услуб ва умуман хусусияти забон баён карда мешавад.

МАОРИБ مآرب [ҷамъи маъраб]; 1. ҷоҳои ҳоҷатҳоӣ, илтимосҳо. [2. нибэҳо, орзуҳо, ҳоҳишҳо].

МАОРИК معارك [ҷамъи маърака]; маъракаҳо (*ба маънои якӯм; нигоҳ кун.* *ба* **маърака** 1).

МАОРИФ I معارف (ҷамъи **маърифат**); донишҳо.

МАОРИФ II معاریف (*ҷамъи* **маъруф**); одамони машҳур.

МАОСИР مآثر [ҷамъи **маъсарат**]; 1. асарҳо ва нишонаҳои нек, ки аз ягон кас боз мемонад. 2. корҳои писандидаи касе.

МАОФ معاف *нигоҳ кун. ба* **муоф**.

МАОШ معاش 1. зиндагонӣкунӣ. 2. ҷои зиндагонӣ. 3. он чӣ бо вай зиндагонӣ кунанд. 4. моҳонаи коркунон ва хизматчиён, ки бо вай зиндагонӣ мекунанд (*маънии чорӯм маънии зиндаи имрӯза аст*).

МАОШИР معاشر [ҷамъи **маъшар**]; гурӯҳҳо, ҷамоатҳо.

МАР(Р)* مر 1. шумор, шумора. 2. беҳад, бешумор. (*Бдг.*).

МАРАЗ مرض 1. бемӣрӣ. 2. як хел решие, ки дар бадани одамӣ пайдо мешавад, гузаранда ва дер саломат ёбандаст.

МАРАҶ مرج ошуфташавии кор, табоҳӣ ва вайронии он.

МАРВОРИД مروارید як хел санги сафедчатоби пуркимат.

МАРВОРИДАК مرواریدك як хел тути хурдакони сафеди холдор аст, ки аз тутҳои одӣ чанд рӯз дертар мепазад ва бисьёр ширин мешавад.

МАРВОНИЁН* مروانیان бани умайя.

МАРВӢ I مروی *мансуб ба шаҳри* **Марв**.

МАРВӢ II مروی нақл кардашуда аз касе ё аз замони гузашта [ривоят кардашуда].

МАРГ مرگ муриш, [нестшавӣ, фаношавӣ] **Марги нав** бахшиши амирони Бухоро (*ҷома, мансаб ва монанди инҳо, ки омма онро ба ҳамин ном меномиданд-маҷоз*). **Марги нав муборак бод** таъбирест, ки омма ба инъомёфтагони дарбори амирӣ мегуфтанд.

МАРГИМУШ مرگموش моддаи кӯҳист, ки дар доруҳо ва саноат бисьёр ба кор равад.

МАРДУД مردود радкардашуда, рондашуда.

МАРДУМ مردم 1. одам ва одами бисьёр. 2. мардумаки чашм, гавҳараки чашм. *Дар ин ду маънӣ гуфта шудааст:*

Чашми сиёҳат балои мардум (1)
Дар дида туй ба ҷои мардум (2)
То ба ҷои мардум ангорад хаёли
холи ӯ.
(Бедил)

мардуми чашм гавҳараки чашм *(Ҳ.)*

МАРДУМАК مردمک нуқтаи сиёҳ ки дар миёнаи чашм ҷо гирифтааст, [гавҳараки чашм].

МАРДУМГАЗОЙ* مردم گزای мардумро газанда, ба мардум зараррасонанда.

Макуш баччаи мори мардумгазой,
Чу куштӣ, дар он хона, дигар мапой.
(Саъдӣ)

МАРДУМГИЁ مردم گیا *нигоҳ кун. ба* **меҳргиё.**

МАРДУМӢ مردمی мурувват, одамгарӣ.

*Чун дид шаҳ он шигифткорӣ,
К-аз мардумиаст растагорӣ.
(Л. М.)

МАРЗ مرز 1. замин. 2. замини кишт. 3. роши замини кишт, ҳудуди замин. 4. мамлакат, вилоят.

МАРЗА مرزه роши замини кишт.

МАРЗАНГӮШ مرزنگوش як хел райҳон аст, ки баргаш ба гӯши муш монандӣ дорад. *Нигоҳ кун. ба* **гӯши муш.**

МАРЗБОН مرزبان 1. заминдор. 2. сарпосбони сарҳадҳо. 3. ҳокими вилоят; подшоҳ.

*Дар он марз к-он марди ҳушёр буд,
Яке марзбони ситамгар буд.
(Бӯс).

МАРЗИЙ//МАРЗӢ مرضی писандида.

МАРЗО مرضی (*ҷамъи* **мариз**); 1. беморон. 2. ҷои ризо. 3. писандида (**марзои шумо чист?** писандидаи шумо чист).

МАРИЗ مریض бемор.

МАРКАБ مرکب 1. ҳар чизе [ҳайвоне], ки ба вай савор шаванд;* *асп:*

Маҷнун ба ҷавоби он тиҳидаст,
Аз маркаби худ сабук фурӯ ҷаст.
*(Л. М.)**

2. хар (*маънии дуйӯм махсуси тоҷикӣ аст*).

МАРКАЗ مرکز 1. миёнаҷои чизе. 2. ҷои сахт истодани чизе. 3. нуқтаи миёнаи доира, ки як пои паргор дар он ҷо сахт меистад ва пои дигараш гардиш мекунад. 4. пойтахти давлат. 5. идорагоҳи вилоят, район ва монанди инҳо дар доираҳои маъмурӣ.

МАРКУБ مرکوب саворикардашуда (*сифати асп, хар, ароба, киштӣ ва монанди инҳо, ки одам савор мешавад*).

МАРКУЗ مرکوز 1. сахт нишонидашуда. 2. ҳар чиз, ки дар дил сахт ҷойгир шуда бошад (*маҷоз*).

МАРОКИБ مراکب [*ҷамъи* **маркаб**]; чизҳои саворшуданӣ.

МАРОМ مرام мурод, матлаб.

МАРОРАТ مرارت талхӣ.

МАРОСИМ مراسم 1. нишонаҳо. 2. расму одатҳо.

МАРОҲИЛ مراحل [*ҷамъи* **марҳала**]; марҳалаҳо. (*нигоҳ кун. ба* **марҳала**). *Дар тайи он мароҳил... асрори ин кудрат ба маърази имтиҳон расид... *(Бедил)*.

МАРОҲИМ I مراحم (*ҷамъи* **марҳамат**); меҳрубониҳо.

МАРОҲИМ II مراهم (ҷамъи **марҳам**): марҳамҳо.

МАРРА مره 1. як бор. 2. охири шумораи бозиҳо ва мусобиқаҳо, ки бо шумора карда мешаванд. *Масалан,* ду колхозчӣ барои аз ҳар гектар 50 центнер пахта гирифтан бо ҳам мусобиқа кардаанд. Ҳар кадом вақте ки ба 50 центнер расонад, ба марра расонидагӣ ҳисоб меёбад.

МАРСИЯ مرثیه 1. сифати одами мурдагӣ. 2. шеъре, ки дар сифат ва мусибати одами мурдагӣ гӯянд ва хонанд.

МАРСУМ مرسوم 1. нақш кардашуда. 2. маоши солона, ё моҳона, ё рӯзина.

МАРТАБА مرتبه 1. дараҷа (**мартаба ба мартаба** — дараҷа ба дараҷа). 2. дафъа, бор (**як мартаба, ду мартаба** як бор, ду бор, як дафъа, ду дафъа).

МАРТАЪ مرتع чарогоҳ.

МАРТУБ مرطوب намнок.

МАРФУЪ مرفوع 1. баланд кардашуда; бардоштташуда. 2. ҳаракати пеши ҳарф, ки бо «у» адо меёбад.

МАРЪО مرعی чарогоҳ.

МАРЪУБ مرعوب тарсонидашуда.

МАРЪӢ مرئی дидашуда.

МАРҒ مرغ сабзаи худрӯй.

МАРҒЗОР مرغزار сабзазори даштӣ ва кӯҳӣ.

МАРҒУБ مرغوب 1. рағбат кардашуда. 2. дилкаш.

МАРҒУЛ مرغول *нигоҳ кун. ба* **марғула.**

МАРҒУЛА مرغوله [1. печутоб хӯрда] 2. мӯи печу хамдор. 3. як хел овоз аст дар мусиқӣ, ки ғазалхони овози худро печ дода мебарорад.

МАРҚАД مرقد 1. хобгоҳ. 2. қабр, гӯр *(ба ҳамин маънӣ ҳоло зиндааст).*

МАРҲАБО مرحبا хуш омадӣ, барои ту ҷой фароҳ аст *(ба меҳмон гӯянд).*

МАРҲАЛА مرحله манзили сафарӣ, ки дар роҳҳо мешавад; *як манзил роҳ.

Дар марҳалаҳои реги ҷӯшон
Гашта зи табаш чу деги ҷӯшон.
(Л. М.)*

МАРҲАМ مرهم давои равғанист, ки ба решҳо ва захмҳо моланд ва банданд.

МАРҲАМАТ مرحمت меҳрубонӣ.

МАРҲУН مرهون 1. ба гарав додашуда.

МАРҶЕЪ مرجع 1. бозгаштгоҳ. 2. ҷое ки ба он ҷо рӯ оварда мешавад *барои коре.*

*Марҷеи маънии ин сусткӯшии дарьёб,
То бидонӣ чи қадар фитраташ кӯтоҳ аст.
(Бедил).

Марҷеу муод — ҷои бозгашт.

*Дили ҳар фирқу иттиҳод ин ҷост,
Одами марҷеу муод ин ҷост.
(Бедил)**

МАРҶОН مرجان як чизи шохчамонанди сурхи қиматбаҳост, ки барои зинат ба кор равад ва ба шакли шаба бурида сӯрохкардаи вайро занон шадда карда ба гардан овезанд.

МАРҶУ* مرجو *нигоҳ кун. ба* **марҷумак.**

МАРҶУМАК مرجمک адас, наск (*аз ҷумлаи ғалла-дона*).

МАСАББ مصب резишгоҳи об.

МАСАЛ مثل 1. монанд. 2. суханони барҷаста ва маънидори машҳури халқӣ, ё халқишуда, ки барои эзоҳ ва исботи сухани худ оранд (*чунончи*, **гандум ҳама ҷо, пазанда ҷо-ҷо; давидани гӯсола то каҳдон** ва ғайра).

МАСВО مثوی оромгоҳ, қароргоҳ, манзил.

МАСДАР مصدر 1. ҷои берун омадани чизе. 2. решаи калимаҳо (*дар сарфу наҳв*). ***Масдари тақсир** ҷои баромади кӯтоҳӣ, маҳалли содиршавии гуноҳ. (Б.)*

МАСИР مسیر 1. бозгаштгоҳ, 2. сайргоҳ.

МАСКАН مسکن бошишгоҳ.

МАСКАНАТ مسکنت 1. мискинӣ. 2. зоркунӣ. *3. шикастанафсӣ, хоксорӣ.

> Ҳар қадар илму фазл беш кард,
> Дӯрии таслиму масканат афзуд.
> (*Бедил*).

МАСКУК* مسکوک сикка задашуда.

> ...Чун ворасидам фулусе (пуле) буд аз сиккаҳои даври акбарӣ, ки маскуки ҳол (**сиккаи замони**) хумси он (**ба панҷьякаш**) меарзид... (*Бедил*).

МАСЛАК مسلک 1. роҳ. 2. ягон роҳи сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ки касе ба вай меравад.

МАСЛАХ مسلخ саллоххона, кушишхона.

МАСЛАҲАТ مصلحت салоҳи кор. **Маслаҳат кардан** салоҳи кор пурсидан.

МАСЛУХ مسلوخ 1. ҳайвоноти пӯсткандашуда [кушташуда]. 2. ҷорпои логар ва аз кор баромада (*маҷоз*).

МАСМУМ مسموم заҳрхӯрда, заҳролудшуда.

МАСНАВӢ مثنوی як шакли шеър аст, ки бо як будани вазн ҳар ду мисраъ дар як қофия меоянд ва дар ҳар байт қофияи байти боло риоя карда намешавад.

МАСНАД مسند 1. такьягоҳ. 2. болишти бузург, ки дар вақти нишастан ба вай такья кунанд. 3. мансабҳои калон (**маснади вазорат, маснади подшоҳӣ**) (*маънои сеюм маҷоз*).

МАСОАТ* مساءة ҷурм, гуноҳ; бадӣ.

МАСОБА مثابه монанд; дараҷа [мартаба]. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

> Ҳусни бад-ин масоба надидам дар
> ҷаҳон.

МАСОВӢ مساوی [ҷамъи **масоат**]; бадиҳо, гуноҳҳо.

МАСОИБ مصائب [ҷамъи **мусибат**]; мусибатҳо.

МАСОКИН I مساکین [ҷамъи **мискин**]; мискинҳо, фақирон.

МАСОКИН II مساکن [ҷамъи **маскан**]; масканҳо, манзилҳо.

МАСОЛЕҲ مصالح [ҷамъи **маслаҳат**]; 1. маслаҳатҳо. 2. чизҳое ки барои сохтани чизе даркор аст (**масолеҳи оши палав** биринҷ, гӯшт, **равған** *ва дигарҳо;* **масолеҳи иморат** — хишт, чӯб ва дигарҳо; **масолеҳи мӯза, кафш** ҷарм, мех ва дигарҳо).

МАСОМЕЪ مسامع [ҷамъи **мисмаъ**]; гӯшҳо.

МАСОММ مسام [ҷамъи **масамм**];

сӯрохҳои бағоят танг, ки дар пӯсти бадани одамӣ, ҷонварони дигар ва барги растаниҳо мебошад.

*Хуне ки бувад даруни ҳар шох,
Берун ҷиҳад аз масому сӯрох.
(*Л. М.*)*

МАСОМОТ* مسامات [*ҷамъи* **масомм**]; сӯрохҳои майдае ки дар пӯсти бадани одамӣ ҳастанд. (*Б.*).

МАСОНА مثانه мезакдон, ки дар шикам мебошад.

МАСОРИФ مصارف масрифҳо [харҷҳо].

МАСОФ مصاف ҷои сафоройӣ, ҷанггоҳ; *ҷанг, муҳориба.

Дарьёи масоф гашт ҷӯшон
Гаштанд муборизони хурӯшон.
(*Л. М.*)*

МАСОФА مسافه дурии миёни ду чиз аз ҷиҳати макон.

МАСОЙ مساعی [*ҷамъи* **масъот**]; кӯшишҳо, давиданҳо аз паи коре.

МАСОҲА مساحه [*аслаш* **мисоҳа**]; 1. заминпаймоӣ; 2. миқдори сатҳи ягон қитъа замин.

МАСРИФ مصرف маҳалли сарф.

МАСРУФ مصروف 1. *бозгардонидашуда*. 2. сарф кардашуда, харҷ кардашуда (**умрам ба ин кор масруф шуд**).

МАСРУЪ مصروع касе ба бемории саръ гирифторшуда. *Нигоҳ кун. ба* **саръ**.

*Гаҳ чу масрӯъ дасту по мезад.
(*Бедил*)*

МАСТАКӢ مستکی шираи зардранги давоист, ки аз дарахте гирифта мешавад.

МАСТОБА مستابه *нигоҳ кун. ба* **мостоба**.

МАСТУР مستور пӯшида, [пинҳон, нуҳуфта].

МАСТУРӢ* مستوری 1. бопардагӣ. 2. покӣ (*аз гуноҳ*). (*Бфс.*).

МАСУН مصون нигоҳдорӣ кардашуда, эмин кардашуда аз ҳар дастдарозӣ, [маҳфуз нигоҳ дошташуда].

МАСХ مسخ баргардидани сурати касе ба бадтар аз аввалааш, гардидан аз сурате ба сурати дигар.

МАСЪАЛА مسئله чизе ки дар бораи вай пурсиш ва ҷавоб меравад. ***Масъалаҳои нӯгирӯмолӣ**— дар истилоҳи мадрасаҳои Бухоро масъалаҳое буданд, ки касе онҳоро даҳанакӣ ёд карда гирад ва дар ҳар ҷо дастмояи мунозира созад. (Ҷ. 4)*.

МАСЪАЛАТ مسئلت дархости чизе аз касе.

МАСЪУЛ مسئول 1. хостшуда. 2. касе ки некӣ ва бадии кореро аз вай мепурсанд ва ӯ маҷбур аст ки ба ин пурсиш ҷавоб диҳад (*дар адабиёти имрӯза*).

МАСЪУЛИЯТ مسؤلیت // مسولیت ҷавобдиҳандагӣ аз некӣ ва бадии коре (*дар адабиёти имрӯза*).

МАСҲӢ مسحی пойафзолест таҳтунук, бепошна, ки бо кафш ё калош пӯшида мешавад.

МАСҶИД* مسجد хонае ки дар он намоз мехонанд. **Масҷиди калон** масҷиди ҷомеъ (Ҷ. 6).

МАТАР مطر борон.

МАТБУОТ مطبوعات газета, журнал ва монанди инҳо, ки дар вақтҳои муайян чоп мешаванд.

МАТАРС مترس 1. ҳуса. *Нигоҳ кун. ба* **ҳуса**. 2. *манъ аз* **тарсидан**.

МАТБАХ مطبخ ошхона.

МАТБАХӢ مطبخی ошпаз.

МАТБУХ مطبوخ давои ҷӯшонда-пухта (*зидди* **давои хушку хом**) (*термини тиббии кӯҳна*).

МАТБУЪ مطبوع 1. хушоянда, марғубтабъ, дилкаш. 2. китоб, мақола, шеър ва монанди инҳо, ки чоп шуда бошанд.

МАТВӢ مطوی дарҳам печидашуда.

МАТИН متین устувор, маҳкам. (*дар сифати одам ва сифати сухан ва дар сифати ҳар чиз меояд*)

МАТИР مطیر боранда (абр). [борондор].

МАТЛАЪ مطلع 1. баромадгоҳи офтоб ва моҳ. 2. байти аввали ғазал ва қасида, ки ҳар ду мисраъ ҳам дар як қофия бошад (*маҷоз*).

МАТЛАБ مطلب 1. талабгоҳ. 2. матлуб (*дар забони зинда*) (*ба маънои* **матлуб**).

МАТЛУБ مطلوب талаб кардашуда.

МАТМАЪ مطمع ҷои чашмдӯхташуда.

МАТМУРА مطموره ниҳонхона.

МАТН متن ибораи аслии китоб, ё ягон чизи навишта (*ба ҳамин маънӣ дар адабиёти имрӯза зинда аст*).

МАТОНАТ متانت устуворӣ, маҳкамӣ.

МАТРАҲ* مطرح ҷое, ки ба он чизеро мепартоянд.

Ҳар рӯз шудию гӯсфанде,
Дар матраҳи он сагон фиганде
(*Л. М.*)

МАТРУД مطرود рондашуда аз ҷое, ё аз даре (*сифати одам*).

МАТЪУН مطعون 1. бо найза задашуда. 2. таъна кардашуда, айб кардашуда (*маънои дуйӯм маҷоз ва зинда аст*).

МАУНАТ مئونت 1. чизе, ки одам ҳар рӯз барои зиндагӣ бар вай мӯҳтоҷ мешавад. 2. меҳнат ва машаққати зиндагӣ.

МАФЛУК مفلوک 1. фалакзада. 2. пири барҷомонда (*махсуси тоҷикӣ*).

МАФЛУЧ مفلوج шал.

МАФОСИЛ مفاصل [ҷамъи мафсил]; пайвандгоҳҳо. **Дарди мафосил** — дарди бандҳои устухон.

МАФОТЕҲ مفاتیح [ҷамъи **мифтоҳ**]; калидҳо.

МАФРАШ* مفرش палос, намад ва ғайра.

Дар манзили ғам фиганда мафраш моем.
Ҳам дида пуробу дил пуроташ моем.
(*Рӯдакӣ*).

Мафраши саба киноя аз сабзазор.

З-он мафраши сабзи ҳамчу дебо
Медид дар он дарахти зебо (*Л. М.*)

МАФСАҚА* مفسقه фисқгоҳ. (*Н.*)

МАФСИЛ مفصل пайвандгоҳ [дар узви бадан].

МАФТУЛ مفتول фатила-фатилашуда (*монанди торҳои абрешим, ё мӯй ки ба ҳам печида ва тофта шуда меистанд*).

МАФТУН مفتون 1. дар фитна гирифторшуда, фирефташуда. 2. ошиқ ва дилбохта (*ба маҳбубе ё ба чизи хубе*). **Ман мафтуни ашъори шумоам.**

МАФҚУД مفقود гум кардашуда, ёфтнашуда.

МАХДУМ مخدوم 1. хизмат кардашуда. 2. муллозода (*истилоҳи Осиёи Миёна*).

МАХЗАН مخزن 1. хазинахона. 2. ҷое ки дар он ҷо чизҳои дар беруни истоданаш номумкинро гузоранд (*масалан, гӯштро аз бими вайрон шуданаш*).

МАХЗУЛ مخذول хор кардашуда.

МАХЗУН مخزون 1. дар хазинахона ниҳодашуда. 2. захиракардашуда.

МАХЛАС مخلص 1. ҷои халосӣ. 2. ҷои тамом шудани чизе. (*Масалан шеър*). 3. халосӣ.

МАХЛУЪ مخلوع берун овардашуда, баровардашуда (*масалан, ҷома аз тан, мӯза аз по, подшоҳ аз кор*).

МАХМАЛ مخمل парчаи патдори нозукпат. **Махмали духоба** махмале ки ҳар ду тарафаш ҳам пат дошта бошад.

МАХМАСА مخمصه 1. гуруснагии аз ҳад зиёд. 2. сӯзише ки аз гуруснагии аз ҳад зиёд дар сина ва шикам пайдо мешавад. 3. ғами сахти беқарорӣовар (*маҷоз*).

МАХНУҚ مخنوق гулӯ фишурдашуда; [хафашуда].

МАХОДИМ مخادیم [ҷамъи **махдум**]; махдумҳо.

МАХОЗИН مخازن [ҷамъи **махзан**]; махзанҳо.

МАХОФАТ مخافت тарс, бим.

МАХРАҶ مخرج баромадгоҳ.

МАХРУТ مخروط 1. харротӣ кардашуда. 2. ҷисми лӯлашакле, ки як тарафаш кафс, тарафи дигараш торафт борик шуда рафта дар охир ба як нуқтаи борики тез тамом мешавад; [силиндр].

МАХРУТӢ مخروطی мансуб ба **махрут** ба маънои дуюм (*масалан*, **шакли махрутӣ**, ки як тарафаш кафс ва тарафи дигараш торафт борик-борик шуда меравад; цилиндрӣ.

МАХРУШ مخروش харошидашуда.

МАХТУМ مختوم 1. мӯҳр кардашуда. 2. қуфлу банд кардашуда (*масалан* **дар**).

МАХТУР مخطور 1. ба ҳалок наздик кардашуда. 2. андеша. 3. он чи дар дил хутур кунад, гузарад.

МАХУФ* مخوف 1. ҷои тарс, [хавфнок, хатарнок].

МАШИМА مشیمه 1. пардаест нозук, ки дар вақти зоида шудан ба бадани навзод печида мебошад. 2. яке аз хафт пардаи чашм.

МАШИЙЯТ* مشیت хоҳиш.

...На машийяте, ки бар доманҳои фурӯхишта чизе аз ҷом гуморанд. (*Бедил*).

МАШК مشک пӯсти хоми пӯсткандаи ошлодода дӯхташуда, ки бо вай об ва чизҳои обакиро кашонанд.

МАШКОБ مشکاب касе ки бо машк об мекашад.

МАШКУР مشکور писандида, сутуда (*дар сифати кор ва хизмат онд*).

МАШМУЛ مشمول аз ҳама сӯ фаро гирифташуда; аз ҳама ҷо фурӯ гирифташуда.

МАШОИХ مشایخ [ҷамъи *ғайриқиёсии* **шайх**]; шайхҳо. *Нигоҳ кун.* ба **шайх**.

МАШОМ مشام дастгоҳи димоғ аст, ки бо вай бӯйҳоро мебӯянд ва фарқ мекунанд.

МАШОҚҚ مشاق [ҷамъи **машаққат**]; машаққатҳо.

МАШОХИР مشاهیر [ҷамъи машҳур]; одамони машҳур.

МАШРАБ I مشرب 1. ошомидан. 2. ҷои ошомидан (пиёла, коса, шиша).

МАШРАБ II مشرب маслак, мазҳаб (*дар дин ва тасаввуф; маҷоз*).

МАШРАБА مشربه зарфест сафолӣ, чинӣ ва ё шишагӣ, ки одатан дар вай чизҳои нӯшиданиро нигоҳ доранд.

МАШРИҚ مشرق тарафи офтоббаро.

МАШРИҚЗАМИН مشرق‌زمین мамлакатҳое, ки дар тарафи офтоббаро ҷо гирифтаанд.

МАШРУТ مشروط чиз ё кори бар болояш ягон шарт гузошташуда **(фардо ҳамроҳ боғ меравем, машрут бар ин ки дар соати ҳашт ин ҷо ҳозир шавед).**

МАШРУТА مشروطه як тарзи идораи капиталистӣ, ки подшоҳро барқарор нигоҳ дошта, дар иҷрои ҳукми ӯ чанд шарт мемонанд (*масалан, парламент*).

МАШТ مشط шона.

МАШТУТ مشتوت торҳои танида печонда барои бофтан тайёр кардашуда.

МАШШОТА مشاطه зане ки мӯи занонро шона мекунад ва арӯсонро ороиш медиҳад.

> *Машшотаи ин арӯси навзод
> Дар ҷилва чунин нишонд аз ноз...
> (Л. М.).

МАШШОҚ مشاق 1. нек машқкунанда. 2. навозандаи созҳои тордор (*маънии дуюм зиндаи халқӣ аст*).

МАШЪАЛ مشعل чӯби дар сараш латтаҳои равғании печондашуда, ё ба сараш косача шинонда равған рехташуда, ки шабро афрӯхта шабро равшан мекунанд.

МАШЪАЛА مشعله *нигоҳ кун. ба* машъал.

МАШЪУМ مشؤم шум дошташуда; [номуборак, бадшагун].

МАШЪУФ مشعوف ошиқи шайдо, ошуфтае, ки ошуфтагиаш аз ишқу муҳаббат омадааст.

МАШҒАЛА مشغله 1. корубор; шӯру ғавғо. 2. ташвиши ҳаррӯзаи зиндагонӣ.

> *Аз машғалаҳои гӯш бар гӯш
> Ҳам гӯша гирифта буду ҳам гӯш.
> (Л. М.).

МАШҒУФ مشغوف 1. касе ки ба пардаи дили ӯ чизе расида бошад. *2. дӯстдор, дилбандшуда.*

МАШҲАД مشهد 1. шаҳодатгоҳ (*бо ҳамон маънидии* **шаҳодат**).

> *Бар турбати ҳар ду зор нолид.
> Дар машҳади ҳар ду рӯй молид.
> (Л. М.)*

2. номи шаҳре дар Хуросон.

МАШҲУН مشحون пур кардашуда.

МАШҲУР مشهور шӯҳратёфта, овозабароварда.

МАЪБАД معبد ибодатхона.

МАЪБАР معبر гузаргоҳи об.

МАЪВО مأوا ҷои баргаштанӣ, яъне хонаи худ; *оромгоҳ, хона, бошишгоҳ.*

МАЪДАЛАТ معدلت адлу дод.

МАЪДАН معدن кон.

МАЪДАНӢ معدنی *мансуб ба* маъдан; ҳар чизе ки аз кон барояд.

МАЪДУД معدود шумора кардашуда. **Маъдуде ҷанд** башумур (*яъне кам*).

МАЪЗАРАТ معذرت узрхоҳӣ.

МАЪЗУЛ* معزول аз кор гирифташуда.

...фавҷдорони маъзул сояи девори сипар андохтанро ҳисори саломат андешидаанд. (*Бедил*).

МАЪКУЛ مأكول 1. хӯрданӣ. 2. хӯрдашуда (*аз қисми хӯрокворӣ*).

МАЪКУС معكوس нагунсор, чаппа.

МАЪЛУФ مألوف хӯгирифта (шуда), улфатгирифта (шуда), одат кардашуда.

МАЪМАН مأمن ҷои амният, амонгоҳ.

*Дар ҳар мақоме... ғайр аз хонаи зин маъмане мутасаввар намеёфт... (*Бедил*).

МАЪМУЛ مأمول чизи умед кардашуда, чашмдошташуда.

МАЪМУН مأمون аз хавф нигоҳ доштaшуда, эмин.

МАЪМУР I مأمور 1. амр кардашуда, фармон додашуда ба коре. 2. коркунони давлатӣ ва ҳукуматӣ, ки ба иҷрои корҳои давлатӣ ва ҳукуматӣ фармон гирифтаанд.

МАЪМУР II معمور ободон (*сифати замин, ҷои мамлакат*).

МАЪМУРА* معموره 1. ободӣ, ободонӣ.

Фавҷе аз саворони ғоратками намудор шуд, ки беруни маъмура аспонро чапу рост ҷавлон медоданд. (*Бедил*). 2. *маҷозан* мамлакат.

МАЪМУРИЯТ مأموريت андозаи корҳое, ки барои иҷро ба ягон коркуни давлатӣ ва ҳукуматӣ супурда мешавад.

МАЪНАВӢ معنوى *мансуб ба* **маънӣ**.

МАЪНО معنا *нигоҳ кун*. *ба* **маънӣ**.

МАЪНУС مأنوس хӯгирифта, унсгирифта.

МАЪНӢ معنى қасд кардашуда (*ин калима бештарин ба чизи қасд кардашудае аз сухан кор фармуда мешавад*).

МАЪРАЗ معرض 1. ҷои зоҳир кардани чизе; *ҷои намоишдиҳӣ, намоишгоҳ.

Лекин бонии ғазал диққате ба маърази таваҳҳум овард, ки аз ӯҳдаи он ҳамон худаш тавонад барояд. (*Бедил*).

2. ҷои арзкунӣ, арзгоҳ.

З-он дил ки ба якдигар бидоданд
Дар маърази гуфтугӯ фитоданд.
(*Л. М.*)*

МАЪРАКА معركه 1. ҷанггоҳ, майдони ҷанг.

*Аз маъракаҳо ҷароҳат оид,
Ин ҷо ҳама бӯи роҳат оид.
(*Л. М.*)*

2. гурӯҳи мардум, ки ба ҷое барои коре ғун шуда бошанд (**маъракаи маддоҳӣ, маъракаи гӯрашгирӣ, мурғбозӣ** *ва монанди инҳо*). 3. маросими тӯй ё азо. **Маърака гирифтан** а) дар майдони кушода мардумро ба гирди худ ғун кардан (монанди маддоҳон, қиссахонон ё ин ки шеърхонони бозорӣ). б) дар майдони кушода аз касе шикоят сар кардан, ки одатан дар ин гуна маврид мардум ба атрофи ин гуна одам ғун мешаванд (*маҷоз*).

МАЪРИФАТ معرفت 1. дониш (**соҳибмаърифат** — соҳибдониш). 2. шиносоӣ (**бо фалонӣ маърифат пайдо кардам** — *яъне* шиносой пайдо кардам). *3. мувофиқи истилоҳи суфизм — «маърифати илоҳӣ...», ки назар ба таълимоти ин маслак ин маърифат ба воситаи сар ба гиребон кашида муроқаба карда нишастан ҳосил мешавад.

Аз қаландаре пурсиданд, ки «маърифат чист?» Гуфт — натиҷаи бекорӣ, ки агар шугле дигар даст ба ҳам медод, ҳеҷ кас дар ин хаёл намеафтод. (*Бедил*)*.

МАЪРУФ معروف 1. шинохташуда. 2. машҳур (*маънои дуйӯм зиндааст*).

МАЪСИЯТ* معصیت гуноҳ.

МАЪСУМ معصوم *бегуноҳ*.

МАЪТУФ معطوف гардонидашуда ба тарафе.

МАЪФУ معفو (гуноҳаш) бахшидашуда, афв кардашуда, муоф дошташуда.

МАЪХАЗ مأخذ ҷое ки аз он ҷо чизеро гиранд, [сарчашма].

МАЪХУЗ مأخوذ 1. гирифташуда [ахз кардашуда]*. 2. гирифтор.

К-ай он ки туро зи ман ҷудо кард,
Маъхуз мабод ҷуз бад-ин дард.
(*Л. М.*)*

МАЪШАР معشر гурӯҳ.

МАЪЮБ معیوب айбдор.

МАЪЮС مأیوس ноумед.

МАЪЮСӢ مأیوسی ноумедӣ.

МАЪҚУЛ معقول 1. писандида. 2. мувофиқи ақл.

МАЪҲУД معهود 1. кӯҳна, қадим. 2. аҳду паймон кардашуда. 3. ишора кардашуда бо ишорати маълум байни ду кас ё чанд кас.

МАЪҶУН معجون 1. хамираи хӯрданӣ, ки аз чанд даво бо асал ё шакар пухта шудааст (гулқанд, ҷаворишҳо *ва монанди инҳо*). *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Ҳар гули рухсору қанди лаб надорад ин асар,
Ё раб, ин хубӣ бад-ин таркиб маъҷуни кӣ буд?

***Маъҷуни муфарреҳ** давои фараҳбахше ки аз якчанд чиз таркиб меёбад.

Қанд аст лаби ту, гар таомӣ,
Аз вай қадаре ба ман расонӣ!
К-ошуфтагии маро дар ин банд
Маъҷуни муфарреҳ омад он қанд.
(*Л. М.*)*

2. касе ки чӣ мақсад ва маслак доштани ӯ маълум набошад (*маҷози тоҷикӣ*).

МАЪҶУР مأجور аҷр додашуда, мукофоти нек додашуда.

МАҒБУН مغبون зиёндида, зиён расонидашуда.

МАҒЕЛОН مغیلان хоргелак.

МАҒЗ مغز 1. даруни ҳар чиз. 2. қисми даруни донакҳои мева ва устухонҳо (**мағзи донаки зардолу, мағзи бодом, мағзи писта, илик...**). 3. майна.

МАҒЗУБ* مغضوب ғазаб кардашуда. **Ғайри мағзуб** *яъне* ба вай ғазаб кардан дуруст нест.

Чашмето сурмаи ниқуши хуб.
Бар ҳар ду нависта: «ғайри мағзуб».
(*Л. М.*)

МАҒЗӢ مغزی [*мансуб ба мағз*]. 1. ҳар ҳалқае ки дар вай мағз ҳамроҳ шуда бошад. 2. чизе ки дар миёнаи ду чиз монда дӯзанд (*дар дарзҳои мӯза ва монанди инҳо барои зинат ва сахт кардан мағзӣ мемонанд*). 3. *лаблӯлаи* ҷома, кӯрпа *ва монанди* инҳо.

МАҒЛУБ مغلوب зердастшуда, шикастхӯрда.

МАҒЛУБА مغلوبه бо ҳам омехта

ҷангкунии ду лашкар, (ки) кӣ ғолиб ва мағлуб маълум набошад.

МАҒЛУЛ مغلول ба гардан ғул андохташуда, ғул задашуда (бандӣ).

*Шунид ин сухан дузди мағлулу гуфт:
Зи бечорагӣ чанд нолӣ бихуфт.
(*Бӯс.*).

МАҒМУМ مغموم ғамнок.

МАҒОК مغاک чуқурии фарохи табиӣ, ғор.

*Ҷоям чӣ ҷой?—чун мағоке,
Монандаи гӯр ҳавлнок
(*Л. М.*)

МАҒОКӢ* مغاکی 1. чуқурӣ. 2. *ба маънии умқ яъне мағз*, афлокаш андар дарозӣ ва паҳной ва мағокӣ... *И. С.*

МАҒОЛА مغاله чуқуриҳои хокашро нарм карда омехта, ки дар онҳо полакҳои харбуза, каду ва монанди инҳоро коранд.

МАҒОР* مغار чизи часпаки нохушбӯе, ки дар рӯи нон ва дигар чизҳо аз нам ва беҳавоӣ пайдо мешавад.

МАҒОРА مغاره чуқурии чоҳмонанди табиӣ, ки дар кӯҳҳо пайдо мешавад.

МАҒШУШ مغشوش 1. ғашдор, бо носара омехташуда (*дар маънии маънавӣ*).

МАҚДАМ مقدم 1. омадан аз сафар ё аз ҷои дигар. 2. ҷои қадамгузорӣ.

МАҚЛУБ* مقلوب чаппа; қалбакӣ, носара.

*Ман сикки замон ба қолабе хуб
Ӯ низ шавад валек мақлуб.*
(*Л. М.*).

МАҚОДИР مقادیر ҷамъи **миқдор**.

МАҚОЛ مقال 1. гуфтугӯ. 2. суханҳои барҷаста, ки ҳар ҷо барои мисол ва далел мегӯянд (*нигоҳ кун.* **ба масал**).

МАҚОЛА مقاله [1. гуфтор, сухан]. 2. порчае аз навиштаҷот.

МАҚОЛОТ* مقالات [ҷамъи **мақола**]; гапҳо, гуфтугузорҳо.

Карамат ҷавонмардиву нондеҳист!
Мақолоти беҳуда табли тиҳист!
(*Бӯс.*).

МАҚОМ مقام 1. ҷои бошиш, манзил.

*...*Дар он ҳангоми нақшатанҷом рӯзе ба мақоми Ҷонгчур узгели нафасорой доштем... (Бедил)**. 2. пардаҳои созҳо, ки бо онҳо ҳавоҳо муайян мешавад. 3. нағма (**шашмақом** *аз ду маънии охирӣ гирифта шудааст*).

МАҚОСИД مقاصد [ҷамъи **мақсад**]; мақсадҳо.

МАҚОҲИР* مقاهیر ҷамъи **мақҳур**. 1. қаҳр кардашудагон. 2. назар ба истилоҳи Ҳиндустон «душманони торочгар».

...Дар зимни роҳ бар чанд деҳи мақоҳир... ба ҳукми таслим аз убур чора набуд. (Бедил).

МАҚСАД مقصد қасдгоҳ; [чизи қасд кардашуда, мурод].

МАҚСУД مقصود чизи қасдкардашуда.

МАҚТАЛ مقتل 1. ягон ҷои бадани одам ва ҳайвонот, ки агар бар он ҷо захм зада шавад, мемурда бошад (*масалан* **гулӯ**). 2. қатлгоҳ.

МАҚТАЪ مقطع 1. ҷои тамоми [қатъ кардани; хотима] ягон чиз. 2. байти охирини ғазал ва қасида.

МАҚТУЪ* مقطوع қатъ кардашуда. **Мақтӯи рӯзӣ** — рӯзӣ буридашуда, насиба кандашуда.

> Бинокӯ мадор аз кас эй хоҷа, бок,
> Ки мактуб рӯзӣ шавад шармнок.
> (*Бӯс.*).

МАҚҲУР* مقهور қаҳр кардашуда, дучори қаҳр шуда.

МАҲ مه *нигоҳ кун. ба* **моҳ.** ***Маҳи ҳисорӣ*** *дар ин ҷо киноя аз Лайлӣ.*

> Он шифтаи маҳи ҳисорӣ
> Чун тори қасаб шуд аз низорӣ.
> (*Л. М.*).*

МАҲАК محك сангест, ки бо вай сара ва сақати зарро меозмоянд.

МАҲАЛ محل 1. ҷой, макон. 2. вақт (**бармаҳал** — *барвақт*). 3. вақти муносиб (**вақти бемаҳал омадӣ** — *дар вақти номуносиб омадӣ*). 4. ҷои ҳулули чизе. *Нигоҳ кун. ба* **ҳулул.**

МАҲАЛЛА محله гузар, деҳа.

МАҲАРА مهره [ҷамъи **моҳир**]; моҳирҳо.

МАҲБАС محبس ҳабсхона.

МАҲБУС محبوس бо зӯрӣ нигоҳ доштишуда дар ҷое, бандӣ.

МАҲВ محو 1. тарошидапартоӣ (*нақш ё хатро аз коғаз, ё девор ва монанди инҳо*). 2. нестгунӣ чизеро аз дунё (*одамеро, лашкареро, шаҳреро*). 3. ҳайронии аз одат берун ба нигоҳи чизи тааҷҷубоваре (*маҷоз*).

МАҲД مهد 1. гаҳвора; *умуман* ҷойхоби бачаи навзоди ширмакон

> *На дар маҳд нерӯи ҳолат набуд,
> Магас рондан аз худ маҷолат набуд.
> (*Бӯс.*).

2. *умуман* тахти хоб. 3. тахти равон; *дар ин ҷо ба маънии* каҷоваи сафарӣ:

> Фарзанди азизро ба сад ҷаҳд,
> Биншонд чу моҳ дар мае маҳд...
> (*Л. М.*).

МАҲЗ محض ҳар чизи холис, *яъне* чизи дигаре дар вай наомехта.

МАҲЗАР* محضر 1. ҷои ҳозиршавӣ, ҳузургоҳ. 2. ҳуҷҷат. **Маҳзар бастан** қарор кардан, ба як қарор омадан

> Пирони қабила низ яксар
> Бастанд бад-он мурод маҳзар.
> (*Л. М.*).

МАҲЗУЗ محظوظ баҳрабурда, баҳравар.

МАҲЗУН محزون андӯҳгин.

МАҲИН مهين 1. нозук (**ин ришта бисёр маҳин ришта шудааст**). 2. суфта (**ин қаламӣ бисёр маҳин бофта шудааст**). 3. реза ва суда (**ин замин бисёр маҳин ронда шудааст, ин орд бисёр маҳин кашида шудааст.** *Ҳамаи ин маъниҳо дар забони зиндаи тоҷикӣ ҳаст ва махсуси он аст.* ***Аммо маъниҳои дигараш*** [**хор, бекадр, ҳақир; суст, андак; камтамиз**] *дар тоҷикӣ мурдааст*).

МАҲЛУЛ محلول ҳал кардашуда.

МАҲМЕЗ مهميز оҳанест бар пошнаи мӯзаи саворон, ки бо вай аспро зада тозонанд. **Маҳмез кардан** а) пошна зада аспро давондан, б) аспро тез рондан.

МАҲМИЛ* محمل каҷоваи сафарии одамнишин.

> Домодро нишонед бароед
> В-аз баҳри арӯс маҳмил оред.
> (*Л. М.*).

МАҲМО مهما **Маҳмо амкан** *ба* қадри имкон.

МАҲМУЛ محمول 1. бори бардоштишуда. 2. *боб, боз (ин маънӣ махсуси тоҷикист)*.

МАҲМУМ مهموم андӯҳгин.

МАҲОЛИК مهالك [ҷамъи **маҳлака**]; ҷоҳои ҳалокшавӣ.

МАҲОЛЛ محال [ҷамъи **маҳал**]. 1. маҳаллаҳо. 2. ҷоҳо.

МАҲОМИД محامد [ҷамъи **маҳмадат**]; 1. ситоишҳо. 2. хислатҳои нек.

МАҲОР МИҲОР* مهار чӯбе, ки аз бинии шутур мегузаронанд, ресмоне, ки ба он чӯб мебанданд.

Шутурбон омад ба ҳаллу гитеъ.
Маҳори шутур бар карам ӯд, ки неъ!
(Бӯс.)

МАҲОСИН محاسن 1. некӯҳо. 2. риши мардон.

МАҲРАМ محرم 1. касе ки дар ҳарамхонаи касе роҳ ёфта бошад (*нисбат ба он кас маҳрам аст*). 2. яке аз амалҳои дарбори вақти амирӣ. 3. пешхизмати насабдори вақти амирӣ. 4. хешовандони мардинаи наздик нисбат ба зан. **Маҳрами тан** зану шӯй нисбат ба якдигар «маҳрами тананд».

МАҲРУС محروس нигоҳ дошташуда аз офат.

МАҲСУБ محسوب ба ҳисоб гирифташуда.

МАҲСУС محسوس 1. бепардашуда. 2. ба назар намоён.

МАҲТОБ مهتاب *нигоҳ кун*. ба моҳтоб. **Маҳтоб ба газ паймудан** машғул шудан ба кори номумкин (*маҷоз*).

МАҲТОБӢ مهتابی 1. як хел мушак аст, ки дар вақти оташ додан шуълаи сафед медиҳад. 2. як хел чароғ аст, ки рушноияш бисёр сафед ва бисёр дурахшон аст. 3. як хел зардолуи сафеди тунукпӯст аст.

МАҲФИЛ محفل ҷои мардум гирдомада.

МАҲҶУБ محجوب 1. пардапӯшида. 2. дар хиҷолатмонда.

МАҲҶУБА* محجوبه пардапӯш; дар зери ҳиҷоб:

Маҳҷубаи байти пинҳонед
Шаҳбайти қасидаи ҷаҳонед

Маънии мисраъ ин аст, ки духтарак дар зери ҳиҷоба хонаи пинҳонӣ буд (Л. М.).

МАҲҶУР مهجور ҷудой кардашуда, ҷудомонда, ҷудоафтода (аз ёру диёр, аз хешу табор).

Ҷустӣ хабаре зи ёри маҳҷур
Додӣ асаре ба ҷони ранҷур.
(Л. М.)

МАҲҶУРӢ* مهجوری ҷудоӣ (*Х.*).

МАҶ* مج 1. *умуман* ривояткунанда. 2. *лақаби* хоси ривояткунандаи (яъне дар маҷлисҳо хонандаи) шеърҳои Рӯдакӣ (*дар ин хусус Шамси Фахрӣ ном шоир гуфтааст*):

То мадҳати ӯ хонад гуфтӣ ки шараф кӯ
Устоди сухан Рӯдакиву ровии ӯ Маҷ.
(Р.)

МАҶБУЛ I مجبول офаридашуда, ҷибиллигардида, хилқӣ, табиӣ.

МАҶБУЛ II مجبول ҷалб кардашуда, кашидашуда (*Н.*).

МАҶБУР مجبور бо зӯрӣ ба коре дошташуда.

МАҶБУРИЯТ مجبوریت чиз ё ягон вазифаи адоаш лозим (*дар адабиёти имрӯза*).

МАҶБУРӢ مجبوری *мансуб ба* маҷбур; **кори маҷбурӣ, вазифаи маҷбурӣ.**

МАҶД مجد бузургӣ, бузургворӣ.

МАҶЗУБ* مجذوب 1. ҷалб кардашуда, кашидашуда. 2. девона. **Маҷзубон** тоифае аз аҳли сулуканд, ки ба фармоиши зоҳири шариат он қадар амал намекарданд ва риёзати шоққаро ба воситаи ба худо — ба ҳақиқат расидан медонистанд ва дар зоҳири аҳвол девонавор мегаштанд. Маслаки маҷзубӣ ҳам монанди ҳамаи шоху шохчаҳои дин ба заҳролуд кардани майнаи халқ нигаронида шудааст. *(Б.)*.

МАҶЛИС مجلس 1. нишастангоҳ. 2. ҷамъ шуда нишастани як чанд кас дар як ҷо барои ҳал кардани масъалае.

МАҶМАА* مجمعه бемориест, ки аз баҳам омехта хӯрдани хӯрокҳои гуногуни бисёр пайдо мешавад *(Ёд.)*.

МАҶМАЪ* مجمع ҷамъомадгоҳ.

Шаҳре аз эфиятсаводиҳо
Маҷмаи иттифоқи шодиҳо...
(Бедил).

МАҶМӮЪ* مجموع 1. ҷамъшуда. 2. осуда, хотирҷамъ. **Маҷмӯъ** бош! хотирҷамъ бош!

Агар аблаҳе мушкро ганда гуфт,
Ту маҷмӯъ бош, ӯ пароканда гуфт.
(Бӯс.).

МАҶНУН مجنون 1. ҷинӣ, девона. 2. лақаби Қайс, ки ошиқи Лайлӣ буд.

МАҶОЗ مجاز 1. *зидди* ҳақиқат; 2. калимае ки дар ғайри маънии ҳақиқии худ кор фармуда шавад бинобар муносибате *(масалан маънии аслии «мустаманд» андӯҳгин аст, ба муносибати он, ки ҳар «мустаманд» андӯҳгин мешавад, «ҳоҷатманд»-ро ҳам «мустаманд» гуфтаанд)*.

МАҶОЗИБ* مجاذب [*ҷамъи* маҷзуб]. **Онии маҷозиб** тарзи маҷзубон. *Нигоҳ кун.* ба **маҷзуб(он)**.

Ба онии маҷозиб сангу хишти пеши по афтодаро таълими гилбозӣ парвоз мекардам. *(Бедил)*.

МАҶОЗӢ مجازی *мансуб ба* маҷоз **(маънии маҷозӣ)**.

МАҶОЛ مجال 1. ҷавлонгоҳ, майдони ягон кор.

*Надонад ки моро сари ҷанг нест.
Вагарна маҷоли сухан танг нест.
(Бӯс.).

2. ҷой, роҳ барои чизе **(дар ин кор чуну чароро маҷол нест,** яъне ҷой нест, роҳ нест). 3. қувват **(ҳозир ҳеҷ маҷол надорам, маҷолам намондааст)**.

МАҶОНИН* مجانین [*ҷамъи* **маҷнун**]; маҷнунҳо.

МАҶОРӢ مجاری гузаргоҳҳои чизе, роҳҳои чизе.

МАҶРО مجرا ҷои равон шудани об.

МАҶУС مجوس оташпараст, офтобпараст.

МАҶҲУЛ مجهول 1. донистанашуда, номаълум. 2. феъле, ки кунандаи он маълум набошад *(дар сарфу наҳв. Чунончи агар гӯем:* «Аҳмад зада шуд». *Дар ин мисол заданда, ки кунандаи феъл аст, номаълум аст. Дар ин ҷо «зада шуд» феъли маҷҳул ҳисоб меёбад)*.

МАҶҶОНӢ مجانی муфт, ройгон, чизи ба вай пул сарфнашуда.

МЕЛОД میلاد замони зодашавӣ.

МЕТИН متین кӯбаи оҳанини ғафснӯл аст, ки бо вай санг шиканад; олати оҳанини сангшиканӣ. *(Ин ғайри* **зоғнӯл** *аст, ки нӯли вай борик ва ҳамида мешавад)*. **Метин барин** одами сахтбадан ва сахтирода *(маҷоз)*.

МЕХ میخ чӯб ё оҳани сартез аст, ки вайро дар замин, дар деворҳо ва тахтаҳо кӯбанд. **Мех барин** [*кинояи аз*] одами тандурусти бақувват.

МЕХЧА میخچه 1. механ хурди оҳанӣ. 2. гулест, ки шукуфааш ба шакли сари мехча хурд-хурд мешавад.

МЕХЧАГУЛ میخچه‌گل бофтаест, ки гулаш монанди сари мехча хурд-хурд ва нукта-нукта мешавад.

МЕШ میش модагӯсфанд.

Чун гург бара зи меш бирбуд,
Фарёди шубон куҷо кунад суд?
(Л. М.).

МЕШЧАШМ میش‌چشم касе, ки чашмаш ба чашми гӯсфанд монанд бошад.

МЕШӢ میشی чармест нарм, ки аз пӯсти гӯсфанд месозанд.

МЕЪДА معده халтаест дар даруни шиками одам, ки таом дар он ҷо қарор мегирад ва ҳазм мешавад.

МЕЪЁР معیار 1. тарозуи зарсанҷ. 2. санги маҳак, ки бо вай сарагӣ ва сақатии зарро озмоянд. 3. асбоби санҷиши ҳар чиз *(ба маънои охирӣ зинда аст).*

МЕЪМОР معمار 1. устои гилкоре, ки нақшакашии иморат ҳам аз дасташ ояд *(ба ҳамин маънӣ зиндааст).* 2. *умуман* устои бинокор. *Дар ин маънӣ Бедил гуфта:*

Нафас ҳар дам зи қасри умр хиште
мекананд, Бедил.
Пай таъмири ин вайрона меъмор
инчунин бояд.

МЕЪРОҶ معراج нардбон, зина, [ҷои баромадан; баланд гардидан].

МЕЪЧАР معجر 1. пӯшиши занон, рӯпӯши занон.

*Фиғони ман ҳама з-он зулфи тобдори сиёҳ,
Ки гоҳ пардаи лола асту гоҳ меъҷари моҳ.
(Рӯдакӣ).

2. сарандози занон.

Меъҷар зи сари санам биафтод,
Мӯя чу сумал ба бод бардод.
(Л. М.).

МЕҒ میغ тумани ҳаво; *абр.

Гар шери найзадаш чу меғ,
Бар лашкари зишти задӣ тег.
(Л. М.)

Ҳаво бинӣ зи гарди ҳайҷо чу меғ,
Бигиранд гардат ба ҷунбиш тег.
(Бдс.)

МЕҲ* مه *бузург; зидди* **кеҳ. Меҳо!** — *эй бузург!*

Меҳо хирадманди бинои бар кеҳон,
Ки бар ин ниёбат менамояд ҷаҳон.
(Бдс.).

МЕҲВАР محور 1. тири чархҳои гарданда **(тири чархи ароба, тири чархи ресмонресӣ)...** 2. хатти фарзӣ дар миёни қутби шимолӣ ва ҷанубӣ.

*Ҷаҳолат довари аклашу он гаҳ
мункири раъйӣ?
Зи ҳақ мағзар, сипеҳри одамият
меҳвари дорад.
(Бедил)

МЕҲМОН* مهمان//میهمان касе, ки ба хонаи дигаре рафта аз соҳиби он пазирой мебинад. ***Меҳмони нав** бачаи нав зоидашуда. **Меҳмони ногуфт** меҳмони нохонда. **Меҳмони нохонда** касест ки аз гайри ҷег задан ба ҷое меҳмон шуда омада бошад. **Меҳмони туфайлӣ** касе ки ба зиёфат аз гайр ҷег задан ҳамроҳи дигарон меояд. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Назар бар булҳавас аз ошиқи беш
аст хубонро,
Кароматҳо дӯстар доранд меҳмони
туфайлиро.

МЕҲМОНДОР مهماندار касе ки аз ҷониби касе ё идорае меҳмононро нигоҳубин ва парасторӣ мекунад.

МЕҲМОНДОРӢ مهمانداری

парасторӣ ва нигоҳубиникунии меҳмонро.

МЕҲМОНДУСТ مهمان دوست касест, ки меҳмонро дӯст медорад.

МЕҲМОНСАРОЙ مهمانسرای 1. меҳмонхонаи чандхонанок аст дар шаҳрҳо, ки мусофирон дар он ҷо манзил кунанд, яке равад ва дигаре ба ҷои ӯ ояд. 2. дунъё (*маънии дуюм маҷоз аст*).

МЕҲМОНХОНА مهمانخانه хонаи меҳмоннишини ҳар ҳавлӣ.

МЕҲНАТ محنت 1. бало; ғаму кулфат.

*Аз меҳнати дӯст мӯй меканд,
Аммо ба туфайли шӯй меканд.
(*Л. М.*)*

2. озмоиш ба бало. 3. коре ки дар кардани он одам машаққатӣ кашад (*ба ҳамин маънии сеюм дар адабиёти имрӯзаи Осиёи Миёна ва забони халқӣ зиндааст*). **Меҳнати димоғӣ** корест ки одам дар кардани он бештарин қувваи дил, майна, фикри худро сарф мекунад (*нависандагӣ, инженерӣ, рассомӣ, доктурӣ ва монанди инҳо*). **Меҳнати сиёҳ** корест, ки одам дар кардани он бештарин қувваи бадани худро сарф мекунад (*каландзанӣ, гоуронӣ, сангшиканӣ ва монанди инҳо*).

МЕҲР* مهر офтоб, хуршед. **Меҳри гиё** номи растаниест, ки гӯё ҳар кас бехи вайро бо худ дорад, ҳамаи одамон ба ӯ меҳр монанд ва ӯро дӯст доранд. **Меҳри гиёҳ** *нигоҳ кун. ба* **меҳри гиё. Меҳри ҷаҳонтоб** офтоб.

МЕҲРГИЕ(Ҳ)* مهر گیاه *нигоҳ кун. ба* **меҳр—меҳри гиёҳ.**

МЕҲРГУСТАР* مهر گستر меҳрпош. (*Ҳ*).

МЕҲРФУРӮҒ مهرفروغ монанди офтоб равшан. (*Ҳ.*).

МЕҲРУБОН مهربان одами соҳибшафқат, меҳрубоникунанда.

МЕҲРУБОНӢ مهربانی шафқат муҳаббатнишондиҳӣ.

МЕҲТАР مهتر 1. бузургтар 2. сардори қавме ё гурӯҳе.

В-он меҳтари меҳмоннавозаш
Медошт ба сад ҳазор нозаш.
(*Л. М.*)

3. сурнайнавоз. *4. саис, нигаҳбони аспон (*Ч. 10*)*

МЕҲТАРӢ* مهتری бузургӣ, калонӣ.

Чунон аст дар меҳтарӣ шарти зист,
Ки ҳар кеҳтареро бидонӣ, ки кист?
(*Бдс.*)

МИДОД مداد сиёҳии хатнависӣ.

МИДҲАТ مدحت ситоиш; *мадҳия, мадҳ.

Маро табъ з-ин гуна хоҳон набуд,
Сари мидҳати подшоҳон набуд.
(*Бдс.*)

МИЁН میان 1. васати ҳар чиз. 2. камари одамӣ ва ҳайвонот, ки дар васати бадан воқеъ шудааст. ***Зи миёни ҷон** аз таҳти дил.

Чун ёфт Салом аз ӯ ҷасме,
Додаш зи миёни ҷон саломе.
(*Л. М.*)*

Миён бастан барои кор кардан ба сари худ рухсат додани пешаварони замони пеш шогирдони худро, ки бо маросими махсус ба амал меомад. **Миёни худро маҳкам бастан** барои кардани коре бо ирода сахт тайёр шудан. **Миёни худро аз чанд ҷой бастан** *нигоҳ кун. ба* **миёни худро маҳкам бастан.**

МИЁНА میانه 1. байн, мобайн **(дар миёнаи дарахтзор гаштем** яъне дар байни дарахтзор); *мансуб* ба миёни васат **(гарми**

миёна, сарди миёна *яъне дар ҳадди васат*). *Аз миёна бархостан* аз байн рафтан.

> *Гар шахси ту аз миёна бархост*
> *Андӯҳи ту ҷовидона барҷост.*

(Яъне, шахси ту аз байн рафта бошад ҳам. Л. М.)

МИЁНАГИР* میانه‌گیر ***Миёнагир кардан*** а) касеро чанд кас дар миён гирифта ӯро барои коре маҷбур кардан, б) касеро чанд кас дар миён гирифта ӯро дашном додан, задан, таъна кардан...

МИЁНАРАВ میانه‌رو касе ки дар миёнаи ду кас ё ду гурӯҳ рафтуой карда онҳоро барои коре ба созиш меорад.

МИЁНАҲОЛ میانه‌حال на бой ва на камбағал.

МИЁНАҶОЙ میانه‌جای *нигоҳ кун.* ба **миёнҷой.**

МИЁНБАНД میان‌بند чизе ки бо вай миёнро мебанданд.

МИЁНБАСТ میان‌بست рафи пасеи дар миёнаи хона кашида, ки болои он ҳам ҷои нишаст ё ҷои чизмонӣ мешавад.

МИЁНСАРОЙ میان‌سرای ҷои васеест, ки аз дарвоза то рӯи ҳавлии баъзе биноҳои калон месозанд; *рохраи васеи болопӯшидаест, ки дар мадраса ва саройҳои калон мешавад (Ч. 1); даромадгоҳи сарой ё ҳавлиҳои калон. (Ч. 6)*

МИЁНҶӢ میانجی *нигоҳ кун.* ба **миёнарав.**

МИЁНШИКОФ میان‌شکاف алочаи роҳдор аст, ки дар байни ҳар ду роҳи он як роҳи борик аз ду тори дуранг (*масалан*, сиёҳу сафед) ба вуҷуд омада аст.

МИЁНҶОЙ میانجای нуқтаи дар ҳадди васатбудаи ягон чиз.

МИЖ-МИЖ مژ-مژ 1. хӯрокхӯрии бисёр сусти одамӣ. 2. магаси калони сабзтоб, ки гӯштро зуд фосид ва кирмдор мекунад.

МИЖА مژه мӯйи гирдогирди чашм. **Мижагон** ҷамъи мижаҳо. *Дар ин шакл ва маънӣ гуфта шудааст:*

> Чашмат ба домани **мижагон** бар кабоби дил.
> Оташ зада, ки боли Самандар шикастааст.

Мижа назадан чизе нагуфта ва ҳаракате накарда нигоҳ карда истодан.

МИЖГОН مژگان мижа (ҳоҳ якеаш бошад, ҳоҳ ҳамааш).

МИЗ میز чорпое, ки бар рӯи вай таом ниҳода хӯранд.

МИЗБОН میزبان меҳмондор, соҳиби хона нисбат ба меҳмон (*ин калима аз калимаи* **миз,** *ки чорпояи таомхӯрӣ аст, сохта шудааст*).

МИЗМОР مزمار нае ки менавозанд.

МИЗОН* میزان [1. тарозу. 2. миқдор, андоза] 3. номи моҳ. **Моҳи мизон** аз 23-юми сентябрь то 23-юми октябрь *(Ч. 6).*

МИЗОҶ مزاج 1. омехта. 2. сиришт ва табиати одамӣ ва растаниҳо.

МИЗОҶГӮЙ مزاج‌گوی хушомадгӯй.

МИЗОҶДОН مزاج‌دان касе ки атвор ва сиришти ҳар касеро мешиносад ва муофиқи он бо мардум муомила мекунад.

МИЗРОБ مضراب 1. нохунак ё чӯбаке ки бо вай созро навозанд. 2. ҳолати тор, соз (сустӣ, тарангӣ, баландӣ ё пастии он) *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Мизроб шуд баланд мазан нохун,
эй рафиқ,
Тарсам, ки нола гул кунаду тор
бигсилад.

МИЗРОББАЛАНД مضراببلند одами калонгир, беилтифот (*маҷоз. Махсуси тоҷикӣ*).

МИЛ* میل 1. чӯбчаи нӯгборик, сурмачӯб. 2. тири чизе. **Мили оҳан** тир. ...Мили оҳанаш, ки маркази паргори гардунак (чарх) мебошад, ба ҳукми шикаст паҳлуи истиқомат тиҳӣ кард ва ба хок ғалтид. (*Бедил*). 3. сутун барои ишораи сарҳад. 4. андозаи масофа (камтар аз се километр).

Он милкашида **мил** бар **мил**
Мерафт чу Нил ҷома дар нил.
(*Л. М*)*

Мил кашидан як шакли ҷазои замони феодалии Шарқӣ аст, ки мили оҳаниро ба оташ тафсонда ба чашми «гунаҳгор» мекашиданд ва дар натиҷа ӯ кӯр мешуд.

МИЛАЛ ملل [ҷамъи **миллат**]; миллатҳо.

МИЛВОҲ ملواح *нигоҳ кун. ба маънии аввали* **мулӯҳ**.

МИЛК ملک 1. моликшавӣ. 2. чизе ки ба вай касе молик шудааст (*бештарин дар бораи замин меояд*). 3. канори чизе (**милки чашм, милки дандон, милки нохун**). **Милки хироҷӣ** як қисм замин буд дар замони амир, ки соҳибони онҳо хоҳ коранд, хоҳ накоранд, ба подшоҳӣ хироҷ медоданд. **Милки хур** як қисм замин буд дар замони амир, ки соҳибони онҳо ба подшоҳӣ чизе намедоданд.

МИЛКАК ملکک озорест дар гирдогирди нохуни даст пайдо мешавад.

МИЛКАТ* ملکت мамлакат, қаламрави як ҳукумат. (*Ҳ.*)

МИЛКДОР ملکدار заминдор.

МИЛТИҚ* میلتیق аслиҳаи дастии ҷангии оташкушой. **Милтиқҳои чақмоқӣ** — милтиқҳои потусқагӣ. (*Б.*).

МИЛҲ ملح намак, [намаки ошӣ].

*Милҳу қалъё ками ҳушат шӯр кард,
Шӯра охир чашми ақлат кӯр кард.
(*Бедил*).

МИНВОЛ منوال тавр, тарз, тариқа.

МИННАТ منت 1. накӯӣ; эҳсон, неъматдиҳӣ ба касе (*ҳоло ин маънӣ мурдааст*). 2. баёни накӯии худ ба касе, ки дар ҳаққи вай ин накӯӣ карда шудааст (*ба ин маънӣ зиндааст*). **Миннат кардан** шумор кардани накӯии худ ба касе, ки ин накӯӣ дар ҳаққи вай шудааст барои бор ниҳодан ба гардани ӯ.

МИННАТДОР منت‌دار касе, ки аз накӯии ба ҳаққи худкардан касе изҳори хурсандӣ мекунад. **Миннатдор кардан** накӯӣ кардан, эҳсон кардан, неъмат додан ба касе.

МИННАТДОРӢ منت‌داری изҳори хурсандӣ аз накӯии ба ҳаққи худкардан касе.

МИННАТНИҲӢ منت‌نهی 1. накӯикунӣ, неъматдиҳӣ ба касе. 2. изҳоркунии накӯии худ ба касе, ки дар ҳаққи ӯ ин накӯӣ карда шудааст.

МИНО مینا шиша, шишаи рангин. (*дар адабиёт ба маънии шароб кор фармуда мешавад*). Соиб гуфта:

Ба ҳар навъе, ки мехоҳад дилат бишкан
дили моро,
Ки аз мастон намегиранд хуни ҷому
миноро.

МИНКОР منقار нӯли мурғ.

МИНТАҚА منطقه 1. миёнбанд. 2. доираи ҷуғрофӣ (**минтақаи ҷанубӣ, минтақаи шимолӣ**).

МИОД* میعاد 1. ваъдагоҳ. 2. ваъда.

> *Набоя чу ту бахт мунинд*
> *Омад ба қарорғоҳи миод.*
> (Л. М.)

МИОДГАҲ* میعادگه ваъдагоҳ, ҷои барои дидани ҳамдигар таъиншуда.

> *Миодгаҳи бахорат нест,*
> *Ошиқест ваъдаи корат, он чист!*
> (Л. М.)

МИР میر 1. лақаби сайидҳо (*дар замони пеш*). 2. ҳокими ягон вилоят, ё саркардаи ягон дастаи аскар (*дар замони амир*). 3. *амр ба мурдан* (яъне бимир). *Ба ин ду маънӣ дар ҳаҷви яке аз ҳокимони амир гуфта шудааст:*

> *Мир гуфтаму намемирад ӯ*

(Дар ин мисраъ «мир» ба ду маънии охирӣ аст).

МИРВАҲА مروحه бодбезак.

*...изтироб аз ҳар сари мӯ мирваҳа мегардонад. (*Бедил*).

МИРЗО میرزا 1. амирзода (*дар замонҳои пеш.*) 2. соҳиби ғулом (*дар замони ғуломдорӣ*). 3. соҳиб. 4. лақаби як қабилаи тоҷикон, ки дар аввали номи ҳар кадоми онҳо ин калима ҳамроҳ мешавад. 5. котиби ягон идора ё ягон кас (*дар забони зиндаи халқ*); рӯйхатнавис. *6. дар Ҳиндустон авлоди сардорони лашкар ки... як лақаби эҳтиромӣ ва ифтихорӣ ҳисоб меёбад.

> *Дар нақшае ки иззат мавқуфи худфурӯшист.*
> *Дигар касе чӣ бошад? гар Мирзо набошад!*
> (*Бедил*)*

МИРЗОӢ* میرزائی 1. амали мирзо; котибӣ, рӯйхатнависӣ (*Ч. 6*).

МИРИШКОР* میرشکار касест, ки ба паррандаҳои шикории феодалҳо нигоҳубин мекард. Аммо шакли «миришкор» — шудани ин калимаро ба ҳар тарбиякунандаи ҳар ҳайвон, хусусан асп, кор мефармоянд ва кори ӯро «миришкорӣ» меноманд. (*Ч. 3.*)

МИРОБ میراب касе ки ба тақсимоти об назорат мекунад.

МИРРИХ مریخ яке аз ситораҳои сайёра. [сайёраи Баҳром (*Марс*)].

МИРЪОТ مرآت оина.

МИРҒАЗАБ* میرغضب касест, ки ғазаби амирро бо ҷӯб иҷро мекунад, ё бандиҳоро бо ҷӯб зада иқрор мекунонад (*Ч. 3.*), иҷрокунандаи ғазаби амир (*Ч. 6*).

МИРҶАЛ* مرجل деги миси калон.

> Маликро чунон гарм кард аз хабар
> Ки ҷӯшаш баромад чу мирҷал ба сар
> (*Фир.*)

МИС مس филизи сурхтоби маълум аст, ки аз вай зарфҳо созанд ва дар техника ба кор равад.

МИСДОҚ مصداق 1. чизе ки бар вай ягон чизи куллӣ рост ояд (*масалан*, колхоз — зиндагии коллективонидашуда. Ин як мафҳуми куллӣ буда, ҳар кадоми аз колхозҳои «Коминтерн», «Ворошилов» ...яке аз мисдоқҳои он мафҳуми куллӣ аст, ки он мафҳум ба ҳар кадоми онҳо рост ва дуруст меояд. [2. мувофиқи чизе; гувоҳ, далел].

МИСКИН مسکین 1. тамоман аз қувват ва ҳаракат бозмонда.

2. тангдасте ки чизе надошта бошад.

*Бимурд аз тиҳидастӣ озодмард,
Зи паҳлуи мискин шикам пур накард.
(*Бӯс.*)

МИСЛ مثل монанд.

МИСМОР مسمار мехи оҳанӣ.

*К-аз новаки оҳанини он хор
Рӯяд зи дилам ҳанӯз мисмор.
(*Л. М.*)

МИСОЛ مثال 1. фармони дар хусуси коре навиштаи ҳоким ё маҳкама.

*Дар ҳол расид қосид аз роҳ,
Овард мисоли ҳазрати шоҳ.
(*Л. М.*)

Мисол додан фармон навишта додан барои иҷрои коре. 2. нишондиҳандаи вазъияти ҳамгурӯҳ ва ҳамтабақаҳои худ дар исботи чизе (*маънии дуюм зиндааст*). **Мисол овардан** яке аз як гурӯҳ ё табақаро барои исботи муддао гирифта нишон додан.

МИСОС مساس 1. судани чизеро бо ягон ҷои бадан. 2. судан ба даст (*ҳамин маънӣ зиндааст*).

МИСР مصر 1. шаҳр. 2. номи шаҳри Қоҳира.

МИСРАЪ مصرع 1. ҳар табақаи дари дутабақа. 2. нимаи як байт (*дар шеър*).

МИСРОН مسران оҳанест дарози пахнинӯг, ки бо вай деворҳои хиштиниро сӯрох кунанд ва дар тиргарии иморатҳои чӯбкорӣ тирҳоро бо вай бардоранд ва пеш ронанд, ҳам заминҳои сахтро бо вай чуқур кованд.

МИСРОЪ مصراع *нигоҳ кун.* ба мисраъ.

МИСТАР* مسطر асбоби сатркашӣ буда ки асбобро аз коғази ғафси сахт ва риштаи абрешим месохтанд. Риштаро бар рӯи коғаз ба андозаи саҳифа ва сатрҳои китобати матлуб, дар наср мувофиқи он ва дар назм низ мувофиқи худаш, медӯхтанд ва коғази китобатшуданиро болои вай монда дасткаш мекарданд, ки нақшҳои мистар ба коғаз мегузашт ва котиб аз рӯи ҳамон «ҷадвали беранг» китобат мекард, ки хатҳо рост мебаромаданд.

Хати мистар нашавад монеи ҷавлони қалам,
Теғро ҷода кунад ҳар ки зи сар мегузарад.
(*Бедил*).

МИСҚАБ مثقب пармӣ.

МИСҚОЛ مثقال вазнест, ки ба 25 грамм баробар меояд.

МИСҚОЛӢ مثقالی як хел докаи нозуки тунуки аълосифат.

МИТА* متة *ниг.* **ғаламус** (*Ҷ. 4*).

МИТРАҚА مطرقه путк, ҳоиск.

МИТРОН* مطران сарруҳонӣ [митрополити христианҳо].

Паси парда митроне озарпараст,
Муҷовир, сари ресмоне ба даст
(*Бӯс.*).

МИТҲАРА مطهره обдони сафарӣ, ки ҳар кас бо худ яке аз онро медорад.

МИФТОҲ مفتاح калид.

МИХЛАБ مخلب чанголи мурғони шикорӣ, чанголи шер ва дигар ҷонварони дарранда.

МИҒФАР مغفر кулоҳи оҳанин, кулоҳхӯд.

*Чӣ ёрӣ кунад миғфару ҷавшанам,
Чу ёрӣ накард ахтари равшанам.
(*Бӯс.*)

МИҚДОР مقدار андоза.

МИҚНАА* مقنعه пардае ки занон ба рӯи худ мепӯшанд (*Ч. 10*).

МИҚНААДОР* مقنعه‌دار пардапӯш (*Ч. 10*).

МИҚНОТИС مقناطیس санги оҳанрабо.

МИҚНОТИСШУДА مقناطیس شده оҳан ё пӯлоде ки аз санги оҳанрабо таъсир гирифта худ оҳанрабо шудааст.

МИҚНОТИСӢ مقناطیسی *мансуб ба* **миқнотис** (кашиши оҳанрабоӣ).

МИҚРОЗ مقراض 1. қайчӣ. 2. қайчии пилтаи шамъбуррӣ, ки як тегаш қуттичадор мешавад ва пилтаи буридашуда дар даруни вай мемонад.

МИҚЬЁС مقیاس 1. андоза. 2. он чизе ки чизи дигареро бо вай андоза гиранд.

МИҲАН محن (ҷамъи **меҳнат**) 1. балоҳо. 2. озмоишҳо ба бало.

МИҲИН مهین бузургтарин. *Нигоҳ кун. ба* **меҳ**.

МИҲОД مهاد 1. бистар. 2. ҳар гуна палос, кӯрпа ва кӯрпача.

МИҲОН مهان бузургон. *Нигоҳ кун. ба* **меҳ**. *Ҳайрат гуфта:*

Ору нанг аст ба ҷуз ишқу муҳаббат, ки ба даҳр,
Ҳам бадин кори киҳон рафту бад-ин кори миҳон.

МИҶМАР مجمر зарфест дастадор ё онеза, ки дар вай чизҳои хушбӯйро месӯзонанд.

МО I ما ҷонишинест, ки ифода мекунад гапзанандаро бо кас ё касони дигар (**мо рафтем, мо омадем**).

МО II ما об (*ба ин маънӣ арабист*). *Мушфиқӣ дар таърихи пули Меҳтарқосим гуфта:*

Зи таҳти ӯ гузари мо зи фавқи ӯ гузарем,
Аз ин сабаб шуда таърихи ӯ гузаргаҳи мо.

(*Дар ду мисраъ ҳар ду «мо» ҳам ба ду маънӣ гуфта шудааст*).

МОВАРО ماورا чизе ки дар пушти чизе бошад.

МОДАБОЗӢ ماده‌بازی пештар аз ҷуфтӣ бо ҳам бозӣ кардани нару модаи паррандагон.

МОДАР مادر 1. *маълум аст* [**волида**]* 2. *дар ин ҷо киноя аз замин.*

Ҷони гиромӣ ба падар боздод,
Колбади тира ба модар супурд.
(*Рӯдакӣ*).

Модари айём киноя аз сохти иҷтимоии даври амирӣ (*Ёд.*) [давра, замон] **Модари май** ба маънои токи ангур. (*Р.*)

МОДАРАК مادرک навдаи ҳосилдиҳандаи ток ва дарахтони мевадор.

МОДАРАНДАР مادراندر модари ӯгай, зани падар.

МОДАРБАХАТО مادربخطا валадуззино, ҳаромзода.

МОДАРБАХАТОӢ مادربخطائی 1. ҳаромзодагӣ. 2. фиребгарӣ.

МОДАРЗОД مادرزاد 1. узви зоиши ҳайвонот. 2. вақти аз модар зоида шудани бача (**луч модарзод**—луч—белибос, чунон ки дар вақти вай аз модар зоиданаш аст). [3. табиӣ]

МОДАРШӮ مادرشو модари шавҳар нисбат ба зан.

МОДДА ماده 1. чизи аслӣ, ки дар пайдо шудан ё сохтани чизҳои дигар ба кор равад. 2. чизе ки барои пайдо шудани чизе сабаб мешавад (*масалан,* **моддаи**

низоъ—сухан ё чизе, ки ба низоъ сабаб шудааст). 3. нуктаҳои асосӣ дар шартномаҳо ё мактубҳо, ки ҳар кадомашро дар зери як рақам гирифта баён мекунанд.

МОДИЁН ماديان аспи мода (*махсуси асп аст, ки дигар ҳайвонотро «модиён» намегӯянд*).

МОДОМКИ مادامكه ғақте ки (*бинобарин «модоме ки» хатост*).

МОЕЪ مايع обакӣ (*равған, сирка, қиёми равони шакар ва монанди инҳо*).

МОЗИЯ ماضيه [*муаннаси* **мозӣ**]; ҳодисаҳои гузашта.

МОЗУ مازو бори дарахтест ки дар рангрезӣ ба кор равад.

МОЗӢ ماضى 1. гузашта. 2. *шакли феълӣ, ки дар замони гузашта воқеъ шудани онро нишон медиҳад* (рафт, кушт, зад).

МОИДА مائده дастурхони пур аз таом. *Бар моидаи сӯҳбат... ҳазор хастаи зардолу (донак) ва висоли он фароҳам меомад... (*Бедил*).

МОИЛ مائل 1. хамида. 2. майлкунанда; рағбаткунанда (*ба чизе*).

МОКИЁН ماكيان модаи мурғи хонагӣ ва паррандаҳои дигар.

МОКУ ماكو олатест аз устухон ё шохи ҳайвонот сохташуда, ки бофандагон дар вай нойчаи пудро гузошта бо вай пудро аз байни тор гузаронанд.

МОЛ مال ҳар чизи моддӣ, ки одам ба вай соҳиб шуда тавонад. **Моли мурда** а) моли касе ки мурдааст. б) асбоби хона ва монанди он ки фурӯхтани онҳо душвор аст ва дар фурӯхтан аз нархи арзишаш арзонтар меравад. **Моли мурда паси мурда** *масали тоҷикӣ, дар мавриди талаф шудани моли одами мурдагӣ мегӯянд*. **Моли сиёҳ** гов, модагов, гӯсола. ***Молу мулки ғайри манқула** замину боғ ва монанди инҳо. (*Ч. 10*).

МОЛА ماله тахтаест сихдор, ки ба ҷуфти гов ё асп баста замини рондашударо бо пушти вай ҳамвор ва кулӯхҳояшро суда кунанд. **Мола кардан** бо тахтамола ҳамвор ва суда кардани хоки замини рондашуда.

МОЛАПОЧА ماله پاچه ҳаччаест, ки дар вақти кор, сари онро ба юғи ҷуфт баста душохаашро бо занҷир ба тахтамола банд мекунанд.

МОЛИЁТ* ماليات пули аз андозҳои замин ҷамъшуда (*дар шароити аморати Бухоро*). **Молиёти замин** як навъ андоз аз заминҳои кишт.

МОЛИК مالك 1. милкдор. 2. соҳиб (соҳиби ҳар чизе ки бошад).

МОЛИХУЛИЁ ماليخوليا *бемориест* халали димоғӣ, ки гирифторашро ба хаёлҳои беасл андозад (як хел девонагӣ).

МОЛИЯТ* ماليت андози заминҳои амлок дар музофотҳои Бухорои амирӣ. *Ниг. ба* **молкунӣ**.

МОЛКУНӢ* مال كنى Дар замони амир дар музофотҳои Бухоро аз тарафи маъмурони ҳукумат ба заминҳои зироат андоз андозиро «молкунӣ», андози заминҳои амлокро «молият» ва маъмуреро, ки ин андозро меандозад, «амлокдор» меномиданд. (*Ч. 3.*).

МОЛОМОЛ مالامال 1. бисьёр, фаровон. 2. пур. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Сина моломоли дард аст, эй табибон раҳмате.

МОЛОЮТОҚ مالایطاق 1. тоқат карда нашуданӣ. 2. берун аз тавоноӣ.

МОЛОЯЪНӢ مالایعنی бемаъниӣ.

МОМ مام модар.

МОМАЗО مامضی он чи ки гузаштааст.

МОМАК* مامک модарҷон *(духтарро барои навозиш бо ин калима хитоб мекунанд).*

Пас аз гирья марди парокандарӯ—
Бихандид: к-эй момаки дилфирӯз!
(*Бус.*)

МОМО ماما доя ки дар вақти бачазойи нигоҳубин мекунад.

МОН مان 1. амр ба мондан дар ҳамаи маъниҳояш (бимон!). 2. *ба маънои «мо» ки ҷонишини гапзананда бо дигарон аст (аммо «мо» ба шакли «мон» дар вақте меояд, ки чизе ба вай изофа ёфта, ин ҷумла ба ҷои шахси сеюми феълӣ воқеъ шавад. Чунончи мегӯем:* **Ватанамонро мудофиа мекунем.** *Лекин ба ҷои* **Ватани мо васеъ аст,** *«Ватанамон васеъ аст» гуфтан дуруст нест. Монанди ин на дар адабиёт ҳаст на дар забони зинда).* 3. асбоби хона, матоъ (**бехонумон** — бехонаву асбоб).

МОНАНДӢ мананди як ё ба ҳамдигар наздик будани намуди зоҳирӣ, ё сифати ду чиз, ё ду кас.

МОНДА مانده 1. чизи дар ҷое ниҳодашуда. 2. одам ё ҳайвони аз кор кӯфташуда. **Монда шудан** а) дар ҷое ниҳода шудан **(ҳар чиз дар ҷояш монда шуд.** б) аз кор кӯфта шудан. **«Монда нашав!»** *калимаи некхоҳист, ки дар вақти кор карда истодани касе мегӯянд.* **Монда нашудан** бо кор кардан монда нашудан. [кӯфта нагардидан аз *коре*].

МОНДАГӢ* ماندگی касолат.

Замини гарму нармасту равшанҳаво
Бар ки мондагӣ нест рафтан раво.
(Ф.).

МОНДАН I ماندن 1. гузоштан, тарк кардан. *Ҳайрат гуфта:*

Ҳамаро сӯи ватан васл барад
Ҳайрати дилфигорро монад.

2. *чизеро ба ихтиёри худ сар додан, раҳо кардан, даст аз вай кашидан.* **Дидӣ ки нашуд, мон ки равад** *масали халқ.* 3. *чизеро ба ҷое гузоштан, ниҳодан* **(пиёларо бар рӯи чорпоя монда рафт).**

МОНДАН II ماندن монанд будан, [монистан]. *Ҳайрат гуфта:*

То ба чашмам намуд мегуфтам.
Сарви дар ҷӯйборро монад.

МОНЕЪ* مانع 1. манъкунанда. 2. монеа.

МОНО مانا 1. монанд. *Ҳайрат гуфта:*

Ёри мо вай ба сарву гул монист.
Он агар шеърро монад.

2. гумон меравад..., пиндорам..., *Ҳайрат гуфта:*

Эй сарв бебо ба чаман сар кашидай.
Моно ки сарви қомати ӯро надидай.

МОНУГИР مانوگیر машғулии ду кас, ё чанд кас ба коре бо навбати кӯтоҳи пайваста **(ду кас як касро монугир мезад** — яъне яке мезад, як ки монд дигарӣ мезад. **Ду хонанда монугир ғазалхонӣ мекард).**

МОНӢ مانی номи наққоши машҳури таърихӣ, ки даъвои пайғамбарӣ карда будааст.

МОР مار ҷонвари бепою беустухони хазандаест, ки заҳрдори он бо газидан одамро мекушад. **Мори гурза** мори сиёҳи кафчадор. **Мори дар пироҳан** душмани хонагӣ, душмани наздик ба худ (*маҷоз*). **Мори дузабон** мунофиқ (*маҷоз*) ***Мори сиёҳ** *киноя аз* шаб.

Чун мори сиёҳ мӯҳра барчид,
Заҳҳоки сапедадам бихандид.
(*Л. М.*)

Мор ба даст гирифтан кори бимнокеро кардан (*маҷоз*). **Мор ба дасти дигаре гирифтан** кори бимнокеро бо дасти каси дигаре кардан (*маҷоз*).

МОРАФСО مار افسا касест, ки гӯё морро бо афсунгарӣ ба худ ром мекунад. *Саъдӣ гуфта:*

Бо бадон чандон ки некӯӣ кунӣ,
Қатли морафсо набошад ҷуз ба мор.

(*маънии ҳақиқии ин калима «морбоз» аст*).

МОРАФСОР مار افسار *нигоҳ кун.* ба **морафсо**.

МОРОН ماران морҳо; **дар моҳи саратон морон борад беҳ ки борон** *масали халқ аст.*

МОРГАЗИДА* مار گزیده морзаҳрзада. **Моргазида аз расан метарсад.** (*масали халқ*).

Тарсам зи расан, ки мор дидам
Чӣ мор, ки аждаҳо газидам.
(*Л. М.*).

МОРПЕЧ مار پیچ 1. пурхаму печ (*масалан* роҳи кӯҳсор). 2. нақшест ба шакли мори бар дарахтпечида, ки дар сутунҳо ва дар барҷастагии сутунчавори деворҳои гаҷин кунанд.

МОРПЕЧАК مار پیچک бекарории аз ҳад зиёд, ки ба одам дар вақти дарди шиками сахт ва ё дар мусибатҳои сахт рӯй медиҳад. **Морпечак рафтан** аз ҳад зиёд бекарор шудани одам аз дард ё мусибат.

МОРЧӮБА مار چوبه гиёҳи худрӯй аст, ки дафъи заҳри газандагонро кунад.

МОСИВО* ماسوا ғайри худо.

МОСИКА ماسکه қувватест нигоҳдорандаи ғизо дар меъда.

МОСТ ماست 1. ҷуғрот. 2. мо аст (**аз мост ки бар мост** — аз мо аст ки...).

МОСТОБА//МОСТОВА ماستابه//ماستاوه биринҷобаи ҷуғротдор.

МОТ مات 1. ҷои гурез наёфтани шоҳи шатранҷ, ки аломати тамоман мағлубӣ аст (*дар шатранҷбозӣ*). 2. дар ҳайрати сахт афтодан (*маҷоз*). **Моту мабҳут шудан** ҳайрон шуда хомӯш мондан. **Мот шудан** а) тамоман мағлуб шудани шатранҷбоз аз ҳарифи худ. б) дар ҳайрати сахт афтодан (*маҷоз*).

МОФАВҚУТТАБИАТ* مافوق الطبیعت илоҳиёт (*Ч. 6*).

МОФОТ مافات чизи фавтшуда, аздастрафта.

МОЧА ماچه хари мода (*аммо дар кор фармудан ҳамеша «хар» ҳамроҳ карда «мочахар» мегӯянд*).

МОШ ماش донаест аз ҷинси лӯбиё, аммо хурдтар ва сахттар аз он ки ҷӯшонда хуранд.

МОША ماشه амбӯри сарҳамвор ки оҳангарон бо вай оҳани тафсонро гирифта бар сандон нигоҳ доранд. 2. ҷои пилтагузории милтиқҳои қадимӣ.

МОШАК ماشک мокиёни бедона; вартиши (бедонак) мокиён (*Ч. 1*) *нигоҳ кун.* ба **бедона**.

МОШАТОЛА ماش اتاله *нигоҳ кун. ба* **мошоба.**

МОШӢ ماشی пиёдарав.

МОШИТА ماشطه зане ки мӯи занонро шона мекунад, машшота.

МОШКИЧИРӢ ماش کیچیری 1. *нигоҳ кун. ба* кичирӣ. 2. кори дарҳамомехтаи бесару бун (*маҷоз*).

МОШОБА ماشابه оши шуррутест, ки бо ҷӯшонидани мош бо об ва кадре орд задан бар он тайёр мешавад.

МОШПИЁБА ماش پیابه *нигоҳ кун. ба* **мошоба.**

МОШУРА ماشوره нейчаи пудресонии бофандагон, ки дар вакти кор дар моку гузаронанд.

МОШХУРА ماشخوره *нигоҳ кун. ба* **мошоба.**

МОЯ مایه 1. асли ягон чиз (**хамирмоя,** ки хамирро турш кунад, **панирмоя,** ки панирро расонад). 2. микдоре аз чизе (**сармоя, дастмоя** *аз ҳамин маънӣ таркиб шудааст*). 3. тухмаки одам ва ҳайвоноти нарина, ки дар ҳар нар 2-то мешавад.

МОЯК مایک тухми мурғ.

МОҚУТ ماقوت шириниест ки орди биринҷро бо шакар дар об мепазанд. *Дар киноя ин маънӣ Камоли Хуҷандӣ гуфта:*

> Моқути лаби лаъли ту шуд
> ҷони маро қут

МОҲ ماه 1. яке аз ситорагон аст, ки равшании худро аз офтоб гирад ва шабҳо дуньёро равшан кунад. 2. як қисми аз 12 қисми сол. **Моҳи дар ақраб** а) моҳе ки дар бурҷи ақраб аст (*нуҷумӣ*). б) рӯи маҳбуб, ки вайро зулфи маҳбуб фурӯ гирифтааст (*дар адабиёти бадеӣ*) ***Моҳи дуҳафта** моҳи чордаҳрӯза, яъне моҳи пурра.

> Аз моҳ чу ду ҳафта буд рафта,
> Шуд моҳи дуҳафта дар ду ҳафта
> (*Л. М*)*

Моҳи муқаннаъ *нигоҳ кун. ба* **моҳи Нахшаб. Моҳи нав** моҳест ки дар аввалҳои моҳ ба шакли камон менамояд. **Моҳи Нахшаб** моҳест ки Ҳаким ибни Атои машҳур ба «Ибни Муқаннаъ» дар байни Қаршӣ ва Шаҳрисабз дар кӯҳе бо амали кимиёӣ сохта буд, ки ҳар шаб аз чоҳе мебаровард (**Нахшаб** — номи қадимии Қаршӣ аст) ***Моҳи сиём** — моҳи Нахшаб. *«Сиёма» номи он кӯҳ аст. Дар Наршахӣ ин кӯҳ ба шакли «Сом» навишта шудааст (Р.).*

> На моҳи сиёмӣ, на моҳи фалак,
> Ки инат ғулом асту он пешкор.
> (*Рӯдакӣ*)*

Моҳи хиргаҳӣ а) моҳе ки атрофашро хола гирифтааст (*маҷоз*); б) соҳибҷамоли парданшин (*маҷози дар маҷоз*). **Моҳи шамсӣ** як қисми аз 12 қисми соле, ки тақрибан 365 рӯз аст (*бо забони тоҷикӣ* **ҳамал, савр** *ва ҳоказо ва ба забони байналмилалӣ* **январь, февраль** ва ҳоказо). **Моҳи қамарӣ** як қисми аз 12 қисми соле, ки тақрибан 354 рӯз аст. (**муҳаррам, сафар** *ва ҳоказо*). **Моҳи ҷалолӣ** аз рӯи тақвими мансуб ба таърихи Ҷалолиддин Малик—шоҳи Салҷуқӣ, ҳар моҳи шамсии 12 моҳ, ки бекабиса нишон медиҳад. *Саъдӣ гуфта:*

> Аввал урдӣ биҳишта моҳи ҷалолӣ...

(яъне моҳе аз рӯи тақвими ҷалолӣ).

МОҲА ماهه *мансуб ба* **моҳ (хӯроквории якмоҳа, маоши семоҳа, меҳнати думоҳа...)**

МОҲАЗАР ماحضر таоми андаки тайёр.

МОҲАСАЛ* ماحصل чизи ҳосилшуда.

Моҳасал шаъни беқарор бас аст
Музди мо иштиғоли кор бас аст.
(*Бедил*).

МОҲИР ماهر устоди кор.

МОҲИЯТ I ماهيت ҳақиқат.

МОҲИЯТ II ماهيت моҳ будан.

Дар ин ду маънӣ (I—II) Ҳайрат гуфта:

Ки аз моҳияти рухсораш огаҳӣ
камоҳӣ шуд

(дар ин мисраъ «моҳият» ҳам ба маънои «ҳақиқат» ва ҳам ба маънои «моҳ будан» омада аст) [*маънии дуйӯм фақат хоси ин мисол аст*].

МОҲОНА ماهانه ҳаққи хизмат аст, ки моҳ ба моҳ гиранд.

МОҲПОРА ماه پاره порае аз моҳ; соҳибҷамол.

МОҲТОБ ماهتاب партави моҳ.

МОҲЧА ماهچه чизи ба шакли моҳ аз филиз сохташуда, ки ба сари байрақҳо шинонанд (*дар замони феодализми исломӣ*).

МОҲӢ I ماهی ҷонварӣ маълуми обӣ, ки гӯшти бомазае дорад.

МОҲӢ II ماحی маҳвкунанда, несту нобудкунанда (*ба ин маънӣ арабӣ аст*).

МОҶАРО ماجرا 1. ҳодисаи гузашта, саргузашт. 2. ҷанҷол, харҳаша (*ин маънӣ махсуси тоҷикист, ки дар забони зинда ҳаст*) (**моҷаро сар шуд** — яъне ҷанҷол сар шуд).

МОҶАРОҶӮЙ ماجراجوی касе ки бо ягон мақсади иҷтимоӣ ва сиёсӣ барои ном ва шӯҳрат баровардан ҳар гуна воқеа ва ҷангҳоро эҷод карда, худ ба вай роҳбарӣ мекунад.

МОҶИД ماجد марди бузургвор.

МОҶИДА ماجده [муаннаси моҷид]: бузургворзан.

МУАЗЗӢ//МУЗӢ* موذی озор расонанда. Аз ин муаззиён ба ҳаваси ҳаловат расидан—тарьёқ аз коми афъӣ кашидан аст..., (*Бедил*).

МУАЙЯН معين хос кардашуда, равшан кардашуда, муқаррар кардашуда.

МУАККАЛ//МУВАККАЛ* موكل вакил кардашуда.

Бурданд муаккалони роҳаш
Аз силки сагон ба садри шоҳаш
(*Л. М.*).

МУАЛЛАМ معلم омӯхташуда (*аммо ин калима бештарин ба ҳайвоноти омӯхташуда кор фармуда мешавад, монанди саг, хирс, бӯзина ва монанди инҳо*).

МУАЛЛАҚ معلق овехташуда. **Муаллақ задан** ба зудӣ чаппароста шудан (*монанди ҳаракати дорбозон, раққосон, кабӯтарон ва монанди инҳо*) **Муаллақ зада рафтан** сар поин, по боло шуда ғалтидан.

МУАЛЛИМ معلم омӯзишгор, таълимдиҳанда. **Муаллими аввал** лақаби Арасту, ки яке аз ҳакимҳои Юнони қадим аст. **Муаллими сонӣ** лақаби Абу Насри Форобӣ аст, ки аввалин бор асарҳои Арастуро аз забони юнонӣ ба арабӣ тарҷима кардааст.

МУАММО معما 1. пӯшида, пинҳон, душворфаҳм, душворҳал. 2. суханест рамздор, ки аз ғайри маънии зоҳираш бо рамзҳои махсус аз вай номи касе ё номи чизе фаҳмида мешавад *(аз терминҳои шеърӣ).*

МУАММОӢ معمائی 1. шоири муаммогӯй. 2. муаммокушой.

МУАРРАБ معرب калимаи ғайриарабии арабигардонидашуда *(чунончи* **ҳандаса** *арабигардонидашудаи* **андоза** *ва* **тарҷумон** *арабигардонидашудаи* **тарзубон** *аст).*

МУАРРИФ معرف шиносокунанда.

МУАРРИФӢ* معرفی* **Муаррифӣ кардан** шиносо кардани *касеро ба касе.*

МУАРРО معرا бараҳна кардашуда, урьён кардашуда.

МУАССИР مؤثر таъсиркунанда.

МУАТТАЛ معطل 1. бекормонда, *нокор.

...Ҳар гоҳ рахши худро орӣ
ва муаттал медид
(*Бедил*)*

2. фурӯгузошташуда.

МУАХХАР مؤخر дар охир овардашуда.

МУАҶҶАЛ I مؤجل таъхир кардашуда. **Маҳри муаҷҷал** маҳре ки дар вақти барҳам хӯрдани никоҳ — хоҳ бо талоқ бошад, хоҳ бо марги яке аз зану шавҳар, дода мешавад *(Ҷ. б).*

МУАҶҶАЛ II* معجل таъҷил кардашуда, коре, ки дар он аҷалашитоб карда шудааст.

МУБАРРО مبرا 1. пок кардашуда. 2. пок.

МУБАРҲАН* مبرهن 1. исбот кардашуда. **Мубарҳан гаштан** исбот ёфтан.

...фароҳамовардаҳои домани истеъдодро бар ман арза медор, то мубарҳан гардад. *(Бедил).* 2. зоҳир, ошкор.

...нашъаи таҳаввур чун бода аз табиаташ мубарҳан. *(Бедил).*

МУБАШШИР مبشر бишоратрасонанда, хабари хушрасонанда.

МУБОАДАТ مباعدت дурнгузинӣ, [ҷудоӣ аз ҳамдигар].

МУБОДАРАТ مبادرت пешгирӣ *(корero)* [иқдом ба коре].

МУБОЛАҒА مبالغه болобардорӣ сифати хуб ё бади касеро ё чизеро ба дараҷае, ки аз рӯи ақл мумкин бошад, аммо дар ҳақиқат воқеъ нашуда бошад.

МУБОЛОТ مبالات боқдорӣ, андешакунӣ *(дар коре ё дар ҳар кор).*

МУБОРАЗА مبارزه ҷанг, талош.

МУБОРАК مبارک хуҷаста, баракадор.

МУБОРАКБОД مبارکباد хуҷистабод; баракатдор бод! *(некхоҳӣ барои чизе).*

МУБОРАКНОМА* مبارکنامه 1. табрикнома. 2. *кинояаз фармони подшоҳӣ* (Ҷ. б.).

МУБОРИЗ مبارز ҷанговар.

МУБОРИЗА مبارزه ҷанговарзан.

МУБОСАТАТ مباسطت кушодарӯӣ, хушмуомилагӣ бо касон.

МУБОШАРАТ مباشرت 1. рӯоварӣ [иқдом] ба коре. 2. ҳуфтухоби заношӯӣ.

МУБОШИР مباشر 1. рӯоваранда ба коре. 2. назораткунанда ба рафти коре.

МУБОЯНАТ مباینة аз ҳамдигар ҷудошавӣ.

МУБОҲ مباح ҳалол шумурдашуда, раво дошташуда.

*Гар бо ту яке мизоҳ кардам,
Бар узри ту ҷон мубоҳ кардам.

Ба узри ин гуноҳам ҷонамро ба ту мубоҳ (ҳалол) кардам, яъне агар хоҳӣ маро куш. (Л. М.).

МУБОҲОТ مباهات фахр кардан, нозидан (*ба чизе*).

МУБОҲӢ مباهی фахркунанда, нозанда ба чизе.

МУБРАМ مبرم маҳкам кардашуда, устувор кардашуда.

МУБҲАМ مبهم пӯшида, номаълум.

*Фарқи Машриқ зи Мағриби мубҳам
Мекашида дурии вуҷуду адам.
(*Бедил*).

МУВАДДАТ مودت муҳаббат.

МУВАЛЛИД مولد зоянда, пайдокунанда.

МУВАШШАҲ موشح 1. бо зевар оросташуда. 2. ғазале ё қасидаест, ки дар аввали ҳар байт ё мисрааш як ҳарфи номеро меоранд, ки то охири он ғазал ё қасида он ном тамом мешавад.

МУВАҲҲИШ* موحش ваҳшатангез.

...замини обкане рост омад муваҳҳиштар аз ақаботи водии қиёмат... (*Бедил*).

МУВОЗАБАТ* مواظبت давомати коре; доимӣ, ҳамеша кардани коре.

...ба мувозабати чашм бастан дар сайри ҳақиқати ҳол мекӯшидем... (*Бедил*).

МУВОЗАНА موازنه баробарвазнӣ.

МУВОЗӢ موازی рӯбарӯ, паҳлу ба паҳлу (*ин калима бештарин дар сифати ду роҳ, ду ҷӯй ё ду хате, ки паҳлу ба паҳлуи ҳамдигар баробар меравад, меояд*).

МУВОСАЛАТ مواصلت ба ҳам пайвасташавии ду чиз.

МУВОСО مواسا ба касе нармикунӣ; оштикунӣ, созишкунӣ.

МУДАББИР مدبر соҳибтадбир.

МУДАВВАН مدون 1. ҷамъ кардашуда. 2. навиштаҳои дар як ҷилд ҷамъкардашуда.

МУДАЛЛАЛ مدلل бо далел собитшуда.

МУДАҚҚИҚ مدقق 1. бориккунанда. 2. борикбинанда; нуктаҳои борикро ёбанда.

МУДДАТ مدت вақти муайян.

*Муддате бар ин буд *яъне*... ҷандин вақт давом кунонид (*Ҷ. 10*).

МУДДАӢ* مدعی 1. даъвогар. 2. иддио (иддао)—кунанда, *яъне* як сифатро бардурӯғ бар худ нисбат дода фахркунанда.

Ки эй муддаӣ ишқ кори ту нест,
Ки на сабр дорӣ, на ором аст.
(*Бр*).

3. ҳариф, мухолиф; хасм. 4. тарафи муқобил (*ба маънии ҳуқуқиаш*) (*Ёд. 3—4*).

МУДОВО مداوا давокунӣ (*бемореро*).

МУДОМ مدام 1. ҳамеша. 2. шароб. *Дар ин ду маънӣ гуфта шудааст:*

Чашми мудом масти ту маст аст бе
мудом.

МУДОРО مدارا [созиш, муросо]; сулҳ, оштӣ (*на аз таги дил, балки бо маслаҳате*). *Ҳофиз гуфта:*

Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:
Бо дӯстон мурувват, бо душманон
мудоро.

МУДОФАА مدافعه дафъ кардани зарар ва ҳуҷум. **Мудофааи ватан** дафъ кардани зарар ва ҳуҷум аз ватани худ. **Мудофааи худ** дафъ кардани зарар ва ҳуҷум аз худ.

МУДОҲАНА مداهنه 1. нифоқ. 2. хушомадгӯӣ на аз таги дил.

МУДРАК* مدرک идрок кардашуда, мафҳум, маълум.

Умрҳо шуд нафақат бурзу ҳагад мебофад,
Як нафас кош, шавад маънии хулқат мудрак.
(*Бедил*).

МУДРИК* مدرک 1. дарёбанда. 2. фарққунанда.

Назаре ку, ки кунад ранги гул аз оташ фарқ,
Шомае ку, ки шавад мудрики мушк аз мушлан?
(*Бедил*).

МУДРИКА مدرکه қувваи идроккунанда.

*Пас аз адои ҳар мисраъ он қадар маориф аз табиаташ мусалсал метарошид, ки мудрика дар фаҳми маротиби он саросема мегардид. (*Бедил*).

МУДХИЛ مدخل бахил.

МУДҒАМ* مدغم 1. чизе, ки дар даруни чизе даромада бошад.

Чу дидам, ки чеҳа андар ӯ маҳкам аст,
Хаёли муқоил андар ӯ мудғам аст
(*Бӯс*).

2. ҳарфи дуйӯми ду ҳарфи ҳамҷинс, ки аввалашро бо сокин, дуйӯмашро бо ҳаракат хонанд.

МУЖДА مژده хабари хуш.

МУЖДАГОНӢ مژده‌گانی чизе ки ба оварандаи хабари хуш диҳанд. *Ҳофиз гуфта:*

Муждагонӣ бидеҳ, эй дил, ки дигар мутриби ишқ,
Роҳи мастона заду чораи маҳмурӣ кард.

МУЗАБЗАБ مذبذب беқарор кардашуда.

МУЗАВВИР مزور 1. фиребгар. 2. зирак (*маънии дуйӯм маҷоз*).

МУЗАЙИН مزین оройишдиҳанда, зинатдиҳанда.

МУЗАЙЯН مزین ороста, зинатдодашуда.

МУЗАККАР مذکر нарина, зидди **моза** [муаннас]. (*Ин калима бештар дар сифати исмҳо меояд, чунончи,* **олим** *исми музаккар — марди доно;* **олима** *исми муаннас — донозан*).

МУЗАККИР مذکر ёдоваранда, ёддиҳанда.

МУЗАККО مزکی пок кардашуда, пок.

МУЗАФФАР مظفر фирӯзиёфта, зафарёфта, ғолибомада бар душман.

МУЗАХРАФ مزخرف дурӯғи ростнамо.

МУЗАХРАФОТ مزخرفات [ҷамъи **музахраф**]; дурӯғҳои ростмонанд.

МУЗАЪФАР مزعفر 1. заъфаронӣ, зардранг. 2. як хел палави заъфардор. *Бусҳоқ гуфта:*

Тупу ҳалвои музаъфар, нону хуриши адас,
Он ки он дод ба шоҳон ба гадойи ни дод.

МУЗАҲҲАБ مذهب зарандуд кардашуда.

МУЗАҲҲИБ مذهب зарандудкунанда.

МУЗД مزد чизе ки дар бадали кор ва хизмат дода мешавад.

МУЗДБАР مزدبر кор карда муздгиранда, муздур.

МУЗДВАР مزدور муздур (*шакли асли муздур*).

МУЗДУР مزدور касе ки ба одамон кор карда музд мегирад.

МУЗИЙ مضی 1. зиёдор. 2. равшанидиҳанда.

МУЗИРР مضر зараррасонанда.

МУЗЛИМ مظلم торик.

МУЗМАР مضمر дар дил пинҳон дошташуда.

МУЗМАҲИЛ مضمحل нест у нобудшаванда, маҳвшаванда.

МУЗМИН مزمن 1. кӯҳна, дерина (*сифати беморӣ*). 2. одами дасту пояш аз ҳаракат бозмонда (*сифати бемор*).

МУЗНИБ مذنب гунаҳкор.

МУЗОАФ مضاعف дучанд.

МУЗОБ مذاب гудохташуда.

МУЗОРЕЪ* مزارع деҳқон.

То ба ҷое расид саъйи ғурур,
К-аз музореъ намонд ҷуз муздур.
(*Бедил*).

МУЗОФ مضاف 1. чизе ки ба чизе мансуб бошад. 2. калимае, ки ба калимаи дигар нисбат дода шудааст. *Чунончи дар таркиби* себи **Самарқанд** *«себ» музоф аст ва мансуб ба Самарқанд аст. (Термини сарфу наҳв).*

МУЗОФОТ مضافات қитъаҳо, районҳо ва маҳаллаҳое, ки ба ягон маркази маъмурӣ тобеъанд. *Масалан*, **музофоти Самарқанд** — ҳамаи район ва деҳаҳои ба Самарқанд тобеъ.

МУЗОЯҚА مضایقه дареғдорӣ, чизеро ба касе ҳайфшуморӣ.

МУЗОҲАМАТ مزاحمت тангирасонӣ, заҳматдиҳӣ (*касеро*).

МУЗОҲАРАТ مظاهرت касеро пуштибонӣ кунӣ, ёридиҳӣ, ҳимоякунӣ.

МУЗОҲИМ مزاحم 1. тангиронанда. 2. ранҷрасонанда.

МУЗТАР مضطر беихтиёр, бечора.

МУЗТАРИБ مضطرب беқарор.

МУЗҒА مضغه 1. гӯштпора. *2. гӯштпораи ҳанӯз ҷонногирифтаи бачагон дар шиками модар.

Ин музғаи замҳарир дар оташ ҳам
Гар меафтад — чу байза мебандад ях.
(*Бедил*)*.

3. чизи як бор хоидагӣ.

МУЗҲИК مضحك хандаовар.

МУЗҶОТ مزجات андак, чизи бекадр.

МУИН معین ёридиҳанда, ионаткунанда.

МУКААБ مكعب 1. чорпаҳлу кардашуда. 2. чор паҳлуи ҳар чиз.

МУКАЛЛАЛ* مكلل 1. дурахшон кардашуда; зинат додашуда.

Нигаҳ кардам ба зери тахту забар
Яке парда дидам мукаллал ба зар.
(*Бус.*)

2. *дар ин ҷо ба маънои* дурахшон.

Аз канори худаш бурун овард,
Бару дӯшаш мукаллали он кард.
(*Бедил*).

3. тоҷ бар сар ниҳодашуда, тоҷдор.

МУКАММАЛ مكمل тамом ва комил кардашуда, тамом, комил.

МУКАРРАМ مكرم киромӣ дошташуда, азиз шумурдашуда.

МУКАРРАР مكرر бор-бор кардашуда, такрор кардашуда, гашта-баргашта кардашуда. ***Мукаррар кардан*** такрор кардан (*Х.*).*

МУКОБАРА مکابره дар мунозара ва мубоҳаса бе далел гапҳои калон зада ҷанҷолбароварӣ.

МУКОЛАМА* مکالمه гуфтугузор (Ҷ. 6) гуфтушунид, саволу ҷавоб, музокира.

МУКОТАБА مکاتبه 1. ба якдигар мактубнависӣ. *2. яке аз ғуломдорон ғуломи худро, масалан, ба бадали панҷоҳ ё сад тилло озод кардан мехоҳад. Ғулом ҳам ин маблағро дар муддати се сол ё чор сол кор карда ёфта доданӣ мешавад. Ҳар ду пеши қозӣ рафта мувофиқи созиши худашон хат нависонда мӯҳр мекунонанд. Ғулом дар муддати муайян кор карда ин маблағро ёфта медиҳад ва озод мешавад. Бинобар ин ки ин муомила бо хат додани тарафайн воқеъ шудааст, инро «мукотаба» номидаанд.

Ин корро бештарин он ғуломдороне мекарданд, ки ба ягон сабаб фақир шуда мондаанд ва барои ғулом корфармоӣ ва аз меҳнати ӯ истифодакунӣ коре ва ҷое надоранд. Агар дар бозор фурӯшанд, ғуломашон арзон меравад; бинобар ин бо нархи хубтар ғуломашонро ба худаш мефурӯхтанд ва пулро аз ӯ дар муддати се ё чор сол бо мӯҳлат мегирифтанд. (Ҷ. 3) *(ба ин маънӣ термини замони ғуломдорӣ).*

МУКОФОТ مکافات 1. подоши ягон амал. *2. подоши амали бад.

Бахрест мукофот ғулӯгир ин ҷо.
Мағрур машав ба тиру шамшер ин ҷо!
*(Бедил)**

3. *дар забони адабии ҳозира* подоши неки амали нек.

МУЛ I مل пур.

МУЛ II مل шароб. *Бо ташбеҳи ин маънӣ Шоҳин гуфта:*

Эй лабат мул, оразат гул, турраат
сунбул барин.
Ғабғабат дар ҷарбу нармӣ тухми
шиндумбул барин.

МУЛАВВАС ملوث олудашуда ба мурдорӣ.

МУЛАХХАС ملخص хулоса кардашуда *(сифати сухан).*

МУЛАҲҲАМ ملحم одами фарбеҳ.

МУЛЗАМ* ملزم мағлуб дар мунозира ва мусобиқа.

Рӯи мулзам ҳамчу пари зоғ аст.
Шуъла, рангаш чу бишканад доғ аст.
(Бедил).

МУЛК ملک мамлакат, вилоят. ***Мулки ғайри манқула** замину боғ ва монанди инҳо. ***Мулку мол** чизҳои манқул ва ғайри манқули ягон кас ё ягон ҷамъият.

МУЛКДОР ملکدار ҳоким, подшоҳ.

МУЛКРОНӢ* ملکرانی ҳукмронӣ, мамлакатпурсӣ, подшоҳӣ. *(Бӯс.).*

МУЛЛО* ملا 1. бисьёр пур. 2. олими дин ва шариат. **Муллоҳои расмӣ** имом, қозӣ ва раисҳо (Ҷ. 6).

МУЛОЗАМАТ ملازمت бо хизмат ва чиздиҳӣ хушомадгӯикунӣ *(ба ҳамин маънӣ зиндааст).*

МУЛОЯМАТ ملایمت 1. сазворӣ, форамӣ. 2. нармӣ *(маънии дуйум маҷоз аст).*

МУЛОҲАЗА ملاحظه 1. ба гӯшаи чашмнигарӣ. 2. хулосаи фикре, ки аз дида баромадани чизе пайдо мешавад. 3. фикр дар бораи чизе. 4. ибо, андеша. **Мулоҳаза кардан** а) дар бораи чизе фикр кардан б) аз коре ё аз ҷое ва ё ин ки аз касе ибо ва андеша карда истодан.

МУЛТАМИС* ملتمس илтимоскунанда.

Кӯдак бо модаён мултамиси қабули саворӣ истода буд... *(Бедил)*

МУЛТАФИТ ملتفت баргашта ба сӯи чизе ё касе нигаранда.

МУЛТАҶӢ ملتجی паноҳбаранда *(ба ҷое ё ба касе).*

МУЛУК* ملوک (ҷамъи малик); подшоҳон.

> Якеро ҳимоят кунанд аз мулук,
> Ки бемории ришта кардаш чу дук.
> *(Бӯс.).*

МУЛӮҲ ملوح 1. паррандае ки ба воситаи вай паррандагони ҳамҷинси вайро ба дом мекашанд *(масалан,* ба воситаи кафтари худ кафтари дигаронро). 2. одаме ки барои ба даст даровардани одами дигар олат шавад. 3. фиребгаре ки дар зоҳир бечора, содда ва номурод намояд.

МУЛҲАМ ملهم илҳомкардашуда.

МУЛҲАҚ ملحق чизи ба охири чизе ҳамроҳкардашуда.

МУЛҲИМ ملهم илҳомкунанда.

МУМ موم чизест нарм ва равғандор ки сафеди он аз хонаи занбӯри асал ва сиёҳи он сохта ва конӣ мешавад.

МУМАЙ(Й)ИЗ ممیز ҷудокунандаи хуб аз бад.

МУМИЁ مومیا муми сиёҳи конӣ.

МУМИЁӢ مومیائی *нигоҳ кун. ба* мумиё.

МУМКИН ممکن дастдиҳанда, пайдошаванда.

МУМОНААТ ممانعت боздорӣ, манъ.

МУМСИК ممسک 1. боздоранда. 2. бахил (харҷи мумсик дучандон *ба ҳамин маънӣ аст).*

МУМТАҲАН ممتحن озмудашуда.

МУМТАҲИН* ممتحن имтиҳонкунанда, озмоянда.

> Мумтаҳин карда рӯ ба ҷониби шаҳр.
> Бо фусуни ба ҷом рехта заҳр.
> *(Бедил).*

МУНАББАТ منبت нақши барҷаста *(чунончи дар дару девори хонаҳо бо гаҷ нақшҳои барҷаста мекунанд).*

МУНАББАТКОРӢ منبت کاری биное ки вайро бо нақшҳои барҷаста зеб дода бошанд.

МУНАҒҒАС* منغص тира, мукаддар.

> Мунағғас бувад айши он тандуруст.
> Ки бошад ба паҳлуи бемори суст.
> *(Бӯс.).*

МУНАҚҚАҲ منقح поккарда, софкардашуда

МУНАҶҶИМ منجم 1. ситорашинос. 2. фолбин *(ба ибораи халқӣ)*; (Ч. 6).

МУНБИТ منبت замини ҳосилхез.

МУНДАРИС مندرس кӯҳна, фарсуда *(бештарин дар сифати пӯшокҳои бофта ояд).*

МУНДАФЕЪ مندفع дафъшуда, бартарафшуда.

МУНЗАВӢ منزوی гӯшанишин.

МУНИР* منیر нурдиҳанда, нурбахш, нурпош.

> Шуд субҳи мунир боз хандон.
> Хуршед намуд боз дандон.
> *(Л. М.)*

МУНКАР منکر зишт, қабеҳ, ношоиста-(кор); бад.

> *Қазоро худованди он паҳнадашт.
> Дар он ҳоли мункар бар ӯ баргузашт.
> *(Бӯс.).*

МУНКАШИФ* منکشف 1. кушодашаванда. 2. ошкор.

МУНКИР منکر инкоркунанда.

МУНОДӢ منادی ҷарчӣ (касе ки дар бозорҳо кореро бо овози баланд эълон мекунад).

*Сакинаи (бошандагони) он ҷо... ба шӯри мунодӣ алами таъкид афрохтанд (*Бедил*).

МУНОЗАА منازعه бо касе кашокашкунӣ бар болои чизе.

МУНОЗАРА مناظره (бо ҳам) баҳсу ҷадалкунӣ бо касе бар болои ягон масъала.

МУНОСАБАТ مناسبت бо ҳам нисбатдорӣ.

МУНОФОТ منافات нисбатест байни ду чиз ки будани яке набудани дигареро тақозо кунад (шаб-рӯз ё ду сухани зидди якдигар дар мавриде ки рост будани яке дурӯғ будани дигареро тақозо мекунад).

МУНОҚАША مناقشه низоъкунӣ бар болои чизе.

МУНСАЛИК* منسلک дохилшуда дар ягон маслак.

...Шоиста он ки ин қисм равшантинатеро аз мунсаликони ҷаноби хуршединтисоб дурӣ нафармоянд. (*Бедил*).

МУНСАРИФ منصرف аз ҳоле ба ҳоле баргардида.

МУНТАЗАМ منتظم 1. бонизом, ботартиб. 2. пайваста, бефосила.

МУНТАФӢ منطفی чароғ ё оташи хомӯшгардида, мурда.

МУНТАХАБ منتخب интихоб кардашуда, баргузидашуда.

МУНТАХАБОТ منتخبات маҷмӯаи сарчин карда гирифташуда аз асарҳои ягон шоир, ё нависанда, ё аз асарҳои нависандагон ва шоирон.

МУНТАШИР منتشر 1. нашршуда. 2. пароканда; паҳн; паҳнгардида.

*Ба ин гулам овард ин дил бар забон,
Ба ин ҷаҳда шуд мунташир дар ҷаҳон
(*Бдл.*).

МУНТАҚИЛ منتقل аз ҷое ба ҷое раванда, гузаранда.

МУНТАҚИМ* منتقم интиқомгиранда, кинагиранда (*Н.*).

МУНТИҶ منتج натиҷадиҳанда.

МУНФАИЛ منفعل 1. асари чизеро гирифта. 2. шармида, *шарманда, хиҷолатзада.

Он қадар ҷуръат надорам, к-аз хиҷил гардӣ мунфаил
Чун шарар дар теғи паридоҳ қатъи пар нест.
(*Бедил*).*

МУНФАИЛӢ* منفعلی хиҷолатмандӣ.

Абреш дукал ки хӯшаи катон дид,
В-аз мунфаилӣ ба хӯшаи катон дод...
(*Бедил*).

МУНФАК منفک ҷудошуда аз чизе.

МУНХАРИТ منخرط 1. бар ришта кашидашуда (*монанди сангҳои қиматбаҳо*). 2. дар қатори чизе даромада.

МУНШАОТ منشآت порчаҳои эҷод карда навиштаи касе.

МУНЪАДИМ منعدم нестшуда.

МУНЪИМ منعم 1. инъомкунанда, неъматдиҳанда.

*Чун мунъими худ шинохтандаш,
Дун лабкушоӣ навохтандаш.
(*Л. М.*)*

2. молдор, тавонгар, доро. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Мунъим, ки кабоб мехӯрад, мегузарад
Ҳар шаб маи ноб мехӯрад, мегузарад
Бечора фақир аз дилу аз дида
Гаҳ хуну гаҳ об мехӯрад, мегузарад.

МУНҚАЛИБ منقلب гарданда, чаппаву росташаванда.

МУНҚАРИЗ منقرض 1. буридашуда, 2. ба охиррасида, барҳамхӯрда.

МУ(А)НҚАСАТ منقصت нуқсон, айб, камбудӣ.

МУНҚОД منقاد ром, фармонбардор.

*Иқбол мутеъ баст мунқод
Омад ба қароргоҳи миод.
(*Л. М.*).

МУНҲАДИМ منهدم вайроншуда, бинои афтода аз ҳам рехта.

МУНҲАЗИМ منهزم аз ҷанг шикаст хӯрда гурехта.

МУНҲАЛ منحل кушодашуда, ҳалшуда.

МУНҲАНИЯ منحنی 1. хамида. *2. хамидақомат.

...Дидам пири мунҳание бар модиёни саманди бачадор тохта меояд. (*Бедил*).*

МУНҲАРИФ منحرف 1. хамида, каҷ. 2. баргашта ба тарафе, *каҷрафта.

...аз қадамҳои мунҳариф оҳанги заҳмати лағжиш бардорем. (*Бедил*).*

МУНҶАМИД منجمد 1. басташуда, аз ҳаракат бозмонда (*масалан хун*). 2. яхбаста (*об*).

*Мунҷамид хуфт аз ҳаво хӯрдан.
Пайкараш жола баст з-афсурдан.
(*Бедил*).

МУНҶАР منجر кашидашаванда (ба тарафи чизе).

МУОВАДАТ معاودت бозгашт (аз ҷое).

*Хостем рахти муовадат барбандем на чун узви даррафта боз ба дӯстон пайвандем. (*Бедил*).

МУОВАНАТ معاونت ёридиҳӣ.

МУОДОТ معادات боҳам душманикунӣ.

МУОЗАДАТ معاضدت ҳамбозуӣ; ёридиҳӣ ба якдигар.

МУОЛАФАТ موالفت 1. улфатгирӣ, одаткунӣ ба касе. 2. улфат ва наздикӣ, ки байни ду кас ҳаст.

МУОМАЛА معامله 1. доду гирифт, хариду фурӯш (*дар тиҷорат*). 2. муносабати кори байни ду кас. 3. тарзи воҳӯрди касе бо одамон **(фалониро дидам, ба ман муомалаи бад кард** яъне бо пешонаи турш ба ман нигоҳ карда ё бо оҳанги бад гап зад).

МУОМИЛ معامل 1. хариду фурӯшкунанда. *Ҳофиз гуфта:*

Қалби андудаи Ҳофиз бари ӯ харҷ нашуд,
Ки муомил ба ҳама айби ниҳон бино буд.

*2. харидор.

Ту фориғ аз он, ки бедиле ҳаст.
В-андӯҳи туро муомиле ҳаст.
(*Л. М.*).*

МУОНАДАТ معاندت бо ҳам душманикунии ду кас ё чанд кас.

МУОНАҚА معانقه бо ҳам бағал гирифта гардан ба гардан расонӣ, ҳамоғӯшӣ (*одатан дар вохӯрдиҳои дӯстон мешавад*).

*Хизмати тоб аз иттифоқи вадод
Узвҳоши ба ҳам муонақа дод.
(*Бедил*).*

МУОНИД معاند 1. инодкор, саркаш. *2. зид ва мухолиф (Ҷ. 1).

МУОСИР معاصر ҳамаср, ҳамзамон.

МУОТАБ معاتب итоб кардашуда, коҳиш кардашуда.

МУОФ معاف бахшидашуда, гузашт кардашуда.

МУОХОТ مؤاخات бародарии байни ду кас (*хоҳ бародарии ҳақиқӣ бошад, хоҳ бародарии дӯстӣ*).

МУОШАРАТ معاشرت бо ҳам зисту зиндагонии ду кас ё чанд кас.

МУОШИР معاشر ҳамзиндагонӣ, ҳамишрат, ҳамзист, рафиқ, ҳамсӯҳбат. *Ҳофиз гуфта:*

> Канори обу пои беду табъи шеъру
> ёре хуш.
> Муошир — дилбаре ширину соқӣ —
> гулъизоре хуш.

МУОЯНА معاینه чизеро равшан ва рӯбарӯ истода бинӣ. **Муояна кардан** ягон чизи номаълумро равшан карда нишон додан (*монанди доктурон, ки чӣ дард доштани беморро равшан карда нишон медиҳанд*).

МУОҲАДА معاهده ба ҳам аҳдбандӣ.

МУОҲАДАНОМА معاهدهنامه коғазе ки дар вай шартҳои аҳд навишта шудааст.

МУОҲИД معاهد бо касе аҳдбаста.

МУОҲИДА معاهده бо касе аҳд бастан, аҳд, паймон.

МУРАББАЪ مربع 1. чизе ки каду бараш баробар бошад. 2. чоргӯша. 3. нишасти чорзону. **Мураббаи мустатил** чоркунҷаи дарозрӯя.

МУРАББАЪНИШИН مربع نشین 1. чорзонунишин. 2. сифати подшоҳ ва мансабдорони феодалӣ.

МУРАББО مربا 1. тарбияткардашуда. 2. меваи бо шакар ҷӯшонида қиём гирифташуда.

МУРАББӢ مربی парваришкунанда, тарбиякунанда.

МУРАВВАҚ مروق софкардашуда, мусаффо, бегубор. **Шароби мураввақ** шароби софкардашуда.

МУРАДДАД مردد дудила.

МУРАККАБ مرکب 1. як чизи аз чанд чизи ба ҳамрасида. 2. душвор, печдарпеч (*маҷоз*). 3. сиёҳии хатнависӣ.

МУРАССАЪ مرصع 1. нигинкории бар рӯи тилло ё нуқра шуда. 2. шеър ё насре ки ҳамаи фикрҳояш бо ҳам саҷъдор бошад. *Чунончи Ҳайрат гуфта:*

> Маҳи ман, дилбари ман дилбари
> симинбари ман.
> Бе ту хун шуд бари ман дил қадаме
> неҳ бари ман

(*Дар ин байт ҳам санъати тарсеъ ҳаст, ҳам таҷнис*).

МУРАТТАБ مرتب 1. ба тартиб овардашуда, ҷобаҷо кардашуда. 2. пайваста, пайдарҳам (*маҷоз*).

МУРАҚҚАЪ مرقع 1. китоби суратдор. 2. ҷомаи куроқии дарвешон.

МУРВАТ مروت мехи нукворпече ки бо чапу рост тоб додани он чизе баста ва кушода мешавад. **Мурвати гардон** ҳалқаи гардишаш сӯрохдори аз сӯрохаш даста гузаронидашудаи чӯбин ё оҳанӣ, ки ба гардани ҳайвонот баста ба дастааш ресмони он ҳайвонотро мебанданд, то ки дар вақти дар ҷояш гаштани ҳайвон ресмон тоб нахӯрад.

МУРДА مرده ҷасади беҷоншудаи одамӣ.

МУРДАВОР مردهوار то тоқати охирин. (**Мурдавор зад, мурдавор хӯрд**).

МУРДА-МУРДА مرده ـ مرده бисьёр азобу машаққат кашида...

МУРДАН* مردن вафот кардан.

Мурад бимирад.

> Мурад дар касе чою чизаш кирост.
> (ф.)

МУРДОБ مرداب кӯли калон.

МУРДОР* مردار чизҳои нопок ва ифлос. **Мурдоре чанд** *кинояаз* синфи ҳокими даври амирӣ. *(Ёд.)*

МУРДОРХУР مردارخور паррандаест, ки лошаҳои ҳайвоноти худмурдаро мехӯрад.

МУРОД مراد чизи ирода кардашуда, хоҳиш кардашуда.

МУРОДИФ مرادف ҳар кадоми аз ду калима, ки маъниҳояшон як бошад. *Масалан,* **мост, ҷуғрот** *муродифи ҳамдигаранд.*

МУРОМУРӢ مرامری вабо, тоун.

МУРООТ مراعات нигоҳдории хотири касе, риояткунӣ; *муомилаи хуб.

Шунидаш, ки саъйаш фаровонӯш кард.
Забон аз муроот хомӯш кард.
(*Бӯс.*)

МУРООТУННАЗИР مراعات النظیر яке аз санъатҳои шеър аст, ки дар як ҷо чанд сухани бо ҳам муносибатдорро меоранд. *Чунончи Шоҳин бо риоя кардани бод, хок, обу оташ ин рубоиро гуфта:*

Атрофи ҷаҳон чу бод гаштем басе.
Хокисифат одамӣ надидем касе.
Чун об ҳама равону бар рӯ хошок.
Афрӯхта мисли оташ аз боди касе.

МУРОСАЛОТ مراسلات [ҷамъи **муросалат**]; мактубҳои аз ду тараф навишташаванда.

МУРОФАА مرافعة даъво ва ҷавобе, ки дар маҳкама гузориш меёбад.

МУРОФАҚАТ مرافقت ҳамроҳӣ, рафоқат.

МУРОҚАБА مراقبة вазъиятест шайхони руҳониро, ки сари худро ба тарафи синаи худ хам карда дам нишинанд.

МУРОҚАБАТ مراقبت дидбонӣ, нигаҳбонӣ; нигаҳдории чизе аз ҳуҷуми дигарон.

МУРОҶААТ مراجعت 1. бозгашт. 2. рӯоварӣ ба касе барои коре.

МУРСАЛА* مرسلة зеваре, ки занон ба гулӯ меовезанд:

Деринаи ғаме ки дар дилам буд
Дар мурсалаи сухан барнамуд.
(*Л. М.*).

МУРТАИШ مرتعش раъшадор; ларзон.

МУРТАКИБ مرتکب 1. саркунандаи коре. 2. ба амалорандаи кори нописанде.

МУРТАСИМ مرتسم нақшбаста.

МУРТАФЕЪ مرتفع 1. баландшаванда. 2. бардоштташуда. **Низоъ муртафеъ шуд...** бардошта шуд; *3. баланд.

Чунин муртафеъ пои ҷон ту нест.
Гуноҳ аз ман омад хатои ту нест.
(*Бӯс.*).*

МУРУВВАТ مروت ҷавонмардӣ, одамгарӣ.

МУРУР مرور гузариш. **Мурури замон** гузариши замон.

МУРЧ مرج тухми як растанӣ, ки аз мош калонтар, сиёҳранг ва тунд мешавад, ки кӯфта ба таом ҳамроҳ карда мехӯранд. **Мурч хӯрдан** фиреб хӯрдан (*маҷоз*). **Мурч хӯрондан** фиреб додан.

МУРЧӢ مرچی ранги сиёҳи мурчмонанд.

МУРШИД* مرشد роҳнамо.

Чист таълими шайтон? Хуббе ҷоҳ,
Эй шайтон муршидат, рӯят сиёҳ.
(*Бедил*).

МУРҒ مرغ паррандаи нӯлдор. (*масалан, пашша бо вуҷуди парранда будан мурғ нест*). **Мурғи заррин** мурғе ба калонии мокиён, аммо пару болаш сурхи сабзтоб буда, монанди пару боли товус дурахшон аст. **Мурғи саҳар** булбул. ***Мурғи субҳгоҳӣ** мурғи саҳар

Нолад чу мурғи субҳгоҳӣ,
Рӯзаш чу шабе шуд аз сиёҳӣ.
(*Л. М.*)*

Мурғи субҳхон булбул. **Мурғи шабоҳанг** булбул. **Мурғи шабхон** булбул. ***Мурғи қутбӣ** паррандаҳои атрофи қутб. (*Ч. О. О.*)*

МУРҒАК مرغك паррандаест ба калонии зоғча, ки гала-гала шуда мегардад ва барои гӯшташ сайд мекунанд.

МУРУД مرود меваест хуштаъм ва сероб, ки гуногунхел мешавад.

МУСАВВАДА مسوده *нигоҳ кун.* ба **мусвадда**.

МУСАДДАС مسدس 1. шашчанд кардашуда. 2. шашкунҷ, шашпаҳлу. 3. як шакли шеър, ки дар ҳар банд шаш мисраъ меояд, хоҳ ҳар шаш мисраъ аз як шоир бошад, хоҳ аз ҳар банд ду мисраъи охирӣ аз они шоири дигар. **Мусаддас кардан** ба ҳар байти ягон ғазали касе чор мисраи часпо зиёд карда тазмин кардан.

МУСАДДЕЪ مصدع дарди сар расонанда.

МУСАЛЛАМ مسلم қабул доштишуда.

МУСАЛЛАС مثلث 1. сечанд кардашуда. 2. секунҷа. 3. як хел май, ки дар вақти пухтани дусеяки шираи ангурро парронда, як сеякашро боқӣ гузоранд. ***Мусалласи шаръӣ** май дастӣ (Ч. 6). *4. як шакли шеър аст, ки дар ҳар банд се мисраъ меояд.

МУСАЛЛАТ مسلط касе ё аскаре ки аз ҷониби касе ё давлате касе, ё мамлакатеро дар зери даст гирифтааст.

МУСАЛЛАҲ مسلح силоҳдор, яроқдор.

МУСАЛЛО* مصلى 1. намозгоҳ. 2. намозгоҳи Шероз. (*Х.*).

МУСАЛСАЛ* مسلسل 1. силсилабанд. 2. пайпай.

...он қадар маориф аз табиаташ мусалсал метарошад, ки мудрика (қуввати идрок) дар фаҳми маротиби он сароема мегардад. (*Бедил*).

МУСАММАН مثمن 1. ҳашт чанд кардашуда. 2. ҳаштгунҷа, ҳаштпаҳлу. 3. як шакли шеър, ки дар ҳар банд ҳашт мисраъ меояд.

МУСАММО مسما/مسمى ном додашуда (ҳар номи чизеро, ки фаҳмондани ҳамон чиз мусаммои он ном мешавад).

МУСАХХАР مسخر таскир кардашуда, ром ва фармонбардор кардашуда.

МУСАҶҶАЪ مسجع 1. сухани боқофия, қофиядор. *2. *мавзун* мавзун.

Ҳайф бошад, ки самари ин нахла мусаҷҷаъ пуч барояд... (*Бедил*).

МУСБАТ مثبت 1. дар ҷое навишташуда. 2. собит кардашуда. 3. хуб (зидди **манфӣ** ба маънии бад).

МУСВАДДА مسوده сиёҳнавиштишудаи аввалин, ки дубора покнавис карда мешавад.

МУСИБ مصيب 1. ба ҳақиқат расида. 2. роҳи ростро ёфта.

МУСИНН مسن пири солхӯрда.

МУСИЧА موسیچه паррандаест хурдтар аз фохта ва аз ҷинси он.

МУСИҚОР* موسیقار номи як навъ мурғи афсонавии минқордарози мусиқинавоз, ки гӯё ҳамаи мусиқии дунё аз вай гирифта шудааст.

> Қулқули шиша, ғулғули бозор.
> Кӯчаҳо нағмадези мусиқор.
> (*Бедил*).

МУСКИР مسکر чизи масткунанда.

МУСКИРОТ مسکرات чизҳои мастиоваранда (*шароб, банг...*).

МУСКИТ مسکت хомӯшкунанда.

МУСЛА مثله азобдиҳӣ касеро бо буридани аъзои бадани ӯ (гӯш, бинӣ, даст, пой). **Мусла кардан** буридани аъзои бадани касе; *буридани гӯш ва бинии касе (Ҷ. 10).

МУСЛИҲ مصلح 1. ислоҳкунанда, дурусткунанда чизеро. 2. оштидиҳанда, ба созишоранда ду ҷангиро.

МУСМИР مثمر 1. (дарахти) мевадор. 2. натиҷадиҳанда, манфиатдиҳанда, самарадиҳанда.

МУСМИРА* مثمره *муаннаси* **мусмир**.

МУСОАДА مساعده 1. ёрӣ додан ба касе. 2. ягон кори касеро хуб шумурда барои кардани он рухсат додан.

МУСОБ* مصاب мусибатзада.

> Чорае ҳаст к-ин гурӯҳи мусоб
> Во раҳонад аз хами каманди азоб?
> (*Бедил*).

МУСОБАРАТ مصابرت сабркунӣ (*ба душворие*).

МУСОВОТ مساوات баробарӣ.

МУСОВӢ مساوی баробар.

МУСОДАМА مصادمه ба ҳамдигар сахт бархӯрдан, ба ҳамдигар садма расонидан.

МУСОДАРА مصادره ситонидани ҳукумат моли касеро ба тартиби ҷазо.

МУСОИД مساعد 1. ёридиҳанда. 2. гунҷоишдиҳанда ба коре (**вақти мусоид**).

МУСОЛАМАТ مسالمت сулҳ, оштӣ.

МУСОМАҲА مسامحه 1. кореро осон гирифтан. 2. осон кардани кори касе. 3. аз сабабҳои низоъ чашм пӯшида бо касе оштӣ шудан. 4. айби касеро саҳл шумурда бахшидан. 5. чизе ё кореро саҳл шумурда ба вай диққат накардан.

МУСОРААТ مسارعت шитоб барои коре.

МУСОФИР مسافر 1. сафаркунанда (раванда) аз ҷое ба ҷое. 2. бошандаи муваққатӣ дар шаҳре ё деҳае, ки бошишгоҳи доимиаш дигар ҷой аст.

МУСОФОТ مصافات дӯстӣ, ихлос.

МУСОҲАЛА مساهله саҳлгирӣ.

МУСОҲАЛАКОР مساهله کار касе ки ҳар корро саҳл мегирад.

МУСОҲАМАТ مساهمت шарикӣ бо касе дар чизе.

МУСОҲАРАТ مصاهرت домодӣ.

МУСРЕЪ مسرع 1. шитобкунанда. 2. қосиди тезрафтор.

МУСРИФ مسرف исрофкор, беҷохарҷ.

МУСТ مست ғам, андӯҳ (**мустаманд** *аз ҳамин калима аст*).

МУСТАБИД مستبد 1. танҳо ба коре истода. 2. ҳоким ё подшоҳи золими худраъй (*маҷоз*).

МУСТАБШИР مستبشر хабари хушгирифта.

МУСТАБЪАД مستبعد дур шумурдашуда, дур.

МУСТАВЛӢ مستولی бар касе ё бар мамлакате дастёбанда, касе ё мамлакатеро зердасткунанда, истилокунанда, истилогар.

МУСТАВФӢ* مستوفی сардафтари аҳли девон, ки аз дигар ҳисобдорон ҳисоб мегирад. **Муставфии хироҷ** — амлокдор (*Ч. 10*).

МУСТАВӢ مستوی баробарсатҳ; ҳамвор.

МУСТАДЪӢ مستدعی дархосткунанда.

МУСТАЗОД مستزاد 1. зиёдкардашуда. 2. як шакли шеър, ки дар охири ҳар мисраъ фикраеро, ки ба фикраи охирини мисраъ баробарвазн бошад, зиёд мекунанд. *Масал:*

Меҳнаткаши бечора шуд аз дидани сад
ҷабр, эй вақъаи Октябрь;
Аз мақдами ту ёфт зи андӯҳ раҳоӣ,
ту мурғи ҳумоӣ!

МУСТАЗҲИР مستظهر ёрихоҳанда; қавипуштшуда бо ёрии касе.

МУСТАИДД مستعد тайёру омода барои коре. ***Мустаиддони дастгоҳи шуур** соҳибақлон. (*Б.*)

МУСТАКБИР* مستکبر мағрур, кибрнок.

МУСТАКБИРӢ* مستکبری калонгирӣ, такаббурнокӣ, калонӣ талабкунандагӣ.

Такаббур макун чун ба меҳнат дарӣ,
Ки маҳрумӣ ояд зи мустакбирӣ.
(*Арс.*)

МУСТАКРАҲ مستکره нохуш ва зишт шумурдашуда.

МУСТАЛЗИМ مستلزم чизе, ки чизи дигареро лозим мегардонад (**танбалӣ—мусталзими вайронии зиндагонӣ аст**).

МУСТАМАНД مستمند 1. андӯҳгин, ғамгин. 2. ҳоҷатманд (*маҷоз*).

МУСТАМЕЪ* مستمع шунаванда.

Нағмаҳо бисёр буд, аммо зи чандин
мустамеъ
Ҳар қадар бешунида шуд, дар пардаҳои
соз монд.
(*Бедил*).

МУСТАМИРР مستمر пайваста гузаранда.

МУСТАМИРРА مستمره доимӣ.

МУСТАНКАР مستنکر бад, зишт.

МУСТАОР مستعار ба орият гирифташуда, ориятӣ.

*Ҷони тилисми нафасшумори ман аст,
Мухбири умри мустаори ман аст.
(*Бедил*)

МУСТАСМИР* مستثمر хӯрандаи самари меҳнати дигарон.

МУСТАСНО مستثنی//مستثنا берун кардашуда аз гурӯҳе дар хусуси ҳукме, хос кардашуда дар сифате, [истисно кардашуда].

МУСТАТИР مستتر дар парда монда, пӯшида ва пинҳоншуда.

МУСТАФОД مستفاد фаҳмидашуда аз сухане (*ба ҳамин маънӣ дидашавад*).

МУСТАШОР مستشار машварат пурсидашуда, [касе, ки аз ӯ маслиҳат пурсида мешавад].

МУСТАШРИҚ مستشرق 1. равшан, тобон. 2. толиби омӯзиши шарқ, шарқшинос.

МУСТАЪСАЛ مستأصل аз бех баркандашуда.

МУСТАЪСИЛ مستأصل аз бех барканда.

МУСТАҒНӢ* مستغنی бениёз, беэҳтиёҷ.

> З-ин сон, ки манам бад-ин низорӣ
> Мустағниям аз таомхорӣ.

яъне, ба таомхӯрӣ эҳтиёҷ надорам (Л. М.)

МУСТАҒРАҚ مستغرق 1. ғарқшаванда. 2. бо тамоми тавоноии худ кореро кунанда (*маҷоз аст. Рости ин калима* **мустағрақ** *аст. Аммо дар забони зинда* **мустағриқ** *шӯҳрат ёфтааст*).

МУСТАҚБИЛ* مستقبل истиқболкунанда (*Б.*).

МУСТАҚИЛЛ مستقل соҳибистиқлол, ба сари худ кунанда кореро.

МУСТАҚИМ مستقیم 1. рост (*зидди* кач).

> *Агар ҷодае бошад мустақим.
> Раҳи порсоӣ умедасту бим.
> (*Бӯс*)*.

2. дар ҷое зиндагоникунанда (бошанда). 3. по бар ҷо (дар коре). 4. бевосита (*охирӣ дар адабиёти имрӯза*).

МУСТАҲСАН مستحسن некшумурдашуда, писандидашуда.

МУСУЛМОН* مسلمان мансуби дини ислом.

МУСҚИТ* مسقط соқиткунанда, барҳамдиҳанда.

> Қайди зинат мусқити фарру шукӯҳи Хисрав аст.
> Шери занҷирӣ зи шери беша камсавлаттар аст.
> (*Навоӣ*).

МУСҲАФ* مصحف 1. саҳифашуда, саҳифабандишуда. 2. қуръон (*Б.*).

МУСҲИЛЛ مسهل давои шикамронанда.

МУТААДДӢ متعدی 1. қадам берунниҳанда аз ҳадди худ. 2. феъле ки ба шахси дуюм муҳтоҷ бошад ва бе ин пурсиши «киро», «чиро» расад (**Аҳмад зад-киро? — Муҳаммадро. Муҳаммад хӯрд** —чиро? нонро. *Дар ин мисолҳо «задан» ва «хӯрдан» феъли мутааддӣ аст, ки аз шахси аввал ба шахси дуюм мегузарад*).

МУТААЗЗИР* متعذر 1. номумкин, мушкил.

...охир гузаштан ва пеш рафтан аз ҷое ки истода буд, мутааззир гашта ҷунбидан душвор шуд... (*Бедил*). 2. узровар, узрхоҳ, маъзаратхоҳ.

МУТААЗЗӢ متأذی изоёфта.

МУТААММИЛ* متأمل таамулкунанда; андешаманд.

Агар шуморо ба ҳоли худ мутаамил намедидам, ба ифтихори ғошиядорӣ (зинпӯшбардорӣ) миннатҳо мекашидам (*Бедил*).

МУТААРРИФ* متعرف касе ки чизҳои пинҳониро меҷӯяд; касе, ки барои фаҳмидани сирри дигарон мекӯшад.

> Дигар мутаррифон ба коранд.
> Қ-эшон баду нек мешуморанд.
> (*Л. М.*).

МУТААССИР* متأثر асаргиранда.

Ҷамъе ки тинаташон аз вазъи якдигар мутаассир аст, гӯи зиндагӣ бурдаанд... (*Бедил*).

МУТААФФИН* متعفن таъаффундор, бадбӯй (*Н.*).

МУТААХХИРИН متأخرین [*ҷамъи* **мутааххир**]; олимон ва шоирони дар замонҳои охир гузашта.

МУТААҲҲИЛ متأهل зандор.

МУТАБОИН متباین аз ҳам ҷудошуда бинобар зиддият.

МУТАВАЛЛӢ متولی 1. бар сари коре бошанда. 2. тасарруф ва тақсимкунандаи вақфҳо (*термини замони амирӣ*).

МУТАВАФФО متوفا/متوفی одами вафотьёфта—мурда.

МУТАВОЗЕЪ متواضع фурӯтанӣ нишондиҳанда, шикастанафс.

МУТАВОЗӢ متوازی баробарраванда.

МУТАВОЛӢ متوالی пайпай, пай дар пай оянда.

МУТАВОРӢ متواری пинҳоншуда.

МУТАКАББИР متکبر калонгир, худро калон нишондиҳанда.

МУТАКАББИРОНА* متکبرانه калонгирона, мағрурона.

МУТАКАФФИЛ* متکفل кафилшаванда, зомин (*Б.*).

МУТАЛАВВИН متلون ранг ба ранг намоянда, гуногунранг.

МУТАЛОШӢ* متلاشی 1. аз ҳам ҷудошаванда. 2. пошхӯрда; ошуфта, парешон.

> Муталошӣ ба ҳасрат аҷзоям,
> Хӯрда ошуфтагӣ саропоям.
> (*Бедил*).

МУТАМАККИН متمکن 1. ҷойгиршуда [2. сокин, муқим].

МУТАМАННО متمنا/متمنی орзӯ кардашуда.

МУТАМАННӢ متمنی орзӯкунанда, умедвор.

МУТАМАРРИД متمرد саркаш.

МУТАМОДӢ متمادی дароз (*аз сифатҳои замон*).

МУТАНОҲӢ متناهی ба охир расида, ба поён расида.

МУТАОЛӢ متعالی баландшаванда. [олӣ].

МУТАОРАФ* متعارف одати машҳуршуда, аз тарафи умум қабулшуда.

...Чунон ки мутаораф аст, ҳарири зарде ба чашм баста буд... (*Бедил*).

МУТАОҚИБ متعاقب аз пас даванда, [паси ҳам оянда; пай дар пай]

МУТАРАДДИД متردد 1. дудила шаванда дар коре, («кунам ё накунам» гӯён). 2. ба ҷое ё аз барои чизе рафтуомадкунанда, [роҳраванда, раванда аз ҷое ба ҷое].

МУТАРАДДИДИН* مترددین равуой кунандагон; равандагон.*

...Қариб панҷоҳ бақл мутараддидини дар он мақом замингирро интизори бадрақа ёфт... (*Бедил*).

МУТАРАННИМ* مترنم тараннумкунанда.

...то дарьёбад ки чӣ хумкадаи олами асрор аз чӣ кайфият мутаранними гулғулаҷӯш аст? (*Бедил*).

МУТАРАССИД مترصد умедвор, чашмдоранда, (*ҳусули чизеро*).

МУТАРАҚҚӢ مترقی афзуншаванда, болораванда.

МУТАРРО مطرا тоза кардашуда; тоза; соф, мусаффо.

> *Чун хайли насим гул ба саҳро
> Шуд хок ба рӯи гул мутарро
> (*Л. М.*)

яъне хок ба рӯи гулҳо зинату сафо ёфт.

МУТАСАДДӢ متصدی ба гардангирандаи коре.

МУТАСОВӢ متساوی баробаршаванда, [баробари ҳамдигар].

МУТАСОИД متصاعد [суудкунанда]; болораванда (*монанди дуд*).

*...нигоҳи ваҳшатшикор ба печу тоби дуде пай бурд, ки дар канори об аз макмани манфазе мутасоид буд. (*Бедил*).

МУТАТАББЕЪ* متتبع пайрав, пайравӣ кунанда. **Мутатаббеи суннати обо** пайрави равиши бобоҳо (*Б.*)

МУТАФАННИН* متفنن универсал (*Б.*)

МУТАҚАДДИМ* متقدم пешина, қадима.

МУТАҚАДДИМИН متقدمین [*ҷамъи* **мутақаддим**]; олимон ва шоирони дар замони қадим гузашта.

МУТАҲАЛЛӢ متحلی бо зевар оросташуда.

МУТАҲАССИН متحصن қалъанишин (*барои нигоҳдории худ*).

МУТВОРӢ* متواری [*аслаш* **мутаворӣ**]; пинҳоншаванда; пинҳоншуда.

Оворае аз ҷаҳони ҳастӣ
Мутвории роҳи бутпарастӣ
(*Л. М.*).

МУТЛАҚ مطلق 1. сар додашуда, озод кардашуда аз қайд 2. беқайду шарт [3. комил, тамом].

МУТМАИН مطمئن оромгирифта, дил қароргирифта (*аз ҷиҳати коре*), [эмин; хотирҷамъ].

МУТОВААТ مطاوعت фармонбардорӣ, итоаткунӣ.

МУТОЛАА مطالعه 1. ба чизе нигоҳкунӣ барои вуқуф пайдо кардан бар он. 2. бо диққат ва муҳокама маъниашро фаҳмида хондани китобҳо ва навиштаҳои душворфаҳм.

МУТОЛАБА مطالبه бозҷустани чизи ба ягон кас додашуда, [бозхост намудан].

МУТОРАҲА مطارحه бо касе гап зада дар хусуси коре ба як қарор омадан, [машварат кардан].

МУТОЪ مطاع итоат кардашуда, [касе ки ба вай итоат мекунанд].

МУТОЯБА مطایبه 1. бо касе ҳазлу шӯхикунӣ. 2. ҳазл, шӯхӣ, хуштабъӣ, мазоҳ.

МУТРИБ مطرب 1. тарабангез. 3. созанда, мусиқинавоз.

МУТРИБА مطربه 1. зани тарабангез. 2. созандазан.

МУТТАКО متکا такьягоҳ.

МУФАВВАЗ مفوض ба касе вогузошташуда (*сифати кор*). ***Муфавваз будан** супурда шудан.

...хидмати таҳрири он ба дигаре муфавваз набошад. (*Бедил*).

МУФАРРЕҲ مفرح 1. фараҳовар, хурсандибахш.

*Лайлӣ ки муфарреҳи равон буд,
Дар мухталифӣ ҳалоки ҷон буд.
(*Л. М.*)

2. доруи фараҳбахши дил.

Э-он анбари хуш аз баҳри савдо
Мекард муфарреҳе муҳайё.
(*Л. М.*)

МУФАССАЛ مفصل тафсил додашуда.

МУФАТТЕҲ* مفتح кушоянда.

Эй банди маро муфаттеҳ аз ту,
Савдои маро муфарреҳ аз ту!
(*Л. М.*)

МУФАТТИН مفتّن фитнаангез.

МУФАТТИШ مفتّش тафтишкунанда, даруни коре ё чизеро кушодабинанда барои дарёфти ҳақиқат.

МУФИД* مفید фоиданок.

МУФЛИС* مفلس касе ки ягон пули сиёҳ ҳам надорад; фақир, камбағал. **Муфлиси мутакаббир** қашшоқи калонгир. *(Ед. 3—4)*.

МУФРАД مفرد танҳо.

МУФРАДОТ* مفردات 1. ҷамъи **муфрад** 2. *грам.* ҳарфҳои алифбо, ки алоҳида-алоҳида менависанд; танҳо-танҳо навиштани ҳарфҳои арабӣ.

МУФРИТ مفرط дар бисёре аз андоза даргузашта [аз ҳадгузашта].

МУФТАҚИР مفتقر муҳтоҷ.

МУХ//МАХ مخ 1. занбӯр. 2. миттаи галладона (чус), [сус].

МУХАББАТ مخبّط 1. [дарҳамомехта]. 2. фосид, вайрон. 3. ҷон бадхавон тангфазо *(маънии дуввум махсуси тоҷикист)*.

МУХАДДАРА مخدّره зани пардашин.

МУХАДДАРОТ مخدّرات [ҷамъи **мухаддара**]; занони пардашинон.

МУХАДДИР مخدّر беҳискунанда, сусткунанда, хобоваранда.

МУХАЙЙИЛА مخیّله қувваи хаёлӣ, қувваи хаёлкунӣ, ки дар ҳар одам ҳаст.

МУХАЙЯЛА مخیّله ҷои хаёлкунӣ (димоғ).

МУХАЙЯР مخیّر ихтиёр додашуда (дар кардан ва накардани коре) [ихтиёрдор].

МУХАЛЛАС مخلّص 1. раҳонидашуда. 2. пок кардашуда. 3. хулоса кардашуда.

МУХАЛЛАЪ مخلّع хилъат додашуда.

МУХАММАС* مخمّس 1. панҷгона. 2. шакли шеърӣ, ки ҳар бандаш аз панҷ мисраъ иборат аст. ***Мухаммас кардан** ба ҳар як байти ягон ғазал ё қасидаи ягон кас бо риояи қофияи мисраи аввали он байт се мисраъ зам кардан ба тарзе ки мисраъҳои замшуда ба байти аслӣ часпон бошад.

МУХАННАС مخنّث 1 касе ки қувваи мардӣ надорад, хез. [хунасо] 2. номард.

МУХАРРИБ مخرّب харобкунанда, вайронкунанда.

МУХБАР مخبر 1. хабар додашуда. 2. ба ҷое барои зиёфат ё ягон кори дигар ҷеғзадашуда.

МУХБИР مخبر хабардиҳанда, огоҳкунанда.

МУХЛАС مخلص холис кардашуда, [покшуда].

МУХЛИС مخلص ихлоскунанда; [ихлосманд].

МУХОЛАТАТ مخالطت омезиш кардан бо ҳамдигар (ба тарзи унс).

МУХОЛАФАТ مخالفت бо касе дар бораи чизе хилофкунӣ, ба фикри дигаррайӣ, [муқобилӣ].

МУХОЛИФ مخالف хилофкунанда, фикри дигар баёнкунанда дар бораи чизе назар ба касе ё касони дигар.

МУХОСАМА مخاصمه бо ҳам хусумат ва душманикунӣ.

МУХОТАБ مخاطب 1. касе ки ба вай сухан гуфта мешавад. 2. касе ки ба унвоне ё лақабе ва ё ин ки бо дашноме ба рӯяш ном бурда мешавад.

МУХРИҶ مخارج берун бароваранда, [берункунанда].

МУХТАЛ مختل 1. халальёфта, [табоҳшуда, вайроншуда. 2. парешон].

МУХТАЛИТ* مختلط омехташаванда, аралашшаванда; омехта, омехташуда.

Софдил бо ҳар чи омезад кудурат
мекашад,
Тира бошад об агарчи мухталит
бо шаккар аст.
(*Бедил*).

МУХТАСАР مختصر кӯтоҳкардашуда.

МУХТОР مختار 1. ихтиёр додашуда. 2. одами баргузидашуда. 3. соҳиби ихтиёр.

МУХТӢ مخطی касест ки беқасд ва хоҳиши худ хато кардааст.

МУЧЧӢ مچی//موچی бӯса.

МУШ موش ҷонвари маълуми заминкови вайронкор. **Муши мурда** одами бадкирдори дар зоҳир худро ором ва бечора нишондиҳанда (*маҷоз аст аз он, ки муш гоҳо худро дар пеши гурба мурда нишон диҳад, то ки гурба вайро ба ҳоли худаш гузорад ва ӯ фурсат ёфта гурезад*).

МУШАББАК مشبك чизе ки сӯрох-сӯрох бошад (ғалберхо, тӯр, панҷараҳо); [панҷарадор].

МУШАВВАШ مشوش 1. парешон кардашуда. 2. парешон.

МУШАЙЯД مشید устувор кардашуда.

МУШАК I موشك 1. гӯшти пайдори беустухон, ки дар дасту по ва дигар аъзои бадани одамӣ ва ҳайвонот ҳаст.

МУШАК II موشك чизи дар дарунаи доруи милтиқ ва чизҳои таркидани дигар печондашуда, ки дар вақти оташ дардодан ба ҳаво мепарад, садои сахт мебарорад ва шӯълаҳои гуногунранг медиҳад.

МУШАРРАФ مشرف бузургӣ додашуда, ба чизе шарафьёбшуда.

МУШАЪБИД* مشعبد найрангбоз (*Бӯс.*).

МУШАЪШАЪ مشعشع шаъшаадор, бисьёр равшан.

МУШИР مشير [1. ишоракунанда] 2. соҳибмашварат.

МУШК مشك чизи хушбӯи машҳури сиёҳранг, ки аз нофи оҳу ҳосил мекунанд.

МУШКБОР مشكبار 1. мушк бороваранда. 2. мушкборанда. *Ба ин ду маънӣ Ҳайрат гуфта:*

Мушкборовар гр гуле бошад,
Он гули мушкборро монад,

(*«мушкбор» дар ин байт ба ду маънӣ оварда шудааст*).

МУШКБУЙ مشكبوی 1. гулест, ки баргаш монанди барги говрайҳон ва буттааш монанди буттаи шаббӯи шукуфа ва тухмаш монанди шукуфа ва тухми райҳон реза аст, аммо ҳаргоҳ баргаш ба ангуштон соида шавад, бӯи мушк медиҳад. 2. сифати мӯи маҳбуб.

МУШКИЛ مشكل душвор.

МУШКИН مشکین 1. хушрӯй. 2. сиёҳ.

МУШЛАК* مشلک як гиёҳи бадбӯй.

Назаре ку, ки кунад ранги гул аз
оташ фарқ?
Шомае ку, ки шавад чудоии мушк аз
мушлак?
(*Бедил*).

МУШОАРА مشاعره боҳам шеъргӯй ё шеърхонии ду кас, ё чанд кас.

МУШОВАРА مشاوره бо ҳам гуфтугузор карда аз якдигар фикр гирифтани ду кас ё чанд кас дар бораи коре.

МУШОВАРАТ مشاورت *нигоҳ кун*. ба **мушовара**.

МУШОРУНИЛАЙҲ مشار الیه 1. ишоратшуда бар ӯ. 2. одами дар ягон сифати хуб ё бузургӣ ангуштнамошуда, шӯҳрат ёфта.

МУШОФАҲА مشافهه 1. рӯбарӯшавии ду кас. 2. рӯ ба рӯ бо ҳам гапзанӣ.

МУШОЪ مشاع замин ё ҳавлие, ки дар миёнаи ду кас ё чанд кас [махсусан меросхӯрон] муштарак аст ва ҳанӯз тақсим карда нашудааст.

МУШОЯАТ مشایعت 1. ҳамроҳикунии касеро дар роҳ. 2. гуселкунии меҳмонро ё равандаро ба ҷое.

МУШОҲАДА مشاهده ҳозир шуда дидан, [ба чашми худ дидан].

МУШРИФ مشرف* 1. баланд. 2. дидбоникунанда (*аз ҷои баланд*).

Умрест нозири пардагиёни ин хилватхонаи хаёлам ва мушрифи тамошои ин анҷумани тағайюрмаол (*Бедил*)* 3. қариб, наздикшаванда. **Мушриф ба мавт** қариб ба мурдан. 3. саркотиби дафтархонаи подшоҳӣ, ки аз болои котибони ҳисобот назорат мекунад (*термини дарбори амирӣ*).

МУШТ مشت 1. панҷаи даст дар ҳолати хобондани ангуштон. 2. миқдори чизе, ки дар ҳолати хобондани ангуштон ба кафи даст барад. ***Муште** андаке, каме, миқдоре; як миқдор.

Бардошт раҳи вилояти хеш.
Муште дидагонаш аз пасу пеш.

*Як тӯда даррандагон аз пасу пешаш равон будан (Л. М.)**
Мушт гиреҳ кардан ба ҷанг ва задани касе тайёр шудан.

МУШТА مشته кӯбачаи наддофон, ки бо вай зеҳи камонро зада ҷағбут ё пашмро тор-тор кунанд.

МУШТАИЛ مشتعل шӯълавар, забоназан (*сифати оташ*).

МУШТАҚ مشتک чизе [як мушт аз бор] ки тарозудорони бозор дар вақти имир аз ҳосилоти деҳқонии баркашида шудаи ҷинсан бебаркаш ва бо ду дасти худ [ҳаққи тарозугӯён] мегирифтанд.

МУШТАКЗӮР مشتکزور касе ки бо зӯрӣ ҳаққи касонро мехӯрад (*маҷоз аст аз тарозудор*).

МУШТАМИЛ مشتمل 1. гирдогирди чизеро фарогиранда, [иҳотакунанда]. 2. болои чизеро тамом фурӯгиранда, [дарбар гиранда] *...маънӣ замзамаест мӯҳтаҷиби сози мавҳум ва иборат созе муштамили нағамоти номафҳум. (*Бедил*).*

МУШТАРӢ مشتری 1. харидор, харанда.

*Надонистам, ки бад-ин бизоати аҷз муштарии кадом колоям кардаанд? *(Бедил)** 2. номи ситорае аз ситорагон, [Бирҷис, Юпитер].

МУШТАҒИЛ مشتغل машғулшаванда, машғул.

*Чу душман ба душман шавад муштағил,
Ту бо дӯст биншин ба ороми дил! *
(Бӯс.)

МУШТАҚ مشتق ҳар кадом аз суханҳое, ки аз як реша гирифта шудаанд. (*Масалан* **доно, нолон, дониш...** *ҳамагӣ аз «дон» гирифта шудаанд ва ҳар кадоми онҳо муштаканд).*

МУШТЗАН* مشت‌زن 1. хиштрез. 2. гӯштигир *(дар маънии дуйӯм дар адабиёт кам кор фармуда шудааст).*

*Яке муштзан бахти рӯзӣ надошт,
На асбоби шомаш муҳайё на чошт.
(Бӯс.)

МУШТЗӮР مشت‌زور 1. заминдори калоне, ки дар киштукори худ аз меҳнати дигарон фоида мебарад, [кулак]. *(термини нав)* [2. зӯргар, зӯрикунанда].

МУШТМОЛ مشتمال [1. бо мушт моланда] 2. ходимчӣ, касе ки масалан дар ҳаммом, тани одамонро мемолад.

МУШТРАНДА مشت‌رنده як хел рандаест, ки вайро як кас дар мушти худ гирифта тахта ё чӯберо метарошад.

МУШФИҚ مشفق меҳрубон.

МУШЪИР مشعر хабардиҳанда.

МУЪТОД معتاد 1. одат кардашуда (**мӯътоди манаст**). 2. одатгирифта (**ман ба ин кор мӯътодам** — *одат гирифтаам* — *одат кардаам*).

МУЯССАР میسر ба осонӣ ба даст даровардашуда. **Муяссар нашудан ба даст надаромадан.**

МУҒ مغ оташпараст.

МУҒАЙЛОН//МУҒЕЛОН مغیلان 1. хори ғелак. 2. дарахти хордор.

МУҒАММИЗ* مغمز бо чашму абрӯ ишораткунанда, ғамзакунанда.

МУҒАММИЗӢ* مغمزی ғамзакунандагӣ.

Оху ба муғаммизӣ дамидӣ.
Пояш ба қимор даркашидӣ.
(Л. М.)

МУҒАННИЯ* مغنیه зан ё духтари нағмасаро, мутриба.

...Муғанния, ки ... саъя мизробаш аз тори рагҳои гул нағамоти булбул пошидӣ. *(Бедил).*

МУҒАННӢ* مغنی нағмасаро, сароянда, навозанда, мутриб.

МУҒЛАҚ مغلق 1. дари баста. 2. сухане, ки дарьёфти он душвор бошад.

МУҒОНА مغانه *мансуб ба муғ.*

Ҳофиз гуфта:

То дар сари ман он ақл боқист,
Аз даст надеҳ май муғона.

МУҒТАНАМ مغتنم ғанимат шумурдашуда, ғанимат.

*...Замоне сояи ин дарахт муғтанами фурсат аст. *(Бедил).*

МУҚАВВАС مقوس хамида, камоншаклшуда.

МУҚАДДАМ مقدم пеш кардашуда, [қаблан иҷрошуда], пеш *(аз чизе).*

МУҚАДДИМА مقدمه 1. пешраванда *(масалан, дар лашкар).* 2. сарсухан *(дар навиштаҷот ва дар гуфтор).*

МУҚАЙЯД* مقید 1. *(бо занҷир)* басташуда; асир, бандӣ, гирифтор. 2. ба коре бандшуда *(дуйӯм маҷоз)*.

МУҚАЛЛИД مقلد 1. қабулкунанда ва амалкунандаи сухани касеро бе таҳқиқи шахсии худ. 2. ширинкоре, ки гуфтор, кирдор ва ҳаракати одамонро барои хаҷв тақлид мекунад.

МУҚАННАЪ* مقنع никобдор, пардапӯш. *(Ч. 10)*.

МУҚАРНАС مقرنس як хел нақши барҷаста дар бинокорӣ аст, ки нӯкҳои ҷоҳои барҷастааш ба бинии одамӣ монанд мешавад (Ин гуна нақшро одатан дар ҷои ба шифт пайвастани девори хона ва ба сақфи гунбазҳои аз хишти пухта сохташуда бо гаҷ мекунанд). 2. бинои муқарнаснақш.

МУҚАТТАЪ مقطع 1. буридашуда; қитъа—қитъа кардашуда. *чизҳои зиёдатиаш бурида пероста кардашуда.

Ҳайф бошад, ки... иборати ин нусхаи муқаттаъ мағшуш намояд. *(Бедил)**

МУҚАШШАР مقشر пӯст дур кардашуда *(чунончи, пӯсти донаи кунҷидро дур карда ба нон ё ҳамво меандозанд)*. [пӯсташ баровардашуда].

МУҚАШШАРӢ مقشری 1. *мансуб ба* **муқашшар**. 2. як навъ ҳалвои кунҷидист, ки кунҷидаш пӯст канда шудааст.

МУҚБИЛ* مقبل хушбахт, соҳибиқбол, иқболманд.

Гар муқбилам оҳудаю хуш зистаме,
Варна ба ҳазор дида бигристаме
(И. С.).

МУҚИМ مقیم 1. по барҷоистода. 2. бошандаи доимии ҷое; *зидди* **мусофир**.

*Бигуфто: наёрам шуд ин ҷо муқим,
Ки дар пеш дорам муҳимме азим.
(Бӯс.).

Муқиму мақом — бошандаву бошишгоҳ.

На нишон монд аз он мақому на ном,
Тӯъмаи хок шуд муқиму мақом.
*(Бедил)**

МУҚИМӢ مقیمی пайдор, бардавом *(махсуси тоҷикист)*.

МУҚИРР مقر иқроркунанда.

МУҚЛ مقل шилми як хел дарахт аст, ки дар давоҳо ба кор меравад.

МУҚОЕАЛА مقابله 1. ду китобро бо ҳам рӯбарӯ карда ғалатҳои онҳоро дурусткунӣ, [муқоиса]. 2. *нигоҳ кун. ба* **муқобалат**.

МУҚОБАЛАТ مقابلت бо якдигар рӯ ба рӯ шуда баробарӣ кардан.

МУҚОБИЛ مقابل 1. рӯбарӯ. 2. зид, мухолиф. 3. муқобилаткунанда.

МУҚОВАМАТ مقاومت бо касе ё ба чизе баробарӣ карда дар муқобили ӯ истодагикунӣ.

МУҚОМИР* مقامر қиморбоз.

Гуфто, ки манам Салмони Омир,
Сагнуби замонаи муқомир.
(Л. М.)

МУҚОРИН* مقارن наздикшаванда, наздик. **муқорини...** наздики...

...Нафасшумории умр муқорини соли чиҳилу якӯм аст... *(Бедил)*.

МУҚОЯСА مقایسه ба ҳам андозакунии ду чиз, ду кор ё ду кас.

МУҚТАЗО مقتضا тақозо кардашуда, [хостешуда, лозим шумурдашуда].

МУҚТАЗӢ مقتضی тақозокунанда, [хоҳанда, талабкунанда].

МУҚТАРИН* مقترن наздикшаванда; наздик.

Даври ҳангоми бехабариҳо гузашт ва замони ғайбати хуш ба ҳузури огаҳӣ муқтарин гашт. *(Бедил)*.

МУҲАББАТ محبت дӯстдорӣ.

МУҲАВВАЛ محول 1. аз ҳоле ба ҳоле гардонидашуда. 2. ҳавола кардашуда *(пул, чиз ё коре)*.

МУҲАВВИЛ محول 1. гардонанда аз ҳоле ба ҳоле, [дигаргункунанда, тағйирдиҳанда]. 2. ҳаволакунанда *пулеро, чизеро ё кореро ба касе*.

МУҲАВВИС* مهوس 1. соҳибҳавас, ҳавасдошта ба чизе. 2. ҳавасгар.

Эй муҳаввис дар ҳавои ишқи ӯ,
Метапад нафси ту чун найбақ чарӣ
(Бедил).

МУҲАЗЗАБ مهذب 1. пок кардашуда аз айбҳо 2. пок аз айбҳо.

МУҲАЗЗИБ* مهذب 1. поккунанда, беайбгардонанда. 2. тарбиядиҳанда.

Ба фаросат муҳандиси идрок,
Ба дироят муҳаззиби атвор.
(Бедил)

МУҲАЙЙИР محیر дар ҳайрат андозанда, [ҳайронкунанда].

МУҲАЙЙИҶ مهیج 1. ба ҳаяҷон оваранда. 2. барангезанда *(масалан, фитнаеро ё касеро ба муҳорибаи касе)*.

МУҲАНДИС مهندس олими ҳандасадон.

МУҲАРРАФ* محرف 1. кач кардашуда, кач; теги кач.

Ба он гардиши чашм муҳаррафе хӯрдем, ки саропои худ аз дили дуним бознамешинохтем. *(Бедил)** 2. аз ростӣ баровардa дигар кардашуда *(масалан, гуфта ё асари касеро дигар карда ба вай ифодакунандаи маъниҳои вайрон дароранд, «муҳарраф» мешавад)*.

МУҲАРРИР محرر 1. нависандаи чизе аз пеши худ. 2. фатвонавис *(дар термини замони амирӣ)* 3. касе ки чизи каси дигар навиштаро дуруст карда нависад *(дар забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ танҳо ба ҳамин маънӣ зиндааст)*.

МУҲАРРО مهرا чизи дар об ҷӯшонда пухтаи бисёр нармшуда *(масалан, гӯшт)*.

МУҲАССАНОТ محسنات некӯиҳо, хубиҳо.

МУҲАССИЛ محصل 1. ҳосилкунандаи чизе. 2. касе ки барои иҷрои коре зӯр мекунад *(аз терминҳои даври амирӣ)* [3. пулчини подшоҳӣ, хироҷ ҷамъкунанда].

МУҲАҚҚАР* محقر ҳақир донисташуда; ҳақир, беқадр.

МУҲАҚҚАҚ محقق 1. таҳқиқшуда. 2. бо далел исботёфта; чизе, ки дигар муҳтоҷ ба далел набошад.

МУҲАҚҚИҚ محقق таҳқиқкунанда, ба ёфтани ҳақиқати чизе кӯшишкунанда.

МУҲИБ 1 مهیب тарсонанда, [тарснок, ҳавлнок, чизе ки аз вай тарс пайдо шавад].

МУҲИБ II* محب дӯст, дӯстдор.

МУҲИМ* مهم кори сахт; кори зарур.

МУҲИМКИФОЯ مهم كفايه чизе ки эҳтиёҷҳои заруриро адо мекунад (*дар забони зинда*).

МУҲИММОТ* مهمات [ҷамъи **муҳим**]; чизҳои зарурӣ.

МУҲИҚ محق касе, ки ҳақ ба ҷониби ӯ бошад, [ростгӯй].

МУҲОБО* محابا 1. мурувват, иноят; сулҳ.

> Гар дар ин арсаат муҳобо нест,
> Теғи ман ҳам набофарсо нест.
>
> (*Бедил*)*

2. мулоҳаза; ибо (**бемуҳобо, бемулоҳаза, беибо.** *Танҳо ба ҳамин маънӣ зиндааст, маъниҳои дигараш мурдааст*).

МУҲОБОТ مهابات болобардорӣ (*ба ин маънӣ дар адабиёт нест, аммо дар забони зиндаи тоҷикӣ ин калима ба ҳамин шакл танҳо ба ҳамин маънӣ меояд*).

МУҲОВАРА محاوره гуфтугузор (*ба ҳамин маънӣ зиндааст*).

МУҲОВАТА* محاوطه иҳоташуда, фаро гирифташуда.

> ...ба муҳоватаи гиландуде расидем, ки ...оина дар муқобилгоҳи девораш дандони ҷавҳар бармеовард. (*Бедил*).

МУҲОЗӢ محاذی дар рӯбарӯи якдигар будани ду чиз, [рӯбарӯ, муқобил].

МУҲОКАМА محاكمه барои ҳукм кардан дар бораи чизе бар болои он фикр давониданӣ як кас ё чанд кас.

МУҲОЛ* محال чизи ношуданӣ, номумкин, имконнопазир.

МУҲОРАБА محاربه ҷанги ду лашкар бо ҳам, [ҷангу муқотала, корзор, набард].

МУҲОСАРА محاصره аз гирдогирд қалъавор банд карда гирифтан (*касеро, лашкареро, шаҳреро*).

МУҲОҚ//МАҲОҚ//МИҲОҚ محاق 1. костани моҳ, ки аз 15 сар мешавад [ва охиста-охиста кам мегардад]. 2. се рӯзи охири моҳ, ки вай ба чашм дуруст наменамояд.

МУҲОҶАРАТ مهاجرت кӯчиш аз хонаи худ ба ҷое дуртар аз он, [ҳиҷрат кардан, кӯчидан аз ҷое ба ҷое].

МУҲОҶИМ مهاجم ҳуҷумкунанда.

МУҲОҶИР مهاجر касе ки ба ҷое дуртар аз хонаи худ кӯчида меравад.

МУҶАДДАД* مجدد нав гардонидашуда, нав.

МУҶАЗЗО مجزا пора-пора кардашуда, ба ҷузъҳои алоҳида ҷудокардашуда.

МУҶАЛЛО مجلا ҷилодор кардашуда, [ҷило додашуда; дурахшон].

МУҶАРРАД مجرد 1. танҳо. 2. марди безан.

МУҶАҲҲАЗ* مجهز 1. ҷиҳоздор кардашуда, таҷҳизшуда. 2. тайёр, муҳайё.

МУҶИБ* مجيب ҷавобдиҳанда.

> Ҳосилуламр аз он саволи ғариб
> Ҳеҷ касро наёфтанд **муҷиб**.
>
> (*Бедил*).

МУҶМАЛ مجمل 1. дарун ба дарун кардашуда. 2. кӯтоҳ карда ҳамаи муддаоро дар он даровардашуда (*дар навиштаҷот ва гуфтор*) 3. чизе ё касе ки аз вай чизе фаҳмида нашавад (*ба ин маънӣ дар адабиёт дида нашуд, аммо дар байни халқ машҳур аст*).

УҶОВАРАТ مجاورت ҳамсоягӣ. [қарибӣ, наздикӣ].

УҶОВИР مجاور 1. ҳамсоягикунанда.* [2. муқим, сокини ҷое. 3. муқими ибодатгоҳ].

Паси парда митрое озарпараст
Муҷовир, сари ресмоне ба даст.
(*Бдс.*)*

УҶОЛАСАТ مجالست ҳамнишинӣ.

УҶОНАСАТ مجانست ҳамҷинсӣ.

УҶРИМ* مجرم* гунаҳгор.

Ки муҷрим ба зарқу забоноварӣ
Зи ҷурме, ки дорад нагардад барӣ.
(*Бдс.*)

УҶРО مجرا 1. равон кардашуда (*об*). 2. иҷро кардашуда (*хизмат, кор, супоришро*). 3. хизмати иҷроаш қабулъёфта (**хизматаш муҷро шуд.** *Ба ҳамин маънӣ зиндааст*).

УҶТАНИБ مجتنب дуригузинанда, каноргиранда (*аз чизе*).

Ӯ//МӮЙ مو(ی) пашми тор-торест, ки дар бадани одамӣ, дар думи ҳайвонот ва дар бадани баъзе ҳайвонот мебарояд (*ҳар пашмро мӯ гуфтан дуруст нест, тор-тор будани он шарт аст*).

ӮБАД/МУВБАД/МӮБИД* موبد ҳаким, олим, донишманд.

Ки эй баҳравар мӯбади некном!
Чаро пеш аз инам нагуфтӣ паём.
(*Бдс.*)

2. пешвои ибодатхонаи оташпарастон.

ӮЁН* مويان нолон, гирьякунон.

Лайли зи гизофи ёвагӯён
Дар хонаи ғам нишаст мӯён.
(*Л. М.*)

МӮИДАН موييدن нолиши гирьяолуд кардан.

МӮИНА موئينه 1. пӯстҳои ҳайвонот, ки аз он пӯстин ва ҳар гуна либос дӯзанд. [2. *мансуб ба* **мӯй.** 3. либоси аз мӯй бофташуда].

МӮЙ موی *нигоҳ кун. ба* **мӯ.**

***Мӯи чу суман** **мӯи сап-сафед.**

Маъҷар зи сари сапед бикшод,
Мӯи чу сумин ба бод бардод.
(*Л. М.*)*

Мӯй бар андом рост шудан ба ғазаб омадан (*маҷоз*). **Мӯйро аз хамир ҷудо кардан** кореро дуруст тафтиш карда ҷои хуб ва бади вайро тамоман ҷудо кардан (*маҷоз*).

МӮЙЧИНАК موچينك анбӯрчаи нозуки лабтунук аст, ки бо вай аз бадан ва атрофи чашм мӯйро чинанд ё аз ҳар ҷо чизҳои нозуки мӯймонандро бо вай гиранд.

МӮЛ مول бисьёр (*махсуси тоҷикист*).

МӮЛА موله биное лоини маноравор (аммо на он қадар баланд)-и аз замин бардоштташуда, ки дар киштзорҳо ва биёбонҳо созанд. Дар киштзорҳо болои он баромада паррандаҳоро аз кишт ронанд ва дар биёбонҳо болои он баромада оянда ва равандагонро аз дур бинанд. **Мӯла барин** касе ки бар сари коре истода бошад, аммо аз дасти ӯ коре наёяд (*маҷоз*).

МУМИЕ//МУМИЁЙ* موميا//موميائى як навъ моддаи сиёҳи кирмонанд, ки дар баъзе дараҳо пайдо мешавад ва ҳамчун дору барои сиҳат кардани ҷойҳои шикастани бадан истифода мекунанд. **Мӯмиёӣ кардашуда** бадани мурдаи бо доруҳои гуногун парвариш кардашудаи одамӣ, ки чандин сол напӯсида ва дигаргун нашуда бар ҳол мемонад.

МӮНИС مونس ҳамдам, оромдиҳанда (**мӯниси ҷон** оромдиҳандаи ҷон).

МӮР مور ҳашароти маълуми миёнборик аст, ки аз вазни худаш зиёдтар борро ба ҳар тараф кашола карда бурдан метавонад.

МӮРЧА مورچه *нигоҳ кун.* ба мӯр.

МӮРӢ موری дудкаш.

МӮШИКОФ موشکاف одами тезақли борикбин, ки гӯё мӯйро шикофта дидан метавонад (*маҷоз*).

МУЪЗАМ* معظم бузургтар, муҳимтар.

Гарат мамлакат бояд ороста,
Мадеҳ кори муъзам ба навхоста.
(*Бӯс.*)

МУЪЗӢ/МУЗӢ* موذی азиятрасонанда, озоррасонанда; ранҷдиҳанда.

Хар аз одами муъзӣ бисёр беҳ,
Саг аз мардуми мардумозор беҳ.
(*Бӯс.*)

МУЪЛАМ* معلم 1. нишондор, аломатдошта. 2. нақшин, мунаққаш. (*Р.*).

МУЪТАБАР معتبر эътибор кардашуда, ба назари эътибор гирифташуда [мӯҳтарам, бообрӯ, иззатманд].

МУЪТАМАД معتمد эътимод кардашуда, боварӣ кардашуда.

МУЪТАРИФ معترف иқроркунанда, эътирофкунанда (*чизеро, гуноҳеро*).

МУЪТАҚИД* معتقد эътиқодманд, соҳибэътиқод.

МУЪҶИЗ معجز оҷизкунанда.

МУЪҶИЗА معجزه коре ки дигарон аз кардани мисли он кор оҷиз бошанд, [кори аз одат берун].

МӮЯ مویه 1. нолиши гиряолуд, навҳа. *Ҷомӣ гуфта:*

Аз мӯя чу мӯе шудам аз нола чу ной...

*2. *маҷозан* марсия:

Ҳар мӯя, ки буд хондаш аз бар,
Ҳар мӯй, ки дошт кандаш аз сар.
(*Л. М.*)

МӮЯГАР* مویه‌گر нолишгар, навҳагар.

Оҳир ки разм мӯягар нагузошт,
Хун сиҳарӯш гашту мотам дошт.
(*Бедил*).

МӮЯК مویک кафидагиҳои нозук, ки дар зарфҳои чинӣ ва сафол пайдо мешаванд ва монанди мӯй ба назар менамоянд. **Мӯяк рафтан** а) андак кафидани зарфҳо, ки дарзи он мисли мӯй ба назар намояд. б) андак халал расидан ба кор ки оқибат он халал ба тамоман хароб шудани он кор сабаб шавад (чунон ки мӯяки зарф ба тамоман шикастани он сабаб мешавад).

МӮҲЛАТ مهلت 1. оҳистагӣ, фурсат, [таъхир]. 2. вақте ки барои адо кардани чизе ё коре дода мешавад.

МӮҲЛИК مهلک ҳалоккунанда, ҷон кушанда.

МӮҲР مهر чизи нақши дар вай номи каси мансабдоре ё калимаи нишонагие ва ё ин ки номи идорае кандашуда, ки вайро ранг карда ба мактубҳо ва ҳуҷҷатҳо пахш мекунанд. **Мӯҳри ангишт** мӯҳрест, ки дар вай танҳо номи соҳиби мӯҳр канда шудааст. ***Ба мӯҳри хеш аст*** *яъне* бакорати худро нигоҳ доштааст.

> Солест, ки шуд арӯсу беш аст.
> Бо меҳри туву ба мӯҳри хеш аст
>
> (*Л. М.*).*

МӮҲРА مهر ه 1. пушти ҷон дастагузорони каланд, теша, табар ва монанди инҳо. 2. санги шаффофест, ки бо молидани вай коғаз ва дигар чизҳои паҳнро суфта кунанд ва пардоз диҳанд. 3. пардоз. **Мӯҳра задан** бо мӯҳра пардоз додани коғаз ва монанди он. **Мӯҳра кардан** пардоз кардани коғаз ва монанди он. 4. ҳар чизи паҳни гирдаи тангамонанд ё калонтар аз он. *5. донаи шатранҷ ва нард барин бозиҳо.

> Бозии айшашон басомон аст.
> Мӯҳраи мо абас парешон аст.
>
> (*Бедил*)*.

Мӯҳраи гардан устухонбандии гардан.

МӮҲРАДОР مهر ه دار коғази пардоз додашуда.

МӮҲРИҚ محرق сӯзонанда, сӯзанда. **Таби мӯҳриқ** — таби бисьёр сахт сӯзонанда.

*...дар ғалабаи таби мӯҳриқ сесад мисқол разғани гов якбора даркашиданро шарбати сиҳҳат медонист. (*Бедил*).

ӮҲСИН I محسن эҳсонкунанда, инъомкунанда, некикунанда.

ӮҲСИН II محصن марди зандор, марди зангир.

ӮҲТАВӢ محتوی 1. гирдогирд гиранда, [фарогиранда, гирдоваранда, [ҷамъкунанда].

МӮҲТАҚИР محتکر ҳаннот. *Нигоҳ кун. ба* **ҳаннот**.

МӮҲТАМАЛ محتمل чизи вуқӯъаш гумонкардашуда, [шубҳанок, эҳтимолӣ].

МӮҲТАСИБ محتسب манъкунанда аз чизҳои ғайри шаръӣ, назоратчии шариат (*яке аз мансабҳои шаръӣ дар замони амир, ки раис низ номида мешуд). Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

> Шикаст ҷоми маю мӯҳтасиб зи дайр гузашт
> Расида буд балое вале ба хайр гузашт.

МӮҲТАШАМ محتشم соҳибҳашамат, бошукӯҳ.

МӮҲТАҶИБ* محتجب зери пардашаванда, пинҳоншаванда.

МӮҲТОЛА محتاله ҳилагарзан, маккорзан.

МӮҲТОҶ محتاج 1. чизе, ки ба вай эҳтиёҷ меафтад. [2. ниёзманд, ҳоҷатманд].

МӮҲЬЙЙ محیی зиндакунанда, ҳаётбахшанда.

МӮҶАБ موجب лозим гардонидашуда.

МӮҶАЗ موجز 1. кӯтоҳ. 2. хурд (*маънии дуввум махсуси тоҷикист, ки масалан ҳавзчаро «мӯҷаз» мегӯянд*).

МӮҶИБ موجب лозимкунанда, [сабаб, боис].

МӮҶИД موجد эҷодкунанда, аз худ ба вуҷуд оранда чизеро.

хои шикастаи бадан истифода мекунанд. **Мӯмиёӣ кардашуда** бадани мурдаи бо доруҳои гуногун парвариш кардашудаи одамӣ, ки чандин сол напӯсида ва дигаргун нашуда бар ҳол меистад.

МӮНИС مونس ҳамдам, оромдиҳанда (**мӯниси ҷон** оромдиҳандаи ҷон).

МӮР مور ҳашароти маълуми хеборик аст, ки аз вазни худаш зиёдтар борро ба ҳар тараф напола карда бурдан метавонад.

МӮРЧА مورچه *нигоҳ кун.* ба мӯр.

МӮРӢ موری дудкаш.

МӮШИКОФ موشکاف одами тезақли борикбин, ки гӯё мӯйро шикофта дидан метавонад (*маҷоз*).

МУЪЗАМ* معظم бузургтар, муҳимтар.

Гарат мамлакат бояд оросте,
Мадеҳ кори муъзам ба навхосте.
(*Бӯс.*)

МУЪЗӢ//МУЗӢ* موذی азиятрасонанда, озоррасонанда; изодиҳанда.

Хар аз одами мӯъзӣ бисёр беҳ,
Саг аз мардуми мардумозор беҳ.
(*Бӯс.*)

МУЪЛАМ* معلم 1. нишондор, аломатдошта. 2. нақшин, мунаққаш. (*Р.*).

МУЪТАБАР معتبر эътибор кардашуда, ба назари эътибор гирифташуда [мӯҳтарам, бобрӯ, иззатманд].

МУЪТАМАД معتمد эътимод кардашуда, боварӣ кардашуда.

МУЪТАРИФ معترف иқроркунанда, эътирофкунанда (*ҷизеро, гуноҳеро*).

МУЪТАҚИД* معتقد эътиқодманд, соҳибэътиқод.

МУЪҶИЗ معجز оҷизкунанда.

МУЪҶИЗА معجزه коре ки дигарон аз кардани мисли он кор оҷиз бошанд, [кори аз одат берун].

МӮЯ مویه 1. нолиши гиряолуд, навҳа. *Ҷомӣ гуфта:*

Аз мӯя чу мӯе шудам, аз нола чу ноле...

*2. *маҷозан* марсия:

Ҳар мӯя, ки буд хондаш аз бар.
Ҳар мӯй, ки дошт кандаш аз сар.
(*Л. М.*)

МӮЯГАР* مویه‌گر нолишгар, навҳагар.

Оҳир ба разм мӯягар нагузошт
Хун синакӯби гашту мотам дошт.
(*Бедил.*)

МӮЯК مویک кафидагиҳои нозук, ки дар зарфҳои чинӣ ва сафол пайдо мешавад ва монанди мӯй ба назар менамояд. **Мӯяк рафтан** а) андак кафидани зарфҳо, ки дарзи он мисли мӯй ба назар намояд. б) андак халал расидан ба кор ки оқибат он халал ба тамоман хароб шудани он кор сабаб шавад (чунон ки мӯяки зарф ба тамоман шикастани он сабаб мешавад).

МУҲЛАТ مهلت 1. оҳистагӣ, фурсат, [таъхир]. 2. вақте ки барои адо кардани чизе ё коре дода мешавад.

МУҲЛИК مهلک ҳалоккунанда, ҷонкушанда.

МУҲР مهر чизи пахни дар вай номи каси мансабдоре ё идорае нишонагие ва ё ин ки номи идорае кандашуда, ки вайро ранг карда ба мактубҳо ва ҳуҷҷатҳо пахш мекунанд. **Муҳри исмӣ** муҳрест, ки дар вай танҳо номи соҳиби мӯҳр канда шудааст. ***Ба мӯҳри хеш аст** *яъне* бакорати худро нигоҳ доштааст.

> Солест, ки шуд арӯсу беш аст,
> Бо меҳри туву ба мӯҳри хеш аст
>
> (*Л. М.*).*

ӮҲРА مهره 1. пушти ҷои дастагузаронии каланд, теша, табар ва монанди инҳо. 2. санги шаффофест, ки бо молидани вай коғаз ва дигар чизҳои паҳнро суфта кунанд ва пардоз диҳанд. 3. пардоз. **Мӯҳра задан** бо мӯҳра пардоз додани коғаз ва монанди он. **Мӯҳра кардан** пардоз кардани коғаз ва монанди он. 4. ҳар чизи паҳни гирдаи тангамонанд ё калонтар аз он. *5. донаи шатранҷ ва нард барин бозиҳо.

> Бозии айшашон басомон аст,
> Мӯҳраи мо абас парешон аст.
>
> (*Бедил*)*.

Мӯҳраи гардан устухонбандии гардан.

ӮҲРАДОР مهره دار коғази пардоз додашуда.

ӮҲРИҚ محرق сӯзонанда, сӯзанда. **Таби мӯҳрик** — таби бисьёр сахт сӯзонанда.

*...дар ғалабаи таби мӯҳриқ сесад мисқол равғани гов якбора даркашиданро шарбати сиҳҳат медонист. (*Бедил*).

ӮҲСИН I محسن эҳсонкунанда, инъомкунанда, некикунанда.

ӮҲСИН II محصن марди зандор, марди зангир.

ӮҲТАВӢ محتوی 1. гирдогирд гиранда, [фарогиранда, гирдоваранда, [ҷамъкунанда].

МӮҲТАКИР محتکر ҳаннот. *Нигоҳ кун. ба* **ҳаннот.**

МӮҲТАМАЛ محتمل чизи вуқӯаш гумонкардашуда, [шубҳанок, эҳтимолӣ].

МӮҲТАСИБ محتسب манъкунанда аз чизҳои ғайри шаръӣ, назоратчии шариат (*яке аз мансабҳои шаръӣ дар замони амир, ки раис низ номида мешуд*). *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

> Шикаст ҷоми маю мӯҳтасиб зи дайр гузашт
> Расида буд балое вале ба хайр гузашт.

МӮҲТАШАМ محتشم соҳибҳашамат, бошукӯҳ.

МӮҲТАҶИБ* محتجب зери пардашаванда, пинҳоншаванда.

МӮҲТОЛА محتاله ҳилагарзан, маккорзан.

ПАЗРУФТАН* پذرفتن 1. *нигоҳ кун. ба* **пазируфтан.** 2. ба зимма гирифтан.

ПАЙ I پی як узви сафеди кашидашаванда ва часпаки пурзӯр аст, ки ҳис, ҳаракат ва мазбутии аъзо вобаста бар он аст *(паи ғафси ҳайвонот дар зингарӣ ва камонгарӣ ба кор меравад)*.

ПАЙ II پی 1. *сабук кардашудаи* **пой.** 2. нишони пой, *яъне* нақши пой. 3. дунбол ва пас **(аз паи фалонӣ рафтам, аз паи ин фикр давидам). Пай бурдан** а) нишонаи чизеро ёфтан, б) чизеро ҳис кардан. **Пай буридан** рафту он касеро аз ҷое манъ кардан. **Пай гум кардан** а) нишонаи чизи ҷустаниро гум кардан, б) аз роҳи мақсад ноумед баргаштан. **Пай задан** а) нӯги чӯбро нишеб тарошидан б) паи ҳам думчаҳошонро боло карда мондани сарҳои ангур (то ки думчаҳошон пажмурда шаванд ва дар вақти овехтан нақананд). ***Пай фушурдан** қадам ниҳодан.

Дар манзили меҳр пай фушурданд
Он нузл, ки буд, пеш бурданд.
(Л. М.).*

ПАЙВАНД پیوند чизи ба чизи дигар часпондашуда. **Пайванд кардан** а) чизеро оварда ба чизи дигаре часпондан (пайванд кардани чашми навдаи ягон дарахт ба дарахти дигар). б) чизеро ба чизе ҳамроҳ карда камбудии вайро нест кардан (*масалан*, пайванд кардани тахтапорае ба дар, то ки калон ва фарохтар шавад).

ПАЙВАСТ پیوست *нигоҳ кун. ба маънии якуми* **пайваста.**

ПАЙВАСТА پیوسته 1. чизест ки ба як чизи дигар пайвастааст. 2. доимӣ, ҳамеша ва бефосила. *Ҷунончи мегӯянд:* **Пайваста гап мезанад; пайваста кор мекунад.**

ПАЙВАСТАГОН پیوستگان хешон ва наздикон (*маҷоз*).

ПАЙВАСТАН پیوستن 1. пайванд кардан. 2. чизеро ба паси чизе оварда расондан.

ПАЙК پیک қосид, хабаррасон.

ПАЙКАР پیکر 1. ҷусса. 2. сурат (**моҳпайкар, парипайкар** *мисли маънии дуйум аст*).

ПАЙКОН پیکان тири замони қадим, ки бо камон мепаррондаанд. *Ҳайрат гуфта:*

> Бар дили мо, бин ки пайконат чи сон буррон гузашт,
> Ғамзаи мастат афокалло камонкаш будаест.

ПАЙКОР پیکار ҷангу ҷадол.

> *Чу шояд гирифтан ба нармӣ диёр,
> Ба пайкор хун аз масоме маёр.
> (*Бӯс.*).

ПАЙМОН پیمان аҳд.

ПАЙМОНА پیمانه 1. кӯза. 2. қадаҳи шаробнӯшӣ. **Паймона пур шудан ба** охир расидани умр (*маҷоз*).

> Дигар пур шуд аз шом паймонаам.
> Қашид орзуманди хонаам.
> (*Бӯс.*).

ПАЙМОНАЧА پیمانه‌چه кӯзача (*«паймонча», ки ҳоло дар Бухоро мегӯянд, вайроншудаи «паймонача» аст*).

ПАЙРАВ پیرو касест, ки дар шеър, дар масъалаҳои мафкуравӣ ё дар масъалаҳои динӣ аз паси касе равад ва ба ӯ тақлид кунад.

ПАЙСИПАР پی‌سپر одами ба ҷое раванда. ***Пайсипари замин** — овораи рӯи замин.

> З-ин ғам беҳ агар ғамин набошӣ,
> То пайсипари замин набошӣ.
> (*Л. М.*).

ПАЙХАС پیخس **пайхас кардан** *нигоҳ кун. ба* **пай бурдан.**

ПАЙХАСТ پیخست 1. девори такаш кофташуда. 2. замини ба сабаби роҳ рафтан аз болояш хасташуда.

ПАЙХОЛ پیخال қисми барои кӯфтан пахн карда партофтаи хирманҳои ҷаву гандум.

ПАЙҒОМ پیغام *нигоҳ кун. ба* **паём.**

ПАК پک одами беҳунари худорои худписанд (**Лак** *ҳам ба ҳамин маънист, ки ҳар дуро як карда ба сурати* **лаку пак** *кор мефармоянд ва дар афсонаҳо дар бораи лаку пак ҳикоя бисьёраст*).

ПАКАНА پکنه каси ғафсбадани кӯтоҳқад.

ПАЛ پل замини хурди киштшаванда, ки бештарин дар он гуна замин сабзавот коранд.

ПАЛАК پلک 1. растании таноб-навдаи паҳнбарг (**палаки харбуза, тарбуз, каду, бодиринг**).

2. канори чашм, ки аз он ҷо мӯ мебарояд.

ПАЛАКМУРДА پلکمرده 1. харбуза ё тарбузест, ки пеш аз пухтан палакаш хушкида аст. 2. одами бемормонанд, ки ҳар вақт бекувват аст.

ПАЛАНГ پلنگ ҳайвони даррандаи ваҳшии машҳур.

ПАЛАНГИНА پلنگینه 1. пӯст ва порчае, ки ба шакли нақши пӯсти паланг ранг додаанд. 2. пӯстине, ки аз пӯсти паланг сохта шудааст.

ПАЛАХТА پلخته *нигоҳ кун.* ба параха. **Палахта нарӯидан аз касе** хасис будани он (*маҷоз*).

ПАЛАҒДА پلغده тухми вайроншудаи мурғ.

ПАЛИД پلید мурдор.

ПАЛЛА پله ҳар тарафи тарозу, ки дар вай санг мемонанд ва чизи баркашиданиро меандозанд.

ПАЛОЛАКТЕҒ* پلالک تیغ шамшери пӯлодини ҷавҳардор.

> Чӣ чиз аст он раванда тираки хурд?
> Чӣ чиз аст он палолактеғи буррон?
> (*Рӯдакӣ*)

ПАЛОНҶ پلانج занони одами ҷандзана ба якдигарашон палонҷ мешаванд, *кундош (Ҷ. 4).*

ПАЛОС پلاس 1. фарши зерандозии пашмин (намад, шол). 2. пардаест ки новвоён дар зери нон пахн кунанд.

ПАЛОСПӮШ پلاس پوش касест, ки аз пашминаҳои арзонбаҳои дурушт ҷома карда мепӯшад.

ПАНД پند насиҳат.

ПАНИР پنیر бастаи шир аст, ки мояи вайро дар ширдони гӯсфанд тайёр кунанд.

ПАНОҲ پناه 1. ҳимоят. 2. ҷое, ки дар он ҷо пинҳон шудан аз офтоб ё аз чашми касе мумкин аст.

ПАНОҲАНДА پناهنده паноҳгиранда, илтиҷоваранда.

ПАНҶ* پنج адади маъруфи пас аз чаҳор ва пеш аз шаш. **Панҷ навбат задан** — *киноя аз* ҳукмронӣ кардан.

> Занад Ҷомӣ Аҷамро панҷ навбат
> Навозад дар Араб ҳам кӯси шавкат.
> (*Навоӣ*).

ПАНҶА پنجه 1. панҷ ангушти даст дар як ҷо. 2. ҷои ба чандин шохҷӯй тақсим ёфтани ҷӯи калон. **Панҷаи по** панҷ ангушти по. **Панҷа кардан** панҷаи худро дар панҷаи каси дигар гузаронда, бо тофтани дасти якдигар зӯрозмоӣ кардан. *Саъдӣ гуфта:*

> Ҳар ки бо пӯлодбозу панҷа кард,
> Соиди симини худро ранҷа кард.

Панҷа кашидан дар вақти кишти сабзӣ ва пиёз барин чизҳо тухмро ба хок бо панҷаи даст омехтан.

ПАНҶАКАШ پنجه کش **панҷакаш кардан** лойро ба девор ё ба ягон ҷои дигар бе андова бо дасти худ молида ҳамвор кардан.

ПАНҶАРА پنجره ҷӯбҳо ё оҳанҳои аз ҳам гузаронидаи чашмдор аст, ки дар равзанҳо, дарчаҳо мешинонанд, то ки аз он ҷо одам, гурба ва парранда надароянд.

ПАНҶГАНҶ پنج گنج панҷ аъзост, ки чашм, гӯш, забон, даст ва пост.

ПАНҶСЕР* پنجسیر як пуд (Ҷ. 3).

ПАНҶШОХА پنجشاخه олати ҷӯбист, ки панҷ шох ва даста дорад ва дар вақти хирманкӯбӣ бо вай пахолро такурӯ мекунанд ва ҳам хирмани кӯфташударо бо вай бод мекунанд, ки дон аз коҳ ҷудо мешавад.

ПАР پر болу пари паррандагон аст, хоҳ дарозаш бошад, хоҳ кӯтоҳаш. ***Пари зоғ** — *киноя аз* ранги сиёҳ.

> Рӯи мулзам ҳамон пари зоғ аст,
> Шӯъла, рангаш чу бишканад доғ аст.
> (*Бедил*).

Яъне, рӯи мулзам сиёҳ аст. **Пари пашша** *нигоҳ кун. ба* **банорас.***

ПАРАНД* پرند ҳарир. (*Л. М.*).

ПАРАСТ پرست парастанда (*лекин ин калима ҳамроҳи исм меояд, чунончи мегӯянд:* **шикампараст, мансабпараст**).

ПАРАСТИДАН پرستیدن 1. ибодат кардан (*таъбир ва одати динӣ*). 2. чизеро аз ҳад зиёд дӯст доштан.

ПАРАСТОР پرستار 1. пешхизмат (хоҳ зан бошад, хоҳ мард). 2. касе, ки ба касе бо меҳрубонӣ нигоҳубин кунад.

ПАРАСТОРӢ پرستاری нигоҳубин.

ПАРАСТУ پرستو фароштурук (*нигоҳ кун. ба* **фароштурук**).

ПАРАФШОНӢ* پرفشانی бол задан, парвоз кардан. ***Парафшонӣ кардан** барои расидан ба мақсаде кӯшиш кардан (*маҷоз*).

ПАРАХА پرخه чӯбмайдаҳои тунук аст, ки аз тарошидани чӯбе мебарояд.

ПАРВАРДА پرورده 1. чизе, ки бо шакар аз ғайри ҷӯшондан парварда бошанд (**занҷабили парварда, лимуи парварда** *ва монанди инҳо*). 2. ҳалвои бо гармдору пухта. 3. навдаҳои буридаи ток, ки дар замин гӯронда решадор карда бошанд, барои қатор кардан дар боғ.

ПАРВАРДАХОНА پرورده‌خانه ҷоест, ки дар он ҷо гулҳо ва ҳар гуна ниҳолҳоро дар вақти сардии ҳаво парвариш карда расонанд.

ПАРВЕЗАН پرویزن ордбезак (элак).

ПАРВИН پروین шаш ситораи хурди бо ҳам ҷамъомада, ки дар фасли зимистон аз аввали шаб намоён шаванд.

ПАРВО پروا таваҷҷӯҳ, илтифот ва ғамхӯрӣ. **Парво кардан** а) сер кардан. б) таваҷҷӯҳ, илтифот ва ғамхӯрӣ кардан.

ПАРВОЗ پرواز 1. паркушода (пар-воз). 2. ба ҳаво париш (*маъниш дуюм маҷоз ва зинда аст*).

ПАРВОНА I پروانه 1. ҳашароти паррандаест, ки шабҳо ба пеши шамъ меояд ва худро ба шӯълаи шамъ мезанад. **Парвона шудан** ба касе аз ҳад зиёд меҳрубонӣ кардан (*маҷоз*). 2. паррачаест, ки дар мошинҳо мешиноманд ва бо гардиши вай мошин ба ҳаракат меояд.

ПАРВОНА II پروانه ҳукм, фармон. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

> Дар сафҳаи рӯй бо хати хуб
> Парвонаи қатли ман навишта.

ПАРВОНАЧӢ پروانچی 1. иҷрокунандаи фармони подшоҳӣ. 2. амал, мартабае буд дар дарбори амири Бухоро.

ПАРГАНОТ* پرگنات деҳот, қишлоқҳо.

> Аксарии парганоти ҳаволии Митҳаро ба забти таадди доштанд.
> (*Бедил*).

ПАРГОЛ پرگال *ниғоҳ кун. ба* **паргор**.

ПАРГОЛА پرگاله 1. ҳисса ва пораи як чиз; порча ва ҳиссаҳоест, ки ба рӯи чизе дӯзанд. 2. порчаҳои як чиз, ки бо рангҳои ҷудогона нақшин шуда бошад.

ПАРГОР پرگار олати доиракашӣ *(дар наққошӣ ва геометрия)*.

ПАРДА I پرده 1. чизи бофтаест, ки як чизи дигарро аз назари бинанда мепӯшонад (*масалан*, **пардаи дар**. *2. латтаҳои суфи муқаррарӣ аст, ки дар хонақоҳ дар вақти даҳаннишинӣ ба торҳо мекашанд, дар даруни ҳар як парда як кас менишинад ва мехобад (Ҷ. 1).* 3. ҳар чизи тунук, ки рӯи як чизро пӯшондааст (**пардаи чашм, пардаи гӯш, пардаи тухм,** *ки дар зери пӯчоқи он аст*...) **Парда аз рӯи кор афтодан** кушода шудани рози пинҳонӣ *(маҷоз)*. **Пардаи ангурӣ** *ниғоҳ кун. ба* **пардаи инабӣ. Пардаи инабӣ** яке аз пардаҳои чашм.

ПАРДА II پرده пардаи танбӯр ва дутор.

ПАРДАДОР* پرده‌دار 1. дарбон, ҳоҷиб. 2. пинҳон нигаҳдоранда

Ороста кун арӯсворам.
Биспор ба хоки пардадорам
(Л. М.).

ПАРДОЗ* پرداز ороиш, зинат. **Пардоз додан** ҷило додан; ҷило додани чизҳои бофта, зарфҳои мисин, девори хона баъд аз гач кардан *ва монанди инҳо*.

ПАРДОЗГАР پردازگر касест, ки чизҳои бофтаро пардоз медиҳад.

ПАРДОХТ پرداخت 1. *феъли гузаштаи* **пардохтан**. 2. маблағе, ки пардохта шудааст.

ПАРДОХТАН پرداختن 1. холӣ кардан. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Биношин дар дили мо, к-аз ҳама пардохтаем,
Нозанино, дили худро ба ту холӣ кардем.

2. адо кардани қарз ва супурдани ҳар маблағе, ки додани вай лозим бошад. *Чунончи гуфта мешавад:* **Пардохтани ҳаққи аъзои союз лозим аст.** 3. оростан. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Хона пардохта шуд, лек наёмад меҳмон.

4. ба коре машғул шудан. 5. таваҷҷӯҳ кардан; *илтифот намудан.

Эй синакушои гарданафроз
Дар сӯхтадилое бипардоз.
*(Л. М.).**

6. ҷило додан. 7. тамом кардан. 8. тарк кардан.

ПАРЗАДАРӮ پرزده‌رو одами доғи нағзакдор.

ПАРИВАШ پریوش паримонанд.

ПАРКАНДА پرکنده касест, ки аз касони худ ҷудо монда бошад *(маҷоз)*.

ПАРКАНДАГӢ* پرکندگی парокандагӣ, парешонӣ. *(Л. М.)*.

ПАРМА پرمه олатест, ки бо вай як чизеро сӯрох кунанд.

ПАРМӢ پرمی *ниғоҳ кун. ба* **парма**.

ПАРНИЁН پرنیان ҳарири хитоии нақшдор.

ПАРНУН پرنون ҳарири нақшин *(Р.)*.

ПАРПАНАК پرپنک **парпанак задан** а) изтироб кардани ҷӯҷаи сихпаршуда бо дидани модараш. б) аз паи коре бо иштиёқи зиёд ҳаракати шитобкорона кардан. *чунончи мегӯянд:* **Шунидам, ки имрӯз пахтачинӣ сар мешуда аст, парпанакзанон рафтам.**

ПАРПЕЧ پرپیچ латтае, ки бачаи навзодро дар вай печонда мебанданд.

ПАРПО پرپا мурғе, ки поҷаҳояш ҳам пар дошта бошад.

ПАРПӢ پرپی давоест, ки табибони кӯҳна барои хала медиҳанд.

ПАРРА پره 1. чӯбест, ки дар миёнаи губчак ва гардиши чархҳо гузоранд, то ки гардишро ба гупчак пайваста дорад (**парраи чархи ароба**). 2. тахтапораест, ки ба чарх, ё тир гузаронанд, то ки бо об ё бод онҳоро гардонанд (**парраи чархи осиё, парраи тири обҷувоз ва** *монанди инҳо*). 3. канори ягон чиз (**парраи биёбон**), *тараф, ҷониб.

> Аз парраи дашт сӯи он санг
> Гарде бархост тутиёранг.
> (*Л. М.*).*

4. чизи аз ягон чизи дигар баромадаистода (**парраи бинӣ, парраи кӯҳ**). *5. *маҷозан ба маънии* сафи лашкар.

> Овард ба ҳам сипоҳи анбӯҳ,
> Пас парра кашид кӯҳ то кӯҳ.
> (*Л. М.*).*

ПАРРАМ پرم 1. одаме, ки бо барангехтани касе базудӣ бо касе ҷангу ҷадол мекунад. 2. ҳар чизи зудшикан (*монанди химчаи бед*).

ПАРРИҚ پریك чархест ҷуфтпарра, ки нӯгҳои парраҳояшро бо ресмон ба ҳам пайванд диҳанд, бофандагон каловаро бар вай гузаронда, аз вай ба воситаи чархи ресмонресӣ ба найча гузаронида пуд ё ин ки ба зағӯта гузаронида тор тайёр кунанд.

ПАРРОНЧАҚ پرانچك бачаи паррандаҳост, ки нав ба парриш даромадааст.

ПАРТАВ I پرتو 1. тобиш, акси тобиш ва рӯшноии чизе.

ПАРТАВ II پرتو ҳар чизе, ки баъд аз савдо фурӯшгар ба харидор барзиёд медиҳад (*масалан, сад харбуза ба сад сӯм савдо мешавад ва дар вақти додани харбузаҳо як саду ду дона медиҳад ва ин ду дона партав аст*). 2. чизе, ки аз ҷиҳати кӯҳнагӣ, ё нобобиаш аз истеъмол бароварда монда шудааст (*масалан, як кас чойники нав мехарад ва чойники кӯҳнааш партав мешавад*). 3. *умуман* ҳар чизи барзиёди (партофташуда), *масалан,* **оби партав**, *ки вайро ба обпартав мепартоянд*).

ПАРТОБ پرتاب [1. як навъ тири қадимӣ, ки бисьёр дур мерафт]. ***Партоб кардан** андохтан, паррондан.

> Назар кун, чу сӯфор дорӣ ба шаст,
> На он гаҳ ки партоб кардӣ зи даст.
> (*Бӯс.*).*

2. ба шиддат ҳаво дода шудани чизе; тирвор андохтан (*ягон чизро*). *3. тирандозӣ (*бо камони қадимӣ*). 4. масофати байни тирандозанда ва ҷое, ки тири андохташуда меафтад. (*Бӯс.*).*

ПАРТШУДА پرتشده латта, пахта ва чармест, ки аз шиддати гармии оташ тафсида рангаш гаштааст, аммо ҳанӯз насӯхтааст.

ПАРХОШ پرخاش 1. ҷангу ҷанҷол(и забонакӣ). *2. *маҷозан* зулму ситам.

> Маёзор омӣ ба як хардала,
> Ки султон шубон асту омӣ гала.
> Чу пархош бинанду бедод аз ӯ,
> Шубон нест, гург аст, фарьёд аз ӯ.
> (*Бӯс.*).*

ПАРЧА پرچه *нигоҳ кун. ба* **порча.**

ПАРЧАМ پرچم 1. шилшилаест, ки бар гардани байрақ ва найза банданд 2. думи гови кӯтос аст, ки бар гарданбанди асп ва ё ба байроқ банданд.

> *Хок бар фарқи раъяту ҳашамаш!
> Тиз дар риши парчаму аламаш.
> (*Бедил*).

ПАРЧИН پرچین **Парчин кардан** ду тахта ё ду чизи дигарро ба ҳам ҷафс карда бо мех маҳкам намуда, ҳар ду сари мехро аз ду тараф кӯфта пачақ кардан аст.

ПАРҒОЗА پرغازه бехи пари парандагон аст, ки дар гӯшти онҳо ҷойгир шудааст.

ПАРӢ I پری ҷондори афсонавист, ки гӯё бисьёр хушрӯ ва пурдон будааст. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:* **Он чи пир донад, парӣ надонад.**

ПАРӢ II پری *кӯтоҳ кардашудаи* **парир**, *чунончи ба ҷои* **парир рӯз** *«пари рӯз» мегӯянд, ки ду рӯз пеш аз ин рӯз гуфтан аст.*

ПАРӮ پرو чаппа кардашуда (*масалан, косаро ба замин чаппа монед, парӯ мешавад.*).

ПАРҲЕЗ پرهیز 1. канорагирӣ аз чизе (*чунончи парҳез аз баъзе таом ба сабаби беморӣ, парҳез аз баъзе касон аз бими зарари ӯ*) 2. *амр ба гӯшагирӣ* (**парҳез!** *яъне парҳез кун — гурез, канора гир*).

ПАС پس ақиб, қафо (*зидди* **пеш**). **Паси сар хорон-хорон** дар ҳолати ночорӣ ва ҳайронӣ (**маро ҷеғ заданд, паси сар хорон-хорон рафтам.** *Яъне намехостам, ки равам, баъд аз ҷеғ задан дар ҳолати ночорӣ ва ҳайронӣ рафтам, ки чӣ гап бошад?*). **Пас афгандан** ба ҷо овардани кореро пас партофтан. **Паси сар хоридан** ба ночорӣ ва ҳайронӣ мондан. **Пас нишастан** пасттар (ақиб) гаштан аз сафи ҷанг, хоҳ аз ҷиҳати шикаст бошад, хоҳ аз ҷиҳати тадбироти ҳарбӣ.

ПАСАНДОЗ پس انداز захирае, ки аз хароҷоти ҳаррӯза сарфа карда, барои эҳтиёҷ нигоҳ дошта шуда бошад.

ПАСАФГАНДА پس افگنده саргини одамӣ ва ҳайвонот.

ПАСАФТОДА پس افتاده дар қафо монда, аз ҳамроҳони худ ақибмонда.

ПАСҚАШ پسکش 1. аспест, ки аробаро пас тела медиҳад. 2. касест, ки дар политика ва дар масъалаҳои иҷтимоӣ ва маданӣ пас меравад ва ба пешрафти олами инсоният монеъ мешавад (муртаҷеъ).

ПАСҚАШӢ پسکشی дар масъалаҳои политикӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ пасравӣ (иртиҷоъ).

ПАСМОНДА پس مانده 1. *нигоҳ кун. ба* **пасафтода**; 2. таоме, ки аз хӯрдан зиёдатӣ карда монда бошад.

ПАСОВАРДА پس آورده фарзанди зан аст, ки аз шавҳари аввалиаш ба хонаи шавҳари навааш овардааст ва дар ҳаққи ин гуна зан гуфта шудааст:

> Ба фарзанди ман дилгаронӣ кунад,
> Пасовардаро меҳрубонӣ кунад.

ПАСОЯНДА پس آینده дар замони оянда омаданӣ. *Дар ин маънӣ Шоҳин гуфта:*

> Маро бину барзан ба ибрат духул,
> Пасояндагонрост пешина пул.

ПАСТ پست 1. *зидди* **баланд.** 2. хасис.

ПАСХАМ پسخم ҳамгашти кӯҳ, девор ва умуман ҷое, ки дар он ҷо андаке пинҳон шудан мумкин бошад.

ПАТ پت ҳар чизи нарми пашммонанд, ки бар рӯи чизи сахт ва ба вай пайваста бошад (**пати қолин, пати баҳмал** *ва монанди инҳо*).

ПАТАҚ پتك порчаест, ки дар даруни кафш мегузоранд. **Патаку парвона шудан** ба касе аз ҳад зиёд хушомадгӯй кардан (*маҷоз*).

ПАТТА I پته дарахти борикпояи пастқад, ки дар як ҷо якчанд бех мерӯяд (*ин хел дарахтро дарахти паттагӣ мечоманд*. Аз дарахтони боғӣ ва мевадор анор аз ҳамин қисм аст, дар ёбонҳо ва бешаҳо ин хел дарахт бисьёр аст).

ПАТТА II پته санад ва ҳуҷҷати хурдтарак, ки дар он додани маблағ барои коре ё ҳисоботи кор навишта мешавад (*монанди билетҳои роҳи оҳан* ва *ҳуҷҷати кори ҳаррӯзаи мардикорон*).

ПАТТАМӮҲР پته‌مهر **Паттамӯҳр шудан** бекор шудан аз адои вазифа бо гуноҳе ё мағлуб шудан дар низоъҳои даҳонакии якка ба якка (*маҷоз*).

ПАХМОХ پخماخ мӯйсар ва риши шона накарда ва баҳам печида.

ПАХОЛ پخال пояҳои нокӯфтаи гандум ва монанди инҳо.

ПАХС پخس дилтангӣ ва оташинӣ.

ПАХСИДА پخسیده дилтангшуда, бағазабомада.

ПАХТА* پخته панба (пунба) (Ҷ. 10). ***Пахтаи ғоз** пахтаи аз пунбадона тоза кардашудаи бисьёр сафеди дарозтор. *Шоҳин гуфта:*

Гуфтам, эй пайкари нармат зи сафедӣ карда
Оташи рашку ҳасад бар ҷигари пахтаи ғоз.

ПАХШ* پخش паҳн; зери чизе фишорьёфта. **Паҳш кардан** а) дар зери пой гирифта паҳн кардан; б) умуман зер кардан.

ПАХШШУДА پخش‌شده ҳар чизе, ки дар зери пой монда паҳн шуда бошад.

ПАШИЗ پشیز пули сиёҳи бисьёр тунуки камқадр.

*Чунон рӯзгораш ба кунҷе нишонд,
Ки бар як пашизаш тасарруф намонд.
(*Бӯс.*).

ПАШМ* پشم мӯйҳои бадани ҳайвонот аз қабили буз, гӯсфанд ва ғайра. **Пашми ганда** — мӯи зери ноф ва зери бағал. (*Б.*).

ПАШМАҚ پشمك 1. як хел ҳалвост, ки аз орду шакар мепазанд ва даст-даст карда, мӯйвор тор-тор мекунанд. 2. шафтолуест, ки рӯи пӯсташ патдор мешавад.

ПАШМИНАПӮШ* پشمینه‌پوش 1. либоси пашмин пӯшида. 2. *маҷозан* зоҳид (*Ҳ.*).

ПАШША پشه як хел ҳашароти паррандаи овоздор аст, ки дар шабҳои тобистон мебарояд ва неш зада одамро озор медиҳад.

ПАШШАХОНА پشه‌خانه пардаи тунук аст, ки чодирвор кашида, шабҳои тобистон дар даруни он мехобанд, то ки аз ҳуҷуми пашша эмин бошанд.

ПАШШАХӮРДА پشه‌خورده 1. як хел реш аст, ки дар бадани одам мебарояд ва дер дуруст мешавад. 2. одами шумшук, ки ҳамсӯҳбатони худро безор мекунад ва ба ҷон мерасонад (*касеро, ки шумшукӣ карда танг мекунад «дур шав, бисьёр пашшахӯрда нашав!» мегӯянд*).

ПАҒАНА پغنه пӯсти барраи баландмӯй.

ПАҲАНА پهنه ширест, ки аз синаи модар ба сабаби меҳрубонии бисьёр ҷӯшида барояд.

ПАҲЛАВОН پهلوان одами пурзӯр ва далер.

ПАҲЛАВОНӢ* پهلوانی шуҷоатмандӣ, далерӣ. 2. *нигоҳ кун. ба* паҳлавӣ.

ПАҲЛАВӢ پهلوی 1. забони форсии пеш аз ислом, ки асоси забони форсии имрӯза шудааст. 2. ҳар чизе, ки ба Паҳлав ном шаҳри қадимии Эрон, ё ба паҳлавонони афсонагии Эрон мансуб бошад. *Дар ин маънӣ Ҳофиз гӯяд:* Булбул зи шохи сари ба «гулбонги паҳлавӣ»... (**гулбонг** *яке аз ҳавоҳои мусиқӣ*), *инчунин гӯяд:*

> То хоҷа май хӯрад ба ғазалҳои
> паҳлавӣ...

Яъне ба ғазалҳои форсӣ.

ПАҲЛУ پهلو ҳар тарафи чапу рости ҳар чиз. **Паҳлу додан** ба касе дар бораи коре гузашт кардан ва ба вай наздик шудан. **Паҳлу задан** аз хусуси ягон чизе ба касе ё ба чизе ҳамсарӣ ва баробарӣ кардан. (*Чунончи мегӯянд:* **бинои ин ҳавлӣ ба қасри подшоҳон паҳлу мезанад. Наврӯз дар илм ба Фирӯз паҳлу мезанад**). **Паҳлу тиҳӣ кардан** канора гирифтан ва дурӣ гузидан аз чизе (*маҷоз*).

ПАҲЛУДАРӢ پهلودری ҳар қадом аз чӯбҳое, ки дар паҳлуи дар вақти шинондани он рост мегузоранд.

ПАҲЛУДОР پهلودار дарахти сершох ва паҳншох.

ПАҲН پهن ҳар чизи ҳамвор ва фарох. **Паҳн шудан** а) фарох шуда ба ҳар тараф ёзида рафтани як чиз (*масалан мегӯянд:* **хамир паҳн шуд, лой паҳн шуд**); б) ҳар тарафро фурӯ гирифтан (*масалан,* **овоза паҳн шуд, рӯзнома паҳн шуд, ин сухан паҳн шуд**).

ПАҲНАК پهنک қалами пӯлодии рӯйпаҳни дурезгарон, ки бо вай дар чӯб ковишҳои калонро ба ҷо оранд (*ин ғайр аз* **искана** *аст*).

ПАҲНОВАР پهناور аз андоза зиёд фарох (**биёбони паҳновар, баҳри паҳновар**).

ПАҲНОӢ پهنائی бари як чиз (*зидди* **дарозӣ**).

ПЕРОМАН* پیرامن гирдогирди чизе; *нигоҳ кун. ба* **перомун.**

> Перомани об сабза раста,
> Ҳам сабза, ҳам об рӯйшуста.
> (*Л. М.*).

ПЕРОМУН پیرامون гирдогирди як чиз.

ПЕРОРСОЛ پیرارسال соли дуюми гузашта.

ПЕРОСТА پیراسته 1. ба тартиб даровардашуда. 2. дарахти шохҳои барзиёдаш буридашуда. 2. киштзор ва гулзори алафҳои бегонааш чидашуда *ва монанди инҳо.*

ПЕРОСТАН پیراستن зинат додани чизе бо кам кардан ва буридани баъзе ҷои он (*масалан, сартарош ба сабаби буридани риш ва мӯи сару рӯй одамиро зинат медиҳад ва боғбон бо буридани баъзе шохҳои дарахт вайро ороиш медиҳад*).

ПЕРОЯ پیرایه 1. ороиш, зебу зинат.

*Маликро ҳамин хулқ пероя бас,
Ки рой нагардад ба озори кас.
(*Бӯс.*).*

2. зевари сару рӯи занон.

ПЕРОҲАН پیراهن курта. **Пероҳан қабо кардан (сохтан)** чок кардани гиребони курта то домон ба сабаби алам, мусибате [ё камоли шавқ].

*Лаъли хомӯшат гар аз маҷи табассум дам занад,
Ғунча совад дар чаман пероҳан аз хиҷлат қабо.
(*Бедил*).

ПЕРУЗ پیروز ғолиб ва зафарёфта бар душман.

ПЕС پیس 1. касест, ки дар бадани ӯ доғҳои сафед пайдо шудааст (*беморӣ*). барасшуда. 2. барас.

ПЕЧ پیچ тоб, ҳалқа, ҳам. **Печ дар печ** а) ҳам дар ҳам ва ба ҳам печида; б) душвор (*ба ин маънӣ сифати масъала ва кор мешавад*).

ПЕЧАК پیچک 1. гиёҳи худрӯест, ки ба дарахт ва буттаҳои кишт мепечад, барои киштҳо, хусусан барои ниҳоли пахта бисёр зарарнок аст. 2. ҳар як донаи ба худ печондашудаи калова (**як печак калова, ду печак калова** *мегӯянд*). 3. ҳалвоест, ки вайро печдор сохтаанд ва **ҳалвои печак** меноманд.

ПЕЧИДА پیچیده чизе, ки ба чизе печида бошад.

ПЕЧОН پیچان [1. печидагӣ, ҳалқашуда]. 2. одами корчаллони ӯҳдабарои ба ҳар кор печанда (*маҷоз*).

ПЕШ پیش 1. *зидди* **пас ва қафо**. 2. аъло, хуб (*маҷоз*). 3. назд (*чунончи мегӯянд:* **ба пеши фалонӣ рафтам,** *яъне ба назди ӯ*). **Пеш кашидан** бо ҳилаву найранг пули касеро гирифтан (*ин истилоҳ аз қиморбозӣ гирифта шудааст, ки бойбурда пули сарқиморро ба пеши худ кашида мемонад*) **Пеш омадан** рӯй додан, воқеъ шудан. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст.*

Сари бозори расвоӣ нишастам,
То чи пеш ояд.

Ҳар чи пеш ояд хуш ояд—*ҳам аз зарбулмасалҳои халқ аст.*

ПЕША پیشه ҳунар ва касбу корест, ки таҷрибаи ҷудогонаро талаб кунад.

ПЕШАВАР پیشه‌ور касест, ки ба ягон ҳунари дастӣ машғулӣ дорад. [соҳибҳунар, косиб]

*Ба пойи расад хишти симу зар,
Нагардад тиҳӣ кисаи пешавар.
(*Бӯс.*).

ПЕШАЙВОН پیش‌ایوان айвоне, ки дар пеши хона сохташуда бошад.

ПЕШБАНД پیش‌بند тасма ё ресмони бофтаест, ки аз полон, ё зин ба гардани хар, асп мебанданд.

ПЕШБАРӢ* پیش‌بری нишон додан касеро барои коре, тавсия*. **Пешбарӣ кардан** касеро аз дараҷаи поин ба вазифаи болотар баровардан. **Пешбарӣ кардашуда** касе, ки аз дараҷаи поин ба вазифаи болотар бароварда шудаст.

ПЕШБИН پیش‌بین касе, ки оқибати корҳоро пештар мефаҳмад.

ПЕШБИНӢ* پیش‌بینی дурандешӣ. ***Пешбинӣ кардан** барои воқеаҳои пешоянда чораҳои пешакӣ дидан.

сӯҳбатони худро безор мекунад ва ба ҷон мерасонад (*касеро, ки шумшукӣ карда танг мекунад «дур шав, бисьёр пашшахӯрда нашав!» мегӯянд*).

ПАҒАНА پغنه пӯсти барраи баландмӯй.

ПАҲАНА پهنه ширест, ки аз синаи модар ба сабаби меҳрубонии бисьёр ҷӯшида бараояд.

ПАҲЛАВОН پهلوان одами пурзӯр ва далер.

ПАҲЛАВОНӢ* پهلوانی шуҷоатмандӣ, далерӣ. 2. *нигоҳ кун. ба* паҳлавӣ.

ПАҲЛАВӢ پهلوی 1. забони форсии пеш аз ислом, ки асоси забони форсии имрӯза шудааст. 2. ҳар чизе, ки ба Паҳлав ном шаҳри қадимии Эрон, ё ба паҳлавонони афсонагии Эрон мансуб бошад. *Дар ин маънӣ Ҳофиз гӯяд:* Булбул зи шохи сарв ба «гулбонги паҳлавӣ»... (**гулбонг** *яке аз ҳавоҳои мусиқӣ*), *инчунин гӯяд:*

То хоҷа май хӯрад ба ғазалҳои
паҳлавӣ...

Яъне ба ғазалҳои форсӣ.

ПАҲЛУ پهلو ҳар тарафи чапу рости ҳар чиз. **Паҳлу додан** ба касе дар бораи коре гузашт кардан ва ба вай наздик шудан. **Паҳлу задан** аз хусуси ягон чизе ба касе ё ба чизе ҳамсарӣ ва баробарӣ кардан. (*Чунончи мегӯянд:* **бинои ин ҳавлӣ ба қасри подшоҳон паҳлу мезанад. Наврӯз дар илм ба Фирӯз паҳлу мезанад**). **Паҳлу тиҳӣ кардан** канора гирифтан ва дурӣ гузидан аз чизе (*маҷоз*).

ПАҲЛУДАРӢ پهلودری ҳар кадом аз чӯбҳое, ки дар паҳлуи дар вақти шинондани он рост мегузоранд.

ПАҲЛУДОР پهلودار дарахти сершох ва паҳншох.

ПАҲН پهن ҳар чизи ҳамвор ва фарох. **Паҳн шудан** а) фарох шуда ба ҳар тараф ёзида рафтани як чиз (*масалан мегӯянд:* **хамир паҳн шуд, лой паҳн шуд**); б) ҳар тарафро фурӯ гирифтан (*масалан*, **овоза паҳн шуд, рӯзнома паҳн шуд, ин сухан паҳн шуд**).

ПАҲНАК پهنک қалами пӯлодии рӯйпаҳни дурезгарон, ки бо вай дар чӯб ковишҳои калонро ба ҷо оранд (*ин ғайр аз* **искана** *аст*).

ПАҲНОВАР پهناور аз андоза зиёд фарох (**биёбони паҳновар, баҳри паҳновар**).

ПАҲНОЙ پهنائی бари як чиз (*зидди* **дарозӣ**).

ПЕРОМАН* پیرامن гирдогирди чизе; *нигоҳ кун. ба* **перомун**.

Перомани об сабза раста,
Ҳам сабза, ҳам об рӯйшуста.
(*Л. М.*).

ПЕРОМУН پیرامون гирдогирди як чиз.

ПЕРОРСОЛ پیرارسال соли дуйӯми гузашта.

ПЕРОСТА پیراسته 1. ба тартиб даровардашуда. 2. дарахти шохҳои барзиёдаш буридашуда. 2. киштзор ва гулзори алафҳои бегонааш чидашуда *ва монанди инҳо*.

ПЕРОСТАН پیراستن зинат додани чизе бо кам кардан ва буридани баъзе ҷои он (*масалан, сартарош ба сабаби буридани риш ва мӯи сару рӯй одамиро зинат медиҳад ва боғбон бо буридани баъзе шохҳои дарахт вайро ороиш медиҳад*).

ПЕРОЯ پیرایه 1. ороиш. зебу зинат.

*Маликро ҳамин хулқ пероя бас.
Қи розӣ нагардад ба озори кас.
(*Бӯс.*).*

2. зевари сару рӯи занон.

ПЕРОҲАН پیراهن курта. **Пероҳан қабо кардан (сохтан)** чок кардани гиребони курта то домон ба сабаби алам, мусибате [ё камоли шавк].

*Лаъли хомӯшат гар аз мавҷи табассум дам занад.
Ғунча созад дар чаман пероҳан аз хиҷлат қабо.
(*Бедил*).

ПЕРУЗ پیروز ғолиб ва зафарёфта бар душман.

ПЕС پیس 1. касест, ки дар бадани ӯ доғҳои сафед пайдо шудааст (*беморӣ*). барасшуда. 2. барас.

ПЕЧ پیچ тоб, ҳалқа, хам. **Печ дар печ** а) хам дар хам ва ба ҳам печида; б) душвор (*ба ин маънӣ сифати масъала ва кор мешавад*).

ПЕЧАК پیچک 1. гиёҳи худрӯест, ки ба дарахт ва буттаҳои кишт мепечад, барои киштҳо, хусусан барои ниҳоли пахта бисьёр зарарнок аст. 2. ҳар як донаи ба худ печондашудаи калова (**як печак калова, ду печак калова** *мегӯянд*). 3. ҳалвоест, ки вайро печдор сохтаанд ва **ҳалвои печак** меноманд.

ПЕЧИДА پیچیده чизе, ки ба чизе печида бошад.

ПЕЧОН پیچان [1. печидагӣ, ҳалқашуда]. 2. одами корчаллони ӯҳдабарои ба ҳар кор печанда́ (*маҷоз*).

ПЕШ پیش 1. *зидди* **пас** *ва* **қафо**. 2. аъло, хуб (*маҷоз*). 3. назд (*чунончи мегӯянд:* **ба пеши фалонӣ рафтам,** *яъне ба назди ӯ*). **Пеш кашидан** бо ҳилаву найранг пули касеро гирифтан (*ин истилоҳ аз қиморбозӣ гирифта шудааст, ки бойбурда пули сарқиморро ба пеши худ кашида мемонад*) **Пеш омадан** рӯй додан, воқеъ шудан. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст.*

Сари бозори расвой нишастам.
то чи пеш ояд.

Ҳар чи пеш ояд хуш ояд—*ҳам аз зарбулмасали халқ аст.*

ПЕША پیشه ҳунар ва касбу корест, ки таҷрибаи ҷудогонаро талаб кунад.

ПЕШАВАР پیشه‌ور касест, ки ба ягон ҳунари дастӣ машғулӣ дорад, [соҳибҳунар, косиб]

*Ба поён расад кисаи симу зар.
Нагардад тиҳӣ кисаи пешавар.
(*Бӯс.*).

ПЕШАЙВОН پیش‌ایوان айвоне, ки дар пеши хона сохташуда бошад.

ПЕШБАНД پیش‌بند тасма ё ресмони бофтаест, ки аз полон, ё зин ба гардани хар, асп мебананд.

ПЕШБАРӢ* پیش‌بری нишон додан касеро барои коре, тавсия*. **Пешбарӣ кардан** касеро аз дараҷаи поин ба вазифаи болотар баровардан. **Пешбарӣ кардашуда** касе, ки аз дараҷаи поин ба вазифаи болотар бароварда шудааст.

ПЕШБИН پیش‌بین касе, ки оқибати корҳоро пештар мефаҳмад.

ПЕШБИНӢ* پیش‌بینی дурандешӣ. ***Пешбинӣ кардан** барои воқиаҳои пешоянда чораҳои пешакӣ дидан.

сӯҳбатони худро безор мекунад ва ба ҷон мерасонад (*касеро, ки шунишукӣ карда танг мекунад «дур шав, бисьёр пашшахӯрда нашав!» мегӯянд*).

ПАҒАНА پغنه пӯсти барраи баландмӯй.

ПАҲАНА پهنه ширест, ки аз синаи модар ба сабаби меҳрубонии бисьёр ҷӯшида бароад.

ПАҲЛАВОН پهلوان одами пурзӯр ва далер.

ПАҲЛАВОНӢ* پهلوانی шуҷоатмандӣ, далерӣ. 2. *нигоҳ кун. ба* паҳлавӣ.

ПАҲЛАВӢ پهلوی 1. забони форсии пеш аз ислом, ки асоси забони форсии имрӯза шудааст. 2. ҳар чизе, ки ба Паҳлав ном шаҳри қадимии Эрон, ё ба паҳлавонони афсонагии Эрон мансуб бошад. *Дар ин маънӣ Ҳофиз гӯяд:* Булбул зи шохи сарв ба «гулбонги паҳлавӣ»... (**гулбонг** *яке аз ҳавоҳои мусиқӣ*), *инчунин гӯяд:*

> То хоҷа май хӯрад ба ғазалҳои
> паҳлавӣ...

Яъне ба ғазалҳои форсӣ.

ПАҲЛУ پهلو ҳар тарафи чапу рости ҳар чиз. **Паҳлу додан** ба касе дар бораи коре гузашт кардан ва ба вай наздик шудан. **Паҳлу задан** аз хусуси ягон чизе ба касе ё ба чизе ҳамсарӣ ва баробарӣ кардан. (*Чунончи мегӯянд:* **бинои ин ҳавлӣ ба қасри подшоҳон паҳлу мезанад. Наврӯз дар илм ба Фирӯз паҳлу мезанад**). **Паҳлу тиҳӣ кардан** канора гирифтан ва дурӣ гузидан аз чизе (*маҷоз*).

ПАҲЛУДАРӢ پهلودری ҳар кадом аз чӯбҳое, ки дар паҳлуи дар вақти шинондани он рост мегузоранд.

ПАҲЛУДОР پهلودار дарахти сершох ва паҳншох.

ПАҲН پهن ҳар чизи ҳамвор ва фарох. **Паҳн шудан** а) фарох шуда ба ҳар тараф ёзида рафтани як чиз (*масалан мегӯянд:* **хамир паҳн шуд, лой паҳн шуд**); б) ҳар тарафро фурӯ гирифтан (*масалан,* **овоза паҳн шуд, рӯзнома паҳн шуд, ин сухан паҳн шуд**).

ПАҲНАК پهنک қалами пӯлодии рӯйпаҳни дурезгарон, ки бо вай дар чӯб ковишҳои қалониро ба ҷо оранд (*ин ғайр аз* **искана** *аст*).

ПАҲНОВАР پهناور аз андоза зиёд фарох (**биёбони паҳновар, баҳри паҳновар**).

ПАҲНОӢ پهنائی бари як чиз (*зидди* **дарозӣ**).

ПЕРОМАН* پیرامن гирдогирди чизе; *нигоҳ кун. ба* **перомун**.

> Пероман об сабза роста,
> Ҳам сабза, ҳам об рӯйшуста.
> (*Л. М.*).

ПЕРОМУН پیرامون гирдогирди як чиз.

ПЕРОРСОЛ پیرارسال соли дуйӯми гузашта.

ПЕРОСТА پیراسته 1. ба тартиб дароовардашуда. 2. дарахти шохҳои барзиёдаш буридашуда. 2. киштзор ва гулзори алафҳои бегонааш чидашуда *ва монанди инҳо*.

ПЕРОСТАН پیراستن зинат додани чизе бо кам кардан ва буридани баъзе ҷои он (*масалан, сартарош ба сабаби буридани риш ва мӯи сару рӯй одамиро зинат медиҳад ва боғбон бо буридани баъзе шохҳои дарахт вайро ороиш медиҳад*).

ПЕРОЯ پیرایه 1. ороиш, зебу зинат.

*Малакро ҳамин хулқ пероя бас.
Ки роӣ нагардад ба озори кас.
(Бӯс.)*

2. зевари сару рӯи занон.

ПЕРОҲАН پیراهن курта. **Пероҳан қабо кардан (сохтан)** чок кардани гиребони курта то домон ба сабаби алам, мусибате [ё камоли шавқ].

*Лаъли хомӯшат гар аз мавҷи табассум дам занад.
Ғунча созад дар чаман пероҳан аз ҳиддат қабо.
(Бедил).*

ПЕРУЗ پیروز ғолиб ва зафарёфта бар душман.

ПЕС پیس 1. касест, ки дар бадани ӯ доғҳои сафед пайдо шудааст (*беморӣ*). барасшуда. 2. барас.

ПЕЧ پیچ тоб, ҳалқа, хам. **Печ дар печ** а) хам дар хам ва ба ҳам печида; б) душвор (*ба ин маънӣ сифати масъала ва кор меояд*).

ПЕЧАК پیچک 1. гиёҳи худрӯест, ки ба дарахт ва буттаҳои кишт мепечад, барои киштҳо, хусусан барои ниҳоли пахта бисёр зарарнок аст. 2. ҳар як донаи ба худ печондашудаи калова (**як печак калова, ду печак калова** *мегӯянд*). 3. ҳалвоест, ки вайро печдор сохтаанд ва **ҳалвои печак** меноманд.

ПЕЧИДА پیچیده чизе, ки ба чизе печида бошад.

ПЕЧОН پیچان [1. печидагӣ, ҳалқашуда]. 2. одами корчаллони ӯҳдабарои ба ҳар кор печандӣ (*маҷоз*).

ПЕШ پیش 1. зидди **пас** *ва* **қафо**. 2. аъло, хуб (*маҷоз*). 3. назд (*чунончи мегӯянд:* **ба пеши фалонӣ рафтам,** *яъне ба назди ӯ*). **Пеш кашидан** бо ҳилаву найранг пули касеро гирифтан (*ин истилоҳ аз қиморбозӣ гирифта шудааст, ки бойбурда пули сарқиморро ба пеши худ кашида мегирад*) **Пеш омадан** рӯй додан, воқеъ шудан. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст.*

*Сари бисёри расвоӣ кашидем,
То чи пеш ояд.*

Ҳар чи пеш ояд хуш ояд — *ҷумла аз зарбулмасали халқ аст.*

ПЕША پیشه ҳунар ва касбу корест, ки таҷрибаи ҷудогонаро талаб кунад.

ПЕШАВАР پیشه‌ور касест, ки ба яке ҳунари дастӣ машғулӣ дорад, [соҳибҳунар, косиб]

*Ба поён расад кисаи симу зар.
Нагардад тиҳӣ кисаи пешавар.
(Бӯс.).*

ПЕШАЙВОН پیش‌ایوان айвоне, ки дар пеши хона сохташуда бошад.

ПЕШБАНД پیش‌بند тасма ё ресмони бофтаест, ки аз полон, ё зин ба гардани хар, асп мебанданд.

ПЕШБАРӢ* پیش‌بری нишон додан касеро барои коре, тавсия*. **Пешбарӣ кардан** касеро аз дараҷаи поин ба вазифаи болотар баровардан. **Пешбарӣ кардашуда** касе, ки аз дараҷаи поин ба вазифаи болотар бароварда шудааст.

ПЕШБИН پیش‌بین касе, ки оқибати корҳоро пештар мефаҳмад.

ПЕШБИНӢ* پیش‌بینی дурандешӣ. ***Пешбинӣ кардан** барои воқеаҳои пешоянда чораҳои пешакӣ дидан.

ПЕШВО I پیشوا роҳнамои мардум.

ПЕШВО II پیشوا як хел ҷомаи занона, ки дар рӯзҳои азо пӯшанд.

ПЕШВОЗ* پیشواز истиқбол

***Пешвоз гирифтан** а) касеро ки аз ҷое меояд, ба роҳи ӯ баромада бо ӯ вохӯрдӣ кардан, б) умуман тарзи қабул кардани ягон чиз ва ё ҳодисаи тоза.

ПЕШГАҲ پیشگه *нигоҳ кун. ба* **пешгоҳ.**

ПЕШГИР پیشگیر 1. лӯнгии камарча ва тугмадор аст, ки бар сари синаи бачагон банданд, то ки дар вақти ошхӯрӣ либоси худро наолоянд. 2. пешбастаи пушткушода аст, ки ходимони тиббӣ дар беморхонаҳо пӯшанд. 3. *умуман* порчае, ки дар вақти кор барои аз чирку ғубор нигоҳдории либоси худ аз тарафи пеш банданд.

ПЕШГОҲ پیشگاه тарафи болоии хона.

ПЕШГОҲНИШИН پیشگاه‌نشین касе, ки дар маҷлисҳо аз ҳама боло менишинад.

ПЕШГӮЙ پیشگوی касест, ки аз воқиаҳои оянда пешакӣ хабар медиҳад.

ПЕШДАСТ پیش‌دست 1. касе, ки дар корҳо аз дигарон пештар даст мезанад. 2. ғолиб.

ПЕШДАҲАН پیش‌دهن касест, ки дар ҳар маврид аз ҳама пештар гап сар мекунад ва дар ҳар масъала дониши худро нишон додан мехоҳад.

ПЕШДОДИЁН پیشدادیان як сулолаи таърихӣ, ки дар Эрони қадим ҳукмронӣ карда аст.

ПЕШДОМАН پیش‌دامن 1. *нигоҳ кун. ба маънии савуми* **пешгир.** 2. домани сохтае, ки дар вақти пахтачинӣ ба миён банданд.

ПЕШДОР پیش‌دار як гурӯҳи аскар, ки пеш-пеш лашкарро нигоҳдорӣ карда меравад.

ПЕШИН پیشین 1. гузашта. 2. вақти ростшудаи офтоб бар фарқи сар.

ПЕШИНА پیشینه гузашта (*Шоҳин гуфта:* «...Пасояндагон-рост пешина пул). **Пешинагон** гузаштагон.

ПЕШКАШ پیشکش тӯҳфаест, ки аз хурдон ба калонон бурда мешавад.

ПЕШКОР* پیشکار пешхизмат. (*Р.*).

ПЕШНИҲОД پیشنهاد фикрест, ки дар пеши касе ё идорае гузошта мешавад.

ПЕШОБ پیشاب шоша.

ПЕШОМАД پیش‌آمد ҳодисаҳои дар оянда пеш омаданӣ (*чунончи мегӯянд:* **одам пешомадро намедонад.**

ПЕШОНА پیشانه *нигоҳ кун. ба* **пешонӣ.**

ПЕШОНАБАНД پیشانه‌بند 1. рӯмоле, ки занон ва духтарон бар пешонаи худ мебанданд. 2. ресмоне, ки дар нӯхта ва лаҷоми чорпоён аз болои пешонаашон мебанданд.

ПЕШОНАҚУШОДА پیشانه‌کشاده каси хушҳол ва хушмуомила.

ПЕШОНАСАХТ پیشانه‌سخت одами бадбахт ва бисьёр мусибатдида (*маҷоз*).

ПЕШОПЕШ پیشاپیش *нигоҳ кун. ба маънии дуюми* **пеш-пеш.**

ПЕШОҲАНГ پیش‌آهنگ қисми пешрави корвон ва лашкар.

ПЕШПАЗАК پیش‌پزک ҳар мевае, ки аз ҳамҷинсони худ пештар мепазад.

ПЕШ-ПЕШ پیش-پیش 1. аз ҳама пештар. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:* Пеш-пеши ҳама фонус ба даст омада буд. 2. кам-кам, оҳиста-оҳиста. *Чунончи мегӯянд:*

Ман қарзамро пеш-пеш дода тамом кардам.

ПЕШПО پیش‌پا **Пешпо задан** чизеро рад кардан. **Пешпо хӯрдан** дар роҳ рафтан ба чизе дакка хӯрдани по.

ПЕШРАФТ پیشرفت тараққӣ ва комьёбӣ *дар коре.*

ПЕШТОҚ پیشطاق тоқи баландест, ки дар баромади иморатҳои калон созанд.

ПЕШХЕЗ پیش‌خیز касест, ки сухани ҳар касро рад мекунад ва ба рӯи ҳар кас гапҳои сахт мезанад.

ПЕШХӮРД پیش‌خورد таоми андак аст, ки то тайёр шудани таоми асосӣ хӯрда мешавад.

ПЕШӢ* پیشی 1. пешравӣ. **Пешӣ гирифтан** пеш гузаштан.

Сабосуръате раъдбонг аждаме
Ки бар барқ пешӣ гирифтӣ ҳаме.
(Бӯс.).

2. пешакӣ.

Аз бими сагон бирафт пешӣ
Бо сагбонон гирифт хешӣ.
(Л. М.).

ПЕШҚАБЗ پیش‌قبض ханҷарест, ки дар пеши камар овезанд.

ПЕШҚАДАМ پیشقدم 1. касест, ки аз рӯи тартиби расмӣ пеш бошад (*масалан шогирди синфи дуйӯм нисбат ба шогирди синфи якӯм пешқадам аст*). *2. дар истиҳоли мадрасаҳои Бухоро «пешқадам» гуфта он касро намегуфтанд, ки дар дарсфаҳмӣ ва дарсро азхудкунӣ пешрав бошад, балки «пешқадам» он кас ҳисоб меёфт, ки соли таҳсилаш пештар бошад. «Масалан» «Ақоид»-хон нисбат ба «Шарҳи Мулло»-хон «пешқадам» ба шумор мерафт, агарчанде, ки «Ақоид»-хон нисбат ба «Шарҳи Мулло»-хон нофаҳмтар бошад. *(Ч. 6)* *3. касест, ки аз ҷиҳати сифат ва миқдори кор пешқадам бошад (*чунончи, шогирди аълочии синфи якӯм нисбат ба шогирди хуб баҳогирифтаи синфи дуйӯм пешқадам аст*. *Ё ин ки мегӯянд:* «Шариф аз Маҳмуд дар пахтачинӣ пешқадам аст; зеро Шариф рӯзе сад кило пахтаро ба хелҳо ҷудо карда покиза мечинад, аммо Маҳмуд чил кило мечинад, вай ҳам ифлос).

ПЕШҶАНГ پیش‌جنگ гурӯҳе аз лашкар, ки аз ҳама пеш ба ҷанг медароянд.

ПЕҲ//ПИЙҲ//ПИҲ پیه чарбӣ, чарбу.

ПИЁБА/ПИЙҲОБА* پیابه//پیه‌آبه пиёзоба *(Ч. 6).*

ПИЁДА پیاده 1. касе, ки чизеро савор нашуда роҳ меравад. 2. қосиди тезрафтори пиёдарав. *(Истилоҳи кӯҳистони Тоҷикистон).*

ПИЁЗӢ پیازی 1. як хел моҳути сафедчаест, ки рангаш ба ранги пиёзи сафед монанд аст. 2. гулҳое, ки тухми онҳо мисли бехи пиёз бошад ва ҳар сол аз он бехҳо гул рӯяд.

ПИЗИШК پزشک табиб, ҷарроҳ.

---

*Маликзодае з-аспи адҳам фитод,
Ба гардан дараш мӯҳр дарҳам фитод..
Пизишкон бимонданд ҳайрон дар ӯ,
Магар файласуфе зи Юнонзамин...
(Бӯс.).

ПИЛ پیل фил аст, ки ҳайвони хартумдори калонҷуссаи маълум аст. ***Пили дамон** фили гуррони ҷангӣ.

Ба лутфе, ки дидаст пили дамон
Наёрад ҳаме ҳамла бар пилбон.
(*Бӯс.*).

ПИЛА پیله ғӯзаи абрешими хом, ки кирмак танидааст.

ПИЛАВАР پیله‌ور [1. майдафурӯш, аттори хонагард]. 2. касест, ки ба кирмакдорӣ ва пилакашӣ машғулӣ мекунад.

ПИЛБОН پیلبان касест, ки ба пил нигоҳубин мекунад. *Дар ин маънӣ Саъдӣ гуфта:*

Ё макун бо пилбонон дӯстӣ,
Ё бино кун хонае дархӯрди пил.

ПИЛК پیلک *нигоҳ кун. ба маънии дуйуми* **палак.**

ПИЛЛА پیله *нигоҳ кун. ба* **пила**

ПИЛТА پلته пахта, ресмон ё латтаи бофта, ки дар чароғ даргиронанд, милтиқи қадимиро бо вай оташ диҳанд, дар миёнаи абра ва астари калапӯшҳо ва кулоҳҳо гузоранд.

ПИЛТАКАШ پیلته‌کش сӯзани дарози ғафс аст, ки бо вай дар калапӯшҳо пилта мегузаронанд.

ПИЛТАН* پیلتن филтан, [калонҷусса].

Сипаҳдору гарданкашу пилтан,
Накӯрӯю доною шамшерзан.
(*Бӯс.*).

ПИНА پینه 1. порчае, ки дар ҷои даридаи либос ва пойафзол дӯзанд.

*Ҳар куҷо рафтем, Бедил, дарди мо
пинҳон намонд.
Хирқаи дарвеши моро лахте аз дил
пина буд.
(*Бедил*)*

2. обилаи сахтшудаи дасту по, ки ба сабаби бисёр кори сахт кардан ва роҳ рафтан пайдо мешавад.

ПИНАДӮЗ پینه‌دوز кӯҳнадӯз.

*Агар подшоҳ асту гар пинадӯз
Чу хуспанд гардад шаби ҳар ду рӯз.
(*Бӯс.*).

ПИНАК پینک хоби сабукест, ки одамро дар ҳолати нишастагиаш мебарад ва чашмонаш нимпӯш мешавад. **Пинак рафтан** дар ҳолати нишастагӣ ба хоб рафтан. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст;*

Аз пинак рафтану хамёзаву хоболудӣ
Метавон ёфт, ки дӯшина ба ҷое будаст.

ПИНАКӢ پینکی *нигоҳ кун. ба* **пинак.**

ПИНДОР پندار 1. калонгарии аз ҳад зиёд, димоғбаландӣ; 2. худро бузург гумонкунӣ. 3. хаёл, тасаввур; фикру хаёли *беасл;* гумони *беасос.*

*Ба пиндор натвон сухан гуфт зуд.
Нагуфтам туро то яқинам набуд.
(*Бӯс.*).

Ҳар яке дар паси сад пардаи
пиндор бимонд. (*Навоӣ*).

ПИНДОШТАН پنداشتن гумон кардан.

ПИР پیر 1. одами кӯҳансол. 2. шайхе, ки мурид мегирад *(маънии дуйуми истилоҳи динӣ)*

ПИРАҲАН* پیرهن курта *(Л. М.).*

ПИРОНАСАР پیرانه‌سر ҳолати пирӣ.

ПИРӮЗӢ* پیروزی фирӯзӣ, зафар, ғалаба.

Паргандагӣ аз нифоқ хезад
Пирӯзӣ аз иттифоқ хезад.
(*Л. М.*).

ПИСАНД پسند мақбул, дилчасп.

ПИСАНДА پسنده *нигоҳ кун ба* **писандида**.

ПИСАНДИДА پسندیده 1. бо хушӣ қабул кардашуда. 2. нек шумурдашуда.

ПИСАР پسر фарзанди наринаи одамӣ.

ПИСК//ПИШК//ПУШК پسک//پشک 1. саргини гӯсфанд ва буз. 2. оби бинии баста.

ПИСТА پسته донаки мағздор, ки мағзаш сабзранг мешавад.

ПИСТАҚҚӢ پستقی пистагӣ.

ПИСТОНАК پستانک ҳар чизи нӯгаш пистонмонанд, ки ба воситаи вай чизе ба ҳаракат оварда шавад (**пистонаки таппонча, қуббачаи занг**, *ки ба воситаи зер кардани он занг садо медиҳад*).

ПИСХАНД پسخند лабхандест, ки барои масхара доштани касе мекунанд (*ин калима аз пузханд вайрон шудааст*).

ПИХ پخ нохуни аз панҷа болои мурғон аст, ки дар вақти ҷанги байни худ аз вай бисьёр фоида мебаранд, дар зарбулмасал **пирча пих занад, ҷӯҷа рих занад** *гуфтаанд*).

ПИЧИР-ПИЧИР پچر-پچر суханони чунон оҳиста, ки овози гӯяндаро ғайр аз он касе, ки ба вай гап мезанад, дигар касе нашунавад.

ПИЧЧА پچه мӯи аз пеши гӯш кӯтоҳ бурида гузоштаи занон.

ПИШАК پشک гурба.

ПО پا узви маълуми одамӣ ва ҷонварони дигар, ки бо вай роҳ мераванд. **По дар рикоб** ба фармон тайёршуда. **По ба замин нарасидан** тез давидан (*маҷоз*). **По ба санг хӯрдан** ба матлабе комьёб нашудан. **По кашидан аз ҷое** худро канора кашидан аз он ҷо ва ба он ҷо рафту ой накардан. **По фурӯ кашидан** а) аз ҳаракат боз истодан; б) гӯшанишин шудан (*маҷоз*). **По шав!** дур шав, гурез! **По шудан** рост хестан.

ПОАФЗОР پاافزار афзори по, чизе ки ба пой мепӯшанд.

ПОАФРОЗ پاافراز *нигоҳ кун. ба* **поафзор**.

ПОАФШОР پاافشار *нигоҳ кун. ба* **пофишон**.

ПОБАНД پابند *нигоҳ кун. ба* **побаст**.

ПОБАРҶО پابرجا устувор, маҳкам, собит (*дар ҷои худ*).

ПОБАСТ پابست касе, ки ба сабаби баста будан ба коре ё ба чизе ба ҷое рафтан натавонад.

ПОБАСТА پابسته *нигоҳ кун. ба* **побаст**.

ПОД پاد 1. нигаҳбон, посбон. 2. тахти подшоҳӣ

ПОДА پاده галаи ҳайвоноти гуногунҷинс аст, ки аз хонаҳои гуногун барои чаро ғун шудааст.

ПОДАБОН پادهبان касест, ки подаро ҳар пагоҳ ба чаро мебарад ва бегоҳӣ оварда ба соҳибонаш месупорад.

ПОДАЧӢ پادهچی *нигоҳ кун. ба* **подабон**.

ПОДЗАҲР پادزهر давоест, ки бо вай аз бадани одам заҳри чизҳои газандаро мекашанд.

ПОДИНГ پادنگ пояи шоликӯбӣ.

ПОДИР//ПОТИР پادیر//پاتیر чӯбе ки бар девори ба як тараф хамхӯрда барои нигоҳдории вай гузоранд, тиргак.

На подир боад туро, на сутун,
На девори хишту на в-оҳан дарро.
(*Рӯдакӣ*).

ПОДОМ پادام 1. домест, ки барои доштани паррандагон аз думи асп сохтаанд. 2. паррандаест дар пеши дом барои фиреб дода ба дом овардани хамчинси вай бандаанд ва дар забони ҳозира «мулӯх» гӯянд.

ПОДОР پادار *нигоҳ кун. ба* **пойдор.**

ПОДОШ پاداش ҷазои кирдор, хоҳ нек бошад, хоҳ бад.

ПОДОШТ پاداشت *нигоҳ кун. ба* **подош.**

ПОДШОҲ پادشاه 1. посбони бузург. 2. хукмрони мутлаки феодалӣ ва буржуазияи монархӣ. ***Подшоҳи маломатписанд**—подшоҳи золим (агар маломатро меписандид, ба мардум зулмро раво намедид, то ки ӯро маломат накунанд).

Яке подшоҳи маломатписанд,
К-аз ӯ бар дили халқ бинӣ газанд.
(*Бӯс.*)*

ПОЁБ پایاب 1. обест, ки ба одам қад медиҳад ва бе он, ки сар ғӯта хӯрад, по ба замини он мерасад. 2. ниҳоят, охир ва сарҳадди чизе (*дар манфии ин маънӣ гуфта шудааст:* ...Шаби даҳачри ту поёбе надорад). 3. дарак, хабар аз чизе (*дар манфии ин маънӣ мардум дар ҳаққи касе бедарак рафта мегӯянд:* «бе поёб рафт»).

ПОЁН پایان 1. *нигоҳ кун. ба* **поин**; 2. охири ҳар чиз (**поёни шаб, поёни кор**—охири шаб, охири кор).

ПОЗА پازه олати сартезии ҷӯянии рехтааст, ки ба сари амоч гузаронида, бо вай замин ронанд.

ПОЗАНД پازند тафсири «Занд» ном китоби Зардушт аст дар дини оташпарастӣ.

ПОЗАҲР پازهر *нигоҳ кун. ба* **подзахр.**

ПОЗЕР پازیر чӯбест, ки бар пушти девори хамхӯрда гузоранд, то ки он девор нағалтад. *Нигоҳ кун. ба* **подир.**

ПОИДАН پائیدن 1. дер мондан, пойдор шудан. 2. пинҳонӣ дидбонӣ кардан ҳаракати касеро. 3. парво кардан, сер кардан, чаронидани ҳайвонот. *4. зистан, истиқомат кардан.

Ниҳодаш саҳар бӯса бар дасту пой,
Ки «наздики мо чанд рӯзе бипой!»
(*Бӯс.*)*

ПОИЗ پایز//پاییز фасли хазон.

ПОИН پایین паст (*зидди* **боло** ки баланд аст).

ПОИНТАЛАБ* پایین‌طلب зердаст, мутеъ.

Поинталаби хасон чӣ бошӣ?
Дасти хуши нокасон чӣ бошӣ?

Яъне, чаро худатро аз одамони хас барин беқадру паст пасттар мешуморӣ (Л. М.).

ПОЙ پای 1. *нигоҳ кун. ба* **по.** 2. гирду пеши ягон чизи муҳим (**пойрасад, пойманор, пойтахт**). 3. охири ҳар чиз (**пойдевор**—курсии иморат) * 4. **маҷозан** тобу тоқат.

Ман ҷуз сари дому дад надорам,
На пои ту, пой худ надорам.
(*Л. М.*)*

Пой ба доман кашидан *нигоҳ кун. ба* **по, по фурӯ кашидан** (*маҷоз*). **Пой дар гил мондан** ба коре дармондан. **Пой фушурдан** бар сари коре, ё фикре сахт ва устувор истодан (*маҷоз*).

ПОЙАНДОЗ پای انداز 1. порчаест, ки дар зери пои подшоҳони феодалӣ дар вақти меҳмон шудани ӯ ба ҷое меандохтанд. 2. қолинчаи камбари дароз, ё мисли ин ягон чизи бофта, ки дар роҳ ва зинаҳои биноҳои калон меандозанд.

ПОЙБАНДАК پای بندک як хел бозии бачагонааст, ки як дастро аз банд ба рӯи кафи по мебананд, бояд ӯ ба ҳамин ҳол дар дохили доираи муайян касеро бидорад, то ки вай ба ҷои ӯ дасту по баста шавад.

ПОЙГАҲ پایگه поёни хона, ки дар он ҷо кафшро мекашанд.

ПОЙГОҲ* پایگاه 1. пойгаҳ, кафшкани хона: 2. поини хона (*зиддӣ* **пешгаҳ**). 3. дараҷа, мартаба.

> Ба ақлаш бубояд нахуст озмуд,
> Ба қадри ҳунар пойгоҳаш фузуд.
> (*Бӯс.*).

ПОЙДАРҲАВО* پای درهوا бесарунӯг* **Пойдарҳаво гап задан** суханҳои ба якдигар ночаспо гуфтан.

ПОЙДОР پایدار ҳамеша боқӣ ва барқарор.

ПОЙКОР* پایکار ходими маҳалла (*Ф.*).

ПОЙКӮБ پایکوب 1. як хел рақс, ки пойро ба замин кӯфта-кӯфта мерақсанд. 2. пои обҷувоз, ки бо вай шолиро мекӯбанд.

ПОЙМАРД پایمرد мададгор, ёрирасон.

ПОЙМАРДӢ پایمردی мададгорӣ, ёрӣ. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

> Ҳаққо ки бо уқубати дӯзах баробар аст;
> Рафтан ба паймардии ҳамсоя дар биҳишт
> (*Саъдӣ*).

ПОЙМОЛШУДА پایمال شده нобудшуда, харобшуда.

ПОЙМУЗД پایمزد *нигоҳ кун. ба* **поранҷ.**

ПОЙПУШТӢ* پای پشتی **Пойпуштӣ задан** монеъ шудан.

> Гар дил назадеш пойпуштӣ,
> Пуштигари хешро бикуштӣ.
> (*Л. М.*)

ПОЙТАХТ پایتخت шаҳри марказии як давлат.

ПОЙТЕЗ پایتیز чӯбе, ки як тарафи вайро тунук ва тез карда тарошидаанд (ин гуна чӯбро ба тиргарӣ кор мефармоянд. *Нигоҳ кун. ба* **тиргарӣ**).

ПОЙТЕША پای تیشه тешаи калони дастадароз аст, ки чӯбҳои калонро дар зери по гирифта истода, бо вай метарошанд.

ПОЙТОБА پایتابه латтаест, ки пеш аз пӯшидани мӯза ё масҳӣ ба по печонанд.

ПОК پاک 1. *маънии якӯм маълум.* 2. ҳамагӣ, тамом. **Пок бурдан**— ҳеҷ чизро намонда бурдан.

ПОКБУМ* پاک بوم замини пок, кишвари пок.

> Таваллои мардони ин покбум,
> Барангехтам хотир аз Шому Рум.
> (*Бӯс.*).

ПОКИЗА پاکیزه тоза, соф ва беғубор, бечирк.

ПОКУ پاکو теғест, ки бо вай мӯи одамиро тарошанд.

ПОКУНДА پاکنده чӯби ғафси чортароши ду сӯрохи кӯндалангги аз ҳам гузаштадор аст, ки дар замони амир ҳар ду пои бандиёнро аз сӯрохи пеши он гузаронида, аз сӯрохи болоияш —аз миёни поҳо фона мезаданд.

ПОКӢ پاکی 1. беайбӣ, бегуноҳӣ.

2. покизагӣ. 3. *нигоҳ кун. ба* **поку.**

ПОЛГОНА* پالگانه панҷараи хона.

Зи уду сандал ӯро остона,
Дараш симину заррин полгона.
(*Рӯдакӣ*).

ПОЛО پالا 1. софкунанда, софӣ (*ба ин маънӣ бо исм ҳамроҳ меояд.* **майполо** — софии май). 2. аз худ гузаронда резандаи ягон чизи обакӣ. *Дар ин маънӣ Шоҳин дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» гуфтааст:*

Аз шарми чашми хушполо сар боло карда наметавонист...

ПОЛОИДАН پالائیدن соф кардан.

ПОЛОИШ پالایش 1. софкунӣ; софшавӣ. *2. таровидан; қатра-қатра ҷамъшавӣ.

Дарё, ки чунин фарохрӯй аст,
Полоиши қатраҳои ҷӯй аст.
(*Л. М.*)*

ПОЛОНГАРӢ* پالانگری полондӯзӣ, тӯқумдӯзӣ.

Полонгарие ба ғояти худ
Беҳтар зи кулоҳдӯзии бад.

Полондӯзии моҳирона аз кулоҳдӯзии беҳунарона беҳтар аст. Яъне, пастию баландии ҳунарҳо ба маҳорати соҳибҳунар вобаста аст. (Л. М.).

ПОЛУДА پالوده ширинест баста, ки онро аз нишаста ё орди биринҷ ва ё ин ки аз оби меваи соф кардашуда бо шакар пазанд (фирнӣ, мокут, ё ях дар биҳишт ва монанди инҳо аз ҷумлаи полудаанд).

ПОЛУДАН پالودن *нигоҳ кун. ба* **полоидан.** *2. *дар ин ҷо ба маънии* рехтан.

Хуноби ҷигар чу шамъ полуд
Бикшод забони оташолуд.
(*Л. М.*)*

ПОЛҲАНГ پالهنگ ресмоне, ки ба ҳалқаи як тарафи лаҷоми асп мебанданд ва аспро бо вай ба йетак мекашанд (яккачилав).

ПОНСАД پانصد панҷ сад. 2. мансабе буд дар дарбори хонҳои Фарғона, ки соҳиби он ба панҷ сад кас сардорӣ мекард.

ПОР پار соли гузашта. *Ҳилолӣ гуфта:*

Ҳар гаҳ нигоҳаш итоболуд мебинам ба худ,
Ёди он мискиннавозиҳои порам мекашад.

ПОРА I پاره 1. як қисми як чиз. 2. баъзе (**якпора одамҳо**—баъзе одамҳо гуфтан аст). **Пора шудан** а) даридани либос. б) шикастани ягон чиз. в) кандани ресмон. г) аз ҳам ҷудо шудани ягон чиз.

ПОРА II پاره ришва.

ПОРАДУЗ پاره دوز кӯҳнадӯз.

ПОРАКАШ پاره کش *нигоҳ кун. ба* **порукаш.**

ПОРАНҶ پارنج пулест, ки ба созандагон, табибон ва монанди инҳо барои омаданашон «ҳаққи қадам» гӯён диҳанд.

ПОРДУМ پاردم тасма ё ресмони бофта аст, ки аз ду тарафи полон баста, ба зери думи асп ва хар мегузаронанд.

ПОРДУМЧУБ پاردم چوب чӯбест, ки ба пордум баста аз таки думи хар мегузаронанд.

ПОРИНА پارینه *нигоҳ кун. ба* **пор.**

ПОРНА پارنه *нигоҳ кун. ба* **пор.**

ПОРС پارس форс.

ПОРСАНГ پارسنگ чизест, ки дар паллаи сабуки тарозу мениҳанд, то ки ҳар ду палла баробар шавад.

ПОРСОЛ پارسال *нигоҳ кун. ба* **пор.**

ПОРСӢ* پارسی *мансуб ба* Порс. **Порсии дарӣ**—инро «форсии ҷадид» ҳам меноманд ва муқобили порсии паҳлавист. Ин забон баъди аз тарафи арабҳо маҳв карда шудани забони форсии паҳлавӣ дар аввалҳои исломият дубора аз тарафҳои Бухоро ва Хуросон ба асоси забони суғдӣ ва паҳлавии кӯҳна бо ҳамроҳ шудани баъзе калимаҳои арабӣ сар бардошт ва номи «форсии ҷадид»-ро гирифт. *(И. С.)*.

ПОРУ پارو саргин ва чизҳое, ки заминро зӯр мекунад.

ПОРУКАШ پاروکش тахтаи дастадори каландмонанд аст, ки бо вай пору ва хокрӯбаҳоро ба як тараф мекашанд.

ПОРЧА پارچه як пораи хурди як чиз (порача)

ПОРӮБ پاروب бели чӯбини барфрӯбӣ.

ПОС پاس 1. нигоҳдорӣ. 2. як миқдори шаб, ки аз рӯи одат дар он муддат як посбон нигаҳдорӣ мекунад (*Шабро «як поси шаб, ду поси шаб...» гӯён тақсим мекунанд*) ***Пос доштан** а) посбонӣ кардан.

Шӯяш ҳама рӯз пос медошт.
Мехӯрд ғаму сипос медошт
(Л. М.).

б) ба эътибор гирифтан, риоя кардан.

З-он ҷо ки надошт поси роиш.
Бӯсид ба узр хоки пояш

*Яъне, азбаски раъи модарашро ба эътибор нагирифт (Л. М.)**

ПОСАНГ پاسنگ *нигоҳ кун. ба* **порсанг.**

ПОСАРА پاسره 1. порчаи замине буд, ки заминдорони калон ба ятимони худ медоданд, то ки барои музди хизмати худ ба фоидаи худ кишта бардоранд. 2. умуман коре, ки коркун ё коргар дар зимни кори умумӣ махсусан ба фоидаи худ мекунад.

ПОСБОН پاسبان нигаҳбон, нигаҳдоранда. ***Посбонони ҳисори гардун** *киноя аз* ситораҳо. Ҳанӯз посбонони ҳисори гардун чашм аз камини дидбонӣ набаста... фарьёд бароварданд, ки қофила муҳайёи кор бастанаст. *(Бедил)**

ПОСУХ پاسخ ҷавоб.

*Ҳар кас ки ҷуз ин сухан кушодӣ,
Нашнидаю посухаш надодӣ.
(Л. М.).

ПОТИЛА پاتیله деги даҳанфароҳ, ки дар вай мураббо ва нишалло мепазанд.

ПОФИШОР پافشار ду тахтачаест дар даруни чаҳчаи дӯкони бофандагӣ, ки бофанда ҳар кадоми онҳоро бо навбат бо пояш фишор медиҳад (зер мекунад) ва ба ин сабаб торҳо зеру боло аз ҳам ҷудо шуда барои гузаронидани моку ва пуд роҳ кушода мешавад.

ПОХСА پاخسه 1. деворе, ки бе сангу хишт танҳо бо лойи сахт сохта мешавад. 2. ҳар як қатори ин гуна девор, ки баландиаш як оршин мешавад.

ПОХТАК پاختک паррандаест аз мусича калонтар, ки «ку-ку» гӯён садо мебарорад.

ПОЧА پاچه қисми аз зону поёни пой.

ПОЧАҚ* پاچک таппии гов.

То ба кай аз ақли ҷаҳландӯзи ту
Почаки даштӣ бувад дилсӯзи ту?
(Бедил).

ПОЧИЛА پاچیله 1. чизест, ки вайро ба по баста, барфро зер кунанд, то ки барои равандагон аз рӯи барф пайраҳа пайдо шавад. [2. навъе аз пойафзор].

ПОЧПОЯ* پاچپایه замини гандумаш дарав кардашуда *(Ҷ. 6)*.

ПОШНА پاشنه 1. куни по. 2. куни мӯза ва кафш. **Пошна задан** а) аспро бо пошна зада рондан, б) ба тарафи пас задани тири милтиқ, таппонча, тӯп.

ПОШНАКӮБ پاشنه کوب тез рондани асп.

ПОЯ پایه 1. пои чизҳои ғайри ҷондор, *чунончи* **пояи курсӣ, пояи сандалӣ.** 2. дараҷа ва мартаба. 3. ҷои ягон кишт. *Масалан* **гандумпоя, шолипоя.** 4. танаи растаниҳои ғайри дарахт *(масалан, танаи гандум, танаи зағир ва монанди инҳо)*. *5. Ҳама тарафро баста ба як тараф рондани об *(Ҷ. 3)*. ***Поя кардан** а) ғалладонаро то даҳони ҷувол пур карда рост мондан. б) даҳана ва шохҷӯйҳоро баста оби наҳр ва ҷӯи калонро ба поён рондан.

ПОҒУНДА پاغنده ҳар як пои нардбон.

ПОҶОМА پاجامه эзори занона.

ПУД پود риштае, ки дар чизҳои бофтанӣ аз байни торҳо мегузаронанд.

ПУДА پوده чизи хокамонандест, ки аз пӯсида ва фарсуда шудани дарахт пайдо мешавад. *Нигоҳ кун. ба* **пӯда.**

ПУДИНА پودینه як растании тундбӯи худрӯй аст, ки вайро **ҳулбу** ҳам мегӯянд.

ПУЗ//ПӮЗ پوز гирди даҳон-лаб.

ПУЗА//ПӮЗА پوزه *нигоҳ кун. ба* **пуз.**

ПУЗИШ پوزش *нигоҳ кун. ба* **пӯзиш.**

ПУЗХАНД//ПӮЗХАНД پوزخند лабханд.

ПУЛ I پل гузаргоҳест тоқмонанд, ки бар рӯи наҳрҳо ва рӯдҳо банданд, кӯпрук.

ПУЛ II پول 1. пули мисин ва ё хӯлагӣ. 2. умуман пули нақда, хоҳ аз мис бошад, хоҳ аз нуқра ва тилло. *Ба ин маъниҳо Савдо, ки як тахаллусаш Бепул аст, гуфтааст:*

Ғам махӯр аз бепулӣ,
Бепул, ки дарьё бепул аст.

(Албатта дарьё ки ба маънои баҳр аст, бепул мебошад). **Пули сиёҳ,** пули хӯлагии замони амирӣ, ки ҳар 64 донааш 50 тин буд. **Ҳашт пул** ду тин *(дар давраи кӯҳна)*.

ПУЛАК پولک ҳар чизе, ки ба шакли пули сиёҳпули мисин бошад.

ПУЛАКЧА پولکچه пулаки хурд (**Пулаки пуштмоҳӣ; пулаке,** ки ба чизҳои чармин ё чизҳои дигар барои зинат медӯзанд, мешинонанд).

ПУЛК پلک *нигоҳ кун. ба маънии дуйӯми* **палак.**

ПУНБА پنبه пахта.

ПУНБАДОНА پنبه دانه тухми пахта, чигит.

ПУНБАК پنبک доначаест, ки баҳорон дар шохҳои дарахтон пайдо мешавад ва аз он ҷо барг мекушояд.

ПУНБАЧӮБ پنبه چوب чӯби буттаи пахта.

ПУНДОНА پندانه *нигоҳ кун. ба* **пунбадона.**

ПУР I پر 1. лаболаб будани зарфе аз чизе (**кӯзаи пур, ҷуволи пур**). 2. ниҳояти камоли ягон чиз (**моҳ пур шуд, сол пур шуд**). 3. бисьёр (**пургӯй, пурдон**). 4. эътимод, боварӣ. 5. охир. ***Хӯрдани пур** бисьёр хӯрдан.

Об ғрчи ҳама зулол хезад
Аз хӯрдани пур малол хезад.
(*Л. М.*)*

ПУР II* پور писар. **Пури Сино** Ибни Сино аст, ки ҳаким Абӯ Алӣ Синои машҳури бухороист.

ПУРБАРДОР پربردار асп ё одами пурзӯр.

ПУРБАРДОШТ پربرداشت одами серсабр.

ПУРБИН پربین шишаест, ки ҳар чизи хурдро калон карда нишон медиҳад.

ПУРБОР پربار ароба ё аспест, ки ба вай аз андоза зиёд бор боркарда шудааст.

ПУРДИЛ پردل далер (*маҷоз*).

ПУРОБ* پرآب 1. пур аз об, сероб. 2. *дар ин ҷо* пур аз обрӯ.

Боғ арчи зи булбулон пуроб аст,
Анҷир наволаи ғуроб аст.
(*Л. М.*)

ПУРРА پره расо, комил (**як моҳи пурра шуд, ки туро надидаам**—*як моҳи расо*, **Моҳ пурра шуд**—*15 рӯза шуда доираи худро комил кард—комил шуд.*).

ПУРРУ پررو шонаи сари пӯпитиш (ҳудҳуд).

ПУРСУКОВ پرس‌وکاو кофтукови чизе ба тарзи пурсиш.

ПУРСУПОС پرس‌وپاس аҳволпурсӣ бо касе ба тарзи эҳтиром.

ПУРСУҶУЙ پرس‌وجوی аҳволпурсӣ бо касе ба тарзи баробарӣ ва дӯстии бетакаллуфона.

ПУРҶИГАР* پرجگر 1. пурҷуръат, далер. 2. пур аз ғаму андӯҳ, *зеро ки ҷигар маҷозан ба маънии* **ғам** *меояд.*

Мегашт ба гирди кӯҳу ҳомун
Дил пурҷигару ҷигар пур аз хун.
(*Л. М.*).

ПУСХАНД پسخند *нигоҳ кун. ба* **писханд.**

ПУТК پتک болға.

ПУФ پف бодест, ки баъд аз бастани даҳон аз миёнаи лабҳо бо зӯрӣ бароварда мешавад.

ПУФАК پفک ҳар чизе, ки даруни вайро пурбод карда монанд.

ПУХТА پخته 1. сифати ҳар чизе, ки пухта бошад, *масалан*, **гӯшти пухта, ангури пухта, харбузаи пухта.** 2. одами кордон ва дар муомилаҳои иҷтимоӣ санҷидакор (одами пухта). 3. Ҳар чизе, ки сохтани вай аз рӯи қоида шуда бошад ва устувор бошад. **Ин иморат бисьёр пухтааст.**

ПУХТАХОР* پخته‌خوار хӯрандаи оши пухта, яъне касе ки худ кор намекунад ва аз дастурхони мардум рӯз мегузаронад.

Ва гар дасти ҳиммат бидорӣ зи кор,
Гадопеша хонандату пухтахор.
(*Бӯс.*).

ПУХТУПАЗ پخت‌وپز корҳои сари дегу табақи хонагӣ.

ПУЧ پوچ дарунхолӣ ва бемағз.

ПУШТ پشت 1. қисми пасини бадани одамӣ ва ҳайвонот. 2. тарафи ақиби ҳар чиз (**пушти боғ, пушти ҳавлӣ, пушти кӯҳ**). **Пушт додан** рӯй гардонида гурехтан аз сафи ҷанг (*маҷоз*) ***Пушти даст ба замин расондан**—*киноя аз* заминбӯсӣ аст, ки дар Ҳиндустон амалдорон дар пеши подшоҳон пушти дастро ба замин расонда бардошта кафи ҳамон дастро мебӯсанд ва номи инро «заминбӯсӣ» мегуфтанд (*Б.*) ***Пушти даст газидан** пушаймонӣ кардан (*маҷоз*). **Пушти даст ба дандон газидан** *нигоҳ кун. ба* **пушти даст газидан. Пушти даст хоидан** *нигоҳ кун. ба* **пушти**

даст газидан. **Пушти по задан** як чизро рад кардан ва аз вай рӯй гардондан. 3. ёридиҳанда ва ҳимояткунанда. **Пушту паноҳ** *нигоҳ кун. ба маънии дуйуми* **пуштибон.**

ПУШТА پشته 1. тали хскӣ, ки он қадар баланд набошад. 2. қабристон. 3. дастаи хор, алаф ва монанди инҳо ки дар як бор ба пушт бардоштани он мумкин бошад.

ПУШТАК پشتك **Пуштак истодан** дастҳоро ба зону карда, хамшуда истодан *(ин корро бештар барои ин мекунанд, ки каси дигаре аз болои одами пуштак истода ба девори баланд ё бом барояд)*

ПУШТВОРА پشتواره *нигоҳ кун. ба* **пуштора.**

ПУШТГАРМӢ پشت گرمی умеди мададгорӣ.

ПУШТДОР پشت دار касе, ки дар пушти худ ҳомӣ дошта бошад.

ПУШТИБОН پشتیبان 1. чӯбест ки дар паси тахтаи дар ва дарвоза ё дар паси ду тахтае баҳам пайванд додашуда кӯндаланг заханд, то ки вай мустаҳкам шавад. 2. ҳомӣ ва мададгор.

ПУШТИВОН پشتیوان *нигоҳ кун. ба* **пуштибон.**

ПУШТИМАҲӢ پشت مهی *сабук кардашудаи* **пуштимоҳӣ**

ПУШТИМОҲӢ پشت ماهی баландии дарозрӯя, ки ду тарафи он ба сурати пушти моҳӣ ба нишеб мефурояд.

ПУШТКӮЗ* پشت کوز кӯзапушт, букрӣ *(Р.)*.

ПУШТОРА پشتاره чизи ба пушт бардошта кашондашуда.

ПӮДА* پوده мағзи фарсудаи дарахт *(Ф.) Нигоҳ кун. ба* **пуда.**

ПӮЕ پویا даванда. 2. давон *(аз сифат ва ҳоли асп)*.

ПӮЕН* پویان роҳ тайкунон, давон, тозон.

Ҳар дам зи дайри хеш пӯён,
Бар Наҷд шудӣ сурудгӯён.
(Л. М.)

ПӮЗИШ* پوزش узрхоҳӣ, маъзарат. **Пӯзиш намудан**—узр гуфтан, изҳори маъзарат кардан.

Карам карду ғам хӯрду пӯзиш намуд,
Бадандешро дил ба вай рабуд.
(Бӯс.)

ПУИДАН پوئیدن 1. роҳ рафтан. *2. давидан.

Сабук тавқу занҷир аз ӯ боз кард,
Ҷапу рост пӯидан оғоз кард.
(Бӯс.)*

ПӮК پوك 1. ҳар чизе, ки даруни ба қадри даркорӣ пур набошад (**харбузаи пӯк, тарбузи пӯк**). 2. одами камақли сустдаҳон, ки ҳар сирро, бе он ки қасд карда бошад, дар ҳар ҷо гуфтан мегирад.

ПӮККА پوکه як хел сафедист, ки занон бар рӯи худ барои оро иш мемоланд.

ПӮККИДАН پوکیدن нофаҳмида сирҳои ниҳониро гуфта додан.

ПӮЛА پوله меваи ба сабаби зада шудан нармгардида (**харбузаи пӯла, себи пӯла**).

ПӮЛОД پولاد оҳани соф ва ду бор кор кардашудаи сахт аст, ки ҳаргиз ҳам намехӯрад ва чизҳои бурранда монанди поку ва шамшер ҳам аз пӯлод сохта мешавад.

ПУЛОДБОЗУ پولادبازو одами зиёда пурзӯр.

ПУП پوپ кокули мурғон аст, ки дар фарқи сарашон мешавад.

ПУПАК پوپک дастачае ба ҳам бастаи аз тори ресмон, абрешим ё пашм аст, ки барои зинат дар чодиришабҳо, калапӯшҳо медӯзанд ё ба гардани аспу хар мебанданд.

ПУПШОЛ پوپشال *нигоҳ кун.* *ба* **пофишор (пӯпшол** *вайрон карда гирифташуда аз* **пофишор** *аст, ки шакли талаффузи халқии ҳамин замон аст).*

ПУПЯ پوپی мурғи кокулдор.

ПУСИДАН پوسیدن табоҳ ва суда шудани як чиз аз кӯҳнагӣ ё аз нам ва ё ба сабабҳои дигар.

ПУСТ پوست пардаи ғафси аз рӯи гӯшт кашидашудаи ҳайвонот, одамӣ ва пардаи беруни ангур, шафтолу ва себ барин меваҳои обдор. **Пӯст партофтан** шарманда шудан, хиҷолат шудан (*маҷоз*).

ПУСТДУНБА پوست دنبه пӯсти дунбаи гӯсфанд аст, ки аз пашм пок карда пухта мехӯранд.

ПУСТИН پوستین либоси аз пӯсти пашмдор дӯхташуда.

ПУСТКАНДА پوست کنده суханни кушоду равшан дар бораи айби касе ё муддаои худ (*маҷоз*).

ПУСТЛОХ پوستلاخ пӯсти дарахтон.

ПУЧОҚ پوچاق пӯсти сахти чизҳо (*чунончи пӯсти харбуза, тарбуз, тухми мурғ ва донаҳоро* **пӯчоқ** *номанд).*

ПУШИШ پوشش шифти хона ва айвон, ки дар вай болор, васса ё ин ки тахта барин чизҳои аз даруни хона ба назар намудаи ҳамагӣ дохил аст (**пӯшиши ин хона хуб ё ин ки бад** мегӯянд).

ПУШОК پوشاک ҳар чизи пӯшиданӣ.

ПУШОКВОРИ پوشاکواری ҳар чизе, ки аз вай либос дӯхтан мумкин бошад.

Р

РАБЕЪ ربیع баҳор.

РАБЕЙ* ربیعی *мансуб ба* **рабеъ**; баҳорӣ, вақти баҳор.

Азбаски рабиию тамузӣ
Додӣ ба дадон бароти рӯзӣ.
(*Л. М.*)

РАБО ربا 1. рабоянда (*ин калима бо исм ҳамроҳ меояд. Чунончи,* **дилрабо**—*рабояндаи дил*). 2. *амр ба* **рабудан** (*яъне бирабой*).

РАБОТ رباط 1. мусофирхонае, ки дар роҳҳои корвонӣ бино кунанд, *монанди* **работи мулк.** 2. ҳавлиҳои деворбаланде, ки дар боғот ва дар деҳот бино мекунанд.

РАБУДАН ربودن кашида гирифтани чизе аз касе.

РАБЪ* ربع сарой, хона, маҳалла, манзил.

Ҷавоне, ки ширику куштаъ буд,
Ки бо мо мусофир дар он рабъ буд.
(*Бус.*)

РАВЗА* روضه боғ; гулзор; сабзазор.

Чунон нодир афтода бар равзае,
Ки бар лоҷувардӣ табақ байзае.
(Бус.)

РАВЗАГОҲ* روضه‌گاه 1. боғ; марғзор. 2. *дар ин ҷо ба маънии* қабр.

Аз кӯҳ даромадӣ чу сайле,
Рафтӣ сӯи равзагоҳи Лайлӣ
(Л. М.)

РАВЗАН* روزن сӯрохест, ки барои баромадани дуд ё ворид шудани рӯшноӣ дар девор ё дар шифти хона мегузоранд.

РАВЗАНА روزنه *нигоҳ. кун. ба* **равзан.**

РАВЗОТ روضات [ҷамъи **равза**]; боғҳо, марғзорҳо.

РАВИШ روش тарз. [рафт. рафтор].

РАВНАҚ رونق пешрафт. *(аз сифатҳои кор, ободонӣ, кишт).*

РАВО روا 1. ҷоиз, коре, ки кардани он аз рӯи қонун мумкин аст. 2. ёбанда (**комраво**—комьёб). 3. барорандa (**ҳоҷатраво** ҳоҷатбароранда) ***Раво бошад** ҷоиз аст; зарар надорад *(Ч. 10)*.

РАВОБИТ روابط [ҷамъи **робита**]; робитаҳо.

РАВОЕҲ روایح [ҷамъи **роиҳа**]; хушбӯиҳо.

РАВОН I روان 1. ҷорӣ (**оби равон**). 2. раванда (**сарви равон**—раванда). 3. дарҳол, дарров. ***Табъи равон**—соҳибистеъдод. **Шеъри равон** ашъори мавзун.*

РАВОН II* روان рӯҳ, ҷон.

Лайлӣ, ки муфарреҳи равон буд.
Дар мухталифӣ ҳалоки ҷон буд.
(Л. М.)

РАВОНӢ* روانی дарров, базудӣ.

Чу турки чашми ту аз ғамза новаке
бикшод,
Дилам харҷа равонӣ ба ҷонаш.
арвоҳ гуфт.
(Навоӣ.)

РАВОӢ* روائی ривоҷу равнақ.

Ҳар нақд, ки он бувад баҳоӣ,
Бифрӯш чу омадаш равоӣ.

Яъне, чизи фурӯхтаниро дар вақти гармии бозор фурӯш (Л. М.).

Медод зи роҳи бечавоӣ
Қолои касодро равоӣ
(Л. М.)

РАВОҚ رواق ҷои меҳробшакл, ки дар пеши ҳуҷраҳои мадрасаҳои кӯҳна ё дар деворҳои хонаҳои қадимӣ сохта шудааст.

РАВОҲ رواح яксоата вақте, ки пеш аз фурӯ рафтани офтоб аст.

РАВШАН* روشن 1. тобон, дурахшон. 2. возеҳ, ошкор. 3. пок, соф.

РАВШАНҚИЁС* روشن‌قیاس дурустмуҳокима; бофаросат.

Накӯсираташ диду равшанқиёс,
Суханганҷу миқдори мардумшинос.
(Бус.)

РАВҲ روح 1. осоиш. 2. хурсандӣ. 3. тозагӣ. 4. насими сирун. 5. бӯи хуш.

РАГ رگ чизест танобмонанди миёнсӯрох, ки сар то пои бадани ҷондоронро фурӯ гирифтааст. **Раги замин** табақаҳои тунуки рег ва маъданҳо, ки дар мағзи замин ё кӯҳ паҳн шуда рафтаанд *(маҷоз)*. **Раги кор** роҳи кор *(маҷоз)*. **Раги хун** рагест, ки бо воситаи вай хун дар бадани ҷондорон ҳаракат мекунад. **Раги гардан хестан** оташин шудан, ба ғазаб омадан *(маҷоз)*. ***Раги даст кашидан** аз харҷ даст нигоҳ доштан *(Ч. 1)*.

РАГМОЛ رگمال касест, ки рагҳои шахшудаи одам ва ҳайвонотро молида дуруст мекунад.

РАД رد қатори одамҳо, дӯконҳо, дарахтҳо ва монанди онҳо.

РАДА رده *нигоҳ кун. ба* **рад**.

РАДД رد 1. бозгардонидан (*чизеро ё хоҳишеро*). 2. рондашуда (**радди мардум, радди маърака**). **Радду бадал** а) гуфтугузорҳои зидди якдигар (*дар баҳсу ҷавобҳо*), б) тағьир ва табдил ёфтани одамон дар идораҳо (*чунончи мегӯянд:* **бисьёр одамҳо радду бадал шуданд**).

РАДДӢ ردی 1. чизи нохолис (*масалан нуқраи қалъагӣ омехта*). 2. рондашуда аз ҷамъият (*чунончи мегӯянд:* **Фалонӣ расвою раддӣ шуд** — *аз таъбирҳои халқии тоҷик*).

РАДИФ ردیف 1. касе, ки дар саворӣ аз паси касе савор мешавад. 2. ду чиз ё чанд чизи якхела (*ҳар кадоми онҳо ба онӣ дигар радиф мешаванд*). 3. суханe, ки дар охири ҳар байти ғазал ё як қасида такрор меёбад (*ду маънии охирӣ маҷоз аст*).

РАЁСАТ* ریاست раисӣ, сардорӣ.

> Раёсат ба дасти касоне хатост,
> Ки аз дасташон дастҳо бар худост.
> (*Бӯс.*)

РАЁҲИН ریاحین [*ҷамъи* **райҳон**]; райҳонҳо.

РАЗ رز 1. ток; дарахти ангур.

> *На пайваста раз хӯшаи тар диҳад,
> Гаҳе барг резад, гаҳе бар диҳад.
> (*Бӯс.*)

2. ангур.

> Гул дар қасабию лола дар хаз
> Ширину разин чу шираи раз.
> (*Л. М.*)

Духтари раз *киноя аз* шароб.*

РАЗЕЪ رضیع кӯдаки ширхор.

РАЗИЛ رذیل нокас, фурӯмоя.

РАЗИЛА رذیله [*муаннаси* **разил**].

РАЗИН رزین устувор, маҳкам. 2. соҳибтамкин, ором, ҷиддӣ. *3. аҳмиятнок; пурқимат.

> Гул дар қасабию лола дар хаз
> Ширину разин чу шираи раз.
> (*Л. М.*)*

РАЗМ رزم ҷанг.

РАЗМГОҲ رزمگاه ҷангтоҳ, майдони ҷанг.

РАЗОИЛ رذائل [*ҷамъи* **разилаг**]: нокасӣ ва фурӯмоягиҳо.

РАЗОЛАТ رذالت нокасӣ, фурӯмоягӣ.

РАЗОНАТ رزانت 1. устуворӣ; 2. тамкин.

РАИЙЯ رعیه аҳолии фармонбардор, мардуми тобеъ, табаа.

РАИС رئیس 1. сардор. 2. меҳтари қавму қабила. 3. як мансаби замони амирӣ, ки қоидаҳои шариатро назорат мекард.

РАЙ* ری номи шаҳре қадим дар наздикии Теҳрони ҳозира (*Р.*).

РАЙБ ریب шак, шубҳа.

РАЙЪОН ریعان 1. оғоз ва аввали ҳар чиз. [2. овони беҳтарини ҳар чиз]. **Райъони ҷавонӣ** — аввали ҷавонӣ.

РАЙҲОН ریحان гулест аз ҷумлаи сабзавот, ки бӯи мушк медиҳад.

РАЙҲОНӢ* ریحانی 1. *мансуб ба* **райҳон**. 2. ранги сабзча, сабзранг.

Кардӣ фалаки турунҷпайкар,
Райҳони ӯ турунҷӣ аз бар.
(*Л. М.*)

3. як навъ шароби сабзранги хушбӯй.

Нуқли даҳани ғазалсароӣ
Райҳони мағзи атрсоӣ...
(*Л. М.*)

РАКИК ركيك, 1. суст (*сифати фикр ва рой*) [2. ҳақир, оҷиз. 3. дағал, дурушт].

РАКОКАТ ركاكت, 1. сустии фикр ва рой [2. оҷизӣ; норасоӣ. 3. дағалӣ, дуруштӣ].

РАМ I رم, 1. хӯсиш; 2. нафрат. **Рам хӯрдан** хӯсидан.

РАМ II* رم, рама, галаи ҳайвонот (*шакли кӯтоҳи* **рама**)

Пазруфт ҳазор ганҷи шоҳӣ
В-аз рам, гала беш аз он, ки хоҳӣ.
(*Л. М.*)

РАМА رمه, галаи гӯсфандон.

РАМАД رمد, як хел озори чашм аст, ки ба сабаби вай чашм сурх ва обрав мешавад.

РАМАЛ رمل, вазне аз вазнҳои шеъри форсӣ, [ки дар ин баҳр дар ҳар як байт ҳашт бор «фоилотун» такрор мейбад].

РАМАҚ رمق, бақияи охирини ҳаёти ягон кас, [нафаси охирин].

РАМИДАН رميدن, 1. хӯсидан; хӯсида гурехтан. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Рафтан ба чӣ монад? Ба хиромидани товус.
Баргашта нигаҳ карданаш?—Оҳуи рамида.

(*одатан оҳу хӯсида мегурезад ва баъд аз қадре дур шудан баргашта нигоҳ мекунад*). **Рамидани дил** нафрати дил ба чизе ба сабаби аз вай тарсидан ё аз ҷиҳати онро кареҳ шуморидан.

РАМИМ رميم, пӯсида, кӯҳна.

РАМИШ رمش, хӯсиш, гурез.

РАМӢ رمی, андохтан, [партофтан, *масалан сангро*].

РАМЛ I رمل, рег

РАМЛ II رمل, илмест афсонагӣ, ки гӯё бо вай чизҳои гумшуда ва тақдири ягон касро мейфтаанд, [фолбинӣ; пешгӯӣ].

РАММОЛ رمل, касест, ки бо илми рамл фолбинӣ мекунад. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:* ...Аз дузд он ҷӣ монда, ба раммол медиҳам.

РАМОД رماد, хокистар.

РАМОНДАН رماندن, хӯсонда гурезондан.

РАНГ رنگ, 1. намуди зоҳирии ҳар чиз, ки ба чашми бинанда сафед, сурх ё ба тарзи дигар метобад. 2. тарз, равиш (**ранге карда ин корро кун**). 3. хел, монанд (**ҳар ду якрангаид**—*яъне як хеланд*). 4. макр, ҳила, фиреб (**фалонӣ маро ранг карда рафт ё ранг дода рафт**, *яъне фиреб дод*).

*К-ин қисса, ки атрсои мағз аст,
Гар рангу фиреб нест—нағз аст.
(*Л. М.*)*

Ранг бар рӯ шикастан а) ба ғазаб омадан; б) шарм доштан. **Ранг овардан** ба пухтан наздик расидани меваҳо. **Ранг рехтан** кашидани тарҳи иморате, ки баъд аз он сохта мешавад.

РАНГА رنگه, чизе, ки рангҳои гуногун дошта бошад.

РАНГДОР رنگدار, порча, ё меваи баландранг.

РАНГЗАДА رنگزده, чизе, ки ба вай аз чизи дигар ва ё аз баъзе ҷои рангиноки худ ранг зада бошанд.

РАНГИН رنگین, рангинок.

РАНГРАВ رنگرو, порчае, ки бо ранги қалб ранг карда шудааст.

РАНГРЕЗ رنگریز, касест, ки порча ва ресмонҳои бофтаниро ранг мекунад.

РАНДА رنده, асбобест, ки бо вай чӯб ва тахтаро тарошида ҳамвор кунанд.

РАНДИДАН رندیدن, тарошидани чӯб бо ранда.

РАНҶ رنج, 1. беморӣ. 2. меҳнат барои коре [3. заҳмат, кор].

РАНҶБАР رنجبر, коргар, [заҳматкаш].

РАНҶУР رنجور, бемор.

РАОЁ رعایا, [ҷамъи **раият**]; раийяҳо, фуқаро.

РАСАД رصد, 1. чашм андохтан (*ба чизе*). 2. иморат ва асбоби дар як ҷои маълум ва ба тарзи махсус сохташуда, ки аз он ҷо ҳаракат ва вазъияти ситораҳоро омӯзанд.

РАСАДХОНА رصدخانه, ҷое, ки дар он ҷо асбоби ситорабиниро шинонда, ситораҳоро аз назар мегузаронанд.

РАСАН رسن, арғамчин, таноб.

РАСАНБОЗ رسن‌باز, дорбоз.

РАСИДА رسیده, 1. (бачаи) ба балоғатрасида. 2. меваи тамом пухта. *Ба ин маънӣ Соиб гӯяд:*

Он дилрабо баромад аз хона вай кашида.
Моил ба ӯфтодан чун меваи расида.

(*яъне чун меваи тамом пухта*).

РАСИДАН رسیدن, 1. расидани чизе ба чизе. [ворид шудан] **расидани мусофир ба манзил, одам ба камол**; 2. пухтани мева ва ҳар растанӣ.

РАСМ رسم, 1. урфу одат, 2. нақш, сурат. "**Расми сари моҳи қозиён** ин расм иборат аз ҳамин аст, ки қозиён ва мӯҳтасибони тумонҳо ҳар сари моҳ ба рикоби амир омада, се рӯз меистанд. Ин одат дар замони собиқ барои ҳал ва фасл кардани мурофиаҳои мушкила таъсис ёфта буд.. (*Ч. 10*)".

РАСМӢ رسمی, 1. чизҳои одатӣ, муқаррарӣ. 2. чиз ё фармоне, ки аз тарафи ҳукумат ва маъмурони вай ба сифати ҳукуматдории онҳо мебароянд.

РАСОИЛ رسایل, [ҷамъи **рисола**] мактубҳо.

РАСОНАТ رصانت, устуворӣ, маҳкамӣ.

РАСОС رصاص, қалъагӣ, филизи маълум аст, ки бо вай мис ва оҳанро сафед кунанд ва шикофиҳои онҳоро банданд.

РАССОМ رسام, суратгаре, ки сурати чизеро дастӣ мекашад.

РАСТА I* رسته, раҳоиёфта. **Раста будан аз** чизе озод будан аз чизе.

Хунрези маҳи ҳаробу хаста
Ҳаст аз диёту қасос раста.
(*Л. М.*)*

2. аз замин рӯидабаромада, (*сифати растаниҳо*) [*ба ин маънӣ* **руста** аст].

РАСТА II رسته, роҳе ки дар вай сафи дӯконҳо бошад. 2. роҳи зери токҳои ба ҳавоза бардошташуда, (*чунончи мегӯянд:* **ин боғ се раста толор дорад**).

РАСТАГОР رستگار 1. халосшуда, наҷотьёфта. [2. халосиёбанда].

РАСТАГОРӢ رستگاری халосӣ, раҳоӣ, наҷот.

*Тавфиқ деҳам ба растагорӣ...

(маро аз беҳудакорӣ халос кун. (*Л. М.*)

РАСТАН رستن раҳидан, раҳо шудан, халос шудан (*Л. М.*). (*дар масали тоҷикӣ мегӯянд:* **ростӣ-растӣ**, *яъне агар рост бошӣ ва рост гӯй-раҳоӣ меёбӣ*).

РАСУЛ رسول 1 сафир, элчӣ.

Расуле хирадманду олим, ба Тай
Равон карду даҳ мард ҳамроҳи вай
(*Бӯс.*)

2. пайғамбар.

РАСХ* رسخ дар як ҷо истода мондан. (*Б.*).

РАТАҚ* رتق ба ҳам бастан, як кардан, пайвастан.* **Ратақ ва фатақ** [*аслаш* **ратқу фатқ**] басту кушод (*ин калимаро*) *таркибро дар корҳои ҳаррӯзаи хонагӣ ва давлатӣ кор мефармоянд. Масалан мегӯянд:* **ратақ ва фатақи корҳои фалонӣ дар дасти занаш аст).**

РАТЛ رطل 1. санги чизбаркашии замони қадим, ки дар вай як миқдори муайян чиз мегунҷад. 2. пиёлаи шаробнӯшӣ. *Ҳофиз гӯяд:*

Ратли гаронам деҳ, эй муриди харобот,
Шодии шайхе, ки хонақоҳ надорад.

(*яъне, пиёлаи калони пуршаробам деҳ*).

РАУФ رؤف меҳрубон.

РАФ رف 1. тахтае, ки дар тоқ ва равоқи хона барои чизмонӣ гузоронанд. 2. миёнбасти тахтагии хона.

РАФИДА رفیده чизест гирдаи барҷастаи аз латтапора дӯхта, ки бар рӯи вай хамирро гузошта ба танӯр часпонанд.

РАФИДАРӮЙ رفیده‌روی касе, ки рӯяш монанди рафида гирда ва барҷаста бошад.

РАФОҚАТ رفاقت ҳамроҳӣ. [дӯстӣ, рафиқӣ].

РАФОҲ رفاه фароҳии зиндагонӣ ва неъмат. [хушӣ, осоиш, роҳат].

РАФОҲАТ رفاهت фароҳӣ дар зиндагонӣ аз ҷиҳати неъмат ва осудаҳолӣ *нигоҳ кун. ба* **рафоҳ.**

РАФОҲИЯТ رفاهیت *нигоҳ кун. ба* **рафоҳ** ва **рафоҳат.**

РАФТА* رفته *сифати феълии замони гузашта аз* **рафтан. Рафтаҳоро салавот** гузаштаро ба ёд наёвардан. (*Б.*).

РАФЧА رفچه рафи хурд.

РАФЪ رفع 1. бардоштан, баланд кардан. 2. дур кардани чизе аз пеши ҳаракат. 3. ба маҳкама шикоят бурдан, арз кардан.

РАХ رخ 1. хатҳое, ки дар коғазҳо рост мекашанд. 2. баромадагиҳо ва чуқуриҳои росте, ки дар тахтаҳо ва зарфҳои шишагӣ ва чинӣ месозанд. 3. паҳлуҳои тези зарфҳои чоррах ва серах. **Рах задан** кӯрпа, болиштҳоро болои ҳам чидан.

РАХИС رخیص арзон.

РАХНА رخنه 1. шикофе, ки аз девор аз боло то пони ба сабаби пайғалтондан ё ғалтидани вай пайдо мешавад. 2. халал ва нуқсоне, ки ба ягон чиз мерасад. *Масалан мегӯянд:* **Бо ин кор дар номуси фалонӣ рахна афтод).** (*Ба ин маънӣ маҷоз аст*).

РАХОВАТ رخاوت, сустӣ; нармӣ.

РАХТ رخت, 1. як даста пӯшок, як даста ҷои хоб (*масалан дар як рахт либос либосҳои зерин ва рӯйи ҳама медароянд, инчунин дар як рахти хоб кӯрпа, кӯрпача, ҷойпӯш, болопӯш, болиш медароянд.*). 2. асбоби хона (*палос ва дигарҳо*). **Рахт афкандан** бошиш гузидан дар ҷое (*маҷоз*). **Рахт (бар) бастан** сафар кардан, аз ҷое рафтан (*маҷоз*).

*Пир он дурри суфта бар камар баст.
З-он дурри насуфта рахт барбаст.

*Яъне, аз пеши Лайлӣ рафт (Л. М.).**

РАХШ رخش, 1. ранги сафеду сурхи дарҳам омехта (*чунончи баъзи себҳо ба ҳамин ранг мешаванд, ки вайро* **себи рахш** *меноманд*). 2. номи аспи Рустами афсонагӣ, 3. *умуман* асп.

РАХШОН رخشان, тобон, дурахшон. *Ҳофиз гӯяд:*

Эй фурӯғи рӯи моҳ аз рӯи рахшони
шумо

РАШ* رش, *шакли дигари* **араш**; аз нӯги ангуштон то оринҷ; аз нӯги ангуштони як даст то нӯги ангуштони дасти дигар, кулоч.

РАШАМ* رشم, алафҳои навхез. **Шароби рашам**—шарбатҳои алафҳои навхез аст монанди шарбати нилуфар, араки бедмушк ва дигарҳо. (*И. С.*).

РАШАҲОТ* رشحات, [ҷамъи **рашҳа**]; чакраҳо.

РАШИД رشید, 1. ростроҳ; роҳи ростро пайдокарда. 2. дурусттадбир, боақл. [3. далер].

РАШК رشک, ҳасад ба касе аз бими он, ки мабодо ӯ ба неъмат ё ба маҳбуби ӯ шарик шавад, ё аз дасташ гирад.

РАШКИН رشکین, соҳиби рашк, ҳасуд.

РАШО رشا, бо ман равон шав! (*ин калима аз «равон шав-ад!» сабук карда шудааст*).

РАШОД رشاد, дар роҳи рост будан. 2. тадбири дуруст дидан.

РАШОДАТ رشادت, 1. ба роҳи рост рафтан, ростӣ. 2. тадбири дуруст дидан, дурусттадбирӣ. [3. диловарӣ].

РАШОША/РИШОША رشاشه, боронреза, намреза ва обе, ки монанди борони реза пош хӯрад.

РАШОКАТ رشاقت, хушқаддӣ.

РАШҲ رشح, таровидан, заҳида баромадани об аз ҷое.

РАШҲА رشحه, чакраи обе, ки аз ҷое заҳида мебарояд.

РАЪД رعد, бонге, ки аз ҳаракати абрҳо ва ҳаво дар вақти боронгарӣ пайдо мешавад, [тундар].

РАЪНО رعنا, 1. зебо, хуш андом. 2. худоро, худнамо; [саркаш; бероҳа].

*Туро нафси раъно чу саркаш сутур,
Давон мебарад то сарошеба гӯр
(Бӯс.).*

3. Дуранг (**сарви раъно** *ба ҳамин маъност, ки баргҳояш дуранг аст*). 5. номи як хел гули сурхтоб, [ки даруниаш сурх ва беруниаш зард аст]. **Раъно, зебо** киссаи ошиқонаи халқӣ.

РАЪНОЙ رعنائی, 1. зебоӣ, 2. худороӣ, худнамоӣ.

РАЪС رأس, 1. сар. 2. болои ҳар чиз. 3. аввали ҳар чиз.

РАЪФАТ* رأفت, меҳрубонӣ, раҳмдилӣ.

Баргаш ба шафақатгустарии аҳволи бараҳнасарон панҷаи раъфат афрохта... (*Бедил*).

РАЪША رعشه 1. ларзиш. 2. бемории асабист, ки аъзои бадани соҳиби он меларзад.

РАЪЯТ رأیت байрақи лашкар.

РАҒБАТ رغبت бо муҳаббат майл кардан ба чизе.

РАҒМ رغم кореро бар зидди фикри касе қасдан кардан. ***Ба рағми...** бар зидди... бар хилофи...

Пеш ор зи дӯстон тане чанд,
Хуш бош, ба рағми душмане чанд.
(*Л. М.*).*

РАҚАБА رقبه 1. гардан. 2. банда.

РАҚАМ رقم 1. шаклҳои адад (*дар ҳисоб*). 2. навишташуда, навишта. **Рақам задан** навиштан. *Чунончи дар иншооти кӯҳна мегӯянд:* **рақамзадан килк баён шуд** *яъне навишта шуд.*

РАҚАМГУЗОРӢ رقم گذاری нумрагузорӣ дар ҳавлиҳо, хонаҳо ё чизҳои дигар.

РАҚИБ رقیب 1. нигаҳбон. 2. ҳар яке аз ду кас, ки барои ба даст даровардани ягон чиз бо ҳам талош доранд. (*Масалан, ду ошиқ ба болои як маъшуқ, ду савдогар ба болои як моли тиҷорат. Ҳар кадоми инҳо нисбат ба они дигар рақибанд*).

РАҚИМА رقیمه мактуб.

РАҚМ رقم навиштан.

РАҚОБАТ رقابت рақибӣ кардан.

РАҚС رقص бозӣ доштани даст у по ва бадани худ бо усули мусиқа. ***Рақси бисмил** як навъ рақсест, ки раққос дар вақти бозӣ бо ҳаракатҳои худ ҳолати мурғи гарданбуридан ҳанӯз ҷонаш набаромадаро нишон медиҳад.

Қомде аз тараннуми хабараш,
Рақси бисмил фушурд болу параш.
(*Бедил*).*

РАҚҚОС رقاص рақскунанда. 2. забоначаест дар даруни соат, ки бо ҷунбиши вай соат кор мекунад.

РАҲ ره 1. *нигоҳ кун.* **ба роҳ.** (*сабуккардашудаи* **роҳ**). 2. бор, карат. **Як раҳ об овардам, ду раҳ бор кашондам** — *як бор..., ду бор).** 3. мақом ва ҳавои мусиқӣ.

Навҳасози ҷудоии ҷонкоҳ.
Мекушояд раҳе ба арсаи роҳ.
(*Бедил*).*

РАҲБАР رهبر 1. касе, ки дар сафар мусофиронро роҳ нишон медиҳад. 2. касе, ки дар масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ мардумро роҳ нишон медиҳад.

РАҲБАРНОМА رهبرنامه 1. китобчаест, ки дар он хусусияти роҳ ё ягон шаҳр навишта шуда бошад барои мусофирон. 2. дастуруламали навишта барои ягон кор.

РАҲВОР* رهوار тезрав, хушрафтор.

Афсурда мабош агар на сангӣ!
Раҳвортар ой агар на лангӣ!
(*Л. М.*).

РАҲГУЗАР رهگذر касе, ки аз роҳе мегузарад.

РАҲДОР رهدار 1. *нигоҳ кун,* *ба* **раҳ-раҳ.*** 2. раҳнамо.

Ғу тифли раҳию фитна раҳдор,
Шамшер бубину сар нигаҳ дор.
(*Л. М.*).*

РАҲИДАН رهیدن 1. халос шудан, растан. 2. аз даст баромада рафтан.

РАҲИЛ رحیل 1. кӯч, кӯчидаравӣ.

*Ӯ парри сухан дароз мекард.
Парранда раҳил соз мекард.

Яъне, парранда дар тараддуди ба ҷои дигар парида рафтан буд (Л. М.). 2. *маҷозан* фавт, вафот.

Маҷнун зи раҳили модари хеш,
Зад дасти дареғ бар сари хеш.
*(Л. М.).**

РАҲИЛНОМА* رحیل‌نامه номаи рухсати кӯчидан. **Раҳилнома бархондан** *киноя аз мурдан.*

В-охир чу ба кори хеш дармонд,
Ӯ низ раҳилнома бархонд.
(Л. М.).

РАҲИЛЬЕБ* رحیل‌یاب 1. реҳлаткунанда, омода ба реҳлат. 2. *маҷозан* гузаранда, аз байн раванда.

Акнун, ки гулаш раҳильёб аст
Ин қатра, ки монд аз ӯ гулоб аст.
(Л. М.).

РАҲИМ//РАҲМ رحم бачадон.

РАҲИН رهین 1. чизи гаравӣ. 2. дар банди чизе монда. *Дар ин маънӣ Сирот гуфта:*

Раҳини миннати гӯши гарони хештанам,
Ки то баланд набошад сухан намешунавам.

(Ба ин маънӣ маҷоз аст).

РАҲИҚ رحیق шароби соф ва холис.

*Хоки Араб аз насими номаш
Хушбӯйтар аз раҳиқи ҷомаш
*(Л. М.).**

РАҲЛ رحل 1. маскан, манзил. 2. рахт ва асбоби зиндагонӣ. 3. кӯчиш, сафар.

РАҲМ رحم бахшидан; шафқат; марҳамат кардан, ғамхӯрӣ кардан.

РАҲН رهن гарав.

РАҲНАМО رهنما *нигоҳ кун. ба* **роҳбар.**

РАҲО رها, халосӣ. 2. озодӣ, наҷот. **Раҳо кардан** озод карда фиристодан, аз даст бароварда фиристодан, сар додан.* *б)* мондан, гузоштан, рухсат додан.

Касеро бари ӯ раҳо накарданд.

(яъне, касеро ба пеши ӯ наздик шудан намемонданд). (Л. М.).

То кай ситаму ҷафо кунедам?
Дар меҳнати худ раҳо кунедам!

(Яъне, маро дар азобу меҳнати худ озод гузоред (Л. М.). в) холӣ кардан, кушодан.

Эй бехабарон зи дуди оҳам!
Хезеду раҳо кунед роҳам!
*(Л. М.).**

РАҲОВӢ رهاوی мақомест дар мусиқа.

РАҲОНИДАН رهانیدن халос кардан.

РАҲОӢ رهائی наҷот, халосӣ *(аз таҳлука ё аз ягон гирифторӣ).*

РАҲРАВ رهرو *нигоҳ кун. ба маънии дуюми* **роҳрав.**

РАҲ-РАҲ ره-ره порчае, ки нақшаш ҷадвалӣ ва рост бошад.

РАҲӢ رهی 1. роҳнишин; 2. ғулом, банда, чокар.

*Гуфто: чӣ касӣ? Зи ман чӣ хоҳӣ?
Эй ман раҳие, ту аз чӣ роҳӣ?
*(Л. М.).**

РАҶАЗ رجز яке аз вазнҳои шеъри форсӣ, ки ҳар мисраъ ба чор бор «мустафъилан» баробар меояд.

РАҶАЗХОН رجزخوان касе, ки дар маъракаҳои мусобиқа дар бораи муфохарат ва мардонагӣ шеър мехонад.

РАҶМ* رجم сангборон (кардан).

Раҷм роҳи ҷиҳот танг гирифт.
Ҳар сареро ҳазор санг гирифт.
(*Бедил*).

РАҶО رجا умед; [чашмдошт; мунтазирӣ].

РАҶУЛ رجل марди ба балоғат расида.

РАҶЪАТ رجعت бозгашт.

РАҶҶА رجه танобест, ки бо вай ҳамвории чӯбҳоро дар вақти тарошидан, деворҳоро дар вақти сохтан, заминро дар вақти кор кардан, ростии қатори гулҳо ва ниҳолҳоро дар вақти шинондан санҷанд.

РЕВ ریو макр, ҳила.

*Маломат кунандаш, ки зарқ асту рев,
Зи мардум чунон мегурезад, ки дев.
(*Бӯс.*).

РЕВАНД ریوند як хел растании давоист, ки беҳтаринаш (ревосревоҷ) аст.

РЕВГАР ریوگر ҳилагар.

РЕГ ریگ як модда аз ҷинси замин аст, ки бисёр маҳин ва пошхӯранда мешавад, қувваи рӯёнишаш кам аст. **Реги равон** реги сурхи бисёр маҳин аст, ки ҳар вақт аз ҷое ба ҷое кӯчида меистад.

РЕГАГ ریگک як хел тарбузест, ки мағзаш дар даҳон монанди шакар пош хӯрда об мешавад.

РЕГЗОДА* ریگزاده 1. фарзанди биёбон. 2. *дар ин ҷо киноя аз* Маҷнун.

К-ин ташнаҷигар, ки регзодаст
Бар чашмаи ту назар ниҳодаст.
(*Л. М.*).

РЕГОМЕЗ ریگ‌آمیز замине, ки хокаш бо рег омехтааст.

РЕЗ ریز 1. як хел рафтори асп, ки дар ӯзбекӣ «йӯрт» гӯянд. 2. як хел навохтани тези доира, торҳо ва дигар асбобҳои мусиқӣ (*дар мусиқа*).

РЕЗА ریزه 1. майда ва хурд кардашудаи ҳар чиз; 2. нонреза, ки дар вақти шикастан ва буридани нон мерезад. 3. *умуман* ҳар чизи майда.

РЕЗАЧИН ریزه‌چین касест, ки аз пасмондаҳои дастурхони мардум шиками худро сер мекунад.

РЕЗГӢ ریزگی резаҳоест, ки дар вақти кор кардани пӯст, чарм, мис ва монанди инҳо аз канорҳояшон мебарояд.

РЕЗИШ ریزش 1. ҳолати рехтани об ва чизҳои обакӣ аз ҷое ба ҷое. 2. решест, ки аз вай ҳамеша зардоб ва чирк меояд.

РЕЗИШГОҲ ریزشگاه ҷои ба кӯл, ба баҳр ё наҳр ва дарьё рехтани оби ягон наҳр.

РЕЗОНДАН ریزاندن 1. нофаҳмида рехтани касе об, чизҳои обакӣ, хок, рег ва гандум барин чизҳои пошхӯрандаро. 2. рехтани касе ин чизҳоро бо фармудани каси дигар (*муқ.* **рехтан**).

РЕЗ-РЕЗ ریز-ریز майда-майда, пора-пора (**бо шамшер рез-рез кард**).

РЕСИДАН ریسیدن риштан.

РЕСМОН ریسمان торе, ки аз пахта риштаанд (*хоҳ борик бошад, хоҳ ғафс*).

РЕХТА ریخته 1. об, чизҳои обакӣ ё чизҳои пошхӯрандаи ба ҷое рехта. 2 асп ё одаме ки аз ҳамхели худ хурдтар, хушнамотар ва пургӯштар бошад. 3. зарф ва асбоби мисини биринҷӣ ва рӯҳӣ, ки бо гудохта ба қолиб рехтани ин филизот тайёр карда шуда бошад (*зидди* **сохта**, *ки ба маънои сохташуда аст*).

РЕХТАГАР ریخته‌گر касест, ки ба пешаи рехтагарӣ машғулӣ дорад.

РЕХТАГАРӢ ریخته‌گری пешаест, ки аҳли вай бо дар қолибҳо гудохта рехтани мис, биринҷӣ, рӯҳ зарфҳо ва асбобҳо месозад.

РЕХТАН ریختن 1. равон кардан ё ҷорӣ шудани об, чизҳои обакӣ, хок, рег ва гандум барин чизҳои резанда ва пошхӯранда аз ҷое ба ҷое. 2. рехтани касе об ва дигар чизҳоро аз ҷое ба ҷое.

РЕШ ریش ҷароҳате, ки (бе захм задан) дар бадан пайдо шавад. **Реши равон** *нигоҳ кун. ба маънии дуввуми* **резиш**.

РЕША ریشه 1. қисми зеризаминии бехи растаниҳо. 2. сабаби асли ягон чиз (*маънии дуввум маҷоз*). **Реша давондан** маҳкам ҷойгир шудани касе дар ҷое ва фикре дар ҷамоате (*маҷоз*).

РЕШИДАН ریشیدن реш кардан. *Саидои Бухорой гӯяд:*

Решид дилам дар ҷигарам реша давонид,
Ҳар хор, ки дар пои сагони ту халида.

РЕШХАНД/РИШХАНД ریشخند 1. хандаи масхарадорӣ. 2. масхарадорӣ. [мазоҳ].

РЕҲЛАТ رحلت 1. кӯчидан. 2. мурдан (*маънии дуввум маҷоз аст*).

РИБО ربا фоидаи пул, суди пул, ки судхӯрон аз қарздорони худ мегиранд. [фоидахӯрӣ, судхӯрӣ].

РИБҚА ربقه халқаи ресмон. **Рибқаи итоат** халқаи фармонбардорӣ (*маҷоз*).

РИВОС/РЕВОС ریواس *нигоҳ кун. ба* **ривоҷ II**.

РИВОЯТ روایت нақл кардани сухан ва хабар, қисса, нақл.

РИВОҶ I رواج *зидди* **касод**; [равнақ] (*зоҳир ба маънои* **пешрафт** *кор фаҳмида мешавад*).

РИВОҶ II (РЕВОҶ) ریواج растании кӯҳии пахнбаргест, ки пояшро хӯранд, пояҳояш хушмаза ва нозук аст.

РИДО ردا 1. порчаест, ки бар пушт гиранд, [болопӯш, *либоси болопӯш*].* 2. *дар ин ҷо лунгиест*, ки ҳиндустониён дар тобистон ба ҷои либос ба бадан мепечонанд.

Ба нияти заминигирӣ ридое густурдем ва паҳлу ба хоки абас афшурдем (*Бедил*).*

РИЁЗ ریاض [ҷамъи **равза**]; боғҳо, марғзорҳо.

РИЁЗАТ ریاضت 1. ранҷ, [заҳмат. 2. парҳезгорӣ]. **Риёзати баданӣ** варзиши бадан дар корҳои сахт (*дар давидан, дар бардоштани борҳои вазнин, дар ғӯштингирӣ*).

РИЗО رضا 1. хушнудӣ. [2. розигӣ, қаноатмандӣ].

РИКЕБ رکیب *нигоҳ кун. ба* **рикоб** [имолаи **рикоб**].

*Аҳли ғафлат бигсилонад рикеб,
Инон боз натвон гирифт аз нишеб.
(*Бдл.*).

РИКОБ رکاب узангуи асп.

РИҚОБДОР رکابدار, касе, ки дар зиндагонии феодалӣ аспи феодалро дар вақти саворӣ пеш мекашад ва дар савор шудани вай ёрӣ медиҳад.

РИҚОБӢ رکابی, [касе ки дар рикоби шахси амалдор меравад]. **Рикобиён** — созандагон ва воситаҳои айшу ишрат, ки дар даври амирӣ дар сафари ӯ ҳамроҳӣ мекарданд.

РИМ ریم, чирке, ки аз реши пухта бароят. **Рими оҳан** қисми пӯсида ва ба кор наёмадаи оҳан аст, ки дар вақти оташкорӣ вай мерезад.

РИМА ریمه, чирки кунҷи чашм ва бехи мижгонҳо.

РИМОҲ رماح, [*ҷамъи* **румҳ**]: найзаҳо.

РИНД رند, 1. касест, ки дар корҳои маишӣ ҳаракатҳои аз одатҳои умумӣ берунро нотарсона мекунад. [2. айёш, ба ишрат додашуда. 3. шахси озодфикр, ки қоидаҳои шаръиро ба назар гирифтан намехоҳад].

РИОЯ(Т) رعایت, 1. нигоҳдории чизе; [ба назаргирии чизе]. 2. поси хотирдорӣ *(касеро)*.

РИСОЛА رساله, [1. нома, хат]. 2. китобча.* 3. урфу одатҳои навишта ё нанавиштаи ҳар касаба, ки дар Бухорои пештара онро **рисола** меномиданд (*Ҷ. З*).

РИФЪАТ رفعت, 1. баландӣ. [2. баландқадрӣ].

РИФҚ* رفق, нармӣ; меҳрубонӣ; лутф.

> Оҳиста фароз рафту бишшаст,
> Молид ба рифқ бар сараш даст.
>
> (*Л. М.*).

РИХ ریخ, пасафкандаи обакии одам, ҳайвон ва паррандагон. **Пирча пих занад, чӯҷа рих занад** *аз масалҳои тоҷикист.*

РИХИНАК ریخینک, доначаҳое, ки дар бадани одам мебароят ва баъд аз ду се рӯз пухта, об дода дуруст мешавад.

РИШ ریش, мӯе, ки дар манаҳ ва атрофи рӯи одам мебароят. **Риши гов** хомтамаӣ (*маҷоз*) [аҳмақ, аблаҳ].

РИШВА رشوه, чизе, ки ба касе диҳанд, то ки ӯ ба бадали он кори нодурустеро кунад, [пора].

РИШТА رشته, 1. ҳар чизи ришташуда. 2. ресмони борик, *умуман ба маънои* ресмон. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

> Риштае бар гарданам афганда дӯст,
> Мебарад ҳар ҷо ки хотирхоҳи ӯст.

3. бемории ришта; бемориест, ки дар бадани одамӣ (бештарин дар қисми поёнии бадан, дар мағзи гӯшту пӯст) чизе кирммонанди сафеди сард, ки аз як оршин то як метр дарозӣ дорад, пайдо мешавад ва агар дар вақташ аз бадан кашида гирифта нашавад, беморро як-ду моҳ мехобонад. Ин бемор̄ӣ аз истеъмоли обҳои ганда пайдо мешавад.

> *Якеро ҳикоят кунанд аз мулук,
> Ки бемории ришта кардаш чу дук.
>
> (*Бӯс.*).*

Ришта дароз кардан касеро ба ҳоли худ гузошта пинҳонӣ назорат кардан, то чӣ мекунад.

РИШТАХОЛ رشتهخال, чӯбест, ки бо вай пати торҳои аз абрешим риштаро ҷудо кунанд.

РИҚОБ رقاب, [*ҷамъи* **рақаба**]; рақабаҳо, гарданҳо.

РИҚҚАТ رقت, нармдилӣ; [нозукӣ, мулоимӣ].

*Риққати қалбаш аз гудози асар
Як ду шабнам зи ашк нозуктар.
(_Бедил_).*

2. гиристан аз нармдилӣ.

РИҲ//РЕҲ ريح 1. боде, ки дар ҳаво мевазад. 2. боде, ки дар шикам пайдо мешавад. 3. бӯй.

РИЧЛ رجل пой.

РИЧОЛ رجال (_чамъи_ **ручул**); мардон.

РИЧС رجس палидӣ.

РОБЕА* رابعه номи як занаки зоҳидаи биёбонгард.

Ни гуфту гузашт аз он гузаргоҳ
Чун Робеа рафта роҳу бероҳ.
(_Л. М._).

РОБИТА رابطه пайвандидиҳандаи чизе ба чизе; [муносибат, алоқа].

РОВИЯ I راويه обдон (зарф), [машки об].

РОВИЯ II* راويه нақлкунанда, гӯянда, ривояткунанда [_шакли муаннаси_ **ровӣ**].

РОВӢ راوى нақлкунандаи воқеаҳои замони гузашта ё ҳодисаҳои замонӣ.

РОД راد 1. чавонмард, сахӣ.

*Не ки Ҳотам нест бо чуди ту род!
Не ки Рустам нест дар чанги ту мард!
(_Рӯдакӣ_).

_Ҳотам дар пеши бахшиши ту сахӣ нест ва ӯро сахӣ гуфтан дуруст нест (Р.)._* 2. диловар. 3. донишманд.

РОЁТ رايات [_чамъи_ **роят**]; 1. байрақҳо. 2. нишонаҳо (_дар лашкар_).

РОЗ راز [мақсади] пӯшида ва пинҳон (_дар дил_), [сир, чизи дар дил нуҳуфта]. **Ба рӯз афтодани роз** ошкор шудан ва фош гардидани роз (_маҷоз_).

РОЗДОН رازدان касе, ки сирҳои даруни касеро донад (_он кас нисбат ба ин кас роздон мешавад_).

РОЗДОР رازدار касест, ки сирҳои мардумро фош накунад, [касе, ки сирро нигоҳ медорад].

РОЗИЁНА I راضيانه чизест, ки барои розӣ кардани касе ба коре медиҳанд.

РОЗИЁНА II* رازيانه бодиён.

РОИЗ رايض аспомӯз, [ромкунандаи асп].

РОИҚ رائق соф, беғубор (_сифати об ва чизҳои обакӣ, масалан, шароб_).

РОИҲА رايحه бӯи хуш, [_умуман_ бӯй].

РОИЧ رايج 1. ривочдор, ҳар чизи дар амал буда (_сифати пулҳои давлатӣ, ки дар муомала мегардад_). 2. ҳунар ва фазле, ки дар байни чамъият қадру қимати хуб дошта бошад. _Чунончи мегӯянд:_ **Дар даври амир нақли фазоил роич набуд,** _яъне қадру қимат надошт._

РОЙ I راى 1. фикр ва савобдиди касе дар коре; [андеша, мулоҳиза. 2. тадбир, чора, илоч].

*З-ин пас ману хокбӯси поят.
Гардан ниҳамам зи ҳукму роят.
(_Л. М._).

Мапеч, эй писар гардан аз адлу рой,
Ки мардум зи дастат мапечанд пой!
(_Бӯс._).

Рой задан — фикр кардан, андеша кардан (_барои хоста гирифтани коре ва ёфтани маслиҳате_).

Дар андеша бо худ басе рой зад,
Ки «дастури мулк инчунин кас сазад...»
(_Бӯс._).

РОЙ II راى лақаби подшоҳони Ҳиндустон, роча.

РОЙГОН* رایگان, 1. муфт бадастдаромада. 2. муфт аздастрафта (*хоҳ меҳнат бошад, хоҳ чизи дигар*); муфт; беҳуда.

*Гуфто: Нақушам ҳалок ҷонаш,
Аммо кадиҳам ба ройгонаш.
(*Л. М.*).

РОЙГОНГАРД* رایگان گرد, сарсаригард, беҳудагард.

Ин шефтарони ноҷавонмард,
Беоқибат асту ройгонгард.
(*Л. М.*)

РОЙЗАН رایزن, машваратдеҳ, фикрдавон.

РОК راک, номи ҳавоест дар мусиқа.

РОКИБ راکب, савор, саворшуда.

РОКИД راکد, оби истода, ғайри равон.

РОМ رام, улфатгирифта (*ба касе ё ба касон*). [омӯхташуда, ба итоат даровардашуда].

РОМЕҲ رامح, найзазан.

РОМИШ رامش, 1. оромӣ, осудагӣ, роҳат. [2. суруд, нағма].

РОМИШАНГЕЗ* رامش انگیز, хурсандиовар, роҳатбахш.

Хонӣ ғазале ду ромишангез
Бозори гузаштаро кунӣ тез.
(*Л. М.*).

РОМИШГАР رامشگر, созанда дар мусиқӣ. [муғаннӣ, мутриб].

РОН ران, ҷои аз зону болои пой то устухони кос. ***Рон задан** — ба ронҳои худ зада афсӯс хӯрдан.

Ту рӯд занию ман занам рон.
Ту ҷома дарию ман дарам ҷон.
(*Л. М.*).

РОСИД راصد, ситорашиносе, ки ҳаракат ва вазъиятҳои ситорагонро ба воситаи расад меомӯзад.

РОСИХ راسخ, устувор, побарҷо.

РОСТ راست, [1. *зидди* **чап**]. 2. *зидди* **каҷ**. 3. *зидди* **дурӯғ**. [дуруст, саҳеҳ, ҳақ].* **Рост кардан** — дуруст кардан; муҳайё ва омода кардан; орастан.

РОСТА راسته, тарафи рӯи ҳар чиз (*зидди* **чаппа**).

РОСТДАСТ راست دست, ҳар кас, ки ҳамаи корҳоро бо дасти рост кунад.

РОСТКОР راست کار, одаме, ки корҳоро ҳамеша бо ростӣ ва дурустӣ пеш мебарад.

РОСТОРОСТ* راستا راست, баббаробар.

Бинем к-аз он миён чи бархост
Ду нима кунем росторост.
(*Л. М.*).

РОТИБ* راتب, 1. муқарраршуда 2. ҳаққи (музди) муқаррар кардашуда. 3. таоми муқаррари муайян.

РОТИБА* راتبه, [*шакли муаннаси* **ротиб**].

Як моида ротибаи паҳлавонон миқдори моҳазараш ба ҷо намеоварад. (*Бедил*).

РОФЕЪ رافع, бардоранда, [баландкунанда].

РОШ راش, 1. канорҳои баланд кардашудаи киштгоҳ, ки вайро аз заминҳои дигар ҷудо мекунад ва обашро намегузаронад. 2. баландие ки дар байни ду боми лойини баҳам пайваста мебардоранд.

РОЪЙ راعی, ғалабон, чӯпон.

РОЯТ* رایت, байрақ.

РОҒ راغ 1. марғзор, доманаи кӯҳ.

*На дар роғ сабза, на дар боғ шах
Малах бӯстон хӯрда, мардум малах
(*Бӯс.*).*

2. шикофии миёнаи ду табақаи дар. **Роғ рафтан** аз ҳолатҳои чашм аст, ки дар бедорхобӣ ва дар вақти сустӣ пайдо шавад ва чашм ҳаракати худро идора кардан наметавонад. **Роғ-роғ рафтан** *нигоҳ кун. ба* **роғ рафтан.**

РОҒИБ راغب рағбатдор (*ба ягон чиз*), моил.

РОҲ I راه 1. ҷое ки аз он ҷо мардум гузаранд ва сафар кунанд. 2. равиш, тарз. 3. фикр ва андеша. *Масалан мегӯянд:* **фалонӣ ин корро кардан мехост, аммо бисмадонӣ роҳи ӯро зад,** *яъне ӯро аз ин фикр гардонд).** 4. нағма, мақом. ***Роҳи каҳкашон** як манзараи сафедчатобест, ки шабҳо дар осмон аз шимол ба ҷануб ба назар менамояд. ***Роҳи рост** роҳи мустақим, тӯғрӣ ва савоб (*Ҷ. О. О.*). **Аз роҳи раҳил хор бардоштан** *кинoя аз* омодаи кӯчидан шудан; роҳ тай кардан; кӯч кардан.

Аз роҳи раҳил хор бардошт,
Ҳинҷори диёру ёр бардошт.
(*Л. М.*).

Роҳ задан роҳ рафтан

Аз бими рақибу тарси бадхоҳ,
Пӯшида ба ними шаб задӣ роҳ.
(*Л. М.*).

РОҲ II* راح май, шароб.

Вале онҳо, ки нӯшиданд аз ин роҳ
Ба Хисрав сарбасар гаштанд маддоҳ.
(*Навоӣ*).

РОҲАТ راحت оромӣ, осоиш.

РОҲБАЛАД راهبلد роҳбар (*дар сафар*).

РОҲВОР راهوار чорпои савории хушрафтор.

РОҲДОР راهدار 1. касе, ки ҳуҷҷатҳои равандагонро дида ба гузаштан ба ҷои муайян рухсат медиҳад. 2. посбони роҳи рост, ки мардумро аз ҳуҷуми раҳзанон нигаҳдорӣ мекунад.

РОҲЗАН راهزن дузде, ки равандагонро дар роҳ тороҷ мекунад.

РОҲИБ راهب гӯшанишини насоро.

РОҲИЛА* راحله асбоби сафар.

Дар бодияи шавқи ту чун роҳила бандем.
Зикри малак ояд зи фиғони ҷараси мо.
(*Навоӣ*).

РОҲНАВАРД راهنورد 1. чорпои саворӣ. 2. мусофири пиёдараванда.

РОҲНИШИН راهنشین гадои бехонумон.

РОҲОВАРД راهآورد тӯҳфае, ки мусофирон бо худ барои дӯстон ва наздикони худ оранд.

РОҲРАВ راهرو 1. раванда. *Ҳофиз гӯяд.*

Роҳрав гар сад ҳунар дорад.
таваккал боядаш.

2. даромадгоҳи ҳавлӣ аз дарвоза то рӯи ҳавлӣ.

РОҲӢ راهی 1. *мансуб ба* **роҳ.** (*масалан, чизҳои сафарӣ*). 2. раванда. **Фалонӣ роҳӣ шуд,** *яъне рафт.*

РОҶА* راجه *нигоҳ кун. ба* **рой II.**

РОҶЕЪ* راجع 1. баргарданда. 2. доир, оид ба...

РОҶЕҲ راجح бартар (чизе, ки

нисбат ба чизи дигар хубӣ, беҳтарӣ ва зиёдатӣ дошта бошад).

РОЧИЛ راجل пиёда.

РОЧӢ راجی умедвор.

РУАСО رؤسا [ҷамъи **раис**]: раисҳо.

РУБО ربا *нигоҳ кун. ба* **рабо**.

РУБОБ رباب сози маълуми тордор.

РУБОБӢ ربابی 1. рубобнавоз. 2. шоире, ки шеърҳояш оҳангдор ва лирик мебароянд (*маънии сонӣ маҷоз аст*).

РУБОЙ رباعی як шакли муайяни шеър аст, ки чор мисраъ ё ин ки ғайр аз мисраи саввӯм дигар мисраъҳо дар як қофия меоянд. (Рубой вазни муайян дорад, бинобар ин ҳар шеъри чормисраъ рубой намешавад).

РУБУБИЯТ* ربوبیت худой, улуҳият.

РУБЪ ربع чорьяки ягон чиз.

Рубъи маскун ҷойҳои қобили бошиши рӯи замин.

РУВОТ روات [ҷамъи **ровӣ**]: ровиҳо, гӯяндаҳо, қиссагӯйҳо.

РУГУНДӢ روگندی як хел ангур.

РУД* رود 1. як навъ аз асбобҳои қадимии тордори мусиқӣ. *Нигоҳ кун. ба* **Рӯд**. 2. *маҷозан ба маънии нағмаи навои соз.*

Бар руди рубобу нолаи чанг
Якранг навои он ду оҳанг.
(*Л. М.*)

3. тори асбоби музика.

Дар бар кашамат чу руд дар чанг,
Пинҳон кунамат чу лаъл дар санг.
(*Л. М.*)

РУЙ* روی *нигоҳ кун. ба* **рӯй** II.

РУКН رکن [1. сутун, поя] 2. ҷузъи муҳим ва асосии ягон чиз (*масалан девор рукни хона ҳисоб меёбад*).

РУКНОБОД* رکناباد мавзеест дар Шероз (*Ҳ.*).

РУКУБ رکوب савор шудан.

РУМИРӮЙ رومی‌روی сафедрӯй.

РУМҲ رمح найза.

*Ман онам ки чун ҳамла овардамӣ.
Ба румҳ аз каф ангуштарӣ бурдамӣ.
(*Бус.*)

РУНУД رنود [*ҷамъи арабишудаи* **ринд**]: риндҳо.

РУОФ رعاف [1. хунравӣ аз бинӣ]. 2. хуни бинӣ.

РУСТАН* رستن 1. рӯидан, нумуъ кардан, сабзидан.

Чун лола даҳан ба шир мешуст,
Чун барги суман зи шир меруст
(*Л. М.*)

2. парвариш ёфтан.

Ӯ низ ҳавои Қайс меҷуст.
Дар синаи ҳар ду меҳр мерӯст.

Яъне, дар дили ҳар душон нисбат ба якдигар меҳр пайдо мешуд (Л. М.). 3. пайдо шудан заҳида баромадан; ҷорӣ шудан.

Чандон ки сиришкҳои хун руст,
К-ей чашмаи обро ба хун шуст.
(*Л. М.*)

РУСТО//РӮСТО روستا деҳа, қишлоқ.

РУСТОЙ//РӮСТОЙ روستائی одами деҳотӣ, деҳқон.

РУСУМ* رسوم [ҷамъи **расм**]: расму одатҳо (*Ҳ.*)

РУСУХ رسوخ устуворӣ, побарҷоӣ.

РУТАБ رطب хурмои тар.

*Рутаб новарад чӯби харзаҳра бор
Чи тухм афганӣ бар ҳамон чашм дор.
(*Бӯс.*)

РУТБА/Т/* رتبت мартаба, поя.

На ҳар кас сазовор бошад ба садр,
Қаромат ба фазл асту рутбат ба қадр.
(*Бӯс.*)

РУТУБАТ رطوبت намӣ, тарӣ. **Рутубати аслия** тарии табиӣ, ки дар даруни аъзои бадани ҷондорҳо ҳаст.

РУУНАТ رعونت [1. беақлӣ, бемулоҳизагӣ] 2 саркашӣ. 3. худоройӣ. 4. калонгирӣ.

РУУС رؤوس [*ҷамъи* **раъс**]; сарҳо.

РУФАҚО رفقا [*ҷамъи* **рафиқ**]; рафиқон.

РУФӮ رفو 1. баҳам омадани реш, захм ва ҷароҳати бадан. 2. пайванди сӯрохи порчаҳои пашмин ба тарзе, ки маълум нашавад.

РУФӮГАР رفوگر касе, ки даридагиҳои порчаҳои пашминро ба тарзи номаълум пайванд мекунад.

РУХ رخ 1. рӯй. 2. номи яке аз донаҳои шатранҷ, ки дар вақти сар кардани бозӣ дар гӯшаи тахта мегузоранд.

РУХОМ رخام санги мармари бисьёр аълои рангдор.

*Сарое кунам пойбасташ рухом,
Дарахтони сақфаш ҳама уди хом.
(*Бӯс.*)

РУХСАТ رخصت иҷозат, изн.

РУХУТ رخوت [*ҷамъи* арабишудаи рахг]: рахгҳо.

РУШАН روشن *нигоҳ кун. ба* **равшан.**

РУШД رشد [1. сабзиш, нумув]. 2. роҳи рост. 3. тадбири дуруст.

РУҚАБО رقبا [*ҷамъи* **рақиб**]: рақибон.

РУҚЪА رقعه 1. порчае аз чизҳои бофта ё когаз; 2. мактубча (*маънии дуввӯм маҷоз ва зиндааст*).

РУҲ روح 1. як хел филиз аст сафед, ки бо вай оҳанҳоро ранг кунанд, аз сӯхтан вай тӯтиё ва аз худаш асбобҳои нафис созанд.

РУҶҲОН رجحان бартарӣ, беҳтарии чизе нисбат ба чизе.

РӮБАҲ روبه *нигоҳ кун. ба* **рӯбоҳ.**

РӮБАҲБОЗӢ//РӮБОҲБОЗӢ روبه‌بازی макр, ҳила.

РӮБОҲ روباه ҳайвони ваҳшии думдарози ҳилагар аст, ки аз думи вай пӯстин дӯзанд.

РӮД رود 1. наҳри калон (**монанди рӯди Амуя, рӯди Шофирком, Ҳирқонрӯд, Шаҳррӯд**), 2. тори созҳо, ки аз рӯда тофта бошанд. 3. номи созест, ки тораш аз рӯд аст. *Нигоҳ кун. ба* **руд.**

РӮДБОР رودبار ҷое, ки дар онҷо ҷӯйҳои калон бисьёр бошад.

РӮДА روده яке аз аъзои даруни одам ва ҳайвонот аст, ки хӯрок аз вай гузарад.

РӮДАКӢ رودکی тахаллуси устод Абулҳасан Рӯдакӣ (*дар давраи сомониён гузаштааст*).

РӮДАПО روده‌پا як махлуқи биёбонии афсонавист, ки гӯё пояш рӯдамонанд аст ва равандагонро бо ҳила пеши худ хонда пояшро ба онҳо печонда бандӣ карда мехӯрдааст.

РӮДХОНА رودخانه гузаргоҳи сел, [дарьё; ҷое, ки дарьё ҷорист].

РӮЗ روز 1. муддатест дар шабонарӯз аз баромадани офтоб то фурӯ рафтани вай. 2. бахту толеъ (*гӯянд, ки* **рӯзи фалонӣ сиёҳ шуд. Рӯзи фалонӣ омад**). ***Рӯзи аласт** ибтидои олам, азал (*истилоҳи динист*) (*Ҳ.*) ***Рӯзи сиёҳ** рӯзи бад, рӯзи пурғаму кулфат. **Ба рӯзи касе афтодан** ба балоҳое, ки ӯ гирифтор шудааст, гирифтор шудан. *Возеҳи бухорой дар давраи амирӣ гуфтааст:*

Ҳар кас, ки бингарист ба афтодагии ман
Тарсам, ки ба рӯзи мани зор афтаду
гирьяд.

Ба рӯзи сиёҳ нишондан бадҳол кардан. **Рӯз нишон надодан** касеро ҳамеша дар сахтӣ нигоҳ доштан, ҳамеша азоб додан. **Рӯзи рӯшноӣ надидан** зиндагиро бо сахтӣ ва дарду ғусса гузаронидан.

РӮЗГОР روزگار 1. замона; 2. хонавода, аҳлу аёл (*масалан мегӯянд:* **Фалонӣ рӯзгордор аст** *яъне зану бача дорад*). 3. гузаронии зиндагонии ҳаррӯза аз хӯроку пӯшоки хонавода (*Масалан мегӯянд:* **рӯзгорам сахт мегузарад**).

РӮЗМАРРА روزمره кор ё чизе, ки ҳар рӯз такрор меёфта бошад, ҳаррӯза.

РӮЗНОМАЧА روزنامچه дафтарчаест, ки дар вай воқеот ё ҳисобии ҳаррӯзаро нависанд.

РӮЗОНА روزانه *мансуб ба рӯз.*

Кори рӯзона, хоби рӯзона.

РӮЗӢ روزی 1. хӯроки ҳаррӯза. 2. ризқ; насиб, қисмат (**берӯзӣ**—бенасиб).

РӮИДАН* روئیدن *нигоҳ кун. ба* **рустан**; 1. сабзидан, нумув кардан. 2. пайдо шудан.

Ҳар абр к-аз он диёр рӯяд
Шеъре чу шакар бар ӯ бигӯяд.
(*Л. М.*)

РӮИДАСТӢ روی دستی ҳар коре, ки ба вай аҳамият надода рӯякӣ карда шуда бошад (*бо изофаи исм* **кори рӯидастӣ** *мегӯянд*).

РӮИНАТАН روئینه تن каси бешарм (*ин калима аз «рӯйнатан» вайрон карда гирифта шудааст, ки сахтрӯй гуфтан аст*).

РӮИНДАЗ//РУИНДИЗ روئین دز 1. қалъаи оҳанин. 2. номи афсонавии қалъаи Пайканди Бухорост, ки харобаҳояш ҳанӯз ҳаст.

РӮИНТАН روئین تن 1. танаш оҳанин, танаш аз рӯй(оҳан) сохташуда. 2. лақаби Исфандиёр яке аз қаҳрамонҳои «Шоҳнома».

РӮИРОСТ روی راست ошкоро.

РӮЙ I//РӮ روی//رو 1. маълум аст. [рухсор, чеҳра]. 2. тарафи роста ва қисми болоии ҳар чиз. 3. ҳила, нифоқ. *Ҳофиз гӯяд:*

Рӯю риёи халқ ба як сӯ ниҳодаем.

4. сабаб, боис. **Аз ин рӯ ман ин корро накардам**—*аз ин сабаб...*) ***Ба офтоби рӯи касе гард афтодан** пайдо шудани нишонаҳои пирӣ дар рӯи ӯ. **Рӯ бартофтан** *аз чизе* — тарк кардан *чизеро.*

Бечора падар чу з-ӯ хабар ёфт,
Рӯ аз ватану қабила бартофт.
(*Л. М.*)*

Рӯй андохтан аз ҳурмати худ фоида бурда, чизеро аз касе барои худ ё барои касе илтимос кардан (*маҷоз*). **Рӯй дидан** ба рияи касе кори нодурустеро кардан (*маҷоз*). **Рӯ овардан** *ба* *касе, ба чизе* муроҷаат кардан *ба касе, ба чизе.*

РӮЙ II//РУЙ روی филизест оҳанмонанд.

> *Ғалат гуфтам, эй ёри фархундахӯй,
> Ки нафъест дар оҳану сангу рӯй.
> (*Бӯс.*)

РӮЙАНДУД روی اندود 1. чизҳои мисин ва биринҷӣ, ки рӯяшонро бо оби зар ё нукра ҳал кардаанд. 2. кори қалбакӣ (*маънии дуввӯм маҷоз аст*).

РӮЙБАНД روی بند порчаест, ки занон бар рӯи худ андозанд.

РӮЙБАСТ روی بست 1. оҳан ё мисе, ки бар рӯи вай як кабат тилло ё нукра баста бошанд. 2. сохтакорӣ дар муомалот (*масалан*, касе дар вақти фурӯш шудани ягон чизаш барои карз бо ҳукми суд харидореро монда ба сурати пинҳонӣ худаш мехарад. *Ин кори вай «рӯйбаст» мешавад*).

РӮЙБИНОН روی بینان маросимест барои аввал бор дидани арӯс ва домод аз тарафи хешовандонашон тартиб дода мешавад.

РӮЙГАР رویگر оҳангар.

РӮЙГАРДОН//РӮГАРДОН روی گردان//روگردان 1. ҷомае, ки баъд аз чиркин шудани вай абраашонро зеру зерашро ба рӯи гардонда дигарбора дӯхта бошанд. 2. касе, ки аз чизе ё аз касе нафрат пайдо карда бошад.

РӮЙДОД رویداد ягон ҳодиса ё аҳволи ногаҳонӣ воқеъшуда.

РӮЙҚАШ روی کش 1. чизе, ки ба рӯи чизе барои нигаҳдорӣ аз гарду ғубор кашанд. (*Масалан, бар рӯи кӯрпа як ҷилд*). 2. хели хуби ҳар чиз (*Масалан, баққолон хели хуби сабзӣ ва пиёзро барои фиреб додани харидорон бар рӯи ҷувол мекашанд, ки ин хели хуб* **рӯйкаш** *мебошад*).

РӮЙМОЛ رویمال 1. *нигоҳ кун. ба* **рӯпокча**. 2. сарбанди занон.

РӮЙМОЛЧА رویمالچه 1. порчаи бинипоккунӣ, дастрӯймол. 2. *нигоҳ кун. ба* **рӯпокча**. 3. сарбанди занон.

РӮЙПУШӢ روی پوشی ҷомае ки аз рӯи ҳамаи либосҳо пӯшанд.

РӮНАМО* رونما чизе, ки дар вақти дидани арӯс диҳанд (*Ф.*)

РӮНАМОЙ رونمائی ҳадья аст, ки дар вақти аввалин бор дидани арӯс диҳанд.

РӮПОКЧА روپاکچه порчаест, ки бо вай баъд аз шустани рӯй худро пок кунанд.

РУСТО* روستا *нигоҳ кун. ба* **русто**.

РУСТОЙ* روستائی *нигоҳ кун. ба* **рустой**.

РӮШИНОС روشناس [1. бошараф, машҳур]. 2. ошно.

РӮШНОЙ روشنائی равшанӣ.

РӮЪБ رعب тарс, бим, воҳима.

> *Оташи ҷуръат фусурду ҷавҳари
> ғайрат гудохт,
> З-он ҳама савлат ба ғайр аз рӯъб
> дар дилҳо намонд.
> (*Бедил.*)

РӮЪЁ رؤیا чиз ва ё ҳодисаи дар хоб дида мешудагӣ; [хоббинӣ].

РӮЯН* رویین як навъ растанӣ, ки аз вай ранги сурх тайёр мекарданд.

РӮҲ روح 1. ҳолати дарунӣ ва қалбии одам. 2. фиреб. **Рӯҳ кард,** *яъне* фиреб кард.

РӮҲОНӢ روحانی ходими дин (*имом, поп ва монанди инҳо*).

РӮҲӢ روحی *мансуб ба* **рӯҳ** (**бемориҳои рӯҳӣ,** *масалан* девонагӣ).

С

САБАБ سبب чизест, ки ба воситаи вай як чизи дигар ҳосил шавад; боис, мӯҷиб.

САБАД سبد зарфест, ки аз хасҳо ё химчаҳои дарахт мебофанд.

САБАҚ I سبق 1. чизи мукофотист ки дар мусобақа гузошта мешавад. *Масалан мегӯянд*: Ҳар кас дар як рӯз ду сад кило пахта чинад ин патефон аз они ӯст. *Патефон дар ин ҷо* **сабақ** *мебошад*. **сабақ, бурдан** дар мусобақа ғолиб омадан, сибқат намудан, пеш гузаштан. 2. миқдори дарсест, ки ҳар рӯз ба талаба дода мешавад; таълим. **Сабақ гирифтан** а) дарс ва таълим гирифтан. б) ибрат гирифтан (*маҷоз*).

САБАҚ II* سبق 1. ҳар чизи дар гузашта воқеъшуда. 2. пеш, сабқ.

САББ سب дашном. **Сабби набӣ** таҳқири пайғамбар (*Ч. З*).

САББОБА سبابه ангуште, ки дар паҳлӯи нарангушти даст аст.

САББОҒ صباغ рангрез.

*Гар зи саббоғ нусхае бардошт,
Ранг бар рӯи орзӯ нагзошт.

(*Бедил*).

САБЕҲ صبیح хушрӯ, зебо.

САБЗ* سبز ба ранги алафи тар ва барги тари дарахтон ва наботот, кабуд. ***Сабзи гулбасар** бодиринге, ки ҳанӯз гулашро напартофтааст.

САБЗА سبزه растании гандум ва ҷавмонанд аст, ки дар лаби ҷӯйҳо ва дар ҷойҳои обшор рӯяд.

САБЗАЗОР سبزه زار ҷоест, ки дар вай сабза бисьёр рӯида бошад.

САБЗАК سبزک 1. паррандаест мусичамонанди тоҷдори сабзранги сурххол. 2. сиёҳчатоб.

САБЗИДАН سبزیدن 1. баромадани растаниҳо аз замин. 2. барг кардани дарахтон дар баҳорон. 3. пеш рафтан ва бисьёр шудани чизе (*маҷоз*).

САБЗИНА سبزینه одами гандумгуни сиёҳчатоб.

Сабзиначеҳра бо холи мушкин,
Бурд аз дили мо ороми тамкин.

САБЗОБ سبزآب оби барги канабдона, ки ҳиндиён ба ҷои кӯкнор нӯшанд.

САБЗӢ سبزی як хел растании бехмеваи маълум аст, ки дар ошҳо ҳамроҳ кунанд.

САБИЛ I سبیل 1. роҳ.

*Ту к-аз хоби нӯшин ба бонги раҳил,
Нахезӣ, дигар кай расӣ дар сабил.

(*Бӯс.*).

САБИЛ II سبیل чизи бесоҳиб.

САБИЛМОНДА سبیل مانده бесоҳибмонда.

Ба меҳнат қарибу зи роҳат баид,
Сабилмондаҳои амири Саид.

САБИЯ صبیه духтарбача.

САБО صبا бод.

САБОТ ثبات қарор, устуворӣ.

САБОҲ صباح пагоҳии рӯз, пеш аз баромадани офтоб.

САБОҲАТ سباحت гузаштан аз об бо буридани он, шиноварӣ.

САБОҲАТ II صباحت хушрӯӣ, сафедрӯӣ.

САБР I صبر 1. бардошт дар душвориҳо. 2. мунтазир шудан. *Чунончи, мегӯянд*: **андак сабр кунед, ҳозир меояд.** 3. ором ва хомӯш истодан. *Чунончи, дар вақти мубоҳиса мегӯянд:* **сабр кунед, ман сухани худамро тамом кунам.**

САБР II* صبر 1. дарахте, ки ба ҳиндӣ элво, мегуфтанд, алоэ. 2. шӯраи элво, ки бағоят талх мешавад.

Сабр талх аст валекин бари ширин дорад.

(ба ҳамин ду маънӣ -I -II гуфта шудааст).

САБТ ثبت 1. навиштани чизе дар коғаз барои барқарор кардани он, [дарҷ кардан, қайд кардан] 2. навишта барқарор кардашуда *Ҳофиз гӯяд:*

Ҳаргиз намирад он ки дилаш зинда
шуд ба ишқ.
Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо.

***Сабт кардан** — қайд кардан, навиштан (*Ёд.*)

САБУК سبک 1. *зидди* **гарон.** 2. шитоб. *Масалан мегӯянд:* **аз ҷояш сабук хест,** *яъне бо шитоб ва сабукона хест.* **Сабук шудан** а) рӯ ба беҳбудӣ овардан аз беморӣ. б) зоидани занон.* в) ҳар чизи доштаро партофта рафтан (*Ҷ. 6*)*

САБУКБОР سبکبار 1. асп, хар, ё аробае, ки бораш кам бошад. 2. касе, ки аз ташвишҳои дунъё фориғ бошад.

САБУКБОРӢ سبکباری беалоиқӣ ва фориғболӣ. *Ба ин маънӣ Ҳайрат гуфта:*

Дину дил, Ҳайрат, нисори сарвинозе
кардаам.
Аз муҳаббат ҳосил омад ин сабукборӣ
маро.

САБУКМАҒЗ سبک مغز беақл.

САБУКПО سبک پا [1. тезрав, чаққон]. 2. зани ахлоқвайрон (*маҷоз*) [ноустувор, бевафо].

САБУКРОЙ / / САБУКРАЪЙ* سبک رای камақл, кӯтоҳандеш.

Баргардад бахт аз он сабукрой
Қ-афзун зи гилеми худ кашад пой.

(*Л. М*).

САБУКРӮЙ سبک روی *нигоҳ кун. ба* **сабукхез.**

САБУКСАНГ سبک سنگ 1. чизест, ки миқдори бисьёри вай дар баркаш санги кам бардорад, (*масалан, коҳ, пахтаи ҳаллоҷӣ кардашуда ва ғайра*) 2. чизи камарзиш (*маҷоз*).

САБУКСАР سبکسر камақл, камандеша.

САБУКСОР سبکسار [1. *нигоҳ кун ба* **сабуксар**] 2. лоубол, бебок.

САБУКХЕЗ سبکخیز растании аз тухм зудрӯянда (*монанди алафи юнучқа*).

САБУКЪИНОН سبک عنان 1. аспи хушҷилав, ки идора кардани он осон бувад. 2. аспи тезрав.

САБУКӢ سبکی 1. ҳаракатҳои бачагона. 2. риоя ва гузаштест, ки дар мавридҳои андоз, ё ягон маҷбурияти дигар ба баъзе касон дода мешавад (*масалан, дар оилаҳои аскарони сурх дар ӯҳдадориҳои давлатӣ сабукӣ дода мешавад*).

САБУР صبور пурсабр (*мубоexternalиғаи* **собир**).

САБУРӢ صبوری *нигоҳ кун. ба маънои якуми* **сабр 1.** *Ба ин маънӣ Исо гуфта:*

Сабурӣ дар давоми фақри Исо нест ҷуз номе.
Ба чандин дард пайвастем аз пайвасти қашшоқӣ.
*Гирам, ки надорӣ он сабурӣ,
Қ-аз дӯст кунӣ ба сабр дурӣ.
(*Л. М.*)*

САБЪА سبعه ҳафт.

САБЪУН سبعون ҳафтод.

САБӢ صبی кӯдак.

САБӮ(Й) سبوی кӯза ва кӯзача.

*Ҳама вақт пур дор машку сабӯй,
Ки пайваста дар деҳ равон нест ҷӯй.
(*Бӯс.*)*

Сабӯ шикастан *киноя аз* а) шаробро рехтан, б) ноумед шудан.

САБӮС سبوس пӯсти гандум, ҷав ва монанди инҳо, ки баъд аз бехтани ордашон дар ордбезак боқӣ мемонад.

САБӮСАК سبوسک як чизи сабӯсмонанд аст, ки баъд аз беҳ шудани решҳои майда ва донача аз бадани одам мерезад.

САБӮҲӢ صبوحی шаробе, ки дар аввали субҳ нӯшанд. **Сабӯҳӣ кардан** дар аввали субҳ шароб нӯшидан.

САБҲА* سبحه *дурусташ* **субҳа**; тасбеҳ.

Ба завқи жожхой карда сомон.
Ба ранги сабҳа сар то пош дандон.
(*Бедил*).

САВБ I ثوب либос.

САВБ II صوب тараф, ҷониб.

САВГАНД* سوگند қасам.

Савганд нигар, чи рост хӯрдӣ!
Пайванд нигар, чӣ рост кардӣ!
(*Л. М*).

САВДО I سودا 1. сиёҳ. 2. хилтест аз ахлоти даруни одамӣ, ки сиёҳранг мешавад. 3. девонагӣ; 4. ишқ.

САВДО II سودا хариду фурӯш; тиҷорат.

САВДОГАР سوداگر касе, ки молҳои саноатӣ (хоҳ фабрикӣ бошад, хоҳ дастӣ)-ро ва молҳои хомро аз шаҳре ба шаҳри дигар бурда яклухт мефурӯшад.

САВДОГАРӢ سوداگری 1. пешаи савдои яклухт. 2. бисьёр талошкунӣ бар болои савдои чизе. 3. бисьёр талошкунӣ бар болои ба созиш омадан бо касе дар хусуси ягон масъала.

САВДОЙ سودائی одами девонамизоҷ.

САВИЙЯ سویه баробарӣ.

САВИЙЯТ سوئیت *нигоҳ кун, ба* **савийя.**

САВЛАТ صولت 1. ҳамлакунӣ. 2. ҳайбат, батарсандозӣ. 3. шукӯҳ, дабдаба (*ба ду маънии охирӣ зиндааст*).

САВЛАҶОН صولجان 1. асои саркаҷ. 2. чӯбдасти саркаҷест, ки бо вай тӯп-гӯйбозӣ кунанд. [*муарраби* **чавгон**].

САВМАА صومعه 1. ибодатхонаи тарсоён ва насоро. [2. ибодатхонаи зоҳидон ва шайхҳо].

САВН صون нигоҳбонӣ, нигаҳдорӣ.

САВО سوا 1. баробарӣ. 2. баробар. [3. ҷуз, ғайр, магар; *муқ.* **сиво**].

САВОБ I ثواب музди кори хайр.

САВОБ II صواب рост, дуруст, ҷоиз;* *зидди* **хато.**

Бо ин ки сухан ба лутфи об аст,
Қам гуфтани он сухан савоб аст.

бо вуҷуди ин, ки суханат мисли об латифу равон аст, кам гуфтани он авлотар аст. (*Л. М.*)

САВОБДИД صوابدید 1. салоҳи кор. 2. маслаҳат.

САВОБИТ ثوابت [*ҷамъи* **собита**]; ситораҳои дар як ҷо истода.

САВОБИҚ سوابق [*ҷамъи* **собиқа**]; гузаштаҳо.

САВОД* سواد 1. сиёҳӣ (*ранг*).

Гулгуна зи хуни ширпарвард.
Сурма — зи саводи модар овард.

(*маънии байт ин аст, ки гулгунаи рухсораш сурхии табиии он рухсор ва сурмаи чашмонаш сиёҳии модарзоди он чашмон буд ва ба гулгунаю сурма эҳтиёҷ надошт*) (*Л. М.*). 2. атрофи шаҳр; мамлакат, сарзамин, шаҳр.

Дошт дар олами саводи дигар.
Кӯси иқболи иштиҳори ҳунар.
(*Бедил*)*

Саводи аъзам шаҳри бузург ***Ин саводи ибратғубор** *киноя аз* дуньё.
Лекин ҳарчанд.. чашми тааммул бар ин саводи ибратғубор мекушоям, савлати гуруснагӣ оламеро дарҳам фушурдааст. (*Бедил*)*
3. малакаи хатхонӣ. **Саводи сиёсӣ** малакапайдокунӣ дар донишҳои сиёсӣ. 4. аввалин бор навиштаи ягон чиз. 5) накшест, ки бо сири сиёҳ ба рӯи чизҳои филизӣ (бештарин бар рӯи чизҳои нукрагин) мекунанд.

САВОДКОРӢ سوادکاری 1. бо сири сиёҳ накшкунӣ бар рӯи чизе. 2. чизе, ки бар рӯи вай бо сири сиёҳ накш кардаанд. (**соати саводкорӣ**)

САВОИҚ صواعق [*ҷамъи* **соиқа**]; соиқаҳо.

САВОКИН سواکن [*ҷамъи* **сокина**]; бошандагон.

САВОМЕЪ صوامع [*ҷамъи* **савмаа**]; ҳодисаҳои ногувор.

САВОНЕҲ سوانح [*ҷамъи* **сониҳа**]; савмааҳо.

САВОР سوار 1. касе, ки ба чизе савор шудааст (*ба хар, асп, ароба, киштӣ*) 2. донаҳои дар қатори пеш истодаи шатранҷ.

САВОРА سواره 1. дар ҳолати савор будан ба чизе. **Савора омадан** дар ҳолати саворӣ омадан. 2. номи ҳавоест дар мусиқа.

САВОРӢ سواری чизе, ки бар болои вай одам савор мешавад (асп, хар *ва монанди инҳо*).

САВОТЕЪ سواطع [*ҷамъи* **сотеа**]; 1. баландиҳо [бардошташудаҳо 2. чизҳои мунаввар ва тобон]

САВОҚИБ ثواقب 1. равшаниҳо, [лавомеъ 2. ситораҳои дурахшон].

САВОҲИЛ سواحل [*ҷамъи* **соҳил**]. канорҳои дарьё ва рӯд.

САВР ثور 1. гов. 2. номи як моҳи шамсӣ, ки аз 22 апрель то 22 май баробар меояд.

САВРИНҶОН سورنجان [*аслаш* **суринҷон**]; растаниест, ки решааш ба давоҳо ба кор меравад.

САВСАН سوسن номи гуле, ки найреша ва дарозбарг аст. **Савсани боғӣ** савсанест, ки аз байни баргҳои худ почаи кӯтоҳе бароварда гул мекушояд ва ранги гулаш бунафши осмонитоб аст, аммо тухм намебандад. **Савсани даштӣ** савсанест, ки аз байни баргҳояш як пои дароз бароварда, бар сари он гули зарди баланд мекушояд ва гулаш тухм намебандад. **Савсани худрӯй** савсанест, ки худ мерӯяд ва барги гулаш борик буда, баъд аз хазон шудан дар ҷои гулаш ғӯзаи пуртухм пайдо мешавад.

САВСАНӢ سوسنی ранге, ки ба ранги гули савсани боғӣ монанд аст.

САВТ* صوت овоз, садо. **Савти ҳазор** овози булбул, хониши булбул (Ҳ.)

САВҒО سوغا *нигоҳ кун ба* **савғот.**

САВҒОТ سوغات тӯҳфаи роҳовард.

САВҒОТӢ سوغاتی *нигоҳ кун ба* **савғот.**

САВҒОӢ سوغائی *нигоҳ кун ба* **савғот.**

САВҚ سوق 1. рониш, рондан, [равонӣ 2. барангехтан]. **Савқи табиат** рондани табиат, яъне тақозои табиат. **Савқи табиӣ** хоҳиши беихтиёри одам ва ҳайвонот (*масалан, бачаи навзод ва гӯсолаи навзод ширмакиро талаб мекунанд, ки ин савқи табиӣ — хоҳиши табиии онҳост*).

САГ سگ ҳайвони даррандаи хонагии маълум. **Саги обӣ** *нигоҳ кун, ба маънии аввали* **сагобӣ*** **Саги шикорӣ** саги шикорчиён.*

САГАҚ سگک 1. сагча. 2. сагбача. 3. оҳани чоркунҷи миёнасӯрохи забонадор аст, ки дар бандҳои камарбанд, лаҷомҳои асп ва дигар тасмаҳо бандина кунанд. 4. гиёҳест худрӯ, ки ҳосилаш ба шакл ва калонии хорғелак аст ва ба либоси касе, ки аз паҳлуяш мегузарад, банд мешавад.

САГАКӢ سگکی як хел гӯштигирӣ аст, ки ду ҳариф дастони худро кор намефармоянд, танҳо поҳои худро ба кор андохта, якдигарро пойпечак дода ғалтондан мехоҳанд.

САГАНГУР سگ انگور растании худрӯест, ки меваш ба калонии ангури кишмиши хурддона ва сурхранг мешавад.

САГЗӢ سگزی 1. як шӯъбаи забони форсии қадим. [2. *мансуб ба* **Сакистон-Систон**]

САГЛОБ سگلاب [*нигоҳ кун. ба* **саги обӣ, сагобӣ.**

САГМАНИШ سگ منش сагтабиат, сагмизоҷ.

В-он сагманишон сагӣ намуданд.
Чун саг ба табаррукаш рабуданд.
(*Л. М.*)

САГМОҲӢ سگ ماهی моҳиест, ки сараш ба сари саг монанд аст.

САГОБӢ سگ آبی 1. ҳайвонест обӣ, ки пӯсташ пурқимат аст; 2. пӯсти саги обӣ, ки ба канори телпакҳои пурқимат ва пӯстинҳо дӯзанд.

САГПИСТОН سگپستان сапистон аст, ки ангури ваҳшист.

САГСОР سگسار 1. сагмонанд 2. сагсар.

САГҶОН سگ جان сахтҷон.

САД* صد шумораи маълум, ки даҳ то даҳ бошад.

САДА I سده дарахти чинӣ, гуҷум.

САДА II صده сад нафар аз аскарон.

САДАД صدد 1. наздикӣ. 2. ният, пай (*«дар садади ин кор мебошам» гуфтан «дар ният ё дар паи ин кор мебошам» гуфтан аст.*)

САДАФ صدف 1. як чизи қиматбаҳост, ки аз вай тугма, дастаҳои кордча ва дигар чизҳо созанд. 2. ҷондорест обӣ.

САДАҚА صدقه бахшиш ба фақирон ва гадоён, [чизе, ки ба фақирон дода мешавад].

САДБАРГ صدبرگ гулест, ки шукуфааш нисбат ба шукуфаҳои ҳамҷинсҳои худ калон мешавад.

САДД سد 1. девор. 2. банди об; 3. ҳар монее, ки миёни ду чиз бошад. ***Садди рӯин** девори оҳанин, девори металлӣ.

Ҳазар кори мардони корогаҳ аст.
Язак садди рӯини лашкаргаҳ аст.
(*Бӯс.*).

САДИД سدید 1. рост, дуруст. 2. маҳкам, устувор.

САДИҚ صدیق дӯст, ёр, рафиқ.

САДМА // САДАМА صدمه 1. якбора ба ҳам сахт бархӯрдани ду чиз. 2. осеб, зарба, лат, алам.

*Бар захмаи ишқ кӯфтӣ пой.
В-аз садмаи оҳ рӯфтӣ ҷой
(*Л. М.*).

САДО صدا овози ҳар чиз, хоҳ маънидор бошад, хоҳ бемаънӣ, хоҳ аз они ҷондор бошад, хоҳ аз они беҷон.

САДОД سداد ростӣ, дурустӣ.

САДОРАТ صدارت 1. болонишинӣ. 2. мансабест аз мансабҳои дарбории подшоҳҳои феодалӣ.

САДР صدر 1. сина. 2. аввал ва сари ҳар чиз. 3. пешгоҳи хона ва маҷлис. ...Ба ҳамон хона даромад ва дар садри бангала бар замин нишаст (*Бедил*). 4. болонишин, сардори ягон ҷамоа. 5. амалдоре, ки мансаби садорат дошта бошад.

*На ҳар кас сазовор бошад ба садр.
Қаромат ба фазл асту рутбат ба қадр.
(*Бӯс.*)

САДҚА صدقه курбон (**«садқаат шавам»** *қурбонат шавам гуфтан аст. Ин калима ва ин маънии вай махсуси забони тоҷикист. Дар ин маънӣ Шоҳин гуфта:*

Шудам гаҳ садқа бо он нозанин,
гоҳе балогардон,
Тақал ҳар кӯча роҳе дошт бо ӯ
як ба як кардам.

САВОРӢ سواری чизе, ки бар болои вай одам савор мешавад (асп, хар *ва монанди инҳо*).

САВОТЕЪ سواطع [*ҷамъи* **сотеа**]; 1. баландиҳо [бардошташудаҳо 2. чизҳои мунаввар ва тобон]

САВОҚИБ ثواقب 1. равшаниҳо, [лавомеъ 2. ситораҳои дурахшон].

САВОҲИЛ سواحل [*ҷамъи* **соҳил**]. канорҳои дарьё ва рӯд.

САВР ثور 1. гов. 2. номи як моҳи шамсӣ, ки аз 22 апрель то 22 май баробар меояд.

САВРИНҶОН سورنجان [*аслаш* **суринҷон**]; растаниест, ки решааш ба давоҳо ба кор меравад.

САВСАН سوسن номи гуле, ки найреша ва дарозбарг аст. **Савсани боғӣ** савсанест, ки аз байни баргҳои худ почаи кӯтоҳе бароварда гул мекушояд ва ранги гулаш бунафши осмонитоб аст, аммо тухм намебандад. **Савсани даштӣ** савсанест, ки аз байни баргҳояш як пои дароз бароварда, бар сари он гули зарди баланд мекушояд ва гулаш тухм намебандад. **Савсани худрӯй** савсанест, ки худ мерӯяд ва барги гулаш борик буда, баъд аз хазон шудан дар ҷои гулаш ғӯзаи пуртухм пайдо мешавад.

САВСАНӢ سوسنی ранге, ки ба ранги гули савсани боғӣ монанд аст.

САВТ* صوت овоз, садо. **Савти ҳазор** овози булбул, хониши булбул (Ҳ.)

САВҒО سوغا *нигоҳ кун ба* **савғот.**

САВҒОТ سوغات тӯҳфаи роҳовард.

САВҒОТӢ سوغاتی *нигоҳ кун ба* **савғот.**

САВҒОӢ سوغائی *нигоҳ кун ба* **савғот.**

САВҚ سوق 1. рониш, рондан, [равонӣ 2. барангехтан]. **Савқи табиат** рондани табиат, яъне тақозои табиат. **Савқи табиӣ** хоҳиши беихтиёри одам ва ҳайвонот (*масалан, бачаи навзод ва гӯсолаи навзод ширмакиро талаб мекунанд, ки ин савқи табиӣ— хоҳиши табиии онҳост*).

САГ سگ ҳайвони даррандаи хонагии маълум. **Саги обӣ** *нигоҳ кун, ба маънии аввали* **сагобӣ*** **Саги шикорӣ** саги шикорчиён.*

САГАК سگک 1. сагча. 2. сагбача. 3. оҳани чоркунҷи миёнасӯрохи забонадор аст, ки дар бандҳои камарбанд, лаҷомҳои асп ва дигар тасмаҳо бандина кунанд. 4. гиёҳест худрӯ, ки ҳосилаш ба шакл ва калонии хорғелак аст ва ба либоси касе, ки аз паҳлуяш мегузарад, банд мешавад.

САГАКӢ سگکی як хел гӯштигирӣ аст, ки ду ҳариф дастони худро кор намефармоянд, танҳо поҳои худро ба кор андохта, якдигарро пойпечак дода ғалтондан мехоҳанд.

САГАНГУР سگ‌انگور растании худрӯест, ки мевааш ба калонии ангури кишмиши хурддона ва сурхранг мешавад.

САГЗӢ سگزی 1. як шӯъбаи забони форсии қадим. [2. *мансуб ба* **Сакистон-Систон**]

САГЛОБ سگلاب [*нигоҳ кун. ба* **саги обӣ, сагобӣ.**

САГМАНИШ سگ منش сагтабиат, сагмизоҷ.

В-он сагманишон сагӣ намуданд.
Чун саг ба табаррукаш рабуданд.
(*Л. М.*)

САГМОҲӢ سگ ماهی моҳиест, ки сараш ба сари саг монанд аст.

САГОБӢ سگ آبی 1. ҳайвонест обӣ, ки пӯсташ пурқимат аст; 2. пӯсти саги обӣ, ки ба канори телпакҳои пурқимат ва пӯстинҳо дӯзанд.

САГПИСТОН سگپستان сапистон аст, ки ангури ваҳшист.

САГСОР سگسار 1. сагмонанд 2. сагсар.

САГҶОН سگ جان сахтҷон.

САД* صد шумораи маълум, ки даҳ то даҳ бошад.

САДА I سده дарахти чинӣ, гуҷум.

САДА II صده сад нафар аз аскарон.

САДАД صدد 1. наздикӣ. 2. ният, пай (*«дар садади ин кор мебошам» гуфтан «дар ният ё дар паи ин кор мебошам» гуфтан аст.*)

САДАФ صدف 1. як чизи қиматбаҳост, ки аз вай тугма, дастаҳои кордча ва дигар чизҳо созанд. 2. ҷондорест обӣ.

САДАҚА صدقه бахшиш ба фақирон ва гадоён, [чизе, ки ба фақирон дода мешавад].

САДБАРГ صدبرگ гулест, ки шукуфааш нисбат ба шукуфаҳои ҳамҷинсҳои худ калон мешавад.

САДД سد 1. девор. 2. банди об; 3. ҳар монее, ки миёни ду чиз бошад. ***Садди рӯин** девори оҳанин, девори металлӣ.

Ҳазар кори мардони корогаҳ аст.
Язак садди рӯини лашкаргаҳ аст.
(*Бӯс.*).

САДИД سدید 1. рост, дуруст. 2. маҳкам, устувор.

САДИҚ صدیق дӯст, ёр, рафиқ.

САДМА // САДАМА صدمه 1. якбора ба ҳам сахт бархӯрдани ду чиз. 2. осеб, зарба, лат, алам.

*Бар захмаи ишқ кӯфтӣ пой.
В-аз садмаи оҳ рӯфтӣ ҷой
(*Л. М.*).

САДО صدا овози ҳар чиз, хоҳ маънидор бошад, хоҳ бемаънӣ, хоҳ аз они ҷондор бошад, хоҳ аз они беҷон.

САДОД سداد ростӣ, дурустӣ.

САДОРАТ صدارت 1. болонишинӣ. 2. мансабест аз мансабҳои дарбории подшоҳҳои феодалӣ.

САДР صدر 1. сина. 2. аввал ва сари ҳар чиз. 3. пешгоҳи хона ва маҷлис. ...Ба ҳамон хона даромад ва дар садри бангала бар замин нишаст (*Бедил*). 4. болонишин, сардори ягон ҷамоа. 5. амалдоре, ки мансаби садорат дошта бошад.

*На ҳар кас сазовор бошад ба садр.
Қаромат ба фазл асту рутбат ба қадр.
(*Бӯс.*)

САДҚА صدقه курбон (**«садқаат шавам»** *қурбонат шавам гуфтан аст. Ин калима ва ин маънии вай махсуси забони тоҷикист. Дар ин маънӣ Шоҳин гуфта:*

Шудам гаҳ садқа бо он нозанин.
гоҳе балогардон.
Тақал ҳар кӯча роҳе дошт бо ӯ
як ба як кардам.

САЁҲАТ سیاحت сайр.

САЗИДАН* سزیدن лоиқ будан, муносиб будан. ***Сазад** лоиқ аст.

САЗО سزا 1. подоши некӣ ва бадӣ. 2. лоиқ, мувофиқ.

САЗОВОР سزاوار *нигоҳ кун. ба маънии дуйӯми* **сазо**.

САИД* سعید хушбахт.

Саид оварад қавли Саъдӣ ба ҷой.
Ки тартиби мулк аст тадбиру рой.
(*Бӯс.*).

САИС سیئس парастори асп, аспбон; *Нигоҳ кун. ба маънии* **соис** 3.

САИСХОНА سیئس خانه аспхона.

САЙД صید 1. шикор. 2. ҷонваре, ки вайро шикор кунанд. ***Сайди ҳарам** сайдест, ки сайд кардани он дар шариат ҳаром аст (*Ҳ.*)*

САЙЁД صیاد шикоркунанда, шикорчӣ. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Мақсади мо аз асирӣ-сӯҳбати сайёд буд,
Бемурувват рафту мо мондем танҳо
дар қафас.

САЙЁЛ سیال чизи равони тунук (*монанди об*).

САЙЁР سیار 1. бисьёр сайркунанда. 2. даргард (*масалан*, бозори даргард (сайёр), ки ҳар рӯз дар ҷое кушода мешавад.

САЙЁРА سیاره [*муаннаси* **сайёр**]; номи сифатии чанде аз ситорагон, ки моҳу офтоб ҳам дар онҳо дохиланд.

САЙЁФ سیاف шамшерзан.

САЙЁҲ سیاح бисьёр саёҳаткунанда.

САЙИБ* ثیب 1. марди зандида. 2. зани шавҳардида, *нигоҳ кун, ба* **сайиба**.

САЙИБА ثیبه [зани шавҳардида]; зани бева.

САЙЛ* سیل *талаффузи арабӣ ва пештараи* **сел**; ҷоришавии оби лойолуди борони сахт.

Маҷнун чу надид рӯи Лайлӣ,
Аз ҳар мижае кушод сайле,
(*Л. М.*).

Зи боридани барфу бороии сайл,
Ба ларзиш дарафтода ҳамчун суҳайл
(*Бӯс.*).

САЙЛОН // САЯЛОН سیلان ҷоришавии об ва чизҳои обакӣ.

САЙР سیر 1. гашт; рафтор. 2. тамошо.

САЙРАФӢ صیرفی саррофф, ки пули сараву сақатро аз якдигар ҷудо мекунад ва пулҳои гуногунро ба якдигарашон иваз карда медиҳад.

САЙФ I سیف шамшер.

САЙФ II صیف фасли тобистон.

САЙФИЯ صیفیه боғчае, ки айёми тобистон дар он ҷо кӯчида нишинанд.

САЙФУР* سیفور як навъ матои абрешимии нозук. **Сайфури сиёҳ** *киноя аз* шаб.

Чун рӯзи сапед рӯй бинмуд,
Сайфури сиёҳ шуд зарандуд.
(*Л. М.*).

САЙҚАЛ صیقل амали занги оина, теғ ва монанди инҳоро зидудан; *зидоиш, равонидани занги оина ва асбобҳои филизӣ.

Хоки дари ту сайқали оинасинаҳо.
(*Навоӣ*)*

САЙҲА صیحه бонг, фарьёди даҳшатангез, фиғон.

Қи дар он сайҳаи ғазабтӯфон
Мавҷ шуд нақши одаму ҳайвон
(*Бедил*).

САЙҲУН سيحون дарьёи Сир.

САК صك ҳуҷҷати навишта (*арабӣ кардашудаи* чак). *Дар ин маънӣ Шоҳин гуфта:*

Ҳар даъвие, ки аз ту ба фазлу камол рафт,
Барҷис мӯҳр карду Уторуд навишт сак.

САКАНА سكنه [*ҷамъи* **сокин**]; бошандагон.

*Саканаи он ҷо ба инонгирӣ таваҷҷӯҳ гумоштанд.
(*Бедил*).

САКАНОТ سكنات [*ҷамъи* **сакана**]; оромиҳо, оҳистагиҳо.

САКАРОТ سكرات 1. бешуурӣ ва беҳушии вақти марг. 2. ҳолати марг.

САККОК سكاك 1. оҳангар. 2. сикказан.

САКСАВУЛ سكساول як хел дарахти регии камбарг аст, ки танҳо ба сӯхтан ва ангишт кардан сарф мешавад.

САКТА سكته 1. беморыест, ки одам мурда барин беҳиссу ҳаракат мешавад.

*Муддате сакта дар димоғаш буд,
Хомӯшӣ домани чароғаш буд. (*Бедил*)*

2. кӯтоҳӣ, ё дарозӣ дар вазни шеър. 3. исти кӯтоҳ дар вақти хондани чизе.

САЛАБ* سلب 1. либос, пӯшок.

Дасте салаби халал надида
Бурд аз паи он салабдарида. (*Л. М.*).

2. навъе аз либоси ҷангии қадим мисли ҷавшан.

САЛАФ سلف гузашта (гон) [пешинагон]

*Аз мутолиаи каломи фавоид-интизоми салаф. . . ғофил мабош
(*Бедил*).

САЛИБ صليب 1. бар дор овехта шуда. 2. чӯб, ё дигар чизи чорчиллик аст, ки дар дини насоро бар вай ибодат кунанд.

САЛИМ سليم 1. дуруст, тандуруст, саломат, беайб.

*Чу duздон зи ҳам бок доранду бим,
Равад дар миён корвонӣ салим (*Бӯс.*).

2. софқалб, дурустният.

Суханчин кунад тоза ҷанги қадим,
Ба хашм оварад некмарди салим. (*Бӯс*)*

САЛИС سليس равон, осон, ҳамвор (*аз сифатҳои хуби сухан*).

САЛИҚА سليقه 1. сиришт, табиат. 2. қобилият. (*чунончи мегӯянд:* **«Фалонӣ ба ин кор салиқа надорад»**, *яъне қобилият надорад*.

САЛЛОХ سلاخ 1. пӯсткан. 2. касе, ки ҳайвонотро сар мебуррад.

САЛМА سلمه кас ё чизи нодаркорест, ки ба касе баста шуда мондааст. ***Салмаи сақат** *дар асл* бори дар роҳ афтода мондаи бефоидаест, ки барои бардошта бурдан ба гардани касе маҷбуран бор кардаанд. *Маҷозан* одами бефоидаест, ки ба касе часпида гирифта маунати худро ба ӯ бор кардааст ва аз ӯ халос шудан душвор аст. (*Аз маҷозҳои халқии Бухоро*). (*Ёд.*)*

САЛМО* سلمى номи як зани бисьёр зебо ки дар араб будааст ва дар адабиёт умуман (нисбат) ба маъшуқа ва маҳбуба кор мефармоянд.

Мушавваш аст дилам аз карашмаи салмо.

Чунон ки хотири Маҷнун зи турраи Лайло.
(*Рӯдакӣ*)

САЛО صلا овоз додан барои [додани] таом [ё чизи дигар]

Соқӣ, май марзҷӯш дардеҳ!
Ҷоме ба салои «нӯш» дардеҳ! (*Л, М.*)

САЛОБАТ صلابت 1. сахтӣ. 2. сахтиродагӣ. *3. шукӯҳ, ҳайбат.

Маҷнун чу салобати падар дид,
Дар пои падар чу соя ғалтид. (*Л. М*).*

САЛОМАТ سلامت 1. беайбӣ. 2. тандурустӣ.

САЛОМДУШМАН* سلام دشمن душмани саломуалайк намекардагӣ, *яъне* душмани фақат ногап.

Он дӯст, ки буд саломдушман,
Қардеш кунун тамом душман. (*Л. М*).

САЛОСА ثلاثه се.

САЛОСАТ سلاست нармӣ, осонӣ, ҳамворӣ, равонӣ (*аз сифатҳои сухан*).

САЛОТ صلات намоз.

САЛОЯ صلایه 1. бо санг бар болои санге соида маҳин кардани ягон чиз (*масалан*, сурмаро). 2. санге, ки бо он салоя карда мешавад.

САЛОҲ صلاح некӣ, дурустӣ; *зидди* **фасод.**

САЛОҲИЯТ صلاحیت аҳл будан дар коре (**фалонӣ дар ин кор салоҳият надорад,** *яъне аҳли ин кор нест*).

САЛТ سلت дастхолӣ, бебор.

САЛТАНАТ سلطنت дароздастӣ, қаҳрамонӣ, ғалаба. *2. подшоҳӣ, султонӣ, ҳукмронӣ.*

САЛХ* рӯзи охирини моҳи пурраи сирӯза.

САЛҶАМ سلجم шалғам.

САМАК سمک 1. моҳӣ. *2. моҳии зеризаминӣ (аз рӯи афсонаи хурофотие), ки гӯё замин бар болои гов ва гов бар болои моҳӣ будааст.

Ваҳми аблаҳ алами ноз фарозад ба симок,
Саъи доно шиканад коси фазилат ба самак.
(*Бедил*).

САМАН ثمن қимат, арзиши ягон чиз.

САМАНД سمند аспе, ки рангаш малла бошад; *умуман* аспи хуб.

Саманди сухан то ба ҷое биронд,
Ки қозӣ чу хар дар халобе бимонд.
(*Бӯс.*).

Саманди хизрондаст аспи сахтпой.

Аз пушти саманди хизрондаст
Рон боз кушоду бар замин ҷаст.
(*Л.М.*)*

САМАНДАР سمندر номи як хел ҷонвари афсонагӣ, ки гӯё вай дар оташ зиндагонӣ мекардааст.

САМАР I ثمر 1. мева. 2. манфаате, ки аз кор фармудани касе ё чизе ҳосил шавад (*маҷоз*).

САМАР II* سمر 1. афсона. 2. овоза (*маънии дуюм маҷоз*)

Гурезад ранят зи бедодгард.
Кунад номи зишташ ба гетӣ самар.
(*Бӯс.*)

САМАРА ثمره [1. ҳосил, бор]. 2. фоида, манфаат. 3. натиҷа. 4. ҷувол ё шолест, ки аз чор гӯшаи вай ресмон баста дар вай хок андохта бар болои бом мекашанд.

САМИМ* صمیم 1. миёнаи ҳар чиз, 2. таҳи дил (*маҷоз*).

САМИМӢ صمیمی [1. *мансуб ба* самим; миёнагӣ]. 2. холис, содиқ, аз таҳи дил.

САМИН I ثمین гаронқимат; [қиматбаҳо].

САМИН II سمین фарбеҳ.

САММ سم заҳр.

САМО سما осмон.

САМОНИН ثمانین ҳаштод.

САМОНИЯ ثمانیه ҳашт.

САМОРУҒ سماروغ занбӯруғ.

САМОЪ سماع 1. шунидан.

*Лайлӣ чу самоъи ин ғазал кард,
Бигристу ба гиръя санг ҳал кард.
(Л. М.)*

2. шунидани нағма ва суруд. 3. нағма, суруд, рақс ва ҳолатҳое, ки дар ин мавридҳо рӯй диҳад. (*Бҳс*)*

САМОҚ سماق як хел санги [сафеди] нарм.

САМОҲАТ سماحت ҷувонмардӣ, [саховатмандӣ].

САМТ سمت 1. ҷониб, сӯй. [2. равиш, тариқ, роҳ. 3. мақсад, оҳанг].

САМТУРРАЪС سمت الرأس ҷои ба болои сари одам ростбудаи осмон (*болои сари ҳар кас самтурраъси он кас мешавад*). [Зенит]

САМУМ سموم тафбод, *боди гарм, гармсел.

Ғубори ҳаво чашми ақлат бидӯхт,
Самуми ҳавас кишти умрат бисӯхт.
(*Бӯс.*)*

САМУР سمور 1. ҷонварест рӯбоҳмонанди сурхранги сиёҳчатоб. 2. пӯсти самур, ки аз вай пӯстин дӯзанд.

САМЪ سمع 1. шунавоӣ; гӯш.

*Ба самъи ризо машнав изои кас
Ва гар гуфта ояд, ба ғавраш бирас!
(*Бӯс.*).

САМҒ صمغ 1. шилм. 2. ҳар гуна шираи часпак, ки аз баъзе дарахтон гирифта мешавад.

САНА سنه сол.

САНАВБАР صنوبر дарахтест, ки баргаш ба шакли дил аст; коҷ.

САНАВОТ سنوات [ҷамъи **сана**]; солҳо.

САНАД I سند 1. такьягоҳ.

САНАД II سند 1. ҳуҷҷати навишта. 2. далеле барои исботи муддао, ки ба ягон китоби мӯътабар ва ё одами мӯътабар нисбат дода мешавад.

САНАМ صنم 1. бут. маъшуқа (*маҷоз*).

САНБУСА سنبوسه [ҳар чизи] шакли секунҷадор. 2. Лачаки занон. 3. хамири дар дарунаш гӯшти кӯфта ё дигар чиз андохта секунҷа қат карда пухташуда (*ба ҳамин маънӣ зиндааст*).

САНГ سنگ 1. моддаи кӯҳии маълум. 2. вазни маълум дар Кӯҳистони Тоҷикистон. 3. санге, ки бо вай тегҳоро тез кунанд. *4. *маҷ.* мартаба; қадру қимат.

Бас кун ҳавасе, ки беш бурдӣ,
К-оби ману санги хеш бурдӣ.

*Яъне, ҳам обрӯи ман ва ҳам қадру қимати худро равондӣ (Л. М.)**

Санги покӯрак сангест, ки бо вай дар ҳаммомҳо пошнаи поро покиза кунанд. **Санги сиёҳтоб** сангест аз ҷинси мармар, ки рангаш ба ранги оҳани сайқал зада бо оби лиму обдодашуда монанд аст. ***Санги чорьякӣ** санги дукилогӣ (*Ҷ. 6*)* **Санги ғелон** санге, ки аз болои кӯҳ ғелида поин меғалтад. ***Санги қаноат** сангест, ки қаландарон — дарвешон расмӣ дар пеши камарашон мебастанд, гӯё он санг онҳоро дар гуруснагӣ бобардошт мекард (*Ҷ. 6*)* **Санги ҷунбон** санги бисьёр калонест дар кӯҳистони Хатирчӣ, ки бо як қирраи борик ва тези худ бар рӯи тахтасанге истодааст ва бинобар ин бо андак даст расонидан ба ҷунбиш медарояд (*хурофотфурӯшон ин ҳолати он сангро мӯъҷиза гӯён аз соддадилон пул пеш мекашанд*). **Санг бар болои санг нагузоштан** торумор ва вайрон кардани ҷое, шаҳре ё вилояте дар ҷанг. **Санг бар санг омадан** ҷанги калони халқӣ. **Санг бар шиша [и касе] задан** айши касеро талх кардан:

Ҳама шаб бо дигарон бодаи гулранг занӣ,
Ҷурми мо чист, ки бар шишаи мо санг занӣ.

Санг задан а) таъна кардан ва бад шумурдан касеро ё чизеро, б) тез кардан теғеро бо санг.

САНГАНДОЗ سنگ انداز [1. санг партобкунанда] 2. сӯроххои кунгураҳои қалъа, ки аз он ҷо ба душмани ҳуҷум карда омада санг ва тир андозанд.

САНГАР* سنگر истеҳкоми муваққата (*Ҷ. 10*) [ҳар ҷои монеа, ки барои пешгирӣ кардани хуҷуми душман месозанд].

САНГДАСТ سنگ دست касе, ки сангандозиро варзиш карда бошад ва сангҳои андохтааш бехато ба нишона расад.

САНГДИЛ سنگ دل сахтдил, бераҳм.

САНГЗАН سنگ زن *нигоҳ кун ба* сангдаст. **Сангзанро сангшикан** *масали тоҷикист, ки* дар мавриди гирифтор омадани одами ба бадӣ машҳур ба хасме пурзӯртар аз худ, гӯянд.

САНГИН سنگین 1. *мансуб ба* санг (**бинои сангин**). 2. сахт, устувор (**одами сангин**). 3. вазнин, гаронсанг.

САНГЛОХ سنگلاخ 1. ҷои серсанг. 2. оброҳаи байни кӯҳҳо, ки одатан дар вай санг бисьёр мешавад.

САНГОР سنگار ҳамроҳ, рафиқ (*аз «Бурҳони қотеъ»*).

САНГПУШТ سنگ پشت ҷонваресть, ки пушташ монанди санг сахт аст (*обӣ ва хокӣ мешавад*).

САНГРЕЗА سنگریزه сангҳои донакмонанд, ки дар роҳҳои оби аз кӯҳ оянда, дар зери замини баъзе ҷоҳо ва дар баъзе ҷоҳо дар рӯи замин бо бисьёрӣ ёфт мешавад.

САНГСОР سنگسار як тарзи ҷазои феодалони Шарқ, ки «гунаҳкор»-ро то миён дар замин мегӯронанд ва аз ҳар тараф бо санг мезананд, то вақте ки мурад ва мурдааш дар зери сангҳо пинҳон шавад.

САНГТАРОШ سنگتراش касе, ки сангҳоро тарошида, аз онҳо чизҳои гуногун месозад.

САНГХОР سنگخوار паррандаест сиёҳранги кокулдор, ки сангмайдаҳоро хӯрад.

САНГХӮРАК سنگخورك *нигоҳ кун* ба сангхор.

САНГЧА سنگچه санги хурде, ки ба қадри донак бошад.

САНГЧОЛ سنگچال сангрезаҳои бағоят майда ва сангмайдаҳои аз сангтарошӣ баромада.

САНГҒЕЛОН سنگ غیلان як тарзи ҷанги кӯҳистониён, ки аз болои кӯҳ ба сари душмани дар зери кӯҳ буда санг мегелонанд.

САНДАЛ I سندل кафш (аз *«Бурҳони қотеъ»*).

САНДАЛ II صندل [*муарраби* чандан]: ҷӯбест сурхтоби хушбӯй.

САНДАЛАНГ سندلنگ ҷунбиши сахти ғайриихтиёрии одам, чорпо ва ароба дар вақти роҳ рафтан. **Сандаланг хӯрдан** пешпо хӯрда ё ба ҷое дакка зада, сахт ҷунбида рафтани одам, ҳайвонот ва ароба дар роҳ рафтан.

САНДАЛӢ صندلی 1. курсӣ; 2. чорпояи маълум аст, ки бар болои оташ гузошта, бар рӯяш кӯрпа андохта дар гирдогирдаш нишинанд.

САНДОН سندان оҳани калони сарпаҳн аст, ки бар рӯи вай оҳан, мис ва филизҳои дигарро монда кӯбанд.

САНДУҚ صندوق қуттии дару бастунок.

САНИЙЯ سنیه 1. равшан. 2. баланд.

САНО I ثنا 1. ситоиш, мадҳ.

САНО II سنا 1. равшанӣ. 2. баландӣ.

САНО III سنا барги гиёҳест, ки доруи исҳол мешавад, «Санои маккӣ ё макка» низ гӯянд.

САНОАТ//СИНОАТ صناعت санъат, пеша, ҳунар.

САНОДИД صنادید [ҷамъи санид]: меҳтарон, бузургон. ***Санодиди қурайш** бузургони қабилаи қурайш. *(Дар Бухоро ба тарзи киноя муллоёни даъвогар). (Ед. ҷ. IV.)*

САНОЕ ثنایا [**ҷамъи санийя**]: чор дандони пеш (ду аз боло ду аз поин).

САНОҶ* سناج халтаи мешигинест, ки дар замони қадим ба вай нақдина меандохтанд *(Ҷ. З.)*.

САНЪАТ صنعت ҳунар, пеша, касб. **Санъати сухан** шеър *(Аз «Бурҳони қотеъ»)*.

САНҶ I سنج 1. *амр ба* санҷидан *(яъне «бисанҷ»)* 2. санҷанда. *(ба ин маъно бо исм меояд:* **ҳавосанҷ, обсанҷ** *ва монанди инҳо)*.

САНҶ II//СИНҶ سنج лаъличаи пуштдастадор, ки дуи онро ба ҳар ду даст гирифта дар ҳавои махсус ба ҳам зада навозанд (олати мусиқӣ).

САНҶАНДА سنجنده 1. касе, ки сифати чизеро тафтиш карда метавонад ва тафтиш карда мебинад; 2. баркашандаи чизе.

САНҶИД سنجد мевaест маълум, ки пӯсташ сурхранг, гӯшташ ордак ва донакаш ба тарзи донаки хурмост.

САНҶИДА سنجیده 1. одам ё чизи санҷидашуда. 2. сухани бомаънӣ.

САНҶИДАГӮЙ سنجیده گوی касе, ки чизҳои гуфтаниашро муҳокама карда, санҷида мегӯяд.

САНҶИДАН سنچیدن 1. баркашида дидан. 2. сифати ягон чизеро тафтиш карда дидан. 3. озмуда дидан *(ду маънии охирӣ маҷоз аст.)*

САНҶОБ سنجاب 1. ҷонварест хокистарранг, ки пӯсташ пӯстин мешавад. 2. пӯсти ҳамин ҷонвар.

САОДАТ سعادت хушбахтӣ.

САПАЛ سپل суми шутур.

САПЕД سپید сафед.

САПЕДА سپیده равшании пеш аз баромадани офтоб.

САПЕДАДАМ سپیده‌دم вақти субҳ.

САПЧА سپچه харбуза ё тарбузи навбаста, ки ба қадри калонии себ шуда бошад.

САР سر 1. сари одам ва ҳайвонот; 2. аввали ҳар чиз. 3. раҳбари коре **(сарсинф, саркотиб;)**. 4. саркарда **(сарони сипоҳ,** яъне саркардагон). 5. болои ягон чиз **(сари девор, сари роҳ)** 6. зубда ва беҳтари ягон чиз **(сархел, сарчин)**. 7 . нӯги ягон чиз *(масалан хор* ё *чизеро ки нӯгаш борик ва тез аст, «сартез» мегӯянд)*. 8. сабаби аввалии ягон чиз **(сари фитна** сабаби фитна). 9. фикр, андеша. *Ба ин маънӣ дар бораи кушта шудани Нодиршоҳи Афшор гуфта шудааст:*

Сари шаб **сари** қатлу тороҷ дошт
Саҳаргаҳ на тан сар, на сар тоҷ дошт.

***Бар сар омадан** сарнагун шудан.

Чун зилзилаи дигар даромад,
Девори шикаста бар сар омад.

(дар натиҷаи беморӣ аз по афтодани ибни Саломро ифода мекунад) Л. М.). **Сар ба мӯҳр будан** баста, кушода нашуда будан.

Ганҷи гуҳарам. ки дар ба мӯҳр аст
Чун ғунчаи боғ сар ба мӯҳр аст.
*(Л. М.)**

Сар баровардан исьён кардан. ***Сар бар замин задан** рӯ ба замин ниҳода таъзим кардан.

Аввал сари хеш бар замин зад
В-он гаҳ дари узру офарин зад.
(Л. М.).

Сар бастан печонда маҳкам кардан.

Чун нома тамом кард, сар баст.
Бифканд ба пеши қосид аз даст.
(Л, М.).

Сар боззадан аз коре боз истодан ва ибо кардан. **Сар гирифтани коре** ба роҳ даромадани коре. **Сар додан** а) раҳо кардан, б) сари худро ба коре фидо кардан **(сар медиҳад, аммо сир намедиҳад.)** **Сар задан** а) пайдо шудан, вокеъ шудан. б) сар буридан. **Сари каловаро гум кардан** дар коре саросема шуда мондан. *Ҳайрат гуфта:*

Сари каловаи аҳволи марду зан гум шуд.
Ба куфри турраи зулфи ту шаҳр ҳалҳала
шуд.

Сари каловаро ёфтан ба ягон кори сарпечида роҳ ёфтан. **Сар ниҳодан** а) таслим шудан, итоат кардан. б) ба додани сари худ барои коре тайёр будан. **Сар овардан** а) ба охир расонидан, тамом кардан. б) пухта ба кафидан наздик расидани ягон реш. **Сар омадан** а) охир шудан. б) комил гардидан. **Сар печилан** *нигоҳ кун. ба* **сар тофтан. Сар тофтан** саркашӣ кардан. **Сар хоридан** дар кардан ё накардани коре дар андеша мондан *(маҷоз)*. **Сарам-дилам** а). рӯякӣ *(масалан мегӯянд:* **фалонӣ ин корро сарам-дилам кард,** *яъне* рӯякӣ ва нопухта кард. б) сарсариёна ***Сар қозию пой машкоб.** Дар

Бухоро анбӯҳи мардумеро, ки дар даруни онҳо табақаҳои гуногун бошад, «сар қозию пой машкоб мегӯянд. *(Ҷ. З.)**

САРА سره 1. покиза, холис (тилло ва тангаи беғаш ва роиҷ). 2. хубтар, беҳтар.* 3. порчаи ях, бастаи набот *(Ф.)**

САРАНГУШТ سرانگشت сари ангушт.

САРАНДОЗ سرانداز порчае, ки занон ба сари худ нобаста андозанд.

САРАНҶОМ سرانجام охир ва поёни кор. **Саранҷом кардан** кореро тамом кардан.

САРАТОН سرطان 1. яке аз моҳҳои шамсист, ки аз 24-уми июнь сар шуда дар 24-уми июль тамом мешавад. 2. шапалаки сиёҳи тортанакмонандест, ки дар моҳи саратон пайдо мешавад, бо овози аз овози занбӯр пасттар садо дода меистад ва дар зарфҳои равған ва ҷурғот меғалтад. *Ба ҳамин ду маънӣ Ҳайрат гуфта:*

Наафтода ба кӯза равғане дар саратон,
Дар кӯзаи равған саратон афтодаст.

(«Саратон»-и аввал ба маънои моҳ, дуйӯм шапалаки маълум). 3. номи як хел беморӣ.

САРАФРОЗ سرافراز *нигоҳ кун ба* **сарфароз.**

САРБАНД سربند 1. порчаест, ки занон ба сари худ банданд. 2. банди аз ҳама боло ва асосии наҳрҳо, ки аз он ҷо об ба дигар ҷӯҳо тақсим ёбад.

САРБОЗ سرباز 1. касест, ки худро ба коре мебозад. 2. аскар.

САРБОРӢ سرباری 1. боре, ки баъд аз бор кардани ду той бор дар хар ё асп бар болои вай ниҳанд. 2. кори барзиёда аз корҳои оддӣ. 3. касе, ки ташвиши зиндагонии ӯ ба гардани касе афтода бошад.

САРВ سرو як хел дарахти росттанаи баландқад.* **Сарви сиҳӣ (саҳӣ)** сарви бағоят рост *(Л. М.)*

САРВАТ ثروت молу ашьё.

САРВБУН* سروبن дарахти сарв.

Яъне ки чу сарвбун бирезад.
Сарве дигараш зи бун бихезад.
(Л. М.).

САРВҚАД* سروقد сарвқомат, қоматаш рост. **Сарвқадони чаман** иборат аз сарв, шамшод. санавбар ва ар-ар барин дарахтонанд, ки дар адабиёти форс-тоҷик онҳоро ба қадди ёр ташбеҳ мекунанд. *(Н.).*

САРГАРМ سرگرم касест, ки бо коре аз ҳад зиёд машғул бошад.

САРГАРОН سرگران 1. дилгир ва малулшуда [2. маст]

САРГАРОНӢ* سرگرانی 1. мастӣ. 2. такаббурнокӣ.

Дар пои туам ба сарфишонӣ
Ҳамсар накунам ба саргаронӣ.
(Л. М.)

САРГИН سرگین пасафкандаи одамӣ ва ҳайвонот.

САРГӮШӢ سرگوشی 1. суханҳои гуфташуда. 2. пичир-пичир.

САРД سرد хунук; *зидди* **гарм.**

САРДАРӢ سردری чӯбест, ки аз болои болодарии да́р ду тарафашро дар девор гузаронда монанд, то ки болодариро бор зер накунад.

САРДМУОМИЛА سردمعامله бадмуомила.

САРДОБА سردآبه 1. анбори оби сарпӯшида, ки дар он ҷо зимистон об ҷамъ шавад ва дар тобистон ба кор равад (*маънии имрӯзаи тоҷикиаш*). 2. хонаи сард, ки дар тобистон мева ва гӯшт барин чизҳои фосидшавандаро дар вай нигоҳ доранд.

САРДХУН سردخون каси бобардошт.

САРДӮЗ سردوز ресмонест, ки бо вай сари ҷуволро дӯзанд ё банданд.

САРЕЪ سریع 1. зудкор, чобук, 2. вазне аз вазнҳои арӯз дар шеър.

САРЕҲ سریح зоҳир, ошкор.

САРЗАНИШ سرزنش таъна.

САРИДАСТӢ سردستی таоми андаки ба осонӣ тайёршуда.

САРИПОЙ سرپائی кафшест, ки бе масҳӣ пӯшанд.

САРИР I* سریر тахт, авранг.

Агар хуш бихуспад малик бар сарир,
Напиндорам осуда хуспад фақир. (*Бӯс.*).

САРИР II صریر 1. садои қалам дар вақти китобат. 2. ҳар овозе, ки бо хиш-хиш барояд (*монанди* овози малах ва овози кушода-пӯшондани дар).

САРИРАТ* سریرت 1. дарун, замир; роз 2. *маҷозан* хислат (*Ч. О. О.*).

САРИШТА سرشته сарфакорӣ (*ин луғати халқии тоҷикист, ки аз «сарришта» вайрон шуда, маънии дигар гирифтааст, масалан мегӯянд:* **фалонӣ одами босаришта** аст, *яъне касест, ки чизро беҳуда сарф намекунад*). **Саришта карда мондан** чизеро барои эҳтиёт захира карда мондан.

САРКА سرکه бузест, ки пеш-пеши рама мегардад (*ин калима аз «сарғаҷ» вайрон шудааст*).

САРКАРДА سرکرده сардор.

САРКАШ سرکش 1. нофармонбардор. 2. чӯбе, ки аз сари тавора зада ба ҷое бо мех парчин кунанд, то ки тавора ба як тараф ҳам хӯрда наравад.

САРКОР سرکار 1. одаме, ки дар зироатгоҳ ва боғҳои феодалҳо ва бойҳо сардорӣ мекард. 2. ҳар касе, ки ба як кор сардорӣ ва роҳбарӣ кунад.

САРКӮБ سرکوب 1. ҷоҳои баландест, ки дар майдонҳои ҷанг барои аз он ҷо тир паррондан ба тарафи душман созанд. 2. сифати ҳар олатест, ки бо вай сари душманро кӯбанд. (*Масалан мегӯянд:* **Фалонӣ бо шашпари саркӯб ба майдони ҷанг даромад**). 3. сар кӯфташуда (*чунончи, мегӯянд:* **мор саркӯб шуд**, *яъне* сараш кӯфта шуд).

САРКӮҲСОР* سرکوهسار *асли ин калима* **сари кӯҳсор** *аст, ки бо қатъи изофа шакли «саркӯҳсор»-ро гирифтааст (Р.)*.

САРЛАВҲ سرلوح нақшу нигоре, ки дар аввали китоб кашанд.

САРЛАВҲА سرلوحه суханҳое, ки дар сари боб, фасл ё мақола менависанд.

САРМАД سرمد ҳамеша, доим.

САРМАСТ سرمست масти аз ҳад зиёд.

САРМАШҚ سرمشق 1. сархат, ҷумлаи бо хатти ҷалӣ навишташудаи намунавӣ, ки аз рӯи он машқ мекунанд. 2. кори намунашаванда барои дигарон.

САРМО سرما сардии баланди ҳаво; зидди **гармо**.

САРМОЯ سرمایه [1. асоси ҳар чиз]. 2. мол ва пули аслии ягон савдогар ё ягон тиҷоратхона.

САРНАГУН سرنگون 1. сар поин ва по боло, сарозер. 2. чаппа.

САРНАГУНСОР سرنگونسار *нигоҳ кун. ба* **сарнагун.**

Хирадмандро сарнагунсор кард
Бадонро ба ҳар ҷой солор кард. (Ф.)

Ин калимаро дар Бухоро ба маънои вожгун, сарнагун, сарпаст кор мефармоянд).

САРНАХ* سرنخ 1. аввали нах. 2. як қисми абрешими чортор. *Нигоҳ кун.* **ба абрешим.**

САРНИШЕБ سرنشیب сарнагун *(масалан, роҳе, ки* аз баландӣ ба пастӣ фуруд *ё касе,* ки ба сабаби мағлубӣ сархам шуда бошад).

САРО I سرا 1. *асоси замони ҳозира аз* **саройидан.** 2. *амр ба* **саройидан,** *яъне* «суруд кун».

САРО II/САРОЙ سرا سرای 1. ҳавлӣ, хона; қаср, кӯшк. 2. шаҳре буд дар канори Волга— пойтахти подшоҳони тотор. *Камоли Хуҷандӣ ба ин ду маънӣ гуфтааст:*

Ба сарой омадӣ, эй булбули хушгӯ, бисаро.

***Сарои сипанҷ** а) хонаи ориятӣ, б) дунё, ки дар адабиёт ҳамеша ин калима ба ҳамин маънӣ кор фармуда мешавад *(маҷоз). (Р.).* **Сарои хокӣ** *киноя аз дунё.*

Равшангуҳаре ва тобноке
Шабрӯзкуни сарои хокӣ. *(Л. М.)**

САРОБ سراب 1. як ҳолатест, ки дар биёбонҳои холӣ дар уфуқи дур ба назари одам монанди об намояд, ташна ҳарчанд ба тарафи вай равад, вай ҳам дуртар меравад.

*В-ар чашмаи ин сухан сароб аст,
Бигзор маро, туро савоб аст *(Л. М.)**

2. Шӯрзамин.

Дидаш ба канораи саробе
Афтода хароб дар ҳиҷобе *(Л. М.)**

3. орзу ва умедҳои беасоси пуч *(маънии сеюм маҷоз аст).*

САРОБОН سرابان *нигоҳ кун. ба* **саровон.**

САРОВОН سراوان 1. сардори хонадон. 2. посбони дари хона ва ёридиҳанда ба корҳои хона.

САРОВОНӢ سراوانی нигоҳубини ба хонавода ва хабардорӣ аз вай.

САРОИДАН سرائیدن 1. нағмасароӣ кардан *(масалан ғазалхонӣ кардани хушовозҳо, суруд кардани мурғони хушовоз..)* 2. шеър гуфтан.

САРОЙ سرای *нигоҳ кун. ба* **саро II.**

САРОЙБОН سرایبان касест, ки дар корвонсароҳо посбонӣ мекунад.

САРОМАД سرامد беҳтарин, мумтоз. **Саромадони сухан** шоирони машҳур.

САРОПАРДА سراپرده 1. пардаи

касрҳои подшоҳӣ. 2. хайма, хиргоҳ. **Сaропарда задан** дар ҷое хайма ва хиргоҳ барпо кардан.

САРОПО/Й/ سراپای ҳама ҷои ягон чиз (*масалан, мегӯянд:* **сaропои ин дашт чун боғ шуд,** *яъне ҳама ҷояш монанди боғ гардид*).

САРОСАР سراسر 1. наистода, ба зудӣ (*масалан, мегӯянд:* **фалонӣ саросар омада рафт,** *яъне омада зуд баргашт*) 2. ҳама, аз як сар (*ба ин маънӣ сабук кардашудаи* **сартосар** *аст*).

САРОСЕМА سراسیمه парешон, ошуфта.

САРОЧА سراچه 1. хона ва хаймаи хурдтарак. ***Сарочаи танг** кинояи аз дунё.

Танг омад аз ин сарочаи танг.
Шуд нон гулӯи чун дами чанг. (*Л. М.*)*

2. ду чӯби пойдорест, ки нардбонвор ба ду асп ё хар баста ба болои вай бемор ё мурдаро хобонда мебаранд (*маънии ҳозираш ҳамин аст*).

САРОШЕБ سراشیب *нигоҳ кун.* **ба сарнишеб.**

САРОҶА سراچه *нигоҳ кун.* **ба сароча.**

САРПАНҶА سرپنجه панҷаи даст.* 2. забардаст, тавоно.

Ту онӣ ки аз як магас ранҷӣ,
Ки нируи солору сарпанҷӣ. (*Фир.*).*

САРПАРАСТ سرپرست нигоҳбон, парваришкунанда.

САРПАРАСТӢ سرپرستی нигоҳубин, парвариш, тарбия.

САРПЕЧИДА سرپیچیده саргум.

САРПӮШ سرپوش чизест, ки бо вай даҳони дег ва дигар зарфҳоро пӯшонанд.

САРПӮШИДА سرپوشیده пинҳон.

САРРИШТА سررشته роҳи муддао ва мақсад.

САРРОФ صراف [1. фарқкунандаи пули сара аз носара, пулҳои сараро аз носара ҷудокунанда]. 2. касест, ки пулҳоро ба якдигар бадал мекунад.

САРРОҶ سراج касе, ки монанди лаҷом, нӯхта, намадзин асбоби аспро медӯзад, зингар.

САРСАБЗ سرسبز 1. хушу хуррам (*масалан.* боғ, дарахт, шаҳр). 2. хушбахт, осудаҳол.

САРСАР صرصر боди тунд.

САРСАРӢ سرسری 1. харҷогард, бекор. 2. бедиққатӣ дар корҳо (**ин корро фалонӣ сарсарӣ кард.** *яъне бедиққатона кард. рӯякӣ кард*).

САРСАХТ سرسخت мусибатрӯзӣ.

САРСОМ* سرسام дарди варамноке, ки дар димоғ пайдо мешавад.

САРТОСАР سرتاسر *нигоҳ кун.* **сaропо.**

САРУПО سروپا 1. ҷомаи инъомӣ, *масалан мегӯянд:* **ба фалонӣ сарупо мукофот доданд,** *яъне ҷома доданд.* [2. либос, ҷомаву салла, куртаву эзор ва монанди инҳо].

САРУРӮЙ سروروی асбоби зинатии занон, халқа, гарданбанд ва дигарҳо (*маҷоз*).

САРФ صرف 1. гардонидан. 2. харҷ. 3. номи илмест, ки дигар шудани калимаҳоро баён мекунад.

САРФА صرفه 1. пасандозе, ки аз бозистодани аз харҷи барзиёд ҳосил мешавад. **(Сарфаи сари оташдон—савдогари Ҳиндустон** ба ҳамин *маънист*). 2. фоида, манфаат (*чунончи мегӯянд:* **фалонӣ аз ин кор ҳеч сарфа набурд,** *яъне фоида набурд*).

САРФАГАР صرفه‌گر касест, ки аз харҷи барзиёд худдорӣ мекунад.

САРФАРОЗ سرفراز [1. сарбаланд, боифтихор]. 2. касе, ки бо мукофот ва инъоми давлатӣ соҳиб шуда бошад (*маҷоз*).

САРХАТ سرخط 1. хатти таълимии хушнависон, ки шогирдон ба вай тақлид карда нависанд. 2. ҳар чизе, ки барои кардани коре намуна мешуда бошад (*маънии дуйӯм маҷоз*).

САРХЕЛ سرخیل беҳтар ва хубтари ягон чиз.

САРХОНА سرخانه 1. зарфест, ки ба сари чилим гузошта, дар вай тамоку андохта оташ медиҳанд. 2. сарахбори баъзе ҳавоҳои мусиқии «Шашмақом».

САРХУШ سرخوش нимmастшуда аз шароб.

САРХУШК سرخشك дарахтест, ки бештарини шохҳояш хушкидаст.

САРЧАШМА سرچشمه 1. сари чашма. 2. ҷои рӯидан, бисёр шудан ва баромадани ягон чиз (*масалан,* **сарчашмаи осудаҳолии колхозчиён — меҳнати коллективии социалистӣ**).

САРЧИН سرچین зубда, баргузида.

САРШОР سرشار лабрез (*масалан*, дар косае об андозанд, ки аз лаби вай резад, саршор мешавад).

САРШУМОРӢ سرشماری ҳисобгирии одамон ва ҳайвоноти мамлакат.

САРЪ* صرع бемориест, ки гирифтори ин дард гоҳо беҳиссу ҳаракат шуда меғалтад ва аз даҳонаш кафк меравад. Агар нигаҳбоне надошта бошад, ногоҳ дар об ё дар оташ афтода талаф шуданаш мумкин аст. Асоси ин беморӣ бемории рӯҳ ва асаб аст. (*Ёд. 3—4*).

САРӢ I* سری сардорӣ; ҳукмронӣ.

Ба ғурури сарӣ дар ин бозор.
Ғафлат аз ҳалқашон кашида навор.

(*Бедил*).

САРӢ II//САРО ثری 1. хок, хоки намнок, [2. намнокӣ]. 3. зери замин.* **Сурайёу сарӣ** *маҷозан* забару зер (*Н.*). [осмону замин].*

САРҲАНГ سرهنگ сардори лашкар; сардори дастаи аскарӣ дар лашкар, ки сардори он лашкаркаш мешавад.

САРҶАНГ سرجنگ пешҷанг.

САРҶӮШ سرجوش 1. рӯи шӯрбост, ки дар ҷӯши аввал бигиранд. 2. зубда ва хулосаи ҳар чиз (*маънии дуйӯм маҷоз*).

САТВАТ سطوت 1. қаҳр. 2. сахтгирӣ.

САТИЛ ستل зарфи даҳонфарохи

мисӣ, ё оҳанист, ки бо вай аз чоҳ об кашанд.

САТР I ستر 1. парда пӯшонидан ба чизе. [2. парда, ҳиҷоб].

САТР II سطر ҳар як қатори ҳарфҳои навишташуда.

САТТОР ستار пӯшанда, пардапӯш.

САТТОРУЛЬУЮБ* ستار العیوب пӯшонандаи айбҳо. *(Ҷ. 1)*.

САТҲ سطح 1. ҷои паҳн, ки дарозӣ ва бар дорад, аммо чуқурӣ надорад. 2. рӯи ҳар чиз, ки паҳн бошад.

САФ صف қатори одамон ва ғайра.

САФАР* سفر саёҳат, аз ҷое ба ҷое рафтан.* **Сафар кардан** аз ҷое ба ҷои дуре рафтан.

САФАРҶАЛ سفرجل биҳӣ *(номи мева)*.

САФАҲ سفه 1. сабукии ақл. 2. аблаҳ, нодон *(ба маънии дуюм зинда аст)*.

САФВАТ صفوت 1. баргузидагӣ. 2. покизагӣ, беғуборӣ.

САФДАР صفدر аз ҳам даронандаи сафи лашкар дар ҷанг; паҳлавон, ҷанговар.

САФЕД سفید 1. номи ранги маълум, [ки *зидди* **сиёҳ** аст]. 2. ҳар чизе, ки сафед бошад.

САФЕДА سفیده 1. сафедии тухми мурғ. 2. моддае бошад дар бадани ҷондорҳо ва растаниҳо аз ҷинси сафедии тухми мурғ. **Сафедаи косагарӣ** кӯрғошими сӯхта аст, ки ба нақши коса ба кор равад.

САФЕДАГАР سفیده‌گر мисгаре, ки зарфҳои мисинро бо қалъагӣ сафед мекунад.

САФЕДБАРӢ سفیدبری фасли тирамоҳ, ки ҳамаи ҳосилот мепазад.

САФЕДБАХТ سفیدبخت хушбахт *(бештарин дар ҳаққи духтарон ва занон гӯянд)*.

САФЕДБО سفیدبا шӯрбое, ки гӯштро танҳо (бе ҳеҷ сабзавот ва чизи дигар) дар об ҷӯшондаанд.

САФЕДДЕГ سفیددیگ камбағал *(маҷоз аст аз ин ки камбағал ош намепазад ва бинобар ин дегаш сафед мемонад)*.

САФЕДДОЛ سفیددال *нигоҳ кун.* ба **сафедор** *(маънии таркибии ин калима «сафедбарг» ё ин ки «сафеддарахт» гуфтан аст, ки, сафедор ҳам дарахти сафед, сафедбарг аст. Ва бо қоидаи умумии тоҷикӣ «л» ба «р» бадал шуда «сафеддор» гардидааст ва аз ҷиҳати дар як ҷо омадани ду «д» якеаш партофта шуда «сафедор» шудааст)*.

САФЕДКОСА سفید کاسه хушбахт.

САФЕДОБ سفید آب кӯрғошими сӯхта.

САФЕДОР سفیدار дарахтест сафедчӯб, хокистарипӯстлох ва сафедчабарг, ки хеле баландқад мешавад.

САФЕДӢ سفیدی 1. *мансуб ба* **сафед**. 2. ғозаест, ки занон бо вай рӯи худро сафед кунанд. **Сафедии пӯкка** *нигоҳ кун. ба маънии дуюми* **сафедӣ**.

САФЕДҶОМАГОН* سفیدجامه گان пайравони Муқаннаъ; Муқаннаъ бар зидди... аломати давлатии аббосиён (яъне сиёҳпӯшӣ) тобеон ва пайравони худро фармуд, ки ҷомаҳои сафед пӯшанд ва ҳамаи қабулкунандагони даъвати Муқаннаъ ҷомаҳои сафед пӯшиданд ва ба ҳамин сабаб дар таърих номи расмии тобеони Муқаннаъ «сафедҷомагон» шуда монд. *(Ҷ. 10)*.

САФЕҲ سفیه нодон, аҳмақ, аблаҳ.

САФИЛ سفیل *нигоҳ кун.* *ба* **сифла.**

САФИНА سفینه 1. киштӣ; 2. дафтари ашъор. *Ҳофиз гуфта:*

Дар ин замона рафиқе, ки холӣ
аз ҳалал аст.
Суроҳии маи нобу сафинаи ғазал аст.

САФИР I سفیر элчӣ, вакил, сафири маҳз касе, ки аз пеши худ коре кардан ва сухане гуфтан натавонад *(маҷоз)*.

САФИР II سفیر 1. овози паррандагон. [2. овозе, ки барои талаби паррандагон бароранд].

САФК سفک хунрезӣ, одамкушӣ.

САФО صفا покизагӣ, беғашӣ, беғуборӣ.

САФОИН سفائن [*ҷамъи* **сафина**]; киштиҳо.

САФОЛ سفال шикастаи зарфҳои аз гил сохта дар хумдон пухташуда.

САФОЛАК سفالک базми дойрагӣ *(истилоҳи Бухоро) Ҳайрат гуфта:*

Рафт аз як тараф овози сафолак ба
фалак...

САФОЛИН سفالین *мансуб ба* **сафол (зарфҳои сафолин).**

САФОЛӢ سفالی *нигоҳ кун. ба* **сафолин.**

САФОРАТ سفارت 1. элчигарӣ. 2. элчигӣ.

САФОҲАТ سفاهت беақлӣ, нодонӣ, бемазагӣ *(сифати одам)*.

САФРО سفرا [*муаннаси* **асфар**]; хилти меъдагии зардранг, ки як номи вай «талха» ва номи дигараш «зарда» аст.* **Сафро дар димоғ** дар ҳолати хашмгинӣ, оташинӣ.

Ин гуфту гирифт роҳи саҳро.
Хун дар дилу дар димоғ сафро.
(Л. М.).*

САФСАТТА سفسطه суханони бемаънӣ ва берабт, ки одам дар ҳолати беҳушӣ гӯяд. 2. суханони беҳуда ва бемаънӣ.

САФФОК سفاک хунрез, одамкуш.

*Дошт ин шаХр ҳокиме саффок.
Ба сад осор тинати Заҳҳок.
(Бедил).

САФӢ سفی 1. баргузида. 2. соф ва холиси ҳар чиз.

САХАТ سخط хашм, ғазаб.

САХО* سخا сахигӣ, ҳимматбаландӣ.

Изҳори сахо па базли симу дирамест.
Ҳар кас з-ин нашъа сархуши бешу
камест. *(Бедил)*.

САХТ سخت 1. устувор, мӯҳкам *(зидди суст)*. 2. бахил, мумсик. 3. ҳар чизе, ки ҷузвҳояш бо ҳам мӯҳкам часпида бошад *(зидди нарм)*; 4. бисьёр ва барои муболаға дар сифате. *Чунонки Ҳофиз гӯяд:*

Биё, ки қасри амал сахт сустбуньёд аст.

5. танг, душвор. (*Чунончи, мегӯянд:* **рӯзам бисьёр сахт шуд,** *яъне душвор шуд, танг шуд*).

САХТБОЗУ سخت بازو одами тануманди пурзӯр.

САХТДИЛ سخت دل берахм.

САХТИЁН سختیان [пӯсти ошдодашуда], чарм.

САХТҚАМОН سخت کمان паҳлавон (*маҷоз*).

САХТЛАГОМ سخت لگام *нигоҳ кун.* ба **сахтҷилав.**

САХТУ سختو ҳасиби гӯсфандӣ (колбаса).

САХТӢ سختی тангӣ, душворӣ. **Сахтиҳо гузашт,** *яъне тангиҳо ва душвориҳо гузашт*.

САХТҶИЛАВ سخت جلو 1. аспи саркаш. 2. одами саркаш, нофармонбардор (*маҷоз*).

САХТҶОН سخت جان балокаш, мусибатбардор. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*
Сахтҷонем, ки дидему намурдем ҳанӯз.

Дар ҷавонии ту тобути туро дар таки
дар.

САХУН سخن *нигоҳ кун. ба* **сухан.**

САЪБ صعب душвор, сахт, мушкил.

САЪВА صعوه паррандаест ба қадри гунҷишк, ки дастомӯз мешавад.

САЪД سعد 1. нек. 2. некбахтӣ, 3. *зидди* **наҳс** (*баъзе чизҳо, рӯзҳо ва ситораҳоро аломати некбахтӣ ё сабаби некбахтӣ шуморанд, ки аз эътиқодҳои хурофотӣ аст*).

САЪЙ سعی 1. давидан. 2. кӯшиш (*дуйӯм маҷоз*).

САЪҚА صعقه [1. барқ задан]. 2. беҳушӣ.

САҒИР صغیر 1. хурд, кӯчак. 2. бачаи ҳанӯз ба балоғат нарасида. 3. *нигоҳ кун. ба маънии* **суғур II**

САҒИРДАШТ سغردشت мавзеест дар байни Тавилдара ва Қалъаи Хуми Тоҷикистон, ки дар он ҷо сағир (суғур) яъне ҳайвони гурбамонанд бисьёр аст.

САҒИРХОНА صغیرخانه хонае, ки дар он ҷо бачагони сағири бепарасторро тарбия мекунанд.

САҒОНА سغانه гӯри бо сангу хишт бар рӯи замин сохташуда.

САҒРӢ سغری пушти рони асп, хар ва гов (*ин калима аз «соғарӣ» сабук карда шудааст*).

САҚАТ* سقط 1. афтода, ғалтида. 2. чизи носара, беҳуда, бекора. (*дар забони зинда ба ин маънӣ* **сағат** *мегӯянд*). 3. хато дар китобат ба тарзи афтодани баъзе чизҳои навиштанӣ (*ба ин маънӣ дар адабиёти илмӣ* **сукут** *кор фармуда мешавад*). **Сақат гуфтан** бадгӯй кардан, дашном додан.

Ҳама шаб дар ин ғусса, то бомдод.
Сақат гуфту нафрину дашном дод.
(*Бӯс.*).

САҚАНҚУР سقنقور ҷонварест калтакалосмонанд.

САҚИЛ ثقیل 1. гарон, вазнин. 2. ҳавоест дар мусиқа аз шӯъбаҳои мушкилоти «Шашмақом».

САҚИМ سقيم 1. бемор. 2. ноқис, вайрон *(маҷоз)*.

САҚИРЛОТ سقرلات чакмани мохут.

САҚТ سقط 1. мурдани чорпоён [2. бачапартой; *ба ин маънӣ ба шакли* **сиқт** низ меояд].

САҚФ سقف шифт.

САҚҚО سقا 1. обнӯшонанда, обкаш. 2. сангрезаҳои сарироҳӣ. 3. сангчае, ки бачагон бо вай бозӣ кунанд. [4. беҳуда, бекора, намеарзидагӣ].

САҚҚОМОНДА سقامانده дар роҳ монда.

САҲАР I سحر охири шаб, пеш пеш аз дамидани субҳ.

САҲАР II سهر *бедорӣ, бехобӣ.*

САҲАРГОҲОН سحرگاهان вақти саҳар.

САҲАРХЕЗ* سحرخيز саҳар аз хоб хезанда, субҳхез. **Саҳархезони корвони наҷот** *киноя аз* ситораҳо.

...Моро ба водии залолат андохтааст ва аз пайравии саҳархезони корвони наҷот маҳрум сохта. *(Бедил)*.

САҲВ I سهو 1. фаромӯшӣ. 2. ғофил шуда дар коре хато кардан *(маънии ҳозира)*.

САҲВ II صحو хушёрӣ аз мастӣ, ё хоб.

САҲЕҲ صحيح 1. тандуруст. 2. дуруст. 3. беайб.

САҲЕҲА* صحيحه рост *(Б.)*.

САҲИМ سهيم соҳибҳисса, шарик.

САҲИФА صحيفه як рӯй аз як варақи китоб *(маънии ҳозира)** **Саҳифаи такмил** *киноя аз* дунё.

Ҳеҷ ҷо з-ин саҳифаи такмил
Ҷилвагар нест маънии таътил
(Бедил).

САҲЛ سهل осон; *муқобили* **душвор**.

САҲМ I سهم тир.

САҲМ II سهم ҳисса, баҳра.

САҲМ III سهم *бим, хавф.*

САҲМГИН سهمگين *нигоҳ кун. ба* **саҳмнок**; пурдаҳшат, баднохима.

*Баромад яке саҳмгин боду гард,
Ки дар чашми мардум ҷаҳон тира кард.
(Бғ.).

САҲМДОР سهمدار соҳибҳисса, баҳрадор.

САҲМНОК سهمناك бимнок, хавфнок.

САҲН صحن суфаи фароҳи пеши хона ва иморатҳои бузург *(маънии ҳозираш)*.

САҲНА صحنه суфаи баландест, ки дар театр ва дигар тамошогоҳҳо месозанд *(маънии ҳозираш)*.

САҲОБ* سحاب абр.

Баски саҳоби тараб рӯи замин об зад,
Сабза чу наргис намонд як мижа маҳруми
хоб. *(Бедил)*.

САҲОРӢ صحارى [*ҷамъи* **саҳро**]: саҳроҳо, даштҳо.

САҲРО صحرا 1. *биёбони беобу алаф.* **Саҳрои кабир** *биёбони бе*обу алафи регзори бисёр паҳновarест дар Африка. 2. киштзорҳои атрофи шаҳр.

САҲРОӢ صحرائى [*мансуб ба*

саҳро]. 2. деҳқон (*истилоҳи Бухоро*).

САҲҲОФ صحاف ҷилдкунандаи китобҳо, муқовасоз.

САҶИЙЯ سجیه одат, хислат.

САҶОЁ سجایا [*ҷамъи* **саҷийя**]; хислатхо, одатҳо.

САҶЪ سجع 1. овози паррандагони хушовоз (*монанди* булбул, қумрӣ ва ғайра). 2. қофияҳои охири фикра ва ҷумлаҳои насрӣ.

САҶҶОДА* سجاده ҷойнамоз.

Ибодат ба ҷуз хидмати халқ нест.
Ба тасбеҳу саҷҷодаву далқ нест. (*Бӯс.*).

СЕАСПА سه اسپه 1. қосиде, ки дар ҳар манзил аспро дигар карда дар як рӯз се манзил роҳ мерафт. 2. шитобкорӣ (*маҷоз*).

СЕБАНД سه بند чӯбдасти дарози се бандимисин, ё биринҷидор, ки аз заранги кӯҳӣ сохта мешуд, дарозиаш се газ ва ғафсиаш ба ғафсии каланддаста меомад. Ин силоҳ махсуси шабгардони (полицияи) давраи амирӣ буд, ки ба ҷои яроқ кор мефармуданд.

СЕБАРГА سه برگه растании монанди алафи юнучқа, ки почаи дароз надорад ва камбарг аст.

СЕВОЛ سیوال ағаз; *нигоҳ кун. ба* ағаз.

СЕГОҲ سه گاه ҳавоест дар шашмақоми мусиқӣ.

СЕЛОБ سیلاب оби сел.

СЕЛОБА I سیلابه ханҷар.

СЕЛОБА II سیلابه [1. оби сел. 2. чизҳои оби сел оварда]. 3. шароби бо арақ омехта (*маҷоз*).

СЕЛӢ سیلی *нигоҳ кун*, *ба* **силӣ**.

СЕМУРҒ // СИМУРҒ سیمرغ номи як мурғи афсонагӣ, ки дар ҳақиқат вуҷуд надорад.

СЕР I سیر шикамсер, хӯрокхӯрда; *зидди* **гушна** 2. бисьёр (**серпул** — бисьёр пулнок; **серодам** — бисьёр одамнок).

СЕР II سیر вазнест, ки баробари се килову дусад грамм меояд. **Панҷ сер** як пуд. **Даҳ сер** — ду пуд (*Ҷ. IV*).

СЕРОБ سیراب 1. одам, ҳайвон ё киште, ки аз об сер шуда бошад. 2. ҷое, ки дар он ҷо оби равон бисьёр бошад. 3. ҳар чизе, ки дар ҷое бисьёр бошад. (*Масалан, мегӯянд*: **Имсол дар Самарқанд мева сероб аст** *маҷоз*).

СЕРУН سیرون ҳавои форами ба сардӣ моил.

СЕРҲОСИЛ سیرحاصل киште, ки ҳосилаш бисьёр бошад.

СЕШОХА سه شاخه чӯби се шохноки дастадор аст, ки бо вай дар вақти хирманкӯбӣ пахолро такурӯ мекунанд.

СЕҲР سحر ҷоду, афсун. ***Сеҳри ҳалол** а) сеҳри раво дидашуда. б) *дар ин ҷо киноя аз* шеър:

Аз сеҳри ҳалоли ӯ зарифон,
Карданд симоъ бо ҳарифон. (*Л. М.*)

СЕҲРБОЗ سحرباز ҷодугар.

СИБАҒ* صبغ [*ҷамъи* **сибғат**]; 1. рангҳо. 2, намудҳо, тобишҳо.

СИБЛАТ سبلت бурут, мӯйлаб.

Маяфроз гардан ба дастору риш,
Ки дастор пунбасту сиблат ҳашиш,
(*Бӯс.*).

СИБО صبا//صبی айёми кӯдакӣ, бачагӣ.

СИБОЪ سباع [*ҷамъи* сабъ *ва* сабӯъ]; ҳайвоноти дарранда (*монанди гург. шағол*)

*Бар маркаби он сибоъ зад даст,
То ҷумла шуданд бар замин паст
(*Л. М.*)

СИБЬЁН صبیان [*ҷамъи* сабӣ]; кӯдакон.

СИБҚАТ//САБҚАТ سبقت пешӣ гирифтан дар коре.

СИВО سوا ғайр (**ба сивои ин чиз** ба ғайри ин чиз). **Сиво шудан** ҷудо шудан (*махсуси тоҷикӣ*).

СИГЗӢ//САГЗӢ سگزی *мансуб ба* **Сигз, ки номи кӯҳест аз вилояти** Зобулистон. Назар ба афсонаҳо Рустами Зол дар он ҷо таваллуд ёфтааст ва бинобар ин ӯро «Рустами сигзӣ» гӯянд. (*Р.*).

СИГОЛ سگال фикр, андеша, нийят.

СИГОЛИДАН سگالیدن андеша кардан.

*Маҷнун ба ҳазор навҳа нолад.
Лайлӣ чӣ нишот месиголад? (*Л. М.*)

СИГОЛИШ سگالش 1. андеша, фикр. 2. машварат.

СИДДИҚ صدیق 1. бисьёр ростгӯй. 2. бағоят ростпиндоранда.

СИДРА* سدره номи як дарахти афсонавӣ дар осмон.

Нахли файзест дар биёбоне,
Тубиюл—аслу сидра—ағсоне (*Бедил*).

СИДҚ صدق ростӣ.

СИЁ سیا *нигоҳ кун, ба* **сиёҳ**.

СИЁБАНД سیابند *нигоҳ кун, ба* **сиёҳбанд**.

СИЁМ* سیام дар бештарини нусхаҳо ин ном ба шакли «сом» навишта шудааст. Лекин ҳам «Ғиёсуллуғат» ва ҳам «Бурҳони котеъ» ин номро ба шакли «Сиём» навишта, «кӯҳест дар наздикии Самарқанд» гуфтаанд. Фақат «Бурҳони котеъ» бо вуҷуди ин ки воқиаҳои Муқаннаъро ба ин кӯҳ нисбат додааст, ҷояшро дар байни Самарқанд ва Тошканд нишон додааст. Албатта ин хатост, чунки ҳамаи таърихчиён воқиаҳои Муқаннаъро ба кӯҳистони Шаҳрисабз нисбат медиҳанд, ки ин ҷоҳо кӯҳистони Ҳисор ба шумор меравand. Афсонаи Чоҳи Нахшаб ва Моҳи Нахшаб ҳам ин фикрро қувват медиҳад. «Ғиёс» дар қатори маъниҳои Сом «номи кӯҳе» гуфта бошад ҳам, ҷояшро таъин накардааст. (*Ҷ. 10*).

СИЁМ* II صیام рӯза, рамазон (*Ҳ.*).

СИЁНАТ صیانت нигаҳдорӣ, нигаҳбонӣ (*аз офатҳо, аз ҳуҷумҳо*).

СИЁСАТ سیاست 1. тарсандозӣ ба дили касе. 2. ҷазо. 3. тадбири мулкдорӣ, тадбири хонадорӣ.

СИЁСАТГОҲ سیاست گاه ҷое, ки дар он ҷо гунаҳкоронро ҷазо медиҳанд.

СИЁЙ سیایی *нигоҳ кун, ба* **сиёҳӣ**.

СИЁҚ سیاق 1. ронд, рониш (**сиёқи калом** ронди калом) 2. илми ҳисоб. 3. тарз, равиш, (*маънии сеюм махсуси тоҷикист*).

СИЁҲ سیاه 1. ранге маълум. 2. чизе, ки рангаш сиёҳ бошад. 3. ғулом (*саввум маҷоз*). **Сиёҳ_раф-**

тани чашм як бора торик шудани пеши чашм (*ин ҳол дар вақти бисёр беқувватии одам ва ё дар вақти рӯй додани ягон амали сахт ё зарбаи сахт рӯй медиҳад*).

СИЁҲБАНД سیاه بند 1. касе, ки дар ҳақиқат шарики қиморбоз буда, зоҳиран ва дар пеши мардум барои фиреб додани дигарон бо вай ҳариф шуда қиморбозӣ карда, ӯро мебарад, ин ҳолро дида, дигарон ҳам ба умеди бурдани қиморбоз бозӣ мекунанд ва дар натиҷа бой медиҳанд. 2. ҳар касе, ки дар хариду фурӯш, ё дар дигар муомалот бо касе зоҳиран ҳариф шуда дигаронро фиреб медиҳад.

СИЁҲБАХТ سیاه بخت бадбахт (*ин калимаро бештарин дар ҳаққи заноне аз шавҳар рӯи некӣ надида гӯянд*).

СИЁҲБЕД سیاه بید як хел дарахти бед, ки чӯбаш сурхчаи сиёҳтоб ва сахт мешавад.

СИЁҲГИЛЕМ سیاه گلیم бадбахт.

СИЁҲГӮШ سیاه گوش як хел ҳайвони даррандаи аз саг хурдтар, аз гурба калонтар, ки рангаш гулобии сиёҳтоб буда ва гӯшҳояш сиёҳ аст. Ин ҳайвони ваҳшӣ ба сари худ аз ӯҳдаи шикор кардан намебарояд ва бо пасхӯрдаи ҳайвоноти дарранда рӯз мегузаронад.

СИЁҲДОНА سیاه دانه донаест аз арзан калонтар, аммо бисёр сиёҳ, ки бар рӯи нонҳо дар вақти пухтан пошанд ва дар давоҳо кор фармоянд.

СИЁҲИДОН سیاهیدان зарфе, ки дар вай ранг андохта аз вай хат нависанд.

СИЁҲКОР سیاه کار касе, ки мӯза ва кафшҳои кӯҳнаро пардоз мекунад.

СИЁҲПИР سیاه پیر касе, ки бо вуҷуди расидани синнаш ба пирӣ мӯйҳояш сиёҳ бошад (*маънии зиндааш ҳамин аст*).

СИЁҲПӮШӢ* سیاه پوشی аломати давлати Аббосиён (*Ч. 10*).

СИЁҲСАР سیاه سر зани бадбахт.

СИЁҲЧОЛ سیاه چال чоҳи беоб, ки дар ҳукуматҳои феодалӣ баъзе бандиёнро дар он ҷо нигоҳ доранд.

СИЁҲЧУРДА/СИЁҲЧАРДА سیاه چرده одаме, ки рангаш ба сабзӣ моил бошад.

СИЁҲӢ سیاهی ранги сиёҳ. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Метавонӣ тирагӣ з-ойина бастан
зудуд.
Гар сиёҳӣ дур битвонӣ зи парри
зоғ кард.

2. торикӣ (**сиёҳии шаб** торикии шаб). 3. ранге, ки бо вай хат нависанд. 4. чизе, ки аз дур менамояд, аммо чӣ будан ва кӣ буданаш онро бинанда фарқ карда наметавонад. 5. ҳолати даҳшатнок, ки одам дар хоб мебинад. **Сиёҳӣ кардани чашм** як бора чизеро дида натавонистан (*ин бештарин дар вақти рафтан аз равшанӣ ба торикӣ рӯй медиҳад*) *Ҳайрат гуфта:*

Дар кулбаи тор, эй писар, аз ман
намегирӣ хабар,
Гар ой аз беруни дар, чашмат сиёҳӣ
мекунад.

Сиёҳӣ пахш кардан хоби даҳшатнок дида беҳаракат шуда мондан.

СИКАВ سکو *нигоҳ кун*, ба **искав**.

СИКАНДАР سکندر Искандар.

СИКАНГУБИН سکنگبین *нигоҳ кун, ба* **сиканҷабин.**

СИКАНҶА سکنجه *нигоҳ кун, ба* **исканҷа ва шиканҷа.**

СИКАНҶАБИН سکنجبین шарбати нордон аст, ки бо шакар ва ягон чизи турш, масалан бо сирко, ё оби анор мепазанд, (*асли ин калима «сиркаи губин» буд, ки «сирко—ангубин» гуфтан аст*)

СИККА I سکه 1. оҳани мӯҳркандa, ки бо вай пулҳои филизӣ (мис, тилло, танга) ро нақш кунанд. 2. пули сикка задашуда.

*То дар ману дар ту сиккае ҳаст.
Ин сиккаи бад раҳо кун аз даст.

дар мисраи якум маҷозан ба маънии обрӯю эътибор ва дар мисраи дуюм ба маънии сиккаи қалб, яъне бадномӣ омадааст (Л. М)

СИККА II سکه кӯча, маҳалла; бозор, раста.

СИККИН سکین корд.

СИКОЛИШ سکالش *нигоҳ кун. ба* **сиголиш.**

СИЛ/Л/ سل бемории гузарандае, ки бештарин дар шуш ва гоҳо дар дигар узвҳои бадан пайдо шуда соҳибашро хароб ва лоғар карда тамом менамояд.

СИЛА صله инъом, бахшиш, ато (бештарин инъоме, ки ба шоир барои мукофоти ягон шеъраш медодаанд).

*Ин замон ҷуз ғуборшон сила нест,
Дастранҷе ба ғайри обила нест.
(*Бедил*).*

Силаи раҳим меҳрубонӣ ва ёрӣ ба хешовандон.

СИЛААНДЕШ* صله‌اندیش он, ки дар фикри сила аст, мукофотталаб; тамаъкор.

Аз ҳеҷ кас наям силаандеш бешу кам.
Маддоҳи фитратам, на Заҳирам на
Анварӣ. (*Бедил*).

СИЛК سلک 1. риштае, ки ба вай марворид гузаронанд. 2. қатор (*маҷоз*).

СИЛОТ صلات [*ҷамъи* **сила(т)**]; инъомҳо.

СИЛОҲ سلاح ҳар чизе, ки бо вай ҷанг кунанд (шамшер, милтиқ *ва монанди инҳо*).

СИЛСИЛА سلسله 1. занҷир.

*Дар силсила доштӣ саге чанд.
Девонафашу чу дев дар банд. (*Л. М.*)*

2. ҳар чизе, ки қатор ва паиҳам равад (*масалан, авлоди як кас, қатори кӯҳҳо ва монанди инҳо*).

СИЛӢ//СЕЛӢ* سیلی тарсакӣ, шаппотӣ, зарбае, ки бо кафи дасту панҷа зада мешавад.

Яке гуфт: охир туро нанг нест.
Хабар з—ин ҳама силиву санг нест?
(*Бӯс.*)

Силии ошиқӣ *кинoя аз* азоби роҳи ишқ аст.

Ҳам сели бало бад-ӯ расида,
Ҳам силии ошиқӣ чашида. (*Л. М.*)

СИМ سیم 1. нуқра.

*Он май, ки сафои сим дорад
Дар дил асари азим дорад.

яъне мае, ки монанди нуқра соф аст. (*Л. М.*). **Сими сода** нуқраи холис ва соф. *2. тори мисӣ ё оҳанӣ.

СИМИЁ سیمیا илмест хаёлӣ ва хурофотӣ, ки гӯё бо вай чизҳои ғайри мавҷударо мавҷуд карда, ба назар нишон медиҳанд.

СИМИН* سیمین нуқрагин.

Ду ришта дурам дар даҳон дошт ҷой,
Чу деворе аз хишти симин ба пой.

(Бӯс).

СИМКАШӢ سیمکشی [1. кашидани сим, симгузаронӣ]. 2. амалиёти борик гардонидани симҳои ғафси тилло ва нуқра дар заргарӣ (*Ҷ. б*).

СИМО I سیما 1. пешонӣ [2. афт, рӯй, чеҳра, сурат].

СИМО II سیما нишона ва аломати чизе, ки бо вай он чизро шиносанд.

СИМОБ سیماب як хел моддаи маъдании шуррути серҳаракат, ки аз гармӣ ва сардӣ зуд таъсир мегирад, [зайбак, ҷева].

СИМОК* سیماک номи як ситора, Арктур.]

СИМОТ* سماط дастурхон.

Симоте бияфканду аспе бикушт,
Ба доман гуҳар додашон, зар ба мушт.

(Бӯс.).

СИМОР ثمار [*ҷамъи* **самар**] меваҳо.

СИМОЪ* سماع *нигоҳ кун, ба* **самоъ**. **Симоъ кардан** шунидан. *(Л. М.)*

СИМСОР سمسار 1. даллол. 2. касе, ки чизҳои резу рави мардумро фурӯхта музд мегирад.

СИМХУДО* سیم خدا 1. соҳиби нуқра. 2. *маҷозан* давлатманд.

Ҳам симхудову ҳам қавипушт,
Халқе сӯи ӯ кашида ангушт. *(Л. М.)*

СИМЧӮБ سیمچوب сутунҳои дароз, ки барои кашидани симҳои телеграф, телефон ва радио дар замин рост нишонанд.

СИНА سینه 1. ҷои шуш ва дил истодаи бадан аз тарафи пеш. 2. тугмаи пистон, ки аз он ҷо шир ояд. **Сина ба сина** оғӯшкунӣ касеро. **Сина додан** ба бача шир макондан. **Сина сипар кардан** а) ба муқобили тир ва найза рост рафтан, б) ҷонсупорӣ кардан барои касе дар мудофааи ӯ.

СИНГОР سنگار 1. *нигоҳ. кун. ба* **сангор**. 2. монанд.

СИНИН سنین [*ҷамъи* **сана**]; солҳо.

СИНН سن 1, дандон. 2. сол ва миқдори умр.

СИНОАТ صناعت *нигоҳ кун, ба* **саноат**; пеша ва кор.

СИНОН سنان найза, сарнайза; *нӯги найза. *Ба тарзи истиора:*

Сарпанҷаи найзаи далерон,
Панҷашикани синони шерон. (Л. М.)*

СИНФ صنف 1. қисме аз чизе, ки бо сифати махсуси худ ҷудо шудааст. 2. гурӯҳҳои мактабӣ, ки бо дараҷаи таҳсили худ ғун мешаванд. 3. дарсхонаи ҳар гурӯҳи мактабӣ. 4. табақаи инсонӣ, ки бо аҳволи иҷтимоӣ ва манфаати иқтисодии худ муайян мегардад.

СИНҶ سنج чӯби зерини хонаҳои чӯбкорӣ, ки аз рӯи вай каламаҳоро қатор кунанд.

СИОЯТ سعایت хабаркашӣ.

СИПАНД سپند *нигоҳ кун, ба* испанд; *гиёҳест сиёҳранг ва хушбӯй, ки гӯё барои дафъи чашми бад ва ғайра месӯзанд, сипанддона, ҳазорсипанд (Ҳ.)*

СИПАНДДОНА سپنددانه донаи ҳазориспанд.

СИПАНҶ* سپنج 1. гузаранда, муваққатӣ. 2. ориятӣ. 3. ҷайла, коза. ***Сипанҷӣ сарой, сарои сипанҷ**—дунё (*маҷоз*).

СИПАР I سپر 1. як чизи табақмонанди аз пӯст, ё аз филиз сохташуда, ки дар ҷангҳои қадим бо вай худро мудофаа мекарданд. 2. ҳар чизе, ки одамро аз тири душман мудофаа кунад, (*масалан*, хоктудаҳое, ки дар лаби хандақҳои ҷангӣ мебароранд; тахтаҳои фӯлодӣ, ки дар сари тӯп мегузоранд, то ки тӯпчиро аз тири душман нигаҳдорӣ кунад). **Сипар афкандан** мағлуб шудан (*маҷоз*).

СИПАР II* سپر 1. *асоси замони ҳозираи* **сипардан*** 2. раванда, тайкунанда (*ба ин маънӣ бо исм меояд, масалан, мегӯянд:* **раҳсипар**).

СИПАРӢ* سپری ба итмом расида, поёншуда. **Сипарӣ шудан** гузаштан, поён ёфтан.

> Сипарӣ шуд замони навмедӣ,
> Шаб бароянд ба кӯи хуршедӣ.
> (*Бедил*).

СИПАС سپس баъд, пас; пас аз ин, баъд аз ин.

> *Магар дил ба мурдан ниҳодӣ сипас,
> Ки барнамехезӣ ба бонги ҷарас. (*Бӯс.*)

СИПАҲ* سپه *нигоҳ кун, ба* **сипоҳ**.

СИПАҲБАД سپهبد *нигоҳ кун, ба* **испаҳбад**.

СИПАҲДОР* سپهدار лашкаркаш, сардори лашкар.

> Сипаҳдору гардамкашу пилтан,
> Накӯрӯю донову шамшерзан. (*Бӯс.*).

СИПАҲСОЛОР سپهسالار сардори лашкар, *ки ҳамаи ихтиёри лашкар ба дасти ӯ мешавад (*дар истилоҳи ҳарбии қадим*) (**Ч. 10**).*

СИПЕҲР سپهر осмон, фалак.

> *Чандон зи ғамаш ба меҳр нолид,
> К-аз нолаи ӯ сипеҳр нолид. (*Л. М.*)

СИПНОҲ سپناه *нигоҳ кун, ба* **испиноҳ**.

СИПОРӢ سپاری меваи дарахтест, ки барои ранг дар ширчой андозанд.

СИПОС سپاس шукр, *изҳори ташаккур.

> Надонист солори худро сипос,
> Туро ҳам надонад, зи ғадраш ҳарос!
> (*Бӯс.*).

Сипос доштан шукр кардан.

> Шуйиш ҳама рӯи пос медошт,
> Меҳӯрд ғаму сипос медошт. (*Л. М.*)*

СИПОҲ سپاه 1. аскар, лашкар. 2. одами соҳибтадбир. (*маҷоз*).

СИПОҲИГАРӢ* سپاهیگری 1. аскарӣ, сипоҳ будан. 2. мансабдорӣ дар даргоҳ; соҳиби ягон мансаб будан. 3. мулоҳизаҳои сиёсӣ; сиёсатнокӣ.

СИПОҲОН* سپاهان шаҳри Исфаҳон.

СИПОҲӢ سپاهی *мансуб ба* **сипоҳ**; як аскар, одами ҳарбӣ. *Ба ин маънӣ Зуко гуфта:*

> Муддате шуд, ки тамаъвои шаҳодат дорам,
> Мекашӣ даст чаро тифли сипоҳӣ аз кун.

СИПУРДАН//СУПУРДАН سپردن 1. кореро ба касе фармудан. 2. чизеро ба касе таслим кардан.

СИПУРДАН II//СИПАРДАН سپردن роҳ рафтан (*Чунончи мегӯянд*):

Даҳ сангро пиёда сипурдан осон нест, *яъне пиёда рафтан*).

СИПУРЗ//СУПУРЗ سپرز яке аз аъзои даруниии одамӣ ва ҳайвонот аст, ки дар забони халқ «испурч» мегӯянд.

СИР سیر 1. пиёзи кӯҳӣ. 2. саримсок.

*Дар сир иллати савсанӣ ҳаст.
Райҳон нашавад вале дар даст.

Сир (саримсоқ) монанди савсан аст, лекин вайро мисли райҳон ва гули хушбӯй ба даст гирифта бӯида намешавад (Л. М.).

СИРАТ سیرت 1. одат. 2. хислат, аҳволи даруни касе (*зидди сурат*).

СИРИШ//СИРЕШ سریش баргҳои кӯфта бехтаи як навъ растанист, ки вайро барои часпонидани чизе ба чизе бо об сиришта ба кор баранд.

СИРИШК سرشك 1. оби чашм, ки дар вақти гиря ояд, ашк.

*Гар чашми ту оташе занад тез,
Обе зи сиришки ман бар ӯ рез! (*Л. М.*)

2. як қатра, чакра.

Он май, ки гар сиришке аз ӯ бичакад ба Нил.
Ҳамвора маст гардад аз бӯи ӯ наҳанг. (*Рӯдакӣ*)*

СИРИШТ سرشت тинат, табиати ягон кас.

СИРИШТАН سریشتن//سرشتن омехтани як чизи обакӣ ба як чизи хушк (*масалан*, ба орд об омехта хамир кардан, ба хок об омехта лой кардан, ба қиём шакар, нишаста ҳамроҳ карда ҳалво пухтан *ва монанди инҳо*).

СИРКА سرکه *нигоҳ кун, ба* **сирко**. **Сиркаи муфт беҳ аз асал** *масали тоҷикист*, ки дар мавриди исботи беҳтар будани манфиати ками беташвиш, нисбат ба манфиати бисёри сертаишвиш гӯянд. *Дар ин маънӣ Ҳайрат гуфта:*

Гуфтамаш: бӯсае аз он лаби лаъл
Гар диҳӣ ҷони ман туро бадал аст;
Дида чини ҷабин ӯ гуфтам:
«Сиркаи муфт беҳтар аз асал аст».

СИРКАНГУБИН سرکنگبین *нигоҳ кун, ба* **сиканҷабин**. *Мавлонои Румӣ гуфта:*

Аз қазо сиркангубин сафро фузуд.
Равғани бодом хушкӣ менамуд.

СИРКО سرکا оби туршонидашудаи ангур.

СИРОТ صراط 1. роҳи рост. [2. *динӣ*, пул (кӯпрук)е будааст аз болои дӯзах, ки гӯё бегуноҳонро аз рӯи он гузаронида ба биҳишт мебурдаанд, пули сирот].

СИРОЯТ سرایت аз чизе ба чизе гузашта таъсир кардани чизе (*масалан* об ба девор гузашта вайро намдор мекунад, беморӣ аз бемор ба каси тандуруст гузашта, ӯро ҳам бемор мекунад).

СИРОҶ سراج чароғ, шамъ.

СИРР سر роз.

СИРФ صرف холис (*масалан мегӯянд:* **аҳмақи сирф**, *яъне аҳмақе, ки асари ақл дар вай ҳеҷ нест*).

СИРҚАТ سرقت дуздӣ.

СИСАНБАР سیسنبر сабзаест дар шиёвани пудина ва наъно.

СИТ صیت овозаи сифати хуби касе ё чизе. *Шоҳин дар мадҳи Аҳмади Калла гуфта:*

Эй як варақ зи дафтари фазли ту нӯҳ фалак,
Сити камоли ту зи само рафта то само.

СИТАБР ستبر//سطبر ғафс.

СИТАБРАҚ* ستبرق як навъ матои нозук, ки **истабрақ** ҳам мегӯянд.

Гул ёфт ситабраки ҳарирӣ.
Шуд бод ба гӯшворагирӣ (*Л. М.*).

СИТАДАН* ستدن гирифтан, рабудан, ахз кардан.

Шарт аст ба пеши ёр мурдан
З-ӯ ҷон ситадан, зи ман супурдан,
(*Л. М.*).

СИТЕЗ ستیز *нигоҳ кун, ба* **истеза**.

СИТЕЗА ستیزه *нигоҳ кун, ба* **истеза**.

СИТО ستا 1. ситоиш кун, мадҳ кун! (*амр аз* **сутудан**//ситудан). 2. ситоишкунанда (*ба ин маънӣ ҳамроҳи исм меояд. чунончи мегӯянд:* **худсито**, *яъне худро ситоишкунанда, мадҳкунанда*).

СИТОДА ستاده истода.

СИТОИШ ستایش мадҳ барои хубиҳои ягон чиз, ё ягон одам; [мадҳ, таърифу таҳсин].

СИТОМ ستام лаҷом ва чизҳои дигари асп.

СИТОН I ستان 1. *бигир* (*амр аз* **ситонидан** .2 ситонанда (*ба ин маънӣ бо исм меояд. масалан мегӯянд:* **дилситон**, *яъне ситонандаи дил*).

СИТОН II// **ИСТОН** ستان 1. ҷои бисёр будани як чиз (*чунончи*, **гулистон, саманистон, сарвистон**). 2. ҷои мутлақ (**шабистон**, *яъне ҷои шабнишинӣ, шабхобӣ*; **дабистон**, *яъне ҷои адаб ва тарбия, ки мактаб аст*).

СИТОРА ستاره ҷирми нурбахш дар осмон, ахтар, кавкаб. **Ситораи корвонкуш** ситораест, ки баъди аз ними шаб намоён мешавад ва корвони биёбонгард вайро ситораи рӯз гумон карда ба роҳ мебарояд ва дар хатар меафтад. **Ситораи рӯз** ситораи равшанест, ки дар наздикии сафед шудани субҳ намоён мешавад. **Ситора шумурдан** бедор будан (*маҷоз*) ***Ситораи ямонӣ (яманӣ)** *киноя аз Лайлӣ*.

Мехонд нашиди меҳрубонӣ,
Бар шавқи ситораи ямонӣ. (*Л. М.*)*

СИТОРАШИНОС ستاره شناس мунаҷҷим.

СИТОРАШУМУР ستاره شمر мунаҷҷим(он)и қадим, ки аз рӯи ситораҳо ба чигунагии аҳволи одам ва олам ҳукм мекард(анд).

СИТР* ستر парда.

СИТТА ستّه шаш.

СИТУДА//СУТУДА ستوده мадҳ кардашуда.

СИФАТ صفت 1. ҳол ва чигунагии чизе. 2. исме, ки ҳол ва чигунагии чизеро баён мекунад (*Масалан, «Аҳмади доно» гӯем, «доно» сифати Аҳмад аст, ки доноии онро баён мекунад*).

СИФЛ//СУФЛ سفل пастӣ.

СИФЛА سفله одами фурӯмоя, пастфитрат.

*Ниҳад омили сифла бар халқ ранҷ
Ки «тадбири мулк асту тавфири ганҷ».
(*Бӯс.*).

СИФЛӢ//СУФЛӢ سفلی 1. пасттар. 2. пастӣ (*мансуб ба* **сифл**).

СИФР صفر 1. тиҳӣ, холӣ. 2. доираи миёнхолӣ, ки дар ҷои холии вай рақамҳои ҳисоб гузоранд;

ноль, [аломатест дар ҳисоб, ки танҳо худаш қимате надорад].

СИХ سیخ оҳани нӯгтез (**сихи кабобпазӣ, сихи дандона**). **Сих ба гулӯ задан** чизе нахӯрдан (*маҷоз*). **Сих мондан** дар ҳайрат мондан (*маҷоз*). **Сих шудан** а) рост шудан. б) ба шунидан тайёр шудан (**гӯшаш сих шуд** *ба ҳар ду маънӣ*).

СИХКАБОБ سیخ کباب гӯшти ба сих гузаронида дар оташ бирён кардашуда.

СИХПАР سیخ‌پر чӯчаи ҳанӯз парҳояш нарасида.

СИЯР سیر (ҷамъи **сират**) 1. одатҳо, хислатҳо. 2. таърих, баёни аҳволи гузаштагон.

СИЯҲ سیه *нигоҳ кун.* ба **сиёҳ**; ранги зидди сафед. 2. торик.

СИЯҲЧОЛ سیه‌چال зиндони чоҳмонанди торик.

Сиёҳчолу мард андар ӯ бастапой
Беҳ аз фатҳи аз ҷой бурдан ба ҷой.
(*Бӯст.*).

СИЯҲБОДОМ سیه‌بادام *маҷоз.* чашми сиёҳ.

СИЯҲКОР سیه‌کار бадкор, бадкирдор.

СИЯҲКОСА سیه‌کاسه бадбахт.

СИЯҲКУШ* سیه‌کوش одами нияташ бад, каси ба кори бад саъйкунанда.

Маҷнун зи газофи он сияҳкӯш
Барзад зи дил оташе ҷигарсӯз.
(*Л. М.*).

СИЯҲМАСТ سیه‌مست 1. бадмаст. 2. бисёр маст.

СИЯҲНОМА سیه‌نامه 1. бадкирдор. 2. гуноҳкор.

СИЯҲСИТОРА* سیه‌ستاره *маҷ.* бадбахт.

З-он шефтаи сияҳситора
Мон шефтатар ҳазорбора. (*Л. М.*).

СИЯҲТОБ سیه‌تاب ранги сиёҳи бунафшатоб, ки дар вақти бо оби лиму об додани оҳан ё фӯлоди сайқалзада ҳамин рангро мегирад.

СИЯҲФОМ* سیه‌فام сиёҳранг.

Шунидам, ки Луқмон сияҳфом буд,
На танпарвару нозукандом буд. (*Бӯст.*).

СИЯҲЧАРДА* سیه‌چرده сиёҳчаранг.

Эй сияҳчардаҳои сабзахутут,
Кӣ давонидатон ба олами қут?
(*Бедил*).

СИҒА صیغه [1. шакл, намуд]. 2. сохти калима аз ҷиҳати пешу пас будани ҳарфҳо ва чигунагии ҳаракатҳо (*термини сарф*). 3. никоҳи муваққатӣ.

СИҒАР* صغر хурдӣ, бачагӣ. **Аҳди сиғар** даврони бачагӣ.

Ҳаме ёд дорам зи аҳди сиғар
Ки иде бурун омадам бо падар...
(*Бӯст.*).

Сиғари син хурдсолӣ. ...Ба ин сиғари син пояи суханро ба мазоқи кубаро расондан осори бинои қудрат аст. (*Бедил*).

СИҒОР صغار [ҷамъи **сағир**]: хурдон.

СИҚА ثقه 1. одами мӯътамад, ки ба қавли вай бовар кардан мумкин аст. 2. устуворӣ.

СИҚЛ ثقل гаронӣ, вазнинӣ.

СИҚОЯ سقایه 1. обьёрӣ, замини аз он пеш об дода нашударо об додан. 2. ҷои обгирӣ. 3. зарфи обнӯшӣ.

СИҚОЯТ سقایت обдиҳӣ. *нигоҳ кун. ба* **сиқоя.**

СИҚТ سقط бачаи нотамом аз шиками модар афтода.

СИҲО* سحا банди нома, ресмоне, ки дар вақти қадим мактубҳоро бо он мепечондаанд.

Маҷнун чу сиҳои номаро дид.
Ҷуз нома ҳар он чи буд, бидрид.
(*Л. М.*)

СИҲОМ سهام [ҷамъи **саҳм**]. 1. тирҳо. 2. ҳиссаҳо, баҳраҳо, насибҳо.

СИҲӢ//САҲӢ سهی ростқомат, навча (**сиҳисарв, сиҳиқад**).

СИҲҲАТ صحت [1. дурустӣ]. 2. тандурустӣ, саломатӣ.

СИҶИЛ سجل 1. хат ва чаки мӯҳр кардашуда. 2. ҳукмномаи қозӣ.

СИҶН سجن зиндон, бандихона.

СОАТ ساعت 1. як ҳисса аз 24 ҳиссаи шабу рӯз. 2. асбобе, ки тақсимоти бисту чаҳоргонаи шабу рӯзро нишон диҳад. 3. вақт ва фурсати муносиби ҳар чиз (*масалан мегӯянд:* **Ҳанӯз вақту соати ин кор нарасидааст,** *яъне фурсат муносиб нест*).

СОБЕЪ سابع ҳафтум.

СОБИР صابر сабр ва бардошткунанда.

СОБИТ ثابت 1. устувор, барқарор. [2. ситораи беҳаракат, ситораи ғайрисайёр]. ***Собиту сайёр** ситора ва сайёраҳо.

....Чароғони партави собиту сайёр фатилаи кӯтоҳӣ андӯхт.
(*Бедил, дар тасвири расидани шаб*).*

СОБИТҚАДАМ ثابت قدم побарҷо, пойдор.

СОБИҚ سابق пеш, [замони гузашта, қабл аз ин; пешин; муқаддам].

СОБИҚА سابقه 1. чизи гузаштае, ки барои чизи ҳозира ё оянда сабаб мешавад (*чунончи мегӯянд:* **собиқаи фалон одам бад буд, бинобарин боз ба бадиҳо афтод**). 2. созиш (**фалонӣ бо фалонӣ собиқа карда натавонист,** *яъне созиш карда натавонист. Ин маънии ҳаминрӯзаи халқии ин калима аст*).

СОД I* ساد сода, холис.

СОД II* صاد номи ҳарфи ҳафдаҳуми алифбои арабии тоҷикӣ. **Сод кардан.** Дар замони пеш мутолиакунандагони шеършинос ҳар байтеро, ки меписандиданд, бар болои вай ҳарфи «сод»-и арабиро мегузоштанд, ки ин киноя аз саҳеҳ (дуруст) гуфтан буд.

Нокадрдони маънии асрор нестам
Бар ҳар чӣ чашм мефиканам, сод мекунам.
(*Бедил*)

Шоир дар ин ҷо ҳамон одатро дар имтиёз ва таҳқиқи мавҷудот кор фармудааст. Ӯ мегӯяд: ман дар дуньё ба ҳар чиз бо назари диққат менигарам, аз рӯи тақлид ва шак ба ҳеҷ чиз ҳукм намекунам, ман сир ва ҳақиқати ҳар чизро мефаҳмам, чашми ман ба ҳар чиз, ки меафтод, гӯё, шакли сод аст, ки ба вай гузоштаам.

СОДДА//СОДА ساده 1. ҳар чизе, ки аз чизҳои беруна пок ва холӣ бошад (чунончи **когази содда**—когази ҳанӯз хат нанавишта). 2. суханҳои осонфаҳм ва холӣ аз душвориҳо. 3. оддӣ, муҷаррадӣ (**иморати содда**). 4. як ранги беношу нигор (**девори хонаамро содда сафед кардаам**). 5. ҷавони ҳанӯз ришнабароварда. 6. одаме, ки фиребгарӣ ва каллобиро надонад. 7. гӯл, соддалавҳ, нодон.

СОДДАДИЛ ساده دل *нигоҳ кун.* ба **соддалавҳ.**

СОДДАЛАВҲ ساده لوح одами камақли зудбовар.

СОДДАРУ ساده رو одами ҳанӯз ришнабароварда.

СОДИР صادر 1. аз ҷое берун оянда. [2. бароянда, рӯйдода, воқеъшуда]. **Содир ва ворид** раванда ва оянда.

СОДИС سادس шашум.

СОДИҚ صادق 1. ростгӯй. 2. аз тахти дил кунандаи кор, босадоқат; *зидди* **хоин*** 3. самимӣ

Гар ошиқӣ, оҳ содиқат ку?
Бо ман нафаси мувофиқат ку? (*Л. М.*)

СОЗ I* ساز *асоси замони ҳозираи* **сохтан.**

СОЗ II ساز [1. асбобу анҷом 2. сомон, тартиб, омодагӣ. 3. мувофиқ]. 4. *боб*, сазовор. **Созу боз** ороиши занон аз либос ва зинатҳои дигар. **Созу сомон** *асбобу ашёи* зиндагонӣ. ***Соз додан** а) омода кардан; (б) [мувофиқ кунондан.

Ҳам бо ту шикоятро диҳам соз
То умр куҷо имон бошад боз. (*Л. М.*).

СОЗ III ساز олати мусиқӣ [мисли тор, танбӯр, чанг ва ғайра].

СОЗВОР سازوار [1. мувофиқ. 2. сазовор]. 3. сифати об, ё ҷое, ки гармии онҷо миёна бошад.

СОЗВОРӢ سازواری [1. мувофиқат]. 2. як хел мурғи хонагии хурдҷусса, ки тухмаш хурд ва сахт мешавад.

СОЗГОР سازگار мувофиқ, сазовор (*масалан,* **ҳавои созгор**).

СОЗИШГАР سازشگر [1. созишкунанда]. 2. касест, ки ба ҳар гуна фикр ва маслакҳо созиш карда рафтан мегирад. 3. созишоранда байни ду кас ё ду фикр.

СОЗИШГАРӢ سازشگری мувосо ва созишкунӣ (*ба ҳар гуна маслак ва фикрҳо*).

СОИБ صائب 1. расанда [ба ҳадаф, ба мақсад] 2. расо, [саҳеҳ, дуруст].

*Ба танҳоӣ дар ин роҳҳо қадам гузоштан аз фикри соиб дур менамояд. (*Бедил*).

СОИД I ساعد аз сари банди дасти одамӣ то оринҷ; даст.

СОИД II صاعد боловаранда.

СОИЛ I سائل 1. суолкунанда, пурсанда.

*Чу соил аз ӯ ин иборат шунид.
Ба ғайраш чу моҳӣ ивон баркашид.
(*Бедил*)

2. гадо.

*Мекард бад—ин тамаъ қаронҳо.
Медод ба соилон дирамҳо (*Л. М.*).

СОИЛ II سایل равоншаванда, ҷорӣ (*сифати ҷилҳои обӣ*).

СОИР I سائر боқимондаи ягон чиз, ё ягон гурӯҳ; дигар.

СОИР II سائر сайркунанда.

СОИС سائس 1. донандаи сиёсати идораи мамлакат. [2. сиёсаткунанда; фармонраво]. 3. парваришкунандаи асп.

СОИҚ سائق 1. пешронанда. 2. боис ва сабаби ягон чиз (*маҷоз*).

СОИҚА صاعقه оташпорае, ки аз

ҳаракати сахти абрҳо барчаҳад, барқ.

СОКИН* ساکن бошанда.

Сокини вифоқи он манзил
Ҳама осуда, чун яқин дар дил.
(*Бедил*).

СОКИТ ساکت хомӯш, бесадо.

СОКУЛ* ساکول овора, андармон, машғул. **Сокул шудан** барои рафъи дилтангӣ худро ба коре ё ба чизе андармон кардан. (*Ёд. 3—4*).

СОЛ I سال 1. муддати 12 моҳи шамсӣ аст, ки дар ин муддат офтоб ҳамаи бурҷҳоро сайр мекунад. ***Соли кабиса** соле, ки моҳи февраль 29 рӯз мешавад. (*Ч. 5*). **Соли шамсӣ** аз аввали январь то охири декабрь, ё аз аввали ҳамал то охири ҳут аст, ки 365 рӯз мешавад. **Соли қамарӣ** муддати 12 бор пур шуда коғтани моҳ аст, ки ба 354 рӯз баробар меояд.

СОЛ II سال чӯбҳои паҳлуи ҳам баста дар об андохта, ки бо вай аз обҳо мегузаранд, ё худ он чӯбҳоро бо роҳи об ҷое мекашонанд.

СОЛЕҲ صالح некӯкор, аҳли салоҳ.

СОЛИЁН سالیان 1. солҳо, солҳои бисьёр.

*Чу хизматгузорет гардад кухун,
Ҳаќи солиёнаш фаромӯш макун.
(*Бӯс.*).

2. ҳаққи якесола, музди кори яксола

СОЛИК* سالک 1. раванда, роҳрав. [2. пайрави тариқати суфизм].

СОЛИС ثالث саввум.

СОЛИФ سالف пешгузашта, собиқ.

СОЛОР سالار сардор.

СОЛУК* سالوک бисьёр роҳраванда, сайёҳ.

Мағу чанд солуки саҳронаворд.
Бирафтем қосид ба дидори мард. (*Бӯс.*).

СОЛУС سالوس [1. забонбози фиребгар. *2. фиреб, найранг.

Ва гар шӯхчашмиву солус кард
Аґо, то напиндорӣ афсӯс кард. (*Бӯс.*)*

СОЛХӮРД سالخورد пири куҳансол.

СОЛХӮРДА سالخورده *нигоҳ кун. ба* **солхӯрд.**

СОМ* سام яке аз қаҳрамонони афсонавии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.

СОМЕЪ سامع шунаванда.

СОМИА//СОМЕА سامعه қувваи шунавоии гӯш.

СОМИРӢ سامری номи як шахси ҷодугари афсонавӣ.

*Дар ном салими омирӣ буд.
Дар ҷорагарӣ чу Сомирӣ буд. (*Л. М.*).

СОМИТ صامت хомӯш, сокит.

СО(Ъ)Ӣ ساعی кӯшанда, саъйкунанда.

СОН سان тарз, равиш, чунон (**он сон ки... — он чунон ки...**).

СОНАВӢ ثانوی дуйӯмӣ.

СОНИЯ* ثانیه секунд. (*Ёд.*).

СОНӢ ثانی 1. дуйӯм. 2. баъд (*дар забони ҳозира чунончи мегӯянд:* **сонӣ меравам,** *яъне баъд меравам*).

СОР I سار 1. соҳиб (*чунончи* **шармсор**). 2. сар (**нагунсор** *ки нагунсар гуфтан аст*). 3. ҷои бисьёрии ягон чиз (*монанди* **кӯҳ-**

сор, шохсор). 4. монанд (**хоксор** *яъне хокмонанд*).

СОР II سار *нигоҳ кун. ба* соч.

СОР III سار шутур (*чунончи, шутурбонро «сорбон» гӯянд*).

СОРБОН//СОРВОН ساربان//ساروان парваришкунандаи шутур; *шутуракӣ, шутуркаш.

Фурӯ кӯфт табли шутур сорбон,
Ба манзил расид аввали корвон.
(*Бӯс.*)*

СОРИМ صارم тез, бурранда (*масалан теғи бурранда*).

СОРИҚ سارق дузд.

СОРО سارا холис (*бештар ин калима дар сифати зар ва мушк ояд*).

СОРУ سارو *нигоҳ кун. ба* **соруҷ**.

СОРУҶ ساروج оҳаки омехта ба хокистар, рег ва монанди инҳо.

СОРӢ ساری 1. асаркунанда. 2. раванда ба ҳама ҷои як чиз 3. гузаранда аз чизе ба чизе (*масалан*, **бемории сорӣ** — *бемории* гузарандаест, ки аз касе ба касе мегузарад].

СОСКАН* ساسکن як ходаи дарози чангчаи пӯлодиндор аст, ки бо он моҳиро зада сайд мекунанд (*Ч. З.*).

СОСОНИЁН ساسانیان як силсилаи подшоҳони Эрони қадим [аз авлоди Ардашери Бобак].

СОТКИН//СОТГИН ساتکین//ساتگین пиёлаи шаробнӯшӣ.

СОТУР ساطور токбури бузург, дастола; корди калони қассобон.

*Зи духтар талаб кард сотурро
Ки вайрон кунад хони занбӯрро
(*Бӯс.*).

СОФ صاف сафодор, *бегубор* тоза (**оинаи соф, оби соф**).

СОФДИЛ صاف دل каси бекина.

СОФИЛ سافل паст (*зидди олӣ*).

СОФӢ صافی 1. *нигоҳ кун. ба* **соф.** *Ба ин маънӣ гуфта шудааст:* **Софӣ баногӯш,** *яъне соф баногӯш.* 2. латта ва ё монанди он чизе, ки бо вай чизҳои обакиро аз губор ва дурд покиза ва соф кунанд: **софии май кард суфӣ тайласони суфро.**

СОХТ ساخت ҳайъати таркиби сохташудаи як чиз (*масалан биноро мегӯянд: «бадсохт», «хушсохт»*).

СОХТА* ساخته 1. омода, муҳайё. 2. мураттаб. 3. дуруст кардашуда, сохташуда.

СОХТАН* ساختن 1. тайёр кардан. 2. кардан. 3. созиш кардан.

К-он бевафо ба меҳрҷӯи бегона сохт.
(*Навоӣ*).

СОЯГӢ سایگی мавизи ангури кишмиши дар соя хушконида шуда.

СОЯПАРВАРД سایه‌پرورد 1. растание, ки ба офтоб тоб наорад ва ҳамеша дар соя парвариш меёбад (*монанди* **харгӯл**, *ки обаш барои захмҳои тоза ва шарбаташ барои сил давост.* 2. касе, ки бо нозу неъмат дар бекорӣ парвариш ёфтааст (*маҷоз*).

СОҒАР ساغر пиёла, косаи шаробнӯшӣ.

СОҒУ ساغو гардиши чӯбини

такаш бо пӯсти пашмдор даркашида, ё тахта зада, ки бо вай ғалладона бардоранд.

СОҚ ساق 1. аз сари буҷул то сари зонуи одамӣ.

СОҚА ساقه 1. пояи растаниҳо (пояи гандум, гул *ва дигарҳо*), 2. Умуман пояи ягон чиз (**соқаи чорпоя**). 3. ҳар тарафи токҳо, ки гардиши тоқ бар сари онҳо меистад. 4. ҳар тарафи лашкари барои ҷанг сафкашида.

СОҚИБ ثاقب равшан, дурахшон.

СОҚИТ ساقط афтода; бекоршуда.

СОҚПОЧА ساق پاچه *нигоҳ кун. ба маънии якӯми* **соқ**.

СОҲА ساحه ҷои кушодагии ягон макон.

СОҲИБ صاحب 1. молик ва дорандаи як чиз. 2. ҳамсӯҳбат. ***Соҳиби ришу фаш шудан** *кинoя аз* калонсол шудан (*Ҷ. 6*).

СОҲИБӢ صاحبی номи як хел ангури сурхчаранги калондонаи дарозрӯя.

СОҲИЛ ساحل канори дарьё.

СОҲИР* ساحر ҷодугар (*Ҳ.*).

СОҲИРА ساحره ҷодугарзан.

СОЧ ساج паррандаи сиёҳчаи зоғчамонанди аз зоғча хурдтар, ки малахро шикор кунад.* 2. як хел дарахте, ки чӯбаш сиёҳ мешавад.

Шудам узргӯён бари шахси оҷ
Ба курсии заркӯбу бар тахти соҷ.
(*Бӯс.*).

СТОД ستاد устод.

СУБҲ صبح равшаниест, ки пеш аз дамидани офтоб аз тарафи офтоббаро намудор мешавад.

СУБҲА* سبحه донаҳои ба ришта кашидашудаи тасбеҳ.

СУВАЙДО سویدا нуқтаи сиёҳи дил.

СУВАР* صور [ҷамъи сурат]: суратҳо.

СУД سود фоида.

СУДА سوده ҳар чизе, ки соида мисли орди бехта нарм ва реза карда шуда бошад (*масалан*, сурма, намак *ва монанди инҳо*).

СУДАН* سودن 1. молидан. 2. хурду реза кардан. **Суда шудан** реза шудан, маҷақ шудан.

Ман низ ба санги ишқ судам,
Ошиқ шуда хорӣ озмудам.
(*Л. М.*).

СУДДА I سده остона.

СУДДА II سده ғадуде, ки дар даруни рӯдаҳо ё рагҳо пайдо шуда роҳро банд мекунад.

СУДМАНД* سودمند фоиданок.

Назм арчи ба мартабат баланд аст
Он илм талаб, ки судманд аст. (*Л. М.*).

СУДОБ سداب гиёҳест пудинамонанд.

СУДОЪ صداع дарди сар.

*... Нашъаи фитрат ба дард анҷомид, то ин судоъҳо хурӯшиданд (*Бедил*). **Судои хиссат** дарди сари хасисӣ.

Муҳол аст димоғи хушкмағзон судои хиссатро тарафи нисбат писандад. (*Бедил*).

СУДС سدس шашьяк.

СУДУР I صدور [*ҷамъи* **садр**]. 1-

синаҳо. 2. болонишинон. 3. яке аз амалҳои давраи амирӣ, ки поёнтар аз садр буд.

СУДУР II صدور аз ҷое берун омадан.

СУДХӮР سودخور касе, ки пулро ба шарти зиёда карда гирифтан қарз медиҳад.

СУИЗАНН سوءظن гумони бад.

СУИИСТЕЪМОЛ* سوءاستعمال бадистеъмол; ба бадӣ кор фармудан *(Ҷ. 10)*.

СУИМИЗОҶ سوءمزاج 1. бадмизоҷӣ, бадмуомилагӣ. 2. аз ҳадди эътидол баромадани мизоҷ, беморӣ.

СУИҚАСД سوءقصد қасди куштан.

СУККАР سکر *арабишудаи* **шакар.**

СУККОН I سکان [*ҷамъи* **сокин**]; бошандагон.

СУККОН II سکان дунболаи киштӣ; [руль].

СУКНО سکنی бошандагӣ ба ҷое, сукунат.

СУКОРО سکاری мастон.

СУКР سکر мастӣ.

СУКУН سکون 1. оромӣ.

> *Сукуне ба даст овар, эй бесабот,
> Қи бар санги гардон нарӯяд набот.
> *(Бӯс.)*.

2. *маҷозан* тамкин, сабр.

> Ғазаб даст дар хуни дарвеш дошт,
> Валекин сукун даст дар пеш дошт
> *(Бӯс.)**

СУКУНАТ* سکونت 1. қарор, истиқомат. 2. оромӣ, тамкин.

> Маҷнун ба сукунату гаронӣ
> Шуд оқили маҷлиси маонӣ. *(Л. М.)*.

СУКУТ سکوت хомӯшӣ.

СУЛОЛА سلاله авлод.

СУЛСОН ثلثان ду сеяк.

СУЛС ثلث сеяк.

СУЛСУЛ صلصل фохта.

СУЛТОН سلطان 1. волӣ, подшоҳ.* 2. император *(Ҷ. IV)*.

СУЛУК سلوک 1. роҳравӣ. 2. некравӣ дар корҳо.* 3. роҳ, тариқат *(динӣ-тасаввуфӣ)*. **Сулуки машоих** рафтан ба маслаки шайхҳо *(Ҷ. IV)*.*

СУЛФА سلفه *нигоҳ кун. ба сурфа (ин калимаи талаффузи тоҷикии* **сурфа** *аст)*.

СУЛҲ صلح оштӣ.

СУМ سم нохуни аспу хар, гӯсфанд ва дигар ҳайвоноти ба инҳо монанд. **Суми кор** музди кори корхонаҳои саноатӣ.

СУМАН سمن як хел гули сафедбарг.

СУМН ثمن ҳаштяк.

СУМУМ سموم [*ҷамъи* самм]; заҳрҳо.

СУНБА سنبه мили оҳанин аст, ки бо вай ҷоеро сӯрох кунанд ва сӯрохҳоро тоза кунанд (*масалан*, сӯрохҳои милтиқ ва тӯпро).

СУНБУЛ سنبل гиёҳест кӯҳӣ, ки бағоят хушбӯй аст.

СУНБУЛА سنبله 1. хӯшаи ҷав ва гандум. 2. номи яке аз моҳҳои шамсӣ, ки аз 24 август то 24 сентябрь рост меояд.

СУНБУЛИСТОН سنبلستان 1. ҷое, ки дар он ҷо сунбул бисьёр бошад. 2. мӯи маҳбуб (*маҷоз*).

СУНДАРУС سندروس шираи дарахтест зардранг, ки ба ҷои локи равғанӣ кор фармоянд.

СУНДУС سندس ҳарири бисьёр аъло.

СУНИШ سونش резаҳои оҳан, фӯлод ва судаҳои сангҳои пурқимат, ки аз дами сӯҳон ва дар вақти тарош фурӯ резад.

СУНУФ صنوف [*ҷамъи* **синф**]; синфҳо.

СУНЪ صنع 1. коркунӣ. 2. офариниш. 3. некӯикунӣ.* 4. санъат.

Вақти он шуд ки Қомдеву Мудан
Вараки сунъро диҳанд шикан.
(*Бедил*)*.

СУНЪӢ* صنعی сохта (*Ч. 10*).

СУНҚУР* سنقر мурғест шикории бозмонанд.

СУНУҲ سنوح пайдошавии ягон ҳодиса.

СУОЛ سؤال 1. пурсиш. 2. хоҳиши чизе аз касе.

СУПОРИДАН//СУПУРДАН* سپاریدن//سپردن додан, бахшидан.

В-он кас, ки на ҷон ба ту супорад,
Он беҳ, ки зи ғусса ҷон барорад.
(*Л. М.*).

СУПОРИШ سپارش 1. фармоиш. 2. кори фармудашуда.

СУР I* سور девори қалъа, ҳисор ва ғайра. **Сури куҳан** девори кӯҳна.

Кунунам нигаҳ кун ба вақти сухан.
Биафтода як-як чу сури куҳан. (*Бӯс.*).

СУР II* سور зиёфат, ҷашн, тӯй.

СУРАЙЁ ثریا 1. ситораҳои парвин. 2. баландии осмон (*маҷоз*)*. **Сурайёу сарӣ** (**сарӣ** — хоки намнок; зери замин) *маҷозан ба маънои* забару зер.

З-ин қиёмат зеру боло шуд сурайёву
сарӣ.
Аз тапишҳои дили зеру забар хоҳам
навишт. (*Навоӣ*).

СУРАТ* صورت 1. шакл. **Сурати навъӣ** шакли умумии як навъи махлуқот, ки дар байни фардҳои ҷудогонаи вай муштарак аст.

Ҷумла бадан, ҷумлаи аъзо яке.
Сурати навъию ҳаюло яке. (*Навоӣ*)*.

2. тасвир; нақш. 3. чеҳра, рӯй. 4. миввол, тариқа, равиш. 5. тавр, тарз. 6. ҳолат, кайфият.

СУРБ سرب қӯрғошим.

Ҳок мезебад ба фарқат бехтан.
Сурб меояд ба ҳалқат рехтан!
(*Бедил*).

СОРИН سرین аз кадкашак то зону, ҷои ғафсии пой, сон.

СУРМА* سرمه хокаи калъагӣ ва баъзе ҷавоҳироти дигар, ки ҳамчун дору ба чашм кашида мешавад.

Сурма (а)м зи ғубори дӯст даркаш.
Нилам зи шиёли дӯст баркаш! (*Л. М.*)*.

Сурма хӯрдан гапназадан ва сирреро пинҳон доштан (*маҷоз*).

СУРНАЙ سرنی *нигоҳ кун.* *ба* сурнай.

СУРНОЙ سورنای наи ҷӯбини даҳонфарох аст, ки садои бисьёр баланд ва дароз медиҳад (*асли ин калима* **сур+ной** *буд*,

синаҳо. 2. болонишинон. 3. яке аз амалҳои давраи амирӣ, ки поёнтар аз садр буд.

СУДУР II صدور аз ҷое берун омадан.

СУДХӮР سودخور касе, ки пулро ба шарти зиёда карда гирифтан қарз медиҳад.

СУИЗАНН سوءظن гумони бад.

СУИИСТЕЪМОЛ* سوءاستعمال бадистеъмол; ба бадӣ кор фармудан *(Ч. 10)*.

СУИМИЗОҶ سوءمزاج 1. бадмизоҷӣ, бадмуомилагӣ. 2. аз ҳадди эътидол баромадани мизоҷ, беморӣ.

СУИҚАСД سوءقصد қасди куштан.

СУККАР سکر *арабишудаи* **шакар**.

СУККОН I سکان [ҷамъи **сокин**]; бошандагон.

СУККОН II سکان дунболаи киштӣ; [руль].

СУКНО سکنی бошандагӣ ба ҷое, сукунат.

СУКОРО سکاری мастон.

СУКР سکر мастӣ.

СУКУН سکون 1. оромӣ.

*Сукуне ба даст овар, эй бесабот,
Ки бар санги гардон нарӯяд набот.
(Бӯс.).

2. *маҷозан* тамкин, сабр.

Ғазаб даст дар хуни дарвеш дошт,
Валекин сукун даст дар опш дошт
*(Бӯс.)**

СУКУНАТ* سکونت 1. қарор, истиқомат. 2. оромӣ, тамкин.

Маҷнун ба сукунату гаронӣ
Шуд оҷиз наҷъаси малай, *(Л. М.)*.

СУКУТ سکوت хомӯшӣ.

СУЛОЛА سلاله авлод.

СУЛСОН ثلثان ду сеяк.

СУЛС ثلث сеяк.

СУЛСУЛ صلصل фохта.

СУЛТОН سلطان 1. волӣ, подшоҳ.* 2. император *(Ч. IV)*.

СУЛУК سلوک 1. роҳравӣ. 2. некравӣ дар корҳо.* 3. роҳ, тариқат *(динӣ-тасаввуфӣ)*. **Сулуки машоих** рафтан ба маслаки шайхҳо *(Ч. IV)*.*

СУЛФА سلفه *нигоҳ кун.* ба *сурфа (ин калимаи талаффузи тоҷикии* **сурфа** *аст)*.

СУЛҲ صلح оштӣ.

СУМ سم нохуни аспу хар, гӯсфанд ва дигар ҳайвоноти ба инҳо монанд. **Суми кор** музди кори корхонаҳои саноатӣ.

СУМАН سمن як хел гули сафедбарг.

СУМН ثمن ҳаштяк.

СУМУМ سموم [ҷамъи **самм**]; заҳрҳо.

СУНБА سنبه мили оҳанин аст, ки бо вай ҷоеро сӯрох кунанд ва сӯрохҳоро тоза кунанд *(масалан*, сӯрохҳои милтиқ ва тӯпро).

СУНБУЛ سنبل гиёҳест кӯҳӣ, ки бағоят хушбӯй аст.

СУНБУЛА سنبله 1. хӯшаи ҷав ва гандум. 2. номи яке аз моҳҳои шамсӣ, ки аз 24 август то 24 сентябрь рост меояд.

СУНБУЛИСТОН سنبلستان 1. ҷое, ки дар он ҷо сунбул бисьёр бошад. 2. мӯи маҳбуб *(маҷоз)*.

СУНДАРУС سندروس шираи дарахтест зардранг, ки ба ҷои локи равғанӣ кор фармоянд.

СУНДУС سندس ҳарири бисьёр аъло.

СУНИШ سونش резаҳои оҳан, фӯлод ва судаҳои сангҳои пурқимат, ки аз дами сӯҳон ва дар вақти тарош фурӯ резад.

СУНУФ صنوف [*ҷамъи* **синф**]; синфҳо.

СУНЪ صنع 1. коркунӣ. 2. офариниш. 3. некӯикунӣ.* 4. санъат.

Вақти он шуд ки Қомдеву Мудан
Вараќи сунъро диҳанд шикан.
*(Бедил)**.

СУНЪЙ* صنعی сохта *(Ҷ. 10)*.

СУНҚУР* سنقر мурғест шикории бозмонанд.

СУНӮҲ سنوح пайдошавии ягон ҳодиса.

СУОЛ سؤال 1. пурсиш. 2. хоҳиши чизе аз касе.

СУПОРИДАН//СУПУРДАН* سپاریدن//سپردن додан, бахшидан.

В-он кас, ки на ҷон ба ту супорад,
Он беҳ, ки зи ғусса ҷон барорад.
(Л. М.).

СУПОРИШ سپارش 1. фармоиш. 2. кори фармудашуда.

СУР I* سور девори қалъа, ҳисор ва ғайра. **Сури куҳан*** девори кӯҳна.

Кунунам нигаҳ кун ба вақти сухан,
Бияфтода як-як чу сури куҳан. *(Бӯс.)*.

СУР II* سور зиёфат, ҷашн, тӯй.

СУРАЙЁ ثریا 1. ситораҳои парвин. 2. баландии осмон *(маҷоз)**. **Сурайёу сарӣ (сарӣ — хоки намнок; зери замин)** *маҷозан ба маънои* забару зер.

З-ин қиёмат зеру боло шуд сурайёву
сарӣ.
Аз тапишҳои дили зеру забар хоҳам
навишт. *(Навоӣ)*.

СУРАТ* صورت 1. шакл. **Сурати навъӣ** шакли умумии як навъи махлуқот, ки дар байни фардҳои ҷудогонаи вай муштарак аст.

Ҷумла бадан, ҷумлаи аъзо яке,
Сурати навъию ҳаюло яке. *(Навоӣ)**.

2. тасвир; нақш. 3. чеҳра, рӯй. 4. минвол, тариқа, равиш. 5. тавр, тарз. 6. ҳолат, кайфият.

СУРБ سرب кӯрғошим.

Хок мезебад ба фарқат бехтан,
Сурб меояд ба ҳалқат рехтан!
(Бедил).

СОРИН سرین аз қадкашак то зону, ҷои ғафсии пой, сон.

СУРМА* سرمه хокаи қалъагӣ ва баъзе ҷавоҳироти дигар, ки ҳамчун дору ба чашм кашида мешавад.

Сурма (а)м зи ғубори дӯст даркаш.
Нилам зи пиёзи дӯст баркаш! *(Л. М.)**.

Сурма хӯрдан гап назадан ва сирреро пинҳон доштан *(маҷоз)*.

СУРНАЙ سرنی *нигоҳ кун.* ба **сурнай**.

СУРНОЙ سورنای наи чӯбини даҳонфарох аст, ки садои бисьёр баланд ва дароз медиҳад *(асли ин калима* **сур+ной** *буд,*

синаҳо. 2. болонишинон. 3. яке аз амалҳои давраи амирӣ, ки поёнтар аз садр буд.

СУДУР II صدور аз ҷое берун омадан.

СУДХӮР سودخور касе, ки пулро ба шарти зиёда карда гирифтан қарз медиҳад.

СУИЗАНН سوءظن гумони бад.

СУИИСТЕЪМОЛ* سوءاستعمال бадистеъмол; ба бадӣ кор фармудан *(Ч. 10)*.

СУИМИЗОҶ سوءمزاج 1. бадмизоҷӣ, бадмуомилагӣ. 2. аз ҳадди эътидол баромадани мизоҷ, беморӣ.

СӮИҚАСД سوءقصد қасди куштан.

СУККАР سکر *арабишудаи* шакар.

СУККОН I سکان [*ҷамъи* **сокин**]; бошандагон.

СУККОН II سکان дунболаи киштӣ; [руль].

СУКНО سکنی бошандагӣ ба ҷое, сукунат.

СУКОРО سکاری мастон.

СУКР سکر мастӣ.

СУКУН سکون 1. оромӣ.

*Сукуне ба даст овар, эй бесабот,
Ки бар санги гардон нарӯяд набот.
(Бӯс.).

2. *маҷозан* тамкин, сабр.

Ғазаб даст дар хуни дарвеш дошт,
Валекин сукун даст дар пеш дошт
*(Бӯс.)**

СУКУНАТ* سکونت 1. қарор, истиқомат. 2. оромӣ, тамкин.

Маҷнун ба сукунату гаронӣ
Шуд оқили маҷлиси маонӣ. *(Л. М.)*.

СУКУТ سکوت хомӯшӣ.

СУЛОЛА سلاله авлод.

СУЛСОН ثلثان ду сеяк.

СУЛС ثلث сеяк.

СУЛСУЛ صلصل фохта.

СУЛТОН سلطان 1. волӣ, подшоҳ.* 2. император *(Ч. IV)*.

СУЛУК سلوک 1. роҳравӣ. 2. некравӣ дар корҳо.* 3. роҳ, тариқат *(динӣ-тасаввуфӣ)*. **Сулуки машоих** рафтан ба маслаки шайххо *(Ч. IV)*.*

СУЛФА سلفه *нигоҳ кун. ба сурфа (ин калимаи талаффузи тоҷикии* **сурфа** *аст)*.

СУЛҲ صلح оштӣ.

СУМ سم нохуни аспу хар, гӯсфанд ва дигар ҳайвоноти ба инҳо монанд. **Суми кор** музди кори корхонаҳои саноатӣ.

СУМАН سمن як хел гули сафедбарг.

СУМН ثمن ҳаштяк.

СУМУМ سموم [*ҷамъи* **самм**]; заҳрҳо.

СУНБА سنبه мили оҳанин аст, ки бо вай ҷоеро сӯрох кунанд ва сӯрохҳоро тоза кунанд (*масалан*, сӯрохҳои милтиқ ва тӯпро).

СУНБУЛ سنبل гиёҳест кӯҳӣ, ки бағоят хушбӯй аст.

СУНБУЛА سنبله 1. хӯшаи ҷав ва гандум. 2. номи яке аз моҳҳои шамсӣ, ки аз 24 август то 24 сентябрь рост меояд.

СУНБУЛИСТОН سنبلستان 1. ҷое, ки дар он ҷо сунбул бисьёр бошад. 2. мӯи маҳбуб (*маҷоз*).

СУНДАРУС سندروس шираи дарахтест зардранг, ки ба ҷои локи равғанӣ кор фармоянд.

СУНДУС سندس ҳарири бисьёр аъло.

СУНИШ سونش резаҳои оҳан, фӯлод ва судаҳои сангҳои пурқимат, ки аз дами сӯҳон ва дар вақти тарош фурӯ резад.

СУНУФ صنوف [*ҷамъи* **синф**]; синфҳо.

СУНЪ صنع 1. коркунӣ. 2. офариниш. 3. некӯикунӣ.* 4. санъат.

Вақти он шуд ки Қондеву Мудан
Варақи сунъро диҳанд шикан.
(*Бедил*)*.

СУНЪЙ* صنعی сохта (*Ч. 10*).

СУНҚУР* سنقر мургест шикории бозмонанд.

СУНУҲ سنوح пайдошавии ягон ҳодиса.

СУОЛ سؤال 1. пурсиш. 2. хоҳиши чизе аз касе.

СУПОРИДАН//СУПУРДАН* سپاریدن//سپردن додан, бахшидан.

В-он кас, ки на ҷон ба ту супорад,
Он беҳ, ки зи ғусса ҷон барорад.
(*Л. М.*).

СУПОРИШ سپارش 1. фармоиш. 2. кори фармудашуда.

СУР I* سور девори қалъа, ҳисор ва ғайра. **Сури куҳан** девори кӯҳна.

Кунунам нигаҳ кун ба вақти сухан,
Биифтода як-як чу сури куҳан. (*Бӯс.*).

СУР II* سور зиёфат, ҷашн, тӯй.

СУРАЙЁ ثریا 1. ситораҳои парвин. 2. баландии осмон (*маҷоз*)*. **Сурайёу сарӣ** (**сарӣ** — хоки намнок; зери замин) *маҷозан ба маънои* забару зер.

З-ин қиймат зеру боло шуд сурайёву
сарӣ.
Аз тапишҳои дили зеру забар ҳоҳам
навишт. (*Навоӣ*).

СУРАТ* صورت 1. шакл. **Сурати навъӣ** шакли умумии як навъи махлуқот, ки дар байни фардҳои ҷудогонаи вай муштарак аст.

Ҷумла бадан, ҷумлаи аъзо яке,
Сурати навъию ҳаюло яке. (*Навоӣ*)*.

2. тасвир; нақш. 3. чеҳра, рӯй. 4. минвол, тариқа, равиш. 5. таур, тарз. 6. ҳолат, кайфият.

СУРБ سرب қӯрғошим.

Хок мезебад ба фарқат бехтан,
Сурб меояд ба ҳалқат рехтан!
(*Бедил*).

СОРИН سرین аз қадкашак то зону, ҷои ғафсии пой, сон.

СУРМА* سرمه хокаи қалъагӣ ва баъзе ҷавоҳироти дигар, ки ҳамчун дору ба чашм кашида мешавад.

Сурма (а)м зи ғубори дӯст даркаш,
Нилам зи шиёли дӯст баркаш! (*Л. М.*)*.

Сурма хӯрдан гап назадан ва сирреро пинҳон доштан (*маҷоз*).

СУРНАЙ سرنی *нигоҳ кун.* *ба* **сурнай**.

СУРНОЙ سورنای наи чӯбини даҳонфарох аст, ки садои бисьёр баланд ва дароз медиҳад (*асли ин калима* **сур+най** *буд*, *ки маънии он наш дар рӯзҳои тӯй нохоҳташаванда аст)*

СУРОДИК سرادق *нигоҳ кун. ба* **саропарда.**

СУРОДИКОТ سرادقات [ҷамъи **суродик**]; саропардаҳо.

СУРОҒ سراغ 1. пурсиш, ҷустуҷӯ. 2. нақши пой. 3. нишонаи чизе ё касе.

СУРОҲӢ* صراحی кӯза ё шишаи гарданддароз; шишаи май (*Ҳ.*).

СУРУД سرود 1. нағма ва овози хуш. 2. шеъре, ки махсусан барои бо овози хуш хондан гуфта шудааст.

СУРУДАН سرودن *нигоҳ кун. ба* **сароидан.**

СУРФА سرفه садоест бо хориши халқум ва шуш беихтиёр аз гулӯ барояд.

СУРУР* سرور шодӣ, хурсандӣ.

Маънии карам дар ҷамеи аҳвол ба
сурури табоъ кӯшидан аст. (*Бедил.*).

СУРӮШ/СУРУШ سروش фаришта, малоика.

Туро ёварӣ кард фаррух сурӯш,
Вагарна зиҳ оварда будам ба гӯш.
(*Фир.*).

СУРХ* سرخ ранги маълум; гулгун, қирмизӣ. **Сурху сафеду сабз алоча** (*Ҷ. 10*).* **Сурх шудан** шарманда шудан (*маҷоз*). **Сурху сафед шудан** оташин шудан (*маҷоз*).

СУРХЧА سرخچه доначаҳои сурхранг аст, ки ба ҳар кӯдак як бор мебарояд ва бемории пурхавфи гузарандааст.

СУРЪАТ سرعت зудкорӣ; тезӣ, зудӣ.

СУРҒУЧ سرغوج локи сахт аст, ки дар муҳр кардани бастаҳо ва бастани даҳони шишаҳо ва монанди инҳо гудохта ба кор мебаранд.

СУРӢ I سوری гули садбарги сурх.

СУРӢ II صوری *мансуб ба сурат*; зоҳирӣ; *зидди* **маънавӣ.**

СУС I سوس миттае, ки дар чизҳои абрешимӣ пайдо мешавад.

СУС II سوس растании худрӯи дарозреша аст, ки **мия** ҳам гӯянд. **Суси талх** сусест ранги баргаш хокистарӣ, мазааш бисёр талх, ки ба ғайр аз сухтан ба чизе ба кор намеравад. **Суси ширин** сусест, ки баргаш сабзи баланди сурхчатоб ва решааш ширин мешавад, ки дар доруҳо ва дар баъзе конфетҳо ҳамроҳ мекунанд [ширинмия].

СУСМОР سوسمار як навъ ҳашараи заминӣ, калтакалос.

СУТУДА/СИТУДА* ستوده мадҳ кардашуда, таъриф ва тавсиф кардашуда. *муқ.* **ситуда.**

Бад-он кай ситуда шавад подшоҳ,
Ки халқаш ситоянд дар боргоҳ. (*Фир.*).

СУТУДАН/СИТУДАН ستودن мадҳ кардан, хубиҳои ягон чиз, ё ягон касро баён намудан.

СУТУН* ستون чӯби кафси рост, ки чӯбҳои сақфи хонаро нигоҳ медоранд.

СУТУНГӮША ستون گوشه ҳар кадом аз чордона чӯбе, ки дар чаҳор гӯшаи хонаҳои чӯбкорӣ гузошта, забарраҳоро болои ҳам аз онҳо мегузаронанд.

СУТУР I ستور чорпоёни саворӣ, боркаш ва корӣ (асп, хар, гов ва уштур)

*Чи некӯ задаст ин масал пири деҳ:
Сутури лагадзан гаронбор беҳ. (*Бӯс.*).

СУТУР* II سطور [ҷамъи **сатр**]; раҳҳои китоб, сатрҳо.
Ин бедонишон умрҳо ҷодаи хутут ва сутур мепаймоинд, то саранҷоми кор ҷабҳа ба хоки пушаймонӣ бимоланд (*Бедил*).

СУТУРГ سترگ бузург, калон.

СУТУРДАН//СИТУРДАН ستردن *нигоҳ кун. ба* **устурдан**; *1. тарошидан; пок кардан. 2. маҳв кардан

Ишқ аз дили ман тавон сутурдан,
Гар реги замин тавон шумурдан.
(*Л. М.*).

СУТУХОН ستخوان устухон.

СУТХОН ستخوان *нигоҳ кун. ба* сутухон.

СУТӮҲ ستوه 1. тангомада, малолрасида, дилгиршуда; *дармонда, оҷиз. 2. тангӣ, малулӣ. **Ба сутӯҳ омадан** танг шудан, ба танг омадан (*Ҷ. IV*).

СУУБАТ صعوبت душворӣ.

*Хоса роҳҳои убури деҳот ба суубат буд... (*Бедил*).

СУУД صعود болоравӣ.

СУФ I سوف [*аз юнонӣ*] ҳикмат **философ — дӯстдори ҳикмат** *аз ҳамин маънист*).

СУФ II صوف [1 пашмина, матои пашмӣ]. 2. порчаи сафед, ки аз вай либос кунанд. (*Маънии маҷозӣ*). *Ҳайрат гуфта:*

Майгусорӣ он қадар нирӯ боло
рафтааст.
Сафии вай кард суфӣ тайласони суфро.

СУФА//СУФФА صفه саҳни баланде, ки дар пеши хонаҳо, ё дар майдонҳои боғ барои нишастан мекунанд.

СУФАЧА صفچه ҷои баланди тангтарест, ки дар пеши дарвозаҳо, раҳравҳо, ё дар пеши дӯконҳо барои нишастан мекунанд.

СУФАҲО سفها [*ҷамъи* **сафеҳ**]; нодонҳо.

СУФОЛ سفال *нигоҳ кун. ба* сафол.

СУФРА سفره 1. дастурхон. 2. меше (пӯсте), ки дар вай хамир рост кунанд.

*Бикшод Салом суфраи хеш.
Ҳалвову кулича рехт дар пеш. (*Л. М.*)

СУФРАТ صفرت зардӣ.

СУФТ* سفت 1. кифт, дӯш.

То ҷуи ту бияфтӣ аз сари кор.
Суфти ҳама кас туро кашад бор.
(*Л. М.*).

2. сурох; сурохи сӯзан, рахна. **Дар он суфт** дар он ҳолат танг.

К-он дурри насуфтаро дар он суфт
Бо гавҳари тоқи худ кунад ҷуфт.
(*Л. М.*).

Суфти суман *кинoя аз* рухсор.

Аз токчаи ду наргиси ҷуфт
Бар суфти суман ақиқ месуфт.
(*Л. М.*).

СУФТА سفته [1. сурох кардашуда]. 2. ҳамвор, лағжишдор, монанди рӯи оина.

СУФТАГОР سفته گار касе, ки сангҳои қиматдорро ҳамвор ва сӯрох мекунад.

СУФТАН سفتن 1. сӯрох кардан.

*Шӯъла ва ба ғамзаи камона
Суфта на шав, ҳазор сина.
(Л. М.).

2. сонда хамир ва лағжишдор кардани чизе. (*маънии дуюм зинда аст*).

СУФУФ I سفوف даводоии кӯфтаи бехта аст, ки каппа зада хӯранд (*монанди доридорӯи кӯфтаи бо судаи қанд омехта*).

СУФУФ II* صفوف ҷамъи саф(ф)

СУХАН سخن гап, гуфтор.

СУХАНВАР سخنور 1. нуткунандаи хуб. 2. шоир, адиб.

СУХАНВАРӢ* سخنوری 1. балоғат дар сухан. 2. шоирӣ.

Гарчи сари сарварест бинам
В-оини суханварест бинам.
(Л. М.).

СУХАНДОН سخندان шоир, адиб.

СУХАНСАНҶ سخن‌سنج 1. шоир. 2. шеър ва адабиётшинос.

СУХАНСАРО* سخن‌سرا суханвар, шоир, адиб.

СУХАНЧИН سخن‌چین хабаркаш, иғвогар, ки ду касро бо ҳам ҷанг меандозад.

Миёни ду кас ҷанг чун оташ аст,
Суханчини бадбахт ҳезумкаш аст.
(*Саъдӣ*).

СУХАНШИНОС سخن‌شناس шеършинос, адабиётшинос.

СУХРА سخره 1. масхара, расво.

СУЪ سؤ 1. бадӣ. бад.

СУЮФ سیوف (ҷамъи сайф): шамшерҳо.

СУҒД سغد 1. замини нишебе, ки дар он ҷо оби борон ғун шавад. 2. номи як шаҳри қадимӣ, ки дар наздикии шаҳри Самарқанд буд. [3. номи қадимаи мамлакате, ки водиҳои Зарафшон ва Қашқадарёро дарбар мегирифт]. **Суғди Самарқанд ва Суғди Бухоро** дар тақсимоти маъмурии замони қадим аз Чалак то Хатирчӣ Суғди Самарқанд ва аз он ҷо то Суғд номи деҳае, ки дар 32 километрии шаҳри Бухоро буда, дар байни Вобканд ва Шофирком воқеъ аст, Суғди Бухоро ҳисоб меёфт (*Ч. 10*).*

СУҒДӢ سغدی 1. *мансуб ба* суғд. **Суғдиён** қавми қадимӣ, ки дар Мовароуннаҳр бошиш доштанд. 2. забони суғдӣ, ки як шӯъбаи [қадимаи гур, ки] забонҳои эронист.

СУҒРО صغرا//صغری [*муаннаси асғар*]: хурдтар.

СУҒУД سغود 1. *нигоҳ кун.* ба суғд. 2. номи пештараи Дахбеди Самарқанд ва атрофи он. 3. номи деҳаест дар райони Шофиркони Бухоро дар қишлоқи Дурман. 4. ҳар ҷое, ки обшор ва обод бошад.

СУҒУР I ثغور [ҷамъи сағр]: сарҳаддҳои мамлакат, [вилоятҳои назди сарҳад].

СУҒУР II سغر ҷонварест гурбамонанди сурхчамӯй, ки аз пӯсташ пӯстин дӯзанд.

СУҚ سوق бозор.

СУҚМ سقم беморӣ.

СУҚМУНИЕ // САҚМУНИЕ* سقمونيا [юнонии арабишуда]: шираи дарахтест сабзранги талх, ки барои даво ба кор равад. [скамония].

Магӯ шахд ширин, шакар фоиқ аст
Касеро, ки сукмунӣ лоиқ аст.
(Бӯс.).

СУКУТ سقوط 1. афтодан; 2. ҷойҳои дар вақти китобат ё тарҷума, ё ҳарфчинӣ афтодан чизҳои навишта.

СУҲАЙЛ سهیل номи як ситора.

СУҲО سها ситораи хурди хираест, ки яке аз ситораҳои Ҳафтдодарон аст.

*Гар вошгари санъати машшотагие нест,
Сеҳрест, ки бар панҷаи хуршед суҳо
бист. *(Бедил)*.

СУҲУЛАТ سهولت осонӣ, бедушворӣ.

*Халвои бедуде ба ин суҳулат ба даст
наметавон овард. *(Бедил)*.

СУҲУР//САҲУР* سحور *динӣ*. таоми пагоҳӣ (саҳарӣ); хӯроке, ки рӯзадорон дар рӯзҳои рамазон саҳаргоҳ мехӯранд.

...як ҳафтагӣ ғизои ҷавонон кифояти андозаи суҳураш намекард *(Бедил)*.

СӮ//СӮЙ سو//سوی тараф, ҷиҳат. **Ҳар** сӯ ҳар тараф.

СӮГ سوگ мотам, азодорӣ, мусибат.

*Аз сӯги падар чу бозпирдохт,
Овора ба кӯҳу дашт метохт.
(Л. М.).

СӮГВОР سوگوار мусибатзада, мотамдор, мотамӣ, азодор.

*Мудом аз парешонии рӯзгор
Дилаш ҳасратолуда тан сӯгвор.
(Бӯс.).

СӮГВОРӢ* سوگواری азодорӣ, мотам.

Мекард ҳамон сиришкборӣ,
Аммо ба тариқи сӯгворӣ.
(Л. М.).

СӮГЗАДА* سوگزده мотамзада, азодор.

Бар оташи ғам манам, ту ҷӯшӣ,
Ман сӯгзада, сияҳ ту пӯшӣ.
(Л. М.).

СӮЗАН سوزن асбоби фӯлодии борики нӯктези думсӯрохдор аст, ки бо вай либос ва порчаҳоро дӯзанд.

СӮЗАНАК سوزنک як хел малахи обист, ки думаш борики сӯзанмонанд аст.

СӮЗАНБАРГ سوزنبرگ растаниҳое, ки баргашон сӯзанвор борик ва тез аст *(ингуна растаниҳо ва дарахтҳо дар районҳои канори баҳри Шимолӣ бисьёранд. Дар мамлакати мо бурс — арча сӯзанбарг аст)*.

СӮЗАНӢ سوزنی порчае, ки дар вай бо сӯзан гулдӯзӣ кардаанд.

СӮЗИШ سوزش 1. ҳолати сӯхтани ягон чиз. 2. дарду алами сахте, ки гӯё сӯхта истода бошад.

СӮЗОК سوزاک бемориест, ки дар аъзои таносул пайдо мешавад.

СӮЗОН سوزان сӯзанда *(ҳол)*.

СӮЙ سوی *нигоҳ кун.* *ба сӯ*.

СӮЛАК سولک доғи зардча, ки дар кишти ғалладона афтад *(аз офатҳои кишт)*.

СӮМАНОТ//СУМАНОТ* سومنات бутхонае буд дар мамлакати Гиҷроти Ҳиндустон. *(Бӯс.)*.

СӮТА* سوته асои ғафси ҳарротии сарнайзадор *(Ч. 6)*.

СУФОР, سوفار 1. зарфҳои сафолӣ. 2. сӯроx, сӯроxи сӯзан. 3. чои ба чилла бандкунии тири камонӣ.

*Назар кун, чу сӯфор дорӣ ба шаст,
На он гаҳ, ки партоб кардӣ зи даст.
(*Бӯс.*).

Зеҳи камонҳо ба бӯсаи *лаби* сӯфор расонидем (*Бедил*)—*омодаи тирандозӣ шудем*.

СӮФӢ صوفی 1. аҳли тасаввуф. 2. шайхҳои суфпӯш. 3. азонгӯяндаи масчидҳо, муаззин (*ба маънои сеюм дар забони халқ зиндаост*).* **Сӯфӣ кардани зан** аз никоҳ бароварда дар хонаи худ нигоҳ доштани он аст, ки ин одат дар миёнаи ӯзбекони даштӣ ҳам буд. Бо ин тадбир мард имкон меёфт, ки шумораи занҳои худро аз чаҳор, ки шариат ба вай рухсат додааст, зиёд кунад ва зани сардодаашро ҳам дар хонаи худ нигоҳ дошта аз меҳнати ӯ фоида барад (*Ҷ. З*).

СӮХТА سوخته 1. чизе, ки дар оташ сӯхтааст. 2. ҷағбут, ё пахтаи дар оташ нимсӯз карда, ки аз вай дар оташгиронии бо чақмоқ фоида баранд.

*Фитод оташи субҳ дар сӯхта.
Ға як дам чақоқ шуд афрӯхта.
(*Бӯс.*).*

3. пахтаи нимсӯз ки ба ҷароҳатҳои тоза барои нигоҳдории хун банданд.

СӮХТАН سوختن 1. дар оташ даргирифтани чизе. 2. талаф шудани молу пул дар касе, ё дар ҷое. 3. рашк кардан (*масалан*, рашк бурдани зан аз ошноии шавҳараш бо ягон зани дигар). 4. алами сахт кашидани одам дар вафоти яке аз наздиконаш, ё дар талаф шудани молаш.

СӮХТАНӢ سوختنی 1. *беморист*, ки ба тарзи гармича дар бадани одам пайдо мешавад, агар дар вақташ бо оҳани тафсон доғ карда нашавад, ё ягон ҷораи тиббии дигар дида нашавад, одамро ҳалок мекунад. 2. чизе, ки барои сӯхту-сӯз ба кор меравад (хезум, ангишт, карасин, бензин *ва монанди инҳо*).

СӮХТОР سوختار оташафтӣ дар хона, ё дар ягон ҷой.

СӮХТУСӮЗ سوخت و سوز оташдаргиронӣ (*хоҳ барои ошпазӣ бошад, хоҳ барои хонагармкунӣ*).

СУЪЛУК صعلوک фақир, камбағал.

СӮҲОН سوهان олатест фӯлодии майдараҳдор, ки бо вай чизҳои оҳаниро тез кунанд ва сонда сайқал диҳанд.

Т

ТА ته *кӯтоҳкардашудаи* **то** *адад. дона*. **Якта, дута**. *Нигоҳ кун. ба* **то II**.

ТААБ تعب ранҷ, мондагӣ.* **Ба тааб** — ба ташвиш, ба душворӣ,

*Аз хушку тар он чи бе тааб ҳосил буд,
Дидем, ки ҳарси бешараш оқил буд.
(*Бедил*).*

ТААДДӢ تعدی 1. аз ҳадди худ даргузаштан. 2. зулм ва ситам намудан (*маънии дуюм маҷоз аст*).

ТААЙЮН* تعین 1. муайянӣ. 2. *маҷозан* худнамой ва такаббур.

Аз таайюн бар либоси факр расвой мачин!
Чини абрӯ ҷомаи зарбафтро утугар аст.
(*Бедил*).

Шоир либоси фақрро ба ҷомаи зарбафт монанд карда такаббур (чини абрӯ)-ро ба уту (утюг) ташбеҳ намудааст. Маълум аст, ки утюг ҷомаи зарбафтро хароб мекунад.

ТААЙЮНОБОД* تعین آباد **таайюнободи зуҳур** *киноя аз* мавҷудот.

Дар таайюнободи зуҳур ҳар шакли муайян айни ҳақиқати худ аст. (*Бедил*).

ТААЙЮШ تعیش 1. ишрат кардан. 2. асбоби ишратро омода намудан.

ТААЛЛУЛ تعلل бо сабаб ва баҳонаҳои сохта кореро накардан, ё пас партофтан; иллат баён кардан дар коре, далелории зӯрбазӯракӣ.

ТААЛЛУМ I تألم дарду алам дидан.

ТААЛЛУМ II تعلم омӯзиш; *нигоҳ кун.* *ба* **таълим. Таълим гирифтан.**

ТААЛЛУҚ* تعلق вобастагӣ, алоқамандӣ.

ТААММУЛ تأمل андеша, фикр.

*Чу хашм оядат бар гуноҳи касе,
Тааммул кунаш бар уқубат басе.
(*Бӯс.*).

ТААММУҚ تعمق дуруст андешидан; ба ҳақиқат ва таки як чиз расидан.

ТААННУД* تعند инодкорӣ, якраҳагӣ.

ТААННУТ* تعنت айбҷӯӣ, бадгӯӣ *(дар ҳаққи касе)*.

Гирифтам, ки худ ҳастӣ аз айб пок,
Тааннут макун бар мани айбнок.
(*Бӯс.*).

ТААННӢ تأنی дерӣ, оҳистагӣ.

ТААРРУЗ تعرض 1. ба чизе пеш омадан. 2. ба касе дастдарозӣ кардан.

ТААССУБ تعصب [1. ҳимоя, тарафдорӣ]. 2. бар сари одатҳои кӯҳнаи миллӣ ва динӣ сахт истодан *(маънии имрӯзааш)*.

ТААФФУН تعفن 1. бадбӯӣ пайдо кардан. 2. бадбӯӣ.

ТААҚҚУЛ* تعقل фикр намудан, андеша, *(дар коре)*.

ТААҲҲУД تعهد ба гардан гирифтан, ба ӯҳда гирифтани коре.

ТААҲҲУЛ تأهل хонадор шудан, соҳиби аҳлу аёл гардидан.

ТАБАА تبعه [*ҷамъи* **тобеъ**]; тобеон; пайравон.

ТАБАИЯТ تبعیت тобей; пайравӣ.

ТАБАР تبر олати ҳезумкафонӣ ва дарахтбуррӣ.

ТАБАРЗАД تبرزد//طبرزد ширинии софи сахт, набот.

*Аз чеҳра гул, аз лаб ангубин кард,
Қ-он дид табарзад, офарин кард.
(*Л. М.*).

ТАБАРЗИН تبرزین як хел табарест думаш ба шакли моҳи нав буда, ки аскарони қадимӣ ба ҷои силоҳи ҷанг кор мефармудаанд.

ТАБАРРУК تبرک баракатдор донистан, муборак шумурдан.

ТАБАССУМ تبسم оҳиста хандидан.

ТАБАЪ* تبع тобеъ; пайрав.

ТАБАҚ طبق зарфест, ки дар вай ош мехӯранд.

ТАБАҚА طبقه 1. ҳар қабати чизҳои қабат-ба қабат (*чунончи ҳар қабати биноҳои чандқабата як табақа аст*). 2. гурӯҳҳои мардум, ки бо аҳволи иқтисодӣ ва иҷтимоии худ аз ҳам ҷудо мешаванд. 3. ҳар тарафи дару дарвозаҳои дутабақа.

ТАБАҲ تبه *нигоҳ кун. ба* табоҳ

*****Табаҳ гаштан** хароб шудан.

Табаҳ гардад он мамлакат яққариб,
Ки в-ӯ хотирозурда гардад ғариб.
(*Бӯс.*).*

ТАБАҲКОР تبه کار вайронкор.

ТАБДИЛ تبدیل 1. бадал карданн чизе бо чизе. 2. дигаргунӣ.

ТАБИАТ طبیعت 1. сиришт, атвори аслӣ (*мегӯянд: табиати фалонӣ хуб, ё бад*). 2. пайдоиш бе даст задани касе, (Замин, кӯҳ, *растаниҳои худрӯ ва монанди инҳо.*)

ТАБИБ طبیب давокунандаи бемориҳо.

ТАБИИЁТ طبیعیات илми онд ба табиати чизҳо.

ТАБИРА* تبیره табл, нақора.

Пас табира дид наздики дарахт.
Ҳар гаҳе бонге биҷастӣ тунду сахт.
(*Рӯдакӣ*).

ТАБИШ* تبش тобиш, фурӯғ; гармӣ.

Ҳарфам зи табиш чунон фурӯзад,
Қ-ангушт бар ӯ ниҳӣ, бисӯзад.
(*Л. М.*).

ТАБИИЙ طبیعی 1. худ ба худ ва бо хоҳиши табиат бавуҷудомада; [*мансуб ба* **табиат**]. 2. олими табиатшинос.

ТАБЛ* طبل нақора, дуҳул.

Табли реза ва табли қаторак таблҳои махсусе, ки худи миршаб ва ё ин ки саршабгардҳо навохта мегаштанд. (*Ҷ. 1*).

ТАБЛА* طبله сандуқча ё кутичаи хушбӯиҳо, хушбӯидон; атрдони атторон.

Бе фусуне даст андар зулфи мушкинаш макун!
Таблаи мор аст, охир, таблаи аттори мо.
(*Навоӣ*).

Шикам табла кардан пурхӯр шудан, аз паи шикам шудан.

Ва гар худпарастӣ, шикам табла кун,
Дари хонаи ину он қибла кун!
(*Саъдӣ*).

ТАБЛАРЗА تب لرزه табест, ки пеш аз пайдо шудани гармӣ дар рӯи бадан, аъзо аз шиддати сардӣ меларзад.

*Табларза шикаст пайкарашро.
Табхола газид шаккарашро.
(*Л. М.*).

ТАБЛИҒ تبلیغ расонидан (*ин калима бештар дар ташвиқоти маслакӣ ва мафкуравӣ кор фармуда мешавад*).

ТАБОБАТ طبابت даво кардани беморҳо.

ТАБОЕЪ* طبایع **ҷамъи табиат.**

Маънии карам дар ҷамии аҳвол ба
сурури табоеъ кӯшидан аст. (*Бедил*).

ТАБОР تبار хешовандон, наздикони наслӣ.

ТАБОШИР طباشیر моддаи маъданӣ сафедча, ки ба саноат ба кор равад, бӯр. **Табошири субҳ** сафедии субҳдамӣ (*маҷоз*).

ТАБОҲ تباه вайроншуда, аз кор баромада.

ТАБОҲӢ تباهی *нигоҳ кун. ба* **табоҳ**; [харобӣ, вайронӣ].

ТАБХ* طبخ 1. пухтан бо (*оташ*). 2. чизи пухташуда; оши пухта. таоми гарм.

Паррандае гуфташ, эй хокор,
Бирав табхе аз хони яғмо биёр!
(*Саъдӣ*).

ТАБХОЛ تبخال *нигоҳ кун. ба* **табхола**.

ТАБХОЛА تبخاله гармичаҳои [доначаҳои] атрофи лаб, ки аз шиддати таб, ё тарс пайдо мешавад.

*Табларза шикаст пайкарашро,
Табхола газид шаккарашро. (*Л. М.*).

ТАБЪ* طبع 1. сиришт, феъл, табиат. 2. истеъдод дар чизе (*масалан дар шеърнависӣ*). **Табъ ланҷ шудан** рӯй додани ягон бемории номуайян, ё ягон димоғсӯзӣ. (*Ҷ. 4*).

ТАБЪИД تبعید 1. дур кардан. 2. аз ҷое рондан (*ба тарзи ҷазо*).

ТАБЪЙИН تبیین *баён кардан*.

ТАБҶИЛ تبجیل *бузург доштан*; эҳтиром.

ТАВАЛЛО* تولی//تولا 1. муҳаббат, дӯстдорӣ.

Таваллои мардони ин покбум
Барангехтам хотир аз Шому Рум.
(*Саъдӣ*)

2. саргардӣ аз чизе, аз коре ва аз касе 3. ҳукуматдорӣ, волигӣ, соҳибикунӣ. 4. зорӣ карда аз касе чизеро хостан, илтимос, илтиҷо. (*Маънии зиндааш чорум аст*).

ТАВАССУЛ I* توسل наздикӣ; ёрӣ.

ТАВАССУЛ II* توصل расидан ба чизе; мулҳақ шудан.

ТАВАССУТ توسط 1. миёнаравӣ. 2. миёнаравӣ кардан барои ба вуҷуд овардани коре.

ТАВАҚҚУД* توقد дурахшон шудан, шӯълавар гаштан.

ТАВАҚҚУЪ توقع чашм доштан чизеро аз касе; [умед, орзу].
*Аз аҳли ин деҳ тавақкӯи баладӣ доштем, то сарриштаи роҳе, ки гум кардем, ба даст орем. (*Бедил*).

ТАВАҲҲУМ توهم 1. дар ваҳм афтодан (*маънии ҳозираш*); [ваҳм, тарс 2. гумон, тасаввур].

ТАВАҶҶУҲ توجه 1. рӯ ба сӯи касе, ё чизе овардан. 2. диққати худро ба чизе додан (*маҷ.*).

ТАВБА توبه аз гуноҳ [бозистодан, абадӣ тарк кардани ягон кирдори нописанд.

ТАВБЕХ//ТАВБИХ توبیخ сарзаниш кардан, маломат.

*Навомӯзро мадҳу таҳсину зеҳ
Зи тавбиху таҳдиди устод беҳ! (*Бӯс.*).

ТАВДЕЪ تودیع [1. видоъ]. 2. амонат супурдан; барои нигаҳдорӣ супурдан.

ТАВЗЕЪ توزیع 1. тақсим карда додани чизе. 2. ба ҳар тараф пароканда фиристодани чизе. ***Тавзеъ кардан** а) тақсим кардан. б) *дар ин ҷо ба ҳар ҷо гирифта гаштан.*

То гардонам асирвораш,
Тавзеъ кунам ба ҳар диёраш. (*Л. М.*)*

ТАВИЛ طویل дароз.

ТАВИЛА طویله 1. аспхона, саисхона. *2. гала, гурӯҳ.

Аз нӯшлабони он қабила
Гирдаш чу гуҳар яке тавила. (*Л. М.*)

3. ресмони дурру гавҳар, шаддан марворид.*

ТАВЛИД تولید 1. зоёнидани фарзанд; бача овардан, зоидан. 2. рӯёнидани чизе чизеро (*масалан таб дарди сарро тавлид мекунад, яъне мерӯёнад*).

ТАВОЗУЪ تواضع фурӯтанӣ, хоксорӣ.

ТАВОН توان 1. *асоси замони ҳозира аз* **тавонистан**. 2. қувват, қудрат, тоқат. 3. метавон, мумкин.

ТАВОНГАР توانگر бой, соҳиби сарват. *Дар ин маънӣ Лоҳутӣ гуфта:*

Зи хунам нохунаш сурх аст он сон-к
Зи ранҷи коргар рӯи тавонгар.

ТАВОНО* توانا боиқтидор, боқувват.

ТАВОНОӢ توانائی боиқтидорӣ, боқувватӣ.

ТАВОРА تواره деворест, ки аз чӯб, хишти хом ва лой созанд.

ТАВОРУД توارد 1. бо ҳам фуруд омадан дар ҷое. 2. ба вуҷуд омадани як мисраъ, ё як байт аз табъи ду шоир бе он ки онҳо аз гуфтани якдигар хабар дошта бошанд.

ТАВР طور тарз, ҳел, гуна, равиш.

ТАВРОТ* تورات китоби динии яҳудиён.

…Таврот набуд, то бигӯям ки ҳама
Якбора зи осмон фуруд омадааст.
(*Бедил*).

ТАВСАН توسن асп, аспи шӯх ва саркаш.

*Пайғомгузор дод пайғом,
К-эй тавсани толеат шуда ром! (*Л. М.*).

ТАВСАНӢ* توسنی саркашӣ, беитоатӣ.

Аз тавсании ту пур шуд айём,
Рӯзе ду-се ром шав, биё ром! (*Л. М.*).

ТАВСИА توسعه фароҳӣ, вусъат.

ТАВСИЯ(Т) توصیة 1. васият кардан. 2. кореро ба касе маслиҳат додан.

ТАВТИЯ توطئه [густурдан; тайёр намудан]; *нигоҳ кун. ба* **тамҳид**.

ТАВФ طوف гирдогирди чизе гардидан.

*Ҳама авқот тавфи ӯ кардӣ,
Гоҳ дидаву гоҳ бӯ кардӣ. (*Бедил*).

ТАВФИР توفیر 1. бисьёр шудан. 2. бисьёр кардан.

*Ниҳад омили сифла бар халқ ранҷ,
Ки тадбири мулк асту тавфири ганҷ.
(*Бус.*).

ТАВФИҚ* توفیق мувофиқат; муваффақият.

Чи зӯр оварад панҷаи ҷаҳди мард,
Чу бозуи тавфиқ ёрӣ накард! (*Бус.*).

ТАВШЕҲ توشیح 1. зинат додани чизе бо чизе ороиш. 2. овардани номи касе ҳарф-ҳарф дар аввали байтҳои як ғазал (*аз шаклҳои шеъри пештара*).

ТАВЪ طوع 1. рағбат. 2. итоати ихтиёрӣ.

ТАВЪАМ توأم 1. яке аз ду бачаест, ки аз як шикам дар як ҳамл зоида шуда бошад; ҳамзод, дугона. *2. *дар ин ҷо пайваста;* якҷоя.

Наъшакон чун зи зона бардоранд,
Таъвами моҳ ба зон басоранд.
*(Бедил)**

3. чизе, ки ҳамешагӣ бо чизе бошад. *Масалан, мегӯянд, ки* **лашкари сурх-зафартавъам,** *яъне Лашкари Сурх, ки зафар ҳамеша бо вай аст (маънии дуюмӣ маҷоз аст).*

ТАВЪАМОН توأمان [*шакли дугонаи* **таъвам**]; ҳар ду бачае, ки аз як шикам дар як ҳамл зоида шудаанд.

ТАВҚ طوق 1. гарданбанд. 2. хати сиёҳе, ки дар гардани фохта ва қумрӣ ҳаст (*маҷоз*).

ТАВҚЕЪ* توقیع имзо ва мӯҳри подшоҳ дар охири фармон; фармони бомӯҳр.

ТАВҚИР توقیر иззат ва ҳурмати касеро нигоҳ доштан, иззат, эҳтиром.

ТАВҶЕҲ توجیه [1. муроҷиат]. 2. ваҷҳ ва сабаби чизе, ё кореро баён кардан (*маънии ҳозираш*).

ТАГ//ТАК* تگ//تک зер ва бунӣ ҳар чиз (**таги дег, таги чоҳ, таги дарахт**); тахт.

ТАГАЛ* تگل гӯсфанди ахта кардашуда, ки шохҳои тобдори каҷ дорад.

ТАГАЛАК تگلک чӯби сарҷуворист, ки ба шохи тагал монандӣ дорад.

ТАГАЛБАРРА تگل بره бачаи нозпарвард (*маҷоз*).

ТАГАРГ تگرگ жола ва яхчае, ки дар вақти барфу борон бештарин дар баҳорон меборад.

*Зи боридани тир ҳамчун тагарг,
Зи ҳар гӯша бархост тӯфони марг.
(Бӯс.).

ТАГАС تگس шохчаҳои хӯшаи ангур аст, ки баъд аз чида гирифтани ангур, ё мавиз боқӣ мемонад.

ТАГАСК تگسک *нигоҳ кун ба* **тагас.**

ТАГЛАМАДӮЗ* تگلمه دوز касе, ки ба соки мӯзаи кӯҳна таг ва рӯй мебандад **(Ҷ. *VI*)**

ТАГЧАРМ* تگ چرم пойафзори тагаш аз чарм, подош.

ТАДАББУР تدبر паси кореро андешидан, тадбир кардан.

ТАДБИР تدبیر дар пайи коре чора дидан; илоҷ, андеша. ***Тадбири маҳмуд** тадбири хуб. (*Бӯс.*).

ТАДВИН تدوین ҷамъ намудан ва ба тартиб даровардани шеърҳои гуногуни худ, ё аз они касе.

ТАДВИР تدویر гирд гардонидан.

ТАДОВӢ تداوی даво намудан, илоҷ кардани беморӣ.

ТАДОРУК تدارک 1. дарёфтани чизи аз даст рафта. 2. пур кардани ҷои чизи аз дастрафта. 3. чора дидан барои чизи фавтшуда [4. чора, тадбир; 5. тайёрӣ, омодагӣ].

ТАДОХУЛ تداخل 1. ба даруни ҳамдигар даромадан. 2. дахлкунӣ ба коре, ки ба худаш оид нест.

ТАДРИС تدریس дарс додан.

ТАДРИҶ تدریج дараҷа ба дараҷа, поя ба поя, оҳиста-оҳиста.

ТАДҚИҚ تدقیق 1. маҳин кӯфтани чизе мисли орд. 2. борик кардан. 3. як чизеро борикбинона бахубӣ кофту ков карда дидан (*маънии илмии имрӯзааш ҳамин аст*).

ТАЗ* تز номи як мурғаки хурдҷуссаи хушовоз.

Чун латиф ояд ба гоҳи навбаҳор
Бонги руду бонги кабку бонги ғаз.
(*Рӯдакӣ*).

ТАЗАБЗУБ تذبذب 1. дудилагӣ. 2. беқарории аҳвол.

ТАЗАЛЗУЛ تزلزل ларзидан, ҷунбидан.

ТАЗАЛЛУЛ تذلل 1. фурӯтанӣ кардан ва худро хор намудан. 2. лағжиш, лағжидан.

ТАЗАЛЛУМ تظلم додхоҳӣ кардан ва фарьёд намудан аз зулму бедодӣ,

*Тазаллум бароварду фарьёд хонд,
Ки шафқат барафтоду раҳмат намонд.
(*Бӯс.*).

ТАЗАЛЛУМКЕШ* تظلم کیش мазлуми додхоҳ.

Гардиши ранги он тазаллумкеш,
Зад муҳарраф ба табъи раҳмандеш.
(*Бедил*).

ТАЗАРВ* تذرو мурғи даштӣ, ки онро **мурғи титав** ҳам меноманд ва дар афсонаҳо ошиқи сарв будани он машҳур аст.

То чун ба чаман расад тазарве
Сарве бинад ба ҷои сарве. (*Л. М.*).

ТАЗАРРУЪ تضرع зорӣ кардан.

*Нолад ба тазаррӯе, ки донад,
Байте ба муроди хеш хонад. (*Л. М.*).

ТАЗВИР تزویر макру фиреб кардан; макр, фиреб.

*Ҷамъе аз пайравони фикри қасир
Мекашиданд маҳмили тазвир. (*Бедил*).

ТАЗВИҶ تزویج 1. ҷуфт кардан. 2. бо ҳам никоҳ кардани марду зан.

ТАЗКИЯ تزکیه 1. пок гардонидан. 2. тафтиш карда баромадани ягон ҳодисаи ҷиноятӣ (*истилоҳи Бухоро*).

ТАЗКИЯЧӢ تزکیه‌چی тафтишкунандаи ҳодисаҳои ҷиноятӣ.

ТАЗМИН تضمین 1. зомин гардонидан. 2. товон бор кардан 3. даровардани ягон мисраъ, ё ягон байти шеъри касеро дар шеъри худ.

ТАЗКИРА تذکره 1. ёддошт, ба ёд овардан. 2. китоби зикри аҳволи шуаро ва намунаи ашъори онҳо.

ТАЗОД(Д) تضاد зидди ҳамдигар будан.

ТАЗОЮД تزاید фузудан, афзудан.

ТАЗЪИФ تضعیف дучандон кардани рақамҳо дар ҳисоб.

ТАЗЬЕЪ تضییع зоеъ гардонидан.

ТАЗЬИН تزیین зинат додан, ороиш додан.

ТАЗЬИҚ تضییق 1. танг кардан. 2. фишор овардан.

ТАЗҲИБ تذهیب зарандуд кардан.

ТАЙ طی 1. буридан, рафтан (роҳро). *2. номи қабилае, ки Ҳотам мансуб ба вай буд (*дар вақти нисбат «Ҳотами Тоӣ» мегӯянд*).

Расули зардманду олим ба Тай
Равон карду даҳ мард ҳамроҳи вай.
(*Бус.*)*

ТАЙЁР طیار 1. омода, муҳайё. 2. нек парранда (*мубоЛиғаи* тайир). 3. лақаби дараҷагии олуфтагон дар ҳаёти кӯҳнаи Бухоро.

ТАЙЁРА* طیاره парвозкунанда. **Тайёраи тунд** *киноя аз* аспи давонд.

Тайёраи тундро шитобон
Меронд чу бод дар биёбон (*Л. М.*).

ТАЙЁРӢ* طیاری тайёр шудан, омодагӣ. **Тайёрӣ дидан** омода шудан; репетиция кардан (*Ҷ. б*).

ТАЙЛАСОН//ТАЙЛИСОН طیلسان ридое, ки арабон ва шайхони араб [умуман рӯҳониён ва қозиён] бар дӯши худ гиранд. *Ба ин маънӣ Ҳайрат гуфта:*

Майгусорӣ он қадар имрӯз боло
рафтааст.
Софии май кард сӯфӣ тайласони
суфро.

ТАЙР طیر парранда(гон).

*Ваҳшу тайри савода он садро
Баст минқору лаб зи савту садо.
(*Бедил*).

ТАК I تک 1. давидан, [тохтан; дав].

*Саворон ҳама шаб ба так тохтанд,
Саҳаргаҳ паи асп бишнохтанд. (*Бус.*).

Дар так афтодан дар ҳаракат омадан.

Бас тири шубон, ки дар так афтод,
Бар гург фиканду бар саг афтод.
(*Л. М.*).

ТАК II تک *нигоҳ кун.* *ба* **таг.**

ТАКА تکه 1. бузи нар (**така бошаду шир диҳад** аз масалҳои халқист). 2. номи қабилаест аз қабилаҳои туркман.

ТАКАЛ تکل наргӯсфанди ахтанокардани шохдори ҷангӣ. *нигоҳ кун* ба тагал.

ТАКАЛЛУМ تکلم сухан гуфтан.

ТАКАЛЛУФ تکلف 1. бар худ ранҷ гирифтан. 2. худро ба ягон сифате, ки дар худ нест, нишон додан.

ТАКБАНД تکبند камарбанди бофтаи абрешимӣ, ё пашмӣ.

ТАКДОН تک دان касест, ки ба сабаби донистанаш аҳволи даруни ҷои дуздиданиро ба дузд бо хабар додан ёрӣ медиҳад.

ТАКИДЕГӢ تک دیگی оши палавест, ки аз таки дег кашида мешавад.

ТАКЛИФ تکلیف 1. касеро дар ранҷ андохтан. 2. ба касе кореро фармудан. 3. касеро ба ҷое даъват кардан. 4. фикреро ба касе пешниҳод кардан (*ду маънии охирӣ—маъниҳои замонист*).

ТАКНИШИН تک نشین 1. лой, рег ва санг барин чизҳои обовардае, ки дар зери об нишаста мемонад. 2. дурдае, ки дар зери чизҳои обакӣ менишинад.

ТАКНИШОН تک نشان **Такнишон кардан** фикреро дар дили касе, ё кореро дар хотири касе ҷойгир гардонидан (*дар забони халқ* **ба фалонӣ таъкид ва такнишон карда гуфтам...**, мегӯянд).

ТАКОБ تکاب 1. замини ҳамвори миёнаи ду кӯҳ аст, ки дар он ҷо оби кӯҳ мефурояд. 2. исми хоси як деҳаест дар наздикии Қитоби Шаҳрисабз.

ТАҚОВАР تکاور аспи даванд.

*Таковар ба дунболи сайде биронд.
Шабаш даст дод, аз ҳашам боз монд.
(*Бӯс.*).

ТАКОМУЛ* تکامل ба камол расидан. **Такомули тадриҷӣ** эволюция. (*Б*).

ТАҚОН تکان ҷунбиш, ҳаракат.

ТАҚОНИДАН تکانیدن ҷунбиш додан, ҳаракат додан.

ТАҚОПУ تکاپو *нигоҳ кун.* ба **такудав.**

ТАҚОСУЛ تکاسل худро касал, монда ва суст нишон додан.

ТАҚРОР تکرار 1. бор-бор кардан, як чизеро ду бор ё чанд бор гуфтан *2. такрори дарс, ки талабагони мадрасаҳои Бухоро ҳама дар як ҷо дар миёнсарои мадраса дарсҳои гузаштаашонро аз ёд мехонданд. (*Ёд. 3—4*).

ТАҚСИНҶ تک‌سنج чӯби зерини хонаҳои чӯбкорӣ аст, ки дар вай қаламаҳоро рост мемонанд.

ТАҚСИР I تکثیر бисьёр кардан.

ТАҚСИР II تکسیر чизеро шикастан.

ТАҚУДАВ تک‌ودو дар паи ҷустуҷӯи чизе давидан.

ТАҚФИН تکفین мурдаро кафан кардан.

ТАҚФИР* تکفیر ҳукм ба куфр кардан (Ҳ.).

ТАҚШИН تکشین заминест, ки ба сабаби шибба задан ва кӯфтан сахт шудааст.

ТАКЬЯ تکیه 1. пушт бар чизе гузоштан. 2. чизе, ки ба вай пушт гузошта мешавад; болиш.

ТАҚЬЯГОҲ تکیه‌گاه 1. чизе, ки ба вай пушт гузошта мешавад (*масалан*, девораи пушти курсӣ ва девон). 2. касест, ки бо мадади вай кореро мекунанд. 3. далеле, ки бо вай чизеро исбот ё муддаоеро пеш меронанд.

ТАКӮК* تکوک зарфи шароб, ки ба шакли шер сохта шудааст. (*Р.*).

ТАКҶОЙ تک‌جائی 1. пулест, ки барои истифода кардан аз замини бозор аз фурӯшандагон гирифта мешавад. [2. ҳаминҷой, аслаш аз ҳамин ҷо, маҳаллӣ].

ТАЛ تل хоктӯдаи баланди кӯҳмонанд.

ТАЛА تله доми мӯини ҳалқагӣ аст, ки барои шикори паррандагон дар даруни киштҳо гузоранд.

ТАЛАБА طلبه [*ҷамъи* **толиб**] толибҳо. (*талаба ҳоло ба толибони илм ва шогирдони мактаб махсус шудааст*).

ТАЛАБИДАН طلبیدن 1. талаб кардан, пурсидан чизеро. 2. хоҳиш кардан (**дилам талабид—**... хоҳиш кард).

ТАЛАВВУН تلون рангоранг шудан.

ТАЛАЛ* طلل 1. вайрона, хароба. 2. *маҷозан* ҷисми одам.

Ҳар кас талале ба тег мекушт.
Ӯ хештан аз дарег мекушт. (*Л. М.*).

ТАЛАТТУФ* تلطف лутф кардан, навозиш, меҳрубонӣ.

Чун кард зи рӯи меҳрубонӣ
Бо ӯ зи талаттуф он чи донӣ. (*Л. М*).

ТАЛАФ تلف нобуд шудан; нобуд. **Умр талаф шуд** умр нобуд шуд.

ТАЛАФКОМ تلف کام касест, ки дар зиндагӣ рӯи осоишро надидааст.

ТАЛАҚҚӢ تلقی пазируфтан.

ТАЛБИДАН طلبیدن 1. *нигоҳ кун. ба* **талабидан.** 2. баъд аз никоҳ арӯс ва домодро аз тарафи падару модари арӯс аввалин бор ба меҳмонӣ ҷеғ задан.

ТАЛБИС تلبیس 1. макру фиреб. 2. сохтакорӣ дар ҳуҷҷатҳои навишта.

ТАЛБОН تلبان//طلبان маросими аввалини меҳмонии арӯс ва домод дар хонаи падар ва модари арӯс.

ТАЛВОСА تلواسه беқарорӣ.

ТАЛМЕҲ تلمیح 1. нимнигоҳ кардан ба чизе. 2. овардани сухани маълуме дар даруни суханони худ бе ишорат кардан ба гӯяндаи он ва ё ишорат кардан ба қиссае. *Дар ин маънӣ Саъдӣ гуфта:*

Қош онон ки айби ман гуфтанд,
Рӯят, эй дилситон, бидидандӣ;
То ба ҷои турунҷ дар назарат,
Бехабар дастҳо буридандӣ.

Саъдӣ бо ин қитъа ба як воқиаи қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» ишорат кардааст.

ТАЛОТУМ تلاطم 1. ба рӯи якдигар бо торсакӣ задан. 2. бар якдигар задани мавҷҳои баҳр.

ТАЛОТУП تلاتوپ шӯру ғавғо.

ТАЛОФӢ تلافی пур шудани ҷои чизи талафшуда; [подош; иваз].

*Бе талофӣ нест шавқам дар такупӯи висол,
Даст агар кӯтоҳ шуд, оҳам расо хоҳад шудан.
(*Бедил*).

Талофии мофот пур кардани ҷои чизи аз дастрафта.

Баъд аз инат талофии мофот
Дорад аз ҷанги интиқом наҷот.
(*Бедил*)*

ТАЛОШ تلاش 1. кӯшиш, ҷустуҷӯ. 2. даст ба гиребон шудани ду кас, ё чанд кас.

ТАЛОЯ طلایه фавҷе аз лашкар аст, ки дар шабҳо шаҳр ва ё лашкаргоҳро аз душман нигоҳдорӣ мекунад.

ТАЛОҚ طلاق раҳоии зан аз никоҳ.

ТАЛОҚАТ طلاقت гӯёӣ ва бурроии забон; [фасоҳати забон].

ТАЛОҚӢ تلاقی бо ҳам рӯбарӯ шудан; вохӯрӣ.

ТАЛХА تلخه 1. зардаест, ки дар меъдаи одамӣ ва ҳайвонот дар даруни халтачае меистад. 2. як хел алафи бисьёр талх аст, ки агар ба дасти одам расад ба зудӣ равондани талхии он мумкин нест ва мазаи талхиаш монанди талхии хина аст.

ТАЛХАК تلخک *нигоҳ кун ба маънии дуюми* **талха.**

ТАЛХИС تلخیص хулоса кардани чизе.

ТАЛЪАТ طلعت дидор.

ТАЛҚИН تلقین андохтани фикре ба дили касе.

ТАМАВВУЛ تمول молдор шудан.

ТАМАДДУД* تمدد дарозкашӣ.

Қиссапардози сурати аҳвол
Гуфт: баъд аз тамаддуди як сол...
(*Бедил*).

ТАМАДДУН تمدن 1. дар ҷамъият бо одоб ва ахлоқи писандида зиндагонӣ кардан. 2. доро шудан ба илму фанни замонӣ.

ТАМАЛЛУК تملک молик шудан, аз они худ кардан.

ТАМАЛЛУҚ تملق хушомадгӯӣ, забонбозӣ, ҳурмати риёӣ.

ТАМАННО تمنا орзӯ, умед, хоҳиш.

ТАМАРРУД تمرد саркашӣ, беитоатӣ.

ТАМАССУК تمسک 1. чанг задан ба чизе барои мадад ҷустан. [2. ҳуҷҷат, санад].

ТАМАТТӮЪ تمتع манфаат бурдан; фоида, баҳра.

*Таматтӯъ зи ҳар гӯшае ёфтам,
Зи ҳар хирмане хӯшае ёфтам. (*Бӯс.*).

ТАМАЪ طمع аз рӯи ҳирс умеди чизе аз касе доштан. **Тамаи хом** орзӯи чизи номумкин.

ТАМИЗ تمیز *нигоҳ кун. ба* **тамъйиз**. *Ҳофиз гуфтааст:*

Дилам аз бетамизиҳои абнои замон хун шуд,
Набудӣ кош лавҳи хотирамро нақши идроке.

ТАМКИН تمکین 1. побарҷой. 2. орамидагӣ, вазнинӣ; *қадру иззати худ ва дигаронро нигоҳ доштан.

Сару рӯи ҳар кас бибӯсиду даст,
Ба тамкину иззат нишонду нишаст.
(*Бӯс*).*

ТАМЛИК تملیک 1. молик гардонидан. 2. милки касе.

ТАММОЪ طماع сертамаъ.

ТАМОДӢ تمادی дарозшавӣ.

ТАМОКУ تماکو растании талхбарг аст, ки барги вайро хушконида дар чилим ё дар коғаз оташ дода дудашро фурӯ мекашанд.

ТАМОМ تمام 1. дуруст. 2. басанда. 3. пурра, комил. 4. ба поён расидани чизе. *Ба ин маънӣ гуфта шудаст:*

Умрам тамом гашту муродам тамом нест.

3. ҳама (**тамоми шаб** — ҳама шаб).

ТАМОМЪИЁР تمام عیار 1, зар ва нуқраи покиза. 2. одами ростқавл ва дурусткирдор (*ба ин маънӣ маҷоз аст*).

ТАМОРУЗ تمارض худро бардурӯғ бемор нишондиҳӣ, беморторошӣ.

ТАМОШО تماشا 1. сайру гашт. 2. назар кардан ба чизи аҷиб.

ТАМОШОГОҲ تماشاگاه ҷоест, ки дар он ҷо ягон чиз, ё кори аҷиберо бинанд.

ТАМОШОКАДА* تماشاکده 1. тамошохона. 2. *киноя аз* дуньё. Дар ин тамошокада ба фусуни тахайюл хоб бар табиат набояд гумошт. (*Бедил*).

ТАМТАМ تمتم одами пурзӯри тануманди далер (*ин калима сабук кардашудаи* **таҳамтан** *аст*).

ТАМУЗ تموز 1. моҳи саратон. 2. рӯзҳои бисьёр гарми тобистон.

*Гармои тамуз жоларо бурд.
Бод омаду барги лоларо бурд. (*Л. М*)

ТАМУЗӢ* تموزی вақти тобистон

Азбаски рабиию тамузӣ
Додӣ ба дадон бароти рӯзӣ. (*Л. М*).

ТАМЬЙИЗ تمییز ҷудо кардани нек аз бад, фарқи байни неку бадро муайян кардан, тамиз, имтиёз (додан).

ТАМҒА تمغه мӯҳре, ки дар ҳайвонот ва тойҳои ҳар гуна молҳо зананд.

ТАМҒО تمغا *нигоҳ кун ба* **тамға.**

ТАМҲИД تمهید 1. густуронидан (*масалан* намадро). 2. ҳамвор кардан (*масалан* заминро). *3. тайёр кардан ва омода кардани чизе барои ба вуҷуд овардани чизе.

Золим аз бедастгоҳӣ нест бе тамҳиди зулм,
Дар ҳақиқат арра шамшер аст, чун дандона рехт.
(*Бедил*).

*4. суханҳое, ки пеш аз баёни муддаои аслӣ гуфта мешавад.

ТАМҶИД تمجید бузург шумурдан (*касеро*).

ТАН تن ғайр аз дасту пою сар боқимондаи бадани одамӣ ва ҳайвонот. **Тан дардодан** розӣ шудан ба душвориҳо. **Тан додан** таслим шудан. ***Тан задан** боз истодан, сабр намудан.

Қ-эй шарарнағма соате тан зан!
Бар чароғи фасона доман зан!
(*Бедил*)*

ТАНА تنه 1. бадани одам баъд аз мурдан. 2. пояи дарахт аз рӯи замин то рӯидани бозуҳояш.

ТАНАВВУЪ تنوع гуногун шудан; гуногунӣ.

ТАНАЗЗУҲОТ تنزهات сайру гашт карда баҳра бурдан дар ҳавои тоза ва боғу бӯстонҳо.

ТАНАКОР تنه کار 1. як моддаи маъданӣ, ки дар кимиё ба кор равад ва дар кафшер кардани мис ҳам вайро кор фармоянд. 2. касест, ки дар алоқаи байни ду кас восита мешавад (*маҷоз*).

ТАНАЪУМ تنعم ба нозу неъмат парваришьёбӣ; *бо сериву пурӣ ҳаёт гузаронидан.

Шуморост навбат бар ин хон нишаст,
Ки мо аз танаъум бишустем даст.
(*Бӯс.*)*

ТАНАЪУМОТ تنعمات айшу ишрат; *нигоҳ кун. ба* **танаъум.**

ТАНБАЛ تنبل одами камҳавсалаи бекорхоб.

ТАНБАЛӢ تنبلی беҳавсалагӣ, бекорхобӣ.

ТАНБЕҲ تنبیه 1. огоҳонидан, ҳушьёр кардан. 2. ҷазои баданӣ (*термини замони амир*). 3. огоҳонидан ба тарзи ҷазо (*термини имрӯза*).

ТАНБОКУ تنباکو *нигоҳ кун. ба* **тамоку.**

*... ҳайрати марғулае... аз дуди танбокуаш бар ҳаво мепечид. (*Бедил*).

ТАНБӮР تنبور//طنبور як олати мусиқист, ки аз чӯби сар-косамонанди рӯйпӯшида месозанд ва дар вай се тори симин мекашанд.

ТАНВИР تنویر равшан кардан.

ТАНГ تنگ 1. ҷои кам гунҷоишдор (**хонаи танг, кафши танг**).
2. дараи кӯҳ (**Танг-Нигоҳ, Тангдевон, Тангширон, Тангҷавзо**—аз дараҳои машҳури кӯҳистони Тоҷикистон аст). ***Танги кӯҳ** дараи кӯҳ.

Оҳу зи танги кӯҳ биёмад ба дашту роғ.
Бар сабза бода хуш бувад акнун, агар хурӣ.
(*Рӯдакӣ*)*

3. айили асп (*айили рӯйро* **пуштан**//**пуштанг** *гӯянд*).

ТАНГА* تنگه пули металлии сикка задашуда, мисли 15 тин ё 20 тин.

ТАНГАЙШӢ تنگ عیشی камбағалӣ.

ТАНГНО تنگنا 1. дараи танг. 2. ҳар гузаргоҳе, ки танг бошад. 3. душвориҳои аз ҳад зиёди зиндагонӣ (*маҷоз*).

ТАНГСОЛ تنگسال каҳатсол, соли каҳтӣ.

ТАНГЧАШМ تنگ چشم бахил, мумсик.

ТАНДУРУСТӢ* تندرستی сиҳатӣ, саломатӣ.

Пизишкию дармони ҳар дардманд
Дари тандурустию роҳи газанд... (Ф.).

ТАНЗ طنز 1. ноз, шӯхӣ. 2. таънаи дӯстона.

ТАНЗИМ تنظیم ба низом ва тартиб мондани корҳо (*маънии ҳозираш*).

ТАНИГАҲ تنی گه ҷоест, ки дар он ҷо абрешимро танида аз вай маштутҳои шоҳӣ ва адрас тайёр мекунанд.

ТАНИДАН تنیدن 1. аз риштаҳо маштути чизҳои бофтанӣ тайёр кардани бофандагон. 2. тор танидани тортанакон барои шикори магасон. 3. ба атрофи касе гаштан барои фиреб додан ва ба доми худ даровардани он кас (*маҷоз*).

ТАНИН طنین ҳар садое, ки ғунг-ғунг, ё тинг-тингкунон барояд, монанди овози магас, занбӯр, паша, танбӯр ва садои ҷарангоси дар гӯш.

* Танине ба чандин фиғон мекашид,
Нафас то кашад, сад камон мекашид.
(*Бедил*).

ТАННОЗ طناز шӯхи нозанин ва хушрафтор.

ТАНОБ طناب ресмони борики дароз (монанди ресмони хайма); ресмоне, ки ба чархи ресмонресӣ барои гардонидани дук меандозанд; ресмоне, ки ба вай масоҳати заминро андоза мекунанд.

ТАНОВАР تناور 1. *нигоҳ кун. ба* **тануманд**. *2. ғафс, бузургтана:

Ба ҳайкал қавӣ чун тановар дарахт
Ва лекин фурӯ монда бебарг сахт.
(*Бус.*)*

ТАНОВУЛ تناول хӯрдан (*маънии имрӯзааш*).

ТАНОЗУЪ تنازع бо ҳам низоъ кардани ду кас, ё ду чиз.

ТАНОСО تن آسا 1. касест, ки танҳо осоиши тани худро мехоҳад. 2. бистар ва кӯрпаи нармест, ки аз вай тан меосояд.

ТАНОСОН تن آسان *нигоҳ кун. ба* **таносо**.

ТАНОСОНӢ* تن آسانی осудагӣ, тандурустӣ (*Р.*).

ТАНОСОӢ تن آسائی роҳат ва оромӣ.

ТАНОСУБ تناسب бо ҳам муносибат доштан.

ТАНОСУЛ تناسل насл ва авлодбиёрӣ.

ТАНОФУР تنافر 1. нафрат намудан. 2. ҷамъ кардани калимаҳои душвортелаффуз ва бо якдигар ношинам дар шеър ва насрҳои адабӣ (*истилоҳи адабиёт*).

ТАНОҚУЗ تناقض ба ҳамдигар зид баромадани ду сухан, ё ду воқеа.

ТАНПАРВАР تن پرور 1. касе ки ҳамеша тани худро парвариш мекунад. 2. касе, ки аз меҳнати сахт мегурезад. (*маҷоз*)

ТАНСИҚ تنسیق интизом додан, ба тартиб овардан.

ТАНСУКОТ تنسوقات чизҳои аҷиб ва камёб, ки ба тӯҳфа баранд.

ТАНТАНА طنطنه 1. овози ғулғуладор. 2. ҳар маросиме, ки бо ҷӯшу хурӯш ва ғулғула гузаронида шавад (*маънии ҳозираш*).

ТАНУМАНД تنومند одами қавипайкар.

ТАНХОҲ تنخواه обу заминест ки дар замони амир ба амалдорону сипоҳиён барои фоида бурдан аз он бо меҳнати деҳқонон, бепул медоданд.

ТАНХОҲДОР* تنخواه‌دار касе, ки соҳиби танхоҳ шудааст, сипоҳӣ ё амалдоре, ки танхоҳ дорад.

ТАНШИТ تنشیط ба нишот овардан, шодмон кардан.

ТАНШӮЙ تنشوی санги мӯйнасӯрох аст, ки бар болои вай истода аз сар об резанд.

ТАНҚЕҲ تنقیح пок ва соф кардани чизе аз айбҳо ва аз чизҳои барзиёд.

ТАНҚИС تنقیص 1. нуқсдор кардан. 2. камёб шудан (*маънии дуюм халқист, ки масалан агар оби равон кам шавад, об* **танқис шуд** *мегӯянд*).

ТАНҚИЯ تنقیه пок ва соф кардан (*бештарин ин калима дар тиб дар покиза кардани меъда ва димоғ ба воситаи дору кор фармуда мешавад*).

ТАНӮР تنور маълум аст, ки дар вай нон пазанд.

ТАНӮРА تنوره ҳар чизи оташдоре, ки ба танӯр монандӣ дошта бошад, аммо дар он ҷо нон напазанд. (монанди даҳони кӯҳи оташфишон).

ТАНҲО I تنها якка.

ТАНҲО II تنها (ҷамъи тан): чанд тан.

ТАНҲОӢ تنهائی яккагӣ, танҳо будан.

ТАОЛОЛЛОҲ* تعالی الله калимаест, ки суханварони пештара дар мавриди тааҷҷуб ва ҳайрат кор мефармуданд; [чӣ бузургвор аст худо!]

Таололлоҳ, чӣ тӯфони баҳор аст.
Ки чун гул шаш ҷиҳат гул дар канор
аст. (*Бедил*).

ТАПИДАН تپیدن/طپیدن 1. сахт гарм шудан. 2. беқарор шудан аз амале.

ТАПОНЧА تپانچه/طپانچه 1. торсакӣ.

*Шӯридагие далер мекард.
Худро ба тапонча сар мекард. (*Л. М.*)*

2. туфангча аст, ки бо вай тир мепарронанд.

ТАР تر 1. ҳар чизе, ки бо чиз-

Оҳу зи танги кӯҳ биёмад ба дашту роғ,
Бар сабза бода хуш бувад акнун. агар хурӣ.
(*Рӯдакӣ*)*

3. айили асп (*айили рӯйро* **пуштан//пуштанг** *гӯянд*).

ТАНГА* تنگه пули металлии сикка задашуда, мисли 15 тин ё 20 тин.

ТАНГАЙШӢ تنگ عیشی камбағалӣ.

ТАНГНО تنگنا 1. дараи танг. 2. ҳар гузаргоҳе, ки танг бошад. 3. душвориҳои аз ҳад зиёди зиндагонӣ (*маҷоз*).

ТАНГСОЛ تنگ سال қаҳатсол, соли қаҳтӣ.

ТАНГЧАШМ تنگ چشم бахил, мумсик.

ТАНДУРУСТӢ* تندرستی сиҳатӣ, саломатӣ.

Пизишкию дармони ҳар дардманд
Дари тандурустию роҳи газанд... (*Ф.*).

ТАНЗ طنز 1. ноз, шӯхӣ. 2. таънаи дӯстона.

ТАНЗИМ تنظیم ба низом ва тартиб мондани корҳо (*маънии ҳозирааш*).

ТАНИГАҲ تنی گه ҷоест, ки дар он ҷо абрешимро танида аз вай маштутҳои шоҳӣ ва адрас тайёр мекунанд.

ТАНИДАН تنیدن 1. аз риштаҳо маштути чизҳои бофтанӣ тайёр кардани бофандагон. 2. тор танидани тортанакон барои шикори магасон. 3. ба атрофи касе гаштан барои фиреб додан ва ба доми худ даровардани он кас (*маҷоз*).

ТАНИН طنین ҳар садое, ки ғунг-ғунг, ё тинг-тингкунон барояд, монанди овози магас, занбӯр, паша, танбӯр ва садои ҷарангосӣ дар гӯш.

* Танине ба чандин фиғон мекашид,
Нафас то кашад, сад камон мекашид.
(*Бедил*).

ТАННОЗ طناز шӯхи нозанин ва хушрафтор.

ТАНОБ طناب ресмони борики дароз (монанди ресмони хайма); ресмоне, ки ба чархи ресмонресӣ барои гардонидани дук меандозанд; ресмоне, ки ба вай масоҳати заминро андоза мекунанд.

ТАНОВАР تناور 1. *нигоҳ кун. ба* танумaнд. *2. ғафс, бузургтана·

Ба ҳайкал қавӣ чун тановар дарахт
Ва лекин фурӯ монда бебарг сахт.
(*Бӯс.*)*

ТАНОВУЛ تناول хӯрдан (*маънии имрӯзааш*).

ТАНОЗУЪ تنازع бо ҳам низоъ кардани ду кас, ё ду чиз.

ТАНОСО تن آسا 1. касест, ки танҳо осоиши тани худро мехоҳад. 2. бистар ва кӯрпаи нармест, ки аз вай тан меосояд.

ТАНОСОН تن آسان *нигоҳ кун. ба* **таносо**.

ТАНОСОНӢ* تن آسانی осудагӣ, тандурустӣ (*Р.*).

ТАНОСОӢ تن آسائی роҳат ва оромӣ.

ТАНОСУБ تناسب бо ҳам муносабат доштан.

ТАНОСУЛ تناسل насл ва авлодбиёрӣ.

ТАНОФУР تنافر 1. нафрат намудан. 2. ҷамъ кардани калимаҳои душворталаффуз ва бо якдигар ношинам дар шеър ва насрҳои адабӣ (*истилоҳи адабиёт*).

ТАНОҚУЗ تناقض ба ҳамдигар зид баромадани ду сухан, ё ду воқиа.

ТАНПАРВАР تن پرور 1. касе ки ҳамеша тани худро парвариш мекунад. 2. касе, ки аз меҳнати сахт мегурезад. (*маҷоз*)

ТАНСИҚ تنسیق интизом додан, ба тартиб овардан.

ТАНСУҚОТ تنسوقات чизҳои аҷиб ва камьёб, ки ба тӯҳфа баранд.

ТАНТАНА طنطنه 1. овози ғулғуладор. 2. ҳар маросиме, ки бо ҷӯшу хурӯш ва ғулғула гузаронида шавад (*маънии ҳозирааш*).

ТАНУМАНД تنومند одами қавипайкар.

ТАНХОҲ تنخواه обу заминест ки дар замони амир ба амалдорону сипоҳиён барои фоида бурдан аз он бо меҳнати деҳқонон, бепул медоданд.

ТАНХОҲДОР* تنخواهدار касе, ки соҳиби танхоҳ шудааст, сипоҳӣ ё амалдоре, ки танхоҳ дорад.

ТАНШИТ تنشیط ба нишот овардан, шодмон кардан.

ТАНШӮЙ تنشوی санги миёнасӯрох аст, ки бар болои вай истода аз сар об резанд.

ТАНҚЕҲ تنقیح пок ва соф кардани чизе аз айбҳо ва аз чизҳои барзиёд.

ТАНҚИС تنقیص 1. нуқсдор кардан. 2. камьёб шудан (*маънии дуввӯм халқист. ки масалан агар оби равон кам шавад.* **об танқис шуд** *мегӯянд*).

ТАНҚИЯ تنقیه пок ва соф кардан (*бештарин ин калима дар тиб дар покиза кардани меъда ва димоғ ба воситаи дору кор фармуда мешавад*).

ТАНӮР تنور маълум аст, ки дар вай нон пазанд.

ТАНӮРА تنوره ҳар чизи оташдоре, ки ба танӯр монандӣ дошта бошад, аммо дар он ҷо нон напазанд, (монанди даҳони кӯҳи оташфишон).

ТАНҲО I تنها якка.

ТАНҲО II تنها (*ҷамъи* **тан**); чанд тан.

ТАНҲОЙ تنهائی яккагӣ, танҳо будан.

ТАОЛОЛЛОҲ* تعالی الله калимаест, ки суханварони пештара дар мавриди тааҷҷуб ва ҳайрат кор мефармуданд; [чӣ бузургвор аст худо!]

Таололлоҳ, чӣ тӯфони баҳор аст,
Қи чун гул шаш ҷиҳат гул дар канор
аст. (*Бедил*).

ТАПИДАН تپیدن//طپیدن 1. сахт гарм шудан. 2. беқарор шудан аз амале.

ТАПОНЧА تپانچه//طپانچه 1. торсакӣ.

*Шӯридагие далер мекард,
Худро ба тапонча сер мекард- (*Л. М.*)*

2. туфангча аст, ки бо вай тир мепарронанд.

ТАР تر 1. ҳар чизе, ки бо чизҳои обакӣ тар шуда бошад. 2. тоза, обдор, покиза (*чунончи мегӯянд:* **гулбарги тар, шеъри тар** *ва монанди инҳо. маънии маҷоз аст*).

ТАРА* تره сабзавоте, ки барои нонхӯриш ба кор меравад (*пиёзи кабуд, гандано ва монанди инҳо*).

Касон шаҳд нӯшанду мурғу бара,
Маро рӯи нон менабинад тара. (*Бдг.*).

ТАРАБ طرب шодӣ, ҳаракатҳои шодиёна.

ТАРАБАНГЕЗ طرب‌انگیز чизе, ки боиси пайдоиши шодӣ мешавад.

ТАРАВИДАН ترویدن *нигоҳ кун. ба маънии дуйӯми* **таровидан.**

ТАРАДДУД تردد 1. рафтуой кардан. 2. кӯшиш кардан дар пайи чизе; ҷустуҷӯ.

*Беҳ к-аз ин об сар кушем шино,
То ба ҷое расад тараддуди мо.
(*Бедил*)*

3. дудила шудан (*ду маънии охирӣ маҷоз аст*). *4. шакку шубҳа.

З-он навоҳо хаёли нашъаҷароғ
Дошт дуди тараддуде ба димоғ.
(*Бедил*).*

ТАРАКА* ترکه [1. молу мулки аз шахси мурда боқимонда, мерос]. 2. тақсим намудани моли мерос. (*Ч. !*).

ТАРАНГ ترنگ 1. сахт кашида шуда истодани чизе (*чунончи ресмони аз ду тарафаш сахт кашида баста монда, пӯсти доира аз гармӣ; ё ҳолати пуфак дар вақти сахт пурбод кардани ӯ*). *2. мувофиқи корфармоии аҳолии Ҳиндустон садоест, ки аз шикастан ё аз ба ҳам хӯрдани чизҳои «чаранг»-дор мебарояд.

Шишаи созҳо расид ба санг,
К-ин нало гашт питихоб таранг.
(*Бедил*).

ТАРАНГУБИН ترنگبین *нигоҳ кун. ба* **таранчабин.** *Асли ин калима «тарангубин» яъне шакари тар буд ва таранчабин арабӣ сохтаи ин аст*).

ТАРАННУМ ترنم нағма ва сурудгӯӣ, суруд.

ТАРАНЧАБИН ترنجبین шакархор (ин шакарест, ки дар айёми тобистон шабҳо монанди шабнам бар сари хорҳои шутур ва баъзан бар дарахтҳои бед пайдо мешавад ва монанди барф мебандад, ки афшонда мегиранд).

*Он чи з-он гадъяҳо ба чанг овард,
Домане аз таранчабин пур кард.
(*Бедил*).

ТАРАССУД ترصد зери чашм доштан, дидбонӣ кардан.

ТАРАФ طرف 1. ҷониб, сӯ. 2. ҳариф, муқобил, **фалонӣ ба фалонӣ тараф шуд,** *яъне дар масъалае, ё коре ба вай муқобил шуд. (Ин калима бештарин дар мусобақаҳо, рақобатҳо, бозиҳо ва хусусан дар қиморҳо кор фармуда мешавад).* **Тарафи касеро гирифтан** он касро ҳимоят кардан. **Тараф шудан** ба қасди гузаронидан аз якдигар дар иҷрои коре муқобил шудани ду кас, ё чанд кас бо ҳам.

ТАРАФДОР طرف دار касеро, ки дар ягон масъала тарафи касеро мегирад, «тарафдори ӯ» мегӯянд. (*Маънии ин калима ҳамин аст*).

ТАРАФОНА طرفانه бо мусобақа, ё бо рақобат ба қасди аз якдигар гузаронидан кардани ду кас ё чанд кас кореро.

ТАРАФФӮЪ ترفع 1. баландӣ ҷустан. 2. ғурур ва худписандӣ.

ТАРАШШУҲ ترشح 1. таровидани чизҳои обакӣ аз зарф, ё аз замин ё аз ҷои дигар.

*Тарашшуҳи ҳезуми ҳомсӯз дӯкони нола кушудан аст... *(Бедил)*. 2. борони намреза; қатрапошӣ.

*Абре, ки аз тарашшуҳ орист—хокест бар ҳаво бехта ва дасте, ки аз карам тиҳист—вуболе ба гардан овехта. *(Бедил)*.

ТАРБАНДӢ تربندی латтаеро тар карда ба ҷароҳат, ё ба ягон ҷои озорноки бадан бастан.

ТАРВИҶ ترویج ривоҷ додан.

ТАРДАСТ تردست 1. ҷусту ҷолок *(ин сифатро ба касоне диҳанд, ки корашонро бо даст адо мекарда бошанд, чунончи хушнавис, наққош, найрангбоз ва монанди инҳо)*. 2. моҳир дар ягон ҳунари дастӣ. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Эй мутриби тардаст бизан чангу чагона.

ТАРДИМОҒ تردماغ 1. сархуш ва ниммаст. 2. каси хушвақт.

ТАРДОМАН تردامن фосиқ, зинокор, бадахлоқ.

*Чаро доманолударо ҳад занӣ,
Чу худро шиносӣ, ки тардоманӣ.
(Бӯс.)

ТАРЗАБОН ترزبان суханвар ва нотиқи хушбаён.

ТАРИАНДУД* تری اندود *киноя* аз тардоман; нопокдоман, ахлоқаш бад.

З-он ҷунунҷуръати тариандуд,
Оташи ман ҳанӯз дорад дуд.
(Бедил).

ТАРИД I* ترید *нигоҳ кун. ба* **тарит.**

ТАРИД II* طرید 1. ҳамла, ҳуҷум.

Мебурд ба ҳар тарид ҷоне,
Афганда ба ҳамлае ҷаҳоне.
(Л. М.).

ТАРИДГОҲ طریدگاه ҳамлагоҳ, ҷои ҳамлакунӣ.

Рӯзе ки ба таридгоҳи он дашт,
Бар хоки дайри ёр бигзашт.
(Л. М.).

ТАРИКА ترکه *нигоҳ кун. ба* **тарака;** молу мулки аз мурда монда. **Тарика кардан** ба кадом ворис чанд ҳисса расидани молу мулки мурдаро навишта додан.

ТАРИТ تریت 1. реза кардани нон дар шира, ё ҷурғот. 2. нимтар кардани сабӯс ё орд барои хӯроки ҳайвонот.

ТАРИҚ طریق 1. роҳ, роҳи оддӣ.

*Ду чашмаш бибӯсиду дар бар гирифт.
В-аз он ҷо тариқи Яман баргирифт.
(Бӯс.).

2. тарз, равиш; *нигоҳ кун. ба* **тариқа.***

ТАРИҚА.* طریقه роҳ ва тарз (**Ба ҳар тариқа** ба ҳар роҳ, ба ҳар тарз).

ТАРИҚАТ طریقت *1. роҳ, равиш; хатти ҳаракат; мазҳаб.

Устоди тариқатам ту будӣ.
Ғамхори ҳақиқатам ту будӣ!

*(Аз гуфтори Маҷнун дар вафоти падараш. Л. М.)** 2. роҳи арбоби тасаввуф. *Масалан, ме-*

гӯянд: **тариқати нақшбандӣ, тариқати кубравӣ.**

ТАРК I//ТАРГ ترک//ترگ ҳар парчаи кулоҳ ва калапӯш, ки аз чор парчаи баробар дӯхта шудааст, [кулоҳ, тоскулоҳ].

ТАРК II ترک гузоштан ва аз худ дур кардани чизе ё одате.

> *Агар ин шева тарки хоҳишҳост,
> Муддао роҳат аст, тарк куҷост?
> *(Бедил).*

Дар ин ҷо шоир ба касоне ки «мо тарки дунё кардаем» гӯён бекор мегарданд, хитоб карда мегӯяд: «Маънии тарки дунё тарки хоҳиш аст, модом ки мақсади ту роҳат аст, тарк ба куҷо монд» (Б.).

ТАРК III ترک кушодагии андак (*масалан,* **тарки сар** ҷоест ки занон мӯи он ҷоро ба ду тараф хобонда кушода мемонанд).

ТАРКАНДА ترکنده [таркишёбанда, пора-пора шаванда, аз ҳам резанда]. *Масалан,* модда ки бо расидани оташ, ё ҳаракати махсус метаркад.

ТАРКАШ ترکش 1. тирдона аст, ки дар ҷангҳои қадимӣ дар вай тирҳои камониро мегузоштанд (*ин калима аз «тиркаш сабук карда шудааст»*). 2. ресмони аз пӯсти гардани ҳайвонот сохташуда, ки бо вай амочро ба юғ ва аробаро ба асп бандаид.

ТАРКИБ ترکیب дар як ҷо ҷамъ кардани чанд чиз; [омехтагӣ, ихтилот].

ТАРКИББАНД ترکیب بند як шакли шеър аст, ки шоир чанд байт дар як қофия мегӯяд, дар охири он як байтро бо қофияи дигар меоварад ва ин ҳолро то шаш-ҳафт банд давом мекунонад.

ТАРКИДАН ترکیدن 1. *нигоҳ кун. ба* **тарқидан.** 2. кафидан бо зӯрии моддаҳои кимиёии таркапда; шикофта шудан.

ТАРКИШ ترکش кафиш бо зӯрии моддаҳои кимиёии таркапда; шикофташавӣ.

ТАРМА ترمه 1. тӯдаи сахтшудаи барф аст, ки аз кӯҳҳо канда ба поин мегалтад. 2. намадзин.

ТАРМЕВА ترمیوه меваҳои сардарахтӣ ва палакӣ дар ҳолати тарии онҳо.

ТАРОВАТ طراوت тозагӣ, тарию тозагӣ (*аз сифатҳои растанӣ ва ба одам маҷозан меояд*).

ТАРОВИДАН تراویدن 1. захидани чизҳои обакӣ аз зарф, ё замин, тарашшӯх. 2. ноз ва густохӣ карда аз ҳадди худ баромадани бачагон (*маҷоз*).

ТАРОВИШ* تراوش захиш, таровидан (*Б.*).

ТАРОЗ//ТИРОЗ I* طراز номи як шаҳри қадимист дар ҳудуди Туркистон ва Хитой, ки бо соҳибҷамолии аҳолии худ машҳур буд (*Р.*); *нигоҳ кун. ба* **тироз.**

ТАРОЗ//ТИРОЗ II* طراز зинат, ороиш; *нигоҳ кун. ба* **тироз.**

ТАРОЗИДАН* طرازیدن ороиш додан, оростан, зинат додан. *Нигоҳ кун. ба* **тирозидан**

> Нақшат ба чӣ ранг метарозанд?
> Шамъат ба чӣ ташт мегудозанд?
> *(Л. М.).*

ТАРОЗУ ترازو 1. олатест, ки чизҳоро бо вай баркашанд. 2. гурӯҳе аз ситорагон, ки ба шакли тарозу намудор мешаванд; [мизон, ки номи яке аз дувоздаҳ бурҷи осмонӣ аст дар ситорашиносии пештара]. **Тарозу шудан** баробар шудан дар ҷанг, ё дар гураш [ё дар кувва ва далерӣ].

ТАРОИФ * طرایف [ҷамъи тарифат]; чизҳои латифу хуш, молҳои наву тоза.

> Бо пешкаше зи ҳар тароиф
> Оварда зи Руму Чину Тоиф.
> (*Л. М.*).

ТАРОКУМ تراکم 1. ба як ҷо ҷамъ шудани чанд чиз. 2. ҳуҷум (*ба ин маънӣ маҷоз аст*).

ТАРОНА ترانه 1. нағма ва суруд. 2. суруде, ки дар паи ҳар мақоми аз шашмақом муносиби он менавозанд ва мехонанд, ки аз рӯи одат дар он вақт рақс сар мешавад (маънии дуввуми таронаро «фуровард» ҳам мегӯянд).

ТАРОША تراشه 1. қалами сангтарош. 2. пораҳои калонтар, ки аз тарошидани чӯб бо пойтеша пайдо мешавад. 3. ҳезуме ки кафонда, ё шикаста барои сӯхтан тайёр кардаанд.

ТАРРА تره сабзавоти баргӣ (*монанди навчо, гашниз, шибит*).

ТАРРАК ترک харбузаи норасида.

ТАРРОР طرار 1. тезазабон, ки сухани муқобили худро бурида мепартояд. 2. кисабур. 3. дузди сарбур (*маънии охирин маънии ҳақиқи зиндааст*).

ТАРРОҲ طراح наққошест, ки намунаи иморат, ё намунаи нақшҳоро, ки дар ягон чиз андохта мешаванд, кашида медиҳад, [тарҳкаш, лоиҳакаш].

ТАРСЕЪ ترصیع 1. нигинакорӣ кардани чизе (*масалан*, камарбанд, дастаи шамшер *ва ғайраро*). 2. дар ду мисраъ шеър ё дар ду фиқраи наср ҳамаи калимаҳоро бо якдигар мавзун овардан. *Мисол дар тарсеи шеър:*

> Э мунаввар ба ту нуҷуми ҷамол
> В-е муқаррар зи ту русуми камол.

(*маънии дуйум маҷоз аст*).

ТАРСО ترسا 1. оташпараст. [2. исавӣ, насронӣ]. 3. тарсанда, воҳимакунанда.

ТАРСУ ترسو тарсончак.

ТАРТИБ I ترتیب ниҳодани ҳар чиз ба ҷои худаш.

ТАРТИБ II ترطیب 1. тар кардан ва рутубатдор кардан. 2. тарӣ ва рутубат.

ТАРФ طرف 1. гӯша ва канор. **Тарфи кулаҳ шикастан** гӯшаи кулаҳ шикастан. 2. ду пулаки пеши камар, ки дар вақти бастани камарбанд ҳар дуи онҳоро ба якдигар банд мекунанд (**тарфи камар бастан** *ба ҳамин маънӣ аст*). 3. зарфест чӯянӣ, ки доруи милтиқ ҷой карда дар тамошоҳои шабона оташ медиҳанд. **Тарфи гулрез** тарфест, ки дар вай доруи милтиқро бо чӯянпораҳо ва резаҳои маъданҳои рангдор ҷой мекунанд, ки дар вақти оташ додан аз шарораи вай шаклҳои гулҳои гуногун намудор мешавад. **Тарф бастан** фоида ба даст даровардан. *Ҳофиз ба ин маънӣ гуфта:*

> Кас ба даври наргисат тарфе набаст аз офият...

(*яъне фоидае ба даст надаровард*).

ТАРФБОЗӢ طرف بازی ду гу-

гӯянд: **тариқати нақшбандӣ, тариқати кубравӣ.**

ТАРК I//ТАРГ ترک//ترگ ҳар парчаи кулоҳ ва калапӯш, ки аз чор парчаи баробар дӯхта шудааст, [кулоҳ, тоскулоҳ].

ТАРК II ترک гузоштан ва аз худ дур кардани чизе ё одате.

> *Агар ин шева тарки хоҳишҳост,
> Муддао роҳат аст, тарк куҷост?
> (Бедил).*

Дар ин ҷо шоир ба касоне ки «мо тарки дунё кардаем» гӯён бекор мегарданд, хитоб карда мегӯяд: «Маънии тарки дунё тарки хоҳиш аст, модом ки мақсади ту роҳат аст, тарк ба куҷо монд» (Б.).

ТАРК III ترک кушодагии андак (*масалан,* **тарки сар** ҷоест ки занон мӯи он ҷоро ба ду тараф хобонда кушода мемонанд).

ТАРКАНДА ترکنده [таркиш ёбанда, пора-пора шаванда, аз ҳам резанда]. *Масалан,* модда ки бо расидани оташ, ё ҳаракати махсус метаркад.

ТАРКАШ ترکش 1. тирдона аст, ки дар ҷангҳои қадимӣ дар вай тирҳои камониро мегузоштанд (*ин калима аз «тиркаш» собук карда шудааст*). 2. ресмони аз пӯсти гардани ҳайвонот сохташуда, ки бо вай амочро ба юғ ва аробаро ба асп банданд.

ТАРКИБ ترکیب дар як ҷо ҷамъ кардани чанд чиз; [омехтагӣ, ихтилот].

ТАРКИББАНД ترکیب بند як шакли шеър аст, ки шоир чанд байт дар як қофия мегӯяд, дар охири он як байтро бо қофияи дигар меоварад ва ин ҳолро то шаш-ҳафт банд давом мекунонад.

ТАРКИДАН ترکیدن 1. *нигоҳ кун. ба* **таркидан.** 2. кафидан бо зӯрии моддаҳои кимиёии тарканда; шикофта шудан.

ТАРКИШ ترکش кафиш бо зӯрии моддаҳои кимиёии тарканда; шикофташавӣ.

ТАРМА ترمه 1. тӯдаи сахтшудаи барф аст, ки аз кӯҳҳо канда ба поин мегалтад. 2. намадзин.

ТАРМЕВА ترمیوه меваҳои сардарахтӣ ва палакӣ дар ҳолати тарии онҳо.

ТАРОВАТ طراوت тозагӣ, тарию тозагӣ (*аз сифатҳои растанӣ ва ба одам маҷозан меояд*).

ТАРОВИДАН تراویدن 1. захидани чизҳои обакӣ аз зарф, ё замин, тарашшӯҳ. 2. ноз ва густохӣ карда аз ҳадди худ баромадани бачагон (*маҷоз*).

ТАРОВИШ* تراوش захиш, таровидан (*Б.*).

ТАРОЗ//ТИРОЗ I* طراز номи як шаҳри қадимист дар ҳудуди Туркистон ва Хитой, ки бо соҳибҷамолии аҳолии худ машҳур буд (*Р.*); *нигоҳ кун. ба* **тироз.**

ТАРОЗ//ТИРОЗ II* طراز зинат, ороиш; *нигоҳ кун. ба* **тироз.**

ТАРОЗИДАН* طرازیدن ороиш додан, оростан, зинат додан. *Нигоҳ кун. ба* **тирозидан**

> Нақшат ба чӣ ранг метарозад?
> Шамъат ба чӣ ташт мегудозад?
> *(Л. М.).*

ТАРОЗУ ترازو 1. олатест, ки чизҳоро бо вай баркашанд. 2. гурӯҳе аз ситорагон, ки ба шак-

гўянд: **тариқати нақшбандй, тариқати кубравй.**

ТАРК I//ТАРГ ترک//ترگ хар парчаи кулоҳ ва калапўш, ки аз чор парчаи баробар дўхта шудааст, [кулоҳ, тоскулоҳ].

ТАРК II ترک гузоштан ва аз худ дур кардани чизе ё одате.

*Агар ин шева тарки хоҳишҳост,
Мудаво роҳат аст, тарк куҷост?
(Бедил).

Дар ин ҷо шоир ба касоне ки «мо тарки дунё кардаем» гўён бекор мегарданд, хитоб карда мегўяд: «Маънии тарки дунё тарки хоҳиш аст, модом ки мақсади ту роҳат аст, тарк ба куҷо монд» (Б.).

ТАРК III ترک кушодагии вилак (*масалан,* **тарки сар** ҷоест ки занон мўи он ҷоро ба ду тараф хобонда кушода мемонанд).

ТАРКАНДА ترکنده [таркиш ёбанда, пора-пора шаванда, аз ҳам резанда]. *Масалан,* модда ки бо расидани оташ, ё ҳаракати махсус метаркад.

ТАРКАШ ترکش 1. тирдона аст, ки дар ҷангҳои қадимй дар вай тирҳои камонро мегузоштанд (*ин калима аз «тиркаш» сабук карда шудааст*). 2. расмони аз пўсти гардани ҳайвонот сохташуда, ки бо вай амочро ба юғ ва аробаро ба асп банданд.

ТАРКИБ ترکیب дар як ҷо ҷамъ кардани чанд чиз; [омехтагй, ихтилот].

ТАРКИББАНД ترکیب بند як шакли шеър аст, ки шоир чанд байт дар як қофия мегўяд, дар охири он як байтро бо қофияи дигар меоварад ва ин ҳолро то шаш-ҳафт банд давом мекунонад.

ТАРКИДАН ترکیدن 1. *нигоҳ кун. ба* **таркидан.** 2. кафидан бо зўрии моддаҳои кимиёии таркканда; шикофта шудан.

ТАРКИШ ترکش кафиш бо зўрии моддаҳои кимиёии тарканда; шикофташавй.

ТАРМА ترمه 1. тўдаи сахтшудаи барф аст, ки аз кўҳҳо канда ба поин мегалтад. 2. намадзин.

ТАРМЕВА ترمیوه меваҳои сардарахтй ва палакй дар ҳолати тарии онҳо.

ТАРОВАТ طراوت тозагй, тарию тозагй (*аз сифатҳои растанй ва ба одам маҷозан меояд*).

ТАРОВИДАН تراویدن 1. захидани чизҳои обакй аз зарф, ё замин, таравшўх. 2. ноз ва густохй карда аз ҳадди худ баромадани бачагон (*маҷоз*).

ТАРОВИШ* تراوش захиш, таровидан (*Б.*).

ТАРОЗ//ТИРОЗ I* طراز номи як шаҳри қадимист дар ҳудуди Туркистон ва Хитой, ки бо соҳибҷамолии аҳолии худ машҳур буд (*Р.*); *нигоҳ кун. ба* **тироз.**

ТАРОЗ//ТИРОЗ II* طراز зинат, ороиш; *нигоҳ кун. ба* **тироз.**

ТАРОЗИДАН* طرازیدن ороиш додан, оростан, зинат додан. *Нигоҳ кун. ба* **тирозидан**

Нақшат ба чй ранг метарозанд?
Шамъат ба чй тавр мегудозанд?
(Л. М.).

ТАРОЗУ ترازو 1. олатест, ки чизҳоро бо вай баркашанд. 2. гурўҳе аз ситорагон, ки ба шакли тарозу намудор мешаванд; [мизон, ки номи яке аз дувоздаҳ бурҷи осмонӣ аст дар ситорашиносии пештара]. **Тарозу шудан** баробар шудан дар ҷанг, ё дар гураш [ё дар қувва ва далерӣ].

ТАРОИФ * طرایف [*ҷамъи* **тарифат**]; чизҳои латифу хуш, молҳои наву тоза.

Бо пешкаше зи ҳар тароиф
Оварда зи Руму Чину Тоиф.
(*Л. М.*).

ТАРОКУМ تراکم 1. ба як ҷо ҷамъ шудани чанд чиз. 2. ҳуҷум (*ба ин маънӣ маҷоз аст*).

ТАРОНА ترانه 1. нағма ва суруд. 2. суруде, ки дар паи ҳар мақоми аз шашмақом муносиби он менавозанд ва мехонанд, ки аз рӯи одат дар он вақт рақс сар мешавад (маънии дуввӯми таронаро «фуровард» ҳам мегӯянд).

ТАРОША تراشه 1. қалами сангтарош. 2. парахаҳои калонтар, ки аз тарошидани чӯб бо пойтеша пайдо мешавад. 3. ҳезуме ки кафонда, ё шикаста барои сӯхтан тайёр кардаанд.

ТАРРА تره сабзавоти баргӣ (*монанди наъно, гашниз, шибит*).

ТАРРАК ترک харбузаи норасида.

ТАРРОР طرار 1. теззабон, ки сухани муқобили худро бурида мепартояд. 2. кисабур. 3. дузди сарбур (*маънии охирин маънии халқии зиндааст*).

ТАРРОҲ طراح наққошест, ки намунаи иморат, ё намунаи нақшҳоро, ки дар ягон чиз андохта мешаванд, кашида медиҳад, [тарҳкаш, лоиҳакаш].

ТАРСЕЪ ترصیع 1. нигинакорӣ кардани чизе (*масалан,* камарбанд, дастаи шамшер *ва ғайраро*). 2. дар ду мисраъ шеър ё дар ду фикраи наср ҳамаи калимаҳоро бо якдигар мавзун овардан. *Мисол дар тарсеи шеър:*

Э мунаввар ба ту нуҷуми ҷамол
В-е муқаррар зи ту русуми камол.

(*маънии дуйӯм маҷоз аст*).

ТАРСО ترسا 1. оташпараст. [2. исавӣ, насронӣ]. 3. тарсанда, воҳимакунанда.

ТАРСУ ترسو тарсончак.

ТАРТИБ I ترتیب ниҳодани ҳар чиз ба ҷои худаш.

ТАРТИБ II ترطیب 1. тар кардан ва рутубатдор кардан. 2. тарӣ ва рутубат.

ТАРФ طرف 1. гӯша ва канор. **Тарфи кулаҳ шикастан** гӯшаи кулаҳ шикастан. 2. ду пулаки пеши камар, ки дар вақти бастани камарбанд ҳар дуи онҳоро ба якдигар банд мекунанд (**тарфи камар бастан** *ба ҳамин маънӣ аст*). 3. зарфест чӯянӣ, ки доруи милтиқ ҷой карда дар тамошоҳои шабона оташ медиҳанд. **Тарфи гулрез** тарфест, ки дар вай доруи милтиқро бо чӯянпораҳо ва резаҳои маъданҳои рангдор ҷой мекунанд, ки дар вақти оташ додан аз шарораи вай шаклҳои гулҳои гуногун намудор мешавад. **Тарф бастан** фоида ба даст даровардан. *Ҳофиз ба ин маънӣ гуфта:*

Қас ба даври наргисат тарфе набаст аз офият...

(*яъне фоидае ба даст надаровард*).

ТАРФБОЗӢ طرف بازی ду [гурӯҳ шуда ба муқобили ҳамдигар тарфҳошонро оташ дода бозӣ кардан.

ТАРФЕҲ ترفیه 1. осудахотир кардан. 2. осудагӣ.

ТАРХИС ترخیص рухсат додан.

ТАРХОН ترخان//طرخان касест, ки ҳукумат ӯро аз андоз ва аз гирифтугир ва гуноҳе озод карда бошад.* **Тархон кардан** бахшидан (гуноҳи касеро).*

ТАРХУРӢ ترخوری меваест, ки дар мавсими худаш ва дар ҳолати тариаш ба хӯроки соҳиби боғ сарф мешавад.

ТАРЬЁК تریاک 1. афьюн, ки аз шираи кӯкнор месозанд. 2. давоест бо афьюн сохташуда аз ҷиҳати дафъи заҳр; [*муқ.* **тирьёк**].

ТАРЬЁКӢ تریاکی 1. касе, ки ба афьюнхӯрӣ, ё ба афьюнкашӣ одат карда бошад. 2. ба дараҷае одат кардан ба коре, ки тарки он мумкин набошад (*Масалан, мегӯянд, ки* **фалонӣ тарьёкии дурӯғгӯист,** *яъне дурӯғгӯиро ҳеҷ тарк кардан наметавонад*).

ТАРЬЁҚ تریاق *нигоҳ кун. ба маънии дуюми* **тарьёк.**

ТАРӢ* تری 1. намӣ, рутубат. 2. тозагӣ, ботароватӣ.

ТАРҚИДАН ترقیدن кафидан. *Дар ин маъно гуфта шудааст:*

Хабар омад, ки ёрам кадхудо шуд,
Дилам тарқиду рангам каҳрабо шуд.
(*Шеъри халқ*)

*Зи овози гурдон битаркид кӯҳ,
Замин шуд зи наъли сутурон сутӯҳ.
(*Ф.*)

ТАРҚИШ ترقش шикофи танг ва кафидагии хурде, ки ба воситаи он одами дар пушти он бударо дидан мумкин бошад (**тарқиши дар**).

ТАРҲ طرح 1. кам кардани ададе аз ададе (*термини илми арифметика*). 2. намунаи иморат, ки дар коғаз мекашанд. 3. шакли рӯи ҳар чиз (*масалан, мепурсед:* «тарҳи фалонӣ чигуна аст? *Ҷавоб медиҳанд:* дарозрӯй, чашму абрӯсиёҳ *ва ҳоказо*).

ТАРҲИБ ترهیب тарсонидан.* **Тарҳиб намудан** тарсонидан *Ҷ. Ю.*).

ТАРҶЕЪ ترجیع баргардонидан; [баргашт, такрор].

ТАРҶЕЪБАНД ترجیع بند як шакли шеър аст, ки шоир дар сари ҳар чанд байт як байтро такрор мекунад, яъне сари бандро боз гардонда меорад. «Биншинаму сабр пеш гирам»-и Саъдӣ сари банди тарҷеъбанди ӯст.

ТАРҶЕҲ ترجیح хубтар донистани чизе аз чизе.

ТАРҶИМА//ТАРҶУМА ترجمه баён кардани мазмуне, ки дар як забон аст, ба забони дигар.

ТАРҶУМОН ترجمان суханвари хушбаён (*арабӣ кардашудаи* **тарзубон**). 2. фаҳмонандаи мазмуне, ки дар як забон аст, бо забони дигар (*маънии имрӯзааш*).

ТАСАВВУР تصور сурати чизеро дар дили худ бастан.

ТАСАДДӢ تصدی бар сари коре пеш омадан ва ба коре мутасаддӣ шудан.

ТАСАЛЛУТ تسلط бар касе, ё

бар мамлакате даст ёфтан ва ғалаба кардан.

ТАСАЛЛӢ تسلی дилдорӣ. **Тасаллӣ додан** дилдорӣ додан.

ТАСАННӮЪ تصنع 1. бо зӯрӣ хубиҳоро ба худ бастан. 2. ороиш додани зан ҳусни худро. 3. сохтагӣ, сохтакорӣ.

ТАСВИБ تصویب рост ва дуруст шумурдан.

ТАСВИД تسوید 1. сиёҳ кардан. 2. таълиф карда навиштани асаре.* 3. нусхабардорӣ.

Дар сурате, ки худ ба тасвид
майл намоянд, ...таваҷҷӯҳи том
дар боби маонӣ ҳосил аст.
*(Бедил)**

ТАСВИР تصویر 1. сурати чизеро кашидан. 2. Шакл ва манзараи чизеро бо қалам навиштан. 3. сурат. 4. бо забон гуфта додани ягон фикр ва ё ягон муддао.

ТАСВИЯ تسویه 1. баробар кардан. 2. баробарӣ.

ТАСДЕЪ تصدیع дарди сар додан.

ТАСЛИМ تسلیم 1. супурдан. 2. салом кардан. 3. гардан ниҳодан.

ТАСМА تسمه чарми камбари дароз буридашуда.

ТАСМИМ I تسمیم заҳрдор кардан.

ТАСМИМ II تصمیم аз таки дил қасд кардани коре.

ТАСНИФ تصنیف 1. ба синфҳо ва навъҳо ҷудо кардани чизҳо. 2. таълиф кардани ягон асари илмӣ ва таърихӣ. 3. бастаҳои ҷудогонаи мусиқӣ.

ТАСОВӢ تساوی бо ҳам баробаршавӣ.

ТАСОДУМ تصادم бо ҳам сахт бархӯрдани ду чиз.

ТАСОМӮҲ تسامح осон гирифтан.

ТАСОУД تصاعد болоравӣ.

ТАСФИЯ تصفیه 1. соф кардан. 2. тамом кардани ягон масъалаи низоъноқ.

ТАСХИР تسخیر 1. ром кардан. 2. ба даст дароварда фармонбардор кардан (*масалан вилоятеро*).

ТАСҲЕҲ تصحیح дуруст кардани хатои сухан ва ё асаре.

ТАСҲИЛ تسهیل осон кардан, осонӣ.

ТАСҲИФ تصحیف хато кардан дар китобат.

ТАТАББӮЪ تتبع 1. ба талаби чизе аз пай он рафтан. 2. ба вазн ва қофияи шеъри касе тақлид карда шеър гуфтан (*маҷоз*).

ТАТАР تتر *нигоҳ кун. ба* **татор.**

ТАТВИЛ تطویل дарозкунӣ (*кореро, суханеро*).

ТАТОВУЛ تطاول 1. гарданкашӣ. 2. такаббур. 3. зулм ва дароздастӣ ба ҳуқуқи дигарон; дастдарозӣ.

*Писандидакорони ҷовидном,
Татовул накарданд бар моли ом.
(Бӯст.).

ТАТОР تتار тотор, ки номи миллате маълум аст ва аз қавмҳои турк.

ТАФ تف 1. бухор. 2. гармӣ.

ТАФАВВУҚ تفوق бартарӣ намудан, худро болотар нишон додан.

ТАФАННУН تفنن гунагуна шудан.

ТАФАРРУД تفرد 1. ягона шудан. 2. хилват гузидан. [3. танҳоӣ, ягонагӣ].

ТАФАРРУС تفرس дарьёфтан чизеро дар аввали назар бо аломат ва нишонаҳо.

ТАФАРРУҶ تفرج 1. кушоиш ёфтан. 2. аз тангӣ ва душворӣ берун омадан. 3. хушҳолӣ. 4. сайру тамошо (*маҷоз*).

*Тафарруҷкунон аз ҳавову ҳавас,
Гузаштем бар хоки басьёр кас.
(*Бӯс.*).

ТАФАРЪУН* تفرعن 1. даъвои фиръавнӣ кардан. [2. калонигарӣ, такаббур].

ТАФАҚҚУД تفقد 1. гумшударо боз ҷустан. 2. дилҷӯӣ, меҳрубонӣ, ғамхорӣ. *Ҳофиз гӯяд:*

Тафаққуде накунад тӯтии шакархоро.

ТАФАҲҲУС تفحص кофтуков кардан, ҷустуҷӯ намудан.
*Ҳар чанд дар он ҳаволӣ ба тафаҳҳус шитофт, фарьёди сурoғ гарди асаре нашикофт (*Бедил*).

ТАФВИЗ تفويض бозгузоштан кори худро ба касе, вогузорӣ, супурдан.

ТАФЗЕҲ تفضيح расво кардан, беобрӯ намудан.

ТАФОВУТ تفاوت 1. дурии миёнаи ду чиз. *Ҳофиз гӯяд:*

...Бубин, тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо. 2. фарқи миёни ду чиз.

ТАФРЕҲ تفريح хурсанд кардан, хушвақт кардан.

ТАФРЕҲОТ تفريحات хушиҳо, хурсандиҳо.

ТАФРИТ تفريط аз ҳад зиёд камӣ кардан дар коре, кӯтоҳӣ кардан дар иҷрои коре.

ТАФРИҚА تفريقه 1. фарқ кардани миёни ду чиз, ё чанд чиз. 2. ҷудоӣ, парокандагӣ (*ба ин маънӣ маҷоз аст*).
*Ҷамъияти лашкари кавокиб ба тафриқаи ҳазимат расид. (*Бедил*). **Тафриқаи дил** парешонии дил.
На сӯҳбати мушфике, ки ба илоҷи тафриқаи дил тавон пардохт. (*Бедил*).*

ТАФС تفس *нигоҳ кун. ба* тафт.

ТАФСИДА تفسيده гармшуда, ҳоҳ аз ҳаракат бошад, ҳоҳ аз оташ, ё офтоб.

ТАФСИДАН تفسيدن гарм шудан.

ТАФСОН تفسان бағоят гарм.

ТАФТ* تفت ҳарорат, гармӣ.

ТАФТА تفته гарм кардашуда, ба оташ тофташуда.

ТАФТИДА تفتيده *нигоҳ кун. ба* тафта.

ТАФТИШ تفتيش кофта дидан, кофтуков.

ТАФТОН تفتان 1. *нигоҳ кун. ба* тафсон. 2. нони тунуки пахн аст, ки ба оташи тафсон бирьён карда мепазанд.

ТАХАЙЮЛ تخيل дар хаёл овардан.

ТАХАЛЛУФ تخلف 1. хилоф кардан дар ваъда. 2. дурӯғ баромадани ваъда.

ТАХВИФ تخویف дар хавф андохтан, тарсонидан.

ТАХЛИЯ تخلیه холӣ кардан.

ТАХМИН تخمین андоза кардани чизе бе асбоби андоза.

ТАХРИБ تخریب хароб кардан, вайрон кардан.

ТАХТ تخت 1. нишемангоҳи махсуси подшоҳон аст, ки дар рӯзи аввали ҷулус, ё дар маросимҳои муайян бар болои вай менишинанд. 2. замини ҳамвор. 3. тайёр шудан, дуруст шудан, ба роҳ даромадани коре. **Тахти равон** а) тахти хобест, ки дар вай пирон ва беморонро хобонда, чор кас бар сари даст бардошта раванд (ин ғайр аз занбари бемор-бардорӣ аст). б) хоначаест, ки подшоҳони Ҳиндустон бар болои фил гузошта, дар вай нишаста, сафар мекарданд. **Тахти хоб** кат.

ТАХТА تخته 1. чӯби рост буридани ҳамвор ва ҳар чизе, ки аз санг, ё оҳан, ва ё аз дигар маъданиёт пахн ва ҳамвор бошад. 2. тахтаи шатранҷ. **Тахтаи таълим** тахтаи пойдор аст, ки дар замони ҳозира дар мактабҳо пеши рӯи шогирдон гузошта дар вай чизе навишта, ё нависонда, бачагонро таълим медиҳанд.

АХТАБАНДӢ تخته‌بندی сартосар баста шудани дӯконҳои тиҷоратии як шаҳр:

> атабандият ба бозори бутон, сайдо ку?

АХТАВАРҒ تخته‌ورغ банди чӯбин, ё сангини об аст, ки дар вай обро бо тахта мебанданд.

АХТАЧА تخته‌چه тахтаи хурд.

Тахтачаи таълим тахтачаест, ки дар замони пештара ба бачагон ба мактаб омада алифбо навишта медоданд.

ТАХТАЧАБАНДӢ تخته‌چه‌بندی бастани даст ё пои шикаста бо тахтачаҳо.

ТАХТАЧОЙ تخته‌چای чоест, ки баргҳои дурушти ниҳоли чойро куфта, тар карда, дар шинканча пахш карда монанди тахта карда шудааст.

ТАХТИЯ تخطیه хато гирифтан.

ТАХФИФ* تخفیف сабуккунӣ, сабукӣ.

> Маро бӯса, гуфто, ба тахфиф деҳ.
> Ки дарвешро тӯша аз бӯса беҳ.
> (*Бӯс.*).

ТАШ تش каланд (*ба истилоҳи Бухоро*).

ТАШАББУС* تشبث ҷанг задан ба коре; [ба иҷрои коре сахт кӯшидан, бо қатъият аз пайи чизе шудан].

ТАШАББУҲ تشبه монандӣ пайдо кардани чизе ба чизе.

ТАШАДДУД تشدد сахтӣ кардан, шиддат нишон додан.

ТАШАККУЛ تشکل шакл ва сурат пайдо кардан.

ТАШАННУҶ* تشنج 1. кашидашавӣ (*касалии пӯст*). 2. рагкашӣ (*беморӣ*).

> ...Аз касоби бархам печида уқдаи ташаннуҷ кушояд. (*Бедил*).

ТАШАТТУТ تشتت парешонӣ, парокандагӣ.

ТАШАХХУС تشخص муайян шудан; худнамоӣ.

ТАШБЕҲ تشبیه монанд кардани чизе ба чизе.

ТАШБИБ تشبیب 1. айёми ҷавониро зикр кардан. 2. сифати маъшуқаро баён кардан.* 3. дар адабиёт ба маънои қисми даромади қасида аст, ки бо тасвири маю маҳбуб, ё ин ки бо баёни сӯзу гудози ишқ ва ё бо ягон порчаи дигари шавқ ва ҳаяҷоновар сар мешавад. Ин қисмро барои он «ташбиб» номидаанд, ки гӯё бо ин табъи шоир ҷавон гардида барои навиштани мақсади аслӣ тайёр мешавад. Баъд аз ташбиб бо як гурез ба мақсади аслӣ гузашта мешавад, ки инҷоро гурезгоҳи қасида меноманд (*Р.*)*

ТАШВИР تشویر шармсорӣ, хиҷолатмандӣ.

ТАШВИШ تشویش 1. парешон кардан. 2. парешонӣ. 3. заҳмат (*маҷоз*).

ТАШВИҚ تشویق ба шавқу ҳавас овардан.

ТАШГАР* تشگر каландгар; каландсоз.

ТАШКИЛ تشکیل шакл ва сурат додан ба чизе ва коре.

ТАШКИЛОТ تشکیلات идорае, ки бо ҷамъомадан ва иштироки чанд кас ба вуҷуд омада бошад (*монанди идораҳои советӣ, партиявӣ ва касабавӣ*).

ТАШНА تشنه касест, ки ба нӯшидани об эҳтиёҷ дорад. **Ташна ба чизе будан** ба чизе иштиёқ доштан (*монанди* **ташнаи дидор, ташнаи илм**—*маҷоз.*)

ТАШНАШИКАН تشنه‌شکن ҳар чизи андакест, ки иштиёқи ба он чизро қадре паст мекунад (*маҷоз*).

ТАШНЕЪ تشنیع зишт гуфтан дар ҳаққи касе, таъна задан, бадгӯӣ.

*Ба ташнеъу дашноми ошӯбу заҷр,
Сафед аз сиёҳ фарқ кардам чу фаҷр.
(*Бӯс.*).

ТАШРЕҲ تشریح 1. равшан ва ё ошкоро баён кардан. 2. парча-парча ва ҷудо карда омӯхтани бадан (*истилоҳи илми тиб*). *анатомия.

Ташреҳи ниҳоди худ даромӯз,
К-ин маърифатест хотирафрӯз,
Мебош табиби исавиҳуш,
Аммо на табиби одамикуш.
(*Л. М.*).*

ТАШРИФ تشریف 1. бузург доштан. 2. бузургқадр гардонидан. **Ташриф фармоед,** (*яъне ба хонаи мон омада, маро бузургқадр ва мушарраф гардонед, гуфтан аст*)* 3. хилъати инъомӣ, ки барои бузург гардонидан диҳанд.

Накуномро ҷоҳу ташрифу мол
Бияфзуду бадгӯйро гӯшмол.
(*Бӯс.*)*

ТАШРИФОТ تشریفات [ҷамъи **ташриф**]; маросими дарборӣ.

ТАШРИФӢ تشریفی либосҳои инъомӣ.

ТАШТ تشت//طشت дастшӯй; лаган.
*Гармингоҳиҳои офтоби оламтоб ташти оташ бар фарқи ҷиҳот рехт. (*Бедил*)* **Ташт аз бом афтодан** расво шудан ва фош гардидан.

ТАШХИС تشخیص муайян кардан, шахси чизеро дониста гирифтан. (*Ин калима бештарин дар тиб кор фармуда мешавад*).

ТАШЬЕЪ تشییع гусел кардан (*касеро, меҳмонро ба ҷое ва мурдаро ба қабристон*).

*Гар равад, дил меравад аз баҳри
ташьеаш зи пай. (*Навоӣ*).

ТАШЬИД تشیید 1. барпо кардан (и иморат). 2. устувор кардан.

ТАШҲИР تشهیر 1. машҳур кардан касеро ба расвоӣ. *2. дар истилоҳи шариат гунаҳгори диниро дар шаҳр гардонда гуноҳи ӯ ва ҷазои барои он гуноҳ ба ӯ додашударо ба омма маълум кардан; гунаҳкорро ба хар ё гов савор карда дар кӯчаву кӯй гардонидан.*

ТАЪБИД I تأبید 1. абадӣ кардан. 2. ба номи касе ё ҳодисае ёдгорӣ гузоштан.

ТАЪБИД II* تعبید банда кардан.

ТАЪБИР تعبیر 1. баён кардан. 2. иборате, ки бо вай муддао баён карда мешавад.

ТАЪБИЯ تعبیه [1. пинҳондан]. 2. оростан (*масалан*, **таъбияи лашкар дар рӯзи ҷанг.**)

ТАЪВИЗ* تعویذ дуо, тӯмор, бозубанд.

Гар андеша дорӣ зи душман газанд,
Ба таъвизи эҳсон забонаш бибанд.
(*Бӯс.*).

ТАЪВИЗ II* تعویض ба иваз чизе додан, ба ивази чизе (коре) мукофот додан.

ТАЪВИҚ تعویق 1. бозмондан. 2. дер партофтан.

ТАЪДИБ* تأدیب адабдиҳӣ; ҷазодиҳӣ.

Ман ҳукмашу ту ҳукмронӣ,
Таъдиб кунам чунон ки донӣ.

Яъне, маро ҳар тавре, ки хоҳӣ ҷазо додан гир (Л. М.)

ТАЪДИЛ تعدیل 1. баробар кардани чизе ба чизе. 2. дуруст ва рост кардани чизе.

ТАЪДИЯ I تأدیه адо кардан, расонидан (*қарз, ё маблағеро, ки додани вай лозим аст*).

ТАЪДИЯ II تعدیه 1. гузаронидани чизе ба чизе. [2. *грам.* гузарандагии феъл].

ТАЪДОД//ТЕЪДОД تعداد шумор кардан, ҳисоб.

*Арзи таъдоди маротиб ҳиҷлати шавқи
расист.
Он чи дил мамнуни диданҳо шавад, он
бинамат. (*Бедил*)

ТАЪЗИР تعزیر бо задан ҷазо додан.

ТАЪЗИЯ تعزیه мотампурсӣ кардан, мотамзадаеро тасаллӣ додан.

ТАЪИД تأیید қуввват додан; мадад расонидан.

ТАЪИН تعیین 1. муайян ва махсус кардани чизе ба чизе. 2. муайян кардани чизе аз миёни чизҳо.

ТАЪИНОТ تعیینات муайян кардани одамон ба корҳо ва вазифаҳо.

ТАЪКИД تأکید устувор кардани фикр ва сухан бо такрор кардани он.

ТАЪЛИМ تعلیم касеро чизе омӯхтан. **Таълим гирифтан** аз касе чизеро омӯхтан.

ТАЪЛИФ تألیف 1. ба ҳам пайвастани як чанд чиз. 2. ба нуҷудории ягон асари илмӣ, ё адабӣ. 3. асари илмӣ ва ё адабӣ. *Чунончи гӯянд:* **Ин китоб таълифи фалон кас аст,** *яъне асари ӯст.*

ТАЪЛИҚ تعلیق овехтани чизе ба чизе.

ТАЪМИЯ تعمیه 1. нобино кардан. 2. муаммо гуфтан. 3. Пӯшида сухан гуфтан (*маҷоз*).

ТАЪМИҚ تعمیق як чизро то такаш андешидан.

ТАЪРИЗ تعریض бо киноя ба касе хӯрда гирифтан.

ТАЪРИХ تأریخ 1. таъини вақт ва замони чизе. 2. замони ягон чиз.

ТАЪСИС تأسیس устувор кардан, буньёд ниҳодан.

ТАЪТИЛ تعطیل 1. бекор мондан. 2. рӯзҳои бекорӣ дар асной ягон кори дуру дароз (*чунончи рӯзҳои бекорӣ дар асной мактабхонӣ*).

ТАЪҚИБ تعقیب касеро ё чизеро дунболагирӣ кардан, аз дунболи вай рафтан.

ТАЪҚИД تعقید 1. сергиреҳ кардан. 2. сарбаста сухан гуфтан (*аз айбҳои сухан*).

ТАЪҶИЛ I تأجیل мӯҳлат додан.

ТАЪҶИЛ II تعجیل шитоб кардан.

ТАЯММУМ تیمم амалиёти махсус бо хок ва гард, ки аз рӯи шариат дар вақти набудани об ба ҷои таҳорат мегузарад.

Зоҳид, ки ба хушку тар таҳаккум дорад,
Гаҳ нози вузӯъ, гоҳ таяммум дорад.
Ҷуз ришу фаши амомааш чизе нест;
Ин ҳар сар то ба по ҳамин дум дорад.
(*Бедил*).

ТАЯММУН* تیمن табаррукӣ.

ТАЯММУНАН* تیمناً табаррукан.

ТАЯРОН//ТАЙРОН طیران парвоз кардан.

ТАҒАЛЛУБ تغلب ғалаба кардан.

ТАҒЗИЯ تغذیه хӯрок хӯрондан.

ТАҒОБУН تغابن 1. якдигарро дар зиён афгандан. 2. якдигарро бо зиён фиреб додан. 3. зиёнкорӣ.* 4. *маҷозан* афсӯс.

Бихояндиду гуфто: ба сад гӯсфанд
Тағобун набошад раҳой зи банд.
(*Бӯс.*)*

ТАҒОР(А)* تغاره тоси калон, зарфи паҳни мисӣ, чӯбӣ ё сафолӣ. **Тағораи парҳезӣ** зарфи обрезӣ.

ТАҒОФУЛ تغافل худро ба ғафлат ва нофаҳмӣ задан.

ТАҒОЙ طغائی 1. бародари модар. 2. устухони ҳанӯз сахт нашуда, ки монанди парчаҳои тахтаи тунук дар даруни гӯшт вомехӯрад (*дар забони омма ин гуна устухонро «тағоикушак» мегӯянд*)

ТАҒЬИР تغییر дигаргун кардан.

ТАҚАДДУМ تقدم пешӣ гузидан.

ТАҚАДДУС* تقدس покӣ, муқаддасӣ.

Яъне он олами тақаддусҷӯш,
Қ-аз тахайюл кушудааст оғӯш.
(*Бедил*).

ТАҚАЙЮД تقید 1. банд шудан. 2. ба чизе фикри худро банд кардан.

ТАҚАРРУБ* تقرب наздик шудан, наздикӣ.

Маҷнун зи хушомади саломаш,
Бинмуд тақаррyби тамомаш. (*Л. М.*).

ТАҚАРРУР تقرر қарор гирифтан.

ТАҚБИЛ تقبیل бӯсидан.

ТАҚВИМ تقویم [1. рост кардан, дуруст кардан]. 2. қимати чизеро муайян кардан. 3. варақаи ҳисоби солу моҳ.

ТАҚВИЯ تقویه қувват додан.

ТАҚВО تقوا парҳезгорӣ.

ТАҚВӢ تقوی *нигоҳ кун. ба* **тақво**.

ТАҚИР* تقیر **пӯсти тақир** пӯсти порасида (*Ҷ. 6*).

ТАҚЛИД تقلید 1. касеро дар коре пайравӣ кардан бе муҳокима кардани неку бади он кор дар пеши худ (*зидди* **таҳқиқ**). 2. ҳаракатҳои касеро айнан нишон додан.

ТАҚЛИЛ تقلیل кам кардан.

ТАҚОРА تقاره лагани сафолин. *Нигоҳ кун. ба* **тағора**.

ТАҚОТУР تقاطر қатра-қатра чакидан.

ТАҚОТУЪ تقاطع 1. ҳамдигарро буридан. 2. аз болои якдигар гузаштани ду хат (*термини геометрия*).

ТАҚОУД تقاعد аз кардани коре бознишастан (*бинобар пирӣ, ё дигар сабабҳо*).

ТАҚРИБ تقریب 1. наздик гардонидан. 2. наздик.

ТАҚРИР تقریر 1. қарор додан. 2. гуфтани муддао бо забон (*зидди* **таҳрир**).

ТАҚСИМ تقسیم ҳисса-ҳисса кардан.

ТАҚСИР تقصیر 1. кӯтоҳӣ кардан дар коре. 2. калимаи хитобист, ки дар замони амир ба амалдорон ва муллоён бо вай хитоб мекарданд (*дар ин сурат маънии ин калима «ман дар хизмати шумо кӯтоҳӣ кардаам» мешавад*).

ТАҚСИРОТ* تقصیرات [ҷамъи **тақсир** 1]: кӯтоҳиҳо, камбудиҳо ва гуноҳҳо (*Н*).

ТАҚТЕЪ تقطیع 1. буридан. 2. вазни ягон шеъри арӯзиро бо мизонаш баробар карда нишон додан (*маҷоз*).

ТАҚТИР تقطیر соф кардани чизҳои обакӣ бо софӣ.

ТАҲ ته зери ягон чиз. **Таҳ кардан** пӯшок, кӯрпа ва монанди инҳоро ҳамвор қат карда мондан.

ТАҲАВВУР تهور 1. далерии аз ҳад зиёд нишон додан. 2. далерии аз ҳад зиёд.

*Далевар, ки боре таҳаввур намуд,
Бибояд ба пиндораш андар фузуд.
(Бӯс.).*

ТАҲАЙЮҶ تهیج ба ҳаяҷон омадан.

ТАҲАККУМ تحکم 1. бар сари даъвои худ бе далел сахт истодан. 2. бо зӯрӣ ҳукмронӣ кардан.

ТАҲАММУЛ* تحمل бо бардоштӣ, сабр.

Таҳаммул кунад ҳар киро ақл ҳаст,
На ақле, ки хашмаш кунад зердаст.
(*Бӯс.*).

ТАҲАМТАН تهمتن 1. лақаби Рустами афсонавӣ, ки қаҳрамони «Шоҳнома» аст. 2. сифати ҳар каси қавиҳайкали пурзӯри далер.

ТАҲАТТУК تهتك парда даридан; [бешармӣ, беномусӣ].

ТАҲАШШУМ* تحشم 1. шармсорӣ. 2. ҳашматнокӣ, бисьёр доштани атрофиён.

Иқболи ҷаҳон таҳашшуме мехоҳад,
Не фазлу не тааллуме мехоҳад...
(*Бедил*).

ТАҲВИЛ تحويل 1. супурдани вазифаи дар дасти худ буда ба дасти касе. **Ман кори худро ба фалонӣ таҳвил додам.** 2. ҳавола намудани коре ва ё маблаҷе ба касе. 3. баргардонидан. 4. баргардидан (**таҳвили офтоб ба бурҷи ҳамал**).

ТАҲГИР ته گير (коғази ғафсест, ки коғазро болои вай гирифта нависанд. 2. бо лой ва гаҷ ҳамвор кардани девор пеш аз андовакунӣ. 3. ранги аввалии пеш аз ранги асосӣ додаи наққошон ва рангрезон.

ТАҲДИД I تحديد 1. тез кардан. (*масалан кордро*) 2. ҳадди чизеро муайян кардан.

ТАҲДИД II تهديد тарсонидан; дӯғу пӯписа.

ТАҲЗИБ تهذيب 1. пок кардан. 2. ислоҳ кардан.

ТАҲЗИР تحذير ҳазар кунондан аз касе, аз чизе, аз коре.

ТАҲИЯ I تحيه салом, дуруд.

ТАҲИЯ II تهيه омодагикунӣ, тайёрибинӣ барои муҳайё кардани чизе.

ТАҲЛИЛ I تحليل 1. аз ҳам кушодани чизе. 2. чизеро ба ҷузвҳои кимиёиаш ҷудо кардан.

ТАҲЛИЛ II* تهليل 1. фарьёд бардоштан. 2. лоилоҳа илавлоҳҳгӯӣ (*Бӯс.*).

ТАҲЛУКА//ТАҲЛИКА تهلكه ҳолатест, ки ба мурдан, ё нест шудан оид мешавад.

ТАҲНИШИН تهنشين лой ва ғубore, ки дар зери об, ё чизҳои обакӣ менишинад.

ТАҲНИЯ(Т) تهنيت муборакбод гуфтан, муборакбодӣ.

Чу гашт воқиф аз ин ҳол пири
бодафурӯш,
Маям ба таҳния доду ба лутфу эҳсон
гуфт...
(*Навоӣ*).

ТАҲОШӢ* تحاشى худдорӣ, ибо. **Бе таҳошӣ**—бе ибо; бо қатъият.

Бе таҳошӣ роҳи муддаои ботил сар
карда буданд. (*Бедил*).

ТАҲРИЗ تحريض ба ҷанг тез кардан, [иғво андохтан; таҳрик намудан].

ТАҲРИК تحريك 1. ба ҳаракат овардан, ҳаракат додан. 2. ба рағбат овардани касе ба чизе (*маҷоз*).

ТАҲРИМ تحريم ҳаром гардонидан; [боз доштан аз чизе, манъ кардан].

ТАҲРИР تحرير 1. озод кардани ғулом. 2. навиштан. 3. ислоҳ карда навиштани чизи навишташуда (*маънии имрӯзааш*).

ТАҲРИС تحریص ба ҳирс овардани касе ба чизе, [ба чизе шавқ пайдо кунонидан].

ТАҲРИФ تحریف гардонидани сухане ё мазмуне аз ҳолати аслии худ; вайрон кардан суханро, [барқасд иваз кардани ҳарфҳои калима].

ТАҲТ تحت зер (**таҳти ҳар чиз** зери он чиз мешавад).

ТАҲШИР تحشیر 1. танг доштани нафақа бар аҳлу аёл; 2. камъёб шудани чизе (*масалан мегӯянд*; **гандум таҳшир шуд, гӯшт таҳшир шуд, об таҳшир шуд**, *яъне камъёб шуд*).

ТАҶАММУЛ تجمل худро соҳиби шаъну шавкат ва ороиш нишон додан; [ҳашамат, шукӯҳ].

ТАҶАРРӮЪ* تجرع ҷуръанӯшӣ, андакнӯшӣ.

Ман ҳам охир тазаррӯе дорам,
Масти ишқам таҷаррӯе дорам. (*Бедил*)

ТАҶАССУС تجسس 1. ҷустуҷӯкунӣ, кофтуков кардан. *2. назорат, таъқибкунӣ.

Аз бими таҷассуси рақибон
Созанда зи дур чун ғарибон (*Л. М.*)*

ТАҶДИД تجدید аз сари нав сохтани чизе, ки пештар бошад.

ТАҶЗИЯ تجزیه пора-пора [кардан, таҳлил ва таҳқиқ намудан].

ТАҶОҲУЛ تجاهل дониста истода худро ба нодонӣ андохтан.

ТАҶРИД تجرید 1. бараҳна кардан. 2. дур кардани чизе аз чизе; танҳо гузоштан; танҳо мондан.

*Таҷрид газандатар кунад зоҳидро.
Тегест бараҳна кор аз афкандани пӯст.
(*Бедил*)*

3. безан шудан, безанӣ.

ТАҶҲИЗ تجهیز ҷиҳоздор кардан (*чунончи тайёр кардани асбоби арӯсӣ, ё мурда ва ё ягон кори хона*); зинат додан.

ТЕЗ تیز 1. сифати ҳар чизи бурранда (*монанди корд, шамшер*). 2. нӯги ҳар чизе, ки борик ва тунук тарошида шуда бошад. 3. мазаест, ки забон ва коми касро ба буридан наздик меросонад (*масалан мазае, ки аз турш гузашта ба тезӣ расидааст*). 4. зуд. 5. чобукрафтор (**аспи тез, оби тез**). *Дар ин ду маънӣ Фирдавсӣ гуфта:*

Магар ҳамраҳони ҷавон ёфтӣ,
Ки аз пеши ман тез биштофтӣ.

Тез кардан а) бо сӯҳон ё санг тунук кардани дами чизҳои бурранда. б) ба ҷанг барангехтани касе ё ҳайвоне. **Тез шудан** хашмгин шуда бо касе қасди ҷанг кардан.

ТЕЗГАЗАК تیزگزک як хел ҳашароти сиёҳчан хурдтарак аст, ки ба бадани одам сахт неш мезанад.

ТЕЗОБ تیزاب оби тези бурранда кимиёист, ки дар мисгарӣ ва дар дигар саноатҳо ба кор равад.

ТЕЗОНИДАН تیزانیدن 1. зуд кардани кор ва монанди он. 2. суръати зиёд додан ба рафтори асп. 3. суръат додан ба рафти ҳар кор (*маҷоз*).

ТЕЗЪИНОН* تیزعنان шитобкор.

Нӯфал зи нафиру зори ӯ
Шуд тезъинон ба ёри ӯ (*Л. М.*).

ТЕМОР//ТИМОР تیمار ғамхорӣ.

*Эй ғамхӯри ман, куҷот ҷӯям?
Тимори ғами ту бо кӣ гӯям? (Л. М.).

ТЕША تیشه олати дуредгарист, ки бо вай ҷӯб тарошанд.

ТЕЪДОД* تعداد *нигоҳ кун ба* **таъдод**; шумор.

ТЕҒ تیغ 1. шамшер. 2. поку. 3. шонаи бофандагон аст, ки тори чизи бофтанӣ аз даруни он гузарад. **Теғ кашида нигоҳ кардан** хашмгинона чашм ба касе дӯхтан.

ТЕҒА تیغه 1. ҳар чизе, ки тунукдам бошад (*монанди теғаи кӯҳ*). 2. шуои офтоб.

ТЕҒАК تیغک корди дасташ афтида, корди аз кор баромада.

ТИБ//ТИЙБ* طیب 1. бӯи хуш. 2. хушбӯӣ, форамӣ. 3. хушӣ, хуштабъӣ, покӣ.

Шабе дар ҷавониву тийбу ниам,
Ҷавонон нишастем ҷанде баҳам.
(*Бӯст.*).

ТИБАТ طیبت 1. хушӣ. 2. ҳазл ва шӯхӣ.

*Касе гуфту пиндоштам тибат аст,
Ки дуздӣ бесомонтар аз ғийбат аст.
(*Бӯст.*).

ТИБ(Б) طب илмест, ки аз рӯи вай бемориҳоро даво кунанд.

ТИББӢ طبی ҳар чизе, ки ба тибб мансуб бошад (**ходимони тиббӣ, чораҳои тиббӣ**).

ТИБИТ تبت пашми нармест, ки дар зери пашм ва мӯи дағали буз пайдо мешавад ва аз вай шолҳои нафис бофта мешавад.

ТИЗ* تیز боде, ки аз паси одам ва ҳайвон мебарояд.

ТИККА تکه пора, порча. **Як тикка нон**, як порча нон, **тикка-тикка шуд**—пора-пора шуд.

ТИЛИСМ طلسم номи як амалиёти афсонагист, ки гӯё бо вай шаҳрҳо, хазинаҳо ва дафинаҳоро аз дастбурд нигоҳ медоштаанд. ***Тилисми ганҷ*** *мурод аз ҷони Маҷнун (ва* **қуфли хазинабанд** *ҷасади Маҷнун).*

Давон чу тилисми ганҷ бирбуд,
В-он қуфли хазинабанд фарсуд.
(*Л. М.*)*

ТИЛЛО طلا *нигоҳ кун, ба тило I*

ТИЛМИЗ تلمیذ шогирд.

ТИЛО I طلا зари сурх.

ТИЛО II طلا давои обакист, ки ба бадан мемоланд.

ТИМ تیم бозори сарпӯшидаи дару бастноки мустаҳкам, ки дар он ҷо порчаҳои қиматбаҳо фурӯшанд.

ТИМСОЛ تمثال сурат, ҳайкал.

ТИМСОҲ تمساح як хел ҷонвари обӣ.

ТИР* تیر 1. чизи сартези ҷангӣ, ки аз камон парронида мешавад. **Тири партобӣ** тири қадиме, ки дар думаш пар дошт. 2. ҳар чизи рост. ***Тири ош*** ҷӯби суфтаест, ки бо вай хамирошро тунук кунанд.

ТИРА I تیره 1. торик. 2. ғуборолуд (*зидди* **шаффоф** *ва* **соф**). *Саъдӣ ба ин маънӣ гуфтааст:*

Ду чиз тираи ақл аст: *лаб фурӯ бастан*
Ба вақти гуфтану гуфтан—*ба вақти хомӯшӣ.*

ТИРА II طیره хашмнок. 2. хиҷолат.

ТИРАМОҲ تیرماه фасли саввӯм

аз чор фасли соли шамсӣ, ки аз 24 сентябрь то 22 декабрро баробар меояд.

ТИРГАК تیرگک ҷӯбест ки ба пушти девори ба як тараф ҳамхӯрда монанд, то ки нағалтад.

ТИРГАРӢ تیرگری сақфи хона ё айвонро бо тир бардошта девори онро аз нав сохтан.

ТИРЕЗА تریزه дарчаи шишадори хона.

ТИРИЗ//ТИРЕЗ تریز як порчаи сегӯшаи дарозрӯяи ҷома аст, ки дар ду паҳлӯяш андохта мешавад.

ТИРИНГ-ТИРИНГ ترنگ-تیرنگ овози дойра (даф) дар вақти навохтан.

ТИРКАШ تیرکش *нигоҳ кун. ба* **таркаш.**

ТИРОЗ I طراز номи як шаҳри қадимӣ аз шаҳрҳои Туркистон. *Нигоҳ кун. ба* **Тароз.**

ТИРОЗ II طراز 1. нақшу нигор. 2. зинат ва ороиш. *Нигоҳ кун. ба* **тароз.**

ТИРОЗАНДА* طرازنده ороиш ва зинатдиҳанда.

ТИРОЗИДАН* طرازیدن зинат додан, оростан; *нигоҳ кун. ба* **тарозидан.**

Дар зевари порсию тозӣ.
Ин тозаарӯсро тирозӣ. (*Л. М.*).

ТИРРАС تیررس охири масофаи байни тирандоз ва расидани тир.

ТИРЬЁК//ТАРЬЁҚ* تریاک 1. подзаҳр, дофеи заҳр.

Бад-ӯ гуфтам, охир туро бок нест,
Кушад заҳр ҷое, ки тарьёк нест.
(*Бӯс.*).

2. афьюн (*дар баъзе луғатҳо шакли аввалро дар маънии якум ва дуюмро дар дуюм махсус кардаанд*). *Нигоҳ кун. ба* **тарьёк.**

ТИТОЛ تیتال суханони мавзуни бемаънӣ, ё маъниаш пӯшида, [хушомад, чоплусӣ].

ТИТӢ تیتی номи мурғон дар забони бачагон.

ТИФЛ I طفل кӯдак.

ТИФЛ II تفل [*шакли дигари* **тилф**]; пӯсти ангур баъд аз кашидани ширааш; пасмондаи ҳар чиз, ки аз вай шира ва ё равған кашида шудааст.

ТИФЛИС تفلیس араби кардашудаи Тбилисӣ, пойтахти Гурҷистон.

ТИҲ تیه биёбони беобу алафе, ки мусофирон дар он ҷо ҳалок шаванд.

ТИҲИГОҲ تهیگاه ҷои нарм дар миёни устухонҳои сурин ва устухонҳои паҳлу будани миён.

ТИҲИДАСТ تهی‌دست дастхолӣ, касест, ки пул надорад, камбағал.

ТИҲИМИЁН* تهی‌میان миёнхолӣ, пучмағз.

ТИҲИМИЁНӢ* تهی‌میانی миёнхолигӣ, пучӣ, бемағзӣ.

Он бод, ки ин дуҳулзабонӣ
Бошад тиҳӣ аз тиҳимиёнӣ. (*Л. М.*).

ТИҲУ تیهو паррандае аз ҷинси кабк, лекин аз кабкҳои оддӣ хурдтар.

ТИҲӢ تهی холӣ будани даруни чизе.

*То кай нафаси тиҳӣ гузинам,
Б-аз шуъли чаҳон тиҳӣ нишинам.
(Л. М.).

дар мисраи якӯм ба маънии холӣ аз кор, бекора ва дар мисраи дуйӯм ба маънии дур ва канор (чет) оварда шудааст.

ТО I تا адад, дона [нумератив].

Якто харбуза харидам, дуто тарбуз.

ТО II تا 1. интиҳо, охири ягон чиз. *Гуфта шудааст:*

То лаби гӯр далолатам бурд,
Оқибат ваъдаи висоли шумо.

1. охир, оқибат, дар натиҷа. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

То чӣ хоҳад кард бар ман даври
гардун в-ин ду кор,
Дасти ту бар гарданам, ё хуни ман
бар гарданат.

ТО III تا 1. агар, вақте ки... *Дар ин маънӣ. Саъдӣ гуфтааст:*

То мард сухан нагуфта бошад,
Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.

2. иллат, сабаб, боис. *Чунончи мегӯянд:* **ман бисёр гап задам, то ки шумо фаҳмед** *(сабаб ва боиси бисёр гап задан—фаҳмондан).*

ТОБ I تاب 1. тавоноӣ. 2. тоқат.

ТОБ II تاب 1. равшанӣ, дурахшонӣ, тобиш. ***Ба тоб будан** тобон будан, дурахшон будан.

Гарчи ҳама кавкабе ба тоб аст,
Афрӯхтагӣ дар офтоб аст.

*Яъне, агарчи ҳамаи ситораҳо тобону дурахшонанд, лекин хислати пурнурӣ ва ҳароратбахшӣ асосан дар офтоб аст. (Л. М)** 2. гармӣ, тафсонӣ **(охан дар тоб).**

ТОБ III تاب печидагӣ *(аз тофтани, масалан, ресмон).*

ТОБА تابه 1. охани паҳни лабдор, ки дар вай тухм, кабоби кӯфта, нони равғанӣ ва монанди инҳоро пазанд. 2. як қисми дарозрӯяи киштзор, ки дар он ҷо як кас кор мекунад *(масалан дар алаф ё гандумдаравӣ як кас ба як қисми он аз як канор ба кор медарояд ва то охир меравад ва боз қисми дигарро гирифта ба кор давом мекунад. Дар пахтачинӣ ҳам ҳамин тарз аст).* **Тоба гирифтан** як корро аз сар даромада то поён покиза ба ҷо овардан *(маҷоз аст аз маънии дуйӯми* **тоба***).*

ТОБДОН تابدان равзани калони панҷара, ё шипадори хона, ки он ҷо тоб, яъне равшанӣ медарояд. *Дар ин маънӣ Ҳайрат гуфтааст.*

Дилро нигоҳи шӯхи ту аз роҳи дида
бурд.
Дуздест хонаро зи роҳи тобдон зада.

ТОБЕЪ I تابع *нигоҳ кун. ба тобин.*

ТОБЕЪ II طابع китобчопкунанда.

ТОБИН تابین 1. фармонбардоркунанда. 2. пайравикунанда. 3. як чизи аз паси чизе раванда *(масалан мегӯем:* **деҳаи Шоҳмансур тобини Сталинобод аст).**

ТОБУТ تابوت сандуқи мурдакашонӣ.

ТОБХОНА تابخانه 1. оташхонаи ҳаммом. 2. хонаест, ки барои ягон мақсад гарм карда шудааст.

ТОВОН تاوان бадал ва ивази як чизи талафкардашуда.

ТОЗ تاز [1. *асоси замони ҳозира аз* **тохтан**]. 2. *амр ба давидан (яъне* **давида рав**).

ТОЗА تازه 1. соф ва покиза. 2. нав.

ТОЗИЁНА تازیانه олати аз пӯст бофта, ки бо вай аспро зананд.

ТОЗУБОЗ تازوباز горат, тороҷ.

ТОЗӢ تازی *1. араб.

> Мекард ба вакти ғамзабозӣ
> Бар тозию турк турктозӣ. (*Л. М.*)*

2. арабӣ, **забони тозӣ** забони арабӣ. 3. аспи даванда.

> Аспи тозӣ агарчи беҳ тозад,
> Лошахари хештан навидозад.

***Тозии таковар** аспи арабии даванд.

> Аз бухтию тозии таковар
> Чандон ки надошт ақл бовар.
> (*Л. М.*)*

3. як хел саги шикорӣ.

ТОИБ تائب тавбакунанда.

ТОИФА طائفه 1. як пора аз ягон чиз. 2. гурӯҳе аз мардум.

ТОИФӢ طائفی як хел ангури сурхчаи сахтпӯст.

ТОЙ تای 1. бори баста. 2. ҳамто ва монанд. *Чунончи гӯянд:* **Ин кас дар пахтачинӣ той надорад,** *яъне ҳамто ва монанд надорад.* 3. курраи асп.

ТОК تاک дарахти ангур.

ТОК II تاک 1. равзани хона. 2. рафчаҳои дар оғӯши девор сохташудаи хона ва айвон.

ТОКДОН تاکدان *нигоҳ кун.* ба **тобдон.**

ТОКЧА تاکچه рафчаҳои хурдаки дар оғӯши девори хона ё айвон сохташуда.

ТОЛ طال **тол додан** дароз кардан (*аз* **тӯл додан** *вайрон карда шудааст*).

ТОЛИБ طالب 1. талабкунанда. 2. рағбаткунанда.

ТОЛОБ تالاب ҳавзи бузурги табиӣ, кӯл.

ТОЛОН تالان горат.

ТОЛОР تالار 1. зали бузург. 2. сутунҳои рӯбарӯи ҳам дукатора шинонда, бар рӯяшон забаррав ва ходача кашида, ки бар рӯи вай навдаҳои токро мебароранд (*Дар Осиёи Миёна ба ҳамин маънӣ зиндааст.*)

ТОМ(М) تام пурра, комил.

ТОМЕЪ* طامع тамаъкор. (Х.)

ТОМОТ* طامات суханони беасоси сӯфиҳо ва лофҳои шайхҳо барои гармии бозори худ, **томоту даъвӣ** лофи шайхӣ ва даъвои кароммот.

> Ба сидқу иродат миён баста дор,
> Зи томоту даъвӣ забон баста дор.
> (*Бӯс.*).

ТОР I تار 1. риштае, ки дар чизҳои бофта дар дарозӣ ва ба тарафи рӯй меравад. 2. ресмоне, ки вайро кашида, ба вай либос ва дигар чизҳоро паҳн ва овезон мекунанд.

ТОР II تار 1. ришта, сим, абрешим ва ё рӯдае, ки бар созҳои мусиқӣ мекашанд (*масалан ба дутор, танбӯр*). 2. яке аз созҳои мусиқӣ.

ТОР III تار торик (**шаби тор**).

ТОРАҚ* تارک теппаи сар, фарқи сар.

> Назад тораки ҷангҷӯро ба даст,
> Ки хӯду сарашро на дар ҳам шикаст.
> (*Бӯс.*).

*То кай нафаси тиҳӣ гузинам,
В-аз шуълаи ҷаҳон тиҳӣ нишинам.
(Л. М.).

дар мисраи якӯм ба маънии холӣ аз кор, бекора ва дар мисраи дуйӯм ба маънии дур ва канор (чет) оварда шудааст.

ТО I تا адад, дона [нумеративӣ]. **Якто харбуза харидам, дуто тарбуз.**

ТО II تا 1. интиҳо, охири ягон чиз. *Гуфта шудааст:*

То лаби гӯр дилнишонам буда,
Оқибат ваъдаи кашали шумо.

1. охир, оқибат, дар натиҷа. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

То чӣ ниҳад карда бар ман даври
гардун з-ин ду кор,
Дасти ту бар гарданам, ё хуни ман
бар гарданат.

ТО III تا 1. агар, вакте ки... *Дар ин маънӣ. Саъдӣ гуфтааст:*

То мард сухан нагуфта бошад,
Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.

2. иллат, сабаб, боис. *Чунончи мегӯянд:* **ман бисёр гап задам, то ки шумо фаҳмед** *(сабаб ва боиси бисёр гап задан—фаҳмондан).*

ТОБ I تاب 1. тавоноӣ. 2. тоқат.

ТОБ II تاب 1. равшанӣ, дурахшонӣ, тобиш. ***Ба тоб будан** тобон будан, дурахшон будан.

Гарчи ҳама кавкабе ба тоб аст,
Афрӯхтагӣ дар офтоб аст.

*Яъне, агарчи ҳамаи ситораҳо тобону дурахшонанд, лекин хислати пурнурӣ ва ҳароратбахшӣ асосан дар офтоб аст. (Л. М)** 2. гармӣ, тафсонӣ **(оҳан дар тоб).**

ТОБ III تاب печидагӣ *(аз тофтани, масалан, ресмон).*

ТОБА تابه 1. оҳани паҳни лабдор, ки дар вай тухм, кабоби кӯфта, нони равғанӣ ва монанди инҳоро пазанд. 2. як қисми дарозрӯйи киштзор, ки дар он ҷо як кас кор мекунад *(масалан дар алаф ё гандумдаравӣ як кас ба як қисми он аз як канор ба кор медарояд ва то охир меравад ва боз қисми дигарро гирифта ба кор давом мекунад. Дар пахтачинӣ ҳам ҳамин тарз аст).* **Тоба гирифтан** як корро аз сар даромада то поён покиза ба ҷо овардан *(маҷоз аст аз маънии дуйӯми* **тоба***).*

ТОБДОН تابدان равзани калони панҷара, ё шишадори хона, ки он ҷо тоб, яъне равшанӣ медарояд. *Дар ин маънӣ Ҳайрат гуфтааст:*

Дилро нигоҳи шӯхи ту аз роҳи дида
бурд.
Дуздест хонаро зи роҳи тобдон зада.

ТОБЕЪ I تابع *нигоҳ кун. ба* тобин.

ТОБЕЪ II طابع китобчопкунанда.

ТОБИН تابعین 1. фармонбардоркунанда. 2. пайравикунанда. 3. як чизи аз паси чизе раванда *(масалан мегӯем:* **деҳаи Шоҳмансур тобини Сталинобод аст**).

ТОБУТ تابوت сандуқи мурдакашонӣ.

ТОБХОНА تابخانه 1. оташхонаи ҳаммом. 2. хонаест, ки барои ягон мақсад гарм карда шудааст.

ТОВОН تاوان бадал ва ивази як чизи талафкардашуда.

ТОЗ تاز [1. *асоси замони ҳозира аз* **тохтан**]. 2. *амр ба давидан* (*яъне* **давида рав**).

ТОЗА تازه 1. соф ва покиза. 2. нав.

ТОЗИЁНА تازیانه олати аз пӯст бофта, ки бо вай аспро зананд.

ТОЗУБОЗ تازوباز ғорат, тороҷ.

ТОЗӢ تازی *1. араб.

> Мекард ба вақти ғамзабозӣ
> Бар тозию турк турктозӣ. (*Л. М.*)*

2. арабӣ, **забони тозӣ** забони арабӣ. 3. аспи даванда.

> Аспи тозӣ агарчи беҳ тозад,
> Лошахари хештан наяндозад.

***Тозии таковар** аспи арабии даванд.

> Аз бухтию тозии таковар
> Чандон ки надошт ақл бовар.
> (*Л. М.*)*

3. як хел саги шикорӣ.

ТОИБ تائب тавбакунанда.

ТОИФА طائفه 1. як пора аз ягон чиз. 2. гурӯҳе аз мардум.

ТОИФӢ طائفی як хел ангури сурхчаи сахтпӯст.

ТОЙ تای 1. бори баста. 2. ҳамто ва монанд. *Чунончи гӯянд:* **Ин кас дар пахтачинӣ той надорад,** *яъне ҳамто ва монанд надорад.* 3. курраи асп.

ТОҚ تاك дарахти ангур.

ТОК II تاك 1. равзани хона. 2. рафчаҳои дар оғӯши девор сохташудаи хона ва айвон.

ТОҚДОН تاكدان *нигоҳ кун.* *ба* **тобдон.**

ТОҚЧА تاكچه рафчаҳои хурдаки дар оғӯши девори хона ё айвон сохташуда.

ТОЛ طال **тол додан** дароз кардан (*аз* **тӯл додан** *вайрон карда шудааст*).

ТОЛИБ طالب 1. талабкунанда. 2. рағбаткунанда.

ТОЛОБ تالاب ҳавзи бузурги табиӣ, кӯл.

ТОЛОН تالان ғорат.

ТОЛОР تالار 1. золи бузург. 2. сутунҳои рӯбарӯи ҳам дуқатора шинонда, бар рӯяшон забаррав ва ходача кашида, ки бар рӯи вай навдаҳои токро мебароранд *(Дар Осиёи Миёна ба ҳамин маънӣ зиндааст.)*

ТОМ(М) تام пурра, комил.

ТОМЕЪ* طامع тамаъкор. (Ҳ.)

ТОМОТ* طامات суханони беасоси сӯфиҳо ва лофҳои шайхҳо барои гармии бозори худ, **томоту даъвӣ** лофи шайхӣ ва даъвии каромот.

> Ба сидку иродат миён баста дор,
> Зи томоту даъвӣ забон баста дор.
> (*Бӯс.*).

ТОР I تار 1. риштае, ки дар чизҳои бофта дар дарозӣ ва ба тарафи рӯй меравад. 2. ресмоне, ки вайро кашида, ба вай либос ва дигар чизҳоро паҳн ва овезон мекунанд.

ТОР II تار 1. ришта, сим, абрешим ва ё рӯдае, ки бар созҳои мусиқӣ мекашанд (*масалан ба дутор, танбӯр*). 2. яке аз созҳои мусиқӣ.

ТОР III تار торик (**шаби тор**).

ТОРАҚ* تارك теппаи сар, фарқи сар.

> Назад тораки ҷангҷӯро ба даст,
> Ки хӯду сарашро на дар ҳам шикаст.
> (*Бӯс.*).

ТОРИК تاریک *зидди* **рӯшноист**, ки шабҳо рӯй медиҳад. 2. ҳар чизе ки маълум ва ошкор набошад. *Чунончи мегӯянд:* **Ин ҳодиса ба ман торик аст,** *яъне ба ба ман маълум нест.*

ТОРОБ* تاراب дехае аст, ки дар ғарбии шаҳри Бухоро дар райони Свердлови имрӯза, тахминан 24 километр дуртар аз шаҳр бо биҳизорҳои худ машҳур аст. (*Ҷ. 10*). *талаффузи «Тараб» дуруст нест*).

ТОРОҶ تاراج ғорат.

ТОРТАНАК تارتنک ҳашароти дарозпоест, ки дар деворҳои хона ва дарахтон тор метанад ва бо он магасонро шикор мекунад.

ТОРУМОР تارومار 1. пароканда, аз ҳам пошида нобудшуда. 2. зеру забаршуда ва нестгардида аз қатлу тороҷ. **Торумор кардан** несту нобуд кардан, зеру забар кардан, барҳам задан.

ТОС طاس косаи мисин, ё биринҷӣ.

ТОТУ تاتو як хел асп, ки дар корҳои зӯр ва сафарҳои шитобкорона ба кор намеояд. *Шоҳин гӯяд:*

Доштам тотуяке лоғару бадному асав.

ТОШ I تاش доғи сурхчаест, ки бар рӯи мардум пайдо мешавад.

ТОШ II تاش соҳибхона ва соҳибҳашмат.

ТОШАҚ تاشک одами сабук ва чолок.

ТОҚ طاق **1.** бинои пешкушода, ки ба шакли камон баланд карда бошанд. 2. танҳо, якка; *зидди* ҷуфт. 3. ададе ки қобили тақсими бекаср набошад. (3, 5, 7 *ва монанди онҳо*).

ТОҚАТ طاقت 1. тобоварӣ ба дарде ва амале. 2. тавоноӣ.

ТОҚИЯ طاقیه *нигоҳ кун. ба* **тоқӣ**.

ТОҚЧА تاقچه *нигоҳ кун. ба* **токча**.

ТОҚӢ طاقی калапӯш.

ТОҶ تاج 1. чизе, ки барои зинат бар сар гузоранд. 2. дамидагии кунгурадоре, ки бар сари баъзе паррандаҳо хаст. **Тоҷи хурӯс** а) баромадагии фарқи сари хурӯс аст, ки сурх мешавад. б) гулест тоҷи хӯрӯсмонанд, аммо аз вай калон,

ТОҶИР تاجر савдогар.

ТУБАК توبک 1. зарфи сафолини такбориктари даҳанфарох аст, ки дар вай гулҳо ва растаниҳои нозукро парвариш кунанд.

Як бутта гул аз такьяи шоҳол бнёред,
Дар мадраса холӣ нагузоред тубакро.

2. зарфест, ки дар гаҳвораи бачагони хурдсол мебананд, ки ҳоҷати онҳо ба вай меравад.

ТУБӢ//ТУБӢ//ТУБО* طوبی//طوبا номи дарахти афсонавии соядор, ки гӯё дар ҷаннат будааст.

Пеши лаълаш кай даҳан бо кавсар
олояд маро,
То бувад он сарв, тубӣ хуш намеояд
маро. (*Навоӣ*).

ТУКМА تکمه пулакчаест, ки бо вай гиребони курта, ё барҳои камзӯлро банд мекунанд. 2. пулакчаи тукмамонандест, ки бо зер кардани вай чизе ба ҳаракат меояд (**тукмаи занги дар, тукмаҳои рояль ва пианино**).

ТУЛФОР تلفار 1. аспи тунди камқувват. 2. одами ноӯҳдабаро (*маҷоз*).

ТУЛӮЪ طلوع 1. баромадани офтоб ва ситорагон. 2. *умуман* баромадан (*монанди* тулӯи субҳ).

ТУМАН I تومن бухори ҳавой, ки ҳаворо тира мекунад.

ТУМАН II تومن *нигоҳ кун. ба* **тумон.**

ТУМОН تومان зари нақди даҳҳазорӣ. 2. як сиккаи маълуми Эрон. 3. район, тақсимоти мулкии замони пештара. (*Масалан* **тумони Ғиҷдувон, тумони Вобканд,** *яъне райони Ғиҷдувон...*).

ТУМТАРОҚ//ТУМТУРОҚ طمطراق карруфар нишондиҳӣ дар зиндагонӣ ва дар иборатронӣ.

ТУНБАК تنبك нақораи даҳонфарохи думбориики сафолин аст, ки думашро дар бағал гирифта, бо панҷаи дастон менавозанд. *Ин асбоби мусиқиро* **таблак** *ҳам меноманд.*

*Сайди инсон кун агар ҷавҳари
ахлоқат ҳаст,
Пеши бӯзина чӣ лозим бинавозӣ
тунбак. (*Бедил*).

ТУНБОН تنبان эзор.

ТУНБУК تنبك чодири сақфпаҳн

ТУНГ تنگ кӯзаи шикамкалони гарданкӯтоҳи даҳантанг.

*Бар ҳаҷлаи ин бути диловез,
Карданд ба тунгҳо шакаррез.
(*Л. М.*).

Тунги шакар кӯзачаи шакарандозӣ.

Лаълаш, ки ҳадиси бӯс мекард.
Бар тунги шакар фусӯс мекард.
(*Л. М.*)*

ТУНГЧА تنگچه *хурдтараки* **тунг** *аст*, ки дар Бухоро «н»-ро ба «м» бадал карда тумча гӯянд.

ТУНД تند 1. мазаи тез (монанди мазаи мурч, қаранфул). 2. тезрав (монанди боди тунд). 3. хашмгин (**одами тунд**). 4. шӯх ва тозиёнанобардори тезрав (асп) ***Тунди халахӯр** а) харе, ки агар ҷӯбро бинад ҳаллос мезанад, лекин баъд аз савор шуда ба роҳ даромадан ҳар чанд хала кунанд ҳам роҳ намеравад. б) *маҷозан* дар ҳаққи одаме гуфта мешавад, ки агар гап занед, оташин мешавад, ҳаргиз гапро намебардорад, аммо бо сад бор гуфтан ҳам вазифаи худро иҷро намекунад. (*Аз маҷозҳои халқии Бухоро*). (*Ёд. 3—4*).*

ТУНДАР تندر бонги сахтест, ки дар вақти ҳаракати абрҳо аз ҳаво меояд, раъд.

ТУНУК تنك 1. пахни нозук (**тахтаи тунук, коғази тунук**). 2 як хел нон аст, ки хамирро паҳн ва нозук карда, дар дег бо равғани доғ пазанд.

ТУНУКДАСТ تنك دست камбағал, бепул (*маҷоз*).

ТУНУКМОЯ* تنك مايه камсармоя, камбизоат.

На дархӯрди сармоя кардӣ карам.
Тунукмоя будӣ аз он лоҷарам.
(*Бӯс.*).

ТУНУКРӮЙ تنكروى каси шармгин ва гапнобардор (*маҷоз*).

ТУРБ ترب растании бехмеваи машҳур аст, ки дар ҳолати хомиаш бо ош хӯранд.

ТУРБАТ تربت 1. хок. 2. қабр, гӯр (*маҷоз*).

*Чун шӯшаи турбати падар дид,
Алмоси шикаста бар ҷигар дид.
(*Л. М.*).

ТУРК* ترك халқҳои туркизабон монанди ӯзбек, туркман, қирғиз ва ғайра. **Турки фалак** *киноя аз* Миррих (Марс).

ТУРКТОЗӢ ترکتازی 1. савора тохтан. 2. тохта тороҷ кардан; ҳуҷум, ҳамла.

*Мекард ба вақти ғамзабозӣ
Бар тозию турк—турктозӣ.
(*Л. М.*).

ТУРОБ تراب хоки хушк; хок.

*Мавҷи раёҳин гирифт домани сатҳи ҳаво,
Ҷӯши зумуррад нуҳуфт рӯи бисоти туроб. (*Бедил*).

ТУРРА طره 1. зулф ва мӯи пешонӣ. 2. фаши салла. 3. шилшилаҳое, ки дар атрофи порчаҳои қиматбаҳо бароварда мешавад (*масалан, дар рӯмолҳои фарангӣ ва ғиҷим*).

ТУРРАҲОТ ترهات [*ҷамъи* турраҳат]; суханҳои беҳуда.

ТУРУНҶ ترنج меваи маълум аз ҷинси муруд.

*Лайлӣ зи сари турунҷбозӣ,
Кардӣ зи занах турунҷсозӣ,
З-он тозатурунҷи наврасида,
Наззора турунҷ каф бурида.

Лайлӣ барои турунҷбозӣ аз занахи худ турунҷ месохт ва бинандагони ӯ монанди бинандагони ҷамоли Юсуф маҳву мот шуда ба ҷои буридани турунҷ кафи худро мебуриданд. (Л. М.).

ТУРУНҶПАЙКАР* ترنج‌پیکر пайкараш мисли турунҷ; давра, гирда.

Кардӣ фалаки турунҷпайкар,
Райҳонии ӯ турунҷӣ аз зар.
(*Л. М.*).

ТУРУНҶӢ* ترنجی ранги зарди сурхчатоб.

Кардӣ фалаки турунҷпайкар,
Райҳонии ӯ турунҷӣ аз зар.

Осмони даврашакл дар вақти баромадани офтоб бо шиои заррини он ранги сабзчатоби субҳро сурхчатоб мекард. (Л. М.).

ТУРУҚ طرق [ҷамъи тариқ]; роҳҳо.

ТУРФА طرفه [чизи нав; нодир]; аҷиб.

ТУРФАТУЛЪАЙН طرفةالعین дар як чашм задан (*яъне* замони бисёр кӯтоҳ).

ТУРШ ترش мазаи маълум аст, ки даруни даҳони одамро баҳам мекашонад ва дандонро мебарад.

ТУРШАҚ ترشك 1. зардолуқоқ. 2. зардолуи аз дарунаш, донакашро гирифта, боз мисли аввалиаш баҳам часпонда хушконда шуда.

ТУРШИДАН ترشیدن турш ва вайрон гардидани чизе (*масалан*, оши шабмонда).

ТУРШРӮ ترش رو касест, ки ҳамеша рӯи худро чин карда, ба мардум муомала мекунад.

ТУРШӢ ترشی хӯриши турш, ки бо ош хӯранд (*масалан*, сирко, сиканҷабин, анороб).

ТУТИЁ توتیا сурмаест, ки нури чашмро зиёд кунад.

ТУТУҚ تتق чодир ва пардаи бузург, саропарда (*масалан*, пардаи дарбори подшоҳӣ).

*... Ғубори он фазо тутуқи шафақ пеши роҳи назар мебаст.
(*Бедил*)

ТУФ تف оби даҳон (андохтан).

ТУФАЙЛ طفیل сабаб, восита. **Ба туфайли шолӣ курмак об мехӯрад** *зарбулмасали халқ аст.*

ТУФАЙЛӢ طفیلی касест, ки дар меҳмониҳо нохонда меравад, яъне ба сабаби меҳмони хонда зиёфат мехӯрад. *Ба ин маънӣ гуфта шуда аст:*

Каримон дӯсттар доранд меҳмони
туфайлиро...

ТУФАНГ تفنگ 1. чӯбластаи найвамонанди миёнхолист, ки дар сӯрохи вай кулӯлаи лойро гузошта бо боди даҳон парронда кафтар ва мусича барин паррандаҳоро шикор мекунанд. 2. милтиқ.

*Чу қад занад дузону, махӯр фиреби аҷзаш,
Ки ба қасди ҷон туфанге ба сари ду по нишаста.
(*Бедил*).

Милтиқи қадими пилтагӣ ду по (ду шох) дошт, ки дар вақти тирандозӣ поҳои вайро дар замин ҳам карда мегузоштанд. Шоир душмани дузону зада изҳори аҷз ва таслимкунандаро ба ҳамон милтиқ монанд мекунад ва барои фиреб нахӯрдан хонандаро огоҳ мегардонад (Б.).

ТУФАНГЧА تفنگچه таппончаи тирпарронӣ.

ТУФОЛА تفاله пасмондаи ҳар чизест, ки аз вай шира ва равған кашида шудааст (пасмондаи кунҷид, анор, ангур, мағзи бодом, чормағз *ва монанди онҳо*).

ТУФУ تفو оби даҳон, туф. *Фирдавсӣ гӯяд:*

Туфу бар ту, эй чархи гардон, туфу!

ТУФУЛИЯТ طفولیت кӯдакӣ, тифлӣ.

ТУФФОҲ تفاح себ.

ТУХМ تخم 1. тухми мурғ *тухми нимдунбул** тухми дар даруни пӯчокаш нимпухта ва сахтнашуда.

*Эй лабат мул, оразат гул, турраат сунбул барин,
Ғабғабат дар чарбу нармӣ тухми нимдунбул барин.
(*Шоҳин*)*

2. моддаи асосии ҳар чиз, ки аз вай ҳамҷинси он чиз рӯяд.

ТУХМА I تخمه *бемории меъда аст,* ки аз бисёр чиз хӯрдан пайдо мешавад.

ТУХМА II تخمه 1. тухми одамӣ ва ҳайвонот аст, ки аз вай ҳамҷинси он мерӯяд. 2. насл ва нажоди як кас.

ТУЮЛ//ТИЮЛ* تیول молу мулке, ки подшоҳ ба мансабдорони худ барои истифода мебахшид, иқтоъ, танхоҳ (*Ҷ. 10*)

ТУЮР طیور [ҷамъи **тайр**]: паррандагон.

*Чун ба зеру бами туюр расид,
Нағмае ғайри «Қонда» нашунид.
(*Л. М.*).

ТУҒРО* طغرا унвони фармон ё нома, ки бо хатти печ дар печ менавиштанд.

ТУҒРОКАШ* طغراکش нависандаи туғро.

Туғрокашӣ ин мисоли машҳур.
Бар сафҳа чунин навишт маншур.

Дар ин ҷо мурод аз **туғрокаш** *ривояткунандаи асли достон ва аз маншур (ярлиқ) худи ин достон аст. (Л. М.).*

ТУҲАФ تحف [ҷамъи **тӯҳфа**]: тӯҳфаҳо, инъомҳо.

ТУҶАБА* توجبه селоб, обхез. (Р.)

ТӮБӢ* طوبی *нигоҳ кун. ба* **тубӣ**.

ТӮЙ توی//طوی шодмонии бозиёфати оммавӣ.

ТӮЛ* طول 1. дарозӣ, давомнокӣ, кашол. 2. аз рӯи одат ба гӯсфандҳои қарокӯлӣ дар моҳи ақроб тагал сар медиҳанд, ки ҳамаи инҳо дар моҳи ҳамал дар муддати як моҳ пасу пеш мезоянд. Инак ҳамин мавсими гӯсфандзоиро «тӯл» меноманд. *(Ҷ. З)*

ТӮП I توپ тӯда, ҳолати дар як ҷо ғун шуда истодани чизе.

ТӮП II توپ асбоби ҷангист, ки вайро ба ароба монда кашонанд ва бо вай тирҳои калонро ба душман андозанд. **Тӯпи қалъакӯб** тӯпи калонест, ки бо вай қалъаҳои мустаҳкамро дар зери тир гиранд.

ТӮПБАНДӢ توپ بندی дар зери тирҳои тӯп гирифтани ягон шаҳр, ё ягон ҷой.

ТӮПЧА توپچه риштаи монанди себ кулӯлаи печондашуда.

ТӮР I تور бофтаи панҷарамонанд аз ришта, ё аз симҳо.

ТӮР II طور гуна, хел (*ба ин маънӣ шакли оммавишудаи калимаи* **тавр** *аст*).

ТӮТАК* طوطك тӯтии сухангӯй.

> Оламеро бифиребӣ ба забон чун тӯтак.
> *(Бедил).*

ТӮТИЁ توتیا *нигоҳ кун. ба* **тутиё**.

ТӮТӢ طوطی паррандаи сабзранг, ки чун одам сухан гуфтанро омӯзад.

ТӮФОН طوفان 1. сели пурзӯри ғарқкунанда. 2. боди пурзӯр.

ТӮХМОҚ توخماق кундачаи чӯбини дастадор аст, ки бо вай мех кӯбанд.

ТӮШ I توش сина. *Ба ин маънӣ гуфта шудааст:*

> Симинтану тӯш, насринбару дӯш...

ТӮШ II توش тавоноӣ; қувват.

ТӮША توشه чизҳои сафарӣ (хӯрок, пӯшок, харҷӣ...)

ТӮШАК توشك палоси пуркимат (*монанди* қолин).

ТӮЪМА* طعمه таом, луқма хӯрок.

> Аз тӯъма тавонад одамӣ зист,
> Гар одамӣ, таоми ту чист?
> *(Л. М.).*

ТӮҲМАТ تهمت ба касе нисбат додани як чизи нописанди дар ҳақиқат дар вай набуда.

ТӮҲФА* تحفه 1. ҳадья, инъом. 2. армуғон, савғот. «**Тӯҳфат-ул-аҳбоб**»—номи аслии як китоби луғати тоҷикӣ аст, ки вайро Ҳофиз Убаҳӣ ном касе таълиф кардааст ва дар ин китоб 2650 луғат эзоҳ карда шудааст. Байтҳое ки дар китоби худ ба тариқи мисол овардааст, ҳама аз Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Унсурӣ, Бӯшукурӣ балхӣ ва Қасоӣ барин шоирони бисёр қадиманд. Бисёртарини он байтҳо, байтҳоеанд, ки ҳоло дар ягон маҷмӯа дида намешаванд. Чунончи танҳо аз Калилаву Димнаи манзуми Рӯдакӣ 21 байт овардааст, ки ягонтои аз инҳо дар ягон маҷмӯа нест. *(Р.)*

У

УБАЙД* عبید 1. ғуломи хурд. 2. исми хоси одам.

УБУДИЙЯТ* عبودیت бандагӣ, ғуломӣ; тобеъ будан.

УБУР* عبور гузаштан, аз оби дарё гузаштан.

УБУС* عبوس бадқавокӣ, туршрӯӣ.

УГРО اوگرا ошест, ки хамирро чун ришта борик бурида пазанд ва дар забони форсии Эрон «ришта» гӯянд.

УД I* عود як навъ чӯб, ки барои хушбӯйкунӣ месӯзанд.

Ҳар оташи тез барфурӯзӣ,
Ӯро ба мисоли уд сӯзӣ.
(*Л. М.*).

УД II* عود навъе аз асбоби мусиқӣ, ки тор дорад, мисли рубоб.

УДАБО ادبا [ҷамъи **адиб**]; адибон, адабиётшиносон.

УДАЙЧӢ* اودیچی нозири ташрифот [дар ҳукуматдории Бухорои тоинқилобӣ] (*Ҷ. 6*).

УДВОН* عدوان душманӣ, адоват.

УДСӮЗ* عودسوز зарфест, ки дар вай чизҳои хушбӯйро месӯзанд, миҷмар.

Гадоёни беҳома шаб карда рӯз,
Муаттаркунон ҷома бар удсӯз.
(*Бӯс.*).

УДУЛ* عدول 1. гузаштан [аз ҳад, таҷовуз кардан аз доираи муайян. 2. беитоатӣ, саркашӣ (*маҷоз*)].

Кас зи ҳукмаш сари удул надошт,
Ҳар чи фармуд, ҷуз қабул надошт.
(*Бедил*).

УЗВ عضو 1. андом. 2. ҳар ҷузъи ба худ номи мустақилдоштаи бадани одам ва ҷонварони дигар (*монанди дасту по*). 3. ҳар фарди як ҷамъият, гурӯҳи одамӣ, ки шахсияти маънавӣ ва ҳуқуқиро доро бошад (**узви партия; узви союзи касаба**).

УЗЛАТ* عزلت гӯшагирӣ, хилватнишинӣ, канорагирӣ.

Ҷавонӣ фаро рафт, к-эй пирмард,
Чӣ дар кунҷи узлат нишинӣ ба дард?
(*Бӯс.*).

УЗМО* عظمی [*муаннаси* **аъзам**]; бузургтар, бузургтарин (*Ҷ. IV*).

УЗН اذن гӯш.

УЗОР عذار [*аслаш* **изор**]; рух, рӯй (*Ҳ.*)

УЗР* عذر маъзарат, бахшишпурсӣ. **Узри шаръӣ** баҳонаи қонунӣ (*Ҷ. 6*).

УЛО علی//علا бузургӣ.

УЛУВ* علو баландӣ.

УЛУМ* علوم [ҷамъи **илм**]; илмҳо (*Л. М.*). **Улуми динӣ** ақоид ва амалиёти исломӣ (*Ҷ. 10*).

УЛУФА* علوفه хӯрок; хӯроки ҳайвонот, ему хошок.

УЛФАТ الفت 1. бо ҳам хӯ гирифтан [дӯстӣ, ҳамсӯҳбатӣ, 2. ҳамсӯҳбат].

УМЕД//**УММЕД** امید чашмдошт, орзу.

УММОН* عمان номи вилоятест дар

соҳили ҷанубии нимҷазираи Арабистон ва номи баҳре, ки дар соҳили он вилоят воқеъ шудааст. Аммо дар адабиёт умуман ба маънои баҳр кор фармуда мешавад.

Ҷинси идрок боби нодон нест,
Соҳил оинадори Уммон нест.
(*Бедил*).

УММУҒИЛОН* امغیلان як навъ дарахти калони хордори регзорҳои Арабистон.

Дар хок фитода чун залилон,
Дар зери дарахти уммуғилон.
(*Л. М.*).

УММӢ امی бесавод (**оми**-*и тоҷикӣ аз ҳамин калима гирифта шудааст*).

*...Бо он ки уммӣ буд, мавзунӣ
чун сарв ба тинаташ менозид.
(*Бедил*).

УМУР امور корҳо (*ҷамъи* **амр** *ба маънои кор*) ***Умури манзил** корҳои хона (*Ҷ. IV*).

УНВОН* عنوان 1. сарлавҳа. 2. ном, нишон. 3. тарз.

УННОБ* عناب челон, меваест санҷид (ҷигда) монанд, ки аз вай сурхтар ва сергӯштар мешавад.

Бар писта, ки шуд даҳандарида,
Уннoб зи дур лаб газида.
(*Л. М.*).

УННОБРАНГ* عنابرنگ ба ранги уннoб, сурх.

Ба хуни азизон фурӯ бурда чанг
Сарангуштҳо карда уннобранг.
(*Бӯс.*).

УНС انس хӯгирӣ, (ошно шудан, ошноӣ, улфат).

*Ҷавоне ба роҳ пешвоз омадаш,
Қ-аз ӯ бӯи унсе фароз омадаш.
(*Бӯс.*).

УНСУР* عنصر модда, элемент, асл, ки асоси чизҳоро ташкил медиҳад.

УНСУРӢ* عنصری ҷисмонӣ, моддӣ, табиӣ, ки назар ба ақидаи донишмандони қадим аз обу оташу боду хок—аз чор унсур иборат аст.
Лекин ҳар чанд гирди таркиби унсурӣ бармеоям... савлати гуруснагӣ оламеро дарҳам фушурдааст. (*Бедил*). **Қонуни унсурӣ** қонуни табиат.

Кулфат макаш зи вазъи парешони
зиндагӣ,
Ошуфта аст нағмаи қонуни унсурӣ.
(*Бедил*).

УНСҶӮЙ* انس جوی 1. унсҷӯянда, толиби ошноӣ.

Ман ваҳшияму ту унсҷӯӣ,
Он навъ талаб, ки ҷинсҷӯӣ.
(*Л. М.*).

УНУД* عنود ситезакорӣ, инодкорӣ.

УНФ عنف дуруштӣ, тундӣ, ситеза.

УНФУВОН* عنفوان аввали ҳар чиз. **Унфувони ҷавонӣ (шабоб)** аввали ҷавонӣ, оғози ҷавонӣ ва нашъунамои он.

УР* عور луч, урьён, бараҳна.

Ёре ду-се аз пас ӯфтода,
Чун ӯ ҳама уру саркушода.
(*Л. М.*).

УРАФО* عرفا [*ҷамъи* **ориф**]; бомаърифатҳо, соҳибмаърифатон. Шеваи ахлоқ ҳар чанд шоистаи аҳволи урафо аст, аммо ин ки ҷамии урафо соҳибфутувват бошанд—андешаи хато. (*Бедил*).

УРДИБИҲИШТ اردیبهشت // اردی بهشت моҳи дуйӯми соли шамсӣ аст, ки моҳи савр буда аз 22 апрель то 22 майро дарбар мегирад.

УРЕБ اوریب каҷии сатҳи як чиз.

Уреб шудан кач шуда ба як_сӯ рафтан (*маҷоз*).

УРУҶ* عروج болоравӣ, боло баромадан.

Мухтори сад уруҷу нузул аст ҳимматат,
То сар зи олами чӣ ҳақиқат бароварӣ?
(*Бедил*).

УСҚУНА اسکنه чизҳои бар замин барпокардашуда (*иморат, дарахт ва монанди инҳо*).

УСЛУБ اسلوب 1. тарз ва равиш. 2. тарз ва равиш дар саноеи нафиса.

УСРАТ* عسرت тангӣ, [машаққат, сахтӣ] (*Б.*).

УСТО I استا 1. *кӯтоҳ кардашудаи калимаи* **устод** *аст, ки дар забони тоҷикӣ ба ҷои «моҳир» кор фармуда мешавад. 2. муаллим дар корҳои саноатӣ (монанди дуредгарӣ, челонгарӣ, гилкорӣ)*.

УСТО II استا тафсири «Занд» ном китоби Зардушт аст дар дини оташпарастӣ.

УСТОД استاد муаллим ва омӯзгори бузург.

УСТОЗ استاذ арабӣ кардашудаи устод.

УСТОКОР استاکار ҳунармандест, ки бо раҳбарӣ ва иштироки худ зери дасти худ чанд халифа кор мефармояд (*монанди дуредгар, челонгар ва дӯзандагоне, ки дар зери дасти худ халифа кор мефармоянд*).

УСТУВОНА اسطوانه 1. сутун.

УСТУВОНАШАКЛ اسطوانه شکل як шакли махсуси геометрия аст дар меъморӣ, ки поинаш ғафс ва болояш торафт борик мешавад.

УСТУВОР استوار маҳкам.

УСТУН استون сутун.

УСТУНГӮША استون گوشه нигоҳ кун: **ба сутунгӯша.**

УСТУРА استره поку, теғи мӯйтарошӣ.

Дар даҳр ки шӯри ҷаҳл беш аз пеш аст,
Андешаи донишу хирад ташвиш аст,
Ҳар ҷо дидем хирс мерақсаду бас,
Ку устура, к-ин дашт саросар риш аст.
(*Бедил*).

УСТУРДАН استردن тарошида партофтан, пок карда партофтан.

УСТУРЛОБ اسطرلاب номи олатест баландисанҷ ки бо вай баландии офтоб ва ситорагонро месанҷанд.

УСУЛ* اصول [*ҷамъи* **асл**]; аслҳо, решаҳо. [*муқобили* **фурӯъшохҳо**].

Бихандид халқе аз он булфузул,
Қи нашнохт ранги фурӯъ аз усул.
(*Бедил*).

УТУ* اتو олатест, ки онро гарм карда либосҳои дӯхта ва шустаро мӯҳра мекашанд, дарзмол.

УФУҚ* افق канораи осмон, ки ба назари бинанда охири осмон барин менамояд.

УХТ اخت хоҳар.

УШШОҚ* عشاق [1. ҷамъи ошиқ]; ошиқон (*Л. М.*). 2. номи яке аз мақомҳои мусиқӣ.

УҚБО* عقبی//عقبا *динӣ.* охират.

То чанд кашӣ заҳмати карру фари дуньё?
То кай равӣ аз ҳуш ба афсонаи уқбо?
(*Бедил*).

УКДА* عقده 1. гиреҳ, тугун. 2. *маҷ*. мушкилӣ, сарпечӣ.

Фитоданд дар укдаи печ-печ,
Ки дар ҳалли он раҳ набурданд ҳеҷ.
(*Бӯс.*).

УҚОБ* عقاب [як хел паррандаи калонҷуссаи тезчанголи нӯлсахт], бургут (*Ёд.*).

УҶБ* عجب такаббур, худбинӣ, худнамоӣ (*Ёд. 3—4*).

УҶРИХОР//УҶРИХӮР* اجری خوار муздхор, муздгиранда, маошхӯр.

Уҷрихӯри дастранҷи хешам,
Гар мӯҳташамам зи ганҷи хешам.
(*Л. М.*).

УҶРӢ//УҶРО اجری музд, маош, ҳаққи кор.

Ф

ФАВАРОН فوران ҷӯшиш.

ФАВВОРА فواره чизест сохта, ё ҷоест табиӣ, ки аз он ҷо об, ё чизҳои обакӣ ҷӯшида мебарояд. **Фаввора задан** ҷӯшида баромадани об ё чизҳои обакӣ дар ҳолати табиӣ (*об аз чашма, нефть аз кон*).

ФАВЗ فوز 1. расиш ба хубӣ, расидан ба мақсад. 2. фирӯзӣ, хушбахтӣ, ғалаба.

ФАВОЕҲ فوایح [*ҷамъи* **фоеҳ**]; хушбӯиҳо.

ФАВОЗИЛ I فواضل [*ҷамъи* **фозилат**]; бахшишҳои бузург, атоҳои некӯ.

ФАВОЗИЛ II* فواضل *ҷамъи* **фозил.**

ФАВОКЕҲ فواکه [*ҷамъи* **фокиҳа**]; меваҳо.

ФАВОСИЛ فواصل [*ҷамъи* **фосила**]; фосилаҳо, ҷудоиҳои байни чизҳо.

ФАВР فور 1. зудӣ, тезӣ. 2. ҷӯш зада баромадани об, ё чизҳои обакӣ.

ФАВРАН فوراً дарҳол.

ФАВРӢ فوری 1. ба зудӣ. 2. таъхирнопазир.

ФАВТ فوت нестшавӣ, тамомшавии вақти чизе.

ФАВТИДАН فوتیدن мурдан.

ФАВҚ فوق боло (*зидди* тахт).

ФАВҶ فوج 1. гурӯҳ. 2. гурӯҳе аз аскар.

ФАВҶДОР* فوجدار сардори дастаи аскар, сардори қисме аз лашкар.

...Фавҷдорони маъзул сояи девори сипар андохтанро ҳисори саломат андешидаанд. (*Бедил*).

ФАГОНА فگانه кӯдаки норасидаи аз ишками модар омада.

ФАЁФӢ فیافی биёбонҳои ҳамвор.

ФАЗАЪ فزع тарс, бим.

ФАЗЕЪ فظیع аз ҳад зиёд зишт, аз ҳад зиёд қабеҳ.

ФАЗЗ فظ 1. бадхӯ, 2. сахтдил.

ФАЗИЛАТ فضیلت 1. илм, дониш ва ҳунар, ки одамӣ бо омӯзиш бар худ зиёд кардааст. 2. бартарӣ.

ФАЗИҲАТ* فضیحت расвоӣ, беобрӯӣ.

Фазиҳат бувад хӯша андӯхтан,
Пас аз хирмани хештан сӯхтан.
(*Бӯс.*).

ФАЗЛ فضل 1. афзунӣ, зиёдат. 2. бахшиш. 3. ғалаба аз ҷиҳати фазилат.

ФАЗО فضا 1. замини фарох. 2. фарохии замин. 3. кушодагии саҳни хона, ҳавлӣ, майдон ва монанди инҳо.

ФАЗОЕҲ* فضایح [ҷамъи **фазиҳат**]; расвоиҳо (*Н.*).

ФАЗОИЛ فضائل [ҷамъи **фазилат**;] афзуниҳо, ҳунарҳои гуногун, донишҳои гуногун.

ФАЗҲ فضح расвоӣ.

ФАЙ فی сояи баъд аз заволи ҳар чиз.

ФАЙД فید 1. хиром, хиромидан. 2. зиёда, зиёд шудан. 3. нафъ, фоида; 4. мӯи асп.

ФАЙЗ فیض 1. бисёршавии об ба дараҷае, ки аз канори гузаргоҳи худ шорад. 2. хайри бисёр ва ошкор.

ФАЙЛАСУФ فیلسوف 1. дӯстдори ҳикмат. 2. ҳаким, донандаи ҳикмат.

ФАЙСАЛ فیصل 1. ҷудо кардани ҳақ аз ботил бо ҳукми маҳкама. 2. пасандохта паст кардани ҷанҷоли байни ду кас, ё чанд кас.

ФАКК فک 1. ҷудо кардани ду чизи ба ҳам пайваста. 2. озод кардан, халос кардан. 3. ҳар кадом аз устухонҳои ҷоғ, ки дандонҳо ба вай вобастаанд.

ФАКОҲАТ فکاهت мутойиба, хушгапӣ.

ФАЛАК فلک осмон.

ФАЛАКЗАДА فلک زده фалокатзада, дар фалокат гирифторшуда.

ФАЛАКСАЙР فلک‌سیر тезгард.

ФАЛАҚ فلق сафедии субҳи содиқ, ки баъд аз вай рӯз сафед мешавад ва офтоб мебарояд.

ФАЛАҶ فلج беморист, ки баъзе аъзои бадан, ё тамоми бадан аз ҳаракат бозмемонад.

ФАЛЛОҚ فلاق чӯби камоншакли ресмондор аст, ки дар мактабҳои кӯҳна пои бачагонро дар вай ишканҷавор печонида мезаданд.

ФАЛЛОҲ فلاح деҳқон.

ФАЛЛУХ* فلوخ назар ба шарҳи «Бурҳони қотеъ» фаллух номи шаҳре будааст аз Туркистон, ки мушки хубро аз он ҷо меоварданд. Аз ин шарҳ ҳамин маълум мешавад, ки Фаллух дар Туркистони Чин—дар Хутан будааст... (*Ч. 10*).

ФАЛЛУХ—ХОҚОН فلوخ خاقان бояд подшоҳи ҳамон диёр (Фаллух) бошад ва он турконе ки ба Муқаннаъ ёрӣ додаанд, бояд бобоҳои уйғурҳои имрӯза бошанд, ки баъд аз кушта шудани хоқонашон ба диёри худ гашта рафтаанд (*Ч. 10*).

ФАЛОД فلاد беҳуда, бефоида, абас.

ФАЛОКАТ فلاکت 1. нодорӣ. 2. мусибатзадагӣ. 3. офати ногаҳонӣ (*монанди сӯхтор, дар об ғарқшавӣ*).

ФАЛОН فلان ким-кӣ, ким-чӣ... **фалон бисмадон** *киноя аз* гуфтугузорҳои ғайримаълум.

ФАЛОСИФА فلاسفه [*ҷамъи* **файласуф**]; файласуфҳо, ҳакимҳо, дӯстдорони ҳикмат.

ФАЛОТ فلات биёбони беобу алаф.

ФАЛОТУН فلاطون [Афлотун], номи яке аз ҳакимҳои Юнони қадим, Платон.

ФАЛОХАН فلاخن *нигоҳ кун. ба* **фалохун.**

ФАЛОХБОН فلاخبان *нигоҳ кун. ба* **фалохун.**

ФАЛОХМОН فلاخمان *нигоҳ кун. ба* **фалохун.**

ФАЛОХУН فلاخن олатест сангандози ресмонӣ, ки дар миёнааш ҷои санггузорӣ мекунанд ва аз ду сари ресмон гирифта дар гирди сар гардонда сахт меандозанд.

ФАЛОҲ فلاح растагорӣ, раҳоӣ (*аз офате*).

ФАЛОҲАТ فلاحت деҳқонӣ.

ФАЛОҲАТӢ* فلاحتی зироатчӣ, деҳқон.

Ҳиммат ҳар ҷо беш кунад кореро,
Душворӣ нест ҳеҷ душвореро,
Якчанд фалоҳатӣ ба кӯшиш печад,
Холӣ созад зи санг кӯҳсореро.

(*Бедил*).

ФАЛОҶАРАМ* فلاجرم пас, ночор. (Ҷ. *IV*)

ФАЛСАФА فلسفه ҳикмат, философия.

ФАЛСАФӢ فلسفی *мансуб ба* **фалсафа** (**масъалаи фалсафӣ, одами фалсафӣ**).

ФАЛФАНД فلفند хорбасти гирдогирди боғ ва киштзор.

ФАЛҚ فلق шикофтан.

ФАМ فم даҳон.

ФАНАК فنک ҷонварест сафедпӯсти мӯйдор, ки аз пӯсташ пӯстин созанд, [гурбаи саҳрой].

ФАНАР فنر 1. пӯлоди тунуки печу хамхӯрда, ки бо вай чархҳо дар ҳаракат оянд (*монанди чархи соат*), дарҳо кушода ва пӯшида шаванд, пружина. 2. фонус (*ба маънии дуйӯм туркист*).

ФАНД فند макр, фиреб. **Фанд додан** фиреб додан. **Фанд хӯрдан** фиреб хӯрдан.

ФАНН فن илм, ҳунар.

ФАНО فنا нестшавӣ.

ФАР فر 1. шаън, шавкат, шукӯҳ.

*Ки ман фарри фармондеҳӣ доштам,
Ба сар бар кулоҳи меҳӣ доштам.

(*Бӯс.*)*

2. нур, партав. 3. зинат, ҳусн, зебоӣ (**фаррух** *аз ҳамин калима ба ҳамин маънӣ мураккаб аст.* (*Бӯс.*).

ФАРАНҶАК فرنجک гаронии тоқатгудоз, ки дар хоб ба одам рӯй медиҳад.

ФАРАНҶӢ فرنجی чодири аз сар то қадам фурӯгирандаи занон.

ФАРАС فرس асп.

*Ҳар кас фарасе ба ҷанг меронд,
Ӯ ҷумла дуои сулҳ мехонд.
(Л. М.).

ФАРАСП* فرسپ болор.

Бомҳоро фарасп хурд кунӣ,
Аз гаронит гар шавӣ бар бом.

(ин байт бояд дар ҳаққи ягон одами фарбеҳ ба тариқи ҳаҷв ва ҳазл гуфта шуда бошад). (Р.).

ФАРАҲ فرح шодӣ, хурсандӣ.

ФАРАҶ فرج кушоиш, осониш (*зидди* шиддат).

ФАРАҶӢ فرجی ҷомаи васеи беастар, ки аз рӯй пӯшанд.

ФАРБЕҲ فربه одам, ё ҳайвони сергӯшту равған.

ФАРБЕҲӢ* فربهی 1. фарбеҳ будан, сергӯштӣ, 2. *маҷ.* тавонгарӣ, бадавлатӣ.

Даврон, ки нишоти фарбеҳӣ кард,
Паҳлу зи тиҳиравон тиҳӣ кард.

Яъне замона, ки ба фарбеҳон (бодавлатон) нишоту хуррамӣ бахшидааст, аз тиҳиравон (одамони харобу лағар—фақирон) худро канора мекашад. (Л. М).

ФАРБОЮН فربایون гулест дарунзарди берунсафед, ки дар забони зинда «чашми гӯсола» номанд.

ФАРВАРДИН فروردین моҳи ҳамал (аз 22 март то 22 апрель).

ФАРД فرد 1. танҳо, ягона. *2. ҷудо, дур.

Ҳар қаҳқаҳа к-инчунин занад мард,
Шав зе, ки шукӯҳ аз ӯ шавад фард.
*(Л. М.)**

ФАРДАР فردر гӯлаест, ки дар паси дарвоза барои кушода нашудани он гузоранд.

ФАРДАРА فردره *нигоҳ кун.* ба **фардар.**

ФАРЗ فرض 1. таъин, [зарур шуморидашуда, фармудаи худо] (*дар дин*). 2. андозашуда. ***Фарзи айн** зарурияти динӣ, мисли намоз, рӯза ва ғайра (Ч. 6). [3. пиндор, эҳтимол, тахмин] ***Фарз кардан** чизеро ба тарзи шартӣ қарор додан (**фарз кардем фардо офтоб шавад, боғ меравем ё не?**)

ФАРЗАНД فرزند авлоди бевосита (писар, духтар—нисбат ба падар ва модар).

ФАРЗОМ فرزام шоиста, сазовор.

ФАРЗОН فرزان дониш, ҳикмат.

ФАРЗОНА فرزانه донишманд, хирадманд, ҳаким, оқил.

*Фарзона суханварони Бағдод
Аз сирри сухан чунин хабар дод.
(Л. М.).

ФАРЗОНАГӢ* فرزانگی хирадмандӣ, боақлӣ.

Бузургони равшандили некбахт,
Ба фарзонагӣ тоҷ бурданду тахт.
(Бӯс.).

ФАРИД فرید ягона, бемонанд.

ФАРИДУН* فریدون номи яке аз подшоҳони қадими Эрон, ки баъд аз Заҳҳокро пест кардани Коваи оҳангар дар Эрон подшоҳ шуда буд. (*Бӯс.*).

ФАРИР* فریر гиёҳест хушбӯй, ки говзабон номанд ва ба давоҳо сарф шавад.

ФАРИҚ فریق гурӯҳе ки аз як гурӯҳи калон ҷудо шуда ба ҷои дигар равад, [гурӯҳ, тӯда].

ФАРКАН* فرکن ҷӯи об, канал; корез.

ФАРКАНД فرکند *нигоҳ кун. ба* **фаркан.**

ФАРМАНД فرمند одами кушодарӯй, нуронӣ.

ФАРМОН فرمان амри қатъй додан аз *боло* ба поён. **Фармон ёфтан** мурдан *(маҷоз).*

ФАРМОНДЕҲ فرمانده саркардаи ҳарбӣ.

ФАРМОНРАВО فرمانروا ҳукмрон.

ФАРМОНРАВОН فرمانروان *нигоҳ кун. ба* **фармонраво.**

ФАРМОНФАРМО فرمانفرما подшоҳ, ҳоким.

ФАРНА فرنه лаънат, нафрин.

ФАРНАБЕРА فرنبیره фарзанд ба чор восита (хоҳ аз тарафи писар бошад, хоҳ аз тарафи духтар).

ФАРО فرا 1. гирдогирди ягон чиз (**фаро гирифт**—гирдогирд... гирифт). 2. пеш, наздик (**фаро расид**—наздик расид). ***Фаро рафтан** пеш омадан, наздик омадан.

Ҷавонӣ фаро рафт, к-эй пирмард,
Чӣ дар кунҷи узлат нишинӣ ба дард?
*(Бдс.)**

3. дур (**фаротар рав**—дуртар рав). **Фаро гирифтан** а) гирдогирди чизеро гардонда гирифтан. б) тамоман омӯхтани ягон чиз *(маҷоз).* 4. *амр ба* **фаромадан** *(яъне фаро!).*

ФАРОВЕЗ فراویز парчаест, ки дар гирдогирди ҷома аз дарун дӯзанд ва бо вай канори астарро бо канори абраи ҷома баҳам пайванд диҳанд.

ФАРОВОН فراوان бисьёр.

ФАРОВОР فراوار болохонаи тобистонӣ.

ФАРОЗ فراز 1. кушода, боз (**дар фароз аст**—дар кушодааст, боз аст). *2. баста, пӯшида. **Фароз кардан** бастан, пӯшидан.

Ман кирӯз кардам дари сулҳ боз.
Ту фардо макун дар ба рӯям фароз.
*(Бдс.)**

3. баланд (**сарфароз**—сарбаланд). 4. *боло; зидди* **нишеб.** (**Фарозу нишеб**) *5. наздик, пеш. **Фароз рафтан** наздик шудан.

Оҳиста фароз рафту биншаст
Молид ба рифқ бар сараш даст.
(Л. М.).

(Ин калима аз ҷумлаи луғатҳои аздод (зидмаънӣ) аст, ки ба маънии зидди якдигар меоянд). (Бдс.).

ФАРОКАН فراکن 1. ҷӯи навкандаи чуқури нав обомада. 2. ҷӯи баландкамари кӯҳӣ.

ФАРОМӮШ فراموش чизи [illegible] рафта.

ФАРОМӮШХОТИРӢ [illegible]موشخا طری чизеро ба ёд нигоҳ доشта натавонистан.

ФАРОМӮШӢ فراموشی аз ёд рафтагӣ, беҳофизагӣ. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Эй фаромӯшӣ, куҷоӣ, то ба фарьёдам расӣ,
Боз аҳволи дили ғампарварам омад ба ёд.

ФАРОНАҶ فرانج *нигоҳ кун. ба* **фаранҷак.**

ФАРОСАТ//ФИРОСАТ فراست зуддарьёбӣ чизеро бо аломатҳои он.

ФАРОСУДА فراسوده фарсуда.

ФАРОХ فراخ васеъ, паҳновар.

ФАРОХДАСТ فراخ‌دست ҷавонмард, сахӣ, ҳимматбаланд (*маҷоз*).

ФАРОХДАҲАН فراخ‌دهن пургӯй, бемаънигӯй (*маҷоз*).

ФАРОХОСТИН فراخ‌آستین *ниг. кун.* ба **фарохдаст**.

ФАРОХУР فراخور сазовор, лоиқ, мувофиқ. **Фарохӯри ҳол** лоиқи ҳол, мувофиқи ҳол.

ФАРОЧАНГ* فراچنگ **фарочанг овардан** ба даст даровардан.

В-ар бошад чун шарора дар санг,
Аз оҳанаш оварам фарочанг
(Л. М.).

ФАРОШИДАН فراشیدن ба ҳам кашида шудани бадан, омадани хамёза (рӯй додани ҳолати муқаддимаи табларза).

ФАРОШО فراشا 1. ҳолатест, ки одамро пеш аз гирифтани табларза воқеъ шавад. 2. табларзаи сабук.

ФАРОШОТ فراشات *ниг. кун.* ба **фарошо**.

ФАРОШТАН فراشتن афроштан, баланд бардоштан.

ФАРОШТУРУ فراشترو *ниг. кун.* ба **фароштурук**.

ФАРОШТУРУК فراشتروک парандаест сиёҳбол, ки дар шифти хонаҳо бо лой барои худ ошёна месозад ва дар ошёнасозӣ лойро монанди пунбадона кулӯла карда бо камоли ҳунармандӣ болои ҳам чида девор мебардорад.

ФАРОҒ فراغ фурсати холӣ аз кор; [осудагӣ, роҳат]. ***Ба фароғи бол** хотирҷамъона, бо осоиштагӣ (Ч. *IV.*).

ФАРОҒАТ فراغت 1. фурсати бекорӣ. 2. хоби андак.

ФАРОҒБОЛ فراغ‌بال бепарво.

ФАРОҲАМ فراهم **фароҳам омадан** а) гун шудан. б) тайёр шудани чизе.

ФАРОҲЕХТАН فراهیختن 1. овехтан. 2. адаб ва тарбия додан.

ФАРР فر шаън, шавкат, азамат.

ФАРРОШ فراش рӯфтурӯбкунандаи зери по (хоҳ даруни хона бошад, хоҳ рӯи ҳавлӣ, ё кӯча).

ФАРРУХ فرخ 1. зеборӯй. 2. муборак, хуҷаста.

*Ба рӯзи ҳумоюну соли санд,
Ба таърихи фаррух миёни ду ид...
(Бӯс. Дар баёни таърихи таълиф).

ФАРРУХЗОД فرخ‌زاد муборакзод.

ФАРРУХТАБОР* فرخ‌تبار муборакхонадон.

Шунидам, ки Доро фаррухтабор,
Зи лашкар ҷудо монд рӯзи шикор...
(*Бӯс.*).

ФАРСАНГ* فرسنگ масофаест, ки тахминан ба ҳашт километр баробар меояд, *муқ.* **фарсах**.

Аз он май маро деҳ, ки аз акси ӯ
Чу ёқут гардад ба фарсанг санг.

Шоир аз соқии худ май сурхи пурзӯреро талаб мекунад, ки акси вай аз як фарсанг роҳ санги оддиро ёқутранг сурх ва ҷилодор гардонад. (Р.).

ФАРСАНГСОР فرسنگسار 1. аломатест, ки миқдори масофати роҳро нишон медиҳад. 2. нишонаест, ки дар роҳҳои биёбонӣ барои гум накардани роҳ гузоранд.

ФАРСАХ فرسخ миқдори масофаи роҳ, ки наздик ба 9 километр аст. [*муарраби* **фарсанг**].

ФАРСОД فرساد донишманд, ҳаким.

ФАРСОЙ فرسای 1. махвкунанда, кӯҳнакунанда (*ба ин маънӣ бо исм ҳамроҳ меояд, чунончи мегӯянд:* **ҷонфарсой**.) 2. *амр ба* **фарсудан**, кӯҳна кардан *яъне*, **бифарсой!**

ФАРСОНИДА فرسانیده зуд кӯҳнашаванда, зуд фарсудашаванда.

ФАРСУДА فرسوده чизи аз кӯҳнагӣ судашуда.

ФАРСУДАН* فرسودن кӯҳна шудан. (Х.).

ФАРТ فرط барзиёдӣ, ғалабаи чизе, ғоят, ниҳоят. ***Аз фарти...** аз ғояти, аз ниҳояти... (**ҳаво аз фарти гармӣ обро меҷӯшонид**).

Аз фарти ташнагӣ забонҳо беруни ком
«ал—аташ мезад»
(*Бедил*)*

ФАРТУТ فرتوت солхӯрда, пири фарсуда, аз корбаромада.

*Кунун, эй сароянда фартут мард
Сӯи роҳи ашковиён бозгард. (*Ф*).

ФАРФАРАК فرفرك [1. чарми гирдаи паррадори ба ресмон гузарониндашуда, ки бачагон бозӣ мекунанд. 2. парвонаи машинаҳо, ки пеш аз ҳаракати мошин дар гардиш меояд (*дар машинаҳои сантӯр, дар машинаҳои саворӣ ҳаст*).

ФАРХАВ فرخو 1. пиростани дарахт, ток. 2. тоза кардани кишт аз алафҳои бегона.

ФАРХАШ فرخش сағираи ҳайвонот.

ФАРХАША* فرخشه *дурусташ* **фарахша** халвои лавз; кулчаи бодомӣ. (*Р*).

ФАРХАШТА فرخشته · кулчаи мағздори қандин.

ФАРХОД فرخاد ғолиб, забардаст.

ФАРХОК فرخاك мӯи бе ҳаму печ фаромада.

ФАРХОР فرخار 1. ороиш, оростагӣ. 2. номи мавзеест дар Тоҷикистон дар наздикии Кӯлоб.

ФАРХОШ فرخاش пархош, ҷангу ҷидол.

ФАРХУНДА* فرخنده муборак, саодатманд.

ФАРХУНДАКЕШ* فرخنده کیش муборакодат, дорои сиви нек.

Давои омадаш ғаллабоне ба пеш,
Ба дил гуфт Дорои фархундакеш...
(*Бӯс.*).

ФАРХУНДАФАРҶОМ* فرخنده فرجام муборакоқибат, он чи оқибаташ нек бошад.

Ҳам аз бахти фархундафарҷоми туст,
Ки таърихи Саъдӣ дар айёми туст.
(*Бӯс.*).

ФАРШ فرش 1. палос, намад, гилем, қолин ва ғайра. 2. ҳар чизе, ки зери по андозанд (**хиштфарш, сангфарш**).

ФАРШИМ فرشیم қисм, ҷузв (*аз ягон чиз*).

ФАРЪ فرع 1. шохи дарахт. 2. шӯъбаи ҳар чиз, ки аз он чиз рӯидааст (*зидди* **асл**).

ФАРҒАР فرغر 1. толоб, ҷои об ҷамъшуда. 2. гузаргоҳи сел; маҷрои хушкшуда.

ФАРҒОР فرغار нек таршуда, сиришташуда (*мисли хамир*).

ФАРҒОРИДАН فرغاریدن нек тар кардан, боҳам сириштан (*чизеро*).

ФАРҒӮЛ فرغول ғофилӣ, танбалӣ.

ФАРҚ فرق 1. ҷудоӣ (байни ду чиз).

*Асли ҳар фарқу иттиҳод ин ҷост,
Олами марҷеу муод ин ҷост.
(*Бедил*)*

2. роҳе, ки дар миёнаи мӯйсар мекушоянд; тори сар.

ФАРҚАДАЙН فرقدین *нигоҳ кун. ба* **фарқадон** [*шакли дугонаи* **фарқад**] Ду ситораи наздики қутби шимолӣ, ки ба зӯр дида мешавад.

*Ба дандон газид аз тағобуи ядайн,
Бимондаш дар ӯ дида чун фарқадайн.
(*Бус.*)*

ФАРҚАДОН فرقدان ду ситора, ки дар атрофи Қутби Шимолӣ дар гардишанд. *Нигоҳ кун. ба* **фарқадайн**.

ФАРҲАНГ فرهنگ 1. ақл, дониш, хирад.

*В-он ситтан аз камоли фарҳанг,
Он шиша нигоҳ дошт аз санг. (*Л. М.*)*

2. нигоҳдории андозаи ҳар чиз. 3. комус, китоби луғате, ки бо тафсил ва ба таърифи ҳар гуна чиз доро бошад.

ФАРҲЕХТА فرهخته адабомӯхта.

ФАРҶАД فرجد бобокалон, падари саввум хоҳ падарӣ бошад, хоҳ модарӣ.

ФАРҶОМ* فرجام охири кор, анҷом, оқибат.

Фарҷом шавӣ ту низ хомӯш,
В-ин воқеаро кунӣ фаромӯш. (*Л. М.*).

ФАРҶОР فرجار паргор.

ФАСАДА فسده [*ҷамъи* **фосид**]; фасодкорон, вайронкорон.

ФАСАҚА فسقه [*ҷамъи* **фосиқ**]; фосиқон; бадкорон.

ФАСД فصد раг задан, [раг зада хун гирифтан].

ФАСЕҲ I* فسیح паҳн, васеъ.

ФАСЕҲ II* فصیح забонаш бурро, равшан гапзананда.

ФАСЕҲӢ* فصیحی фасоҳатнокӣ, бурроӣ, салисӣ.

Шамшери забонам аз фасеҳӣ,
Дорад сари мӯъҷизи масеҳӣ.
(*Л. М.*).

ФАСИЛ فصیل девори берунии қалъа.

ФАСЛ فصل 1. як қисм аз чор қисми сол. 2. як парча аз парчаҳои китоб, ки бо сарлавҳаи ҷудогона сар мешавад. 3. ҷудоӣ (миёнаи ду чиз). 4. як пайт мусиқанавозӣ, ки дар бегоҳонӣ, ё дар пагоҳонӣ барои аҳли як шаҳр менавозанд.

ФАСОД* فساد вайронӣ, табоҳӣ.

ФАСОН فسان 1. қайроқ, ки бо вай корд ва монанди онро тез кунанд ва сайқал зананд. 2. чархи корд ва теғ тезкунӣ.

*Субҳ к-аз фитнаҷӯии даврон,
Гардиши чарх теғ зад ба фасон.
(*Бедил*).

ФАСОНА فسانه *сабуккардашудаи* **афсона**; ҳикояҳои беасл. ***Фасона гаштан** вирди забон шудан, машҳур шудан.

Савдозадаи замона гашта,
Дар расвоӣ фасона гашта.
(*Л. М.*)*

ФАСОНГАР فسانگر тезгар, сайқалгар. *Дар ин маънӣ Савдо гуфта:*

Аз фусуни тарбиятҳои замон эмин мабош,
Рӯй дар санг аст аз дасти фасонгар тегро.

ФАСОҲАТ فصاحت 1. кушодазабонӣ, суханварӣ. 2. ҳолӣ будани сухан аз калимаҳои душворфаҳм ва ғайриадабӣ.

ФАСС فص нигина, ки дар ангуштарин ва дигар чизҳо шинонанд, [санги қиматбаҳо].

ФАССОД فصاد рагзан, [ҷарроҳи ништарзан, раг зада хунгиранда].

*Маҷнун чу расид пеши сайёд,
Бикшод забон чу неши фассод.
(*Л. М.*).

Зи набзи дил ҷаста масрае кун ба неши фассод менигорам.
(*Бедил*).

ФАСУРДА فسرده аз кӯҳнагӣ суст ва аз ҳам пошхӯрии девор, *бом ва монанди инҳо (махсуси тоҷикӣ)** 2. *маҷозан* ғамзада, мурдадил.

Хонандаш агар фасурда бошад
Ошиқ шавад, ар намурда бошад.
(*Л. М.*)*

ФАСХ فسخ 1 вайрон кардан. 2. шикастан, дигар кардани қасд ва ирода, баргаштан аз ният.* **Фасхи азимат** аз роҳ баргаштан. Ҳар яке ба таъкиди фасхи азимат расми мувоазат ба ҷо меоварад. (*Бедил*).

ФАТАРОТ فترات вайрониҳо (дар бино аз ҷиҳати кӯҳнагӣ, ё бенигоҳубинӣ).

ФАТАҚ//ФАТҚ فتق *бемориест*, ки дар зери нофи одамӣ варами пурбод пайдо мешавад.

ФАТИЛА فتیله 1. печидагӣ. 2. чанд риштаи дар якҷотофта, ё бофта, ки дар чароғ даргиронанд. 3. чароғи пилтагӣ (*асбоби* рӯшноии даври қадим).

ФАТИЛАМӮЙ فتیله موی зан ё духтаре, ки мӯяш ҳаму печдор карда гузошта шуда бошад.

ФАТИР فطیر нони тунуки хамираш норасида (**аз нӯги хамир фатир** *масали халқ*).

ФАТО فتی 1. марди ҷавон. 2. ҷавонмард, соҳиби бахшиш, 3. далер.

ФАТОНАТ فطانت зиракӣ, ҳушьёрӣ.

ФАТРАТ I فترت сустӣ, заъфӣ.

ФАТРАТ II//ФИТРАТ فترت замони харобии ягон ҳайъати иҷтимоӣ, ки дар байни ду замони ободӣ меояд; [фосилаи ду давр ё замон].

ФАТТОН فتان 1. фитнаангез. [2. мафтункунанда].

ФАТҲ فتح 1. кушодан. 2. кушоиш. 3. зафар, ғалаба (*маънии саввум маҷоз аст*). **Фатҳи боб** а) кушоиши кор. б) оғози ягон кор (*ҳар ду маънӣ ҳам маҷоз аст*).

ФАТҲА فتحه ҳаракати забар, [аломати ифодакунандаи овози садоноки «а» дар хати арабӣ]. (*термини сарфу наҳв.*)

ФАХ فخ бархоста истодани мӯй (азони одам); пашм (азони ҳайвонот), пар (азони паррандаҳо). **Фах кардан** а) бархостани мӯй, пашм, пар. б) болидани аз ҳад зиёди одам аз мадҳ, ё таҳсин (*маҷоз*). в) дамидани шир (дар вақти ҷӯшидан), хамир (дар вақти расидан).

ФАХЗ فخذ рон, сон.

ФАХИМ فخیم 1. бузургқадр. 2. бузургҷусса.

ФАХОМАТ فخامت 1. бузургӣ. 2. ғафсӣ, калонҷуссагӣ.

ФАХР فخر нозиш (*ба чизи хубе*). ифтихор. **Фахр кардан** нозидан (*ба чизи хубе*).

ФАХРӢ فخری *мансуб ба* **фахр** **(вазифаи фахрӣ, посбони фахрӣ).**

ФАХ-ФАХ فخ-فخ 1. садои сахти нафаскашии одам дар вақти хоб (ғайри хуррок). 2. садои аз димоғнафасгирии асп дар вақти хӯсиданаш.

ФАХХОС فخاس **Фаххос задан**— фахфах кардан дар нафаскашӣ.

ФАҶОҶАТ فجاجت бемазагӣ, бемаънигӣ (*сифати одам. Ин калима дар ҳарфи арабӣ даровардашудаи сухани тоҷикӣ аст*).

ФАҶ(Ҷ) فج 1. таоми бенамак ё аз ҳад зиёд камнамак. 2. одами бемаза, бемаънӣ (*маҷоз*).

ФАШ I فش монанд (ваш).

ФАШ II فش нӯги салла, ки дар вақти бастан овезон мегузоранд.

ФАШОФАШ فشافش овози пайдарпайи тир ва монанди он дар вақти ҷанг, садои нафаскашии морҳои калон дар вақти хашм.

ФАШШОСЗАНӢ فشاس‌زنی садои ширдӯшӣ ва монанди он.

ФАЪОЛ فعال нек коркунанда, пуркор; [боғайрат, актив].

ФАЪОЛИЯТ فعالیت неккоркунӣ, бисёркоркунӣ; [боғайратӣ, активӣ].

ФАЯЗОН فیضان 1. шорида рехта равон шудани об аз бисёрӣ. 2. фош ва ошкор шудани хайр, некӣ.

ФАҒ فغ бут, санам.

ФАҒФУР فغفور лақаби подшоҳони қадими Хито.

ФАҚД فقد 1. гум шудан. 2. гум кардан.

ФАҚЕҲ فقیه донандаи илми шариат, ҳуқуқшиноси шариат. *Ҳофиз гуфта:*

Фақеҳи мадраса дӣ маст буду фатво дод,
Ки май ҳаром, вале беҳ зи моли авқоф аст.

ФАҚИД فقید гумшуда, нестшуда.

ФАҚИР فقیر 1. касест, ки қути ҳаррӯзаашро ба ҳар рӯз ёфтан маҷбур аст, кашшоқ, камбағал. 2. соҳибмаслаки тарки дунё дар Ҳиндустон.

ФАҚР* فقر фақирӣ, камбағалӣ.

Гуфто: Сухани ту кардамӣ гӯш,
Гар фақр набудамӣ ҳамоғӯш.

Агар камбағал намебудам ва ба ин сайд муҳтоҷ намешудам, сухани туро қабул мекардам. (Л. М.).

ФАҲВО فحوا//فحوی мафҳум, маънои ишоратӣ. **Фаҳвои калом** маънии ишоратии сухан, ки мақсади аслӣ ҳамон бошад.

*...Аз фаҳвои ин калом бӯи саҳбои камол меояд ва сафои ин алфоз оинаи ҳусни матонат мезудояд. *(Бедил)*.

ФАҲИМ فهیم зудфаҳм.

ФАҲЛ فحل 1. нарина, нар, *зидди* **мода.** [2. марди бообрӯ, марди роҳбар].

ФАҲМ فهم 1. дониш, идрок дар ёфтани маънӣ. 2. кувваи фаҳмиш, зеҳн.

ФАҲМИДАН فهمیدن донистан, дарьёфтан.

ФАҲМО فهما зуд фаҳмидашаванда *(сифати гуфтор ва тарзи ифода.* **Сухани фаҳмо, ин китоб бисьёр фаҳмо аст).**

ФАҲШ فحش аз ҳад даргузарии бадӣ. **Фаҳшу лағв** суханҳои бемаънӣ, бемаза.

ФАҶАРА فجره [*ҷамъи* **фоҷир**]; бадкорон.

ФАҶЕЪ فجیع фоҷиадор, мусибатнок.

ФАҶИА فجیعه *нигоҳ кун. ба* **фоҷиа.**

ФАҶР* فجر сафедаи пагоҳонӣ, ки пеш аз баромадани офтоб намоён мешавад, бомдод, субҳдам.

> Ба ташнеъу дашному ошӯбу заҷр,
> Сафед аз сияҳ фарқ кардам чу фаҷр.
> *(Бӯс.).*

ФЕЪЛ فعل 1. кор, амал, коре, ки карда мешавад *(ба ин маънӣ аз терминҳои сарфу наҳв аст).* 2. одати табиии ягон кас дар муомала бо мардум **(бадфеъл, хушфеъл).**

ФЕҲРАС//ФЕҲРИС فهرس *нигоҳ кун. ба* **фехраст** *(арабикардашудаи* **фехраст** *аст).*

ФЕҲРАСТ//ФЕҲРИСТ فهرست ҷадвали мундариҷоти китоб.

ФИА فئه гурӯҳе аз одамон.

ФИАТАЙН فئتین ду гурӯҳи одамон.

ФИГОР فگار маҷрӯҳ, решдор **(дилфигор** *ба ҳамин маънӣ аст).*

ФИДАВӢ فدوی *мансуб ба* **фидо;** сарбаҳошаванда, ҷони худро барои касе фидокунанда, [фидой].

ФИДО فدا сарбаҳо; [курбон].

ФИДОӢ فدائی касе, ки барои мақсаде бо хоҳиши худ дидаву диниста ҳаёти худро дар таҳлука меандозад.

ФИДЬЯ فدیه чизе, ки бо вай асиронро бихаранд.

ФИЗЗА فضه нукра, сим.

ФИЗО فزا 1. афзоянда *(дар таркиб меояд:* **ҷонфизо)** 2. *амр ба* **афзудан** *(яъне афзун кун!)*

ФИКР فکر 1. андеша. 2. андешакунӣ.

ФИКРАТ فکرت андеша.

ФИЛ فیل ҳайвонест *бузургҷусса*и хартумдор.

ФИЛБАНД فیلبند 1. як навъ бозии шатранҷ аст, ки *бо* кор фармудани «фил» ҳарифро ба танг оваранд. 2. *ба* танг овардани хасми худ дар мунозара ва мубориза *(маънии дуюм маҷоз аст).*

ФИЛБОН فیلبان парастори фил.

ФИЛГУШ فیلگوش ҳалвоест, ки аз орду тухми мурғу шакар ва равғани зард ба шакли гӯши фил пазанд.

ФИЛИЗ فلز моддаи маъдании гудохташаванда (монанди оҳан, мис, рӯх, қӯрғошим, қалъагӣ, зар, сим).

ФИЛИЗОТ فلزات [ҷамъи **филиз**]; филизҳо, металлҳо.

ФИЛТАН فیلتن паҳлавони қавиҳайкали зӯрманд.

ФИЛҶУМЛА فی الجمله 1. қадре, андаке. [2. хулосаи калом].

ФИНДУҚ فندق пунбаки гул ва дарахтон аст, ки аз он ҷо барг, ғунча ва шукуфа ҳозир мешавад. **Финдуқ бастан** дар баҳорон амал сар кардани гул ва дарахтон.

ФИНО(Ъ) فناء гирдогирди шаҳр, хона ва ҳавлӣ, ки кушода ва фарох бошад.

ФИНҶОН فنجان пиёлачаи қаҳванӯшӣ.

ФИРАҚ فرق [ҷамъи **фирқа**]; гурӯҳҳо.

ФИРДАВС فردوس 1. боғ. 2. биҳишт, ҷаннати афсонавӣ.

ФИРЕБ فریب макр, ҳила.

ФИРЕБГАР فریبگر маккор, ҳилагар.

ФИРЕФТА فریفته 1. фиребхӯрда. 2. ошиқ (*маҷоз*).

ФИРЕФТАН فریفتن фиреб додан. 2. бо фиреб ба худ бастан.

ФИРЕҲ فره 1. зиёдатӣ. 2. зиёда, афзун, ғолиб. 3. ғалаба, пешӣ.

ФИРЗ فرز сабзаи тару тоза.

ФИРИСТОДА فرستاده сафирест, ки аз давлате ба давлате, ё аз касе ба касе мефиристонанд. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Фиристода бояд, ки доно бувад
Ба гуфтан далеру тавоно бувад.
(*Фирдавсӣ*).

ФИРНӢ فرنی хӯрданиест, ки орди биринҷро бо ширу шаккар пазанд (аз ҷумла полуда).

ФИРОР فرار гурез.

ФИРОШ فراش ҷойхоб, бистар (**ҳамфирош**—ҳамхоба).

ФИРШИК فرشیک шафтолу.

ФИРЪАВН فرعون лақаби подшоҳони қадими Миср, ки даъвои худой доштаанд.

*Чу фиръавн тарки табоҳӣ накард,
Ба ҷуз то лаби гӯр шоҳӣ накард.
(*Бед.*).

ФИРЬЯ فریه тӯҳмат, дурӯғ.

ФИРҒӮЙ فرغوی қирғӣ, мурғи шикории хурд.

ФИРҚА فرقه гурӯҳ, тӯда.

ФИРӮЗ فیروز хушбахт, комьёб.

ФИРӮЗА فیروزه сангест пуркимати осмониранг, ки дар нигинаҳо ба кор равад.

ФИРӮЗМАНД فیروزمند *нигоҳ кун. ба* **фирӯз**.

ФИРӮЗӢ فیروزی [хушбахтӣ, комьёбӣ.

ФИСОЛ فصال 1. ҷудоӣ. 2. боздории кӯдак аз шир бинобар тамом шудани вақти ширмакӣ.

ФИСОР//ФАСОР فسار *сабуқ*

кардашудаи **афсор**; нӯхта, гарданбанди ҳайвонот.

*... Полому чулу фисор мехост ҳарӣ,
Аз бесомонӣ охир одам гаштанд.
(*Бедил*).

Фисор суст кардан *ба* ҳоли худ мондан.

Ӯ низ фисор суст мекард,
Девонагие дуруст мекард.

*вай ҳам ҷилави худашро сар медод, яъне қасдан девонагии худро зиёд карда нишон медод. (Л. М.)**

ФИСТАҚ فستق *арабикардашудаи* **писта**.

ФИСТАҚӢ فستقی ранги пистагӣ, сабзи кушода.

ФИСҚ فسق бадкорӣ.

ФИТАН فتن [*ҷамъи* **фитна**]; фитнаҳо, ошӯбҳо, шӯру ғавғоҳо.

ФИТНА فتنه 1. иғво, вайронкорӣ. 2. ошӯб, шӯру ғавғо. 3. одами иғвогар. *(Ин маъно махсуси тоҷикист, ки мегӯянд:* **Ин одам бисьёр фитна аст** *яъне иғвогар аст).* 4. девонагӣ. 5. шефтагии ишқ. *Дар маънии 2 ва 5 Ҳофиз гуфта:*

Сари фитна дорад дигар рӯзгор,
Ману мастиву фитнаи чашми ёр.

ФИТНААНГЕЗ فتنه‌انگیز ошӯб барпокунанда.

ФИТР* فطر кушодани рӯза; итмоми рӯза. **Фитри рӯза** садақаи иди рамазон *(Ч. IV)*.

ФИТРАТ I فطرت 1. офариниш, хилқат. 2. табиат **(пастфитрат**—пастофариниш, пасттабиат). *„Нашъаи фитрат ба дард анҷомид, то ин судоъҳо хурӯшиданд. (*Бедил*)* 3. доноӣ.

ФИТРАТ II فترت *нигоҳ кун. ба* **фатрат II.**

ФИТРОК فتراك тасмаест, ки аз ду тарафи зини асп гузоранд ва бо вай паррандаи шикор кардашуда, ё дигар чизҳоро банданд. *Ҳозиқ гуфта:*

Чи сайдам ман ки на бисмил шудам
на зеби фитроке,
На аз хунам замин олуда шуд, на
домани поке.

ФИТРӢ فطری ҷибиллӣ, хилқӣ, табиӣ (яъне кирдор ва хислати аз ғайри касб доштагии касе).

ФИШОН فشان 1. пошанда. 2. ҷунбонанда *(дар таркиб меояд).* 3. *амр ба* **пошидан** *ва* **ҷунбонидан** (бифишон).

ФИШОНДАН فشاندن 1. пошидани ягон чизи пошхӯранда (дона, зар *ва монанди инҳо).* 2. сахт ҷунбонидани чизе. (даст, доман, палос). 3. ларзонидан **(доманфишон** — яъне доманларзон).

ФИШОР فشار тангкунӣ, сахт пахшкунӣ.

ФИҒОН فغان нолаи баланд, фарьёд.

ФИҚРА فقره 1. устухони мӯҳраи пушт, сарбанди банди қабурғаҳо. 2. ҷумлае, пораи хурде аз насру назми адабӣ, ки дар як саҷъ меояд.

ФИҚҲ فقه илми шариат, қонуншиносии аҳкоми шариати ислом* **Фиқҳи исломӣ** таҳорат, намоз, рӯза, ҷаноза, масъалаҳои ҳаҷ, закот, харидуфурӯш, ғуломдорӣ, ғуломозодкунӣ, зангирӣ ва зансардиҳӣ ва монанди инҳо, ки дар амалиёти динӣ ё ин ки дар муомалоти ҷамъият онд *аст* *(Ч. 6)*.

ФОДЗАҲР فادزهر подзаҳр.

ФОЗИЛ فاضل 1. барзиёд. 2. одами олим, донишманд.

ФОЗИЛА فاضله 1. бузург, афзун. 2. бахшиш.

ФОИДА فائده суд, манфиат.

ФОИДАХӮР فائده‌خور судхӯр, касе, ки пулро дар муддати муайян бо миқдори барзиёди муайян ба қарз медиҳад.

ФОИЗ فائض 1. некӣ бисьёрдиҳанда, баракатдиҳанда. 2. нисбати ададҳо дар сад (*маънии дуюми терминӣ ҳисоб*).

ФОИҚ فائق 1. беҳтар, баргузида, баланд, болотар аз дигар чизҳо. 2. афзал.

*Магӯ шаҳд ширин, шакар фоиқ аст
Касеро ки сукминӣ лоиқ аст. (*Бӯс.*).

ФОКИҲА فاکهه мева.

ФОЛ فال нишонаи некӣ ё бадии ҳоли касе ё чизе бо рамзҳои хаёлӣ (*масалан*, касе аввали пагоҳ ба кӯча мебарояд ва ба мурда вомехӯрад ва ба дили худ мегузаронад, ки «имрӯз корам бад мешавад», ё аспи хуберо мебинад ва тахмин мекунад, ки «имрӯз кораш хуб хоҳад шуд») ***Фоли по задани сар** *киноя аз* бурида шудани сар, барбод рафтани сар.

То забонат дари кафо нанзанад,
Сарат аз дӯш фоли по назанад...
(*Бедил*)*

ФОЛБИН فال‌بين касест, ки ба пешаи фолбинӣ машғулӣ мекунад.

ФОЛБИНӢ فال‌بينی 1. як кори хурофотист, ки аҳли он бо тарзҳои махсус аз аҳволи касе ё чизе хабар медиҳад. 2. тахмини беасос дар аҳволи ояндаи чизе, ё касе (*маҷоз*).

ФОЛГИРӢ فال‌گيری аз чизҳо нишонаи некӣ, ё бадиро тахминкунӣ (*аз одатҳои хурофӣ*).

ФОЛИҶ فالج шал, гирифтори бемории фалаҷ.

ФОМ فام ранг, монанд (**гулфом, ёқутфом**).

ФОМИР فامير Помир (*арабишудаи он*).

ФОНА فانه 1. чӯбест нӯгпаҳн ва тунук, ки дар вақти буридан, ё кафондани чӯбе дар шикофи он фурӯ фиристанд. 2. чӯбест, ки барои устувор кардани нӯги чӯбе дар сӯрохи чӯби дигар дар паҳлуи вай зананд. **Фона шах кардан**, барои иҷрои коре ба пеши касе воситаи зӯре гузоштан (*маҷоз*).

ФОНУС فانوس *асбоби* қоғазӣ, ё шишагист, ки дар даруни вай шамъ ва ё чароғ гузошта афрӯзанд, то аз вазиши бод эмин бошад. **Фонуси хаёл** а) фонусест расмдори калони овеза, ки бо вазиши бод гардиш мекунад ва шабҳо бо равшании шамъи он дар девораш акси шаклҳои гуногун менамояд. б) одами лоғар ва хушкбадан (*маҷоз*).

ФОНӢ فانی 1. нестшаванда. 2. одами бисьёр пир.

ФОР فار мушҳо. [*исми ҷамъ*].

ФОРА فاره муш.

ФОРИС فارس 1. аспсавор. 2. аспдор.

*Агар форис инони борагӣ суст мегузошт, чун ранги рафта эҳтимоли бозгардидан надошт. (*Бедил*).

ФОРИҒ فارغ 1. холишуда аз кор, [озод аз чизе. 2. бепарво, осуда].

ФОРИҒБОЛ فارغ بال бепарво.

ФОРУҚ فاروق нек фарққунанда миёни ҳаққу ботил.

ФОСИД* فاسد 1. вайроншуда. 2. вайрон, бад, зишт.

ФОСИЛ فاصل ҷудокунанда.

ФОСИЛА فاصله 1. вақт ё чизе, ки дар байни ду чиз меистад. 2. вақти холист, ки дар замони як кор ва ё корҳо мегузарад.

ФОСИХ فاصخ фасхкунанда, вайронкунанда (*қоидаеро, ҳукмеро*).

ФОСИҚ* فاسق бадкирдор, бадахлоқ.

ФОТЕҲ فاتح 1. кушоянда. 2. ғолиб, зафарьёфта (*дар ҷанг ва мубориза*).

ФОТИҲА فاتحه 1. оғози ҳар чиз ва ҳар кор. [2. *динӣ.* сураи якӯми Қуръон. 3. дуои хайр, ки дар пешрафти коре хонда мешавад].

ФОХИР فاخر [1. боифтихор]. 2. гаронмоя, неку.

ФОХИРА فاخره чизи гаронмоя, неку.

ФОХТА فاخته паррандаест мусичамонанд, аммо аз вай калонтар, парҳояш холдор ва гарданаш тавқдор аст.

ФОШ فاش ошкоро.

ФОҚ* فاق 1. сӯрохи тири камони қадимӣ; нӯги тир. 2. *кинояаз* гӯшаи бисьёр танг.

Дидаш: бари фоқи гӯшае танг
Афтодаву сар ниҳода бар санг.
(*Л. М.*).

ФОҚА* فاقه фақирӣ, камбағалӣ.

Фишондаш қазо бар сар аз фоқа хок,
Мушаъбидсифат кисаву даст пок. (*Бӯс.*).

ФОҚИД فاقد 1. гумкунанда. [2. маҳрумшуда аз чизе].

ФОҲИШ فاحش 1. дар бадӣ аз ҳад гузашта. 2. бадии гузаро. (**хатои фоҳиш, ғалати фоҳиш** хато ва ғалати дағал).

ФОҶИА فاجعه ҳодисаи пурмусибат.

ФУЗАЛО فضلا [*ҷамъи* **фозил**]; фозилон, фазилатмандон.

ФУЗЛА//ФАЗЛА فضله 1. пасмондаи хӯрдаҳо, сахлкут, сарқут. 2. шохҳои нарраки дарахт ва ток, ки мева намедиҳанд ва буридани онҳо лозим аст. 3. пасафканда, пешоб, балғам ва монанди инҳо, ки аз бақияи ғизо аз бадан хориҷ мешавад. *4. *маҷозан* гапи барзиёд.

Ба чанг ору бо дигарон нӯш кун,
На бар фузлаи дига́рон гӯш кун.
(*Бӯс.*)*

ФУЗОЛА فضاله 1. қисми барзиёди ягон чиз. 2. пасмондаи таом. 3. шохҳои барзиёди растаниҳо.

ФУЗУДАН فزودن зиёда кардан, афзудан.

ФУЗУЛ فضول 1. пургӯ, маҳмаддонои бемаънӣ.

*Фузуле ба оини корогаҳон,
Ба лофи сухан буд гарми баён.
(*Бедил*)*

2. касе, ки ба корҳои ғайри зарурӣ машғулӣ мекунад [ва ба корҳои дигарон беҳуда дахолат мекунад]. *3. гапҳои беҳуда ва барзиёд.

Аз паёми фузули худ тар гашт
Ҳамчу ранг аз шикасти дил баргашт.
(*Бедил*)*

ФУЗУЛӢ فضولی 1. пургӯӣ. 2. абаскорӣ. [3. зиёдаталабӣ, 4. шилкинӣ].

ФУЗУН فزون зиёд, афзун.

ФУЗУҲ فضوح расвоӣ, фазиҳат.

ФУЛ فول 1. нилуфар. 2. оби биҳӣ. 3. бокло.

ФУЛК فلك 1. киштӣ. 2. киштиҳо.

ФУЛКА فلكه 1. чӯби лӯлаи миёнсӯрохи зағӯтамонандаст, ки дар сутуни хайма мегузаронанд. 2. зағӯтачаест, ки дар дукбарза гузаронда аз рӯи вай таноби чархро мепечонанд.

ФУЛОН فلان 1. *киноя аз* шахси ғайримаълум. 2. *киноя аз* чиз, аз сухани ғайримаълум.

ФУЛОНӢ فلانی *нигоҳ кун. ба маънии якӯми* **фулон.**

ФУЛУЗОТ* فلزات *нигоҳ кун. ба* **филизот.**

ФУЛУС فلوس [*ҷамъи* **фалс**]; пули мисӣ (*калимаи* **пул** *ва* **фулус** *аз як реша аст*).

*...Сангрезае ба даст омад, чун ворасидам фулусе буд аз сиккаҳои даври акбарӣ. (*Бедил*) ***Фулуси моҳӣ** пулакчаҳоест, ки дар пушти моҳӣ рӯиҳам пайдо мешавад.

ФУЛФУЛ//ФИЛФИЛ فلفل мурч.

*Гул овард Саъдӣ сӯи бӯстон,
Ба шӯхӣ чу фулфул ба Ҳиндустон.
(*Бӯс.*).

Фулфули суда мурчи кӯфта.
...Дар ошӯби дарди чашм оинаи дидаро ба фулфули суда анбоштан(ро) маслиҳат (медонист). (*Бедил*)*

ФУНДУҚ فندق донаки сурхранги мағздор аст, ки дар калонии сари ангушт мешавад; мағзашро мехӯранд.

*Чу фундуқ даҳон аз сухан баста буд,
На чун мо лаб аз ханда чун писта буд. (*Бӯс.*).

ФУНУН فنون [*ҷамъи* **фанн**]; фанҳо, илмҳо.

ФУОД فؤاد дил. *Ҳайрат гуфта:*

Ба ҷайб ондаш аз роҳи дида хуни фуод.

яъне хуни дил.

ФУРОТ* فرات номи дарёе дар Ироқ наздики Куфа.

ФУРСАТ فرصت 1. мӯҳлат (**фурсат надод** — мӯҳлат надод). 2. вақти муносиб барои коре. 3. вақти холӣ.

ФУРҚАТ فرقت ҷудоӣ, ҳиҷрон.

ФУРӮ فرو зер, поин. **Фурӯ бурдан** а) аз гулӯ гузаронидани ҳар чиз. б) поин бурдан. **Фурӯ гирифтан** мағз то мағзи чизеро ба даст даровардан (*масалан* гирифтани абр ҳама ҷои ҳаворо); дар бар кардан. **Фурӯ гузоштан** тарк кардан, аз назар андохтан (*кореро*). **Фурӯ додан.** а) фурӯ бурдан. б) фурӯ фиристодан. **Фурӯ кашидан.** а) якбора нӯшидани чизҳои обакӣ. б) ба даруни худ кашидани замин обро. **Фурӯ мондан.** а) дармондан. б) аз ҳад зиёд монда шудан. *в) дармондан, оҷиз мондан.

Чун ӯ вараке чунин фурӯ хонд,
Нӯфал ба ҷавоби ӯ фурӯ монд.
(*Л. М.*)*

Фурӯ фиристодан ба даруни чизе даровардани чизе (*масалан* мех дар замин). **Фурӯ ҳиладан** *нигоҳ кун. ба* **фурӯ ҳиштан.** **Фурӯ**

ҳиштан. а) гузоштан, афгандан. *б) партофтан, пўшондан.

Афтод чунон ки доим аз капт,
Сарбанди касаб ба рух фурў ҳишт.
(Л. М.)*

ФУРЎГУЗОР فروگذار тарккушуда, аз назар андохташуда.

ФУРЎД//ФУРУД فرود зер, поин (**фурўд ой!** поин шав). **Фурўд овардан** аз боло ба поин овардан.

ФУРЎЗ فروز тобиш.

ФУРЎЗИНА فروزینه ҳезуми пешдаргирон.

ФУРЎЗОН فروزان равшан, рўшноидиҳанда.

ФУРЎКАШ فروکش паскаш (*масалан аспе, ки аробаро пас мекашад*).

ФУРЎМОНДА فرومانده 1. пасмонда. 2. дар кори сахте дармонда. 3. сахт мондашуда.

ФУРЎМОЯ فرومایه 1. пастабиат. 2. беҳунар.

ФУРЎТАН فروتن тавозўъкунанда, хоксор.

ФУРЎТАНӢ فروتنی тавозўъ, хоксорӣ.

ФУРЎХТАШУДА فروخته شده касест, ки бо пора кори нописандеро кардааст (*маҷоз*).

ФУРЎХТОР فروختار фурўшгор, фурўшанда.

ФУРЎЪ فروع [ҷамъи **фаръ**]; 1. фаръҳо, |шохҳо. 2. маҷозан чизҳои аз чизи асл пайдошуда; *зидди* **усул**, ки аслҳо, решаҳо аст].

*Бинандид халқе аз он булфузул,
Ки нашнохт ранги фурўъ аз усул.
(Бедил)*

ФУРЎҒ فروغ равшанӣ, дурахшонӣ.

ФУРЎҲИШТА فروهشته 1. овезонгузошта. 2. афганда

ФУРҶА فرجه 1. кушодагии андак. 2. фурсат (*маънии дуюм маҷоз*).

ФУРҶАҶЎ فرجه جو фурсатҷў.

ФУСУЛ فصول [ҷамъи **фасл**] фаслҳо. **Фусули чоргона** баҳор, тобистон, тирамоҳ **ва** зимистон, ки ҳар кадом се моҳ мешавад.

ФУСУН فسون 1. афсун, чашмбандӣ, дуои ҷоду.

*Он дев, ки он фусун бар ў хонд,
Аз гуфтан киштан фурў монд.
(Л. М.)*

2. ҳила, найранг. 3. бо дуоинхонӣ касеро ё ҳайвонеро ба дастдарорӣ (*аз ҷумлаи одатҳои хурофотӣ*).

ФУСУНГАР فسونگر 1. ҳилагар. 2. дуоинхон.

ФУСУНКОР فسونکار касе, ки бо корҳои аҷиби худ дили мардумро ба худ кашад, аҷибкор.

ФУСУРДАН فسردن аз сардӣ сахт шудан, аз ҳаракат мондан (*сабук кардашудаи* **афсурдан**).

ФУСЎС فسوس дарег, ҳайф (*сабук кардашудаи* **афсўс**).

ФУСҲАТ فسحت фароҳӣ, кушодагии макон.

ФУТУВВАТ فتوت ҷавонмардӣ, мурувват.

*Камоли маънии инсоний футувват
аст
(Бедил)*

ФУТУР فتور 1. сустӣ, 2. харобӣ, вайронӣ (**футур рафт** — вайрон шуд, харобӣ роҳ ёфт).

ФУТУҲ فتوح [*ҷамъи* **фатҳ**]; 1. кушоишҳо. 2. фатҳҳо.

*Ба гирдовари хазоини футӯҳ
фавҷҳо мегумоштанд.
(*Бедил*).

ФУШОР فشار беҳудагӯӣ, дашном.

ФУШУРДАН فشردن 1. танг кардан. 2. пахш карда оби чизеро баровардан (*масалан* ангур, анорро).

ФУҒОК فغاك аблаҳ, нодон.

ФУҚАРО فقرا [*ҷамъи* **фақир**]; 1. фақирон (*ба маънои якум*) *Фуқаро ба таваккули сози бедирамӣ чун рахти хонаи оина беруни дар нишаста. (*Бедил*). *2. раийяҳои (табааҳои) мамлакатҳои феодалӣ (*масалан* дар замони амир аҳолии қаламрави Бухороро «фуқаро» мегуфтанд).

ФУҚАҲО فقها [*ҷамъи* **фақеҳ**]; фақеҳҳо, фиқҳшиносҳо.

ФУҚДОН//ФИҚДОН فقدان гумкунӣ. [*муқ.* **фақд**].

ФУҚОЪ فقاع 1. шарбати аз мева, ё аз ғалладона сохташуда. 2. косаи шарбатнӯшӣ.

ФУҲУЛ فحول [*ҷамъи* **фаҳл**]; 1. мардон, нарийнагон. 2. забардастон дар илму фан.

*Баҳри маъқули маънии маҷҳул,
Ин қадар ҷаҳд кардаанд фуҳул
(*Бедил*)*

(**Фалонӣ аз фуҳули уламост** — *яъне аз ҷумлаи олимони забардаст аст. Маънии дуввум маҷоз*).

ФУҶОАТ* فجاءة ҳодисаи ногаҳонӣ.

ФУҶУР فجور оғуштагӣ ба бадкорӣ.

ФУҶЪА(Т) فجأة ногоҳ, ногаҳонӣ.

ФӮЛОД فولاد пӯлод, филизест аз ҷинси оҳан, аммо аз оҳан сахт ва паррам ва теғаш тезу бурро мешавад.

ФӮТА فوته//فوطه 1. порчаи сербари дароз аст, ки ба миён печонда мебанданд. 2. лӯнгии ҳаммом ва лӯнгии сартарошон. **Фӯтаи зорӣ** фӯтае, ки мардум дар вақти додхоҳӣ ба гардан андохта бар дарбори амир мерафтанд.

ФӮҲШ* فحش [. кори бад. 2. дашном, ҳақорат, носазо] **Фӯҳш додан** дашном додан.

Х

ХАБАР خبر огоҳӣ аз воқеае. **Хабар додан** огоҳ кардан аз воқеае. ***Хабар доштан** воқиф шудан.

Таргам Маҷнун хабар надорад,
Он гаҳ дорад, ки сар надорад.
(*Л. М.*)

Хабар кардан гуфтан касеро барои ба ҷое рафтан, ба ҷое хабар кардан касеро (*ин маънӣ махсуси забони тоҷикист*).

ХАББОЗ خباز нонпаз, нонвой.

*Путки ҳаддод аз ӯ сабукпоя,
Нони хаббоз аз ӯ тунукмоя.
(*Бедил*)*

ХАБИР خبیر 1. нек бохабар. [2. хеле доно ва кордон].

ХАБИС خبیث палид, бадкор, паст.

ХАБТ خبط 1. омехтагии ақл, нимдевонагӣ. 2. хато аз нодонӣ.

ХАВАНД خوند *собуқ кардашуда аз* **хованд** *ва* **худованд.** *Нигоҳ кун. ба* **хованд** *ва* **худованд.**

ХАВАРНАҚ خورنق номи як қасри афсонагӣ, [ки гӯё аз тарафи подшоҳи Бобул—Нуъмон барои Баҳроми Гӯр сохта будаанд, *муарраби* خوردنگاه]

ХАВЗ خوض дар бораи чизе ба фикр фурӯ рафтан (**Дар ин масъала ман бисёр хавз накардаам,** *яъне фикрам ба даруни ин масъала надаромадаам.*)

•**ХАВИД/ХАВЕД** خوید ғаллаҳои нопухтаи сабз

Бара ҳамчунон аз пайи медавид,
Ки чун хӯрда буд аз кафи ӯ хавид.
(*Бӯс.*)

•**ХАВӢ/ХАЙ** خوی/خی араки бадан.

Ҳамегуфт бар чеҳра афганда хай,
Ки оташ ба ман дар зад ин бор май.
(*Бӯс.*)

Хаи ҷабин — араки пешонӣ.

Иқди зиёда аз хаи ҷабинаш
В-аз ҳалқаи зулф — анбаринаш.
(*Т.М.*)

ХАВОЗА خوازه 1. чӯбҳои бар сари сутунҳо баста, ки дар биноҳои барои кор кардан дар ҷойҳои баланд бар болои вай истанд. 2. чӯбҳои бар сутунҳо гузошта, ки бар болои он нардаи токро гиранд.

ХАВОНИН خوانین [ҷамъи арабии хон]; хонҳо, ки лақаби подшоҳон ва асилзодагон аст.

ХАВОРИҚ خوارق [ҷамъи хориқ]: кирдорҳои ғайри оддӣ, [корҳои аз одат берун; каромот, мӯъҷизаҳо].

*Тасмияи ин ном. . . ба эътиқоди хавориқ аст.
(*Бедил.*)

ХАВОРИҶ* خوارج [ҷамъи хориҷӣ].

ХАВОС С/ خواص [ҷамъи хосса]: хосҳо.

ХАВОТИМ I خواتم [ҷамъи хотима]: хотимаҳо

ХАВОТИМ II* خواتم [ҷамъи хатам ва хотим; мӯҳрҳо]

ХАВОТИН خواتین [ҷамъи арабии хотун], ки ба маънои соҳиба ва бонуи оила аст.

ХАВОҚИН خواقین [ҷамъи арабии хоқон]; хоқонҳо.

ХАД/(Д) خد рухсора.

Ба бедориаш фитна бар хадду хол,
Ба хоб андараш пойбанди хаёл.
(*Бӯс.*)

ХАДАМ خدم [ҷамъи ходим]: чокарон, хизматгорон, ғуломон, (*нисбат ба хӯҷаин*)

*Аз хадам баргузид, фитнафанн,
Бари, дар зонуҳои дил фикан. . .
(*Бедил.*)

ХАДАНГ خدنگ як хел дарахти кӯҳист, ки рост ва бисёр сахт мебошад. 2. тири замони қадим, ки бо камон меандохтанд ва беҳтарин аз чӯби хаданг месохтанд.

*Магар душман аст ин ки омад ба ҷанг,
Зи дурам бидӯзам ба тири хаданг.
(*Бӯс.*)

ХАДЕШ* خدیش бонуи хона, хӯҷаинзан

Накӯ гуфт муздур бо он хадеш
Макун бад ба кас, гар нахоҳӣ ба хеш.
(*Рӯдакӣ*).

ХАДИАТ خدیعت макр, фиреб.

ХАДУК خدوک 1. халали андак, монанди халал расондани ягон тора мӯи дарозшудаи абрӯ ба чашм. [2. ошуфта, дар хашмшуда]. **Хадук додан** а) халали андак расонидан ба кори касе. б) озори сабуки ягон реш, ё ягон узви бадан.

ХАДША خدشه 1. харош. 2. шаку шубҳаи сабук.

ХАЁЛ خیال 1. гумон, тасаввур. 2. сурати ваҳмӣ, ки дар вақти тарс, ё дар хоб намояд.

ХАЁЛОТ خیالات [*ҷамъи* хаёл]; хаёлҳо, гумонҳо.

ХАЁЛОТӢ خیالاتی нимдевона.

ХАЁЛПАРАСТ خیال پرست касе, ки ҳамеша аз паси хаёлоти беасл мегардад.

ХАЁЛӢ خیالی 1, чизи беасл. 2. одами бисёр тасаввуркунанда, [хаёлотӣ] (*ба ин маънӣ тахаллуси якчанд шоирон аст*).

ХАЗ I خز [*асоси замони ҳозира аз* **хазидан**] бо шикам роҳ рафтан.

ХАЗ II خز ҷонварест, ки аз пӯсти вай пӯстин дӯзанд.

ХАЗ III خز порчаест, ки пашм ва абрешимро ба ҳам омехта бофанд; *матои абрешимӣ

Гул дар қасабию лола дар хаз,
Ширину разин чу шираи раз.
(*Л. М.*)*

ХАЗАНДА خزنده ҷонваре, ки шиками худро ба замин часпонда роҳ меравад ва заминро кофта зимистонҳо дар он ҷо мехазад (*мор, каждум ва монанди инҳо.*)

ХАЗАР خزر 1. номи қабилае аз қавми турк. 2. номи баҳрест дар миёнаи Озарбойҷон, Эрон ва Туркманистон, ки дар замони қадим дар канори вай қабилаи хазар менишаст.

ХАЗАФ خزف сафол; сафолин.

ХАЗАФПОРА خزف پاره сафоли шикаста.

ХАЗИБ خضیب рангкардашуда, рангин.

ХАЗИДАН خزیدن 1. дар зери ягон чиз хобида пинҳон шудан. 2. бо шикам роҳ рафтан монанди гаваккашии бачагони ҳанӯз по набароварда, рафтори мор ва монанди инҳо.

ХАЗИНА خزینه ҷое, ки дар он ҷо нуқра, тилло ва дигар чизҳои қиматбаҳоро нигоҳ доранд (*аз рӯи корфармоии мардум ин калима ба ин маънӣ ба подшоҳӣ ва давлат махсус аст*).

ХАЗОИН خزاین [*ҷамъи* **хазина**]; хазинаҳо.

ХАЗОН خزان 1. резиши барги дарахтон ва дигар растаниҳо дар сармои тирамоҳӣ. 2. баргҳое, ки дар тирамоҳ аз дарахтон мерезанд. 3. фасли тирамоҳ аст, ки дар Осиёи Миёна аз охиртари сентябрь то охирҳои ноябрь мебошад. **Хазон шудан** пажмурда шудан, баргрехта шудани растаниҳо.

ХАЗРО خضری 1. сифати ранги сабза ва гиёҳҳои сабз, кабуд.

2. ҳар чизе, ки сабзранг бошад.

> *Баргашт ба гирди кӯҳу саҳро
> Дар реги сиёҳу дашти хазро
> *(Л. М.)*

ХАЙ I خی араки бадани инсон ва ҳайвонот. *Нигоҳ кун.* ба **хавӣ.**

ХАЙ II خی хуб (*дар мавриди қабули сухане ва коре. Ин калима ба ин маънӣ аз «хайр» кӯтоҳ карда шудааст*).

ХАЙЁМ خیام 1. хаймадӯз. 2. тахаллуси олим ва шоири машҳур Умари Хайём.

ХАЙЁТ* خیاط дарзӣ, либосдӯз.

> Тобсардаи риштаи хайёт,
> Сарват — орои сафҳаи хаттот.
> *(Бедил, дар бораи як шахси бинёркунанда).*

ХАЙЗУРОН // ХАЙЗАРОН* خیزران як навъ наи ҳиндӣ, бомбу, бомбук.

ХАЙЗУРОНДАСТ* خیزراندست дасташ мисли хайзурон рости борик ва зебо (сифати пои пеши асп).

> Аз пушти саманди хайзурондаст
> Рон боз кушоду бар замин ҷаст.
> *(Л. М.)*

ХАЙЗУРОНӢ* خیزرانی *мансуб ба* **хайзурон**; мисли хайзурон борики рост ва нозук.

> Шуд чеҳраи зардаш арғувонӣ,
> Болои хамида — хайзуронӣ.
> *Яъне қадди хамидааш рост шуд.* *(Л. М.)*

ХАЙЙИР خیر бисёр нек, бисёр хайрхоҳ.

ХАЙЛ خیل 1. галаи аспон. 2. саворон, тӯдаи саворон. 3. гурӯҳи мардум, ҷамоа.

> *Шахсе ду зи хайли он ҷамоа,
> Гуфтанд ба шоҳи он қабила.
> *(Л. М.)*

ХАЙЛЕ خیلی *нигоҳ кун.* ба **хеле.**

ХАЙМА خیمه чодарест, ки бар сари чӯбҳо рост кунанд, бо танобҳо кашида банданд ва дар даруни он дар марғзорҳо, боғҳо ва сайргоҳҳо зиндагонӣ кунанд.

> *Ба хайма даруни марди шамшерзан,
> Бираҳна нахуспад чу дар хона зан.
> *(Фир.)*

ХАЙР خیر 1. бисёр хуб; нек. 2. некӣ. ***Хайри муқайяд** некии башарт. *(Б.)*

ХАЙРАМАҚДАМ خیرمقدم қадамат нек бод! хуш омадед! (*калимаест, ки дар вақти ба хона омадани каси азиз гуфта мешавад*).

ХАЙРБОД خیرباد 1. хоҳиши некӣ ба касе. 2. видоъ (*маҷоз*). **Хайрбод гуфтан** а) рухсат додан, б) видоъ кардан, в) тарк кардани чизеро, ҷудо шудан аз чизе (*маҷоз*).

ХАЙРДӮСТ خیردوست дӯстдорандаи некӣ.

ХАЙРИЯТ خیریت 1. хубӣ, некӣ, нағзӣ. [2. хуб, нағз].

ХАЙРОТ خیرات [**ҷамъи хайрат**]: 1. корҳои нек. 2. садақаҳои динӣ барои мурда.

ХАЙРХОҲ خیرخواه 1. некихоҳ. 2.* дӯсти содиқ (**фалонӣ ба фалонӣ хайрхоҳ аст** — *яъне дӯсти содиқи ӯст ва ҳамеша некии ӯро мехоҳад. Дар забони ҳозира ба ҳамин маънӣ кор фармуда мешавад*).

ХАЙР-ХУШ خیرخوش *нигоҳ кун.* ба **хушбошӣ.**

ХАЙРӢ خیری гули маълум

аст, ки сафед, сурх, кабуд ва бо рангҳои гуногуни дигар мешавад. ***Хайрию алвон** — гули хайрии гуногунранг (*Р.*)

ХАЙТ خیط ришта.

ХАЙШУМ خیشوم парда ва устухони даруни бинӣ.

ХАЛА خله 1. оҳан ё чӯби сартез, ки ба ҳар ҷо халондани вай мумкин бошад. 2. дардест, ки дар сармохӯрии сахт дар шуш ва паҳлу пайдо мешавад ва бемор гумон мекунад, ки даруни бадани ӯ як чизи сартезро халонда истодаанд. *Ба ин маънӣ Ҳайрат гуфта:*

Магар муолиҷи Ҳайрат шавӣ зи шарбати васл,
Ки ногаҳон шаби ҳиҷри гузаштаат хала шуд.

ХАЛАЛ خلل роҳ рафтани табоҳӣ дар кор, зарар, нуқсон.

ХАЛАФ خلف 1. пасоянда. 2. фарзанд.

ХАЛАХӮР خله‌خور асп ё хари бадроҳ, ки дар роҳ истода мемонад ва баъд аз задан базӯр қадам мебардорад.

ХАЛАЧӮБ خله‌چوب чӯби сартез ё чӯби бар сараш оҳани борики сартез шинондашуда, ки бо вай хар ва говони корро ронанд. *Ба ин маънӣ гуфта шудааст:*

Чӣ халад ба пои филон халачӯби говронӣ,

ХАЛАҚ* خلق кӯҳна, либоси кӯҳна. *(Бӯс.)*

ХАЛАҚПӮШ* خلق پوش кӯҳнапӯш, каси жандапӯш.

Яке хубрӯю халақпӯш буд,
Ки дар Миср якчанд хомӯш буд.
(Бӯс.)

ХАЛАҶОН خلجان 1. фикру андешае, ки ба дил мехалад. [2 халаҷон, бетоқатӣ].

ХАЛИДАН خلیدن даромадани ягон чизи сартез ба бадан ё ба ягон чиз (фурӯ рафтани хор, сӯзан *ва монанди инҳо*).

ХАЛИЛ خلیل дӯсти содиқ.

ХАЛИЛИХӮРАК خلیلی خورک як хел гамбускчаи лӯндааст, ки ҷуссаиш ба қадри ҷуворӣ буда, рангаш сурх ва холҳои сиёҳ дорад.

ХАЛИЛӢ خلیلی як хел ангури сурхранг аст, ки аз ҳамаи ангурҳо пештар мепазад.

ХАЛИТ خلیط [1. омехта.] 2. шарик дар хонаву ҷой.

ХАЛИФА خلیفه 1. пасоянда. 2. ҷонишини касе дар коре дар замони ҳаёти ӯ ва баъд аз сари ӯ. [3. лақаби роҳбарони ислом баъд аз Муҳаммад пайғамбар, ки ноибони ӯ шумурда мешуданд ва пешвоёни мусулмонон ҳисоб меёфтанд. 4. сардори синф дар мактаби кӯҳнаи мусулмонӣ.]

ХАЛИҶ خلیج шохоби баҳр.

ХАЛЛ خل сирко.

ХАЛЛОҚ خلاق офаринанда.

ХАЛЛОҚУЛМАОНӢ خلاق المعانی [1. офаринандаи маъниҳои нав] 2. лақаби шоири машҳур Камолиддин Исмоили Исфаҳонист, ки бисьёр мазмунҳои тоза офаридааст.

ХАЛО خلا 1. ҷои холӣ. 2. мабраз, ки халоҷо ҳам гӯянд.

ХАЛОБ خلاب лои роҳҳо; [лойдон, ботлоқ]

*Саманди сухан то ба ҷое биронд,
Ки қозӣ чу хар дар халобе бимонд.
(Бӯс.)

Ҳамчу хар дорад ба ҷаҳдин печу тоб
Фикри самоби ғалазат дар халоб.
(Бедил, дар бораи камиғсарони хаёлӣ)

ХАЛОЛӮШ* خلالوش ғулғула, шӯру ошӯб.

Гирди гули сурх андар хатте бинишондӣ,
То халқи ҷаҳонро бифиганӣ ба халолӯш.
(Рӯдакӣ.)

ХАЛОС خلاص раҳо (ӣ) *2. *дар ин ҷо ба маънии ақида.*

Онон, ки надими хос буданд,
Бо пир дар ин халос буданд.
*(Л. М.)**

ХАЛОСӢ خلاصی раҳоӣ.

ХАЛТ خلط омезиш, омехтан.

ХАЛТА خلته чизе, ки аз латта ё шол дӯзанд ва ба даруни вай ҳар чизро андозанд.

ХАЛХОЛ خلخال ҳалқаи тилло ё нуқрагист, ки барои зинат бар соқи по кунанд, побанди зеварӣ.

*К-он, ки ман дорам аз сарафрозӣ,
Беҳ ки халхоли пои худ созӣ.
(Бедил.)

Халхоли фалак киноя аз офтоб.

Рӯзе ки ҳавои парниёнпӯш,
Халхоли фалак ниҳод дар гӯш. . .
*(Л. М.)**

ХАЛЪ خلع 1. аз ҷо баровардан, кандан. 2. бекор кардан аз салтанат *(маҷоз).*

*Баски муштоқ буд рӯям бедаш,
Дод фармони халъу қатъи ядаш.
(Бедил.)

ХАМ خم *зидди* **рост**; каҷ. **Хам дар хам** марғулаи мӯй ва монанди он, ки мавҷи дарьё бари ҳаму рост менамояд. **Хам хӯрдан** хам шудан, [каҷ шудан, хамӣ пайдо кардан].

ХАМБА خمبه охурест хиштин ё чӯбин, ки дар вай ғалладонаро захира кунанд.

ХАМГАШТ خمگشت гардишгоҳи роҳ ё роҳи об, ки ба як тараф мегардад.

ХАМИР خمیر орди бо об сиришта, [ки барои нон ё пухтани чизи дигар тайёр карда мешавад.]

ХАМИРА ه خمیر ҳар чизе, ки монанди хамир бо об ё равған сиришта нарм карда шуда бошад.

ХАМИРГИР خمیرگیر касе, ки дар нонвойхонаҳо хамир мекунад.

ХАМИРМОЯ خمیرمایه хамиртуруш, ки хамирро расонад ва дамонад.

ХАММА خمه *нигоҳ кун.* ба хамба

ХАММОР خمار 1. майсоз, майфурӯш. *2. майхӯр
Зинҳор риояти хаммор написандед, то ҷаримаи каффора набояд кашед.
*(Бедил.)**

ХАМЬЁЗА ه خمیاز кашидани аъзо ва кушода шудани даҳон бо ҳаракати табиӣ *(асли ин калима «хамида ёзидан» аст, ки дар вақти хамьёза аъзо аввал хам мехӯрад ва баъд аз он мёзад).*

ХАМӮШ خموش бесадо, ором *(сабук кардашудаи* **хомӯш***).*

ХАНБА خنبه *нигоҳ кун. ба* **хамба.**

ХАНДА خنده ҳолатест, ки дар вақти хурсандӣ ё тааҷҷуби дилкушо лаби одам кушода шуда аз даҳонаш садо мебарояд.

ХАНДАЗОР خندهزار ягон чиз ё ягон кор ва ё ягон каси масхара.

ХАНДАК خندك *нигоҳ кун.* *ба* **хандақ.**

ХАНДАОВАР خندهآور ҳар чизи аҷиб, ки хандаи касро орад.

ХАНДАРИШ خندهریش касе, ки ӯро ҳар кас масхара медорад ва мардум ба вай ҳазлу шӯхӣ карда ханда мекунанд.

ХАНДАХАРИШ خندهخریش *нигоҳ кун.* **ба хандариш** (*ин калима аз* **хандариш** *рӯидааст*).

ХАНДАҚ خندق замини кандашуда, [ҷои кандашуда, ки дар атрофи шаҳр, ё дар майдони ҷанг барои мудофиа мekананд; *муаррабi* **канда**].

ХАНДИДАН* خندیدن ханда кардан. *Нигоҳ кун. ба* **ханда. Хандидани гули зард** — *киноя аз* дамидани офтоб:

> Хандиданиончунон гули зард
> Офоқ ба ранги сурхгул кард.
> (*ба ранги гули сурх будани уфуқ киноя аз* шафақи субҳ *аст*).
> (*Л. М.*)

ХАНДОН خندان ханданда.

ХАНДОНРӮЙ خندانروی одами шукуфтарӯй, хушмуомала.

ХАНИДА* خنیده машҳур, маъруф.

ХАНИДАН* خنیدن 1. акси садо додан. 2. машҳур шудан, маъруф гардидан.

ХАНИДАНОМ* خنیدهنام номаш машҳур.

> Ҳар рӯз ханидаломтар гашт,
> Дар шефтагӣ тамомтар гашт.
> (*Л. М.*)

ХАННОҚ خناق [1. хафакунанда, буғикунанда]. 2. бемории гулӯст, ки бағоят пурбим аст.

ХАНҶАР خنجر теғи рости борики дудама.

ХАП خپ хомӯш. **Хап шин!** хомӯш шав!

ХАПГИР خپگیر сагест, ки аз қафои мардум омада садо набароварда мегазад.

ХАППАК خپك [1. хомӯш; дамаш дар дарун]. 2. мушгирак.

ХАР خر ҳайвони маълум. 2. ҳар чизе, ки аз оддиаш калон бошад **(харпашша, харсанг)**

ХАРАК خرك 1. нимкате, ки бар вай нишинанд. 2. чӯбе, ки бар косаи танбӯр, рубоб ва монанди инҳо монанд, ки торро бардошта истад. *Ба ин маънӣ Шоҳин ба мадҳи Аҳмади Қалла гуфта:*

> Гар лофи афзалӣ ба ту зад аблаҳе, чӣ бок,
> Танбӯри эътибори туро кай шавад харак.

Хараки хокӣ яке аз ҳашароти заминист, ки дар мағзи хок хона мемонад.

ХАРАНДА خرنده касе ки чизеро мехарад.

ХАРАФ خرف камақл шудан аз пирӣ.

> *Хаёлаш хараф карду колева ранг,
> Ба мағзаш фурӯ бурд харчанг чанг.
> (*Бӯс.*)

ХАРБАНДА خربنده харбоз.

ХАРБУЗА خربزه||خربوزه меваи палакии маълум.

ХАРВОР خروار 1. хармонанд. 2. боре, ки ба қадри бардоштани як хар бошад. 3. умуман чизи бисьёр.

ХАРГӮШ خرگوش ҷонварест аз гурба калонтар ва калонгӯши пурҳаракати беқарор.

ХАРДАЛ خردل як хел донаи бисьёр майда, [ки дар хӯрокворӣ ва тиб ба кор мебаранд, горчица].

ХАРДАЛА* خردله 1. як дона тухми ҳазориспанд (хардал — *умуман* тухми ҳазориспанд). (Бӯс). [2. донаи хардал; чизи хурд].

*Маъзор омӣ ба як хардала,
Ки султон шубон асту омӣ гала.
(*Бӯс.*)

ХАРДАНДОН خردندان як хел алафи худрӯи биёбонист, ки хӯрдани он ҳайвонот, хусусан гӯсфандро зуд фарбеҳ мекунад.

ХАРДУМБУЛ خردمبل шубушаки бисьёр калони серозор.

ХАРЗАҲРА* خرزهره як навъ дарахти баргзаҳр аст, ки баргаш ба барги бед монанд аст.

Рутаб н-оварад чӯби харзаҳра бор,
Чӣ тухм афганӣ бар ҳамон чишм дор.
(*Бӯс.*)

ХАРИД خرید [1. харидан] 2. чизи харидашуда.

ХАРИДАХӮР خریده‌خور деҳқони фақире, ки орду гандумро аз бозор харида мехӯрад, [касе, ки ҳама чизро аз бозор харида мехӯрад].

ХАРИДОР خریدار толиби харидани ягон чиз.

ХАРИФ* I خرف касе, ки аз пирӣ ақлаш суст шудааст; пири фартут.

ХАРИФ II خریف фасли хазон, тирамоҳ.

ХАРКОР خرکار касест, ки бо кор фармудани хар рӯзгор мегузаронад, *касе ки бо хар ҳаммолӣ мекунад*

ХАРКОРӢ* خرکاری ҳаммолӣ бо хар.

Гар замингирият сабукборист,
Офарин бар вуқуфи харкорист.
(*Бедил*).

ХАРКУРРА خرکره хари ҷувони ба тозагӣ саворӣ кардашуда

ХАРМАГАС خرمگس магаси бисьёр калон, ки дар гӯшт ё ҷароҳате нишинад, дарҳол кирм меандозад.

ХАРМИЗОҶ خرمزاج одами гарданшахи гапнодарон якраҳа.

ХАРМУРД خرمرد як касро чанд кас гуп шуда задан.

ХАРМУРДКУНӢ* خرمردکنی як касро пахш карда задани чанд кас. (*Ч. 3*).

ХАРМӮҲРА خرمهره шабаҳи калони сафеди ҳалқадори арзонбаҳо, ки бар гардани хар ва аспони ароба овезанд; *мӯҳраи камарзиш.

Чи хуш гуфт хармӯҳрае дар гиле,
Чу бардошташ пуртамаъ ҷоҳиле:
«Маро кас нахоҳад харидан ба ҳеҷ
Ба девонагӣ бар ҳарирам мапеч».
(*Бӯс.*)*

ХАРНОЙ خرنای карнаи бисьёр калони бадовозест, ки дар рӯзҳои ҷашн барои эълон навозанд, карнай.

ХАРОБ خراب 1. вайрон. 2. хароба (нимвайрон). 3. маст.

ХАРОБОТ خرابات 1. майхона.

*Надидам касе саргарон аз шароб,
Агар ҳаст харобот, дидам хароб.
(*Бӯс.*)*

2. қиморхона; 3. *умуман* ҷое, ки дар он ҷо авбошон ва сарсаригардон ҷамъ мешаванд.

ХАРОБӢ خرابی вайронӣ.

ХАРОС خراس осиёест, ки вайро бо чанд хар ё чанд асп гардонанд.

ХАРОФОТ خرافات *нигоҳ кун.* ба **хурофот.**

ХАРОШ خراش 1. хастагии рӯипӯстӣ, ки ба сабаби тарошидан бо нохун ё ба ягон чизи нӯктез бар рӯи бадани одамӣ ё бар ягон чизи дигар пайдо шуда бошад. *2. бо нохун ё бо ягон чизи нӯктез тарошидани рӯи пӯсте.

Аз хароши сина дастам то ба нохун суда шуд,
Доғи дасти худ нави, доғам, ки дон аз даст раст
(*Бедил*).

ХАРОШИДАН خراشیدن *нигоҳ кун. ба маънии дуюми* **харош.**

ХАРОҶ//ХИРОҶ خراج андозе, ки аз маҳсулоти замин гирифта мешавад.

ХАРПУШТА خرپشته пуштаи калон, ки қариб баробари тал бошад.

ХАРРА خره 1. ба тартиби махсус чида шудани хишт, чӯбҳои бурида, сангҳои тарошида ва монанди инҳо. 2. ба тарафи боло истодани хари бучул дар қимор. **Харра задан** ба тартиби махсус чидани хишт, чӯб, санг *ва монанди инҳо.*

ХАРРОТ خراط тарошандаи чӯб дар чарх бо қалами фӯлодӣ.

ХАРРОТӢ خراطی 1. *мансуб ба* **харрот (пешаи харротӣ, дӯкони харротӣ).** 2. хар чизе, ки дар дӯкони харротӣ тарошида шуда бошад. 3. хар чизе, ки шакли он гирда, сарборик ва суфта бошад (*маҷоз*).

ХАРСАНГ خرسنگ санги калон.

ХАРТУМ خرطوم бинии фил аст, ки остинмонанд мешавад ва бо он ҳар чизро аз замин мебардорад.

ХАР-ХАР خر-خر садои сахте, ки дар вақти баъзе бемориҳо аз гулӯ мебарояд.

ХАРХАША خرخشه ҷанҷоли бемаврид.

ХАРХАШША خرخششه *нигоҳ кун.* ба **хархаша.**

ХАРЧАНГ خرچنگ 1. як хел ҷонвари обӣ, [ки пойҳояш бугумдор аст, саратон. 2. номи яке аз бурҷҳо аз дувоздаҳ бурҷи фалакӣ].

ХАРӢ خری 1. *чӯби бурсӣ,* ки як ҷуфти онро як хар аз кӯҳ кашида фуровардан тавонад [2. хар барин будан; аҳмақӣ].

ХАРҒУЛ خرغول растаниест баргаш монанди гӯши хар, аммо бориктар аз он ва ду канори баргаш хордор, ки обаш ҷароҳатҳои тозаро зуд ба ҳам орад ва шарбаташ барои сил нофеъ аст.

ХАРҒУЛА خرغوله *нигоҳ кун.* ба **харғул.**

ХАРҚ خرق 1. даридан, пора шудан. 2. даррондан, пора кардан.

ХАРҶ خرج 1. сарфи мол ё пул. 2. мол ё пули сарфшуда.

ХАРҶӢ خرجی 1. пулест, ки ба бачагон медиҳанд. 2. умуман пуле, ки барои хароҷоти сайру томошо ҷудо карда мешавад.

ХАС خس 1. нахи бӯрьё ва чӯбчаҳои майдарезаи растанигӣ. *2. *маҷозан* одами паст, нокас. **Хасон** одамони паст.

Гарат чоҳ бояд, макун чун хасон
Ба чашми ҳақорат назар дар касон.
(*Бӯс.*)*

ХАСАҚ خسک 1. як навъ дарахти мевадори бепайванд; *як навъ буттаи хор.

В-он ғунча, ки дар хасак нуҳуфтаст,
Пайғомдеҳи гули шукуфтаст.
(*Л. М.*)

2. хори мағелон. **Пурхасак** хасакаш бисьёр.

Дар ракс раванда чун фалак бош!
Гӯ ҷумлаи роҳ пурхасак бош
(*Л. М.*)

3. як асбоби мудофиа мебошад, ки ба шакли хори мағелон аз оҳан сохта ба майдони ҷанг мерехтаанд.*

ХАСАҚӢ خسکی 1. меваи дарахти бепайванд. 2. ҳар чизе, ки бар болои вай бисьёр кор карда нашуда бошад (**корди хасакӣ, қаламии хасакӣ, дӯхти хасакӣ**).

ХАСБЕДА خس بیده хушкидаи гиёҳҳои гуногун (ғайри алафи юнучқа)

ХАСБОР خسبار хӯрокии нопухта (мева, ширинӣ, мағз ва меваҳои хушк).

ХАСИС* خسیس 1. одами паст, нокас. 2. мумсик, чашмгурусна.

ХАСҚАШ خسکش касест, ки хасу хошокро аз кӯчаҳо рӯфта ба гӯлахи ҳаммом мебарад.

ХАСҚАШАК خسکشک порукаши панҷаи оҳаниндорест, ки бо вай хасҳоро ғун мекунанд.

ХАСМ خصم 1. душман.

*Хасмон дари таъна боз карданд,
Дар ҳар ду забон дароз карданд
(*Л. М.*)*

2. ҳар касе, ки дар бораи чизе ба касе тарафи муқобил бошад (*масалан*, ду кас дар бораи чизе дар пеши суд мурофаа дошта бошанд, ҳар яке аз онҳо бар дигаре хасм мешавад; инчунин дар мубоҳаса ва мунозара ҳам ду тарафро хасми якдигар мегӯянд.)

ХАСМОР//ХАСМОЛ خسمار// خسمال реши пурозорест, ки дар дасти одамӣ аз халидани хаси чиркини заҳролуд пайдо мешавад.

ХАСОРАТ خسارت зиён (*маънии зиндааш ҳамин аст*).

ХАСОСАТ خساست 1. ноодамӣ, пастӣ, 2. бахилӣ, хасисӣ.

ХАСПУШ خس پوش чоҳ ё чуқуриест, ки рӯи вайро бо хасу хошок пӯшонда номаълум карда бошанд, то ки дар вай одам ё ҷонваре ғалтида ба даст афтад. **Хаспӯш кардан** рӯи айб ё хиёнати маълумро ба қасди хиёнат пӯшондан.

ХАСРӮБА خسروبه хасу хошоки рӯфта ғундошташуда.

ХАСТ خست *асоси замони гузашта аз* **хастан.**

ХАСТА I خسته 1. бадан, замин ё чӯби рӯяш захмдор кардашуда. 2. бемор. 3. мондашуда. *Ба ду маънии охирӣ гуфта шудааст.*

Дам аз карашма занад бо вуҷуди
чашми ту наргис,
Аз ин муҷодала анҷоми кор хаста
барояд.

Яъне бемор барояд, ки наргисро бемор меноманд ё мондашуда барояд

ХАСТА II* خسته донак.

Бар мондаи сӯҳбат агар ҳазор хастаи зардолу ва амсоли он фароҳам меомад, . . . ба фишори сарангушт мағзҳо пеши ёрон мерехт.

(*Бедил*).

ХАСТАН خستن 1. рӯякӣ захмдор кардани бадан, чӯб, замин бо ягон чизи тез.

ХАСТУ خستو донаки меваҳо (*монанди зардолу, шафтолу, хурмо*).

ХАТ/Т/ خط 1. ишоратҳои маълум аст, ки аз вай ҳарфҳо ва калимаҳоро мехонанд. 2. навиштаҷот (*аз қабили* мактуб, ҳуҷҷат). 3. ҳар гуна ишоратҳое, ки бар чизе кашида мешавад. [4. раҳ, раҳ (и кашидашуда)] ***Хати иршод** хатест, ки шайхҳо ба муридони худ ба ин мазмун медиҳанд, ки ӯ ҳақ дорад мурид гирад ва ба муридон роҳбарӣ кунад. (*Ед. 3—4*) ***Хатти истиво** хатти фаразии замин аст, ки офтоб дар вақти баробар шудани шабу рӯз ба болои он хат рост меояд. **Хатти мустақим** хатти ростест, ки ба ягон чиз кашида мешавад. **Хатти раҳ** иҷозатномаи сайру сафар. **Хат кашидан** а) маҳв кардан, бекор кардан (*калимаеро, ки бар болои вай хат кашида мешавад*). б) нест кардан, бартараф кардан, нобуда ҳисоб кардани ҳар чиз (*Масалан мегӯянд:* **бояд ба ин масъала хат кашид,** *яъне нобуда шумурд*).

ХАТАБ خشب чӯби ҷиҳози шутур.

ХАТАК خطك бозиест монанди шашка, ки бачагон дар замин хат кашида бозӣ мекунанд.

ХАТАР خطر 1. эҳтимоли зарар, гумони офат, хавф, бим. 2. бузургӣ, қадр, қимат.

ХАТБАР خطبر номабар, ки мактуби касеро ба касе мерасонад.

ХАТБАРДОР خطبردار касест, ки аз почта хат ва газетаҳоро ба соҳибонаш мерасонад.

ХАТВА خطوه қадам, яъне масофате, ки дар миёнаи ду по дар вақти роҳ рафтан пайдо мешавад.

ХАТИБ خطیب 1. хитобахон, лекцияхон, нутқгӯй. 2. яке аз мансабҳои динист, ки соҳиби он дар масҷидҳо хутбаи динӣ мехонад.

ХАТИЙЯ خطیه гуноҳи қасдӣ; ҷурм, хато.

ХАТИР خطیر 1. муҳим. 2. бузург, азим.

*Кӯчид он дам ки шуд пайғамгузор,
Зад ҷунун бар димоғи он ҷаббор,
Гуфт: баргард аз ин мақоми хатир!
Сӯи он воизи ҳавотақрир . . .

(*Бедил*).

ХАТКАШ خطکش 1. олати дастадори панҷаи оҳаниннок аст, ки бо вай замини киштро нарм мекунанд. 2. аз як сар хонда рафтани чизе аз ғайри фаҳмидани маънии он.

ХАТКАШАК خطکشك ҷадвалтахта, ки бо ёрии вай хатҳои рост мекашанд.

ХАТЛОН ختلان номи қадимии вилояти Кӯлоб ва Балҷувон.

ХАТЛӢ ختلی ҳар чизе, ки ба Хатлон мансуб бошад.

***ХАТМ** ختم анҷом, поён, тамом.

Бо май бикун ин сухан фаромӯш,
Хатм аст бар ину гашт хомӯш.

«*гап бо ҳамин тамом*» *гуфту хомӯш шуд.*

(*Л. М.*).

Хатми кутуб тамом кардани мадраса (*Ч. 6*).

ХАТО خطا 1. гуноҳи беқасд. 2. нодуруст (*зидди* **савоб**).

***ХАТТОТ** خطاط хушнавис.

Тобовардам риштаи ҳайёт,
Сархат—орои сафҳаи хаттот

(*Бедил, дар бораи марди бисёрҳунар*).

ХАТЧӮБ خطچوب коғаз ё хасест, ки дар китоб дар ҷои хондаомада монанд.

ХАФА خفه 1. гулӯфушурда, буғкарда. 2. дилгиршуда, андӯҳгиншуда (*маънаи дуюм маҷоз аст ва махсуси тоҷикист*).

ХАФАГӢ خفگی 1. андӯҳгинӣ. 2. офат ё фалокате, ки дили одамро танг мекунад.

ХАФАҚОН خفقان бемориест, ки соҳиби он аз ҳад зиёд дилтанг мешавад ва бо душворӣ нафас мегирад.

ХАФИФ خفیف сабук.

ХАФО خفا пӯшидагӣ, пинҳонӣ.

ХАФОЁ خفایا [ҷамъи **хафийя**]: пӯшидагиҳо.

ХАФТОН خفتان либоси ҷангии замони қадим.

ХАФФОШ خفاش кӯршабпарак.

ХАЧИР خچیر чорпоест, ки аз ҷуфтии хару асп мерӯяд.

ХАШАБ خشب чӯб, тахта; ҳезум.

ХАШАН خشن палоси дурушт.

ХАШИН خشن ҳар чизе, ки дурушт ва дағал бошад.

ХАШМ خشم ғазаб, оташинӣ.

Хашм гирифтан ғазаб кардан, оташин шудан (*ба касе*).

ХАШМГИН خشمگین дар ғазаб, оташин.

ХАШ-ХАШ خش-خش садои либоси абрешимии оҳорӣ.

ХАШХОШ* خشخاش кӯкнор, донаи кӯкнор.

Зи бас хушкам паридан сози ӯ,
Чу хашхош дар пӯст овози ӯ

(*Бедил*).

ХАШЬЯТ خشیت тарсидан, тарс.

ХАҲӢ خهی калимаи таҳсин ва таҷҷуб (*нигоҳ кун. ба зиҳӣ*).

ХЕВ//ХАЮ خیو оби даҳан.

ХЕЗ خیز *асоси замони ҳозира аз* **хестан**; 1. *амр ба* **хестан** (*яъне бархез*); 2. мавҷи об, фаровон шудани он (**обхез**—*дар таркиб*). 3. ҷаҳиш. **Хез задан** ҷаҳидан ва давида роҳ рафтан. **Хез кашидан** хез задан.

ХЕЗА خیزه куттиест дар даруни куттии дигар ё дар сандуқ, ки дар вай чизеро гузоранд ва аз ҳалқааш гирифта кашида кушоянд.

ХЕЗОБ خیزاب баландии мавҷи об, ки монанди кӯҳони шутур бармехезад.

ХЕЗОНИДАН خیزانیدن 1. аз ҷо рост кардани чизе. 2. барангехтан, шӯронидан.

ХЕЛ خیل 1. гурӯҳ. 2. ҷинс, гуна. 3. бисёр (*дар тоҷикӣ бо ҳамин талаффуз ва ба ҳамин маъниҳо кор фармуда мешавад.*) *нигоҳ кун. ба* **хайл**. **Хелу хашам** дастгоҳи феодалон аз аспон, чокарон, хизматгорон ва монанди инҳо.

ХЕЛЕ خیلی бисьёр.

ХЕСТАН خیستن аз ҷо рост шудан.

ХЕШ خویش 1. худ. 2. наздикони аслӣ.

ХИБРАТ خبرت дониш, бохабарӣ.

ХИДАМОТ خدمات [*ҷамъи* **хидмат**]; хидматҳо.

ХИДЕВ خدیو соҳиб, подшоҳ.

ХИДМАТ* خدمت хизмат, кор.

ХИЁЛ خیال *нигоҳ кун. ба* **хаёл.**

ХИЁМ خیام [*ҷамъи* **хайма**]; хаймаҳо.

ХИЁНАТ خیانت норостӣ дар коре.

ХИЁР I خیار 1. бодиринг.

ХИЁР II خیار ихтиёр, ирода. 2. баргузида.

ХИЗМАТ* خدمت *нигоҳ кун. ба* **хидмат**

ХИЗОБ خضاب 1. ранги хино ва усма. 2. ҳар гуна ранге, ки бо вай чизеро ранг кунанд.

> *Бар абрӯи обидфиребаш хизоб,
> Чу қавси кузаҳ бар рухи офтоб.
> (*Бус.*)

ХИЗОНА خزانه *нигоҳ кун. ба* **хазина.**

> *Ӣ-он дур, ки лаби туаш хизонаст,
> Ганҷинаи уҷри ҷошдон аст.
> (*Л. М.*)

ХИК خیک машки аз пӯсти бузи пашмаш натарошида сохташуда, ки дар вай равған ва монанди онро андозанд.

ХИКӢ خیکی *мансуб ба* **хик. Хикӣ пӯст кандан** а) пӯсти ҷонварро бедарронда ва чок кардани дасту пояш канда гирифтан. б) бо ваҳшоният куштан (*маҷоз*).

ХИЛВАТ خلوت ҷои холии беодам.

ХИЛОЛ I خلال 1. чизест ки бо вай байни дандонҳоро тоза кунанд. *2. *маҷозан* хароб, лоғар.

> Зи даври фалак бадри рӯяш ҳилол.
> Зи ҷаври замон сарви қаддаш ҳилол
> (*Бус.*)

ХИЛОЛ II خلال мобайн, миёна. **Дар хилоли ин аҳвол** — дар мобайни ин аҳвол. 2. даровардани чизе дар мобайни чизе. (**хилоли риш)** даровардани ангуштон дар миёнаи риш.)

ХИЛОФ خلاف носозгорӣ бо ҳам, зид, мухолиф.

ХИЛТ خلط 1. чизи омехта. 2. чизи монанди балғам, сафро, ахлоти меъдагӣ ва димоғӣ.

ХИЛЪАТ خلعت 1. ҷомаи инъомӣ. 2. *умуман* ҷома.

> *Ба ҳавои ҳусули хилъати дод
> Ҷомаи кӯҳна низ дод ба бод.
> (*Бедил*).

ХИЛҚАТ خلقت офариниш.

ХИМОР خمار сарбанди секунҷаи занон.

ХИНГ خنگ 1. аспи сафед. 2. мутлақ асп (*забони ҳозира*).

ХИНГБЕД* خنگ بید як навъ хори сафед.

> Тани хингбед арчи бошад сафед,
> Ба сабзиву нарӣ набошад чу бед.
> (*Рӯдакӣ*).

ХИНГОБ خنگاب наҳрест дар Ғарм, ки ба Сурхоб ҳамроҳ шуда ҳар ду номи Вахшро мегиранд.

ХИНЗИР خنزیر хук.

ХИНОЗИР خنازیر реши дар беҳшананда, ки дар гардан ва беруни гулӯ пайдо мешавад.

ХИРА خیره 1. саргашта, овора **(хирасар)**. 2. ҳайрон, таъаҷҷубкунанда.

*Малаш аз сухан гуфтанаш хира монд.
Сару дасти фармондеҳӣ барфишонд.
(*Бдс.*)*

3. шӯх, густох, далер. 4. беҳаё. 5. тира, торик **(чашмам хира шуд)**. 6. нимторикии чизҳои равшан *(масали шамъ)*. 7. карахт **(бисьёр хира шудааст)**.

ХИРАГӢ خیرگی 1. тирагӣ. 2. густохӣ. 3. далерӣ. *Ба ин маънӣ гуфта шудааст.*

Он ки кард аз хирагӣ дар маҳфили
ман тарагӣ,
Фалмасал шамъи шабафрӯз аст
мебуррам сараш.

ХИРАД خرد ақл. ***Хиради фариштафом*** ақли фариштавор ором.

Гашта хиради фариштафомаш
Маҷнунтар аз он, ки буд номаш.
(*Л. М.*)*

ХИРАДМАНД خردمند соҳиби ақл.

ХИРАРОЙ خیره رای сустфикр, торикфикр.

ХИРВОР خروار *нигоҳ кун, ба маънии охирини* **харвор.**

ХИРГАҲ خرگه *нигоҳ кун. ба* **хиргоҳ.**

ХИРГОҲ خرگاه хайма, чодари бузург. **Хиргоҳ кардан** бархезонидани товус думи худро.

ХИРМАН خرمن 1. тӯдаи калони ғаллакӯфта. 2. бисьёр, анбӯҳ аз ягон чиз. *Ба ин маънӣ гуфта шудааст:*

*...Меҳру алтофи ту бар ағьёр хирман—
хирман аст.*
(**Хирмани** гул ҳам аз ҳамин қабил аст).

Хирмани моҳ ҳолаи моҳ.

ХИРОМ I خرام рафтори боноз.

ХИРОМ II خرام як хел чарми нозуки сахт.

ХИРОМОН خرامان 1. хушрафтор. 2. ҳолати бо ноз хиромандагӣ. **Хиромон омад.** *яъне дар ҳолате ки бо ноз роҳ мерафт, омад.*

ХИРОҶ خراج *нигоҳ кун. ба* **хароҷ.**

ХИРОҶОТ خراجات молҳо ва пулҳои харҷшуда.

ХИРС خرس ҷонварест ваҳшӣ, ки таълимаш мумкин аст.

ХИР-ХИР خر-خر овози гирифтаи одамӣ.

ХИСЛАТ* خصلت 1. хосият, сифат. 2. одат.

ХИСОЛ* خصال [ҷамъи **хислат**]: хислатҳо, сифатҳо.

Пурсид зи кӯи аз хисолаш,
Гуфтанд, чунон ки буд ҳолаш.
(*Л. М.*)

ХИССАТ* خست хасисӣ.

Камоли маънии инсонӣ футувват аст... ва нуқси он хиссат, яъне адами муруввват ва ишфоқ. (*Бедил*).

ХИТБА خطبه зан хостан, зан хосторӣ намудан.

ХИТМӢ/ХАТМӢ خطمی гули хайрӣ.

ХИТО ختا/خطا мамлакати Чин, ки дар шарқ аст. Чин.

ХИТОБ خطاب 1. ба касе рӯ ба рӯ сухангӯӣ. 2. лақабе ки бо вай касеро дар вақти гап задан ба ӯ ном бурда мешавад. (*бештарин ингуна лақабҳо далолат бар таъзим ва эҳтиром мекунанд монанди «ҷаноб», «ҳазрат», «шафқатпаноҳ» ва дигарҳо*).

ХИТОМ I ختام охир, анҷом. **Хитом пазируфтан** ба анҷом расидан, тамом шудан.

ХИТОМ II ختام мум ё локест, ки аз болои вай мӯҳр заананд.

ХИТТА خطه 1. заминест, ки барои бино кардани иморате гирдогирди вайро хат кашида ҳудудашро муайян кардаанд. 2. ҳар шаҳр, вилоят ва мамлакате, ки дар дохили ҳудуди муайян аст (**хиттаи Бухоро, хиттаи Самарқанд..**).

ХИФФАТ خفت сабукӣ; сабукӣ, ки аз камақлӣ омада бошад. * Ду донишанди беинсоф арсаи ҷавлону лоф гарм доштанд ва ба навоҳои «зараба язрибу» алами хиффати ақл меафроштанд. (*Бедил*) 2. *маҷозан* хорӣ.

Феъли шоҳон магир тавонӣ,
Ки кашад хиффати пушаймонӣ.
(*Бедил*)*.

ХИШОБА خشابه *нигоҳ кун. ба* хишова.

ХИШОВА خشاوه 1. пок кардани киштзор аз алафҳои бегона. 2. нарм кардани зери растаниҳо.

ХИШТ I خشت лои дар қолиб рехта хушкондашудаи чорраҳ барои иморат. **Хишти пухта** хишти дар хумдон пухта ба дараҷаи сафол расондашуда.

ХИШТ II* خشت найзаи кӯтоҳ, ки силоҳи ҷанг аст.

На дар хишту кӯполу гурзи гарон,
Ки ин шева хатм аст бар дигарон
(*Бдс.*).

ХИШТАК خشتک порчаи чоргӯшаест, ки дар миёни ҳар ду почаи поҷома дӯзанд.

ХИШТАКҲАРОМ خشتک حرام касе, ки ба зану духтарони мардум бо чашми бад нигоҳ кунад.

ХИШ-ХИШ خش - خش садое, ки дар вақти гирифтани сурфа, ё баъд аз он аз гулӯ мебарояд.

ХИҶИЛ خجل шарманда, шармсор.

ХИҶЛАТ خجلت шармандагӣ, шармгинӣ.

ХИҶОЛАТ خجالت *нигоҳ кун. ба* хиҷлат. **Хиҷолат додан** шарманда кардан, шармсор намудан. **Хиҷолат кашидан** шарм доштан.

ХИҶОЛАТМАНД خجالتمند шарманда, шармсор.

ХО//ХОЙ خا/خای хоянда (*ба ин маънӣ фақат дар таркиб истеъмол мешавад*). *Ҳофиз гуфта:*

Ҷавоби талх мезебад лаби лаъли
шакархоро,

ХОБ خواب 1. ҳолати хоб рабудагӣ. 2. чизе, ки дар хоб дида мешавад. 3. ҳами ягон чиз (**хоби девор, хоби дарахт,** *яъне тарафи хамидагии онҳо*)*. **Хоби харгӯш** киноя аз ғафлат.

Қ-он оҳуи бегуноҳро дӯш
Додам ба саг, интхоби харгӯш.
(*Л. М.*).

(**Интхоби харгӯш!** — ин, ғафлати маро бубин!). **Хоби харгӯшӣ** худро ба нодонизанӣ барои фиреб. ***Хоби харгӯш додан** фиреб додан.

Оҳучашме, ки чашми оҳуш
Медод ба шер хоби харгӯш.
(*Л. М.*).

ХОБГОҲ خوابگاه ҷои хоб.

ХОБИДАН خوابیدن 1. ба хоб рафтан. 2. ёзидан; *зидди* **нишастан ва рост истодан**).

ХОБОНДАГӢ خوابانده‌گی 1. чӯбе, ки дар иморати чӯбкорӣ дар паҳлуи сутунгӯша ба вай хобонда монда мешавад. 2. хобонда дӯхташудани лаби ду порча, ки ҳар дуи онҳо ҳам ба ҳам часпонда рост дӯхта шудаанд.

ХОВАНД خاوند соҳиб, нигаҳбон *(ин калима кӯтоҳ кардашуда аз* **худованд** *аст, ки ба маънои соҳиб ва нигаҳбон аст. Масалан мегӯянд:* **Фалонӣ хешу хованд надорад,** *яъне хеш ҳам надорад, соҳиб ва нигаҳбон ҳам надорад).*

ХОВАР خاور машриқ, шарқ. *Мишфиқӣ дар тасвири баромади офтоб гуфта:*

Гирифт аз уфуқ соқии субҳ соғар,
Баромад турунҷи зар аз ҷайби ховар.

Яъне офтоби заррин аз бағали машриқ баромад.

ХОВАРОН خاوران 1. машриқ, шарқ. 2. вилоятест дар Хуросон.

ХОД خاد *нигоҳ кун. ба* **хот**.

ХОДА خاده чӯби борики дароз, ки ба киштӣ ва амадронӣ дар обҳои камқад ба кор равад. **Хода кардан** накардани коре аз саркашӣ (*истилоҳи Бухоро*).

ХОДИМ خادم 1. хизматгор. 2. хизматгори маҳалла ва гузар.

ХОЁНДАН خایاندن гуноҳ ва кӯтоҳии касеро ба каси даҳлдор гуфта ӯро ба коҳиш монондан.

ХОЗЕЪ خاضع тавозӯъкунанда, итоаткор.

ХОЗЕӢ* خاضعی шикастанафсӣ, тавозӯъ.

Ку он ба висол ваъда додан,
Сар бар хати хозеӣ ниҳодан?
(*Л. М.*)

ХОЗИН خازن хазиначӣ, хазинадор.

*Эй хозини ганҷи ошиқӣ,
Ишқ аз ту гирифта рӯшноӣ!
(*Л. М.*)

ХОИБ خائب ноумед, маъюс, маҳрум.

ХОИДА خائیده ҷоида хоидашуда.

ХОИДАН خائیدن 1. бо дандон нарм кардан. 2. коҳиш кардан касеро барои гуноҳе ё кӯтоҳие.

ХОИН خائن хиёнаткор.

ХОИС خائس *нигоҳ кун. ба* **хоиск**.

ХОИСК خائسك болғаи оҳангарон, путки калон.

ХОК خاك 1. маълум аст, ки чизи замин аст. 2. замине, ки ба ягон вилоят ё ҳукумат тобеъ бошад, хоки вай ҳисоб меёбад. ***Он хоки равон** *киноя аз Маҷнун.*

Он хоки равон зи рӯи он хок
Бар пуштаи Наҷд рафт ғамнок.
(*Л. М.*)

ХОКА خاکه ангиштрезаи хокмонанд. **Хока бар чашм задан** фиреб додан.

ХОКАНДОЗ خاکانداز зарфест мисӣ ё оҳанӣ, ки бо вай оташ, ангишт, хокрӯба ва монанди инҳоро гиранд.

ХОКДОН خاکدان *маҷозан дунё.*

ХОКПАРТО خاک پرتا корест, ки дар вақти гум шудани чизе мекунанд, ба ин тариқ, ки гумонбарҳоро ҷамъ карда мегӯянд: «Ҳар кас, ки он чизро гирифта бошад, пинҳонӣ оғарда партояд, вагарна дуздро муайян карда расво мекунем».

ХОКПОШ خاکپاش деҳқон.

ХОКРЕЗ خاک ریز пеши девори қалъа ва пеши ҳар гуна девор, ки соҳиби девор мегузорад.

ХОКРУБА خاک روبه хок ва хасхосест, ки дар вақти рӯфтани хона ва ҳавлӣ ғун мешавад.

ХОКСОР خاکسار шикастанафс, бечоратабиат.

ХОКӢ خاکی 1. *мансуб ба* **хок.** 1. рангест, ки ба хок монандӣ дорад. 2. дар хок зинда ва расидан ҷонварони дубахра (*масалан,* қурбоққа хокӣ дорад, обӣ дорад. Инчунин мор ҳам хокӣ мешавад ва обӣ мешавад. Қисми дар хок зинда ва расидан онҳоро **хокӣ** гӯянд). *3. *маҷозан* ботавозӯъ ва хоксор.

Рӯзе ба тарики хашмнокӣ,
Шаҳ дид дар он ҷавони хокӣ...
(*Л. М.*)

4. *маҷозан* одами хор ва беҳурмат.

Бори дигараш ба хашмнокӣ
Фармуд, ки «бозгард, хокӣ»
(*Л. М.*).*

ХОКҶОЙ خاکجای қабристон, гӯрхона.

ХОЛ I خال 1. нуқтаи сиёҳе, ки дар андоми мардум пайдо мешавад. 2. ҳар нуқтае, ки ғайри ранги аслии ягон чиз бошад. 3. нишонаҳои баркаш (*масалан,* нишонаҳои вершук дар оршин, нишонаҳои сантиметр дар метр).

ХОЛ II خال тағой, бародари модар.

*К-аз нақлкунони холи Маҷнун
Пире сара буд холи Маҷнун.
(*Л. М.*)

ХОЛА خاله хоҳари модар.

ХОЛИД خالد пойдор, ҳамешагӣ.

ХОЛИС خالص 1. ҳар чизе, ки аз ҷинсҳои бегона пок бошад (**зари холис, нуқраи холис, шири холис,** *яъне беоб*). 2. ҳар одаме ки нисбат ба коре бетараф бошад. 3. дӯсти бегараз.

ХОЛИСА خالصه [1. *муаннаси* **холис**]; 2. мулки махсуси ягон заминдор ё подшоҳ.

ХОЛУ خالو бародари модар, тағой. *нигоҳ кун. ба* **хол II.**

ХОЛ-ХОЛ خال ـ خال ҷо-ҷо.

ХОМ خام 1. нопухта. 2. пӯсти ошнадода. 3. ҳар чизе, ки беасл ва беасос бошад (**тамаи хом, хаёли хом**). 4. бетаҷриба, корнодида (**одами хом.** *Дар ду маънии охирӣ маҷоз аст*).

ХОМА خامه қалами хатнависӣ.

*Гуфто, ки на коғазу на хома,
Чун боз диҳам ҷавоби нома!
(*Л. М.*)

ХОМСӮЗ خام سوز 1. гӯшт, нон ва монанди инҳо ҳар чизе, ки рӯяш сӯхта ва дарунаш хом бошад. 2. одаме, ки ба зоҳир пухта менамояд, аммо дар ҳақиқат хом аст (*маънии дуйум маҷоз*).

ХОМТАЛОШ* خام تلاش *дин.* ҳайвонеро кушта, дар ҳолати хомиаш «худой» гӯён ба мардум тақсим карда додан. (*Ч. З*).

ХОМТАМАЪ خام طمع касе, ки аз паи тамаъҳои беасос мегардад.

ХОМӮШ خاموش 1. бесадо, беҳаракат, ором. *Ба ин маънӣ Сират гуфта:*

Ман шамъи маҷлисам, ки ба ман ҳар, ки дам занад,
Хомӯш нишаста тира кунад рӯзгори ӯ.

ХОМӮШАК خاموشک пашшаи хурди бесадо.

ХОМӮШӢ خاموشی бесадоӣ, бесуханӣ; оромӣ.

ХОМҶОМ* خام جام ҷоми маи хом.

Инак омаду хомҷом дарда,
Ҷоме ба ду хӯйкош дарда.

Дар ин ҷо «маи хом» ба маънии маи норасида набуда, балки ба маънии маи бе оташ расондашуда мебошад. (Л. М.).

ХОН I خان 1. лақаби подшоҳон ва сардорон. 2. лақаби хоҷагон ва асилзодагон.

ХОН II خوان дастурхон, ки дар вай таом хӯранд.

*Бар хони табаррукам нишинад,
Бояд чу магас аз пеш ронда.
(Л. М.).

Хони яғмо дастархони умумӣ, ки ҳар кас бедаъват бар сари вай омада ба тарзе, ки тороҷ мекарда бошад, ҳар чи хоҳад мехӯрад ва мебардорад (*аз одатҳои дарбории хонҳои туркони қадим*).

*Фиғон, к-ин лӯлиёни шӯхи ширинкори шаҳрошӯб
Чунон бурданд сабр аз дил, ки туркон хони яғморо.
(Ҳофиз).

ХОНА خانه 1. *бошишгоҳи болопӯшидаи дару девордор*. 2. бошишгоҳи ҷонварон (**занбӯрхона, мӯрчахона**) 3. ҷои ҷойгиршудаи ягон чиз (**ширхонаи гов, чиркхонаи реш, хонаи сел**, *яъне роҳи он*). ***Хонаи регбум** а) хонаи ноустувор. б) *хонаи аз падари Лайлӣ*.

Карда ба чунин муруввате ҷуст,
Он хонаи регбумро суст.
(Л. М.).

Хона кардан а) шавҳар кардани зан, б) ҳабс кардан (*дуюм истилоҳи Бухоро*). **Хона мондан** а) дар ҷое ҷойгир шудани ҷонваре (мӯрча, занбӯр, муш, кафтар ва ғайра). б) дар хонадоне ё шаҳре муддати дароз ҷойгир шудани беморие ё бадбахтие.

ХОНАБАРДӮШ خانه بردوش касе, ки хона ва бошишгоҳе надорад ва ба ҳар ҷо, ки рост омад, хобу хез мекунад.

ХОНАВОДА خانواده аҳлу аёл, оила.

ХОНАГӢ خانگی 1. ҳар ҷонваре, ки дар хона ром шуда бошад (*масалан: асп, хар, гов, мурғ, гурба ва ғайра*). 2. чизҳои пӯшокӣ ва рӯзгорӣ, ки дар хона тайёр карда шуда бошад ([illegible] **бозорӣ**).

ХОНАДОМОД [illegible] ки бо зани дар [illegible] арӯс зиндагонӣ ме[illegible]

ХОНАДОН خاندان 1. [illegible] нажоди як кас хонадони ӯ мешавад. 2. аҳли як хона.

ХОНАДОР خانه دار марди зандор, зани шавҳардор.

ХОНАЗОД خانه زاد 1. ҳар ҳайвоне, ки дар хонаи соҳибаш зоида шуда бошад. 2. ғуломбачагони дар хонаи хӯҷаин зоидашуда (*дар замони ғуломдорӣ*).

ХОНАКАН* خانه کن хонахаробкунанда, хонавайронкунанда.

Хароб кунад шоҳида хонакан,
Бирав, хона обод гардон ба зан.
(Фир.).

ХОНАНИШИН خانه نشین 1. касе, ки бештарин дар хона нишинад ва ба кӯча кам барояд. 2. махбусе, ки дар хонаи худ ҳабс шудааст.

ХОНАРАС خانه‌رس меваи аз шох хом канда дар хона пазондашуда.

ХОНАҚОҲ خانقاه [*муаррраби* **хонагоҳ**]; масҷиди калони гунбаздор.

ХОНДАГӢ خواندگی чизҳои хондагузашта.

ХОНДАН خواندن 1. касеро барои чизе ё коре ҷеғ задан. 2. хондани чизҳои навишта, хоҳ аз ёд бошад, хоҳ аз рӯи хат. *Дар ин ду маънӣ гуфта шудааст:*

> Асари сабзи муҳаббат бингар:
> Нома нохонда маро мехонад.

3. таҳсили илм кардан. 4. касеро нисбат ба худ ба сифате ки дар ҳақиқат дар вай нест, қабул кардан (**бародар хондан, падар хондан, фарзанд хондан...**).

ХОНИШ خوانش 1. хондани чизҳои навишта ва дарс. 2. сурудхонӣ (*хоҳ одам бошад, хоҳ мурғон, масалан, булбул*).

ХОНО خوانا хате, ки хонданаш осон бошад.

ХОНСОЛОР خوان سالار сардори ошхона ва ошхӯрихона.

ХОНУМОН خانمان хона ва асбоби он.

ХОНӢ I* خانی *мансуб ба* **хон I.**

ХОНӢ II* خوانی *мансуб ба* **хон II.**

ХОНӢ III* خانی ҳавзи об.

> Ёрон чу кунанд ҳам-инонӣ,
> Аз санг бароваранд хонӣ.
> (*Л. М.*).

ХОР I خار *асоси замони ҳозира аз* **хоридан.** 2. *амр ба* **хоридан,** *яъне* **бихор!**

ХОР II خوار хӯранда (*масалан,* **ғамхор**—*ғамхӯранда*).

ХОР III خار растании сартезе, ки ба бадани одам мехалад. **Хори сари девор** хорест, ки бар сари деворҳои боғ шинонанд, то ки каси беруна надарояд. **Хори шутур** растании хордорест, ки вайро шутур бо рағбат хӯрад.

ХОР IV خوار беарзиш, беқадр.

ХОР V* خار *нигоҳ кун. ба* **хоро.**

ХОРА I خواره хӯранда (**майхора, ғамхора**).

ХОРА II* خاره *нигоҳ кун. ба* **хоро I.**

ХОРА III* خاره *нигоҳ кун. ба* **хоро II.**

ХОРБАНД خاربند *нигоҳ кун. ба* **хорбаст.**

ХОРБАСТ خاربست 1. девори хорӣ дар гирдогирди боғ. 2. ғави симхор дар гирдогирди қалъаи ҷангӣ ва лашкаргоҳ.

ХОРИҚ خارق дарронанда, пора-кунанда.

ХОРИҚУЛЪОДАТ خارق العادت дарронандаи одат (*яъне,* кунандаи кори аз одат берун).

ХОРИҶ* خارج берун, беруна, дар зоҳир буда.

ХОРИҶОҲАНГӢ* خارج آهنگی бетартибӣ, беодобӣ.

> Хориҷоҳангие ба иззи ҷалол,
> Аз чунин шахс агар расад ба хаёл...
> (*Бедил*)

ХОРО I خارا 1. санги бағоят сахти кӯҳӣ. *Ҳайрат гуфта:*

> Масӯзам ба хорӣ бухорӣ нигоро,
> Задам аз бухори ғамат сар ба хоро,

Яъне ба санги хоро. 2. яке аз ҳавоҳои мусиқӣ дар «шашмақом» аст, ки вайро «наврӯзи хоро» ҳам гӯянд.

ХОРО II* خارا як навъ матои абрешимӣ; *либосе*, ки аз ин матоъ дӯхта шудааст.

> Аз дил ба ҳаво бухор дода,
> Хорову қасаб ба хор дода,
> *(Л. М.).*

ХОРПУЛӢ* خارپولی номи навъе аз андоз дар Бухорои амирӣ, ки баъзан аз заминҳои нокишта монда гирифта мешуд.

ХОРПУШТ خارپشت ҷонварест, ки пушташ пурхор аст.

ХОР-ХОР خارخار//خوارخوار фикру андешаи ба хоришоваранда и қалб хоҳ марғуб бошад, хоҳ нафратангез.

ХОРӢ خواری 1. беарзишӣ, беқадрӣ. 2. дашном. **Хорӣ додан** дашном додан.

ХОСА خاصه 1. чизе, ки махсуси касе ё чизе бошад. 2. махсус, махсусан. 3. доиаи қадимии дастӣ бофташуда. 4. канизаке, ки ба соҳибаш вазифаи занона адо менамояд *(дар замони ғуломдорӣ).*

ХОСАГӢ خاصگی беҳтарин ва хубтарини ягон ҷинси чиз.

ХОСИР خاسر зиён ва зарардида бо феъли худ.

ХОСИЯТ خاصیت одат ва атвор ва сифати табиии ягон кас ё ягон чиз.

ХОССА خاصه 1. *нигоҳ кун.* ба **хоса**.* 2. хусусан.
Хосса абнои дувал ки лофи камоле дар ин фан ҳам дошта бошанд *(Бедил)**.

ХОСТ خواست хоҳиш.

ХОСТА خواسته 1. баргузида, интихобшуда; бузург.

> *Соҳибҳунаре ҳалолзода,
> Ҳам хоставу ҳам уфтода.
> *(Л. М.).*
> *(Яъне ҳам бузург, ҳам хоксор).*

2. молу ашьё.

ХОСТГОР خواستگار [1. талабгор]. 2. касе, ки дар миёнаи падарон ва модарони келину домод барои розӣ кардани онҳо ба никоҳ миёнаравӣ мекунад.

ХОСТГОРӢ خواستگاری миёнаравӣ дар никоҳ.

ХОСТОР خواستار [illegible] ба **хостгор**.

ХОТ خات парра [illegible] вайро халхот гӯянд, чӯҷа, гунҷишк ва монанди инҳо паррандаҳои хурдро сайд кунад.

ХОТАМ/ХОТИМ خاتم 1. нигини ангуштарин, ангуштарин.

> *Ки дар тифлиям лавҳу дафтар харид,
> Зи баҳрам яке хотами зар харид.
> *(Бӯс.)*

2. мӯҳр.

ХОТАМКОРӢ خاتم کاری [1. нақшу нигордоркунӣ]. 2. ҳар чизе, ки дар вай нигинаҳо ва сангҳои пуркимат шинонда шуда бошад **(офтобаи хотамкорӣ)**.

ХОТИМ خاتم 1. хатмкунанда, тамомкунанда. 2. мӯҳркунанда.

ХОТИР خاطر 1. он чӣ дар дил гузарад. **(Дар дили ман як фикр хутур кард,** *яъне омад. Дар ин мисол фикр* **— хотир аст).** 2. дил ва ёд (дар хотири ман як чиз омад—*яъне дар ёди ман як чиз омад.*)

ХОТИРА خاطره он чизе, ки аз воқеаҳои гузашта дар ёд монда бошад.

ХОТИРНИШИН خاطرنشین дар хотир ҷойгиршуда, фаромӯш нашуданӣ.

ХОТИРНИШОН خاطرنشان нишонакунанда дар хотир, яъне фаромӯш нашуданӣ.

ХОТИРОТ خاطرات хотираҳо, ёддоштҳо.

ХОТИРПАРЕШ* خاطرپریش хотирпарешонкунанда.

> Биёвард аз суханҳои хотирпареш
> Даруни дилам чун дари хона реш.
> (*Брг.*)

ХОТИФ خاطف рабоянда (*барқи ҳавоиро аз он ҷиҳат хотиф гӯянд, ки биноии чашмро мерабояд*).

ХОТУН خاتون зане ки сардори оила бошад (*дар туркӣ умуман занро хотун гӯянд*).

ХОТӢ خاطی қасдан хатокунанда.

ХОФИҚАЙН خافقین машрику мағриб.

ХОШЕЪ خاشع оҷизӣ ва фурӯтаникунанда, [фурӯтан, фармонбардор].

ХОШОК خاشاک растаниҳои борикпоча, ҳар гуна алафҳои хурдӯ (*хоҳ хушк бошанд, хоҳ тар*).

ХОҚОН خاقان 1. лақаби подшоҳи бузурги турк ва хитой; 2. *умуман* лақаби подшоҳони бузург.

ХОҲ-НОХОҲ خواه ناخواه ночор, маҷбуран.

ХОҶ/ХОЧ خاج/خاچ салиби насоро.

ХОҶА خواجه 1. соҳиб. 2. лақаби асилзодагон.

ХУБЗ خبز нон.

ХУБС خبث палидӣ, нопокӣ.

> "Маро чун бувад домане аз айб пок,
> Надорам зи хубси бадандеш бок.
> (*Брг.*).

ХУБОН خوبان соҳибҷамолон, маҳбубон. *Ба ин маънӣ Ҳайрат гуфта.*

> Аз нимханда мурда тавон зинда сохтан
> Хубон дар ин замона таъаммул чаро
> кунанд?

ХУДБИН خودبین *нигоҳ кун ба* **худком.**

ХУДДОМ خدام [ҷамъи ходим]; ходимон.

ХУДДОНАМ خوددانم *нигоҳ кун ба* **худраъй.**

ХУДДОРӢ خودداری 1. сабр, бардошт. 2. аз ягон кори нописанд худро нигоҳдорӣ.

ХУДКОМ خودکام касест, ки танҳо манфиати худро дар назар мегирад ва барои манфиати худ ҳаргуна зарари дигарон ва умумиро мехоҳад. *Ба ин маънӣ гуфта шудааст:*

> Аз ин худкомии ёрон ранги улфат
> мепарад моро,
> Ки баҳри сайди моҳӣ хушк мехоҳанд
> дарёро.

ХУДКОМА خودکامه *нигоҳ кун.* ба **худком.**

ХУДНАМОЙ خودنمای 1. *нигоҳ кун. ба* **худорой** *ва* **худситой.**

ХУДО ! خدا [1. *динӣ* аллоҳ, ҳалқкунанда, холиқ. 2. соҳиб, молик. ***Худо диҳад** ибораест, ки ҳангоми чизе надода пас гардониидани ғалоён гуфта мешавад.

Нӯфал, ки худо ҷазо диҳодаш.
Кард аз дари мо «худо диҳодаш».
*(Л. М.).**

ХУДОВАНД خداوند *нигоҳ кун.* ба **худо.**

ХУДОЙГОН خدایگان подшоҳи бузург ва пуриқтидор.

ХУДОМӮЗ خودآموز 1. омӯзиши ба сари худ. 2. китобе, ки бе ёрии омӯзгор бо вай савод бароянд ва маълумоти дигар ҳосил шавад.

ХУДОРОЙ خودآرای ба худ зебу зинатдиҳанда.

ХУДОТ* خودات *дар забони тоҷикӣ қадим ба маънои соҳиб аст. Қалимаҳои* **хидев, худовандкор, худойгон,** *ки то имрӯз дар адабиёти шарқ кор фармуда мешавад, аз ҳамин калима гирифта шудаанд (Ҷ. 10).*

ХУДПАРАСТ خودپرست *нигоҳ кун. ба* **худписанд.**

ХУДПИСАНД خودپسند касест, ки худро меписандад ва ҳама кори худро хуб ва маъқул медонад.

ХУДРАЪЙ خودرأی гапнодаро, маслиҳатнопазир.

ХУДСАР خودسر қонунношинос, интизомвайронкун *(ин калима аз калимаи «ба сари худ» фарқ дорад. Маънии «ба сари худ» мустақил аст).*

ХУДСАРӢ خودسری қонунношиносӣ, интизомвайронкунӣ.

ХУДСИТО(Й)* خودستای худтаърифкун; лофзан.

ХУДСОЗӢ خودسازی кӯшиш ба дуруст кардани худ.

ХУДЪА خدعه фиреб, макр.

ХУЗРАТ خضرت сабзӣ, сабзрангӣ.

ХУЗӮЪ خضوع фурӯтаникунӣ, зорикунӣ.

ХУК خوک ҷонварест маълум, ки бо лабҳои худ заминро кофта ҳар чи ёбад, мехӯрад. *Дар ин маънӣ гуфта шу*[illegible] **гар дар шнёри** [illegible] **дигар аст (шнёр** [illegible]

ХУКБОН* [illegible] وکبان [illegible] нандан хук, хукпа[illegible]

ХУЛА//ХӮЛА خوله филизи аз мис, биринҷ ва рӯҳ омехта гудохта рехташуда *(ҳалқаҳои дар зангҳои шутур аз ҳамин ҷинс аст).*

ХУЛАФО خلفا [*ҷамъи* **халифа**]; халифаҳо.

ХУЛД* خلد *динӣ* ҷаннат.

Сарве, на чу сарви боғ бебар,
Боғе, на чу боғи хулд бедар.
(Л. М.)

Хулди барин *динӣ биҳишти* боло.

Яъне ин оби сиҳамоли замин
Қай сазад нисбаташ ба хулди барин?
(Бедил).

ХУЛЛАТ خلت дӯстӣ.

ХУЛЛ//ХИЛ(Л) خل дӯст, рафиқ; **хуллон** дӯстон.

ХУЛМӢ خلمی як хел зардолуи бодомчакли калондонаи сергӯшти зардранг.

ХУЛУС خلوص 1. холисӣ, соддагӣ, покӣ. 2. дӯстӣ.

ХУЛФ خلف ваъдахилофӣ.

ХУЛҚОН* خلقان [1. ҷамъи ҳалақ]; 2. кӯҳна

Кӯҳан кунад ба замоне ҳамон куҷо нав буд,
Ба нав кунад ба замоне ҳамон, ки хулқон буд.
(*Рӯдакӣ*)

ХУМ خم зарфи бузургест, ки дар вай об, шароб ва монанди инҳоро андозанд.

ХУМДОН خمدان дошн сафолпазӣ, хиштпазӣ ва гачу оҳакпазӣ.

ХУМОР خمار шикастагӣ, кӯфтагии аъзо ва дарди сар баъд аз рафтани шиддати мастӣ.

ХУМС* خمس панҷьяк, аз панҷ як (*Б*).

ХУМСО خمسا одами бемаслак ва беқарор (*ин калима аз калимаи «хунсо»-и арабӣ вайрон шудааст. нигоҳ кун.* *ба* **хунсо**).

ХУМУЛ خمول 1. гумномӣ. 2. торикӣ.

ХУН خون чизи обакии равони сурх аст дар бадани ҷонварон. **Хуни раз** шароби ангурӣ.

ХУНБАҲО خونبها баҳои хун, [тавоне, ки ба ивази хуни рехташудани касе дода мешавад].

ХУНГАРМ خونگرم касест, ки ба ҳар кор бо шавқу завқ ва гармӣ даст мезанад.

ХУНГИРИФТА خونگرفته 1. қотиле, ки бо нишонаи хуни рехтааш ба даст афтодааст. 2. куштанӣ, куштанбоб. (*маҷоз*).

ХУНДОР خوندار касе, ки яке аз хешовандони ӯро касе куштааст.

ХУНИН خونین *мансуб ба* хун. **(ҷанги хунин, давраи хунин).**

ХУНОБА* خونابه 1. оби омехта бо хун. 2. ашки хунин; зардоб.

ХУНОБАХӮР* خونابه‌خور 1. хӯрандаи хуноба. 2. *маҷозан* бисьёр ғамхӯранда:

Ду рӯз шуд, ки асират набуд чун дили ман,
Кунун хунобахӯри наргиси ту вагала шуд.
(*аз шеъри тоҷикӣ*)

ХУНОСО//ХУНАСО خناثا//خنثی касе, ки ҳам аломати мардӣ дорад, ҳам аломати занӣ (*аз «хунсо»-и арабӣ гирифта шудааст*).

ХУНРЕЗ خونریز бисьёр одамкушанда, резандаи хун.

ХУНРЕЗӢ خونریزی кушокуш **(дар ҷанги ҷаҳон бисьёр хунрезӣ шуд).**

ХУНСО* خنثی касе, ки аломати ду ҷинсро дорад ва аз кадом ҷинс буданаш маълум нест, гермафродит. (*Дар гуфтугӯ «хунасо» шудааст; нигоҳ кун.* *ба* **хуносо//хунасо**).

ХУНУК خنک 1. сард. 2. хуш, хуррам. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Хунук он ки дар олам озод зист, ваъе
хуш он ки...
*Хунук он ки осоиш марду зан
Гузинад бар осоиш хештан. (*Бӯс*)*

(*дар маънии дуюм дар адабиёт ва забони ҳозира кор фармуда намешавад*).

ХУНШОР خونشار ҷароҳате, ки аз вай хун шорида барояд.

ХУНЬЁ خنیا нағма, суруд.

ХУНЬЁГАР خونیاگر созанда, нағмасаро. *хонанда, сурудгӯй.

Шунидам, ки дар лаҳни хуньёгаре,
Ба рақс андар ояд парипайкаре. *(Бӯс.)**

ХУНӢ خونی 1. *мансуб ба* **хун.** 2. *нигоҳ кун. ба* **хундор**

ХУР خور офтоб.

ХУРД خرد 1. майда, *зидди* **бузург.** 2. реза ва шикастани чизе; *реза-реза.

Чун қосиди шаҳ паёми ӯ бурд,
Шуд шишаи меҳр дар миён хурд.
*(Л. М.)**

ХУРДА خرده 1. резаи ҳар чиз, *чизи майда. 2. айби хурдтаракак.

Ба як хурда мапечид бар вай ҷафо,
Бузургон чӣ гуфтанд? — хуз мосафо!

(**хуз мосафо** *бигир чизи софро...*
*(Бӯс.)**

ХУРДАГИР خرده گیر каси айбҷӯй, ки ба ҳар гуна камбудиҳои хурд ҳам баҳс мерасонад.

ХУРДАКОР خرده کار диққатписанд.

ХУРДАФУРӮШӢ خرده فروشی ҷоест, ки дар он ҷо шона, кордча, *либосҳои* бофта ва монанди инҳо чизҳои майда-чуйда фурӯхта мешавад.

ХУРДТАРАК خردترک *бисёр* хурд.

ХУРДУРЕЗА خردوریزه бачагони як хонавода.

ХУРДӢ خردی 1. хурд будан. 2. *мансуб ба* **хурд.**

ХУРМА خورمه зарфест даҳонфароҳи дугӯшаи сафолӣ, ки дар вай говонро дӯшанд.

ХУРМО خرما мевaест донакаш монанди донаки санҷид ва гӯшташ монанди гӯшти зардолу, ки дар Арабистон ва дар дигар ҷоҳои гармҳаво рӯяд.

*Хурмои ту гарчи соғар аст
Бо ҳар ки ба ҷуз ман аст, хор аст.

(Мурод аз **хурмои ту** *васли Лайлӣ аст. (Л. М.)*

ХУРМОСТОН* خرماستان хурмозор.

Тане чанд дар хирқаи ростон
Гузаштем бар тарфи хурмостон.
(Бӯс.).

ХУРОФА/Т/ خرافة 1. сухани бе-асл, гапи бемаънӣ. 2. номи як араб буд, ки гӯё пар[illegible] ошиқ буда, ӯ аз он[illegible] гуфт.

ХУРОФОТ خرافات [illegible] **фат]**; суханони беху[illegible] парешони афсонамона[illegible]

ХУРРАМ خرم 1. тоза, сероб, хуш, обод (**гули хуррам, дарахти хуррам, рӯзи хуррам, боғи хуррам.** [2. шод, хурсанд].

ХУРРОК خراك садое, ки дар вақти хоб аз димоғ мебарояд

ХУРСАНД خرسند//خورسند хуш ва шодмон.

ХУРУҶ خروج 1. *берунравӣ.* 2. бо исьён берун рафтан аз фармони давлат. ***Хуруҷи оммавӣ** инқилоб, революция *(Ҷ. IV).*

ХУРШЕД خورشید//خرشید офтоб.

ХУРУС خروس 1. мурғи хонагии

нар. 2. бедонаи нар ва мурғи титави нарро ҳам хурӯс хонанд.

ХУРӮШ خروش 1. шӯру ғавғои шодиёна. *Ба ин маънӣ гуфта шудааст:*

Ёди он шабҳо, ки мо ҷӯшу хурӯше доштем.
Бар хурӯши ною даф то субҳ гӯше доштем.

2. садои нағма (*мисол дар байти боло*) ***Хурӯшу валвала** шӯру ғавғо*

ХУСБИДАН* خسبیدن хобидан, хуфтан.

Чунин хусб и-онд фасоҳат ба гӯш.
Агар андаке барорад хурӯш... (*Бед.*).

ХУСПИДАН خسپیدن хобидан.

ХУСР خسر [1. зарар, зиён] 2. зиёнбинӣ.

ХУСРОН خسران 1. зиён, *зиёнкорӣ.
Илтимос он аст, ки худро ба ғурур ва ғафлат раво надоранд ва ба хусрони дунё ва охират нагзоранд. (*Навоӣ*) *2. гумроҳӣ.

ХУСУР خسر//خسور падаршӯй ва падарарӯс.

ХУСУСИЯТ خصوصیت хос будани чизе ба чизе.

ХУСУФ خسوف гирифтани моҳ, ки дар вақти дар байни офтоб ва моҳ ҳоил шудани замин пайдо мешавад.

ХУТАБО خطبا [ҷамъи хатиб]: хатибҳо.

ХУТБА خطبه 1. ваъз ва насиҳатҳои динист, ки хатибон дар масҷидҳо мехонанд. 2. дебочаи китобҳои кӯҳна.

ХУТУТ* خطوط ҷамъи **хат**

Ин бедонишон умрҳо ҷодаи хутут **ва** сутур мепаймоянд. (*Бедил*).

ХУФИЙЯ//ХАФИЙЯ خفیه ҷосус.

ХУФИЯ//ХУФЬЯ خفیه пинҳонӣ, пӯшида.

ХУФТА خفته хобида.

Хуфтаро хуфта кай кунад бедор.

ХУФТУХЕЗ خفت‌وخیز муваққатан зиндагоникунӣ дар ҷое (**ман дар хонаи фалонӣ хуфтухез карда гаштаам**).

ХУФТУХОБ خفت‌وخواب ҳамхобагӣ бо зан.

ХУШ//ХВАШ خوش шод, хуб.

*Хушдил назами мани балокаш
В-он кист ки дорад ӯ дили хаш (хуш).

Дар назми шоирони классики форс-тоҷик калимаи «хуш»-ро бо оташ, балокаш ва ғайруҳу, хӯрдро бо гард ва амсоли ин ҳамқофия кардан, шакли як қоидаи махсусро гирифтааст. (Л. М.).

ХУШБОШӢ خوش باشی 1. «хуш бошед» гуфтан дар вақти видоъ. 2. видоъ (*маҷоз*).

ХУШГУВОР خوش گوار бамаза, хуштаъм.

ХУШДОМАН خوش دامن модари зан.

ХУШИДАН//ХӮШИДАН خوشیدن хушкидан.

Бихушид сарчашмаҳои қадим.
Намонд об ҷуз оби чашми ятим.
(*Бӯс.*).

ХУШК خشک 1. *зидди* **тар**; ҳар чизе, ки баъд аз тар будан бо ҳаво ё оташ, ё офтоб тарӣ ва намиаш парида бошад. 2. холӣ (**дастхушк омадам**—*яъне дастхолӣ омадам*). 3. бефоида, беманфаат (**аз ин кор фалонӣ хушк монд**—*яъне чизе нагирифт*). 4. бе-

таъсир **(шеъри фалонӣ хушк аст**—*яъне бетаъсир аст).*

ХУШКА خشکه ҳезуми хушкест, ки барои ба осонӣ сӯзондани ҳезумҳои тар дар байни онҳо монда дармегиронанд.

ХУШКИДАН خشکیدن паридани нам ва оби ягон чиз.

ХУШККУНАК خشك کنك коғаз ё олатест, ки бо вай снёҳии хати навнавиштаро хушконанд.

ХУШКМАҒЗ خشك مغز девонамизоҷ.

ХУШКСОЛ خشك سال қаҳатӣ, ки аз беборишӣ пайдо шуда бошад.

ХУШКӢ خشکی [1. *зидди* **тарӣ]** 2. доғҳои сафеди сабӯсакдор, ки дар бадани одам пайдо мешавад. 3. хок, рег, ё хокистаре, ки дар таки пои чорпоён барои хушкондан мерезанд.

ХУШНАМАК* خوش نمك зебо, бомалоҳат.

Ин беиамакӣ фалак ҳамекард.
В-он хушнамак ин ҷигар ҳамехӯрд.
(*Л. М.*)

ХУШНУД خوشنود/خشنود розӣ, хурсанд.

ХУШО خوشا бисьёр хуш!

ХУШОБ خوشاب сероб.

ХУШОМАД خوش آمد мадҳи касе бар рӯи ӯ барои кашидани дили ӯ ба тарафи худ.

ХУШУНАТ خشونت дуруштӣ.

ХУШҶИЛАВ خوش جلو 1. аспи бисьёр ром. 2. одами гапдаро ва маслиҳатпазир (*ин ғайри* **гапрев** *аст, ки вай аз сифатҳои бади одамист).*

ХУЮЛ خیول [*ҷамъи* **хайл**]; 1. аспон. 2. саворон.

ХУҲАР خوهر ҳамзоди духтар (*сабук кардашудаи хоҳар).*

ХУҶИСТА//ХУҶАСТА خجسته муборак, хуш.

ХУҶИСТАНОМ* خجسته نام муборакнюм, номаш нек.

Бигзор, к-аз ин хуҷистаномон,
Хоҳем туро буте хиромон. (*Л. М.*)

ХУҶИСТАПАЙ خجسته پی муборакқадам.

ХӮ(Й) (خو(ی одат, атвори ягон кас **(бадхӯ, хушхӯ). Хӯ кардан** ром шудан, улфат гирифтан, ҳамдам шудан. *Ба ин маънӣ гуфта шудааст:*

Наранҷем, бо ғайр агар хӯ кун[illegible]
Ту бо мо чи кардӣ, ки бо ӯ к[illegible]

ХӮГИР خوگیر одами улф[illegible] ванда, унсгиранда.

ХӮД خود кулоҳи оҳанини ҷ[illegible]

*Назад тораки ҷангҷӯро ба даст,
Ки хӯду сараширо ва дарҳам шикаст.
(*Бус.*).

ХӮЙХОМ* خوی خام бетаҷриба, хурдсол, аз урфу одати зиндагӣ бехабар.

Ишқ омаду хомҷом дардод
Ҷоне ба ду хӯйхом дарданд.
(*Л. М.*).

ХӮЛЬЁ خلیا хаёлҳои беасос.

ХӮР خور 1. *амр ба* **хӯрдан**—*бихӯр!* 2. хӯрдан, хӯрд **(фалонӣ аз хобу хӯр монд, яъне аз хӯрдан монд).** 3. хӯранда **(ошхӯр нонхӯр.)**

ХӮРД I خورد 1. бихӯрд (ӯ таомро). 2. чизи хӯрданӣ, хӯрок, **(хӯрду хӯрок).**

*Мард арчи ба табъ мард бошад,
Нерӯи танаш ба хӯрд бошад.
(Л. М.).

ХӮРД II خورد лоиқ, сазовор. (**Ин кор ба хӯрди шумо нест**— *лоиқи шумо нест*).

ХӮРДА خورده хӯрда шудан а) чизеро хӯрда тамом кардан б) аз хӯрдан тамом шудани чизе. в) бисьёр ба ҳам расидан, соида шудани ягон чиз (**корд аз бисьёр кор фармудан хӯрда мешавад, тири ароба аз бисьёр гаштан хӯрда мешавад**).

ХӮРДАН خوردن 1. хӯрок хӯрдан. 2. ба ҳам расидани ду чиз (**сараш ба девор хӯрда кафид**).

ХӮРИШ خورش 1. ҳолати хӯрдан. 2. чизе, ки пайро бо хӯрок ҳамроҳ карда хӯранд (*туршиҳо ва сабзавот бо ош, шириниҳо ва меваҷот бо нон*). 3. чизе ки барои беҳтар ва ислоҳ кардани чизи дигаре ҳамроҳ карда мешавад (*масалан зок дар ранг, ширеш дар гач, ҷиму дар ҷои ширин ва дигарҳо.*)

ХӮРО خورا *нигоҳ кун. ба* **хӯрон.**

ХӮРОК خوراك 1. хӯрданӣ (**хӯрок хӯрдам**). 2. хӯрдан (**хӯрок кардам**).

ХӮРОКВОРӢ خوراكوارى чизҳое, ки аз онҳо чизи хӯрданӣ тайёр карда мешавад.

ХӮРОКӢ خوراكى *нигоҳ кун. ба маънии аввали* **хӯрок.**

ХӮРОН خوران пурхӯр. *Дар замони асорати иқтисодии занон гуфта шудааст:* Молат хӯрон шавад, бурдӣ, занат хӯрон шавад, мурдӣ.

ХӮРОХӮР خوراخور зиёфати исрофкорона.

ХӮРҶИН خورجين 1. ду халтаи ба ҳам пайваста бофта, ки бар болои хар ё асп бор карда дар вай чиз андозанд. 2. нобарории кор (*ин маънӣ аз як афсона гирифта шудааст, ки гӯё як ширинӣ барои лойолуд кашидани думи хараш думи вайро бурида дар хӯрҷин андохта будааст*).

ХӮСА خوسه 1. ҳайкалест, ки дар киштзорҳо барои рамондани паррандагон барпо мекунанд, матарс. 2. мансабдор ё ягон коркуни масъуле, ки вазифаи ба худаш супурдаро адо кардан наметавонад, танҳо монанди ҳайкали беҷон дар сари кор ва мансаб менишинад.

ХӮСИДАН خوسيدن рамидан.

ХӮСОНИДАН خوسانيدن рамонидан.

ХӮШ خوش 1. калимаест дар ҷавоби ҷег задани касе гуфта мешавад, *яъне* ман мунтазирам барои шунидани сухани ту. 2. *ба маънои хуб дар гуфтугузор* (**хӯш, дар ин кор шумо чӣ мегӯед,** *яъне хуб?...*).

ХӮША خوشه сари гандум, ҷав, ангур *ва монанди инҳо.*

ХӮШАЧИН خوشه‌چين касе, ки баъд аз дарав карда гирифтани галладона хӯшаҳои рехтамондаро чида гирифта бо он рӯзгор мегузаронад. *Ба ин маънӣ гуфта шудааст:*

Гадоӣ кардаам аз ҳар дари дил тухми маъниро,
Бубин ин хӯшачин ҳам рафта-рафта марди деҳқон шуд.

таъсир (**шеъри фалонӣ хушк** аст—*яъне бетаъсир аст*).

ХУШКА خشکه ҳезуми хушкест, ки барои ба осонӣ сӯзондани ҳезумҳои тар дар байни онҳо монда дармегиронанд.

ХУШКИДАН خشکیدن паридани нам ва оби ягон чиз.

ХУШККУНАК خشک کنک коғаз ё олотест, ки бо вай сиёҳии хати навиштаро хушконанд.

ХУШКМАҒЗ خشک‌مغز девонамизоҷ.

ХУШКСОЛ خشک‌سال қаҳтӣ, ки аз беборишӣ пайдо шуда бошад.

ХУШКӢ خشکی [1. *зидди* **тарӣ**] 2. доғҳои сафеди сибусакдор, ки дар бадани одам пайдо мешавад. 3. хок, рег, ё хокистаре, ки дар таги пои чорпоён барои хушкондан мерезанд.

ХУШНАМАК* خوش نمک зебо, бомалоҳат.

Ин бенамакӣ фалак ҳамекард,
В-он хушнамак ин ҷигар ҳамехӯрд.
(*Л. М.*)

ХУШНУД خوشنود//خشنود розӣ, хурсанд.

ХУШО خوشا бисёр хуш!

ХУШОБ خوشاب сероб.

ХУШОМАД خوش‌آمد мадҳи касе бар рӯи ӯ барои кашидани дили ӯ ба тарафи худ.

ХУШУНАТ خشونت дуруштӣ.

ХУШЧИЛАВ خوش‌چلو 1. аспи бисёр ром. 2. одами гапдаро ва маслиҳатпазир (*ин ғайри* **гаправ** *аст, ки вай аз сифатҳои бади одамист*).

ХУЮЛ خیول [*ҷамъи* **хайл**]; 1. аспон. 2. саворон.

ХУҲАР خوهر ҳамзоди духтар (*сабук кардашудаи хоҳар*).

ХУҶИСТА//ХУҶАСТА خجسته муборак, хуш.

ХУҶИСТАНОМ* خجسته‌نام муборакном, номаш нек.

Бигзор, к-аз ин хуҷистаномон
Хоҳем туро бути хиромон. (*Л. М.*

ХУҶИСТАПАЙ خجسته‌پی муборакқадам.

ХӮ(Й) خو(ی) одат, атвори ягон кас (**бадхӯ, хушхӯ**). **Хӯ карда** ром шудан, улфат гирифтан, ҳамдам шудан. *Ба ин маънӣ гуфт шудааст:*

Наранҷем, бо хайр агар хӯ кунӣ,
Ту бо мо чи кардӣ, ки бо ӯ кунӣ.

ХӮГИР خوگیر одами улфатшаванда, унсгиранда.

ХУД خود кулоҳи оҳанини ҷангӣ.

"Наванд тарки ҷангҷӯро ба даст,
Ки хӯду сарашро на дарҳам шикаст
(*Бус.*)

ХӮЙХОМ* خوی‌خام бетаҷриба хурдсол, аз урфу одати зиндагӣ бехабар.

Ишқ омаду хомҷом дардод
Ҷоме ба ду хӯйхом дардод.
(*Л. М.*).

ХУЛЬЁ خلیا хаёлҳои беасос.

ХӮР خور 1. *амр ба хӯрдан*—бихӯр! 2. хӯрдан, хӯрд (**фалон аз хобу хӯр монд**, **яъне аз хӯрдан монд**). 3. хӯранда (**ошхӯ нонхӯр**.)

ХӮРД I خورد 1. бихӯрд (ӯ таом ро). 2. чизи хӯрданӣ, хӯрок, (**хӯр ду хӯрок**).

*Мард арчи ба табъ мард бошад.
Нирӯи танаш ба хӯрд бошад.
(Л. М.).

ХӮРД II خورد лоик, сазовор. **(Ин кор ба хӯрди шумо нест—** *лоиқи шумо нест).*

ХӮРДА خو-ر-ده хӯрда шудан а) чизеро хӯрда тамом кардан б) аз хӯрдан тамом шудани чизе. в) бисьёр ба хам расидан, соида шудани ягон чиз **(корд аз бисьёр кор фармудан хӯрда мешавад, тири ароба аз бисьёр гаштан хӯрда мешавад).**

ХӮРДАН خوردن 1. хӯрок хӯрдан. 2. ба хам расидани ду чиз **(сараш ба девор хӯрда кафид).**

ХӮРИШ خورش 1. ҳолати хӯрдан. 2. чизе, ки вайро бо хӯрок ҳамроҳ карда хӯранд (*турушиҳо ва сабзавот бо ош, шириниҳо ва меваҷот бо нон*). 3. чизе ки барои беҳтар ва ислоҳ кардани чизи дигаре ҳамроҳ карда мешавад (*масалан зок дар ранг, ширеш дар гач, лиму дар чои ширин* ва *дигарҳо.*)

ХӮРО خورا *нигоҳ кун. ба* **хӯрон.**

ХӮРОК خوراك 1. хӯрданӣ **(хӯрок хӯрдам).** 2. хӯрдан **(хӯрок кардам).**

ХӮРОКВОРӢ خوراكوارى чизҳое, ки аз онҳо чизи хӯрданӣ тайёр карда мешавад.

ХӮРОКӢ خوراكى *нигоҳ кун. ба маънии аввали* **хӯрок.**

ХӮРОН خوران пурхӯр. *Дар замони асорати иқтисодии занон гуфта шудааст:* Молат хӯрон шавад, бурдӣ, занат хӯрон шавад, мурдӣ.

ХӮРОХӮР خوراخور зиёфати исрофкорона.

ХӮРҶИН خورجين 1. ду халтаи ба ҳам пайваста бофта, ки бар болои хар ё асп бор карда дар вай чиз андозанд. 2. нобарории кор (*ин маънӣ аз як афсона гирифта шудааст, ки гӯё як ширинӣ барои мавлуд нашудани думи хараш думи вайро бурида дар хӯрҷин андохта будааст*).

ХӮСА خوسه 1. ҳайкалест, ки дар киштзорҳо барои рамонидани паррандагон барпо мекунанд, матарс. 2. мансабдор ё ягон коркуни масъуле, ки вазифаи ба худаш супурдаро адо кардан наметавонад, танҳо монанди ҳайкали беҷон дар сари кор ва мансаб менишинад.

ХӮСИДАН خوسيدن рамидан.

ХӮСОНИДАН خوسانيدن рамонидан.

ХӮШ خوش 1. калимаест дар ҷавоби ҷеғ задани касе гуфта мешавад, *яъне* ман мунтазирам барои шунидани сухани ту. 2. *ба маънои* хуб *дар гуфтугузор* **(хӯш, дар ин кор шумо чӣ мегӯед,** *яъне хуб?...).*

ХӮША خوشه сари гандум, ҷав, ангур *ва монанди инҳо.*

ХӮШАЧИН خوشه‌چين касе, ки баъд аз дарав карда гирифтани галладона хӯшаҳои рехтамондаро чида гирифта бо он рӯзгор мегузаронад. *Ба ин маънӣ гуфта шудааст:*

Гадоӣ кардаам аз ҳар дари дил тухми маъниро,
Бубин ин хӯшачин ҳам рафта-рафта марди деҳқон шуд.

Ч

ЧА چه 1. *суффикси ифодакунандаи хурдӣ ва навозиш.* 2. хурд **(боғча, хонача.** *Ба ин маънӣ бо исм меояд*).

ЧАБАНАФУРӮШӢ چبنه‌فروشی майдафурӯшии чизҳо; (*зидди* **яклухтфурӯш(и)**.

ЧАВГОН چوگان чӯбдасти сархамест, ки бо вай тӯббозӣ кунанд.

ЧАВКӢ* چوکی базми умумии кӯчагӣ ё подшоҳӣ. (Ч. 6).

ЧАДИР چدیر пойбанди асп, хар ва монанди инҳост, ки бо вай ду пои он ҳайвонотро ба тарзе, ки лагад зада ё гурехта натавонад, банданд.

ЧАК چک 1. навиштаҳои ҳуҷҷатӣ, васиқа, санади қарздорӣ, когази ҳавола, қабола, хатти расид ва монанди инҳо. *(*тоҷикон дар бораи хона ва замин* **хату чак карда додам, ё гирифтам** *мегӯянд* (Ф.) *2. ҳудуди замин, боғ, вилоят, мамлакат.

ЧАКАК چکک *нигоҳ кун, ба* **чакка II.**

ЧАКАЛАК چکلک сафедор ва дигар дарахтони бемева, ки дар як ҷо бо анбӯҳӣ расида бошанд.

ЧАКАНА چکنه харидорҳои майдахари ғайри доимӣ.

ЧАКАС//ЧАКС چکس чӯби поядорест, ки бар вай мурғони шикориро шинонанд.

ЧАКИДА چکیده афъюни қиёмгирифта.

ЧАКИДАН چکیدن қатра-қатра рехтани чизҳои обакӣ.

ЧАККА I چکه ҷуғроти ба воситаи халта аз зардоб ҷудо карда шуда..

ЧАККА II چکه устухони барҷаста, ки дар миёнаи зери чашм ва зери гӯш ҷо гирифтааст.

ЧАККАХАЛТА چکه‌خلته 1. халтаест, ки бо вай ҷуғротро аз зардоб ҷудо кунанд. 2. ҷуволест, ки бо вай шираи кулӯҳомехтаи ангурро аз лой ва ғубор соф ва тоза кунанд.

ЧАКМАН چکمن ҷомаи пашмин.

ЧАКМЕЗАК چکمیزک беморест, ки соҳиби он пешоби худро нигоҳ дошта наметавонад ва [illegible] чакра чакида меистад.

ЧАКОМА چکامه қасида.

ЧАКОН چکان чаканда. 2. [illegible] **чакидан (чакондан)** ([illegible] **кон**).

ЧАКОЧАК چکاچک *нигоҳ кун. ба* **чақочоқ**

ЧАКРА چکره қатраҳои чизҳои обакӣ.

ЧАКУЧ چکوچ 1. *нигоҳ кун. ба* **чакуш**. 2. метини сартези сангтарошон.

ЧАКУШ چکش болға.

ЧАКЧАК چکچک 1. буттаи канабдона. 2. ширинӣ ест, ки аз чакондани қиёми орд ва тухм ба равғани доғ пайдо мешавад.

ЧАЛА چله нимкора, нотамом, нопурра.

ЧАЛАВ* چلو кабобест, ки бо палав хӯранд. *(Ед. 3—4)*

ЧАЛИДАН چلیدن ба кор рафтан, дар гард будан *(монанди пулҳои расмӣ) Саидо гуфта:*

Дар мамлакати ҳусни ту ишқам началидо

яъне ба кор нарафт, нагузашт.

ЧАЛИПО چلیپا ду чӯби аз болои ҳам чиллюкӣ гузаронидашуда. *Нигоҳ кун.* ба салиб.

ЧАЛМА چلمه нони бо пиёз ва каду пухташуда.

ЧАЛМАҚ چلمق кори баҳам омехтаи бесару бун. 2. хат ё нақши нораврашан ва ҷо-ҷояш кӯршуда.

ЧАЛОВ چلاو гӯшти бирьёни махсус аст, ки бо биринҷи софи пухташуда ҳамроҳ карда хӯранд.

ЧАЛОНДАН//ЧАЛЛОНДАН چلاندن бо хариду фурӯш пулро зиёд кардан.

ЧАЛПАК چلپک хамири тунуки дар равгани доғ бирьён кардашуда.

ЧАЛПОСА چلپاسه калтакалоси хурдҷусса.

ЧАМ I چم 1. хиром, рафтор бо ноз. 2. *амр ба* **чамидан**, *яъне* **бихиром, рафтор кун.**

ЧАМ II* چم чашм *(дар лаҳҷаи қадимии Марв).*

ЧАМАН چمن гулзорест раста-раста, ки дар миёнаи он гардиш кардан мумкин аст.

ЧАМИДАН* چمیدن 1. хиромидан, бо ноз роҳ рафтан.

Даме сар барор аз гиребони ғам,
Ба ороми дил бо ҷавонон бичам!
(Бӯс).

2. бо вазидани бод ба ҳар тараф хамидани шохҳои дарахт, ниҳолҳо ва пояҳои сабзи ҷаву гандум.

Чу боди сабо бар гулистон вазад,
Чамидан дарахти ҷавонро сазад.
(Бӯс.).

ЧАМОН چمان хиромон. *Ҳофиз гуфта:*

Сарви чамони ман чаро майли чаман намекунад,
Ҳамдами гул намешавад, ёди суман намекунад.

ЧАМОНА چمانه пиёлаи кадуги накшдори шаробнӯшӣ.

ЧАМОҚ چماق 1. гурз, калтаки сарлӯнда. 2. чормағз *(дар лаҳҷаҳои шимолии тоҷикӣ).*

ЧАНА چنه аробаи бе чарх аст, ки бо вай бар рӯи барфҳо ва яххо гарданд.

ЧАНБАР چنبر 1. гардиши миёнхолӣ *(монанди* гардиши доира ва дигарҳо). 2. халкае, ки ба гардани ҳайвонот андозанд. 3. банд ва каманде, ки бо вай гардани ҳайвонот ва бандиёнро банданд.

Ки афтад аз ин пояи ҳам сарваре
Бимонад гирифтор дар чанбаре.
(Бӯс.).

(**Чанбардон,** *ки асбоби кафтарсайдкунӣ аст, аз ҳамин калима ба маънои охиринаш гирифта шудааст).*

ЧАНБАРАК چنبرک чӯбҳои аз ҳам гузаронидашуда, ки дар пояҳои сандалӣ банд мекунанд ва ба болои он пои худро мегузаронанд.

ЧАНБАРДОН چنبردان гардиши

дастадорест, ки дар вай тӯр мебанданд ва бо вай кафтарҳои бегонаро сайд мекунанд.

ЧАНБАРШОХ چنبرشاخ гови калоншохе, ки шохҳояш ба якдигар расида гардишмонанд шуда бошад.

ЧАНГ I چنگ панҷаи даст (**чанг зада себро аз даст гирифтан**)* 2. чангол.

Пар бикандӣ, чангу чангул рехта,
Хок гашта, бод хокаш бехта.

(*ин суханро дар ҳарфи арабӣ «чунг» хондан ҳам мумкин аст. Дар он сурат маънояш «минқор, нӯл» мешавад (Р.)**

ЧАНГ II* چنگ созест ки вайро навозанд.

ЧАНГАК چنگک 1. оҳани сархамида, ки бо вай ҳар чизро банд карда гиранд. 2. ангуштони хамшуда часпидамондаи одамӣ.

ЧАНГАЛ چنگل *нигоҳ кун. ба* чангол.

ЧАНГОЛ چنگال 1. панҷаи дасти одамӣ. 2. нохунҳои тези мурғони шикорӣ ва ҳайвонҳои дарранда.

ЧАНГУЛ* چنگل чангол.

Пар канда чангу чангул рехта,
Хок гашта, бод хокаш бехта.
(Рӯдакӣ).

ЧАНГЧА چنگچه 1. оҳани сархамида, ки ба вай ҳар чизро овезанд. 2. одами панҷадори хӯрокхӯрӣ.

ЧАНД چند 1. адад ва миқдори ғайри маълум.
Ҳофиз гуфта: Ҳасби ҳоле нанавиштем шуд айёме чанд. 2. пурсиш аз адад (**чанд сол доред?**). 3. То кай... то кадом вақт...
Ҳофиз гуфта:

Бар дари арбоби бемурувати дунё.
Чанд нишинӣ, ки хоҷа кай ба дар ояд.

(*яъне то кай, то кадом вақт нишинӣ*)

ЧАНДИР چندر 1. гӯшти пайдор, ки буридан ва хойидани он душвор аст. 2. ҳар чизе, ки кандан ва шикастани он душвор бошад.

ЧАНДОН چندان 1. ҳарчанд.
Ҳофиз гуфта:

Чандон ки гуфтем ғам бар табибон,
Дармон накарданд мискини ғарибон.

2. то он вақт.

Ҳар шаб ба сари кӯи ту эй меҳрпеша.
Чандон бинишинам, чи барояд хуршед.

3. он қадар, бисёр, ба он дараҷа, **чандон гиристам, ки дили санг об шуд).**

ЧАП چپ 1. *зидди* **рост** (*масалан*, **дасти росту дасти чап**). 2. роҳи каҷи ғайри маъруф. **Чап шудани касе ба касе** душман шудани он ба вай.

ЧАПАК چپک садое, ки аз ба ҳам сахт задани ду кафи даст мебарояд.

ЧАПАН چپن 1. одами бехату савод.

Рафт аз хотири ман дидагаи муллоӣ
Дидам, он шӯх чу бо як-ду чапан меояд.

[2. одами бешарму ҳаё, одами беодоб].

ЧАПАНДОЗ I* چپانداز бо хила ба ғалат андозанда.

ЧАПАНДОЗ II* چپانداز 1. каси махсусест, ки аспҳои ҳокимон ва бойҳоро дар кӯпкорӣ ва бузкашӣ метозад. (Ч. З.)* кӯпкоритоз, бузкаш.

ЧАПАНИ چپنی 1. беодобӣ, бадгапӣ. [2. чапан, одами бади беҳаё].

ЧАПАР چپر хабарбари савора, ки

одатан дартоз меравад, косиди савора.

ЧАПДАСТ چپدست касе, ки ҳамаи корҳоро бо дасти чап мекунад.

ЧАППА چپه *зидди* **роста;** сараш пойин, пояш боло шудани ягон чиз, рӯ ба пойин хобондани коса *ва монанди инҳо.*

ЧАППОТӢ چپاتی нони тунуки фатирӣ.

ЧАПУРОСТ چپوراست ду хат, ё ду чӯби аз боло баҳам гузарондашуда.

ЧАПЧАК چپچک *нигоҳ кун. ба* **чаппотӣ.**

ЧАПҒАЛАТ چپغلط дар ҷанг, дар гурез чапу рост рафта душманро дар ғалатандозӣ (*бо калимаи «дода» ҳамроҳ шуда меояд*). 2. дар мунозара ва мубоҳаса далелҳои ғайри мантиқӣ оварӣ.

ЧАРБ چرب чизи равғанини нарм (*масалан,* нони серравған, ҳалвои серравған *ва ғайра*).

ЧАРБЗАБОН چربزبان касест, ки бо забонбозӣ ҳар касро ба роҳи худ мекашад.

ЧАРБПАҲЛУ چرب‌پهلو [1. фарбеҳ. 2. одами доро]. 3. касест, ки ӯро фиреб дода аз вай манфиат бурдан осон аст.

ЧАБРСУХАН* چرب‌سخن мулоимсухан.

В-он чарбсухан ба хушҷавобӣ,
Мекард иморати харобӣ.

Нӯфал Маҷнуни дилафгорро тасалло медод. (Л. М).

ЧАРБУ چربو *нигоҳ кун. ба маънии дуюми* **чарбӣ.**

ЧАРБӢ چربی 1. нармӣ, мулоимат. 2. равғани даруни ҳайвонот, ки дар атрофи шикамба баҳам мерасад.

ЧАРДА چرده ранги пӯсти одамӣ ки сиёҳча бошад.

ЧАРЗ//ҶАРЗ/ چرز номи як навъ паррандае, ки бо шоҳин ё боз онро шикор мекунанд.

Ба чанголи қаҳри ту дар хасми баддил
Бувад ҳамчу чарзе ба чанголи шоҳин.
(*Рӯдакӣ*).

ЧАРМ چرم пӯсти ош дода пухтани ҳайвонот аст, ки дар мӯза, кафш ва монанди инҳо ба кор равад.

ЧАРМГАР چرمگر касест, ки аз пӯсти ҳайвонот чарм месозад.

ЧАРМГАРӢ چرمگری 1. кори аз пӯсти ҳайвонот чармсозӣ. 2. корхонаи чармсозӣ.

ЧАРО I چرا озодона аз замини растаниҳоро чида хӯрдани ҳайвонот.

ЧАРО II چرا [*аслаш* **чиро**] Барои чӣ?

ЧАРОГОҲ چراگاه ҷоест, ки дар он ҷо ҳайвонот озодона аз замини растаниҳоро чида хӯранд.

ЧАРОГ چراغ чизест, ки бо пилта ва равған даргиронда торикиро равшан мекунанд. ***Чароғи** **осмонгард** *киноя аз* **офтоб.**

Чун нури чароғи осмонгард
Аз пардаи субҳ сар бадар кард.
(*Л. М.*)

Чароғи маҳтобӣ прожектор (*Ч. 10*).

ЧАРОҒАК چراغک 1. кирми шабтоб. 2. барқзании ҳаво дар вақтҳои абр ва борон.

ЧАРОҒВОРА چراغواره хонаи майни ҳаммомҳои кӯҳна, ки дар он ҷо чароғ меафрӯхтанд.

ЧАРОҒОН چراغان чароғи бисьёр даргиронидан дар хона, ё дар шаҳр ба муносибати маросиме.

ЧАРОҒПОЯ چراغپایه 1. чӯби пояддори сарпаҳн аст, ки дар замони қадим бар болои вай чароғ мемонданд. 2. ду пои пеши худро бардошта рост шудани асп.

ЧАРС I چرس ҳайвони хонагии дурустромнашуда (*монанди* аспу хари нав саворӣ кардашуда, гови дӯшой дар аввали бачадории худ)

ЧАРС II* چرس банг.

ЧАРХ چرخ ҳар чизи гирда, ки гардидани он мумкин бошад (**чархи осиё, чархи ароба, чархи кулолгарӣ**). **Чархи фалак** чархи калоне аст, ки дар вай каҷоваҳо меовезанд ва бачагонро дар он каҷоваҳо шинонда онро мегардонанд. **Чарху дук** асбоби ресмонресии дастӣ. **Чарх задан** а) гардиш кардан (гардиш кардани одам шаҳрро) б) гардидани сар аз беморӣ, ё мастӣ в) бо суръат гардидани раққосон.

ЧАРХА* چرخه чархе, ки дар вай занон ресмон ресанд.

Гурӯҳе бимонданд мискину реш.
Паси чарха нафрин гирифтанд пеш.
(Бӯс.).

ЧАРХЗОНУ چرخزانو як тарзи рақс аст, ки раққос зонуҳои худро дар замин гузошта чарх мезанад.

ЧАРХОНИДАН چرخانیدن як чизро монанди чарх гардонидан.

ЧАРХРЕСАК چرخریسک паррандаест гунҷишкмонанд, ки овозаш мисли садои чархи ресмонресӣ аст.

ЧАРҒ چرغ паррандаест шикории чанголдори сиёҳчашм.

*Ҳаст оҳуе, ки чарғе бошад аз думболи ӯ
(Н.).

ЧАСПИДАН چسپیدن пайвастани чизе ба чизе ба тарзе, ки ҷудо кардани онҳо душвор набошад (монанди, пайвастани ду коғаз бо ҳам бо билем, ё ширеш).

ЧАСПОН چسپان 1. часпанда. 2. чаққон ва ба ҳар кор часпанда. *Чунончи мегӯянд:* «Аҳмад бачаи часпон аст». *Яъне зуд кор мекунад ва ба ҳар кор мечаспад.* 3. гарм ва серҳаракат. *Чунончи мегӯянд:* «Бозори чизҳои маҳаллӣ часпон шуд», *яъне гарм ва серҳаракат шуд, ки толиби ин гуна чизҳо бисёр аст. (Ду маънии охир маҷоз аст).*

ЧАТР چتر соябони дастӣ, шамсия.

*Ман шоҳ, магар ту чатри шоҳӣ?
Гар чатр наӣ, чаро сиёҳӣ.

(Аз «Суҳан гуфтани Маҷнун ба зоғ». (Л. М.).

ЧАФТА* چفته хамида, каҷ.

ЧАФТАНИҲОД* چفته نهاد каҷниҳод.

В-он чафтаниҳод агарчи ҷуфт аст,
Сар бо сари мин шабе нахуфтаст.
(Л. М.)

ЧАШИДАН چشیدن 1. андак хӯрдан ё ошомидан. 2. мазаи ягон чизи хӯрданӣ ва нӯшиданиро андак хӯрда озмудан.

ЧАШМ چشم 1. аъзои биноӣ. 2. баъзе сӯрохиҳо, *масалан*, сӯрохиҳои ғалбер, ки «калончашм» ва «тангчашм» мегӯянд, *яъне калонсӯрох ва тангсӯрох.* 3. ҳар паҳлуи хӯрҷин ва ҳар қабати ҳамьёни чандқабата. *(Ду маънии охирӣ маҷоз аст).* **Ба чашм!** қабул ва итоат *(Ҳ.)* ***Чашми булбул** дараҷаи қиёми ширани ангур аст дар ширинипазӣ, ки дар вақти ҷӯшиш ҳубобҳои чашми булбулмонанд пайдо мешавад. **Чашми гӯсола** а) як хел ангур (б) як хел гул, ки шукуфааш монанди чашми гӯсола мешавад. **Чашми шутур** дараҷаи охирини қиёми ширинипазӣ, ки дар вақти ҷӯшиш ҳубобҳои чашми шутурмонанди калон-калон пайдо мешаванд. **Ба чашми кам дидан** хор шумурдан. **Чашм ба роҳ доштан** интизорӣ бурдан. **Чашм задан** фурсати як бор чашм пӯшида кушодан. **Чашми дидан надоштан** рашк бурдан, ҳасад бурдан. **Чашм пеш афкандан** шарманда шудан. **Чашм пӯшидан** а) айберо нодида ангоштан; б) кореро сахл гирифтан. **Чашм расидан** а) ба мумкин будани чизе бовар кардан; б) расидани офат ба чизе ба сабаби чашми ҳасад дӯхтани кас ба вай *(маънии дуюм аз эътиқодҳои хурофотист).* **Чашмро об додан** тамошо кардани чизҳои хушманзара. **Чашм равшан кардан** зоидани занон; **Чашмро равшан кардан** дидани дӯст ва маҳбуб. **Чашм сурх кардан** ба чизи касе тамаъ кардан.

ЧАШМА چشمه ҷое, ки аз он ҷо оби зеризаминӣ ҷӯшида баромада равон мешавад.

ЧАШМАК چشمک чашми хурд. **Чашмак задан** а) ишораи махфӣ ба касе барои фаҳмидани чизе, *б) ишора кардан бо чашм (Б.)* **Чашмаки ман чашмаки ту** а) бозиест, ки ду кас бе чашм задан ба чашмони якдигар чашм дӯхта меистанд, б) дуру дароз нишастани ду кас дар ҷое бе он ки бо ҳам гап зананд *(маҷоз).*

ЧАШМАКБОЗӢ چشمک بازی *нигоҳ кун.* *ба* **чашмак — чашмаки ман чашмаки ту.**

ЧАШМАСОР چشمه سار ҷое, ки дар он ҷо чашма бисьёр аст.

ЧАШМБАНД چشم بند пардаи мӯйин аст, ки занон бо вай рӯи худро аз мардон мепӯшониданд.

ЧАШМБАНДАК چشم بندک як хел бозии бачагона аст, ки чашми яке аз бачагонро мебанданд ва ӯ бояд зanандаи худро дастгир кунад.

ЧАШМБАНДӢ چشم بندی найрангбозӣ.

ЧАШМДОШТ چشم داشت умед, нигаронишавӣ барои ба даст даромадани чизе.

ЧАШМЗАДА* چشم زده чашмрасида.

Шуд чашмзада баҳори боғаш.
Зад бод тапонча бар чароғаш
(Л. М.).

ЧАШМЗАХМ چشم زخم офати ногаҳонии ба як кас, ё ягон чиз расида.

ЧАШМКАЧ چشم کج 1. бемориест, ки соҳиби он як чизро ду мебинад ва ба як тараф чашм медӯзад, аммо тарафи дигарро мебинад. 2. касест, ки ба чизҳо барғалат ва хато баҳо ва маънӣ медиҳад *(маҷоз).*

ЧАҒАНДАР چغندر лаблабу.

ЧАҒБУТ چغبت пахтаи кор фармудашудаи кӯҳна.

ЧАҒОЗ* چغاز полони шутур.

ЧАҒОЗПАХШКУНӢ* چغازپخشکنی ба шутурҳо чағози нав пахш кардан, ки ин кор дар айёми тобистон пас аз як-ду моҳ бараҳна карда ба чаро сар дода фарбеҳ карда шудани онҳо гузаронида мешуд. Кори чағозпахшкунӣ дар замони пеш бо маросими тантанадоре гузаронида мешуд (*Ч. З.*).

ЧАҒОНА چغانه навъе аз созҳои мусиқӣ.

ЧАҚМОҚ چقماق 1. оҳанест сархамида, ки вайро ба санг зада оташ бароранд. 2. баркест, ки аз ҳаракати абрҳо дар вақти борон мебарояд (*маҷоз*).

ЧАҚОЧОҚ چقاچاق садои ба ҳам бархӯрдани шамшерҳо, найзаҳо дар вақти ҷанг.

ЧАҚ-ЧАҚ* چق - چق сӯҳбат, гуфтугӯйи чанд кас. **Чақ-чақу вақ-вақ** бехудагӯӣ (*Б.*).

ЧАҲ چه *кӯтоҳ кардашудаи* **чоҳ**.

ЧАҲОР چهار адади маълум, ки бо изофа кардани як ба се ҳосил мешавад.

ЧАҲОРГӮША* چهارگوشه 1. соҳиби чаҳор кунҷ. 2. *кинoя* аз тобут.

Дар гӯша нишасту санг тӯша.
То кай расадам чаҳоргӯша.
(*Л. М.*)

ЧАҲЧА I چهچه *нигоҳ кун.* ба **чоҳча**

ЧАҲ-ЧАҲ II چهچه овози булбул.

ЧЕЛОН چیلان 1. мевaест санҷидмонанд, аммо ширинтар аз он. [2. *асбобҳои оҳании майда аз қабили корд, занҷир ва ғайра*].

ЧЕЛОНГАР چیلانگر оҳангарест, ки аз оҳан ҳар гуна асбобҳоро созад.

ЧЕР* چیر *нигоҳ кун.* ба **чир**.

Чу бар ақли доно шавад ноз чер.
Ҳамон панҷаи одами асту шер.
(*Бдг.*)

ЧЕҲР چهر рӯй, симо, сурат.

ЧЕҲРА چهره *нигоҳ кун.* ба **чеҳр**.

ЧИ I چه *пайвандак* 1. зеро.

Дили ман ба боғи висолат хуш аст.
Чи ин боғ аз ҳад фузун дилкаш аст.

2. ҳам, (*тафсилу вайро ифода мекунад*).

Чи сарву чи шамшоду чи тӯбӣ, чи санавбар
Дар қомати зебои ту афганда аламҳо.

3. барои ифода намудани баробарии ду чиз кор фармуда мешавад, ки дар ҳақиқат баробар набошад:

Чу донаш набошад чи бино, чи кӯр.
(*яъне, ҳар ду баробаранд*).

ЧИ II چی//چه *кӯтоҳ кардашудаи* **чиз. Ҳар чи** чизе ки, ягон ки.
Ҳар чи напояд, дилбастагиро нашояд.

ЧИГИЛ چگل 1. гиреҳ дар гиреҳ шудагӣ ва бо ҳам печидагии риштаҳо ва мӯйҳо. 2. ҳар кор ва масъалае, ки саргум бошад (*маҷоз*). 3. номи як шаҳри қадимаи Туркистон.

ЧИДАН چیدن 1. чизеро ягон-ягон гундошта гирифтан. 2. бо тартиб гузоштан, ҷобаҷо гузоштан (*чунончи чидани китобҳо дар шкаф, чидани косаҳо дар токчаҳо*).

ЧИЛ چل (*сабуккардашуда аз* **чиҳил**.) адади маълум, ки нисфи ҳаштод аст.

ЧИЛИМ چلم зарфест найнӯл, ки дар дарунаш об андохта, бар сараш тамоку даргиронда аз нулаш дуди тамокуро мекашанд. [сархонаи гилии чилим; *маъхуз аз ҳиндӣ, аз «Фарҳанги Нафисӣ»*]

ЧИЛЛА I چله 1. торҳои аз бофт барзиёд мондаи бофандагӣ. 2. торҳои барои бофтан тайёр кардашуда дар шоҳибофӣ. 3. зеҳи камон

ЧИЛЛА II چله чил рӯзе, ки гӯшагирон дар вай аз ҳуҷраи худ берун нараванд (*ин маънӣ аз одатҳои динӣ аст*). ***Чилла нишастан** гӯшагир шуда аз одамон алоқаи худро кандан (Ҷ. 6)*

ЧИЛЛАОБ چله‌آب обе, ки дар чиллаи зимистон, яъне аз 22 декабрь то аввали февраль ба замини корам дода мешавад.

ЧИЛЛИК چلک ду чӯби аз болои ҳам гузаронидашудаи тирдор, ки бо вай пашмро ресанд.

ЧИЛОЛАК چلالک 1. гардиши миёнпури лаълимонанд, ки аз ғӯлаи чӯб мебурранд ва аз вай барои ғалтак чарх месозанд. 2. каъби коса, табақ, кӯза *ва монанди инҳо*. 3. чархи ароба.

ЧИЛЧАРОҒ چل چراغ чароғи дар муқобили оинаи раҳдор гузошташуда, ки акси вай чандин чароғ шуда менамояд.

ЧИЛЧӮБ چل چوب як даста химчаи дар як ҷо баста, ки бо вай кафи нишаллоро зада расонанд.

ЧИЛҒӮЗА چلغوزه меваи дарахти санавбар.

ЧИМДӢ چمدی 1. бо сари ду ангушт сахт доштани ягон чиз (*масалан, пӯсти баданро*). 2. миқдори чизҳои кӯфта, ки бар сари ду ангушт дошта мешавад.

ЧИН I چین 1. қат-қат шуда истодани либос, пӯсти бадан, мӯй ва дигарҳо. [печ. ҳам 2. гиреҳ. 3. оҷанг]. **Чини ҷабин** аломати ғазаб ва маломат.

ЧИН II چین мамлакати Хитой.

ЧИНА چینه донаи мурғон.

Мурғ ҷое равад ки чина бувад
На ба ҷое равад ки чи на бувад.
(Саъдӣ).

ЧИНАДОН چینه‌دان чиғирдони мурғон.

ЧИНАК چینک чидани пахта ва ғӯзаҳои пахта аз ғӯзапоя.

ЧИНАКЧӢ چینکچی пахтачин, ғӯзачин.

ЧИНОР چنار дарахтест баргаш панҷамонанд ва чӯбаш мавҷдор.

ЧИНӢ چینی зарфҳои сафедлой аст, ки дар оташ пухтаанд.

ЧИПОР چپار ду ранги хол-холи ба ҳам омехта (*масалан, риштаи сиёҳ ва сафедро боҳам тобанд, чипор мешавад*).

ЧИР* چیر *нигоҳ. кун. ба* **чира.**

ЧИРА چیره 1. ғолиб. 2. далер, диловар.

ЧИРК چرک 1. реш ва ҷароҳат. 2. доғ ва сиёҳии *либос*, бадан ба сабаби пӯшидан ва ношустан.

ЧИРКИН چرکین ҳар чизи доғдор ва ношуста.

ЧИРЧИРАК چرچرک як хел малахест, ки бештарин дар гандумзорҳо мегардад ва дар вақти гармо дуру дароз фарьёд мекашад.

ЧИСТОН چیستان «чист он?» гуфтан аст, ки бо ҷумлае ё шеъре чизе пурсида ҷавоб талаб карда мешавад. *Ҷунончи:*

Уштури калони бедум.—
На ҷав хӯрад, на гандум,
Об хӯрад зи дарё
Нон диҳад ба мардум.

чист он?—ҷавоб: абр!

ЧИТ* چیت газвори аз нахи пахтагӣ бофташуда. **Чити тунук** а) чити нафис. б) гардӣ. *(Ҷ. 6)*.

ЧИТГАР* چیتگر нақшу нигорандозанда ба чит.

ЧИҒ چغ 1. най борики дарунпур. 2. пардае, ки аз най, ё аз чӯбҳои борик сохта бошанд.

ЧИҒИЛ I چغل реги сурхи дурушт.

ЧИҒИЛ II چغل ғалбере, ки сӯрохҳояш фарох бошад.

ЧОБУК چابک чуст; зудкор.

ЧОВУШ چاووش 1. тартибнигоҳдорандаи лашкар ва қофила. [2. сарҳанги лашкар. 3. шотир].

ЧОДАР چادر 1. хайма, хиргоҳ. 2. фаранҷӣ ё пардаест, ки занон бар сари худ гирифта худро аз мардон пинҳон медоранд. 3. пардаи чоркунҷаи фароҳест, ки аз чор гӯшааш нигоҳ дошта бар вай тут, зардолу ва монанди инҳо меваҳои сардарахтиро афшонанд.* 4. маҷ. чодархаёл ё чодари зоҷабозӣ аст, ки ба вай бачагон зиёда ҳавас доранд.

Зи ӯффунун ба олами маънӣ кушод ҷашм!
Чун тифл сахт шефтаи нақши чодарем!..
*(Бедил.)**

ЧОДИР چادر *нигоҳ. кун. ба* **чодар.**

ЧОЙ چای 1. растаниест, ки баргҳои вайро хушконда тафсонда дар оби ҷӯш андохта нӯшанд. 2. барги хушконда ва тафсондаи растании чой. 3. обе, ки дар вай барги чойро ҷӯшонда барои нӯшидан тайёр кардаанд.

ЧОК چاک ҷои дарида чизҳои нарм *(масалан, бадани одам, либос ва ғайра).*

ЧОКАР چاکر хидматгор, навкар.

ЧОЛ I چال [1. чуқурӣ, мағок]. 2. чоҳе ки дар вай бандиёнро андозанд.

ЧОЛ II چال каси ба пирӣ рӯоварда, ки баъзе мӯяш сафед шуда бошад.

ЧОЛ III چال *нигоҳ. кун. ба* **чор III.**

ЧОЛИШ* چالش ҳамла дар ҷанг; ҷангу ҷидол.

Биё, то дар ин шева чолиш кунем.
Сари қасрро санг болиш кунем.
(Бӯс.)

ЧОЛОК چالاک *нигоҳ. кун. ба* **чобук.**

ЧОНА چانه 1. гирдогирди даҳон. 2. устухони манаҳ.

ЧОПЛУС چاپلوس забонбози хушомадгӯи фиребгар.

ЧОР I چار адади маълум. **Чор ишкели равон** дасту пою чашму забон* **Чор ҳоким** дар замони амир дар музофотҳои Бухоро қозӣ, раис, амлокдор ва миршаби як маҳалро якҷоя «чор ҳоким» меномиданд *(Ҷ. 3)**

ЧОР II چار *кӯтоҳ кардашудаи* **чора.**

ЧОР III چار дар ғалбер пасмондаи гандум, ё ҷави кӯфта дар вақти бехтан.

ЧОРА چاره илоҷ, тадбир.

ЧОРАБЗОЛ چارابزال рандаи тегаш чорпарра аст, ки дар ҳар задан дар чӯб ҷадвали чоркатора мебарояд.

ЧОРБАНД چاربند устухони пушт, ки дар охири миён аст.

ЧОРБАРГ چاربرگ гули камбарг.

ЧОРБОЛИШ چاربالش 1. диване ки чор тальягоҳи нарм дошта бошад. 2. нишастгоҳӣ подшоҳӣ (*маҷоз*).

ЧОРБОҒ چارباغ боғест, ки дар вай дарахтони мевадор, ток, дарахтони соядор ва гулзор бошад.

ЧОРВО چاروا ҳайвоноти чорпои хонагӣ (аз рӯи истилоҳи халқ ҳайвоноти ғала ва рама шуда мегаштагӣ).

ЧОРВОДОР چاروادار касе, ки ба ҳайвонотдорӣ машғулӣ мекунад.

ЧОРГОҲ چارگاه яке аз ҳавоҳои шашмақоми мусиқӣ.

ЧОРГУША چارگوشه (кӯзаи бедасти) аз чор тарафаш чор дастадор.

ЧОРДАРА چاردره болохонае, ки аз ду тараф рӯ ба рӯи ҳамдигар чор дар дошта бошад.

ЧОРДЕВОР چاردیوار ҳавлӣ ё деҳаи хароб.

ЧОРЗОНУ چارزانو як тарзи нишастан, ки нишинанда поҳояшро ба пеш қат карда менишинад.

ЧОРМАҒЗ چارمغز донаи (меваи) лӯндаи дуруштпӯчок аст, ки дар дарунаш чор мағзи равғандор дорад.

ЧОРМЕХ چارمیخ як хел ҷазои вақти амирӣ, ки бандиро пушт ба замин ё рӯ ба замин хобонда ба чор тарафаш чор мех зада дасту пойҳояшро кашида ба он мехҳо баста мезаданд. Касе ки бо ин тарз баста мешуд, ҳеҷ ҳаракат карда наметавонист.

ЧОРОИНА چارآئینه 1. як хел либоси ҷангист, ки чор тахта оҳанро бо ҳам банд карда ба гирдогирди сина, шикам, миён ва пушт мебастанд. 2. яке аз ҷазоҳои амирӣ, ки ба чор тараф: ба пушт, шикам ва ду паҳлуи гунаҳкор 75 чӯбӣ мезаданд.

ЧОРПАҲЛУ چارپهلو одами кадкӯтоҳи фарбеҳ.

ЧОРПО چارپا ҳайвони чорпои хонагӣ.

ЧОРПОЯ چارپایه тахтаест чорпоядор, ки бар рӯи вай хат нависанд, хӯранд ва монанди ин корҳоро кунанд.

ЧОРРАҲ چاررخ 1. ҳар чизи чорраҳ дошта. 2. зарфи шишагист, ки лӯла набуда, чор тарафаш ҳамвор аст.

ЧОРСӮ//ЧОРСУ I چارسو бозори гумбаздоре, ки дар чорраҳаҳо сохта мешуд ва дар чор тарафаш дӯконҳо дошт.

ЧОРСӮ//ЧОРСУ II چارسو сарандози чоркунҷаи занон.

ЧОРТАРОШ چارتراش болорест, ки чор тарафашро тарошида ҳамвор карда бошанд.

ЧОРТОР چارتار 1. созест мисли танбӯр, аммо кӯтоҳтар аз он ки чор тор дорад. 2. абрешими аъло.

ЧОРТОҚ چارطاق тахта ва ё чӯбҳое, ки бар болои чор сутун устувор карда дар тамошогоҳҳо, ё дар киштзорҳо бар болои вай нишинанд.

ЧОРУНОЧОР چاروناچار беихтиёр, маҷбуран.

ЧОРУҒ چاروغ *нигоҳ кун.* ба **чоруқ.**

ЧОРУҚ چاروق кафши бетагакӣ ва бепошна, ки чарми яклухтро мувофиқи пой бурида дӯхта, даҳонашро бо ресмон мебанданд.

ЧОРХИШТ چارخشت охурест аз хишти пухта сохта шуда, ки дар даруни вай ангурро пахш карда, шираашро мегиранд.

ЧОРЧАШМ* چارچشم саг ё гӯспанде, ки болои ҳар чашмаш холи сиёҳи калони чашммонанд дорад. **Чорчашм шудан** — ниҳоят нигарон шудан ба чизе.

ЧОРЧАШМА چارچشمه 1. ҳар чизи гӯё чор чашм дошта; **чорчашма шудан.** а) ҳолати нигаристани бодиққат. б) нигаронӣ ва бекарорӣ.

ЧОРЧИЛОЛАК چارچلالك аробаи чорчарха, фойтун.

ЧОРЧУБ چارچوب пахлударӣ, болодарӣ ва остонаи якҷоя пайванд кардашуда, ки дар вай дар ва тирезаҳоро шинонанд.

ЧОРЧУБА چارچوبه чор чӯби тарошида бо ҳам пайванд кардашуда, ки дар байни вай оина ё лавҳаҳоро гузоранд.

ЧОРШАРБАТ چارشربت чизҳои ширини гуногун (майиз, қандалот, печак ва ғайра), ки дар тӯйҳо онҳоро омехта ба сари дастурхон кашанд.

ЧОРШОНА چارشانه *нигоҳ кун.* ба **чорпаҳлу.**

ЧОРЬЯК چاريك 1. аз чаҳор ҳисса як ҳиссаи ҳар чиз. 2. вазни маълум аст, ки баробари ду кило меояд.

ЧОРЬЯККОР* چاريك‌كار касе, ки дар замони пеш барои чорьяки ҳосил замини шахсони дороро кишт мекард.

ЧОРЬЯККОРӢ* چاريك‌كارى барои чорьяки ҳосил замини шахсони бойро кишт кардани одамони камбағал дар замони пеш.

ЧОРҚАРС چارقرس яке аз ҳаво ва рақсҳои базми дойрагӣ.

ЧОЧ چاج номи қадимии шаҳри Тошканд.

ЧОШ چاش 1. тӯдаи куфта ва ғалберкардаи гандум, ҷав ва монанди инҳо. 2. ҳар чизе, ки дар як ҷо ба миқдори бисёр тӯда карда монда шуда бошад. 3. пур аз чизҳои донагӣ ва хушк (*чунончи, мегӯянд:* **ба фалонӣ як ғалбер чош гандум доданд).**

ЧОШНӢ چاشنى 1. андак аз чизҳои нӯшиданӣ ва хӯрданӣ ба қадри чашидан ва барои чашидан.* 2. *маҷ.* маза, лаззат, ҳаловат.

> Аз чошнии дами саҳархез
> Сеҳре дигар аз сухан барангез!
> *(Л. М.)**

ЧОШТ چاشت вақтест баъд аз гузаштани чорьяки рӯз.

ЧОШТГОҲ چاشتگاه *нигоҳ кун.* ба **чошт.**

ЧОҚ چاق 1. хуш (**димоғи чоқ**). 2. соз, боб. (**Ин кафш ба пои фалонӣ чоқ омад,** *яъне соз омад*) 3. тахмин.

ЧОҚТАР چاقتر тангтар.

ЧОҲ چاه 1. чуқурии рост кандашуда, ки аз вай оби заризаминиро кашанд.* 2. ҳар чуқурии чоҳмонанд. 3. зиндон.

Дуои манат кай бувад судманд,
Асирони муҳтоҷ дар чоҳу банд?
(*Бӯс.*)*

ЧОҲЧА چاهچه чуқуриест, ки бофандагон дӯкони худро бар болои вай шинонанд.

ЧОҲӢ* چاهی 1. *мансуб ба* **чоҳ.** 2. зиндонӣ.

Зан гуфт: Сухан чу рост хоҳӣ,
Мардест на бандаю на чоҳӣ.
(*Л. М.*)

ЧУ چو *кӯтоҳ кардашудаи* **чун.**

ЧУК* چوك калимаест, ки олуфтани мағлубшуда дар ҷанги тан ба тан мегӯяд. Ин калима аз ҷанги белона гирифта шудааст. (*Ҷ. I*).

ЧУЛАК//ЧИЛАК چلك *нигоҳ кун. ба* **аккол.**

ЧУМАК چمك нӯли офтоба.

ЧУМЧА چمچه кошук.

ЧУН چون 1. вақте ки..., ҳар гоҳе ки... *Ҳофиз гуфта:*

Хаёли рӯи ту чун бугзарад ба гулшани чашм,
Дил аз паи назар ояд ба сӯи равзани чашм.

2. монанд. *Ҳайрат гуфта:*

Раъноии чамани сарви саҳӣ он чи кашад сар,
Чун сарви қадат хоста озод набошад.

3. агар, гар. *Ваҳшӣ гуфта:*

Чун чунин аст, паи кори дигар бошам беҳ,
Чанд рӯзе паи дилдори дигар бошам беҳ.

4. Чаро, барои чӣ, чи гуна. *Ҷомӣ гуфта*

Зери гила тангдил, эй гулбуни раъно, чунӣ?
Бе ту мо ғарқа ба хунем, ту бе мо чунӣ?

*В-он кас, ки асири бим гардад,
Чун бошад, чун етим гардад?

Чун-и аввал ба маънии «чигуна» ва «чӣ тавр» ва **чун-**и дуюм ба маънии «вақте ки», «дар сурате» ки мебошад. (*Л. М.*)*

ЧУНИН چنین чун ин, *яъне* монанди ин чунин. *Фирдавсӣ гуфта:*

Манучеҳр бадиду гуфт онгаҳе,
Ки чунин нагӯяд магар аблаҳе.

ЧУНОН چنان чун он, *яъне* монанди он, ҳамчунон, ҳамчу он.

ЧУСТ چست 1. чаққон.

*Дар гуфтани қиссае чунин чуст
Андешаи назмро макун суст!
(*Л. М.*)

2. сахт, маҳкам.

Закме чу чарм меҳрон чуст.
В-аз ханда чу шамъ мешикан суст.
(*Л. М.*)*

ЧУСТАК چستك анбӯри хурди нӯкбориқи ҳамвор аст, ки бо вай чизҳои резаро гиранд (*чунончи*, соатсозон бо вай асбоби соатро чинанд ва ҷо ба ҷо кунанд).

ЧУҒЗ چغز паррандае аз бум хурдтар ва бадовоз, ки хурофотиён вайро шум шуморанд, чуғд.

ЧУҒЗАК چغزك *1. нигоҳ кун ба.* **чуғз.** 2. сари сутунгӯшаҳои хонаҳои чӯбкорӣ, ки аз забаррав гузашта боло меистад.

ЧУҒУЛ چغول хабаркашикунанда байни мардумон барои ҷанг андохтан ва ташвиш додан ба онҳо.

ЧУҲРА* چهره 1. писари ҳанӯз ришнабаровarda, писари амради содарӯй. 2. маҳрамбача, мулозим (*дар урду:* **чура**—*сабукшудаи* **чукра** (писар); *дар туркӣ:* **чухра** (писар); *аз ҳошияи «Бурҳони қотеъ», чопи Теҳрон*).

ЧӢ I چه *пурсишҷонишин*. 1. пурсиш аз кор (**дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?**) 2. таҳсини ботааҷҷубро ифода мекунад (**чӣ диловарест дузде, ки ба каф чароғ дорад**). 3. Таҳқирро ифода мекунад (**Ман чӣ бошам, ки бад-он хотири отир гузарам**). 4. бисёрро ифода мекунад (**Чӣ солҳо, ки ба ҳиҷрон гузашт дар ишқат**).

ЧӢ II چه *ҳиссачаи пурсиш* (**намеояд-чӣ?**—магар намеояд?).

ЧӢ III چی *суффикси калимасоз*. 1. нисбатро ифода мекунад (**колхозчӣ**—коркунанда дар колхоз) 2. аломати кунандагиро ифода мекунад (**нақорачӣ**—нақоразан.)

ЧӮБА چوبه чӯбест, ки бо вай хамирро тунук кунанд, тири тахтаи ош.

ЧӮБАК چوبک чӯбест, ки бо вай нақора ва ҷанг барин созҳои мусиқиро навозанд.

ЧӮБАКЗАН چوبک زن *1. касе, ки ду чӯбро ба ҳам зада ё шақиллоқ зада посбонӣ мекунад, нақорачӣ.

Нигаҳ кун чу султон ба ғафлат бихуфт,
Ки чӯбакзанаш бомдодон чӣ гуфт...
(*Бӯс.*)*

2. касе, ки ҳар гуна хабарҳоро, хоҳ рост бошад, хоҳ дурӯғ, ба ҳама ҷо овоза мекунад.

ЧӮБДАСТ چوبدست асо. ***Чӯбдасти шабгардон*** чӯбдасти себанддори посбонони давраи амирӣ.*

ЧӮБИН چوبین ҳар чизе, ки аз чӯб сохта шуда бошад.

ЧӮБКОРӢ چوبکاری хонаи аз чӯбу лой сохташуда. **Чӯбкорӣ кардан** касеро ё ҳайвонеро бо чӯб бисёр задан.

ЧӮЛ چول дашт, биёбон.

ЧӮЛИСТОН چولستان *биёбони* васеъ.

ЧӮПОН چوپان рамабони гӯсфанд ва буз.

ЧӮТАЛ* چوتل пулест, ки аз сари қимор ба касоне, ки дар он ҷо ҳозир буда, ба қимор иштирок намекунанд, медиҳанд. (Ҷ. З.)

ЧӮЧА چوجه *нигоҳ кун.* ба **чӯча**.

Ш

ШААФ شعف 1. беморӣ ва шефтагӣ, ки аз шиддати ишқ рӯй медиҳад. [шайдоӣ, мафтунӣ 2. *маҷ.* шӯру ғавғо]

Девонагию мастию шӯру шаафи ишқ.
Дар хонаи мо ҷӯй, ки дар ҷои дигар нест.
(*Н.*)

ШАБ شب вақтест аз фурӯ рафтани офтоб то баромадани вай.*

Шаби ялдо дарозтарин шаби зимистон аст, ки дар охири қавс — 22 декабрь баробар меояд. (Ҳ.). **Шаби қадр** як шаби афсонавии динист, ки дарьёфтани вай душвор буда ва дар он шаб ҳар талабе, ки кунанд, гӯё ҳосил мешудааст; шаби бедорӣ.

Қазо рӯзгоре зи ман даррабуд,
Ки ҳар рӯз аз вай шаби қадр буд.
Ман он рӯзро қадр нашнохтам,
Бидонистам акнун, ки дарбохтам.
(Бӯс.)*

ШАБА شبه [1. санги сиёҳи каме нармтар].

*Бар шох нишаста чун ту зебо
Ҳамчун шаба дар миёни дебо.
(Дар сухан гуфтани Маҷнун ба зоғ).
(Л. М.)*

2. мӯҳраҳои аз санг ва шиша сохташуда, ки барои зинат кор фармоянд ва шадда карда ба гардан андозанд (*дар ӯзбекӣ* **мунчоқ** *гӯянд*).

ШАБАКА شبکه 1. тӯри моҳигирӣ. 2. ҳар чизе, ки монанди тӯр сӯрохҳо дошта бошад; [панҷара, ҳар чизи мушаббак, мисли тиреза, дар *ва ғайра*]

ШАБАФРӮЗ شب افروز 1. шаб равшаншаванда. 2. шабро равшанкунанда.

ШАБАҲ شبح сиёҳии чизе, ки аз дур менамояд ва бинанда одам, ҳайвон ва ё чизи дигар будани вайро фарқ карда наметавонад.

ШАББОДА شباده 1. боди серуни форами шабона. 2. ҳар боди серуни форам.

ШАББӮЙ شب بوی гулест, ки рӯз бӯй надорад ва дар шаб бӯйи хуш медиҳад. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Наврӯз димоғи гули шаббӯй надорад,
Шаббӯй аз он кокули шабранг бигирад.

ШАБГАРД شبگرد 1. полиция дар замони амир (одами миршаб). 2. дузд.

ШАБГИР شبگیر 1. сайру сафари шабона, [шабонагардӣ, дар нимаи дуюми шаб]

*Фузулии андешаи шабгир моро ба водии залолат андохтааст. (*Бедил*). 2. охири шаб, саҳаргоҳ, субҳдам.

Шабгир, ки чархи лоҷувардӣ
Орост кабудӣ ба зардӣ...
(Л. М.)*

ШАБГУН شبگون шабранг, сиёҳ.

ШАБДАРМИЁН شب در میان коре, ки як шаб шавад ва шаби дигар нашавад ва ба ҳамин тариқ давом кунад.

ШАБДИЗ شبدیز номи аспи Хусрави Парвез, ки шабранг будааст.

ШАБЕХУН شبیخون шабтози ногаҳонӣ бар лашкари душман; *нигоҳ кун. ба* **шабохун**.

*Агар хуфя даҳ дил ба даст оварӣ,
Аз он беҳ, ки сад раҳ шабехун барӣ.
(Бӯс.)

ШАБЕҲ شبیه 1. монанд. 2. сурати ҳар кас, ки мувофиқи худаш кашида шуда бошад.

ШАБИНА شبینه *нигоҳ кун. ба* **шабона**.

ШАБИСТОН شبستان 1. ҳарамсарои подшоҳон ва феодалон. 2. ҷои шабнишинӣ ва базмҳои шабона.

*Ту обод кардӣ шабистони хеш,
Маро ҳиммату маърифат гашт беш
(Бӯс.).

ШАБНАМ شبنم қатраҳои об ва тарист, ки шабҳо дар ҳавоҳои гарми соф ва ором бар барги растаниҳо ва дигар чизҳо пайдо шавад.

ШАБНИШИНӢ شب نشینی мусоҳаба ва вақтхушиҳои шабона.

ШАБОБ شباب ҷавонӣ; *муқобили* **пирӣ (шайб).**

*Чу шайбат даромад ба рӯи шабоб,
Шабат рӯз шуд, дида баркан зи хоб!
(*Бӯс.*).

ШАБОНА شبانه *мансуб ба* **шаб. (дарси шабона, сафари шабона)**

ШАБОНАРӮЗ شبانه روز як шабу рӯз.

ШАБОНГОҲ شبانگاه аввали шаб; [шабона, ҳангоми шаб].

ШАБОНРӮЗ شبان روز *нигоҳ кун. ба* **шабонарӯз.**

ШАБОРӮЗ شباروز *нигоҳ кун. ба* **шабонарӯз.**

ШАБОХУН شباخون ҳуҷуми шабонаи ногаҳонии лашкар бар душман.

ШАБПАРА شب پره паррандаест, ки рӯзона аз хонааш намебарояд ва шаб мепарад, хаффош. *Саъдӣ гӯяд:*

Шабпара гар нури офтоб нахоҳад,
Равнақи бозори офтоб накоҳад.

ШАБПАРАК شب پرك *нигоҳ кун. ба* **шабпара.**

ШАБПАРРА* شب پره шабпарак.

Шаб чун пари зоғ бар сар оварда,
Шабпарра зи хоб сар бароварда.
(*Л. М.*).

ШАБПӮШАК شب پوشك кулоҳ ва калапӯше, ки шаб дар вақти хоб пӯшанд.

ШАБРАВ شب رو дузд.

ШАБРАВӢ* شب روی дуздӣ. (*ҷ. 6*).

ШАБРАНГ شب رنگ 1. ҳар чизи сиёҳ умуман. 2. аспи сиёҳ хусусан.

ШАБТОБ شب تاب кирмест, ки дар шаб монанди оташпора метобад.

ШАБУШ شبوش ҳашароти майдаи хунмаки хокистарранг аст, ки дар либоси одам пайдо мешавад.

ШАБХОНА* شبخانه хобгоҳе, ки бехонавуҷоён шабона он ҷо мехобанд.

Бино карду вон доду лашкар навохт,
Шаб аз баҳри дарвеш шабхона сохт.
(*Бӯс.*).

ШАБХУШ* شبخوش Шабхуш **кардан** «шабат хуш бод» гуфтан ва видоъ кардан.

Шабхуш макунам, ки нест дилкаш
Бе ту шаби мову онгаҳе хуш?

(аз ман дур нашав, чунки бе ту шаби ман ингуна хуш мешавад? (Л. М.).

ШАБЧАРОҒ* شب چراغ гавҳари афсонавиест, ки гӯё дар торикӣ рӯшноӣ медиҳад.

Ҳар ҳарфе аз ӯ шукуфта боғе,
Афрӯхтатар чу шабчароғе.
(*Л. М.*).

ШАВКАТ شوكت бузургӣ, шукӯҳ, ҳайбат.

ШАВОРЕЪ شوارع [*ҷамъи* **шореъ**]; роҳҳои калон.
*Шавореи атроф ва акноф ба тангии дилҳои ҳазин хароши офате дошт. (*Бедил*).

ШАВОТ شوات як хел мурғи сурхчатоб, ки аз хонаводаи мурғобӣ аст.

ШАВОҒИЛ شواغل [ҷамъи шоғил; 1. машғулшавандаҳо]. 2. шуғлҳо, корҳо.

ШАВОҲИҚ شواهق [ҷамъи шоҳиқа]; баландиҳо. **Шавоҳиқи ҷибол** баландиҳои кӯҳҳо.

ШАВ-ШУВ شوشو овозаҳои ҳаяҷонангез.

ШАВҚ شوق 1. орзумандӣ. 2. ҳавас, майли зиёд ба чизе.

ШАВҚАНГЕЗ شوق‌انگیز чизе, ки касеро барои коре ба ҳавас оварад.

ШАВҲАР شوهر марди зандор (нисбат ба занаш).

ШАГОЛ شگال шағол.

ШАДД* شد 1. зӯр шудан. 2. кашида шудан. ***Шадду мад** сахт ва кашида (*сифати овоз дар мусиқа ва дар гап задан*). **Фалонӣ бо шадду мад хонд** — яъне бо овози сахт ва кашида суруд гуфт. **Фалонӣ бо шадду мад гуфт ки...** *бо овози сахт ва кашида гуфт ки...*

ШАДДА شده 1. *ду бор* такрор шудани як ҳарф дар як ҷои калима (*масалан, «Р» дар калимаи* **паррам**) 2. чизҳои зинатии дар як ришта катор гузаронидашуда **(як шадда марворид, як шадда марҷон).**

ШАДИД شدید сахт.

ШАДОИД* شدائد [ҷамъи шадида]; сахтиҳо.
Ҳамон киёмати дӣ дубора сар аз камин бадар овард ва он шадоид башиддатар аз собиқ зиёрати аъзо кард (*Бедил*).

ШАИР شعیر ҷав.

ШАЙБ شیب пирӣ, мӯсафедӣ.

*Чу шайбат даромад ба рӯи шабоб,
Шабат рӯз шуд, дида баркан зи хоб
(Фир.).

Ба шоми шайб фурӯ рафт офтоби шабоб,
Ҳанӯз чашми умеди ту масти хоби шабоб.
(Н.).

ШАЙД شید макр, фиреб.

ШАЙДО شیدا 1. ошуфта, девона (*аз сифатҳои ошиқон*). 2. расво аз майпарастӣ. *Ҳофиз гӯяд:*

Дар ҳама дайри муғон нест чу ман шайдое
Хирқа ҷое гарави бодаву дафтар ҷое.

ШАЙДОӢ شیدائی 1. *мансуб ба* **шайдо.** 2. шайдо. *Дар ин маънӣ Ҳофиз гӯяд:*

Ҳофиз шаби ҳиҷрон шуд бӯи хуши субҳ омад,
Шодат муборак бод, эй ошиқи шайдоӣ.

ШАЙЁД شیاد маккор, фиребгар.

ШАЙПУР شیپور карнай.

ШАЙХ شیخ 1. рӯҳонии хонақоҳнишини муридгир (*дар Осиёи Миёна*). 2. пирсол. 3. сардори қабила (*ин ҳар ду маънӣ дар Арабистон*). 4. *лақаби муллоён* (*дар Эрон*). ***Шайхи наҷдӣ** *кинояи аз шайтон.*

Бар Наҷд шудӣ аз тезваҷдӣ,
Шайхона, вале на шайхи наҷдӣ.
(*Л. М.*).

Шайху шоб пиру ҷавон *Н.**

ШАЙХОНА* شیخانه мисли шайх; бузургона.

ШАЙХУРРАИС* شیخ الرئیس лақаби Абуалӣ Сино.

ШАЙХУХАТ شیخوخت пирӣ (баъд аз панҷоҳсолагӣ то охири умр).

ШАҚАР//ШАККАР شکر 1. хокаи хоми қанд, ки ҳанӯз аз вай қанд ё қиём напухтаанд. * 2. *маҷ.* лаби маъшуқ.

Таблярза шикаст пайкарашро.
Табхола газид шаккарашро.
(*Л. М.*)*

Шакари хор таранҷабин.

ШАҚАРАК شکرک 1. номи як хел харбуза. 2. номи як хел тарбуз, ки мағзаш монанди шакар дурда-дурда мебошад. 3. номи як хел ангури сафед.

ШАҚАРБАРГ شکربرگ як хел ҳалвоест, ки ба шакли барги дарахт месозанд.

ШАҚАРБЕЗА شکربیزه самбӯсаест, ки дар хамираш шакар ҳамроҳ мекунанд.

ШАҚАРБОДОМ شکربادام 1. туршаки дар ҷои донакаш мағзи бодом гузошташуда. 2. қандолоти бодомӣ.

ШАҚАРЛАНГ شکرلنگ *нигоҳ кун. ба* **шакарпо.**

ШАҚАРМУРӮД شکرمرود як хел мурӯдест, ки мағзаш монанди шакар дурда-дурда мебошад.

ШАҚАРОБ شکرآب 1. пиёбаи қаранфулдор (*маҷоз аз маънои зид*). 2. ранҷиши сабук, ки дар миёнаи дӯстон ё зану шӯй пайдо мешавад (*маҷоз аз пиёбаи тунд*).

ШАҚАРОБЗАНӢ شکرآبزنی андак обпошӣ ба рӯи ҳавлӣ ё кӯча (*маҷоз аст аз ин ки оби* шакарро бисёр сарф намекунанд).

ШАҚАРПАРВАРД شکرپرورد мағзи донак, бодом ва писта, ки дар даруни қиёми шакар парвариш кардаанд.

ШАҚАРПО شکرپا ланги сабук.

ШАҚАРРЕЗӢ شکرریزی расмест, ки дар шаби арӯсӣ дар сари арӯсу домод шириниёт мепошанд.

ШАҚАРСАНГ شکرسنگ сангест сафед, ки қадре аз кӯфтаву бехтаи вай ба ҷароҳати тоза пошанд, хунро боздорад.

ШАҚАРХАНД شکرخند 1. табассум. 2. хуб ва нек, табассумкунанда.

ШАҚАРХАНДА شکرخنده табассум.

ШАҚАРХОБ شکرخواب хоби ширин.

ШАҚАРХОЙ شکرخای паррандаи маълум аст, ки тӯтӣ номанд.

ШАҚАРХОР شکرخوار *нигоҳ кун. ба* **шакархой.**

ШАҚВО شکوی гила; гилакунӣ.

ШАҚИЛ شکیل хушшакл, хушнамо (*аз сифатҳои одам ва ҳайвон*).

ШАҚҚ شک шубҳа, гумон (*дар дуруст ё нодуруст будани ҳодисае*).

ШАҚҚОК شکاک 1. касе, ки ба рӯҳониён, ба мулло ва эшонон боварӣ надорад. 2. одаме, ки дар ҳаққи ҳар кас бадгумон бошад.

ШАКЛ شکل намуди берунии ягон чиз. **Шакли арӯс** шаклест дар ҳандаса.

ШАЛ I شل 1. дасту пои аз кор бозмонда (фалаҷ). 2. одаме, ки даст ё пояш аз кор ё рафтор бозмонда бошад. **Шал кардан** чӯби ҳамро аз тарафи даруниаш нимбур карда фона зада рост кардан. **Шал шудан** аз кор ва рафтор бозмондани дасту пой.

ШАЛ II شل чарми тунуки нозук, ки барои хушнамудӣ дар байни ду чарми кафш, мӯза ва ё зини асп монда дӯзанд.

ШАЛВОР شلوار чалвар. [эзор, шим].

ШАЛИЛ شليل шафтолуи тунукпӯсти обдор (*мевафурӯшони Бухоро ҳар шафтолуро «шалили обдор» гӯён таъриф мекунанд*).

ШАЛОИН شلاين касе, ки дар талаб ва илтимос то чизе нарӯёнад, даст намекашад (*аз шилқин як дараҷа болотар аст*).

ШАЛТАҚ شلتق чизи дар об ё равған зиёда таршуда.

ШАЛТОҚ//ШИЛТОҚ شلتاق чанҷол, ҳарҳаше, ки бесабаби асосӣ бошад (**тӯҳмати шалтоқ** *аз ҳамин калима гирифта шудааст, ки «тӯҳмати беасос» гуфтан аст*).

ШАЛҲА شلحه 1. пардаи равғандори часпак, ки дар гӯшту равғани ҳайвонот ҳаст. 2. одаме, ки дар талаб ё илтимос то чизе нарӯёнад, даст намекашад. (*Маънии дуйум маҷоз аст, ки монанди шалҳа часпак гуфтан аст*).

ШАМ شم 1. нохуни шер. 2. думи шер.

ШАМАН شمن бутпараст.

ШАМАР شمر ҳавача.

ШАМБАЛИД//ШАНБАЛИД شمبليد//شنبليد *нигоҳ кун. ба* **шамбалит**

ШАМБАЛИТ//ШАНБАЛИТ شمبليت//شنبليت номи гулест зардранг.

ШАМИДАН شميدن бӯидан.

ШАМИМ شميم боди хушбӯй.

ШАМЛ شمل 1. парешонӣ, парокандагӣ. 2. ҷамъшавӣ, фароғирӣ; (*ин луғат аз ҷумлаи аздод аст, ки ба ду маънии зидди якдигар меояд*).

ШАММ شم бӯидан.

ШАММА I شمه андак.

ШАММА II شمه пасмондаи барги чой баъд аз ҷӯшонда ё дам карда нӯшидани он. *Дар ин ду маънӣ (I—II) гуфта шудааст.*

Чун шаммае зи талхии дашном ёр дошт.
Мақбул дар мазоқи ҳама таъми чой шуд.

ШАММОЪ شماع шамърез.

ШАМОИЛ شمائل 1. шакли зоҳирии одамӣ. 2. хислатҳо (*ҳоло маънии дуйум мурдааст*).

ШАМОИМ شمائم [ҷамъи **шамима**]; хушбӯиҳо.

ШАМОЛ شمال бод.

ШАМОМА شمامه 1. хушбӯй, бӯи хуш.

*Фарқам зи гулоби ашк тар кун!
Атрам зи шамомаи дигар кун!
(Л. М.)

[2. шамъи хушбӯй].

ШАМОТАТ شماتت 1. сарзаниши касе бинобар афтоданаш дар рӯзи бад; таъна. 2. шодшавӣ аз рӯзи бади касе.

ШАМР شمر 1. хиромидан. [2. саросема шудан. аҷала кардан].

ШАМС شمس офтоб.

ШАМСА* شمسه нақшест офтобшакл ки дар шифт ё девори айвон ва хонаҳо мекашанд.

Пештоқи хонаи хубист абрӯи шумо.
Шамсаи айвони маҳбубӣ бувад рӯи шумо!
(*Н,*)

ШАМСИЯ شمسیه 1. соябони дастӣ. *2. номи рисолаест доир ба мантиқ, ки ба забони арабӣ навишта шудааст*.

ШАМШЕР شمشیر теғест дароз ва каҷ, ки дар ҷангҳо кор ояд (*маънии таркибии калима «нохуни шер» ё «думи шер» гуфтан аст, ки дар ҳақиқат шакли ин теғ ба нохун ва думи шер монандӣ дорад(?)*)

ШАМШОД شمشاد дарахтест чӯбаш бағоят сахт ва баргаш мӯймонанд, ки дар кӯҳистони Қафказ ва канори баҳри Сиёҳ бисьёр мерӯяд ва аз чӯби вай шона ва дигар асбобхо созанд. *Дар ин маънӣ Соиб гуфтааст:*

Аз адаб нест ба гирди сари зулфаш гаштан.
Ҷон фидо дар қадами турраи шамшод кунам.

2. сафедори баргкабуди ростқад ва фарасб аст, ки дар Самарқанд «шамшод» номанд.

ШАМЪ شمع чизест, ки мум ё чарбу, ё ҳар дуро гудохта дар қолабе пилта гузошта мерезанд ва баъд аз сард шуданаш барои равшанӣ дармегиронанд. Гоҳо шамъро аз кофур ҳам месозанд.

ШАМЪДОН شمعدان асбобест, ки дар болои вай шамъро монда даргиронанд.

ШАНБАЛИД شنبلید *нигоҳ кун. ба* шамбалид.

ШАНГ I شنگ 1. шӯх, зариф, ширинҳаракот. 2. дузд, роҳзан, айёр.

ШАНГ II شنگ бодиринги тухмӣ.

ШАНГӮЛ شنگول шӯх, зебо.

*Ба ғафлат умр шуд. Ҳофиз, биё бо мо ба майхона,
Ки шангулони хушбошат биёмӯзанд коре хуш.
(*Ҳофиз*).

ШАНЕЪ شنیع бад, зишт.

ШАНОАТ شناعت *нигоҳ кун. ба* шанъат.

ШАНОЕЪ شنایع бадиҳо, зиштиҳо.

ШАНЪАТ//ШУНЪАТ شنعت 1. зиштӣ, бадӣ.

*Аз он шанъат ин панд бардоштам
Дигар дида нодида ангоштам.
(*Бӯс.*)*

2. таъна.

ШАОМАТ شآمت 1. фоли бад. 2. шумӣ, манҳусӣ.

ШАОМАТХЕЗ* شآمت خیز шумиовар, бадбахтиовар.

Ки дар ин рӯзгори шаоматхез
Нанги бӯзинаанд маймунон.
(*Бедил*).

ШАПАЛАК شپلک 1. парвонаҳое, ки шабона ба гирди чароғ ҷамъ мешаванд (*Ин калима аз «шабпарак» вайрон шудааст*). 2. ҳар гуна ҳашароти паррандаи аз кирм рӯида (*парвонаи аз кирмаки абрешим рӯянда ҳам ба ин дохил аст*).

ШАПАЛОҚ شپلاق торсакӣ, ки

бо каф ва панҷаи даст бар рӯи касе заданд.

ШАППОТӢ شپاتی *нигоҳ кун.* *ба* **шапалоқ.**

ШАР(Р)* شر бадӣ.

Шарангез ҳам дар сари шар равад,
Чу каждум, ки то хона камтар равад
(*Бӯс.*)

ШАРА(Ҳ) شره ҳирс ва лаззатҳои нафсонӣ.

ШАРАР شرر оташпораи ҷаҳанда.

ШАРАФ شرف 1. *бузургӣ.* 2. наздикӣ (*масалан мегӯянд:* **Фалон бемор дар шарафи мурдан аст** — *яъне дар наздикии мурдан аст*).

ШАРБАТ شربت 1. чизи нӯшидании ширин. 2. доруҳои обакии нӯшиданӣ (*хоҳ ширин бошад, хоҳ талх*).

ШАРЗА شرزه хашмгин, дандон намоён, зӯрманд (*сифати шер ва дигар ҳайвоноти дарранда*).

ШАРИК* شریک 1. ҳамроҳ, ҳамкор. 2. рафиқ. 3. ҳамсинф. (*Ед. ч. IV*).

ШАРИР شریر бадкирдор, бадкор.

ШАРИФ شریف ҳар чизи бузургқадр, шарофатнок.

ШАРМ شرم ҳаё, ор, нанг.

ШАРМАНДА شرمنده *беобрӯ*шуда барои ягон кори нописанди худ (*ҳар чанд ин калима аз рӯи сохташ ба маънои «шармнок» аст, аммо дар адабиёт ва дар забони зиндаи ҳозира ба маъное, ки навишта шуд, кор фармуда мешавад*).

ШАРМАНДАГӢ شرمندگی беобрӯӣ (*барои ягон кори нописанд*).

ШАРМГИН شرمگین соҳиби шарм, боҳаё.

ШАРМИДАН شرمیدن шарм доштан аз чизе.

ШАРМИН شرمین *нигоҳ кун.* *ба* **шармгин.**

ШАРМНОК شرمناک боҳаё, бошарм.

ШАРОБ شراب 1. чизи нӯшиданӣ. 2. нӯшидании масткунанда (*маънии дуйӯм маънии зинда аст*). **Шароби ноб** шароби софи бегубори холис.

ШАРОБЗАДА شرابزده касе ки аз бисьёр ва доимо нӯшидани шароб бемор шуда бошад. *Ҳофиз гӯяд:* Ки эй хуморкаши муфлиси шаробзада...

ШАРОБЗАДАГИ شرابزدگی бемориест, ки аз бисьёр ва ҳамеша нӯшидани шароб рӯй медиҳад. Соҳиби ин беморӣ бо андак нӯшидан бе худ мешавад ва ба нонӯшидан тоқат ҳам кардан наметавонад.

ШАРОИН شراین [*ҷамъи* **шараён** *ва* **ширьён**] ширьёнҳо.

ШАРОИТ شرایط [*ҷамъи* **шарита**]; шартҳо.

ШАРОР شرار [*ҷамъи* **шарора**]; оташпораҳои ҷаҳанда.

ШАРОРА شراره оташпораи ҷаҳанда.

ШАРОРАТ شرارت бадӣ.

ШАРТ شرط 1. чизе, ки барои

ба вуҷуд омадани чизи дигар лозим бошад (*масалан*, яке аз шартҳои бисёр шудани ҳосилоти пахта — бисёр шудгор кардани замин аст). 2. ҳолат ва вазъият барои ба вуҷуд омадани коре (*масалан*, **барои ин кор шароити мувофиқ ҳаст** — *яъне ҳолат ва вазъияти мувофиқ ҳаст*). 3. моддаҳое, ки дар аҳду паймони байни ду кас ё ду давлат медароранд (*бинобар ин аҳдномаро* **шартнома** *ҳам мегӯянд*).

ШАРФА شرفه садо ва овози пои одам, ҳайвон ва ҳар гуна ҳаракати инҳо, ки ба тарзи номуайян ба гӯш расад.

ШАРҚ شرق тарафи офтоббаро.

ШАРҲ شرح кушодан, баён кардан.

ШАРҲА شرحه порчае аз чизе.

ШАСТ I شست адади маълум, ки шаш бор даҳ аст.

ШАСТ II شست қуллоби моҳигирист, ки охани сарҳами дирафшнӯг мешавад.

*Дар баҳр фитодаам чу моҳӣ,
То ёр маро ба шаст гирад.
(*Ҳофиз*).

2. зеҳгири камон аст, ки бо вай зеҳро кашида тирро сар диҳанд.

*Назар кун чу сӯфор дорӣ ба шаст,
На он гаҳ, ки партоб кардӣ зи даст.
(*Бӯс*).

3. мизроб, нохунак, ки бо вай созҳои тордорро менавозанд.

Бигрифт ба чанг чангу биншаст.
Бинвохт ба чанг чангу зад шаст.
(*Рӯдакӣ*)*

4. ба тезӣ паридан ва ҳаракат кардани ягон чиз (*масалан*, **санг бо шаст омада расид. Асп бо шаст давида омад**).

ШАСТГИР شستگیر тирандоз (*бо камон*).

ШАТАЛ شتل чизест, ки қиморбозон аз пули бурдаи худ ба тамошобинон медиҳанд. *Дар ин маънӣ гуфта шуда ва зарбулмасал шудааст:* **аз бадқимор ҳар чӣ ситонӣ, шатал бувад.**

ШАТМ شتم дашном.

ШАТР شطر порае аз чизе.

ШАТРАНҶ شترنج/شطرنج тахтаест 64 хонагӣ, ки дар вай бо 32 дона бозӣ кунанд.

ШАТТ شط 1. рӯди калон. 2. канори рӯд, канори дарё.

ШАТТА شته заниш.

ШАТТО شتا 1. пароканда. 2. чизҳои гуногун.

ШАТТОҲ شتاح беҳаё, серҷанҷол.

ШАТТОҲӢ شتاحی беҳаёӣ, серҷанҷолӣ.

ШАФАТ شفت 1. лаб. [2. наздикӣ].

ШАФАТАЙН شفتین ҳар ду лаб.

ШАФАҚ شفق 1. сурхии уфуқи ғарбӣ дар вақти фурӯ рафтани офтоб. 2. сурхии уфуқи шарқӣ дар вақти баромадани офтоб. *Дар ин маънӣ Соиб гуфта:*

То чун шафақ мудом рухат лолагун шавад,
Бе бода магзарон шафақи субҳи шомро.

ШАФАҚАТ شفقت меҳрубонӣ.

ШАФЕЪ* شفیع шафоаткунанда, воситачӣ, восита. (*Ёд. ҷ. IV*).

ШАФИҚ شفیق меҳрубон.

ШАФО شفا 1. канор. 2. охири умр.

ШАФРА شفره қалами чармбурии кафшдӯзон.

ШАФТОЛУ شفتالو меваи маълум.

ШАФФОФ شفاف 1. ҳар чизи латиф, ки аз паси он чизеро дидан мумкин бошад (*шиша, об ва монанди инҳо*). 2. ҳар чизе, ки дар вай акси чизи дигар намояд (*оина ва баъзе чизҳои сайқалзада ва рангу равғанкардашуда масалан, ҷӯб*).

ШАФҚАТ شفقت *нигоҳ кун. ба* **шафақат.**

ШАХ I شخ 1. замини домани кӯҳ. 2. девори рост бароманди кӯҳ. 3. замини сахт. 4. ҳар чизе, ки бисёр сахт бошад (*масалан, камон*). **Шах шудан** аз гарм шуда якбора шамол хӯрдан карахт шуда мондани аъзои одам ё ҳайвон. 5. одами сахтирода (*одами сахтиродаро* **одами шах** *мегӯянд*).

ШАХ II* شخ *сабук кардашудаи* **шох.**

На дар рег сабза, на дар боғ шох.
Малах бустон хӯрда, мардум малах.
(*Бӯс.*)

ШАХДАМ شخ دم. **шахдам кардан** барои зуд кардани коре қувваи бисёреро ба болои он кор ҷамъ кардан. (*маҷоз*).

ШАХЗАМИН شخ زمین заминест, ки хокаш бе рег ва дар вақти кишт нарм карданаш душвор аст.

ШАХИС//ШАХИШ* شخس// شخش номи паррандаест хушовоз.

Гургро кай расад малолати шер,
Бозро кай бувад нишеби шахиш.
(*Рӯдакӣ*).

ШАХКАМОН شخ کمان паҳлавонест, ки камони ӯро ҳар кас кашидан наметавонад (*аз сифати қаҳрамонони қадим*).

ШАХКОСА* شخکاسه жола, яхча. (*Р.*)

ШАХОБ شخاب **шахоб кардан** киштзорро баланд об додан ва пай дар пай чанд бор об додан.

ШАХС شخص як одами муайян. **Шахси ҳуқуқӣ** ҷамъият, ширкат, идора ва монанди инҳост, ки дар пеши маҳкамаи адлия ва муомалот як шахс ҳисоб меёбад (*масалан, колхоз як шахси ҳуқуқист, аз номи вай ҳар чизро мехаранд, мефурӯшанд ва монанди инҳо*).

ШАХСӢ شخصی *мансуб ба* **шахс (тарзи шахсӣ, кори шахсӣ).**

ШАШ شش адади маълум, ки пас аз панҷ меояд. **Шаш сӯ** шаш тарафи ҳар чиз бошад, ки боло, поин, пас, пеш, рост ва чап аст. **Шаш тарафаш қибла** касе, ки аз ҳеҷ сӯ умеди *беҳбудӣ* надошта бошад (*маҷоз*). **Шаш ҷиҳат** Шарқ, Ғарб, Шимол, Ҷануб, фавқ, тахт.

ШАШДАР ششدر ҳолати сахти гирифторӣ, оҷизӣ ва ҳайронӣ аст, ки халос шудан аз он мумкин нест (*маҷозест, ки аз нардбозӣ гирифта шудааст*). **Шашдар шудан** дар ҳолати сахтӣ, гирифторӣ ва ҳайронӣ мондан.

ШАШПАР ششپر гурзи оҳанин аст, ки сари вай шаш паҳлу дорад.

ШАЪБАДА* شعبده найрангбозӣ, чашмбандӣ. (*ч. 10*).

ШАЪР شعر мӯй.

ШАЪШАА شعشعه партави моҳ ва офтоб. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Шаъшаафшонии хуршеду маҳ,
Шаъшаае аз рухи тобони ӯст.

ШАҒАБ شغب шӯр, доду фарьёд, ошӯб, хурӯш.

*Пайдо шағабе чу бод мекард,
Пинҳон ҷигаре чу хок мехӯрд.
(Л. М.)

ШАҒАЛ شغل сангпарча, хиштпарча ва ҳар гуна чизҳои парпартофтании аз бинокорӣ баромада.

ШАҒАФ شغف 1. муҳаббат ва дӯстӣ, ки ба ғилофи дил расад, яъне ба дил сахт таъсир кунад. 2. ҷӯшу хурӯш. *Дар маънии дуюм Ҳайрат гуфта:*

Андеша то чанд аз сипеҳр, эй дӯстон,
Бояд расондан то фалак шӯру шағаф.

ШАҒБА* شغبه 1. ҷои дурушт ва сиёҳшудаи пӯсти бадан аз кор. 2. *маҷ.* хор, бекадр.

Тани хешро шағба дунон кунанд,
Зи душман таҳаммул забунон кунанд.
(Бӯс.)

ШАҒОЛ شغال ҷонвари ваҳшии сагмонанд аст, ки мурғонро гирифта хӯрад.

ШАҒОФ شغاف ғилофи дил, пардаи дил [перикардий].

ШАҒФ شغف шиддати муҳаббат, [*нигоҳ кун.* ба **шағаф**].

ШАҚ* شق чок, шикоф

Ба нисори видоъ аз дили шақ,
Ҳама шаб ашк мекашид табақ.
(Бедил).

ШАҚИР شقر лолаи кӯҳӣ.

ШАҚИҚА شقیقه ҷои нарме, ки дар миёнаи гӯш ва пешонӣ мебошад. [чаккаи пешонӣ].

ШАҚОВАТ شقاوت бадбахтӣ; *зидди* **саодат**.

ШАҚОИҚ* شقایق навъе аз лола.

Гӯӣ худ ҳамон қадр дорад, ки ҳаст,
Ба гар дар миёни шақоиқ нишаст.
(Бӯс.).

Шақоиқи нуъмон лолаи сурхи калони кӯҳӣ.

ШАҚОИҚНАМАД شقایق نمد намади гулдор, намади гулдӯзӣ кардашуда.

ШАҚОҚУЛ شقاقل 1. сабзии кӯҳӣ. 2. як хел моҳии хурдчусса.

ШАҚШАҚ شق شق бемаъниёна ва ҷанҷоломезона бо овози баланд гапзанӣ *(агар касе ба касе ё дар маҷлисе ин гуна гап задан* [illegible] *«бисёр шақшақ накун»* [illegible]

ШАҚШАҚА شقشقه 1. бо[illegible] тур. 2. тахтачаҳои гирдаи [illegible] сӯрохи бар як чӯб гуза[illegible] дар миёнаи як чӯби душоха [illegible] тае, ки агар душохаро ҷунбонанд тахтачаҳо садои «шақшақ» медиҳанд. Ин чизро посбонони шабона кор мефармоянд, инчунин киштбонон бо ҷунбониданаи вай паррандаҳоро аз кишт мерамонанд.

ШАҚӢ شقی бадбахт.

ШАҚҚ شق 1. шикофи ягон чиз *(шикофи нӯги қаламро «шаққ» гӯянд)*. 2. шикофтан. 3. душвории кор бар касе.

ШАҚҚА شقه дар сифати ҳолатҳои изтиробӣ меояд. *Масалан мегӯянд:* **фалонӣ девонаи шаққа шуд ё варачаи шаққа шуд**,*-девонаи сахт, варачаи сахт шуд.*

ШАҲ شه *кӯтоҳ кардашудаи* **шоҳ**

(ҳар калимае, ки бо калимаи «шоҳ» таркиб ёфта, маъчиаш дар боби «Ш» бо «О» (шоҳ) меояд, бо калимаи «шаҳ» низ таркиб меёбад. Лекин ин гуна калимаҳоро такрор намекунем, зеро маъниҳояшон як аст). ***Шаҳ гуфтан**-«кишт» гуфтан *(дар шатранҷбозӣ).*

Шоҳ он бошад, ки дар адабгоҳи шеър
Аз «шаҳ» гуфтан раҳад чу шоҳи шатранҷ.
(Бедил).

ШАҲВАТ شهوت орзӯи лаззатҳои нафсонӣ.

ШАҲВАТПАРАСТ شهوت‌پرست касест, ки ҳамеша аз паси лаззатҳои нафсонӣ гардад.

ШАҲВОНӢ شهوانی *мансуб ба* шаҳват.

ШАҲД شهد 1. асал.

*Гуфтӣ, ки ба шир буд шаҳде,
Ё буд маҳе миёни маҳде.
*(Л. М.)**

2. Умуман ширинӣ *(агар шириниии ягон чиз бисёр баланд шавад, масалан, ҳамаи тарро, «шаҳдаш баланд шудааст» мегӯянд).*

ШАҲИД شهید 1. ҳозир. 2. ноҳақ ва бо зулм кушташуда.

ШАҲИР شهیر машҳур.

ШАҲИҚ شهیق [1. овози хунгхунг, хир-хир]. 2. бонги хар.

ШАҲЛО شهلا [*муаннаси* **ашҳал**]: 1. чашми сиёҳи ба сурхӣ моил. 2. наргисе, ки гулаш сиёҳ аст [наргиси шаҳло].

ШАҲЛОЧАШМ شهلا چشم мешчашм.

ШАҲМ شحم чарбу.

ШАҲНА شحنه *амалдори давраи феодалӣ, ки аз болои тартибу низоми аҳолӣ назорат мекард, *миршаб.

Худоро, доди мо бистон аз ӯ, эй шаҳнаи маҷлис,
Ки май бо дигаре хӯрдасту бо мо сар гарон дорад.
(Ҳофиз)

ШАҲНИШИН شه‌نشین 1. як тарафи баланд бардошта шудаи хона, ки дар он ҷо одамони махсус нишинанд. 2. манзаре, ки бар болои даҳлези хона меандозанд ва ба даруни хона аз вай дарича ё даричаҳо мегузоранд.

ШАҲНОЗ شهناز хавосест дар шашмақом *(мусиқӣ).*

ШАҲНОЙ شهنای сурнай [*асбоби мусиқӣ*].

ШАҲОБ شهاب ранги сурх.

ШАҲОДАТ شهادت 1. гувоҳӣ. 2. бенохақ кушташавӣ.

ШАҲОМАТ شهامت 1. бузургӣ. 2. тавоноӣ.

ШАҲР I شهر ҷое, ки мардуми бисёре дар он ҷо зиндагонӣ кунанд ва ба касбу ҳунари гуногун машғул бошанд.

ШАҲР II شهر моҳ *(дар арабӣ)* ***Шаҳри раҷаб**—моҳи раҷаб, ки моҳи ҳафтӯм аз солшумории камарӣ аст.

Гашт ями чонея шаҳри раҷаб таърихи ин,
Турфатар к-ин рӯзу маҳ итмоми иро, мазҳар аст.
*(Навоӣ)**

ШАҲРБАНД شهربند 1. девори шаҳр, қалъа. 2. касе, ки дар шаҳре маҳбус буда, аз он шаҳр беруи рафтани он мумкин нест; *асир.

ШАЪР شعر мӯй.

ШАЪШАА شعشعه партави моҳ ва офтоб. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Шаъшаaафшонии хуршеду маҳ.
Шаъшаае аз рухи тобони ӯст.

ШАҒАБ شغب шӯр, доду фарьёд, ошӯб, хурӯш.

*Пайдо шағабе чу бод мекард,
Пинҳон ҷигаре чу хок мехӯрд.
(Л. М.)

ШАҒАЛ شغل сангпарча, хиштпарча ва ҳар гуна чизҳои партофтании аз бинокорӣ баромада.

ШАҒАФ شغف 1. муҳаббат ва дӯстӣ, ки ба ғилофи дил расад, яъне ба дил сахт таъсир кунад. 2. ҷӯшу хурӯш. *Дар маънии дуйӯм Ҳайрат гуфта:*

Андеша то чанд аз сипеҳр, эй дӯстон.
Бояд расондан то фалак шӯру шағаф.

ШАҒБА* شغبه 1. ҷои дурушт ва сиёҳшудаи пӯсти бадан аз кор. 2. *маҷ.* хор, беқадр.

Тани хешро шағба дунон кунанд,
Зи душман таҳаммул забунон кунанд.
(Бӯс.)

ШАҒОЛ شغال ҷонвари ваҳшии сагмонанд аст, ки мурғонро гирифта хӯрад.

ШАҒОФ شغاف ғилофи дил, пардаи дил [перикардий].

ШАҒФ شغف шиддати муҳаббат, [*нигоҳ кун. ба* **шағаф**].

ШАҚ* شق чок, шикоф

Ба нисори видоъ аз дили шақ.
Ҳама шаб ашк мекашид табақ.
(Бедил).

ШАҚИР شقر лолаи кӯҳӣ.

ШАҚИҚА شقیقه ҷои нарме, ки дар миёнаи гӯш ва пешонӣ мебошад, [чаккаи пешонӣ].

ШАҚОВАТ شقاوت бадбахтӣ; *зидди* **саодат**.

ШАҚОИҚ* شقایق навъе аз лола.

Гиё худ ҳамон қадр дорад, ки ҳаст,
Ва гар дар миёни шақоиқ нишаст.
(Бӯс.).

Шақоиқи нӯъмон лолаи сурхи калони кӯҳӣ.

ШАҚОИҚНАМАД شقایق نمد намади гулдор, намади гулдӯзӣ кардашуда.

ШАҚОҚУЛ شقاقل 1. сабзии кӯҳӣ. 2. як хел моҳии хурдҷусса.

ШАҚШАҚ شق شق бемаъниёна ва ҷанҷоломезона бо овози баланд гапзанӣ *(агар касе ба касе ё дар маҷлисе ин гуна гап задан гирад «бисьёр шақшақ накун» мегӯянд).*

ШАҚШАҚА شقشقه 1. бонги шутур. 2. тахтачаҳои гирдаи миёнсӯрохи бар як чӯб гузаронида дар миёнаи як чӯби душоха бастае, ки агар душохаро ҷунбонанд тахтачаҳо садои «шақшақ» медиҳанд. Ин чизро посбонони шабона кор мефармоянд, инчунин киштбонон бо ҷунбонидани вай паррандаҳоро аз кишт мерамонанд.

ШАҚӢ شقی бадбахт.

ШАҚҚ شق 1. шикофи ягон чиз *(шикофи нӯги қаламро «шақҚ» гӯянд).* 2. шикофтан. 3. душвории кор бар касе.

ШАҚҚА شقه дар сифати ҳолатҳои изтиробӣ меояд. *Масалан мегӯянд:* **фалонӣ девонаи шаққа шуд ё варақаи шаққа шуд**,-*девонаи сахт, варақаи сахт шуд.*

ШАҲ شه *кӯтоҳ кардашудаи* **шоҳ**

(ҳар калимае, ки бо калимаи «шоҳ» таркиб ёфта, маъниаш дар боби «Ш» бо «О» (шоҳ) меоянд, бо калимаи «шаҳ» низ таркиб меёбад. Лекин ин гуна калимаҳоро такрор намекунем, зеро маъниҳояшон як аст). ***Шаҳ гуфтан**–«кишт» гуфтан *(дар шатранҷбозӣ).*

...Шоҳ он бошад, ки дар адабгоҳи ниёз
Аз «шаҳ» гуфтан рамад чу шоҳи шатранҷ.
(Бедил).

ШАҲВАТ شهوت орзӯи лаззатҳои нафсонӣ.

ШАҲВАТПАРАСТ شهوت‌پرست касест, ки ҳамеша аз паси лаззатҳои нафсонӣ гардад.

ШАҲВОНӢ شهوانی *мансуб ба* шаҳват.

ШАҲД شهد 1. асал.

*Гуфтӣ, ки ба шир буд шаҳде,
Ё буд маҳе миёни маҳде.
*(Л. М.)**

2. Умуман ширинӣ *(агар ширинии ягон чиз бисёр баланд шавад, масалан, ҳалвои тарро, «шаҳдаш баланд шудааст» мегӯянд).*

ШАҲИД شهید 1. ҳозир. 2. ноҳақ ва бо зулм кушташуда.

ШАҲИР شهیر машҳур.

ШАҲИҚ شهیق [1. овози ҳунг-ҳунг, ҳир-ҳир]. 2. бонги хар.

ШАҲЛО شهلا [*муаннаси* **ашҳал**]; 1. чашми сиёҳи ба сурхӣ моил. 2. наргисе, ки гулаш сиёҳ аст [наргиси шаҳло].

ШАҲЛОЧАШМ شهلاچشم мешчашм.

ШАҲМ شحم чарбу.

ШАҲНА شحنه *амалдори даврони феодалӣ, ки аз болои тартибу низоми аҳолӣ назорат мекард, *миршаб.

Худоро, доди ман бистон аз ӯ, эй шаҳнаи маҷлис,
Ки май бо дигаре хӯрдасту бо ман сар гарон дорад.
(Ҳофиз)

ШАҲНИШИН شه‌نشین 1. як тарафи баланд бардошта шудаи хона, ки дар он ҷо одамони махсус нишинанд. 2. манзаре, ки бар болои даҳлези хона меандозанд ва ба даруни хона аз вай дарича ё даричаҳо мегузоранд.

ШАҲНОЗ شهناز ҳавоест дар шашмақом *(мусиқӣ).*

ШАҲНОЙ شهنای сурнай [*асбоби мусиқӣ).*

ШАҲОБ شهاب ранги сурх.

ШАҲОДАТ شهادت 1. гувоҳӣ. 2. баноҳақ кушташавӣ.

ШАҲОМАТ شهامت 1. бузургӣ. 2. тавоноӣ.

ШАҲР I شهر ҷое, ки мардуми бисёре дар он ҷо зиндагонӣ кунанд ва ба касбу ҳунари гуногун машғул бошанд.

ШАҲР II شهر моҳ *(дар арабӣ)* ***Шаҳри раҷаб**—моҳи раҷаб, ки моҳи ҳафтӯм аз солшумории қамарӣ аст.

Гашт явми ҷомеи шаҳри раҷаб таърихи ин,
Турфатар к-ин рӯзу маҳ итмоми инро мазҳар аст.
*(Навоӣ)**

ШАҲРБАНД شهربند 1. девори шаҳр, қалъа. 2. касе, ки дар шаҳре маҳбус буда, аз он шаҳр берун рафтани он мумкин нест; *асир.

Чун дид падар, ки дардманд аст,
Дар олами ишқ шаҳрбанд аст...
(Л. Н.)

ШАҲРИЁР شهریار подшоҳи подшоҳон.

ШАҲРИСТОН شهرستان 1. ҳисорест, ки чандин қалъа (я дарун, берун) дошта бошад. [2. шаҳри калони замони қадим].

ШАҲРОРОЙ شهرآرای 1. иморат ё ягон чизи дигари бисьёр хуб, ки сабаби ороиши шаҳр бошад. 2. касе, ки шаҳрро ороиш диҳад ва ойин бандад.

ШАҲРОШУБ شهرآشوب касест ё чизест, ки тамоми шаҳрро дар ошӯб меорад. (*Мушфиқӣ дар як қасидаи худ тамоми косибони шаҳрро ҳаҷв кардааст ва ин манзумаро «шаҳрошӯб» номидааст*).

ШАҲСАВОР شهسوار касе, ки доимо аспи хубро ба худ саворӣ мекунад. *Ҳилолӣ гуфта:*

Шаҳсавори ман ба саҳро рафтаву ман мондаам,
З-ин гунаҳ аз шаҳр мехоҳанд ки берунам кунанд.

ШАҲТОР شهتار аввалин тори созҳои торист, ки садои бам медиҳад.

ШАҶАР شجر дарахт.

*Ҳосили қисса он ки он бедил
Дошт дар сояи шаҷар манзил.
(*Бедил.*)

ШАҶАРА شجره 1. дарахт. 2. аслу насаб.

ШЕБ شیب нишеб [шакли кӯтоҳи **нишеб**].

ШЕВА شیوه 1. тарз, равиш. 2. қоида. 3. ҳунар, пеша. 4. ноз, карашма.

ШЕВАН شیون навҳа, нола, фарёд (*дар мотам ва мусибат*).

*Бар шӯй ин шеване, ки кардӣ,
Дар шевани дуст нукта рондӣ.
(*Л. М.*)

ШЕВАНД شیوند тахтае, ки дар рӯи вай хамирро тунук ва паҳн мекунанд.

ШЕВО شیوا фасеҳ.

ШЕВОЗАБОН شیوازبان фасеҳзабон.

ШЕД شید 1. равшанӣ. 2. офтоб.

ШЕЛА شیله 1. хушомадгӯии мунофиқона. 2. забонбозӣ. *Ба ин маънӣ гуфта* [illegible]

Гоҳ аз шела ба по [illegible]
Гоҳ аз лоба ба гир [illegible]

ШЕМА ШИМА [illegible] **шиям**]; табиат, [illegible] ягон одам.

ШЕР شیر ҳайвони [illegible] даррандаи машҳур. ***Шери шарза** шери бадхашм.

Сайёд бад-он гавазни гулранг
Омад чу шери шарза оҳанг.
(*Л. М.*)

Шерони сиёҳ киноя аз арабҳо.

Шерони сиёҳ дар дариданд,
Девони сафед дар давиданд
(*Л. М.*)*

ШЕРАК* شیرک ҷуръат, далерӣ.
***Шерак додан** барангехтани касеро ё ягон ҳайвони газанда, ё даррандаро ба муқобили касе ё ҳайвоне*

Шерро пӯст чу рӯбоҳ шавад офати ҷон
Рӯбаро шер диҳад сӯи палангон шерак
(*Бедил*)*

ШЕРДИЛ شیردل одами далер (*ҷасур*).

ШЕРМАГАС شیرمگس тортанак.

ШЕРМАРД شیرمرد одами далер ва зўрманд.

ШЕРМАСТ شیرمست иммасте, ки ҳушаш нарафтааст, аммо ба кардани ҳаргуна кор далерӣ пайдо кардааст.

ШЕФТА شیفته 1. ошиқи аз ҳад зиёд гирифторшуда. *2. девона мисли Маҷнун.

З-он пас, ки сухан ба таъна гуфтанд
Аз шефта моҳи нав нуҳуфтанд.
(*Л. М.*)*

3. ҳайрон ва мадҳушгардида аз ягон хубӣ.

ШЕФТАГӢ شیفتگی мадҳушӣ, ҳайронӣ, парешонҳолӣ.

ШЕФТАДИЛ* شیفته‌دل мафтун, шайдо.

Зулфе ба ҳазор ҳалқа занҷир,
Ҷуз шефтадил шудан чӣ тадбир?
(*Л. М.*)

ШЕЪР شعر сухани мавзуни қофиядор, ки ба хонанда ва шунаванда ягон таъсири фаврӣ дошта бошад.

ШЕЪРО/ШАЪРО شعرا//شعری номи ситораест равшан, ки баъд аз моҳи Ҷавзо намоён шавад. *Дар ин маънӣ Фурўғӣ гуфта:*

Шеърат зи зулфи ёр Фурўғӣ шараф гирифт
Зебад, ки тоҷи тораки шаъро кунам туро.

ШЕҲА شیهه бонги асп.

ШИБАЪ شبع серӣ (*зидди* **гуруснагӣ**).

ШИББА شبه гўлаест дастадор, ки вайро бар замини суст зада заминро сахт мекунанд. **Шибба задан** а) шибба зада заминро сахт кардан. б) бо сухан ва ташвиқ касеро барои коре сахт тайёр кардан (*маънии дуйўм маҷоз аст*).

ШИБИРҒОНӢ شبرغانی як хел ангури сиёҳи сершира аст, ки ҷинси вайро аз Шибирғон ном вилояти Балх овардаанд (*дар Самарқанд «кишмиши сиёҳ» номанд*).

ШИБИТ شبت растаниест борикбарги хушбўй, ки дар ҷурғот ва таомҳои ҷурғотдор ҳамроҳ карда хўранд.

ШИБР شبر ваҷаб.

ШИГАРФ شگرف 1. нек, зебо. 2. бузург, соҳибшукўҳ 3. нодир; аҷиб (*ягон ҳодиса, воқиа, кор*).

ШИГАРФБУНЬЁД* شگرف بنیاد бузург ва зебоасос (*Ёд*).

ШИГИФТ شگفت 1. тааҷҷуб; аҷаб. 2. аҷиб.

*Бихандиду ангушт бар лаб гирифт,
Гар ў ҳар чи гўяд, набошад шигифт.
(*Бус.*)

Навмед машав зи чора ҷустан,
К-аз дона шигифт нест рустан.
(*Л. М.*)

Шигифт мондан дар тааҷҷуб мондан

Шаҳ монд шигифт к-он ҷавонмард,
Чун буд к-аз он сагон наёзурд.
(*Л. М.*)*

ШИДДАТ شدت 1. қувват; сахтӣ (**борон бо шиддат борид** — *бо қувват борид, сахт борид*). 2. сахтгирӣ (**фалонӣ ба фалонӣ шиддат кард** — сахтгирӣ кард).

ШИЁР شیار *нигоҳ кун.* ба **шудгор**. *Дар ин маънӣ Навоӣ гуфта:*

Золиму одил на як сонанд дар таъмири мулк,
Хук дигар дар шиёри кишту деҳқон дигар аст.

Чун дид падар, ки дардманд аст,
Дар илми ишқ шаҳрбанд аст...
(Л. М.)

ШАҲРИЁР شهریار подшоҳи подшоҳон.

ШАҲРИСТОН شهرستان 1. хисорест, ки чандин қалъа (и дарун, берун) дошта бошад. [2. шаҳри калони замони қадим].

ШАҲРОРОЙ شهرآرای 1. иморат ё ягон чизи дигари бисёр хуб, ки сабаби оройиши шаҳр бошад. 2. касе, ки шаҳрро ороиш диҳад ва ойин бандад.

ШАҲРОШУБ شهرآشوب касест ё чизест, ки тамоми шаҳрро дар ошӯб меорад. (*Мушфиқӣ дар як қасидаи худ тамоми калонони шаҳрро ҳаҷв кардааст ва номашро «шаҳрошӯб» мондааст*).

ШАҲСАВОР شهسوار касе, ки доимо аспи хубро ба худ саворӣ мекунад. *Ҳилолӣ гуфта:*

Шаҳсавори ман ба сайре рафту ман мондам,
З-ин ғубор аз шаҳр меоям ба берун кунад.

ШАҲТОР شهتار аввалин тори созҳои торист, ки садои бам медиҳад.

ШАҶАР شجر дарахт.

*Ҳосили қисса он ки он бедил
Дошт дар сояи шаҷар манзил.
(Бедил.)

ШАҶАРА شجره 1. дарахт. 2. аслу насаб.

ШЕБ شیب нишеб [*шакли кӯтоҳи* **нишеб**].

ШЕВА شیوه 1. тарз, равиш. 2. қоида. 3. ҳунар, пеша. 4. ноз, карашма.

ШЕВАН شیون навҳа, нола, фарёд (*дар мотам ва мусибат*).

*Бар шуд зи шевание, ки кардай,
Дар шеван дӯст кӯта ранда.
(Л. М.)

ШЕВАНД شیوند тахтае, ки бар рӯи вай хамирро тунук ва паҳн мекунанд.

ШЕВО شیوا фасеҳ.

ШЕВОЗАБОН شیوازبان фасеҳзабон.

ШЕД شید 1. равшанӣ. 2. офтоб.

ШЕЛА شیله 1. хушомадгӯии мунофиқона. 2. забонбозӣ. *Ба ин маънӣ гуфта шудааст:*

Гоҳ аз шела ба пои амакат меафтам,
Гоҳ аз лоба ба гирди падарат мегардам.

ШЕМА ШИМА شیمه [ҷамъаш **шиям**]; табиат, одат ва хислати ягон одам.

ШЕР شیر ҳайвони ваҳшии даррандаи машҳур. ***Шери шарза*** шери бадхашм.

Сайёд бад-он тавони гулрез
Омада чу шери шарза оҳанг.
(Л. М.)

Шерони сиёҳ *кинояи аз арабҳо.*

Шерони сиёҳ дар дарандан,
Девони сафед дар давидан
(Л. М.)*

ШЕРАК* شیرک ҷуръат, далерӣ. ***Шерак додан*** *барангехтани касеро ё ягон ҳайвони зананда, ё даррандаро ба муқобили касе ё ҳайвоне**

Шеро пуст чу рӯбоҳ шавад, офати чип
Рӯбаҳро мағр диҳад сӯи палангон шерак
(Бедил)*

ШЕРДИЛ شیردل одами далер (*марда*).

ШЕРМАГАС شیرمگس тортанак.

ШЕРМАРД شیرمرد одами далер ва зӯрманд.

ШЕРМАСТ شیرمست ниммасте, ки ҳушаш нарафтааст, аммо ба кардани ҳаргуна кор далерӣ пайдо кардааст.

ШЕФТА شیفته 1. ошиқи аз ҳад зиёд гирифторшуда. *2. девона мисли маҷнун.

З-он пас, ки сухан ба таъна гуфтанд
Аз шефта моҳи нав нуҳуфтанд.
(*Л. М.*)*

3. ҳайрон ва мадҳушгардида аз ягон хубӣ.

ШЕФТАГӢ شیفتگی мадҳушӣ, ҳайронӣ, парешонҳолӣ.

ШЕФТАДИЛ* شیفته‌دل мафтун, шайдо.

Зулфе ба ҳазор ҳалқа занҷир,
Ҷуз шефтадил шудан чӣ тадбир?
(*Л. М.*)

ШЕЪР شعر сухани мавзуни қофиядор, ки ба хонанда ва шунаванда ягон таъсири фаврӣ дошта бошад.

ШЕЪРО//ШАЪРО شعرا//شعری номи ситораест равшан, ки баъд аз моҳи Ҷавзо намоён шавад. *Дар ин маънӣ Фуруғӣ гуфта:*

Шеърат зи зулфи ёр Фуруғӣ шараф гирифт
Зебад, ки тоҷи тораки шаъро кунам туро.

ШЕҲА شیهه бонги асп.

ШИБАЪ شبع серӣ (*зидди* **гуруснагӣ**).

ШИББА شبه ғӯлаест дастадор, ки вайро бар замини суст зада заминро сахт мекунанд. **Шибба задан** а) шибба зада заминро сахт кардан. б) бо сухан ва ташвиқ касеро барои коре сахт тайёр кардан (*маънии дуйӯм маҷоз аст*).

ШИБИРҒОНӢ شبرغانی як хел ангури сиёҳи сершира аст, ки ҷинси вайро аз Шибирғон ном вилояти Балх овардаанд (*дар Самарқанд «кишмиши сиёҳ» номанд*).

ШИБИТ شبت растаниест борикбарги хушбӯй, ки дар ҷуғрот ва таомҳои ҷуғротдор ҳамроҳ карда хӯранд.

ШИБР شبر ваҷаб.

ШИГАРФ شگرف 1. нек, зебо. 2. бузург, соҳибшукӯҳ 3. нодир; аҷиб (*ягон ҳодиса, воқиа, кор*).

ШИГАРФБУНЬЁД* شگرف بنیاد бузург ва зебоасос (*Ёд*).

ШИГИФТ شگفت 1. тааҷҷуб; аҷаб. 2. аҷиб.

*Бихандиду ангушт бар лаб гирифт.
Гар ӯ ҳар чи гӯяд, набошад шигифт.
(*Бӯс.*)

Навмед машав зи чора ҷустан,
Қ-аз дона шигифт нест русган.
(*Л. М.*)

Шигифт мондан дар тааҷҷуб мондан

Шаҳ монд шигифт к-он ҷавонмард,
Чун буд к-аз он сагон наёзурд.
(*Л. М.*)*

ШИДДАТ شدت 1. қувват; сахтӣ (**борон бо шиддат борид**— *боқувват борид, сахт борид*). 2. сахтгирӣ **фалонӣ ба фалонӣ шиддат кард** — сахтгирӣ кард).

ШИЁР شیار *нигоҳ кун. ба* **шудгор**. *Дар ин маънӣ Навоӣ гуфта:*

Золиму одил на як сонанд дар таъмири мулк,
Хук дигар дар шиёри кишту деҳқон дигар аст.

ШИЁРИДАН شیاریدن шудгор кардан.

ШИҚАМ* شکم қисми маълуми бадан*. **Шикам мондан** а) фарбеҳ шудан. б) соҳиби сарват шудан аз даромадҳои бемеҳнат. **Шикам хоридан** бекор гаштан (*аз беэҳтиёҷӣ*).

ШИҚАМБАНДА شکم بنده пурхӯр.

ШИҚАМПАРАСТ شکم پرست пурхӯр.

ШИҚАМПАРВАР شکم پرور *нигоҳ кун. ба* **шикампараст.**

ШИҚАМӢ شکمی *мансуб ба* шикам (*масалан,* **бародари шикамӣ**— бародари модарьяки падарҷудо. **Овози шикамӣ** — овози бисьёр баландест, ки бо хонда фарьёд кардан (*дар мусиқӣ*) ҳаргиз намегирад ва хаста намешавад.

ШИҚАН I شکن *асоси замони ҳозираи* **шикастан;** *амр ба* **шикастан** (*яъне* **бишкан**).

ШИҚАН II شکن 1. печу хами мӯй, зулф. [2. *маҷ.* азоб]. **Шикан кардан** а) сахтгирӣ кардан, танг кардан. б) дар шиканҷа гирифта азоб додан.

ШИҚАНБА شکنبه халтаи меъдаи хайвонот, ки чизҳои хӯрда ва нӯшидаашон он ҷо ғун мешавад.

ШИҚАН-ШИҚАН شکن - شکن 1. садо баровардан аз ангуштон дар вақти рақс. 2. шикастани чизи бисьёре дар як вақт ё дар як маҷлис. *Ба ин маънӣ гуфта шудааст:*

Қадаҳ бишкан ту соқӣ, ман шикастам шишаи дилро,
Ту ҳам тарфи кулаҳ бишкан, ки бишкан-бишкан аст имшаб.

ШИҚАНҶ شکنج 1. печутоб, чин, шикан.

*Сабо зи ҳоли дили танги мо чӣ шарҳ диҳад,
Ки чун шиканҷи вараққои ғунча тӯ бар тӯст.
(Ҳофиз)

[2. шиканҷа, азоб].

ШИҚАНҶА شکنجه 1. сахтгирӣ; азоби сахт. 2. асбобест, ки саҳҳофон варақҳои китобро дар байни вай гузошта мебурранд ва медӯзанд, [пресс].

ШИҚАНҶДИДА* شکنج دیده **Вараҷи шиканҷдида** вараҷи қат-қат ва ғиҷимшуда.

Гуфт: эй вараҷи шиканҷдида,
Чун дафтари гул варақдарида!
(Л. М.)

ШИҚАНҶИДАН شکنجیدن гирифта тофтани пӯсти бадан дар байни ду нохун ё дар байни ду сарангушт, [пучидан].

ШИҚАРА شکره мурғест шикорӣ аз ҷинси боша.

ШИҚАСТ شکست 1. нуқсоне, ки ба ягон чизи моддӣ ё маънавӣ роҳ меёбад. **Ба фалонӣ шикаст шуд** фалонӣ зарар дид ё ба нокомӣ дучор гашт. **Шикаст ёфтан** нуқсон ёфтан. **Фалон одам ё фалон ҷамъияти тиҷоратӣ шикаст ёфт.**

ШИҚАСТАКОМӢ* شکسته کامی нокомӣ, нуқсонбинӣ.

Дар аҳли ҳунар шикастакомӣ,
Беҳ з-он, ки бувад шикастаномӣ.
(Л. М.)

ШИҚАСТАН شکستن 1. реза ва пора кардани ягон чизи сахт. 2. ба сабаби нуқсони куллӣ ёфтани сармоя аз доду гирифт бозмондан (-и ягон шахс, ҷамъияти тиҷоратӣ ё давлатӣ). [3. мағлуб гардонидан. 4. равнаки чизеро барҳам додан]. 5. марғӯладор карда гузоштани зулф. 6. канори кулоҳ ё калапӯшро кат карда пӯшидан. ***Шикастани дари машриқ** *киноя аз* дамидани субҳ. *(Б.)*.

ШИКАСТАНОМӢ* شکسته نامی бадномӣ.

Дар ақли ҳунар шикастаномӣ,
Беҳ з-он, ки бувад шикастаномӣ.
(Л. М.)

ШИКАСТАНОХУН شکسته ناخن 1. одами аз қувватафтода. 2. одами аз сарват ва сомон ҷудошуда *(ҳар ду маънӣ ҳам маҷоз аст)*.

ШИКАСТАРАНГ شکسته رنگ одами рангпарида.

ШИКАСТУРЕХТ شکست وریخت таъмир, мараммат, ремонт. *(Ин калима аз «ислоҳи шикастурехти иморат» кӯтоҳ карда шудааст)*.

ШИКВА شکوه 1. гила. 2. шикоят, норизоӣ аз касе. 3. бадгӯӣ дар ҳаққи касе.

ШИКЕБ شکیب сабр, тоқат, бардошт, таҳаммул.

*Кардаанд шикеб то бикӯшанд,
В-он ишқи бараҳнаро бипӯшанд.
(Л. М.)

ШИКЕБИДАН* شکیبیدن сабр кардан, бардошт намудан.

Собир шаву пойдору бишкеб,
Худро ба дами дурӯғ бифреб!
(Л. М.)

ШИКЕБО شکیبا *босабр, собир, соҳибсабр, бабардошт.*

*На видаам аз кас, ки расво шавӣ,
На тоқат, ки як дам шикебо шавӣ.
(Бус.)

ШИКЕБОНИДАН شکیبانیدن тасаллӣ додан, дилдорӣ додан.

ШИКЕБОӢ شکیبائی босабрӣ, бобардоштӣ.

ШИКЕБСОЗӢ* شکیب سازی сабркунӣ.

Чун Ибни Салом аз он ниёзӣ
Шуд номзади шикебсозӣ,
Маркаб ба диёри хештан ронд,
Бишкасту ғубори хеш биншонд.
(Л. М.)

ШИКЛА شکله 1. парчаи ба як ҷо банд шуда канда мондаи либос. 2. парчаи аз тарафи думча буридапартофтани харбуза ва тарбуз дар вақти бурида хӯрдан.

ШИКОЛ شکال ресмонест, ки дар ҳар ду пои асп, шутур ва хар баста онҳоро ба ҷаро раҳо кунанд.

ШИКОР شکار 1. қасди ба даст даровардани ҳайвони ваҳшӣ ё парранда. 2. ҳайвони ваҳшӣ ё паррандае, ки барои гӯшташ ё пӯсташ вайро ба даст даровардан мехоҳанд.

ШИКОРГОҲ شکارگاه ҷое, ки дар он ҷо шикор мекунанд.

ШИКОРКУНАНДА شکار کننده касе ки бо милтиқ, ё бо чизи дигар ҳайвони ваҳшӣ ё паррандаро ба даст медарорад.

ШИКОРӢ شکاری *мансуб ба* **шикор. Мурғи шикорӣ** — *боз, шоҳин ва ғайра;* **милтиқи шикорӣ, либоси шикорӣ. . .)**

ШИКОФ شکاف чокест, ки дар ягон чизи сахт пайдо мешавад *(дар девор, дар дар, тахта ва ғайра.)*

ШИКОФА شکافه 1. чӯбаки на-

ШИЁРИДАН شیاریدن шудгор кардан.

ШИКАМ* شکم қисми маълуми бадан*. **Шикам мондан** а) фарбеҳ шудан. б) соҳиби сарват шудан аз даромадҳои бемеҳнат. **Шикам хоридан** бекор гаштан (*аз беэҳтиёҷӣ*).

ШИКАМБАНДА شکم بنده пурхӯр.

ШИКАМПАРАСТ شکم پرست пурхӯр.

ШИКАМПАРВАР شکم پرور *нигоҳ кун, ба* **шикампараст.**

ШИКАМӢ شکمی *мансуб ба* **шикам** (*масалан,* **бародари шикамӣ** — бародари модарӣ, ки падарҷудо. **Овози шикамӣ** — овози бисёр баландест, ки бо хонда фарёд кардани (*дар мусиқӣ*) ҳаргиз намегирад ва хаста намешавад.

ШИКАН I شکن *асоси замони* ҳозираи **шикастан;** *амр ба* **шикастан** (*яъне* **бишкан**).

ШИКАН II شکن 1. печу хами мӯй, зулф. [2. *маҷ.* азоб]. **Шикан кардан** а) сахтгирӣ кардан, танг кардан. б) дар шиканча гирифта азоб додан.

ШИКАНБА شکنبه халтаи меъдаи ҳайвонот, ки чизҳои хӯрда ва нӯшидашон он ҷо гун мешавад.

ШИКАН-ШИКАН شکن - شکن 1. садо баровардан аз ангуштон дар вақти рақс. 2. шикастани чизи бисёре дар як вақт ё дар як маҷлис. *Ба ин маънӣ гуфта шудааст:*

Қадаҳ бишкан ту соқӣ, ман шикастам
шишаи диро,
Ту ҳам тарфи кулаҳ бишкан, ки
бишкан-бишкан аст имшаб.

ШИКАНҶ شکنج 1. печутоб, чин, шикан.

*Сабо зи ҳоли дили танги мо чӣ шарҳ
диҳад,
Ки чун шиканҷи вараҳои ғунча тӯ
бар тӯст.
(*Ҳофиз*)

[2. шиканҷа, азоб].

ШИКАНЧА شکنجه 1. сахтгирӣ; азоби сахт. 2. асбобест, ки саҳҳофон варақҳои китобро дар байни вай гузошта мебурранд ва медӯзанд. [пресс].

ШИКАНҶДИДА* شکنج دیده **Вараки шиканҷдида** вараки кат-кат ва гиҷимшуда.

Гуфт: эй вараки шиканҷдида,
Чун [illegible] гул варақдарида!
(*Л. М.*)

ШИКАНҶИДАН شکنجیدن гирифта [illegible] пӯсти бадан дар байни [illegible] ё дар байни ду сарангушт, [пучидан].

ШИКАРА شکره мурғест шикорӣ аз ҷинси боша.

ШИКАСТ شکست 1. нуқсоне, ки ба ягон чизи моддӣ ё маънавӣ роҳ меёбад. **Ба фалонӣ шикаст шуд** фалонӣ зарар дид ё ба ноком дучор гашт. **Шикаст ёфтан** нуқсон ёфтан. **Фалон одам ё фалон ҷамъияти тиҷоратӣ шикаст ёфт.**

ШИКАСТАКОМӢ* شکسته کامی ноком, нуқсонбинӣ.

Дар аҳли ҳунар шикастакомӣ,
Беҳ з-он, ки бувад шикастаномӣ.
(*Л. М.*)

ШИКАСТАН شکستن 1. реза ва пора кардани ягон чизи сахт. 2. ба сабаби нуқсони куллӣ ёфтани сармоя аз доду гирифт бозмондан (-и ягон шахс, ҷамъияти тиҷоратӣ ё давлатӣ). [3. мағлуб гардонидан. 4. равнақи чизеро барҳам додан]. 5. марғӯладор карда гузоштани зулф. 6. канори кулоҳ ё калапӯшро қат карда пӯшидан. ***Шикастани дари машриқ*** *киноя аз дамидани субҳ.* *(Б.)*.

ШИКАСТАНОМӢ* شکسته نامی бадномӣ.

Дар аҳли ҳунар шикастаномӣ,
Беҳ з-он, ки бувад шикастаномӣ.
(Л. М.)

ШИКАСТАНОХУН شکسته ناخن 1. одами аз қувватафтода. 2. одами аз сарват ва сомон ҷудошуда *(ҳар ду маънӣ ҳам маҷоз аст)*.

ШИКАСТАРАНГ شکسته رنگ одами рангпарида.

ШИКАСТУРЕХТ شکست وریخت таъмир, мараммат, ремонт. *(Ин калима аз «ислоҳи шикастурехти иморат» кӯтоҳ карда шудааст)*.

ШИКВА شکوه 1. гила. 2. шикоят, норизоӣ аз касе. 3. бадгӯӣ дар ҳаққи касе.

ШИКЕБ شکیب сабр, тоқат, бардошт, таҳаммул.

*Карданд шикеб то бикӯшанд,
В-он ишқи бареҳнаро бипӯшанд.
(Л. М.)

ШИКЕБИДАН* شکیبیدن сабр кардан, бардошт намудан.

Собир шаву пойдору бишкеб,
Худро ба даме дурӯғ бифреб!
(Л. М.)

ШИКЕБО شکیبا босабр, собир, соҳибсабр, бабардошт.

*На видеша аз кас, ки расво шавӣ,
На тоқат, ки як дам шикебо шавӣ.
(Бӯс.)

ШИКЕБОНИДАН شکیبانیدن тасаллӣ додан, дилдорӣ додан.

ШИКЕБОӢ شکیبائی босабрӣ, бобардоштӣ.

ШИКЕБСОЗӢ* شکیب سازی сабркунӣ.

Чун Ибни Салом аз он ниёзӣ
Шуд номзади шикебсозӣ,
Марказ ба диёри хештан ронд,
Бишкасту ғубори хеш биншонд.
(Л. М.)

ШИКЛА شکله 1. парчаи ба як ҷо банд шуда канда мондаи либос. 2. парчаи аз тарафи думча буридапартофтаи харбуза ва тарбуз дар вақти бурида хӯрдан.

ШИКОЛ شکال ресмонест, ки дар ҳар ду пои асп, шутур ва хар баста онҳоро ба ҷаро раҳо мекунанд.

ШИКОР شکار 1. қасди ба даст даровардани ҳайвони ваҳшӣ ё паранда. 2. ҳайвони ваҳшӣ ё парандае, ки барои гӯшташ ё пӯсташ вайро ба даст даровардан мехоҳанд.

ШИКОРГОҲ شکارگاه ҷое, ки дар он ҷо шикор мекунанд.

ШИКОРКУНАНДА شکار کننده касе ки бо милтиқ, ё бо чизи дигар ҳайвони ваҳшӣ ё паррандаро ба даст медарорад.

ШИКОРӢ شکاری *мансуб ба* **шикор. Мурғи шикорӣ** — боз, шоҳин *ва ғайра;* **милтиқи шикорӣ, либоси шикорӣ. . .)**

ШИКОФ شکاف ҷоест, ки дар ягон чизи сахт пайдо мешавад *(дар девор, дар дар, тахта ва ғайра.)*

ШИКОФА شکافه 1. чӯбаки накорачиён ва чангнавозон. [2. мизроб, нохун].

ШИКОФДАНДОН شکاف دندان касест, ки байни дандонҳояш қадре кушодагӣ дошта бошад.

ШИКОФТАН شکافتن чок андохтан дар ягон чизи сахт.

ШИКОЯТ شکایت 1. гила, шиква. 2. норизоӣ. **Шикоят кардан** а) гила кардан. б) аз касе ба касе барои коре изҳори норизоӣ кардан. в) аризаи норизоӣ додан. г) изҳори малолат кардан (*аз дарде ва ғамае*).

ШИЛ شل найзаи хурди дутега ё сетега.

ШИЛВОР شلوار *нигоҳ кун*. ба **шалвор.**

ШИЛИМ شلیم шираи часпак, ки аз таки пӯсти дарахт, хусусан дарахти мевадор, бар рӯй баромада сахт шуда мемонад.

ШИЛЛИК شلیك ба якбор холӣ кардани чандин милтиқ.

ШИЛМ شلم *нигоҳ кун*. ба **шилим.**

ШИЛҚИН شلقین касе, ки аз илтимос ва талаб ба ҷони мардум мерасонад. (**гадои шилқин. ошиқи шилқин**).

ШИМОЛ شمال 1. тарафест, ки агар одам дасти росташро ба тарафи шарқ ва чапашро ба тарафи ғарб кунад, рӯяш ба он тараф мешавад. 2. дасти чап.

ШИНАК شینك ҷои нишаста тирандозии муваққатӣ, ки дар ҷанггоҳ созанд (*аз чим, чӯб, санг, ҷувалҳои рег ва монанди инҳо.*)

ШИНГАРФ شنگرف рангест, ки ба ранги хинои баланд монандӣ дорад.

> *Рӯзе ки ҳавон парниёнпӯш,
> Халхоли фалак ниҳод дар гӯш,
> Симоби ситорагон дар он ҳарф
> Шуд зи оташи офтоб шингарф.
> (*Л. М.*)

ШИНГИЛ شنگل хӯшачаи ангур, ки аз хӯшаи калон гирифта мешавад.

ШИНГИЛА شنگله чанд калима дар бораи ягон воқеа ё ҳодисаи калонтар, *масалан мегӯянд:* **як шингила аз фалон воқеа ё ҳодиса . . .**

ШИНО شنا обварзӣ, оббозӣ.

ШИНОВАР شناور обварз, оббоз.

ШИНОВАРӢ شناوری 1. *нигоҳ кун*. ба **ши**[illegible] ба **шиновар** (*ни*[illegible] **шиноварӣ,** ки паймаш[illegible] дар ду пахлуи худ [illegible]ари кунанд).

ШИНОС شناس 1. маълум (**чизи шинос, одами шинос. . .** *маълум*). 2. шиносанда (**одамшинос** — шиносандаи одам).

ШИНОСО شناسا 1. чиз ё одами шинохташуда ва маълум. 2. одами шинохта. 3. ду одаме, ки ҳамдигарро шиносанд (**ӯ ба ман шиносо,** *яъне дар байни мо шиносоӣ ҳаст; ӯ маро мешиносад, ман ӯро*).

ШИНОСОНДАН شناساندن шинос кардан. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

> Шӯҳрати бедоди ӯ аз нотавониҳои мост,
> Мешиносонд ба мардум мӯй теғи тезро.

ШИНОСОӢ شناسائی шинохтани ду кас ё чанд кас ҳамдигарро.

ШИНОХТАН شناختن 1. маърифат пайдо кардан (ба касе ё чизе). [2. донистан, фаҳмидан чизеро; 3. эътироф кардан].

ШИНҶАРФ شنجرف [*муарраби* **шингарф**]: *нигоҳ кун. ба* **шингарф.**

ШИОР شعار 1. нишона, аломат. 2. суханҳои кӯтоҳе, ки ягон мақсади сиёсӣ ва иҷтимоиро ифода кунад (*ҳар ду маънӣ ҳам маъниҳои зиндаи имрӯзаанд*). *3. пеша, касб. **Сабрро шиори худ кардам** (*Ҷ. 10*)*

ШИПАНГ شپنگ (*«ш» ки дар миёнаи «ш» ва «п» ҳаст, кашишнок аст*) — сақфи шервонипӯшест, ки бар болои сутунҳо меистад ва деворе надорад.

ШИПУЛУҚ شپلوق 1. чашми озордори обрав. 2. касе, ки чашмаш озордори обрав бошад.

ШИР شیر чизе, ки барои макидани бача аз пистони модар меояд (*хоҳ одам бошад, хоҳ ҳайвон*). **Шири мурғ** чизи ноёб (*маҷоз*).

ШИРА شیره чизи обакии часпаки ширинмазза, ки аз ғалла-дона ва аз меваҳо ҷудо карда гирифтани он мумкин аст (**шираи ангур, шираи харбуза, шираи гандум..**). 2. оби афьюн аст ки аз вай чакида месозанд. **Шираи дарахт** оби дарахт, ки агар ба рӯи пӯст бароянд, ба тарзи шилим ё ба тарзи як чизи ғализ мебандад.

ШИРБОЗ شیرباز бачаи буз ё гӯсфанд аст, ки модаришро надӯшида ҳамаи ширашро ба вай макондаанд, ба ин сабаб фарбеҳ ва бозингар шудааст.

ШИРГИЁҲ شیرگیاه гиёҳест, ки дар мағзи поя ва шохаҳои вай шираи сафеди ширмонанд ҳаст ва дар вақти шикастани он шира мечакад.

ШИРДОН شیردان 1. халтаест болои шиканбаи ҳайвонот. 2. ӯраест дар даштҳо, ки дар вай коҳ захира кунанд.

ШИРДОҒ شیرداغ шири ҷӯшони равғани зарди доғ ҳамроҳкардашуда, ки барои сурфа ва хориши гулӯ ба кор баранд.

ШИРЗАДА شیرزده тифли ширхоре, ки аз *бетартиб* ва зуд-зуд макидани шир *бемор* шуда бошад.

ШИРЗИМА شرذمه андак мардум, порае аз ягон чиз.

ШИРИНАКБОЗӢ شیرینک بازی ин чунон аст, ки ду кас ё чанд кас ҳар кадом харбузаеро баргузида дар бораи ширинтар будани харбузаи худинтихобкардаашон шарт ва гарав мебанданд.

ШИРИНКОМА* شیرین کامه як маблағ пул, ки пас аз анҷоми муомила ба шахси ҳозири сеюм ҳамчун бахшиш дода мешавад.

ШИРИНКОР شیرین کار одами ҳазлбоз, латифагӯй.

ШИРИНКОРӢ شیرین کاری ҳазлбозӣ, латифагӯӣ.

ШИРИНЧА شیرینچه 1. як хел алафи ширадор ва часпак аст, ки дар байни киштзор баромада, киштро аз пешрафт боз медорад. 2. як офати растаниҳост, ки барги растаниро шира гирифта сӯрохҳои нафасгириаш баста мешавад ва дар охир мехушкад. 3. доначаҳои часпакоб аст, ки дар сару рӯй ва бештарин дар лабҳои бачагони хурдсол пайдо мешавад.

ШИРИНӢ شیرینی 1. мазаи ширин. 2. *мансуб ба* **ширин** *(шакар, асал ва монанди инҳо ва ҳар чиз, ки аз инҳо тайёр шуда бошад)*. 3. қиёми шираи ангур ё тут, ки дар забони омма «шинни», «шинди» мегӯянд.

ШИРКАТ* شرکت 1. шарикӣ, 2. компания. *(Б.)*.

ШИРМУРҒ شیرمرغ шабпара аст, ки монанди паррандагони дигар тухм надода бача мезояд ва бачаашро бо шир парвариш мекунад.

ШИРО شراء харид, харидан.

ШИРОБА شیرآبه қаймоқи тунук.

ШИРХИШТ شیرخشت// شرخشت номи давоест қандмонанд, аммо гулобитоб ва даруни одамро мулоим мекунад.

ШИРЪА(Т)//ШАРЪА(Т) شرعة 1. зеҳи камон [2. зеҳи соз. 3. доми паррандагон].

ШИРЬЁН//ШАРАЁН شریان раги ҷаҳандаест, ки аз дил хуни тозаро баровarда ба тамоми бадан мефиристонад; [артерия].

ШИТО شتا зимистон.

ШИТОЛАНГ شتالنگ *буҷулаки по.*

ШИФО شفا тандурустии баъд аз *беморӣ.*

ШИФОҲ شفاه [ҷамъи шафа]: лабҳо.

ШИФОҲӢ شفاهی *мансуб ба* **шифоҳ**; забонӣ. *(масалан мегӯянд:* **ҳар чи лозим буд, ба фалонӣ шифоҳӣ гуфтам;** *яъне забонӣ гуфтам)*.

ШИФТ شفت сақф.

ШИФТРАВ شفت رو дузди моҳир. *(Гӯё маҳорати ӯ чунин аст ки дар сақфи хона мегардад) (маҷоз)*.

ШИША شیشه 1. маълум аст. 2. зарфи шишагини даҳантанг (**як шиша шароб, як шиша сирко, як шиша шир**). ***Ин ҳафт шиша** *киноя аз дунё.*

Натвон задан ба даҳр дам аз нафйи мосиво,
Ин ҳафт шиша пур нашавад то зи лои май.

(дунё аз лои май пур нашавад, яъне ҳама масти лоъақл нашавад, мосиворо (ғайри худоро) нафйи кардан мумкин нест, мегӯяд шоир, яъне ин таълимотро касе қабул мекунад, ки масту девона ва аз ақлу хирад бегона шуда бошад. (Н.). **Шишаи парихез** дар ақидаи аҳли хурофот, гӯё парӣ дар даруни шиша менстад.

Ламъаи бинишат агар тез аст,
Нӯҳ фалак шишаи парихез аст.
(Навоӣ)

(Дар ин байт ба тарзи истиора кор фармуда шудани «шиша» ба ҳамин муносабат аст).
Шишаи соат мақсад аз шишаи соат — соати қадимист, ки дар даруни як шиша рег рехта ва шишаи дигарро ба вай пайванд дода месохтанд. Бо гузаштани рег аз шишае ба шишаи дигар вақт муайян мешуд. Дар ваҳхои баъзе истироҳатгоҳҳо ҳамин соат дар амал аст.

Чун шишаи соат ҳама дар доду сутуд
Хокест, ки мекунанд дар косаи ҳам.
(Бедил).

Шиша (и касе) ба санг расидан шикаст ва нобуд шудан (и касе).

Чун ба рангаш занад шикасти чанг,
Шишаваро расида гир ба санг.
(Бедил.)

(яъне маро вафотьёфта ҳисоб кун).

ШИШАК شیشک гӯсфанди яксола.

ШИЯМ شیم [ҷамъи **шима (т)**]: одатҳо, хислатҳо.

ШИҒОВУЛ* شغاول ноиби удайчӣ *(Ч. 6)*.

ШИҚОҚ شقاق 1. худро ба як тарафгирӣ. 2. мухолифат. 3. душманӣ кардан *(ду маънии охирӣ маҷоз)*.

ШИҚҚ شق 1. нимаи чизе. 2. пораи чизе. 3. ҳар кадоми аз ду чиз, ки агар ба вуҷуд омадани яке аз онҳо фарз карда шавад, дигараш ба вуҷуд намеомада бошад. *(масалан мегӯем:* **имрӯз борон меояд ё не. Дар шиққи аввал дар хона нишаста кор мекунем, дар шиққи дуйӯм ба боғ меравем).**

ШИҲОБ شهاب 1. ситораи равшан. 2. шӯълаи оташ. 3. оташе, ки дар ҳаво аз ситорагон мепарад ва баъд аз монанди оташи мушак дароз шуда рафтан барҳам мехӯрад.

ШО* شا *кӯтоҳшудаи* **шод.*** **Шо бош!** шод бош! *(дар вақти таҳсин ва некхоҳӣ гӯянд)*.

ШОБ شاب марди ҷавон *(зидди* [**шайх** *ба маънии*] пир).

ШОВШУЛА شاوشوله торҳоест, ки аз ҷиҳати зебиш дар канори порчаҳо гузоранд *(дар канори рӯмолҳо, масалан, дар канори рӯмоли ғиҷим)*.

ШОГИРД شاگرد 1. касест, ки аз касе илмеро ё ҳунареро меомӯзад. 2. хизматгори дари хона, дастёр.

ШОГИРДОНА شاگردانه муздест, ки ба музди аслии устод барои шогирдаш зам кунанд *(дар бинокорӣ)*.

ШОГИРДПЕША* شاگردپیشه [1. хидматгори дари хонаи одамони доро ва мансабдор]. 2. одамони саворан қушбегӣ ва ҳукуматдорони дигар. *(Ч. 3)*.

ШОГИРДӢ* شاگردی шогирд будан* **Шогирдӣ кардан** дар пеши касе барои ёд гирифтани ҳунаре истодан.

ШОД شاد хушвақт, хушҳол.

ШОДАРВОН//ШОДУРВОН* شادروان парда, шомиёна, пардаи пеши хайма ва пардае, ки ба ҷои соябон дар рӯи ҳавлӣ ба тарзи сақф мекашанд *(Ч. 10)*.

ШОДИЁНА شادیانه 1. як хел навохтани доира, сурнай ва дигар асбобҳои мусиқӣ дар вақти шодӣ *(масалан,* дар вақти мукофот додан ба касе менавозанд). 2. инъомест, ки дар рӯзи хурсандӣ ба касе диҳанд

ШОДИМАРГ شادی مرگ марге, ки ба сабаби шодии аз ҳад фузуни ногаҳонӣ рӯй медиҳад.

ШОДКОМ شادکام хурсанд, хушвақтшуда аз чизе.

ШОДМОН شادمان *нигоҳ кун. ба* **шод.**

ШОДОБ شاداب 1. сероб. 2. тару тоза. **Шодоб шудан** а) сероб шудан. б) ба чизи хубе басёртар соҳиб шудан.

ШОДОН شادان шодикунон; шодмон **(фалонӣ шодон омад,** *яъне шодикунон омад)*.

ШИРИНӢ شیرینی 1. мазаи ширини. 2. *мансуб ба* **ширин** *(шакар, асал ва монанди инҳо ва ҳар чизе, ки аз инҳо тайёр шуда бошад).* 3. киёми шираи ангур ё тут, ки дар забони омма «шинниӣ», «шиндӣ» мегӯянд.

ШИРКАТ* شرکت 1. шарикӣ, 2. компания. *(Б.).*

ШИРМУРҒ شیرمرغ шабпара аст, ки монанди паррандагони дигар тухм надода бача мезоянд ва бачаашро бо шир парвариш мекунад.

ШИРО شرا харид, харидан.

ШИРОБА شیرآبه қаймоқи тунук.

ШИРХИШТ شیرخشت//شرخشت номи давоест қандмонанд, аммо гулобитоб ва даруни одамро мулоим мекунад.

ШИРЪА(Т)//ШАРЪА(Т) شرعة 1. зеҳи камон [2. зеҳи соз. 3. доми паррандагон].

ШИРЬЁН//ШАРАЁН شریان раги ҷаҳандаест, ки аз дил хуни тозаро бароварда ба тамоми бадан мефиристонад; [артерия].

ШИТО شتا зимистон.

ШИТОЛАНГ شتالنگ буҷулаки по.

ШИФО شفا тандурустии баъд аз беморӣ.

ШИФОҲ شفاه [ҷамъи шафа]; лабҳо.

ШИФОҲӢ شفاهی *мансуб ба* **шифоҳ**; забонӣ. *(масалан мегӯянд:* **ҳар чи лозим буд, ба фалонӣ шифоҳӣ гуфтам;** *яъне забонӣ гуфтам).*

ШИФТ شفت сақф.

ШИФТРАВ شفت‌رو дузди моҳир. *(Гӯё маҳорати ӯ чунин аст ки дар сақфи хона мегардад (маҷоз).*

ШИША شیشه 1. маълум аст. 2. зарфи шишагини даҳантанг (**як шиша шароб, як шиша сирко, як шиша шир**). ***Ин ҳафт шиша** *киноя аз дунё.*

Натвон задан ба даҳр дам аз нафйи мосиво.
Ин ҳафт шиша пур нашавад то зи лои май.

(дунё аз лои май пур нашавад, яъне ҳама масти лояъқил нашавад, мосиворо (ғайри худоро) нафйи кардан мумкин нест, мегӯяд шоир, яъне ин таълимотро касе қабул мекунад, ки масту девона ва аз ақлу хирад бегона шуда бошад. (Н.). **Шишаи парихез** дар ақидаи аҳли хурофот, гӯё парӣ дар даруни шиша меистад.

Лампаи бинишат агар тез аст,
Нӯҳ фалак шишаи парихез аст.
(Навоӣ)

(Дар ин байт ба тарзи истиора кор фармуда шудани «шиша» ба ҳамин муносабат аст).
Шишаи соат мақсад аз шишаи соат — соати қадимист, ки дар даруни як шиша рег рехта ва шишаи дигарро ба вай пайванд дода месохтанд. Бо гузаштани рег аз шишае ба шишаи дигар вақт муайян мешуд. Дар ваннаи баъзе истироҳатгоҳҳо ҳамин соат дар амал аст.

Чун шишаи соат ҳама дар доду сутуд
Хокест, ки мекунанд дар косаи ҳам.
(Бедил).

Шиша (и касе) ба санг расидан шикаст ва нобуд шудан (и касе).

Чун ба рангаш занад шикастан чанг,
Шишаамро расида гир ба санг.
(Бедил.)

*(яъне маро вафотъёфта ҳисоб кун)**

ШИШАК شیشک гӯсфанди яксола.

ШИЯМ شیم [ҷамъи **шима** (т)]: * одатҳо, хислатҳо.

ШИҒОВУЛ* شغاول ноиби удайчӣ *(Ҷ. 6)*.

ШИҚОҚ شقاق 1. худро ба як тарафгирӣ. 2. мухолифат. 3. душманӣ кардан *(ду маънии охирӣ маҷоз)*.

ШИҚҚ شق 1. нимаи чизе. 2. пораи чизе. 3. ҳар кадоми аз ду чиз, ки агар ба вуҷуд омадани яке аз онҳо фарз карда шавад, дигараш ба вуҷуд наомада бошад. *(масалан мегӯем:* **имрӯз борон меояд ё не. Дар шиққи аввал дар хона нишаста кор мекунем, дар шиққи дуюм ба боғ меравем**).

ШИҲОБ شهاب 1. ситораи равшан. 2. шӯълаи оташ. 3. оташе, ки дар ҳаво аз ситорагон мепарад ва баъд аз монанди оташи мушак дароз шуда рафтан бархам мехӯрад.

ШО* شا *кӯтоҳшудаи* **шод.* Шо бош!** шод бош! *(дар вақти таҳсин ва некхоҳӣ гӯянд)*.

ШОБ شاب марди ҷавон *(зидди* [**шайх** *ба маънии*] пир).

ШОВШУЛА شاوشوله торҳоест, ки аз ҷиҳати зебиш дар канори порчаҳо гузоранд *(дар канори рӯмолҳо, масалан, дар канори рӯмоли ғиҷим)*.

ШОГИРД شاگرد 1. касест, ки аз касе илмеро ё ҳунареро меомӯзад. 2. хизматгори дари хона, дастёр.

ШОГИРДОНА شاگردانه муздест, ки ба музди аслии устод барои шогирдаш зам кунанд *(дар бинокорӣ)*.

ШОГИРДПЕША* شاگردپیشه [1. хизматгори дари хонаи одамони доро ва мансабдор]. 2. одамони савораи кушбегӣ ва ҳукуматдорони дигар. *(Ҷ. 3)*.

ШОГИРДӢ* شاگردی шогирд будан* **Шогирдӣ кардан** дар пеши касе барои ёд гирифтани ҳунаре истодан.

ШОД شاد хушвақт, хушҳол.

ШОДАРВОН//ШОДУРВОН* شادروان парда, шомиёна, пардаи пеши хайма ва пардае, ки ба ҷои соябон дар рӯи ҳавлӣ ба тарзи сақф мекашанд *(Ҷ. 10)*.

ШОДИЁНА شادیانه 1. як хел навохтани доира, сурнай ва дигар асбобҳои мусиқӣ дар вақти шодӣ (*масалан*, дар вақти мукофот додан ба касе менавозанд). 2. инъомест, ки дар рӯзи хурсандӣ ба касе диҳанд

ШОДИМАРГ شادیمرگ марге, ки ба сабаби шодии аз ҳад фузуни ногаҳонӣ рӯй медиҳад.

ШОДКОМ شادکام хурсанд, хушвақтшуда аз чизе.

ШОДМОН شادمان *нигоҳ. кун. ба* **шод.**

ШОДОБ شاداب 1. сероб. 2. тару тоза. **Шодоб шудан** а) сероб шудан. б) ба чизи хубе бисёртар соҳиб шудан.

ШОДОН شادان шодикунон; шодмон (**фалонӣ шодон омад,** *яъне шодикунон омад*).

ШОДУРВОН شادروان *нигоҳ кун.* *ба* **шодарвон.**

ШОДӢ شادی хушвақтӣ, хушҳолӣ.

ШОЕЪ شایع 1. машҳур. 2. ошкор.

ШОЁН شایان сазовор, лоиқ. **Шоёни таҳсин** сазовори таҳсин.

ШОЗ شاذ кам воқеъшаванда (*аз терминҳои сарфу наҳв*).

ШОИБА شایبه 1. омезиши чизи бад ба чизи хуб. 2. олудагӣ.

ШОИСТА شایسته *нигоҳ кун. ба* **шоён.**

ШОЙГОН شایگان 1. фарох; бисьёр **(ганҷи шойгон).** 2. сазовор. 3. як хел қофияи айбдор, ки кор фармудани вай дар шеър хуб нест (*Масалан, калимаҳои* **фирьён ва хандон**, *ки сифатанд, бо «замон» ва «фиғон», ки исми оддианд, ё ин ки «симин» ва «оҳанин» барин калимаҳоро бо «ҷабин» ва «замин» барин калимаҳо ҳамқофия кунанд*).

ШОКОР شاکار 1. кори маҷбурии бемузд. 2. зарарбинӣ ё фиребхӯрии ногаҳонӣ (*масалан мегӯянд:* **дар ин кор шокор хӯрдам,** *яъне зарар дидам, фиреб хӯрдам, Маънии дуйӯм маҷоз*).

ШОКӢ شاکی 1. шикояткунанда. 2. гилакунанда.

ШОЛ شال 1. бофтаи рангдор ва нақшини пашмин аст, ки аз вай пайҷома, фӯта, рӯмол кунанд. 2. палоси бофтаи пастсифати пашмин.

ШОЛА شاله овоза дар ҳаққи ягон чиз ё ягон воқиаи ғайри чашмдошт.

ШОЛИПАХОЛ شالی پخال поя ва хаси шолӣ.

ШОЛИПОЯ شالی پایه киштзори шолӣ — биринҷ.

ШОЛУДА* شالوده буньёд, асос (*Ҷ. О. О.*)

ШОЛЧА شالچه палоси бофтаи пастсифати пашмини хурд.

ШОЛӢ شالی биринҷи пӯсташ пок карданашуда.

ШОМ شام 1. вақти фурӯ рафтани офтоб. 2. таоми шабона (*маънии дуйӯм маҷоз*). **Шоми ғарибон** вақти бисьёр андӯҳовар (*одатан вақти шом ба касе, ки дар ҷое ғариб бошад, андӯҳовар мешавад*).

ШОМИЁНА شامیانه пардаи нақшдори бузург аст, ки дар пеши чодар, хона ё рӯи ҳавлӣ бо танобҳо сақфвор аз боло кашанд, [хайма, саропарда].

ШОМИХ شامخ баланд, ҷои баланд.

ШОМИХОТ شامخات [*ҷамъи* **шомих;**] баландиҳо (*хусусан*, баландиҳои кӯҳ).

ШОММА//**ШОМА** شامه қувваи бӯёӣ, ҳисси бӯйфаҳмӣ.
Ҳангоми табассуми ғунчааш шоммаи ҳамнафасон дар бӯи баҳор меғалтид. (*Бедил.*)

ШОН I شان хонаи асалдори занбӯр.

ШОН II شان қолиби соқи мӯза ва масҳӣ. **Шон задан** ба соқи мӯза ва масҳи қолиб задан.

ШОН III ШАЪН شأن 1. шавкат, азамат. 2. ҳол (**ин кор дар шони ту муносиб нест** — *дар ҳоли ту муносиб нест*). 3. ҳақ, бора, хусус (**дар шони фалонӣ** — — *дар ҳаққи фалонӣ...*).

ШОНА شانه 1. олатест аз чӯб ё устухон ва ё аз чизи дигар, ки дандона дорад ва бо вай мӯйро тор-тор кунанд. 2. олатест, ки дар дӯкони бофандагӣ торҳоро ду-ду то аз даруни вай гузаронанд. **Шона кардан** мӯй ё пашмро бо шона тор-тор кардан. 3. устухони дӯши одамӣ ва ҳайвонот, ки дар ҳар бадан ду дона мешавад. 4. дӯши одамӣ ва ҳайвонот (*се маънии охирӣ маҷоз аст*).

ШОНАСАР شانه‌سر ҳудҳуд.

ШОНА-ШОНА شانه-شانه

шона-шона кардан кореро бо баҳонае аз гардани худ партофтан (*маҷоз аст аз ин ҳодиса, ки хар дар вақти бор кардани бори барзиёд ба вай пуштҷунбонӣ карда борро ғалтондан мехоҳад*).

ШОНЧӮБ شانچوب чӯбест, ки дар соқи мӯза ва махсӣ дароварда вайро рост кунанд.

ШОПУЛ شاپل *нигоҳ кун ба* **шоҳпул**.

ШОР شار шаҳр.

ШОРАҚ* شارک паррандаи хурдакаки сиёҳранг аст, ки дар забони имрӯзаи тоҷикӣ «мурғак» ном дорад.

Пари гунҷишк кунад даъвии парвози уқоб,
Лофи сарпанҷа барад пеш зи шоҳин шорак.
(*Бедил*).

ШОРЕЪ شارع 1. роҳи калон. 2. ваъзкунандаи шариат, соҳиби шариат.

ШОРИДАН شاریدن ба як тараф ҷорӣ шуда рафтани об ё чизи обакӣ аз ҷое аз ҷиҳати пурии он (*масалан, рехтани об аз лаби ҷӯй, аз лаби коса аз ҷиҳати пурии онҳо; ҷорӣ шудани оби чашм ба рӯй аз ҷиҳати бисёрӣ*).

ШОРИСТОН شارستان шаҳристон, ҷое ки дар он ҷо қалъа, истеҳком бошад.

ШОРИҚ شارق равшан, тобон.

ШОРИҚА شارقه дурахшанда, тобанда.

ШОТ شات гӯсфанд.

*Гургро кай расад ҳаломати шот,
Бозро кай бувад наҳеби шахин.
(*Рӯдакӣ*).

ШОТИР شاطر 1. чолок, тездаст. 2. пиёдаест дар либоси махсус, ки дар замони амирӣ пеш-пеши савории амир ва баъзе мансабдорони калон мегашт. *3. шӯх; бебок, нотарс.

Ҷавонмарди шотир замин бӯса дод,
Маликро сано гуфту таҳсин ниҳод.
(*Бӯс.*).

ШОТУ شاتو нардбон.

ШОХ شاخ 1. шохи дарахт. 2. шохи ҳайвонот (*монанди гов, буз*). 3. шӯъба, пораи ягон чиз (**ин ҷӯй ба чанд шох ҷудо мешавад**). ***Шохи ҳаҷомат** шохи аз бадан хункашӣ (Ҷ. IV) ***Шоҳ ба шоҳ** баробарии ду чиз, ё ду кас дар сифат, дар мубориза ё дар мунозара (*маҷоз*). **Шоҳ ба шоҳ ниҳодан (мондан)** дар мубориза ё мунозараи сахт афтодан (и ду кас бо ҳам (*маҷоз*). **Шоҳ додан** шохҳои тоза ба тоза баровардани дарахт. **Шох мондан** бо шохи гов ё бо шишае, ки ба вай монандӣ дорад, аз бадани одам хун гирифтан. **Шох партофтан** ҳаракатест дар вақти рақс, ки раққос аз миён болои бадани худро ба ҳар тараф хам мекунад. **Шох шудан** дар вақти ба як ҷо рафта истодан нофаҳмонда аз ҳамроҳони худ ҷудо шуда ба тарафи дигар рафтан (*маҷоз*).

ШОХА شاخه 1. шох; шохи дарахт.

ШОХБАНД شاخ بند ресмоне, ки бо вай говро аз шохаш банданд.

ШОХБАСТ شاخ بست 1. деворе, ки бо шохи дарахт сохта бошанд. 2. рахнаест, ки бо шохи дарахт баста бошанд.

ШОХЗАН شاخ زن гови зананда.

ШОХИС شاخص чӯб ё сангест, ки дар роҳҳо барои нишон додани роҳ ва миқдори масофаи он гузоранд.

ШОХОБ شاخاب обест, ки аз наҳр ва рӯди калон (дарьё) ба ихтиёри худ ҷудо шуда меравад ва баъзан боз гашта ба он наҳр ва рӯд мерезад.

ШОХОБА شاخابه *нигоҳ кун. ба* **шохоб.**

ШОХСОР شاخسار ҷое, ки дар он ҷо дарахтони сершох бисьёр бошад.

ШОХЧА شاخچه 1. шохи борики дарахт. 2. шӯъбаи хурди ягон чиз.

ШОХЧАБАНДӢ شاخچه بندی 1. иловаҳоест, ки дар як ҳикоя нақл ё ба ягон масъалаи илмӣ ҳамроҳ карда мешавад. 2. ба ягон ҳикоя, нақл ё масъалаи илмӣ тафсилоти зиёд ҳамроҳкунӣ (*ҳар ду маънӣ ҳам маҷоз*).

ШОХӢ شاخی ҳар чизи аз шох сохташуда (*масалан*, **пиёлаи шохӣ**, ки мардуми Қафказ бо вай шароб нӯшанд).

ШОХҶӮЙ شاخ جوی ҷӯест, ки аз ҷӯи калон об мегирад.

ШОШ شاش номи қадимии шаҳри Тошканд.

ШОША شاشه мезак.

ШОШИДАН شاشیدن мезидан.

ШОШОК شاشاك бачаест, ки бештарин дар ҷои хобаш мезад.

ШОҚУЛ شاقول лӯндаест аз оҳан, хӯла ва ё санг, ки ба вай ресмон баста овезон карда каҷӣ ва ростии деворҳоро муояна кунанд (*аз асбобҳои бинокорӣ*).

ШОҚУЛӢ شاقولی хатти рости аз боло ба поин кашидашуда (*термини ҳандаса*).

ШОҚҚ شاق душвор; кори душвор ва пурмашаққат

> *Лек татбиқи анфусу офоқ
> Менамояд дар ин муқаддима шоқ.
> (*Бедил*).

ШОҚҚА شاقه [*муаннаси* **шоқҚ**]; *нигоҳ кун. ба* **шоққ.**

ШОҲ شاه 1. подшоҳ. 2. ҳар чизе, ки дар бузургӣ ва ё хубӣ аз ҳамхелони худ фарқ дошта бошад. **(шоҳкоса, шоҳдухтар, шоҳбурут, шоҳпар).**

ШОҲБАЙТ شاه بیت байти бисьёр баланди ягон ғазал ва ё қасида.

ШОҲБОЗ شاهباز бози калон.

ШОҲБУРУТ شاه بروت бурути бисьёр калон ва дароз.

ШОҲВОР شاهوار сифати чизҳои бисьёр хуб (*масалан,* **дурри шоҳвор**).

ШОҲДОНА شاهدانه канабдона, ки аз вай банг созанд.

ШОҲДОРУ شاهدارو май, шароб.

ШОҲДУХТАР شاهدختر духтари бисьёр хушрӯй.

ШОҲИД شاهد 1. ҳозир. 2. гувоҳ. 3. соҳибҷамол, маҳбуб.

*Чу дар чашми шоҳид наёяд зарат,
Зару хок яксон намояд барат.
(*Бӯс.*)

То ба рақс оянд шабҳо шоҳидони базми фикр,
Ҳамчу най дар каф қалам сози хушоҳанги ман аст.
(*Навоӣ*).

ШОҲИДБОЗ شاهدباز касе, ки ҳамеша дар ишқбозӣ машғул бошад.

ШОҲИН شاهین 1. паррандаи соҳибчанголи шикорӣ, ки бо вай паррандаҳои дигарро шикор кунанд. 2. чӯб ё оҳани тарозу аст, ки дар ду тарафи вай ду палла баста чиз баркашанд.

ШОҲИҚ شاهق 1. баланд. 2. бинои баланд.

ШОҲКОР شاهکار *нигоҳ кун. ба* **шоҳкор**.

ШОҲКОСА شاهکاسه косаи бисьёр калон.

ШОҲПАР شاهپر пари дароз ва сербари паррандагон, ки бо вай парвоз кунанд.

ШОҲПУЛ شاهپل чӯбест ғафс ва дароз, ки дар пеши айвон дар сақф гузоранд ва болорҳои айвонро аз болои вай ниҳанд.

ШОҲРОҲ شاهراه 1. роҳи калони рост, ки мардум бо вай сафар кунанд. 2. маслаки рост ва дуруст дар масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ.

ШОҲСАВОР* شاهسوار савори моҳир. **Шоҳсавори чархи гардон** — *кинояаз* офтоб аст ва **ҳамнабардони** ӯ *кинояаз* моҳ ва ситорагон.

Чун шоҳсавори чархи гардон
Майдон бигштуд зи ҳамнабардон.
(*Л, М.*)

ШОҲТАРА شاهتره растаниест худрӯй, ки гулҳои бунафшарангги хурд-хурд мекушоянд, талхмаза аст ва обӣ, ки вайро ҷӯшонда гирифта бошанд, барои хориши бадан манфаатдор аст (*дар Самарқанд «шатра» ва дар Бухоро «сачроткоқу» гӯянд*).

ШОҲТИР شاه تیر чӯбест бисьёр ғафс ва дароз, ки дар сақфи хонаҳои васеъ ба дарозии хона гузоранд ва аз ду тарафи вай ба вай савор карда болорҳои хонаро ниҳанд.

ШОҲТУТ شاهتوت тути сиёҳи бедонаи туршмаза.

ШОҲӢ شاهی порчаест, ки тору пудаш абрешим аст.

ШУАБ شعب [*ҷамъи* **шӯъба**]; шӯъбаҳо.

ШУАРО شعرا [*ҷамъи* **шоир**]; шоирҳо.

ШУБОН شبان чӯпон.

*Наёмад ба наздики доно писанд —
Шубон хуфтаву гург дар гӯсфанд.
(*Бӯс.*)

ШУГ* شوگ афсона, ҳикоя (*Ҷ. б.*)

ШУГУН شگون 1. фоли нек; муборак шумурдани чизе. 2. савдои аввалӣ (*дар хариду фурӯш. *Ин калима дар забони зиндаи тоҷикӣ ба шакли* **шавгун** *кор фармуда мешавад*)

Кошонаи ёрони аҳлу фунун
Аз кулбаи зиндаи ҷамъ шугун.

(*Бедил*)*

ШУД* شد *кӯтоҳ кардашудаи* **шудан. Шуд омадан** рафтану омадан.

Давлати фасона чун бувад танг,
Гардад сухан аз шуд-омадан ланг.

(*Л. М.*)

ШУДА* شده 1. рафта. 2. *маҷ.* мурда, аз дунё рафта.

Ашк аз паи дӯст дона мекард,
Шӯи шударо бадона мекард.

(*Л. М.*)

ШУДАН شدن 1. ба вуҷуд омадан. **Ин кор шуд**—ин кор ба вуҷуд омад. 2. рафтан.

*Ӯ мешуду мезаданд ҳар кас,
Маҷнун! Маҷнун! зи пешу аз пас.

(*Л. М.*).

Дил аз даст шуд дил аз даст рафт. 3. гардидан, гаштан. **Фалонӣ танбӯрӣ шуд. Фалонӣ дуторӣ шуд**, *яъне гардид, гашт*. * 4. гузаштан; сарф гардидан.

Шуд дар сари боғи ту ҷавонӣ,
Омад ҳама ранҷи зиндагонӣ!

(*Л. М.*).

ШУДГОР شدگار замини киштнакардание, ки бо амоч ё трактор шикофта партофта шудааст.

ШУДЬЁР شدیار *нигоҳ кун. ба* **шудгор**.

ШУК شوك хорест, ки шутур вайро дӯст медорад, шутурхор. 2. афсонаҳои халқӣ, ки пиразанҳо ба бачагон гӯянд; [*муҳ.* **шуг**].

ШУКР شکر изҳори хурсандӣ аз ҷиҳати коре ё чизе.

ШУКРИЯ شکریه *нигоҳ кун. ба* **шукрона**.

ШУКРОНА شکرانه *мансуб ба* **шукр**; [миннатдорӣ]; **пешкаши шукрона, қасидаи шукрона, тӯи шукрона**.

ШУКУФА شکوفه 1. гули дарахтҳои мевадор. 2. доғҳои сафедча, ки дар бадани одам пайдо мешавад (*дуйум маҷоз*). **Шукуфаи мис** кафи мис (*мисро гудохта дар чуқурие рехта дар вай қадре об мерезанд. Об ҷӯшида кафк мебандад. Баъд аз сард шудан вайро мегиранд, ки мисли намак як чизест. Ин шукуфаи мис аст ва дар давоҳои берунӣ ба кор равад*).

ШУКУФТ شکفت 1. кушоиш(и гунча).

ШУКУФТАН [illegible] 1. во шудан (и гунча[illegible]д шудан, хандида[illegible] 3. пеш рафтан, боло [illegible] гирифтан, фароҳ шудан (*кишт, кор ва дигар чизҳои хоҷагӣ*).

ШУКӮҲ شکوه ҳашамат ва бузургӣ, шаъну шавкат.

ШУКӮҲИДАН شکوهیدن худро бошукӯҳ нишон додан.

ШУЛ* شل ҳар чизи суст.

ШУЛА/ШӮЛА شوله *биринҷи* дар об ҳарисанор пухташуда.

ШУЛЛУК شلوك кирми сиёҳест, ки дар лойҳо ва заҳкашҳо пайдо мешавад ва аз бадани одам ва ҳайвон хун мемакад, зулук.

ШУМ شوم 1. *бадфол(ӣ)*. 2. нахс. 3. одами *бадкирдор, бадангез*. 4. *бачаи аз ҳад зиёд шӯх*, ки шӯхиҳои вай ба *бадӣ* гардад.

ШУМГИЁҲ شوم گیاه гиёҳест худрӯи гулкушо, ки бештарин дар пайколи харбуза ва гоҳо дар байни киштҳои дигар мерӯяд, бо рӯидани вай палак аз кор мемонад, харбуза бемаза ва офатӣ мешавад. Ин гиёҳ киштҳои дигарро ҳам аз кор мебарорад *(дар забони омма номи инро «гул» мегӯянд)*.

ШУМОР شمار 1. маълум аст. 2. ҳисоб (**Дар шумор нест** — дар ҳисоб нест). *3. илми ҳисоб.

Ёрон ба **шумор** пеш буданд,
Эшон ба шумори хеш буданд.

(Л. М.)

Дар шумор будан зиёдтар аз якчанд рӯз набудан.

Бо ҳастии ман, ки дар шумор аст,
Ман нестам, он чи ҳаст—ёр аст.

*(Л. М.)**

ШУМОРА شماره ҳисоб.

ШУМОРИДАН شماریدن (як, ду, се, чор... гӯён) ҳисоб кардан.

ШУМУЛ شمول 1. фурӯгирӣ *чизеро*. 2. фарогирӣ *чизеро*.

ШУМУР شمر *нигоҳ кун. ба маънии аввали* **шумор.**

ШУМУРДАН شمردن *нигоҳ кун. ба* **шуморидан.**

ШУМУС شموس [*ҷамъи* **шамс**] офтобҳо.

ШУМШАКЛ شومشکل каси бадкирдоре, ки мардум аз дидани вай нафрат мекунанд.

ШУМШУҚ شومشوک каси тамаъкоре, ки барои чизе хӯрдан ё рӯёндан беибо пеши ҳар кас ва ба ҳар хона меравад.

ШУМӢ شومی шӯхии аз ҳад зиёди бачагон, ки аз вай рӯй додани ягон фалокат мумкин аст.

ШУМӮЪ شموع [*ҷамъи* **шамъ**];

ШУНАВ شنو шунаванда *(ин калима ба ин маънӣ ҳамеша ҳамроҳи исм меояд), чунончи Ҳофиз гӯяд:* ... Гӯши суханшунав куҷо, дидаи эътибор ку?

ШУНАВИДАН شنویدن *нигоҳ кун. ба маънии аввали* **шунидан.**

ШУНАВО شنوا шунидашаванда, мешунидагӣ.

ШУНАВОНИДАН شنوانیدن 1. суханеро ба воситаи касе ё чизе (мисли радио) ба касе расондан. 2. ҳукм ё фармонеро хонда ба одами дахлдор расонидан.

ШУНВО شنوا *нигоҳ кун. ба* **шунаво.**

ШУНИДАН شنیدن 1. маълум аст, ки бо гӯш шунидан аст; (гӯш кардан) 2. қабул кардани сухан **ҳарчанд гуфтам нашунид**—*яъне қабул накард*). 3. воқиаеро ё чизеро даҳан ба даҳан гӯш кардан (*зидди* **дидан**). *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Туро дидему Юсуфро шунидем,
Шунидан кай бувад монанди дидан.

ШУНУДАН شنودن *нигоҳ кун. ба* **шунидан.**

ШУНУФТАН شنفتن *нигоҳ кун. ба* **шунидан.**

ШУНҚОР شنقار мурғи шикории сафедранги баробари уқоб, аммо зӯртар аз он аст.

ШУПУШ شپوش *нигоҳ кун. ба* **шубуш.**

ШУРАҚО شرکا [*ҷамъи* **шарик**]; шарикон.

ё замини касе бо ҳавлӣ, ё замини каси дигар.

ШУШ شش як узви дарунии гӯштмонанди сафедчаи сурхчатоб аст, ки дар сари сина, дар гузаргоҳи нафас меистад.

ШУША//ШӮША شوشه 1. ҳар чизи обакӣ ё гудохтае, ки дарозрӯя баста бошад. (**Шушаи набот;** шушаи кх, ки дар зери нова мебананд) 2. сихи тилло ва нукра, ки бо гудохта рехтани инҳо тайёр мекунанд (**шушаи тилло, нуқра).**

ШУШБАНД شش بند таоми андакест, ки дар вақти гуруснагӣ хӯранд. **Шушбанд шудан** хӯрдани таоми андак дар вақти гуруснагӣ.

ШУЮЪ//ШУЙӮЪ* شیوع паҳншавӣ, машҳурӣ, овоза. ***Шуюъ ёфт** овоза шуд.

ШУҚҚА شقه 1. мактуби хурд. 2. порчае, ки бар сари байрақ банданд (*маънихои дигараш мурдааст).*

ШУҲАДО شهدا [*ҷамъи* **шаҳид**]; шаҳидҳо.

ШУҲУД شهود 1. ҳозиршавӣ, шоҳид шудан]2. *ҷамъи* **шоҳид**]; ҳозиршудагон. 3. гувоҳон.

ШУҲУР شهور (*ҷамъи* **шаҳр**); моҳҳо.

ШУҶОАТ شجاعت далерӣ.

ШУҶОЪ شجاع далер.

ШӮЙ I شوی *асоси замони ҳозираи* **шустан**

ШӮЙ II//ШУ شوی//شو шавҳар.

ШӮЛА شوله *нигоҳ кун ба* **шула.**

ШӮР شور 1. ҳар чизе, ки сернамак бошад. **Оби шӯр, оши шӯр, замини шӯр.** 2. шӯриш, фитна, ғавғо. *Дар ин маънӣ Ҳофиз гуфта:*

Ин чи шӯрест, ки дар даври қамар мебинам,
Ҳама офоқ пур аз фитнаю шар мебинам.

3. машқ, варзиш (**салаҳшӯр** *ба ҳамин маънӣ аст, яъне силоҳ варз ва силоҳ — машқкарда).* **Шур додан** а) ба кишт хоки шӯр додан. б) касеро ба муқобили касе иғво кардан, барангехтан. **Шӯр зад** бар рӯи худ намак намоён кард (*масалан, замин, чарм ва монанди инҳо.)*

ШӮРА شوره 1. гиёҳест худрӯ, ки вайро сӯхта ишқор созанд. 2. як чизи намакмонанд аст, ки дар заминҳои шӯр ба ҳам мерасад, дар борутсозӣ ва дигар таркибҳои кимьёӣ ба кор меравад. 3. намакҳои кимьёист, ки аз филиззот ва аз моддаҳои маъданӣ ҷудо кунанд, дар саноат дар хоҷагии қишлоқ ва дар давосозӣ ба кор баранд.

ШӮРАБУМ* شوره بوم шӯрзамин.

Дареғ аст бо сифла гуфтан улум,
Ки зоеъ шавад тухм дар шӯрабум.
(*Бӯс.)*

ШӮРАК شورك ягон чизи хӯрдании хушк, ки вайро бо намак бирьён карда ё дар намакоб ҷӯшонда бошанд (**донашӯрак** — донаки бо намак бирьён кардашуда; **нахӯдшӯрак** — нахӯди дар намак ҷӯшондашуда).

ШӮРАНГЕЗ شورانگیز фитнаангез, ғавғоангез.

ШӮРАПУШТ شوره پشت одами ҷангара, бадгашт (хулиган)

ШӮРАПУШТӢ شوره پشتی

ҷангарагӣ (*ба маънии манфиаш*); бадгаштӣ (хулиган).

ШӮРБАХТ شوربخت бадбахт.

> *Бесӯзу бор ӯ оғӯши кард қасд.
> Мала ёфт з-он мекунати шӯрбахт,*
> (*Фирдавсӣ*).

ШӮРБО شوربا таомест маълум, ки гӯштро бо об ва сабзавот ҷӯшонида пазанд.

ШӮРИДА شوریده 1. ошуфташуда, ба ғалаёномада. 2. девона (*маънии дуйум маҷоз*).

ШӮРИДАН شوریدن ошуфта шудан, ба ғазаб омадан. ***Шӯридани баҳр дар моҳтоб*** — дамидани оби баҳр дар вақти пурии моҳ (мадд) аст, ки яке аз ҳодисаҳои табиист. (*Ч. О. О.*)*

ШӮРИШ شورش ғалаёни умумӣ ба муқобили ҳукумат ё ба муқобили ягон табақаи иҷтимоӣ **(Шӯриши Восеъ, шӯриши Усмон).**

ШӮРНӮЛ شورنول як хел зоғи сиёҳ аст, ки нӯлаш шӯразадагӣ барин менамояд.

ШӮРО شورا баҳам машвараткунии чанд кас.

ШӮРОБА شورابه намакобест, ки бо вай барои давои пой ё тамоми баданро шӯянд.

ШӮРОНДАН شوراندن 1. касеро ё ҷамоатеро ба муқобили касе ё ҷамоате барангезондан; ба шӯр овардан. 2. парешон ва таку рӯй кардани чизҳо (*дар маънии дуйум дар миёни тоҷикон кор фармуда намешавад*).

ШӮРПАХТА شورپخته пахта ё чағбути дар намак ҷӯшонида, ки бар пои одамӣ ё хару асп барои давои банданд.

ШӮРТАК شورتك ҳар чизи хӯрданӣ, ки намакаш аз даркорияш бисёр зиёд карда шуда бошад. **(гӯшти шӯртак.** *Ин калима аз «ширтареки» сабук карда шудааст*).

ШӮХ I شوخ 1. ҳазлкунанда **(одами шӯх).** 2. ҳар гуна бозикунанда **(бачаи шӯх).** 3. аз исмҳои сифатии маҳбуб. **(Шӯхе, ки дилам бастаи зулфи сиёҳи ӯст...,** *яъне маҳбубе ки*). 4. айёр, фитнагар **(чашми шӯх, нигоҳи шӯх).**

ШӮХ II //ШУХ شوخ/شخ як хел гили сахти қариб ба санг шудан расида, ки аз табақаҳои зерини замин дар вақти чоҳканӣ ва ковишҳои дигар бароянд.

ШӮХЧАШМ شوخچشم бебок, густох, бехаё, айёр (*аз сифатҳои бади одамӣ*).

ШӮХЧАШМӢ* شوخچشمی хаёӣ, берӯӣ.

> Ва гар шӯхчашмиву ҳолӣ ки
> Аз он, то напиндорӣ афсӯс кард
> Ки худро нигаҳ доштаи обрӯ
> Зи дасти ҷуҳон гурбуи ёвагӯ.
> (*Бӯс.*)

ШӮХӢ شوخی ҳазл, бозӣ.

ШӮША* شوشه 1. *нигоҳ кун: ба ба* **шуша.** 2. лавҳаи қабр ва ё ягон аломате, ки дар болои қабр рост мекунанд.

> Чун шӯшаи турбати падар дид,
> Алифи шикаста бар ҷигар дид.
> (*Л. М.*)

ШУЪБА شعبه қисмҳои ҷудо кардашуда аз ягон чизи умумӣ (*масалан, дар мағозаи либосфурӯшӣ;* **шуъбаи либоси занона, шуъбаи либоси бачагона** *ва ғайра*).

ШУЪБАДА شعبده найранг, чашмбандӣ.

ШӮЪБАДАБОЗ شعبده باز найрангбоз.

ШӮЪБАДАБОЗӢ شعبده بازی найрангбозӣ.

ШӮЪЛА شعله забонаи оташ, аланга. **Шӯълаи ҷаввола** доираи оташе, ки аз шӯълаи гирдгардонда ба назар менамояд (*чунончи* агар бар як чӯб латтаи равғанинро печонда даргиронда чӯбро бо суръат гирд гардонед, ба назар як доираи оташӣ менамояд. Ҳамин шӯълаи ҷаввола аст).

ШУҲРАТ شهرت 1. овоза. 2. машҳуршавӣ.

Э

ЭДАР ایدر ин ҷо, акнун (*форсии қадим аст, ки дар адабиёти классикӣ во мехӯрад*).

ЭДУН ایدون 1. ин ҷо. 2. инчунин; ин ҳангом (*форсии қадим*).

ЭЗИД* ایزد худо (*Л. М.*).

ЭЗОР ایزار//ازار поҷома, лозимӣ.

ЭЗОРА ایزاره//ازاره *нигоҳ кун ба* **эзордеворӣ**.

ЭЗОРДЕВОРӢ ایزاردیواری қисми поёнии аз лой сохташуда, ё тахтабандӣ карда рангкардашудаи девор. [панель].

ЭЗОҲ ایضاح ошкор ва равшан кардан.

ЭЙ ای ҳарфи нидо ва хитоб аст, ки «ай» ҳам гӯянд.

ЭМИН ایمین бехавф ва бетарс.

ЭРОД ایراد 1. фуруд овардани чизе. 2. ба кор ё фикри касе хӯрдагирӣ кардан (*маҷоз*).

ЭШОН ایشان 1. *ҷонишини исмҳои ғоиб;* онҳо. *Чунончи:* **Аъзои бригадаи якӯм Тӯтиной, Қумрибибӣ, Моҳпайкар ва Салим дар пахтачинӣ якӯманд; эшон пахтаро ба хелҳо ҷудо карда мечинанд.** *Дар ҷумлаи дуйуми ин мисол* **эшон** *ба ҷои номбурдагони дар ҷумлаи якӯм омадааст.*

Ёрон ба ҳисоби илмхонӣ,
Эшон ба ҳисоби меҳрубонӣ.
*(Л. М.)**

2. лақаби шайхҳо, хоҷагон ва муллоёни калон.

ЭЪДОД اعداد омода кардан, тайёр кардан.

ЭЪДОМ اعدام 1. нест кардан. 2. куштан.

ЭЪЗОМ اعظام бузург кардан, бузург доштан.

ЭЪКОС اعکاس 1. чаппа кардан. 2. акс гирифтан.

ЭЪЛО اعلاء баланд кардан.

ЭЪЛОМ اعلام хабар додан, маълум кардан; огоҳонидан.

ЭЪЛОН اعلان 1. ҳозир кардан. 2. ошкор кардан.

ЭЪМОЛ اعمال 1. кор фармудан. 2. ба амал овардан.

ЭЪМОР اعمار иморат кардан.

ЭЪРОБ اعراب 1. равшан кардан. 2. зеру забари охири калимаҳо дар гуфтан ва навиштан (*термини илми наҳв ба тариқи маҷоз*).

ЭЪРОЗ اعراض рӯй гардондан аз чизе.

ЭЪТИБОР اعتبار 1. ибрат гирифтан. 2. ба андеша аз паи чизе рафтан. 3. чизеро нек шумурдан.

ЭЪТИДОЛ اعتدال миёнаравӣ [дар ҳар чиз; баробарӣ; ростӣ, адолат].

ЭЪТИЛО اعتلا баланд шудан.

ЭЪТИМОД اعتماد 1. ба пушт такья намудан. 2. ба касе ё ба чизе боварӣ карда кореро кардан.

ЭЪТИРОЗ اعتراض 1. ба муқобили касе баромадан. 2. ба хурдагирӣ пеши сухани касеро бастан (*маҷоз*).

ЭЪТИРОФ اعتراف 1. ба хатои худ иқрор кардан 2. шинохтан.

ЭЪТИСОМ اعتصام 1. худро аз гуноҳ маҳфуз доштан. 2. чанг задан ба чизе (*барои мададталабӣ*).

ЭЪТИҚОД اعتقاد бо дил бовар кардан ба чизе.

ЭЪТО اعطا додан, бахшидан, ато кардан.

ЭЪҶОЗ اعجاز 1. оҷиз кардан. 2. кори аз одат берун, ки ақли мардумро аз фаҳмидани сирри худ оҷиз гардонад (*маҷоз*).

ЭҚОЗ ایقاظ бедор кардан.

ЭҲДО اهدا ҳадья фиристодан.

ЭҲДОС* احداث аз нав падид овардан, эҷод. Издиҳоми халқ... деворҳо бароварда буд... ва ҳар тараф қалъаи дигар эҳдос карда. (*Бедил*).

ЭҲЗОН احزان андӯҳгин кардан.

ЭҲЗОР احضار ҳозир кардан.

ЭҲКОМ احکام маҳкам ва устувор кардан.

ЭҲМОЛ اهمال фурӯ гузоштани коре, муҳмал гузоштани чизе. ***Бе эҳмол**-саҳл нагирифта; пайваста.

> Аз ширеҳ мепаранд бе эҳмол
> Ба таконидан чу об аз ғирбол.
> (*Бедил*)*

ЭҲОМ//ИҲОМ ایهام 1. дар ғалат андохтан. 2. як навъ санъати шеърист, ки калимаи думаънидорро меоранд ва ба ҳар ду маънӣ ҳам маънии шеър дуруст мешавад. *Чунончи Камоли Хуҷандӣ гӯяд:* ...Гуфто давот бинависам, давот нест — *давоти дуйумро ба маънии сиёҳидон фаҳмидан мумкин аст ва ба маънии «даъват» фаҳмидан ҳам*.

ЭҲРОЗ احراز [1. устувор кардан]. 2. ҷамъ кардан. [3. нигоҳ доштан].

ЭҲРОМ* احرام лунгии баданпӯши махсус, ки дар зиёрати Каъба ҳоҷиён мепӯшанд.

> Эҳром дарида, сар кушода,
> Дар кӯи маломат уфтода.
> (*М. Я.*)

ЭҲРОҚ احراق сӯзонидан.

ЭҲСО احصا [шумор]; шумурдан ва ба ҳисоб гирифтан.

> *Оҷиз аз эъдоди эҳсои камоли ӯст ақл,
> Анҷуми гардун шумурдан кай тариқи аъвар аст.
> (*Назмӣ*).

ЭҲСОН احسان 1. некӣ кардан; некӯӣ.

*Дуйӯм боби эҳсон ниҳодам асос,
Ки мӯҳсин кунад фазли ҳақро сипос.
(Бӯс.)

[2. инъом, бахшиш].

ЭҲСОС احساس ҳис кардан, пай бурдан.

ЭҲТИВО احتوا фурӯ гирифтан [аз ҳар сӯй].

ЭҲТИЁЛ احتیال ҳила ангехтан.

ЭҲТИЁТ احتیاط 1. барои эҳтиёҷи номаълум нигоҳ доштани чизе (эҳтиётӣ). 2. бо диққат муомала кардан (эҳтиёткорӣ).

ЭҲТИЁҶ احتیاج ҳоҷатмандӣ.

ЭҲТИЗОЗ* اهتزاز ҷунбиш аз хушҳолӣ.

Эҳтизозе зи пайкараш ҷӯшид,
Ки ҷаҳонро ба ваҷди дил пӯшид.
(Бедил).

Ба эҳтизоз омадан ба ҷунбиш даромадан.
Ногоҳ насими иноят ба эхтизоз омада айёми бесомони нофарҷом гузашт. *(«Равзат-ус-сафо», Н., с. 142).*

ЭҲТИЗОР احتضار ба ҷонканӣ тайёр шудан; ҳолати ҷонканӣ.

ЭҲТИКОР احتکار анбордории ҳар чиз умуман ва анбордории ғалла хусусан ба нияти гарон фурӯхтан.

ЭҲТИМОЛ احتمال 1. бардоштан. 2. гумон *(маҷоз).*

ЭҲТИМОМ اهتمام 1. ғамхорӣ кардан. 2. кӯшиш ва таваҷҷӯҳи қалбӣ кардан ба коре ё ба касе. 3. аҳамият додан.

ЭҲТИРОЗ احتراز парҳез кардан ва худдорӣ кардан аз чизе ё аз коре.

*Бо он ки сӯҳбати лаим зарур афтад,
эҳтирозро заруртар ангор.
(Бедил).

ЭҲТИРОҚ احتراق сӯхтан.

ЭҲТИСОБ* احتساب бозхост ва ҳисобгирӣ *(Ёд).*

ЭҶ ایچ *ба маънои* «ҳеҷ» *(дар лаҳҷаи помириён)*

ЭҶОД ایجاد ба вуҷуд овардан.

Ю

ЮБУСАТ یبوست хушкӣ.

ЮЗ یوز ҳайвони дарранда, ки оҳуро шикор кунад.

ЮЗБОШӢ* یوزباشی ба сад нафар сардор, мансаби ҳарбии қӯшун дар Бухорои амирӣ.

ЮМН یمن 1. хуҷастагӣ, муборакӣ.* 2. шарофат; баракат.

Ҳаргиз ба юмни отифати пири майфурӯш,
Соғар тиҳӣ нашуд зи ман софи равшанам.
*(Ҳофиз)**

ЮНУЧҚА یونوچقه алафест баргаш монанди барги себарга, аммо дарозпоя, ки барои хуб кардани заминҳо ва хӯроки ҳайвонот вайро коранд. Хушкидаашро **беда** номанд.

ЭЪРОБ اعراب 1. равшан кардан. 2. зеру забари охири калимаҳо дар гуфтан ва навиштан (*термини илми наҳв ба тариқаи маҷоз*).

ЭЪРОЗ اعراض рӯй гардондан аз чизе.

ЭЪТИБОР اعتبار 1. ибрат гирифтан. 2. бо андеша аз паи чизе рафтан. 3. чизеро нек шумурдан.

ЭЪТИДОЛ اعتدال миёнаравӣ [дар ҳар чизе; *баробарӣ*; ростӣ, адолат].

ЭЪТИЛО اعتلا баланд шудан.

ЭЪТИМОД اعتماد 1. бо пушт такъя намудан. 2. ба касе ё ба чизе боварӣ карда кореро кардан.

ЭЪТИРОЗ اعتراض 1. ба муқобили касе баромадан. 2. бо хӯрдагирӣ пеши сухани касеро бастан (*маҷоз*).

ЭЪТИРОФ اعتراف 1. ба хатои худ иқрор кардан 2. шинохтан.

ЭЪТИСОМ اعتصام 1. худро аз гуноҳ маҳфуз доштан. 2. чанг задан ба чизе (*барои мададталабӣ*).

ЭЪТИҚОД اعتقاد бо дил бовар кардан ба чизе.

ЭЪТО اعطا додан, бахшидан, ато кардан.

ЭЪҶОЗ اعجاز 1. оҷиз кардан. 2. кори аз одат берун, ки ақли мардумро аз фаҳмидани сирри худ оҷиз гардонад (*маҷоз*).

ЭҚОЗ ایقاظ бедор кардан.

ЭҲДО اهدا ҳадья фиристодан.

ЭҲДОС* احداث аз нав падид овардан, эҷод.

Издиҳоми халқ... деворҳо баровардa буд... ва ҳар тараф қалъаи дигар эҳдос карда. (*Бедил*).

ЭҲЗОН احزان андӯҳгин кардан.

ЭҲЗОР احضار ҳозир кардан.

ЭҲКОМ احکام маҳкам ва устувор кардан.

ЭҲМОЛ اهمال фурӯ гузоштани коре, мӯҳмал гузоштани чизе. ***Бе эҳмол**-сахл нагирифта; пайваста.

Аз зиреҳ мепарид бе эҳмол
Ба таконидан чу об аз ғирбол.
(*Бедил*)*

ЭҲОМ//ИҲОМ ایهام 1. дар ғалат андохтан. 2. як навъ сифати шеърист, ки калимаи думаънидорро меоранд ва ба ҳар ду маънӣ ҳам маънии шеър дуруст мешавад. *Чунончи Камоли Хуҷандӣ гӯяд:* ...Гуфто давот бинависам, давот нест — *довоти дуйумро ба маънии сиёҳидон фаҳмидан мумкин аст ва ба маънии «даъват» фаҳмидан ҳам.*

ЭҲРОЗ احراز [1. устувор кардан]. 2. ҷамъ кардан. [3. нигоҳ доштан].

ЭҲРОМ* احرام лунгии баданпӯши махсус, ки дар зиёрати Каъба ҳоҷиён мепӯшанд.

Эҳром дарида, сар кушода,
Дар кӯи маломат ӯфтода.
(*М. Л.*)

ЭҲРОК احراق сӯзонидан.

ЭҲСО احصا [шумор]; шумурдан ва ба ҳисоб гирифтан.

*Оҷиз аз таъдоди эҳсои камоли ӯст ақл,
Анҷуми гардун шумурдан кай тариқи аъвар аст.
(*Навоӣ*).

ЭХСОН احسان 1. некӯӣ кардан; некӯӣ.

*Дуюм боби эҳсон ниҳодам асос,
Ки мӯҳсин кунад фазли Ҳақро сипос.
(Бдг.)

[2. инъом, бахшиш].

ЭХСОС احساس ҳис кардан, пай бурдан.

ЭҲТИВО احتوا фурӯ гирифтан [аз ҳар сӯй].

ЭҲТИЁЛ احتیال ҳила ангехтан.

ЭҲТИЁТ احتیاط 1. барои эҳтиёҷи номаълум нигоҳ доштани чизе (эҳтиётӣ). 2. бо диққат муомала кардан (эҳтиёткорӣ).

ЭҲТИЁҶ احتیاج ҳоҷатмандӣ.

ЭҲТИЗОЗ* اهتزاز ҷунбиш аз хушҳолӣ.

Эҳтизоз аз пайкараш ҷӯшид,
Ки ҷаҳонро ба ваҷди дил пӯшид.
(Бедил).

Ба эҳтизоз омадан ба ҷунбиш даромадан.
Ногоҳ насими иноят ба эҳтизоз омада айёми бесомони нофарҷом гузашт. *(«Равзат-ус-сафо», II., с. 142).*

ЭҲТИЗОР احتضار ба ҷонканӣ тайёр шудан; ҳолати ҷонканӣ.

ЭҲТИКОР احتکار анбордории ҳар чиз умуман ва анбордории ғалла хусусан ба нияти гарон фурӯхтан.

ЭҲТИМОЛ احتمال 1. бардоштан. 2. гумон *(маҷоз).*

ЭҲТИМОМ اهتمام 1. ғамхорӣ кардан. 2. кӯшиш ва таваҷҷӯҳи қалбӣ кардан ба коре ё ба касе. 3. аҳамият додан.

ЭҲТИРОЗ احتراز парҳез кардан ва худдорӣ кардан аз чизе ё аз коре.

*Бо он ки суҳбати лаим зарур афтад, эҳтирозро зарууртар ангор.
(Бедил).

ЭҲТИРОҚ احتراق сӯхтан.

ЭҲТИСОБ* احتساب боздост ва ҳисобгирӣ *(Ед).*

ЭҶ ایج *ба маънои «ҳеҷ» (дар лаҳҷаи Помириён)*

ЭҶОД ایجاد ба вуҷуд овардан.

Ю

ЮБУСАТ یبوست хушкӣ.

ЮЗ یوز ҳайвони дарранда, ки оҳуро шикор кунад.

ЮЗБОШӢ* یوزباشی ба сад нафар сардор, мансаби ҳарбии қӯшун дар Бухорои амирӣ.

ЮМН یمن 1. ҳуҷастагӣ, муборакӣ.* 2. шарофат; баракат.

Ҳарчанд ба юмни отифати пири майфурӯш,
Соғар тиҳӣ нашуд зи май софи равшанам*.
*(Ҳофиз)**

ЮНУЧКА یونوچقه алафест баргаш монанди барги себарга, аммо дарозпоя, ки барои хуб кардани заминҳо ва хӯроки ҳайвонот вайро коранд. Хушкидаашро **беда** номанд.

ЮРУШ یورش 1. тохти лашкар бар душман. 2. сафари суботкоронаи лашкар ба муқобили душман (*ин туркӣ аст, аммо дар адабиёти форсӣ ва тоҷикӣ қабул шудааст*).

ЮРҒА//ЙУРҒА یورغه асп ё харест, ки реза қадам партофта тез меравад.

ЮСР یسر осонӣ; [роҳат; осонии кор].

ЮСУФ* یوسف [номи писари Яъқуб ном пайғамбар, ки дар зебоӣ машҳур будааст; қаҳрамони асосии достони «Юсуф ва Зулайхо»].

ЮСУФРУХ* یوسف رخ рӯяш мисли Юсуф зебо. **Юсуфрухи машриқӣ** — *кинoя аз офтоб.*

Ҳар рӯз ки субҳ бардамидӣ,
Юсуфрухи машриқӣ расидӣ.
(*Л. М.*)

ЮҒ یوغ чӯбе, ки бар гардани ҷуфти гов ниҳода, ба вай амоч ё дандонаро банданд.

ЮҒЧА یوغچه чӯбе, ки ғафсии он ба болорҳои борик — болорчаҳо баробар ояд.

ЮҒӢ یوغی чӯби ғафс аст, ки дар тарафи пешайвони болои сутунҳо гузошта аз болои вай яксар солорҳо ниҳанд.

Я

ЯВМ یوم рӯз. ***Явми ҷомеъ** рӯзи ҷумъа.

Гашт номи ҷомеи шаҳри ғиҷаб таърихи ин,
Турфатар к-ин рӯзу маҳ итмоми иншо мазҳар аст.
(*Навоӣ*)*

ЯВОҚИТ یواقیت [*ҷамъи* ёқут]; ёқутҳо.

ЯГОН یگان [*ҷонишини номуайян*] як одам ё як чизи номуайян (**ягон кас ёб, ин корро ба вай кунонем. Ягон асп ёб, савор шуда шаҳр равам. Ягон чиз ёб, хӯрам.** *Ин калима дар асл* **якгон** *буда бинобар вазниниаш дар талаффуз «к» партофта шудааст*).

ЯГОНА یگانه якка, танҳо (*ин калима монанди «дугона», «сегона», «чоргона...», «якгона» буд, барои вазниниаш дар талаффуз «к» партофта шудааст*). **Ягона кардан** аз растаниҳои чанд беҳ дар як ҷо ва наздик баҳам баромада ношудҳояшро канда партофта як дона хубтаринашро гузоштан (*ғӯза, харбуза ва монанди инҳо аз ҷумлаи растаниҳои ягонакардашавандаанд*).

ЯД ید даст.

*Яди зулм ҷое, ки гардад дароз,
Набинам лаби мардум аз ханда боз.
(*Бӯс.*).

ЯДАЙН* یدین ду даст.

Ба дандон газид аз таъаҷҷуб ядайн,
Бимондаш дар ӯ дида чун фарқадайн.
(*Бӯс.*).

ЯЗАК یزک фавҷи пешрави лашкар *дастан пешгарди қӯшун.

Ҳазар кори мардони корогаҳ аст,
Язак садди рӯйи лашкаргаҳ аст.
(*Бӯс.*).

ЯЗДОН* یزدان худо.

ЯК* یک адади аввалин. ***Як ҷумъа** якӯми мизон (24-ӯми сентябрь). ***Як мӯй** кинояе аз миқдори хеле кам.

> Дар ҷустани он хатои рангам,
> Як мӯй набуд пои лангам.

Яъне аз роҳи тасвири ин достон ба қадри як мӯй ҳам пой берун намегузоштам. (Л. М.). **Як таноб** — гектар (Ч. 6)*.

ЯКАСПА* یک اسپه савори танҳо, яккасавор, танҳо.

> Ин гуфту писа аз ӯ бигардид,
> Якаспа шуду дувона меронд.
>
> (Л. М.).

ЯКБОРА یکباره 1. якҷоя (**якбора ин кора тамом кун; ҳамагӣ якбора ҳуҷум карданд**). 2. ногоҳ (**якбора омада монд**)

ЯКДАСТ یکدست якзайл, яктарз.

ЯКДИЛА یکدله бе роҳ додани шубҳае ба дил ба коре кӯшишкунанда.

ЯККААНДОЗ یکه‌انداز кӯрпачаи борики дароз ё қолинчаи борики дароз, ки ба гирдогирди хона андозанд.

ЯККАБАНД یکه‌بند мӯйбанд.

ЯККАМЕХ یکه‌میخ мехи калони чӯбини кушодор, ки ба вай аспро банданд.

ЯККАТОЗ یکه‌تاز ягона, бемонанд дар коре (**яккатози майдони адабиёт** — ягона ва бемонанд дар майдони адабиёт).

ЯККАЧИЛАВ یکه‌جلو ресмоне, ки ба як ҳалқаи лаҷоми асп мебанданд.

ЯКРОН یکران 1. аспи сурранг, ки ёлу думаш сафед аст. 2. аспе, ки ба сари по меистад ва як пояшро қадре ҳам дошта танҳо нӯги сумашро ба замин мерасонад. 3. аспи хуб (*ба ҳар ранг ва тарзе ки бошад*). *Дар ин маънӣ дар бораи амалдорони ҷирроқӣ дидаи беш мутакаббире гуфта шудааст.*

> Он ки бар болои якрон масту якрон
> менишаст,
> Гардиши гетӣ ба зери хок якронаш
> бурид.

Якрон нишастан ба болои асп бо ғурур ва худнамоӣ бо як рон қадре каҷ шуда нишастан (*нигоҳ кун. ба маънои* **якрон**)

ЯКРӮЯ* یکرویه бенифоқ, бегараз.

Якрӯя шудан — ягона шудан, ба як фикр омадан.

> Якрӯя шуд он гурӯҳ ба рой,
> К-омодаи сафар кунанд аз он ҷой.

Яъне, он гурӯҳ ба як фикр омаданд, ки барои хостгории Лайлӣ ба сафар бароянд. (Л. М.)

ЯКТАК* یکتک ҷомаи беастар. (Ч. 6.)

ЯКТАҲ یکته ҷомаи беастар.

ЯКТАҲКУРТА* یکته کرته асосан яктаҳ (ҷомаи беастар) буда, ба даруни вай монанди гиребони курта як гиребон илова мекарданд, ки ин гиребонро кушода мондан ва бо тугма бастан мумкин буд. Агар баста шавад, ба назари бинанда чунин менамуд, ки дар зери яктаҳ курта ҳам ҳаст. (*Ёд. 3—4*).

ЯКТО یکتا [1. як адад]. 2. бемонанд, ягона.

ЯКШОХА یکشاخه кулоҳ ва калапӯши бар сар каҷ ниҳодашуда.

ЯКҚАЛАМ یک قلم тамоман, ҳамагӣ, яксара.

> *Басе бо возаи сано гаштанд,
> Якқалам «Комде» — навo гаштанд.
>
> (*Бедил*)

ЯЛ یَل паҳлавон, далер. ***Ялон** — паҳлавонон.

Басни пушти табар ба зарби гарон
Хурд мекард устухони ялон.

(Бедил.)

ЯЛА یَله 1. кушода *(болои чизе, даре)* *2. ҷои яла *(ялангӣ аз ҳамин калима аст)*

Лаби хомушу ҷои ба чандин дила
Бирафту танаш монд андар яла.

*(Фирдавсӣ)**

3. Сардода *(масалан, ҳайвони бересмон ва бе нухта)*, *нобаста, озод. *(Аз ҳамин ҷост, ки пас аз замони ҳосилғундорӣ мавсими ҳайвон ба ҷаро сардиҳиро «вақти ялагард» мегӯянд).*

Бийвард аспон зи ҳар сӯ гала,
Ки буданд дар дашти Тӯрон яла.

*(Фирдавсӣ)**

Яла кардан кушодан *(дарро, ҳайвонро, болои чизеро, масъалаеро).*

ЯЛАГАРД یَله گرد рӯзҳои охири тирамоҳ—баъд аз тамоман ғундошта шудани ҳосилоти кишт, ки одатан рӯзҳо ҳайвоноти хонагиро барои ҷаро бе нигаҳбон кушода сар медиҳанд.

ЯЛАНГ یَلنگ замини фароҳи холӣ аз кишт ва иморат.

ЯЛАНГӢ یَلنگی *нигоҳ кун.* ба **яланг**.

ЯЛДО یَلدا 1. шаби аз ҳама дарозтарини сол—шаби охирини моҳи қавс аст, ки ба 22-ӯми моҳи декабрь рост меояд. *2. *маҷ.* шаби бисьёр торик; сиёҳ.

Ки дар Ҳинд рафтам ба кунҷе фароз,
Чӣ дидам? Чу ялдо сиёҳе дароз
Дар оғӯши ӯ духтаре чун қамар,
Фурӯ бурда дандон ба лабҳош дар.

*(Бӯс)**

ЯЛОҚ یَلاق зарфи хӯроккӯрии саг.

ЯМ یَم дарьёи калон, баҳр.

*Барои хотирам ғам офариданд.
Туфайли чашми ман ям офариданд.

(Бедил).

ЯМИН I یَمین 1. дасти рост. 2. тарафи дасти рост. ***Ямину ясор** тарафи росту чап.

Бар ямину ясор ҳамон домаш шарор меафшонд.

*(Бедил)**

ЯМИН II یَمین савганд, қасам.

ЯНБУЪ یَنبوع чашма.

ЯРАҚОН یَرقان бемориест, ки чашм ва бадани одам зардча мешавад ва одам бисьёр бекувват мегардад.

ЯРЛИҒ یَرلیغ фармони подшоҳӣ *(ин калима аз забони муғулӣ ба адабиёти форсӣ тоҷикӣ қабул шудааст);** маншур *(Ч. 10).*

ЯРЛИҚ یَرلیق *нигоҳ кун.* ба **ярлиғ**.

ЯРОҚ یَراق 1. силоҳи ҷанг. 2. асбоби асп ва сафар *(аз ту [illegible] ўзбекӣ гирифта шудааст).*

ЯРҒУ یَرغو 1. ҷазо. 2. мусоди[illegible] ҳамаи ё баъзе молу мулки кас[illegible] ба тарики ҷазо *(ин калима а[illegible] забони муғулӣ гузаштааст, ки маънии дуйумаш махсуси тоҷикист**) 3. арзу дод, даъво].

ЯСАВ* یَسو қатор, тартиб. *(Ч. 6).*

ЯСАВУЛ* یَسول *нигоҳ кун.* ба **ясовул. Ясавули уламо** як маъмури оддии ҳукумат буд, ки дар ҳар ҷо уламо дар сурати расмӣ ғун шаванд, ӯ дар он ҷо ҳозир мешуд ва ба маҷлисҳои расмӣ уламоро даъват мекард. Ин маъмурро **ясавули уламо** ва кӯтоҳ карда **оламиён** меномиданд. *(Ёд. 3—4).*

ЯСОВУЛ یَساول 1. амале буд дар

дарбори амир ва ҳокимони ӯ, ки соҳибони ин амал чӯб ба даст гирифта пеши дарборро ба «тартиб» нигоҳ медоштанд ва «гунаҳкорон»-ро ба маҳкама мекашиданд. 2. батартиб нигоҳдорандаи лашкар дар вақти сафар (*ин калима муғулӣ буда, маънии аслиаш ҳамин маънии дуюм аст*).

ЯСОВУЛБОШИ یساول باشی сардори ясовулон буд дар дарбори ҳокимон ва мансабдорони калони амир.

ЯСИР یسیر 1. осон. 2. андак.

ЯСОЛ یسال тоҷи аз гулу райҳон басташуда.

ЯСОР یسار 1. дасти чап, тарафи дасти чап. 2. тавонгарӣ; фароҳӣ ва осонӣ дар зиндагонӣ.

ЯСОҚ* یساق 1. тартиб, қоида. 2. ҳарбӣ.

Мирзо Қаландар ба сафари ясоқи
Бинголa таваҷҷӯҳ гумошта буд.
(*Бедил*).

ЯТИМ یتیم 1. тифли бепадар ё бемодар ва ё бе ҳарду. 2. коркуни корҳои деҳқонӣ, ки солона ё моҳона нигоҳ дошта мешавад. 3. марвориди калони аълои якдона (*маҷоз*). *3. олуфта, олуфтаи зӯровар, авбош.

Яъне ки ятими Неъматободи туем (*Дар замони Навоӣ дар Хуросон олуфтагонро «ятим» мегуфтанд ва онҳо бо ҳам ҷанг ва гуштигирӣ карда зӯрозмоӣ мекарданд. (Н.)**

ЯТОҚ* یتاق посбонӣ.

ЯТОҚДОРӢ یتاقداری посбонӣ

Гург аз ҷиҳати ятоқдорӣ
Рафта бо изан ба ҷонсупорӣ
(*Л. М.*)

ЯХ یخ оби аз сармо басташуда. **Ях кардан** а) аз сармо бастани чизҳои обакӣ ва чизҳои нам ва обдор б) сахт хунук хӯрдан.

ЯХАК یخک 1. ҳалвоест, ки ширании ангурро қаём гирифта бар рӯи лаълӣ мерезанд ва монанди ях мебанданд. 2. як хел себи кабӯди бирён.

ЯХБУРЧА یخبرچه шикофи бар рӯи яхи ҳавз ё кӯл кардашуда, ки аз он ҷо об мегиранд.

ЯХДАРБИХИШТ یخ در بهشت ҳалвоест, ки нишастаро бо шакар дар об ҷӯшонда аталавор тайёр кунанд.

ЯХДОН یخدان 1. ҷоест, ки дар он ҷо дар зимистон ях андохта барои тобистон захира кунанд. 2. хоначаи зеризаминии сард аст, ки дар тобистон мева ва гӯшт барин чизҳои аз гармӣ вайроншавандаро дар он ҷо нигоҳ доранд. 3. сандуқи чармин аст, ки як ҷуфти онро ба як асп бор карда чизҳои шикананда ва нозукро бо вай кашанд.

ЯХМОЛАК یخ مالک бозиест, ки дар зимистон бар рӯи ях лағжида медаванд.

ЯХМОС یخماس марӯжнӣ. (мороженое). *Ҳайрат гуфта:*

Тафи дил паст нагирад ба яхмоси Рашид.
Хӯрдам роҳати ҷон ҳам тан сад тос кашид.

ЯХНӢ یخنی гӯшти ҷӯшонда пухтаи сардшуда.

ЯХОБ یخاب 1. оби бо ях сард кардашуда. 2. обе, ки дар зимистон дар замини кишт медиҳанд.

ЯХОБӢ یخابی меваи дар тобистон дар ҷои сард ё бо ях нигоҳдошта шуда.

ЯХПИР یخ پیر яххои чандинсола, ки бар болои кӯҳҳои баланд аз сол ба сол об шуда, ях бастани барфҳо пайдо мешавад.

ЯХЧА یخچه резаҳои ях аст, ки дар баҳорон аз ҳаво мисли борон меборад.

ЯШМ یشم як хел санги сафеди сабзтоби шаффофи акснамост, ки дар зеб додани рӯи девори иморатҳо ба кор баранд ва аз вай зарфҳои гуногун созанд.

ЯШМӢ یشمی 1. *мансуб ба* **яшм** 2. ҳар чизе, ки аз яшм сохта шуда бошад ё ин ки рангаш ба ранги яшм монанд бошад.

ЯЪНЕ یعنی 1. мехоҳад, қасд мекунад. 2. маъниаш ин аст ки,... маънии мақсудӣ ин аст ки... [*калимаест ки пеш аз тафсил меояд*]

ЯЪС* یأس ноумедӣ, маъюсӣ-

Ҳар тараф назар меандохтам, ғубори
яъс сиёҳӣ мекард.
(*Бедил*).

ЯЪҶУҶ* یأجوج махлуқи афсонавӣ, ки гӯё дар ҷанг мағлубнашаванда будааст ва гӯё Искандар пеши он садде (деворе) бастааст.

Ки бори дигар дил ниҳад бар ҳалок.
Надорад зи пайкори яъҷуҷ бок. (*Бӯс.*).

ЯҒЛОҒУ یغلاغو зарфест мисин ё оҳанини дастадор, ки дар вай барои бар рӯи ошҳо андохтан равған доғ кунанд (*ӯзбекӣ аст ки ба тоҷикӣ қабул шудааст*).

ЯҒМО یغما ғорат, тороҷ.

* Ҳамон беҳ ки имрӯз мардум хӯранд.
Ки фардо пас аз ман ба яғмо баранд.
(*Бӯс.*).

ЯҚИН یقین 1. донише бешубҳа дар бораи чизе. [бешак, бешубҳа 2. боварӣ, эътимод].

Ғ

ҒАБИЙ غبی кундзеҳн.

ҒАБН غبن зиёнбинӣ дар хариду фурӯш. **Ғабни фоҳиш** зиёнбинии равшан дар хариду фурӯш.

ҒАБОВАТ غباوت кундзеҳнӣ.

ҒАБРО غبرا [*муаннаси* **ағбар**]; замин.

ҒАБҒАБ غبغب гӯшти зери манаҳ, ки дар баъзе касони фарбеҳ овезон шуда меистад. *Шоҳин гуфта:*

Эй лабат мул, оразат гул, туррат
сунбул бариш.
Ғабғабат дар чарбу нармӣ тухми
ниндумбул бариш.

ҒАВ غو 1. Ҷубест, ки бо вай сари роҳ ё дами дарвозаро банд кунанд, то ки чорпоён аз он ҷо нагузаранд. 2. овози баланд (*монанди садои раъд, нақораи калон*). 3. монеъ (*маҷоз аз маънии аввал*). **Ғав шудан** монеъ шудан дар коре (*маҷоз*).

ҒАВВОС* غواص ба об ғӯта зада аз зери об бароранданн ҷавоҳирот.

Ғаввоси ҷавоҳири маонӣ
Кард аз лаби худ гуҳарфишонӣ. (*Л. М*).

ҒАВОИЛ غوایل [ҷамъи **ғоила**]; сахтиҳо, ҳодисаҳои бад.

ҒАВОМИЗ غوامض [ҷамъи **ғомиз**]; пӯшидаҳои маънӣ дар сухан ва дар илму фан.

ҒАВОЯТ غوایت гумроҳӣ.

ҒАВР* غور чуқурӣ, қаър; таг. 2. ғӯтахӯрӣ ва фурӯравӣ дар чуқурии чизе.

Чу соил аз ӯ ин иборат шунид,
Ба ғавраш чу коҳид, инон баркашид.
(*Бедил.*).

3. чуқурии маънои чизе.

Ҳарифону бадномӣ ояд ин чавр.
Бузургон расанд ва суханро ба ғавр.
(*Бӯс.*).

ҒАВС غوث фарьёдрас.

ҒАВСУЛАЪЗАМ* غوث‌الاعظم яке аз аҳли тасаввуфи қадимӣ аст. (*Ёд. 3 — 4*).

ҒАВЧӮБ غوچوب *нигоҳ кун. ба маънии якӯми* **ғав.**

ҒАВҒО غوغا 1. бонг ва фарьёди пуршӯр. 2. ҷанги лашкаре бо лашкаре (*маънии дуюм маҷоз аст*).

ҒАВЯ غوی гумроҳ.

ҒАДДОР غدار бисьёр бевафо, хоин.

ҒАДИР غدیر кӯли аз оби борон пайдошуда.

ҒАДО غدا фардо [*аслаш* **ғудув** *ва* **ғудват**].

ҒАДР غدر бевафоӣ, хиёнат.

*Қадимони худро бияфзой қадр,
Ки ҳаргиз наояд зи парварда ғадр
(*Бӯс.*).

ҒАДУД غدود *нигоҳ кун. ба* **ғудда.**

ҒАЖ-ҒАЖ غژ-غژ садои кушода-пӯшида шудани дар.

ҒАЖГО//ҒАЖҒО//ҒАЖГОВ غژگا//غژغا//غژغو гови кӯтос аст, ки бештар дар Помир мерасад.

ҒАЗАБ غضب хашм, оташинӣ.

ҒАЗАБНОК غضبناک хашмгин.

ҒАЗАВОТ غزوات [*ҷамъи* **ғазва**]: ҷангҳои динӣ.

ҒАЗАЛ غزل [1. сухангӯӣ бо занон, ишқбозӣ]. 2. ҳикояти ишқ ва ҷавонӣ. 3. як шакли шеър аст аз 5 то 15—17 байт дар як вазну қофия, ки дар он бештарин аз ишқу ҷавонӣ, аз васлу ҳиҷрон гап зада мешавад. **Ғазали худро хондан** а) сахт мағлуб шудан дар коре. б) сахт монда шудан дар коре (*ҳар ду маънӣ ҳам маҷоз аст*).

ҒАЗАЛХОНИЯ غزلخوانی шеърхонӣ бо ягон ҳавои мусиқӣ.

ҒАЗАНФАР غضنفر шер.

*Гӯ баҳра кам барад саги нафс аз
ҷаҳони хуш!
Гар устухони ҳирс шикастӣ,
ғазанфарӣ. (*Бедил*).

ҒАЗБОН غضبان *нигоҳ кун. ба* **ғазабнок.**

ҒАЗЛ غزل 1. рестан. 2. ресмони ришта.

ҒАЗО غزا ҷанги динӣ.

ҒАЗОЛ* غزال оҳубара, оҳуи ҷавон.

Лашкаршикане ба захми шамшер,
Дар меҳр ғазолу дар ғазаб шер.
(*Л. М.*).

ҒАЗУБ غضوب бисьёр хашмгин.

ҒАЗЗОЛ غزال 1. калобафурӯш (*Ғаззолӣ, ки лақаби яке аз уламои ислом аст, ба ин калима мансуб аст*). 2. ғазалхон.

ҒАЙБ غیب нопадид шудан.

ҒАЙБАТ I غیبت нопадидӣ. (*зидди* **ҳузур**).

ҒАЙБАТ II غیبت [аслаш ғийбат] 1. айби касеро дар қафояш гуфтан. 2. айби дар қафо гуфташуда.

ҒАЙЗ غیظ хашми сахт; хашми пинҳон, кина.

ҒАЙМ غیم абр.

ҒАЙР غیر 1. дигар. **Ғайр аз ин...** дигар аз ин... 2. бегона (**ин одами ғайр аст**—... бегона аст). 3. душман, хасм; рақиб. *Ба ин маънӣ гуфта шудааст:*

Шаб ба кошонаи агъёр намебоид буд.
Ғайрро шамъи шаби тор намебоид буд.

(**агъёр** — *ҷамъи* **ғайр**).

ҒАЙРАТ غیرت 1. рашк. **Сайидо гуфта:**

Оташи ғайрат ба ҷони некхоҳи худ
назан

(*яъне оташи рашк*). 2. кӯшиши зиёд дар коре (*маҷоз*).

ҒАЙРАТМАНД غیرتمند одами пуркӯшиш.

ҒАЛАЁН* غلیان ҷӯш, ҷӯшиш.

ҒАЛАТ غلط хатои нофаҳмида воқеъшуда (*дар гуфтор, дар кирдор, дар ҳисоб, дар китобат, дар роҳ*).

ҒАЛАТИФУРУШ غلطی فروش ҷоест, ки дар он ҷо чизҳои аҷибро фурӯшанд (*мисли бозиҳои бачагонаи фабрикӣ, асбобҳои мусиқии бачагона ва ҳар гуна асбобҳои оҳании майда*).

ҒАЛАТӢ غلطی 1. ҷои таъаҷҷуб. *Ба ин маънӣ Мушфиқӣ гуфта:*

Бо раҳбон ҳамдами бодаи гулгун
нӯшад.
Ба маи кӯхтадил ниру итобаш
ғалатӣ.

2. аҷиб. *Нодир гуфта:*

Ба нигоҳе дили сад шефта дар дом
кашад.
Турфа сайёди ситамкеша, ки домаш
ғалатӣ.

3. назаррабо. *Мушфиқӣ гуфта:*

Чин зада бар рӯи худ зулфи
дутобаш ғалатӣ.

ҒАЛАКА غلقه қуфли чӯбин аст, ки калидаш ҳам чӯбин мешавад. 2. чангчии оҳанини дарбандии калиддор.

ҒАЛАКДАРО غلقه‌درا касест, ки ба ҳар ҷо даромадан метавонад ва дар пеши ҳар кас роҳ меёбад (*маҷоз*).

ҒАЛБЕЗ غلبیز *нигоҳ кун*. ба **ғалбер** (*ин калима аз «ғалбер» рӯидааст*).

ҒАЛБЕР غلبیر асбобест ғарбилдори тӯрин, ки бо вай гандум, биринҷ ва монанди инҳоро безанд.

ҒАЛБО غلبا ҷои сер
рахнааш бо ҳам печид

ҒАЛВА غلوه *нигоҳ ку*
рев.

ҒАЛВОЖ غلواژ *нигоҳ кун*. ба **ғаливоҷ**.

ҒАЛВОҶ غلواج *нигоҳ кун*. ба ғаливоҷ.

ҒАЛИВОЖ غلیواژ *нигоҳ кун*. *ба* **ғаливоҷ**.

ҒАЛИВОҶ/ҒАЛЕВОҶ غلیواج як хел зоғи калон.

ҒАЛИЗ غلیظ 1. ғафс. 2. дурушт, дағал.

ҒАЛЛА غله гандум, ҷав, биринҷ барин чизҳои хӯрокории донагӣ.

ҒАЛЛАДОН غلّه‌دان куттие аст, ки дар вай фурӯшандагон пулҳои аз фурӯш омадаро меандозанд.

ҒАЛЛАДОНА غلّه‌دانه *нигоҳ кун. ба* **ғаллот**.

ҒАЛЛАМУС* غلّه‌موس кирме, ки дар гандуму орду бириҷ барин ғаллаҳои хӯрокворӣ пайдо мешавад ва дар якчанд рӯз як анбор ғалларо нобуд мекунад. *Номи дигари ин кирм* **мита** *аст.* (*Ҷ. 4*).

ҒАЛЛОТ غلّات [ҷамъи **ғалла**]; ғаллаҳо.

ҒАЛМАҒАЛ غلمغل бо овози баланд ва шавқун бо ҳам ҷанҷол кардани ду кас ё якчанд кас (*ин калима аз калимаи «қолу мақол» баромадааст, ки ба маънии гуфтугузор аст*).

ҒАЛО غلا қаҳтӣ ва гаронии нархҳои чизҳои зарурӣ (*бештарин хӯрокворӣ*).

ҒАЛОҒУЛА غلاغله фарёди ҳашмгинонаи як кас, ё чанд кас.

ҒАЛТАБОН غلتبان *нигоҳ кун. ба* **ғалтбон** (**қалтабон** *аз маънии дуюми ҳамин калима рӯидааст*).

ҒАЛТАК غلتک занбари чилолакнок аст, ки бо вай як кас хок ва дигар чизҳоро мекашонад. 2. загӯтачаест, ки дар вай ресмони дарздӯзиро мепечонанд. 3. як тӯбча ресмони дарздӯзи ба як загӯтача печондашуда.

ҒАЛТБОН غلتبان 1. сангест лӯла ва дарозрӯя, ки вайро гелонда заминҳои сустро сахт кунанд. Ингуна санг дар роҳсозӣ ба кор равад. 2. одами бемурувват ва беирода, ки ба қавл ва ҳукми дигарон ба ҳар тараф мегелад.

ҒАЛТИДАН غلتيدن/غلطيدن афтода гелидан.

ҒАЛЧА غلچه одами қадпаст.

ҒАЛЬЁН غليان чилим. (*ин маънӣ аз маънии ғалаён маъхуз аст, ки оби вай дар вақти кашидан тикурӯ мешавад*).

ҒАЛҚ غلق дарбастан.

ҒАЛҒАЛ غلغل бо овози баланд гапзании бемаъниёна.

ҒАМ غم дилгирифтагии сахт, ки ба сабаби алами дарунӣ пайдо мешавад.

ҒАМБОДА غمباده беморист, ки ба сабаби бисёрии ғаму ғусса пайдо мешавад.

ҒАМГИН غمگين ғамнок.

ҒАМГУСОР غمگسار хӯрандаи ғам. [дуркунандаи ғам, мӯнис] (*яъне барҳамдиҳандаи ғам*). *Бештарин ин калима дар сифати маҳбуб ва маъшуқ меояд*).

ҒАМДИДА غمديده алами дарунӣ кашида, мотамзада, андӯҳдида. *Ҳофиз гӯяд:*

> Ин дили ғамдида ҳолаш беҳ шавад,
> дил бад макун...

ҒАМЗ غمز 1. ишорат бо чашм. 2. тӯҳмат. 3. хабаркашӣ, суханчинӣ. 4. пӯшида, нофаҳмо (*сухан*).

ҒАМЗА غمزه ҳаракати чашм аз рӯи ноз.

ҒАМЗУДО//**ҒАМЗИДО** غمزدا ҳар чизе, ки ғамро бархам диҳад.

ҒАММОЗ* غمّاز 1. хабаркаш, суханчин.

Надидам зи ғаммоз саргаштатар,
Нагунсору бахтбаргаштатар. (Бӯс.).

2. таъназананда. 3. ғамзакунанда, бо чашм ишораткунанда (*маънии сеюм аз сифатҳои маҳбуба*). (*Бӯс.*).

ҒАММОЗАК غمازك чӯбест, ки дар миёнҷои ресмони шасти моҳигирӣ мебанданд ва дар вақти ба шаст бархӯрдани моҳӣ вай ҷунбида ба моҳигир хабар медиҳад.

ҒАМОИМ غمائم [ҷамъи **ғамомат**]; *абрҳо*.

ҒАМОМ غمام 1. абр. 2. як хел гиёҳи оби намадмонанди патдор аст, ки дар шустушӯй ба кор равад.

ҒАМОМА(Т) غمامة абр.

ҒАМХӮР غمخور ёридиҳанда, дӯстдор, [мушфиқ, дилсӯз, дӯсти ҳақиқӣ].

ҒАМХӮРАК غمخورك паррандаест ба калонии гунҷишк ва сиёҳчаранг, ки доимо бар лаби обҳо гардиш мекунад. Гӯё вай аз тарси ба мардум кам мондани об худ об наменӯшидааст, бинобар ин ғамхӯрак номидаанд.

ҒАМХӮРӢ غمخوری ёрмандӣ аз рӯи меҳрубонӣ.

ҒАН غن сангест, ки бар тири ҷувоз мезананд.

ҒАНИМАТ غنیمت 1. моле, ки дар рӯзи ҷанг аз аскари душман ба даст меафтад. 2. чизи азизи худ аздастраванда. *Дар ин маънӣ Ҳофиз гуфта:*

Чу бунёди умр аст нопойдор,
Ба нақд ин нафасро ғанимат шумор.

ҒАНО غنا [1. тавонгарӣ, дороӣ]. 2. фоида, нафъ.

ҒАНОИМ غنائم [ҷамъи **ғанимат**]; ғаниматҳо (*ба маъноҳои якум*).

ҒАНӢ غنی тавонгар, [бадавлат, бой.

Бурданд ба тӯҳфаҳо дар офоқ,
З-он гуна ғанӣ шуданд ушшоқ.
(*Л. М.*).

ҒАНҶ غنج ҳаракати чашм, [ишва, ғамза, ноз].

ҒАНҶОР غنجار сурхиест, ки занон барои оройиш бар рӯи худ моланд.

ҒАР غر 1. зани сабукпо. 2. мансабдори дурӯяи хушомадгӯи мунофиқ (*маҷоз*).

ҒАРАВ//ҒАРВ* غرو най, дарунпур [ва низ най миёнхолӣ].

Яке мард шуд, чун яке зод сарв
Бараш кӯҳи симу миёнаш чу ғарв.
(*Фирдавсӣ*).

ҒАРАЗ غرض мақсад, матлаб, ҳоҷат. 2. кӯтоҳ, хулосаи ягон гуфтор ва ҳикоя (*ба ин маънӣ бештарин ба шакли «алғараз» кор фармуда мешавад*). *Ба ин шакл ва маънӣ Шоҳин гӯяд:*

Алғараз то Карӣ аз вақти саҳар то дами зӯр,
Ҷаҳд кардему расидем ба ҷандин қистан.

ҒАРАМ غرم тӯдаи растаниҳо, ки аз ҷо-ҷо гирифта ба ҷое гундошта мондаанд. (**ғарами гандум, ғарами шох, ғарами хор**).

ҒАРАМЗОР غرمزار замини аз кишт мондаест, ки дар вай тӯдаҳои хор, хошок, шох ва ҳар гуна гиёҳҳои хушкидаро ғун кунанд. ...**Ин ҳам болои ғарамзор...** (*аз масалаҳои заиф аст, ки дар бораи чизҳои беқадр ва барзиёд мегӯянд*).

ҒАРБ غرب ҷои фурӯнишини офтоб, ҷиҳати фурӯнишини офтоб.

ҒАРБОЛ//ҒИРБОЛ غربال ғалбер.

ҒАРДИЛ غردل одами тарсончаки хушомадгӯй аст, ки ҳар тараф, ки зӯр бошад, ба он тараф майл мекунад (*маҷоз*).

ҒАРИБ غريب 1. аҷоиб, камёб, нодир.

*Ғурбат ин барои ту гузидам.
Қ-абъёти ғариби ту шунидам. (Л. М.)*.

2. мусофир, аз ватани худ дур. *Дар ин ду маънӣ Ҳофиз гуфта:*

Бас ғариб афтодааст он мӯри хат гирди рухат
Гарчи набвад дар нигористон хати мушкин ғариб.

(Ҳар кадоми ин ду «ғариб» ба ду маънӣ кор фармуда шудааст).

*Бурдию бад он ғариб додӣ.
К-аз вай сухани ғариб зодӣ.

Ғариб-и шеъри киноя аз Маҷнун буда, ғариб-и дуюм ба маънии аҷиб ва нодир аст. (Л. М.)*.

ҒАРИБӢ* غريبى 1. ғурбат, дурӣ аз ватан. 2. танҳоӣ, бекасӣ.

Чун моҳ **ғарибият** насиб аст.
Аз моҳ на ғариб, агар ғариб аст.

Ғариб-и якум ба маънии тааҷҷубовар ва ғариб-и дуюм ба маънии мусофир ва якка аст. Яъне, ғарибии моҳ тааҷҷубовар нест. (Л. М.).

ҒАРИЗӢ غريزى табиӣ (*ҳароратеро, ки дар табиати одам ва ҳайвони зинда аст «ҳарорати ғаризӣ» меноманд*).

ҒАРИМ غريم 1. товондода [2. қарздор, мадъюн. 3. қарзхоҳ, доин].

ҒАРИҚ غريق ғарқшуда.

*Фурӯ мондам аз чора ҳамчун ғариқ,
Бурун аз мадоро надорам тариқ. (Бӯс.).*

ҒАРОМ غرام ишқи ба дараҷаи ифрот, ки ошиқро девонамонанд кунад.

ҒАРОМАТ غرامت 1. товон. 2. товондиҳӣ, [он чи ки адои он лозим аст] *Хати **ғаромат**—хати товонталабӣ.

Қосилеро хати ғаромат дод.
Дарси таҷдид аз надомат дод. (Бедил.)*

ҒАРРА غره фирефтагӣ ба ҷоҳ, мол ва ё ба ягон комёбӣ; мағрурӣ.

ҒАРРО غرا [*муаннаси* **агарр**]; чизи сафед ва равшан. 2. ҳар чизе, ки дар хубӣ намоён бошад, *масалан,* **байти ғарро** *дар шеър (маънии дуюм маҷоз аст).*

ҒАРС غرس 1. дарахтшинонӣ. 2. дарахти шинондашуда.

ҒАРҶ غرج кафш, ё мӯзае, ки ҳамеша садои ғарҷ-ғарҷ медиҳад.

ҒАРҶ-ҒАРҶ غرج-غرج 1. садои кафш, ё мӯзаи нав. 2. садои алаф, ё бедахӯрии аспу хар.

ҒАРҚА غرقه 1. *нигоҳ кун. ба* **ғариқ**. 2. мағруршавӣ ба мол, ҷоҳ ё ба қуввати ҳомии худ (*маҷоз*).

ҒАРҚОБ غرقاب оби ғарқкунанда, оби чуқур.

ҒАСАҚ غسق торикии аввали шаб.

ҒАСБ غصب ба ситам ва зӯрӣ гирифтани чизи касеро.

ҒАСЛ غسل шустан, шустушӯ.

ҒАСС غش 1. дигар. 2. табоҳшавии гӯшт ва монанди он. 3. гӯшти фосидшуда, хун ва рим.

ҒАФАБАНД غفه‌بند гулӯбанди занон, ки аз тилло, ё нуқра барои зинат месозанд.

ҒАФИР غفیر гурӯҳи бисёр калони оламон. **Ҷамми ғафир** анбӯҳи бисёр.

ҒАФС غفس 1. вуррачусса. 2. фарбеҳ. 3. чизи обакӣ, ки он қадар тунук набошад. **Қаймоқи ғафс, шири ғафс.**

ҒЕЛ غیل **ғел задан** *нигоҳ кун. ба* **ғелидан**.

ҒЕЛАК غیلک гӯшти кӯфта хурдхурд кулӯла кардашуда, ки бо угро ва дигар таомҳо пазанд.

ҒЕЛИДАН غیلیدن паҳлу ба паҳлу гардида ҳаракат кардан.

ҒЕЛОН غیلان ғелида.

ҒИБА غیبه пахтаи ғарзолуд, ки аз даҳони ғӯзаи ҷойдорӣ чида гирифта мешавад.

ҒИБТА غبطه орзу бурдан ба чиз, ё ба сифати хуби касе бе хоҳиши заволи он аз он кас.

ҒИЁБ غیاب *нигоҳ кун. ба маънои якуми* **ғайбат**. [ғоибӣ, ҳузур надоштан].

ҒИЁБАН غیاباً дар ҳолати нопадидӣ.

ҒИЁС غیاث 1. фарьёдрасӣ. 2. фарьёдрас.

ҒИЖАК غژک *нигоҳ кун. ба* **ғиҷак**.

ҒИЖЖАК غژک *нигоҳ кун. ба* **ғиччак**.

ҒИЖЖИДАН غژیدن 1. хоҳиш кардан касеро. 2. *нигоҳ кун ба* **ғежидан**.

ҒИЖЖОНАК//ҒЕЖОНАК غژانک 1. чизе, ки дар ҷои худ барқарор ва устувор наистодааст. 2. заминест, ки дар вай пой ба зудӣ мелағжад.

ҒИЖЖОНДАН//ҒЕЖОНДАН غژاندن//غیژاندن аз ҷо беҷо кардани чизе бе бардоштан аз ҷои исташ.

ҒИЖИДАН//ҒЕЖИДАН غژیدن||غیژیدن 1. аз ҷо беҷо шудани чизе бе кандан аз исташ (*мисли санг, сандуқ, барин чизҳо*) 2. лағжидан.

ҒИЗОЛ غزال [*дурусташ* **ғазол**]: оҳубарра.

ҒИЗОЛА* غزاله [ғазола] оҳубарра (*Н.*).

ҒИЛДИРАК غلدیرک чарх.

ҒИЛЗАТ غلظت 1. ғафсӣ. 2. дуруштӣ, дағалӣ.

ҒИЛМОН غلمان (**ҷамъи ғулом**) ғуломон.

ҒИНГИ غنگی (**ғинги накардан** чизе нагуфтани кас ба гуфтор ё кардори касе, ки ба ӯ дахлдор аст (*аз камоли итоат ё аз камоли нафрат*).

ҒИНГ-ҒИНГ غنگ-غنگ садои гап задани *беморон*, ё пистонозон. **Ғинг-ғинг кардан** бо майдагапӣ касеро ба танг овардан (*мисли магас, мауоз*).

ҒИНО غنا 1. тавонгарӣ. 2. бениёзӣ, беҳтиёҷӣ [*нигоҳ кун. ба* **ғано**].

*Дастгоҳи ғино варақ гардонд
Ҷуз қабули хироҷ чора намонд.
*(Бедил)**

3. нағма, суруд (*дар мусиқӣ*).

ҒИРБОЛ//ҒАРБОЛ* غربال ғалбер.

Аз зиреҳ мепарид бе эҳмол
Ба таконидан чу об аз ғирбол. (*Бедил.*).

дар сифати ҷанг ва паридани тирҳо).

ҒИРЕВ غریو шӯр, ғавғо.

ҒИРЕВИДАН غریویدن шӯру ғавғо кардан, фарьёд кардан.

ҒИТО غطا пардае, ки рӯи чизеро пӯшонда аст.

ҒИЧАК غجک сози тордорест, ки найро бо камончаи мӯйин менавозанд. *Ҷомӣ гуфта:*

Садои он ғичакам кушту шакли он ғичакӣ
Ки шӯри маҷлиси ушшоқ шуд зи пурнамакӣ.

ҒИЧЧАК غجک *нигоҳ кун. ба* **ғичак.**

ҒОБ I غاب бешаҳо, саҳроҳо.

ҒОБ II* غاب бемаънӣ, беасл, сафсатта.

То кай барӣ азобу кунӣ ришро хизоб,
То кай фузул гӯию орӣ ҳадиси ғоб?
(*Рӯдакӣ*).

ҒОДИЯ غادیه 1. абри пагоҳонӣ. 2. пагоҳонӣ пеш аз баромадани офтоб.

ҒОЗА غازه 1. сурхию сафедиест, ки занон бар рӯи худ моланд. 2. бехи думи ҳайвонот (*ба ин маънӣ бо «дум» ҳамроҳ меояд* (*яъне* **думғоза**)

ҒОЗӢ غازی ҷангкунанда аз номи дин (*аз терминҳои дини ислом*).

ҒОИБ غائب чиз, ё одами аз назар пинҳон, ҳозирнабуда; чизе ё одаме, ки дар куҷо будан ва ба куҷо рафтанаш маълум набошад.

ҒОИББОЗ غائب‌باز шатранҷбозест, ки бо хат ё ба воситаи касе донаронӣ карда бо ҳарифи худ бозӣ мекунад.

ҒОИБДОН غائبدان касест, ки гӯё аз чизҳо ва воқеаҳои номаълум хабар медиҳад, фолбин.

ҒОИЛА* غائله 1. фасод, шарр. 2. бало, фалокат.

ҒОИС غائص ғӯтазананда дар об.

ҒОИТ غائط пасафкандаи одамӣ.

ҒОЛ غال 1. хонаи занбӯр. 2. хонаи гург ва шағол барин ҷонварон, ки дар замин канда сохтаанд. 3. мағораҳои дастисохта, ки дар даштҳо барои хобондани гӯсфандон месозанд.

ҒОЛИБ غالب 1. фирӯз, забардаст. 2. мансабе буд дар даври амирӣ, ки созандагонро назорат мекард. *Дар ин маънӣ Ҳайрат дар як шеъри шӯхӣ, ки бо тахаллуси Ҳазлӣ навишта буд, гуфта:*

Чанд аз базми бутон дур кунӣ Ҳазлиро.
Хоҳам эй «ғолиби» бадбахт сарӣмоғ шавӣ.

ҒОЛИБО//ҒОЛИБАН* غالباً 1. эҳтимол, шояд. 2. аксар.

ҒОЛИЯ غالیه 1. чизи хушбӯест, ки бо омезиши мушк, анбар, кофур барин чизҳо месозанд. *2. *маҷ.* зулф.

Чун аст ақиқи обдорат?
В-он ғолияҳои тобдорат? (*Л. М.*)*

ҒОЛИЯБОР غالیه‌بار ҳар чизи серхушбӯй.

ҒОЛИЯСОЙ غالیه‌سای ғолиясоз.

ҒОЛӢ غالی гарон, қимат.

ҒОМИЗ* غامض душворфаҳм, сухани пӯшидамаъно; пӯшида.

Маънии ғомизи ин китоб нагуфтанист. (*Бедил*).

ҒОР I غار сӯрохи чоҳмонанди табиист, ки дар кӯҳҳо ва талҳо пайдо мешавад.

ҒОР II غار гиёҳест, ки дар вақти сӯхтан бӯи хуш медиҳад.

ҒОРАТ غارت ситониши моли касе, ё шаҳре бо роҳи дуздии чандкасаи рӯйрост, ё дар ҷанг.

ҒОРАТИДАН غارتیدن ғорат кардан.

ҒОРАТӢ غارتی *мансуб ба* **ғорат** (*масалан*, **моли ғоратӣ**).

ҒОРИС غارس дарахтшинонанда.

ҒОШ* غاش ошиқи гузаро, ошиқи шайдо.

Хештан пок дору бе парҳез.
Ҳеҷ касро мабош ошиқи ғош. (*Рӯдакӣ*).

ҒОШИЯ غاشیه зинпӯш.

ҒОШИЯБАРДОР غاشیه‌بردار чилавдори подшоҳони феодал *нигоҳ кун. ба* **ғошиябардӯш**.

ҒОШИЯБАРДӮШ غاشیه‌بردوش бандавор фармонбардорикунанда (*маҷоз*).

ҒОШИЯДОРӢ* غاشیه‌داری зинпӯш бардоштан, полинбардорӣ.

Ба ифтихори ғошиядорӣ миннатҳо мекашидам. (*Бедил*).

ҒОЯ غایه мақсади охирин ва аслӣ аз кардани ягон кор. [*нигоҳ кун. ба* **ғоят** 3].

ҒОЯТ* غایت 1. интиҳо, поён, охир. 2. ҳад, андоза. 3. мақсад, мурод, ғоя.

ҒОЯӢ غائی *мансуб ба* **ғоя(т)**: ғоягӣ.

ҒУБОР غبار гарди ҳар чиз.

ҒУДДА غده чизи сахтест, ки дар бадани гӯшту равған ва чарбу пайдо мешавад, гиреҳи гӯштӣ.

ҒУДУВВ غدو пагоҳонӣ, пеш аз баромадани офтоб, бомдод.

ҒУК غوک қурбоққа.

ҒУЛ(Л) غل тавқи оҳанин аст, ки дар замони пеш ва замони амирӣ ба гардани бандиён мезаданд.

«Гуфт: эй ҷигару ҷигарсӯзи ман.
Ҳам ғулли ману ҳам афсари ман!
(*Л. М.*)

ҒУЛ//ҒӮЛ غول 1. гӯш (**испағӯла—аспғӯл**), номи гиёҳест, ки ба сабаби ба гӯши асп монанд будани баргаш ба ин ном номидаанд. 2. номи як махлуқи афсонавист, ки гӯё дар кӯҳу биёбонҳо зиндагонӣ мекардааст. 3. одами нодони камфаҳми гапнодаро (*маҷоз*). 4. одами ғафс. 5. тавқи оҳанин, ки дар вақти амирӣ ба гардани бандиён мезаданд. (*ба ин маънӣ тоҷики шудаи «ғул» аст. Нигоҳ кун. ба* **ғулл**)

ҒУЛБА غلبه асбоби обгузаронӣ, ки аз сафол, ё оҳан месозанд (*дар Самарқанд «қубур» гӯянд*).

ҒУЛ-ИШКЕЛ غل اشکیل тавқи оҳанин ва занҷири дар як ҷо сохташуда, ки дар замони ғуломдорони Осиёи Миёна ба гардан ва пои ғуломони гурезпо зада кор мефармуданд. («...**Шиканем он ғулишкелро...** *ба ҳамин маънӣ гуфта шудааст*).

ҒУЛОЛА غلاله зулф.

ҒУЛОМ غلام 1. писари хурдсол. 2. хидматгори мардина. 3. банда *(ду маънии охир маҷоз аст ва дар забони зинда ба маънии сейӯм кор фармуда мешавад).*

ҒУЛОМГАРД* غلام گرد як гардишгоҳи миёнаи ҳавлии дарун ва берун аст, ки аз тарзи иморати вақти ғуломдорӣ мондааст. Дар он вақтҳо ғуломон ҳақ надоштанд, ки аз он ҷо дарунтар раванд, аз он ҷо мегаштанд ва бинобар ин он ҷоро «ғуломгард» номидаанд (*Ҷ. 3*).

ҒУЛУВ(В)//ҒУЛӮ غلو 1. дастбаландкунӣ то охири имкон. 2. ҳуҷум. 3. аз ҳад гузаштан дар коре; *аз ҳад гузаронидан.

Баски дар васфи ӯ ғулӯ карданд.
Шоҳро масти эрзу карданд. (*Бедил*)*

ҒУЛҒУЛ غلغل 1. овози ҷӯшу хурӯш аз як ҷо ва дар як вақт. 2. хониши булбулон дар ҳоли мастӣ. *Дар ин маънӣ Ҳсфиз гуфта:*

Муғаннӣ куҷой, ки вақти гул аст.
Зи булбул чаманҳо пур аз ғулғул аст.

ҒУЛҒУЛА غلغله 1. овозҳои баланди баҳам печида монанди садои чандин нақораи дар як ҷо ва дар як вақт навохташуда. 2. овози тантананок *(ба ин маънӣ маҷоз аст). Дар маънии сонӣ гуфта шудааст:*

Мунҳии иқбол дар ин кӯҳна дайр,
Ғулғула андсхт ки ассулҳу хайр.

ҒУЛӮЛА غلوله ҳар чизи лӯнда *(иштӣ, ки бозӣ мекунанд, заволаи хамир пеш аз паҳн кардани он, тири туфанг, ки аз лой бо даст лӯнда мекунанд; ҳамаи инҳо ғулӯлаанд. «Қулӯла» шакли дигари ҳамин калимааст).*

ҒУЛӮ* غلو *нигоҳ кун. ба* **ғулув(в).**

ҒУМУЗ غموض пӯшидагиҳои илму фан, мушкилоти ҳар фан.

ҒУН غن гирдомада, ҷамъшуда *(асли ин калима* **ғунд** *аст, ки дар забони зиндаи тоҷикӣ ба маънои сейӯми* **ғунд** *кор фармуда мешавад).*

ҒУНД غند 1. баҳуд печида. 2. фароҳамомада. 3. гирдомада, ҷамъшуда.

ҒУНДА غنده як хел ҳашароти зарардори тортанакмонанди хокистарранг аст.

ҒУННА غنه овози аз димоғбароянда дар вақти хондани суруд.

*Бурданд ба тӯҳфаҳо дар офоқ,
З-он ғунна ғанӣ шуданд ушшоқ.
(*Л. М.*).

ҒУНУДА غنوده 1. осуда, орамида. 2. дархобшуда, хобида.

*В-он чашми сиёҳи сурмасуда
Дар хок хато бувад ғунуда. (*Л. М.*).

ҒУНУДАН غنودن 1. осудан, орамидан.

*Н-осуда чу мори сарбурида.
Нағнуда чу мурғи парбурида. (*Л. М.*)

2. дар хоб шудан, хобидан. *Аспу одам ҳама замингири ғунудан ва дидаҳо... маҳви мижгон нақушудан. (*Бедил*).

ҒУНЧА غنچه гули ношукуфта. **Ғунча шудан** ба худ кашида шудан, гирдуғун шуда нишастан.

ҒУНҶ//ҒАНҶ غنج карашма ноз *(сифати маъшуқ).*

*Шуд Қайс ба ҷилвагоҳи ғунҷаш
Норанҷрух аз ғами турунҷаш. (*Л. М.*).

ҒУРАБО غربا *(ҷамъи* **ғариб 2***);*

мусофирон, аз ватан дуршудагон.

ҒУРБАТ* غربت ғарибӣ.

Ғурбат зи барои ту гузидам,
Қ-абьёти ғариби ту шунидам. *(Л. М.)*.

ҒУРМАГАС غورمگس як хел магаси ба занбӯри асал монанд, ки ҳайвонотро сахт неш занад *(номи дигараш* **хармагас** *аст)*.

ҒУРОБ غراب зоғи сиёҳ.

*Боғ арчи зи булбулон пуроб аст,
Анҷир наволаи ғуроб аст. *(Л. М.)*.

ҒУРРА غره 1. сафедии пешонии асп (қашқа). 2. аввали моҳ. 3. бузургтари қавм *(дар зиндагонии қабилагӣ)*. 4. беҳтари ҳар чиз.

ҒУРРАНДА غرنده ғурросзананда *(масалан, шер, бабр, дар ҳолати хашм; абр, оби равони зӯршамоли сахт ва монанди инҳо)*.

ҒУРРИШ غرش садои боҳайбат, мисли садои раъд, садои оби ҷории зӯр, садои ҳайвоноти даранда *ва монанди инҳо*.

ҒУРРОН غران ғурросзананда.

ҒУРУНГ-ҒУРУНГ غرنگ - غرنگ пастгапзанӣ. **Ғурунг-ғурунг кардан** паст-паст гап задан.

ҒУРФА غرفه 2. болохона. 2. дарича ё панҷараи болохона, ки ба кӯча, ба рӯи ҳавлӣ кушода шавад.

ҒУР-ҒУР غر - غر 1. овози хашмгинонаи паст, ки чи гуфтани гӯянда маълум набошад. 2. ғурриши пасти хашмгинонаи ҳайвонот *(мисли саг, гург ва монанди инҳо)*. **Ғур-ғур кардан** а) бе равшан кардани калимаҳо хашмгинона гап задан *(маҷоз)*. б) паст ғурридани саг ва монанди инҳо.

ҒУСАС غصص [*ҷамъи* **ғусса**]; ғуссаҳо.

ҒУСЛ غسل шустушӯи тамоми бадан.

ҒУСН غصن шохи дарахт.

ҒУССА غصه андӯҳи гулӯгир, андӯҳе, ки аз шиддати он, ё аз тарс зоҳир кардани он мумкин набошад.

ҒУСУН غصون (*ҷамъи* **ғусн**) шохҳои дарахт.

ҒУФРОН غفران омӯрзиш, [бахшиши гуноҳ].

ҒУҶУМ غجوم 1 хӯшачаи аз хӯшаи калон кандашудаи ангур. 2. растании дар як ҷо бисьёр ва бо ҳам печида рӯйида. 3. тӯдаи ҳашарот, ки дар як ҷо ҷамъ шудааст. *(Мисли кирм, мӯрча, ва монанди инҳо)*.

ҒӮЗА غوزه 1. пӯчоки пахта бо пахтааш дар ҳолате, ки пахтаашро ҳанӯз аз вай ҷудо карда нагирифта бошанд. 2. ҳосили ҳар растанӣ, ки монанди ҳосили пахта пӯчокдор бошад. *(масалан,* ғӯзаи кӯкнор)* пахтаи чойдорӣ *(ч. б)* ***Ғӯзаи об** хубобчаест ки дар вақти борон бар рӯи об пайдо мешавад. ***Ғӯзаи ала-қарақ** ғӯзаи кӯраки дар офтоб шукуфта. *(Ч. б)**.

ҒӮЗАГУЛ غوزه‌گل як нақшест дар кашидадӯзӣ ва сураткашӣ, ки ба гули ғӯза монандӣ дорад.

ҒӮЗАГӢ غوزگی *мансуб ба* **ғӯза**, *ба сабаби монанд будан ба вай. Масалан,* **зангӯлаи ғӯзагӣ.**

ҒӮЗАКАШӢ غوزه‌کشی 1. бо даст ҷудо карда гирифтани пахтан ҷойдорӣ аз пӯчокаш. 2. хар коре, ки дилгир бошад. *Дар маънии сонӣ гуфта шудааст.* **Ман омадам ба дилхушӣ, аз пешам баромад ғӯзакашӣ.** (*масали халқ*).

ҒӮЗАЧАШМ غوزه چشم одами чашм калони чашмаш аз хонааш баромадаистода.

ҒӮЗОБИЛА غوزآبله обилаи калон (*ин калима аз* **ғӯза обила** *рӯида аст*).

ҒӮЛА غوله чӯби ғафси кӯтоҳ буридашуда.

ҒӮЛАБУР غوله بر [1. арраи ғӯлабурӣ] 2. *маҷозан* арбобу оқсақолони замони амирӣ, ки аз меҳнаткашони корашон ба маҳкама афтода пули бисёре ситонда дар миёнаи худ тақсим мекарданд.

ҒӮЛАДИНГ غوله دنگ одами кӯтоҳқади ғафс, ки гардан ва бозувонаш монанди қанори коҳҷойкарда қариб ҳамрӯй бошанд.

ҒӮР* غور номи кишварест дар ғарби шимолии Ҳиндустон (*Бус.*)

ҒӮРА غوره ангури хом.

ҒӮТА غوطه **ғӯта хӯрдан.** *Нигоҳ кун. ба* **ғӯтидан.**

ҒӮТИДАН غوطیدن ба об фурӯ рафтан.

Қ

ҚАБАС قبس оташпораи бедуд.

ҚАБАТ قبت хар кадом чизҳое, ки рӯиҳам меояд (**як қабат ҷома, ду қабат ҷома, як қабат пӯст, ду қабат пӯст**).

ҚАБЕҲ قبیح зишт, нозебо.

ҚАБЗ قبض 1. гирифтан. 2. гирифтагӣ [3. санаде, ки дар бадали чизи гирифташуда диҳанд].

ҚАБЗА قبضه 1. ик миқдор чизе, ки дар мушт ғунҷад. 2. дарозӣ, ки ба қадри мушт бошад. 3. дастаи чизе, ки мувофиқи мушт сохта бошанд (**қабзаи шамшер** дастаи шамшер).

ҚАБИЛ قبیل гурӯҳ, қатор. **Аз ин қабил** аз ин гурӯҳ, аз ин қатор, аз ин ҷумла.

ҚАБИЛА قبیله гурӯҳе, ки аз ик насл рӯида бошад.

ҚАБЛ قبل пеш; *зидди* **баъд.**

ҚАБО قبا либоси пешкушодаи бо тугмаҳои қатор басташаванда.

> "Қабо гар ҳарир асту гар парниён,
> Ба ноҷор ҳашваш бувад дар миён.
> (*Бус.*)"

Қабо кардани пироҳан чок кардани пироҳан аз ғояти дарду андӯҳ.

ҚАБОЕҲ قبایح [*ҷамъи* **қабеҳа**]; зиштиҳо.

ҚАБОИЛ قبایل *ҷамъи* **қабила(т)**]; қабилаҳо.

ҚАБОЛА قباله ҳуҷҷати навишта барои қарздорӣ ё мулкияти чизе. *Ҳофиз гуфта:*

> Ҳофизо ту дар ин ғазал ҳуҷҷати
> бандагӣ навишт,
> Лутфи абид бар дараш шоҳиди ин
> қабола бод.

ҚАБОҲАТ قباحت зиштӣ, бадӣ.

ҚАБУЛ قبول пазироӣ.

ҚАБУЛИДАН قبولیدن пазируфтан.

ҚАБУЛӢ قبولی **қабулӣ ёфтан** а) пазируфта шудан, мақбул шудан. б) писандида шудан.

ҚАБУРҒА قبورغه устухони паҳлу.

ҚАБҚОБ قبقاب кафши чӯбин.

ҚАВВОЛ قوّال гӯянда; сурудгӯӣ.

ҚАВВОС قوّاس камонгар.

ҚАВИМ قویم 1. рост. 2. устувор.

ҚАВИСИЛОҲӢ* قوی سلاحی зӯрярокӣ.

Рӯзе зи сари қависилоҳӣ
Омад ба шикори он навоҳӣ. *(Л. М.)*.

ҚАВЛ قول 1. гуфтор, гуфт. *Ҳофиз гуфта:*

Муғаннӣ биё бишнаву кор банд,
Зи қавли ман ин панди донишпсанд.

2. ғазал, суруд. *Ҳофиз гуфта.*

Муғаннӣ бигӯ қавлу бардор соз,
Ки бечорагонро туӣ чорасоз.

Қавл гирифтан ваъда гирифтан, аҳд гирифтан. **Қавл додан** ваъда додан, паймон бастан.

ҚАВМ قوم 1. гурӯҳи мардум. 2. мардуме, ки дар як маҳалла ё деҳа мешинанд. 3. хешу табор.

ҚАВМӢ* قومی *мансуб ба* **қавм**; 1. қабилавӣ, миллӣ. *(Ч. 10)*.

ҚАВОИД قواعد [*ҷамъи* **қоида**]; қоидаҳо.

ҚАВОИМ قوائم [*ҷамъи* **қоима**]; пояҳои чизе, ки он чиз бар он пояҳо рост истад.

ҚАВОМ قوام 1. ростӣ. 2. адл.

ҚАВОФИЛ قوافل]*ҷамъи* **қофила**]; қофилаҳо.

ҚАВС قوس 1. камон. 2. шакли камонӣ, ки дар навиштаҷот ҷумлаҳои аз матлаб беруни иловагиро дар даруни вай нависанд (....) 3. яке аз моҳҳои шамсист, ки аз 22-ӯми ноябрь то 22-ӯми декабрь баробар меояд. **Қавси кузаҳ** шакли камонии рангин аст, ки агар бар абри боранда акси офтоб афтад, намоён мешавад, тиру камон.

*Бар абрӯи обидфиребаш хизоб,
Чу қавси кузаҳ бар рухи офтоб.
(Бус.)

ҚАВСУННАҲОР قوس النهار хатти ҳаракати офтоб аз тулӯъ то ғуруб.

ҚАВСӢ قوسی [*мансуб ба* **қавс**]; камоншакл.

ҚАВӢ قوی 1. зӯр. 2. устувор.

ҚАД قد 1. дарозии бадани одам аз сар то ба қадам. 2. тарафи дарозии ҳар чиз; *зидди* **бар**. **Қад кашидан** баланд шудан (*масалан*, одам, растанӣ).

ҚАДАМ قدم 1. аз пошна то сарпанҷаи пой. 2. масофате, ки аз пошна то сарпанҷаи пой баробар ояд. 3. масофати байни ду по дар вақти роҳ рафтан. **Қадам ба қадам** а) пайваста, муттасил рафтан (*аз паси касе ё чизе*). б) аз як сар. **Қадам задан** а) бо қадам шумурдани масофате. б) дар хона ё дар майдон ба мақсади ҳаракат дар як масофаи маълум ба такрор роҳ рафтан.

ҚАДАР قدر 1. сарнавишт (*аз таълимоти динӣ*). 2. андозаи чизе. 3. андак (**қадаре**)—андаке).

ҚАДАРАНДОЗ قدرانداز тирандоз, ки тираш бехато ба нишона расад.

ҚАДАРАНДОЗӢ* قدراندازی моҳирона тир задан* *Дар ин маънӣ гуфта шудааст.*

Қадарандозии нигоҳаш бин
Бехато дил зи сина дарёбад.

ҚАДАҲ قدح 1. косаи шаробнӯшӣ. 2. даҳанаи думборик, ки бо вай дар зарфҳои даҳантанг чизҳои обакиро андозанд (*маънии дуйум махсуси тоҷикист*).

ҚАДИД قدید 1. гӯшти дар офтоб хушкондашуда. 2. одам ва ҳайвони аз ҳад зиёд логар (*маънии дуйум маҷоз*).

ҚАДИМ قدیم дерина, кӯҳна (*зидди* **ҷадид; нав**). ***қадимон** одамони қадим; пешгузашта; пештар шинос буда.

Қадимони худро бифзой қадр,
Ки ҳаргиз наёяд зи парварда ғадр.
*(Бӯс.)**

ҚАДКАШАК قدکشک ғадудест дар ҳамгашти рон, дар ҷое, ки рон ба тана мепайвандад.

ҚАДР قدر 1. иззат, бузургӣ. 2. бузургдорӣ. 3. миқдор, андоза (**ҳар қадр** — ҳар андоза). 4. арзиш. **Қадри муштарак**—мафҳуми куллӣ, ки дар ҳар фарди он куллӣ ёфт мешавад. (*Масалан*, зинда будан як мафҳуми куллист, ки дар ҳар фарди ҷондор—дар ҳар кадом фардҳои ҳайвон ва инсон ёфт мешавад).

ҚАДРДОН قدردان касе, ки иззат ва баҳои касро медонад.

ҚАДҲ قدح 1. шикофтан, шикастан. 2. кирм хӯрдан (*чӯб ва дандонро*). 3. оташ задан. 4. айб кардан, таъна задан (*зидди* **мадҳ**).

ҚАЕСИРА قیاسره [ҷамъи **қайсар**], қайсарҳо (*ба маънии аввал*).

ҚАЗ قز абрешими хоми каҷин, қисми пасти абрешим.

ҚАЗО قضا 1. ҳукм. 2. гузориш. 3. гузаштани вақти вазифае, ки вақташ муайян аст. 4. ҳукми азалӣ (*ду маънии охирӣ аз таълимоти динист*). **Қазоро** иттифоқан, тасодуфан, ба сабаби маълум.

ҚАЗОҚ* قزاق яккатози гуреза.

Рӯзе набуд, ки қазоқонаш аз ин
музофот ғанимате нарабоянд.
(Бедил).

ҚАЗИЙЯ قضیه 1. як ҷумлае, ки бо исм ва хабар тамом шавад. 2. воқеа.

ҚАЗФ قذف 1. (санг) андохтан. 2. дашном додан. 3. ба зино ва бадкорӣ нисбат додан касеро.

ҚАЗҒОН قزغان деги ғардишдори мантупазӣ.

ҚАЗӢ قزی ҳасиби асп.

ҚАИМ/$_2$ҚАЙИМ قیم барподоранда. [2. васӣ; ҳомӣ. 3. рост; арзишнок].

ҚАЙ قی радди таом ва баъзе ахлоти меъдагӣ аз тарафи даҳон.

ҚАЙД قید 1. банд (*хоҳ аз занҷир бошад, хоҳ аз ресмон*); дом.

*Наҳҷири думоҳа қайдам ин аст,
Як хона ғалу сайдам ин аст. (*Л. М.*)

2. алоқаҳое, ки одамро аз озодӣ нигоҳ дорад (*зану фарзанд ва*

монанди инҳо). 3. одоби зиндагонии ичтимоӣ. (**беқайд** *дар сифати манфӣ аз ҳамин маънӣ гирифта шудааст)*. **Қайд кардан** а) банд кардан б) навиштан (**Дар қайди китобат доромад** — *яъне* навишта шуд). в) хотиррасон кардан (...инро ҳам қайд карда мегузарам, ки...). **Қайд шудан** навишта шудан дар ҷое.

ҚАЙЛА قيله *нигоҳ кун. ба* **қалья.**

ҚАЙЛУЛА قيلوله хоби чоштгоҳӣ.

ҚАЙМОҚ قيماق саршир.

ҚАЙМОҚАК قيماقك яхи тунук.

ҚАЙСАР قيصر 1. лақаби подшоҳони қадими Рим. 2. лақаби подшоҳони асри охирии Германия. 3. одами зӯъми инодкори сахтдили сахтдаст *(ин маънӣ маҷоз буда махсуси тоҷикист)*. **Қайсару нохуна** аз бемориҳои аспу хар.

ҚАЙТОН قيطان *нигоҳ кун. ба* **қайтун.**

ҚАЙТУН قيطون абрешими борикбофта, ки ба ҷои зеҳ ба гирдогирди ҷомаҳо ва чакманҳо дӯзанд.

ҚАЙЧӢ قيچى олатест дутеғаи бо ҳам пайваста коркунанда, ки бо вай коғаз, парча ва монанди инҳоро бурранд.

ҚАЛАМ قلم 1. олате, ки бо вай хат нависанд. 2. олати фӯлодии паҳни сартунук ва тездам, ки бо вай кандакорон дар чӯбу санг нақш кананд, кафшдӯзон чарм бурранд, оҳангарон оҳан бурранд. 3. намадпарчаи дар сари чӯбе басташудагӣ, ки бо вай бофандагон чизҳои бофтании худро тар кунанд. 4. порае аз чизи бурида шуда (**як қалам нон, як қалам харбуза**) **Қалам кардан** бурида пора кардани чизе (**нонро қалам кун, харбузаро қалам кун**—*яъне бурида пора кун)*. **Қалам кашидан** бекор кардан, ботил кардан чизеро.

ҚАЛАМА قلمه чӯбҳоест, ки дар девори иморатҳои чӯбкорӣ рост мегузоранд.

ҚАЛАМБАНД قلمبند қалами муинсоз.

ҚАЛАМДОН قلمدان куттиест, ки дар вай қалам ва асбоби китобатро нигоҳ доранд.

ҚАЛАМЗАН قلمزن хушнависӣ, тезнавис. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Қалам гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам.
Қаламзанро ба мақсад мерасонам.

ҚАЛАМКАШ قلم كش касест, ки дар парчаҳои кашида—дӯхтанӣ пеш аз дӯхтан бо қалам нақш мекашад.

ҚАЛАМРАВ قلمرو ҷоҳое, ки дар он ҷо ҳукм ва фармони як давлат ҷорӣ аст *(ҳар ҷое, ки ба давлате тобеъ бошад, он ҷо нисбат ба он давлат қаламрави вай ҳисоб меёбад)*.

ҚАЛАМӢ قلمى 1. бофтаи ресмониест, ки торҳои вайро пеш аз танидан бо рангҳои гуногун ранг мекунанд. 2. китоби дастнавис (*зидди* **чопа**).

ҚАЛАМ-ҚАЛАМ* قلم - قلم пора-пора, тикка-тикка*. **Қалам-қалам кардан** бурида пора-пора кардан (**фалонӣ, фалониро бо шамшер қалам-қалам кард...** *пора-пора кард)*.

ҚАЛАНДАР, قلندر дарвеши сарсаргардон, бебок. [**қаландарона** *мансуб ба* **қаландар**]. *Дар ин маъно Бедил гуфта:*

Қаландарона қадамест, мондан маъсур,
Ту гирдаи ба биҳиште, ки ҷои додан
нест,

2. Дарвешоне, ки дар Осиёи Миёна бо либоси махсус гурӯҳ шуда бо шеърхонӣ гадоӣ мекарданд.

ҚАЛАНДАРӢ* قلندری 1. *мансуб ба* **қаландар**. 2. дарвешӣ (Ч. 6).

ҚАЛАНСУВАҲ قلنسوه калапӯш.

ҚАЛАҚ قلق бекарорӣ, безорӣ, изтироб.

ҚАЛБ قلب 1. чаппагардонӣ. 2. чизи носарае ба шакли сара сохташуда **(пули қалб, равгани қалб)**. 3. дил. 4. миёнаи ҳар чиз.

ҚАЛБАКӢ قلبکی чизи носарае ба шакли сара сохташуда.

ҚАЛИЛ قلیل кам, каммиқдор; [*муқоб.* **касир**].

ҚАЛЛОБ قلاب 1. пулҳои қалбакӣ месохтагӣ. 2. чизи носараро сара нишондиҳанда. 3. шахси фиребгар.

ҚАЛЛОШ قلاش сарсаригард, бенангу номус. 2. бечиз, кашшоқ.

ҚАЛЛОҚ قلاق чӯбест панҷшохамонанди бепанҷа, ки бо вай монанди хариса чизҳои латзаданиро лат зананд.

ҚАЛЛОҚЗАНӢ قلاق زنی бо чӯби махсус лат задани чизҳои ҳарисамонанд.

ҚАЛМ قلم 1. *буридан.* 2. тарошидан. 3. нохун гирифтан.

ҚАЛОВУЗ قلاوز 1. пешрави лашкар. 2. киштии хурде, ки киштиҳои калонро аз ҷойҳои хатарнок гузаронад.

ҚАЛОИД* قلائد [*ҷамъи* **қилода**].

Гар соз кунам қасоиде чуст,
Ӯ боз кунад қалоиде суст.

(агар ман қасидаҳои нағзи бобу тоб гӯям, вай ба муқобили ин ҳунари ман қалоид (гарданбанди сагу шутур)-ро кушода мепартояд. (Л. М.).

ҚАЛТАБОН قلتبان диюс, беҳаё, нокас.

*Хур аз кӯҳ ва рӯз сар бар назад,
Ки он қалтабон ҳалқа бар дар
назад (*Бедил*).

ҚАЛУС قلوس модашутури ҷавон.

ҚАЛЪ قلع 1. барканданн. 2. чизи маъдании сафед аст, ки бо вай мисҳоро сафед кунанд ва дар забони зинда **қалъагӣ** гӯянд.

ҚАЛЪА قلعه 1. ҳисори мустаҳкам, ки дар вай роҳ ёфтани душман душвор бошад.* **Қалъаи даруни** арк *(Ч. 10)** 2. шаҳр.

ҚАЛЪАБАНД قلعه‌بند касе, ки дар қалъа маҳбус гардидааст.

ҚАЛЪАГӢ قلعگی 1. *мансуб ба* **қалъа**. 2. моддаи маъдании гудохтанӣ, ки бо вай мисро сафед ва шинифҳоиро кафшер кунанд.

ҚАЛЪАЧӢ قلعچی савдогарони Осиёи Миёна, ки пеш аз истилои аскари императорӣ Осиёи Миёнаро бо Уренбург ва Троицк тиҷорат мекарданд.

ҚАЛЪӢ قلعی қалъагӣ.

ҚАЛЬЁ* قلیا як хели намак, ки дар саноат ба кор меравад.

Милҳу қальё кони ҳушат шӯр кард,
Шӯра охир чашми ақлат кӯр кард.
(Бедил).

ҚАЛЬЁН قلیان чилим аст, ки бо вай тамоку мекашанд. *Дар ин маъно гуфта шудааст:*

Мо аз нам қальёни касе ком гирифтем,
Охир хабари бӯса ба пайғом гирифтем.

ҚАЛЬЯ قلیه гӯшти кӯфта ё майда поракардашудаи бо обу равған пухта, ки бар рӯи таомҳо андохта мехӯранд.

ҚАМА قمه ханҷари дудама.

ҚАМАР قمر моҳ.

ҚАМАРАЙН قمرین *нигоҳ. кун. ба* **қамарон**.

ҚАМАРОН قمران моҳу офтоб.

ҚАМОРИ قماری [*ҷамъи* **қумрӣ**]; қумриҳо, фохтаҳо.

ҚАМРУН قمرون малахи дарёӣ.

ҚАМЧИН قمچین тозиёна.

ҚАМЧӢ قمچی *нигоҳ. кун. ба* **қамчин**.

ҚАМЪ قمع 1. амӯд задан. 2. шикастан. 3. хомӯш кардан. 4. хор кардан.

ҚАМҚОМ//ҚУМҚОМ قمقام корди бузурги шофмонанд. [2. баҳри чуқур. 3. меҳтар, бузург. 4. як навъ шупуш].

ҚАНАВОТ قنوات [*ҷамъи* **қанот**]; корезҳо, ҷӯйҳои зеризаминӣ.

ҚАНБИЛ قنبیل як хел хок аст, ки вайро бирьён карда бо қаймоқ омехта марҳам созанд.

ҚАНБИЛА قنبیله растаниест, ки тухмҳои реза дар ғилоф дорад, агар даст ба вай расад, бо ранги сурх рангин шавад.

ҚАНД قند шакари софкорӣ карда дар қолаб рехташуда*. **Қанду гул** — гулқанд.

Аз лаби ҷонбахши ӯ як ду нафас
дам занем,
Мисри ҳаловат шавем, қанду гул
арзон кунем. *(Бедил)*.

ҚАНДАКБОЗӢ* قندک بازی бо донаки зардолу дар бораи ширинию талхии он бозӣ кардан.

ҚАНДАЛОТ قندلات як навъ ҳалвои дона-дона, ки аз қиёми шакари бо хамир ё мағз ва ё бо нахӯд омехтаи буғ додашуда тайёр мекунанд.

ҚАНДИЛ قندیل шамъдони чандсараи овеза, ки дар вай чандин шамъ ё чароғро (ба) якбора афрӯзанд. **Қандили фалак** моҳ.

ҚАНДИН قندین чизе, ки бо шакар тайёр шуда бошад (**кулчаи қандин, нишаллои қандин**).

ҚАННОД قناد ҳалвогаре, ки аз шакар чизҳои гуногун пазад.

ҚАННОДӢ قنادی ширинифурӯшӣ.

ҚАНОАТ قناعت ризо ба чизе, ки дастрас бошад.

ҚАНОАТБАХШ قناعت بخش чизе, коре ё сухане, ки тарафи дахлдорро розӣ кардан тавонад.

ҚАНОАТКОР قناعت کار касе, ки ба ҳар чизи дастрас розӣ мешавад.

ҚАНОДИЛ قنادیل [*ҷамъи* **қандил**]; қандилҳо.

ҚАНОР قنار чуволи калон.

ҚАНОРА قناره чӯби дарози сихдор, ки қассобон дар вай гӯшт овезанд.

ҚАНОТ قنات корез, ҷӯи (канали) зеризаминӣ.

ҚАНТАРА قنطره пули калони дар дарёҳои равон ва ба наҳрҳои калон басташуда.

ҚАРАНФУЛ قرنفل 1. бори растании ба шакли халтача сурхчаранги зардтухм, ки бисьёр тунд мешавад ва дар таомҳо ҳамроҳ кунанд.* 2. меваи як навъ гиёҳи хушбӯй, ки онро меовезанд. Яке аз тифлони ҳамдарс аксари авқот қаранфул зери забон гузоштӣ... *(Бедил)*. **Қаранфули гардан** ҳосили як навъ растаниӣ, ки хушбӯй мешавад ва онро ба гардан меовезанд.*

ҚАРАЪ قرع рехтани мӯи сар, *бемӯӣ*.

ҚАРБУС قربوس кошаи зин.

ҚАРИБ قریب 1. наздик. 2. яке аз вазнҳои арӯз.

ҚАРИЗ قریض шеър.

ҚАРИН قرین 1. ҳамсӯҳбат, ҳамнишин. 2. ёр. 3. монанд, назир.

ҚАРИНА قرینه 1. пайвастагии чизе ба чизе. 2. муносибати байни ду чиз *(хоҳ маънавӣ бошад хоҳ зоҳирӣ)*. 3. аломат, нишона.

ҚАРИҲА قریحه табиати одамӣ; [истеъдод].

ҚАРН I قرن шохи ҳайвон.

ҚАРН II قرن муддате аз замон (30 сол, 36 сол, *дар истилоҳи ҳозира сад солро як қарн гӯянд*).

ҚАРОБА قرابه шишаи шароб. *Ҳофиз гуфта:*

Ҳофиз қаробакаш шуду муфтӣ
пиёлакаш...

***Қароба бар санг задан** умед кандан

Чун ӯ аз ту дур шуд ба фарсанг,
Ту низ бизан қароба бар санг.
(Л. М.)

ҚАРОБАТ* قرابت хешӣ, наздикӣ.

ҚАРОБОТ* قرابات [ҷамъи **қаробат**]; одамони наздик.

Басьёрқабилаву қаробот,
Корҳо ҳама вазнату муроот (Л. М.).

ҚАРОИН قرائن [ҷамъи **қарина**]; қаринаҳо, аломатҳо.

ҚАРОР* قرار 1. ором, осуда. 2. қавл, аҳд.

Бар қарори хеш мувофиқи худ, муносиби худ.

К-ин гуфта на бар қарори хеш аст,
Мегӯ ту, фалак ба кори хеш аст,

ин суханат дуруст нест; ту ин тавр мегӯӣ, лекин фалак бар зидди ин рафтор мекунад. (Л. М.).

ҚАРОҚУР قراقور садои шикам дар вақти бод пайдо кардани меъда.

ҚАРРОБА* قرابه *нигоҳ кун. ба* **қароба.**

Хуршед зи бими аҳли офоқ,
Қарробаи май ниҳод бар тоқ.
(Л. М.).

ҚАРЪ قرع кӯфтан, задан (кӯфтани дар).

ҚАРЬЯ قریه деҳа.

ҚАРҲ قرح 1. захм(а) задан. 2. реши фасодкарда.

ҚАСАБ I قصب най, камиш.

ҚАСАБ II قصب парчаи абрешимӣ *(дар забони ҳозира,* **беқасаб** *гӯянд)*.

> *Гул дар қасабию лола дар хаз
> Ширину разин чу шираи раз. (*Л. М.*).

ҚАСАБА قصبه деҳаи калони шаҳрмонанд, шаҳри хурд.

ҚАСАБОТ قصبات [*ҷамъи* **қасаба**]; деҳаҳои калон, шаҳрчаҳо.

ҚАСАБПӮШ* قصب پوش 1. қасабпӯшида, либосаш аз қасаб. 2. *маҷ.* зебо, хушрӯ.

> Ёқутлабони дурбаногӯш,
> Ҳам ғолияпошу ҳам қасабпӯш
> (*Л. М.*).

ҚАСАБУССАБАҚ* قصب السبق мусобақаи аспдавонӣ дар арабҳо*. **Қасабуссабақ бурдан** пешӣ гирифтан дар мусобақа *(маҷоз аст аз ин, ки саворон дар паллаҷо як найро рост мешинонданд, аз як масофаи маълум аспонашонро медавонданд, ҳар кас пештар ба паллаҷо расида он найро мебардошт, дар мусобақа бурд азони вай буд ва мукофоти шартшударо вай мегирифт)*.

ҚАСАМ قسم савганд.

ҚАСБ قصب буридан.

ҚАСБАК قصبك як хел садаф аст, ки ба шакли кирми ҳалқадор мешавад.

ҚАСВАРА قسوره шери беша.

ҚАСВАТ قسوت *нигоҳ кун.* *ба* **қасоват**.

ҚАСД قصد оҳанг, иродаи касе.

Қасди бад оҳанги куштани касе. **Қасди бад кардан** рехтани хуни касеро ирода кардан.

ҚАСИДА قصيده як шакли шеър аст матлаъдор ва ҳамаи байтҳояш дар як вазну қофия буда, аз 15 байт камтар намешавад, мазмунаш баъд аз муқаддима мадҳи касе ё тасвири чизе, ё ин ки баёни ҳикмат ва мавъиза мешавад.

ҚАСИМ قسيم шарик дар қисмат.

ҚАСИР قصير кӯтоҳ.

ҚАСМ قسم 1. қисмат кардан. 2. бахшиш намудан.

ҚАСОБАК قصابك паррандаест ба калонии гунҷишк хушрафтор, тезпар ва сиёҳчаранг, ки бештарин дар канори обҳо нишинад.

ҚАСОВАТ قساوت сахтдилӣ, сиёҳдилӣ.

*Чӣ куфрон қасоват дар дилҳои шумо гумошт..., ки оини бебокӣ ба ҷо овардед? (*Бедил*).

ҚАСОРАТ//ҚИСОРАТ قصارت шустагарӣ (матоъро).

ҚАСР I قسر бо зӯрӣ ба коре водор намудан.

ҚАСР II قصر 1. бинои шоҳона, кӯшк. 2. кӯтоҳкунӣ.

ҚАСС قص 1. сина. 2. устухони сина.

ҚАССОБ قصاب бурранда ва кушандаи ҳайвонот барои гӯшташ, гӯштфурӯш.

ҚАССОМ قسام 1. бахшанда. 2. ҳиссадиҳанда. 3. бисьёр савгандхӯранда.

ҚАССОР قصار шустагар (матоъро).

ҚАСТ قسط ҷаврқунӣ, бедодкунӣ.

ҚАТ قت **қат кардан** хам карда

ду тарафашро бо ҳам расонидани ягон чиз. **Қат шудан** ҳам шуда ба ҳам расидани ду тарафи ягон чиз.

ҚАТАН قطن 1. устухони миёни ҳар ду сурин. 2. думгозаи мурғ.

ҚАТАРОТ قطرات [ҷамъи **қатра**]; қатраҳо.

ҚАТАФ قطف испаноҳ.

ҚАТАҒАН//**ҚАДАҒАН** قتغن//قدغن манъи сахт.

ҚАТИЛ قتیل кушташуда.

ҚАТЛ قتل куштан.

ҚАТОИФ قطایف [ҷамъи **қатифа**]; 1. чодирҳои печида. 2. ҳалвои лавз. 3. нони мағздор. 4. угро [*се маънии охир фақат дар шакли ҷамъ*].

ҚАТОР//**ҚИТОР I** قطار чизҳои дар пасиҳам ё дар паҳлуи ҳам якзайл истода (**қатори шутур, қатори дарахт**).

ҚАТОР* II قطار поезд (*Ч. 10*).

ҚАТОРВАЗНА* قطاروزنه тасмаи чармин аст, ки патронҳоро қатор карда дар вай мегузоронанд ва онро аз сари бозу ва зери бағал гузаронида мебанданд. (*Ч. 3*).

ҚАТОРКӮҲ قطار کوه кӯҳҳои ба ҳам пайваста дарозшударафта.

ҚАТРА قطره як чакра чизи обакӣ, ё об, ё борон. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Тоқро сероб кун, эй абри найсон,
дар баҳор,
Қатра то май метавонад шуд, чаро
гавҳар шавад?

ҚАТРОН I قطران равгани сиёҳи бадбӯй, ки аз дарахт гиранд.

*Шуд он замона, ки рӯяш ба сони
дебо буд.
Шуд он замона, ки мӯяш ба ранги
қатрон буд. (*Рӯдакӣ*)

ҚАТРОН II قطران шуста обашро покиза чакондани чизе.

ҚАТТ قط буридани ягон чизи сахт (**қатти қалам** — буридани нӯги қалам).

ҚАТФ قطف 1. мевачинӣ. 2. ҳарош. 3. оҳистаронии чорпо.

ҚАТЪ قطع буридан.

ҚАТЪАН قطعاً ҳаргиз.

ҚАТЪИЯТ قطعیت сахтиродагӣ.

ҚАТЪӢ قطعی ҷазмӣ, тағйирнопазир.

ҚАТӢ قتی ҳамроҳ.

ҚАФАС قفس панҷарае, ки дар он паррандагон ва ҳайвонотро нигоҳ доранд. (*хоҳ аз чӯб бошад, хоҳ аз оҳан ё ресмон.*

ҚАФИЗ قفیز 1. маҳаки (паймонаи) ғаллабаркашӣ. 2. 144 гази мураббаи замин.

ҚАФО قفا паси гардан. 2. паси сар. 3. пас, ақиб. (**қафо монд** — пас монд)* 4. *маҷ.* муште, ки ба буни гардан кӯфта шавад.

Гардан чӣ ниҳӣ ба ҳар қафое?
Розӣ чӣ шавӣ ба ҳар ҷафое? (*Л. М.*)*

Қафо задан а) бо мушт ба паси гардан задан. б) пас партофтани коре. **Қафо хӯрдан** ба паси гардан бо мушт зада шудан, *мушт хӯрдан.

Қафо хӯрду гиръёну урён шикаст.
(*Бӯс*)*

ҚАФОР I قفار нони бенонхӯриш.

ҚАФОР II//**ҚИФОР** قفار [ҷамъи **қафр**]; замини беобу алаф.

ҚАФҚОЗ* قفقاز номи умумии аскарони саворaи амирӣ, ки дӯхти либосашон умуман ба шакли либосҳои мардуми Доғистон ва Кавкази Шимолӣ буд *(Ч. 6)*.

ҚАШАФ قشف 1. сӯхтани рӯй аз офтоб. 2. хушкии рӯй аз тангии маош.

ҚАШШОҚ قشاق камбағал, нодор.

ҚАШШОҚӢ قشاقی камбағалӣ, нодорӣ. *Ба ин маънӣ Исо гӯяд:*

Сабурӣ дар давоми фақр, Исо, нест ҷуз ноне,
Ба чандин доғ пайвастем аз пайвасти қашшоқӣ.

ҚАШҚА قشقه 1. холи сафеде, ки дар пешонии баъзе аспон ҳаст. 2. холест, ки ҳиндувон дар пешонии худ бо ранг мебароранд.

ҚАЪР قعر таги чоҳ, буни ҳар чизи чуқур.

*Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал
Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал
*(Н. С.)**

Қаъри дарё, таги ҷои чуқурии дарё.

ҚАЪҚАА قعقعه садои қоғази охарӣ, садои пасти хушк, садои ба ҳам хӯрдани шоф, шамшер.

ҚАҚНУС ققنس//ققنوس паррандаест афсонавӣ, ки гӯё мардум мусиқиро аз вай омӯхтаанд, гӯё вай ҳазор сол умр мебинад, гӯё дар охири умри худ аз нули худ оташе зада худро месӯзад ва аз хокистараш ҳамҷинси ӯ мерӯяд.

ҚАҲБА قحبه зани бадкора.

ҚАҲРАМОН قهرمان корфармои забардасти далер, паҳлавон.

ҚАҲФ قحف зарба задан ба сар.

ҚАҲҚАРО* قهقرا пуштнокӣ рафтан *(Ч. 10)*

ҚАҲҚАҲА قهقهه хандаи баланд.

ҚИБАЛ قبل 1. ҷониб, тараф. *2. ҷиҳат; сабаб. **Аз қибали...** барои..., аз барои...

Он пардаиншини рӯйбаста
Ҳаст аз қибали ту дилшикаста.
(Л. М.).

ҚИБЛАГОҲӢ قبله گاهی *лақаби эҳтиромии падар аз ҷониби фарзанд.

ҚИБОБ قباب [1. ҷамъи **қубба**]; қуббаҳое, ки бо онҳо чизеро пӯшонанд. *2. парда.

Дар қибоби вазъи [illegible] ҳарфи
гомиам чурт мефаш[illegible]

ҚИВОМ قوام 1. [illegible] чизе. 3. бақой.

ҚИДАМ قدم дери[illegible].

ҚИДВА//ҚУДВА قدوه пешво, сарвар.

*Қидваи ақлу фазл хоҷа Зариф,
Ки чу ӯ солики ягона набуд.
(Бедил).

ҚИДМАТ قدمت деринагӣ.

ҚИЁДАТ قیادت раҳбарӣ намудан *(ба лашкар, ба гурӯҳе аз мардум ё ягон кас, масалан, ба кӯр)*.

ҚИЁМ قیام 1. ростистӣ.

*Чун ёфт Салом аз ӯ қиём
Додаш ва майии ҷои салом.
(Л. М.).

2. рост шудани офтоб ба болои сар, ки дар нимаи рӯз мешавад. 3. ҷӯшонда гафскардани шакар.

шираи ангур ва ҳар гуна шираҳои дигар *(масалан, ҷӯшонда ғафскардаи шираи картушкаро «қиёми картушка» номанд)*.

ҚИЁМАТ* قیامت 1. рост шуда ба по истодан. 2. *динӣ*. рӯзи ҳисоб; рӯзи ҷазо. 3. ҳангома, шӯру ғавғо* **қиёмат кардан** а) шӯру ғавғо кардан, б) корҳои аҷиби ҳайратовар кардан *(ҳар ду маънӣ ҳам маҷоз аст)*.

ҚИЁС قیاس 1. андозаи чизе ба чизе дар ҳукме. 2. ду ҷумлае, ки аз онҳо натиҷае барояд. *(маънии дуввум термини мантиқ аст)*.

ҚИЛЛАТ قلت камьёбӣ, камӣ.

ҚИЛОДА قلاده гарданбанди саг ва ҳайвоноти дигар.

ҚИЛОЪ قلاع [*ҷамъи* **қалъа**]; қалъаҳо.

ҚИЛУҚОЛ قیل وقال гуфтугузорҳои беҳуда ва бемаънӣ.

ҚИМОР قمار 1. ҳар бозӣ, ки дар вай барои шарт пул гузошта шавад. 2. ҳар коре, ки дар кардани вай эҳтимоли комьёбӣ ва нокомьёбӣ бошад *(маънии дуввум маҷоз)*.

ҚИНТИР قنطیر *нигоҳ кун*. ба **қинтор**. [*шакли* **қинтор**].

ҚИНТОР قنطار 1. як маблағи зар, ки як пӯсти гов(ро) пур кунад. [2. воҳиди вазн, ки ба 44,928 кг баробар аст].

ҚИР I قیر равғани сиёҳи часпак.

ҚИР II قیر кӯҳи пастаки сангрезадор.

ҚИРД قرد маймун.

ҚИРМИЗ قرمز хокаи сурх аст, ки аз як хел кирм месозанд ва бо вай ҳар чизро ранги сурх диҳанд.

ҚИРМИЗӢ قرمزی ранги сурхи баланд.

ҚИРОАТ قرائت хондан.

ҚИРОМ قرام пардаи тунуки нақшин.

ҚИРОН قران 1. пайвастани чизе ба чизе. 2. дар як ҷо ҷамъ шудани дӯстон ё чанд ситора дар як вақт *(термини илми нуҷуми кӯҳна)*.

ҚИРОТ قیراط вазнест, ки баробари чордона ҷави миёнахел меояд. [*дар чен кардани ҷавоҳирот истифода мешавад*].

ҚИРТОС قرطاس коғаз.

ҚИСМ قسم 1. баҳра, бахшиш. [2. ҳисса 3. навъ, хел, тавр].

ҚИСМАТ قسمت 1. ҳисса. [2. насиба, тақдир].

ҚИСАС قصص [*ҷамъи* **қисса**]; қиссаҳо.

ҚИСОС قصاص интиқом гирифтан аз касе барои талаф кардани касе ё аъзои касе. **Қисос гирифтан** интиқоми ба мисл гирифтан.

ҚИССА قصه ҳикоят, хоҳ назм бошад хоҳ наср, хоҳ забонӣ бошад, хоҳ навишта.

---

*Ба зонки жожхой карда ҷомон,
Ба ранги сабҳа сар то пош дандон,
Сафо дар ҷуббаву аммомааш сарф
Тилисми қир рӯ андудаи барф.
(Бедил. дар ҳаҷви зоҳид)

*Бозам чу ба назм қисса ронад,
Қисса чи кунам, ки қисса хонад.

агар ӯ (қасидбаранда) дар бораи назм қисса ронад, ҳеҷ сухан кунад, кӯтоҳ карда гӯям ҳамин, ки сафсатаҳое мекунад. («Қиссаи охирин ба маънии афсона ва сафсата кор фармуда шудааст (Л. М.)»

ҚИССИС قسیس [*муарраби* **кашиш**]; донишманди дини насоро.

ҚИСТ قسط 1. адлу дод. 2. ҳисса; насиб. 3. порае аз чизе.

ҚИСТОС قسطاس тарозуи бузург.

ҚИТИҚ قتیق хориши форамест, ки дар кафи пой, дар зери бағал ва дар баъзе ҷои дигари бадан ҳаст ва бо расидани дасти бегона ба ҳаракат меояд.

ҚИТИҚКУНӢ قتیق کنی бо расонидани даст бадани касеро ба ҳаракати ғайриихтиёрӣ овардан.

ҚИТМИР قطمیر 1. пӯсти тунуки донаи хурмо. 2. чизе бисёр кам *(маънии дуюм маҷоз)*. 3. номи як саги афсонагӣ, ки «саги асҳоби каҳф» низ мегӯянд.

ҚИТОБ قطاب гиребони ҷома, ҷайб.

ҚИТОЛ قتال кушокушӣ дар ҷангҳо.

ҚИТОФ قطاف вақти мевачинӣ.

ҚИТР قطر миси гудохта.

ҚИТФ قطف меваи пухтарасидаи дарахт, [ки чида шудааст].

ҚИТЪА قطعه 1. порае аз чизе. 2. ду байт ё зиёда аз ду байти бематлаъ, ки охирҳои ҳамаи байтҳо бо як қофия мерасад ва як мавзӯъро ифода менамояд *(аз тарзҳои шеър)*.

ҚИФОЛ قیفال яке аз рагҳои бадани одамӣ, ки дар даст ҷамоён аст.

ҚИЧӢ قچی алафи худрӯи дарозбарги кунгурадор, ки дар баҳорон дар вақти навхезиаш бирьён карда хӯранд.

ҚИШЛОҚ قشلاق 1. ҷои гарм ки дар зимистон дар он ҷо ба сар баранд. 2. деҳа *(ҳоло ба маънии дуюм кор фармуда мешавад)*.

ҚИШР قشر пӯст, пӯчок.

ҚИЯМ قیم [ҷамъи **қимат**]; қиматҳо, арзишҳо.

ҚИҲФ* قحف косаҳонаи сар.

ҚОБ قاب 1. зарфи таом бо сарпӯши кубдагии он. 2. сарпӯши соат *(ҳоҳ дарунаш бошад ҳоҳ берунӣ)*.

ҚОБИЛ قابل [illegible]за. 2. қабулкунанда. [illegible] фармонбардор.

ҚОБИЛА قابله [illegible]доя.

ҚОБИЛИЯТ قابلیت тайёрии табиӣ барои зарбар гирифтани илме, ҳунаре.

ҚОБИЛӢ قابلی як хел палав, ки гӯшту равғанашро дар таги дег андохта, биринҷи хомро аз рӯй андохта ҷӯшонда пазанд. *(зидди* **палави софӣ**) *Дар ин маънӣ Саидии бухороӣ гуфта:*

Маро ҳам ҳаст майли рӯзаву зӯҳду вараъ, лекин
Чи гӯям қобилии чоштро умрест мӯътодам.

ҚОДИР* قادر иқтидорнок, тавоно.

ҚОДИРАНДОЗ قادر انداز тирандози моҳир, ки ҳар гуна камони зӯрро кашад ва бехато нишонро занад.

ҚОЗ قاز мурғобии калон.

ҚОЗУРОТ قاذورات палидиҳо, наҷосатҳо.

ҚОЗӢ قاضی 1. ҳукмкунанда байни ду кас ё чанд кас, [мансабдори динӣ, ки масъалаҳои ҷанҷолнок ва баҳснокро аз рӯи қонуни шариат ҳал мекард]. 2. адокунанда (*қарзро, ҳоҷатро, вазифаро*).

ҚОИД I قاعد нишаста, нишинанда.

ҚОИД II* قائد 1. асокаши кӯрон. 2. роҳбалад. Қоиди ҳидояташ дар он тангно баҳлҳоро ба ғалтоние меронд (*Бедил*)*. 3. лашкаркаш. 4. раҳбари халқ дар ягон масъалаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ (*ду маънии охирӣ маҷоз аст*).

ҚОИДА قاعده 1. бунёди ягон чиз. 2. дастури ягон чиз ки бо вай тартиби он чиз нигоҳ дошта шавад.

ҚОИЛ قائل 1. гӯянда. 2. таҳсинкунанда. 3. иқроркунанда гуноҳи худро.

ҚОИМ قائم 1. ростистанда. 2. мӯътадил.

ҚОИМА قائمه 1. поя. 2. қабзаи шамшер. 3. хатти рост бар болои хатти хобида, ки аз вай гӯшаҳо пайдо шавад (*маънии саввӯм термини ҳандасагӣ*).

ҚОЙ قای нордон, таъми ширини ба туршӣ моил. **Анори қой** анори нимтуршу ширин.

ҚОЛ* قال 1. гуфтор. 2. илмҳое, ки дар мадраса ва мактабҳои кӯҳна мехонданд.

Ёрон сифате зи қол гуфтанд,
Эшон ҳама ҳасби ҳол гуфтанд.
(*Л. М.*)

*Дар сифати ишқи Лайлӣ ва Маҷнун, ки вақти дарсхонӣ низ аз ишқ фориғ набуданд)** **Қолу мақол** гуфтугузори бисёри ҷанҷоломез.

ҚОЛАБ قالب 1. тан, бадан ё пайкари ягон чизи ҷондор. (**Қолаб тиҳӣ кардан** — мурдан). 2. андозаи ягон чиз ки он чизро дар даруни он созанд (**қолаби хишт, қолаби поза, қолаби чизҳое ки дар рехтагарӣ месозанд**). 3. нақши барканда ё барҷастаи ягон чиз ки он нақшро ранг карда ба чизи дигар пахш мекунанд ва нақш ба он чиз мегузарад (**қолаби читгарӣ**).

ҚОЛАБӢ قالبی навиштаҷоте ки дар чопхона пахш карда бароварда бошанд (*зидди* **дастнавис** ва **қаламӣ**).

ҚОЛИБ قالب *нигоҳ кун. ба* **қолаб** (*бо ду маънии охирӣ*).

ҚОЛИН قالین гилеми патдор.

ҚОЛӢ قالی *нигоҳ кун. ба* **қолин.** *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Ҳисори офиятро нест аз афтодагӣ парво,
Набошад бим з-осеби хазон гулҳои
қолиро.

ҚОМ قام дар бозии шатранҷ баробар баромадани ду ҳариф.

ҚОМАТ قامت қад.

ҚОМЕЪ قامع 1. шикананда, [фатҳкунанда]. 2. хоркунанда.

ҚОМУС قاموس 1. баҳри калони чуқур. 2. китоби луғате, ки чизҳои гуногунро бо тафсилоти даркорӣ доро бошад.

ҚОНУН قانون 1. дастури давлатӣ, ки дар мамлакат аз рӯи вай кор карда мешавад. 2. қоида, тартиб. 3. номи як китоби Бӯ Алӣ Сино дар илми тиб. 4. як хел асбоби мусиқӣ. 5. андозаи ҳар чиз.

ҚОР قار шилими сиёҳи равғандор аст, ки аз баъзе дарахтон рӯяд, қир.

ҚОРЕЪ قارع 1. қуръазан. 2. чорпокаш. 3. мӯйсаррехта. 4. кӯбанда (*масалан, дарро*).

ҚОРИА قارعه ҳодиса, сахтии замона.

ҚОРИГӢ قاری گی аз ёд кардани чизе бе он ки маънии онро донад.

ҚОРР قار қароргиранда, [беҳаракат].

ҚОРУН* قارن як бои серпули афсонагӣ, ки гӯё ӯро бо пулҳояш замин фурӯ бурда будааст. **Ганҷи Қорун** зари бисьёр.

Агар ганҷи Қорун ба даст оварӣ,
Намонад, магар он чи бахшӣ, барӣ.
(*Бӯс.*).

ҚОРУРА قاروره 1. зарфи шишагӣ. 2. шишаи хурди пешобдон, ки бавли беморонро дар вай барои таҳлил гиранд. 3. пешоби бемор, ки барои имтиҳон ва таҳлил гирифта шудааст. *4. зарфи махсусе ки дар ҷангҳои пештара бо борут ё нафт пур карда оташ зада ба тарафи душман меандохтанд.

Шамшер кашӣ, кашем дар ҷанг,
Қорура занӣ, занем бар санг.
(*Л. М.*)*

ҚОРӢ قاری 1. хонанда. 2. аз ёд хонанда. ***Қории ҷамоа** сардори синф дар мадрасаҳои Бухоро (*ч. IV*)* 3. кӯр (*маънии савуми махсуси тоҷикист*).

ҚОСИД قاصد 1. иродакунандаи кардани коре. ***Ба чизе қосид рафтан** дар қасди чизе рафтан.

Ману чанд сайёҳи саҳронавард,
Бирафтем қосид ба дидори мард.
(*Бӯс.*)*

2. хабарбар аз касе ба касе ё аз давлате ба давлате. 3. қасдкунанда ба ҷони касе.* 4. миёнарав.

Қосид шуду он хазинаро бурд,
Як-як ба хазинадор биспурд.
(*Л. М.*)*

ҚОСИР قاصر кӯтоҳкунанда, норасо.

ҚОСӢ I قاسی сахтдил, сиёҳдил.

ҚОСӢ II* قاصی дуршуда, дур.

ҚОТЕЪ قاطع 1. буранда. 2. хатте ки болои ҳ[illegible] бурида мегузарад [illegible] *термини ҳанд*[illegible]

ҚОТИБА قاطبه [illegible]

ҚОТИР I* قاتر хасис, мумсик.

ҚОТИР II* قاطر чаканда (катра-катра).

ҚОТИР III قاطر хачир.

ҚОФ قاف 1. номи кӯҳе афсонагӣ, ки гӯё гирдогирди дуньёро фаро гирифтааст ва дар паси вай махлуқоти аҷоиб ҳастанд. *2. *маҷ.* бисьёр бузург мисли Қоф.
Меҳнати ифлоси муфлис дар гарони Қоф дон. (*Навоӣ*) ***Қоф то қоф** тамоми рӯи дуньё **Овозааш қоф то қоф рафт** — яъне дар тамоми рӯи дуньё рафт.

ҚОФИЛА قافله корвон, гурӯҳи сафарӣ.

ҚОФИЯ قافیه 1. аз паи ҳамраванда. 2. калимаҳои ҳамоҳанг, дар охирҳои ҳар байт ё мисраъҳо, ё ин ки дар охири фикраҳои насрӣ такрор меёбад. 3. суханҳои аз ҷиҳати лафз ва маънӣ ҷавоби якдигар, ки аз тарафи ду кас ё чанд кас дар ҷавоби ҳамдигар гуфта мешавад (*маънии сеюм махсуси тоҷикист*). **Қофияи танг** қофияи камёб дар шеър. *Дар ин ду маънӣ гуфта шудааст:*

Бас қофия танг аст ба ошиқ хабари ӯ
Аз лутф дар ин қофияи танг бигирад.

*__Қофия танг будан__ дар ҳолати душвор воқеъ шудан (*нигоҳ кун. ба мисоли боло*) *__Қофия танг шудан__ оҷиз гардидан дар гуфтор ва кирдор (*маҷоз*)*.

ҚОФИЯГӮЙ قافیه گوی ҳозирҷавоб, ширинсухан.

ҚОФИЯГӮӢ قافیه گوئی боҳам гуфтани суханҳои ҳазломез дар ҷавоби якдигар аз тарафи ду кас ё чанд кас.

ҚОФИЯСАНҶ قافیه سنج шоир.

ҚОШ I قاش пораи дарозрӯя, ки аз паҳлуи чизе, хусусан аз харбуза, бурида бошанд.

ҚОШ II قاش абрӯ (*дар забони гуфтугӯӣ*)* **Қоши зин** сари пешини зин.

ҚОШУҚ قاشق чумча ки бо вай таом хӯранд.

ҚОШФУРӮШ قاش فروش касе ки харбузаву тарбузро қарч-қарч (пора-пора) карда мефурӯшад. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:*

Лахте барад аз дил гузарад ҳар ки зи пешам,
Ман қошфурӯши дили садпораи хешам.

ҚОЪ قاع замини фарохи ҳамвор.

ҚОҚ قاق 1. хушк. 2. лоғар. 3. гӯшти хушкида. 4. зардолуи хушкида (*ғӯлунг*).

ҚОҚИЁ قاقیا шираи тухми хорест ки дар рангрезӣ ба кор меравад.

ҚОҚУ قاقو растаниест паҳнбарги худрӯ, ки аз нардаш дар вақти расидагиаш шираи ширмонанд барояд ва дар вақти навхезиаш бирён карда хӯранд.

ҚОҚУЛА قاقله бори дарахтест аз ҷинси ҳел ва бузургтар аз он, ки дар давоҳо ҳамроҳ мешавад.

ҚОҚУЛӢ قاقلی растаниест аз ҷинси шӯра ва шӯртаъм.

ҚОҚУМ قاقم ҷонварест сафедпӯсти нармпашм, ки аз пӯсташ пӯстин дӯзанд.

*Он пӯст ки мӯш қоқуму қундуз дошт
Пирояи фахри Хисраву Ҳурмуз дошт,
Пашме ки ту дар кулоҳ дорӣ имрӯз
Дирӯз тирози думи мушу буз дошт.
(*Бедил*)

ҚОҲИР قاهر 1. қаҳркунанда, хашмгир. 2. ғолиб; забардаст.

ҚОҲИРА قاهره [*муаннаси* **қоҳир**] 1. *нигоҳ кун. ба* **қоҳир**. 2. номи шаҳре дар Миср.

ҚОҲ-ҚОҲ قاه-قاه хандаи баланд.

ҚУБАЙЛ قبیل пештарак, яъне замони пеш бисёр наздик.

ҚУББА قبه ҳар чизи гирдаи сарборик (мехҳо, тугмаҳои ба ҳамин шакл, гунбаз, чӯб ё филизи харротикардашуда, ки дар сари гунбаз ё хайма гузоранд). *Дар ин маънӣ Фирдавсӣ гуфта:*

Фурӯ шуд ба моҳиву бар шуд ба моҳ,
Сари найзаву қуббаи боргоҳ.

Қуббаи об хубоб.

ҚУББАЧА قبّچه мехчаҳои саркулўла, ки барои зинат дар асбобҳо, аз он ҷумла дар асбобҳои чармини асп, зананд.

ҚУБЛА قبله 1. бўса. 2. обила *(маънои дуюм махсуси тоҷикист)*.

ҚУБРА قبره паррандаест хушовоз, ки монанди пўпиш тоҷ дорад.

ҚУБҲ قبح *зиштӣ, бадӣ; зидди* **ҳусн**.

ҚУВВА قوه 1. зўрӣ. 2. қобилият. 3. имконият.

ҚУВВАТ قوت зўрӣ; *нигоҳ кун, ба* **қувва**.

ҚУВО قوا [ҷамъи **қувва(т)**]: қувваҳо.

*Пеш қуворост обиёри ҳаму
В-аз қуво ҷинсиҳо камолоту.
(Бедил)*

ҚУВОРА قواره 1. порчае аз чизе буридашуда гирифташуда. 2. порчае ки хайёт аз ҷои шикофи гирёбони курта бурида мегирад. 3. ҳар чизи гирдогирдаш буридашуда.

ҚУДАМО* قدما [ҷамъи **қадим**]: гузаштагон, бузургони гузашта. Оинаи тимсол ба фусуни каломи қудамо равшан мекард. *(Бедил)*.

ҚУДДУС* قدوس [1. пок аз ҳар гуноҳ. 2. *номи* яке аз сифатҳои худо].

ҚУДС قدس покӣ, покизагӣ.

*Эй шамъи базми қудс, надонам чӣ
маҳзарӣ,
К-аз ҳаҷм гоҳ равшану гоҳе мукаддарӣ!
(Бедил, дар сифати инсон).*

ҚУДСӢ* قدسی 1. *мансуб ба* **қудс**; пок. 2. фаришта.

ҚУДУМ قدوم омадан аз ҷое ба ҷое, қадамоварӣ.

*Зарши диду гавҳар ба шукри қудум,
Бипурсиданаш аз гавҳару зиду бум.
(Бўст.)*

ҚУДУР قدور [ҷамъи **қидр**]: дегҳо.

ҚУДУС* قدس *нигоҳ кун ба* **қудс**.

ҚУЗБОН قضبان [ҷамъи **қазиб**]: шохҳои дарахт. *Саъдӣ гуфта:*

Аввали урдибиҳишти моҳи ҷалолӣ
Булбули гўянда бар манобири қузбон

(бар минбарҳои шохҳои дарахт).

ҚУЗОА قضاعه ҳайвонест сагмонанди обӣ.

ҚУЗОТ قضات [ҷа[illegible] зиён.

ҚУЗУР قذور пал[illegible]

ҚУЛАЙ قلی соз, ба[illegible] Дар ин *маънӣ гуфта шудааст:*

Эй зулф, кор нокулай омад, чӣ мешавад,
Афтӣ ба пои ёру кори дар миён шавӣ?

ҚУЛАНҶ قولنج дардест ки дар рўда пайдо шавад.

ҚУЛЗУМ* قلزم 1. баҳри Сурх. 2. *баҳр*.

*Он қулзуми вомондааст аз мавҷ,
В-он моҳи ҷудо фитода аз авҷ...
(Л. М.)*

(дар сифати девонагии Маҷнун).

ҚУЛЛА قله 1. сари кўҳ. 2. ҷои *бисьёр баландии* ҳар чизи баланд.

ҚУЛЛОБ I قلاب шасти моҳигирӣ.

ҚУЛЛОБ II قلاب якбора ба дарун кашии чизе (*масалан, ҳар як кашиши чилим як* **қуллоб** *аст*).

ҚУЛОЪ قلاع гармичае ки дар даруни даҳон бароянд (беморӣ).

ҚУЛУБ قلوب дилҳо (*ҷамъи* **қалб** *ба маънои* **дил**).

ҚУЛ-ҚУЛ قلقل садои рехтани об, шароб ва чизҳои обакӣ аз зарфҳои даҳантанг.

ҚУМ قم *феъли амр ба маънии* бархез! истода бош!

ҚУМАЙР قمير [*мусағғари* **қамар**]; моҳча, моҳак.

ҚУМАЛ//**ҚАМЛ** قمل шубуш.

ҚУММАЛ قمل кана.

ҚУММО قما канизаки ба соҳиби худ заншуда.

ҚУМОШ قماش пӯшокӣ, рахти хона ва монанди инҳо.

ҚУМРӢ قمری паррандаест хушовози фохтамонанд, ки бар гардани худ тавқ дорад.

ҚУНДОҚ قنداق дастаи милтиқ.

ҚУНДУЗ قندز ҷонварест сиёҳранги сагмонанд, ки аз пӯсташ пӯстин дӯзанд. (*Нигоҳ кун. ба мисоли зери* **қоқум**).

ҚУРБ قرب 1. наздикӣ. 2. арзиш (*маънии дуввӯм махсуси тоҷикист*).

ҚУРБАТ* قربت наздикӣ (*ба чизе*).

Бигуфт, он чи пурсидаш, аз саргузашт
Ба қурбат зи дигар касон дар гузашт.
(*Бӯс.*).

ҚУРБОН قربان [1. *динӣ* садақа дар роҳи худо]. 2. фидошуда дар роҳи чизе ё коре. 3. наздикӣ, қаробат.

ҚУРБОНӢ قربانی *нигоҳ кун. ба* **қурбон.**

ҚУРНОС//**ҚИРНОС** قرناس ҷои ба тарафи пеш баромадаистодаи кӯҳ, бинии кӯҳ.

ҚУРО قرا//قری (*ҷамъи* **қарья**); деҳаҳо.

ҚУРОЗА قراضه резаи зар ва нуқра.

ҚУРРА قره 1. сардӣ. [2. хурсандӣ]. 3. мардумаки чашм, нури чашм.

ҚУРРАТУЛЪАЙН* قرةالعين 1. нури дида. 2. *маҷ.* фарзанд.

Он тинати қавмро ба сад зайн,
Хоҳад зи барои қурратулъайн.
(*Л. М.*)

ҚУРС قرص 1. ҳар чизи гирдаи паҳн (**қурси нон, қурси моҳ**). 2. як хел ширинӣ ки гирда ва паҳн месозанд. 3. як хел даво ки ба шакли танга гирд ва паҳн месозанд (*бар хилофи* **хаб**, *ки кулӯла месозанд*).

ҚУРТА قرطه гӯшвора.

ҚУРУН قرون [*ҷамъи* **қарн**]; қарнхо (*хоҳ шохҳои ҳайвонот бошад, хоҳ солҳо.* **Қуруни ҳолия** замонҳои гузашта.)

ҚУРУТ قروت чуғроти хушк.

ҚУРУТОБА قروت آبه ошест ки бо ҷуғроти хушк пазанд.

ҚУРЪА قرعه 1. донахои рамл ки бо вай фол бинанд. 2. ба тарзи толеъозмой бо тартиби фол ба номи як кас аз чанд кас муайян кардани чизе ё коре. **Қуръа задан** а) фол дидан бо донаҳои рамл. б) бо коғазпораҳо ё бо ягон чизи дигар муайян кардани коре, ё чизе ба яке аз ду кас, ё чанд кас.

ҚУРУҲ قروح [*ҷамъи* **қарҳа** *ва* **қурҳа**]; ҷароҳатҳо.

ҚУРҲА//ҚАРҲА قرحه ҷароҳат, реш.

ҚУСВО قصوى [*муаннаси* **ақсо**]; ниҳояттар; дуртар.

ҚУСУР I قصور 1. кӯтоҳӣ, [норасоӣ, камбудӣ].

*Ба ҳукми қусури истеъдод... ҷуз ранги инфиол саре намеафрошт. (*Бедил*).

ҚУСУР II قصور [*ҷамъи* **қаср**]; кӯшкҳо.

ҚУТ* قوت ғизо, хӯрданӣ.

Бо ин ҳама ҷавраҳо, ки роӣ,
Ҳам қуввати ҷисму қути ҷонӣ.
(*Л. М.*)

Одам он дам ки кард дил ҷамъ зи қут,
Ангехт зи таҳту фавқ шӯри ҷаборут...
(*Бедил.*)

ҚУТБ قطب 1. мехи оҳанини бар сари осиё, ки санги рӯй ба воситаи он мегардад. 2. асл ва мадори ҳар чиз. 3. ҳар кадом аз нуқтаҳои мунтаҳои шимолӣ ва ҷанубӣ (*дар илми ҳайъат*). 4. ҳар кадоми аз ду ситора, ки дар баробари нуқтаҳои мунтаҳои шимолӣ ва ҷанубии замин намоён мешавад.

ҚУТН قطن пунба, пахта.

ҚУТОБ//ҚУТТОБ قطاب як хел санбӯса.

ҚУТОС قطاس 1. гови кӯҳӣ. 2. мӯи думи гови кӯҳӣ. 3. парчами алам ки аз мӯи думи гови кӯҳӣ сохта бошанд. 4. гарданбанди тӯфдори асп.

ҚУТР قطر 1. хатте дар миёнаи доира кашидашаванда, ки нуқтаи миёнаи доираро бурида мегузарад, диаметр. [2. канора, ҷониб].

ҚУТТОЪ* قطاع 1. *нигоҳ. кун. ба* **қотеъ**. 2. роҳзан, дузд.

ҚУТТОУТТАРИҚ قطاع الطریق роҳзан(он), дузд(он).

*...Бо он қуттоуттариқ микрозвор таъамини қаробат доштанд. (*Бедил*).

ҚУТТӢ قطی//قوطی сандуқчаи чӯбин хоҳ сарпӯшдор бошад, хоҳ бесарпӯш.

ҚУТУФ قطوف [*ҷамъи* **қитф**]; меваҳо.

ҚУУД قعود нишастан.

ҚУФЛ قفل асбобест о[illegible] бо вай дарҳоро банда[illegible] калид худаш кушода н[illegible]

ҚУШБЕГӢ//ҚӮШБЕГӢ* قوشبیگی яке аз мансаб[illegible] олитарини буд дар аморати Бухоро, сарвазир.

ҚӮРА* قوره хобгоҳи гӯсфандон аст, ки дар биёбон заминро канда месозанд. (*Ч. 3*).

ҚӮРХОНА* قورخانه аслиҳахона. (*Ч. 6*).

ҚӮРЧБУРО* قورچ برا ошно (*Ч. 6*).

ҚӮРЧӢ قورچی 1. силоҳбардори амалдорони калон. 2. яке аз мансабҳои хурди даври амирӣ, ки вазифааш силоҳбардорӣ буд, *адъютант (*Ч. 6*)*.

ҚӮРҒОН* قورغان қалъа, истеҳком.

ҚУТАН* قوتن бошишгоҳи ёбоӣ, киштзорӣ, ё биёбонӣ. *(Ч. 3).*

ҚУЧ قوچ гӯсфанди нари ахтанокардаи шохдор, тағал.

ҚУЧҚОР قوچقار *нигоҳ кун. ба* қӯч.

ҚУШГИР* قوشگیر дар шарқии Бухоро дар вақти амир қоида чунин буд, ки ба муллоён ва эшонони номдор, қӯш-қӯш замин бахшида мешуд. Ин муфтхӯрон низ монанди танхоҳдорон ҳамаи ҳосилотро ғундошта мегирифтанд ва ба деҳқонони коранда аз гов ғадуде медоданд. *(Ч. 1).*

ҚУШУН قوشون лашкар.

Ӯ

Ӯ او *ҷонишинест, ки ба ҷои исми ғоиб меояд. Чунончи:* Сангзода стахановӣ аст, ӯ нормаи кори худро ду чанд адо мекунад. *Дар ҷумлаи дуюм «ӯ» ба ҷои Сангзода, ки дар ҷумлаи аввал буд, нишастааст.*

ӮЙ I اوی *нигоҳ кун. ба ӯ.*

ӮЙ II اوی калимаи хитобӣ аст, ки дар мавриди хоҳиш мегӯянд. *Чунончи.* **Ӯй бача, хабардор бош, ки аз бом нағалтӣ.**

ӮЛПОН* اولپان як тарика андози замин аст, ки то революцияи Октябрь дар Туркистони императорӣ ҷорӣ буд. Дар ӯлпон ҳар деҳқон барои замини худаш ҳар сол як маблағи муайян ба подшоҳӣ медод. *(Ч. 3).*

ӮМОЧ اوماج оши хамирист, ки хамирашро *лӯнда-лӯнда* бурранд.

ӮРДУ* اردو 1. лашкар, қӯшун. 2. ҷои лашкар, лашкаргоҳ.

ӮТТУ اوتو *нигоҳ кун. ба* **уту.**

ӮФТОДАН* افتادن *нигоҳ кун ба* **афтодан. Ӯфтодан ба коре** гирифтор шудан ба коре.

> Онон ки наӯфтода буданд,
> Маҷнуни лақабаш ниҳода буданд.

Яъне касоне, ки гирифтори ишқ, набуданд... (Л. М.).

ӮҒУР اوغور зарфест, ки дар даруни вай чизеро кӯбанд.

Х

ҲАБ حب донаи кулӯлача аз ҳар чиз.

ҲАББА حبه 1. як дона, [як донаи кулӯла аз ҳар чиз]. *2. вазни як дона ҷав. **Ба ҳаббае наарзидан** ҳеҷ арзиш надоштан.

> Дар хотири ман, ки ишқ варзад,
> Олам ҳама ҳаббае наарзад.

(Л. М.).

Ҳаббаро қубба сохтан чизи хурдро калон карда нишон додан (*маҷоз*).

ҲАБИБ حبيب дӯст дошташуда, маҳбуб.

ҲАБЛ حبل 1. ресмон. 2. раг.

ҲАВАС هوس орзу, иштиёқ.

ҲАВАСНОК* هوسناک орзуманд, толиб; ошиқ.

Афтод Саломро к-аз он хок,
Ояд ба сагони он ҳаваснок.
Барбаст буна ба пояс чуст,
Бигзошт инони ноҷаро суст.
(Л. М.)

ҲАВДАҶ هودج каҷовае ки вайро ба шутур бор карда дар вай нишинанд.

ҲАВЗ حوض ҷои об ҷамъшаванда, ки вайро барои ҳамин мақсад канда тайёр кардаанд.

ҲАВЗА I حوزه 1. қитъае аз мамлакат. 2. даруни мамлакат.

ҲАВЗА II حوضه 1. ҳавзча. 2. гурӯҳи хурд (*маҷоз*).

ҲАВИЛӢ حویلی *нигоҳ кун. ба* **ҳавлӣ**.

ҲАВЛ I حول 1. гардидан. 2. сол. 3. қудрат, [тавоноӣ].

ҲАВЛ II هول 1. тарсонидан. 2. тарс.

ҲАВЛӢ حولی *нигоҳ кун. ба маънии дуйӯми* **ҳаволӣ**.

ҲАВН هون 1. оҳистагӣ. 2. осонӣ, сабукӣ.

ҲАВО I هوا 1. фазои тарафи болои замин. 2. боди истода. **Ҳаво додан** чизеро дар ҳаво андохтан (*масалан*, сангеро ҳаво медиҳанд барои задани касе — *яъне* дар ҳаво ба тарафи ӯ меандозанд). **Ҳаво хӯрдан** а) сармо хӯрдани сабук. б) дар ҳавои тоза гардиш кардан.

ҲАВО II هوا ҳар яке аз нағмаҳои мусиқӣ.

ҲАВО III هوا 1. иштиёқи зиёд, орзу; ишқ. *2. ҳавас ва хоҳиши нафс.

Олам ҳама мусаххари амри замири туст!
Эй бехабар, ту аз чӣ ҳаворо мусаххарӣ? *(Бедил)**.

Ҳавову ҳавас орзӯҳои беҳуда.

ҲАВОБАЛАНД هوابلند калонгир.

ҲАВОДОР هوادار дӯстдор, тарафдори касе; ошиқ.

*Бигуфт, эй ҳаводори мискини ман.
Бирафт ангубин—ёри ширини ман.

(Бӯс., аз ҷавоби шамъ ба парвона).

ҲАВОИҶ حوائج [*ҷамъи* **ҳоҷат**]: ҳоҷатҳо.

ҲАВОЛА حواله 1. кард[illegible] реро аз худ ба каси ди[illegible] додан (*масалан, ба ки*[illegible] *мағеро додани касе лози*[illegible] *додани ин маблағро ба* [illegible] *гаре гардонад, ҳавола ме*[illegible] 2. коғазест ки бо вай пу[illegible] ҳаволашударо мегиранд.

ҲАВОЛӢ حوالی 1. гирдогирди чизе, атроф.

*Дар сояи он дарахти олӣ
Гирд омада обе аз ҳаволӣ *(Л. М.)**

2. хонаҳои гирдогирдашон девор кардашуда.

ҲАВОМ هوام [*ҷамъи* **ҳоммат**]: ҳашароти газанда.

ҲАВОН* هوان хорӣ, беиззатӣ.

Суханро, ки аз равнақ афтода буд,
Ба кунҷи ҳавон рахт бинҳода буд,
Ту додӣ дигарбора ин обрӯй!
Кашидӣ ба майдони ин гуфтугӯй.
(Ҷомӣ).

ҲАВОС حواس [*ҷамъи* **хосса(т)**]: қувваҳои ҳискунанда, қувваи биноӣ, шунавоӣ, бўйфаҳмӣ, таъмфаҳмӣ, гармӣ, сардӣ, сахтӣ ва нармӣ; ҳисло.

Беш гарди ҳавос қувати тан, [illegible] (Бедил)

Ҳавос парешон шудан чизеро пай бурда натавонистан (маҷ.).

ҲАВОХОҲӢ هواخواهى 1. дўстдорӣ. 2. хайрхоҳӣ.

ҲАВОӢ هوائى осмонӣ, бепоя.

ҲАВОҶИС هواجس [ҷамъи **ҳоҷис**]; васвасаҳо, ки дар дил омада изтироб ташвиш медиҳад.

ҲАВОҶУӢ هواجوى ошиқ, толиб.

ҲАВРО حورا [муаннаси **аҳвар**]; зани сафедпўсти мўю чашму абрўсиёҳ.

ҲАВСАЛА I حوصله 1. чиғилдони мурғон.

Ҳар ки дасте ба ҷеҳд обила кард, Ҳирсаш [illegible] ҳавсала кард. (Бедил).

ҲАВСАЛА II حوصله хоҳиши кор (**беҳавсала**—касе ки ба кор хоҳиш надорад—маҷоз).

ҲАДАР هدر 1. зоеъ, абас (**ҳамаи ҳадар мегашт ҳадар рафт**, яъне зоеъ шуд, абас рафт). 2. мубоҳ (**хунаш ҳадар аст**, яъне мубоҳ аст ва куштанаш ҷоиз аст).

ҲАДАФ* هدف нишонаи тир.

[illegible] ҳадаф, [illegible] бар ҳадаф. (Бер.).

ҲАДАҚА حدقه сиёҳии чашм.

ҲАДБА حدبه баромадагии пушт, кўзаи пушт, кўҷпуштӣ.

ҲАДД حد 1. канор. 2. салоҳият, истеъдод (**ман ҳад надорам ки ин корро кунам**, яъне салоҳият надорам, истеъдод надорам).

ҲАДДОД حداد оҳангар.

[illegible] ҳаддод. (Бедил).

ҲАДИД حديد 1. оҳан. 2. тез кардашуда, бурро.

ҲАДИС حديث [1. чизи нав]. 2. сухан; нақл, ривоят.

[illegible] (Бер.).

Ҳадиси фарруҳ сухани хуб.

Чун гуфта шуд ин ҳадиси фарруҳ, [illegible]

Ҳадиси чизе кардан гапи чизеро гуфтан*.

ҲАДИҚА حديقه боғи девордор, [боғ, бўстон].

[illegible] аз ҳадиқаи бодорастони футувват. (Бедил).

ҲАДМ هدم вайрон кардан, хароб кардан (масалан биноро).

ҲАДОЁ هدايا [ҷамъи **ҳадя**]; ҳадяҳо, тўҳфаҳо.

ҲАДОСАТ* حداثت аввали чизе, навӣ* **Ҳадосати син** навҷавонӣ.

ҲАДС حدس бо фаросат дарёфтан.

ҲАДҚА حدقه косахонаи чашм [*маъхуз аз* **ҳадқ**, *ки масдар аст ба маънои гирди чизе фурӯ гирифтан. Чун косаи чашм* [illegible] *чашмро фурӯ гирифтааст, ҳадқаи косаи чашмро* [illegible]. *Аз «Ғиёс-ул-луғот».*]

ҲАЁ حيا шарм.

ҲАЁТ I حياط 1. замини холие ки дар атрофаш девор кашида шуда бошад.

ҲАЁТ II حيات зиндагӣ.

ҲАЁТИЛА هیاطله [ҷамъи ҳайтал]: 1. ҳукмдорони вилояти Ҳайтол дар замони қадим. [2. кӯчманчиҳои қадим, ки Осиёи Миёнаро истило карда буданд].

ҲАЗАЁН هذیان сафсата, суханони беҳуда.

ҲАЗЗ/ҲАЗ حظ 1. баҳра, насиба.

*Гарчи ҳаз аз [illegible] будаму бошад,
Замона [illegible] ба шакар.
(Бед.)

2. хуррамӣ; ҳузуру ҳаловат (аз чизе)*.

ҲАЗАР حذر парҳез, канорагирӣ (**аз ин кор ҳазар кун**, яъне парҳез кун, канора гир).

ҲАЗАР II حضر ҳозир будан дар ватани худ, шаҳри худ; хилофи **сафар**.

*Маро борад дар ҳазар ёдаш,
[illegible] (Бед.)

ҲАЗАРОТ حضرات бузургон.

ҲАЗАҶ هزج 1. овози хуши оҳангдор. 2. номи вазне аз арӯзи шеър, ки дар ду мисраи баробар ҳашт бор «мафоилун» меояд.

ҲАЗИМАТ هزیمت 1. шикаст хӯрдан дар ҷанг.* 2. гурез, фирор. 3. дар ин ҷо ба маънии гуреза, шикастхӯрда.

Басе дар қафои ҳазимат [illegible],
Набояд, ки дур афтӣ аз [illegible].
(Бӯс.)*

ҲАЗИН حزین андӯҳгин, ғамгин.

ҲАЗИРА حظیره 1. қатори чӯбин, ки дар атрофи боғчаҳо кашанд.

*На гуфту аз он ҳазира бархост,
[illegible] ба роҳи худ рост.
(Л. М.)*

2. иҳотаи қабристон; [гунбади қабр].

*Омад сӯи он ҳазира ҷӯшон,
Чун абр шуд аз дарун хурӯшон.
(Л. М.)

ҲАЗЛ هزل суханони шӯхиомез ([illegible]).

ҲАЗМ I حزم 1. устуворӣ. 2. оқибатандешӣ.

ҲАЗМ II هضم 1. шикастан ва ҳал шудани таом дар меъда. 2. ҳар чизе ки ҳал шуда аз худ шуда бошад. 3. Сухани сахти касеро бардошта бе ҷавоб гузоштан (**ман он сухани талхи фалониро ҳазм кардам**).

ҲАЗОР هزار 1. адади маълум аст, ки даҳ сад мебошад. 2. булбул.

ҲАЗОРДАСТОН* هزاردستان булбул.

Аз барги гул наво ба барги бӯстон,
Ба барги гул наво ҳазордастон. (Л. М.)

ҲАЗОРДОСТОН هزارداستان булбул.

ҲАЗОРИСПАНД هزاراسپند нигоҳ кун. ба **испанд** ва **сипанддона**.

ҲАЗОРОВО هزارآوا нигоҳ кун. ба **ҳазордастон**.

ҲАЗОРПО هزارپا кирмест сурхчаи заҳрдор, ки пойҳои бисёре дорад.

ҲАЗОРПОЯ هزارپایه нигоҳ кун. ба **ҳазорпо**.

ҲАЗОРХОНА هزارخانه чизест дар шикамбаи ҳайвонот, ки қабат ба қабат мешавад.

ҲАЗОҚАТ حذاقت зиракӣ, доноӣ, маҳорат. (*бештарин дар таҷрибаи тиббӣ*).

ҲАЗРАТ حضرت 1. наздикӣ, ҳузур.

*К-аз меҳнати хеш вораҳонам,
Дар ҳазрати ёри худ расонам.
(Л. М.)*.

2. таъзим аст, ки дар зиндагонии феодализми Осиёи Миёна бар амирон ва рӯҳониёни калон бо ин калима хитоб карда мешуд.

ҲАЗФ حذف андохтан, дур кардани ҳарферо аз калима ё суханро аз ҷумла.

ҲАЗЬЁН هذیان *нигоҳ кун. ба* **ҳазаён.**

ҲАЙ I* حی зинда.

Фурӯ мондам аз кашфи он моҷаро,
Ки Ҳайе ҷамоде парастад чаро?
(Бӯс.).

ҲАЙ II* حی 1. қавм, қабила.

Ҳайрон шуда ҳар касе дар он ҳай
Медаду ҳамегирист бар вай. (Л. М.)

2. номи як қабилаи арабҳо.

Ба Маҷнун касе гуфт: к-эй некпай!
Чи будат, ки дигар наёӣ ба Ҳай?
(Бӯс.).

ҲАЙ III هی 1. эҳтиёт бош! 2. ҳаст. *Дар ин шакл ва маънӣ Ҳофиз гуфта:*

Соқӣ агарат ҳавои мо ҳай
Ҷуз бода наёр пеши мо шай.

3. бисёр (**ҳай омадам, ҳай рафтам**—бисёр омадам, бисёр рафтам). 4. калимаи танбеҳ ва огоҳонидан. **Ҳай дарег!** афсӯс!

ҲАЙ IV هی **Ҳай кардан** а) пеш кардан, рондан (*чизеро аз ҷое*) б) замин рондан, шудгор кардан.

ҲАЙБАТ هیبت тарсбахшӣ, тарсонандагии намуди зоҳирӣ.

ҲАЙВОН I حیوان ҷондор; зинда, ҷонвар.

ҲАЙВОН II//ҲАЯВОН حیوان зиндагӣ. **Оби ҳайвон** *динӣ*, оби зиндагӣ (*ба ҳамин маънист*).

ҲАЙКАЛ هیکل 1. ҷусса. (**қавиҳайкал** — қавиҷусса). 2. шакли ҷисмдори ягон чиз (*масалан, шакли одам ё аспи аз гаҷ, ё аз санг сохташуда*).

ҲАЙРАТ حیرت дар як ҳол мондан ва чӣ кор кардани худро надонистан, таҳайюр, ҳайронӣ.

ҲАЙРОН حیران касе ки дар як ҳол мондааст ва чӣ кор карданашро намедонад, мутаҳайир.

ҲАЙРОНМОНДА حیرانمانده *нигоҳ кун. ба* **ҳайрон.**

ҲАЙТОЛ هیتال 1. марди қавиҳайкал. 2. номи қадимии вилояти Хатлон, ки Кӯлоб ва Балҷувони имрӯза аст.

ҲАЙФ حیف 1. зулм, ситам.

*Нирӯшикан аст ҳайфу бедод,
Аз ҳайф бимирад одамизод. (Л. М)*

2. афсӯс.

ҲАЙЪАТ هیئت 1. шакл, сохт. 2. номи илмест, ки бо он шакли замин ва вазъияти ситорагон нисбат ба замин дониста мешавад.

ҲАЙЯ حیه мор.

ҲАЙ-ҲАЙ هی-هی 1. таҳсин, офарин. 2. афсӯс.

ҲАЙҲОТ هیهات аз ақл дур аст, аҷиб аст. [*Калимае ки ҳангоми таҳайюр ва таъаҷҷуб истеъмол мешавад*].

ҲАЙҶ هیج губор.

ҲАЙҶО هیجا ҷанг, муҳориба.

*Барангехтам гарди ҳайҷо чу дуд,
Чу давлат набошад, таҳаввур чи суд? (Бӯс.).

ҲАК حک 1. судан. 2. тарошидан; харошидан; харошида дур кардан.

> *Ҳар нақш ки гул кард аз ин тахта ба ҳак рафт,
> Афсона шуд он қисса, ки Исо ба фалак рафт. (Бедил).

ҲАКАМ حکم 1. касе ё чанд кас аст, ки дар бораи ягон масъалаи низоъ ҳукм мебарорад ва низоъкунандагон ба қабули ҳукми ӯ маҷбуранд. 2. фарқкунандаи нек аз бад.

ҲАКИМ حکیم 1. донандаи илмҳои ҳикмат. 2. табиб.

ҲАККОК حکاک нигинатарош, мӯҳркан.

ҲАЛВО حلوا хӯрдании ширин, ки бо шакар ва дигар чизҳои ширин пухта мешавад.

ҲАЛИЛА I حلیله зани никоҳии касе.

ҲАЛИЛА II هلیله номи як хел чизи давоӣ, ки ба атриёт ҳамроҳ мешавад.

ҲАЛИМ I حلیم одами нармдил, бабардошт.

ҲАЛИМ II هلیم ошест, ки аз гандуми пӯсткanда пазанд.

ҲАЛИСА هلیسه *нигоҳ кун. ба* **ҳариса.**

ҲАЛЛ حل 1. кушодан (*масалан* масъаларо). 2. об шудани чизе (*масалан*, намак дар об, таом дар меъда). 3. обакӣ ё хокаи заррусим, ки бо вай чизҳоро зарандуд ё нуқраандуд кунанд.

ҲАЛЛОЛ حلال кушояндаи гиреҳ ё ягон душворӣ.

ҲАЛЛОҚ حلاق сартарош.

ҲАЛЛОҶ حلاج ҷудокунандаи пунба аз пунбадона.

ҲАЛЛОҶӢ حلاجی олатест ки бо вай пунбаро аз пунбадона ҷудо кунанд. **Ҳаллоҷӣ кардан** пунбаро аз пунбадона ҷудо кардан.

ҲАЛО هلا огоҳ *бош!* [*калимаи танбеҳ*].

ҲАЛОВАТ حلاوت ширинӣ, лаззат.

ҲАЛОЛ حلال 1. чизе ки хӯрданаш раво бошад. 2. коре ки карданаш раво бошад.

ҲАЛОҲИЛ هلاهل заҳри қотил.

ҲАЛФ//ҲИЛФ حلف савгандхӯрӣ.

ҲАЛҚ I حلق тарошидани мӯй.

ҲАЛҚ II [illegible]

ҲАЛҚА [illegible] (ҳоҳ аз мардум боша[illegible] гирди доира нишаста [illegible] ҳоҳ аз дигар чиз). 2. гӯшвора, ки занон ба гӯш кунанд. ***Ҳалқа дар гӯш** ғулом, фармонбардор.

> Лайлӣ—ба карашма қулф бар дӯш,
> Маҷнун—ба вафош ҳалқа дар гӯш.
> (Л. М.)*

ҲАМ I هم 1. дигар, боз, низ. 2. калимаест ки дар як кор ё чиз шарик будани ду кас, ё ду чизро мефаҳмонад (**ҳамзабон, ҳамсон, ҳамкор, ҳамфикр, ҳамқад,** *масалан ду дарахт*) ***Ба ҳам дар** — дар даруни якдигар, ба ҳам омехта.

> Дуруштиву нармӣ ба ҳам дар беҳ аст,
> Чу рагзан, ки ҷарроҳу марҳамниҳ аст.
> (Бӯс.)*

ҲАМ II/ҲАММ* هم 1. ғам, андӯҳ. 2. андеша. 3. қасд кардан.

ҲАМАГӢ همگی ҳама, тамомӣ.

ҲАМАЙДУН* همیدون *сабук кардашудаи* **ҳам айдун;** 1. ҳамчунин.

> Ҳамайдун мусофир киромӣ бидор,
> Қи то номи некат барад бар диёр.
> (*Бӯс.*).

2. ҳамин соат, ҳамин замон, ҳамин дам; ҳам акнун.

ҲАМАЛ حمل 1. барраи гӯсфанд. 2. яке аз моҳҳои шамсист, ки аз 22 март сар шуда, то 22 апрель тамом шешавад.

ҲАМАЛА حمله бардорандагон (*ҷамъи* **ҳомил**).

ҲАМБОЛИН هم بالین зан нисбат ба шавҳар, шавҳар нисбат ба зан.

ҲАМВОРА همواره хамеша, пайваста, доим.

ҲАМГИНОН همگنان [*ҷамъи* ҳамагӣ]; ҳама касон.

ҲАМД حمد ситудан, ситоиш.

ҲАМДАМ همدم дӯсти бисьёр наздик.

ҲАМДАСТ همدست шарик ва ҳамроҳ (*дар коре*).

ҲАМДАСТОН* همدستان *нигоҳ кун. ба* **ҳамдостон.**

ҲАМДОМОН همدامان ду кас ки ҳар ду хоҳарро ба занӣ гирифта бошанд, ҳар яке аз инҳо ба дигаре **ҳамдомон** мешавад.

ҲАМДОСТОН همداستان ҳамфикр, ҳамсӯҳбат.

ҲАМДУНА حمدونه бӯзина, маймун.

ҲАМЕ* همی *шакли қадими* **ме** (*аломати феъли оянда—музореъ*) [префикс ва пасоянди феълӣ, ки давомдории феълро ифода менамоянд].

ҲАМИДУН//ҲАМЕДУН همیدون 1. ҳамчунни. 2. акнун. *Нигоҳ кун. ба* **ҳамайдун.**

ҲАМИМ حمیم 1. оби гарм. 2. одами табгирифта.

ҲАМ(Ъ)ИНОН* همعنان ёр, рафиқ.

ҲАМИНОНӢ* همعنانی ҳамкорӣ, ёрӣ ба ҳамдигар.

> Ёрон чу кунанд ҳаминонӣ,
> Аз санг бароваранд хонӣ. (*Л. М.*).

ҲАМИР حمیر [*ҷамъи* **ҳимор**]; харон.

ҲАМЛ حمل 1. бардоштан. 2. бор (хоҳ бори гардан бошад, хоҳ бори шикам — *яъне* бача).

ҲАМЛА حمله ҳуҷум кардан ба касе бо олати задан ва куштан.

ҲАММ هم ғам, андӯҳ. *Нигоҳ кун. ба* **ҳам II.**

ҲАММОМ حمام гармоба ки мардум дар он ҷо шустушӯ кунанд. **Ҳаммоми занон** маҷлиси пурғавғо (*маҷоз*), [ҷои пуршӯру пурғавғо].

ҲАМНИШАСТ هم نشست ҳамсӯҳбат.

ҲАМНАБАРД* همنبرد ҳаммайдон, ҳаммаърака.

> Чун шоҳсавори чархи гардон
> Майдон биситад зи ҳамнабардон,
> Хуршед зи бими аҳли офоқ
> Қарробаи май ниҳод бар тоқ.
> (*Л. М.*).

Дар сифати баромадани офтоб.

ҲАМОВАРД همآورد ҳариф дар ҷанг.

ҲАМОИЛ حمائل 1. банди шамшер, ки бо вай онро овезанд. 2. ҳар чизе ки бо вай чизеро аз бозу ва миён овезанд.* 3. *маҷ.* шаддаи марвориде, ки подшоҳони Ҳинд барои зинат ба гардани худ меовехтанд.

Буд шаҳро ҳамоиле дар бар,
Обрӯ силки як муҳит гуҳар (*Бедил*)*

ҲАМОЛ همال 1. монанд. 2. шарик, [ҳамсар, ҳамзод. 3. ҳамдам, қарин].

ҲАМОМ حمام кабӯтар.

ҲАМОМА حمامه як кабӯтар.

ҲАМОН همان 1. ишорат аст ба чизе ки дар хотирҳо ҳаст. *Ҳофиз гуфта:*

Ҳамон манзил аст ин ҷаҳони хароб,
Ки дидаст айвони Афросиёб.

2. *кӯтоҳкардашуда аз* **ҳам он.**

ҲАМОНО همانا гумони ғолиб аст ки..., эҳтимоли наздик аст ки..., магар. *Фирдавсӣ гуфта:*

Ҳамоно маро чашм дорад ҳаме,
Зи дер омадан хашм дорад ҳаме.

(яъне гумон ғолиб аст, ки маро чашм ҳамедорад, ё магар маро...).

ҲАМОРА هماره ҳамеша, ҳамвора.

ҲАМОСАТ حماست далерӣ.

ҲАМОҚАТ حماقت аҳмақӣ, беақлӣ.

ҲАМПО همپا 1. ҳамроҳ. 2. баробар.

ҲАМРО حمرا сурх, сурхранг. **Лолаи ҳамро** лолаи сурх.

ҲАМСАНГ همسنگ 1. ду чизи баробарвазн. 2. ду кас ё ду чизи баробарарзиш.

ҲАМСАР همسر 1. зан нисбат ба шавҳар **ҳамсар** мешавад; [ҷуфт. 2. баробар дар манзалат ва ғайра].

*Дар пои туям ба сарфишонӣ,
Ҳамсар накунам ба саргаронӣ. (*Л. М.*).

ҲАМСОЯ همسایه ду касе ки дар паҳлуи якдигар хона дошта бошанд, ҳар кадом ба дигаре ҳамсоя мешавад.

ҲАМТАБХ* همطبخ ҳам-ош, ҳамтабақ (*Ҷ. б*).

ҲАМТАВИЛА* همطویله 1. ҳамрама, аз як гала. 2. *маҷ.* рафиқ, ҳамроҳ.

Буд аз садафи диг[illegible]
Носуфта дуреш [illegible]

Маънии байт ин а[illegible] тари навраси аз қа[illegible] араб бо Қайс дар я[illegible] нишаст. (Л. М.).

ҲАМТО همتا баробар, монанд. **Ҳамто надорад** баробар надорад, монанд надорад.

ҲАМУЛ* حمول 1. боркаш; он ки борро бо сабр мебардорад. 2. пурбардошт, пуртоқат.

Чун оҳан агар ҳамул гардӣ,
З-оҳи чу зане малул гардӣ! (*Л. М.*).

ҲАМХОНА همخانه зану шӯй.

ҲАМЬЁН همیان халтачаест ки дар вай пули нақд андозанд ва бо худ доранд.

ҲАНГОМ هنگام вақт. **Ин ҳангом** — ин вақт. ***Ҳангоми сибо** ҳангоми бачагӣ. (*Ед. 3—4*)*

ҲАНГОМА هنگامه ҷамъомади

мардуми бисьёр, сӯхбатҳои гуногуни мардуми бисьёр дар ҷое.

ҲАНГОМАДОР هنگامه‌دار бошукӯҳ, боазамат *(дар сифати тӯй ва иморат меояд, ки махсуси забони тоҷикист).*

ҲАНГОМАТАЛАБ هنگامه‌طلب касест ки ҷамъомади мардумро ва сӯхбатҳои гуногунро дӯст дорад.

ҲАНГУФТ//ҲУНГУФТ هنگفت гафс, дурушт.

ҲАНДАСА هندسه 1.андоза *(арабӣ кардашудаи* **андоза**). 2. номи илмест, ки бо вай шакл ва миқдори чизҳо дониста мешавад.

ҲАНЗАЛ حنظل меваи гиёҳе, ки мисли харбузаи бисьёр хурд аст ва бисьёр талх мешавад.

ҲАННОТ حناط 1. гандумфурӯш. 2. фурӯшандаи бисьёр ноинсоф *(дар забони зинда ба ҳамин маънияш кор мефармоянд).*

ҲАНУТ حنوط хушбӯиҳои баҳам омехта, ки ба мурда мепошанд.

*Барбод ҳанутам аз гули зард,
Кофур фишонам аз дами сард!
(*Л. М.*).

ҲАНӮЗ هنوز то ҳол, то акнун. *Ҳофиз гӯяд:*

Бар наёмад аз таманнои лабат комам ҳанӯз,
Бар умеди ҷоми васлат дурдошомам ҳанӯз.

(«То ҳанӯз» навиштан хатост, ки «то ҳол» мешавад).

ҲАНҶАР حنجر халк, гулӯ.

ҲАНҶАРА حنجره *нигоҳ кун.* ба **ҳанҷар.**

ҲАНҶОР هنجار *нигоҳ кун.* ба **ҳинҷор.**

ҲАППАК هپک кулӯлаи [пурбод аст, ки бо вай бозӣ кунанд.

ҲАР هر ҳама (**ҳар ҷо, ҳар кор, ҳар кас**—ҳама ҷо, ҳама кор, ҳама кас).

ҲАРАБ هرب 1. гурез, гурехтан. 2. [шиддати] андӯҳ.

ҲАРАКАТ حرکت ҷунбиш.

ҲАРАКОТ حرکات [ҷамъи **ҳаракат**]; ҳаракатҳо.

ҲАРАМ I حرم 1. [ҳавлии дарун, ки дар он ҷо занон нишинанд. 2. зани ҳар кас ҳарами вай мешавад. *3. иҳотаи гирдогирди чизе.

Ӯ замзам гашта зи оби дида,
В-ашки ҳараме дар ӯ кашида.
(*Л. М.*)*

ҲАРАМ II* هرم сахт пиршавӣ, пирӣ.

Гар ӯро ҳарам дасти хизмат бубаст,
Туро бар ҳарам ҳамчунон даст ҳаст
(*Бӯс.*).

ҲАРАМОН هرمان гунбази таърихӣ дар Миср. [чандин бинои аҷиб дар Миср, ки дар қадим сохта шудааст].

ҲАРАМСАРОЙ حرم‌سرای бошишгоҳи занон дар қасри подшоҳӣ.

ҲАРАҶ حرج тангӣ, сахтӣ. **Ҳараҷу мараҷ** а) тангию вайронӣ. б) ба ҳам барҳӯрдан ва зидди ҳамдигар будани касон ва корҳо.

ҲАРБ حرب ҷанг бо кушокушӣ.

ҲАРБА حربه асбоби ҷанг (шамшер, ханҷар, милтиқ).

*Мебош чу хор **ҳарба бар дӯш**,
То хирмани гул кашӣ дар оғӯш.

агар осуда зистан хоҳӣ худро аз ҳар қувваи муқобил бо аслиҳа мудофиа кун. (Л. М.).

ҲАРГИЗ هرگز ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ вақт.

Он шӯхи ситампешаи ошиққуши айёр
Ҳаргиз накунад, лутфу мурувват ба мани зор.

ҲАРДАМХАЁЛ هردم خیال одами бекарорфикре ки ҳар замон як фикри дигар мекарда бошад.

ҲАРДУРӢ هر د ر ی касони аз ҳар ҷо омада, ки насабашон маълум набошад (*ин калима эҳтимол аз «ҳардарӣ»—пайдо шуда бошад*).

ҲАРЗА هرزه беҳуда, беҷогард.

ҲАРЗААМАЛ* هرزه‌امل беҳудаорзӯ.

Намурда ғами субҳи қиёмат, чӣ балост?
Эй ҳарзаамал, пештар аз пеш матоз!
(*Бедил*).

ҲАРЗАГАРД هرزه گرد беҳудагард, беҷогард. *Дар ин маънӣ гуфта шудааст:* Эй бути ҳарзагарди ҳарҷой...

ҲАРЗАДАРОЙ هرزه درائی бемаънигарӣ, бемазагӯӣ.

ҲАРИМ حریم девори атрофи ҳавлӣ.

ҲАРИНА هرینه касе ё коре, ки ба ҳеҷ ваҷҳ дар вай роҳ ёфтан мумкин набошад.

ҲАРИР حریر порчаи абрешимии нозук.

ҲАРИСА هریسه як хел таом аст, ки аз гандуми дар осиё дурушткӯфта бо гӯшт пазанд.

ҲАРИФ حریف 1. ҳампеша, ҳамкор. 2. рақиб дар коре. 3. тарафи бозӣ дар қимор.

ҲАРИҚ حریق сӯхтор, оташи забонакашанда.

ҲАРКОРА هرکاره касе ки ҳар кор аз дасташ меомада бошад, хоҳ нек бошад, хоҳ бад.

ҲАРОИНА هرآینه/هرائینه ноҷор, ба ҳар тариқ ки бошад; [албатта, ҳатман].

ҲАРОМ حرام 1. манъкардашуда. 2. ношоиста.

ҲАРОМӢ حرامی 1. дузди роҳзан. 2. фарзанде ки аз падари ғайриқонунӣ рӯида бошад.

ҲАРОРАТ حرارت гармӣ. **Ҳарорати ғаризӣ** гармии табиии бадани одамӣ ва ҷонварони дигар.

ҲАРОС هراس т[illegible]

ҲАРОСА هراسه 1. [illegible] тарсонанда. 2. чизест [illegible] киштзорҳо барои тарсо[illegible] паррандагон гузоранд.

ҲАРОСАТ حراست нигаҳбонӣ.

ҲАРОСИДАН هراسیدن тарсидан.

ҲАРР حر гармо, гармӣ.

ҲАРРОҚ حراق некcӯзанда; сӯзон.

ҲАРРӮЗА هرروزه ҳар чизе ки пай дар ҳам ҳар рӯз мешуда бошад. (**хӯроки ҳаррӯза, воқиаи ҳаррӯза, харҷи ҳаррӯза**).

ҲАРС I حرث 1. коштан. 2. оташ афрӯхтан. 3. мол ҷамъ кардан.

ҲАРС II حرس нигаҳбонӣ кардан.

ҲАРУН حرون саркаш.

ҲАРФ حرف 1. сухан. ***Ҳарфҳои чарб** суханҳои нарм.

Нӯфил ситорафшавон зи ҳарфаш,
Бинвохт ба ҳарфҳои чарбаш. (*Л. М.*)*

2. тараф; канора.

*Самоби ситорагон дар он ҳарф,
Шуа з-оташи офтоб шингарф
(*Л. М.*)*

3. ҳар кадом аз ишораҳои навиштанӣ, ки вай садо ва савти маълумеро мефаҳмонад.

ҲАРФГИР حرف گیر айбҷӯй.

*Забони ҳама ҳарфгирон бубаст,
Ки ҳарфи бадаш бар наёмад зи даст.
(*Бӯс.*).

ҲАРҚ حرق сӯхтан.

ҲАРҲАФТ* هرهفت асбоби зинати занон, ки аз сурхӣ, сафедӣ, ҳино, ӯсма, сурма, зирк ва ғолия иборат аст.

К-он рӯ, ки маҳ ба бом мерафт
Чун моҳи дуҳафта карда ҳарҳафт...,

(*Л. М. дар сифати Лайлӣ*).

ҲАРҶОЙ هرجائی касе ки дар ҷое ва ба сари коре барқарор ва дер наистад.

ҲАСАБ حسب 1. бузургӣ ба сабаби молу ҷоҳ ва илму дониш. [2. мувофиқ, мутобиқ. 3. равиш, тарз]. ***Ба ҳасаби**... ба ҷиҳати... Ба ҳасаби иттифоқи ҳамсафарӣ бозургоне обилавор чашм ба пояш дӯхта буд. (*Бедил*)*

ҲАСАД حسد аз даст рафтани чизи касеро хостан. (*Бо «кардан» ва «бурдан» кор фармуда мешавад*). *Саъдӣ гуфта:*

Ҳаргиз ҳасад набурдам бар мансабе ва моле
Илло бар он ки дорад бо дилбаре висоле.

ҲАСАН حسن хуб, некӯ.

ҲАСАНА حسنه **қарзи ҳасана** — қарзи бефоида (*Ч. 6*).

ҲАСАНОТ حسنات [ҷамъи **ҳасанат**]; некӯиҳо.

ҲАСБ حسب 1. шумурдан. 2. басанда. 3. мувофиқ. ***Бар ҳасби** мувофиқи...

Дар рақси раҳил ноқа меронд
Бар ҳасби фироқ байт мехонд.
(*Л. М.*).

Ҳасби ҳол баёни аҳвол, гузориши ҳол.

Ёрон сифате зи ҳол гуфтанд,
Эшон ҳама ҳасби ҳол гуфтанд.
(*Л. М.*)*

ҲАСБА حصبه сипной тиф. ***Бемории ҳасба**—касалии тиф. (*Ч. 6*)*

ҲАСБУЛИРШОД* حسب الارشاد мувофиқи раҳнамоӣ. (Фақир) ҳасбулиршоди мансубони ҷаноби рубубият ба фикри бадеҳа пардохт. (*Бедил*).

ҲАСБУР* خسبور тахмин кардани ҳосили ҳанӯз надаравида ва гундоштанашуда. (*Ч. 3*).

ҲАСИБ حسیب 1. рӯдаи хӯрдашавандаи бузу гӯсфанд. 2. рӯдаи ба даруниш гӯшт ҷой кардашуда.

ҲАСИН حصین устувор, маҳкам.

ҲАСИР I حسیر мондашуда.

ҲАСИР II حصیر бӯрё.

ҲАСР حصر гирд карда фаро гирифтани чизеро (*дар замони амир заминдорони калон обро ба худ ҳаср мекарданд*).

ҲАССОН حسان 1. бисёр хуб. 2. номи шоири машҳур аз араб.

ҲАССОС حساس ҳар чизро нек пайбаранда.

ҲАСУД حسود 1. бадхоҳ. 2. бисьёр ҳасадкунанда.

*Ҳасуде ки бинад ба ҷон худам
Куҷо бар забон оварад ҷуз бадам?
(*Бдс.*).

ҲАТАБ حطب ҳезум.

ҲАТК هتك пардадарӣ, [расвоӣ, беобрӯӣ].

ҲАТМ حتم лозим гардонидан, (воҷиб, лозим].

ҲАТМАН حتماً албатта, маҷбуран.

ҲАТМӢ حتمی маҷбурӣ, лозим.

ҲАТТОК هتاك пардадар.

ҲАФИД حفید набера.

ҲАФР حفر замин кандан.

ҲАФРИЁТ حفریات ковиши замин барои тадқиқот.

ҲАФТ هفت адади маълум, [ки баъд аз шаш меояд]. **Ҳафт додарон** ҳафт ситораест, ки бо ҳам ҷамъ аст. **Ҳафт иқлим** ҳафт тақсими замин аз рӯи ҷуғрофияи қадимӣ. ***Ҳафт маҳфил** — *кинояз аз замин.*

Ғофил зи худ мабош, ки чун шамъи офтоб
Иқболи ҳафт маҳфилу нӯҳ қасри аҳзарӣ!
(*Бедил*)*.

Ҳафт хоҳарон *нигоҳ кун.* *ба* **ҳафт додарон.** ***Ҳафт шиша** — *кинояз аз* дунъё. (*Н*.).

ҲАФТА هفته ҳафт рӯз аст, ки бо номҳои ҷудогона дар рӯзшуморӣ ҳамеша дар гард аст (якшанбе, душанбе *ва ғайра*).

ҲАФТПӮСТ هفت پوست шабушаки бисьёр калон аст, ки решааш монанди пиёз қабат-қабат аст.

ҲАФТҶӮШ هفت جوش боҳам омехта гудохтаи фулуззоти гуногун. **Ҳафтҷӯш шудан** устувор, маҳкам шудан (*маҷоз*).

ҲАШАМ حشم хизматгорон ва ҳар чизе ки асбоби дабдаба ва бузургӣ бошад.

*Таковар ба дунболи сайде биронд,
Шабваш даст дод, аз ҳашам бозмонд...
(*Бдс.*).

ҲАШАМАТ حشمت *нигоҳ кун. ба* **ҳашмат.**

ҲАШАР حشر 1. гурӯҳ, анбӯҳ. 2. ҷамъ шуда кор кардани омма барои ягон кори оммавӣ (дуруст кардани роҳи ом, кандани ҷӯй *ва ғайра*). **Ҳашар к**ардан бо гурӯҳи одамон кореро [illegible]

ҲАШАРА(Т) حشرة [illegible] за, ки дар сӯрохи [illegible] байни баргҳои раст[illegible] магзи пӯстҳои дарахт [illegible]ди инҳо хона мекунад.

ҲАШАРОТ حشرات [*ҷамъи* **ҳашарат**]; ҳашараҳо (*лекин дар забони ҳозира ҳар кадоми ингуна ҷонварҳоро ҳам ҳашарот гӯянд*).

ҲАШВ حشو пахта, пашм, ё хасест, ки дар магзи кӯрпа ва ҷома мемонанд.

*Қабо гар ҳарир асту гар парниён,
Ба ночор ҳашваш бувад дар миён.
(*Бдс.*).*

2. сухани барзиёд дар миёнаи гапҳои даркорӣ.

*Ту гар парниёнӣ ба изо макӯш,
Карам кор фармову ҳашвам бипӯш.
(*Бдс.*).*

Ҳашву лағв гапҳои бемаза.

ҲАШИВОР هشیوار хушьёр.

ҲАШИШ حشیش гиёҳи хушк.

*Мафрӯш гардан ба дастору риш,
Ки дастор пунбасту сиблат ҳашиш.

(Бӯс.).

ҲАШМАТ//ҲИШМАТ حشمت дабдаба, бузургӣ.

ҲАШО حشا ҳар чизе ки дар даруни шикам ва сина бошад (шуш, ҷигар, дил, гурда, сипурз, рӯда).

ҲАШР حشر 1. бархезондан. *2. *маҷ.* зиндагии дубора.

Нодир афтад ба олами махлуқ
З-ин сифат ҳашри ошиқу маъшуқ.

(*Бедил*).*

ҲАШТ هشت адади маълум.

ҲАШТАК هشتک 1. бурҷест ки бар боми ошхонаҳо барои дудкашӣ бино кунанд. 2. зардолуи ба ҷон донакаш мағздонак андохта хушкондашуда.

ҲАЮЛО* هیولی 1. муъофиқи фалсафаи қадим моддаи асосӣ, ки барои ба вуҷуд омадани ягон вуҷуд зарур аст. (*Н.*). 2. нахустин мусаввада ки дар тасвир ва нақша мекашанд.

Ҳеҷ шакле бе ҳаюло қобили сурат нашуд,
Одамӣ ҳам з-он ки пеш одам шавад бузина буд.

(*Бедил*).

ҲАЮН هیون шутур. [ҳар ҳайвони калони саворӣ]

*Туро кӯҳпайкар ҳаюн меравад,
Пиёда чи донӣ, ки чун меравад.

(*Бӯс.*).

ҲАЯҶОН هیجان ҷӯшиши даруни одамӣ аз шавқи аз ҳад зиёд, аз шодии аз ҳад зиёд, ё аз ғазаби аз ҳад зиёд.

ҲАҚ حق 1. ростӣ, рост. *2. ҳақгӯй (*Р.*). **Ҳаққи намак** — ҳақшиносӣ, хурмати некӣ.*

ҲАҚГӮЙ I حق گوی *нигоҳ кун.* ба ҳақгӯй.

ҲАҚГӮЙ II حق گوی одами ростгӯй.

ҲАҚИР* حقیر хор, паст.

Бирафтанду гуфтанд, омад фақир —
Тани мӯҳташам, дар либоси ҳақир.

(*Бӯс.*).

ҲАҚОРАТ حقارت хорӣ; дашном. (**Ҳақорат дод дашном дод**).

ҲАҶАР حجر санг.

ҲАҶВ هجو баёни кардани айби касе, ё чизе ба тарзи хандаовар.

*То ба ин дастгоҳ рӯ оварад
Хирсу бӯзина ҳаҷви инсон кард...

(*Бедил*)

(Дар ин ҷо калимаи «ҳаҷв»-ро ба маънои карикатура фаҳмидан даркор аст, яъне ҳайвонот инсон шудан мехост, аммо натавонист ва аз байни худ хирсу бӯзинаро расонд, ки онҳо шакли карикатурии инсон мебошанд. (Б.).

ҲАҶВӢ هجوی *мансуб ба ҳаҷв* **(журнали ҳаҷвӣ, шеъри ҳаҷвӣ).**

ҲАҶЗ حجز боздоштан молеро аз тасарруф кардан.

ҲАҶЛА* حجله ҷое ки барои фуровардани арӯс оро медиҳанд, чимилиқ.

Бар ҳаҷлаи ин бути диловез
Карданд ба тунгҳо шакаррез

(*Л. М.*).

ҲАҶМ حجم бузургӣ ва хурдии ҷисми чизе.

ҲАҶОМАТ حجامت хун кам кардан аз бадан ба воситаи шохи гов, ё шишаҳои шохмонанд.

ҲАҶР هجر ҷудоӣ.

ҲАҶҶОМ حجام хунгиранда бо поку ва шох аз бадани касе.

ҲЕЗУМ هیزوم чӯб ё хошокест ки барои сӯхтан тайёр кардаанд. *Саъдӣ гӯяд:*

Миёни ду кас ҷанг чун оташ аст,
Суханчини бадбахт ҳезумкаш аст.

ҲЕҶ هیچ 2. ҳаргиз, асло (**ҳеҷ наёмад**—ҳаргиз наёмад). 2. ягон бор (**ҳеҷ омад?**—ягон бор омад?) *3. андаке.

Гар ҳеҷ расӣ маро ба фарьёд...
Озод кунӣ, ки бодӣ озод!

(Л. М.).

4. чизе (**чизеро медонад? — ҳеҷ намедонад!** — *чизеро намедонад. Ин калима монанди ҳамин мисолҳо дар нестӣ, дар чизе набудан кор фармуда мешавад).*

ҲЕҶМАДОН هیچمدان нодон.

ҲИБА هبه бахшиш.

ҲИБОЛА حباله банди ресмонӣ, дом.

ҲИДА(Т) حدة танҳоӣ (**алоҳида** *аз ҳамин калима аст*).

ҲИДДАТ حدت тезӣ, тундӣ.

ҲИЁЗ حیاض [*ҷамъи* **ҳавз**]; ҳавзҳо.

ҲИЗБ حزب фирқа ва гурӯҳе аз одамон, ки бо як мақсад бо ҳам ташкил ёфта бошанд.

ҲИКМАТ حکمت 1. доноӣ. 2. дурусткирдорӣ. 3. сабаб ва иллати ҳақиқии ягон ҳодиса. 4. илмҳои фалсафа, риёзиёт, физика ва табииёт; **ҳикмати амалӣ** роҳу равиши шоистаи зиндагонӣ; **ҳикмати маданӣ** қонун ва қоидаҳои иҷтимоӣ.

ҲИЛА حیله фиреб.

ҲИЛАГАР حیله گر фиребгар.

ҲИЛИДАН هلیدن фурӯ гузоштан, тарк кардан.

*Наҳоҳӣ ки бошӣ паронандадил,
Паронандагонро зи хотир маҳил.

(Бӯс.).

ҲИЛМ حلم нармӣ (*зидди* **ғазаб**).

ҲИЛОЛ هلال моҳи нави то сешаба.

*Ҳазоро даромад яке хушксол,
Ки шуд бадри симои мардум ҳилол.

(Бӯс.).

ҲИМА هیمه ҳезум.

ҲИМАМ همم [*ҷам*[illegible]]; ҳимматҳо.

ҲИММАТ همت 1. и[illegible] калон, назарногирӣ [illegible] хурдаро. 2. дуо ва некхоҳӣ.

ҲИМОЛ حمال 1. *бисьёр* борбардоранда. 2. касе ки борбардориро пешаи худ кардааст.

ҲИМОР حمار хар.

ҲИМОЯТ حمایت нигаҳбонӣ.

ҲИН I حین вақт (**дар ҳини омаданам** — дар вақти омаданам).

ҲИН II هین 1. ин, инак. 2. огоҳ бош! шитоб кун!

ҲИНДУ هندو 1. ҳар касе ки мансуб ба қавми ҳинд бошад. 2. сиёҳ (**холи ҳинду**—холи сиёҳ). 3. ғулом, чокар (*ду маънии охирӣ маҷоз*). ***Ҳиндуи сиёҳ** *кинояз аз ғулом.*

Бо он ки аз ӯ гиёҳрӯям,
Ҳам ҳиндуяки сиёҳи ӯям,
(Л. М.)*

ҲИНДУВОНА هندوانه тарбуз.

ҲИНДУСТОН* هندوستان 1. номи мамлакатест дар нимҷазираи Ҳинд. 2. дар замони пеш назар ба истилоҳи аҳолии Ҳиндустон — «Ҳиндустон» байни дарёҳои Синд ва Ганг буда, Дакан, Бангола, Биҳор ва тамоми вилоятҳои шарқӣ ва ҷанубии Ҳиндустони имрӯза аз Ҳиндустони онрӯза берун буд.

Подшоҳ Оламгир ба хаёли тасхири Дакан пардохта буд ва барқи бекасӣ бар саводи мамолики Ҳинд тохта. *(Бедил).*

(Мақсади муаллиф ҳам аз калимаи «Ҳиндустон» байни Синду Ганг аст, ки Деҳлӣ пойтахти вай аст. (Б).

ҲИНДӢ هندی ҳар кас ва ҳар чизе, ки мансуб ба Ҳиндустон бошад.

ҲИНО حنا растаниест ки бо кӯфтан барги он дасту поро ранг кунанд.

ҲИНТА حنطه донаи гандум; гандум.

ҲИНҶОР هنجار роҳ, равиш, тарз.

*Мурғе ки аз аҷи хеш гирад,
Ҳинҷори ҳалок пеш гирад.
(Л. М.)

ҲИНҶОРНАМО* هنجارنما роҳнамо.

Ҳинҷорнамову роҳҷӯён,..
(Л. М.).

ҲИРЗ حرز 1. паноҳгоҳ; ҷои мустаҳкам. *2. маҷ. дуо ва тӯмор.

Мардро ҳирзи [illegible] [illegible] [illegible]
даст аст,
Риндро ҳирзи [illegible] [illegible]
[illegible] [illegible] аст.
(Навоӣ)*.

ҲИРМОН حرمان ноумедӣ, маҳрумӣ.

*Туро гар сиёҳ асту фармону ганҷ,
Маро гар зиёд асту ҳирмону ранҷ,
Ба дарвозаи марг чун дар шавем,
Ба як ҳафта бо ҳам баробар шавем.
(Бус.).

ҲИРОСАТ I حراثت киштукоркунӣ, деҳқонӣ.

ҲИРОСАТ II* حراست нигоҳдорӣ, ҳимоят.

Ҳирс чӯбинду адл шуд ҳомаш,
Баст саъйи ҳиросаи экромаш.
(Бедил).

ҲИРРА هره гурбаи мода.

ҲИРС حرص тамаи аз ҳад зиёд.

ҲИРФАТ حرفت касб, пеша.

*Чун ҳирфати ӯ ҳариф бишнохт,
Ҳарфе ба касе дигар напардохт.
(Л. М.).

ҲИСАС حصص [ҷамъи **ҳисса**] ҳиссаҳо;

ҲИСИБ حسیب ҳисоб.

ҲИСН حصن паноҳгоҳ, қалъа. **ҳисни ҳасин** қалъаи устувор.

ҲИСОБ حساب шумур.

ҲИСОБГИРӢ حسابگیری аз касе шумури чизеро гирифтан.

ҲИСОБДИҲӢ حسابدهی ба касе шумури чизеро додан.

ҲИСОБОТ حسابات хулосаи корҳое, ё коре.

ҲИСОМ حسام *нигоҳ кун. ба* **ҳусом.**

ҲИСОНАТ حصانت устуворӣ.

ҲИСОР حصار 1. девор. 2. қалъа.

*Мақсудам аз ин ҳикоят он аст,
К-эҳсону деҳиш ҳисори ҷон аст.

(Л. М.).

ҲИСОРБАСТА* حصاربسته дар ҳисор (қалъа) бандбуда.

Қ-ин нома ки ҳаст чун паранде
Аз ғамзадае ба дардманде
Яъне зи мани ҳисорбаста
Наздики ту, эй қафасшикаста.

(Л. М.).

ҲИСОРӢ* حصاری 1. *мансуб ба* **ҳисор**. 2. *маҷ.* хонанишин.

Лайлӣ, ки чу ганҷ шуд ҳисорӣ
Мебуд чу моҳ дар иморӣ.

(Л. М.).*

ҳисорӣ шудан дар даруни қалъа дар иҳотаи душманон мондан дар ҷанг.

ҲИСС حس пайбарӣ ба чизе, дарк, дарьёфт.

ҲИССА حصه як порча, як қисм аз чизе.

ҲИФОЗ* حفاظ муруввват, ҳамият.

Мардум зи ҳифоз бонасиб аст,
Ин мардумӣ аз дадон ғариб аст.

(Л. М.).

ҲИФОЗАТ حفاظت нигоҳдорӣ, ҳифз.

ҲИШТА هشته чизи тарккардашуда, гузошташуда.

ҲИШТАН هشتن гузоштан, тарк кардан, партофтан.

ҲИЯЛ حیل [*ҷамъи* **ҳила(т)**]; ҳилаҳо.

ҲИҚД حقد кина.

*Юсуф, ки зи моҳ иқд мебаст,
Аз ҳиқди бародарон намераст.

Дар ин ҷо шоир ба афсонаи Юсуф ва Зулайхо ишора карда мегӯяд: ҳатто Юсуф ҳам, ки моҳро иқди зинати гардани худ карда буд, яъне бисьёр соҳибҷамол буд, аз кинаю адовати бародаронаш халосӣ надошт.

(Л. М.)*.

ҲИҶЕБ* حجیب ин калима аз ҷумлаи калимаҳои имолагист, ки бо майлон додани «о» и «ҳиҷоб» ба каср (ба зер) натиҷаи ин амалиёт бо гардидани «о» «е» сохта шудааст. Монанди ин гуна калима дар забони зинда ва адабӣ бисьёр аст. *«ҷиҳоз—ҷиҳез, китоб — китеб, рикоб — рикеб, итоб—итеб, ҳисоб—ҳисеб» ва ҳоказо. (Р.)*

ҲИҶЕЗ* حجیز *имолаи* **Ҳиҷоз**, *(мисли ҳисоб—ҳисеб, китоб—китеб, рикоб—рикеб ва ҳоказо»). (Бӯс.). Нигоҳ кун. ба* **Ҳиҷоз**.

ҲИҶО هجا 1. хар банди як сухан (*масалан*, калим[illegible]ата» ду ҳиҷо дорад, ки [illegible] мешавад.) 2. баёни а[illegible] чизе ба тарзи хандао[illegible]

ҲИҶОБ حجاب пар[illegible]

*Кунанд абра пожизатар [illegible]стар,
Ки ин дар ҳиҷоб асту он дар назар

(Бӯс.).

ҲИҶОЗ* حجاز як қитъаи Арабистон аст, ки дар шарқии бахри Сурх воқеъ аст. (*Р.*) [ва шаҳрҳои Макка ва Мадина дар он ҷо гирифтаанд].

ҲИҶР هجر *нигоҳ кун. ба* **ҳаҷр**.

ҲИҶРАТ هجرت аз ҷое ба ҷои дуре кӯчидан.

ҲИҶРОН هجران *нигоҳ кун. ба* **ҳаҷр**.

ҲИҶҶА هجه усули алифбоомӯзии кӯҳна, ки ҳарфҳои ҳиҷоҳоро бо якдигар ҷанг андохта баъд аз он аз ҳиҷоҳо калима сохта мехонондаанд. (*Масалан*, барои хондани калимаи «Аҳмад» мегуфтанд: «алиф бо бе забар аҳ, мим бо дол забар мад — Аҳмад».)

ҲО ها 1. аломати ҷамъ (пахта-пахтаҳо). 2. калимаи тасдиқ ба маънои «оре» (**Ҳамин тарз аст—ҳо!**).

ҲОВАН هاون зарфест чӯбин, ё сангин ва ё фулузӣ, ки дар вай ҳар гуна чизҳоро кӯбанд. ***Ҳовани кӯҳӣ***—ӯгурчаи сурмаранг.

Ҳовани кӯҳии чарх кард сафедоб ҳал,
Сӯхт агарҳои сурб кӯраи симлатиҳоб
*(Бедил)**

ҲОВАНДАСТА هاوندسته чӯб, санг, ё ягон чизи фулузӣ, ки бо вай дар ҳован чизҳоро кӯбанд.

ҲОВӢ حاوی иҳотакунанда, гирдогирди чизеро фарогиранда.

ҲОДИМ هادم хароб ва вайронкунанда.

ҲОДИС حادث нав пайдошуда. [**ҳодис шудан** пайдо шудан, падид омадан].

ҲОДИСА حادثه воқеаи нав.

ҲОДӢ هادی роҳ нишондиҳанда.

ҲОЗИМ هاضم ҳар чизе ки хӯрокҳоро ҳазм кунад (*монанди ширинӣ ё мева аз болои таом*).

ҲОЗИМА هاضمه қувваест дар меъда, ки хӯрокҳоро ҳазм мекунад.

ҲОЗИР حاضر 1. омода, тайёр. 2. мавҷуд. 3. алъон, ҳамин вақт (*маънии севвум махсуси лаҳҷаи тоҷикист*). ***ҳозирони пои рикоб** — касоне ки дар вақти савора сайру сафар кардани подшоҳ ба ӯ ҳамроҳ бошанд.

Гашт бо ҳозирони пои рикоб,
Беқаророна гармҷӯши китоб
(Бедил).*

ҲОЗИҚ حاذق зирак, доно. (*дар лаҳҷаи тоҷикӣ ин калима танҳо дар сифати табиби пуртаҷриба меояд*).

ҲОЙИЛ حایل чизе ки дар миёнаи ду чиз бошад. [ва он ду чизро аз ҳамдигар ҷудо кунад ва монеи пайвастан бошад].

*Зад бонг бар он сибои ҳоил,
То тез кунанд дар ҳамоил

(ба даррандагоне, ки дар гирдаш мисли девор истода буданд, хитоб кард, — ки ором истанд. (Л. М.).

ҲОИЛА هایله ҳавлнок, тарсонанда.

ҲОЙ-ҲОЙ های-های чи хуш, чи нағз.

ҲОЙ-ҲУЙ های-هوی шӯру ғавғо.

ҲОКӢ حاکی ҳикояткунанда, ривояткунанда.

ҲОЛ حال 1. замони ҳозир. 2. чигунагии ягон чиз, ё ягон одам. 3. қувват, дармон (**аз ҳол рафт**, яъне аз қувват рафт, дармонаш намонд); **ҳол ба ҳол** ҳолати ҷонканӣ. *Қозӣ Қурбонхони Фитрат гуфта:*

Як раҳ хиром баҳри иёдат ба сӯи мо,
К-андар ғами ту ҳол ба ҳолему
мухтазар.

ҲОЛА هاله доираест дар ҳавоҳои нимабр, ки ба гирдогирди моҳ намоён мешавад.

ҲОЛАТ حالت 1. замон, мавсим. *Мутриб гуфта:*

Ҳолати гӯрагият заҳмати кӯрук бурдам,
Навбати шира хӯроки магасони дигарӣ.

2. дармон, кувват.

ҲОЛО حالا дар ҳамин вақт, ҳозир.

ҲОЛӢ حالی дарҳол, ҳоло; ин замон, ҳамин вақт.

*Чун қаҳқаҳа кард набӣ ҳолӣ,
Минқор зи мӯр кард холӣ
(*Л. М.*)

ҲОМИЛ حامل бардорандаи чизе бар худ, бардорандаи бор.

ҲОМИЛА حامله зани бордор.

ҲОМУН هامون замини ҳамвори пеши кӯҳсор; [дашт, саҳро]

*Мегашт ба гирди кӯҳу ҳомун
Дил пурчигару чигар пур аз хун.
(*Л. М.*)

ҲОМУННАВАРД* هامون نورد саҳрогард, биёбонгард.

Яке сепрафтор- ҳомуннавард
Ки бод аз паяш бозмондӣ чу гард.
(*Бӯс.*)

ҲОМӢ حامی ҳимоякунанда, нигоҳдоранда аз офат.

ҲОН! هان [*калимаи хитоб:*] огоҳ бош! хабардор бош!
Ҳон эй писар бикӯш ки рӯзе падар шавӣ (*Ҳофиз*).

ҲОНИС حانث вайронкунандаи қасам. [касе ки қасами дурӯғ ёд мекунад].

ҲОНУТ* حانوت дӯкони ғаллафурӯшӣ; дӯкон.

Ки Шиблӣ зи ҳонути гандумфурӯш
Ба деҳ бурд анбони гандум ба дӯш.
(*Буг*).

ҲОР هار девона (*ин калима бештарин дар сифати саги девона меояд*).

ҲОРИС I حارث деҳқон.

ҲОРИС II حارس 1. посбон. 2. соҳиби ҳирс.

ҲОРР حار гарм.

ҲОРРА حاره *нигоҳ кун ба* **ҳорр**

ҲОРУТ* هاروت чодугари афсонавӣ, ки гӯё фаришта буда дар чоҳи Бобул сарозер овехта шудааст. (*Н.*)

ҲОСИЛУЛ-АМР* حاصل الامر хулосаи кор, алқисса, дар натича.

Ҳосилуламр қосиди маъзур
Монд аз ин ҳол ноумединур.
(*Бедил*).

ҲОТАМ حاتم 1. номи шахсест, ки ба бахшиш шӯҳрат ёфтааст. 2. сахӣ, чувонмард [illegible]

ҲОТИФ هاتف о[illegible]

ҲОФИЗ حافظ 1. [illegible] ро 2. сурудхон. 3. [illegible] аз офат.

ҲОША حاشه *нигоҳ кун ба* **ҳошо**

ҲОШИЯ حاشیه 1. канор, 2. шарҳи ягон чиз.

ҲОШО حاشا 1. дур аст, мумкин нест (**ҳошо зи дӯст дил канам ман**) 2. албатта, қатъӣ (*Ба ин маънӣ дар лаҳҷаи тоҷикӣ «калло» ҳам ҳамроҳ мешавад.* **Ҳошокалло ман ҳам меравам.** *Яъне, албатта ман ҳам меравам*)

ҲОКГУЙ حاق گوی кафтари сафед.

ҲОҚҚ حاق миёнаи ҳақиқӣ, [васати чизе].

ҲОЧИБ حاجب 1. пардадор 2. дарбон

*Яке гуфташ аз мухлисони қадим,
Ки шаб буд ҳоҷиб, ба рӯзаш надим.
(Бӯст.)*

3. абрӯ.

ҲОҶИЗ حاجز 1. нигоҳдоранда. 2. монеъ 3. ҳоил.

ҲУББ حب дӯстӣ, муҳаббат. **ҳубби ҷоҳ** — муҳаббати ҷоҳ ва мансаб.

Чист таълими шайтон? Ҳубби ҷоҳ,
Эй шайтон муршидат, рӯят сиёҳ
(Бедил).

ҲУБОБ حباب қуббаест ки дар вақти ҷӯшидан ё лат хӯрдан бар рӯи об пайдо шавад.

ҲУБОБӢ حبابی ҳар шакле ки монанди ҳубоб сарборик ва тафарох бошад.

ҲУБУТ هبوط 1. фуруд омадан. 2. кам шудан.

ҲУВАЙДО هویدا зоҳир, равшан, ошкор.

*Ҳ-он ишқи нуҳуфта шуд ҳувайдо,
В-он роз чу рӯз гашт пайдо.
(Л. М.).

ҲУДА هده ҳақ, рост, дуруст. 2. фоида (**беҳуда** *аз ҳамин калима аст ки бефоида, нодуруст гуфтан аст).*

ҲУДОЙЧӢ هدایچی пешхидмати дарбори амирони Бухоро, пешхидматбоши *(Ч. 10).*

ҲУДУД حدود 1. канорҳои мамлакат. 2. канорҳои салоҳият ва иқтидорӣ. **(Ин кор дар ҳудуди салоҳияти ман доҳил нест).**

ҲУЖАБР//ҲИЖАБР* هزبر *нигоҳ кун. ба* **ҳузабр.**

ҲУЗАБР//ҲИЗАБР* هزبر шери дарранда; шери беша.

Ба сайди ҳузаброни пархошҷӯ,
Каманд аждаҳон даҳан карда боз.
(Бӯст.)

ҲУЗЗОР حضار [ҷамъи **ҳозир**]: ҳозирон.

*Хуши ҳуззор пир бурун овард,
Ошёнаҳои ранг холӣ кард
(Бедил)

ҲУЗН حزن андӯҳ, ғам.

ҲУЗОЛ هزال лоғарӣ.

ҲУЗУР حضور 1. ҳозиршавӣ. 2. пеш (**Дар ҳузури касе рафтан** дар пеши касе рафтан). 3. лаззатъёбӣ *(ин маънӣ махсуси тоҷикон аст).*

ҲУККОМ حکام [ҷамъи **ҳоким**] ҳокимон.

ҲУКМ حکم фармон, амр. ***ҳукми дини мулук**—ин ҷумла ишорат аст ба як мақоли арабҳо ки мегӯянд: „Анносу ало дини мулукиҳим" — одамони подшоҳ дар дину оини подшоҳ мешаванд.

Тобеонаш ба «ҳукми дини мулук»
Ҳама ношинавиву фитнасулук.
(Бедил)

ҲУЛБА حلبه пудина.

ҲУЛБУЙ حلبوی *нигоҳ кун. ба* **ҳулба.**

ҲУЛВ حلو ширин.

ҲУЛВИЁТ حلویات шириниҳо.

ҲУЛЛА حله 1. пӯшок 2. пӯшокворӣ; як навъ бофтаи абрешимӣ.

*В-ар овоза хоҳӣ дар офоқ фош,
Дарун ҳулла кун, гӯ, бурун ҳашв бош.
(Бӯст.).

ҲУЛӢ حلی [ҷамъи **ҳилья (т)**]: зеварҳо.

ҲУЛЬЯ//ҲИЛЬЯ حلیه зевар аз

қабили гӯшвора, ангуштарин ва дигарҳо.

ҲУМО هما як паррандаи афсонагист, ки гӯё вай устухон мехӯрдааст ва ба сари ҳар кас ки соя андозад, он кас соҳиби давлат ва подшоҳ мешудааст.

ҲУМОЙ همای *нигоҳ кун. ба* **ҳумо.**

ҲУМОЛ همال *нигоҳ кун ба.* **ҳамол.**

ҲУМОМ همام меҳтари қавм, сардори қабила.

ҲУМОЮН همایون муборак, хуҷиста.

*Дар фасли гуле чунин ҳумоюн
Лайлӣ зи висоқ рафт берун.
(Л. М.)

ҲУМОЙ* همائی ҳумо будан. **Ҳумой доштан** ҳумо будан, мисли ҳумо соя андохтан.

Ба он авчи иқболам аз бекасиҳо,
Қи дорад магас бар сари ман ҳумой.
(Бедил).

Шоир дар ин байт бекасиҳои худро ба шавкати подшоҳон муқобил гузошта, ба ҷои сояи ҳумо сояи магасро қабул кардааст. (Б.)

ҲУМРАТ حمرت сурхӣ.

ҲУМУЗАТ حموضت туршӣ.

ҲУМУМ هموم [*ҷамъи* **ҳамм**]; андӯҳҳо.

ҲУМҚ حمق аҳмақӣ.

ҲУНАРМАНД* هنرمند пешавар, соҳибҳунар. (*ҷ. 10.*)

ҲУНУД* هنود [*ҷамъи арабии* **ҳинду**] ҳиндуён.

ҲУР I حور *нигоҳ кун. ба* **ҳавро.**

ҲУР II هور офтоб.

*Битобад басе моҳу парвину ҳур,
Ки сар барнадорӣ зи болини гӯр.
(Бӯс.)

ҲУРМАТ حرمت 1. азиздорӣ, арҷмандшуморӣ. 2. ҳаромшавӣ. ***Аз ҳурмати фил** аз ҳаром будани гӯшти фил.

Аз ҳурмати фил соиле мепурсид,
Ринде фармуд: «куштанаш мушкил буд».
(Бедил).

ҲУРО حورا *нигоҳ кун* **ба ҳавро.**

ҲУРР حر озод.

ҲУРРИЯТ حریت озодӣ.

ҲУРУБ حروب [*ҷамъи* **ҳарб**]; ҷанѓҳои кушокушинок.

ҲУРУФ حروف [*ҷамъи* ҳарф]; ҳарфҳои навиштанӣ* ҳуруфи «**ҷом**»—ишора ба се ҳарфи алифбои арабӣ (ҷим, алиф ва мим) аст, ки шоир онҳоро ба зулф, қад ва даҳони маъшуқа ташбеҳ мекунад. Дар сурати бо ҳам навишта шудани ин се ҳарф калимаи «ҷом» ҳосил мешавад.

Яъне ки «чу бо ҳуруфи ҷомам,
Шуд ҷоми ҷаҳоннамой номам».
(Л. М.).

ҲУРҚАТ حرقت сӯзиш.

ҲУСАЙНӢ حسینی 1. як хел ангури нозуки сафеди дарозрӯя. 2. яке аз ҳавоҳои мусиқӣ дар «Шашмақом».

ҲУСН حسن 1. хубӣ, некӯӣ. 2. муносиб ва зебо афтодани аъзои инсонӣ. ***ҳусни тадбир**—нектадбирӣ.

Ҳам аз ҳусни тадбиру рои тамом,
Ба оҳистагӣ гуфт: «эй некном:...
*(Бӯс.)**

ҲУСОМ//ҲИСОМ حسام шамшер.

ҲУСУН حصون [*ҷамъи* ҳисн]; қалъаҳо.

ҲУТ حوت 1. моҳӣ. 2. яке аз моҳҳои шамсист, ки аз 20 февраль то 22 март аст.

ҲУФРА حفره чуқурӣ.

ҲУШ هش//هوش 1. огоҳӣ, зиракӣ 2. ҷон.

ҲУШМАНД هوشمند соҳиби ҳуш.

ҲУШПУЛАК هشپلك нигоҳ кун. ба **ушпулак**.

ҲУШТАК هشتك 1. чизест ки бо вай посбонон садои ҳушт-ҳушт бароранд. 2. Садоест ки аз даҳон ба тарзи ҳушт-ҳушт баровардa мешавад.

ҲУШЁР هشيار огоҳ, зирак.

ҲУҚҚА حقه қутича, *ки дар он марворид, ҷавоҳирот ва ғайра андохта мешавад (*ба тарзи истиора*):

Бингар ки зи ҳуққаи тафаккур.
Дар мурсалон кӣ мекашӣ дур!
*(Л. М.)**

ҲУҚҚАБОЗ حقه باز найрангбоз. [2 маккор, айёр].

ҲУҚНА حقنه 1. имола 2. имолакунӣ (клизма).

ҲУҶАҶ حجج *ҷамъи* **ҳуҷҷат**; далелҳо.

ҲУҶЛА حجله пардае ки дар паси он арӯс нишинад, чимилиқ.

ҲУҶРА* حجره 1. хонаи хурд 2. хоначаҳои хурди мадрасаҳо.

ҲУҶҶАТ حجت далел, бурҳон.

ҲУҶҶОҶ* حجاج [*ҷамъи* **ҳоҷ** *ва* **ҳоҷиҷ** *ба маънии* ҳаҷкунанда]; ҳоҷиҳо.

Ҷ

ҶАБАЛ جبل кӯҳ.

*Ҳар ки ёде зи рафтагон мекард.
Офати он ҷабал баён мекард.
(Бедил).

ҶАБАРУТ جبروت азамат, бузургӣ.

*Оламе дар тахайюли ҷабарут,
Дорад аз пашми ғайда боди бурут
(Бедил).

ҶАБИН جبين пешонӣ.

ҶАБИРА جبيره латта ва тахтачаест, ки бар решҳо ва бар устухонҳои шикаста банданд.

ҶАБР جبر 1. шикастаро бастан **(ҷабри нуқсон)** 2. бо зӯрӣ ба коре доштан. 3. ситам, зулм (*ба маънии севвум вайрон шудаи* **ҷавр** *аст*). **ҷабру муқобала** қоидаҳои илми ҳисоб [алгебра]

ҶАБҲА (Т) جبهة 1. *нигоҳ кун. ба* **ҷабин.**

*Чун турраи шаб кабудчанбар
Бар ҷабҳати рӯз рехт анбар...
*(Л. М. дар сифати сар шудани шаб)**

2. майдони ҷанг.

ҶАВ جو донаи маълум аст, ки ба ҳайвонот медиҳанд ва орд карда мехӯранд. ***як ҷав**—чизи андак ва ниҳоят кам, чизи беэътибор.

Як ҷав надидаӣ дилам дар ин кор
Хуноби дилам диҳӣ ба хирвор.

(Дар ин кор мағз додаӣ ҳам дилдорӣ намедиҳӣ (Л. М.)

ҶАВВ* جو ҳаво, атмосфера.* **ҷавви ҳаво** кушодагии аз замин боло, ки дар он ҷо ҳаво мебошад.

ҶАВВОЛА جواله хати доирагист, ки аз тез гардидани ягон чиз пайдо мешавад. *Масалан*, як лахча оташро ба ягон сим баста дар ҳаво тез гардонанд, ба назари бинанда як гардиши оташ менамояд.

Рафта-рафта забона зад тавраш,
Гашт ҷаввола шӯълаи давраш.
(Бедил).

ҶАВДАР جودر гандуми вайроншуда, ки дар байни кишти гандум мерӯяд, донаи вай сиёҳча ва борик аст.

ҶАВДАТ جودت 1. некӣ, хубӣ [2. бартарӣ].

ҶАВЗ جوز чормағз **ҷавзи ҳиндӣ** меваест чормағзмонанд, ки ба давоҳо ҳамроҳ мешавад.

ҶАВЗИНА جوزینه ҳалвои мағзаш чормағзӣ.

ҶАВЗО جوزا яке аз моҳҳои шамсист аз 23 май то 24 июнь, ки дар ин моҳ дар Осиёи Миёна ҷаву гандум ба пухтан сар мекунад ва дарав сар мешавад. *Дар ин маънӣ гуфтаанд:*
Савр бесар нест, ҷавзо бедарав *яъне дар моҳи савр ғалла сар мекашад ва дар ҷавзо дарав мешавад*

ҶАВИН* جوین аз ҷав тайёркардашуда; нони ҷавин.

Ҷавине ки аз саъйи бозу хӯрам,
Беҳ аз майда бар хони аҳли карам.
(Бӯс.).

ҶАВЛОН جولان 1. давидан 2. гирд гардидан. 3. ҳаракатҳои сахт. 4. кӯшиши аз ҳад зиёд *(маҷоз).*

ҶАВОБ جواب 1. *маълум аст, ки ба муқобили* **пурсиш—суол** *меояд* 2. муқобалат бо кор ва сухан, *масалан, мегӯянд:* **Фалонӣ фалониро зад, ин ҳам дар ҷавоби ӯ вайро сахт зад.** 3. рухсат. *(масалан, мегӯянд:* **фалониро аз кор ҷавоб доданд;** *яъне рухсат доданд, озод карданд, бекор карданд. Маънии сеюм махсуси тоҷикон аст).*

ҶАВОД جواد сербахшиш, [саховатманд].

ҶАВОН* جوان *нигоҳ кун. ба* **ҷувон.**

ҶАВОНМАРД* جوانمرد сахӣ; *нигоҳ кун ба* **ҷувонмард.**

Саросар ҷаҳон пеши ӯ [illegible]
Ҷавонмард буду вафодор [illegible]

ҶАВОР جوار ҳамсоягӣ.

ҶАВОРЕҲ جوارح [ҷамъи ҷориҳа]; узвҳои дар кор кардан зарурии одамӣ ва ҷонварони шикорӣ (даст, по, чашм *ва ғайра).*

ҶАВОРИШ جوارش маъҷунест хушмаза.

ҶАВОРӢ* جواری [ҷамъи **ҷория**] канизакҳо; (Ҷ. IV).

ҶАВОҲИР جواهر [ҷамъи **ҷавҳар**] сангҳои пурқимат (марворид, алмос, ёқут *ва монанди инҳо).*

ҶАВР جور зулм, ситам, бедодатӣ.

ҶАВСАР جوسر гандумест, ки хӯшаи вай монанди хӯшаи ҷав сӯзандор мешавад.

ҶАВФ جوف 1. ковокии даруни ҳар чиз. [2. шикам]

*Ба тифлӣ даҳанбаста будӣ зи лоф,
Ҳаме рӯзӣ омад ба ҷавфат зи ноф.
(Бӯст.)

ҶАВШАН جوشن навъе аз либоси оҳанини ҷангӣ, зиреҳ.

*Чӣ ёрӣ кунад мағфару ҷавшанам,
Чу ёрӣ накард ахтари равшанам.
(Бӯст.)

ҶАВҚ جوق тӯда, гурӯҳ.

Пероманаш аз вуҷуди ҷавқе,
Ҳалқа шуда бар мисоли тавқе.
(Л. М.)

ҶАВҲАР جوهر [*муарраби* **гавҳар**]; санги қиматбаҳо. *2. асли ҳар чиз, моя, модда; чизе ки вуҷуди мустақил дорад. *Муқобили* **араз**.

Аз сурат ар фиреб хӯрӣ, чун араз шавӣ,
Бар маънӣ ар назар фиканӣ, айни ҷавҳарӣ.
(Бедил.)*

3. хулосаи ҳар чиз. *Масалан:* **ҷавҳари лиму**. 4. гулҳои мавҷмонанд, ки дар теғҳои фӯлодин хуб намудор мешавад.

ҶАВҲАРИЁТ جوهريات [ҷамъи **ҷавҳар** 3]; давое ки бо амали кимиёӣ аз чизҳои доруишаванда месозанд (*масалан*, ҷавҳари лиму, араки афлесун, араки пиёзи сир *ва монанди инҳо*).

ҶАДАЛ جدل 1. *нигоҳ кун. ба* **ҷидол**; *ҷанг, ҷанҷол. 2. баҳсу мунозира, муноқиша.

Фалсафиён тираи ҷадал сохтанд,
«Лима» лонусаллима дарандохтанд.
(Бӯс.)

3. кӯшиш кардан ба коре ба тарзе ки гӯё ҷанг мекарда бошад (*шева. Ин маънӣ махсуси халқи тоҷик аст*).

ҶАДВАЛ جدول 1. хатти рост (*масалан*, дар дафтар ё китоб) 2. олате ки бо вай хатти ростро кашанд. 3. роҳи об ва роҳи оҳан барин роҳҳо, ки рост меравад. ***ҷадвали хати қиёсӣ** мурод аз силсилаи илмҳои монанди табиёт ва ҳикмат аст, ки танҳо бо таҷриба ва қиёс омӯхта мешавад.

Дар ҷадвали ин хати қиёсӣ,
Мекӯш ба хештаншиносӣ.
(Л. М.)*

ҶАДД* جد бобо.

Моро дастгоҳе, ки пероман аст
Падар гуфт мероси ҷадди ман аст.
(Бӯст.)

ҶАДДА جده модари модар ва падар, модаркалон.

ҶАДИД جديد нав.

ҶАДИР جدير лоиқ, сазовор.

ҶАДӢ جدى 1. бузғола 2. номи яке аз моҳҳои шамсӣ, ки аз 22 декабрь сар шуда ба 20 январь тамом мешавад.

ҶАЗ جز боқимондаи равғани ҳайвонот, ки баъд аз гудохтан мебарояд.

ҶАЗАЪ* جزع 1. бесабрӣ, бетоқатӣ. 2. тазарруъ, зорӣ.

Ёбандаи фатҳ к-он ҷазаъ дид,
Бахшиду ғуломи рафта бахшид.
(Л. М.)

ҷазаи акбар *кинoя аз* рӯзи қиёмат ва мотами сахт. (*Н.*)

ҶАЗБ جذب кашиш (*монанди ба худ кашидани коғази обчакон обро*).

ҶАЗБА جذبه [1. кашиш]. 2. кашиши қалбӣ.

ҶАЗИЛ جزيل 1. бузург. 2. маҳкам. 3. дилчасп.

ҶАЗИРА جزیره хар хушкие ки дар миёнаи об бошад, яъне атрофашро об фаро гирифта бошад.

ҶАЗМ جزم 1. буридан. 2. азми қатъӣ. 3. боварии бешубҳа.

ҶАЗО* جزا 1. мукофоти бадӣ. 2. мукофоти некӣ.

Нуфал, ки худо ҷазо диҳодаш,
Кард аз дари мо худо диҳодаш. (Л. М.)

ҶАЗОИР I جزائر [ҷамъи ҷазира]; ҷазираҳо.

ҶАЗОИР // ҶАЗОИЛ جزایر // جزایل тӯпи қадимаи хурде ки ба асп ё шутур бор карда кашидани он мумкин аст.

ҶАЗР I جذر амалест дар илми ҳисоб.

ҶАЗР II جزر боз гаштан ва кам шудани оби баҳр.

ҶАЗЪ* جزع 1. як навъ санги қиматбаҳо, оникс. 2. *маҷ.* чашм.

Аз ҷазъи пуроб лаъл месуфт.
Бар ақди шикаста байт мегуфт.
Тириш сифати камон гирифта.
Ҷазъаш зи гуҳар нишон гирифта

Яъне қадди тир барин росташ мисли камон хам ва чашмонаш аз интизорӣ ва аз ашкрезӣ мисли гавҳар сафед шудаанд. (Л. М)

ҶАЙБ جیب 1. гиребон ва сари сина. 2. кисаи бағалӣ. 3. *умуман* киса *(маҷоз)*

ҶАЙБАК جیبک кисаи бағалӣ.

ҶАЙИД جید хуб, сара, покиза.

ҶАЙРА جیره ҷонварест дукдор, ки агар касди гирифтанаш намоянд, ба тарафи гиранда аз бадани худ монанди тири камон дук мепарронад.

ҶАЙШ جیش лашкар.

*Ямро ачал бар сар овард ҷайш.
Сар омад бар ӯ рӯзгорони айш. (Бӯс.).

ҶАЙҲУН جیحون Амударьё *(номи арабиаш).*

ҶАЛБ جلب ба сӯи худ кашидан.

ҶАЛД جلد чуст, чолок, далер.

ҶАЛИС جلیس ҳамнишин.

*Бигуфт: эй ҷалиси мубораккадам.
Нахӯрдам ба ҳилатгарӣ моли кас. (Бӯс.)

ҶАЛЛОБ جلاب касест ки моли ғайри саноатиро харида бештарин ба ҷои дигар бурда бо фоидааш мефурӯшад **(аспҷаллоб, говҷаллоб, мавиҷаллоб)**

ҶАЛЛОД جلاد одамкуш.

ҶАЛОДАТ جلادت чустӣ, чолокӣ, далерӣ.

ҶАЛО جلا ҷудоӣ аз ватан (*[illegible]тар бо изофа «ҷалои ватан» гӯянд).*

ҶАЛОЛ* جلال бузургӣ, бузургворӣ. *(Л. М)*

ҶАЛОЛАТ* جلالت бузургӣ.

Шоҳеншаҳи ишқ аз ҷалолат.
Небурда зи нафси худ хиҷолат. (Л. М)

ҶАЛОҶИЛ جلاجل 1. зангӯлаҳои хурди дар тасма қаторшинонда, ки дар гардани ҳайвонот, зонуи шутур ва ба дасту пои раққосон банданд. 2. пулак ва ҳалқаҳои оҳанӣ, ё мисӣ ки дар гардани доира шинонанд.

ҶАЛОҶИНГ جلاجنگ кампири ҳилакор.

ҶАЛӢ جلی 1. равшан, ошкор. 2. хатте ки бо қалами калон навишта шуда бошад. 3. қалами калони қатъкардашуда;

Қалами машқро ҷалӣ кардам,
Ҳаваси хатти Миралӣ кардам.

ҶАМ* جم *кӯтоҳкардашудаи кали- маи* **Ҷамшед** *аст, ки* яке аз подшоҳони афсонавии Эрони қадим буд. *(Бӯс).*

ҶАМИЛ جميل хубсурат, некӯсурат; хуб, неку.

*Саволат ҷавоб асту феълат ҷамил.
Ба манзил расад, ҳар ки ҷӯяд далел.
(Бӯс).

ҶАММОШ // ҶАМОШ* جماش 1. шӯх. *(сифати маҳбуб).* . *. .

Ман чунин зор аз он ҷамош шудам,
Ҳамчу оташ миёни дош шудам.
(Рӯдакӣ).

К-он маҳдиншини арӯси ҷаммош,

Рашки қалами ҳазор наққош. . .
(Л. М. дар сифати Лайлӣ) 2. фиребгар. *(сифати чашм)*

Фиғон ки наргиси чашмони шайхи
шаҳр имрӯз
Назар ба дурдкашон аз сари ҳақорат
кард. *(Ҳофиз).*

ҶАМОАТ // ҶАМОА جماعت// جماعه гурӯҳи мардум.

ҶАМОД جماد ғайри ҷондор, *чизи беҷон мисли санг *ва ғайра.*

Фурӯ мондам аз кашфи он моҷаро,
Ки ҳайе ҷамоде парастад чаро? *(Бӯс)**

ҶАМОДОТ جمادات [*ҷамъи* **ҷамод**] ғайри ҳайвонот ва наботот.

ҶАМОЗА//ҶАММОЗА* جمازه шутур.

Сокин шав аз ин ҷамоза рондан,
Бо ёвагиён фарас давондан (*Л. М.*)

ҶАМОЛ جمال хубии сурат ва сират.

ҶАМОШ* جماش *нигоҳ кун, ба* **ҷаммош.**

ҶАМОҲИР جماهير [*ҷамъи* **ҷумҳур**]; ҷумҳуриятҳо.

ҶАМЪ جمع 1. ҳама. 2. гурӯҳи дар як ҷо ғуншудаи ягон чиз. 3. яке аз чор амали илми ҳисоб.

ҶАМЪИЯТ جمعيت гурӯҳи мардуми фароҳамомадае *(дар хона, дар деҳа, ё дар шаҳр).*

ҶАМЪОМАД جمع آمد гурӯҳи мардуми фароҳамомада барои гуфтугузор дар бораи коре.

ҶАМЪУЛҶАМЪ جمع الجمع 1. ҳосили ҷамъи чанд рақамҳо, ки ҳар кадоми онҳо аз чандин адад ҷамъ шудаанд. 2. бо аломати ҷамъ овардани калимае, ки худ ҷамъ бошад (**аъзо—аъзоҳо, ҳашарот—ҳашаротҳо**)

ҶАНБ* جنب паҳлу, канор; тараф (*Х.*)

ҶАНВАР جنور *сабук кардашу- даи* **ҷонвар.**

ҶАНГ جنگ 1. кушокуши ду лашкар бо ҳам, [ҳарб, набард]. 2. дастбагиребоншавӣ ва дашномдиҳии ду кас, ё ду гурӯҳ бо ҳам. 3. занозании ду ҳайвон бо ҳам **(такалҷанг). ҷанги мағлуба** бо ҳам омехта бо якдигар задухӯрд ва кашокаш кардани ду лашкар.* **ҷангу ҷӯш**—ҷангу ошӯб.

Аз ин пас баромад зи Эрон хурӯш
Падид омад аз ҳар сӯе ҷангу ҷӯш.
*(Фирдавсӣ)**

ҶАНГАЛ جنگل 1. як хел растании паттагини хордор аст ки ба шакли буттаҳои гули хушбӯй мешавад, аммо хорҳои бағоят тез дорад. 2. дарахтзори баҳам печидаи хордор, беша.

ҶАНГАРА جنگره одам, ё ҳайвоне ки бе ҷанг истода наметавонад.

ҶАНГОВАР جنگآور одами далер ва лашкари далер, ки дар ҷангҳо натарсида пеш мерафта бошад.

ҶАНГӢ جنگی 1. сифати ҳар кас ва ҳайвони ҷангталаб (**одами ҷангӣ, хурӯси ҷангӣ**). 2. дар ҳолати ҷанг, яъне нохушӣ будани ду кас, ё ду давлат бо ҳам (**Сангин бо Одина ҷангист**, — *яъне алоқаи байни худро буридаанд ва ҳар ду бо якдигар душманӣ мекунанд*)

ҶАНГҶӮЙ جنگجوی касест ки барои ҷанг баҳона меҷӯяд.

ҶАНИБ* جنیب нигоҳ кун, ба ҷаниба(т)

Як рӯз нишаста бар ҷанибе
Шуд бар талаби чунин ғарибе, (Л. М)

ҶАНИБА (т) جنیبت 1. аспи ёдакӣ эҳтиётӣ ки пеш-пеши подшоҳон баранд. *2. умуман асп.

Матоъ ҷанибат дошт бар дашт,
Девона чу девбод мегашт (Л. М)*

ҶАНИБАТКАШ* جنیبت کش ҷилавгир.

Қадам дар рикоб гузоред ва маро
аз ҷанибаткашон шуморед.
(*Бедил*)

ҶАНИН جنین бачае ки дар шиками модар бошад.

*Хонда аз ҳар касаш ба ранги насим
То ба обо ва сарнавишти ҷанин, (*Бедил*

ҶАНОБ جناب 1. даргоҳ; остона, гирдогирди сарой. 2. калимаи эҳтиромист ки дар ҷамъияти феодалӣ ва капиталистӣ ба амалдорон, бойён ва муллоҳо бо вай хитоб кунанд.

ҶАНОН جنان дил, қалб.

ҶАНОҲ جناح 1. боли паррандагон. [канот] 2. ҳар тарафи лашкари барои ҷанг сафкашида.

ҶАНУБ جنوب тарафи дасти чапи касест, ки пушт ба офтоб истодааст.

ҶАР جر чуқуриҳои табиӣ, ки дар замин пайдо мешавад.

ҶАРАБ جرب хориш.

ҶАРАЁН جریان 1. равоншавӣ, ҷоришавӣ. 2. гузариш (**ҷараёни аҳвол** гузариши аҳвол).

ҶАРАС جرس зангӯлаи шутур.

*К-он тиҷоллулғубори дашти [illegible]
Ҷарати корвони водии ғам,
Нигузари тобиати маъзур,
Гашт аз васли Ҳамдо маҳҷур

ҶАРГА // ҶУРГА جرگه [illegible] мардум. 2. анбӯҳи мард[illegible] ирая мардум]
*Ғубори бодбурдаи моро боз ба ҷургаи ёрон кӣ расонад? (*Бедил*)* 3. як тарзи шикоркунии мардум, ки атрофи сайдро ҳалқапор фаро мегиранд.

ҶАРИДА جریده 1. танҳо, Ҳофиз *гуфта*:
Ҷарида рав ки гузаргоҳи офият танг аст. **ҷарида бар ҷарида рондан**—танҳо ва тез рафтан.

Меронд ҷарида бар ҷарида.
Мехонд қасида бар қасида (Л. М.)

2. дафтар. Ҳофиз *гуфта*:

Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо.
*Ҷустанд басе дар он мақомаш,
Афтода буд аз ҷаридаи номаш. (Л. М.)

3. газета (забони имрӯза).

ҶАРИДАРОН* جریده‌ران яккатоз, тезрав.

Дар мавкаби он ҷаридаронон
Мерафт чу бо гала шубонон. (*Л. М.*)

ҶАРИДАРОНӢ* جریده‌رانی танҳогардӣ.

Маҷнун ба ҳамон қасидахонӣ,
Мезад дуҳули ҷаридаронӣ (*Л. М.*

ҶАРИДАТОЗӢ* جریده‌تازی яккатозӣ.

Ҷаридатозии баҳонаи шикор далели (роҳбари) маслиҳат гардид. (*Бедил*)

ҶАРИМА جریمه [1. гуноҳ] 2. ҷазои нақдӣ.

ҶАРОД جراد малах.

ҶАРОИД جراید [ҷамъи ҷарида]; 1. дафтарҳо; 2. газетаҳо.

ҶАРОИМ جرایم [*ҷамъи* ҷарима]; гуноҳҳо.

ҶАРОҲАТ جراحت реш, захм (*хоҳ бо буридани чизе пайдо шуда бошад, хоҳ аз бемори̇̄*)

ҶАРР جر 1. кашидани чизе аз касе бо забонбозӣ ва фиреб; 2. умуман кашидани чизе. ***ҷарри асқол** як қонуни физикӣ аст, ки бо татбиқ кардани он чизҳои гаронро ба боло ва ба ҳар тараф ба осонӣ мекашанд. (*Ҷ. О. О.*) *муқ.* **ҷарри сақил.** ***ҷарри сақил** қоидаи бо осонӣ кашидан ва бардоштани борҳои вазнин.

ҶАРРОР جرار 1. ба сӯи худ кашанда. 2. лашкари бисьёри анбӯҳ. 3. далер (*маънии саввӯм маънии имрӯзаи тоҷикист*)

ҶАРРОҲ جراح касест ҷароҳатро даво мекунад.

ҶАРӢ جری далер, боҷуръат.

ҶАСАД جسد ҷисми одамӣ.

ҶАСИМ جسیم калонҷусса, фарбеҳ.

ҶАСОРАТ جسارت далерӣ, [ҷасурӣ, шуҷоат].

ҶАСТАН جستن ҷаҳидан, якбора аз ҷо баланд шудан.

ҶАСТУХЕЗ جست‌وخیز ҳаракати ҷаҳишдор, монанди ҳаракати оби тез, мавҷи дарьё, ҳаракати дартози асп ва ғайра.

ҶАСУР جسور далер, шуҷоъ.

ҶАФО جفا ситам, зулм.

ҶАФОГУСТАР* جفاگستر паҳнкунандаи ҷафо, золим.

Ҳикоят кунанд аз ҷафогустаре,
Ки фармондеҳӣ дошт бар кишваре. (*Бӯс.*)

ҶАФОКАШ جفاکش ситамдида, мазлум.

ҶАФОКЕШ جفاکیش *нигоҳ кун. ба* ҷафопеша.

ҶАФОПЕША جفاپیشه ситамгор, золим.

ҶАФР جفر номи як илми хурофотӣ, ки гӯё бо вай ба сирҳои ғайбӣ воқиф мешудаанд.

ҶАШН جشن 1. маҷлиси шодӣ; 2. ид. (*масалан, мегӯянд:* **ҷашни наврӯз**, *яъне* иди наврӯз).

ҶАЪБА جعبه тирдон.

ҶАЪД جعد мӯи марғуладори сар, мӯйсари ҳалқа-ҳалқа, мӯи ҷингила.

*Маро ҳамчунин ҷаъд шабранг буд.
Қабо дар бар аз нозукӣ танг буд. (*Бӯс.*)

ҶАЪДМУЙ* جعدموی ҷингиламӯй, фатиламӯй, марғуламӯй.

Маню ҷаъдмӯи ғолиябӯй,
Ману он моҳрӯи ҳурнажод. (*Рӯдакӣ*).

ҶАЪЛ جعل 1. гардонидан. [2. гардидан. 3. ҳар чизи сохта ки ба асл будани вай даъво намояд].

ҶАЪЛӢ جعلی чизи сохтаи тақлидӣ, ки ба аслаш монандӣ дорад (*масалан*, ёқути сохта, фирӯзаи сохта *ва ғайра*).

ҶАЪФАРӢ جعفری гули зарди яксола, ки ба соли дигар нигоҳ доштани он мумкин нест.

ҶАҲАЛА جهله [ҷамъи ҷоҳил]; нодонҳо.

ҶАҲАНДА جهنده аз ҷое ба ҷое якбора ҳаракаткунанда.

ҶАҲД جهد кӯшиш, саъй. ***ҷаҳди сомея*** *киноя аз қувваи шунавоӣ.* Ҷаҳди сомея нусхаи идроки ситоиш ва нафрин ба тартиб овард. (*Бедил*)*

ҶАҲИДАН جهیدن аз ҷое ба ҷое якбора ҳаракат кардан, ҷастан.

ҶАҲИЗ جهیز асбоби арӯсӣ.

ҶАҲИМ* جحیم дӯзах.

. . . Ҳайрони фиребро чӣ хулду чӣ ҷаҳим,
Меҳмони ҳайро чӣ неъмат, чӣ азоб.
(*Бедил*)

ҶАҲИШ جهش ҷунбиши сахти якборагӣ; [ҷаҳидан].

ҶАҲЛ جهل нодонӣ. **ҷаҳли мураккаб** нодонии худро надонистан;

Ҳар кас ки надонад ва надонад
ки надонад,
Дар ҷаҳли мураккаб абадуддаҳр
бимонад.

ҶАҲОЗ جهاز 1. киштии калон. 2. палони шутур.

ҶАҲОЛАТ جهالت *нигоҳ кун.* ба ҷаҳл.

ҶАҲОН جهان дунё, олам.

ҶАҲОНБИН جهانبین 1. чашм [2. ҷаҳонгард, сайёҳаткунанда].

ҶАҲОНБОН* جهانبان *маҷ.* подшоҳ.

Тиҳидаст ғам баҳри ноне хӯрад,
Ҷаҳонбин ба қадри ҷаҳоне хӯрад.
(*Бӯс.*)

ҶАҲОНДИДА جهاندیده сайёҳи ба ҳар тарафи дунё саёҳаткарда. [мусофири ҷаҳонгард].

ҶАҲОНИДАН جهانیدن аз ҷое ба ҷое якбора ҳаракат додани чизе.

ҶАҲР جهر 1. овози баланд дар хониш. 2. хониш ва ё калимаҳои бемаъной овоз баланд кардани як хел шайхҳо.

ҶЕВА I جیوه симоб.

ҶЕВА II جیوه каровул [illegible]

ҶЕВАХОНА جیوه‌خانه [illegible] дар гӯшаҳои қалъа, работ, қӯрғон ё дар биёбон сохташуда, ки дар он ҷо дидбонон менистанд.

ҶЕВАҶӢ جیوه‌جی мансабе буд дар дарбори амирӣ.

ҶЕЛ جیل занҷирест, ки дар замони амирӣ бо вай гардани бандиёнро мебастанд.

ҶЕҒА جیغه тоҷ.

ҶИБИЛЛАТ جبلت 1. офариниш. 2. табиати одамӣ.

ҶИБИЛЛӢ جبلی табиӣ, [хилқӣ, зотӣ].

ҶИБОЛ جبال кӯҳҳо.

ҶИГАР جگر 1. узви маълуми даруни одамӣ ва ҳайвонот. *2. ғам, андӯҳ, ғусса.

Ин бенамакӣ фалак ҳамекард
В-он хушнамак ин ҷигар ҳамехӯрд
(Л. М.).

ҷигари нуҳуфта—ғами пинҳонӣ.

Чандон ҷигари нуҳуфта хӯрдам,
К-аз дил ба даҳан расид дардам.
(Л. М.).

ҶИГАРБАНД جگربند бародар, бародарзода.

ҶИГАРГӮША جگرگوشه *нигоҳ кун, ба* **ҷигарбанд.**

ҶИГАРДОР* جگردار баҳодур, нотарс. **ҷигардорони маъракаи диловарӣ** баҳодурони ҷанговар. Баъд аз вуқӯи сурати фатҳ ҷигардорони маъракаи диловарӣ ба маънии истиқлолаш ворасиданд. *(Бедил)*.

ҶИГАРРЕШ جگرریش мусибатзада, аламдида *(маҷоз)*

ҶИГАРСУХТА جگرسوخته *нигоҳ кун, ба* **ҷигарреш.**

ҶИГАРХУН جگرخون *нигоҳ кун. ба* **ҷигарреш; ҷигархун кардан** дар паи коре аз ҳад зиёд меҳнат ва кӯшиш кардан *(маҷоз)*.

ҶИГӢ-ҶИГӢ جگی-جگی лафзест ки дар вақти зорӣ ва тавба кардан аз коре гӯянд.

ҶИДД جد 1. кӯшиш, саъй. 2. аз тахти дил *(зидди* **ҳазл)**

ҶИДДӢ جدی ҳар чизе ки аз тахти дил бошад ва ба тариқаи ҳазл набошад.

ҶИДОЛ جدال ҷанг, хусумат.

ҶИДОР جدار девор.

ҶИЗЬЯ* جزیه як андози таҳқирӣ буда мувофиқи қонуни ислом аз касони дар ғилояти исломӣ зиндагикунанда, ки дар дини ислом набошанд, ба тарзи саршуморӣ гирифта мешуд. *(Ч. 10)*.

ҶИК-ҶИК جیک-جیک овози паррандаҳои хурд, монанди гунҷишк, момсҷуғрот.

ҶИЛАВ جلو 1. лаҷоми асп. 2. пеши ҳар чиз *(чунинчи мегӯянд:* **фалонӣ дар ҷилави асп мерафт,** *яъне* пеш-пеши асп мерафт. *Ё мегӯянд:* **ҷилавтар рафт** *яъне* пештар рафт)·

ҶИЛАВХОНА جلوخانه майдони арки подшоҳӣ, ё ҳокимхонаҳо.

ҶИЛБУР جلبر коғази регдорест, ки бо вай чӯб, чизҳои оҳанӣ ва дигарҳоро суфта ва ҷилодор кунанд *(асли ин калима «ҷилобурор» буд, ки кӯтоҳ ва сабук карда «ҷилбур» кардаанд.)* **ҷилбур задан** сайқал ва пардоз кардани чизе.

ҶИЛВА جلوه 1. ба тарзи дилрабо ва ҳаракатҳои дилкаш намудоршавӣ. 2. намуди чизҳои дилрабо.

ҶИЛД جلد 1. пӯсти одам ва ҳайвонот. 2. муқова ва рӯи муқоваи китоб.

ҶИЛО جلا тобише ки баъд аз сайқал ва пардоз пайдо мешавад. **ҷило додан** чанг ва ғубор пок кардан, пардоз кардан *(сина, шамшер, порчаҳои бофта ва монанди инҳоро)*.

ҶИЛОДОР جلادار тобишдор.

ҶИМҶИМА جمجمه лойдони пойбардоре, ки баъд аз рафтан бар болои вай одам ва ҳайвонро охиста-охиста фурӯ кашад.

ҶИНН جن як махлуқи хаёлии хурофотӣ, ки диндорон ва мардуми нодон аз вай метарсанд.

ҶИННӢ جنی девона.

ҶИНОС جناس ду ё чанд калимаи якранг, ки ҳар кадоми онҳо маъниҳои ҷудогона дошта бошанд. *Масалан, Камоли Хуҷандӣ мегӯяд:* Гуфтo: агар давот нависам, давот нест. —«Давот»-и якум «давоти ту», «давот»-и дуюм — сиёҳидон аст.

ҶИНОН جنان [ҷамъи ҷаннат]; ҷаннатҳо.

ҶИНОЯТ جنایت ҷурм, хато, гуноҳ.

ҶИНС جنس як хел аз як чиз, ки дар вай хелҳои гуногун бошад. *Масалан,* **ангур хелҳои гуногун дорад, як хели вай ҷинси ҳусайнӣ аст.**

ҶИРА جیره таом ё озуқаи ротибагӣ (муқаррарӣ), ки ҳар рӯз ба миқдори муайян бе пул дода мешавад.

ҶИРЕШ جریش//جرش сабӯси орди намбехта.

ҶИРИШ* جرش монанди пойгаҳ як бозии аспдавонӣ аст. Фақат фарқи **ҷириш** аз **пойгаҳ** ин аст, ки дар ҷириш якдигарро зада афтонда ба тарзе, ки ҷанг мекарда бошанд, асп медавониданд. (Ҷ. 3)

ҶИРМ I جرم ҷисми шаффоф (*масалан*, **ҷирмҳои осмонӣ офтоб**, моҳ, ситораҳо)

*Ба шаб гуфтӣ ин ҷирми гетифурӯз
Дуре буд дар рӯшноӣ чу рӯз. (Бӯс.)

ҶИРМ II جرم камбудӣ ва айб. *Масалан мегӯянд:* **харбузаи беҷирм,** *яъне беайб ва бенуқсон. Ин калима ба ин маънӣ махсуси халқи тоҷик аст.*

ҶИРОН جران 1. ҳамсоягон. 2. як хел оҳу.

ҶИСМ جسم ҳар чизе ки дарозӣ, бар, чуқурӣ дошта бошад ва дар ҷое ҷойгир шавад. *ҷисми латиф ба назар наменамояд. (Ҷ. 6)

ҶИСР جسر пул ки бар рӯд ва наҳрҳо банданд.

ҶИФА جیفه ҳайвони мурдаи бӯйгирифта.

ҶИҒДА-ҶИҒДА جیغده-جیغده либос ё чизҳои бофта, ки бештарини ҷоҳояш дарида бошад.

ҶИҒИРДОН جغردان донадони паррандагон аст, ки пойтар аз ҳалқумашон ҷой гирифтааст.

ҶИҲАТ جهت 1. тара[illegible] сӯй. 2. сабаб, далел ([illegible] ҳамин ман наёмадам, [illegible] барои ҳамин, ба сабаби [illegible]

ҶИҲОД جهاد ҷанги динӣ.

ҶИҲОН جهان нигоҳ кун. ба ҷаҳон.

ҶИҲОЗ جهاز 1. асбоб ва чизҳои арӯс. 2. ҳаргуна асбоб ва олат, ки барои кардани коре лозим шавад.

ҶИҲОТ* جهات [ҷам [illegible] иҳат]; ҷиҳатҳо, сӯҳо.

Шӯри он соқи ниҳододанд
Доим таъсир бар ҷиҳот афканд.
(Бедил).

ҶИҶӢ جیجی 1. дар забони бачагон синаи модар. 2. калимаест дар вақти таслим ва мағлубӣ гуфта мешавад.

ҶО//ҶОЙ جا//جای макон ки дар вай ягон чизи дигар буда тавонад. ***ба ҷо овардан** кардани вазифае.

ҶОВИД جاوید ҳамешагӣ, доимӣ, абадӣ, беохир.

*Ки то дар фалак моҳу хуршед ҳаст.
Дар ин дафтарат номи ҷовид ҳаст.
(*Бус.*).

ҶОВИДОН جاودان ҳамеша, доим.

ҶОГОБИНАК جاگابینک бозии бачагона аст, ки яке пинҳон мешавад ва дигарон ӯро ҷуста меёбанд.

ҶОГОҲ جاگاه ҷойгоҳ.

ҶОДА جاده 1. роҳ. 2. мартаба, дараҷа (*маҷоз*)

*Агар ҷодае бошадат мустақим,
Раҳи порсоён умед асту бим. (*Бус*).

ҶОЗИМ جازم касди қатъӣ кунанда ба коре.

ҶОИЗ جائز раво.

ҶОИЗА جائزه инъом, мукофот (*бештараш барои шеър*)

ҶОЙ جای *нигоҳ кун. ба ҷо.* *Ба ҷои ман дар ҳаққи ман.

Ранҷе, ки хилофи рои ман кард,
Нокӯ ҳунаре ба ҷои ман кард.
(*Л. М*)*

ҶОЛИБ جالب ба сӯи худ кашанда.

ҶОМ جام 1. пиёлаи шаробнӯшӣ. 2. косаи биринҷӣ ва мисӣ.

ҶОМА جامه 1. либоси абра-астардори пешкушода. 2. *умуман пӯшокворӣ*.

*Дар ҳайкали ӯ кашид ҷома,
Аз ғояти кафш то имома (*Л. М*)

ҶОМАДОН جامه‌دان сандукчаи пӯшокдон аст, ки дар сафарҳо ба кор равад.

ҶОМАШӮЙ جامه‌شوی 1. шустани пӯшокҳо. 2. пӯшокиҳои шустанӣ.

ҶОМЕЪ جامع ҷамъкунанда.

ҶОН جان Рӯҳ (*ин калимаи шартист, ки асоси зиндагии ҷондоронро мефаҳмонад*). **Ба ҷон овардан** танг кардан касеро ба дараҷае, ки ба мурдан розӣ шавад (*маҷоз*); **ба ҷон омадан** аз коре сахт дилгир шудан. ***ҷон дар сари чизе кардан** ҷон барои чизе фидо кардан.

Дар ошиқии ту содиқӣ кард.
Ҷон дар сари кори ошиқӣ кард.
(*Л. М.*).

ҶОНВАР جانور ҳар чизе ки зинда бошад.

ҶОНДОР جاندار 1. инсон, ҳайвон ва ҳар чизе ки зинда бошад. 2. нигоҳдоранда, нигоҳбон. 3. нигоҳдорандаи аслиҳаи ҷангӣ; аслиҳадор.

*Зону зада бар сурини ӯ шер.
Чун ҷондорон кашида шамшер.
(*Л. М.*)*

ҶОНИШИН جانشین 1. касе ки барои кардани кори касе ба ҷои ӯ менишинад. 2. фарзанд.

ҶОНОН جانان 1. ба маънои ҷон аст, аммо ин калима ба маҳбубон кор фармуда мешавад. 2. як хел косаи хитой.

ҶОНОНА جانانه маъшуқа.

ҶОНОҶОН جاناجان дӯсти ҷонии бисёр наздик, ки гӯё ҳар ду тан бо як ҷон зиндагӣ мекунанд.

ҶОНСИПОР جانسپار касест ки дар роҳи касе, ё коре ба фидо кардани ҷони худ тайёр бошад. 2. содиқ, хайрхоҳи самимӣ (*маҷоз*)

ҶОНӢ I جانی *мансуб ба* **ҷон** (**дӯсти ҷонӣ, бародари ҷонӣ**).

ҶОНӢ II جانی ҷинояткор (*ба ин маънӣ арабист.*)

ҶОР I جار ҳамсоя.

ҶОР II جار эълони даҳонакӣ; **ҷор задан** а) даҳонакӣ эълон кардан. б) дар ҳаққи касе чизеро шӯҳрат додан.

ҶОРЧӢ جارچی эълонкунандаи даҳонакӣ.

ҶОРИЯ جاریه канизак.

ҶОРӢ جاری равон.

ҶОРУБ جاروب чизе ки бо вай замин, хона ва ҳаргуна ҷоро рӯбанд.

ҶОСУС جاسوس хабаркаши сиёсии махфӣ.

ҶОҒАР جاغر ҷиғирдони паррандагон.

ҶОҲ* جاه мақом, мартаба.

ҶУБН جبن тарсончакӣ

*Пеши мардон ба ҷубн додан.
Нест камтар зи ҷанги ҷон додан.
(*Бедил*).

ҶУВОЗ جواز кундаи миёнкофтаест, ки дар вай аз пунбадона, кунҷид ва монанди инҳо равған кашанд. **ҷувози коғаза** ҷувозе буд дар замони қадим ки дар вай пахта, канабпоя ва монанди инҳоро кӯфта атола карда, аз вай коғаз мерехтанд б) номи деҳаест дар наздикии Бухоро ки дар онҷо дар замони қадим ҷувози коғаз буд.

ҶУВОЛ جوال халтаи шолии бисьёр калон, ки дар вай ғалладона андозанд.

ҶУВОЛДУЗ جوالدوز сими оҳании нӯктези думсӯрохдор аст, ки бо вай ҷувол ва дигар порчаҳои дағалро дӯзанд.

ҶУВОН جوان одам, ҳайвон ва растание ки синнаш аз хурдсолӣ боло ва аз миёнсолӣ поён бошад. (**марди ҷувон, зани ҷувон, дарахти ҷувон, аспи ҷувон**).

ҶУВОНА جوانه наргови ахтанакарда.

ҶУВОНМАРД جوانمرد сахӣ, соҳибҳиммат

ҶУВОНӢ جوانی 1. *мансуб ба* **ҷувон (рӯзҳои ҷувонӣ, ҳаракатҳои ҷувонӣ)**. 2. як хел бодиён ки вайро «бодиёни ҷувон» гӯянд.

ҶУВОРИМАККА جواری‌مکه донаест ки пояаш монанди ҷу[illegible] оддӣ ва донааш дар як ҷ[illegible] ва нахӯдмонанд мешавад.

ҶУВОРӢ جواری як навъ до[illegible]ест сафед, ки пояаш наймонанд ва хӯшааш дар сари як чӯб ғун ва пур мебошад.

ҶУД جود бахшиш.

*Агар табиат аз лаззати ҷуд ғофил аст, ба ҳақди исор кӯш. (*Бедил*)

ҶУЗ جز ғайр, магар (*калимаи истисно*)

ҶУЗОМ جذام бемории махавӣ.

ҶУЗЪ* جزء пораи чизе, ҳисса, қисмат.

ҶУЗЪИЁТ* جزئیات 1. чизҳои ҷузъӣ, чизҳои хурд ва андак. 2. дар истилоҳи мадрасаҳои Бухоро шеър ва адабиётро «ҷузъиёт» меномиданд ва касеро, ки ба адабиёт шуғл дошта бошад, «ҷузъиётчӣ» мегуфтанд. Баъзе муллотарошҳо ҳам аз забони мадраса гирифта шоиронро «ҷузъиётчӣ» мегуфтанд (Ч. 4)

ҶУЗЪИЁТЧӢ* جزئیاتچی нигоҳ кун. ба ҷузъиёт.

ҶУЛ جل пӯшиши пашмини сутурон мисли асп, хар, хачир, сутур ва ғайра. **ҷули қурбоқа** торҳои баҳампечидаи сабзранг, ки дар обҳои истодаи кӯлҳо пайдо мешавад.

ҶУЛЛОБ جلاب нигоҳ кун. ба гулоб.

ҶУЛОҲА جولاهه бофанда.

ҶУЛУС جلوس 1. нишастан. 2. тахтнишинии нахустини подшоҳ.

ҶУМАЛ جمل ҳисоби абҷад.

ҶУМЛА جمله 1. як фикра аз суханҳо, ки як мафҳуми пурраро баён мекунанд. 2. ҳама.

ҶУМЛАГӢ جملگی ҳамагӣ.

ҶУМҲУР جمهور гурӯҳи мардум.

ҶУМҲУРИЯТ جمهوریت бе подшоҳ идора кардани мамлакат.

ҶУМҲУРӢ جمهوری мамлакате, ки шакли ҳукумати вай ҷумҳурият бошад.

ҶУНБУ-ҶӮЛ جنبوجول ҷунбишҳои оҳиста барои корҳои резураа.

ҶУНД جند лашкар.

ҶУНУБ جنب мувофиқи одати динӣ касе ки баъд аз муомилаи ҷинсӣ сару тани худро нашуста бошад.

ҶУНУД جنود [ҷамъи ҷунд]; лашкарҳо.

> *Навиди иқболи ҷунуди мардонагӣ . . . . Мирзо Қаландар.
> *(Бедил)**

ҶУНУН جنون девонагӣ.

ҶУРМ جرم гуноҳ.

> *Ки муҷрим ба харку забонсӯзӣ,
> Зи ҷурме ки дорад нагардад барӣ.
> (Бӯс.)

ҶУРМОНА جرمانه нигоҳ кун. ба **ҷарима**.

ҶУРОБ جوراب пайпоқ.

ҶУРЪА جرعه миқдори дар як бор фурӯ бурдашавандаи чизҳои обакӣ.

> *Шамшери ин кун чу ҷом бар даст,
> Мекард ба ҷуръа хорро маст. (Л. М.)

ҶУССА جثه тан, бадан.

ҶУСТАН جستن ҷӯёни чизе шудан.

ҶУСТУҶӮЙ جستجوی барои ёфтани чизе ҳаракат кардан.

ҶУФТ جفت 1. ҳар чизе ки дугона бошад (**як ҷуфт кафш**). 2. ба ду бе каср тақсимёбанда (зидди **тоқ**). 3. ду гови корӣ, ки дар кор кардани замин ҳар дуи онҳоро дар зери як юғ гиранд. 4. нару модаи ҳар чиз дар як ҷо. [5. нару модаи ҳар чиз нисбат ба якдигар. 6. шавҳар нисбат ба зан ва зан нисбат ба шавҳар].

> *В-ин ҷуфтниҳод, агарчи ҷуфт аст,
> Сар бо сари ман шабе нагуфтаст. (Л. М.)

ҷуфту тоқ номи як бозии бачагона, ки дар мушти даст чизеро пинҳон мекунанд ва ҷуфт, ё тоқ будани онро меёбанд. **ҷуфт бастан** заминро бо гов рондан.

ҶУФТА* جفته чоҳ, чуқурӣ.

> З-он ҷуфтаи кӯҳ канора гирад,
> Бо ҷуфти худ ошёна гирад. (Л. М.)

ҶУФТРОН جفتران касест ки бо гов замин меронад.

ҶУФТӢ جفتی **ҷуфтӣ кардан** муомалаи ҷинсӣ кардани паррандагон.

ҶУЮШ جیوش [*ҷамъи* **ҷайш**] лашкарҳо.

ҶУҒРОТ جغرات шири туршонидашуда.

ҶУҒРОФИЁН جغرافیان донандагони илми ҷуғрофия.

ҶУҒРОФИЯ جغرافیه илми ҳайати замин.

ҶӮЙ جوی роҳи оби калонтар, ки аз вай об ба шохаҳо ҷудо мешавад.

ҶӮЙБОР جوی‌بار 1. ҷое ки дар вай ҷӯй бисьёр бошад. 2. ҷӯи калон ки аз вай ба ҷӯйҳои дигар об меравад.

ҶӮЛИДА جولیده 1. парешон ва ба ҳам омехта (*аз сифатҳои мӯй*). 2. касе ё чизе ки ба ягон чизи чиркин олуда шуда бошад: **Ба лой ҷӯлида, ба хок ҷӯлида.**

ҶӮЛИДАН جولیدن 1. парешон шудан. 2. ба ягон чизи чиркин олуда шудан

ҶУЛОҲ* جولاه бофанда. *Нигоҳ кун. ба* **ҷавлоҳа.**

Монда қолаб тиҳӣ за ғиштан оҳ
Синаҳо ҳамчу мокуи ҷӯлоҳ. (*Бедил*)

ҶӮР جور 1. ҳамовоз ва ҳамоҳангшавии ду сурудхон ё ду сози мусиқӣ. 2. хушвақт ва тандуруст будани касе. 3. паррандаест булбулмонанд, ки хониши хуб дорад.

ҶӮРА جوره ду ошнои ҳамсол аз мардон. 2. ду порчаи як чиз ки як либос мешуда бошад (**як ҷӯра алоча, як ҷӯра карбос**).

ҶӮРАБОЗӢ جوره‌بازی бо ҳам айшу ишрат кардани ҳамсолон.

*__ҶӮШ__ جوش 1. гарм, тафсон. 2. фаввора. ***ҷӯшу хӯруш** ҳолати бо гармӣ ва суръат кор кардани коркунон (**чинакчиён бо ҷӯшу хурӯш ба кор даромаданд ва дар як рӯз ҳар кадомашон дусад килогӣ пахта чиданд**).

ҶӮША جوشه ранги сурхи шингарфист, ки бо вай чизҳои обакиро ранг кунанд.

ҶӮШИДАН جوشیدن 1. бо [illegible] сири гармӣ ба ҳаракат [illegible] чизҳои обакӣ. 2. ба сабаб[illegible] истодан дар ҳолати табиӣ [illegible] шуда ба ҳаракат омадани ч[illegible] обакӣ (**ҷӯшидани сирко, ша**[illegible] **ҷуғрот** *ва монанди инҳо*); 3. бо гармӣ ва суръат пеш рафтани кор. (**кор ҷӯшида рафт.** *Маънии дуввум ва саввум маҷоз.*)

ҶӮШОН جوشان бо таъсири гармӣ дар ҳолати ҷӯшидан будани ягон чизи обакӣ.

ҶӮЪ جوع гуруснагӣ.

*Дарвеше ки сафрои ҷӯъаш дуд аз димоғ бароварда буд... Ҳар қадам лағзише мепаймуд. (*Бедил*)

ҶӮҚ // ҶАВҚ* جوق тӯда, гурӯҳ.

Даррасиданд ҷӯқи сарҳангон
